Муҳаммадқул Ҳазраткулов

ОРИЁИҲО ВА ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
Институти фалсафа

Муҳаммадқул Ҳазратқулов

Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ

Ба соли 2006 – соли тамаддуни ориёӣ бахшида мешавад.

Душанбе -2006

Муҳаммадқул Ҳазраткулов

Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ

Китоби мазкур ба ташаккулу инкишофи тамаддуни ориёӣ аз замони пайдоишу густариши қавму қабилаҳои ориёӣ, мустақар шудани онҳо дар Осиёи Марказӣ ва муҳоҷираташон ба сарзаминҳои Шарқу Ғарб баҳс мекунад. Зимни баёни таърихи сиёсӣ ва рукнҳои асосии тамаддуни ориёӣ афкори маънавӣ ва ҷаҳоншиносии ориёиҳо, инчунин таъсири онҳо ба тамаддунҳои Осиёву Урупо мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Китоб хусусияти илмиву оммавӣ дошта, яке аз аввалин кӯшишҳо ҷиҳати шиносонидани хонандагони сершумор бо таърихи фарҳанги ниёгон мебошад.

ПЕШГУФТОР

Соли 2003 дар маҷлиси тантанави ба Рӯзи истиқлолияти Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов баромад карда, соли 2006-ро соли «Тамаддуни ориёӣ» эълон кард. Моҳияти ин ташабусси Президенти мамлакат аз чи иборат буд ва кадом омилҳо ӯро водор сохтанд, ки ба «Тамаддуни ориёӣ» муроҷиат намояд ва бузургдошти ӯро эълон кунад?

Барои ба ин савол посух додан масъаларо аз он шурӯъ хоҳем кард, ки «Тамаддуни ориёӣ» ҳанӯз дар Аҳди қадим дар радифи тамаддунҳои ҳамҷавори ҳаволии Байнаннаҳрайн (сумерӣ, бобулӣ, ошурӣ, аккодӣ ва ғайра) ва Мисри қадим ташакул ёфта, таърихи тӯлонии пурмоҷароеро аз сар гузаронидааст, ки зимни он ниёгони мо тақрибан аз даврони навсангӣ (неолит) сар карда ба офаридани маданияти моддию маънавии худ оғоз намуданд ва дар тӯли таърихи беш аз панҷҳазорсолаи худ роҳҳои пурпечу тоб ва пуршебу фарози фарҳангиеро тай кардаанд, ки имрӯз равшанӣ андохтан ба баъзе ҷиҳатҳои он як амри зарурӣ ва тақозои замон аст.

Омӯзиши «Тамаддуни ориёӣ» боз аз он ҷиҳат ҳоизи аҳамият аст, ки тоҷикон имрӯз бори гарони султаи чандинасраи худро аз души худ дур андохта, истиқлолияти миллии худро ба даст овардаанд. Дар чунин шароит мо бояд ба таърихи тамаддуни худ рӯ оварда, масири ташаккулу таҳаввули унсурҳои маданияти моддиву маънавии худро барқарор созем, суннатҳои беҳтарини фарҳанги ниёгони худро эҳё намоем, маънавиёти ғании гузаштаи худро дастраси умум гардонем ва бо истинод ба он дар шароити нави таърихӣ ҷиҳатҳои мансуб ба давраҳои муосири онро инкишоф диҳем. Агар ин гуфтаҳоро дар шароити истиқлолияти миллӣ ва тарзи давлатдории тоҷикон тадбиқ намоем, мо бояд анъанаи давлатдорию шаҳриёриро, ки аз Пешдодиёну Каёниён ибтидо гирифта, дар давраи Ҳахоманишиён, Портҳо, Бохтариҳо ва Сосониён сайқал ёфта, дар аҳди Сомониён ба авҷи аълояш расида буд, омӯхта, ҷиҳатҳои гуногуни умури давлатдори ва сиёсати давлатиро вобаста ба тақозои замон такмил ва иртиқоъ бахшем.

Аз ин ҷиҳат тадқиқоти ба пешвози соли «Тамаддуни ориёӣ» таълифкардаи доктори илми фалсафа Муҳаммадқул Ҳазратқулов таҳти унвони «Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ» хело бамаврид ва дорои аҳамияти хосса мебошад. Зеро дар он бисёр масъалаҳои норавшану баҳсовари қавму қабилаҳои ориёӣ, ташаккули аввалин тамаддунҳои оғозини таърих дар гузаштаи дури халқҳои Шарқ, ки осори мактубӣ онҳо вуҷуд надоранд ва муаррихон адвори мазкурро «маҳди таърих» номидаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифта, бар мабнои таҳили адабиёти сершумори ориёишиносии ватаниву хоричӣ таҳаввулу инкишофи «Тамаддуни ориёӣ»-ро аз даврони моқабли таърих то аҳди Ислом нишон додааст. Тарзи масалагузорӣ ва

баҳсҳое, ки дар тадқиқоти мазкур омада ба мо имконият медиҳанд, ки аввалан, ба фикру ақидаҳои бисёр олимону фарҳангшиносони Шарқу Ғарб рочеъ ба масъалаи ориёиҳо, тамаддуни ориёӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои иктишофи бостоншиносӣ, ки дар ду қарни охир ба бозёфтҳои қобили таваҷҷуҳе ноил гардидаанд, инчунин хулосаҳои олимони соҳаҳои алоҳидаи илм—забоншиносон, муаррихон, диншиносон, файласуфон, биологҳо, генетикҳо ва ғайра шиносӣ пайдо кунем ва бар асоси таҳлили анҷомшуда ҳақиқати таърихӣ ва воқеъии масоили марбут ба «Тамаддуни ориёӣ»-ро барқарор созем. Сониян, масъалаҳои авомили ташаккулу такомули «Тамаддуни ориёӣ» ҳамчун падидаи фарҳанги умумибашарӣ дар сарзамини «Айрана ваеҷа», сайри он дар мароҳили гуногуни таърихӣ ба Шарқу Ғарб, омезишу нуфузи «Тамаддуни ориёӣ» бо тамаддунҳои бумии маҳали истиқрори қабилаҳои ҳиндуэронӣ ва ҳиндуевропоиро думбол кунем, ки дар паси пардаи он ҳаёти иқтисодию иҷтимоъӣ ва сиёсию фарҳангии ниёгони мо ниҳон аст.

Тадқиқу таҳлили равандҳои асосии инкишофи тамаддун барои муайян намудани худшиносии миллӣ ва ҳуввияти фарҳангии мо, тоҷикон мусоидат хоҳад кард. Зеро тамаддун ба таври куллӣ мисли ҳаёти инсон зимни муколамаву бархӯрд ба маҳалҳои ба худ нисбатан мусоид нақли макон карда, ба фаъолияти худ идома медиҳад ва дар шаклу намудҳои гуногуну чеҳраҳои мухталиф зоҳир мегардад. Мо инро дар мисоли пайдоиши тамаддунҳои оғозини таърих дар Ур (тамаддуни сумерӣ) ва интиқоли он ба Бобул, аз Бобул ба Нинво, аз он ҷо ба Тахти Ҷамшед, Шуш ва ҳавзаи Ҷайҳуну Сайҳун, аз он ҷо ба Сардису Милет, аз он ҷо ба Мисру Крит ва Юнону Рум ва ниҳоят, ба Урупо мушоҳида мекунем.

Чунин раванди инкишоф хоси «Тамаддуни ориёӣ» низ мебошад. Қавму қабилаҳои ориёӣ, бино ба назари муаллиф, дар ҳазораи сеюму дуюми пеш аз милод аз сарзаминҳои паҳновари Евраосиё (қисмати ҷанубии минтақаи Урали қадим ва навоҳии кӯли Арал) ба Осиёи Марказӣ омада, гурӯҳе аз онҳо аз он ҷо аз тариқи Қафқоз ё ноҳияҳои шимоли Афғонистон ба Эрони Ғарбӣ нақли макон карда, дар канори рудхонаи Корун ҷойгир шуданд. Гурӯҳи дигар ба сӯи дараи Синд ҳаракат карда, сокини соҳилҳои Ҳинду Ганг гардиданд. Гурӯҳи сеюми қабилаҳои ориёӣ ба Осиёи Хурд муҳоҷират намуда, давлати мутамаркази «Хетиҳо»-ро ба вуҷуд оварданд. Аз таҳлили ҳодисаҳои баъдии фарҳангӣ маълум мегардад, ки дар замонҳои дури таърихӣ ҳавзаи Ҷайҳуну Сайҳун, давлатҳои воқеъ дар Байнаннаҳрайн ва соҳилҳои баҳри Миёназамин маҳалли асосии тадвину таквини тамаддунҳо, саҳнаи бархӯрду тақобули доимии маданиятҳо ва хостгоҳи асосии афкори маънавӣ ва адёни бадавии қавму қабилаҳои маскун дар ин манотиқ будаанд.

Дар натиҷаи ҳамин барҳурду тақобули тамаддуни оғозини таърих дар манотиқи мазкур як силсила давлатҳои тоза аз қабили Сурияву Лубнон, Фаластину Финикия, Фракия, Митониҳо ва ғайра бо се тамаддуни нави эгей дар соҳили баҳри Эгей, критӣ дар нимҷазираи Крит ва ибронӣ дар Фаластин арзи вуҷуд намуданд. Тавассути онҳо дар ҳазораи дуюм ва авоили ҳазораи якуми пеш аз милод интишори «Тамаддуни ориёӣ» тибқи қоидаву қонунҳои рушди фарҳангӣ ҳам дар соҳаи истифодаи дастовардҳои тозаи иқтисодӣ, ҳам дар соҳаи пешрафти санъату ҳунар ва ҳам дар соҳаи иҷтимоъиву фарҳангӣ сурат гирифт. Дар ин миён тамаддунҳои критӣ ва мисенӣ нахустин ҳалқаи занҷири иртиботи «Тамаддуни ориёӣ» бо Урупо будаанд.

«Тамаддуни ориёӣ», ки роҷеъ ба ташаккулу интишори он дар боло сухан рафт аз ду қисмати таркибӣ ва ногусастанӣ – маданияти моддӣ ва маданияти маънавӣ иборат мебошад. Аввалӣ шомили умурӣ иқтисодӣ ва тарзи хоҷагидорӣ (ром намудани ҳайвонот, ташкили шабакаҳои обёрӣ барои зироат, такмили абзори кор ва дигар омӯзаҳои муҳандисӣ аз қабили ихтироъи плуг, чарху ароба, воситаҳои ҳамлу нақл, истихроҷ ва коркарди фелезот, ҳунарҳои дастӣ ва ғайра) мебошад. Дуюмӣ аз русуму одоти қавму қабила, оину эътиқодот ва дигар падидаҳои фарҳангӣ аз қабили забон, хат, алифбо ва офаридаҳои илмиву адабӣ ва ҳунарӣ, инчунин умури идориву сиёсӣ иборат аст. Аз ин нуқтаи назар муаллифи тадқиқоти мазкур ба таҳлили ҳарду ҷиҳати масъалаи ориёиҳс дахл намуда, ба оини ориёиҳои пеш аз зардушт ва ҷаҳоншиносии зардуштӣ аҳамияти хосса додаст.

Тадқиқи «Тамаддуни ориёӣ» қабл аз Зардушт барои муайян намудани омӯзаҳои бадавии ниёгони мо ва таҳавулу такомули онҳо то ба дараҷаи дини яктопарастии зардуштӣ, ки дорои таълимоти томи ҷаҳоншиносӣ мебошад, мусоидат хоҳад кард. Ин масъала аз баррасии ниёпарастӣ ва амалҳои аввалин коҳинону соҳирон шурӯъ шуда, ба вуҷуд омадани улуми ғайбу ғариба (оккултизм), худоҳои табиатгароёна ва бартари инсонгунаи осмонӣ, ки дар адёни бадавии тамаддунҳои ибтидоӣ ҳамчун илоҳа муваккилу нигаҳбони ашёву падидаҳои олами моддӣ мебошанд, аз назари таҳлил гузашта, иртиқоъи баъдии масоили динӣ дар оинҳои меҳрпарастӣ, ноҳидпарастӣ ва зарвония, ки саршор аз вақоеъи асотириву паҳлавони мебошанд, нишон дода шудааст.

Роҷеъ ба ҷаҳоншиносии зардуштӣ, ки як навъ ҷамъбасти хулосаҳлои илмии омӯзаҳои адёни пешаззардуштӣ аз қабили оини муғон, оини порсҳо, ҳикмати хусравонӣ ва фаҳлавиён ва дигар ҷилваҳои дини маздоии куҳан мебошанд, чунин нуктаро ^қайд намудан зарур аст, ки фақат такрори оддии суханони Зардушт, ки имрӯз дар адабиёти ориёӣ баъзан ҷой дорад, натиҷае ҳосил нахоҳад

шуд. Бояд бо диди қалб ба умқи маъниҳои асосии каломи Зардушт нуфуз кард, бо истифода аз маърифати кашфию завқӣ аз рози ниҳону маърифати ботинии суханони худованд ба Зардушт пай бурд ва танҳо дар натиҷаи чунин муносибат аз анбӯҳи ақоиди асотирии маънавиёти гузаштаи мо моҳияти таълимотҳои фалсафию ирфонӣ ва дигар масоили ҷаҳоншиносии оганда бо рамзу розро метавон берун овард.

Хушбахтона ин ҷиҳати масъала дар тадқиқот риоят шуда ва муаллиф масири таҳаввули афкори ҷаҳоншиносии зардуштияро аз фалсафаи хусравонӣ то оини зардуштӣ дунбол намуда, ба таквину маърифати олам таваҷҷӯҳ, тавҳидӣ будани дини зардуштиро собит ва ҷиҳатҳои ирфонии онро, ки гоҳо дар шакли ҷанинӣ ва гоҳо ба сурати бориз намудор гардида, мавриди таҳлил қарор додаст. Фалсафаи ахлоқии оини зардуштӣ дар асар мақоми махсус дорад.

Мамадшо Илолов,
Президенти Академияи илмҳои
Ҷумҳурии Тоҷикистон

МУҚАДДИМА

Шиносоии мо бо ганҷинаи фарҳанги ориёӣ дар паҳнои фарҳанги башарӣ ганҳо ба хотири эҳсоси ғурур ва ифтихори миллӣ не, балки барои омӯзишу талошҳо ҷиҳати муайяну мушаххас намудани буму мояи фарҳанги муосир, тақвияти шинохти решаҳои маданию фарҳангӣ ва касби ҳуввияти қавмию миллӣ як амри зарурӣ мебошад. Ба иллати номукаммалӣ ва ночиз будани натиҷаи ҳафриётҳои бостоншиносӣ ва кофӣ набудани маълумотҳои таърихиву фарҳангӣ роҷеъ ба маданиятҳои моддиву маънавии халқҳои Шарқ, хусусан маданияти қавму қабилаҳои Эронзамин (ба маънои қадимаи сарзамини ориёиҳо, ки «Айрана ваеҷа» номида мешуд) дар сапедадами таърих бисёр масъалаҳои тамаддуни оғозин ва нонавиштаи ин сарзамин дар умқи таърих ба зери ғубори фаромӯшӣ ниҳон мондаанд. Аз ин рӯ, баррасии нақлу ривоятҳо, қиссаҳои рамзиву осори бадеӣ, достонҳои қаҳрамониву корномаҳои паҳлавонӣ, нақлу ривоятҳои диниву асотирӣ ва дигар ёдгориҳои фарҳангӣ аз қабили сангнабиштаву катибаҳо, лавҳҳои гилӣ, папирусҳо ва дигар асноди катбӣ тамаддуни халқҳои Машриқзаминро, ки фарҳангшиноси шинохтаи Ғарб Вилл Дурант онро «гаҳвораи тамаддун» номидааст, на фақат барои бою ғанӣ гардондану равшанӣ бахшидан ба саҳифаҳои торики таърихи фарҳанги Шарқ мусоидат мекунад, балки барои густариши марзҳои дониши ҳомилони ин фарҳанг ва вусъати диду маърифати онҳо шароити мусоиде фароҳам меоваранд.

Агар мо аз зинаи аввали асри 21 истода, ба асри 20 бо диди арзёбӣ назар андозем, ба хубӣ мушоҳида хоҳем кард, ки дар соҳаи мавзӯъи мавриди баҳс, гузашта аз ҷузъиёти масъала, равандҳои гуногуне ташаккул ёфтанд, ки шояд яке аз муҳимтарини оиҳо бо назари тоза нигаристан ба гузаштаи дури ниёгони мо, бар мабнои иктишофоти бостоншиносӣ таҷдиди назару тафсирҳои тоза ба нуқтаву назарҳои собиқа, инчунин пеш гирифтани ҷамъбастҳои усулӣ ба ҷои арзёбии инфиродии муҳаққиқони соҳаҳои алоҳидаи илм мувофиқи завқу салиқаи шахсӣ будааст. Арнолд Тойнби дар ин хусус таъкид карда, ки баъди қарни 19 «бостоншиносон муваффақ шуданд, ки осори бархе аз тамаддунҳоро– масалан сумерӣ, аккодӣ, фарҳанги ҳавзаи Синд, миноанӣ, мисенианӣ, моянӣ ва давраи тамаддуни Шонг дар Чин, ки тамоман ба фаромӯшӣ рафта буданд, аз зери хок берун

биоваранд». Чунин иктишофоти умда дар дигар нукоти ҳаволии баҳри Миёназамин ва Африқову Амрико низ анҷом шуда. Ҳафриётҳои солиёнаи маҳалливу ҳавзай дар ҳудуди Осиёи Миёнаву Эрони бостон дастовардҳои собиқаи бостоншиносонро ғанӣ гардонданд ва дар маҷмӯъ боиси тағъир ёфтани чеҳраи таърих дар сапедадами тамаддун гардиданд. Илова бар ин, олимони соҳаҳои гуногуни илм— забоншиносон, фарҳангшиносон, диншиносон, муаррихон, биологҳо, генетикҳо ва ғайра бо истифода аз роҳу усулҳои гуногуни омӯзиши муқоисавӣ, татбиқӣ ва таҷрибавӣ роҷеъ ба масъалаҳои алоҳидаи тамаддунҳо иттилооти тоза ҷамъоварӣ намудаанд, ки барои кушодани бисёр гиреҳҳои печидаи унсурҳои фарҳангӣ ёриву кӯмаки амалӣ расонидаанд.

Тамаддуни ориёӣ яке аз тамаддунҳои қадимаи ниёгони халқҳои Осиёи Миёнаву Эрон мебошад, ки беш аз чаҳор ҳазор сол пеш аз ин арзи вуҷуд намуда, зимни фаъолияташ дар ин сарзамин дар робитаи қавӣ бо тамаддунҳои давраи оғозини таърих ба мисли тамаддунҳои мисрӣ, бобулӣ, сумерӣ, аккодӣ ва хетӣ рушду нуму намудааст. Робитаи мазкур то ҳ тавассути муколамаи фарҳангӣ бо аввалин империяҳои Аҳди бостон, ки нахустин фотеҳи бузурги таърих Соргун соли 2340 қабл аз милод ба он ибтидо гузошта буд, сурат гирифта ва гоҳ ба ҷангу ситез бо давлатҳои ҳомили тамаддунҳои мазкур барои ҳаққи обу гил пайдо намудан ба сарзаминҳои якдигар, ки дар Аҳди бостон як ҳодисаи маъмулӣ буд ва падидаи тозаи муносибати ғолибу мағлубро дар таърих ташаккул медод, анҷом гардидааст.

Мабдаи тамаддуни муосири мо ба ҳамон тамаддуни қавму қабилаҳои ориёӣ мансуб аст, ки пайдоишашон аз лиҳози буъди замонӣ шояд ба даврони оғозини таърих, ки осори мактуби он имрӯз дар даст нест, рафта мерасад ва аз лиҳози буъди маконӣ сарзамини паҳновари Евразиро дар бар мегирад, ки қабилаҳои мазкур аз ин ҷо бархоста, ба самти Осиёи Марказӣ ҳаракат карда, дар ин сарзамин мустақар шуданд, гурӯҳе ба самти Эрони Ғарбӣ ва дастае ба самти дараи Синд рафта, аз тариқи Панҷоби кунунӣ ба ҳавзаи рудҳои Ҳинду Ганг маскун ва маданияти маҳаллии «ҳараппӣ», каме баъдтар маданияти «маҳанҷадару»-ро таҳти нуфузи худ қарор доданд. Гурӯҳи дигар ба самти Осиёи Хурд пеш рафта, давлати «хетӣ»-ҳоро созмон дод ва дар натиҷаи муколамаву барҳурду ситез бо тамаддунҳои Байнаннаҳрайн як силсила миллату давлатҳои тозабунёд ба мисли Сурияву Фаластин, Урдун, Лубнон ва Финикия бо ду тамаддуни ҳошиягии ибронию эгей дар ин минтақа арзи вуҷуд намуданд ва ба тамаддунҳои мисенӣ, критӣ, миноанӣ, макинеӣ таъсири худро гузоштанд. Минбаъд ориёиҳо бо роҳу воситаҳои гуногун тавассути бозаргонони финикӣ ба Африкаи Шимолӣ ва аз тариқи нимҷазираи Балкан ба мамолики Ғарб интишор ёфтанд.

Ин хулосае мебошад, ки аз анбӯҳи назарҳои мавҷуда бархоста ва барои исботи чунин натиҷа метавон ба охирин дастовардҳои илми муосир муроҷиат кард. Илмҳои биология ва генетика ба мисли методи структуравӣ дар илми бостоншиносӣ, аз тариқи омӯзиши амиқи генаҳо барои муайян намудани мансубияти инсон ба ин ё он қавму қабила ба дастовардҳои ҷолиби илмӣ ноил шудаанд. Агар қаблан антропологҳо барои муайян намудани мансубияти таборӣ (нажодӣ, этникӣ) дар ваҳлаи аввал нишонаҳои зоҳирӣ ё худ физикӣ (қад, ранги пӯст, қиёфа ва ғайра)-и инсонро ба назар мегирифтанд, ҳоло илм тавассути услубу абзорҳои тозаи биологию генетикӣ, биохимиявӣ ва иммунологӣ аз рӯй нишонаҳои зарифу нозуки таркибу гурӯҳи хуни инсон ва сохтори ДНК муайян намудани генотип ва шаҷараи инсони навъи муосирро имконпазир сохтааст. Ба ибораи дигар, ба туфайли дастовардҳои илми генетика (кушодани рамз ё худ дактилоскопияи геноми инсон ва комёбиҳои боилогияи молекулярӣ (абзорҳои муҳандисии кандану дӯхтани генаҳо) таърихи ташаккул, замон ва роҳҳои муҳоҷирати қавму кабилаҳои гуногунро мушаххас намудан мумкин гардида. Олимон А. Пятка (Тулин), П. Менетси (Парма) ва А. Кавали – Сфортса (Стенфорд) зимни таҳкиқотҳои илмӣ ба чунин натиҷа расидаанд, ки Осиёи Марказию Ҷанубӣ аз қадимулайём маҳалли асосии мавҷи муҳоҷиратҳо будааст.[1]

Аз ин нуқтаи назар, чандин мавҷи ҳаракати осиёиҳо ба Урупо аз даврони хеле қадим ва шояд аввалин мавҷ тақрибан 35 ҳазор сол пеш аз милод ба вуқӯъ пайваста бошад. Вале он чи ба мавзӯи баҳси мо вобаста аст, интишори ориёиҳо ба Шарқу Ғарб мебошад, ки аз назари олимони мазкур мавҷи аввали ориёиҳои нимбиёбонгарду нимсоҳилнишин дар давраи неолит (асри навсангӣ) рух дода. Онҳо аз саҳроҳои Евразӣ ба Осиёи Марказиву Эрони бостон, Шарқи Наздик ва қисми ҷанубии Урупо (қисмати урупоии соҳилҳои баҳри Миёназамин) муҳоҷират намуда, маданияти моддиву маънавии худро низ ба ин сарзаминҳо интиқол додаанд. Мавҷи дуюми муҳоҷирати онҳо аз сарзаминҳои ёдшуда ба Ғарб тақрибан дар охирҳои ҳазораи дуюм ва ибтидои ҳазораи якум дар бӯъди маконии нисбатан паҳнотар сурат гирифт ва ориёиҳо аз ду тариқ – яке аз роҳи Осиёи Хурд ва Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ тавассути баҳри Миёназамин ба Италияву Испания ва Португалия, дигаре аз тариқи дарёи Дунай ва уқёнуси Атлас ба Фаронсаву Ҳолланду Донмарк ва кишварҳои скандинавӣ вориди сарзамини Урупо гардидаанд. Чунин натиҷагирии олимони фавқ ба хулосаҳои баёншудаи мо мувофиқати усулӣ дорад.

Роҷеъ ба ташаккули тамаддуни ориёиҳо чунин нуктаро қайд намудан зарур аст, ки тамаддун аз ду қисмати гаркибӣ ва лоятаҷаззо – маданияти моддӣ ва маданияти маънавӣ иборат мебошад. Муаррафӣ

намудани ориёиёни бадавӣ ҳамчун қавму қабилаҳои нимбиёбонгарду нимсоҳилнишин ишора ба умури хоҷагидории онҳо – чорводорию зироаткорӣ мекунад. Ин тазоди иҷтимоии ҷомеаи ориёй аз нахустин мавҷи ҳаракати оиҳо аз хостгоҳашон шуруъ шуда, дар ҳамаи соҳаҳои иктисодию фарҳангӣ ва ҳатто ғоявию мафкуравии онҳо то ба вуҷуд омадани дини зардуштӣ нақши боризи худро гузоштааст.

Маълум аст, ки аҳлӣ намудани ҳайвоноту галадорӣ ва машғул шудан бо зироаткорӣ асоси маданияти моддиро ташкил медиҳад. Ба тарзи хоҷагидорӣ ва умури иқтисодӣ аз ром намудани ҳайвонот сар карда то ташкили шабакаҳои обёрӣ ҷиҳати зироат, такмили абзори кор, ба роҳ мондани киштукор ва дигар омӯзаҳои муҳандисӣ аз қабили ихтироъи плуг, чарху ароба, воситаҳои ҳамлу нақл, истихроҷ ва коркарди фелезот, бофтани порчаҳои катонӣ ва ғайра дохил мешаванд. Маданияти маънавӣ шомили русуму одоти ба шакли урф даромадаи қавму қабила, эътиқодоти онҳо аз боварии анимистию тотемистӣ, сеҳру ҷоду ва улуми ғайбу ғариба сар карда то арзи вуҷуд намудани худоёни табиатгароёна, инсонгуна ва фавқуттабий ва дигар падидаҳои фарҳангӣ аз қабили забон, хат, алифбо ва офаридаҳои илмиву адабию ҳунарӣ мебошад. Илова бар маҷмуи мушаххасаҳои ёдшудаи маданияти моддиву маънавӣ барои ташаккули тамаддун дар шароити Аҳди бостон низоми муайяни умури идориву сиёсӣ – давлат низ лозим буд, зеро иҷтимоъи воҳиду мушаххас дар шаҳрҳои бузург маркази идориро ба номи давлат тақозо мекард.

Қаблан аввалин давлати мутамарказе, ки дар сарзамини Шарқ пайдо шуда, давлати Мисри қадим мепиндоштанд ва аз ин рӯ, тамаддуни мисриро куҳантарин тамаддуни ҷаҳонӣ мешумориданд. Вале дар натиҷаи таҳқиқотҳои бостоншиносӣ маълум гардид, ки аввалин созмондиҳандагони тамаддун сумериҳо (шумерҳо) бо пойтахташон шаҳри Ур ва шаҳри калонтариҷашон Нипшур дар қисмати поёноби Фурот будааст, ки тақрибан дар ҳазораи панҷуми қабл аз милод бо сардории «коҳин-шоҳ» ба вуҷуд омада. Баъдан дигар тамаддунҳо аз қабили тамаддуни бобуливу ошурӣ ва аккодӣ дар Байнаннаҳрайн ва хетӣ дар Осиёи СаҒир арзи вуҷуд намудаанд.

Дар ҳудуди нимаи аввали ҳазораи сеюми пеш аз милод дар маҳдудаи Эрони кунунӣ, дар соҳили рӯдхонаи Корун ва даштҳои васеи он давлати иломиҳо бо пойтахташ шаҳри Шуш ба вуҷуд омад. Дар нимаи дуюми ҳазораи сеюм Илом ҳанӯз давлати муқтадир набуд, вале дар замони ҳукмронии Кутик Иншушинак, ки ба асри 22 пеш аз милод рост меояд, Илом давлатҳои мустақили атрофро ба худ тобеъ намуда, ба ташаккули давлати мутамаркази Иломиён ва ниҳодҳои иқтисодию иҷтимоии он асос гузошт. Шаҳрҳои бузурги Иломиён Овен, Оншон, Брокше, Симош, Модакту, Хайладолу ва Аҳвоз буданд. Бо таҳаввули давлати Иломиён

тамаддуни ориёй низ арзи вуҷуд намуд ва зимни раванди минбаъдаи инкишофи таърихӣ ташаккул ёфт. Иломиён гоҳ бо муколама ва гоҳ бо ҷангу ситез ба давлатҳои Мисри қадим ва сумериву бобуливу ошурӣ то асри 8 то милод дар саҳнати таърих ҷилванамой намуданд.

Пас, тамаддуни ориёй аз оғози пайдоишаш дар нимаи дуюми ҳазораи сеюм то аҳди Сосониён мароҳили пурпечу тоби таҳаввулу инкишофи иҷтимоию фарҳангиро дар ҷавори тамаддунҳои оғозини Байнаннаҳрайн ва Мисру Осиёи Хурд, инчунин тамаддунҳои мисении Юнон ва критии ҳаволии баҳри Миёназамин тай намуда, ҳамвора бо онҳо гоҳ дар гиру дор ва гоҳ дар доду ситад будааст. Дар буъди замонии мазкур, ки тақрибан 3 ҳазор солро дар бар мегирад, ба ҷуз Иломиён сулолаҳои гуногун аз қабили Модҳо, Ҳахоманишиён ва баъди истилои Искандари Мақдунӣ Селевкиён, Портҳо (Ашкониён), Бохтариён ва Сосониён гоҳ ба ташкили давлатҳои мутамарказ ва гоҳ ба созмон додани империяҳои Аҳди бостони мутааххир дар сарзамини Осиёи Миёнаву Эрони бостон, ки дар адабиёти ориёишиносӣ бо номи «Айрана ваеҷа» (шарҳаш хоҳад омад) маълуму машҳур аст, кӯшиш ба харҷ додаанд. Ҳамаи ин давлатҳои номбаршуда ҳомилони тамаддуни ориёй буданд, сокинони қаламрави онҳо аз фазои фарҳангиву тамаддуни ориёй нафас мекашиданд, дар рӯҳи одобу оини ориёй тарбият ёфта буданд ва ҳамвора суннати ориёиро рушд ва маънавиёти онро инкишоф медоданд.

Ин инкишоф дар тағъироту дигаргуниҳои муҳимми умури иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии сулолаҳои фавқ ба хубӣ мушоҳида ва боиси пешрафту шукуфоии тамаддун дар он давра мегардид. Агар масоили мазкурро ба таври куллӣ арзёбӣ кунем, гуфтан ҷоиз аст, ки ориёиҳо аз олати теғасангии давраи неолит то ба абзори пайвастагиҳои фелезӣ расиданд, асрҳои навсангӣ ва мису биринҷиро пушти сар карда, ба коркарди фелезот ва истеҳсоли оҳан ноил шуданд ва абзорҳои кори худро такмил доданд. Ихтироъи плуги оҳанӣ дар он давру замон худ як инқилоби бузурге дар соҳаи кишоварзӣ буд. Бо такмили абзори кор истеҳсолот пеш рафт, дар соҳаи коркарди замин ва шабакахои обёрӣ низ дигаргуниҳои боризе ба вуҷуд омаданд. Зимни тавсиа ёфтани ҳудуди давлатҳои муқтадир шоҳон ва ашрофону табақаи ҳокима ба феодалҳои бузург табдил ёфтанд, боғдорию зироаткорӣ тараққӣ кард ва боиси рушди муносибатҳои бозаргонӣ гардид, равобити пулӣ аз мубодилоти оддии мол то ба зарби сикка иртиқоъ ёфт. Ҷараёни аҳлӣ намудани ҳайвонот ба охир расид ва бар ин мабно «тамаддуни лабанӣ» дар хоҷагидорӣ пайдо шуд. Бо ин ҳама тағъироту пешравӣ тарзи истеҳсолот ва умури амлокдорӣ аз доираи чаҳорчубаи сохтори табақотӣ берун баромада нагавонист ва дар асрҳои тӯлонии баъдӣ ҳам он давом кард ва бо номи «тарзи истеҳсолоти осиёй» ном баровард.

Дар соҳаи иҷтимоӣ ориёиён аз сохти бадавии ҷомеа, ки аз хонавода ҳамчун нахустин ягони ҷомеъа, вис (деҳ), зенту (шаҳр), даҳу (кишвар) ва созмони оинии ибтидоӣ иборат буд ва тавассути коҳин - шоҳон идора мешуд, вобаста ба раванди инкишофи таърихӣ ва ба вуҷуд омадани шаҳру кишвар ва давлатҳои бузург иртиқоъ пайдо карда, ба дараҷаи созмони табақотӣ расид, ки он, дар навбати худ, барои ба вуҷуд омадани силсилаи унсурҳои маданияти моддиву маънавӣ мусоидат кард. Масалан, тавассути як нафар шоҳи мустабид идора кардани империяи ҳахоманишӣ, ки дар бузургӣ собиқа надошт, падидаҳои маданӣ ва фарҳангии тозаеро тақозо мекард, ки пайванду амнияти халқу миллатҳои гуногуни 20 сатрапи қаламрави худро таъмин намояд. Созмон додани дастгоҳи мутамаркази идорӣ, ки тақрибан муодили девонсолории аҳди Сомониён буд, ҳаводиси нави фарҳангӣ дар умури идорию маъмурӣ буд. Сатрапҳо тавассути афроди хоиаводаи шоҳӣ ва ашрофони форсӣ идора мешуданд ва созмон додани шабакаи маъмурони муроқибати авзои иҷтимоию сиёсӣ (чашму гӯши шоҳ), барқарор кардани робитаи сатрапҳо ва сохтани «Роҳи шоҳӣ» бо корвонсаройҳо дар масири ҷоддаи мазкур, ки баъдан бо номи «Ҷоддаи абрешим» машҳур гардид ва тарвиҷи дигар соҳаҳои маданияти моддиву маънавӣ иқдомҳои тозае буданд, ки бо тақозои замон ба амал бароварда шуданд. Дар ҳамин давра дини маздоии куҳан завол ёфт ва аввалин дини мутаоли зардуштӣ арзи вуҷуд намуд, ки он, аз як тараф, тамоми унсурҳои адёни тозардуштиро дар худ таҷассум мекард, аз тарафи дигар, аввалин дини яктопарастие буд, ки дар заминаи мақулаю омӯзаҳои ахлоқӣ тавхиди илоҳиро ба роҳ монд ва ба оин аҳкому низоми фалсафӣ ва ҷаҳоншиносӣ бахшид.

Дар аҳди Селевкиёну Ашкониён (Портҳо) ва Бохтариҳо тамаддуни ҳеллинистӣ амал мекард. Баъди истилои Искандари Мақдунӣ давлату ҳукуматҳои Шарқи Миёна, аз ҷумла Осиёи Марказӣ ва Эрони бостон бори аввал зери фармони як қавми бегона қарор гирфитанд. Умуман истилои Искандар барои сарзамини ниёгони мо воқеъаи мудҳиш ва омили муҳимме барои иҳитоти тамаддуни ориёӣ ба шумор мерафт, зеро ба ҷуз тороҷгариҳои зиёд ду ёдгории муҳимми маънавии ниёгони мо – Тахти Ҷамшед ва китоби муқаддаси «Авесто» ба тӯъмаи оташ кашида шуд. Баъди марги Искандари Мақдунӣ ҳеллинизм шояд беш аз 6 қарн идома дошт ва Фракия, Мақдуния, Пергамон, Вафиния, Каппадокия, Селевкия, Порт, Бохтар, қисми шимолии Сурия ва дигар давлатҳои собиқ қаламрави Искандар давлатҳои ҳеллинистӣ шинохта шуданд.

Селевкиён, ки дар сарзамини Модҳо, Форсҳо, Байнаннаҳрайн, Осиёи Хурд, Бохтар, Суғд ва қисмати шимолии Сурия ҳукумат доштанд, мунтазам бо ошӯбҳои истиқлолталабонаи шимолу шарқи Эрон рӯ ба рӯ буданд. Ашкониёну Бохтариён тавонистанд, ки истиқлолияти худро ба даст

биоваранд. Портҳо дар асри 2 пеш аз милод дар Байнаннаҳрайн ва Осиёи Миёнаву Эрони бостон аввалин сулолаи эронӣ – тоҷикиро баъди истилои Искандари Мақдунӣ созмон доданд.

Дар даврони ҳеллинизм омезиши тамаддуни юнонӣ бо тамаддунҳои маҳаллӣ ба вуҷуд пайваст ва тамаддуни дурагаи юнонимаоб ба вуҷуд омад, ки он ҳамчун падидаи тозаи фарҳангӣ рушди иқтисодию фарҳангии сарзаминҳои паҳновари Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ва Шарқи Наздикро дар давраи ҳеллинизм таъмин намуд. Дар Шарқи Миёна ва Наздик шаҳрҳои тозабунёди мутааддиде ба мисли Искандарияву Энтокия, Селевкияву Апамия, Лендокияву Лозуқия, Стратоникия ва ғайра қомат барафрохтанд, ки зиндагию рӯзгори юнонимаобӣ доштанд. Албатта, дар ноҳияҳои дурдаст ба мисли Осиёи Миёнаву Эрони бостон таъсири ҳеллинистӣ бештар ҷанбаи фарҳангӣ дошт ва ҳаёти иқтисодию иҷтимоии онҳо бо баъзе таъғироти ҷузъӣ ҳамчун сатрапҳои тобеъ мисли пештара давом мекард, вале робитаи Шарқу Ғарб дар давраи ҳеллинизм чунон рушду нумӯъ пайдо кард, ки аслан собиқа надошт ва баъдан низ дар таърихи тӯлонии халқу миллатҳои сарзаминҳои мазкур чунин ҳодиса мушоҳида нагардида.

Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки арзишҳои моддиву маънавии ориёӣ ба Юнону Рум ва маънавиётии Юнону Рум ба фарҳанги халқҳои Шарқ таъсири мутақобила расонданд ва як навъ синтези тамаддунҳо ҳам дар соҳаи арзишҳои моддӣ – шаҳрсозӣ, истихроҷи маъдан, муносибатҳои бозаргонӣ, коркарди фелезот ва ғайра, ҳам дар соҳаи маънавиёт – илму ҳунар, фалсафаю маъориф ва пайдоиши мактабу мазҳабҳои ғоявию мафкуравӣ ва динӣ барҷалоина мушоҳида мешуд. Ба гуфтаи Эҳсони Табарӣ «дар пушти сари ин омезишҳо ҳатто нажоди махлут, ки онҳоро бо номи «Максҳеллинӣ» (Mixhelline) меномиданд»,[2] падид омад. Искандари Мақдунӣ бо барҳам додани империяи ҳахоманишӣ роҳро барои густариши ҳеллинизм дар Шарқ боз намуд ва такрибан дар ҳамин бӯъди замонӣ румиҳо Куртажро тасхир намуда, роҳро барои интишори ҳеллинизм дар Ғарб ҳамвор карданд.

Мактабу марказҳои муҳимми ҳеллинистӣ аз қабили мактабҳои искандаронию суриёнӣ Раҳову Насибийин, «Раъс-ул-айн» ва Теодосиполис ва як силсила дигар мактабҳои дорои хусусияти фалсафию ирфонӣ, ҳамчунин динҳои мутаоли ҳиндуия, яҳудият ва масеҳият бо фосилаи андаки замонӣ дар ҳамин давра зуҳур намудаанд. Неҳзатҳои ғоявию иҷтимоии гуногун низ дар ҳамин бӯъди замонӣ пайдо шуданд.

Муҳаққиқон аҳди Сосониёнро ҳам инкишоф ва ҳам инҳитоти фарҳанги ориёӣ медонанд, ки бо шукуфоии давлати сосонӣ дар авоили ҳукмронии ин сулола ва пусидагии дохилӣ дар охирҳои ҳукмронии он вобаста мебошад. Дар ин давра тазодҳои иҷтимоӣ авҷ гирифта, фақру

сарват, рақобати дохилии ашрофият, муборизаи оташкада барои қудрат ва кӯшиши шоҳони сосонӣ барои коҳиши нуфузи руҳониён бо истифода аз наҳзатҳои Мониву Маздак ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин Сосониён тавонистанд, ки суннати аздасграфтаи ниёгони ориёии худро аз нав барқарор созанд, тасбиту тадвин (кодификация)-и Авесторо ба охир расонанд, зиддиятҳои дохилии онро тавассути Картир барин мӯбадони машҳур рафъ ва оини зардуштиро аз нав эҳё намоянд.

Муаллифони «Таърихи тамаддун» зимни баррасии масоили фарҳангии ҳазораҳои дури пешин ва давраи оғози таърих роҷеъ ба таъсири тамаддунҳои оғозин ба таквини тамаддунҳои навин матлаберо баён намудаанд, ки тибқи он «Сумеру Миср ба манзалаи меҳваре буданд, ки аз он тамаддун ба тамоми Осиёи Ғарбӣ ва минтақаи Мадитарона сотеъ мешавад. Чин низ муаррафи меҳвари дигаре буд, ки аз он ҷо тамаддун ба Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубиву Шарқӣ метобад».[3] Агар ба ин масъала нек назар афканем ва идомаи мантиқии онро дунбол кунем, бе ҳеҷ шубҳа, метавон гуфт, ки тамаддуни бостонии ориёӣ, ки дар аҳди Иломиҳо ба вуҷуд омада, дар замони дигар сулолаҳои шоҳии сарзамини «Айрана ваеҷа» инкишоф ёфт, меҳвари сеюме ба шумор меравад, ки баъди ташаккулу таҳаввулаш бо унсурҳои тамаддуни модию ҳахоманишӣ, хусусан ба вуҷуд омадани дини мутаоли зардуштӣ ва китоби мақаддаси он «Авесто» бо нури маърифат фарҳанг и бисёр сарзаминҳои Шарқу Ғарбро равшан намудааст.

Вобаста ба ҳамин масъала бояд қайд кард, ки дар раванди таърихии тамаддуни башарӣ давраи таквини тамаддунҳои навин вобаста ба пайдоиши давлатҳои мутамарказу империяҳои бузург ва марҳилаи фурӯпошию муталошӣ шудани тамаддунҳои оғозини таърих дар робита бо аз саҳнаи таърих нопадид шудани давлатҳои нисбатан хурди маҳаллии ҳамзамони Иломиҳо дар аввали ҳазораи якуми то милод ба амал омад. Дар ин бобат муҳаққиқон дар омӯзиши таърихи фарҳангу тамаддун назарияҳои гуногуни тадқиқотиро пешниҳод намуданд. Яке аз чунин назарияҳо «замони меҳварӣ» мебошад, ки файласуфи шинохтаи Ғарб Карл Ясперс пешниҳод намуда. Тибқи он тақрибан аз ҳазораи якуми пеш аз милод сар карда тағъироти куллие дар тафаккур ва андешаву ақидаи инсон ба вуҷуд омада, муносибати инсон ба рафтори хеш, муҳити атроф ва умуман Оламу Одам дигаргун шудааст. «Замони меҳварӣ», ба ақидаи Карл Ясперс, шояд он нуктаи атфе бошад, ки зимни барҳурд бо падидаҳои табиату ҳодисаҳои ҷамъият инсон давраи ибтидоӣ мароҳили гуногуни даврони зиндагии худро чӣ дар соҳаи маданияти моддӣ ва чӣ дар соҳаи маданияти маънавӣ тай намуда, ба як навъ пешравӣ, инкишофи ботинӣ ва мафкуравии худ ноил шудааст ва дар давраи гузариш ба сохти табақотӣ диди ҷаҳоншиносӣ ва назари маърифатии тозаеро касб карда, вобаста ба

хусусияти таҳаввули замонии вуқуъгардида дар табиату ҷомеъа, бештар андешаи ахлоқӣ ва тафаккури маънавии оганда ба ахлоқи ҳамидаро дар худ рушд додааст. Чунин вазъият барои ҳамаи тамаддунҳои ибтидой, хусусан тамаддуни халқҳои Шарқ ҳамчун гаҳвораи тамаддун хос будааст.

Агар ба гуфтаҳои боло мисдоқона назар афканда, онро ба тамаддуни ориёиҳо татбиқ намоем, ба хубӣ мушоҳида хоҳем кард, ки дар фосилаи замонии байни инсони оқил (Homo sapiens sapiens), ки маъмулан раванди инкишофи биологии инсони ҷамоъаи ибтидой ба шумор меравад ва «замони меҳварӣ», ки моҳиятан ба воя расидани инсони дорои тафаккуру андешаи ахлоқӣ (Homo sapiens ethicus) маҳсуб мешавад, ҳодисаҳои зиёде дар соҳаҳои моддиёту маънавиёт рух додаанд, ки пешрафти чисмониву маънавии инсонро таъмин намуданд.

Дар соҳаи маънавӣ ориёиён аз эътиқодоти давраи ибтидой то ба оини меҳрпарастӣ, зарвония, ноҳидпарастӣ ва дигар худоёни осмонӣ омада расиданд. Дар оииҳои мазкур дар партави пайкори қувваҳои некиву бадӣ, ки ғояҳои он дар дини маздоии куҳан дида мешуданд, мақула ва омӯзаҳои ахлоқие ташаккул ёфтанд, ки баъдтар аслу асоси таълимоти ахлоқии зардуштияро таъмин намуданд. Ин ғояҳои ахлоқӣ дар нақлу ривоят ва асотири бою ғании корномаҳои шаҳриёрони пешдодию каёнӣ, муборизаи онҳо барои ба даст овардани «фарри каёнӣ» ҳамчун мақому манзалати шоҳӣ дар муборизa ба муқобили нируҳои манфури аҳриманӣ, устураҳои ҷолиби офариниши оғозин ва муборизаи Аҳриман бо аввалин офаридаи Ҳурмуз дар шахси аввалин кадхудои ҷаҳон-Каюмарс, шаҳсаворони Осиёи Миёнаву Эрони Аҳди бостон ва ташаккули фалсафаи хусравонӣ барҷалоина эҳсос мешуданд. Ташаккули ахлоқи ҳамида ва муборизa ба муқобили қувваҳои бадӣ, пайкори ду нируи ба ҳам оштинопазири некиву бадӣ дар фаъолияти шаҳриёрони ниёгонамон низ мушоҳида мешавад. Масалан, қаҳрамонии Кайхусрави муборак барои ҳимояи сарзамини ориёиҳо аз тӯрониён, ба набард пардохтани ӯ ба муқобили Афросиёб, баъди ғалаба ҷиҳати дарёфти ҳақиқати ботинӣ аз ҷамеъи зинаҳои маротиби вуҷуд болотар рафтанӣ шуда, ба олами улвӣ уруҷ кардани ӯ саршор аз ғояҳои ватанпарастиву ватандӯстӣ, адолатпарварӣ, ҳақиқатпарварӣ, мазҳари додгариву ташбеҳоти том ба сифоту камолоти ахлоқӣ ва порсой мебошад. Чунин ҳодисаро дар тамаддуни ориёии Ҳинд низ дучор намудан мумкин аст, ки аз рӯзгори муштараки қабилаҳои ҳиндуэронӣ шаҳодат медиҳад. Аз Риг Веда - қадимтарин сурудҳои ведой сар карда то Упанишадҳо ва буддизму ҳиндуизм нур аз ғояҳои ахлоқие мебошанд, ки ғалабаи қувваҳои хайр бар шар ва нур бар зулмат ифода ёфтаанд. Дар воқеъ, чунин тамоюл ба ғояҳои ахлоқӣ ва муборизаи қувваҳои оштинопазир дар замони мавриди назар хоси ҳамаи тамаддунҳои ҳамҷавори ориёӣ буда, дар достони «Гилгамеш»-и сумерию аккодӣ, дар лавҳҳои гилии бобулиён дар бораи

офариниш, дар офаридаҳои фарҳангӣ ва омӯзаҳои ахлоқии тамаддунҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ (маданияти крит, эгей ва ғайра) ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (тамаддуиҳои чинӣ ва жопунӣ), достонҳои «Иллиада» ва «Одиссей»-и Ҳомер мушоҳида мешаванд ва ҳастаи асосии таълимоти ахлоқӣ ва ҷаҳоншиносии онҳоро ташкил медоданд.

Дар китоби мазкур ҳамаи масоили ёдшуда дар бобати ориёиҳо бар мабнои сарчашмаҳо ва таҳқиқу пажӯҳишҳои анҷомшуда мавриди таҳлил қарор гирифта, дар фасли охири он дар заминаи инкишофи ҳамин афкори ахлоқию ҷаҳоншиносӣ ба вуҷуд омадани аввалин дини яктопарастии зардуштия таҳқиқ ва зимни таҳлили манбаъҳои оини мазкур қайд гардида, ки баъди «замони меҳварӣ» тамаддуни ориёӣ ба марҳилаи нави инкишофи худ сабзида расид. Мақула ва омӯзаҳои ахлоқӣ, ки дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ то замони мазкур амал мекарданд, дар дини мутаоли зардуштӣ, ки рисолати онро худи Зардушти Спитамон ба ӯҳда дошт, мазмунҳои тоза ба худ касб намуда, ба низоми фалсафаи ахлоқӣ ва ҷаҳоншиносӣ даромаданд. Дар он бар пояи набарду муборизаи нируҳои оштинопазири нуру зулмат ва муборизаи Аҳриман бо офаридаҳои муқаддаси Ҳурмуз ғояе пешниҳод шуда, ки тибқи он Аҳуромаздо ҳамчун худои мутаол ва хиради кулли ҷаҳону дорои тамоми исму сифоти зотӣ ва олии ахлоқӣ бо маниши нек ба офариниш ва таквини олами улвӣ (миной, мовароуттабий, метафизикӣ) ва сифлӣ (гетӣ, моддӣ, физикӣ) пардохта, паёмбари худро, ки аз мукошифоти рӯҳониву маърифати раббонӣ бархурдор буда, ба рисолат баргузида то пайравони ин оини « беҳин»-ро ба роҳи некиву ростӣ, порсой, покдоманӣ ва ҷовидонӣ раҳнамун созад.

Ба ибори дигар, зардуштия ҳамчун дини мутаол бори аввал дар афкори ҷаҳоншиносии худ силсилаи маротиби вуҷудеро ироа кард, ки дар он назарияи ҳастишиносӣ (онтология), таквиншиносӣ (космология), маърифатшиносӣ (эпистемология) ва охиратшиносӣ (эсхатология) аз руи қоидаи ахлоқии Ашо (=ростӣ) амал мекунад. Ин дин оини ростӣ ва порсоист, усулҳои ахлоқии он «Андешаи нек, гуфтори нек ва рафтори нек» аст, маромаш ғалабаи ногузири некӣ бар бадӣ, хайр бар шар ва вазифааш ҳидоят намудани ашхоси дорои озодии ирода ба ҳаёти хушбахтиву саодатмандӣ ва ҷовидонию бемаргӣ бо роҳи маърифату васлат ба худованди ҷону хирад аст. Аз ин нуқтаи назар, дар китоби ҳазир фалсафаи Зардушт, баҳси яктопарастӣ ё дугонагарой будани он, фаришташиносии оини зардуштӣ, ақидаҳои ирфонӣ ва афкори ахлоқии зардуштия ҳамчун зинаи баланди афкори маънавии ниёгони ориёии мо мавриди баррасиву тааммули амиқ қарор гирифтаанд. Усули ахлоқӣ ва таълимоти фалсафию ҷаҳоншиносии оини зардуштӣ минбаъд яке аз мабдаъҳои асосии тамоми дигар динҳои мутаол гардиданд.

Бо ҷорӣ шудани дини ислом фарҳанги ориёӣ аз байн нарафта, балки он бо мақулаву омӯзаҳо ва ғояҳои тозаи дини мубини ислом ғанӣ гардида, дар шароити нави таърихиву иҷтимоӣ аҳкому шаройеъи динӣ қавитар, низоми фалсафию каломӣ ва ҷаҳоншиносии он пурмӯҳтавотар ва рӯҳонияту раббонияти он ба завқи адёни иброҳимӣ то ба дараҷаи қудсӣ инкишоф ёфтааст. Ин ҷиҳати масъала аз муҳаққиқон гадқиқу баррасии бештар ва амиқтарро тақозо дорад.

Хушбахтона ба хотири ҳифзи минбаъда ва гиромидошти тамаддуни ориёӣ, ки шарҳу таҳлили нисбатан муфассали он дар ин китоб хоҳад омад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов соли 2006-умро соли тамаддуни ориёӣ эълон карда. Вале боиси таассуф аст, ки ин иқдоми нек ба табъу салиқаи баъзе гурӯҳҳо нафорида ва пинҳониву ошкоро баъзе суханҳое низ гуфта шуда. Албатта, чунин рафтори гурӯҳҳои мазкур бори аввал нест. Тибқи иттилои матбуоти даврӣ, соли 1977 ба сарварии академик Б.Ғ. Ғафуров гурӯҳи олимони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҳинд ба ЮНЕСКО роҷеъ ба гузаронидани симпозиуми ҷаҳонӣ дар масъалаи ориёиҳо таклиф пешниҳод карда буданд, вале бо сабабҳои гуногун ва бо кӯмаки муғризонаи гурӯҳҳои ёдшуда симпозиуми мазкур таҳти унвони «Масоили этникии таърихи Осиёи Марказӣ дар ҳазораи дуюми пеш аз милод» бо иштироки 11 мамолики ҷаҳон гузашт.

Вале имрӯз роҷеъ ба тамаддуни ориёӣ тавассути олимон корҳое ба сомон расида, ки ҷамъбасти муқаддамотии онҳо ба хотири муайян намудани ҳақиқати таърихӣ ҳам фарзу ҳам суннат мебошад. Бинобар ин соли 2006 эълон шудани соли тамаддуни ориёиҳо фоли нек аст, соли ҷамъбасту омӯзиши дастовардҳои бостоншиносӣ, таърихӣ, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ ва таҷдиди назар ба тахмину фаразияҳои гузашта роҷеъ ба таърихи дури ниёгони мо мебошад, ки ҳануз ҳам бисёр саҳифаҳои он норавшан ва офаридаҳои моддии он дар қаъри харобаҳо зери хок ниҳон мондаанд ва кайҳост, ки дар интизори пажӯҳандагону ҳаффорони бостоншиноси билқувваи худ мебошанд. Ҳарфҳои тавассути мӯътаризони ин иқдоми нек ба иллати рамзи асосии рейхи IV интихоб намудани “Салиби шикаста” (свастика) ва назарияи нажодпарастона ҳеҷ гуна появу асоси илмӣ надоранд ва чунин ҳарфҳои муғризона нишони камоли бемаърифатӣ ва иттилоъ надоштан аз таърихи масъала мебошад.

«Салиби шикаста» тақрибан аз замони рӯзгори муштараки қабилаҳои ҳиндуэронӣ яке аз рамзҳои қабилаҳои ориёиро ифода мекард. Он таҷассуми худои ориёиҳо-«Воруна» буда, ки дар забони санскрит маънои «муҳаррик»-ро дошта. Баъдтар он ба «Ураниус»-и юнонӣ ба маънии Осмон табдил шуд. Аз ин рӯ, Ҳергсфелд тарҷумаи онро дар забони тоҷикӣ-форсӣ «Гардуна» («Гардунаи Меҳр», «Гардунаи Хуршед») пиндошта, ки сумбули (символи) Осмон аст. «Салиби шикаста»-ро олими дигар дар тарҷима аз

забони санскрит "некуаҳволии вобаста аз хайри мутлақ, нишони хурсандӣ, ҳаёт, Офтоб ва офтобгардон" донистааст. Ӯ қайд карда, ки «салиби шикаста» ду намуд дошт. Яке шохаҳои ба масири ҳаракати Офтоб кашидашуда, ки "офтобгардон" ном дошт ва дигаре акси он - шохаҳояш муқобили гардиши Офтоб тасвир шуда буд. Мувофиқан ҳар ду намуд рамзи нируҳои некӣ ва бадӣ ба шумор мерафтанд. Пас, қадимтарин рамзи ҳаракати доимӣ, ки гардиши ҷаҳон ва таҷдиди мунтазами онро ифода мекард, намуди аввали «салиби шикаста» ("офтобгардон") ва нируи зидди он намуди дуюми «салиби шикаста»-и ҳаракаткунанда муқобили гардиши Офтоб мебошад.[5] Ба ибораи дигар, худои ориёиҳо Осмон – Падар чаҳор унсурро офарида, ки рамзи он «салиби шикаста» мебошад, ки худ ба худ ба масири гардиши Офтоб ҳамчун мазҳари офариниш, ки баробар ба некист, ҳаракат мекунад. Тасвири «салиби шикаста»-и муқобили ҳаракати Офтоб рамзи нируи тазод ва қувваҳои бади аҳриманӣ бар зидди қувваҳои некӣ- «салиби шикаста»-и офтобгардон мебошад. Рамзи парчами олмони ҳитлерӣ ҳамин «салиби шикаста»-и ҳаракаткунанда ба муқобили гардиши Офтоб буд ва мазҳари қувваҳои бадиро ифода мекард. Чун муборизаи некиву бадӣ ногузир ба ғалабаи аввалӣ ба итмом мерасад ва пирӯзии бадӣ муваққатӣ ва ғалабаи некӣ ба мисли худи офариниш доимист, бо амри таърих Олмони нозӣ (натсистӣ) ҳамчун мазҳари қувваи аҳриманӣ зуҳур кард ва «салиби шикаста»-и муқобили ҳаракати Офтобро рамзи Рейхи бузурги IV интихоб намуд ва бо амри таърих дар муборизаи бо қувваҳои некӣ мағлуб ва ба дори фано рафт. Агар боз ҳам соддатар карда гӯем, аз омезиши чаҳор унсур, ки рамзи «салиби шикаста» аст, ду шохаи амудии он оташу ҳаво ва ду шохаи уфуқиаш обу заминро ифода мекунад. Аз омезиши онҳо олами ҳастӣ ба вуҷуд меояд ва он ба мисли парвонаи осиёбест, ки ҳаракати доимии низоми табиат ва иҷтимоъро зимни набарду муборизаи қувваҳои ба ҳам зидди некиву бадӣ маҳфуз нигоҳ медорад. Ин таъбири илмии ношӣ аз асотири офаринишест, ки дар бомдоди таърих дар байни қавму қабилаҳои ориёӣ панҷ ҳазор сол пеш ташаккул ёфта ва ҳоло ҳам дар мафкураву маишаги рӯзгори мо нақши муҳими худро гузоштааст.

Гуфтаҳои фавқ дар бораи «салиби шикаста»-ро ҳамчун нишонаи рӯзгори нисбатан дури ниёгони ориёӣ имрӯз ҳам тасвирҳои баъзе ҳунарҳои дастӣ ва зебо, санъати меъморӣ, гулдӯзӣ (рӯймолҳои гулдӯзӣ, сӯзанӣ, ҷурабҳои помирӣ, тоқӣ, болопӯшҳо, сақфи хонаҳои помирӣ, қуббаҳои сақфии хонаҳои қадимаи чӯбкорӣ ва ғайра) ва ҳам натиҷаи ҳафриёгҳои бостоншиносӣ таъйид ва тасдиқ мекунанд. Масалан, зимни ҳафриёти бостоншиносӣ дар Герми Озарбойҷон рӯи гӯрҳо, зарфи сафолӣ, порчаҳо, дар Келордашг рӯи косаҳои заррин, дар ҳаволии дарёи Урумия рӯи рони шер ва тасвирҳои рӯи ҷом, дар Гелон дар гарданбанди бонувон пайдо шудаанд, ки муҳаққиқи эронӣ Абдулазими Ризоӣ дар китобаш бо номи

«Аслу насаб» намунаҳои акси ин бозёфтҳоро пешкаши хонандагон намуда, ҳамвора қайд кардааст, ки тибқи назари бостоншиносон онҳо ба замони меҳрпарастӣ тақрибан ба соли 3100 қабл аз милод мутааллиқанд. Ҳамин хел тасвирҳои «салиби шикаста» дар баъзе маҳалҳои интишорёфтаи ориёиҳо дар Аҳди қадим (рӯи хумпораҳои сафолӣ, сиккаҳои критӣ, орнаментҳои юнонӣ, лавозими зиннатии скифӣ ва ғайра) пайдо шудаанд, ки олимон қадимати онҳоро ба асрҳои теғасангӣ ва биринҷӣ мансуб медонанд.Бо мурури замон аз «салиби шикаста» шер ҳамчун мазҳари Хуршед дар рӯи замин ва Хуршед ҳамчун мазҳари шер дар олами улвӣ рамзи тозаи парчам бо пайкараи Шеру Хуршед ба вуҷуд омадааст.

Агар сухан роҷеъ ба олмониҳоро ба нажоди ориёӣ ҳамчун нажоди олӣ мансуб донистани Ҳитлер равад, бояд чунин нуктаро мутазаккир шуд, ки фарҳангшиноси машҳури Ғарб Арнолд Тойнби калимаи нажодро «хусусияти зотии мумайизкунанда дар ҳар ҷинс ё гуна ё табақаю гурӯҳбандии махлуқоти зинда» таъриф намудааст ва, аз ин рӯ, нажод ҳеҷ гоҳ олию софил буда наметавонад. Бо истинод ба ин таъриф мо бояд ҳама гуна зуҳуроти нажодпарастӣ дар Ғарбро, ки аз замони мустамликадорӣ ба таври бориз шурӯъ шуда, минбаъд дар шаклу намудҳои гуногун арзи вуҷуд намуда ва назари ирқпарастонаи Ҳитлер шакли ифротии он ба шумор меравад, муборизаи беамон барем, аз акси садои ин ҳодиса, ки имрӯз ҳам гоҳо дар баъзе маҳалҳо танинандоз мешавад, бо роҳи нишон додани нодурустии асосҳои таърихиву биологӣ ва фарҳангию илмии ин назария ҷулӯгирӣ намоем. Гузашта аз ин, фарҳангшиноси дигари Ғарб Вилл Дурант комилан мунсифона қайд кардааст, ки «нажод дар эҳёи тамаддун таъсир надорад, нажод тамаддунро намесозад, балки тамаддун аст, ки миллатҳоро халқ мекунад, авзоъву аҳволи ҷуғрофиёӣ ва иқтисодиву фарҳангиро ба вуҷуд меоварад ва фарҳанги намунаи хоссеро эҷод мекунад».

Вобаста намудани ин ё он рамз, ҳодиса ё воқеъаи таърихӣ ба сиёсат ҳеҷ гоҳ ҳақиқати илмии онро ифода нахоҳад кард, зеро сиёсат як падидаи сохтаю бофтаи сиёсатмадоронест, ки баробари аз саҳнаи таърих дур рафтани онҳо сиёсаташон низ ё билофосила ва ё дар як бӯъди замонии начандон тӯлонӣ аз байн хоҳад рафт. Агар чунин пиндошта шавад, ки таҷлили тамаддуни ориёӣ ягон вобастагие ба сиёсати нажодпарастона дошта бошад, лутфан ба адабиёти ориёӣ, махсусан ба мутолиаи китоби Э.И. Раҳмонов «Аз Ориён то Сомониён» ва ба ин китоб бипардозад, то бубинад, ки ниёгони ориёии мо дар таърихи беш аз чаҳорҳазорсолаи худ дар давру замонҳои номусоид борҳо зери пои давлатҳои бобуливу сумерӣ, аккодию юнонӣ, мақдунӣ лагадмол шуданд ва ба султаи арабҳову муғулҳо ва дигар аҷнабиёни хоричӣ даромада, бори гарони тазъиқу фишор ва истисморро ба дӯши худ доштаанд, вале дар ҳамаи ҳолатҳо ҳуввияти миллӣ ва унсурҳои

аҷнабиёни хоричӣ даромада, бори гарони тазъиқу фишор ва истисморро ба дӯши худ доштаанд, вале дар ҳамаи ҳолатҳо ҳуввияти миллӣ ва унсурҳои асосии тамаддуни хешро ҳифз намуда, бо офаридаҳои маънавии худ барои рушду инкишофи тамаддуни башарӣ саҳми арзандаи худро гузоштаанд.

Муҳаққиқон зимни омӯзиши таърихи умумиҷаҳонии башар ба чунин хулосае расидаанд, ки таърих хирадманд нест ва ҳамаи ҳодисаҳои онро, бо хирад тавҷеҳ кардан нашояд. Мо аз назари муносибати илмӣ ҳеҷ гуна ҳаққу ҳуқуқе надорем, ки тамаддуни юнониву мақдуниро ба хотири он ки Искандари Мақдунӣ қасри "Тахти Ҷамшед"-ро ба тӯъмаи ҳариқ кашид ва китоби муқаддаси аввалин дини мутаоли зардуштиро сӯзонда нобуд кард, наомӯзем ва ё ба хотири қатли оми Чингиз ва нобуд сохтани осори гаронбаҳои маданияти моддиву маънавии ниёгонамон тамаддуни Осиёи Шарқӣ, аз ҷумла туркҳоро мавриди таҳлили илмӣ қарор надиҳем. Чунин муносибат рафтори хато ва назари иштибоҳ аст, зеро агар таърих хирадманд нест, хиради таърихӣ вуҷуд дорад ва он тамоми башарро водор ба омӯзиши воқеъбинонаи раванди таърихӣ намуда, чеҳраи воқеъии таърихиро таҷдид менамояд, саҳми ҳар як халқу миллат ва мақому манзалати онро дар таърихи инкишофи тамаддуни умумибашарӣ мушаххас месозад.

БОБИ 1

ХОСТГОҲ , ТАШАККУЛ ВА ИНТИШОРИ ҚАБИЛАҲОИ ОРИЁӢ

ОРИЁИҲО

Шарқи Миёна ва Наздик дар рӯзгори куҳан ба гирдобе монанд буд,ки дар амвоҷи пурталотуми он давлатҳои бузургу императориҳои бешуморе дар канори ҳам арзи вуҷуд намуданд ва ҳомилу ноқили тамаддунҳои гуногуни даврони оғозини таърих ба шумор мерафтанд. Дар асари ҷангу ситезҳои дохилӣ, тохтутозу ғаратгарӣ ва, ниҳоят, бархурди тамаддунҳои ибтидоии Мисри қадим, сумериву бобуливу ошӯрӣ дар Байнаннаҳрайн ва иломӣ дар Эрони аҳди бостон як навъ омезиши қабилаҳои гуногуни чорводору зироаткор, аниқтараш нимбиёбонгарду нимпобанди замин ба вуҷуд омада. Қабилаҳои гуногуни маскун дар сарзаминҳои ёдшуда иборат буданд аз кимбириён, киликиён, бисуниён, писуиён, фаластиниён, амуриён, листониён, хетиҳо ва даҳҳо дигар қабилаҳое,ки дар тӯли таърихи Машриқзамин гоҳо зимоми қудратро ба даст гирифта, давлатҳои муқтадиру мутамарказ ва ҳатто аввалин империяҳои Аҳди бостонро созмон доданд ва гоҳо дар натиҷаи ҷанг ситезҳои дохиливу хориҷӣ аз пой дарафтода, аз саҳнаи таърих нопадид шуданд. Аз байни онҳо қабилаҳои ориёӣ таъриху саргузашти пурмоҷароеро пушти сар намуда, ки ниёгони мо ба шумор мераванд ва дар таърихи афкори маънавию тамаддуни башарӣ мақому манзалати хосе доранд.

Бино ба маълумоти муҳаққиқон аксари қабилаҳои қадимаи сокин дар қисмати шимолии Шарқи Наздик қабилаҳои ҳиндуевропой ва қабилаҳои маскун дар қисматҳои марказӣ ва ҷанубии сарзамини мазкур қабилаҳои сомӣ буданд, вале ин тақсимбандии ҷуғрофӣ комилан шартист, зеро, ба амри таърих, дар натиҷаи омезиши ин қавму қабилаҳо дар ин минтақа тақрибан ҳеҷ нажоди софу пок ва холис боқӣ намонда буд ва мутаносибан ҳеҷ фарҳангу тамаддуне дар ин давра набуда, ки аз унсурҳои фарҳангу

тамаддуни ҳамсоя ва ё ҳарифу душманони худ мутаассир нагардида ва ё ғизои маънавӣ нагирифта бошад. Аз ин рӯ, мушаххас намудани нақши қабилаҳои ориёӣ дар саҳнаи таърих, таҷдиди вақеъияти иҷтимоиву фарҳангии гузаштаи дури ниёгон ва мақому манзалати тамаддуни ориёӣ дар силсилаи тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба иллати адами ёдгориҳои моддии бостоншиносӣ ва асноди катбӣ масъалаи бисьёр буғранҷ ва печида ба назар мерасад.

Муҳаққиқи шинохтаи таърихи фарҳанг Вилл Дурант мўътакид аст, ки «калимаи «ориёӣ» нухустин бор миёни қабилаҳои ҳаррӣ (Harri) ки яке аз қабилаҳои митонӣ мебошад, истеъмол гардидааст. Ба таври куллӣ ин номе буда, ки қавмҳои сокинони соҳили баҳри Хазар ё қавмҳое, ки аз он ҷо бархоста буданд, ба худ нисбат медоданд. Вале имрӯз ин ном ба сурати хосе ба ақвоми митонӣ ва ҳатто ба модиву эронӣ ва ҳиндуён ё худ шохаи шарқии миллатҳои ҳиндуевропой тааллуқ дорад, ки шохаи ғарбии он дар Урупо сукунат доранд»[1].

Аз ин иқтибос чунин бармеояд, ки барои муайян намудани таърихи тамаддуни ориёиҳо бояд аввал марзу бум ё худ макони аслии хостгоҳи ин қабиларо мушаххас намуда, пас аз чунин баррасии ҷуғрофӣ самти ҳаракат, замони густариши онҳо ва дигар унсурҳои тамаддуни ориёиҳоро бо роҳу равишҳои гуногуни муқоисавию татбиқӣ бо назардошти охирин хулосаҳои ориёишиносони тоҷику руссу хориҷӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқу тааммули амиқ қарор дод.

Вале қабл аз он ки ба баррасии ин масъала бипардозем, барои ба хонанда додани як тасаввуроти муқаддамотӣ роҷеъ ба пайдоиши ориёиҳо дар саҳнаи таърих таҳқиқи худро аз таҳлили як иқтибоси ҷолиби таваҷҷуҳи фарҳангшиноси маъруфи Ғарб Ралф Линтон шурӯъ мекунем. Ӯ менависад: «Аз мутолиаи осори ориёиҳо бармеояд, ки эшон мардуме буданд қабиланишин ва нимбиёбонгард, чорвопарвару аробасавор, ки рӯзгори худро бо таҳоҷуму ғорат ва қиморбозию шаробхорӣ мегузарониданд, фақат дар ҳангоми усрату ниёз рӯй ба даргоҳӣ мавҷудот ва қудратҳои фавқуттабиӣ меоварданд»[2]. Аз мазмуни матни ин иқтибос маълум мегардад, ки ориёиҳо таърихи тулонии зиёда аз панҷҳазорсола доранд ва фарҳангашон яке аз тамаддунҳои оғозини Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ба шумор мерафта. Қисмати авали иқтибоси мазкур- «ориёиён мардуме буданд қабиланишин ва нимбиёбонгард»- далолат ба он мекунад, ки ин қабилаҳо дар оғози пайдоишашон шомили общинаҳое буданд, ки ҳанӯз тақсимоти меҳнат ба чорводориву зироаткорӣ ба таври мушаххас аз ҳам ҷудо набуданд. Ин ҳодиса дар навбати худ, аз тамаддуни асри навсангӣ (неолит) дарак медиҳад, ки дар он бўъди замонӣ ориёиҳо бештар ба аҳлӣ намудану парвариш кардани

чорво, махсусан говпарварӣ машғул буданд. Усулҳои обёрӣ ва дигар унсурҳои хоҷагидорӣ дар маҳалҳои муваққатии сукуначашон тоза ба роҳ монда мешуд.

Ба ибораи дигар, ориёиҳо ифодакунанда ва шиносонандаи қабилаҳое буданд, ки низоми табақотии муназзаме доштанд. Он аз коҳинону ҷанговарон ва деҳқонон иборат буд ва сардори қабила, ки бештар аз коҳинони шинохта интихоб мешуд, онҳоро дар тамоми ҳаволии маскуниашон ба таври мутаҳидона нигоҳ медошт. Ба тариқи хулоса, ин қабилаҳо тамаддуни чорводорӣ ва «маданияти лабанӣ»-ро дар он буҳъди замонӣ ташаккул додаанд ва асоси озуқаашон маводи ширӣ ба шумор мерафт. Ҷиҳати дигари фарқкунандаи ин қабилаҳо ба забони ҳиндуевропой ва ё яке аз лаҳҷаҳои гуногуни он такаллум намудан ва русуму одоби хоси иҷтимоии онҳо буд. Ҳамин ҷиҳатҳои асосӣ, яъне «тамаддуни лабанӣ», забони ҳиндуевропой ва русуму одоби иҷтимоии хосу муштарак намоишгари зиндагии тақрибан яксони гуруҳҳои гуногун ва парокандаю аз ҳам дурафтодаи қабилаҳои ориёӣ ба шумор мерафт. Ин муаррафиномаи қабилаҳои ориёии даврони оғозини таърих мебошад. Ин ҷо чунин нуктаеро низ бояд изофа намуд, ки баъдтар зимни инкишофи кишоварзӣ дар баъзе минтақаҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ориёиҳо дар сарзаминҳои тасарруфкардаашон ба зироаткорӣ низ машғул шуданд. Аз ин рӯ, муҳаққиқон мушаххасоти асосии ориёиҳоро дар Аҳди бостон «решаи муштараки забон, муъҳтақидот ва одобу русуми иҷтимой»[3]донистаанд.

Қисмати дуюми иқтибоси фавқ- «мардуми чорвопарвару аробасавор»-дараҷаи инкишофи маданияти моддии замони ориёиҳоро инъикос мекунад. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки қабилаҳои ориёӣ хеле аз мароҳили ихтирооти моқабли таърихро тай намудаанд. Аз ҷумла, ихтирооти сафолгарӣ ва авалин истифодаи техники оташ, кашфи маводи маъданӣ ба мисли мис ва қаълу биринҷӣ ва ғайраро пушти сар карда, ба чорводорӣ ва аробасаворӣ гузашта буданд. Зеро сохтани ароба бидуни истифодаи фелезот имконнопазир аст ва ихтироъи чарху ароба ҳодисаи муҳимми маданияти моддӣ дар тамаддунҳои ибтидоии Аҳди бостон буд, ки шоҳроҳи бузургеро дар тараққиёти фаннии рӯзгори гузашта боз кард. Ҳамин аробаҳо воситаи асосии ҳамлу нақл буданд ва инқилоби воқеъӣ дар заминаи ҳунари ҷангӣ ба шумор мерафтанд. Агар ба ин табарҳои ҷангии аз биринҷӣ сохташударо ҳамроҳ кунем, сабабҳои асосии фармонравои зердастон шудани ориёиҳоро ба хубӣ мадди назар қарор додан мумкин аст.

Қисмати сеюми иқтибос –«рӯзгори худро бо таҳоҷуму ғорат ва қиморбозиву шаробхорӣ мегузарониданд»-ишора ба фаъолияти низомии ориёиҳо мекунад, ки аз худи замони аввали пайдоишашон нахуст ба

муҳоҷират ба ҳаволии ҳамсоя, сипас ба тохтутозу ҳуҷум ба сарзамини қавму миллатҳои гуногун ва кишоварҳои мухталифи Осиёву Урупо пардохтанд. Роҷеъ ба ин масъала дар қисмати «Таърихи сиёсӣ» таваққуф хоҳем кард, дар ин ҷо фақат бо овардани чунин нукта иктифо меварзем, ки ба вуҷуд омадани аввалин империяҳо дар Дунёи қадим аз як амали соддаи ғоратгарӣ шуру шуда, аз ҳуҷуми як шаҳр ба шаҳри дигар барои ба даст даровардани ганимат идома пайдо кард ва баъдтар бо муттаҳид шудани қудратҳо ба воҳидҳои сиёсӣ ба хотири ба даст овардани сиёсати ҷаҳонии Аҳди бостон густариш ёфт. Ҳамин ҷангу ғоратгарӣ муносибатҳои печидаи ғолибу мағлубро дар саҳнаи таърих ба вуҷуд овард, ки мазҳари тазоддии он дар шуришҳои бешумори давру замонҳои номусоиду гуногуни рӯзгори гузашта зоҳир мешуд.

Манзур аз шаробхориву қиморбозии ориёиён, ки дар қисмати дуюми ҷумла омадааст, шаробхориву қиморбозӣ ба маъноии имрӯзаи калимаҳои ёдшуда нест, балки ғараз аз шаробхорӣ шӯрби шира ё худ асораи нашъатовар ва шифобахше аз гиёҳи махсуси ҳанӯз ношинохтае, ки ба тахмини олимон шояд ҳамон «Гаукарена» бошад, дар назар дошта шудааст. Қабилаҳои ориёии ҳиндуевропой дар ин бобат ҷиҳатҳои муштарак доранд ва ҳангоми ҷашнҳову маросимҳои динӣ ба хондани суруду нӯшидани асораи ин гиёҳи мусаккар мепардохтанд. Истеъмоли «Саома» (дар забони санскрит) ва «Ҳаома» (дар забони эронии қадим) ҳам барои худоён ва ҳам барои одамон баробар муфиду гуворо будааст.

Дар Эрон ин гиёҳи зардранг бо гиреҳҳои ба ҳам наздик достони дилангез ва арзишҳои намодину оинӣ дорад. Бо фикри мубади зардуштия Рустами Шерзод дар ҳамаи ҷашну маросимҳо ҳини пешкаш кардани «Ҳаома» ба худоён, одамон низ барои рафъи шарру нохушӣ ва пешгирӣ аз марг онро меошомиданд. Эрониён «Ҳаома»-и заминиро пайкара, гуна ва ё раббуннавъи «Ҳаома»-и осмонӣ, ки худ моҳияти изадӣ дошт, мешуморанд, ки он гуё бемаргиро дар рӯзи растохез ба армуғон меовардааст. Дар Ҳинд низ ориёиён «Саома»-ро ба таври васеъ истеъмол мекарданд. Дар воқеъ, як қисми ёдгории муҳимми фарҳангии Ҳиндии қадим Веда-«Саома Веда» ном дорад, ки дар он кулли сурудҳои маросимии ориёиён марбут ба «Саома» гирдоварӣ шудааст. Худои давраи Ведоии Ҳинд-Индира бевосита ба «Саома» робита дорад. Зеро коми ӯро аз ҳамон рӯзи аввали таваллудаш бо «Саома» бардоштаанд ва, аз ин рӯ, яке аз сифатҳои ин худои Ведой нӯшонидани асораи «Саома» ба дигар худоён ва одамон дар ҷашну маросимҳо ва разму базмҳо барои афзудани нируи ҷанговариашон дар муборизаи бо қувваҳои хабис ва девон, бемаргу ҷовидон намудани онҳо мебошад. Дар яке аз сурудҳои Риг Веда чунин омада: «мо «Саома»

нӯшидем, аз марг раҳо гаштем, ба даруни равшной роҳ ёфтем ва худоёнро шинохтем.» Шояд баъди густариши ориёиҳо ба сарзамини Урупо ба иллати набудани чунин нӯшобаи сукровар ориёиҳои Ғарб ба нӯшидани май низ тамоюл пайдо карда бошанд.

Қиморбозӣ низ аз одати ориёиён буда, ки бештр ҷанбаи фароғат аз муҳоҷиратҳои хастакунандаро дошта. Пардохтани қарзи қимор вазифаи муқаддас шуморида мешуд, фиребгариву маккорӣ дар қимор гуноҳи вазнин ва нобахшуданӣ ба шумор мерафт. Дар бораи ин ду сифати ориёиён дар қисмати «Қабилаҳои ҳиндуэронӣ ва ҳиндуевропой» ба тафсил таваққуф хоҳем кард. Ба ҳар ҳол, ин амал низ бештар хоси ориёиёни густаришёфта дар Ғарб будааст.

Ва, ниҳоят, қисмати охири иқтибос- «дар ҳангоми усрату ниёз рӯй ба даргоҳи мавҷудот ва қудрати фавқуттабиӣ меоварданд»- ишора ба динҳои анимистию тотемистии даврони пеш аз таърих мекунад, ки дар замони ориёиҳои оғозин маълуму машҳур ва то ба дараҷаи қувваҳои фақуттабиӣ инкишоф ёфта буданд. Қувваҳои фавқуттабииро ориёиҳо «отифаи нуронӣ» меномиданд. Онҳо моҳиятан инъикоси вуҷуду шахсияти инсон буданд ва ниёзмандиву ангезаҳои инсониро дар худ таҷассум менамуданд. «Отифаи нуронӣ» аз ҳамаи худоҳои заминӣ ё худ мавҷудоти муқаддаси сифлӣ бартару тавонотар ва тавассути робитаи заношӯй ба якдигар вобаста буданд. Аз байни онхо «Падар-Осмон» мақому манзалати хосса дошт. Таҳаввулу инкишофи мӯътақидоти динии ориёиҳо дар қисмати марбута хоҳад омад.

Ҳоло, ки маълумоти куллӣ роҷеъ ба қабилаҳои ориёӣ ва ҳуввияту баъзе хусусиятҳои ориёиҳои оғозин то андозае равшан шуд, баррасии нахустро дар бораи хостгоҳи аслӣ ё худ маҳаллии сукунати аввалаи ориёиҳо аз он шурӯъ хоҳем кард, ки дар миёнаи ҳазораи сеюми пеш аз милод дар қисми ҷанубу ғарбии Осиёи Миёна ва қисмати шимолии Афғонистон маҳалҳои аҳолинишин пайдо шуданд. Ҳанӯз бисёр ҷиҳатҳои таърихи куҳани Осиёи Миёнаву Эрон, ки бо номи Эронзамин ё фалоти Эрон дар адабиёти таърихиву ҷуғрофӣ ёд шуда, норавшананд ва илми бостоншиносиву ҳафриётҳои археологӣ дар бораи онҳо лаб фурӯ бастаанд. Танҳо дар бораи қисматҳои ҷанубу ғарбии Эрон, ки бо силсилаи тамаддунҳои Мисри қадим ва Байнаннаҳрайн иртиботи бевосита доштаанд, ба туфайли таҳқиқу баррасии таърихи Дунёи қадими ин сарзаминҳо ва кашфиётҳои моддии аз зери хок буруномада дар солҳои охир баъзе маълумотҳо касб гардидаанд. Ҳамчунин баъзе хулосаҳо ва кашфиётҳо дар заминаи тадқиқотҳои забоншиносӣ ва ҷамъбасти бозёфтҳои бостоншиносӣ (археологӣ, топонимӣ, эпиграфӣ, сурагшиносӣ ва ғайра) ба амал омаданд ва олимон дар ин соҳа ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд. Вале

дар ин ҷо аввал ба баррасии ҳамон қисмати ҷанубу ғарбии Эрон дар радифи силсилаи тамаддунҳои оғозини Шарқ хоҳем пардохт ва назари ориёишиносони руссу тоҷик ва дигар муҳаққиқони Шарқу Ғарбро зимни таҳлили масоили марбута мавриди таҳлил қарор хоҳем дод, сипас ба тадқиқи ориёиҳо дар Осиёи Миёна ва Эрон таваққуф хоҳем кард.

Бино ба маълумотҳои ёдшуда, дар фалоти Эрон пайдоиши нахустин падидаҳои давлат ба нимаи дуюми ҳазораи сеюми пеш аз милод рост меояд. Дар ин давра дар сарзамини мазкур маданияти Илом дар ҳудуди шаҳрҳои Шуш ва шимолу ғарбии Хузистони кунунӣ ба вуҷуд омад. Дар шаҳрҳои воҷеъ дар тӯли руди Корун соҳаҳои гуногуни маданияти моддӣ ва маънавӣ тараққӣ кард ва хати иероглифии иломӣ пайдо шуд. Охирҳои ҳазораи чаҳорум ва ибтидои ҳазораи сеюм, ки муҳаққиқон ин давраро ибтидои асри биринчӣ дар қисмати шарқии Осиё медонанд, тавассути зироаткорон ва чорводорон соҳилҳои чаҳор дарьёи бузурги Осиёву Африко: Нил, поёноби Фурот ва руди Ҳинд, ҳамчунин рудхонаҳои Коруну Карха азхуд шуда буданд. Каме баъдтар дар ҳудуди Осиёи Миёна, хусусан дар соҳилҳои дарёҳои Ҷайҳуну Сайҳун зироаткорӣ инкишоф ёфт. Ба гуфтаи академик Б.Ғафуров дар тамоми давраи мавҷудияти асри биринҷӣ Туркманистони ҷанубӣ мутараққитарин ва маданитарин вилояти Осиёи Миёна ба шумор мерафт [4]. Гузашта аз ин, тибқи маълумотҳои таърихию этнографӣ дар ду тарафи дарьёи Ому аҳолии соҳилнишин арзи вуҷуд намуданд. Дар қисмати болооби дарё, дар ҳудуди Балх, Помир ва ноҳияҳои кӯҳии назди дарёи Ому бохтариҳо, дар ҳудуди миёнаоби дарёи Ому ва ҳавзаи Зарафшон суғдиҳо, дар поёноби дарё ва ноҳияи баҳри Арал хоразмиҳо, дар Осиёи Сағир хетиҳо ва митониён пайдо шуданд. Ниёгони ҳамаи онҳо қабилаҳои ҳиндуеврупӣ буданд, ки дар навбати худ, аслу насабашон ба ориёиҳо мерасид.

Ориёиҳо ба иллати ҳанӯз ба мо номаълуме маскани аввалаи худро тарк намуда, ба самти Осиёи Марказӣ азимат намуданд. Масъалаи баҳсовари мушаххас намудани нахустмеҳани қавми ориёӣ дар байни муаррихону муҳаққиқон баҳси доманадореро ба вуҷуд оварда, ки шояд ин як ҳодисаи табиӣ бошад. Зеро аз он рӯзгори кӯҳан на асноди катбӣ ва на осори бостоншиносӣ ба мо боқӣ мондаанд. Ҳамин нуктаро муҳаққиқи лоҳурӣ С. А. Қадир таъйид намуда, зимни баррасии тафаккури фалсафаи пешазисломӣ чунин нигоштааст: «Ҷои бисьёр таассуф аст, ки аз он рӯзгор (яъне рӯзгори ориёиҳо-Ҳ.М.) на таърихи расмӣ бар ҷой монда ва на осори бостоншиносӣ, то муваттини аввалияи ин нажоди кӯҳанро муайян ва замони хуруҷи онро дар давраҳои таърихӣ аз он сарзамин маълум гардонем»[5].

Аз ин рӯ, олимони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла муаррихон, забоншиносон, бостоншиносон, ҷомеъашиносон ва ғайра зимни баррасии

маҳди сукунати қабилаҳои ориёй аз руи асноду маводди дар ихтиёрдошта ва мақсади дар пеш гузоштаи худ қазоват намуда, ба натиҷаҳои мутафовуте расидаанд, ки аз руи мазмуну мундариҷа бо ҳам фарсахҳо дуранд. Масалан, аксари забоншиносон, аз ҷумла В.И. Абаев сарзамини ҷанубу шарқии Урупоро ватани аслии ориёиҳо ҳисобидаанд, дар сурате ки археологҳо Б.Литвинский, Е.Е. Кузмина, Н.Я. Меперт ва дигарон бо таваҷҷӯҳ ба далелҳои таърихӣ ва археологӣ нахустмеҳани ин қабилаҳоро ноҳияҳои Уралу Сибири Ғарбӣ мепиндоранд. И.М. Дяконов мӯътақид аст, ки маҳалли аслии сукунати ориёиҳо байни Балкану Дунай мебошад, вале у ҳамвора шартӣ будани ин фикри худро таъкид намуда, вуҷуди дигар фикрҳоро низ дар ин мавзӯъ хотирнишон кардааст. [6]

Г. Зданович мӯътақид аст, ки дар ҳазораи сеюм-дуюми пеш аз милод дар Урали ҷанубӣ дар маҳалли аҳолии пештараи саҳрой ва ҷангалии ҳиндуаврупоии Евразияи миёна тамаддуне ба вуҷуд омад, ки Притоболия ва Пришимаро фаро мегирифт. Маркази он дар варои Урали ҷанубӣ буд, ки шомили нишебиҳои Урал ва Тобол мешуд. Дар ин саҳроҳои Евразӣ аввалин минтақаҳои шаҳрнишин пайдо шуданд, ки аз осори тамаддуни синтошинӣ дарак медоданд. Ҳамин минтақаҳои аҳолинишин ба ташаккули тамаддуни ягонаи срубӣ (аз ғарби Урал то Днепр) ба навъи хоҷагии бисёрсоҳаи андроновӣ (дар саҳроҳои Евразӣ, Урал, Қазоқистон ва Сибири ҷанубӣ то Енисей) мусоидат намуд.[7]. Сарватҳои кӯҳи Урал ва гудохтани хулаи мису биринҷӣ ба сохтани осиёбҳои фелезӣ ва аробаҳои дучарха шароити мусоид ба вуҷуд овард. Қабилаҳои андроновӣ таъминкунандаи асосии мису қурғошим дар Ғарб то худи Днепр, дар Шарқ то Синтзян ва шояд ҳам то Хитой ва дар ҷануб то Осиёи Миёна буданд. Е.Е. Кузмина иддао дорад, ки «бисёре аз муҳаққиқони ҳозираи русу хориҷӣ ҳиндуэрониёни қадимаро ҳамчун таъсискунандагони маданияти андроновӣ медонанд»[8].

Назаре ба тадқиқотҳои муаррихону мусташриқони гузаштаву муосир доманадор будани баҳси хостгоҳи ориёиҳоро ба назари хонанда ҷилвагар месозад, вале дар онҳо низ роҷеъ ба арзу буми аслии ориёиҳо ҳанӯз посухи қаноатбахш бо далелу бурҳони қотеъ пайдо намудан амри муҳол аст. Масалан, дар тадқиқоти тозаи академик Н.Неъматов, ки маводди фаровони иттилоотӣ дар он дастраси хонандагон гардида, фасоҳати мавзӯъи мавриди баҳс ба хубӣ инъикос шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки ватани таърихии эрониён (ҳиндуаврупоиёни шарқӣ) – «Айрана ваеҷа» (Иронвейҷ) ва дигар кишварҳои номбаршуда дар «Авесто» минтақаи бузурги Евразии фосилаи байни арзҳои 50 (дар шимол) ва 30 (дар ҷануб)-ро ишғол мекарданд, ки шомили манотиқи ҷангалу саҳроии

байни Олой ва Карпат дар шимол, навори бузурги сиёҳ аз доманаи ғарбии Ҳимолой то Загрос дар ҷануб ва дар байни онҳо: ҳамаи Тяншон, Помиру Олой ва Ҳиндукуш, фалоти Эрон, ҳамвории Омую Сирдарё ва Туркистон буд.[9] Вале иқтибоси мазкур маҳалли зисти ориёиҳоро баъди аввалин мавҷи ҳаракати онҳо ифода мекунад.

Ҳамин вазъ дар тадқиқотҳои муҳаққиқони эрониву хориҷӣ низ мушоҳида мегардад,ки шояд овардани ҳамаи онҳо дар ин ҷо ҷоиз набошад. Зеро Абдулазими Ризой дар «Аслу насаб» ном асараш пиндору ақидаҳои олимони ёдшударо бо ихтилофи аз ҳам дури назарҳо роҷеъ ба маҳалли аслии сукунати ориёиҳо ҷамъбаст намуда, чунин ба қалам додаст: «Баъзе аз пажуҳишгарон чунин мепиндоранд, ки ориёиён дар рӯзгори бисьёр куҳан дар дашти Помир ва ҷойҳои дигар зиндагӣ мекарданд ва дар ҳазораи шашум то панҷуми пеш аз милод аз зодгоҳи худ ҷудо шуда, ба сӯи Эрону Ҳиндустон рӯй оварда ва ҷойгузини мардони бумии ин сарзамин гардидаанд. Бархи дигар бар ин бовaранд, ки тираҳои кунунии нажоди ориёӣ нимрӯзӣ (ҷанубӣ) ва миёни Урупо ҳастанд ва оиҳое ки дар Америкаи Шимолӣ ва нимрӯзӣ ҳастанд, аз Урупо рафтанд. Аз ин рӯ, ҳар як аз ин кишварҳоро зодгоҳи ориёӣ донистаанд. Ва бар руи ҳам сарзаминҳои Помиру Осиёи Миёна ва нимрӯзи Ҳиндукуш ва доманаҳои кӯҳҳои Тиёншони Эрони имрӯз, Арманистон ва кӯҳҳои Карпат ва нимрӯзи Руссияву канораҳои поини руди Донуб ва бохтари Олмону кишвари Искандинавӣ, кишварҳои дигари Урупо ва низ Англистону ҷазираи Сарандебро зодгоҳу парваришгоҳи ин нажод донистанд»[10]. Дар ҷои дигар ӯ ҳамин фикрашро боз ҳам мушаххастар баён намуда, аз ҷумла гуфтааст, ки гурӯҳе зоду буми ориёиёнро шаббаи ҷазираи Искандинавӣ, гурӯҳи дигар шимоли Олмон ва ҷануби Донмарк ва гурӯҳи сеюм навоҳии атрофии Тоҷикистони кунунӣ ва доманаҳои Помир медонанд [11].

Дар амри мушаххас намудани хостгоҳи ориёиҳо муҳаққиқи Эронӣ Ҷалолуддини Оштиёнӣ заҳмати зиёде кашидааст. Ӯ назари аксари кулли муҳаққиқони хориҷии асрҳои 19-20-ро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро дар "Зардушт, маздаясно ва ҳукумат" ном асараш ба таври хулоса мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар оғози ин баррасӣ ӯ қайд намуда, ки китоби муқаддаси «Таврот» қаблан муҳимтарин манбаъи иттилоот ба шумор мерафт ва дар он ориёиҳо аз насли «ёфз» («japheth») дониста шудааст , зеро, тибқи нишондоди ин китоби муқаддас, ҳамаи мавҷудоти замин дар «Тӯфони Нӯҳ» ҳалок гардида, фақат сокинони кишти Нӯҳ боқӣ мондаанд. Аз ин рӯ, гамоми сокинони кунунии ҷаҳон бояд аз насли писарони Нӯҳ- Сом, Ёфз ва Ҳом ба вуҷуд омада бошанд. Баъди ибрози ин ақида Ҷалолуддини Оштиёнӣ қайд карда, ки назари мазкур то ибтидои асри 20 дар Урупо ва дигар кишварҳои масеҳӣ пайравону ҷонибдорони зиёде дошта,

ҳатто баъзе донишмандон ин гуфтаҳои Тавротро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд. Вале баъди ба вуҷуд омадани мутолеоти забоншиносӣ, мардумшиносӣ, бостоншиносӣ ва ғайра ҷои чунин фаразияҳоро назарияи илмӣ касб намуд ва силсилаи назарҳое роҷеъ ба арзу буми аслии ориёиҳо ба шарҳи зер ба вуҷуд омаданд.

Макс Мюллери олмонӣ мўътақид аст, ки хостгоҳи аслии ориёиҳо Осиёи Марказӣ, Исҳоқ Тейлори англис-Финландия, Арбоу де Ҷубайнвиллеи франсавӣ ва дигар донишмандони охири асри 19- ҳавзаи Ҷайҳуну Сайҳун ва ҳаволии баҳри Арал, Ҳакслеи англис- маҳдудаи васеъи байни Арал ва дарёи Шимол, Отто Шредер, Ҳейн Гелдерн, Етмар ва Ламели олмонӣ, Гордон Чайлд ва профессор А. Олмстеди англис-ҷануби Руссия, профессор Н.Мултони англис- ҷанубу шарқии Руссия, профессорон Л.С. Милси англис, Н.Шадери олмонӣ ва С. Ниберги суедӣ-ҷанубу шарқии Руссия ва шимоли Афғонистон, профессор Смиси англис-ҷануби Руссия ва шимоли дарёчаи Хазар, профессор Гимпераи мексикӣ-шимоли дарёи Сиёҳ ва минтақаи поёноби Волга, F.Алтаҳайми олмонӣ-шимоли Афғонистон ва атрофии дарёчаи Арал, Р.Тимеи олмонӣ-шимоли Урупо, Д.Кумари ҳиндӣ-минтақаи тамаддуни қадими Гургон дар шимоли дарёи Сиёҳ, Мери Бойси англис-Волгаи Ҷанубӣ, профессор Винклери олмонӣ-ҷануби Руссия ва навоҳии Қафқоз ва Г.Винденгрени ҳоландӣ- аз Қафқоз то дарёчаи Арал медонанд[12].

Ҷалолуддин Оштиёнӣ ҳамвора қайд намуда, ки ҳангоми боло гирифтани таассуби нажодӣ муҳаққиқони олмон Урупо Марказӣ ва Шимолиро мақарри аслии ориёиҳо ба қалам додаанд, олимони рус бошанд қисмати шимолу шарқии дарёи Хазар ва атрофии дарёчаи Арал то степҳои ҷануби Руссияро ватани ориёиҳо эълон кардаанд. Баъди овардани иттилооти мазкур муҳаққиқ аз фушурдаи назароти пажуҳандагон ба чунин натиҷа расидааст, ки « то авоили ҳазораи дуюми қабл аз милод ақвоми ориёӣ дар ҷануби Руссия аз дарёчаи Арал то Волгаи ҷанубӣ ва шимоли Қафқоз пароканда буданд»[13].

Бо вуҷуди ихтилофи боризи назарҳо, ки шарҳаш дар боло гузашт, ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки аксари олимон маскани аслии ориёиҳоро қисмати ҷанубии степҳои Руссия медонанд. Ин ақида муқобилони зиёде дорад ва дар назари аввал аҷиб менамояд, ки чӣ гуна дар степҳои сарди Руссия дар ҳазораҳои сеюму дуюми пеш аз милод чунин қабилаи нисбатан муташаккил вуҷуд доштааст? Ин ҷо бояд давраҳои гуногуни фатароти яхбандон (даври Pleistocene), ки охирини давраи заминшиносӣ ба шумор меравад ва, тибқи маърифати арзӣ, дар тўли он чандин инқилоби табиию иқлимӣ ба вуҷуд омада, ба назар гирифт. Дар тўли ин давра инсони моқабли таърих ба сурати инсони фаъоли давраи тамаддун сабзида расида,

ба офаридани арзишҳои моддиву маънавӣ шурӯъ намудааст ва ҳангоми тағйири авзои ҷаввӣ ва ё дигар иллатҳои иҷтимоъӣ ба муҳоҷирату муҳоҷиматҳои гурӯҳӣ пардохта, саканаи аслии худро тарк кардааст. Аз ин рӯ, нигорандаи ин сатрҳо низ асли баромади қабилаҳои ориёиро аз қисмати ҷанубии Руссия то навоҳии Урал медонад ва ин ақида ба ҳақиқати таърихӣ созгории бештар дорад. Ин масъала зимни баррасии фаслҳои оянда равшан хоҳад шуд. Вале барои таҳвияти чунин фикр ба ҷуз маълумотҳое, ки Ҷалолуддини Оштиёнӣ дар боло ироа намуда, боз чанд намуна аз гуфтаҳои фарҳангшиносони машҳури муосирро пешкаши хонандагон мегардонем.

Фарҳангшиноси шинохтаи Ғарб Марсел Дунари навишта, ки «ориёиҳо аз степҳои ҷануби Руссия бархостанд, нахуст дар шимолу бохтари Эрон истиқрор ёфтанд ва онгоҳ ба ду гурӯҳ шуданд: як гурӯҳ роҳашро ба сӯи Осиёи Кеҳин идома дод ва гурӯҳи дигар аз роҳи Афғонистон ба даруни Ҳинд русух кард»[14]. Мухаҳиқи машҳури таърихи фарҳанги ҷаҳонӣ Вилл Дурант дар «Таърихи тамаддун» ном асри машҳураш зимни баррасии қавмҳои Моду Порс навишта, ки «мардуми кӯҳнишини сарзамини Порс монанди модҳо аз нажоди ҳиндуевропой шояд аз ҷануби Руссия бо ин ҷо омада бошад»[15]. Фарҳангшиноси номвари инглис Арнолд Тойнбӣ, ки бо асари 12-ҷилдаи «Таърихи тамаддун» ва «Баррасии таърих» машҳур гардида, роҷеъ ба мавзӯъи мавриди назар нигоштааст: «ориёиҳо дар садаи 17 пеш аз милод ҳавзаи Ҷайҳуну Сайҳунро дар масири худ аз стеиҳои Евразӣ дарменаварданд ва дар ҷиҳати ҷануб- бохтарӣ ба Байннаҳрайн (Митонӣ)ва дар ҷануб-ховарӣ ба Ҳинд густурда мешавад»[16].

Баҳси дигаре, ки аз дер боз зери ғубори фаромӯшӣ ниҳон монда, сабабу иллати муҳоҷирати ориёиҳо аз маҳалли аслии сукунаташон мебошад. Ин масъала низ ба ҳамон дараҷаи нахустмеҳани қавмҳои ориёӣ то имрӯз ношиноҳта ва мубҳам мондааст. Баъзе муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки шояд камбуди хӯроку маскан ва ё вазъи ҷаввию ҳаводиси табиии сарзамини ориёиҳо боиси тарки макон намудани онҳо гардида бошад. Дар ин бора назари муҳаққиқи эронӣ Меҳрубони Худовандӣ нисбатан ҷолиб ба назар мерасад, зеро ӯ «иллати муҳоҷирати ориёиҳо ба самти Осиёи Марказиро омилҳое медонанд, ки манотиқи ҷануби Руссияро ба даврони яхбандон мекашонад»[17].

Чунин назари муҳаққиқ ишора ба асри деринаи сангӣ мекунад, ки дар он охирин марҳилаи ақибнишинии пиряхҳо ҷараён дошт ва тағъири иқлими шарқии Осиё боиси ба вуҷуд омадани заминҳои сарди тундра ва степҳо (саҳроҳо)-и Сибир гардид. Чунин фикр шояд мавриди қабули зеҳни инсон ва оқилона бошад. Дар ин ҳолат агар уфуқи дидамонро бештар бигустаронем, ба хубӣ мушоҳида хоҳад гардид, ки ориёиҳои муҳоҷир дар

степҳои қисмати ғарбии Осиё ба аҳволу авзоъи тозае дучор шуданд. Замони яхбандон барои кишоварзӣ муосид набуд ва плугҳои соддаву сангии он замон мадору қудрати шудгор кардани заминҳои яхбастаро надоштанд. Аз ин рӯ, аҳолии ин сарзамин бештар ба чорводорӣ машғул шуданд ва тадричан асоси зиндагии иқтисодии худро ба аҳлӣ намудани чорво, махсусан гову асп ба роҳ монданд ва батадриҷ зиндагии кучиро интихоб намуданд. Зимни муҳоҷираташон ба мавзеъҳое мерасиданд, ки манотиқи зироатӣ дошт ва онҳоро «хиради таърихӣ» ба рӯзгори деҳнишинӣ андохт. Комилан табиист, ки ҳар маконе барои ба даст овардани миқдори бештари ғизои доимӣ мусоид бошад, ин қабилаҳои мухоҷир маҳалли иқомати худро дар ҳамон маҳал қарор медоданд.

Масъалаи ҷунбишу мухоҷирати қавму қабилаҳои саҳронишин ва азимати онҳо дар бархе аз тадқиқотҳо оварда шудаанд.[i] Фарҳангшиноси машҳури америкой Э.Ҳаддигтон, ки роҷеъ ба масъалаи бархурди тамаддунҳо асари ҷолиби нигоштааст, дар «Набзи Осиё» ном асараш оварда, ки «сабаби асосии мухоҷирати он мардумон ин буда, ки дар давраҳои дароз борону рутубати кофӣ мавҷиби фаровонии маротеъву озуқа ва дар натича касрати ҷамъият гардида ва баъд бо пешомади як давраи кӯтоҳи хушк гурӯҳҳои изофӣ, ки беғизо мемонданд, ночор ба талаби рӯзӣ ба атроф мутаворӣ шудаанд»[18].

Ралф Линтон дар асари пурмӯҳтавои худ бо номи «Сайри тамаддун» шарҳу тафсири қавму қабилаҳо ва рушду такомули тамаддунҳо, хусусан маданиятҳои ибтидоиро кори басе душвор бо қалам дода, пайваста қайд намуда, ки таҳқиқотҳои бостоншиносӣ ҳанӯз хеле аз маводи мадфун дар зери хокро берун наёварда ва ҷамъбасти назарии он чӣ ба даст омада, посухгӯи бисёр масъалаҳои умдаи фарҳангӣ ба назар намерасад. Аз ин рӯ, ӯ ба чунин натича расида, ки «нахустин тамаддунҳои деҳнишини сарзаминҳое,ки аз савоҳили Мадитарона то марзи Ҳинд ва аз савоҳили ҷанубии дарёи Сиёҳу дарёи Хазар то Халиҷи Форс ва уқёнуси Ҳинд густариш дошт, бо вуҷуди он ки ин минтақаи васеъ дар ҳақиқат зодгоҳи тамаддуни навсангӣ ва маҳди парвариши он буда, то кунун бо таври умда торику маҷҳул мондааст»[19] Муҳаққиқи мазкур суханашро идома дода, фикри ҷолиберо баён намудааст, ки тибқи он, муҳоҷирати қавму қабилаҳои мухталиф, бахусус қавми ориёӣ дар он замон метавонад аслан ҳеҷ гуна сабабу иллати боризе надошта бошад. Ба фикри ӯ, ҳар қабилаи саҳрогард ё нимсаҳрогарди Аҳди бостон барои ҷамъоварии амвол ва асорату ғорат метавонист бидуни ҳеҷ гуна омили муассир ва сабаби бориз ба сарзаминҳои мутамаддини ҳамҷавори худ барои ба чанг даровардани ғаниматҳои бузург бо чашму хиради истило нигарад ва аз макони аслии худ канда шуда, даст

ба муҳоҷирату муҳоҷимат занад.

Чунин нуктаро низ бояд тазаккур дод, ки ориёиҳо дар оғози муҳоҷираташон, ки ба охирҳои ҳазораи чаҳоруми пеш аз милод рост меояд, нисбатан озодона ҳаракат мекарданд. Зеро дар он рӯзгори пеш аз таърих муҳоҷирати гуруҳҳои на чандон калони ин қавм ба навоҳии атроф сурат мегирифта, ки маъмулан дар байни қавму қабилаҳои бумӣ пароканда мешуда, тадриҷан бо онҳо омезиш пайдо мекардааст. Фақат дар баъзе ҳолатҳо муҳоҷират бо ҷангу ситез рӯ ба рӯ мегардидааст, вале баъдтар, вақте пояҳои мустаҳками тамаддун дар Шарқ ба вуҷуд омад, дар сарзаминҳои бешумори он маданиятҳои гуногун арзи вуҷуд намуданд ва давлатҳо барои касби сиёсати ҷаҳонӣ бо ҳам ба бархурду муборизa пардохтанд, муҳоҷират ба задухурд ва мухоҷимат табдил ёфт. Мо инро дар мисоли давлати Иломиҳо мушоҳида хоҳем кард.

Баҳси сеюме, ки дар боло зикраш гузашт ба масири ҳаракати ориёиён мансуб аст. Ин масъала низ то ба имрӯз пур аз муаммо ва гиреҳҳои ногушуда буда, ақидаҳои олимон ба андозае, ки дар хостгоҳи ориёиҳо фарқ мекард, дар масъалаи роҳҳои густаришашон низ ба ҳамон андоза ихтилофи назар мавҷуд аст. Масалан, муаррихи англис сер Перси Сикес мӯътақид аст, ки ориёиҳо аз ҷанубу Руссия ба Суғду Мурд (Суғдиёна ва Марғиёна) ё Бухоро ва Марв ҳаракат карда, аз он ҷо ба Бохтар (Балх) ва Насойе дар мағриби Ашқобод, сипас ба Ҳерӣу (Ҳирот), Дойкарт (Кобул) сарозер шуда, гурӯҳе ба Панҷоб ва дастае ба Увру (Тӯс) ва Ҳиркона (Гургон), Раг (Рай), Варна (Гелон) муҳоҷират намуданд. Дастае низ аз Тӯс ба ҷануб рафта, ки ҳамон порсҳо мебошад.[20] Назари Б.Ғафуров аз ин ақидаи муаррихи англис усулан фарқи куллие надорад, вале дар ҷузъиёташ баъзе тафовутҳо ба назар мерасад. Ӯ тарафдори чунин ақида аст, ки ориёиҳо аввал ба Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамҳудуди он мустақар ва зиндагӣ ба сар бурда, сипас, бо амри таърих, ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, як гурӯҳи он ба Ҳинд муҳоҷират намуд ва гурӯҳи дигари он дар миёнаҳои ҳазораи дуюми пеш аз милод ба Осиёи Пеш азимат кардааст. Ӯ ҳамчунин роҷеъ ба густариши тоифаҳои ориёӣ ба Эрони ғарбӣ, ки аҷдоди модҳову форсҳо ва дигар қавмҳои он навоҳӣ буданд, изҳори назар намуда, аз тариқи Қафқоз ба сарзамини Эрон ворид шудани ориёиҳоро таъкид намуда[21].

Муҳаққиқи ҳоландӣ Г.Виндергрен масири ҳаракати ориёиҳои шарқиро аз минтақаи Хоразм ба ҷануб ва ҷануби шарқӣ дониста, ақидаи дорад, ки ориёиҳои Ҳинд аз ин гурӯҳанд. Дастае низ аз Қафқоз ба сӯи ҷануб муҳоҷират кардааст, ки Порсҳову Модҳо аз он ҷумлаанд.[22] Марсел Дунари зимни таҳлили воқеаҳои таърихӣ ва баррасии ҳодисаҳои иҷтимоӣ маълумоти бештаре дар ихтиёрӣ хонандагон во гузордааст. Ӯ навишта: «Ба яқин дар

поёни ҳазораи сеюм ҳиндуевропоиён дар Осиёи Кеҳин, дар хамии бузурги Ҳолус ва бар фалоти Эрон истиқрор ёфтанд. Дар Урупо ба шаббаи ҷазираи Балкан то Британиё нуфуз карданд, ба даштҳои ҷануби Руссия расиданд ва аз дарёи Донуб (Дунай) шояд то Урупо пеш рафтанд, ин густариши чашмгир ангехтаи ҷунбандагӣ ва суръатест, ки аспҳо... табарҳои ҷангӣ... ва умури созмонӣ ёригарашон буд»[23]

Исҳоқ Осимов ва Франк Войт мўътақиданд, ки дар Осиёи Марказӣ теъдоди биёбонгардҳо то вақте ки чарогоҳҳо ҷиҳати тағзияи галаҳо кофӣ буд, афзоиш меёфт ва камбуди он биёбонгардҳоро ҷиҳати ёфтани чарогоҳҳои дигар водор ба муҳоҷират намуд. Муҳоҷирони осиёӣ баъзе вақтҳо то Урупо низ меомаданд ва дар масири худ қабилаҳои маҳаллиро аз масканҳои худ берун меронданд. Бад ин васила буд, ки навоҳии мутамаддини Мадитарона ба василаи симриҳо, эскитҳо ва дигар селтҳо мавриди тохтутозу ғорат қарор гирифтанд, сипас навбат ба германҳо буд, то манотиқи Искандинавиро ҷиҳати густариши худ дар Ҷанубу Шарқ тарк карда, ба канораҳои Рейну Донуб бирасанд.[24]

Роҷеъ ба масири ҳаракати ориёиҳо ба Ғарб низ пажўҳандагону фарҳангшиносон назарҳои ҷолибе баён намудаанд. Масалан, Вилл Дурант мўътақид аст, ки ориёиҳо аз роҳ Қафқозбешаи ҷазираи кўҳистони воқеъ дар ҷануби баҳри Сиёҳ (Осиёи Сағир) ҳиҷрат карда, ба унвони табақаи ҷанговаре ба он мустақар шуданд ва бар бумиёни он сарзамин тасаллут ёфтанд. Дар ин бора дар бахши "Қабилаҳои ҳиндуэронӣ ва ҳиндуевропой" маълумоти бештар ироа хоҳад шуд. Аз ин рў, ба баҳси масири ҳаракати ориёиҳо хотима дода, роҷеъ ба замони муҳоҷирату муҳоҷимати онҳо таваққуф хоҳем кард, ки он низ ҷои тааммулу тааққул дорад. Зеро масоиле, ки ба пешгомони ин қабила гааллуқ доранд, ҳануз ба таври бояду шояд равшан нагардидаанд.

Муҳаққиқон чунин ақида доранд, ки агар қавмҳои Анатолияи Миёна ва диминҳои мансуб ба тамаддуни ҳануз ношинохтаи «Тасолиё» аз ҷумлаи нахустин мавҷи ҳаракати ҳиндуевропоиён шинохта шавад, бо эгминони хотир гуфтан мумкин аст, ки ориёиҳо дар ҳазораи сеюми пеш аз милод арзи вуҷуд намуда, каме баъдтар, тақрибан дар охирҳои ҳазораи сеюм ва ибтидои ҳазораи дуюм ба густаришу азимати дероҳанги худ пардохтаанд [25]. Вале ин ҷо чунин нуктаро низ бояд тазаккур дод, ки муҳаққиқон вобаста ба мавзўъи тадқиқашон санаи азимати ориёиҳо ва тамаддуни онҳоро бо ихтилофоти зиёди замонӣ ба қалам додаанд.

Муҳаққиқи эронӣ Эраҷи Афшор интишору густариши ориёиён дар Эронро ҳудуди нимаи ҳазораи дуюми қабл аз милод медонад ва онҳоро шохае аз ақвоми сафедпўсти ҳиндуевропой мепиндорад.[26] Муҳаққиқи

урупой Фридҳелм Ҳорди бошад ин муҳоҷиратро, бо эҳтимоли қавӣ, солҳои 2000-1500 то милод ба қалам дода, зимнан қайд намудааст, ки дар ин маврид таҷдиди санаи таърихӣ сирфан ҷанбаи назарӣ дорад ва бештар бояд ба баррасиҳои таърихӣ ва тагбиқӣ такя шавад.[27] Арнолд Тойнби ин таърихро ҳангоми нишон додани марҳилаҳои пайопаи рушди тамаддунҳои ҷаҳонӣ солҳои 1700-500 қабл аз милод нишон дода, онро ба тамаддуни комилан шукуфтаи Иломиҳо мансуб донистааст.[28]

Чунин фикру мулоҳизаҳо раҷеъ ба замони густариши қабилаҳои ориёӣ ва бархӯрду таҳоҷуми онҳо бо дигар қавму қабилаҳои бумӣ дар адабиёти ориёишиносӣ ба таври фаровон дучор мешаванд, ки фақат ба баъзеи онҳо дар ин ҷо ишора хоҳем кард. Бино ба маълумоти Ҷалоллудини Оштиёнӣ Гимпера, Ҳарт, Морган, Милтон, Винклер ва Зудербломи суедӣ таърихи муҳоҷирати ориёиҳо аз ватани аслиашонро ҳудуди солҳои 2000-1800 пеш аз милод медонанд. Мери Бойс муҳоҷирати ориёиҳоро аз Волгаи ҷануби ба сӯи Қазоқистон ва аз он ҷо ба ҷанубро ҳазораи сеюми қабл аз милод тахмин мекунад. Профессор Н.Куҳни олмонӣ зимни баррасии дар ин бобат анҷомдодааш ба чунин натиҷа расидааст, ки решаи мардуми ҳиндуевропоиро дар миёни ақвоми поринаи сангӣ (палеолити қадим) ҷустуҷӯ кард ва табиист, ки муҳоҷирати онҳо бояд хеле қадимтар аз ҳазораи дуюми пеш аз милод шурӯъ шуда бошад. Ҳамин тариқ, аксари донишмандону шарқшиносон таърихи муҳоҷирати ориёиҳоро ҳудуди ҳазораи дуюм ба қалам додаанд, вале пажуҳандагони ҳиндӣ ин таърихро то ҳудуди ҳазораи ҷаҳоруми пеш аз милод ақаб бурдаанд. Худи Ҷалолуддини Оштиёнӣ дар ин бора чунин навиштааст: «Гурӯҳҳои ориёӣ дар ҷануби дарёчаи Арал ва шимоли Афғонистон сокин будаанд ва гурӯҳе аз ҳамин ақвом ба сӯи Ҳинд муҳоҷират карда ва дар ҳудуди 1700 қабл аз милод ба руди Индус расидаанд. Ба иборати дигар, ориёиҳои Ҳинд қабл аз ҳаракат ба сӯи он сарзамин дар ҷануби Арал бо ақвоми ориёӣ, ки ба сӯи Эрон муҳоҷират намудаанд, бо ҳам мезистаанд»[29].

Баъзе масоили марбут ба Осиёи Миёнаву Эрони бостон роҷеъ ба ҳамин масъала дар бахши марбута мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт. Дар ин ҷо овардани чунин нукта дорои аҳамият аст, ки мустақар шудани ориёиҳо ба Осиёи Марказӣ, густариши онҳо дар ин минтақа, ба гурӯҳҳо ҷудо шуда аз Осиёи Миёна ба Ҳинду Эрон ва Осиёи Хурд роҳ ёфтани онҳо, ташаккули тамаддуни ориёии Иломиҳо, бархӯрди он бо тамаддунҳои бостонии Мисри қадим, Байнаннаҳрайн (хусусан ошуриҳо, бобулиён ва аккодиҳо), муколамаи фарҳангии онҳо, густариши ориёиҳо аз тариқи Руссияи Ғарбӣ ба ҷануби Урупо, аз як сӯ, ва русуху нуфузи оиҳо ба ҷануби Урупову Юнон, бархӯрди эрониҳо бо тамаддунҳои Миноан (Minoan), Мисен (Mycenaen), Крит ва ҳаволии баҳри Миёназамин, аз сӯи дигар, ки интишори тамаддуни

ориёй ба Ғарбро аз тариқи Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ба дунбол дошт, аз ҷумлаи масоилест,ки равшан намудани онҳо бисёр нуктаҳои тираву тори ориёишиносии муосирро равшан хоҳад кард, Зеро густаришу интишори тадриҷии ориёиҳо дар замонҳои мухталиф бештар дар маҳалҳое ҷой доштааст, ки заминаи мусоиде барои қабулу омезиши тамаддуни ориёй мавҷуд будааст. Масалан, сарфи назар аз баъзе масъалаҳои баҳсноки бо роҳи зӯрӣ тасарруф намудани баъзе ноҳияву мавзеъҳо, ки он низ дар арсаи таърих як ҳодисаи маъмулии раванди иҷтимоъии ҷомеъа ба шумор меравад, дар як қатор маҳалҳои Шарқи Наздик ва ҳаволии он ориёиҳо дар ҷойҳое мустақар шуданд, ки дар натиҷаи тохтутозҳои аввалин шоҳаҳои ақвоми юнонӣ ва ҷангу ситези дохилӣ таназзули фарҳангӣ дар он мавзеъҳо ба хубӣ мушоҳида мешуд. Аз ин рӯ, омадани ориёиҳо, ба фикри аксари муҳаққиқон, самараи хубе дар минтақаҳои густаришашон ба бор овард ва бозгобҳои мусбию мавқеъҳои мусоидеро барои инкишофи тамаддуни ориёй дар он маҳалҳо фароҳам сохт. Зеро ҳангоми барҳӯрди ақоиди гуногун дар як маҳал оине, ки содда ва ба умқи ҷамъият реша надавонда бошад, ҷои худро ногузир ба оини дорои низоми муайяни динӣ вогузор ва охирӣ, дар навбати худ, ба ташаккули ғоявии ақида ва муътақидоти сарзаминҳои ҳамҷавор сироят хоҳад кард.

(Натиҷаи ҳамин густаришу нуфузи тамаддуни ориёй буд, ки дар ҳавзаи мадании баҳри Миёназамин ду маданияти бузурги ибрию эгей аз унсурҳои мадании Мисру Байнаннаҳрайну Эрон шодоб гардида, дар навбати худ, ба ташаккулу инкишофи тамаддуни критию мисенӣ мусоидат намуданд. Ба ибораи дигар, қавмҳои эгей, критӣ ва ҳиндуевропой, чуноне ки Ралф Линтон комилан мунсифона қайд карда, дар натиҷаи омезиши хун ва аносири тамаддунашон бо тамаддуни ориёй хамирмояи тамаддуни Юнонро ба вуҷуд оварданд. Фаникиён бо нақши муҳимме, ки дар ин минтақа доштанд, роҳро барои густариши тамаддуни ориёй ба Африкои Шимолӣ ва ба воситаи ҷазираҳои Ситсилия ба хоки Испания ва уқёнуси Атлас ҳамвор сохтанд. Гуруҳи дигар аз тариқи ҷазираи ибрӣ ба самти шимол дар ҷазираи Британия сокин шуданд, баъдан онҳо то Скандинавия пеш рафтанд ва дар сари роҳ дар Франция, Голландия, Дания маъво гирифтанд ва ҳатто гуруҳе аз онҳо ба дохили хоки Урупо нуфуз карда то ба Швейтсария расид ва дар он ҷо бо ақвоме, ки аз тариқи Руссияи Ғарбӣ ба Урупои Марказӣ роҳ ёфта буданд, барҳӯрд намуд[30]. Таҳлилу баррасии ин масоил дар қисматҳои марбута хоҳад омад.

ОРИЁИҲО ДАР ОСИЁИ МИЁНА ВА ЭРОН

Қабл аз он ки роҷеъ ба густаришу интишори қавмҳои ориёӣ ба сарзамини Осиёи Миёна ва Эрон таваққуф намоем, дар ин ҷо ҷоиз аст, ки маънои луғавӣ ва истилоҳии калимаи «ориё»-ро мушаххас намоем, зеро он ба сиришту сарнавишти ниёгони мо ва мояву хамираи аслии тамаддуни онҳо робитаи қавӣ ва бевосита дорад. Калимаи «ориё» дар Авесто решаи дерина дорад ва маънои луғавии онро аксари муҳаққиқон, аз ҷумла Ричард Фрай «ҷаноб» медонад. Муҳаққиқи эронӣ Абдулазими Ризоӣ маънои ин калимаро каме васеътар шарҳ дода, онро «наҷиб, пок, шариф, озода» номидааст.[31] Маънои луғавии ин калима дар асл беолоишро ифода мекунад, зеро ориёиҳо худро аз тамоми олоишҳо ва зиштиҳо ба мисли эзидони порсои зардуштия ориву барӣ медонистанд. Ҷалолуддини Оштиёнӣ бошад маънои калимаи ориёро «наҷиб», «меҳмоннавоз» ва «асил» ба қалам додаст.[32] Вале Мониер Вилям калимаи «ориёӣ»-ро муштақ аз ri-an (шухм задан, шудгор кардан) медонад. Тибқи ин назария «ориё»аз рӯи маънои луғавӣ «наҷибзода» набуда, маънои «деҳқон»-ро ифода мекардааст.[33]

Ҷанбаи истилоҳии ҳамин калимро Эраҷи Афшор дар «Муқаддима»-и ба китоби «Аслу насаб» навиштааш мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, аз ҷумла нигоштааст: «вожаи Эрон дар форсии миёна Айрон буда, муштақ аз сурати қадимаи «ориёна», яъне сарзамини қадимаи ориёиҳост. Вожаи «Ориё» дар забони авестоӣ, форсии бостон ва санскрит ба тартиб ба сурагҳои «айрийа», «арийа» ва «арйа» («Airya», «Ariya» ва «Arya») истифода шудааст. Маънои аслии ин вожа «озодӣ» аст ва эрониёну ориёиёни Ҳинд, ки дар рӯзгори куҳан забонҳои онҳо ба якдигар наздик буд, худро бо ин ном хондаанд»[34].

И.М. Дяконов таҳрибан чунин фикрро бо шарҳу тавзеҳи каме мушаххастар баён кардааст. Мувофиқи назари ӯ қабилаҳои эронии модҳо, форсҳо ва ғайра дар Эрон, скифҳову сарматҳо ва халқиятҳои қадимаи Осиёи Миёна худро «ориёӣ» меномиданд. Ҳамчунин қабилаҳои дар нимаи дуюми ҳазораи дуюми пеш аз милод интишорёфта дар Ҳиндустон ва баъдтар дар Ғарбро дар забони илмӣ бо номи «ҳиндуориёӣ»[35]ва дар истилоҳи мардумшиносӣ «индогерман» ном мебурданд[36].

Эраҷи Афшор фикри дар боло баёншудаи худро идома дода қайд мекунад, ки «Арйа»ва «Айрийа» тадриҷан ба сурати «Айер» («Аййер») даромад ва,аз ин рӯ, эрониён дар навиштаҳои паҳлавии сосонӣ худро бо ин ном ва миҳани худро Эрон меномиданд. Муҳаққиқи дигари эронӣ Иброҳими Пурдовуд ин маъниро боз ҳам равшантар баён карда, калимаи «Airya»-ро «сифат» медонад,ки маънии «ориёӣ»-ро дорад. Ӯ мӯътақид аст, ки муфассирони Авесто дар аҳди Сосониён дар ҳар ҷое, ки дар матн калимаи «ориёӣ» истифода шуда бошад, онро бо калимаи Эрон (Eran)-и забони паҳлавии маъмул дар Эрон иваз намудаанд.[37]

Ба фикри И.М. Оранский калимаи irani сифати калимаи iran буда, асли баромадаш аз arya-номи қадимаи қабилаҳои ҳиндуевропой мебошад, ки дар ҳазораи дуюм ва авоили ҳазораи якуми пеш аз милод дар қисми шимолии Ҳинд ва фалоти Эрон ҳаёт ба сар мебурданд. Ба ҳамин маъно истилоҳи arya ҳам дар Риг Веда, ҳам дар Авеста (форси қадим ariya, авестой airya), ҳамчунин дар исмҳои хоси ориёиҳои қадим ва номи маҳалҳову қабилаҳо дучор мешавад. Шакли ҷамъи ин калима (aryanam) аз забони форсии миёнаи eran, форсии iran:aryanam-airanam-iran гирифта шудааст. Забони авестоии airyanem vaeja-eran vej маҳалли сукунат (макон)-и ориёиҳоро ифода мекунад, ки номи нимасотирӣ ба шумор меравад ва ҳангоми тадвини муҷаддади Авесто нахустмиҳани ориёиҳо ва ҳамвора макони интишори дини зардуштӣ шинохта шудааст. Ба забони эронии қадим aryanam xsaoran- сарзамини ориёиҳо мебошад, ки дар забони форсии миёна ба eransahr табдил ёфтааст.[38]

Ралф Линтон меъёри асосии таърифи истилоҳи «ориё»-ро қабилаҳое медонад, ки ҳам дорои тамаддуни чорводорӣ, махсусан говпарварӣ буданд ва ҳам бо забони ҳиндуевропой сухан мегуфтанд. Дар ғайри ин сурат ӯ истеъмоли ин истилоҳро як унвони бемӯҳтаво ва беҷо мешуморад.[39]

Ба ҳамин тариқ, номи қадимаи Эрон «Ориён» буда. Ин истилоҳ, ба гуфтаи Ричард Фрай, ба маънои Эроншаҳр (ҳудуди кунунии Эрон, Осиёи Миёна ва қисмати шимолии Афғонистон) истифода мешуд, ки онро муаррихони юнонӣ «Персида» меномиданд ва шакли вайроншудаи он «Парсупаршо», ки дар мавриди Эрон солҳои тӯлонӣ истифода шуда буд. Дар охирҳои асри 18 дар замони Коҷория ба Эрон номи Персия дода шуд, ки он танҳо бахше аз сарзамини рӯзгори гузаштаи Эрон маҳсуб мешуд. Ҳоло дар Ғарб ба воситаи номи забон (персидский язык) ҳамчун истилоҳ истифода мешавад. Ин ном ба ақидаи Калеман Ҳовер «вилояте назири Афғонистон, Балуҷистон дар ҷанубу шарқ, фалоти Помир дар машриқ ва Ширвон дар шимол, ки дар асари рӯйдодҳои таърихӣ аз пайкарааш ҷудо шуданро шомил мегардид»[40].

Ҳудуди Эроншаҳр, ки Ричард Фрай ба он ишора намудааст, аз ҳудуди тасвиркардаи Калеман Ҳовер, ки марбут ба давраи Қочория аст, хело бузургтару паҳнотар ба назар мерасад. Зеро Муҳаммади Малоирӣ ҳудуди Эроншаҳрро дар «Таърихи фарҳанги Эрон» чунин муайян намудааст: «Эроншаҳр аз Хуросон (Шарқ), Ҳурбарон (Ғарб),Нимрӯз (Ҷануб) ва Бохтар «Шимол» иборат аст. Он бахш, ки васати ин чаҳор бахш қарор дорад «Суристон» ном дорад, ки нисбат ба соири бахшҳои ёдшуда «қалб» аст дар сина ё дили Эроншаҳр хонанд»[41]. Дар муҳимтарин номаи паҳлавии зардуштия «Бундаҳиш» («Офариниши оғозин») бузургтарин шаҳрҳои Эроншаҳр номбар шуда, ки иборатанд аз Дашти Сурӣ, Марв, Балх, Нисо,

Ҳеро, Кобул, Маҳна, Ханин, Арман, Ҳирманд, Рай, Чахер ва Дунбованд [42]. Ба таври куллӣ муҳаққиқон Эроншаҳрро сарзамини қадима ва ҳамешагии қабилаҳои ориёӣ пиндоштаанд.

Ориёиҳо, ҳамон тавре ки қаблан ишора шуд, тақрибан дар ҳазораҳои чаҳорум ва сеюми пеш аз милод дар саҳроҳои фарохи Осиё (степҳои қисмати ҷануби Урал) зиндагӣ мекарданд. Баъзе муҳаққиқон он мавзеъро саҳроҳои Европаю Осиё (Евразия) медонанд [43]. Қабилаҳои ориёӣ то ҷудо шудани тақсимоти меҳнат маҳалли сукунати аслиашонро тарк намуда, зимни азиматашон умумияти забонии ҳиндуевропоии худро маҳфуз нигоҳ доштанд. Баъдтар бо тағъири ин умумият ва ташаккули гурӯҳҳои таърихии баъдинаи забонҳо ва қабилаҳо ориёиҳо дар бисьёр сарзаминҳои фарохи Осиёи Ғарбӣ паҳну парешон шуда бошанд ҳам, робита ва унсурҳои асосии тамаддуни худро ҳифз намуданд.

Аввалин сокинони Эронзамин[44] низ аз қавму қабилаҳои кишоварзу домдор иборат буданд. Дар қисми ғарбии он қабилаҳои деҳнишин сукунат доштанд, ки бештар бо зироаткорӣ машғул буданд, вале дар қисмати шарқии он галадорон иқомат мекарданд. Гоҳе чанд қабила бо ҳам муттаҳид мешуданд ва иттиҳоди нисбатан бузурги қавму қабилавиеро ба вуҷуд меоварданд, ки онро пирғарин афроди қабила ба мисли соҳирон ва коҳинони моқабли таърих идора мекарданд. Вале муҳоҷират ва ҷангу набардҳои доимӣ барои ба даст овардани сарзаминҳои ҳосилхезу чарогоҳҳои фарох аввал бо қабоили атроф ва баъдан бо тамаддуну давлатҳои Осиёи Ғарбӣ аз қабили Мисру Бобулу Осур боиси таназзул ва барҳам хӯрдани идтиҳодияҳои қавмӣ гардид ва ҷараёни ташаккулу инкишофи ҷомеъаи табақотиро тезонид.

Яке аз масъалаҳое,ки ҳануз ҳам доманаи баҳси он дар адабиёти ориёишиносӣ идома дорад, ба Осиёи Миёна ва Эрон омадани ориёиҳо мебошад. Бобоҷон Ғафуров се назарияи омадани ориёиҳоро дар асараш қайд намуда, зимнан то замони азҳамҷудошавии қабилаҳои ҳиндуэронӣ ба Осиёи Миёна омадани ориёиҳо, дар ҳазораи сеюми пеш аз милод ва ё нимаи дуюми он ба қисмати ҷанубу ғарбии Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамҷавори Эрону Афғонистон маскун шудани онҳо ва аз сарзамини Кавказ ба Эрон ворид шудани қабилаҳои ориёӣ изҳори назар намудааст. Нӯъмон Неъматов низ роҷеъ ба ташаккули қавмҳои ориёинажоди марғиён дар «ҳавзаҳои Мурғобу Теҷан ва доманаи шимолии кӯҳҳои Хуросон (Кабутаки имрӯза), суғдиҳо дар ҳавзаҳои Зарафшону Қашқадарёю Сирдарё, бохтариҳо дар ҳавзаи миёнаобу болоби Амударё, хоразмиҳо дар ҳавзаи поёноби Амударё…»[45] маълумоти зиёдеро мавриди таҳлилу тааммул қарор дода, ба натиҷагириҳои муфиде ноил гаштааст.

Бо вуҷуди ин, баъзе масъалаҳои густаришу интишори ориёиҳо дар Осиёи Миёнаву Эрон ҳануз ба таври бояду шояд равшан нагардидаанд ва,

гузашта аз ин, як силсила масоили марбут ба ташаккулу инкишофи фарҳанги ориёӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Фикру мулоҳизаҳои олимони русиву хориҷӣ низ дар ин бора аз ҳам фарқ мекунанд ва таъкиду таъйиди дақиқи масъала ҳанӯз дар зери пардаи ноаёне ниҳон мондааст. Масалан, И.М. Дяконов тахмин карда, ки қабилаҳои ориёӣ аз тариқи Кавказ ба самти Осиёи Миёна азимат намуда, аз он ҷо дар нимаи дуюми ҳазораи дуюм ба Эрон рафтаанд. Зимнан ёдовар шуда, ки «ҳанӯз ҳеҷ гуна маълумоти мушаххасе дар бораи ба Эрон омадани ниёгони модҳо, форсҳо ва дигар қабилаҳои ғарбии эронӣ вуҷуд надорад»[46]. Вале ӯ мӯътақид аст, ки ба қисмати шимолу ғарби Эрон то ҳуҷуми ошӯриҳо ба давлати Урарту ориёиҳо маскун шуда буданд ва бо яке аз забонҳои ҳиндуевропоӣ ё лаҳҷаҳои гурӯҳи шарқии он такаллум мекарданд.

Муҳаққиқ ва файласуфи олмонӣ Ғ. Алтҳайм сарзамини шимоли Афғонистон ва атрофи дарёча (баҳр)-и Аралро сарзамини аввалии ақвоми ориёӣ пиндошта, муҳоҷирати онҳоро аз канори рудҳои Сайҳуну Ҷайҳун ба сӯи Суғду Бохтар тахмин намудааст ва насаби атрофии Суғду Бохтаро ба ориёиён нисбат дода, зимнан қайд кардааст, ки «аз ин минтақа (яъне Суғду Бохтар-Ҳ.М.) гурӯҳе ба сӯи ҷануб ва дастае ба ғарб ҳаракат намуданд. Муҳоҷирони ҷануб Ҳиндро мусаххар намуданд ва кӯчгарони ғарбӣ модҳо ва порсҳоро ба вуҷуд оварданд».[47]

Абдулазими Ризой дар бораи дар Эрон интишор ёфтани ориёиҳо бештар ба суннати оини маздаясно ва китоби муқаддаси зардуштия-Авесто дода шуда, фикри ҷолиберо ироа намудааст, ки мувофиқи он ориёиҳо дар доманаи кӯҳистон ва атрофии рудборҳои кӯҳистони зиндагӣ мекарданд ва хеле кам дар даштҳо иқомат доштанд, зеро даштҳои Эрон хушку беоб буда, зиндагӣ дар он мушкилоти зиёд доштааст. Вале вақте эрониён аз кандани каналу кориз оғоҳ шуданд, аз он замон сар карда «инсони паҳлавӣ дар даштҳои Эроншаҳр пароканда шуд. Бинобар ин маскани аввалияи ориёиён, ки паҳлав ё кӯҳистон буд, кам-кам ба даштҳо кашида шуд ва номи паҳлавӣ номи худро ба «Айира ваеҷ» ё «Иронвейҷ» дод ва эрониён бо номи ориёӣ хонда шуданд».[48]

Дар Авесто аз Ҷамшед бо номи Yima Khshaeta ҳамчун подшоҳи пешдодии ҳиндуэронӣ ёд шудааст. Саид Муртазо Рованди ҳамин ҷиҳати масъаларо ба назар гирифта, дар поварақи тадқиқоташ бидуни овардани номи ориёиҳо зикр намудааст, ки шаҳриёрии Ҷамшед асри тиллоии таърихи Эрон мебошад, дар он ӯ кӯшида, то шумораи мардум ва чаҳорпоёнро афзоиш диҳад, зеро бино ба суннатҳои дерини ҳиндуэронӣ ин кор ба қабила баракат мебахшидааст[49]. Аз матни ин фикри ӯ чунин ба назар мерасад, ки вай қабилаҳои ориёиро дар назар дорад. Зеро қабилаҳои ҳиндуэронӣ ҳамон муҳоҷирони ориёӣ буданд, ки ба сарзамини Эрону Ҳинд маскун шуданд ва дар ибтидо ба аҳлӣ намудани ҳайвонот машғул буданд.

Он чи дар ин ҷо ҳоизи аҳамият аст, эътирофи аз берун омадани ориёиҳо ба Осиёи Миёнаву Эрон ва омезиши онҳо ба қавму қабила ё худ гуруҳҳои этникии қадимаи тоориёист, ки то имруз дар бораи онҳо низ маълумоти кофӣ ба даст наомадааст. Бино ба маълумоти маъхазҳо ин омезиш дар тули таърих дар маҳалҳои гуногун ба таври мухталиф сурат пазируфта ва тақрибан то замони модҳо идома пайдо кардааст. Осори таърихӣ ва ёдгориҳои фарҳангӣ далолат бар он мекунанд, ки ориёиҳо ҳануз дар марҳилаи аввали муҳоҷираташон байни аҳолии таҳҷоии Осиёи Миёнаву Эрон ва каме баъдтар Ҳиндустон сохтори иҷтимоиву иқтисодӣ, расму оин ва дигар унсурҳои ҳаёти иҷтимоиро дар сатҳи сохти патриархалӣ ҷорӣ намуда буданд. Минбаъд ин раванд инкишоф ёфта, боиси ба вуҷуд омадани давлати муқтадири Иломиҳо гардид, ки қаламрави он бо номи сарзамини ориёиҳо ва маданияти ин давра бо номи тамаддуни ориёй (= иломӣ ба нисбати бобуливу аккодиву шумерӣ ва ғ.) маълуму машҳур шуд.

Баъди овардани хулосаи муқаддамотии фавқ чунин нуктаро низ бояд таъкид кард, ки як гуруҳ олимон роҷеъ ба интишори қабилаҳои ориёй ба Осиёй Миёнаву Эрон бештар истилоҳи Осиёй Марказиро истифода бурдаанд, ки ин масъала аз назари ҷуғрофӣ хонандаро то ҳадде ба иштибоҳ меандозад. Зеро имруз мувофиқи охирин тадқиқотҳо ҳуддуди Осиёи Марказӣ дар Ғарб аз соҳилҳои баҳри Каспий гузашта, дар Шарқ ба силсилакуҳҳои Алотои Ҷунгари Тиёшон ва Ҷануб ба кӯҳҳои Хуросон ва дарёҳои Ому, Панҷ ва Амрек омада мерасад [50], вале ин ҳудуд дар Аҳди қадим шомили кадом сарзаминҳо мешуд, ҳануз ба мо маълум нест. Аз ин рӯ, табиист, ки баъзе носаҳеҳиҳо ва шояд ноҳамоҳангиҳо дар навиштаҳои ориёишиносон ба назар мерасад, ки ин ҳодиса дар уфуқи зеҳнӣ пиндорҳои гуногунро ба вуҷуд меорад. Масалан, Саид Муртазо Рованди навишта, ки «гуё қабоили ориёй аз сарзамини васеъи Осиёи Марказӣ ба Эрон омадаанд»[51] Муҳаққиқу мутафаккири олмонӣ Макс Мюллер низ хосгтоҳи ориёиёнро Осиёи Марказӣ ба қалам дода[52].

Адабиёгшинос ва муҳаққиқи шинохтаи эронӣ Саид Нафисӣ ҳамин масъаларо ба таври дигар ва бо шарҳу эзоҳи бештар овардааст: «Ҳангоме ки дигар обу ҳавои Помир барои ориёиён созгор набудааст, банои муҳоҷиратро ба сӯи ҷануб гузоштаанд ва дар доманаи ҷануби Помир ба ду даста тақсим шудаанд: дастае рӯ ба шарқ раҳсипор шуданд ва аз роҳи дараи Синду Панҷоб ба Ҳиндустон рафтаанд, ки ҳамон ориёиёни ҳиндӣ бошанд, дастаи дигар рӯ ба мағриб оварданд ва аз роҳи Осиёи Марказӣ ба саҳрои Қароқуми имруза ва дашти Ховарони собиқ вориди Эрони имрӯз шуданд ва тавоифи мухталифе, ки дар Эрон сукунат доштанд, дар худ мустаҳлик сохтанд»[53] Исҳоқ Осимов ва Франк Войт дар «Таърихи тамаддун» ном асарашон роҷеъ ба тамаддуни Мисри қадим сухан ронда,

зимни баррасии нуфузи ориёиҳо бар тамаддунҳои Аҳди қадим чунин нигоштааст: «Даврони тӯлонии сулҳҳар ин кишвар (яъне Мисри қадим-Ҳ.М.) вақте поён гирифт, ки муҳоҷимини ҳиндуевропой аз Осиёи Марказӣ омада буданд...»[54]

Яке аз муҳаққиқони тоҷик Абӯсаид Шохуморов дар тадқиқоти худ тахти унвони «Помир-кишвари Ориён» роҷеъ ба Помир будани ватани аслии ориёиҳо кӯшиши зиёде ба харҷ дода, аввал ба собит намудани маънои луғавии калимаи «Помир» пардохтааст ва зимни овардани маълумоти муфассал ба чунин натиҷа расида, ки «Пом» («Бом») маънои «кишвар», «маҳалли зист»-ро дорад ва «Ир» («Эр») номи халқиятҳои ориёӣ (баъдан эронӣ) мебошад. Ба фикри ӯ, калимаҳои «Помир» ва «Кашмир» дар Аҳди қадим ҳамчун Эроншаҳр тарҷума шуда, ки ҳам аз лиҳози ҷуғрофӣ ва ҳам аз лиҳози этнографӣ мутобиқ бо «Арйана ваеҷа» аст. А.Шохуморов ҳамчунин калимаи Эрон (Ориён)-ро шакли нисбатан мутааххири «кишвари ориё» пиндошта, дар асоси тадқиқотҳои Карл Риттер ва Н.В. Хаников сарзамини ориёиҳоро ноҳияҳои силсилакӯҳҳои Помиру Ҳиндукуш ба қалам додааст. Ин муҳаққиқ мӯътақид аст, ки бори аввал калимаи «ариан» ба маънои «сарзамини ориёиҳо» дар асари Эрастосфен (а.3.то м) омада, ки Страбон аз ӯ иқтибосҳои зиёд бардоштааст. Муҳаққиқи мазкур назари Карл Риттерро дар бораи сарзамини ориёиҳо оварда, аз ҷумла қайд кардааст, ки имрӯз аксари олимон мутамоил ба онанд, ки аҳвоми ориёӣ дар Помир ҷой гирифта, баъдан ба ду гурӯҳи умда ҷудо шуданд ва як ғурӯҳ аз тариқи Кашмир дар имтидоди руди Ганг маскун шуданд ва гурӯҳи дигар аз тариқи силсилакӯҳҳои Ҳиндукуш (ноҳияҳои шимоли Афғонистон) ба Эрон рафт. Баъди овардани ин фикри худ ӯ назари тамоми олимони ватаниву хориҷиро дар бораи сарзамини ориёиҳо ба панҷ гурӯҳ -- степҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон, ҷанубу ғарби Осиёи Миёна, Ҳиндустон, Кавказ ва минтақаҳои Осиёи Пеш ва навоҳии Помиру Ҳиндукуш ҷудо намудааст[55].

Ақидаи ба ҳамин монанд ва ҷолиберо роҷеъ ба аслу насаби эрониён муҳаққиқи франсавӣ Калеман Ҳовер низ баён намудааст. Ба фикри ӯ мардуми Эрон муҳоҷироне буданд, ки «аз навоҳии таҳрибан биёбонии паҳноварс, ки дар назди мардуми бостон сакоия (Scythia) хонда мешуд ва ё шояд аз сарзамини бузурге, ки ба ҷанубӣ Руссияи кунунӣ татбиқ дорад, ба фалоти Эрон омадаанд. Хотираи ин кӯчҳо дар «Авесто», ки ба ибҳом аз сарзамини гумшуда сухан мегӯяд, ҳифз шудааст. Ин сарзамин гунаи биҳишти хокист, ки «Айранум-Ваеҷа» (Airyanum Vaeja) ном дошт. Ориёиҳо дар асари сард шудани обу ҳавои манотике, ки зиндагӣ мекарданд, аз масокини аввалияи худ ронда шуда ва ба Суғдиёна (Sogdiana-Бухорову Самарқанд), Марғиёна (Margian-Марв) омаданд. Аммо дар ин ҷо ба воситаи ҳуҷуми малах ва қабоили душман натавонистанд давом биоваранд ва ба манотиқи ҷанубтар, ба Балх ва сипас Хуросон сарозер шуданд ва аз он ҷо

дар саросари фалоти Эрон пароканда гардиданд»[56].

То чӣ андоза ба ҳақиқат наздик будани назарҳои фавқро ба қазовати хонанда ҳавола намуда, дар ин ҷо чунин нуктаро қайд намудан зарур аст, ки эрониён ҷузъи шохаи шарқии қавмҳои ҳиндуевропой мебошанд. Онҳо чуноне, ки қаблан зикр гардид, дар канораҳои руди Вахшу (Vaxshu) ё, ба қавли муаррихони юнонӣ Oxos (Ҷайҳун) мустақар шуданд ва баъди омезиш ба сокинони бумӣ ба иқоматгоҳашон номи миллии худро дода, онро «Айрана ваеҷа» (Airyana vaejah) номиданд. Ин исгилоҳ дар «Бундаҳиш» борҳо ба такрор омадааст.

Дар воқеъ, бародарони ҳиндии эрониён низ баъди истиқрори ориёиён дар он сарзамин ва омезишашон бо сокинони бумӣ номи маҳалли худро «Ориёварта» («Ariyavarta»- замини муқаддаси ориёиҳо) номиданд. Аз ин мисолҳо маълум мешавад, ки ориёиҳо баъди омезишашон бо халқҳои маҳаллӣ ба иллати сохтори табақотии муназзам ва созмони хуби иҷтимоиву сиёсӣ як тоифаи фармонравоеро ба вуҷуд оварданд ва забону дину фарҳангашонро то ҳадде, ки муяссар буд, маҳфуз нигоҳ доштанд ва ба мардуми бумӣ низ таҳмил намуданд. Ин таҳмил ба осонӣ мавриди пазириши халқҳои таҳҷой қарор гирифт, зеро фарҳанги миллати ғолиб ё мутараққӣ тибқи қонуниятҳои дохилии инкишофи тамаддун, ҳама вақт фарҳанги моқабли бумиро таҳти таъсир қарор дода, барои инкишофи минбаъдаи он ба пазируфтани унсурҳои фарҳанги тоза водор менамояд. Ин нуктаро фарҳангшиноси америкой Арнолд Тойнбӣ низ қайд намуда, дар ин бора навиштааст: «Мумкин аст тамаддуни тасбитшудае битавонад моқабли таърихро барандозад ва онро таҳти таъсир қарор диҳад ва дар сурати тамаддуни ҷадиде даровард. Ин навъи тамаддунҳо тамаддуни «иқморӣ» («қамарӣ») мебошад» ин рӯ «эҷоди як тамаддун сирфан ба ҷаҳиши ҷомеаи моқабли тамаддун маҳдуд намешавад, балки ба густариши як ё якчанд насли пешинаи худ ва таъсири сурати бархе аз аносири он ба шакли тозае низ зоҳир мешавад»[57].

Муҳаққиқи Юнони бостон Страбон «ориёна»-ро ба мардуми порсу мод ва сарзаминҳои Балху Суғд мансуб медонад. Бино ба маълумоти Иброҳими Пурдовуд дар фаргарди аввали «Вандидод» 16 сарзамини ориёӣ ё эронӣ ба мисли Суғд, Марв, Балх, Нисо, Ҳирот, Кобул, Қандаҳор, Ҳулманд (Сиистон), Гургон, Рай, Ҳинд ва ғайра ёд шуда, ки ҳар яке аз ин кишварҳоро Аҳуромаздои неку беолоиш офаридааст. Дар оғози фаргарди мазкур омадааст: "нахустин ҷаву русто, ки ман Аҳуромаздо беҳтарин офаридаи «Айрана ваеҷа» аст дар канораи руди Датияи нек" [58]. Дар ин ҷо бояд ду нуктаи муҳим-«Айрана ваеҷа» («Airana vaejah») ва рудхонаи «Дотия» («Datia») мушаххас гардад, зеро ин номҳо баъдан дар матн ба таври васеъ истифода хоҳанд шуд. Аз рӯи маълумоти маъхазҳо, ки Абдулазими Ризой дар «Аслу насаб» ном асараш аз онҳо ёд намуда, чунин

бармеояд, ки дар Яштҳои куҳан- - қадимтарин қисмати Авесто омада: Зардушт қурбониҳои худро дар «Айрана виоча» («Aryana vyocha») дар канори руди Дотия (Datia) ба яздон гақсим мекунад. Ин ҷо «Арйана виоча» ҳамон «Айрана ваеҷа» аст, ки решаи он моро ба ривояти суннатии подшоҳи пешдодӣ Фаридун ҳидоят менамояд. Тибқи ин ривоят Фаридун соҳиби ҳафт кишвар буд ва кишварҳои худро ба се писараш-Эраҷ, Тур ва Салм тақсим кард. Сарзамини Эронро ба писари хурдии худ Эраҷ медиҳад, ки ба номи Эраҷсарзамин «Айриан ваеҷа» («Airana vaejah») ё «Иронвеч» табдил шуд ва «Ориёна ваеча» ҳамон сарзамини «Айриан вейҷ» аст. Муҳаққиқи номбурда ҳамчунин таъкид намудааст, ки дар оғози давраи Ашкониён «Ориёна ваеҷа»-ро ноҳияи Хоразм медонистанд, ҳол он ки баъдҳо вақте маркази шоҳаншоҳӣ дубора ба мағриби Эрон интиқол ёфт, кӯшиш мекарданд, ки «Ориёна ваеҷа»-ро дар ҳудуди Озарбойҷон ҷустуҷӯ кунанд... он чи мусаллам ва муҳраз аст, Зардушт эрониуласл ва аз нажоди ориёӣ ва аз тухмаи Фаридуну Каюмарс аст[59].

Дар мавриди Датияруд бошад чунин нуктаро қайд намуданд зарур аст, ки «Бундаҳиш» онро бархурдор аз конуни изадӣ ва воқеъ дар Иронвейҷ медонад ва номи ин руди муқаддасро дар феҳристи 18 руди номвар овардааст. Дар бораи ин ду истилоҳ ақидаҳои дигаре низ мавҷуданд, ки аз овардани ҳамаи онҳо худдорӣ намуда, фақат иддае аз онҳоро дар ин ҷо зикр хоҳем кард.

Муҳаққиқи эронӣ Эраҷи Афшор муътақид аст, ки «айрийа» дар вожаи авестоӣ «Айрана ваеҷа»: иронвейҷ, ирйухашваса, ирйовейҳ, ираҷ (ёрикунандаи ориё) ба кор рафтааст. Иброҳими Пурдовуд аз 16 сарзамини дар «Вандидод» ёд шуда (Суғд, Марв, Балх, Нисо, Ҳирот, Кобул, Қандаҳор, Ҳулман (=Сиистон), Гурғон, Рай, Ҳинд ва ғайра) ба Хоразм афзалияти бештар дода, ҳамвора зикр намудааст, ки ин шаҳр дар Авесто Xvairizma ва дар санғнабиштаҳо, аз ҷумла дар катибан «Нақши Рустам» ба шакли «Huvarazmi» омадааст ва яке аз кӯҳнатарин сарзаминҳои таърихӣ ва маҳди тамаддуни ориёии Эрони бостон мебошад[60]. Ин иқтибос ишора ба таваҷҷӯҳи муаллиф ба сарзамини Эрони Шарқӣ мекунад, ки ҳудуди онро Н. Неъматов дар ҳазораи якуми пеш аз милод - ҳазораи якуми милод аз кишвари кӯҳистону ҳамвори Тяншон, Помиру Олой ва Ҳиндукуш дар Шарқ, фалоти Эрон дар ҷануб, ҳавзаҳои Сирдарёву Омударё ва Мурғобу Гарируд ва ҳамвории Тӯрон дар ғарбро дар бар меғирад, ки сарзамини сакҳо (скифҳо), масаґетҳо, хоразмиён, фарғониҳо, суғдиҳо, бохтариҳо, тоҳириҳо, марғониҳо, нарнҳо, даҳҳо, гирканҳо, арахозиҳо, мебошад[61].

Ҳоло, ки баъзе ҷанбаҳои забонии истилоҳҳои мавриди назар маълум гардиданд, метавон баъзе масъалаҳои дигари густаришу омезиши ориёиҳо дар Осиёи Миёнаву Эронро мавриди баррасӣ қарор дод. Ин баррасиро аз он шурӯъ хоҳем кард, ки Абдулазими Ризой бо овардани маводду

маълумотҳои фаровон, дар таҳқиқоташ дилбастагии худро ба суннати дерини оини маздаясно ва анъанаҳои фарҳанги авестой идома дода, уфуқи ақидаи дар боло зикршудаашро боз ҳам густаронидааст. Ӯ навишта, ки Каюмарс-нахустин подшоҳӣ пешдодиён сардафтари нажоди ориёӣ шинохта шуда, ки мардумро дар партави оини изадӣ ба сӯи фарҳангу ҳунару дониш пеш бурдааст[62].

Шояд ин фикри муҳаққиқ бештар ба ҷанбаи ривоятӣ ва устуравии масъала иртибот дошта бошад, зеро Каюмарс, тибқи таълимоти зардуштия, аввалин кадхудои ҷаҳон аст, ки аз нутфаи ӯ аввалин завҷи инсонӣ ба вуҷуд омада ва аз ин завҷ баъдан авлоди башар арзи вуҷуд намудааст. Сардафтари нажоди ориёӣ будани Каюмарс аз ҷиҳати илмӣ ба буъди замонии пайдоиши оламу одам мутобиқат надорад, вале ба асотиру ривоятҳои дини маздоии куҳан мувофиқат мекунад. Дар воқеъ, Абдулазими Ризой худаш ин нуктаро дар ҷои дигар зимни тасвири нақши умумии ориёиҳо дар таърихи куҳани ниёгонамон ислоҳ карда, аз ҷумла навиштааст: «Дар рӯзгори бисьёр дури пеш аз таърих, ҳангоме ки қабилаҳои эронӣ ва ҳиндӣ аз ҳам ҷудо набуданд ва дар даштҳои густардаи Осиёи Марказӣ ҳаёт ба сар мебурданд, дорои фармонравоии воҳиде буданд. Ин қабилаҳои чодарнишин дар чарогоҳҳои густардае пароканда буданд ва дар се мавҷи мухталиф ба густариши заминҳои худ пардохтанд ва бо ориёиҳои муҳоҷир омезиш пайдо карда, ба атроф пароканда шуданд... ва гурӯҳе ба сӯи сарзамини ғарму густардаи Хинду Покистон раҳсипор шуданд»[63].

Ҳамин қавму қабилаҳои ғайриориёӣ тақрибан дар ҳазораи панҷуми қабл аз милод дар Осиёи Миёнаву Эрон мезистаанд, ки баъдҳо зимни тамосу иртибот бо ориёиҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳатто таркиби нажодии муҳоҷирони ориёӣ таъсири муассире доштаанд. Эраҷи Афшор роҷеъ ба ҳамин қабилаҳо сухан ронда, аз ҷумла қайд кардааст, ки иломиҳо дар ҷанубу бохтари Эрон, косидҳо дар Загрос-Луристон, лулуиҳо дар Загрос-Кирмоншоҳ, кодусиён дар Гелони кунунӣ, тапуриҳо дар Мозандарон ва сиёҳпӯстони соҳилнишин дар ҷануб зиндагӣ мекарданд. Зиндагӣ, русуму одот, оин ва умуман ҳаёти иҷтимоии онҳо ба фарҳанги муҳоҷирон таъсир карда, бисьёр унсуру ҷиҳатҳои онҳо вориди тамаддуни ориёӣ гардидаанд. Истиқрору инкишофи баъдии ориёиҳо дар Осиёи Миёнаву Эрони кунунӣ, дар навбати худ, боис гардид, ки тоифа ва қавму қабилаҳои ин сарзамииҳо, аз ҷумла ниёгони тоифаҳои модӣ, порсӣ, портӣ, бохтарӣ, суғдӣ ва ғайра тадриҷан ҳуввият ба хулусияти моддиву маънавӣ ва ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ касб намоянд.

Агар ба ин масъала хушбинона назар афканем, ба хубӣ мушоҳида мегардад, ки чунин таъсири мутақобилаи фарҳангӣ дар Аҳди қадим байни аввалин давлатҳову империяҳо низ ҷой дошта. Инро дар мисоли ташаккулу инкишофи давлати ориёии Иломиҳо ва муносибати он бо давлатҳои

мутамаркази бобуливу ошурӣ ва аккодиву хетӣ нишон додан мумкин аст, ки дар қисмати тамаддуни ориёиҳо хоҳад омад. Дар ин ҷо бо овардани як иқтибос ҷиҳати таъйиди ҳамин масъала иктифо меварзем. Саид Муртазо Рованди зимни таҳлили ҳаёти иҷтимоии мардуми Эрони бостон дар ҳазораи сеюми қабл аз милод тазаккур дода, ки на танҳо пойтахти давлати иломиҳо Шуш, балки тамоми саканаи шимолу шарқи Халиҷи Форс ғаҳти таъсири мутақобилаи тамаддунҳои оғозини Байнаннаҳрайн, хусусан бобуливу ошурӣ қарор гирифта буданд. Натиҷаи чунин таъсирҳои мутақобилаи дохиливу хориҷӣ буд, ки «қомати баланду мӯю чашми равшан бо қадди кӯтоҳу мӯю чашми тира ба ҳам омезиш пайдо карданд ва забону лаҳҷаҳои гуногуну мутааддиде дар аҳди қадими мутааххир арзи вуҷуд намуданд».

Ҳамин муҳаққиқ дар интиҳои баҳси таъсири мутақобилаи тамаддунҳои ибтидоӣ як навъ муқобилгузории фарҳангҳои Шарқу Ғарбро оварда, аз ҷумла қайд кардааст, ки вақте ҳанӯз мардуми Руму Афина дар кулбаҳои назири масокини асри сангии қадим зиндагӣ мекарданд, дар Эрону Миср, Байнаннаҳрайну Ҳиндустон шаҳрҳое назири Шуш дар лаби рудхонаи Корун, Мемфис дар канори Нил, Бобулу Нинво дар соҳили Фуроту Даҷла ва Муҳинҷадара дар канори руди Ҳинд бо қудрату азамат худнамоӣ мекарданд

ОРИЁИҲО ДАР ҲИНДУСТОН

Сарзамини Ҳиндустон аз қабили он мавзеъҳост, ки зимни инкишофи тамаддунҳои Аҳди қадим ва ориёӣ маданияти моддиву маънавии худро ба роҳ монда, динҳои ибтидоии анимистию тотемистӣ, асотиру афкор, равияҳои мазҳабию илҳодӣ, ақидативу фалсафӣ ва илмиву фарҳангиро дар домони худ парвардааст ва дар тӯли зиёда аз се ҳазор сол тамаддуни ғаронмояи худро аз чанги давру замонҳои номусоид эмин нигоҳ доштааст.

Ҳиндустон аз қадимуайём маҳалли зуҳури тамаддунҳои гуногун будааст. Дар ин сарзамин аз оғози таърих тамаддунҳои хурди бешуморе ба вуҷуд омада буданд, ки ҳар кадом маншаву манбаъи ҷудогона доштанд. Ин шояд аз он сабаб бошад, ки ҳайъати қавму қабилаҳои маскун дар сарзамини Ҳинд яксон набуданд. Дар қисмати ҷануби Ҳиндустон асосан қабилаҳое маскун буданд, ки аслу насабашон австролиёӣ буд. Дар қисми шимолу ғарб бошад, бештар тоифаҳое зиндагӣ мекарданд, ки баромадашон мадитаронаӣ (кавказиҳои аз тариқи баҳри Миёназамин муҳоҷиршуда ба Ҳинд) буд ва дар шимолу шарқи Ҳинд аҳолии ранги пусташон тира зиндагӣ доштанд. Дар доманаи кӯҳҳои Ҳимолой қавмҳое маскун буданд, ки насабашон ба қавмҳои муғулӣ мансуб буд.

Агар мо ба асри деринаи ин сарзамин назар афканем, ба хубӣ мушоҳида мешавад, ки дар қисми шимолу ғарбии Ҳиндустон тамаддуни табари дастадор арзи вуҷуд карда, ки моҳиятан ҳуввияту хусусияти ҳамон тамаддунҳои сарзамини Осиёи Ғарбӣ ва Африқоро дошта, вале маҷмӯъи тамаддунҳои ҷанубу шарқии Ҳинд аз чунин ҳуввияту хусусият барканор будааст. Онҳо бештар абзорҳои сангии «тиккаи паррон»-ро истифода мебурданд ва аз рӯи ин хусусияташон шабоҳату монандии боризе ба тамаддунҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ доштаанд, ки бо гузашти рӯзгор баъдан акси ин ҳодиса рух дод ва тамаддуни давраи ведой ва буддой ба маҷмӯъи тамаддунҳои ҷанубу шарқи Осиё таъсири муассире гузошт.

Тамаддуни давраи навсангӣ (неолит) низ дар қисмати шимолу ғарби Ҳиндустон робитаву пайвастагии зиёде ба маданиятҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ дошт ва дар ҳамин замина дар ҳазораи сеюм дар дараи Синд ва атрофии он тамаддунҳое ташаккул ёфтанд, ки аз рӯи ҳуввияту хусусияташон ба тамаддунҳои соҳилнишини Осиёи Миёнаву Эрон ва Байнаннаҳрайн шабоҳати зиёде доштанд ва усулан рушду инкишофи тамаддунҳои асри навсангиро ифода мекарданд.

Аз рӯи маълумоти маъхазҳо тамаддуни қисмати шимолу ғарби Ҳинд аз лиҳози ҷуғрофӣ фақат бо маданияти ноҳияҳои дараи Синд маҳдуд набуда, уфуқи он то ба ноҳияҳои Балуҷистону Сиистон низ идома доштааст, ташаккулдиҳандаи ин тамаддун қавму қабилаҳои мадитаронай буданд, ки ба воситаи баҳри Миёназамин вориди Ҳиндустон шуда, дар дараи Синд ва ҳаволии он маскан гирифта буданд. Аз рӯи маълумоти Ралф Линтон боқимондаҳои осори ин тамаддун ва шаҳрҳои марбут ба он дар ноҳияҳои сарзаминҳои ёдшуда ва ҳатто рӯ ба ҷануб дар Катиёвар (Kathiawar) ёфт шудаанд. Муҳаққиқи мазкур ҳамчунин тамаддуни дараи Синдро, ки бо номи тамаддуни Ҳараппи маълуму машҳур аст, чун як тамаддуни устувору пойдор дар соли 3300 пеш аз милод ба авҷи аълои худ расида ва аз шуру ҳаяҷони махсус бархурдор буда тасвир кардааст. Ин нуктаро кашфи ду шаҳри бузурги Аҳди бостони сарзамини Ҳинд –яке дар ҳаволии Ҳинди поёнӣ ва дигаре дар наздикии сарчашмаи руди Ганг комилан таъйид менамояд[64].

Мутаассифона, ин маданият шояд ба иллати иқлимӣ ё барҳам хӯрдани системаи обьёрӣ ва ё дигар сабабҳои ҳанӯз ба мо номаълуме рӯ ба таназзул ниҳода, ҷамъияти шаҳрҳояш коҳиш ёфтааст ва он қадр ба парокандагиву каммоягӣ роҳ додааст, ки дар натиҷа дараи Синд бо як макони дурафтода ва фаромӯшшуда табдил ёфтааст. Муҳаққиқон сабаби таназзули шаҳрҳо ва умуман аз саҳнаи таърих ниҳон шудани маданияти Ҳараппиро, ки дар асри 18 пеш аз милод ба вуқуъ пайваст, натиҷаи тохтутозу муҳоҷирати қабилаҳои ориёй ба қисмати шимолу ғарби Ҳинд намедонанд, балки, баръакс, чунин мепиндоранд, ки таҳрибан дар ҳамин буъди замонӣ роҳ

барои ворид шудани қабилаҳои ориёй бо хоки Ҳинд боз шудааст. Ин марҳилаи таърихи Ҳиндро тибқи табақандии маъмул дар адабиёти илмӣ давраи тамаддунҳои қадимтарини Ҳиндустон медонанд, ки тақрибан асрҳои 23-18 пеш аз милодро дар бар мегирад. Осори ин тамаддун дар фарҳанги умумӣ ва диниву мазҳабии баъдинаи Ҳиндустон нақши худро боқӣ гузоштааст.

Давраи дуюми табақабандии мазкур аз ибтидои ҳазораи дуюм бо омадани ориёиҳо ба Ҳиндустон оғоз мешавад ва он давраи «Ведой» ном дорад. Маъмулан, ки ориёиҳо гуфта одамони мутамаддинро меноманд, ки чаҳонбинӣ ва рафтори онҳо ба талаботи Ведаҳо мувофиқат кунад. Фақат онҳое худро ориёй мепиндоранд, ки Ведаҳоро омӯхта ва азхуд карда бошанд. Ғояи асосии тамаддуни қадимаи ориёиҳо ё худ тамаддуни ҳиндуориёй драхма буд, ки он аз ҳудуди дину мӯъҷизот таҷовуз мекард. Худи ғояи драхма қисми таркибии Рига (ҳақиқат дар санскрит) - қонуни асосии ахлоқӣ мебошад, ки ҳаёти Коинот ва мофиҳоро ба танзим медарорад.[65] Давраи ведой ба ду марҳила ҷудо мешавад: марҳилаи ибтидой, ки ҷойгиршавии қабилаҳои ориёй дар қисми шимоли Ҳиндустонро дар бар мегирад ва марҳилаи мутааххир, ки шомили касби истиқлоли иҷтимоиву сиёсӣ ва ба вуҷуд омадани аввалин давлатҳо дар соҳилҳои руди Ганг мебошад, ки он томиёнаи ҳазораи якум идома дошт.

Қабл аз он ки ба ҷараёни вуруди ориёиҳо ба Ҳиндустон бипардозем, дар ин ҷо назари ҷамъбастии Ралф Линтон дар бораи бархӯду муколамаи фарҳанги қадимаи Ҳинд бо тамаддуни ориёиро овардан ҷоиз аст. Ӯ зимни баррасии тамаддуниҳои ибтидоии дараи Синд ва вуруди ориёиҳо ба қисми шимоли Ҳиндустон комилан мунсифона ақидаеро баён кардаст, ки тибқи он тамаддуни Синд дар асари бархӯрду омезиш бо тамаддунҳои навсангии маркази Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ки дар он буъди замонӣ дар шарқу ҷануби Ҳинд ривоҷ дошт, як шохаи тамаддуни мушаххасеро ба вуҷуд овард, сипас бо нуфузи ориёиҳо ба шимоли Ҳинд унсурҳои тозае бар он тамаддун афзуда шуд[66]. Вай ҳамчунин мӯъҷизот аст, ки аз рӯи муҳосибаи дақиқи таърихӣ, ки аз давраи классикии юнонӣ боқӣ монда, ориёиҳо ҳудуди соли 1500 пеш аз милод ба хоки Ҳиндустон зада даромаданд ва ҷамъияти бумии онро ё куштанд ва ё ба асорату бардагӣ бурданд. Мувофиқи ривоятҳои ведой гуё аввал фақат панҷ қабилаи ориёй ба хоки Ҳинд қадам гузошта буданд, вале пас аз андак муддат ҳуҷуми қабилаҳои мазкур бо шитоби тамом фузунӣ ёфт ва дар маҳалҳои тасхиршуда дар ҳар қабила тоифаҳои мухталиф аз лиҳози ҳайсияту мақоми иҷтимой ташкили силсилаи маротибе медоданд, ки дар раъси онҳо як ё чанд тоифаи асил қарор дошт[67]. Ба ибораи дигар, ориёиҳо ба ташкили созмони табақотии иҷтимой дар маҳалҳои истиқрорашон дар сарзамини Ҳинд шурӯъ намуданд ва ин унсури маданияти қадимаи Ҳиндро минбаъд низ маҳфуз нигоҳ доштанд.

Дар воқеъ, охирин тадқиқотҳое, ки ба анҷом расида, дар бораи ақидаи маъмул дар адабиёти таърихӣ роҷеъ ба ҳуҷум ва ҷанг задухӯрдҳои ориёиён бо қабилаҳои бумии Ҳинд таҷдиди назар ба вуҷуд омадааст ва ҳамвора қайд гардидааст, ки муаррихон қаблан дар бисёр маврид аз руи сурудҳои Риг Веда дар ин бора қазоват намудаанд. Ин чандон саҳеҳ намебошад. Зеро дар сурудҳои ин ёдгории фарҳанги ии Ҳинди қадим, ба мисли Авестои зардуштия, муборизаи оштинопазири ду қувваи ба ҳам зид асосан дар доираи ривояти асотир ба вуқуъ пайвастааст ва унсурҳои ин муборизаро бе равшан намудани ҳадафи аслии сурудҳои Веда ба ҳаёти иҷтимоӣ татбиқ кардан нашояд. Аз ин рӯ, ҷараёни тулонии муҳоҷират ва ё муҳоҷимати ориёиҳо ба хоки Ҳинд бояд мавриди таҳқиқу баррасии бештару муназзамтаре қарор гирад.

Бо таваҷҷӯҳ ба маълумотҳои фавқ ба баррасии масири ҳаракати ориёиҳо ба Ҳинд мепардозем. Муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки ориёиҳо аввал дар ҳаволии Панҷоби кунунӣ мустақар шуданд ва шояд каме баъдтар ба ҳавзаи руди Ганг роҳ ёфтанд. Чунин фикр зоҳиран дар қадимтарин ёдгориҳои фарҳангии аҳди бостони Ҳинд низ омада. Масалан, номҳои ҷуғрофии номбаршуда дар Риг Веда намоёнгари маскун шудани қабилаҳои ориёӣ дар қисмати шимолу ғарбии Ҳиндустон мебошад. Зеро дар он роҷеъ ба маскун шудани қабилаҳои мазкур дар ҳаволии рудхонаҳои Кубҳа (Кабул, Синдху), Инд, Асина/Чинип (муҳаққиқони атиқаи юнонӣ онро Акесин номидаанд) сухан рафтааст. Дар адабиёти ведой дар бораи муҳоҷирати қабилаҳои ориёӣ ба самти шарқ ва ҷанубу шарқ низ маълумот омадааст. Натиҷаи ин муҳоҷират густариши тадриҷии забонҳои ҳиндуевропой дар соҳилҳои руди Ганг ва тағъири марказҳои асосии ташаккули тамаддуни Ҳинди қадим гардида[68]. Аз ин рӯ, Иброҳими Пурдовуд маҳалли истиқрори ориёҳоро ҳамон марзу буме медонад, ки ба он номи миллии ин қавмро дода, онро «Ориёварта» («Aryavarta») меномиданд. Оиҳо бо аробаҳои ҷанги худ тақрибан ҳамон замоне, ки косиён Бобулро тороҷ карда буданд, ба Ҳинд дохил шуданд ва дар соҳилҳои рудхонаҳои Синду Ганг маскун шуда, дигар ноҳияҳои Ҳиндро низ ба тасарруфи худ даровардaнд. Аз ин ба баъд «Ориёварта» ба тамоми нимҷазираи Ҳиндустон итлоқ мешуд[70]. Аз лиҳози сиёсӣ вуруди ориёиҳо ба Ҳинд ба мисли аксари таҳоҷумҳои дигар, ки баъдҳо дар таърихи башар иттифоқ афтод, гарчи дар оғози кор иборат буд аз «як навъ ғалабаи низомии омехта бо султаи сиёсӣ, пас аз муддате хусусияти тамаддуни ориёӣ буд, ки дар улгуҳои тамаддуни бумӣ ҷазбу мустаҳлак гашт ва пирузиву бартарии ниҳой бар тамаддуни кӯҳнатарини бумӣ шуд»[71].

Муаллифони «Таърихи Шарқ» низ қисмати марказии ҳамвории Ҳинду Ганг дар Аҳди қадимро «хоки муқаддаси ориёиҳо» («Aryavarta») номида,

зимнан қайд кардаанд, ки дар тӯли ҳазораи дуюми пеш аз милод роҳи қабилаҳои ориёӣ ба Ҳинд мерафт ва дар ҳазораи якум дар баъзе нохияҳои Ҳинд гоҳ шоҳони форсӣ, гоҳ дастнишондагони македонӣ ва гоҳ ҳокимони юнонӣ ё скифҳо (сакҳо) ҳукмронӣ мекарданд.

Бино ба маълумоти муҳаққиқон ориёиҳо бештар муҳоҷир буданд, на фотеҳ, вале баъдтар баъди ташкил ёфтани давлати муқтадири Иломиҳо ба кишварҳои Шарқу Ғарб, аз ҷумла Ҳинд тохтутоз намуданд. Замоне, ки онҳо вориди Ҳинд шуданд,дар ин сарзамин маданияти Ҳараппи ва Маҳанҷудару рӯ ба таназзул ниҳода буд ва ҷои онро тамаддуни тозае дар қисми ҷануби Ҳиндустон мегирифт, ки унсури хусусиятҳои онро ҳанӯз муҳаққиқон муайян нанамудаанд, вале конунҳои умдаашро Марсел Дунари Ҷиҳукару Чанҳудару ба қалам додааст[72].

Ҳангоми дар қисми шимолии Ҳиндустон мустақар шудани ориёиҳо дар ин ҳаволӣ қадимтарин мардуми таърихии Ҳинд бо номи «нагаҳаи морапарст» мезистанд. Дар он давраи пешин ҳанӯз созмони табақотии мушаххасе дар ин сарзамин вуҷуд надошт ва ҷомеъа аз гурӯҳҳои мухталифи ҷангҷӯёну кишоварзон ва пешоварону коҳинон иборат буд. Боқимондаҳои ин қавм гӯё дар кӯҳҳои дурдасти Ҳинд ҳанӯз ҳам рӯзгори маъмулу содда доранд. Дар ҳамин давра эҳтимол қабилаҳои дравидизабон дар аксари нохияҳои қисмати марказӣ ва шимолу ғарби Ҳинд маскун буданд. Зеро вуҷуди калимаву ибора ва воҳидҳои савтии дравидӣ, ба фикри муҳаққиқон, ба он далолат мекунад, ки замоне он қисмати зиёди хоки нимҷазираи Ҳиндустонро фаро гирифта будааст. Қабилаҳои тибетию бирмагӣ ва мунда дар қисмати шимолу шарқ иқомат доштанд.

Ба ақидаи Вилл Дурант худи қабилаи дравидиҳо дар қисмати ҷануби Ҳинд мезистанд ва аз рӯи хусусияти нажодӣ мардуми «сиёҳпусту бинапаҳн» буданд, бо забони дравидӣ такаллум мекарданд. Ин забон ҳамчунин дар саросари навоҳии воқеъ дар ҷануби рудхонаи Гоудавари (Godavari) мавриди истеъмол буд, вале забонҳое, ки аз ин реша баромадаанд, дар саросари Осиёи Шарқӣ то худи Уқёнусия интишор ёфта буданд. Ба ҳар ҳол дравидиҳо фарҳанги шолудае доштанд ва бозаргонони онҳо бо мақсади тиҷорат то сарзаминҳои Бобулу Шумер сафар карданд. Дигар муҳаққиқон мӯътақиданд, ки ориёиён аввал ба соҳилҳои руди Гангу Синд (ҳаволии Панҷоб, Синд, Куч, Рачпутана) омада буданд. Иброҳими Пурдовуд ба ҳамин масъала ишора намуда, навиштааст, ки «дар адабиёти таърихӣ гурӯҳе аз муҳаққиқон доманаи «Ориёварта»-ро ба маънии аввалин маҳалли сукунати ориёиҳо фарохтар пиндошта, сарзаминҳои доманаи кӯҳҳои Ҳимолой, Вандхя ва мавзеъҳои миёни ду дарёи Ховару Бохтарро шомили он донистааанд, ки чандон саҳеҳ нест ва ин ақида мусалламан ба густариши баъдинаи ориёиён ба нимҷазираи Ҳиндустон мутааллиқ аст»[73].

Арнолд Тойнби санаи вуруди ориёиҳо ба сарзамини Ҳиндустонро баъд аз давраи рушди тамаддуни оғозини Синд (2500-1500 то милод), тақрибан асри 15 қабл аз милод медонад, ки бо назари муаррихони атиқаи юнонӣ комилан мутобиқат дорад. Ӯ ҳамчунин тулӯъи тамаддуни ҳиндӣ дар саросари нимҷазираи Ҳиндустонро дар давраи охирин ҳазораи қабл аз милод медонад[74]. Зеро дар ин давра пешрафти моддии босазое мушоҳида мешуд, шаҳрҳои бузург сохта шуд, ҳаёти осоишта сабаби рушду инкишофи илму фарҳанг гардид. Дар ҳамин замина баъдан илми нуҷум зимни парастиши аҷроми самовӣ инкишоф ёфт ва аввалин рисолаҳои нуҷумӣ аз қабили Aryabhata пайдо гардиданд, низоми нуҷумии Ҳинд дар ҳоли тадвин буд, ададҳои арабӣ ва касри аъшорӣ, ки ба воситаи Ориёбхата ва Брахмагупта шинохта шуда буд ба Ғарб интишор ёфт. Аломати радикалӣ ва дигар аломатҳои риёзӣ ихтироъ шуданд. Бо эҳгимоли қавӣ «сифр» (яъне «0»-Ҳ.М.), ки андактарин ва арзандатарини ҳамаи ададҳо ба шумор мерафта, аз тӯҳфаҳои бисьёр дақиқу зарифи Ҳинд ба авлоди башар буд, табибони Ҳинд пайванду бахя, шабакаҳои асабӣ, бофтаҳои равғанӣ, амалиёти ҷарроҳӣ, момоӣ ва ғайраро истифода мебурданд, ки дар ҳамин замина баъдан «Сидҳинд» ба вуҷуд омад. Оини ньяя назариёти мантиқии Аҳди қадимро ба низом даровард, оини йога равиши ботааммули тафаккурро ҳамвора бо риёзат созмон бахшид. Ин ҷиҳати инкишофи тамаддуни Хиндро Вилл Дурант бо назари хоссе дар асараш таҳлил намудааст.

Ба ҳар ҳол, вуруди ориёҳо ба қисмати ҷанубии сарзамини Ҳинд муқобилати қавмҳои сиёҳпӯсту бинипаҳни бумӣ ва асорату тасхири онҳо аз рӯйдодҳои муҳимми таърихие ба шумор мераванд, ки зимни онҳо на фақат бархӯрди низомӣ, балки бархӯрди фарҳангӣ низ ба вуқӯъ пайваст ва дар ҷараёни он дигаргунии куллие дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсии сарзамини мазкур рух дода буд. Баъди ба сӯи шарқ рафтани ориёиҳо сар то сари Ҳиндустон ба тоати онҳо даромад.

Ориёиҳои мустақар дар Ҳиндустонро муҳаққиқон қавмҳое медонанд, ки аз тариқи баҳри Хазар, яъне аз Эрони бостон ба Ҳинд омадаанд, зеро, чуноне ки қайд шуда буд, аз Эрони аҳди қадим. ки макони ориёиҳо (Airyana Vaeja) номида мешуд, як гурӯҳи ориёиҳо ба Ҳинд ва гурӯҳи дигар ба Осиёи Хурд ва Урупо ҳаракат карда, зимни ба вуҷуд овардани тағъиротҳои иҷтимоиву сиёсӣ фарҳангу тамаддуни асили ориёиро низ дар он сарзаминҳо интишор доданд. Ҷалолуддини Оштиёнӣ қадимтарин қабилаи ориёии Ҳиндро мувофиқи нишондоди Ведаҳо «монава» (Manava) медонад, ки он, дар навбати худ, ба ду шоха- шарқию ғарбӣ ғаҳсим шудааст. Ниёгони қабилаҳои шарқӣ аз як писари Ману ба номи Караку (Karaku) ва қавмҳои ғарбӣ аз писари дигари Ману ба номи Манава ан-Арта (Manava an-Arta) ба

вуҷуд омадаанд. Онҳо минтақаи Артаро тасарруф карда, ба худ «арғай» ном гирифтаанд[75].

Ориёиҳои Ҳинд баъди маъво гирифтанашон дар саросари нимҷазираи Ҳиндустон ҳаёти осоишта ба сар бурда, ба зироаткориву чорводорӣ машгул шуданд, бо сокинони бумии маҳалҳо омезиш ёфтанд, бисёр унсурҳои тамаддуни маҳаллиро пазируфтанд ва мазоёи хосса барои худ касб намуданд. Аксаран ба мардуми зердасти маҳаллӣ фармонравой мекарданд. Тибқи маълумоти муҳаққиқон дар бисёр сурудҳои муқаддаси «Веда» дар бораи инкишофу равнақи шаҳрсозӣ,бино намудани қасру кӯшкҳо ориёиҳо аз худоёни худ мадад талабидаанд, ки ин аз азму иродаи онҳо дар бораи таъсиру ободонии шаҳрҳо, сохтани истеҳкому қалъаҳо шаҳодат медиҳад. Ориёиҳо ба мисли тамаддунҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ва ё бародарони Эронии худ иперия ва давлатҳои муқтадиру мутамарказ дар Ҳинд барпо накарданд. Онҳо ба силсилаи феодалҳои амирнишин тақсим шуда, дар маконҳои гуногун давлатҳои хурд-хурди маҳаллиро созмон доданд, ки ба сурати подшоҳии алоҳида идора мешуданд ва бо ҳам созишкорона зиндагӣ мекарданд.

Тоифаҳои гуногуни шоҳиро сарпарастон ё раисони тоифа ба воситаи шӯрои қабила сарварӣ мекарданд. Қабила аз чанд тоифаи русгой иборат буд, ки анҷумани раисони хонавода бар он ҳукумат мекарданд. Чунин фикрро Марсел Дунари таъйид намуда, аз ҷумла қайд кардааст, ки баъзе ҷаҳишҳои қудрати кишварҳои шарқии Ҳинд дар даврони нисбатан мутааххир ба вуқуъ пайваста. Дар натиҷаи чунин рушди сиёсӣ дар асрҳои 10-8 пеш аз милод Куру (Гуру) арзи вуҷуд намуд, ки маҳди браҳмангарой буд. Дар асрҳои 8-7 пеш аз милод тоифаҳои қисмати шимоли Биҳор яке аз қабилаҳои бузурге ба шумор мерафтанд, ки кишвари шоҳии Вейдҳоро созмон доданд. Дар рӯзгори Буддо бошад нуфузи бештар дар қисмати Ғарбӣ - - Банорас мушоҳида мешуд ва подшоҳии Кусоло дар он ҷо ба саҳнаи таърих арзи вуҷуд кард[76].

Ориёиҳо ба фарҳанги бумӣ эҳтиром қоил буданд ва онро комилан аз байн бурданӣ набуданд. Бисьёр унсурҳои муфиду ҷолиби тамаддуни қадима ва ҳатто баъзе ҷанбаҳои русуму одот ва дигар ҷиҳатҳои сохтори иҷтимоиро ба таркиби фарҳанги худашон ворид сохтанд ва зиндагии густардаеро ба сони ҳаёти иқтисодиву иҷтимой ва фарҳангии Мисри қадим ва Бобулу Ошур дар Осиёи ғарбӣ ба роҳ монда буданд. Дини маҳаллӣ ва ҳатто изадоне, ки унсуру омилҳои табиӣ доштанду ба дараҷаи кудсият иртиқоъ ёфта буданд, ба мисли худоёни давраи ибтидоии аҳди бостони Эрон дар «Авесто» (Меҳру Ноҳид ва Баҳром), ба таври куллӣ аз байн нарафтанд ва дар ташаккули баъдинаи «Веда»-ҳо, оини буддой ва ҳиндуия нақши боризи худро гузоштаанд.

Дар саҳнаи фаъолияти моддӣ низ пешравиҳои назаррас мушоҳида мешуд. Ҷомеъаи ориёӣ барои ба роҳ мондани кишоварзӣ корҳои зиёдеро барои ба сомон расондани усулҳои асосии объёрӣ анҷом доданд ва якҷоя бо мардуми таҳҷоӣ ориёиҳо ба кишти гандуму ҷав пардохтанд, ки ду навъи асосии зироати он сарзамин ба шумор мерафт. Ориёиёни Ҳинд дар аҳди Ведоӣ дар бораи кишти биринҷ ҳанӯз иттилоъе надоштанд. Зореъон мардикориро намепарастиданд, аз хизмати дигарон истифода намебурданд ва худашон бевосита дар замин кор мекарданд. Плугу чарх аз дер боз ба ин ҷомеъа маълум буд ва дар зироаткорӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор мегирифтанд. Галадорӣ, ки аз касбҳои дӯстдоштаи ориёиҳо буд, дар Ҳинд ба роҳ монда шуд. Гов ҳанӯз ҷанбаи кудсият пайдо накарда буд, он дар замони ташаккулу инкишофи буддоия ин хусусиятро касб кард. Маҳсулоти ширӣ ҳамчун ғизо ва говҳо барои боркашӣ истифода мешуданд. Парвариши асп низ одати маъмули ин ҷомеъа гардида буд ва бештар барои кашидани аробаҳои дучарха ва саворанизом дар амалиёти ҷанг ба кор мерафт.

Вилл Дурант зимни овардани баъзе маълумотҳои муфиди фавқ дар бораи кишоварзӣ, оиди ҳунармандӣ ва тиҷорат низ назари худро баён намудааст. Аз ҷумла ӯ қайд карда, ки дар ҳаёи иҷтимоии ориёиҳои Ҳинд санойеъи дастӣ нисбатан ровиҷ ёфта буд, санъати фелезкорӣ, дуредгарӣ, сангтарошӣ, даббоғӣ, сабадбофӣ, наққошӣ, кӯзагарон, моҳигирон, шикорчиён, домансозон, қассобон ва дарёнавардӣ мақоми махсус доштанд. Тиҷорату мусофират низ тараққӣ карда буд, ҳамлу нақли обӣ ба роҳ монда шуд ва киштиҳо ба Байнаннаҳрайн ва Арабистону Миср аз Ҳинд колоҳои гуногун аз қабили атр, адвияҷот, пахта, ҳарир, порчаҳои нозук, марворид, ёқут ва дигар сангҳои қиматбаҳо мебурданд. Ҳамаи ин аз зиндагии рангини ориёиёни Ҳинд шаҳодат медод[77].

Роҷеъ ба русуму одот баъзе тағъироти ҷолиби таваҷҷӯҳ дар ҷомеъаи ориёиёни Ҳинд ба назар мерасид. Ҳамин масъаларо низ муҳаққиқи ёдшуда таҳқиқ намуда, дар бораи иззату азамати оини ҳамсардорӣ навишта, ки тибқи русуму одоти он замон ориёиҳо издивоҷи дохилӣ (эндогамӣ) ва хориҷӣ (экзогамӣ) доштанд. Бо хешони хело наздики худ хонадор намешуданд, ки баъдтар Қонуни ахлоқии «Ману» навъҳои гуногуни никоҳу оила ва шароитҳои ҳамсаргузиниро ба расмият дароварда буд. Тақсими кастаҳо (castus—пок) тақрибан дар ҳамин замон ба вуҷуд омад ва бинидарозонро аз бинипаҳнҳо ва ориёиёнро аз дравидиҳо ҷудо намуд.

Муҳаққиқон ҷараёни тағъиру тасбити мақому манзалати гурӯҳҳои иҷтимоиро ба таври гуногун ба қалам дода, дар бораи он аз ҷумла навиштаанд: «Замоне, ки зиндагии ҳиндуҳои қадим (2000-1000 то милод) ба асри паҳлавонӣ интиқол меёфт, яъне дар ҳоле ки Ҳинд аз авзоъву аҳволи мусаввар дар «Веда»-ҳо тағъири шакл медод ва ба он сурат дармеомад, ки

дар «Мхабхарата» ва «Рамаяна» муҷассам шуда—шуғлҳо бештар ихтисосӣ ва маврусӣ мешуд ва тақсимоти фирқаӣ беш аз пеш мушаххас мегашт, дар раъси ҷамеъи фирқаҳо кшатрия (kshatriyas- ҷангҷуён) қарор дошт… маросими мазҳабӣ дар авоил ба ҳамон сурате, ки Сезари Рум нақши коҳинро бозӣ мекард, ба воситаи руасои қавм ва подшоҳон анҷом мегирифт. Дар он замон браҳманҳо ё руҳониён дар маросими қурбонӣ мададкороне беш набуданд…. вале оҳиста — оҳиста ҷанг ҷои худро ба сулҳ медод, дин аҳамияти иҷтимоъӣ пайдо мекард ва дорои одоби печида шуд бадон сон, ки эҳтиёҷ пайдо кард ба як миёнҷигарии мутахассис, то робитаи байни худову инсонҳоро идора кунад - - теъдоду сарват ва қудрати браҳманҳо руз ба руз афзоиш меёфт. Онҳо ба унвони мураббии насли ҷавон ва ноқили таъриху адаби қавонини нажодӣ тавонистанд гузаштаро аз нав халқ кунанд ва ояндаро ба сурати дилхоҳи худ дароваранд»[78].

Ҷомеъаи ориёиёни Ҳинд шомили сохтори табақотии махсус буд. Аз ҳамон давру замоне, ки муҳоҷирони ориёӣ вориди сарзамини Ҳинд шуданд ва барои худ ҳамчун муҳоҷимони ғолиб як силсила афзалияту мазоё ихтисос доданд, ба табақаҳо ё худ кастаҳо ҷудо шудани ҷомеъа босуръат идома ёфт ва зимни ташаккулу инкишофи общинаҳо дар асрҳои баъдина ҷараёни силсилаи маротиби кастаҳо муайяну мушаххас гардид. Дар адабиёти таърихиву этнографӣ фикру мулоҳизаҳои зиёде дар ин бора баён гардида ва гоҳо ин масъала то ба ҳадди иғроқ расонида шудааст, ки таҳлили он аз доираи баррасии мо берун аст. Дар ин ҷо бо овардани фикри муҳаққиқи эронӣ Ҷалолуддини Оштиёнӣ иктифо меварзем. Ӯ навишта: «Дар ҷомеаи Ҳинд мо бо панҷ табақаи мушаххаси иҷтимоӣ (чаҳор табақа ва як гурӯҳи бетабақа) бархурд мекунем, ки шавоҳиди мусаллами таърихӣ ва мазҳабии ташаккули онҳо дар давронҳои қадимро ба исбот мерасонанд. Ин панҷ табақа иборатанд аз : брахман Brahman-руҳониёни ҷомеъаанд ва роҳбарии мазҳабиро ба ӯҳда доранд. Онҳо олигарин табақа ба шумор мераванд; 2) кшатрия kshatria-табақаи ҷанговарон ва ашрофу умаро ва шоҳон низ ба ин табақа баргузида мешаванд. Ба ҳамин ҷиҳат ин табақаро роҷания Rojanya—табақаи ҳоким низ меноманд; 3) вайшья Vashya—кишоварз, ки таъмини ғизои ҷомеъа ба ӯҳдаи уст ва ба замин вобаста аст; 4) шудра Shudra —коргар, ки вазифааш хидмат ба се табақаи дигар аст. Баъдҳо соҳибони ҳирфаҳои дастӣ низ дар шумори ин табақа гардиданд; 5) парья Pariya— бетабақаҳо, ки ононро начас ва ғайри қобили ламс меномиданд»[79]

Вале дар ин ҷо бояд чунин нуктаро тазаккур дод, ки ба назари гурӯҳе аз муҳаққиқон табақаи коргар дар Ҳинди қадим ҳанӯз ташаккул наёфта буд ва, аз ин рӯ, ба истиснои табақаи мазкур ва гурӯҳи бетабақаҳо (ё худ ҳиндуёни бумӣ, ки дар замони наҳзати буддоӣ динашонро тағъир надода буданд) мавҷудияти се табақаи асосиро дар сохтори иҷтимоии ҷамеъаи ориёӣ қайд намудан зарур аст.

Чуноне ки аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, тамаддуни огозини Ҳинд ба рушду инкишофи баъдинаи тамаддуни ориёӣ замина ва мояи асосӣ ба шумор мерафт. Ралф Линтон бо этминон қайд карда, ки миёни тамаддунҳои ибтидоии Ҳинди қадим ва тамаддунҳои баъдинаи таърихии ориёӣ дар хоки Ҳиндустон назар ба тамаддунҳои ориёии Ҳиндии қадим нисбат ба дигар тамаддунҳои ориёии воқеъ дар Шарқи Миёна ва Наздик шабоҳату монандии бештаре мавҷуданд. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки аз давраи вуруди ориёиён ба Ҳинд то тадвини ёдгории фарҳангии ин қабилаҳо бо номи «Веда» ориёиёни Ҳинд бо аҳолии бумии Ҳиндустон ва маданияти Ҳараппи омезишу пайванди наздик ёфтанд ва хотироти ҷангу ситези байни мардуми дараи Синд бо сокинони нажоди австролиёии ноҳияҳои шимолу ғарби Ҳинд бо хотироти муборизаи ориёиҳо бо боқимондаҳои тамаддуни қадимаи Ҳараппи махлут шуда буданд. Зеро зиндагии ориёиёни Ҳиндустон дар давраи «Ведой» ва сабки ҳаёту фаъолияти рустоиёни Ҳинди шимолӣ дар адвори таърихӣ монандии зиёде доштааст. Дар ин ҷо фақат чунин нуктаро бояд тазаккур дод, ки ин шабоҳату монандӣ як ҳодисаи маъмулу оддӣ набуда, балки дар давраи ведой ва хусусан давраҳои буддой ва классикии Ҳинд дар шакли инкишофу иртиқоъёфта зоҳир гардида, ки тавонистааст ба ташаккулу инкишофи тамаддуни ориёӣ дар ин сарзамин мусоидат намояд.

Дини қадимаи Ҳинд, ки ориёиёни фотеҳ дар гӯшаю канори нимҷазираи Ҳиндустон бо он рӯ ба рӯ шуданд, аз парастиши арвоҳҳои бешуморе иборат буданд, ки дар сурати сангҳо, ҳайвонот, дарахтҳо, чӯбҳо, ситорагон ва ғайра зоҳир мешуданд, морҳои афъӣ ҷанбаи улуҳият пайдо карда буданд. Баъдтар худоҳои давраи Ведой ба мисли Осмон, Замин, оташ, нур, об ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Ралф Линтон дар бораи мавҷудияти тазоди шигифтангезе роҷеъ ба осори боқимондаи фарҳанги динӣ ва тамаддуни ориёии Ҳинд сухан ронда, аз ҷумла навиштааст: «Аз тамаддуни дараи Синд миқдори фаровони бақоёи моддӣ бар ҷой монда ва ҳол он ки ҳеҷ навишта ва санаде аз он ба даст наёмада, дар сурате ки, баръакс, аз ориёиёни сокини Ҳиндустон ҳар чи боқӣ монда, ғайр аз чанд сутуни борики сангӣ, ки дар маросими мазҳабӣ ба кор мерафта, ҳамаи навиштаҳову аснод мазбут буда, ки мабнои таҳқиқоти таърихӣ дар бораи эшон гаштааст. Ин осори мудаввин, ки асоси ошноии мо дар тамаддуни ориёӣ қарор гирифта, ташкили маҷмӯаъе бо номи Веда аст»[80].

Аз ин иқтибос чунин бармеояд, ки Ведаҳо ба мо маълумоти дақиқу доманадоре нисбати тамаддуни ориёӣ боқӣ гузоштаанд. Барои шиносоии бештар ба баррасии ин китобҳои муқаддас мепардозем. Аз афташ аввалҳо дар қисмати шимоли Ҳиндустон сурудҳои маросимӣ роҷеъ ба корнамоиҳо, муборизаи бо қувваҳои шар ва дигар ҳодисаҳои иҷтимой, ҳамчунин ситоишу

мадад аз худоён хонда мешуданд, вале китобат намешуданд, фақат аз даҳон ба даҳои мегузаштанд. Баъдтар тамоили шадиде барои ҷамъоварии ин сурудҳо ба вуҷуд омад. Чунин ҳодиса баъд аз истилои Искандари Мақдунӣ ва сӯзондану бо худ бурдани китоби муқаддаси оини зардуштия-Авесто дар Эрон низ рух дода буд. Олимону муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки ҳадди ақалли фосилаи замонии тартибу танзими сурудҳои Риг Веда, ки қадимтарин сурудҳои ведой ба шумор мераванд, то ба шакли китобат даромадан ё худ тадвини матни сурудҳо беш аз ҳазор сол будааст.

Ҳамин ҷиҳати масъаларо ба назар гирифта муҳаққиқи ёдшуда навиштааст, ки сурудҳои Веда дар тӯли муддати мадиде тартибу танзим ёфтаанд ва ду марҳилаи мухталифи зиндагии ориёиёни Ҳиндро нишон медиҳанд: марҳилаи аввал вазъи зиндагӣ ва ҳаёти қабилаҳои ориёии нимбиёбонгарди мушобеҳи қабилаҳои саҳроҳои шарқии Осиёи Миёна, Эрону Афғонистонро инъикос менамояд ва марҳилаи дуюм намоёнгари бозтобии иқтисодии тамаддуни деҳнишинӣ ва пешакишоварзӣ дар ноҳияҳои ҷангалӣ, ки иқтисоди чорводорӣ заминаи он будааст.

То имрӯз ба мо чаҳор Веда омада расидаст: Риг Веда (Rig Veda), ки аз руи хусусиятҳои забонӣ қадимтарин сурудҳо ба шумор меравад ва ҳангоми қурбониҳои мазҳабӣ ҳамчун сурудҳои ситоишӣ хонда мешуданд; Атҳара Веда (Athara Veda)-дониши қоидаҳои сеҳру ҷоду барои муборизаи бо қувваҳои шар, ки аз лиҳози мазмуну мундариҷа авроди сеҳрангез, афсун ва як силсила дастуроти тиббиро дар бар мегирад ва моҳиятан аз чандгонапарастии комил шаҳодат медиҳад; Сама Веда (Sama Veda)-дониши оҳангҳо ва овозу сурудҳои махсуси маросимҳои қурбонӣ ва ашъори мунтахаби иқтибосшуда аз Риг Веда аст, ки дар маросимҳои истеъмоли нӯшобаи сукровару нишотбахши Саома хонда мешуданд; Яҷуҷ Веда (Yajuj Veda)—дониши ҳамаи дуоҳо ва оёти рамзиву динӣ. Бино ба қавли М.Т. Степанянтс ҳар як Веда баъдтар тавассути браҳманҳо инкишоф дода шуд, яъне онҳо шарҳу тафсир ёфтанд, сипас Араниакаҳо ва Упанишадҳо пайдо шуданд. Тамоми мутуни Ведаҳоро «шурути» ё худ кашфу шуҳуди муқаддас меноманд[81].

Ҳар як аз ин Ведаҳо ба чаҳор қисм тақсим мешаванд: мантрас (Mantras)—сурудҳо: самҳитоҳо (samhitos) — матнҳои муқаддас; браҳманҳо (Brahmanas) — тафсирҳо; араниака (Araniaka) – китобҳои ҷангал. Дар ҳамин ҷо бояд кайд кард, ки Упанишадҳо (Upa—наздик ва Shad – нишастан) дорои 108 гуфтор буда, дар нимаи аввали ҳазораи якум (800-500 пеш аз милод) тадвин гардидаанд. Танзими Упанишадҳо дар натиҷаи таснифи рисолаҳои марбут ба чаҳорумин қисми аслии Ведаҳо ё худ «араниака»-ҳо ба вуҷуд омад. Он моҳиятан шомили исолату шариати сиррӣ ва ботиние мебошад, ки барои маърифати карма орифи «Упанишад» онҳоро бояд пушти сар намояд. Чун «араниака»-ҳо бахши ниҳоии Ведҳо ба шумор мерафтанд.

Упанишадҳоро Веданта низ номгузорӣ кардаанд.

Ҳамин ҷиҳати масъаларо ба назар гирифта Саидҳусайни Наср навишта, ки «дар оини ҳинду, ки қадимтарин адьён ва танҳо пежвоки дини азалист, ки имрӯз зинда аст, мутуни муқаддас, яъне Ведаҳо (ки маншаи тамоми суннати он оинанд), ба маърифат мутгасиланд. Аз лихози решашиносӣ (фиқҳ-ул-луға) Веда ва Веданта (Veda ва Vedanta) аз калимаи Vid бо калимаи лотини Videre ба маънои «дидан» ва калимаи Oida дар юнонӣ ба маънои «донистан» ҳамхонаводааанд»[82].

Зоҳиран «Аранiака»-ҳо сурудҳое буданд, ки зоҳидони ҳиндӣ дар севвумин марҳила аз мароҳили чаҳоргонаи зиндагии рӯҳонӣ онҳоро меҳонданд. Чун маънои Упанишад «наздик нишастан» аст, ғараз аз он нишастани шоғирд дар канори устод барои омӯзиши илмҳои ғайбу ғариба ва ирфонӣ будааст. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад. ки дар ҳамон давраи ведоӣ шахсоне пайдо шуда буданд, ки аз зиндагии иҷтимоӣ ва ҳаёти моддӣ даст кашида, дар ҷангалҳо гӯшаи узлат интихоб менамуданд ва бо масъалаҳои сиррию ирфонӣ машғул мешуданд. Диққати асосии онҳо ба шинохти отифаи одамӣ ва дарки ваҳму фиреби олами моддӣ равона шуда буд. Таълимоти ин орифони давраи ведоӣ аз атману браҳман иборат буд, ки аввалӣ рӯҳи куллӣ ва дуюмӣ иллати аълои олами моддӣ ба шумор мерафт. Имрӯз дар бораи ин истилоҳҳо ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Баъзеҳо браҳманро дорои асли кайҳонӣ мешуморанд, дигарон онро ҳақиқати номушаххасу мутлақ медонанд ва ҳатто рӯҳи кулливу вуҷуди олами барин мепиндоранд.

Муҳаққиқи эронӣ Ҷалолуддини Оштиёнӣ зимни таҳқиқи ақидаҳои дорои ҷанбаи ирфонии Ҳинди қадим роҷеъ ба аввалин мактабу мазҳабҳои розгаро навишта, ки онҳо «ба худо ба сурати холиқу мабдаъ ва ҳадаф муътақид нестанд. Ва адёни ҳиндиву чинӣ чун оини ведоӣ, буддизм, ҳиндуизм, дзен буддизм, таоизм ва ғайра, ки аз мазоҳиби бунёдии миститсизм ҳастанд, ё усулан ба худо эътиқод надоранд ва ё онро як асли қайҳонӣ чун Браҳма ва Тао мешиносанд ва дар канори он ҳам як политеизм ва гоҳо ҳам бутпарастии бадавиро муъгақиданд. Сониян, бо адабиёти ҷаззобу зебо ва ҷумалоти латифу гиро наметавон як воқеъиятро исбот ё нафӣ кард. Мусалламан гурӯҳе аз соҳибдилони равшандил ва муштоқони маҷзуби мазҳаби ирфонӣ дар ҳоли ваҷду ҷазаба худро дар аволами латифу рӯҳонӣ эҳсос мекунанд ва ваҳдати хешро ба як қудрати мофавқ ё худо тасаввур менамоянд ва дар ин ҳол низ ба ҳадди аълои лаззати маънавӣ даст меёбанд»[83].

Агар ба амалҳои худоҳои Веда нек назар афканем ба хубӣ мушоҳида хоҳем кард, ки аксари худоёни он инсонҳои муъҷизакоре будаанд, ки қувваю қудрати фавқуттабииро молик шуда. Чунин инсонҳо дар тамаддунҳои Эрону Юнону Рум низ мушоҳида мешаванд ва дар замони дар ҳаёт

буданашон ба мақоми улуҳият расида, мавриди пасастиш қарор мегиранд, ки мисоли равшани он Аредвисура Анаҳитои эронӣ, Аполони юнонӣ ва Юпитери румист. Ба ин маънӣ аз фаъолияти худоёни ведой ва густариши амалиёти онҳо дар диниҳои баъдинаи Ҳинди қадим метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки мазҳаби ориёии Ҳинд дар ҷараёни истикмол ва такомул будааст. Дар он пайдоишу ташаккул, касби моҳиятҳои фавқуттабиӣ ва ноил шудани инсон ба мақоми изадӣ, сайри таквинии ақидаҳоро аз «равонпарастӣ» гирифта то «ваҳдати вуҷуди фалсафӣ» ва аз хурофоти Атҳара Веда гирифта то тавҳиди олии «Упанишадҳо» таҷассум ёфтаанд. Ин худоёни инсонгуна шукуҳу манзалати олии ахлоқӣ касб намуда, ҳамчун худоҳои идеалии ведой тадриҷан ба масъалаҳои хилқат даст заданд.

Зоҳиран ин ақида мухолифони худро низ дорад. Зеро баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Ралф Линтон, ба ақидае тамоил доранд, ки бо вуҷуди саргарму пайбанд шудани ориёиён ба масоили сирриву таълимотҳои ботинӣ, ба баҳсҳои амиқи руҳонӣ даст задани ориёиҳои Ҳинд, парваридани улгуҳои зуҳду риёзат ва дар ҷангалу кӯҳҳо гӯшагирӣ намудани парҳезкорону риёзаткашони ирфонимашрабро як амали воқеӣ намешуморанд. Ба фикри онҳо дар давраи Ведой, хусусан дар марҳилаи ибтидоии он масоили сирриву таълимотҳои ботинӣ ҳанӯз аз доираи амалиёти сеҳру ҷоду бо мақсади фурӯ нишондани хашми нируҳои шарар, девон, зиёнкорон ва беҳбуд бахшидан ба ҳаёти иҷтимоӣ таҷовуз намекард.

Ҷалолуддини Оштиёнӣ муътақид аст, ки инсонхудоҳои ведоиро дар пантеони худоёни Мисру Бобулу Ошур низ мушоҳида намудан мумкин аст. Шояд ҳамин масъаларо бо таваҷҷуҳ ба муколамаи фарҳангӣ ба назар гирифта, Вилл Дурант дар поварақи асараш «Таърихи тамаддун» фикру мулоҳизаи се нафар олимони Ғарбро чунин овардааст: «Макдонелл (Macdonell) ақида дорад, ки тамаддуни шигифтангези Ҳинд аз тамаддуни шумерӣ иқтибос шудааст. Галл (Hall) ақида дорад, ки шумериён фарҳанги худро аз Ҳинд гирифтаанд. Вуллей (Wooley) ҳар ду тамаддуни Шумерӣ ва Ҳинди бостонро дар як аслу як фарҳанг медонад, ки дар Балуҷистон ва навоҳии наздик ба он зоҳир гаштааст»[84]. Вале дар бораи афкори ақидатии давраи Ведой бо камоли эҳтиёт метавон гуфт, ки ҳарчанд худоҳои ведой бо шукӯҳмандии махсус ба дараҷаи қудсият расида, рӯҳониёни ориёӣ мароҳили чаҳоргонаи сайри руҳониро созмон доданд, орифони гӯшанишини он ба таълимоти сирриву ботинӣ пардохта, то ба дараҷаи тасаввури хилқати оламу одам расидаанд, ҳанӯз ориёиёни ин давра як низоми муайяни динию фалсафӣ надоштанд ва шояд ин падидаҳо дар ҳолати ҷанинӣ зоҳир мешуданд ва барои ташаккули минбаъдаи ақидаҳои динию фалсафии Ҳинд такони бузурге бахшиданд. Ҳамин фикри моро муҳаққиқи лоҳурӣ С.А. Қадир низ таъйид намуда, навиштааст: «...дур аз ҳақиқат нахоҳад буд агар гуфта шавад, ки гарчи дар Упанишадҳо бориқае аз жарфбофӣ дида мешавад,

лекин аз маҷмӯаи онҳо як низоми фалсафии мусаҷҷиму ҳамоҳанг ва баҳам пайваста ба даст намеояд»[85].

С.А. Қадир ҳамчунин фикри бисьёр ҷолиби Морис Блюмфилдро чунин иқтибос намуда: «Дини ҳиндуӣ пеш аз вуруд ба Ҳинд оғоз мешавад». Сипас ӯ ба шарҳи ин иқтибос пардохта, таъкид кардааст, ки ҳарчанд ин иқтибос зоҳиран, мутаноқуз ба назар мерасад ва боиси ихтилофи назари муҳаққиқон ба ин масъала гардидааст, дар ботини он ҳақикате нуҳуфта, ки асрори онро бояд пай бурд. Морис Блюмфилд нуктаеро дар назар дорад, ки дину оини ҳиндуии давраи ведой идома ё худ давоми мантиқии диёнати ибтидоии қабилаҳои ҳиндуевропоист, ки ориёиён бо худ ба Ҳинд овардаанд. Ӯ баъди овардани баъзе муқоисаҳо роҷеъ ба худоёни давраи ибтидоии қабилаҳои ориёӣ ба чунин натиҷа расидааст, ки «аз таҳқиқоти татбиқӣ дар орову одоби динии аҳвоми теотонӣ, ҳеллинӣ, келтӣ, ислав, итолиёӣ, арманӣ ва эронӣ, ки ҳамагӣ аз ҳамон нажоди ҳиндуевропой бархостаанд, ба таври мусаллам ва бе камтарин тардид маълум мегардад,ки асоси диёнати онон бар боварихои анимистӣ (ҷонпарастона) ва эътиқод ба теъдоди касире аз эзидони кӯчак, ки ҳар як муваккил бар амри хос будааст, қарор дошт. Парастиши ин изадон бо адои қурбонӣ ва хондани авроду адъияе, ки коргару судманд тасаввур мешаванд, ҳамроҳ буд, ҷодугарӣ низ дар байни онҳо хос ва ривоҷи тамом дошт»[86].

Дар матни Риг Веда шумораи худоёни ориёии ҳиндуӣ 33 адад зикр шудааст. Вобаста ба доираи фаолияташон, муҳаққиқи лоҳурӣ С.А. Қадир, ин худоёнро ба худоёни осмонӣ, фазой ва заминӣ тақсим намудааст. Манбаъву маншаи худоёни кӯҳантаринро дар бораи диёнат ва орои аҳли Ҳинд Абдулҳусайни Зарринкуб ба ҷуз сурудҳои Веда тафсирҳои кӯҳани мавсум ба Брахмана, маҷмӯъаи шаройеъ ва қонунҳои мавсум ба Ману ва тафсирҳои мавсум ба Упанишад медонад. Ба худоҳои осмонӣ, пеш аз ҳама, Воруна (Varuna) мансуб мешавад, ки ба унвони изади некхоҳу меҳрубон Осмонро ифода мекард. Дайва (Deus) ба мисли Зевси юнонӣ ва Юпитери румӣ дар оғоз Осмон буд ва лафзи санскритии Deva, ки баъдан маънои изадӣ ба худ касб кард, дар асл маънои «дурахшон»-ро дошт. Хуршед ба як худои дурахшону ҷаҳонофарин ё худ худои бузурги Праҷапати (Prajapati) табдил ёфт ва раббуннавъи тамоми ашьёи зинда шинохта мешуд.

Осмон одатан бо Замин (Prithivi) ба сурати падару модари кайҳонӣ шинохта шуда, Осмон мазҳарии фазои олам ва тавонотарини ҳамаи худоёни ведой маҳсуб мешуд. Ҷалоллуддини Оштиёнӣ дар ин бора фикри муҳаққиқи голландӣ Вармозарериро оварда, қайд кардааст, ки парастиши Осмону Замин на фақат хоси қабилаҳои ориёиёни ҳиндуэронӣ мебошад, балки дар саросари ҳавзаи мадании баҳри Миёназамин Заминро ба сурати як олиҳа ва Осмонро ба сифати худои ҷонбахш мавриди парастиш қарор додаанд[87].

Осору кайфиятҳои Хуршед дар панҷ изади ведой: Митра (Mitra), Сурия (Surya), Саватри (Savatri), Пушон (Pushan) ва Вишну (Vishnu) таҷассум ёфтааст. Аз байни ин худоҳо Митра намудору қудрати судбахши Хуршед ба шумор меравад. Он байни ҳиндуэрониён худои муштарак буда, мақомаш ҳамчун худои бузурги нигаҳдори низому бақои ҷаҳон ва ҳифзи сарзаминҳои ориёӣ сабт гардидааст. Ин худои қавмҳои ҳиндуэронӣ ба унвони дусте, ки инсонҳоро ба ҳам муттаҳид месозад, дар катиба ва ёдгориҳои фарҳангии қавмҳои ориёӣ борҳо ба такрор омадааст.

Ба изадони фазой қабл аз ҳама Индира мансуб аст, ки бузургтарин худои ҳиндӣ буда, низоми табиии кайҳонӣ ва ахлоқиро ҳифз менамояд ва аз худоёни маҳбубу миллии ориёиёни Ҳинд мебошад. Ӯ мисли Анаҳито дар дини ориёии эрониён ованда ё муваккили раъду тӯфон ва борони гаронбаҳое буд, ки боиси ба вуҷуд омадани обҳои равон ва серҳосилӣ мегашт. Индира худои мардонатарин дар Веда, сурури қудрати Шактипати (Shaktipati) ва шавҳари қудрат номида шудааст. Ӯ аз об зода шуда ва маъмулан Зевси ҳиндӣ мепиндоранд. Яке аз муҳимтарин амалиёти қаҳрамононааш куштани мори Варитра (Vritrahan - кушандаи Варитер) мебошад, ки ин ном бо Вересраuна (=Баҳром)-и Авесто мушобеҳ аст[88].

Индира мазҳару намунаи комили диловарӣ буд. С.А. Қадир Индираро мавҷуди қадиму азалӣ намешуморад ва роҷеъ ба насаби ӯ иқтибоси ҷолибе аз Риг Веда оварда: «Падари ту падари далертарину ҷанговартарини фарзандон буд. Вай падидоварандаи Индира, созандаи соиқаи шикастнопазири осмонӣ (силоҳи Индира)... ва тавонотарин устодкор буд»[89]. Аз ҷумлаи худоёни (ёрони) қадимтарини ӯ Трита (Trita), Апам Напот (Apam-Napat), Матарисван (Matarisvan) ё худ овардани оташ ба Замин ва ғайраро қайд кардан мумкин аст.

Аз ҷумлаи худоҳои заминӣ муаллифи ёдшуда мӯътақид аст, ки дар Ведаҳо рудҳо ба мисли Синдҳи (Sindhu-руди Синд), Випас (Vipas – руди Пояс дар Панҷоби кунунӣ) ба дараҷаи улуҳият расида буданд. Худои аз ҳама машҳури заминӣ Агнӣ буд, ки оварандаи шӯълаи муқаддас ва барандаи қурбонӣ ба осмон маҳсуб мешуд. Дар сурати барқ зоҳир мегашт ва ҳамчун рӯҳи ҷаҳон ва робити байни одамону худоён шинохта шуда буд. Дар Риг Веда ӯ ҳамчун изади барқ ба унвони кушандаи девон ва муҳофиз аз арвоҳи хабис ёд шудааст.

Ба тариқи хулосаи оинҳои давраи Ведой бояд ин ҷо ду иқтибоси ҷолиберо, ки дар аксари таҳқиқотҳо ба онҳо ишора шудааст, пешкаши хонандагон намоем, ки яке сухнони Шопенгауэр дар бораи Упанишадҳо ва дигаре гуфтаи Мхатма Гандӣ роҷеъ ба Бхагават Гита аст. Шопенгауэр баъди ошной бо Упанишадҳо ва таълимоти сирриву ботинии онҳо навишта, ки дар ҷаҳон ҳеҷ навъ мутолиае ба андозаи «Упанишадҳо» судманду тасаллодиҳанда нест. Упанишадҳо моями тасаллои хотири ман дар ҳаёт буд

ва пас аз марг ҳам тасаллибахши ман хоҳад монд. Бхагават Гита ё сурудҳои илоҳӣ китоби манзум буда, он шомили назару ақидаҳои ғолиб роҷеъ ба зиндагии инҷаҳонист, ки байни хосу оми мардуми Ҳинд қабул гардида. Ба ақидаи муфассирон ин «сурудҳои илоҳӣ» таълимоти асосӣ ва муҳимми ведоиро дар бар мегирад. Дар ин «сурудҳои осмонӣ», ки яке аз қатаоти Мхабхаратаро дар бар мегирад, муколамаи ду нафар қаҳрамон чунин сурат гирифта: «Ман кулли вуҷудам ҳастӣ, ман ба валодат шурӯъ нагашта, то ба вафот хатм гардад, балки аз азал буда ва илалабад низ ҳамчунин хоҳам буд – ман дар муқобили аъмоле, ки анҷом медиҳам на таваккӯъи подош дорам ва на бими мукофот. Ман ба ҳамаи мардум бо як чашм менигарам ва ҳамаро дар пешгоҳи худ баяксон мебинам. Ман на ба касе душманӣ меварзаму на дӯстӣ ва балки ҳар кас ҳар ҳоҷате дошта бошад, он ҳоҷатро ба ройгон бароварда созам. Ман дорои чунин сифати олие ҳастам. Пас ҳар кас маро бад-ин сифот бишносад ва аз он тақлид кунад ва худро ба либоси ман дарорад ва ҳирсу озро аз худ дур созад, лоҷарам занҷирҳое, ки бар пояш баста шудаанд, якбора бигусланд ва озодияшро фароҳам оваранд»[90]. Дар Бхагават Гита афкори ғайрибраҳмании бумиёни аслии Ҳинд бо андешаҳои ведоии ориёиёни муҳоҷим то ҳадде созгор гардонда шудааст. Мхатма Гандӣ бо шавқу ҳаваси зиёд суханони ҳакимонаи онро мутолиа намуда, дар ҳошияи он қайд карда, ки «мутолиаи Бхагават Гита ба ман тасалло мебахшад».

Дар ҳамон давраи ведоӣ ақидаҳои ғайриведоӣ, моддӣ ва даҳрӣ тарғиб мешуд. Онҳо ба ҳар навъ эътимод ба қувваҳои фавқуттабиӣ мухолиф буданд. Ба фикри пайравони ин ҷараёнҳо, он чӣ дар ҳақиқат вуҷуд дорад, олами моддист ва, аз ин рӯ, Чарвакаро бо номи Локаята (Lokayata— дунёпараст) низ ёд кардаанд. «Ҳар чӣ ҳаст, ҳамин аст, ки бо хавоси панҷгона дарк мешавад – зиндагиву марг ду шакли мутафовити модда ҳастанд, ки дар яке пайвастагӣ ва дар дигаре пошидагист». Ин ҷараён ба мисли дигар равияҳои шаккокона ба бештари масоил аз назари муҳокимаронихои мантиқӣ менигарист, дар баҳсу мунозира ба қазияҳои мантиқӣ даст мезад. Дар натиҷа як фазои озодандешии мусоиде ба вуҷуд омад, ки ташаккулу инкишофи чандин ҷараёнҳои ақидатиро ба дунбол дошт.

Брихаспати (Brihaspati) бо суханони шаттоҳаш ба пайдоиши мактаби моддигарои Чарвака мусоидат намуд. Ин ҷараён ба ҳақиқати Ведаҳо бо тамасхур нигариста, ҳисси инсонро манбаъи ҳақиқат қарор дод ва асосҳои Ведаҳо ва Упанишадҳоро воқеан зери савол гузошт. Дар ҳамин фазои холӣ Ҷайния (зиндагӣ мусибати маҳз аст ва он на танҳо домангири инсонҳо шуда, балки тамоми мавҷудот ва набототу ҷамодотро мубтало кардааст) ва Буддоия (ба ҳашт асл устувор аст: пиндори нек; гуфтори нек; рафтори нек; муҷодилаи нек; таакқули нек; касбу кори нек; иродаи нек; нигоҳи нек)

низ арзи вуҷуд намуданд. Аввалӣ ҷаҳонро аз азал вуҷуддошта пиндошта, дигаргунӣ дар онро вобаста бо қувваҳои нуҳуфта дар ботини табиат медонист. Пешвоёни ин фирқаро «Маҳовиро»— қаҳрамонони бузург (ба номи тадвинкунандаи усули асосии он Маҳовиро Варуҳамона) меномиданд, ки бештар узлатпарастиро пеша намуда буданд. Ба фикри онҳо ҳар «ҷайн» («марди пирӯз») бояд панҷ аслро риоя кунад: ҷонваронро накушад; дурӯғ нагӯяд; чизеро, ки азони худаш нест, нагирад; ориф бошад ва лаззати ҷаҳони ҷисмониро пушти по занад. Ҷайния ҳамчунин ба асли илоҳӣ доштани Ведаҳо ва хатонопазир будани онҳо бовар надошт.

Зимни пешрафти маданияти моддӣ дар замони фармонравоии ориёиҳо дар Ҳинд, тақрибан дар ибтидои асри панҷуми пеш аз милод марде дар ҳолати ғайритабиӣ бо номи Буддо таваллуд шуд ва таълимоти буддоияро ба роҳ монд. Ӯ ҳангоме зуҳур намуд, ки мардуми ҳинд ба 4 табақаи гуногун тақсим шуда буданд: кшатрия (кармизҳо ё худ ҷанговрони ориёӣ), браҳманҳо (дуогӯён ё худ рӯҳониёни ориёӣ), фамисия (зардҳо ё худ барзгарони ориёӣ) ва судос (сиёҳҳо ё худ барзгарони бумӣ). Рӯҳонияти ҳинд фақат табақоти сеғонаи аввалияро мӯҳтарам мешумориданд ва мӯътақид буданд, ки онҳо чандин зинаро паймуда ва инак дар нашъаи такомул ҳаёт ба сар мебаранд, аммо табақаи чаҳорумро начас мешуморанд, ки ҳанӯз ба пояи такомул нарасидааанд.91. Дар чунин шароити иҷтимоӣ таълимоти буддоия дар Ритакҳо (Ritakas) ҷамъоварӣ шудааст. Он бештар ба тариқи рамз иншо шуда, роҷеъ ба чаҳор ҳақиқати олӣ баҳс мекунад: 1) таваллуду бемориву пирӣ ба мисли андӯҳу афсурдагиву ноумедӣ ранҷовар аст; 2) иллати ранҷ майлу иштиёқи тавъам бо лаззату шавқу шаҳват аст; 3) қатъи ранҷ тавассути қатъи майлу иштиёқ (тарки ҳавою ҳавас, чашмпӯшӣ, дил кандан ва ғайра) ба вуҷуд хоҳад омад; 4) роҳи ҳақиқат ва олӣ ақидаи дуруст, нияту сухани дуруст, кӯшишу огоҳии дуруст ва тамаркузи дуруст аст.

Буддо ҳамвора парастиши тамоми оинҳои фавқуттабиӣ, тилисмот ва риёзату одатро рад намуд. Ин таълимоти ӯ, ки гоҳо аз байни он риштаи «лоадрия» мегузорад ва қонунномаи ахлоқии он аз биҳишту дӯзах мубаррост, ба фикри Вилл Дурант, ба таълимоти Гераклиту Бергсон ва аз лиҳози назарияи рӯҳ ба таълимоти Юм монанд аст. Зеро Буддо мегӯяд, ки он чӣ мо медонем ҳама аз ҳавосу таъсироти худи мост, зиндагӣ иборат аз таъсиру ҷараёни табиии кавну фасод аст. Ба ибораи дигар, ӯ тазод миёни равоншиносии ақлӣ ва таносухро расидан ба «нирвана» медонад. Буддо мӯътақид аст, ки қонуни «карма» (яъне вобаста будани кайфияти вуҷуди ҳар мавҷуд ба аъмоли гузашта) қонунест, ки дар ниҳоду табиати мо амал мекунад. Ҳолу оянда натиҷаи маълули гузашта аст. Танҳо роҳи раҳоӣ аз «карма» расидан ба «нирвана» аст[92] .

Маънои луғавии «Нирвана»— хомӯшшуда аст, вале маъноҳои

гуногуни истилоҳӣ дорад ва ба вуҷуд овардани як роҳи саодатбахш дар ҳаёти инҷаҳонӣ, нақоти фард аз навзодагӣ, фанои худогоҳии инфиродӣ, иттиҳоди фард бо худо ва биҳишти саодати пас аз маргро ифода мекунад. Чарвака ва буддоия аз назари ақидаҳои инсоншиносӣ ва кайҳоншиносӣ ба мазҳаби ориёӣ шабоҳати зиёд надорад ва дар ҳоле ки оини браҳманӣ намоишгари фикру дини ведоист, оини буддоӣ, мазҳаби ҷайнӣ ва чанд оини дигар аз рӯҳу андешаи бумиёни аслии Ҳинд сарчашма гирифтааст[93].

Баъдтар оини Буддо ба ду мазҳаб—ҳимаяна ва рамаяна ҷудо шуд. Аввалӣ мазҳаби суннатӣ ва дуюми мазҳаби мутараккӣ ба шумор мерафт. Дар натиҷаи тамоюлоту мӯътақидоти метафизикӣ аз ин ду мазҳаби буддоӣ чаҳор мактаби фалсафӣ - модҳиамига (фалсафаи тиҳӣ), ёгачара (идеализми зеҳнӣ), саутрантика ва вейбеҳашика арзи вуҷуд намуданд.

Дар замони истилои Искандари Мақдунӣ, ки ба воситаи кӯҳҳои Ҳиндукуш ба шаҳрҳои Таҳсила ва Равлапандӣ ҳуҷум карда буд, авзоъи фарҳангии Ҳинд тағъйир ёфт. Баъди ба иқтидор расидани Чандрагупта аз фирқаи кшатрия ва берун рондани мақдуниён, ӯ салтанати худро ба даст гирифт ва дар муддати 37 соли ҳукмронии ӯ ва салтанати пайравонаш асри талоии фарҳангу тамаддуни Ҳинд ба вуҷуд омад. Ашоко Ярдҳано (Ashoka Yardhana) мазҳаби буддоиро нафаси тоза бахшид, мубаллиғони худро ба Тибет, Чин, Муғулистон ва Япония фиристод. Дар саросари Ҳинд дини буддоиро густариш дод ва футуҳоти фарҳангиро дар сарзамини Осиё оғоз намуд. Шукуфоии тамаддуни Ҳинд дар ҳамин давра арзи вуҷуд намудааст.

Баъди тасарруфи суриаиҳову юнониён дар асри дуввуми то милод ва барқарории фарҳанги юнониву бохтарӣ, Ҳинди қадим ба тасарруфи Кушониён даромад, вале омӯзиши фарҳангии юнонию бохтарӣ шоҳкорҳои муҳимме ба бор овард. Баробари рушду инкишофи шаҳрҳои Пешовар, Таҳсила, Матура асотири тозае ба вуҷуд омад, ки бино ба усули он Буддо худо эълон шуд. Шӯрои бузурги илоҳиётшиносии буддоӣ 300 «сутра»-ро тасниф кард, ки дар он фалсафаи Буддо то сарҳадди эҳтиёҷоти рӯҳии мардуми оддӣ поин оварда шуд ва худи Буддоро ба маснади илоҳӣ нишонд. Нуфузи браҳманҳо афзуд ва асарҳои бузурги адабии Мхабхарата ва Рамаяна ба вуҷуд омаданд. «Сутра» (гуфтору афоризм)-ҳо, бино ба ақидаи М.Т. Степанянтс, аввалин нишондиҳандаи тасниф мустақилонаи низоми фалсафии Ҳинд мебошад. Сипас фалсафаи Ҳинди қадим амалан аз рӯи шаш низоми классикӣ – «синкхья, йога, ньяя, вайшешика, миманса ва веданта» дар заминаи мабноъву эътибороти Ведаҳо инкишоф ёфт[94].

Ҳинди давраи Асрҳои Миёна аз тохтутозҳои гуногуни миллату ақвоми бегона иборат буд. Буддоия зимни сайри таърихии баъдинаи худ ба чандин фирқа ҷудо шуд. Дар ҷануби Ҳинд ва Цейлон «ҳинаяна» амал мекард, дар шимоли Ҳинд, Тибет, Муғулистону Чин «маҳаяна» ҷорӣ шуд. Садҳо фирқаи дигар по ба арсаи вуҷуд ниҳоданд ва дар ҳудуди 500 соли инҳитоти тадриҷӣ

оини буддой аз Ҳинд рахт баст ва ҷои худро ба дину худоҳои наве ба мисли ҳиндуизм, Браҳма, Вишну, Шиво ва Кришна дод, вале дар дигар кишварҳои осиёӣ ба шаклу намудҳои тозае ҷилва намуд.

Ҳиндуия мазҳаби ягона набуд. Дар раъси пантеони ин дини ислоҳшуда Браҳма меистод ва он ҳамроҳ ба Вишну ва Шиво иттиҳоди сегонаро ташкил дода буд. Бино ба таълимоти ҳиндуизм се асли муҳим: офариниш (Браҳмани холиқ), сиёнат (Вишнуи нигаҳдоранда) ва инҳидом (Шивои вайронкунанда) мавҷуд аст. Браҳма ва Мокша асоси фалсафаи офариниш ва иҷтимоии ҳиндуияро ташкил медиҳад. Дар партави ҳиндуия оиҳои фалсафии гуногун ба вуҷуд омада буданд.

ОРИЁИҲО ДАР ОСИЁИ ХУРД ВА НУФУЗИ ОНҲО ДАР ОСИЁИ ҶАНУБУ ҒАРБӢ

Баъди мустақар шудани ориёиҳо дар сарзамини Осиёи Марказӣ нуфузашон ба дигар кишварҳои ҳамсоя таъсири муассире расонид ва ба ҷуз Осиёи Миёнаву Эрон ва Ҳинд онҳо бо тамаддунҳои нисбатан дури ҳавзаи мадании баҳри Миёназамин робитаи мустақим пайдо карданд. Ин густаришу интишори нуфуз, пеш аз ҳама, дар Осиёи Хурд ва Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ба хубӣ эҳсос мегардид. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки ду минтақаи мазкур дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии қабилаҳои ориёӣ дар асри навсангӣ (неолит) нақши муҳим доштанд. Дар натиҷаи бархурду муколамаи фарҳангӣ ва, махсусан, пайдарҳамии падидаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, аҳли намудани набототу ҳайвонот, тарзи зиндагӣ ва русуму одот, ихтирооти чарху ароба ва истиғроҷу истифодаи фелезот, эътиқодоту ба вуҷуд омадани ҳаёти шаҳрӣ ва тиҷорату муносибатҳои бозаргонӣ тарзе сурат пазируфтанд, ки ба муҳоҷирату густариши қабилаҳои ориёӣ ва ё ҳеҷ набошад ба интишори нуфузи фарҳангии ориёиён аз тариқи Осиёи Хурд ва минтақаҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ мувофиқат карданд. Аз ин нуқтаи назар, аввал бояд маҳдудаи минтақаҳои мавриди баҳси Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ муайяну мушаххас гардад, то масиру мадори аслии интишори қабилаҳои ориёӣ ба Шарқу Ғарб мавриди тахқиқу пайгирӣ қарор гирад.

Ралф Линтон минтақаҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбиро чунин ба қалам додаст: «Ин сарзаминест, ки тақрибан аз магриб ба Мадитарона, аз шимол ба дарёи Шимол ва дарёи Хазар ва истепҳои Осиёву Урупо, аз машриқ ба риштаҷиболи Маркази Осиё ва аз ҷануб ба камарбанде аз биёбонҳои хушк, ки нимҷазираи Сино то Ҳинд имтидод меёбад, дар бар мегирад»[95]. Баъди муайян намудани ҳудуди минтақаҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ муаллифи

мазкур дар заминаи таҳлилу баррасиҳои анҷомшудааш ба чунин хулоса расидааст, ки «бештари аносири тамаддуне, ки ба тариқи мухталиф бо ҳам ҷамъ омада, ташкили тамаддунҳои Дунёи қадимро доранд, низ дар ҳамин минтақа таквин ёфтаанд»[96].

Роҷеъ ба масъалаи мавриди баҳс аксари муҳаққиқону тамаддуншиносони Шарқу Ғарб ибрози назар намудааанд. Аз ҷумла қайд гардидааст, ки баъди омадани ориёиҳо ба Осиёи Миёнаву Эрон, онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, гурӯҳи аввал роҳашро ба сӯи Осиёи Хурд идома дод ва гурӯҳи дигар аз тариқи Афғонистон ба дохили Ҳинд русух кард[97]. Ин ақидаи Марсел Дунариро Бобоҷон Ғафуров низ таъйид намуда, зимнан чунин нигоштааст, ки аз сарзаминҳои Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамҳудуди он «як гурӯҳи ҳиндуориёӣ ба Ҳиндустон ва гурӯҳи дигар ба Осиёи Пеш маскан гирифтанд». Марсел Дунари дар асараш мафҳумҳои Осиёи Хурд ва Осиёи Пешро боз ҳам мушаххастар баён карданӣ шуда, дар бораи таъриху маҳалли густариши қабилаҳои ҳиндуевропой навишта, ки «дар поёнии ҳазораи сеюм ҳиндуевропоиён дар Осиёи Хурд, дар хамии бузурги рудхонаи Ҳолус истиқрор ёфтанд»[97]. Дар ҷои дигар муҷаддадан ҳамин фикрро такрор намуда, зимнан иттилоъ додааст, ки нахустин гурӯҳҳои ҳиндуевропой дар Анатолӣ намоён шуданд.

Қабл аз он ки ба таҳлилу баррасии гуфтаҳои боло пардозем, чунин нуктаро қайд намудан зарур аст, ки дар асрҳои 16-12 пеш аз милод дар Шарқ қудратҳои каму беш баробару мутавозин по ба арсаи вуҷуд ниҳоданд. Ин қудратҳо аз Миср (шоҳии ҷадид), давлати Митонӣ, императориҳои хетӣ, ошурӣ, бобулӣ ва ғайра иборат буданд. Ин давра ҳамчун замони шукуфоии тамаддунҳои Минуан (Minoan), ҷазираи Крит ва тамаддуни Мисен (Mycenacan)-и сарзамини Юнон ба шумор мерафт. Маркази муҳимми дигари қудрат шаҳр-давлатҳои тозабунёд ва тавсиаёфтаи Сурияву Фаластин буд, ки бо номҳои Библус (Byblos), Сур (Tyre), Сидум (Sidon) ва ғайра маълуму машҳур буданд[98].

Аз баррасии иқтибоси боло шояд тамоми моҳияту матлаби ин фасл равшан гардад, зеро таҳқиқотҳои анҷомшуда ба он шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз дар асрҳои 17-16 қабл аз милод дар қисми болоии Байнаннаҳрайн давлати муқтадири Митонӣ ба вуҷуд омада буд. Аслу насаби таъсисдиҳандагони ин давлат, бо эҳтимоли зиёд, яке аз қабилаҳои ҳуриёнҳо ё худ ҳурритҳо (Hurrian) бо номи митониҳо ё худ мотиёниҳо буда. Аҷдоди ҳурритҳо бо аҳолии доманакӯҳҳои Арманистон, ки ба фикри муаллифони «Таърихи Шарқ», дар қисмати шарқии Туркияи кунунӣ воқеъ мебошад, иртиботи мустақим дошт. Онҳо тақрибан дар миёнаи ҳазораи сеюми пеш аз милод ба тарафи шарқии Даҷла ва ғарбии Фурот, яъне ба қисматҳои болооби

ду дарёи Байнаннаҳрайн ва тарафи шимоли Сурияву Фаластин муҳоҷират намуданд. Қабилаҳои митонӣ бошад, аввал дар ҳаволии кӯли Урумияи Озарбойҷони Эрон зиндагӣ доштанд ва тақрибан асрҳои 18-17 то милод ориёиҳо вориди ин сарзамин шуда, баъди такмили қудрати низомӣ ба сӯи Осиёи Хурд пеш рафтанд ва дар қисми шимолу шарқии он давлати Митониро ба вуҷуд оварданд.

Ҷ. Маккуин (G. Makgueen) мӯътақид аст, ки "Осиёи Хурд маркази ватани хетиҳо буда, дар қисмати ғарбӣ ва ҷанубии он луъайҳиҳо зиндагӣ мекарданд. Вале қаблан дар Осиёи Хурд халқҳое, ки ба забони ҳиндуевропоӣ гуфтугӯ мекарда бошанд, вуҷуд надоштааст. Пас маълум мешавад, ки онҳо аз дигар ҷо ба ин сарзамин омадаанд. Забоншиносон муайян намуданд, ки ватани ин халқҳо, ки бо забони ҳиндуевропоӣ сӯҳбат мекарданд, сарзаминҳое буда, ки аз Дунаи поёнӣ дар тӯли Баҳри Сиёҳ то доманакӯҳи Қафқоз зиндагӣ мекардааанд. Онҳо аз саҳроҳои Евразӣ ба шимолу ҷануби баҳри Арал сукунат доштанд ва дар охирҳои ҳазораи чаҳоруми то милод то баҳри Сиёҳ расиданд ва дар давоми ҳазораи сеюми то милод ба Урупо аз баҳри Балтик то баҳри Эгей интишор ёфтанд. Онҳо аз қисмати шимол ё аз тариқи Босфору Дарданел ё ба воситаи ағбаҳои кӯҳҳои Қафқоз тақрибан дар ҳазораи дуюми то милод вориди Осиёи Хурд шуданд»[99]. Албатта, роҷеъ ба масири ҳаракати онҳо ба Урупо Ҷ. Маккуин ба иштибоҳ роҳ додааст, чун ин масир ба фикри аксари муҳаққиқон, ки баъдан шарҳашон хоҳад омад, аз Осиёи Хурд ба Урупо будааст.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки сардорони қабилаҳои митонӣ, ба фикри аксари муҳаққиқон, бештар эронӣ буданд, дар аснои ба қисмати шимолии Байнаннаҳрайн омаданашон аз забонҳои ҳиндуэронӣ фақат номҳои сулолаҳои шоҳон, номи худоён ва дигар истилоҳҳои чорводориву кишоварзӣ боқӣ мондаанду халос. Ба ҳар ҳол, унсурҳои ҳиндуевропоии зиёде ҳам дар фарҳанги митониён ва ҳам дар расму оини ҳурритҳо ба хубӣ мушоҳида мешуданд. Чунин фикрро ёдгориҳои боқимондаи таърихиву сиёсӣ ба мисли аҳдномаҳои байни шоҳони митонӣ ва давлати хетиҳо ва мукотиботи Митониён бо фиръавнҳои Миср таъйид мекунанд. Ин аҳднома дар лавҳҳои гилии бадастомада аз Ал-Амарнаи Мисри Миёна дар соли 1887 сабт шуда, ки он шомили номаҳои фиръавнҳои Миср Амнофиси III ва Амнофиси IV ба сарони кишварҳои Шарқ низ мебошад. Бино ба маълумоти Ҷалолуддини Оштиёнӣ дар ин лавҳҳо маҷмӯъи номаҳои ба подшоҳони митонӣ дар Осиёи Сағир то сарзаминҳои Фаластин ва Сурия ёфт шудаанд, ки асомии ориёӣ ва эронӣ доштаанд; монанди Артамара, Арташумара, Артамания, ки шабеҳи номҳои Аттаксерксу Артабуз будаанд[100].

Бино ба маълумоти муҳаққиқон аз даврони бисьёр куҳан мардумони

дорои тамаддуни шаҳрӣ, ки маншаи он ҳанӯз ҳам ба хубӣ равшан нест, дар Осиёи Хурд сукунат доштанд. Забони мардумоне, ки дар оғози ҳазораи дуюми пеш аз милод дар ин сарзамин мезистанд, унсурҳои мушаххаси ҳиндуевропоӣ доштанд ва худро «хетҳо» ё худ «хетиҳо» (Hittites) меномиданд. Ёдгориҳои таърихӣ ва асноду мадракҳои боқимонда аз Аҳди қадим (ҳафриёти Бағозкуй ва дигар маҳалҳои қисмати марказӣ, шарқӣ ва ҷанубии Осиёи Хурд) низ ба он шаҳодат медиҳанд, ки ба ҷуз митониҳо, ки дар минтақаи ҷанубу шарқии Осиёи Хурд фаъолият доштанд, қабилаҳои дигаре низ дар ноҳияҳои ин сарзамини дорои ҷангалҳо ва сарватҳои зеризаминӣ вуҷуд доштанд, ки бо забони бадавии ҳиндуевропоӣ такаллум мекарданд. Аз ин гуфтаҳо ба назар чунин мерасад, ки хетиҳо дар Осиёи Хурд то сарҳади тамаддунҳои оғозини воқеъ дар Байнаннаҳрайн аз як конфедератсияи сусти амирнишинӣ, ки дар оғози ҳазораи дуюм ҳанӯз ба суботи комил нарасида буд, тадриҷан иттиҳодияи кишварҳои бузурге ба вуҷуд оварданд. Онҳо соли 1800 то милод империяи худро таъсис дода, қабилаҳои зиёдеро бо забону тамаддунҳои мухталиф дар меҳвари худ муттаҳид намуданд ва қавми воҳидеро ба вуҷуд оварданд. Ралф Линтон забони хетиро аз решаи забони ҳиндуевропоӣ муштақшуда медонад ва таъкид менамояд, ки дигар забонҳое, ки дар асноди расмии императории хетӣ сабт гардида ва то ба мо омада расидаанд, аз ҳамин реша мебошанд. Ба ҷуз ин, муҳаққиқи мазкур қайд кардааст, ки номи сардорони қабилаҳо ва ҳукмронони хетӣ низ зоҳиран ба номи қабилаҳои ҳиндуевропоӣ шабеҳанд[101].

В.В. Иванов тасрифи феълҳои забони хетиро таҳқиқ намуда, бар мабнои тасрифи ду гуруҳи шаклҳои феълӣ (mi ва hi) ба чунин натиҷа расидааст, ки забони хетӣ ба лаҳҷаҳои забонҳои ҳиндуевропоӣ монандии зиёде дорад[102]. Акидаи олими русро Исҳоқ Осимов ва Франк Войт тақвият додаанд. Ба фикри онҳо, хетиҳо аввалин қавми ҳиндуевропоизабонанд, ки дар оғози ҳазораи дуюм вориди саҳнаи таърих шуда, давлати бузург ва маданияти хетиро ба вуҷуд овардаанд. Ҳамчунин онҳо муътақиданд, ки забони хетӣ «ҳеҷ қаробате ба забонҳои сомии аккодҳо ё забонҳои арабҳои модерн надошт. Ин забон муҳаққақан дар байни забонҳое қарор дорад, ки мо имрӯз ба он забонҳои ҳиндуевропоӣ мегӯем, зеро онҳо забонҳое ҳастанд, ки имрӯз дар Ҳинду Эрон ва тақрибан дар тамоми Урупо мавриди истифодаанд»[103].

Марсел Дунари дар ҳамин бора бо боварии том чунин нигоштааст: «Хетиҳо, чуноне ки аз сохтори забониашон пайдост, бегуфтугӯ ҳиндуевропоӣ буданд, вале чунин менамояд, ки вожагонашонро аз мардуми бумӣ ба вом гирифтаанд. Ин амр пайваста ба гувоҳиҳои дигар мерасонад, ки хетиҳои ростин, ки мунҳасиран ҳиндуевропоӣ буданд, табақаи

фармонраворо падид оварданд ва мардуми бумиро фармонбардори хеш карданд, забону динашонро то андозае ба онҳо таҳмил намудад»[104]. Ба ҳар ҳол, дар ҳудуди соли 1700 пеш аз милод подшоҳии хетиҳо, ки ба унвони «шоҳии куҳан» машҳур аст, қудрат ёфт ва маҳалҳои таҳти нуфузи худро то сарзамини Сурия густариш дод. Тибқи маълумоти муҳаққиқон хетиҳо аввал ноҳияҳои ҳамҷавори худро тасхир карданд, сипас ба тарафи ҳам ҷануб ва ҳам шимоли Осиёи Хурд ва Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ҳаракат карда, нуфузи худро аз баҳри Миёназамин то баҳри Сиёҳ тавсиа доданд. Соли 1600 пеш аз милод ҳатто Бобул таҳти фармондеҳии хетиён қарор гирифтааст.

Пойтахти хетиҳо шаҳри Кусар буд, шоҳи давлати хетиҳо бо мақсади тавсиаи қаламрави худ онро ба шаҳри Хаттусу кӯчонид ва то таназзули давлати хетиҳо ин шаҳр пойтахти он ба шумор мерафт. Аҷобати кор дар он аст, ки худи Шоҳ низ номи ин шаҳрро ба худ касб кард. Баъди ба даст овардани як қатор вилоятҳои Осиёи Сағир шоҳ Хаттусули ба қисмати шимоли Сурия ҳаракат кард, қабилаи ҳурритҳо низ ба ӯ сар фуруд овард ва Хаттусули то дарвозаи Киликия пеш рафт. Лашкаркашиҳои ӯ ба вазъи Шарқи Наздик таъсири муассире гузошт ва ба омезиши қабилаҳои гуногуни маҳалливу муҳоҷирони ғолиб мусоидат намуд. Дар замони фармонравоии подшоҳони хетӣ Хаттусилии 1 ва Мурсили 1 байни хеттҳо ва ҳурритҳо муборизаи барои қудрат дар дохили кишвар сар шуд. Ҷангу ситезҳои дохилиро ҳуҷуми ҳурритҳо ба қисмати шимоли Сурия тезонид.

Охирҳои давраи шоҳии куҳан хетиҳо ба қисмати шимоли баҳри Миёназамин соҳиб шуда бошанд ҳам, муборизаҳои дохилӣ барои қудрат давлатӣ хетиҳоро тадричан заъиф кард ва заминҳои фатҳкардаи худро онҳо аз даст доданд. Дар давраи «шоҳии нав», ки муҳаққиқон онро солҳои 1400-1200 пеш аз милод медонанд, давлати хетиҳо ба худ нафаси тоза ғирифт ва бо давлатҳои Мисру Бобулу Ошур ба рақобат пардохт. Барои аз нав ба даст овардани сарзаминҳои қаблии худ аз асри 15 пеш аз милод дар тӯли ду қарн ба таҷовуз ва тохтутоз шурӯъ намуд ва тамоми қисми ҷанубии Осиёи Хурд ва ҳаволии он, ки қаблан лувайҳиҳо зиндагӣ мекарданд, забт намуд. Санадҳои таърихӣ дар бораи муборизаи хетиҳо бо қабилаҳои каск дар қисмати шимол ва шимолу шарқии баҳри Сиёҳ дарак медиҳанд. Шоҳ Суппилулиум (Suppiluliumas) ҳудуди соли 1350 қабл аз милод барои таҷдиди қудрати пешинаи хетиҳо кӯшиши бузурге ба харҷ дод ва тавонист, ки Империяи хетиҳоро созмон диҳад. Дар замони ҳукмронии Суппилулиуми I қудрати воқеӣ дар дасти шоҳ ва саркардагону фармонравоёнаш гузашт.

Дар ин давра хетиҳо бо митониён сахт муборизе бурданд ва аз Фурот убур карда, қабилаҳои ҳуриёиҳои соҳили ин дарёро ба худ тобеъ карда, ба пойтахти митониён Вашшуккане наздик шуданд. Митониён, ки худ ориёиуласл буданд, пойтахти худро ба хетиҳо, ки аслу насабашон ориёй

буд, бе ҷанг гузошта рафтанд. Ҳарчанд Шоуши Шатар (1450-14200 то м.) ба хетиён сахт муқобилат нишон дода, ҳарифи ошуриҳо ва ҳатто мисриҳо буданашро зоҳир карда бошад ҳам, баъди ҳуҷумҳои муваффақиятомези хетиҳо ба шимоли Сурия митониҳо тамоми заминҳои худро дар соҳили ғарбии Фурот ва шимоли Сурия аз даст доданд. Баъдтар митониҳо ба ҳамлаи ошуриҳо тоб наоварда, дар асри 13 пеш аз милод ба таркиби ҳокимияти Сурия дохил шуданд ва хетиҳо дар шимоли Сурия ҳукмрониро ба даст гирифтанд.

Дар ҳамин асно Миср, ки дар ҷанголи бӯҳрони дарунии худ дасту по мезад, аз кашмакашу ҷанг ситези хетиҳо барканор намонд. Хетиён аз фурсат истифода бурда, императории Мисрро рахна карданд. Нуфузи Суппилулиуми I то Уршалаим (Иерусалим), ба сӯи ғарб то баҳри Эгей ва ба сӯи шарқ то ба Арманистон ва марзҳои давлати Ошур расида буд. Баъди ба даст овардани Ҳалаб ва Керкемиш Суппилулиуми I фарзандони худро ба тахти шоҳӣ нишонд ва сулолаи хетиҳоро оғоз кард.

Дар поёни садаи 14 пеш аз милод «Хети бузург» ихтиёрдори Машрикзамин буд. Вале тадричан Ромсеси I (1312-1290 то м.) ва Ромсеси II (1290-1224 то м.) дар Миср зимоми ҳукуматро ба даст гирифта, назму низоми мушаххас дар Сурияву Фаластину Финикия ҷорӣ намуданд. Дар натиҷаи ситези дохилӣ ошуриҳо вилоятҳои шимоли Бобулро аз нав ба даст даровардaнд. Дар ҳамин асно Шаламансари I (1271-1241 то м.) ба давлати Митониён зиндагии тоза бахшид. Хетиён бо фиръавиҳои Миср, ки Ромсеси II соли 1298 пеш аз милод бо онҳо ҷанг эълон карда, дар натиҷа ҳар ду давлат заиф шуда буданд, созиш карда, соли 1269 пеш аз милод муоҳида дар бораи муҳтабарии марзҳои мавҷудаи ҳар ду кишвар бастанд ва барои тақвияти ин муоҳида Рамсеси II яке аз духтарони Хетушилашро ба занӣ гирифт.

Гуфтаҳои болоро муаллифони «Таърихи тамаддун» чунин хулоса намудаанд: «Хетиҳо бо роҳбарии султони худ Суппилулиум (1380-1346 то м.) Митониро фатҳ намуда, онро замимаи сарзамини худ карданд. Аз ин ба баъд фақат як императории хетиҳо вуҷуд дошт, ки хоҳони густариши худ ба тарафи ҷануб ва дар минтақаҳое, ки мо имрӯз Сурия мехонем, буд. Аммо дар ин ҷо дар муқобили мисриҳо бо роҳбарии Ромсеси II қарор гирифт ва алорағми шаҳомату ҷуръати худ, хетиҳо муваффақияте ба даст наёварданд. Муҳоҷимони ҷадид (мардумони дарё, ки мисриҳо оиҳоро ба- дин ғуна мехонданд) ба ғорати Осиёи Сағир ва Миср пардохтанд ва қабл аз 1200 пеш аз милод сарзамини хетиҳо зери заработи онҳо аз по дарафтод»[105]. Баъзе муҳаққиқони дигар ин масъаларо дақиқтар тавзеҳ додаанд. Масалан, Ралф Линтон мӯътақид аст, ки Императории хетиҳо дар давоми ҳукмронии 500 солаи худ кисмати аъзами Осиёи Хурд ва Сурияро таҳти фармонравоии худ даровардaнд, нуфузи худро ба самти ҷануб он қадр ривоҷ доданд, ки то

марзи Фаластин ва Императории Миср густариш ёфт. Вале ба ақидаи Марсел Дунари тақрибан дар ҳамин давра тохтутозҳои тозае дар натиҷаи фишори ҳиндуевропоизабон ба вуҷуд омад. Соли 1250 пеш аз милод Императории хетӣ мавриди ҳамалоти ваҳшиёнаи мушкетҳои Фракия (қабилаҳое, ки аз Балкан омада буданд) қарор гирифт. Бо булиён ба Ошур тохтанд, онро тороҷ намуда, ёдгориҳои таърихӣ, аз ҷумла «Қонунномаи Ҳамураппи»-ро бо худ бурданд. Маҳз дар натиҷаи чунин торочгарӣ бостоншиносон зимни ҳафриётҳо хеле аз ёдгориҳои таърихии Бобулро дар шаҳри Шуш ёфтанд[106].

Роҷеъ ба вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва тамаддуни давлатҳои Митониву Хетиён дар қисматҳои марбута таваққуф хоҳем кард. Дар ин ҷо зоиши миллатҳои наве, ки дар натиҷаи омезиши қабилаҳои гуногуни Аҳди бостон дар ҳавзаи мадании баҳри Миёназамин ба вуҷуд омаданд, мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод. Сухан дар бораи он меравад, ки дар ибтидои ҳазораи якуми пеш аз милод дар асари тохтутозҳо ва кашмакашиҳои дохиливу хориҷии давлатҳо императориҳое, ки таййи ҳазораҳои қабл фаъолият доштанд, ба гирдоби нестӣ кашида шуданд. Ва як силсила давлатҳои хурди соҳибистиқлол дар саҳнаи таърих ҷилванамой намуданд. Масалан, нопойдории Империяи хетӣ ва ҳоли табоҳи шоҳии Миср пайомадҳои сиёсиеро ба дунбол дошт, ки дар натиҷаи он Сурия (ба маънии Сурияи даврони бостонӣ, ки аз Фурот то баҳри Миёназаминро дар бар мегирифт) ва Фаластину Финикия ҳамчун давлатҳои мустақил ба фаъолият шуруъ намуданд.

Агар ба таърихи масъала назар афканем, ба хубӣ мушоҳида мегардад, ки фиръавнҳо ҳануз соли 1600 пеш аз милод Сурия ва Финикияро тасхир намуда, дар ин сарзаминҳо гуруҳҳои начандон бузурги худро барои ҷамъоварии боҷу хироҷ гузошта буданд. Аз Сурияву Фаластин ва Финикия ба Миср қувваи корӣ, порчаҳои гуногун, чӯбу тахта, шохи гавазн, зару зевар, гандум ва ғайра мебурданд. Аксари муҳаққиқон чунин мепиндоранд, ки дар давраи «Шоҳии нав»-и хетиҳо Сурия таҳти таъсири онҳо боқӣ монда буд. Дар давраи Суппилулиум муносибати хетиҳо низ бо Миср хуб буда, вале сиёсати хетиҳо дар Сурия боиси кашмакашӣ ва задухурди ин ду давлат гардид. Сурия дар ин талотум маҳалли муҳоҷирати халқҳои гуногун аз қабили сомиён, ҳиндуевропоиён, оромиён, ибриён, фаластиниён ва ғайра шуд. Зеро Сурия, чуноне ки Арнолд Тойнби қайд намудааст, дар миёни гиреҳи хостгоҳҳои ду кӯҳнатарин тамаддун, яъне сумериву аккодӣ ва эрониву миср дар дараи миёнаи Нил қарор доштааст. Осиёи Сағир «хонаи хетиҳо» ва аз ақмори тамаддуни сумериву аккодӣ дар шимол бар Сурия мушриф будааст[107].

Хетиҳо дар Сурия вазъи чандон хубе надоштанд, такягоҳи асосии онҳо ба шаҳри Киркемиши Сурия ва давлат-шаҳри Сурия, ки гуруҳе аз хориҷиён

дар онҳо зиндагӣ доштанд, ба худмухторӣ муваффақ шуданд. Аз садаи II то 9 пеш аз милод Фаластиниён дар ҷануби дашти борики кӯҳи Кармил ва Финикиён дар қисмати шимоли он сукунат доштанд. Қисми дохилии ин даштро, ки ҷаҳорроҳи ҷоддаи корвонии Мисрро бо Осиёи Хурд ва баҳри Миёназаминро ба Фурот мепайваст, оромиён ишғол карда буданд. Онҳо аслан аз Байнаннаҳрайн омада, дар чаҳорроҳи пуркору бори бозаргонӣ ҷойгир шуданд. Финикиён тамоми робитаҳои бозаргонии баҳриро дар ихтиёр доштанд, оромиён бошанд мардумони хушкнишин ба шумор мерафтанд ва бозаргонии корвониро дар хушкӣ ба ӯҳда доштанд ва аз чанд шоҳии начандон бузург иборат буданд. Яке аз онҳо шоҳии Димашқ буд. Бозаргонии Димашқ барои таъмини эҳтиёҷоти шаҳру деҳот бо корвонҳо ба воситаи ҷоддаҳои тиҷоратӣ аз Мисру Байнаннаҳрайн то баҳри Миёназамин робитаи тиҷоратӣ барқарор карда буданд. Забони оромӣ, ки ҳуруфаш муштақ аз алифбои финикӣ буд, дар он ноҳия амал мекард.

Аҳолии таҳҷоии бандарҳои ғарбии кӯҳи Лубнон, аз ҷумла Библус (Ҷабил), Сувар, Сайдун аз ҳуҷуми бегонагон эмин монданд ва ин шаҳрҳо бо суръат ба шаҳр-давлатҳои алоҳида табдил ёфта, маҷмӯъи онҳо бо истилоҳи юнонӣ «Финикия» ном гирифт. Ин давлат дар қисмати шимоли кӯҳи Кармил фаъолият ва анъанаи қадимаи бозаргонӣ дошт. Ҳанӯз дар ҳазораи сеюм аз тариқи бандарҳои Бобулу Угорит бо Байнаннаҳрайну Миср робитаи бозаргонӣ барқарор карда буд. Марсел Дунари мӯътақид аст, ки финикиён аслан соминажод буда, дар натиҷаи кишваркушоиҳои зиёд сокинони маҳаллӣ бо бегонагон омезиш пайдо карданд. Дар дарёнавардӣ ҳамто надоштанд ва бозаргонони моҳир ба шумор мерафтанд. Тадриҷан ба ҷаҳони Ғарб иртибот пайдо карданд ва пайванди миллатҳоро ба вуҷуд оварданд. Дар Осиё байни кишварҳои ҳамсоя созишнома роҷеъ ба бемамониат расидани корвонҳои бозаргонӣ ба бандарҳои Финикия муоҳида баста шуд. Канораҳои баҳри Миёназамин пур аз бунгоҳҳои тиҷоратӣ ва анборҳои фаровардаҳои маҳаллӣ буд, ки киштиҳои финикиҳо онҳоро ба хориҷ бурда, дигар колоҳои мавриди ниёзро аз сарзаминҳои гуногун меоварданд. Финикиён дар асри 10 пеш аз милод ба Кипр (Қибрис) роҳ ёфтанд, дар асри 9 то милод ба Ситсилия, Сардина ва Испания ворид шуданд[108].

Ин фикри Марсел Дунариро Л.Блоус ва Лукас таҳвият дода, навиштаанд, ки «шаҳрҳои ғарбии кӯҳи Лубнон, ки муддати зиёде натавониста буданд бо дарёнавардии Крит ва Мисен рақобат кунанд, ба шаҳрҳои тиҷоратии нируманде дар Ховари Миёнаи бостон табдил ёфтанд. Финикиён аҳамияти фавқулодда ба ворид шудан ба ҷаҳони Ғарб доданд. Шаҳри Тир дар қисмати ҷанубии Финикия ба Лондони қадим табдил ёфта буд ва ба маркази ягонаи савдою тиҷорат бо Ғарб баъди таназзули Угорит, ки дар робита бо қисмати шарқии баҳри Миёназамин буд, ба шумор мерафт

Фарҳанги Ховари Миёнаи бостонро ба Урупо интиқол доданд ва аз тариқи онҳо юнониҳо нахустин бор ба Ховари Наздик тамос ёфтанд»[109]. Ба фикри муаллифони мазкур Финикиён нуфузи худро бо роҳҳои мухталиф аз тариқи баҳри Миёназамин густариш доданд, дар шакли муҳоҷирнишин дар Африкаи Шимолӣ, Ситсилия ва ҷануби Испания маҳалҳое ба вуҷуд оварданд, ки дар асри 10 то милод ба шаҳрҳои бузург ва пойгоҳҳои бозаргонӣ табдил ёфтанд. Муаллифони «Таърихи Шарқ» ин фаъолияти Финикиён дар охирҳои асри 12 ва ибтидои асри II-и пеш аз милодро марҳилаи аввали мустамликадории Финикиён аз тариқи Осиёи Хурд ба Ғарб ба қалам додаанд. Дар охирҳои асри 9 то милод марҳилаи дуюми он шурӯъ шуда, ки аз тариқи Кипр ба қисмати ғарбии баҳри Миёназамин баромада, Сардинияро таҳти нуфузи худ қарор доданд, ки роҳро ба Италия, Корсика, Голландия ва Испания мекушод[110].

Чунин ба назар мерасад, ки Ралф Линтон ҳамаи фикру мулоҳизаҳои фавқро дар бораи Финикиён дар асараш ҷамъбаст намудааст. Ӯ зимни баррасии тамаддунҳои давлатҳои хурди соҳибистиқлоли асрҳои12-10 то милод чунин мепиндорад, ки баъди дар ҳаволии баҳри Миёназамин дар саҳнаи таърих арзи вуҷуд намудани Финикиён нахустин шаҳрҳо дар соҳилҳои Сурия бино шуданд. Аммо пас аз муддате эшон монанди пешгомони худ, яъне аҳолии Крит дарёфтанд, ки барои ҳифзи саёдати дарёии хеш мӯҳтоҷ ба доштани пойгоҳҳои дарёӣ ҳастанд ва бад ин сабаб дар мағриби Мадитарона нукотеро мустаъмари худ сохтанд. Яке аз ин мустаъмариҳо Кортаж (Corthage) дар соҳили шимолии Африқо буд, ки баъдан дар ҷараёни таърих мебоист нақши муҳим бозӣ кунад. Дар Мадитаронаи Шарқӣ финикиҳо доиман гирифтори рақобат бо юнониён ва мисриён буданд. Аммо, дар айни ҳол, тавонистанд дарёҳои моварои ҷазираи Ситсилро азони худ созанд ва то хоки Испания пешравӣ кунанд, ба ганҷинаи маъодини ғании он даст ёбанд. Финикиҳо бо иттико ба нируи дарёии худ ба ин ҳам иктифо накарданд ва худро ба уқёнуси Атлас заданд ва дар тӯли савоҳили ҷанубӣ ва шимолии он ба дарёнавардӣ ва пайгардӣ идома доданд, то саранҷом ба ҷазираи Британиё расиданд.[111]

Фаластин дар чаҳорроҳи Мисру шаҳрҳои бузурги соҳилҳои Даҷлаву Фурот қарор дошт ва ҳамин вазъи ҷуғрофиаш боис гардид, ки ин сарзамин ҳам маркази бозаргонӣ ва ҳам маҳалли набардҳои байни императориҳои бузург гардад. Муҳаққиқон аз рӯи ҳафриётҳои бостоншиносӣ таърихи пайдоиши Фаластинро ба миёнаи ҳазораи дуюми пеш аз милод мансуб медонанд. Худи яҳудиён мӯъҳтаҳиданд, ки уммати Иброҳими Халилуллоҳ аз шаҳри Ур тақрибан солҳои 2200 пеш аз милод омада, сокини Фаластин шудааст. Бино ба тахмини дигар яҳудиён тақрибан дар солҳои 1900 пеш аз милод ба хамии бузурги Фурот омада, дар Канъон ҷойгузин шудаанд. Баъди истилои иброниён ва фатҳи Фаластин яҳудиён ба хукусиҳо якҷоя ба Миср

муҳоҷират кардаанд. Гуё қаҳгӣ боис шуда, ки набераи Иброҳим Яъқуб бо 12 писараш ба Миср рафта, баъди чанде онҳо дар он ҷо таксир шуданд ва таҳти нуфузи фиръавнҳо қарор гирифтанд. Ҳазрати Яъқуб дар замони ҳукмронии Таҳмураси III Мисрро тарк кард. Тибқи маълумоти «Аҳди қадим» исроилиён бо роҳнамоии Ҳазрати Мусо аз Миср гурехтанд ва ба Фаластин омада, дар маҳалҳои мухталиф ҷойгузин шуданд. Яҳудиён аз лиҳози нажодӣ гуё ҳолати аввалаи худро нигоҳ доштанд, зеро бо миллатҳои ғайр омезиш пайдо накарданд.

Дар аввал Бани Исроил давлати шоҳӣ набуданд. Марсел Дунари фаластиниёнро соминажод намедонад. Вале муборизаи яҳудиён бо фаластиниён онҳоро маҷбур сохта, ки шоҳ интихоб кунанд. Соул писари Киш аз қавми шимоли Вениамин шоҳ интихоб шуд ва пойтахти худро Гивеа (Телл-ал-фул) эълон карда, қавми Бани Исроилро ба рушду нуму ҳидоят намуд. Ба муқобили фаластиниёну омуниён муборизa бурд. Баъдтар ба шуриши домодаш рӯ ба рӯ шуд ва оқибат ҳалок гардид. Ҳаёти иҷтимоии асрҳои баъдии исроилиён хуб равшан нест. Муҳаққиқон қайд кардаанд, ки танҳо дар Таврот дар бораи шоҳ Соул (Шоул), Юнатан ва Довуд маълумот боқӣ мондааст. Масалан, дар Таврот омадааст, ки дар Хеврон ҳамаи пешвоёни қабила ҷамъ омада, ба худои Яҳво аҳд карданд ва Довудро шоҳ эълон ва вазифаҳои ҳавзаҳо муайяну мушаххас карда шуданд.

Бино ба маълумоти «Китоби муқаддас» фаластиниён аслан аз маҷмаъулҷазоири Юнон ба ин сарзамин омадаанд ва миёнашон гурӯҳҳои ҳиндуевропой ҳам ба назар мерасид. Фаластиниён конфедератсияи махсус, ки иборат аз панҷ шаҳр-Ашдуд, Ашкалун, Ақрун, Чат ва Ғазза буд, созмон доданд ва худро аз ҳуҷумҳои пай дар паи иброниён дифоъ мекарданд. Ёдгории ягонаи фарҳанги фаластиниён «Китоби муқаддас» ин қавмро мардуми ҷангҷӯ ва дарёнавард медонад[112].Дар асрҳои 12-11 пеш аз милод дар сарзамини Фаластин ҷамъиятҳои табақотию синфии аҳолии бумӣ ва ҷомеъаҳои авлодию табақотии яҳудиён зиндагӣ мекарданд. Вале агар ба таърихи масъала назар афканем, ба хубӣ мушоҳида мегардад, ки яҳудиён вақте аз Миср ба Фаластин омаданд, ҳанӯз дар тамаддуни асри биринҷӣ буданд, дар сурате ки фаластиниён ба истифодаи оҳан ошной доштанд. Ралф Линтон дар ин бора навиштааст, ки «Фаластиниён дар ҳудуди соли1300-1200 пеш аз милод комилан дар хатти соҳили баҳри Миёназамин мустақар шуда буданд, ба тавре ки вақте Бани Исроил тақрибан дар ҳамон замон, вале аз ҷиҳати муқобил ба хоки Фаластин расиданд, куллияи сарзаминҳои соҳилии онро дар ишғоли Фаластин ёфтанд.

Довуд дар замони 40 соли салтанаташ аввал бо дигар қабилаҳо барои мустаҳкам намудани мавқеи худ муборизa бурд, байни қабилаҳои шимолу ҷануб як навъ иттиҳоду созише низ ба даст овард. Ӯ Уршалаимро тасхир кард ва онро пойтахти худ эълон намуд. Оромиёнро аз Димашқ берун ронд

ва ба фаластиниён бо назари таҳдид нигарист. Ислоҳоти низомӣ гузаронид ва ҳукумати марказиро созмон дод, дастгоҳи давлатиро тақвият бахшид ва аз сустии давлатҳои Осиёи Пеш истифода бурда, ноҳияи шимолии Фаластинро забт кард ва ҷангу ситезҳои дохилиро фурӯҳ нишонд.

Писараш Сулаймон (970-930 то м.) қудраташро такмил дод ва бо Финикия муносибати бозаргонӣ барқарор кард. Дар Уршалаим ба сохтмони «Парастишгоҳи Сулаймон» пардохт. Қаламрави шоҳии ӯ ба 12 ноҳид (ҳавза)-и маъмуриву боҷиҳӣ тақсим мешуд. Дар давлатҳои яҳудӣ ва Исроил ба таври куллӣ 340 сол сулолаи довудиҳо ҳукмронӣ кард. Сулаймон ҳануз дар оғози салтанаташ рақибони худро аз саҳнаи сиёсат дур кард ва Яҳво ин кори ӯро писандид, фазилату арзиши қонунро ба мардум омӯхт, онҳоро аз ҷангу ихтилоф боздошт ва сулҳу осоиш барқарор гашт. Аз ин рӯ, ӯ ба хирадмандӣ ном бароварда буд. Бино ба ақидаи Вилл Дурант номи Сулаймон "аз калимаи «Шолум» (Sholom) муштақ шуда, ки маънои сулҳу осоишро медиҳад". Дар замони салтанати ӯ Урушалаим ба маркази сулҳу осоиш ва бозори бузурги Шарқи Наздик табдил ёфт. Вале баъди марги Сулаймон ягонагии кишвар дер намонд. Қаламрави давлати Сулаймон ба ду мамлакати ба ҳам муқобил — яке Исроил дар қисмати шимол бо пойтахташ Сомиро (Samiria) ва дигаре Яҳудо дар қисмати ҷануб бо пойтахташ Уршалаим тақсим шуд. Зиддияти байни онҳо кишвари қаблан ягонаро сусту нотавон кард ва Уршалаимро мисриён тасхир намуданд. Ошуриён ба Сомиро тотанд. Дар ҳамин замони ошуфтаи сиёсӣ анбиёи Бани Исроил зуҳур карданд ва сабаби навиштани Таврот гардиданд.

Саҳми Исроил баъди тақсими давлати Уршалаим байни писарони Сулаймон дар тамаддун нисбатан маҳдуд аст. Воқеаи аз ҳама муҳим ба вуҷуд омадани дини яҳудӣ аст. Он куҳнатарин дини ҷаҳони ғарбист. Боварии Исроил ба худои ягона ва яктопарастии мутлақаш дар миёни мардумоне, ки худоёни бисёреро мепарастиданд, ғулғула ба вуҷуд овард. Шолудаи яктопарастии Исроил дар ваҳйи кӯҳи Сино сохта шуд. Аҳамияти «Асрори паҷгона» ё нахустин 5 китоби «Аҳди қадим» бунёди низоме аз дину ахлоқу қонунро дар бар дошт. Коҳинон ҳамон анбиёи «Аҳди қадим» буданд, ки фармонфармоии Тавротро таблиғ менамуданд. Яҳво ҳамаи унсурҳои дигар худоҳои қабилаҳои яҳудро дар худ таҷассум мекард.

Дар замони шоҳ Юшиа (Yosiah) коҳине бо номи Ҳилкиа (Hilkia) ба шоҳ эълон кард, ки аз як ҷои пинҳонии маъбад тӯмори аҷоиберо пайдо кардааст, ки дар он Ҳазрати Мусо бо фармони худои тавоно Яҳво «таклифи тамоми мушкилоти таърихиву ахлоқиро ба таври қатъӣ ва барои ҳамеша муайян кардааст». Ин тӯмор байни анбӯҳи яҳудиён қироат шуд ва шоҳ савганд ёд кард, ки тибқи он амал кунад, дигаронро низ ба чунин рафтор даъват намуд ва худоёни бегонаро аз миён бардошт. Гурӯҳи дигари яҳудиён, ки Соргуни II онҳоро баъди истило ба Байнаннаҳрайн бурда буд,

ба парастиши худоёни бобулӣ пардохтанд. Муаллифи номаълуме бо номи Ашъиё хост, ки бо навиштани китобе он яҳудиёни дини худро фаромӯшкардаи сокини Байнаннаҳрайнро, ки маҷбуран ошуриён ба он ҷо бурда буданд, ба дини аслии худ баргардонад. Бо чунин амалаш ӯ дини яҳудиро чунон ба пояи баланд бардошт, ки ҳеҷ як аз динҳои вуҷуддошта дар Шарқи Наздик чунин мақому манзалате надоштанд. Ашъиёи дуввум ин корро идома дод ва ба пешрафти қобили мулоҳиза ноил гардид. Вилл Дурант ҳамин ҷиҳати масъаларо ба назар гирифта навиштааст: «Дар ҳамон ҳангоме ки Буддо мардумро дар Ҳинд ба саркӯбии шаҳват даъват мекард ва Конфуций дар Чин тухми ҳикматро дар миёни қавми худ меафшонд, Ашъиёи дуюм бо як насри шево ва бошукӯҳе усули яктопарастиро барои яҳудиёни табъидӣ ба сурати ошкоро баён кард ва барои онон худои меҳрубонеро арза мекард, ки меҳру муҳаббату бахшоиши вай ба Яҳвои хашмноку сахтгири Ашъиёи аввал ба ҳеҷ ваҷҳ қобили муқоиса набуд»[114].

Ӯ ҳамчунин иттилоъ дода, ки мувофиқи Ашъиёи дуюм василаи озодии қавми яҳуд дар оянда сарзамини Эрон хоҳад буд ва изҳор шуда, ки Куруш шикастнопазир аст, ӯ бар Бобул мусаллат хоҳад шуд, қавми яҳудро аз асорат наҷот хоҳад дод. Яҳудиён ба Уршалаим бозхоҳанд гашт. Аз ин рӯ, бошукӯҳтарин сооти таърихи Исроил Бобулро тасхир кардани Куруш ва озод кардани яҳудиён барои барғаштанашон ба сарзамини аслиашон мебошад. Чуноне ки баъдан хоҳем дид, ин тахмин то андозае амалӣ гардид, вале бахти бади яҳудиён дар Аҳди бостон буда, ки Бахтуннаср (келдониён) ду бор ва румиён низ ду бор яҳудиёнро аз ватани аслиашон решакан карданд. Қавми яҳуд дар маҷмӯъ панҷ императорӣ-Бобулӣ, Ҳахоманишӣ, Батлимусӣ, Селевкӣ ва Румиро аз сар гузаронид ва ба унвони аққалият дар миёни аксарияти ғайрияҳуд дар кишварҳои гуногун зиндагӣ кард. Пас аз ҳуҷуми султони келдониён Бахтуннаср, дар соли 586 то милод навиштаҳои таърихӣ ва пешгӯиҳои мазҳабии ибриҳо дар китобе, ки имрӯз мо онро Инҷил мехонем, ҷамъоварӣ шуд. Аксари муҳаққиқон мӯътақиданд, ки ривоёти қадими Китоби муқаддас роҷеъ ба масъалаҳои хилқат, Тӯфони Нӯҳ, Бурҷи Бобул аз таъсири фарҳанги келдониён ба ин қавм шаҳодат медиҳад.

Дар боло роҷеъ ба миллатҳои наве,ки бар асари таъсиру густариш ва тохтутозҳои ба истилоҳ «мардумони дарё» ё худ онҳое, ки аз фаросуи дарёи Фурот дар сарзаминҳои Шарқи Толеъ (Levant- яъне сарзаминҳои Исроил, Урдуни ҳошимӣ, Лубнон, Сурия, Фаластин ва ғайра) по ба асрсаи вуҷуд ниҳоданд ва дар таърихи фарҳанги ориёӣ ва густариши он ба наҳве нақши боризе доштанд, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз байни онҳо ба финикиён, оромиён, фаластиниён, иброниён ҳамчун ноқилони фарҳанги ориёиён ба Шарқу Ғарб аҳамияти махсус дода шуд.

ҚАБИЛАҲОИ ҲИНДУЭРОНӢ ВА ҲИНДУЕВРОПОӢ

Баррасии қабилаҳои ҳиндуэронӣ ва ҳиндуевропоиро аз омӯзиши гурӯҳи забонҳои ҳиндуэронӣ ва ҳиндуевропоӣ, ки моҳиятан оилаи забонҳои ҳиндуевропоиро ташкил медиҳанд, оғоз хоҳем кард. Аз рӯзгори Эрони бостон ба мо ёдгориҳои хаттӣ бо ду забони мухталиф, вале аз ҷиҳати таркиби муғавӣ ба ҳам наздик боқӣ мондаанд. Қисме аз онҳо бо хатти мехӣ дар сангу кӯҳҳо ва девору кӯшкҳо бо забони форсии қадим навишта шудаанд. Ёдгории дигар Авесто аст, ки бо забони авестоӣ таълиф шудааст. Ҳар дуи ин забон, мувофиқи маълумоти муҳаққиқон, бо забони санскрит аз як реша буда, ҳамаи онҳо дар аввал байни қавмҳои ҳиндуевропоӣ роиҷ буданд. Ба ибораи дигар, ҳамаи халқҳое, ки таҳти нуфузи халқҳои ҳиндуевропоизабон қарор мегирифтанд, забонҳои ҳиндуевропоӣ ва ё яке аз лаҳҷаҳои онро мепазируфтанд ва имрӯз ҳатто дар он сарзаминҳое, ки асаре аз улгуи тамаддуну аломати нажоди ориёӣ боқӣ намонда, ҳадяи бузурги ориёиён он буда, ки забонашонро ба халқҳои зердасти худ ба ёдгор мондаанд.

Забонҳои эронӣ гуфта забонҳои хеши беруномада аз як забони модар (ҳиндуевропоӣ)-ро гӯянд, ки онро маъмулан дар забоншиносӣ забонҳои умумиэронӣ меноманд. То ба ҳол, бино ба маълумоти забоншиносон чиҳил забони зиндаи эронӣ бо лаҳҷаҳояш амал мекунанд. Гурӯҳи забонҳои ҳиндуэронӣ аз забонҳои эронӣ ва забонҳои ба он хеши ҳиндӣ (ҳиндуориёӣ)иборат мебошанд, ки як шохаи бузурги забонҳои ҳиндуевропоиро ташкил медиҳанд. Ба забонҳои муосири эронӣ, ба фикри забоншиноси шинохта И.М. Оранский, забонҳои форсӣ, тоҷикӣ, афғонӣ (пушту), осетинӣ, курдӣ, тотӣ, талишӣ, белуҷӣ, забонҳои помирӣ (шуғнонӣ, вахонӣ ва ғайра) ва як қатор дигар забонҳо ва лаҳҷаҳои интишорёфта дар ҳудуди Эрон, Иттиҳоди Шуравии собиқ (Осиёи Миёна, Кавказ, Закавказье), Афгонистон, Тоҷикистон, Туркия ва дигар давлатҳои Шарқ (Синсзяни Хитой) дохил мешаванд. Умумияти ин забонҳо аз муштарак будани ҳамон забони модар (мабдаъ) барои ҳамаи онҳо ва ягона будани маншаи маводи забонӣ иборат буда, фарқияташон дар натиҷаи ба таври номуназзам ва дар самтҳои гуногуну суръатҳои мухталиф инкишоф ёфтани таркибҳои забонӣ дар раванди инкишофи таърихӣ мебошад.

Забонҳои эронӣ дар сарзамини васеъ, ки аз ҷануб ба халиҷи Форс ва дарёи Уммон, аз ғарб то Байнаннаҳрайну Арманистон, аз шимол то кӯҳҳои Кавказ ва саҳроҳои Осиёи Марказӣ тӯл мекашид, интишор ёфта буд. Дар Шарқ ин забон аз Афгонистон ва Помири имрӯза сар карда то даҳонаи рӯди Ҳинд паҳн шуда буд ва дар асрҳои аввали ҳазораи якуми пеш аз милод муҳоҷирони ориёӣ забони мазкурро аз Осиёи Миёнаю Эрон то Муғулистони шимолӣ ва соҳилҳои ғарбии баҳри Сиёҳ бурда буданд. Дар аксарияти ин

сарзаминҳо ҳоло гуруҳи забонҳои эронӣ (шарқию ғарбӣ) маъмул аст.

Забонҳои эронӣ инкишофи дуру дарозеро аз сар гузаронидаанд ва аз ҷиҳати таърихӣ ба забонҳои эронии қадим, миёна ва муосир тақсим шудаанд. Забонҳои эронии қадиму миёна имруз забони мурда ҳисоб мешаванд ва онҳоро мо фақат аз ёдгориҳои боқимонда медонем. Қадимтарин катибаи ҳахоманиши «Ориёрамна»-и падари Дорои Бузург ва охиринаш катибаи Ардашери III Бобакон (ҳукмр.359-338 то м.) дар қисми ҷанубу ғарбии Эрон мебошад ва муҳимтаринаш катибаи Беҳсутун (миёни Ҳамадону Кирмоншоҳи имруза) аст, ки дар он Доро шарҳи аслу насаб, нишастан ба тахти шоҳӣ ва ҷанг у кишваркушоиҳояшро ҳак намудааст. Ҳамаи ин ёдгориҳои зикршуда бо хати мехӣ ва бо забони эронии қадим, ки онро маъмулан забони қисмати ҷанубу ғарби Эрон низ меноманд, навишта шудаанд. Аз луғоти забони форсии қадим ду шохаи Занд—яъне забони занди Авесто ва шохаи паҳлавӣ ба вуҷуд омад ва аз охирӣ забони форсии кунунӣ арзи вуҷуд намуда. Дар навиштаҳои хати мехӣ алифбои ҳиҷоии оромиро ба кор бурданд ва онро, тибқи маълумоти муҳаққиқон, ба 36 ҳарф расониданд.

Забони авестой ҳамчун забони эронии қадим ба забони қисмати шимолу шарқи Эрон мансуб аст. Ягона асаре, ки бо ин забон боқӣ мондааст, Авесто мебошад. Сурудҳои худи Зардушт (Готҳо) кӯҳнатарин қисмати Авесто буда, лаҳҷаи қадими забони авестой ба шумор меравад. Муаллифони «Таърихи Эрон» забони Авесторо ба забонҳои эронии ғарбӣ бисёр наздик медонанд. Забони авестой ба забони маъмул дар давраи Зардушт мувофиқ буда, замони пайдоишаш то ба ҳол аниқ муайян нагардидааст. Агар замони зиндагии Зардуштро асрхои 7-6 неш аз милод тахмин кунем, забони авестой тақрибан дар ҳамин давра ба вуҷуд омада, худи Авесто пас аз Риг Ведаи ҳиндӣ (ҳазораи дуюми пеш аз милод) ва Тавроти яҳудиён (тақрибан 1500 сол пеш аз милод) аз қадимтарин ёдгориҳои Шарқ ба шумор меравад. Чунин фикрро на фақат матни Авесто, хусусан кадимтарин қисмати он-Готҳо, балки тадқиқоти солҳои охири олимони ватанию хориҷӣ низ тасдиқ мекунанд.

Ба ғайр аз забони ёдшуда «забони модӣ» низ вуҷуд дошт, ки он асосан дар қисмати ғарбу маркази Эрон дар аҳди шоҳони модӣ маъмул буд. Дар катибаҳои шоҳони ошур аз он ном бурдаанд ва калимаҳои зиёде аз ин забон дар забонҳои юнонию лотинӣ боқӣ мондаанд. Манбаи асосии маълумоти мо роҷеъ ба ин забон калимаю ибораҳои мавҷуд дар катибаҳои шоҳони ҳахоманиши аст, ки ҷонишини шоҳони модӣ буданд.

Забонҳои эронии миёна дар фосилаи байни забонҳои қадим (асри 8-4 то м.) ва забонҳои муосири эронӣ (асри 9) роиҷ буданд. Таърихи дақиқи онро муайян кардан душвор аст. Бино ба маълумоти забоншиносии муқоисавӣ давраи зуҳури забонҳои эронии миёнаро ҳудуди асри 4 пеш аз

милод медонанд. Ба он забони паҳлавӣ (забони давраи Сосониён),забони портӣ (забони давраи Ашкониён), забони суғдию забони сакой (хутанӣ) ва забони хоразмӣ дохил мешаванд. Дар таърихи забон маъмулан забонҳои форси қадим, модӣ, форси миёна (паҳлавӣ) ва портиро ба забонҳои гурӯҳи шарқии эронӣ нисбат медиҳанд. Ба ибораи дигар, тақрибан дар аввали ҳазораи якуми милодӣ сарзамини халқҳое, ки ба гурӯҳи забонҳои ғарбӣ ва шарқии эронӣ гуфтугӯ мекарданд, дар Осиёи Миёна (бо як қисми Афғонистони ҳозира то кӯҳҳои Ҳиндукуш) зиндагӣ мекарданд ва бо аҳолии таҳҷоии кисмати шарқи Осиё, махсусан бо Ҳинду Чин муносибати наздик доштанд. Марказҳои мадании халқҳои мазкур вилоятҳои Фарғона, Хоразм, Суғд, Бохтар, Сиистон, Помир ва Хуросон ба шумор мерафтанд. Халқҳое, ки бо забони ғарбии эронӣ гуфтугӯ мекарданд, асосан дар сарзамини ҳозираи Эрон ҷойгир шуда, бештар бо халқҳои Байнаннаҳрайн ва соҳили баҳри Миёназамин робитаи наздик доштанд. Марказҳои мадании онҳо вилоятҳои Мод, Атротатепа, Форс, Осиёи Хурд ва баъзе давлатҳои тозабунёди ҳаволии баҳри Миёназамин буд. Байни гурӯҳи забонҳои шарқӣ ва ғарбии эронӣ муносибати бисьёр мустаҳками адабию фарҳангӣ аз худи аввали пайдоишашон мушоҳида мешуд ва он солҳою асрҳо давом кард[115].

Ба забонҳои форси миёна осори зиёде аз қабили катибаҳои давраи сосонӣ, китобҳои паҳлавии осори зардуштӣ, ибораҳо дар сикаю мӯҳрҳо, нигину зарфҳо ва осори Монӣ боқӣ мондаанд. Бештари осори паҳлавӣ навиштаҳои зардуштӣ буда, ба давраҳои Ашкониёну Сосониён марбут аст. Муҳимтарин катибаи забони паҳлавӣ катибаи Шопури I дар каъбаи Зардушт мебошад, ки бо номи «Нақши Рустам» машҳур аст. Ёдгориҳои Ҳоҷиобод, Ғори Шопур, Тоқи бӯстони Кирмоншоҳ, катибаи Шопур дар рӯи санг ва чаҳор катибаи Картир-мӯбади мӯбадони зардуштӣ низ ба забони паҳлавӣ мебошанд. Ба ғайр аз осори динӣ бо забони паҳлавӣ Ёдгори зарирон, Корномаи Ардашери Бобакон, Хусрави квотони варитаг, Драхт ва Осурик, Мотикони ҳазордастон, Фарҳанги паҳлавӣ, Пандномаи Бузургмеҳр, Мотикан гуҷастак Абомиш, Шканд гумоник вичар ва ғайра иншо шудаанд.

Муаллифони «Таърихи адабиёти ҷаҳонӣ» мӯътақиданд, ки Авесто бо забони муштарак байни забонҳои шарқию ғарбии эронӣ навишта шудааст. Онҳо таъкид намудаанд, ки ин китоби муқаддас то асри 6 тадвин шуда буд[116]. Муддати зиёде Авесто мисли дигар ёдгориҳо ва ҳамосаҳои ҳиндию эронӣ ба таври шифоҳӣ нақл мешуд. Чунин тарзи нақлу хониш аз давраҳои қадим пайдо шуда, ҳангоми ниёиш ва таълим мавриди истифода қарор мегирифт. То ба вуҷуд омадани алифбои авестой матнҳои Авесто бо алифбои дар асрҳои 6-5 пеш аз милод дар Осиёи Миёнаю Эрон маъмули оромӣ таълиф шуда буданд. Чунин фикрро муҳаққиқи муосир Ф. Алтҳейм низ тасдиқ кардааст. Х.В. Бейли матни ҳозираи Авесторо ба забоне мансуб медонад, ки дар давраҳои инқирози сулолаи Сосониён маъмул буд ва он бо

порчаҳои матни дар асри 4 бо алифбои авестой тадбиқшуда мутобиқат мекард .Дар зери таъсири алифбои оромӣ дар охирҳои давраи Ҳахоманишиён системаи хати ҳиндӣ ва минбаъд алифбои забонҳои эронӣ ба вуҷуд омаданд. Мувофиқи маълумоти ёдгориҳои забонҳои форсии миёна дар замони Ҳахоманишиён ҳамаи матни мавзӯъи китобҳои Авесто мавҷуд буданд, вале дар замони ҳамлаи Искандари Мақдунӣ онҳо аз байн рафтаанд.

Ориёиҳои Ҳинд бо забони санскрит, ки аз хонаводаи забонҳои ҳиндуевропой мебошад, такаллум мекарданд. Забоншиносон мӯътақиданд, ки забонҳои ҳиндуэронӣ дорои умумияти забонҳои Ҳинду Эрон (авестой, форси қадим, санскрит, ведой) мебошанд, ки ба ҳам хело наздиканд. Забони санскрит дар Аҳди қадим дар қисмати зиёди Ҳиндустон, хусусан дар қисмати шимолӣ ва марказии он интишор ёфта буд. Ба қавли Ралф Линтон, таҳоҷуми қавмҳои ориёӣ ба Ҳинд яке аз мавҷҳо ё ҷунбишҳое буд, ки мардуми ҳиндуевропоизабонро аз степҳои шарқӣ ба навоҳии баҳри Миёназамин ва Осиё расонд[117].

Забони форсии бостонӣ бо санскрит пайванди зиёде дошт. Сохти грамматикӣ, фонди асосии луғавӣ ва синтаксиси забонҳои қадимаи ҳиндуэронӣ, тибқи маълумоти забоншиносони муосир, ҷиҳатҳои муштараки зиёде доштанд, ки ин умумияти забонӣ зимни муҳоҷират ва аз ҳам дур шудани онҳо боиси ба вуҷуд омадани лаҳҷаҳои мухталифи забони модар (мабдаъ) ва хатто аз байн рафтани бисьёр хусусиятҳои морфологиву синтаксисӣ гардидааст. Санскрит дар асри панҷуми пеш за милод бо забони пракритӣ иваз карда шуд, сипас ба забони полӣ табдил ёфт ва баъдан аз он забонҳои маҳаллии гуногун, аз ҷумла ҳиндӣ ба вуҷуд омаданд. Имрӯз дар қисмати шимолии Ҳиндустон забонҳои ҳиндуевропой (ҳиндӣ, бенгалӣ ва ғайра), дар ноҳияҳои ҷануби он забони дравидӣ (ба мисли забони тамилӣ), дар ҳаволии шимолу шарқи Ҳинд забонҳои тибетию бирма ва мунда, дар қисмати аъзами Шри Ланка забони ҳиндуевропой ҳамчун забонҳои зинда мавриди гуфтугӯ мебошанд.

Бо муайян намудани ҷиҳатҳои забонӣ дар ин ҷо ҷоиз аст, ки аввал умумият ва решаҳои аслии қабилаҳои ҳиндуэронӣ, баъд густариши онҳо ба Ғарб ва ба вуҷуд омадани гурӯҳи забонҳои ҳиндуевропоиро мавриди баррасӣ қарор диҳем. Бояд қаблан тазаккур дод, ки ориёиҳо то ҷудо шуданашон ба эрониҳову ҳиндуҳо аз зиндагии ягонаву муштараке бархурдор буданд ва бо амри таъриҳ гурӯҳе аз он ба Ҳинд муҳоҷират карда, ки дар ин бора дар қисмати «Ориёиҳо дар Ҳиндустон» маълумоти муфассал ироа шудааст. Вале барои таҳвияти фикр назари Саид Муртазо Равандиро пешкаши хонандагон хоҳем кард. Ӯ навишта, ки «шӯъбаи шарқии қабилаҳои ҳиндуевропой, ки бо номи ҳиндуэронӣ машҳур аст, аввал ба самти шарқии баҳри Хазар (Каспий) ҳаракат кард. Дастае аз он, ки зоҳиран

бештар аз афроди ҷангҷӯ мураккаб буд, аз кӯҳҳои Кавказ убур намуда, то инҳинои азими шатти Фурот пеш рафт ва батадриҷ ба самти Машриқ рафта, аз Моваруннаҳру Ҷайҳун гузашт ва баъд аз таваққуфи кӯтоҳе дар Балх аз маобири Ҳиндукуш боло рафт ва ҷоддаи бостонӣ муҳоҷимонро ба сӯи Ҳинд таъқиб намуд ва дар тӯли «Пандишер» ва рудҳои Кобул фуруд омад»[118].

Иқтибоси мазкур бештар ба интишори қабилаҳои ҳиндуэронӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ ишора мекунад. Тамаддуни бостонии қабилаҳои ҳиндуэронӣ ва натиҷаи ҳафриётҳои бостоншиносӣ ба он далолат мекунанд, ки ориёиёни ҳиндӣ ва эронӣ маҳди ташаккулу инкишофи фарҳанги қавмҳои ориёинажод будааст. Қавму қабилаҳое, ки бо забонҳои қадимаи эронӣ ва ҳиндӣ такаллум мекарданд, бино ба маълумоти ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, бисёр ҷиҳатҳои муштарак ҳам дар соҳаи тарзи хоҷагидорӣ ва ҳам дар сохтори иҷтимоӣ, маишат, маданият ва дин доштанд. Ба ибораи дигар, ҳам Авесто, ҳам Ведаҳо инъикоскунандаи ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии ориёиҳо мебошад. Аз рӯи қаринаи забонӣ Готҳо қадимтарин қисмати Авесто ва Риг Веда қадимтарин қисмати Ведаҳо маҳсуб мешавад, ки дар онҳо ҷараёни густариш ва мутобиқшавии ориёиҳои мустақар дар сарзаминҳои Эрону Ҳинд таҷассум ёфтаанд.

Манбаъҳои муштараки дигареро низ зимни баррасии истилоҳоти дину мазҳаби ориёиён, ки пояи асосии одобу ахлоқ ва маънавиёти қабилаҳои ҳиндуэронӣ мебошад, ба хубӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, бисёр истилоҳоти Ведаҳо ва Авесто ба ҳам монанданд. Ин ҳодиса аз ягонагии рӯзгори гузаштаи қабилаҳои ориёӣ дарак медиҳад, ки бо амри таърих аз ҳам ҷудо шуда бошанд ҳам, ҳуввияти диниву фарҳангии худро аз даст надодаанд. «Ҳаома»-и авестӣ ва «Саома»-и ведӣ, «яшна»-и авестӣ ва «янча»-и ведӣ (қурбонӣ кардан), «мантра»-и авестӣ ва «матра»-и ведӣ (сурудҳои муқаддас) на фақат истилоҳан, балки мазмунан низ ба ҳам монанданд. Чунин шабоҳатҳоро ба таври фаровон аз ин ду ёдгории диниву фарҳангӣ мисол овардан мумкин аст.

Роҷеъ ба ягонагӣ ва монандии дину мазҳаб, тасаввуроти асотирӣ, достонҳои ҳамосавии базмиву размӣ, русуму оин ва урфу одат, фарҳангу ҳунар, ҳаёти иҷтимоиву сохтори табақотии қабилаҳои хиндуэронӣ таваққуф намудан аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Зеро ориёиҳое, ки аз рӯзгори худ ҷудо шуда, ба сӯи Осиёи Миёнаву Эрон ва аз он ҷо ба Ҳинд азимат намуданд, дини табиатгароёнаи худро низ ҳамроҳи худ оварданд. Роҷеъ ба одоб ва маросиму муъҳаҷидоти эрониҳо ва эҳтиҳодоту маросими ҳиндуҳо ҳанӯз Геродод дар Аҳди қадим таваққуф намуда, ҳамвора зикр кардааст, ки тасаввуроти эсхатологӣ, махсусан дар бораи зиндагии абадӣ, парастиши оташ, равони авлоду аҷдод, парастиши худоҳо, қурбонӣ ва ҳатто маросимҳои диниву миллӣ чӣ дар дини қадими ҳиндуҳо ва чӣ дар динҳои қадими эронӣ яксону якнавохтанд.

Ҳамин ҷиҳати масъаларо ба назар гирифта, муҳаққиқи эронӣ Ҳошими Разӣ навиштааст, ки маздаясно ё худ дини маздоии куҳан дар рӯзгоре дини муштараки қавмҳои ҳиндуэронӣ ба шумор мерафт, ки осори он дар Риг Веда ва Авесто ба хубӣ айён аст. Ба унвони тасдиқи фикри боло ӯ ҳамчунин қайд карда, ки «пеш аз он ки Зардушт зуҳур кунад, ориёиён динашонро дар қолаби зарвонигарӣ ва меҳрпарастӣ низ ихтиёр кардаанд»[119]. Ҷалолуддини Оштиёнӣ бошад бостонитарин санаде, ки сифоти худои дини муштараки ин ду қавм – Меҳр ё худ Митраро тавҷеҳ мекунад, сурудҳои Риг Веда медонад[120]. Ҳамин муҳаққиқ дар асари дигараш нигоштааст, ки ориёиҳо дар ибтидо аносир ва феномҳои табииро ситоиш мекарданд ва бештар ниёпараст буданд. Ниёиши оташи хонаводагӣ бо ниёпарастӣ робитаи мусгақим дошт ва ситоиши оташ аз ҳамин мазҳаб сарчашма гирифтааст. Худоёни қадимаи ин қавм Воруна, Индира ва Митра буданд. Муҳимтарин одоби диниашон қурбонӣ буд, ки барои ҷалби назари худоён анҷом мешуд ва маросими печидаю мушкиле дошт. Рӯҳониён он маросимро анҷом медоданд ва ба ивази хидматашон музд мегирифтанд. Анҷоми маросим як амали неки ахлоқӣ ба шумор мерафт. Дар сурудҳои Веда Ҷалолуддини Оштиёнӣ дар сади (фоизи) сурудҳое, ки ҳангоми маросими қурбонӣ ба коҳини аъзам ва роҳбари маросими қурбонӣ Агнӣ, илоҳаи бод Войу, Саома (Ҳаома), Ашвин, Индира ва ғайра бахшида шудаанд, мавриди баррасӣ қарор додааст. Митраро ҳамаи қавмҳои ориёӣ мепарастиданд ва дар ҳамин бӯъди замонӣ митраизм аз Ҳинд то Урупо густариш ёфта, ба худ хусусиятҳои розомез касб карда[121].

Бино ба маълумоти муҳаққиқон ориёиҳои эронӣ мисли бародарони худ дар Ҳинд динҳои натуралистиро мепарастиданд ва умуман миёни ориёиҳо таваҷҷӯҳ ба табиат ва таҷассуми унсурҳои табиӣ будани худоҳои аҳди қадим решаҳои густардае дорад, ки баъдан ҳам дар динҳои зардуштӣ ва ведой ин зербанои фикрӣ бо вуҷуди пайдо намудани ҷанбаҳои рӯҳониву таҷаррудӣ исолати зотии худро ҳифз намудааанд[122]. Дар тадқиқоте бо номи «Дини қадимаи эронӣ» таъкид шудааст, ки эрониён барои худои нек қурбонӣ ва онҳоро ситоишу ниёиш менамуданд, вале барои пешгирии хашми худоёни шар, мисли дигар қавмҳо, онҳоро намепарастиданд. Тадриҷан «Аҳуро» соҳиби шаъну мартабаи зиёд шуд ва ба ӯ мисли «Воруна»-и ҳиндӣ дар Осмон ҳукми падарро доданд. Баробари «Аҳуро» боз худоҳои дигар вуҷуд доштанд, ки онҳо ба тариқи хос парастида мешуданд. Ин худоҳо иборат буданд аз «Вересраґна» (= Баҳром), ки худои ҷангу ҳамалоти фотеҳона ба шумор мерафт. Ин худо баробар бо худои «Vritra»-и ҳиндӣ – муваккили пирӯзӣ буд. Он мавриди таваҷҷӯҳи ориёиҳо қарор гирифтааст ва дар «Баҳромяшт»-и Авесто қудрату салобати ӯ дар ҷилваҳои гуногун намоён шудааст. «Тиштария» ба мисли «Parjanya»-и ҳиндӣ муваккили борон ва худованди фаровонӣ буд, ки бо ситораи «Тештар» (Sirius) мушобеҳ

аст. Аредвисура Анаҳито, ки бо забони юнонӣ Anaistis номида мешуд, дар Эрон ва Осиёи Хурд машҳуртарин изади бонуҳост. Аз ному ҷисми ӯ покиву беолоиши тароват мекунад. Ба ибораи дигар, ӯ раббуннавъи обҳои замину осмонист, фаровонӣ ва неъматҳои шукӯҳи зиндагӣ, валаду мураббии гиёҳон ва сутурон ба шумор мерафт[123]

Дар ҳамин робита назари олими франсавӣ Е.Бенвенистро дар инҷо иқтибос овардан айни муддаост, зеро ӯ шакли қадими оини маздаясно ё маздопарастиро оини ҳиндуэронии ориёиҳо медонад, ки Зардушт онро баъдан мавриди ислоҳ қарор дода, ба шакли оини наву нируманде арза кардааст, ӯ менависад: «маздаясно шакли эронии оини куҳанест, ки рӯзгоре дини муштараки ҳиндуэронӣ будааст. Дар Риг Веда ва Авесто ақоиди ҳаммонанде пайдо мешаванд, ки бештар бо ибороти мушобеҳ низ ёд шудаанд. Номи худоён низ бо ҳам тақрибан татбиқ мекунад. Бинобар ин бояд гуфт, ки ин мазҳаб аз меросест, ки эрониён аз ҷамоати ҳиндуэронӣ ва ҳатто ҳиндуориёӣ ба даст оварда ва онро тағъир дода, ислоҳоте дар он анҷом додаанд»[124]. Муҳаққиқи мазкур баъди ибрози чунин назар, худоҳои маъмул дар оини ориёиҳо, аз ҷумла «Аҳура», «Мазда», «Ҳаома», «Саома», «Митра», «Вересраґна», «Анаҳито» ва дигар фраваҳар (фраваши)-ҳоро мавриди баррасӣ қарор додаст.

Дар ин ҷо чунин нуктаро низ қайд намудан зарур аст, ки дини қадимаи ориёӣ баъдан тавассути Зардушт такомул пайдо кард ва пайғамбари зардуштия бо истифода аз як худои табиатгароёна бунёни ягонапарастии тозаеро ба вуҷуд овард. Номи тамоми худоёни гузашта дар мафҳуми Ҳурмузу Аҳриман таҷассум ёфт ва назарияи классикии оини маздаясно дар марҳилаи нави таърихӣ дар сатҳи олами улвӣ қарор гирифт ва осмони маънавии Эрони ориёиро ҳамчун ҷирмҳои мунири осмонӣ пурнур сохт. Ин масъала дар боби марбута мавриди таҳлилу тааммул қарор хоҳад гирифт.

Аксари муҳаққиқон ва муаррихону олимони давраҳои атиқаву муосир роҷеъ ба парастиши аносири табиӣ ва раббуннавъҳои гуногун дар динҳои ҳиндуэрониро қайд намуда, танҳо номутобиқатиро дар Deus ном худое медонанд, ки дар оғози пайдоишаш ба Осмон монанд кардаанд, вале дар дини эронӣ ба «дев» табдил ёфтааст. Бо вуҷуди ин Ҳ. Калеман онро баробар бо «Аҳуро» ё «Маздо» медонад, ки дар таркиби Аҳуромаздо ниҳон буда, баъдан дигар халқҳои Урупо онро пазируфтаанд ва истилоҳи «Тео-Teos» - ба маънии худо аз ҳамин калима муштақ шудааст.

Артур Кристенсен ҳамин ақидаро таҳвият дода, навиштаст, ки дини қадимаи ориёиҳо ба парастиши қувваҳои табиат ва унсуру ҷирмҳои самовӣ асос ёфта буд. Нахустин худои ориёӣ Осмон буда, ки баъдтар ба Воруна табдил гардидааст. Оташ, ки бо шакли барқ аз Осмон нозил мешавад, писари Воруна маҳсуб мешавад, ки дар асотири қавмҳои эронӣ бо номи «Озар» маълуму машҳур аст. Аз ин рӯ, аз замонҳои бисёр қадим худоёни асосии

табиат ба худ арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ касб намуданд, ки онҳо, дар навбати худ, зиндагии моддиву кайҳониро идора мекарданд.

Қавмҳои ҳиндуэронӣ мазҳари нуру ҳаракатро Хуршед медонанд, ки он дар Риг Веда «Сурия» (Surya) номида шуда, дар Авесто бо калимаи, ҳур (xvar) ё Хвар ба маънии Хуршед (Hvar Xsaeta) баробар аст ва ҳар ду як маъноро ифода мекунад. Оини Меҳр, ки дар Ғарб бо номи митраизм маълуму машҳур аст, байни ориёиёни ҳиндуэронӣ муштарак буд ва тадриҷан зимни муҳоҷирату муҳоҷимати ориёиён дар кишварҳои Шарқу Ғарб густариш пайдо кард ва низоми дини муқтадиреро аз Ҳинд то Урупо ба вуҷуд овард. Арнолд Тойнби роҷеъ ба ин дини қадимаи ориёӣ навишта, ки митраизм дар Авесто аз офаридагони Аҳуро аст ва изади муҳофизи аҳду паймон ба шумор меравад ва низ фаришгаи фуруғу равшаноист. Ситоиши Меҳр аз Ҳинду Эрон ба Бобул ва Осиёи Сағир рафт ва ҳамроҳи сарбозони румӣ ба Урупо роҳ ёфт ва ба сурати худои бузург парастида мешуд[125].

Чун меҳрпарастӣ яке аз динҳои интишорёфтаи даврони қадим аст ва ҳамчун ҷузви таркибии дини зардуштӣ бо номи «Меҳряшт» вориди Авесто гардидааст, дар фасли алоҳида мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт. Дар ин ҷо ба таҳлили як масъалаи бисьёр ҷолибе, ки байни мардумони ҳиндуэронӣ ҷанбаи муштарак дорад, мепардозем. Ин масъала «Ҳаома» ном дорад, ки байни қабилаҳои ҳиндуэронӣ маъмул ва дар маросимҳои мазҳабӣ, хусусан қурбонӣ ба таври фаровон истифода мешуда. Дар ёдгориҳои қадимаи фарҳангии Эрон «Ҳаома» ҳамчун машруби мусаккар ба таври мукаррар такрор шудааст. Шакли ҳиндуии он «Саома» (Saoma) аст, ки гиёҳи муқаддас шинохта шуда, асораи он ҳам барои худоён ва ҳам барои инсонҳо муқаддасу мукаййаф будааст ва худаш ҳам яке аз худоёни сершумори ориёиён ба шумор мерафта, ки нушандагони худро бемаргу ҷовидон мегардонидааст.

Бино ба маълумоти муҳаққиқон «Ҳаома»-и эронӣ тамоми сифоту мушаххасоти «Саома»-и ҳиндиро дошта. Зеро дар дини қадимаи ориёиёни Ҳинд яке аз сифатҳо ва одатҳои Индира нӯшидани асора (шира)-и «Саома» будааст. Ҳарчанд, ки ҳамаи худоён ба нӯшидани асораи «Саома» даъват шудаанд, Индира бевосита ба Саома вобаста аст ва, аз ин рӯ, лақаби аслии Индира «Сомава» (Samava ё Somapavan) ё худ нӯшанда ва тақриркунандаи «Саома» аст. Муҳаққиқон мӯъҳаҷиданд, ки масти Саома чунон ин худои ҳиндиро шод мекарда ва бармеангехта, ки нируи ҷанговариаш меафзуда ва ба вайрон сохтани истеҳкомоти душман мепардохтааст.

Муҳаққиқи ҳиндӣ Чандара Чатвайарда мӯъҳаҷид аст, ки номи қадимаи Саома «инд» («ind») ба маънии қатра будааст ва шояд номи худо Индира (Индра) аз ҳамин ҷо муштақ шуда бошад. Бино ба маълумоти Ҷалолуддини Оштиёнӣ дар Риг Веда Саома нӯшобаи махсуси Индира ба қалам дода шуда, сурудҳои фаровоне ҳам ба номи Индира, ҳам ба номи

Саома бахшида шудааст. Масалан, дар сурудҳои Саома (VIII/48) омадааст: «он гоҳ, ки Саома вориди шикам мешавад, бадан тазкия ва тасфия меёбад ва аз гуноҳ пок мегардад». Китоби нуҳуми Риг Веда ба Саома ихтисос дода шуда, қудрати шифобахшии он махсусан қайд гардидааст. Ҳамчунин зикр шуда, ки истеъмоли ин нушоба куронро бино ва фалаҷонро қодир ба роҳ рафтан менамудааст. Саома ҳарчанд дар кӯҳистон меруяд, вале маншаъи он дар Осмон аст, аз ин рӯ он мартабаи худой дорад ва роҳбари равшандилону ҳакимони коҳин аст.

Яке аз муҳаққиқони Ғарб Ломел, ки Ҷалолуддини Оштиёнӣ дар асараш аз ӯ иқтибос кардааст, чунин навишта: «Дар Веда Саома шабеҳи Агнӣ нируи ҳаёти ҷаҳонист ва ба муқобили Агнӣ, ки ҳар ҷо ба ҳарорат ниёз бошад, ӯ онҷост, ҳар ҷо рутубат зарурӣ бошад, Саома он ҷо хоҳад буд. Ӯ ба сурати машруб нӯшобаи худоист ва дар шакли набот дарахти ҳаёт аст. Саома... ба сурати асораи ҳаёт дар тамоми набототу меваҳо вуҷуд дорад». Ин муҳаққиқи эронӣ баъди овардани иқтибоси мазкур суханашро идома дода, аз ҷумла чунин нигоштааст: «Дар Веда аз истилоҳи Саома мақсуд маърифату бениш аст, маърифате, ки мавҷиби ваҳдати рӯҳи фадиядиҳандагон бо рӯҳи улуҳияту рӯҳи аъло мешавад. Саома нируи қудрату ҳаёт аст, ки бо ишора ин номро ёфтааст. Назари воқеъии равшанбинони ведой ташреҳу ниёиши як худо бо номи Саома набуда, машруби мусаккар низ ҳадаф набуда, балки саросари ин Ведаҳо барои таҳлили маърифату равшанбенӣ ва баҳра гирифтан аз қудрати ҳаёту нируи танвирбахши илоҳист... Худоҳои ҳиндӣ монанди яздони авестой қудратҳои инсонгунаи мофавқи инсон тасвир мешуданд, ки дар сарнавишти ҷаҳону инсон асар мегузоранд ва ҳар як ба гунае, ба шакле дар ҷаҳон худро ба ниёишкунандагон муҷассам месозанд»[126].

Ҳамин гиёҳ бо номи Ҳаома дар дини қадимаи эронӣ худои шароб буда, мавриди парастиш қарор гирифтааст, ки аз давраҳои қадим нӯшидани шираи он муфиду наҷотбахш дониста шудааст. Бино ба маълумоти Мирҷалолуддини Каззозӣ Ҳаома гиёҳи зардранг бо гиреҳҳои наздик ба ҳам будааст, ки дар Эрони бостон арзиши намодин ва оинӣ доштааст. Муҳаққиқи мазкур мӯътақид аст, ки дар мисоли Ҳаомаи эронӣ намунаи барҷастаи миновӣ (осмонӣ ё худ улвӣ) шудани ашёи гетӣ мушоҳида мешавад. Ба ибораи дигар, инсони оғозин бо ёрии гетӣ кардани миновӣ, миновиро ба гетӣ мепайвандад ва, ба ин тариқ, худро дар ҷаҳон мегустаронад ва бо он омезиш пайдо мекунад. Ин раванд шояд аз ҳанҷору тавони равониву аз замири инсон моя мегирад[127].

Ба фикри мубад Рустами Шаҳрзод нӯшобаи сукровари Ҳаомаро дар ҳини нешкаш кардан ба худоёни худ миқдоре аз онро барои рафъи шарру нохушӣ ва марг меошомиданд. Ин гиёҳ имрӯз дар Эрону Афғонистон ва Покистону мағриби Тибет меруяд ва аҳли Балуҷистону Сиистону Покистони

Шарқӣ онро чӯшонида ба ҷои мусаккин ва муаррақ менӯшидаанд ва гиёҳшиносони имрӯза онро қисме аз Ephedra медонанд[128].

Ҳошими Разӣ низ зимни баррасии раббуннавъ (ё арбоб-ул анвоъ)-и Сӯҳравардӣ мақоми минавӣ ё муҷаррад пайдо кардани Ҳаомаро бо овардани суханони муассиси фалсафаи ишроқ Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ чунин нигоштааст: «Эрониён дар бораи арбоби анвоъ муболиғаи бисёр мекарданд бад он ҳад, ки наботи мавсум ба Ҳаомаро, ки дар авзоъи навомисашон дохил карда буданд (дар ташрифоту маросими динӣ ба кор мерафт) ба сабаби соҳиби навъаш, ки ба Ҳаомаи изадӣ мавсум буд, ситоиш мекарданд». Дар ҷои дигар ӯ ҳамин фикрро идома дода навиштааст: «Ҳаома дар Авесто, ки гиёҳи дармонбахш аст... раббуннавъ ё санам ва изади гиёҳон мебошад. Дар худи Авесто ба мавҷиби Ясно, ҳоти даҳум, ки тавсифи Ҳаома, ин гиёҳи изадист, ки мурғи муқаддас (яъне Семург-Ҳ.М.) бар сатиғи кӯҳи маҳалли рӯиши ин гиёҳ, тухми онро ба атроф бипароканд, ки дармонбахш аст ва маниши бадро аз одами дур мекунад»[129].

Дар бораи усули гирифтани шира (асора)-и Ҳаома ва тарзи истифодаи он дар маросимҳои динӣ ва самоъи митрай, ки ҳар ҷурааш барои аз байн бурдани ҳазорон кирдору пиндори шарр мусоидат мекунад, муаррихону муҳаққиқони атиқаву муосир маълумотҳои мухталифу муфиде овардаанд. Аслан, Плиний Ҳаомаро дорои шираи сиёҳ ва гулҳои сафед ба қалам додааст[130]. Плутарх нақл карда, ки Ҳаома дар Авесто ва Саома дар Риг Веда муодили ведоии он аст ва он гиёҳи судрасонест, ки дар маросимҳои дини маздоии кӯҳан ё оини маздоии пеш аз Зардушт соида шуда, ба ширу равған махлут мекарданд ва зимни маросими ситоишӣ ба пешгоҳи изадон нисор менамуданд ва мӯминон менӯшиданд[131]. Мурод Авранг ин гиёҳро «дорои шохаи нозук медонад, ки ҳар шоха чанд гирех дорад ва дар парастишгоҳи зардуштиён шохаи хушки он дида мешавад[132]. Ҳошими Разӣ дар китоби дигараш бо номи «Дини қадими эронӣ» таъкид мекунад, ки дар Яснои 9,10,11-и Авесто дар бораи ин гиёҳ маълумот оварда шудааст. Ӯ тахмин мекунад, ки шояд дар он ҷо дар бораи дарахти Гаукарена (Gaucharena) сухан равад, ки ҳар гоҳ гӯё касе аз барги он бихӯрад, ба ҳаёти абадӣ ноил мешудааст[133]. Дар «Бундаҳиш», ки масъалаҳои офариниши оғозин мавриди баҳс қарор гирифтааст, қайд гардида, ки «Ҳаомаи сапеди дармонбахши покиза дар канори чашмаи Аредвисур рустааст. Ҳар ки ӯро хурад бемарг шавад. Ва онро Гаукарендарахт хонанд. Ҳаома гиёҳонро сарвар аст»[134].

Муҳаққиқ ва ховаршиноси англис доктор Вест соли 1897 китоби ҳафтум ва ҳаштуми «Динкард»-ро тарҷима намуд, ки он ҳовии саргузашти достонӣ ва афсонавии Зардушт аст. Дар он аз ҷумла омадааст, ки равони Зардуштро Аҳуромаздо ба сурати изадони биҳиштӣ офарида буд. Чун замони зодани Зардуштро ба василаи соқаи гиёҳи муқаддаси Ҳаома аз

тариқи шир ба ДаҒду ва Прушасп мунтақил карданд, муддате нагузашт, ки Зардушт зода шуд дар ҳоле ки тану равон ва фарри вай осмониву миновӣ буданд[135].

Чи тавре ки дар боло қайд шуд, ориёиҳо, хусусан қабилаҳои ҳиндуэронӣ ба худоёни хайру некӣ ҳадя ва қурбониву назр мекарданд то худоён аз он нируманд шуда, ба муқобили девони палид мубориза баранд. Шираи гиёҳи Ҳаома (Саома) аз чунин нирую қувват саршор буда ва худоён онро нӯшида, ба набард мерафтаанд, то бар душманони худ ғолиб оянд. Вале чунин ба назар мерасад, ки пас аз чудоии ҳиндуёну эрониён ин маросим дар Эрон то замони интишори зардуштия нуфузи бештаре доштааст.

Дар ин ҷо чунин нуктаро низ бояд қайд кард, ки Зардушт дар Авесто Яснои 10-48 нӯшидани нӯшобаи мусаккари Ҳаомаро манъ карда, ин шаробро нопоку фиребдиҳандаи мардум мешуморад ва хоҳони кандани решаи он аз замин ва гум шудани асараш дар ҷаҳон мешавад. Бо вуҷуди ин нӯшидани Ҳаома то муддате идома пайдо кард. У ҳамчунин дар Яснои 32 роҷеъ ба манъ намудани қурбонӣ навиштааст: «ин ғумроҳон ҳама қурбонӣ мекунанд ва ҳайвонотро мекушанд ва аз кирдори худ низ хурсанд ҳастанд». Ба ҷои қурбонӣ Зардушт ахлоқи олӣ ва ҳамидаи шахсиву инсониро таълим медиҳад ва қонунҳои хирадмандонаи иҷтимоӣ, аз ҷумла тарвиҷи дарахткорӣ ва кишоварзиро тавсия мекунад. Мутафаккири ҳиндӣ Р. Такур дар ин бора навиштааст: «Зардушт пас аз рисолати хеш аз ҳамаи маросими зоҳириву қурбониҳои хунин ва нисори Саома (Ҳаома) ва ғайра, ки қабл аз ӯ дар Эрон маъмул буд, рӯ бигардонид ва ба тавре, ки Плутарх низ менависад, мардумро таълим дод, ки ҳеҷ фадияву ниёзе ҷуз сипосу кирдори нек дар даргоҳи Аҳуромаздо пазируфта намешавад. Ин иқдоми Зардушт на танҳо намунае аз шуҷоъату иродаи қавии ӯст,балки дараҷаи маърифати ӯро ба ҳақиқати комил нишон медиҳад»[136].

Ба ҷуз шабоҳату монандии расму оин ва мазоҳиби динии қавмҳои ҳиндуэронӣ ягонагии дигар масъалаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ аз қабили шароити зиндагӣ, тарзи истеҳсолоти моддӣ ва ҳаёти иҷтимоии ин қабилаҳо низ ба назар намоён аст. Масалан, Марсел Дунари зимни омӯзиши нақши гови муқаддас ва дигар тасвирҳои ҳайвоноти аҳлӣ, тарзи обёриву кишоварзӣ ба чунин натиҷа расидааст, ки «ҳунари аҳвоми пешориёӣ ошкоро ҳамсони ҳунари ҳиндуии пасин мебошад»[137].

Дар бораи ҳаёти иҷтимоӣ ва сохтори табақотии қавмҳои ҳиндуэронӣ чунин нуктаро қайд намудан зарур аст, ки ориёиҳо фарқияту афзалияти худро нисбат ба халқҳои бумӣ зуд эҳсос намуданд, худоён ва сохтори табақотиашонро бо ҳамоҳанги ин хосе созмон доданд. Дар ин бора яке аз муҳаққиқони Ғарб Георгий Думизел дар асари барҷастаи «Худоёни ҳиндуевропой» зимни таҳлили аввалин худоёни натуралистии ориёиҳо ба баррасии масоили иҷтимоӣ пардохта, аз ҷумла зикр намудааст, ки созмони

иҷтимоии аҳвоми ориёӣ ба таҳсими ҷомеъа ба се табақа устувор аст, ки дар ҳар табақа мардум бо мавозини хосе робитаи миёни худашонро танзим мекардаанд. Дар ҳақиқат бар мабнои Ведаҳо ҷомеъаи ориёии Ҳинд аз рӯзгори куҳан ба се табақа таҳсим мешудааст: нахуст табақаи браҳманон ё руҳониён (Brahma), дуюм табақаи размиён ё ҷанговарон (kshatrio, Kshatra ё Rodjana), сеюми пешоварон (Visha ё Vishya).

Дар Авесто низ ҳамин низом дар таҳсимбандии иҷтимоӣ барқарор буда ва иборат аст аз табақаи руҳониён (Aoravan), табақаи ҷанговарон (Raoaishtar) ва табақаи кишоварзон (Vastrya). Георгий Думизел дар натиҷаи таҳлили пай дар паи худ ба чунин хулоса омада, ки сохтори динӣ ва низоми дастгоҳи худоён низ то андозае тобеъи ҳамин низоми табақотӣ мебошад[138]. Аз ин рӯ, ӯ Митра ва Ворунаро нишони табақаи аввал, Индираро намудори табақаи ҷанговар ва Насатяро намудори табақаи кишоварз медонад. Муҳаққиқи мазкур аз ин ҳам пеш рафта, ранги сафедро махсуси табақаи аввал, ранги сурхро намояндаи табақаи дуюм ва ранги сабз ё обиро нишонаи табақаи сеюм медонад.

Бешубҳа, чунин тарзи сохтори иҷтимоӣ дар бисёр асарҳои таърихиву тадқиқӣ баён шудаанд ва бо баъзе тағъиру изофаҳо асосан ҳамин се табақаи иҷтимоии ориёиёни қадимро дар сарзамини Ҳинду Эронро зикр карда, низоми табақотиро миёни ҳиндуевропоиёни оғозин яксон донистанд, ки ин амр ҷиҳати муштараки ҳаёту зиндагии ин ду қавми дорои решаҳои яксонро ба хубӣ нишон медиҳад. Саид Муртазо Равандӣ дар «Таърихи иҷтимоии Эрон» ва Марсел Дунари дар «Таърихи ҷаҳони Лорус» иттилооти зиёде роҷеъ ба ин масъала овардаанд, ки дар бораи онҳо дар кисматҳои марбута ба тафсил таваққуф хоҳем кард.

Масъалаи дигаре, ки дар ин ҷо бояд мавриди баррасӣ қарор гирад, интишори қабилаҳои ориёӣ ба Урупо мебошад. Аз лиҳози забоншиносӣ баъзе тадқиқотҳо дар мавзӯъи гурӯҳи забонҳои ҳиндуевропоӣ анҷом шудааст. Зеро қавму қабила (халқ)-ҳои ҳиндуевропоиро бештар умумияти забонӣ ва тарзи зиндагиву рӯзгор муттаҳид мекунад, таҳаввули забонӣ ва дигар ғояҳои муштарак дар байни урупоиёни сафедпӯст ба вуҷуҳ пайваста. Ин ҳодиса маъноии истилоҳи «ориёӣ»-ро ҳамчун халқият тағъир дода, онро то дараҷаи «нажод» иртиқоҳ бахшид.[139] Тавре, ки Саидҳусайни Наср дар ин бора мутазаккир шуда, «аҳвоме, ки дар сарзаминҳои дурдасти Ҳинд ва шимоли Урупо мустақар шуданд, ба ориёиҳо шӯҳрат ёфтанд ва номашонро ба кишварҳое чун Эрону Ирланд бахшиданд, на танҳо қаробати забонии бисёр бо ҳам доранд, балки дар тӯли қуруну аъсор аз адёне пайравӣ кардаанд, ки аз як хонаводаанд ва аз ҳамин ҷиҳат бисёр ба ҳам шабоҳат доранд. Ин адён дар тайфи васеъе қарор доранд ва адёне чун ҳинду, буддой, оини ҷайн (jainism) ба адёни эронӣ монанди митраизм, зардуштӣ ва монӣ то адёни юнониву румӣ ва билахра адёни жерманҳои бостон ва адёни селт (Celts)-ро дар бар мегиранд»[140].

Мутаассифона, на фақат ҳамин ҷиҳатҳои оинӣ, балки аз назари таърихиву иҷтимоӣ низ то ба ҳол таҳқиқи ҷолиби диққате ба амал наёмадааст. Танҳо баъзе ишорахои муаррихону муҳаққиқони Шарқу Ғарб зимни омӯзиши фарҳанги Ҳинду Эрони бостон мавҷуданд, ки аз руи он ҳаддалимкон баъзе нуктаҳои масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Бино ба маълумоти Муҳаммади Замирон андешманди олмонӣ Макс Мюллер изҳор дошта, ки «вақте аҳвоми ориёӣ аз Осиё ба Урупо муҳоҷират намуданд, дар ҳақиқат мавонеъи рушду такомули фарҳангиро пушти сар гузоштанд ва ба сарзамине ворид шуданд, ки маҳди тавсиа ва пуёи тамаддун буд». Ин ишораи муҳаққиқи олмонӣ ба он далолат мекунад, ки ориёиён дар замони густаришашон ба Ғарб то андозае такомулёфта ва Ғарб низ барои қабули муҳоҷирони ориёӣ омода будааст.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки қабилаҳои ориёӣ баъди дар Осиёи Миёнаву Эрон ва Ҳиндустон интишор ёфтанашон ба Осиёи Хурд низ густариш пайдо карданд ва зимни он бо як силсила халқу миллатҳои гуногуни Урупо тамос пайдо намуданд, ки он баъдтар русухи ориёиён ва тамаддуни ориёӣ ба Ғарбро ба дунбол дошт. Агар дар давраи пеш аз таърих густариши қавмҳои ориёӣ тавассути гуруҳҳои на чандон калон ва бо тарзи тадриҷӣ аз самти шарқ сурат гирифта бошад, дар давраи асри навсангӣ (неолит), хусусан аз асри сангу мис (энеолит) сар карда, хусусияту суръат ва макону замони он нисбатан тағъир ёфт ва вобаста ба рӯзгору даврони пурошуби асрҳои биринҷиву оҳан, ки дар мамлакатҳои мухталифи Шарқу Ғарб дар санаҳои гуногун арзи вуҷуд намуда буд, дар фазои нисбатан фарохтар, дар ҳаҷми нисбатан бузургтар ва бо роҳу усулҳои мухталиф густариши мазкур сурат пазируфт. Аз ин рӯ, муҳаққиқони муосир бо этминони комил таъкид намуданд, ки таърихи саросари Урупо бо нуфузу фишори доимии қавмҳои саҳронишину муҳоҷирони ориёии бархоста аз сарзамини Шарқ оғоз мешавад.

Роҷеъ ба густариши қабилаҳои ориёӣ ва таҳаввулу истиқрор ва интиқоли тамаддуни он ба Ғарб омилҳои зиёде, аз ҷумла омилҳои забонӣ, ҷуғрофӣ, таърихӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мусоидат намуданд. Таҳлилу баррасии ин омилҳо дар ин ҷо шояд ба сайри тамаддуни ориёӣ то андозае равшанӣ андозад. Агар омили забониро ба назар гирем, бино ба маълумоти забоншиносон ва санадҳои таърихиву фарҳангӣ, маълум мегардад, ки ҳануз дар ибтидои ҳазораи дуюм қабилаҳои ориёӣ, ки аз сарзамини Ҳинд то Балкан интишор ёфта буданд, ба самти ҷануб пеш рафтанд ва ҳамаи онҳо бо забоне аз решаи ҳиндуевропой сухан мегуфтанд. Умуман забони ҳиндуевропой аз ҳамон ибтидои зуҳураш дар сарзаминҳои хориҷ аз минтақаҳои чорводору зироаткор мавриди истеъмол қарор гирифтааст. Ин масъаларо Ралф Линтон мавриди баррасӣ қарор дода, аз ҷумла навиштааст, ки «дар ҷангалҳои паҳноваре, ки аз ҷиболи Тиёншон (дар маркази Осиё) то Балкан идома

меёфт, ба иллати фукдони мавонеъи табиӣ дастаи забонҳое, ки аз як реша буданд, метавонистанд ба суҳулат дар навоҳиҳои васеъ густариш ёбанд. Ҳам ҳафриётҳои бостоншиносӣ ва ҳам асноди таърихӣ хокӣ аз он аст, ки то андаке кабл аз таърихи Масеҳ иддаи зиёде аз ақвоме. ки дар Туркистони ҳавзаи Торим (Tarim) сукунат доштанд, бо забонҳои ҳиндуевропой сухан мегуфтанд ва эҳтимоли бисёр дорад, ки ин хонаводаи забонҳо ба ҳамон андоза ба самти Мағриб интишор ёфта бошанд»[142]. Ў суханони худро идома дода, ақидаеро иброз доштааст, ки тибқи он яке аз забонҳои мутааллиқ ба решаи ҳиндуевропоии мавсум ба Латыш(Lettish) аз замонҳои ёднаовардани дар ҷангалҳои маркази Балтик мавриди истеъмол буда, дар Осиёи Сағир низ дастаи дигаре аз забонҳои бадавии ҳиндуевропой вуҷуд доштааст.

Имрўз олимон оиди мушаххас намудани масир ва тарзи густариши забонҳои ҳиндуевропой дар саросари хоки Урупо кўшиш ба харҷ дода, дар робита бо ин масъала як силсила тадқиқотҳои муҳим анҷом додаанд. Масалан, дар мамлакатҳои Урупо гурўҳҳои биолог-генетикҳо ба таҳлили генетикӣ-молекулярии мардуми муосири кишвари худ ва муқоисаи он бо осорҳои боқимондаи бостонии инсонӣ, ҳафриёти қадими аврупой ва осиёимиёнагӣ (неадерталҳои Германия, Осиёи Миёна ва ғайра) аз нуқтаи назари хешигии биологӣ ва мигратсия (ҳиҷрат)-и онҳо машғул шуда, ба хулосаи доманадори муҳим омаданд. Онҳо ду ҳиҷрати мардуми қадими Осиёи Миёнаро ба Урупо аник кардаанд: якум дар замони зисти инсони неадерталӣ ва дуюм инсони мезолитӣ-неолитӣ. Билохир ба ин кор олимони америкой ҳамроҳ шуда, дар семинари олимони Урупою Амрико ба хулоса омаданд, ки инсони Урупои муосир аз генҳои 8 маҳлуқи неадерталии осиёимиёнагӣ ва ду махлуқи замони мезолитӣ-неолитии осиёимиёнагӣ ба вуҷуд омадаанд[143].

Аз гарафи дигар, оилаи забонҳои ҳиндуевропой дарахти азимеро мемонад, ки шоху барги он дар аксари сарзаминҳои Осиёву Урупо паҳн шудааст ва дар паси пардаи интишори ин оилаи забон масири куллии густариши умумии қавмҳои ҳиндуевропой ниҳон аст. Ин масъаларо ба ҷуз умумияти гурўҳи забонҳои оилаи ҳиндуевропой (ба монанди падар, модар, бародар, хоҳар-Fathe, mathe, braze, siste- папа, мама, брат, сестра - fure mutte,trare, siste), хешовандӣ ва тарзи муштараки хоҷагидории қавму қабилаҳои интишорёфтаи ориёӣ дар Шарқу Ғарб, ки илми бостоншиносии муосир дар заминаи омўзиши қишрҳои мадании ҳафриётҳо, тадқиқу баррасии маводи аз зери хок буруномада ва дигар ёдгориҳои таърихӣ ба он ангушти ишорат гузоштаанд, инчунин шабоҳату ҳамоҳангии иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳанги суннатии тамоми минтақаҳои истиқрорёфтаи ориёиҳо дар мавҷҳои гуногуни густаришашон ба Осиёву Урупо собит мекунад.

Масъалаи исолат ва чигунагии густаришу интишори забонҳои ҳиндуевропой, ки тақрибан нисфи ҷаҳон бо он такаллум мекунад, яке аз

нуктаҳои буғранҷ ва печидаест, ки мавриди баррасии олимон қарор гирифта бошад ҳам, ҳанӯз бисьёр ҷиҳатҳои он дар паси пардаи ғафси зулмот қарор гирифтааст. Вале назари маъмул ва муштараке, ки байни муҳаққиқон шойеъ ва мавриди писанд мебошад, аз он иборат аст, ки дар асри нави сангӣ ё худ замони интиқол аз амали шикорчигӣ ба кишоварзиву чорводорӣ ва ташаккули хоҷагидориву захира намудани озуқа қариб тамоми сарзамини Урупо зери таъсиру нуфузи бевоситаи қабилаҳое, ки бо забону лаҳҷаҳои гуногуни аз як решаи забони модар (мабдаъ) сухан мегуфтанд, қарор доштанд. Дар бораи ба осонӣ қабул намудани забону лаҳҷаҳои ҳиндуевропой тавассути Урупоиён Ралф Линтон маълумоти аз назари олимон тааҷҷубовар, вале басе ҷолиберо овардааст. Ӯ менависад: «донишмандон ҳамвора дар ҳайратанд, ки чи гуна ба ин суҳулату суръат ҳамаи он ақвом (яъне ақвоми бумии Урупой-Ҳ.М.) забони аслии худро тарк карда, ба забони фотеҳони фарзии худ, ки ориёнҳо бошанд, даромадаанд. Тасаввур меравад, ки дар воқеъи амр ин ихтилофу тааддуди забонҳои бумӣ аз мушаххасоти савоҳили Мадитарона ва Уқьёнуси Атлас буда бошад ва қариб яқин аст, ки дар марказу шарқи Урупо забонҳои маъмул ҳатто дар ҳамон азманаҳои навсангӣ аз решаи ҳиндуевропой будааст» [144].

Нуктаи дигаре, ки бояд дар ин ҷо тазаккур дод он аст, ки тибқи маълумоти бостоншиносон зодгоҳи тамаддуни теғасангӣ дар давраи неолит Осиёи Марказӣ будааст ва аз ин арзу бум ба тарафи Мағриб то Урупо, ба тарафи Машриқ то Шарқи Наздик ва аз тариқи тангии Султоё (даҳонаи Баҳри Сурх) то Африқо интишор ёфтааст. Агар мо ба ин фикри муҳаққиқон дигар омилҳои асосии тамаддун, аз ҷумла сайри таърихии истифодаи фелезот ва истихроҷи оҳан, инчунин дигар зуҳуроти тамаддуни Осиёи Ҷанубу Ғарбиро, ки аз маҷмӯъи тамаддунҳои Дунёи қадим, ки дар заминаи он тамаддунҳои қавму қабилаҳои ҳиндуэронӣ ва ҳиндуевропой ба вуҷуд омада, аз як манбаъи тамаддуни муштарак гизои маънавӣ гирифтааст, ҳамроҳ кунем, ба хубӣ мушоҳида мегардад, ки Урупо дар тӯли таърихи Аҳди қадим «бештар гирандаи аносири тамаддунӣ ва тақлидкунандаи ихтирооти навзуҳур мебошад». Зеро аз пешомади таърихии он пайдост, ки дар натиҷаи ҳаракати тадриҷии пиряхҳо (чаҳор давраи яхбандон ва се давраи пас рафтани онҳо) сокинони ин қитъа гоҳе ба хориҷ аз он пароканда ва гоҳе ба даруни он ҳидоят шудаанд ва фарҳангшиносон комилан мунсифона қайд кардаанд, ки дар чунин ҳолат рушду инкишофи тамаддун қатъ ва ё ҳеҷ набошад сукут хоҳад кард.

Агар ба пайдоиши тамаддуни Дунёи қадим некбинона назар афканем, ба хубӣ хоҳем дарьёфт, ки он дар сарзаминҳои Шарқи бостон арзи вуҷуд намуда, зимни такомулу инкишофи унсурҳои асосии фарҳангӣ ва гирд омадани онҳо бо роҳу равишҳои гуногун дар қитъаи Осиё, хусусан дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ тамаддуни Дунёи қадимро ба маъноии пурраи

калима ба вуҷуд оварданд. Баъди пушти сар намудани силсилаи маротиби такомули дорои суннату раволи муштарак тамаддуни Дунёи қадим ҳамвора бо тамоми унсурҳои фарҳангиаш аз ҳудуди доираи фаъолияташ таҷовуз карда, ба сарзаминҳои Шарқу Ғарб паҳну парешон шуд. Ин гусгаришу инкишоф, ки тибқи қоидаву қонунҳои рушди фарҳангӣ дорои назму низом, аслу усул ва ҳамоҳанг ии хосу муайяне мебошад, ҳам дар соҳаи тарзи истифодаи дастовардҳои тозаи кишоварзиву хоҷагидорӣ аз қабили истифодаи асбобу олоти навзуҳури коркарди замин, аҳлӣ намудани гиёҳон ва ҳайвоноту ҷонварон, ҳам дар соҳаи пешрафти санъату ҳунар ба мисли ихтироъ ва истифодаи фелезо г (мис, биринҷӣ, оҳан) дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ (дастовардҳои фаннӣ ва технологӣ) ва ҳам дар дигар соҳаҳои унсурҳои фарҳангӣ баръалоина мушоҳида мешуд.[1] Ин ҳодиса шояд муқаддимаи асосии пешрафти тамаддуни халқу миллатҳои гуногун ба шумор меравад ва зимни истиқрори минбаъдаи он аз қавму қабилаҳои ҷомеъаи ибтидоӣ ҷамоъаву шаҳрҳо ба вуҷуд хоҳанд омад, ки он яке аз бузургтарин ва инқилобангезтарин ихтирооти иҷтимоӣ маҳсуб шуда, «дар саросари зиндагии башар ба вуқӯъ пайвастааст». Зеро «тамаддунҳои нукоти мухталифи ҷаҳон дар айни ҳол ки дар хатти сайрҳои муҷаззо аз якдигар сайру таҳаввул ёфтаанд, ҳама ба таври куллӣ як силсила улгуи такомулӣ ба худ гирифта ва дар як ҷиҳати умумӣ пешрафт намудааанд»[145].

Барои тасдиқи фикри боло бо овардани як мисоли басо ҷолиб иктифо меварзем. Тибқи маълумоти маъхазҳо ва назари муҳаққиқон яке аз ихтирооти муҳимми башарӣ саноати фелезкорӣ мебошад. Истифода аз фелез тақрибан дар ҳазораи ҷаҳорум (соли 4500 то м.) дар Шарқи Наздик роиҷ буд ва аз давраи неолит сар карда ба таври пароканда дар маҳалҳои мухталифи ин сарзамин санъати фелезкорӣ шуруъ шуд. Аввалин фелезе, ки мавриди истифода қарор гирифт, мис буд. Санг ҳои маъдании карбонати мисдор ба мисли мармарҳои сабзу лоҷувард истихроҷ мешуд ва пас аз хурд намудани ӯн мисашро ҷудо намуда, бештар ба унвони ранг истифода менамуданд. Сангро ба сурати фелез даровардан ибтидои инкишофи санъати фелезкорӣ ба шумӯр мерафт. Асри оҳан дар Осиёи Хурд дар қарнҳои 18-16 пеш аз милод ба вуҷуд омад.

Ҳамин тариқ, дар ҳазораҳои 4-3 пеш аз милод санъати фелезкорӣ дар Шарқ арзи вуҷуд намуд ва он тақрибан баъди ду ҳазор сол ба воситаи хетиҳо ва кимиёгарони соҳили ғарбии баҳри Миёназамин ба саросари сарзамини Ғарб паҳн шуд ва то ба Британия расид. Ин ҳодиса, аз назари фарҳангшиносон, намоишгари сайри таърихии яке аз падидаҳои муҳимтарину ҷолиби тамаддуни башарӣ мебошад ва дар айни ҳол нишондиҳандаи мусофирату муҳоҷират ва лашкаркашиву тохтутозҳо дар сарзамииҳои Шарқу Ғарб барои ба даст даровардани маъданҳои мухталифи фелезот гардидааст.

Аз ин нуқтаи назар Шарқ ҳамчун маркази тамаддуни Дунёи қадим ё худ, ба қавли фарҳангшиноси варзида Вилл Дурант, «машриқзамин ҳамчун гаҳвораи тамаддун» бо роҳу равиш ва усулҳои гуногун фарҳанги худро аз тариқи як силсила тамаддунҳои муҷовир ва иқмории ҳавзаи баҳри Миёназамин вориди Ғарб намуда, ба таҳаввулу инкишофи тамаддуни Урупо ва интишори тамаддуни ориёй дар он нақши муҳим бозидааст. Тамаддун монанди ҳаёти инсонӣ пайваста дар кашмакашиву гиру дори доимист ва бо маргу зиндагӣ даст бар гиребон аст. Чи тавре ки бо густаришу муҳоҷират ва ё муҳоҷимат ҳаёти инсонӣ дар маҳалҳои нисбатан ба худ мусоид идома пайдо мекунад, тамаддун низ дар натиҷаи муколимаву бархурд бо интиқоли макон ба зиндагии худ идома медиҳад ва дар шаклу намудҳои гуногун ва чеҳраҳои мухталифи такомул зоҳир мегардад. Ба ин маънӣ тамаддуни Ур ба Бобул ва аз Бобул ба Нинво, аз он ҷо ба Тахти Ҷамшед (Персеполис), аз Тахти Ҷамшед ба Сардис ва Милет, аз он ҷо ба Мисру Крит ва Юнону Рум ва, ниҳоят, ба Урупо интишор ва интиқол ёфтааст.

Аз сарзаминҳои Осиёи Марказӣ ориёиҳои нимбиёбонгарду нимсаҳронишин аввалҳо барои ҷустуҷуи чарогоҳҳои тоза ба ҷои дигар мерафтанд ва бо бумиёни маҳалҳои тозаишғолшуда омезиш меёфтанд. Вале баъди пайдоиши давлатҳо ва императориҳо бо мақсади тавсиаи қаламрави худ ва ба даст овардани ғаниматҳо онҳо ба тохтутоз пардохтанд ва то сарзамини Урупо пеш рафтанд. Ҳамин масъаларо Абдулазими Ризой чунин бо қалам додааст: «... ба рӯи ҳам сарзамини Помир ва Осиёи Миёнаву ҷануби Ҳиндукуш, доманаҳои кӯҳҳои Тиёншон, Эрони имрӯз, Арманистон, кӯҳҳои Карпат, ҷануби Руссия, канораҳои поёнии руди Донуб (Дунай), бохтари Олмон ва низ Англистон ва ҷазираҳои Сарандебро зодгоҳу парваришгоҳи нажоди ориёй донистааند»[146].

Аз ин иқтибос чунин бармеояд, ки ориёиён тамаддуни худро дар сарзаминҳои номбаршуда густариш дода, ба маданияти бумии он сарзаминҳо созгору мувофиқ месохтанд. Чунин раванди муколамаи фарҳангиро қонуниятҳои таҳаввулу такомули умумии тамаддуни башарӣ тақозо менамояд. Бо ибораи дигар, ҳар тамаддун дар заминаи унсурҳои маданияти тозае, ки онро пазируфтааст, маънову мафҳумҳои нав пайдо мекунад, тамаддуни тозаворид барои аъзои тамаддуни мавриди пазириш қароргирифта мавриди пасанд ва қобили фаҳм мешавад ва бо маънавиёти он ҷомеъа таодулу мутобиқат пайдо мекунад. Ин нукта на фақат дар интиқоли умури фаннӣ ва ихтироот, балки дар мавриди нақли ақоиду ахлоқ, одоби мазҳабӣ ва русуму одот аз як ҷомеъа ба ҷомеъаи дигар мушоҳида мешавад[147]. Ҷалолуддини Оштиёнӣ ин нуқтаи назари муллифи «Сайри тамаддун»-ро таъйид карда, дар ин бора навиштааст, ки «ҳар гоҳ мардуме бар мардуми бумӣ чира шуданд ва фарҳанги худро бо ёрии киши ҳамагонӣ

бар зердастон пазиронданд, дигаргунии решай дар фарҳанги ҳамагонӣ падидор мешавад, то ҷое ки пас аз берун ронда шудани пирӯзмандон ҳам чирагии фарҳангӣ то андозаи зиёде бар ҷой мемонад»[148].

Барои мисол чунин падидаи фарҳангиро ба тариқи намуна овардан мумкин аст. Ҳамаи тамаддунҳои бархоста аз ҳаволии Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ дар хоҷагии худ ба ҷамъоварии ғалладона ва парвариши чорво машғул буданд. Бештари ҳайвонот дар ҳамин минтақа ром шуданд ва ширҷӯшӣ нахустин ибтикору ташаббуси қабилаҳои ориёӣ буд, ки аз назари фарҳангӣ як ҳодисаи инқилобангези пешрафти иқтисодӣ ба шумор мерафт ва дар ҳамаи маҳалҳои густариши ориёиҳо «Тамаддуни лабанӣ»-ро ба вуҷуд овард ва онро ҳамроҳи худ ба Осиёву Урупо ва ҳатто Африқ ову Амрикои Шимолӣ бурд. Ҳуроки аслии мардумони ин сарзамин аз махлути ғаллаву шир иборат гардид.

Бо равшан гардинани баъзе нуктаҳои баҳсовари интишори тамаддуни ориёӣ ба Ғарб ба таҳлилу баррасии масири густариши қабилаҳои ориёӣ ва тамаддуни он ба Урупо таваққуф намудан ҷоиз аст. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқон, нахустин муҳоҷирони асри нави сангӣ (неолит), ки вориди хоки Урупо шуданд, аз роҳи Осиёи Сағир гузашта, дар нимҷазираи Балкан ҷайгузин шуданд. Густариши умумии ориёиёнро Ралф Линтон ба тафсил оварда, назари худро дар ин бора чунин иброз намудааст: масири густариши ориёиҳо бо ду роҳ сурат гирифтааст—яке аз он роҳ аз канори соҳилҳои баҳри Миёназамин ва ҷазираҳои он гузашта, ба нимҷазираи Италия ва Испанияву Партугалия идома пайдо кардааст, роҳи дигар муҳоҷиморо аз масири рудхонаи Дунай ва шохобҳои он мустақиман ба қалби Урупо раҳсипор гардонда, сипас ҳамроҳ бо рудхонаҳое, ки ба уқёнуси Атлас мерехтанд, ба соҳили баҳри Шимол рафта, дар сари роҳ дар Фаронсаву Ҳоланду Донмарк маъво гирифтаанд ва ҳатто гурӯҳе аз онҳо ба хоки Шветсия дохил шуданд. Ӯ ҳамчунин таъкид менамояд, ки гурӯҳи аввал баъди инкишофи баҳрнавардӣ ба маркази ҳавзаи Миёназамин раҳсипар гардида, сарзаминҳои сари роҳро аз Машриқ то ба Мағриб маскани худ қарор доданд. Гурӯҳи дуюми муҳоҷимоне, ки аз саҳроҳои шарқтар, бо эҳтимоли қавӣ, аз тарафи хушкӣ ба онҳо мулҳақ шуда буданд, бо саъйу кӯшиш ва нируи бештар ба мусофирати худ ба Ғарб идома дода, то ба Британияву Олмон ва нимҷазираи Скандинавия пеш рафтанд ва аз омезиши ин тамаддунҳои мухталиф тамаддунҳои маҳаллии гуногун ба вуҷуд омаданд. Табиист, ки ин ду масири муҳоҷират, ба фикри муҳаққиқи мазкур, ду муҳити комилан мутафовуте ба вуҷуд овард, ки онҳо дорои як силсила унсуру хусусиятҳои мутафовуте буданд[149].

Хусусияти фарқкунандаи муҳите, ки дар бораи он Ралф Линтон ишора намудааст, бо эҳтимоли зиёд, тамаддуни ҳавзаи мадании баҳри Миёназамин ва тамаддуни Урупои Ғарбию Марказӣ дар назар дошта шудааст. Ин ҷо

сухан дар бораи он меравад, ки дар ҳавзаи баҳри Миёназамин ба иллати ҷазираҳои зиёд доштани он тамаддунҳо то андозае аз ҳам ҷудо ташаккулу инкишоф ёфтаанд, вале роҳи баҳрӣ иртиботи ҳамаи буъди маконии ин тамаддунҳоро барқарор мекард. Баҳрнавардӣ боиси шукуфоии унсурҳои асосии тамаддун ва густаришу инкишофи онҳоро дар атрофу акнофи ҳавзаи мазкур таъмин менамуд. Дар натиҷа ду тамаддуни бузурге ба унвонҳои «Тамаддуни Крит» ва «Тамаддуни мисен» (Mucenian cultur) арзи вуҷуд намуданд.

Критиён, ки аз лиҳози забону нажоду дин ба қавму қабилаҳои ҳиндуевропоии Осиёи Хурд хешовандии наздике доштанд, тамаддунеро дар заминаи муданияти давраи неолити минтақаи Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ба вуҷуд оварданд, ки саросари ҳавзаи шарқии баҳри Миёназаминро таҳти нуфузи худ қарор дода буд. Ралф Линтон шаҳри Каниса (Knossos)-и Критро яке аз шаҳрҳое медонад, ки дар ин давра ба авҷи аълои равнақу тараққии худ расида буд ва тамаддуни Критиро «зербанои бузурги куллияи тамаддунҳо» медонад, ки дар он «таъсири тамаддунҳои Миср шадидтар нисбат ба асари фарҳанги Осиёи Марказӣ будааст»[419].

Муҳаққиқи дигари Ғарб Вилл Дурант роҷеъ ба тамаддуни Крит чунин нигошта: «султаи Крит назме дар ҷазираи Эгей ба вуҷуд овард, бозаргонони Крит ба ҳар бандар рафтанд, маснуоти ҷазоири Кукладис ва Қибрисро фаро гирифтанд, ба Калия ва Фаластин расиданд, дар ҷониби шимол аз ҷониби Осиёи Сағир ва ҷазираҳои он ба Троя расиданд; дар ҷанубу мағриб аз Италияву Ситсилия ба Ирландия кашонда шуд, ба ҷазираи Юнон истило ёфтанд ва ҳатто дар Тасоли (Taessalion) ва Макиней (Mukenai) ва Тируас (Tiruus) сироят кард. Юнониён тамаддуни Критро ба иср бурданд. Аз ин рӯ, тамаддуни Крит ба манзилаи нахустин ҳалқаи занҷири тамаддуни Урупой аст»[150].

Муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки солҳои 1700-1500 пеш аз милод гурӯҳе аз муҳоҷимони ҳиндуевропоизабон вориди нимҷазираи Юнон шуданд ва дар ин буъди замонӣ дар Юнон гӯё қабилаҳое сукунат мекарданд, ки дорои тамаддунҳои гуногун ва дар марҳилаҳои гуногуни такомулу инкишоф қарор доштанд, вале аз лиҳози тамаддуни кишоварзӣ ҳам қабилаҳои сокини Юнон ва ҳам қабилаҳои тозаворидии ҳиндуевропоизабон дар ҳадди камоли асри биринҷӣ буданд. Аз ин рӯ, зуд ба ҳам омезиш пайдо карданд ва байни давлатҳои Юнон авомили муштаракеро ба вуҷуд оварданд. Дар саросари нимҷазираи Юнон тақрибан дар оғози асри 13 то милод забоне раиҷ шуд, ки мураккаб аз луғоти ҳиндуевропой (забонҳои эронӣ, санскрит ва славии лотину олмонӣ, англисӣ ва ғайра, ки дорои решаҳо ва мухтассоти ҳаммонанд ҳастанд) буд. Замоне, ки Юнон ба авҷи камолоти тамаддуни худ расида буд ва онро барои мутолиаи тамаддуни Урупой дар давраҳои баъдинаи таърихӣ ба унвони мабдаъ қарор дода, роҷеъ

ба тамаддуни дурагаи юнониву осиёй, ки дар таърихи тамаддун бо номи «эллинизм» маълуму машҳур аст, муҳаққиқон сухан мегўянд, он ба давраи нисбатан мутааххири Аҳди қадим, ҳеч набошад, ба охирҳои ҳазораи якуми пеш аз милод тааллуқ дорад. Аммо ин тамаддуни овозадори Ғарби бостониро, ҳамон тавре ки олимон мунсифона қайд кардаанд, бе мутолиаи собиқаи фарҳангии он дарк намудан амри муҳол аст.

Агар ба гузаштаи таърихии фарҳанги юнониён назар афканем, ба хубӣ мушоҳиди хоҳем кард, ки Юнон аслан «созандаи кохи тамаддун ба шумор намерафт, зеро он чӣ аз дигарон гирифтанд ба маротиб бештар аз он чизест, ки аз худ ба ҷо гузоштанд. Юнон дар воқеъ ҳамчун воситаест, ки захоири сеҳазорсолаи илму ҳунарро, ки бо ғаноими ҷангу бозаргонӣ аз Ховарзамин ба он сарзамин расида, банои ҳаққи таҳосуб кардааст»[151]. Баъди баёни чунин фикр Вилл Дурант ба шарҳи ақидаи худ пардохта, аз ҷумла иброз доштааст, ки тамаддуни юнонӣ дар натиҷаи бархурди панҷ фарҳанги критӣ, макиней, дудӣ, шарқӣ ва охайӣ ҷавонии худро бозёфт ва омезиши нажоду шеваҳо пас аз чанд қарн ба вазъи нисбатан собит даромад ва андешаи юнониро аз танаввўъ ва тағъирпазириву латофати бесобиқа бархурдор сохт.

Ҳамин фикрро муҳаққиқони дигари тамаддун Исҳоқ Осимов ва Франк Войт низ баён намуданд. Онҳо зимни баррасии муколамаи тамаддунҳо қайд кардаанд, ки юнониҳо «бо фарҳангҳои бешуморе мувоҷеҳ шуданд ва аносире чанд аз онҳоро ба орият гирифтанд ва аз ин тариқ имкони бунёнгузории барҷастатарин ҷавомеъи юнониро пайдо намуданд»[152].

Дар бораи хамирмояи таърихи тамаддуни юнониро ташкил додани маданияти мухоҷирони ҳиндуевропоизабон якҷоя бо фарҳанги критию эгей Ралф Линтон ва Абўсаид Шохуморов низ ибрози ақида намуда, ба хусусиятҳои ташаккули тамаддуни юнонӣ ишора намудаанд. Масалан, Ралф Линтон навишта, ки чун Юнон дар муҷовири тамаддунҳои дигар қарор доштааст, боби доду ситади тамаддунро боз мекард ва бо фаъолияти том аносиреро ба худ қабул мекард ва аносири дигареро ба дигарон медод. Юнониҳо барои қабули аносири тоза аз тамаддунҳои хориҷӣ ва ғанӣ сохтани тамаддуни худ аз ҳар фурсате, ки пеш меомад, истифода мекарданд. Ба ҳамин тариқ, ҳар яке аз тамаддунҳои куҳан ба навъе дар тамаддуни Юнон таъсир гузоштанд ва саҳме аз ҳастии худро ба ў доданд. Густариши уфуқи фикрии юнониён аз тамаддунҳои куҳани муҷовири он шодоб гардида, дар омезиш бо алоқаи ҳаётӣ бинои азми тамаддуни Юнонро ба вуҷуд овард ва он, дар навбати худ, дар қисми аъзами дунёи Ғарб таъсири муассири худро расонид. Ақидаи ба ҳамин монандро муҳаққики тоҷик Абўсаид Шохуморов зимни таҳлили адёни ориёй баён намуда, дар боби ба вуҷуд омадани системаҳои динӣ ва фалсафӣ чунин нигоштааст: «қавмҳои ориёй аввалин муассисони системаҳои динӣ дар таърихи ҳаёти маънавии инсонӣ мебошанд. Онҳо асоси пайдоиши ақидаҳои фарокайҳонӣ ва фалсафӣ гардиданд, ки

дар навбати худ, гизои маънавӣ барои фалсафаи Юнони қадим гардид»[153].

Баъди муайян намудани интишори тамаддуни ориёиҳо ба Ғарб, махсусан ба Юнон, ки муқобилгузории Шарқу Ғарб ва эллину барбарро баъдан асос гузошта буд, масири дуюми густариши тамаддуни ориёиро бояд дар ин ҷо дунбол кард. Он, ба қавли Марсел Дунари, аз нимҷазираи Балкан тавассути Испания ба дигар сарзаминҳои Урупо ва аз тариқи даштҳои ҷануби Россия ба воситаи дарёи Дунай ба Ғарб роҳ ёфтааст. Албатта, дар бораи ин масир фикру мулоҳизаҳои гуногун байни олимону муҳаққиқон мавҷуданд. Ба назар чунин мерасад, ки ҳар ду масири густариш аз роҳи обӣ ва аз тариқи ҳавзаи мадании баҳри Миёназамин ба Ғарб сурат пазируфтааст. Роҳҳои диғари хушкии интишори қавмҳои ориёӣ ва тамаддуни онҳо низ, бешубҳа, мавҷуд буданд, ки мутаассифона онҳо ҳануз ба таври бояду шояд омӯхта нашудаанд ва муҳаққиқону фарҳангшиносон дар бораи онҳо лаб фурӯ бастаанд. Чунин нуктаро низ дар ин ҷо қайд намудан зарур аст, ки бештари кашфиётҳои фанниву иҷтимоӣ, ки аз маркази Осиёи Ғарбӣ ба Урупо расида аст, ибтидо дар Урупои Шарқӣ ва Марказӣ ривоҷ ёфт ва мавҷҳои баъдинаи пай дар паи муҳоҷироне, ки поягузорони тамаддуни Урупо шуданд, ҳама ё аз маркази Урупо ва ё аз машриқи он омадаанд[154]. Ралф Линтон суханашро идома дода, тарзи зиндагии қабилаҳои ориёии маскун дар Урупоро нисбатан ба тафсил шарҳ додаст. Ба назар чунин мерасад, ки ин асар яке аз тадқиқотҳои нодир ва пуарзише ба шумр меравад ва шояд яке аз тадқиқотҳои муҳтабар дар бораи рӯзгори ориёиёни Урупо бошад. Аз ин рӯ, дар зер баъзе қисматҳои ҷолиби он роҷеъ ба хусусиятҳои зиндагиву рӯзгори қабилаҳои ориёӣ дар Ғарб пешкаши хонандагон мегардад.

Масъалаи аввале, ки муҳаққиқ матраҳ карда, робитаи наздики зиндагии чорводорон ва сурудани манзумаҳои ҳамосаӣ мебошад. Ориёиҳо шоирону ромишгароне доштанд, ки сурудҳои мавзуну оҳангдори базмиву размӣ ва таърихиро ҳифз намуда, ба фармондеҳони муосири қавми худ пайрави қаҳрамонони миллии собиқ шуданро талқин мекарданд. Ин амр тасвире аз тамаддун ва аҳволи умумии он мардумро ба мо муҷассам месозад ва маҷмӯъи ҳамосаҳои ориёӣ, ки дар маҳалҳои мухталифе чун Ҳинду Эрон, Юнону Ирланд ва сарзаминҳои Скандинавия бар ҷой монда, метавонад манзараи умумии ориёиҳоро дар он мавзеъ, ки ба тасхири қабилаҳои кишоварз ва ташкили ҳукумати марказӣ машғул буданд, дар назар муҷассам намояд.

Нуктаи дигари ҷолибе, ки Ралф Линтон қайд карда, берун омадани ориёиҳо аз мағриби Осиё ба машриқи Урупост. Зимни ин амалиёташон онҳо дар маҳалҳои тозаи маскуниятшон бо кишоварзию галадорӣ машғул мешуданд, вале бештари корҳои зироатиро ба зердастони худ вогузор мекарданд, тиҷорат дар назари муҳоҷимони Ғарби Урупо як навъ дуздии

золимона ва қарз дода суд бурданро аз он камтар намедонистанд ва фақат дар ҳолатҳои зарурӣ ба он даст мезаданд. Бештари фаъолияташон ба кишваркушой ва парвариши говону асбон ва аҳлӣ намудани ҷонварон равона шуда буд. Воситаи нақлиёте, ки қаҳрамонони ориёӣ аз он истифода мекарданд, аробаҳои ҷангӣ буд. Дигар василаҳои фаннӣ ва хоҷагиву маънавӣ, ки дар рӯзгори ориёиҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ маъмул буд, дар рӯзгору маишат, санъату созмони хонаводагӣ, тарзи зиндагӣ ва дину фарҳанги Урупо низ интишор ёфт.

Дар воқеъ, ин ҷо ҷоиз аст назари Ралф Линтонро роҷеъ ба омезиши фарҳанги ориёӣ бо фарҳанги бумӣ мисол овард, зеро ин раванд хеле мушкилу печида ва дар чапдин марҳила сурат гирифтааст. Муҳаққиқи мазкур дар ин бора навишта: «муҳоҷироне, ки вориди арозии мартуб ва пурҷангали Урупои шимолӣ шуданд, дар он ҷо ба ҷамъияти касире аз шикорчиён бархӯрд карданд, ки зиндагияшон нисбатан мураффаъ ва бо авзои муҳит комилан мунтабиқ буд ва ба ҳамин ҷиҳат бисьёре аз роҳу равишҳои он бумиёнро ба орият гирифтанд.[1] Вале, аз тарафи дигар, онҳо ба навоҳии атрофи Мадитарона муҳоҷират карда, на фақат муҳиту иқлими тозаро комилан шабеҳи авзоъи муваттини худ ёфтанд, балки бо дастаҳое чанд аз бумиён рӯ ба рӯ шуданд, ки аз марҳилаи тамаддун аз онҳо ақибтар буданд ва қобилияти онро надоштанд, ки ба эшон чизе биомӯзанд. Ба ин тартиб муҳоҷирони Осиёӣ ба тадриҷ дастаҳои камҷамъияти бумиёнро дар тамаддуни худ ҷазбу мустахлиқ сохтанд, бидуни он ки ҳеҷ асару нишони мутамоизе аз тамаддуни онон гирифта бошанд»[155].

С.П. Витяз ду мавҷи асосии нуфуз ва таъсири ҳиндуевропоиёнро дар Русияи сафед (Белоруссия) хотирнишон намуда, давраи аввали онро оғози ҳазораи дуюми то милод медонад, ки ҷараёни ҳаракати миқёсан калони фарҳанги бостоншиносии кулолӣ (табарҳои ҷангӣ), ки шохаи маҳаллии онро забоншиносон чун соҳибони шеваи балтии ҳиндуевропой тавсиф мекунанд. Дар ин марҳила вуруди ҳиндуевропоиён - пешбалтиҳо боиси бозсозии пурраи тарзи зиндагӣ ва фаъолияти ҷамоъаи маҳаллӣ ва хоҷагии тавлидкунанда гардид. Мавҷи дуюм ба қабоили эронии ҳиндуевропой иртибот дошт ва аз чанд бахш иборат мебошад. Аввалан: аз асрҳои VII то II то солшумории мо давраи нуфузи бевоситаи эрониён, пеш аз ҳама, скифҳо ба қисмати ҷанубии ҳудуди Белорус ва ҳамчунин таъсири онҳо ба муҳоҷирон (сокинон)-и ояндаи он, ки дар ин марҳила дар Урупои марказӣ зиндагӣ мекарданд»[156], баръало мушоҳида мешуд.

Олмониҳо дар қисми шимолу шарқи дарёи Рейн зиндагӣ мекарданд ва бино ба дур буданашон аз тамаддуни ҷанубу ғарбӣ нисбат ба дигар қавмҳо барбаритар ба назар мерасиданд. Бо говдорӣ машғул буданд ва дар соҳаи зироаткорӣ ҳамон усули «бурридану сӯзонидани ҷангалҳо» барои кишти ғалла, ки дар саҳроҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ маъмул буд, амал

мекарданд. Умуман ориёиҳои Урупо паноҳгоҳҳои қобили ҳамл ба мисли «юрта»-ҳои қавмҳои турку тотор надоштанд. Дар ҳар ҷое, ки ҳатто барои чанд рӯз иқомат гузинанд, бо чӯбу гил ба осонӣ кулба месохтанд ва мавқеъи зарурат ба ҳамин осонӣ ҳам онро тарк менамуданд. Ҷомаҳои пашминро дар коргоҳи нассоҷӣ мебофтанд ва тиккаҳои онҳоро бидуни дӯхтан ба даври бадани худ мебастанд. Дар миёни қабилаҳои ориёӣ, ки ба шимоли Урупо расида буданд, баъдтар дӯхтани шалвор маъмул гардид.

Франсавиҳо аслан гурӯҳе аз ақвоми селтӣ буданд. Онҳо сарзаминҳои ҷанубу ғарбии Олмонро ишғол карда буданд. Гурӯҳи дигари селтиён, ки бо франсавиён иртиботу қаробати зиёде доштанд, дар ҷазираи Британия ва Ирландия маскан гирифта буданд. Франсавиҳо, ки асрҳо пеш бо тамаддуни ҳавзаи баҳри Миёназамин иртибот доштанд, саҳми бузурге аз он бардошта буданд. Боқимондаҳое, ки аз ноҳияҳои ҷануби Алп ба даст омада, нишон медиҳанд, ки франсавиҳо дар ҳудуди асри 5 пеш аз милод маҳорати фавқулодда дар ба кор бурдани фелезот доштанд.

Аз ихтирооти фаннӣ ду кашфиёти бузурги асри нави сангӣ—чарх ва плугро ориёиёни Ғарб мавриди истифода қарор дода буданд ва дар ҳамин замина саноати кӯзагарӣ ба вуҷуд омада буд. Ба ғайр аз оҳан навъҳои дигари фелезотро низ истифода мебурданд. Дар Ғарб зуби оҳан дар қисмати шарқии Урупо—дар хаволии кӯҳҳои Карпат бори аввал ба роҳ монда шуд. Силоҳҳои ақвоми ориёӣ иборат буд аз найза, шамшер, табарҳои мухталиф, тиру камон, тоскулоҳу сипар. Ҳангоми ҳодисаҳои ногувор мардум бору бухчаи худро ба аробаҳо бор карда, кулбаҳои худро тарк мекарданд ва роҳ ба диёрҳои ношинохтаро пеш мегирифтанд, ҳамлаву пирӯзии онон иборат аз тасарруфи сабзазорҳои тоза барои сукунат буд. Ҳанӯ оми қудрати бештар пайдо кардани ориёиҳо дар Ғарб онҳо ба сурати фотеҳу фармонфармо дармеомаданд.

Ҷомеъаи ориёӣ аз се табақа—ашрофону фармонфармоён, оммаи мардум ва бардагони мағлуб иборат буданд. Подшоҳ ба маънои вокеъӣ вуҷуд надошт ва раиси тавонои як қабила қабилаҳои дигарро дар атрофии худ ҷамъ мекард ва роҳбарии онҳоро ба ӯҳда мегирифт. Ҳамин раисон табакаи ашрофону фармонфармоёнро ташкил медоданд. Бардаи зархарид тақрибан вуҷуд надошт, ному насаб аз падар бармеомад, пайвандҳои хешовандӣ ҳам аз тарафи падар ва ҳам аз тарафи модар муҳтарам дониста мешуд. Меҳмоннавозӣ хислати умумии ақвоми ориёӣ буд. Ҳар қабилаи ориёӣ аз иддаи хонаводаҳои бузург ташкил меёфт, ки он аз сарвари хонавода ва завҷу фарзандон ва бародарону хешовандони он иборат буд. Масалан, дар оғози истиқрори гурӯҳе аз қавмҳои ориёиён дар ҷазираи Ирланд русуми мавҷуда чунон буда, ки то шахсе соҳиби 20 гов ва ё панҷ хонаводаи ғуломон надошта бошад, ба қатори ашроф дохил намешуд. Раис давлатмандтарин ва муҳимтарин шахси хонаводаи ориёӣ буд ва ба раёсат тавассути кулли

қабила интихоб мешуд. Ӯ масъулияти зиёд дошт, вале ҳеҷ гуна молиёту хироҷ намегирифт. Ин суннати дерин ҳоло ҳам дар баъзе кишварҳои Урупои шимолӣ мушоҳида мешавад. Дар маркази иқоматгоҳи ориёӣ толори аслӣ қарор дошт, ки маҳалли зиндагии раиси як хонаводаи бузург бо кулли бастагон ва хешовандонаш буд.

Ориёиҳо дар мавриди мазҳаб ва қуввоҳои фавқуттабиӣ ташкилоту оинҳои хосса надоштанд. Дар ибтидо раисони хонаводаи ориёиҳои Ғарб пешвоии мазҳабиро низ ба ӯҳда доштанд ва ин расм дар сарзаминҳои Скандинавия то зуҳури масеҳият идома дошт. Дар нукоти дигари Урупо кам-кам коҳинон ва мутасаддиёни маросиму оинҳои мазҳабӣ ба вуҷуд омаданд, вале аз ҷиҳати иҷтимоӣ мақому манзалати зиёде надоштанд. Ба ҳар ҳол, вақте тамаддуни ориёиҳо аз Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ба хоки Урупо расид, мушоҳида гардид, ки ҳар яке аз иҷтимооти бадавии он дорои худоёну нигаҳбонони маҳаллӣ буданд. Ба таври куллӣ худоёни қадими Урупоиён Осмон-Ouranos, Моҳ- Selene, Замин-Gaee, дарё-Peseiden ва ғайра буданд. Худоёни осмонӣ, заминӣ, ҷинсӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ вуҷуд доштанд. Баъдтар дар ҷомеаи ибтидоии мутааххир русуму одоби мазҳабӣ ва муқаррароту ташкилоти иҷтимоъӣ чунон бо ҳам омезиш пайдо карда буданд, ки аз ҳам ҷудо сохтани онҳо ғайриимкон буд ва маъбаду парастишгоҳҳо марказҳои умури иҷтимоӣ низ ба шумор мерафтанд.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки ба ориёиҳо мансуб аст, аломати ба истилоҳ «Салиби шикаста» (чалипо) мебошад, ки роҷеъ ба он дар Пешгуфтор баъзе мулоҳизаҳо қайд гардид. Дар ин ҷо ба ин масъала муроҷиат намуда, чанд нуктаро бояд хотирнишон кунем. Масалан чаҳор унсури номбаршуда асоси ҳастист ва дар оини меҳрпарастӣ бар мабнои донишу тасаввуроти физикии аҳди бостон, асоси офариниши олам гардида.(ниг. Меҳрпарастӣ). Баъдтар ҳар як аз он чаҳор унсурро файласуфони Юнони қадим (Фалес—об, Анаксимандр—ҳаво, Анаксимен-апейрон, Гераклит-оташ) мабдаъи асосии олам эълом доштанд. Онҳо дар Аҳди бостон «созандаву пардозанда ва гардонандаи олами ҳастӣ ба шумор мерафта, ки аз тариқи таркиби ин унсурҳо ҳастӣ ва пайдоиш шакл пазируфта, дар яке аз шохаҳои ин аломат чой хоҳад гирифт ва мисли парвонаи осиёи обӣ ё бодӣ ба гардишу чархиши низоми табиат (ҳаракату дигаргунӣ) ва зоти офариниш (зиндагиву марг)-ро дар меҳвари худ нигоҳ медорад»[157]

Ба ибораи дигар, ҳамаи он чизе ки дар табиат ба вуҷуд меояд, дар натиҷаи ягонагӣ ва тағъиру омезиши ҳамин чаҳор унсур ба вуҷуд хоҳад омад ва зимни футури онҳо аз байн хоҳад рафт. Дар организми инсон низ чунин раванди кавну фасод ҷориву сорист. Шохаи болоӣ, ки рамзи оташ аст, маншаи илоҳист, зеро нуру равшной, ки хосияти оташ аст, асоси пайдоиши инсон (аз ҷиҳати равонӣ) ба шумор меравад. Боли поинӣ унсури латифи дигар—ҳаворо ифода мекунад, ки тамоми фазоро иҳота намуда,

ҳамон маншаву мабдаи илоҳӣ—нурро дар фазои нур аз ҳаво ҳамчун бахшояндаи ҷон ба организми набототу ҳайвону инсон пахш ва паҳну парешон менамояд.

Сониян, «Салиби шикаста» маъмулан дар порчаи сиёҳ бо шерозаи сурх кашида мешуд. Порчаи сиёҳ аз руи ҷаҳонбинии ориёй рамзи шаби зулмонӣ ва шерозаи сурх рамзи офтоб ё худ оташ аст. Муҳаққиқи эронӣ Абдулазими Ризой маълумоти ҷолиби таваҷҷуҳе роҷеъ ба ин «Салиби шикаста» овардааст. Ба фикри ӯ, ин нишона ё аломат зотан нишони ориёист ва дар Эрону Хинд пешинаи зиёда аз сеҳазорсола дорад. Тибқи маълумоти овардаи ӯ аломати мазкур нахуст дар Хузистони Эрон пайдо шуда, ки бостоншиносон қадимати онро ба 7000 сол қабл аз милод нисбат додаанд. Аз ин рӯ, Ҳертсфелд пешинаи ин аломат дар Осиёи Миёнаву Эронро кӯҳнатар аз пешинаи он байни ориёиҳои Ҳинд шуморидааст. Тибқи маълумоти ӯ, дар китоби «Мазоҳиби бузурги ҷаҳон» тасвири кафи пои Буддо оварда шуда, ки руи ҳар ангушташ ин нишона ё худ аломати «Салиби шикаста» кашида шудаст.

Дар бораи ҳафриётҳои бостоншиносон дар Афғонистон бо роҳбарии В.И. Сарманиди ва пайдо намудани (20 ҳазор) ашёи тиллой, ки ба ҳазораи дуюми пеш аз милод мансуб буда, дар байни онҳо корду шофҳои тиллой бо тасвири «Салиби шикаста» мавҷуд буда, ки дар ин бора низ Абӯсаид Шохуморов маълумот додааст. (Агар «Салиби шикаста»-ро аз лиҳози нажодӣ таҳлил намоем, бояд ба таърифи фарҳангшиноси шинохтаи Ғарб Арнолд Тойнби мурочиат намоем, ки ӯ гуфта: «нажод калимаест, ки барои байни хислати зотии мумаййизкунанда дар ҳар ҷинс ё гуна ё табақаву гурӯҳбандии махлуқоти зинда ба кор меравад»[159]

Аз ин нуқтаи назар вобаста ба хислатҳои фарқкунанда 4 нажод ё худ этнос – сафедпӯсти аврупой, зардпӯсти монголоид ва сиёҳпӯсти негроид ва сурхпӯстонро эътироф мекунанд. Албатта, имрӯз муҳокимаи се нажоди дигар – косанӣ, австралоид ва американоидиро ҳамроҳ мекунанд. Ин чаҳор нажоди номбаршуда аз руи ранги пӯст ба монанди табақоти чаҳоргона ба унвони қутбҳои ҷамъияти инсонӣ амал мекунанд ва шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки адади «чаҳор» ҳамчун унсурҳои чаҳоргонаи олами моддӣ рамзи давомату пойдории ҷаҳон шинохта шуда. Саидҳусайни Наср дар ин бора навиштааст, ки «ҳеҷ як аз нажодҳо ҳақиқати мартабаи инсонӣ, ҳамчунин зебоии инсонеро, ки ҳар нажоде, чи марду чи зан, ба шеваи мухталиф онро мунъакис месозад, поинтар намеовараند. Камолу бенуқсии аслии илоҳӣ ва ғиноии ҳақиқати инсони комил ба ин чандгонагии нажодҳо ва гурӯҳҳои қавмӣ вобаста аст, нажодҳо ва гурӯҳҳое, ки дар гуногунии ғайри қобили боварашон ҷавониби мухталифи улгуи нахустини хешро ба намоиш мегузоранд ва тавъамон мисоли азамату зебоии нахустин халқи худованданд, яъне ҳақиқати инсонӣ ва инъикоси азалии чехраи маҳбуб дар оинаи адам»[160].

Вале агар аз ин назари маърифати қудсии нажодҳо бо ҳаёти иҷтимоии аҳли башар фуруд оем, маълум мегардад, ки раванди омезишу муколамаи фарҳангӣ бисёр нишонаҳои таърифи нажодро тағъир доданд. Дар тӯли таърих ҳодисаҳои зиёде мушоҳида шуда, ки дар як маҳалли зист ҳам сафедпӯсту ҳам сиёҳпӯст якҷоя зиндагӣ ва робитаи табориву хешовандӣ низ доштаанд. Гузашта аз ин, ҳамон тавре ки қаблан ишора шуд, дар ҳазораи сеюм ва дуюми пеш аз милод зимни густариши ориёиҳо дар Байнаннаҳрайн ва умуман дар Шарқи Миёна ва Наздик нажодҳо ба дараҷаи қобили таваҷҷуҳ ба ҳам омезиш пайдо карданд. Ба фикри Вилл Дурант «нажодҳо ва қавмҳо чунон ба ҳам махлут шуданд, ки ҳеҷ нажоди софу пок ва холис намонда ва фарҳангу тамаддуне нест, ки аз фарҳангу тамаддуни ҳамсоягону душманони худ мутаассир нашуда бошанд. Саҳнаи навасоноти нажодӣ хеле гуногун буда, гоҳо нажоди ҳиндуевропой ва гоҳо нажоди сомӣ (дар сарзаминҳои ёдшуда) ғалаба доштанд ва нажоди ғолиб хисоли фарҳангии умумии муштарак миёни ҳамаро пайдо мекунад»[161]. Масалан, дар ҳамон замонҳои қадим дар Байнаннаҳрайну ҳаволии халиҷи Форс, ки маркази минтақаи соминажод буд, нажодҳои мухталифи дигаре низ зиндагӣ доштанд ва забони шумерӣ ва шояд ҳам русуму оинашон байни онҳо муштарак буд. Ин раванд дар асри 20 дар натиҷаи миграцсияи аҳолӣ ва дигар рӯйдодҳои иҷтимоӣ бо суръати тамом идома дорад. Аз ин рӯ, бадеҳист, ки таърифи суннатии нажод имрӯз ниёз ба таҳрироте бошад, ки рӯйдодҳои ахири ҷаҳони муосирро дар худ таҷассум карда тавонад.

Ба ин маънӣ, нажоди ориёӣ низ зимни муҳоҷирату муҳоҷимат ба сарзаминҳои дигар аз омезиш бо халқҳои маҳаллӣ барканор набуд. Агар марҳилаи аввали омезиш зимни бархӯрду муколамаи тамаддунҳои мисриву сумерӣ, бобуливу аккодӣ, хетиву иломӣ ба вуҷуд омада бошад, марҳилаи дуюми он зимни густариши ориёиҳо ба Ғарб ба амал омад. Ҳангоми густариш ориёиёни муҳоҷир ҳар қадар, ки аз ватани аслии худ дур мешуданд ва бо халқҳои маҳаллӣ омезиш пайдо мекарданд, ба ҳамон андоза хусусиятҳои асосии нажоди худро аз даст медоданд. Ягона унсуре, ки зоҳиран аз даст надодаанд, забонашон мебошад, ки ҳамчун ҷузви таркибии фарҳанги ориёӣ дар ин ё он шакл (забони мабдаъ, лаҳҷа, шева) боқӣ монд.

Ба назар чунин мерасад, ки сохтори нисбатан собити иҷтимоӣ ва низоми табақотӣ аз унсурҳои муҳимми тамаддуни ориёиҳо маҳсуб мешуд, зеро маҳз ҳамин ҷиҳатҳои тамаддуни онҳо боиси густаришашон аз сарзаминҳои паҳновари Осиё то Урупо гардид. Ориёиҳо, ки дар ибтидо аз қабилаҳои сершуморе иборат буданд, баъди ташкили давлатҳои муқтадир тамаддуни ориёиро дар саросари қаламравиашон ва ҳатто берун аз он ташаккул доданд. Ин падидаро омили нажодӣ номидан нашояд, зеро дар ин маврид маълум намегардад, ки ориёиҳо масалан ба Ҳиндустон ва ё Финикия чи унсурҳои нажодиро бо худ оварданд. Аз тарафи дигар, олимон мӯътақиданд, ки нажод дар эҷоди тамаддун нақши муассире надорад, яъне

нажод тамаддунро намесозад, балки, баръакс, тамаддун зимни ташаккулу инкишофи унсурҳояш то ба ҳаёти шаҳрӣ, давлат ва ташкили империяҳо бурда мерасонад, боиси пайдоиши халқияту миллатҳо мегардад, шароити мусоиде барои истеҳсолоти моддиву маънавӣ фароҳам месозад ва ҳаёти иҷтимоиву фарҳанӣ иро ба роҳ мемонад.

Имрӯз дар дунёи Ғарб тафовутҳои ҷисмонии нажодиро тағйирноҳазир меҳисобанд, ки зоҳиран дуруст ба назар намерасад ва тафсифҳои гуногуни нажадӣ низ дуруст ва илмӣ нестанд. Аз ин рӯ, гояҳои нажодпарастии кунунӣ аз ҳамон шиори маъмули «нажодпарастони Ғарб»— бартарии нажоди сафедпӯст нисбат ба дигар нажодҳо ғизои маънавӣ мегирад ва шиори мазкур дар вақташ асорати халқҳои давлатҳои мустамликаи Осиё ва Африқоро асоснок менамуд. Зуҳуроти тозаи чунин нажодпарастӣ ҳамроҳ бо унсурҳои миллатгарои бо фаразияҳои илмӣ ҳеҷ гуна муносибате надорад. Чуноне ки Арнолд Тойнби мунсифона қайд намудааст, таассубӣ ба ин қувват наметавонад ба ҳамон шиддат далели мантиқӣ дошта бошад. Таассуби нажоди Ғарби ҷадид таҳрифи чандоне аз тафаккури илмии Ғарб маҳсуб намешавад, балки инъикоси зеҳни козиби ҳисси нажоди ғарбист[162].

ТАЪРИХИ СИЁСИИ ОРИЁИҲО

Мери Бойс ва Франс Гренер зимни баррасии таъриҳи оини зардуштӣ дар бораи иломиён маълумоти нисбатан мухтасар оварда, таъкид мекунад, ки роҷеъ ба илиомиён (яъне иломиён-Ҳ.М.) аввалин кассе, ки маълумот дода, дарёсолори Искандар Норхус будааст. Мувофиқи ин маълумот исми иломиҳо дар феҳресте ҳамчун «ашоири чаповулгари кӯҳистони Загрос, ки аз шоҳони ҳахоманишӣ боҷ меситонданд» оварда шудааст. Муаллифони мазкур ҳамчунин бо мақсади муайян намудани марзу буми сарзамини иломиҳо аз лиҳози ҷуғрофӣ навиштаанд, ки «ноҳияи онон (яъне иломиён – Ҳ.М.) борику дарозе буда, аз силсилаи кӯҳҳое, ки дар шимолу шарқӣ ва шарқии Шушистон воқеъ мебошад, иборат будааст, Гоҳе бо ҳамсоягони шимолии худ хузиҳо даст ба яхе мекарданд. Хузиҳо мусофироне, ки аз роҳи кӯҳистони миёни Шушу Экбатана мегузаштанд, ба гаравон мегирифтанд: дар Машриқ бо Паратасениан, ки иртифооти мушрифе бар Гобой (Исфаҳон)-ро дар ихтиёр доштанд, ҳамсоя буданд. Ва дар ҷанубу шарқӣ бо уксианҳо (uxians), ки дарвозаҳои фарсро соҳиб буданд. Дар ин мақтаъи замонии мавриди баҳс зоҳиран меҳвари қаламрави онҳо роҳе буд, ки Загросро аз тариқи дараи пурпечухами Корун қатъ мекард ва Шушро бо Сустерон (Шуштар) муттасил месохт»[163].

Чуноне ки аз охирин ҷумлаи иқтибоси ёдшуда бармеояд, муҳаққиқон кӯшиданд ҳудуду қаламрави давлати Иломиҳоро тақрибан дар аввалҳои ҳазораи якуми пеш аз милод, ки аллакай модҳову форсҳо дар Эрону Осиёи

Миёна барои ба даст овардани зимоми қудрат муборизa мебурданд, муайян намоянд. Зеро, аз руи маълумоти муаррихон нахустин давлате, ки дар қисмати нисбатан васеъи сарзамини Эрон падид омада, дар ҳайъати худ чандин шаҳрҳои бузургро муттаҳид намуда буд, давлати Иломиҳо мебошад, ки беш аз ду ҳазор сол (2850-639 пеш аз милод) дар қисмати муҳимме дар ғарби кишвари Эронзамин нақши сиёсӣ ва фарҳанғии арзандаро ифоъ намудааст[164].

Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки дар маҳди таърих ё аниқтараш асри навсангӣ (неолит) шояд дар ҳазораҳои 4-3 қабл аз милод вақте ки ниёгони мо дар шароити қавмиву қабилавӣ ва муносибатҳои патриархалӣ зиндагӣ мекарданд, бо тағъири ҳаёти иҷтимоӣ ва маданияти моддӣ тадричан шакли созмонҳои сиёсӣ низ дигаргун шуда, боиси ба вуҷуд омадани шаҳру давлат ва, ниҳояг, иттиҳоди шаҳр- давлатҳо таҳти роҳбарии ҳокими ягона ва забону фарҳанги яксон гардид, ки пайдоишу ташаккули давлатҳои миллӣ ё худ миллатҳои муайяну мушаххасеро дар доираи давлатҳои мутамарказ ва императориҳо ба дунбол дошт. Ба ин маънӣ Мисрро аввалин миллати таърихӣ мешуморанд, зеро дар ин нуқтаи ҷаҳон яке аз қадимтарин тамаддунҳои башарӣ арзи вуҷуд намуд. Дар натиҷаи таҳти таъсиру ихтиёроти инсон қарор гирифтани соҳилҳои рудхонаҳои Даҷлаву Фурот силсилаи тамаддунҳои Байнаннаҳрайн ба мисли тамаддунҳои сумерӣ, аккодӣ, хетӣ, ошурӣ ва бобулӣ дар саҳнаи таърихи Аҳди бостон ҷилванамоӣ намуданд ва мустақилона дар ҳудуди қаламрави давлатҳои худ амал мекарданд.

Ин тамаддунҳо, аз як тараф, робитаи мустақим бо маданияти Миср доштанд ва, аз тарафи дигар, бо давлати Иломиён ва тамаддунҳои Анауи Туркистон дар ҳавзаи Ҷайҳуну Сайҳун, ки маҳалли таквину тадвини тамаддунҳо ва саҳнаи барҳурду тақобули доимии фарҳангҳои Осиёи Миёнау Эрон ва тамаддунҳои ҳиндиву суриёнӣ, инчунин хостгоҳи динҳои қадимаи ориёӣ (ҳиндуэронӣ)—дини маздоии куҳан, дини ведоӣ ва меҳрпарастӣ буданд, иртиботи ногусастанӣ доштанд. Ба ибораи дигар, сокинони сарзаминҳои номбурда дар давраи оғозини таърих ҷомеъае бунёд намуданд, ки афродаш дар канори ҳам ба мисли аъзои як хонаводаи комилу ҷомеъ ҳаёт ба сар мебурданд, ки ин ҳодиса, бешубҳа, яке аз нишонаҳои боризи тамаддун аст. Аз ин рӯ, ҳамон тавре ки Арнолд Тойнби мунсифона қайд намуда, ҳар як аз тамаддунҳои ёдшударо метавон ба сифати «як ҳавзаи баррасии қобили дарки таърихӣ таъриф кард»[165].

Аз ин нуқтаи назар қабл аз мутолиаву баррасии тамаддунҳои оғозини таърих ва муайяну мушаххас намудани мақому манзалати онҳо дар тамаддуни башарӣ бояд таърихи сиёсии аввалин давлатҳо ва империяҳое, ки дар сапедадами таърих арзи вуҷуд намудаанд ва аз бисёр ҷиҳат дорои унсурҳои муштарак мебошанд, мавриди таҳлилу тааммул қарор гиранд.

Фарҳангшиносон муътақиданд, ки ҳаволии Осиёи Марказӣ дар рӯзгори гузашта маҳалли пуробу муътадиле буда, дарёчаву рудхонаҳои фаровоне доштааст. Баъди охирин ҳаракати пиряхҳо ин сарзамин дучори хушкӣ гардида ва ба иллати камии борандагӣ тамаддуни он таназзул ёфта, сокинонаш ба шарқу ғарб ва шимолу ҷануб муҳоҷират намудаанд ва тамаддуни худро ба ихтиёри мурдареги биёбонҳо вогузор намудаанд. Зоҳиран чунин ба назар мерасад, ки ҳануз дар ҳазораҳои 5-4 пеш аз милод Осиёи Марказӣ дорои фарҳангу тамаддуни собиқадору қадимае буда, вале бино ба ҳодисаю офатҳои табиию ҷаввӣ сокинони он ба ҳар тараф паҳну парешон гашта, унсурҳои фарҳангу тамаддуни худро ҳамроҳ бо худ бурдаанд. Вилл Дурант бо овардани чунин маълумот ҳамвора қайд намудааст, ки «агар ҳаёти он мардум (яъне мардуми Осиёи Марказӣ-Ҳ.М.) ба навоҳии дурдаст нарасида бошад ҳам ҳунарашон аз тарафи ховар ба Чину Манҷурӣ ва Амрикои шимолӣ ва аз тарафи бохтар ба Илому Миср ва ҳатто ба Итолиёву Испания расидааст»[166].

Агар сайри таърихии зуҳури давлату тамаддунҳоро идома диҳем ба хубӣ мушоҳида мегардад, ки чунин рӯйдодҳои фарҳангӣ дар бомдоди таърих дар имтидоди рудхонаи Синд, сарзамини Чин, соҳилҳои дарёи Корун ва атрофу акнофи он бо бунёдҳои сиёсиву иҷтимоии ба худ хос ба вуҷуд пайваста, дар марҳилаҳои баъдии мухоҷират густаришу интишори унсурҳои фарҳангӣ дар бӯъди маконию замонӣ фарохтару тӯлонитар гардидааст. Чунин ҳодиса дар тамаддунҳои Миср Байнаннаҳрайн, интишори онҳо ба Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ва Ҷанубу Шарқӣ ва роҳ ёфтани маданияти онҳо ба ҳавзаи тамаддуни баҳри Миёназамин бо хуруҷи баъдии онҳо ба Урупо низ мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, масалан маданияти Критро халқаи иртиботи байни Миср Халиҷи Форс ва давлати Сумерӣ медонанд, ки дар айни ҳол, такони бузурге ба ташаккули тамаддуни Урупо бахшида буд ва ё Сумеру Мисрро ба манзилаи меҳваре мешиносанд, ки аз онҳо тамаддун ба тамоми осиёи Ғарбӣ ва минтақаи баҳри Миёназамин интишор ёфта, аз тариқи меҳвари дигар ба Осиёи Ғарбӣ ва Ҷанубу Шарқӣ русух намудааст[167].

Давлати иломӣ шояд яке аз куҳантарин давлатҳои Аҳди бостони Шарқ бошад, ки пайдоишу инкишофи он ҳамвора бо дигар тамаддунҳои оғозини таърих дар ҷули зиндагии беш аз дуҳазорсолаи худ пур аз ҳаводиси таърихӣ, ҳамосаҳои қаҳрамонӣ ва достонҳои шигифтовари базмиву разми будааст. Ниёгони мо аз ҳамон дами аз катми адам бурун омаданашон дар тӯли даҳҳо ва шояд садҳо ҳазор соли гузашта зинаҳои такомули фарҳангии истеҳсолоти моддиро тай намуда, зимни он аз сохтани абзорҳои сангӣ ва такмили он тавассути дастранҷи чандинҳазорсола барои ба даст овардани озуқа аввал аз роҳи шикор ва баъд аз замин тавассути зироаткорӣ таҳаввулоти азимеро дар зиндагии иҷтимоии худ пушти сар намудаанд. Зеро ба вуҷуд омадани

кишоварзӣ тағъироти куллие дар зиндагии авлоди башар ба вуҷуд овардааст. Минбаъд сохтани чарх, плуг ва баст додани коргоҳҳои ҳунармандӣ ихтироъ ва инқилоби бузурге дар рӯзгору хоҷагидории Осиёи Марказӣ ва дар маъноӣ нисбатан васеъи он Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ буда, ки такони назаррасе барои пешрафт ва рушду инкишофи мардумони ин ҳаволӣ гардидааст. Муаррихон маҳз аз рӯи ҳамин меъёрҳо давраҳои таърихиро табақабандӣ намудаанд.

Дар ҳудуди ҳазораи сеюми қабл аз милод дар соҳили рудхонаи Корун давлати мустақиле бо номи Илом ба вуҷуд омад. Шаҳри Шуш маркази иоҳияе буд, ки онро Илом меномиданд ва маъноӣ луғавии он «замини баланд» будааст. Вилл Дурант ҳудуди ин сарзамин ва тарзи зиндагиву ҳаёти аҳолии маскун дар онро чунин ба қалам додаст: «дар ин сарзамини камвусъат, ки аз тарафи мағриб бо мурдобҳо, аз тарафи машриқ бо кӯҳҳои канори фалоти бузурги Эрон маҳдуду муҳофизат шуда, миллате мезиста, ки нажоду маншаи онро намедонем ва яке аз маданиятҳои таърихӣ ба дасти ҳамин мардум эҷод шуда... мардуми Илом аз зиндагии муқаддамотии печ дар печи худ ба зиндагии ҷанг у кишваркушоиҳои пурдардисар пардохтанд ва Сумеру Бобулро гирифтанд, пас аз он вазъи дигар шуд ва ҳар дуи ин давлат яке пас аз дигаре Иломро ба тасарруфи худ даровардаанд. Шаҳри кишвари Шуш 6000 сол зист ва дар ин муддат шоҳиди авҷи азамати Сумеру Бобул, Мисру Ошур ва Эрону Юнону Рум буд ва бо номи Шуш бо камолу ҷалол то асри 14 пеш аз милод по бар ҷо монд»[168].

Қадимтарин осори катбие, ки дар бораи Илом ба мо иттилоъ медиҳанд, катибаҳои мехӣ, сумериву аккодӣ, баъзе навиштаҷоти боқимонда рӯи девори Қалъаи Шуш (пойтахти иломиҳо), натиҷаи охирин ҳафриётҳои бостоншиносӣ ва ғайра мебошад. Тибқи маълумоти ин катибаҳо, ки то ба ҳол омӯзиши онҳо идома дорад, сокинони қавму қабилаҳои ҳаволии Халиҷи Форс дар охирҳои ҳазораи чаҳорум ва аввалҳои ҳазораи севвуми пеш аз милод бештар таҳти таъсири давлатҳои пешрафтаи Байнаннаҳрайн будааст. Баъзе ноҳияҳои Илом, хусусан қисмати кӯҳистони он ҳанӯз аз сохтори иҷтимоии патриархалӣ озод нашуда буданд. Раёсати қабила ва шӯрои он дар дасти шахсони алоҳида буда, дар дигар ноҳияҳо ташаккули ниҳодҳои иҷтимоӣ ба назар мерасидааст.

Таҳаввул ба сӯи давлатдорӣ зимни пешрафти нируҳои иҷтимоӣ, тағъири тадриҷиву мунтазами сохтори табақотӣ, дигаргуниҳо дар кори ба роҳ мондани зарфҳои сафолӣ ва, хусусан, омадану омезиш пайдо кардани қабилаҳои ориёӣ бо аҳолии маҳаллӣ ва дигар омилҳои муассире аз қабили хатари доимии ҳуҷуми давлатҳои мутараққии ошуриву бобулӣ ба вуҷуд омада, боиси ташаккулу инкишофи ниҳодҳои давлатӣ гардидааст.

Бино ба маълумоти муҳаққиқон то оғози нимаи дуюми ҳазораи севвум ҳанӯз давлати алоҳидаи муқтадире дар Илом вуҷуд надошта, вале

катибаҳое, ки аз Пузуро Иншушинак ё Кутик Иншушинак (Kutik Inshushinak) боқӣ мондаанд, нишон медиҳанд, ки давлати воҳиди Илом дар замони ин подшоҳ (асри 22 пеш аз милод) арзи вуҷуд намудааст. Аз ишораи шоҳи мазкур дар яке аз катибаҳояш дар бораи тасхири 60 ноҳияи атрофу акноф чунин бармеояд, ки дар тӯли асрҳо чандин давлатҳои мустақил дар қаламрави тамаддуни Иломӣ ба вуҷуд омада, ки онҳоро Кутик Иншушинак дар замони ҳукмронии худ муттаҳид намудааст ва чунин ба назар мерасад, ки ин иттиҳод гоҳо бо роҳи мусолиматомез ва довталабона набудааст[169]. Ҳамин ақидаро доктор Гиршман тақвият дода, сурҳат бахшидани қабилаҳои ориёӣ ба ташаккули давлати иломиён ва ниҳодҳои иҷтимоии онро махсусан қайд намуда, пойдор гардидани давлати иломиёнро чунин ба қалам додаст: «Натиҷаи ихтилоти муҳоҷирин (яъне иломиҳо—Ҳ.М.) бо саканаи бумӣ ин шуд, ки кишварҳое, ки амирнишинҳои мутафарриқ ва ғайримутааддиде буданд, ба сурати иттиҳодияи муқтадире даромаданд ва бузургтарин ҳукуматҳои муқтадири замони худро ба вуҷуд оварданд. Аз мухтассоти ҳазораи дуюми қабл аз милод як силсилаи миллӣ дар Илом аст, ки подшоҳи худро паёмбари худо, падар ва Шоҳ (барои Изон ва Шуш) меҳонданд»[170].

Шаҳрҳои муҳимми иломиҳо Овен, Оншон ё Онзон, Брохше, Симош ва гайра буданд, ки дар асноди катбӣ ва ёдгориҳои таърихӣ ёд шудаанд. Ҳар яке аз онҳо ба унвони шаҳр-давлатҳои алоҳида дар қаламрави сарзамини Илом ҳукумат доштанд ва ба тоати пойтахти давлати иломиҳо шаҳри Шуш медаромаданд. Бино ба маълумоти маъхазҳо ва ривоятҳои сумериву бобулӣ шаҳри Овен аз қадимтарин шаҳр- давлатҳои Иломиҳо ба шумор мерафт. Эраҷи Искандарӣ дар боби салтанати шоҳони Овен таваққуф намуда, аз ҷумла қайд кардааст, ки дар даврони ҳукмронии охирин шоҳони сулолаи Киш иломиён ба Бобул ҳуҷум карданд, вале шоҳ Эонати I (ҳукмр 2500-2450 то м) пеши роҳи ин ҳуҷумро гирифтааст ва роҷеъ ба корнамоиҳояш дар бобати дафъ намудани ҳуҷуми иломиҳо бо ифтихор сухан рондааст. Вале чанде баъд, тақрибан ҳудуди соли 2400 то милод иломиҳо аз кӯҳҳои Моду Шуш ва минтақаи Хузистони кунунӣ гузашта, муҷаддадан ба Бобул ҳуҷум карданд ва баъди гасарруфи он муддате дар баъзе ҳаволиҳои Байнаннаҳрайн ҳукумати нируманд ва ҳатто шоҳаншоҳии қудратмандеро созмон доданд. Тибқи баъзе маълумотҳои таърихӣ иломиҳо ҳудуди 200 сол сарзамини сумериёнро таҳти ҭасарруфи худ нигоҳ доштанд. Яке аз лавҳҳои салтанатии Сумер, ки то рӯзгори мо омада расида, пирӯзии иломиҳоро дар ин набард чунин тасвир карда: «Ур (ur)—шаҳри бостонии Байнаннаҳрайн бо зӯри аслиҳа ба зону даромад, фаррии шоҳии он ба Овен бурда шуд»[171].

Дар воқеъ сумериён кӣ буданд? Ҳанӯз дар давраи неолит(асри навсангӣ) тақрибан дар ҳазораҳои чаҳорум-сеюми пеш аз милод зиндагии

шаҳринишинӣ дар Байнаннаҳрайн ба вуҷуд омад ва тамаддуни сумерӣ қадам ба арсаи вуҷуд ниҳод. Муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки сумериён шояд аслан муҳоҷирони хоричие бошанд, ки дар сарзамини Байнаннаҳрайн маскун шуда, бештари шаҳрҳои худро дар теппаҳои поёнии соҳили Даҷлаву Фурот сохтанд, ботлоқзорҳоро ба замини корам табдил доданд ва созмонҳои идории муназзамеро ба вуҷуд оварданд. Вилл Дурант ҳадс зада, ки ин мухоҷирон шояд аз Осиёи Миёна ва ё Қафқоз ва эҳтимол аз Халиҷи Форс ва ё аз Миср муҳоҷират намуда, дар поёноби ду рудхонаи бузурги Байнаннаҳрайн сокин шуда бошанд. Дар ҳудуди соли 2300 то милод шоирону донишмандон кӯшидаанд то таърихи қадимаи қавми худро тадвин намоянд. Достонҳое дар боби офариниш, биҳишти нахустин ва, ниҳоят, тӯфоне, ки дар натиҷаи гунаҳкории яке аз шоҳони қадим пайдо шуда ва он биҳиштро ба коми худ ғарқ карда, таълиф шуданд. Дар миёни ин достонҳо, ки ба сурати аслии сумерӣ ба дасти мо расида, лавҳаест, ки дар Ниппур интишор шуда, асли сумерии ибтидоии манзумаи «Гилгамиш» бар он сабт гардидааст ва сурати таҳаввулёфтаи он дар назди бобулиён низ пайдо шудааст[172]. Ба ҷуз ин бостоншиноси франсавӣ де Сарзак (De Sarzrak) дар шаҳри Тело (Tello) дар вайронаҳои сохтмони ҳамзамон бо Гудео маҷмӯае иборат аз 30 ҳазор лавҳи гилӣ пайдо кард, ки бо назми хосе рӯи якдигар чида шуда ва дар онҳо таърихи давлати сумериён иншо шудааст[173].

Ҳанӯз бисёр саҳифаҳои таърихи аввалин давлати мутамаркази Сумер ҳамчун тамаддуни оғозини таърих нохонда мондааст, вале қадри мусаллам он аст, ки сумериён ба ҷуз низоми муназзами иҷтимоӣ ташкилоти низомии хос ва қувваи муташаккилу корозмуда доштанд. Низомиён бо ханҷару сипар, табарҳои ҷангӣ, найза ва гайра мусаллаҳ буданд ва ҳеҷ гуна молиёту андоз намесупориданд ва, аз ин рӯ, дар майдони корзор бо тамоми қудрат меҷангиданд. Натиҷаи чунин сиёсати низомӣ буда, ки оиҳо тавонистанд давлатҳои мухталифро муттаҳид намуда, аввалин давлати мутамарказро ба вуҷуд оваранд ва нахустин тамаддуни башариро дар Шарқ созмон диҳанд. Бузургтарин шаҳрҳои сумерӣ, ки имрӯз дар зери чангу ғубори чандинасраи таърих ниҳон мондаанд, шаҳрҳои Ориду (Eridu-Абушаҳрини кунунӣ), Ур (Ur-Мукайири кунунӣ), Урук (Uruk-Варкаи кунунӣ), Ларса (Larsa-Санкрети кунунӣ), Ниппур (Nippur), Ниффер (Niffer) ва Нейсин (Neisin) мебошад. То Тӯфони Нӯҳ давраи тиллоии тамаддуни сумерӣ ба вуқӯъ пайвастааст. Баъди ин офати табиӣ сумериён дар қисмати шарқии Бобул аз нав давлати худро созмон дода, аксари кишварҳои Осиёи Ғарбиро зери нуфузи худ қарор доданд. Бузургтарин шоҳи ин давраи сумериён Ур-Энгур ба густариши қаламрави худ пардохт ва писараш Дунги кори падарашро идома дода, хирадмандона роҳбарӣ кард ва ба ободонии шаҳрҳо диққати махсус дод.

Иломиён бо ҳамин давлати сумериён дар марҳилаи гуногуни таърихи

бостон дар ҷангу ситез буданд ва дар тӯли таърих борҳо дар майдони корзор барои ҳаққи обу гил муборизa бурдаанд. Вале гохтутозҳои иломиён, ки дар боло шарҳаш гузашт, дер давом накард. Муҳоҷимони соминажоди аккодӣ дар Байнаннаҳрайн, ки аз қисматҳои ғарбии Арабистон ба ин ноҳия омада, то а грофи давлати сумериҳо расида буданд, ҳудуди соли 2340 то милод бо роҳбарии Соргуни Агоде (Sergon Agode) ҷомеъаи сумеризабонро дар муҷовири сарзамини императории ояндаи Бобул фа ғҳ ва давлати сумериёнро дар он навоҳӣ ба куллӣ шикаст доданд ва зимни ин ҳуҷум баъзе иғтиҳодияҳои шаҳр-давлатҳои иломӣ дар Шарқро низ торумор намуданд. Шоҳони аккодӣ бидуни ҳеҷ гуна истиҳола расман эълон намуданд, ки барои соҳиб шудан ба конҳои нуқра ва сангҳои қиматбаҳои дюрит ба сарзамини Илом ҳамла хоҳанд кард. Бо ҳамин мақсад Соргуни Агоде ба Илом ҳуҷум карда, сарзаминҳои шимолу ғарбии онро низ ба даст даровард.

Мувофиқи маълумоти маьхазҳо худи Соргун аслан шоҳи сулолавӣ набуд. Ривояте ҳаст, ки модараш ӯро пинҳонӣ ба дунё оварда, ба сабаде гузошта ба об андохт. Коргаре ӯро наҷот дод ва ҳангоми ба балоғат расиданаш ба дарбори шоҳ роҳ ёфта. Дар дарбор нуфузу қудрати зиёд касб намуд, бар зидди шоҳ шӯрид ва соҳиби тоҷу тахт шуд. Муҳаққиқон қайд кардаанд, ки дар ёдгориҳои таърихӣ номи ӯ ба унвони «Соргуни Кабир» ва «Соргуни Агоде» (аз номи пойтахти аккодиён шаҳри Агоде ё Аккод) ёд шуда, зеро ба бисёр шаҳрҳо ҳуҷум карда, ганиматҳои зиёде ба даст овардааст ва қаламрави худро дар шимолу ғарб ва шимолу ҷануб вусъат дода, нахустин императории бузурги таърихро таъсис намудааст. Дар давоми 55-соли ҳукмрониаш корҳои зиёдеро ба сомон расонидааст ва роҷеъ ба зиндагиву фаъолияташ достонҳои зиёде навишта шуда, корномаву пирӯзиҳояшро дар онҳо сабт намудаанд.

✓ Аккодиҳо дар оғози ҳазораи саввум як силсила унсурҳои фарҳангӣ, аз ҷумла хаг, эътиқодоти мазҳабӣ, усулҳои илми он замон ва баъзе сабкҳои адабиро аз сумериён гирифта буданд ва фарҳанги нисбатан мутараққӣ дар заминаи маданияти маҳаллӣ ба вуҷуд омада буд. Императории бузургу нируманди Соргуни Агоде дар натиҷаи густариши қудраташ ба маҳалҳое, ки аз баҳри Миёназамин ба ғарб ва ба баҳри Хазар дар шимол ва Халиҷи Форс дар ҷануб хотима меёфт ва тамоми сарзаминҳои Осиёи Ғарбиро зери таъсири худ даровардa буд, ба вуҷуд омад. Аз ин рӯ, муаррихон Соргуни Агодеро аввалин фотеҳи бузурги таърих медонанд, зеро ӯ мардуми дорои забонҳо ва фарҳангҳои гуногун, ки дорои ваҳдати ҳамаҷониба набуданд, дар як давлати муқтадир муттаҳид намуд.

Маъмулан чунин империяҳо то муддати муайяне пойдор мемонанд, ба авҷи азамат мерасанд ва салотинашон гӯё аз эҷоди давлати империяҳо ҷовидона мемонанд, зеро, ба фикри онҳо, иродаи худоён бар зуҳури чунин давлатҳои ҷаҳонӣ мусоидат намуда ва нируи хориҷии дигаре нест, ки

мавҷудияти давлатҳои мутамарказро ба хатар андозад. Ба ин сурат эътиқоди мардум ба ҷовидонагии чунин давлатҳои ҷаҳонӣ, ки сарварони он худро «шоҳи чаҳор рубъи маскун» мешуморанд, гаҳким меёбад. Таърихи гамаддуни ҳар қавму миллат иборат аз кӯшишу халлоқиятҳоест, ки афроди он дар тӯли таърихи ҳаёти худ ҷиҳати берун омадан аз соддагиву бесуботӣ ва ворид шудан дар саҳнаи ҳаёти дастаҷамъӣ ҳамвора барои ба амал бароварданн ҳадафҳои ҷомеъа тамоми нируи худро ба харҷ медиҳад[174]. Вале худи империяҳо бино ба табиати зотӣ ва тазоди ботинии худ, ки як гурӯҳ дар он ба гурӯҳи дигари зери асорат ҳукмронӣ мекунад, аз дохил хароб ва аз ҳам фурӯ пошида мешаванд.

Ин ҳодисаро дар мисоли аввалин империяи аккодӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Аввал ошӯбҳо саросари империяро фаро гирифт. Иқдомҳои ду писари Соргуни Агоде барои фурӯ нишондани ошӯбҳо бесамар монд. Писари севвуми ӯ Нарам Син (Naran Sin) ҳарчанд дар таърих бо номи «созандаи бузург» шӯҳрат пайдо карда, пеши роҳи таназзули империяро гирифта натавонист. Дар охирҳои ҳазораи сеюм сумериҳо тавонистанд, ки аз чанги асорати аккодҳо халос шаванд. Овер ном бунёдгузори сеюмин силсилаи шоҳӣ императории Сумерро нафаси тоза бахшид ва ба эҳёи давлати дигари ҷаҳонӣ дар Байнаннаҳрайн ноил гардид. Дигар давлатҳои дар зери юғи императори Аккодҳо буда низ озодӣ ба даст оварданд. Тақрибан соли 2230 пеш аз милод қабилаи «гутӣ»-ҳо аз Шарқ ва ошуриҳо аз Ғарб ба муҳоҷират пардохта, бо ҳамлаҳои пай дар пай худ ба ҳукмфармоии силсилаи Аккодҳо дар сарзамини Осиёи Ғарбӣ хотима доданд. Дар аввали ҳазораи дуюми пеш аз милод аз императории мазкур ба ҷуз хотира чизи дигаре боқӣ намонд.

Ҳанӯз дар замони ҳамлаи дуюми Соргуни Агоде ба иттиҳодияи давлатҳои иломӣ ҳашт ӯмин шоҳи шаҳри Овен Ҳишеп Рашир подшоҳи Илом интихоб шуда буд. Ӯ билофосила барои бастани сулҳ бо аккодиҳо иқдом намуда, тааҳҳуд дод, ки мунтазам хироҷро ба аккодиҳо бипардозад. Бо ҳамин роҳ Илом аз ҷанг барканор монд, вале ҷузви императории Аккод маҳсуб мешуд. Бо овардани чунин маълумот Эраҷи Искандарӣ қайд карда, ки дар аҳдномаи мунъақида миёни Аккоду Илом чунин омада: «Душмани Нарам Син душмани ман аст ва дӯсти Нарам Син дӯсти ман аст». Вале пас аз марги Нарам Син Пузоро Иншушинак ба Байнаннаҳрайн ҳуҷум карда, шаҳри Ачшаки вокеъ дар муҷовири Аккодро муҳосира намуд ва зоҳиран пас аз комёбӣ дар ин набард, подшоҳии шаҳри Овенро низ ба даст даровард ва худро подшоҳи чаҳор сӯи ҷаҳон эълон дошт[175].

Муҳаққиқи мазкур суханашро давом дода, таъкид намудааст, ки бо ташкили давлати воҳиди саросарӣ саҳифаи тозае дар таърихи ориёиҳо боз мегардад ва нафаси тозае ба таърихи куҳани Эронзамин дамида мешавад. Бо вуҷуди он ки ҳар як шаҳр-давлат дар қаламрави минтақаи худ ба

истиқлоли нисбии худ бархурдор буд, бори аввал аз лиҳози сиёсӣ ва низомӣ маркази воҳиди тасмимгиранда ва қудрати давлати мутамарказ дар Илом эҳсос мешуд. Дар замони Шилҳоки Иншушинак Симути Вартош, ки вазифаи «савкол»-и шаҳри Шушро дошт, қаламрави иломиҳоро то Халиҷи Форс густариш дод. Кудур Мабук дар қисмати шарқии Даҷла дар ҳаволии Имутбол (Emutbol)-и наздикии шаҳри Бобул мустақар шуда, пас аз задухӯрд ва набарду кашмакашиҳо бо подшоҳони Лорсо писари худ Варад Син (Varad Sin)-ро ба тахти салтанатии ин шаҳр нишонд. Бародари вай Рит Син (Rit Sin), ки подшоҳии Лорсо пас аз марги бародараш насиби вай шуда буд, дар тӯли салтанати 60-солааш то замони ба сари ҳокимият омадани Ҳамураппи дар он ҷо монд[176].

Дар ҳамин давра давлати дигаре, ки дар Байнаннаҳрайн по ба арзи вуҷуд ниҳод, давлати ошуриён буд. Ин давлат дар ҳаволии 4 шаҳри воқеъ дар руди Даҷла— Ошур (Шарғоти кунунӣ), Арбела (Арбиёи кунунӣ), Кулах (Намруди кунунӣ) ва Нинво (муқобили шаҳри Мавсили кунунӣ) воқеъ буд. Тибқи маълумоти муҳаққиқон сокинони Ошур аз сомиёни мутамаддини ҷануб (Бобулу Аккод) ва қабилаҳои ғайрисомии ғарбӣ (ки шояд иртиботе бо хетиёну митониён дошта бошанд) ва кӯҳнишинони курди Қафқоз иборат буданд, онҳо забону ҳунарҳои худро аз сумериён касб намуда, онро ба таври қобили таваҷҷӯҳе тағъир доданд. Ошуриён ба Бобул ҳуҷум карданд ва тақрибан соли 1830 пеш аз милод шаҳри «Боб улум» («Дарби худо»)-ро тасхир намуда, истиқлоли худро зуд ба роҳ монданд ва шаҳри Бобулро пойтахти худ эълон дошганд. Сумуобум асоси нахустин силсилаи ин шоҳиро тарҳрезӣ намуда буд. Ба қавли муаллифи «Таърихи тамаддун» ба хотири ин шаҳр баъдтар тамоми дараи поини Даҷлаву Фурот номи Бобулро гирифт[177].

Султони овозадори ошуриён Ҳамураппи (1711-1669 то м) дар таърих асосан бо «Маҷмӯъи қонунҳо»-и худ маълуму машҳур гардидааст ва сумбули пешрафту коромади давлати Ошуриён мебошад. Ӯро дар таърих ҳамчун шоҳи нируманд ва кишваркушову қонунгузор мешиносанд. Дар муддати 43 соли салтанаташ Ҳамураппи аввал давлатҳои хурди қисмати поёноби Байнаннаҳрайнро як кард, парчами амну осоишро бар фарози он барафрохт, бо қонунномаи бузурги худ назму низомро дар сарзаминаш барқарор кард. Дар қонунномаи ӯ ҳамаи равишҳои урфӣ ва қонунии маъмул дар асри он замон ва ҳатто пеш аз он ҷамъоварӣ шуда, мавриди баррасиву ислоҳ қарор гирифтааст ва соли 1690 пеш аз милод ба табъ расида. Маҷмӯи қонунҳои Ҳамураппи ба рӯи сутуне аз санги дюрит ба сурати зебо навишта шудааст, ки соли 1902 аз миёни навиштаҳои бостоншиносии Шуш ба даст омадааст ва ҳоло музеи Луврии Франтсияро зинат медиҳад.

/Бо овардани чунин иттилоот Вилл Дурант нақл карда, ки муқаддимаи қонунномаи Ҳамураппи ба мисли «шариати Мӯсо» ранги қудсӣ дорад ва

он маҷмӯъан аз 285 модда (ба фикри Муҳаммади Рашшод аз 282 модда) иборат аст. Муаллифи «Маҷмӯъи қонунҳо» дар бораи худаш дар муқаддима чунин навишта: «Ҳамураппи, ки Бел (худои бобулӣ) ҳукумат бахшида—манам ва манам, ки хайру баракат оварда ва ҳар чиро барои Найпур ва Дурилу комил кардам... ин манам, ки ба шаҳри Урук ҳаёт бахшида ва оби фаровон дар дастраси мардуми он гузоштам; ин манам, ки барои мардуми Ураш (Urash) ғалла захира кардам ва мардумро барои он чӣ дар Бобул доранд иман сохтаам... ман ҳокими миллат ва хидматгузоре ҳастам, ки корҳои ӯ мояи хушнудии Анунит (Anunit) аст»[178]. Муҳаққиқи мазкур дар поварақи асараш оварда, ки Кристофер Давон дар китоби худ бо номи «Таҳқиқоте дар дину фарҳанг» чунин оварда: «Бобул аз лиҳози усул дар замони Ҳамураппи ва ҳатто пеш аз он ба дараҷае аз тамаддуни моддӣ расид, ки ҳеҷ як аз кишварҳои дигари Осиё то ин замон ба он поя нарасидааст».

Ралф Линтон роҷеъ ба маҷмӯъи қонунҳои замони худро тартиб додани Ҳамураппи сухан гуфта, аз ҷумла қайд кардааст, ки ӯ дастур дода то қонунномаро дар рӯи сутунҳо нақш кунанд, онҳоро дар бозорҳои умумии шаҳрҳои мухталифи императорӣ насб созанд. Ҳамчунин ӯ таъкид карда, ки қонунномаҳои мазкур бо баёноти дақиқу муҷаз ба наҳве, ки назири он ба нудрат дар миёни қавонини кишварҳои мутамаддини кунунӣ ёфт мешавад, тасреҳу таъин шуда буд.

Ҷомеъаи бобулӣ то замони Ҳамураппи ақлро ба ҳавзаи таҷриба пайванд намуда, ҷомеъаро бештар аз рӯи суннатҳои аҷдодӣ идора менамуд, вале баъди ба салтанат омадани Ҳамураппи бозсозии ниҳодҳои давлатӣ, усули тозаи коргузорӣ, қонунгузорӣ, номанигорӣ бо волиҳои қаламрави ҳукумат шурӯъ шуд. Масоили иҷтимоӣ мавриди тааммулу тааккӯл қарор ва робитаҳои иҷтимоӣ мувофиқи низоми муайяни созмонёфта сурат гирифтанд. Ҳамин ҷиҳати тарзи давлатдории Ҳамураппиро ба назар гирифта, Эраҷи Искандарӣ қайд намудааст, ки ӯ «Кохи қонуне» бунёд кардааст, ки дар он «шӯъбаҳои тахассусёфтаи дастгоҳи коргузорӣ мавҷуд буданд, дар вилоятҳо волиҳо ногузир буданд, ки ҳамвора гузориши фаъолияташонро бидиҳанд, бозрасон ба корҳояшон назорат мекарданд, шаҳрро ба дасти шӯроҳое аз бузургон, ки «робиёнум»-гуна шаҳрдорро бармегузиданд, идора мешуд»[179].

Натиҷаи чунин иқдомати Ҳамураппи буд, ки Байнаннаҳрайн рушду нуму намуд ва императории бузурге ба вуҷуд омад. Он тамоми дигар муҳоҷимонро аз қаламрави худ ронд, вале худ окибат ба доми қабилаҳои «коситҳо» гирифтор шуд. Ҳашт сол баъд аз марги Ҳамураппи мардуми ин қабила сарзамини Бобулистонро ба тасарруфи худ даровардаанд. Бо ҳамлаи коситҳо таърихи давраи ошуриҳои Бобулистони қадим поён ёфт.

Мувофиқи маълумотҳои таърихӣ коситҳо аслан дар қисмати шимолу

ғарбии қаламрави Эрон зиндагӣ мекарданд ва тақрибан дар асри 18 то милод ба Байнаннаҳрайн омада буданд. Аввалин шоҳи коситҳо дар ҳамон бӯъди замонӣ, ки хурритҳо дар қисми шимоли Байнаннаҳрайн шоҳии Митониро созмон медоданд, дар Бобул барқарор гардид/ Чандин ошӯбҳои ошуриёнро коситҳо фурӯъ нишонданд ва ба Илом ҳуҷум карда, шаҳри Шушро низ тасхир намуданд. Дар давоми 6 асре, ки коситҳо Бобулистонро дар даст доштанд, чандин бор муҳорибаҳои хунин байни коситҳо ва иломиён сурат гирифт, ки аз миёни онҳо ҳуҷуми иломиҳо ба Бобул (с.1225 то м.) ва ҳуҷуми Бобул (с.1126 то м) ба Иломро қайд намудан мумкин аст. Коситҳо ҳамчун фотеҳони хориҷӣ дар Бобул таманнои ҳукумат доштанд. Ба худи бобулиён муяссар нагардид, ки ин муҳоҷимонро аз сарзаминашон биронанд ва истиқлоли худро муҷаддадан ба даст биёранд. Ин кор, ба ҳукми таърих, ба Иломиён муяссар гардид. Шушруки Нохунта (1207-1171) ба Бобул ҳамла карда, охирин намояндаи силсилаи коситҳоро аз тахт барандохт ва писари худ Кутири Нохунтаро ҷонишини худ дар Бобул таъин кард, муҷассамаи худои миллии Бобул— «Мардук»-ро ба Шуш гирифта овард/ Ҳамин тариқ сарзамини Бобул аз юғи коситҳои кӯҳистониёнӣ озод шуда, ба асорати эрониёни соҳилнишин мубтало гардиданд. Муаллифони «Таърихи тамаддун» дар робита бо истилои коситҳо як нуктаи муҳиммеро хотирнишон намудаанд, ки мувофиқи он «умуман қабоили муҳоҷим фарҳанг и қабоили мутамаддинро пас аз тасарруф пазиро мешаванд. Аммо ҳамеша ин гуна набуда. Тамаддуни миллати шикастхӯрда таҳти султаи фотеҳони бефарҳанг аз миён рафта, санъату ҳунару адабиёти он таназзул ёфтааст, сарзамин бори дигар ба торикии ҷаҳл сукут намудааст»[180].

Давлати Митонӣ баъди таъсисаш тавассути хурритҳо дар қисмати шимоли Байнаннаҳрайн шурӯъ ба тавсиаи қаламрави худ кард. Шоҳи митониён Парраттарна қисмати шимолии Сурияро тасхир намуд. Шоҳ Сауссадатар дар охирҳои асри 16 то милод давлати ошуриёнро ба худ тобеъ намуд ва нуфузаш то Фаластин ва дигар давлатҳои тозабунёд расид. Қудрати митониён ба ҳамон давра рост омад, ки боиси сарватманд шудани Сурия ва Финикия гардид. Ҳудуди асрҳои 18-17 пеш аз милод тарзи сохтани зарфҳои ҳаҷман хурд аз шишаи ношаффоф ба роҳ монда шуд ва солҳои тӯлони хурритҳо ва финикиҳо истеҳсоли онҳоро дар ихтиёр доштанд. Ҳудуди асри 16 то милод Финикия роҳҳои ранг кардани мӯйро бо истифода аз малюскаҳои баҳрӣ кашф карданд. Тиҷорати баҳрӣ шурӯъ шуд. Миср бо назари ситез ба митониён нигарист, вале ба ин нигоҳ накарда марказҳои бузурги тиҷоратӣ дар соҳилҳои баҳри Миёназамин ба вуҷуд омаданд, ки митониён сарвари онҳо ба шумор мерафтанд.

Давраи нави таърихи ошуриҳо аз ҳодисаҳои таърихие, ки дар асри 12 то милод ба вуқӯъ пайваста, тақрибан мавқеъи ҳамаи давлатҳоро суст карда буданд, шурӯ мешавад. Дар ибтидои ҳазораи якум оромиҳо аз Арабистон

омада, дар қисмати шимоли Байнаннаҳрайн ва Сурия ҷойгир шуданд. Ошуриҳои қисмати ҷануб, ки истиқлоли нисбии худро ҳифз карда буданд, аз сукути муваққатии худ сар баланд карда, зуд иқтисодиёташонро ба роҳ монданд ва ба фатҳи сарзаминҳои тоза даст заданд. Бо сардории шоҳ Салмансари 1 (Shalmane-ser I) аввал сарзаминҳои хурди шимолро тасхир карданд. Шоҳ шаҳри Колахро пойтахти худ эълон намуд. Шалмансари III (858-824) бори дигар ба Сурия, Финикия, Урарту ва ҳаволии баҳри Миёназамин ҳамла кард. Туглен Пулсари 1 (Tuglen Pileser I) нуфузи ошуриҳоро то Арабистон вусъат дод, Ошурнасирполи II (Eshurnasirpal II) дувоздаҳ шаҳри дигарро тасхир намуд, Шалмансари III то Димашқ ҳудуди давлати худро тавсиа дод, Пулсари III футуҳоти худро аз Қафқоз то Миср густариш бахшид. Эсарҳаддун (Esarhaddon) Осиёи Ғарбиро фатҳ кард. Умуман ибтидои ҳазораи якум бо ҷангу ситези байни ошуриёну бобулиён, иломиён ва давлати Урарту гузашт, ки меҳвари ин набардҳо давлатҳои тозабавуҷудомадаи Сурия, Митонӣ, Киликия, Финикия ва ғайраҳоро низ ба оғӯши худ кашид. Барои мисол тасвири Вилл Дурантро аз номи яке аз муаррихон роҷеъ ба ҳуҷуми охирин шоҳи ошуриён - Ошурбанипал овардан мумкин аст, ки манзараи мудҳиши муносибати ғолибу маглубро нишон медиҳад. «Ман (яъне Ошурбанипал-Ҳ.М.) шаҳрҳои Иломро он андоза вайрон кардам, ки барои гузашт аз онҳо як моҳу бисту панҷ рӯз лозим аст... ҳама ҷо барои боир кардани замин намаку хор афшондам, шаҳзодагону хоҳарони шоҳон ва аъзои хонаводаи салтанатиро аз пиру ҷавон асир гирифтам ва ба Ошур овардам... хоки Шуш, Мадакту, Ҳилтимош ва шаҳрҳои дигарро ба Ошур кашондам. Дар зарфи муддати як моҳ тамоми Иломро ба тасарруф даровардам, сари буридаи шоҳони шикастхӯрдаи Иломро ба болои сутунє дар баробари ҳузури чашми ҳозирон гузоштам ва пас аз он ба дарвозаи Нинво овехтам...»[181].

Агар бархӯрду даргирӣ ва дигар муносибатҳои давлати иломиҳоро бо Бобулу Ошур ва Аккоду Сумериҳо дар тӯли таърих ба назар гирем, маълум мегардад, ки иломиҳо аз ҳамоп аввали пайдоишашон бо давлатҳои қадимаи ҳамҷавори худ гоҳ бо роҳи мусолиматомез ва гоҳ бо роҳи ҷанг ситез иртиботи мустақим доштаанд. Зеро чуноне ки баъдтар хоҳем дид, мустақар шудани қабилаҳои ориёӣ ба сарзамини Эрон ва ҳаракату густариши онҳо ба сӯи Осиёи Ғарбӣ (аз ҷумла Осиёи Сағир) ва Ҳинд комилан ба ин назари муҳаққиқи ёдшуда мутобиқати усулӣ дорад ва шояд ҳам як амри мантиқии таърих бошад. Гузашта аз ин, агар вазъи ҷуғрофии Эрони аҳди бостон, манобеъи табиӣ ва мавқеъи муҳимми роҳҳои бозаргонии онро мадди назар қарор диҳем, ба хубӣ метавон гасаввур кард, ки давлати иломиҳо аз оғози пайдоишаш то аз саҳнаи таърих нопадид шуданаш сахт бо давлат ва тамаддунҳои Байнаннаҳрайн, аз як тараф, ва бо давлату гамаддунҳои Ҳинду Чин ва умуман Осиёи Шарқӣ, аз тарафи дигар, дар

муколимаву муносибатҳои фарҳанӣ ва ҷангу ситезҳои қудратӣ будааст. Чуноне ки муҳаққиқон дар ин маврид дуруст қайд кардаанд, «ба таври куллӣ таърихи сиёсии дуҳазорсолаи иломиҳоро дар муносибати онҳо бо давлатҳои мухталифи Байнаннаҳрайн, хусусан Шумеру Аккоду Бобулу Ошур хулоса кард»[182].

Ин масъаларо катибаҳои боқимондаи мансуб ба ҳазораи дуюми Илом низ таъйиду тасдиқ менамоянд ва шояд ба чунин хулосаи муҳаққиқон розӣ шудан мумкин бошад, ки на фақат шароити иҷтимоӣ, балки шароити иқтисодӣ ва ҷуғрофии Илом аз дигар ноҳияҳои Эрон фарқ ва ба ноҳияҳои Байнаннаҳрайн бештар шабоҳату монандӣ дошт. Ин вазъият бо таъсиси давлати Модҳо ва махсусан Ҳахоманишиён тағъир ёфт ва меҳвари ҳодисаҳои таърихӣ аз қисмати ҷанубу ғарбии Эрон ба ноҳияҳои шимолу шарқии он интиқол ёфт. Дар ҳазораи якуми пеш аз милод дар ноҳияҳои шарқии Эрону Осиёи Миёна давраи гузариши ниёгони ориёиамон ба сохтори табақотии такмилёфта бо суръати тамом сурат мепазируфт.

Барои тақвияти фикри боло як падидаи фарҳангии диғареро низ дар он ҷо мисол овардан ҷоиз аст. Сухан дар бораи он меравад, ки дар тӯли ҳазораи сеюм ва ибтидои ҳазораи дуюми қабл аз милод ҳодисаи ҷолиби таваҷҷуҳе рух дод. Давлатҳои миллӣ ва тамаддунҳое, ки қаблан дар навоҳии дур аз якдигар вуҷуд доштанд, то андозае дар қаламрави худ маҳдуду маҳбус буданд, дар ин марҳилаи таърих, яъне аз аввалҳои ҳазораи дуюм сар карда, давлату миллатҳои зиёде по ба арсаи вуҷуд ниҳоданд. Фаъолияти иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии онҳо аз ҳудуди қаламравиашон таҷовуз мекард ва онҳо ба якдигар дар муносибату робитаҳои гуногун буданд ва ҳар гоҳ муносибати давлату миллатҳо ба мунозира кашида шавад, ҳакамиятро ба илоҳаи ҷанг у набард вомегузоштанд. Ҳамин тавр империяҳо, ки яке аз хусусиятҳои Дунёи қадим мебошад, дар Шарқи Наздик дар ибтидо аз ғалабаи як шаҳр бо шаҳри дигар ва ҷамъ шудани қудратҳо дар як воҳиди сиёсӣ шуруъ шуда, сипас аз ҳуҷуми пай дар паи қабилаҳои гуногуни ҷангҷӯ вусъат ёфтааст. Дар ин миён муносибати тарафҳои ғолибу мағлуб водор месохта, ки шаҳр ё давлати ғолиб бо таҳдиди саркӯбӣ аз шаҳру давлати мағлуб талаби хироҷ намояд, афроди ҷанғӣ барои пурзӯр намудани нирӯи низомиаш дархост кунад, то ба фатҳи дигар шаҳру давлатҳо ноил гардад. Маъмулан дар саросари қаламрави давлати мағлубшуда парокандагӣ ба вуҷуд меомад ва ҳар қабила ё фармондеҳӣ бо гурӯҳи лашкариёнаш шаҳру ноҳияҳоро ба тасарруфи худ дароварда, аҳолии онро бераҳмона истисмор мекарда. Ин ҳодиса баъдтар дар тамоми Шарқу Ғарб ҳамчун қонуни нонавиштаи муносибати ғолибу мағлуб интишор гардид.

Бо ин ҳама шарҳу эзоҳ, чуноне ки қайд шуд, иломиҳо дар замони ҳукмронии Шутруки Нохунта, Кутири Нохунта ва Шилҳоки Иншушинак давлати мустақилу пуриқтидори ориёии худро ба вуҷуд оварданд. Шаҳрҳои

асосии Илом дар ин давра Шуш, Модокту, Хайладолу (шояд Хуррамободи кунунӣ руи харобаҳои он бино шуда бошад) ва Аҳвоз буд. Силсилаҳои баъдӣ вобаста ба воқеъаҳои таърихиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ саҳми худро дар инкишофи давлати иломиҳо гузоштанд ва ҳамин тавр Илом «ҳарифи нируманду хатарноке барои давлатҳои атрофу акнофи сарзамини Эрон гардид».

Илом дар авҷи азамати худ, ки муаррихон онро асрҳои13-12 қабл аз милод медонанд, тамоми минтақаи Хузистон, Луристони имрӯза, хоки Бахтиёрӣ, пушти Кӯҳ, қисмате аз мулки Форс ва каронаҳои Халиҷи Форсро дар ихтиёр дошт ва ҳудуди он аз ғарб ба Бобул, аз шарқ ба Исфаҳон ва шояд то ноҳияҳои кунунии Тахти Ҷамшеду Шероз мерасид. Тамоми қисмати ғарбии Эрон дар ин замон муттаҳид шуда, нахустин давлати шоҳаншоҳии ориёӣ зери фармондеҳии султонони Илом созмон дода шуда буд. Ҳарчанд, ки ин давраи таърихи иломиёнро муаррихон асри тиллоии иломиён медонанд, чунин нуктаро бояд зикр кард, ки ҳануз бисёр нуктаҳои таърихи давлатдории иломиён ва силсилаи шоҳони онҳо, инчунин робитаву муносибати онҳо бо Осиёи Ғарбӣ норавшан аст. Маълумоти маъхазҳо ва муаррихону муҳаққиқони таъриху фарҳанги иломиҳо низ хеле пароканда ва баъзан ба ҳам мухолифанд.

Ба ин нигоҳ накарда, агар мо таърихи сиёсии давлати Иломро дунбол кунем, маълум мегардад, ки он бо мақсади васеъ намудани ҳудуди сарзаминҳои худ борҳо бо давлатҳои ҳаволии Байнаннаҳрайн, махсусан дар набард буд, то истилои Ҳамураппи тавонист ба сумериёну ошуриҳо ғолиб ояд, дар замони Ҳамураппи ба асорати ӯ гирифтор шуд ва баъди вафоти Ҳамураппи боз ба фикри тавсиаи сарзамини худ пардохт. Баъди ин ҳодисаҳои таърихӣ сарнавишти баъдинаи иломиён таййи се аср ба хубӣ маълум нест. Вале тибқи маълумоти Эраҷи Искандарӣ муборизаҳои пай дар пай Бобулу Ошур ба бобулиҳо имконият дод, ки авзои сиёсии худро боз ҳам беҳтар намоянд. Дар натиҷа силсилаи тозабунёде ба воситаи Паҳир Ишшан (Pahir-ishshan) ба сари ҳокимияти иломиҳо омад ва дар замони ҷонишини ӯ Аттаркит (Attarkittah) солҳои 1310-1300 қабл аз милод Шуш аз тасарруфи Бобул хориҷ гардид ва дар замони шоҳии Упташ Напириша (Untash-Napirisha), ки соли 1275 то 1240 то милод ҳукмронии давлати Иломро дар ихтиёр дошт, охирин осори тасаллути Бобул дар минтақаи Шуш нопадид гардид. Силсилаи дигаре, ки мавсум ба Оншон ва Шуш буд, аз соли 1300 то соли 1110 пеш аз милод дар қаламрави Илом фармонравой намудааст. Вале дар охири ҳазораи дуюми қабл аз милод Бахтуннаср ном подшоҳи Бобул пас аз чандин талошҳо тавонист, ки иломиҳоро шикаст дода, шаҳри Шушро тасхир намояд ва, тибқи иттилои Саид Муртазо Ровандӣ, муҷассамаи миллии Бобул-«Мардук»-ро аз Шуш бурда, ба маъбади аслии он баргардонад[184].

Таърихи сиёсии Илом то асри 8 қабл аз милод, ки давраи шоҳии иавиш хонда мешавад, дар паси пардаи тираи давру замонҳои номусоид ниҳон мондааст. Маъхазҳои таърихӣ низ дар ин бора лаб фуру бастаанд. Чунин сарнавиштро модҳову форсҳо низ, ки дар ҳамин бўъди замонӣ фаъолият доштанд, бо ҳам дидаанд. Аксари муҳаққиқон, аз ҷумла Мери Бойс, Франс Гренер, Марсел Дунари, Эҳсон Табарӣ ва дигарон қайд намудаанд, ки таърихи Модҳо ва Форсҳо то замони дар саҳнаи таърих ҳамчун фотеҳони ҷаҳони ғарбӣ ҷилванамоӣ намуданашон дуруст омўхта нашудааст ва махсусан авзоъву аҳволи форсҳо, ки то замони Куруши Кабир ба ягонагӣ даст наёфта буданд, норавшан мондааст.

Дар оғози ҳазораи якуми пеш аз милод қабилаҳои куммериҳо ва скифҳо, ки тақрибан ҳаёти иқтисодии яксон доштанд, ба Осиёи Пеш русух намуданд ва дар таърихи Шарқи Наздик нақши муҳимме бозиданд. Онҳо таъсири назаррасе ба давлатҳои Лидия, Урарту, Ошуриҳо ва ғайра расониданд ва нуфузи худро на фақат то баҳри Эгей, балки то Қафқози Марказӣ ва шимолу шарқи Осиёи Ғарбӣ интишор доданд. Вақте Ошуриҳо дар яке аз набардҳои худ шаҳри кунунии Бардаи Ироқро ишғол намуданд, роҳ барои ҳуҷуми иломиёни аз нав қоматафрохта ба ошуриён боз шуд. Ҳуҷум сурат гирифт ва иломиён дастнишондаи худро дар ин шаҳр нишонданд ва тибқи ёдгориҳои хаттии боқимонда аз Шугруқи Нахунтаи1 (717-699 то м.) дигар шаҳрҳои Байнаннаҳрайн низ ба тасарруфи Илом даромад.

Бино ба маълумоти муаллифони «Таърихи Шарқ» дар ибтидои асри 6 (тақрибан солҳои 692-650 то м.) муҳорибаҳои мутааддиде байни иломиҳову ошуриҳо сурат пазируфт, ки дар онҳо гоҳ яке ва гоҳ дигаре ғолиб омада. Дар замони салтанати шоҳ Хумпаннимен (692-688 то м.) иломиҳо ба Бобул ҳуҷум карда, ба муваффақият ноил шуда бошанд ҳам, баъди фалаҷ шудани шоҳ дар дохили давлати иломиҳо муборизаи барои тоҷу тахт шуруъ шуд ва аз ин вазъият Ошурбонипал истифода бурда, ба Илом ҳуҷум кард ва онро тороҷ намуд. Қабл аз ин ҳуҷум яке аз марказҳои иломиҳо бо номи Онишон (наздикии шаҳри Шероз) истиқлоли худро эълон карда буд. Ба назар чунин мерасад, ки Ҳахомен сарвари ҳамин марказ буд, ки баъдтар писари ў Чишпеш (680/670-645 то м.) сулолаи хахоманишиёнро бунёд гузошт[185].

Ба ҳар ҳол, пас аз нуфузи тадриҷии ориёиён ва рушди мақому манзалати онҳо дар байни аҳолии бумӣ аз оғози сомон додани давлати Иломиҳо то давраи Ҳахоманишиён ориёиён дар саҳнаи таърихи Машрақзамин ба унвони масдари ҳукуматҳои сиёсӣ фаъолият доштанд ва бофтаҳои худро бо давлатҳои ҳамҷавори худ тавре танидаанд, ки аз таркиби он баъдтар давлати Модҳо ва шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён бо тамоми салобаташон ҷилвагар шуданд ва аз онҳо роиҳаи ниёгони ориёӣ ба машом мерасид. Зеро баъди интишори қабилаҳои ориёӣ дар қисми ғарбӣ ва аз он

ҷо ба дигар ноҳияҳои Эрону Осиёи Миёна халқияту миллатҳои зиёди эронизабон ба вуҷуд омаданд, ки дар замони Модҳову Ҳахоманишиён қисми асосии аҳолиро ташкил медоданд ва хусусияти фарҳангӣ, иҷтимоиву сиёсии онҳоро аз бисёр ҷиҳат ба ҳуввияти ҳамин қабилаҳои муҳоҷир муайян менамуданд.

Ба ибораи дигар, дар охири ҳазораи дуюм ва ибтидои ҳазораи якуми пеш аз милод дар сарзамини Осиёи Миёнаву Эрон гурӯҳҳои этникии куҳане иқомат доштанд, ки бо форсизабонҳо якҷоя зиндагӣ мекарданд. Вале дар тӯли таърих онҳо бо форсизабонҳо омезиш пайдо карданд, ки раванди он дар баъзе маҳалҳо ба осонӣ ва дар маҳалҳои дигар ба мушкилӣ сурат мегирифт. То замони Модҳо ва Ҳахоманишиён ин раванд тақрибан марҳилаи ниҳоии худро тай мекард ва дар замони ҳукмронии сулолаҳои мазкур ташаккулу инкишофи қавму қабилаҳои ориёӣ ба охир расида, рушду камоли он пайваста бо тамоми унсурҳои фарҳангиаш шурӯъ шудааст.

Вале қабл аз он ки ба баррасии ин масъала бипардозем, бояд таърихи сиёсии Модҳо ва Форсҳоро то андозае равшан намоем, зеро онҳо дар тӯли таърих гоҳ дар шафату гоҳ ҳамчун узви давлати иломиҳо фаъолият карда, барои муайян намудани исолати баъдии ниёгонамон дар тохтутозу кашмакашҳои таърихиву сиёсӣ ҷиҳати касби сиёсаги ҷаҳонӣ саҳми худро гузоштанд.

Вилл Дурант дар «Таърихи тамаддун» ном асараш фасли махсусеро роҷеъ ба давраи азамати Модҳо ва инқирози онҳо ихтисос дода, навиштааст, ки бино ба маълумоти катибаҳои боқимонда дар ноҳияи Порс (Parsua) дар ин сарзамин 27 амир ва шоҳ бар 27 вилояти камҷамъият ҳукумат мекардаанд ва мардуми ин вилоятҳоро Амодҳо ё Модҳо (Amodai, Madai,Medes) меномиданд. Муҳаққиқи мазкур суханашро идома дода, Модҳоро аз нажоди ҳиндуевропоӣ медонад, ки шояд дар замонҳои қадим аз канораҳои баҳри Хазари Осиёи Ғарбӣ омада, зимни кӯч бастани худ аз тариқи Бухорову Самарқанд гузашта, тадриҷан рӯ ба ҷануб сарозер шуда, пас аз расидан ба Эрон дар он ҷо сукунат ихтиёр карда буданд. Дар ҷойгоҳашон «мису оҳану сурбу симу зар ва санги мармару сангҳои гаронбаҳо ба даст оварданд ва чун қавми нируманд буданд ва зиндагии содда доштанд, ба зироат бар даштҳо ва доманаи теппаҳои манзилгоҳи худ пардохтанд ва зиндагии осудае барои хеш фароҳам сохтанд»[186] .

Модҳо собиқаи қадимаи таърихӣ доранд. Дар тайёи ҳазораи дуюм онҳо ба гурӯҳи шояд гумноми қабилаҳои ҳиндуевропоие дохил мешуданд, ки дар фаросуи кӯҳҳои Загрос мезистанд. Ин ишораи Марсел Дунарист, ки бо вуҷуди таъкиди ӯ роҷеъ ба адами иттилоот дар матнҳои ошуриву бобулӣ, қайд карда, ки «модҳо ба рағми кашмакашиҳои мукаррарашон бо ошуриён, ки ҳаргиз модҳоро мақҳур накарданд, нахустин фармонфармои баринашон

Ҳуваҳ Шатара (Кияксарис) кушояндаи Нинво буд»[187]. Аз афташ натиҷаи пирузии Хуваҳ Шатара (Huvakhshatara) бар ошуриён ин шуд, ки қисме аз Байнаннаҳрайн ва Урарту ба тасхири Модҳо даромад.

Ҳамин мазмунро Вилл Дурант чунин оварда: «Мардуми қонеъи Мод ба пешвоии ин шоҳ (яъне Диокис-Ҳ.М.) нируманд шудаанд ва вобаста ба муҳити зиндагӣ таҳаммул бар сахтиҳои ҷанг пайдо карданд ва ба сурати хатаре даромаданд, ки пайваста давлати Ошурро таҳдид мекард. Ошуриҳо борҳо ба давлати Модҳо ҳуҷум карда буданд... бузургтарин подшоҳи Мод Кияксарис (Суахаres) тавонист, ки бо вайрон кардани шаҳри Нинво ба ин кашмакашиҳо хотима дихад... ба Осиёи Ғарбӣ то дарвозаи Сардис пеш раванд... императории Модҳо шомили Ошуру Моду Эрон буд»[188].

Барои тақвияти ҳамин фикр маълумоти яке аз коҳинони бобулии асри 3 қабл аз милод Беросос (Berosos) ба нақл аз Узебиус (Eysebius)- усқуфи машҳури фаластиниро дар ин ҷо овардан шояд бамаврид бошад. Ӯ навишта, ки пас аз «Тӯфони Нӯҳ», ки соли 3571 қабл аз милод (бино ба ривояти Таврот ин тӯфон соли 2500 ва тибқи маълумоти муаллифони ёдшудаи «Таърихи тамаддун» соли 2800 пеш аз милод) рух додааст, «86 шоҳ дар Бобул шаҳриёрӣ кардааанд, ки рӯиҳам 33091 сол аст, онгоҳ Модҳо Бобулро гушудаанд ва 8 шоҳи модӣ барои муддати 224 сол шаҳриёрӣ карданд»[189]. Гуфтаҳои фавқ, бешубҳа, қадимӣ будани давлатдории Модҳо ва нақши боризи онҳо дар саҳнаи таърихро нишон медиҳад.

Таърихи баъдинаи Модҳоро муҳаққиқон бо вуҷуди ночиз будани иттилоот чунин тасаввур намудаанд, ки тақрибан дар соли 671 то милод дар қисми шарқии қаламрави Ошуриҳо шуриш бо вуҷуд омад, ки таҳриккунандагони он ҳокимони маҳаллии сарзамини модҳо ва қабилаҳои скифу киммериҳо будаанд. Дар он буъди замонӣ модҳо истиқлоли худро нигоҳ дошта буданд, вале ба ошуриҳо хироҷ медоданд. Дар ҷараёни шуриш модҳо истиқлоли комили худро ба даст оварданд, вале ҳануз давлати мутамарказе надоштанд, дар дохили қаламравиашон ҷангу ситезҳои дохилӣ баъзан мушоҳида мешуд. Каме баъдтар Диюк (ё Дияко), ки аслан довари бонуфузи модҳо буд, подшоҳи модҳо интихоб гардид. Э.А. Грантовский бо истинод ба Геродод роҷеъ ба фаъолияти ин аввалин шоҳи модҳо иттилоъ дода, аз ҷумла қайд кардааст, ки ӯ дар Экбатана (Ҳамадони кунунӣ) қалъачаи бузурге сохт, ислоҳоти низомӣ гузаронид, тарзи коргузории давлати худро ба роҳ монд ва ба муттаҳид намудани қаламрави худ пардохт[190].

Муаллифони «Таърихи тамаддун» мӯъҳиданд, ки иддае аз модҳо дар қисмати шарқии Лидия ва давлати Келдониён зиндагӣ мекарданд, вале ояндаи тақдир на ба ин ду давлати тозабунёди таърих, балки ба ҳампаймони онҳо-давлати Модҳо будааст. Императории Модҳо ба хотири ҷанг е шуҳрат ёфта, ки амалан сурат напазируфта ва ҳамаи ёдгориҳои таърихӣ онро қайд

намудаанд. Вақте модҳо дар саҳнаи набард бо низомиёни Лидия рӯ ба рӯ шуданд, кусуфи комили Офтоб ба вуқуъ пайваст ва тарафайн ин ҳодисаро нишонаи наҳсу бадиқболӣ ва ихтори худоён пиндошта бо ҳам созиш намуданд. Муаллифони мазкур ҳамчунин қайд намудаанд, ки ба хотири арзи вуҷуд намудани Зардушт ба фарҳанги ҷаҳонӣ Модҳо нақши худро дар таърих бештар боқӣ гузоштаанд [191]. Ҳамин ақидаро Йед Мейер (Eid Meyer) тақвият дода, бо таваҷҷуҳ ба номи модии «Маздаку» дар катибае аз Сорғун марбут ба асри 8 қабл аз милод, масъалаи интишори дини зардуштиро миёни Модҳо матраҳ намудааст, вале Е.Бенвенист мӯътақид аст, ки чунин фикр ба ҳеҷ ваҷҳ дуруст нест,зеро ба ҳамон нисбате, ки муғон дар Авесто ношинохтаанд, худи Модҳо низ дар таърих ношинохтатаранд [192].

Аз мисолҳои боло чунин бармеояд, ки Модҳо пешинаи қадима доранд ва, аз ин рӯ, шояд ба чунин фикри И.Дяконов розӣ шудан мумкин бошад, ки дар ҳазораи дуюми пеш аз милод пешрафти муҳимме дар зиндагии иҷтимоии мардуми Мод ва навоҳии муҷовири он, яъне Қафқозу Эрон сурат гирифтааст. Бо истинод ба гуфтаи И.Дяконов муҳаққиқи Эронӣ Саид Муртазо Равандӣ натиҷагирии мунсифона ва бомулоҳизае намуда, бо мувозибати том чунин нигоштааст: «Агар бигӯем, ки дар поёни ҳазораи дуюм ва оғози ҳазораи якум дар Моди ғарбӣ ҷомеъа дар остони равобити табақотӣ буд, чандон иш гибоҳ накардаем»[193].

Баъди зикри чунин фикр муҳаққиқи мазкур роҷеъ ба Модҳо иттилоотро ба шарҳи зер овардааст, ки зимни баёни назари баъзе муҳаққиқон бо тағъироти ҷузъӣ он дар поён оварда хоҳад шуд ва аз он шурӯъ хоҳем кард, ки амарнишинони сарзамини Мод баъзе довталабона ва баъзеи дигар ба таври маҷбурӣ зери парчами воҳиде гирд омаданд. Ба ақидаи Гиршман ваҳдати эронӣ нисбат ба ақвоме назири Мисриёну Сумериён кундтар ва оҳистатар сурат гирифта. Ба ин таркиби иҷтимоии қавми Мод ва вазъи иқлимии Эрон сабаб гардида. Ҳамин ақидаро Марсел Дунари низ таъкид намуда, зимнан қайд кардааст, ки Модҳо ҳатто дар даврони азаматашон то андозае чодарнишин мондаанд, зеро сарзаминашон чандон борур (ҳосилхез) набуд [194]. Пас аз Диюк писараш Фуруртиш ё худ Фраорт (ҳукмр. 646-624 то м.) зимоми умури салтанатиро ба даст гирифт ва дар муддати салтанати 22-солаи худ муваффақ шуд, ки ҳавзаи қудрати хешро вусъат диҳад. Вай дар ҷанги Ошур кушта шуд. Кояксар (ҳукмр 624-585 то м) фарзанд ва ҷонишини Фуруртиш ба таҷҳизи қувва пардохт, саворанизомон, командорон, пиёданизомонро муҷаҳҳаз намуд ва фунуни ҷангии саворанизоми сакоиро, ки дар ҷанги ба истилоҳ «мутаҳаррик» усто буданд ва маҳорати фавқулодда доштанд, ба низомиёнаш омӯзонид ва дар ҷанг бо сакоиён ва дигар душманонаш пирӯзӣ ба даст овард. Моной салтанати ӯро ба расмият шинохт ва ҳатто форсҳо ба табъияти ӯ гардан ниҳоданд.

Мувофиқи маълумоти Теодорий (Teodorius) яке аз шоҳони Ошур бо номи Нинус дар замони салтанати беш аз нимасрааш бисёр кишварҳоро фатҳ ва баъди гасхири Арманистон ба фикри фатҳи ҳамсояи шарқиаш — Модҳо афтод. Шоҳи Мод бо сипоҳи зиёд ба муқобили Нинус ҷангида, вале ба муваффақият ноил нашуда, оқибат асир афтодааст ва бо фармони Нинус ба сари дор рафтааст. Кояксар, ки ҳанӯз ин алам аз ёдаш нарафта ва оғаши интиқом дар дилаш аланга мезад, бо келдониён ва давлати Урарту забон як карда, солҳои 616 ва 612 пеш аз милод ду бор ба Нинво ҳуҷум кард ва пойтахти ошуриёнро ба хок яксон намуд. Ин иқдоми ӯ миллатҳои Шарқи Наздикро барои ҳамеша аз ҳамалоти хонумонбарандози ошуриён осуда кард.

Саид Муртазо Равандӣ суханашро идома дода, қайд мекунад, ки баъди ҳуҷум ба Нинво Кояксар орзуи тасхири навоҳии ғарбтар-сарзамини Лидияро дар дил парварид, вале баъди ҷанги панҷсола байни тарафайн сулҳ барқарор шуд ва ҳамаи Осиёи Ғарбӣ байни Моду Бобулу Илом тақсим гардид. Қудрати Мод ба пояе расид, ки давлати муқтадири Бобул онро эътироф кард. Ба ҳайъати давлати Модҳо давлати Урарту, шоҳии скифҳо ва дигар давлатҳое, ки истиқлоли нисбии худро ба мисли Ҳахоманишиён нигоҳ дошта буданд, дохил шуданд. Давлати Модҳо ҳамроҳ бо шоҳии Бобули давраи навин давлатҳои пурзӯри Осиёи Пешро ташкил медоданд ва барои нуфузи сиёсӣ бо ҳам муборизе мебурданд. Ҷанги байни Бобулу Мод дар ҳудуди Ҳеррон оғоз шуд. Охирин шоҳи Бобул Набунид дар ҷанг бо Истиёгас роҳи фиребро пеш гирифта, бо мақсади назорат доштан ба ҷоддаи бузурги тиҷороти Ҳамадон бо Куруш иттифоқ баст. Истиёгас аз ин иттиҳод огоҳ шуда, қӯшунашро фаро хонд ва зимни исёне, ки барпо шуда буд, Мод маҷбуран бо Куруш ба набард пардохт ва дар охирин задухӯрд Истиёгас ба дасти Куруш асир афтод. Куруш бо ӯ аз дари вақфу мадоро ворид шуд, ки дар натиҷа қавмҳои Моду Форс бо ҳам муттаҳид шуданд [195].

Дар ин миён Келдониён, ки рӯзгорашон аз давраҳои қадим то солҳои 700 пеш аз милод идома дошт ва дар оғози таърих яке аз мутараққитарин давраи умри худро мегузарониданд, ҷои Ошуриён дар Байнаннаҳрайн ва соҳилҳои баҳри Миёназаминро соҳибӣ карданд. Онҳо дар вақташ ҳамаи кишварҳои Осиёи Ғарбиро таҳти нуфузи худ дароварда буданд. Дар шаҳрҳои Лорсо, Урук, Ниппур шоҳони келдонӣ салтанат намуда, шоҳи он Дунчи дар тӯли 58 соли ҳукмрониаш хирадмандона ҳукумат карда, бо таъсири иломиён аз тахт бенасиб шуда буд, дубора ба саҳнаи таърих омаданд ва императории Ошурро аз ҳам пошида, ба куллӣ аз байн бурданд. Тибқи маълумоти Исҳоқ Осимов ва Франк Войт вақте яҳудиён ба шӯриш даст заданд, султони келдониён Бахтуннасри дуюм (630-562 то м.) Уршалаимро ғасб намуд ва ба ҳукмронии хонадоне, ки Довуд таъсис намуда

буд, хотима дод. Дар замони салтанати Бахтуннаср императории келдониён ба авҷи аълои худ расид ва Бобул аз нав ба яке аз шаҳрҳои бузург табдил ёфт. Вале баъди вафоти Бахтуннаср қисми зиёди императории ӯ қудрати сиёсатро аз даст дод ва кишварҳои ҳаммарзи ӯ аз инқиёди Келдониён баромаданд ва ба рушду тавсиаи худ пардохтанд. Дар Осиёи Хурд Лидия, ки пойтахташ Сард буд, ташкил шуд. Онҳо бештар шаҳрҳои юнонии соҳили баҳри Эгейро ба тасарруфи худ даровардaнд ва бо ихтироъи пул ба амалкарди иқтисодии давлатҳо беҳбудии қобили мулоҳизаро арза намуданд [196]

Дар ибтидои асри 6 пеш аз милод баъзе носозгориҳои дохилӣ ба сиёсати хориҷии Модҳо таъсири манфӣ расонд. Баъди Кояксар писараш Астиаг дар туи 35 соли ҳукмрониаш барои густариши қаламрави худ ҳеҷ коре карда натавонист ва асосан бо корҳои дохили мамлакат ва ташкили умури идорӣ машғул шуд. Сарлашкари Модҳо Гарпач бо шоҳи Ҳахоманишиён Куруши Кабир, ки мехост ба муқобили Модҳо шуриш барангезад, забон як кард ва соли 550 то милод низомиёни Астиаг ба муқобили ӯ баромаданд ва ӯро таслими Куруш намуданд.

Бино ба маълумоти Мери Бойс ва Франс Гренер, ки бештар ба баррасии Модҳо баъд аз истилои Искандар таваҷҷуҳ намудаанд, дар қисми ғарбии Эрон Отрупатан (Озарбайҷон) ном шаҳр-давлате вуҷуд дошта, ки зери нуфузи давлати Модҳо амал мекардааст. Баъди вафоти Доро он ба Искандар савганди вафодорӣ хӯрда, истиқлолияти худро нигоҳ доштааст ва баъди марги ӯ қисми зиёди сарзамини худро аз даст дода. Дар ин айём худи Модҳо дар яке аз шаҳр- давлатҳо (сатрапҳо)-и сарватманде дар сояи давлати Мақдуниён амал мекардаанд. Баъди чунин баррасӣ муҳаққиқони мазкур гуфтаи Полинийро чунин иқтибос намудаанд: «Мод чи аз назари густардагӣ ва чи аз назари теъдоди мардони ҷангӣ ва аспҳое, ки тарбият мекунад, саромади сарзамини осиёӣ буд»[197].

Аз баррасии фавқ чунин ба назар мерасад, ки сарзамини Модҳоро ҳарчанд дар ҷараёни гиру дори таърих борҳо иваз шуда бошад ҳам, ба ду қисмат—шарқиву ғарбӣ ҷудо намудан мумкин аст. Шаҳри Рай маркази муҳимми Моди Шарқӣ ва Экбатан (Ҳамадон) маркази асосии Моди ғарбӣ маҳсуб мешуда. Ва тамоми падидаҳои таърихӣ, ваҳдати дохилӣ, авҷу камол ҳамвора бо инқиёду инқироз аз ҳамин ду марказ ҳамчун сарчашма ғизои моддиву маънавӣ гирфтаанд.

Қабл аз баррасии қабилаҳои Форс (Порс) ва давлати муқтадири онҳо ду масъалаи ба назари мо муҳиммеро, ки дар сарнавишти ҳавзаи мадании баҳри Миёназамин нақши муҳим ва бо давлати Модҳо иртиботи наздик доштанд, бояд мавриди баҳс қарор дод. Масъалаи аввал давлати Урарту мебошад. Мувофиқи маълумоти Вилл Дурант, дар қисмати шимоли Ошур, дар доманакӯҳи Арманистон қавме мезист, ки онҳоро ошуриён Урарту ва

ибриён Арарат меномиданд ва ҳамин қавмро баъзан бо номи арманиҳо дар ёдгориҳои таърихӣ ёд кардаанд. Онҳо қаблан ҳукумати мустақил ва русуму одоти ба худ хос доштанд ва ҳануз дар охирҳои асри 8 то милод исгихроҷи фелезот, аз чумла оҳанро аз худ намуда, фуруши онҳоро ба давлатҳои Осиёӣ ва Юнон ба роҳ монда буданд. Вале сарвати аз ин фуруш бадастомадаро дар ҳамла ва дифоъҳои мутаддиди душманонаш, аз чумла ошуриён аз даст доданд ва дар замони Куруши Кабир таҳти тасаллути Эрониён қарор доштанд[198].

Саид Муртазо Равандӣ қайд намуда, ки "ҳарчанд минтақаи нуфузи онҳо (яъне Урартуиён-Ҳ.М.) қисмати кӯҳистонӣ буд, арозии бисёр ҳосилхез ва ағному аҳшом, рудҳову чуйборҳои кофӣ низ дошт ва аз баракати ҳамин вазъи табиии муносиб дар ин ҷо тамаддуни ибтикории ҷадиде, ки бунёни он бар бақоёи тамаддуни бостонии Бобул қарор дошт, ба вуҷуд омад"[199]. Давлати Урарту дар як қатор маъхазҳои таърихиву фарҳангӣ низ бо ҳамин ном во мехурад ва он асосан баъди таназзули давлдати Ошуриён ба вуҷуд омада, муддате баъзе ноҳияҳои Эрон, аз чумла сарзамини Форсро дар ихтиёр дошт.

Агар ба саҳнаи таърих густардатар назар афканем, ба хубӣ мушоҳида мешавад, ки дар асрҳои II-9 таназзули бисёр давлатҳои Осиёи Хурд дар ҳамин буъди замонӣ рух дода, вале дар Арманистон рушду инкишофи тамаддун ба вуҷуд омадааст. Сабаби асосии ин ҳодисаро муҳаққиқон хотима ёфтани сохтори табақотӣ, барқарор шудани ҳокимияти давлатӣ ва ба вуҷуд омадани технологияи коркарди фелезот медонанд. Тибки маълумоти муҳаққиқони «Таърихи Шарқ» мансубияти этникии шаҳр - давлатҳои хурди охири ҳазораи дуюми ин ноҳия равшан нест, вале дар охирҳои асри 9 пеш аз милод аксари онҳоро форсизабонон ташкил медоданд ва байни ҳуррия ҳои Шарқу Ғарб урартуиҳо зиндагӣ мекарданд. Воҳидҳои хурди давлатии ёдшуда дар он замон аз Фурот ба воситаи Эрон то Туркманистони ҷанубӣ ташкил ёфта буданд. Фишори ошуриҳо ба ҳамсояҳои худ боиси ба вуҷуд омадани давлати Урарту гардид. Қабилаҳои кӯҳистони Арманистон ва атрофу акнофи он аз таҳдидҳои доимии ошуриёну оромиҳо ба танг омада, муттаҳид шуданд ва аз вазъияти нобасомон истифода намуда, дар ибтидои ҳазораи якум давлати мутамаркази худро созмон доданд. Ин давлат таъсири худро дар Ғарб то Мелитен ва Табола расонда буд. Урарту ҳамчун иттиҳодияи давлатӣ дар ёддоштҳои Ашурнасирапали II (ҳукмр.884-858 то м.) омада, зеро дар охирҳои асри 9 пеш аз милод ошуриҳо аз давлати Урарту шикаст хӯрда, солҳои 825-790 то милод Урарту мавқеъи худро дар дарёчаи Урумия мустаҳкам намуда. Шоҳ Аргишти II (714-685 то м.) ҳудуди қаламравии худро то баҳри Хазар густариш додааст ва дар Табризу Ардабил истеҳкому қалъаҳои бузург сохтааст. Марзи шимолии он то кӯли Ван ва дарёи Аракс мерасид. Соли 800 то милод Минуа ҳамчун

фармонравои мутлақи Урарту қисмати болооби Фуротро аз ошуриҳо гирифта, маркази маъмурии худ Араратро ташкил дод. Дар ихтиёри ин марказ қисматҳои ҳосилхези шимолу шарқ ва шимолу ғарби давлати Урарту буд. Писари Аргишт Сардури II вақте ба салатанати шоҳӣ нишаст, ба Бобулистону Закавказье чандин бор ҳуҷум кард, фақат Тиглатпаласари III тавонист, ки Урартуро соли 743 пеш аз милод шикаст диҳад. Ба ин нигоҳ накарда, то мағлубияти ошуриҳо давлати Урарту дар ҳайати давлати Модҳо то соли 593 фаъолият дошт.

Масъалаи дуюм ба сарзамине марбут мешавад, ки миёни ду руди Ҳолус (Қизил Ирмоқ) ва Фурот воқеъ буда, онро Каппадокия меноманд. Ҳахоманишиён онро «Катпатука» гуфтаанд, ки тақрибан ноҳияҳои қисмати шимолии кӯҳҳои Торус то баҳри Сиёҳ ва аз интиҳои миёнаи руди Ҳолус (сарҳади Фрикия) то Арманистони Сағирро дар бар мегирифт. Бино ба маълумоти мухаққиқон дар сангнавиштаи Доро дар Беҳсутуи номи «Катбатука» омадааст ва ҷузъи хоки Эрон маҳсуб мешуда, дар замони императории Ҳахоманишиён боҷгузори ин империя ба шумор мерафтааст. Аз даврони Модҳо то замони Сосониён ҳукмронии ин сарзамин тавассути волиёну ашрофони бузурги эронӣ идора мешудааст.

Вақте Аждаҳак ё Астиаг (Astyages) ба ҷои падари худ Кояксар ба тахти салтанати Модҳо нишаст, бо рафтораш бори дигар нишон дод, ки салтант ҳамчун бозии қимор аст ва дар вароса ги салтанат оқиливу ҷунунӣ дар фосилаи хеле ба ҳам наздик қарор дошта. Аввалӣ хоси падар ва дуюми хоси писар ва ё баръакс низ буда метавонистааст. Ба ибораи дигар, ин шоҳ баробари ба тахти салтанат нишастан ба айшу нӯш дода шуд ва ашрофону наздиконаш низ ба ӯ тақлид карда, аз риояти русуму одот ва дастурҳои ахлоқии бе он ҳам хушку холӣ ва зиндагии соддаву оромонаи хеш даст кашиданд ва ба маишату хушгузаронӣ машғул шуданд. Ва натиҷа чунин шуд, ки бино ба қавли Вилл Дурант, фармондеҳи вилояти Эншон (шимоли Хузистон ва Бахтиёрӣ) Куруши ҷавон, ки таҳти ҳукумати Модҳо буд, бар зиддӣ ӯ баромад ва аз пирӯзии ӯ бар ин шоҳи шодкомаи Модҳо мардум ба шодиву сурур ва хушнудӣ пардохтанд. Яъне як ҷанг кофӣ буд барои он ки давлати фармонравои Мод ва ҳоким бар Порс (Эрон) ба сурати фармонбардори Порс дарояд [200]. Албатта Б.Ғафуров ин ҷараёнро таври дигар тасвир намуда, навиштааст, ки подшоҳи тоифаҳои Форс, ки пештар чун вассал ба давлати Модҳо тобеъ буд, дар натиҷаи муҳорибаҳои сахт ва дуру дароз на фақат аз тобеъият халос шуд, балки дар оғози соли 550 пеш аз милод давлати Модҳоро тамоман торумор намуда, ба зери итоати худ даровард. Куруш дар баробари подшоҳи Форс, унвони подшоҳии Модҳоро низ соҳиб шуд[201].

Тибқи ёдгориҳои таърихӣ ва санадҳои боқимонда аз даврони ошуриён, бахусус навиштаҷоти шоҳи Ошур Салманасари III Порсҳо (Форсҳо) дар

асри 9 пеш аз милод дар ноҳияи Форс зери ҳукмронии сардорони худ зиндагӣ мекарданд. Дар ин буъди замонӣ қавму қабилаҳои пасаргаиён (Pasorgadae), марфииён (Maraphii), маспииён (Maspii), пантиалиён (Pantialaei), дурусиён (Derusiaei) бо корҳои кишоварзӣ машғул буданд, доиҳо (Dai), мардиҳо (Mardi), дропикҳо (Dropici) ва сагартиҳо (Sagartii) зиндагии чодарнишинӣ доштанд. Пасаргаиён муҳимтарин қабила дар миёни қабилаҳои форсиён буданд ва ҳахоманишиён тоифае аз ин қабила буданд. Баробари овардани ин маълумот Калеман Ҳовер таъкид намуда, ки дудмони ҳахоманишӣ аз нажоди ориёӣ буданд ва дар асари рӯйдодҳое. ки бар мо равшан нест, аз кӯҳҳои Порсуво ба зер омаданд ва дар миёни косиён (Cossians) ё эншониҳо, ки шояд аз тариқи забон хешованди гурҷиёни моварои Қафқоз буданд, сакана гузиданд... ҳахоманишиён мардумеро бо худ бо Эншон оварда буданд, ки аз миёни онҳо, порсиён бархостанд» [2002]. Қабилаҳои ёдшуда ҳанӯз муттаҳид набуданд ва дар қисми ҷанубу шарқии сарзамини Мод иқомат мекарданд. Тақрибан дар асри 7 пеш аз милод дар ноҳияи «Порсумаш»-и воқеъ дар қисмати шарқии Шуштар онҳо ҷойгузин шуданд ва муддате таҳти фармонравоии иломиҳо, замоне зери нуфузи ошуриён ва муддате ҳамчун вассали давлати Модҳо зиндагии содда доштанд. Шояд солҳои 40-уми асри 7 пеш аз милод ба иттиҳоди қабилаҳо пардохтанд. Аввалин ҳукмрони Порс Чишпеш (Тиспес) фарзанди Ҳахоманиш (Ахойменес) бахши иломи шимолиро, ки Ошурбанипал салтанати иломиҳоро дар он ҷо хотима дода буд, зери назорат дошт. Вале Чишпеш ба ҳеҷ унвон саромади хонадони Ҳахоманишиён маҳсуб намешуд. Зеро ӯ аз муҳорибаҳои хунини байни Ошуру Илом истифода бурда, аз тобеъияти илом даст кашид ва ҳангоми маргаш қаламрави ӯ танҳо аз Порсумаш, Эншон ва Порс иборат буд. Қабл аз марғаш ин навоҳиро ба ду писараш Ориёманеҳ ва Куруш тақсим кард. Куруш соли 646 пеш аз милод худро шоҳ эълон намуд. Аксари муҳаққиқон, аз ҷумла Эмерсон (Emerson) қайд намудаанд, ки Куруш марди хушандом буда, аслан рӯҳи шоҳона доштааст, кишваркушои ҳайратангез буда, нисбат ба душманони собиқаш меҳрубонӣ мекарда ва моияи шигифт нест, ки юнониён дар бораи вай достонҳои бешумор навиштаанд ва ӯро бузургтарин паҳлавони ҷаҳони пеш аз Искандар пиндоштаанд. Аз ҷумла Ксенофан рисолае бо номи «Курушнома» (Сугорое́dia) дар бораи фунуни ҷангии Искандар иншо намуда, ки дар он Куруши Кабирро ҳамчун шахси таъриҳӣ кишваркушое медонанд, ки се императории бузурги Аҳди бостон—империяи Модҳо, империяи Лидия ва империяи Бобулро ба худ тобеъ намуда, нубуғу шаҳомат ва заковати худро дар саҳифаи таъриҳ сабт намудааст[203].

Барои он ки тасаввуроте роҷеъ ба сарзамини Порс пайдо шавад, ба навиштаҳои муҳаққиқон бояд мурочиат кард. Мери Бойс ва Франс Гренер дар таҳқиқоти худ бо номи «Таъриҳи кишиҳо зардуштӣ» вазъи ҷуғрофии

сарзамини Порсро тасвир намуда, аз ҷумла навиштаанд, ки сарзамини мазкур дар сари роҳи умдае, ки шарқу гарби Эронро ба якдигар муттасил мекарда бошад, қарор надошт ва, аз ин рӯ, маркази қудрати Эрон ба шумор намерафт. «Аз назари ҷуғрофӣ Порсро чун пиллаконе (зинае) медонанд, ки аз фалоти марказии Эрон поин рафта ва ба Халиҷи Форс мерасид. Пасаргат рӯи баландтарин (шимолтарин) пила, ки ҳаммарз бо Мод аст, қарор дорад. Тахти Ҷамшед воқеъ дар ҷангали паҳни мафвдашт рӯи дуюмин пила воқеъ аст. Дараҳои хосилхези Порсро силсилакӯҳҳо ва кафаҳои кавири намаку фурӯрафтагиҳо бо талоқии бузург бо якдигар ҷудо месозад ва, ба ин сабаб, бахши бузурге аз ин сарзамин беҳосил аст... Алорағми фақир будани Порс, аз лиҳози манобеъи табиӣ ба сабаби он ки маркази шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён гардад, васоили рифоҳии фаровон дар он ҷо фароҳам шуда буд»[204].

Куруш дар замони ҷанги Модҳо бо Бобулиён аз фурсати нобасомони бавуҷудомада байни ин ду давлат ва заъфи Иломиён истифода бурда, аввал Лидияро, ки худ вассали ӯ буд, шикаст дод ва пойтахташ шаҳри Сард (Sardia)-ро ишғол намуд, сипас ба шӯриш даст зад ва баъди созишу мадоро бо шоҳи Мод ва, ниҳоят, шӯриш ба муқобили Модҳо ба сари қудрат омад ва ҳомиву бонии як давлати бузурге бо номи давлати Ҳахоманишиён гардид. Бино ба маълумоти Калеман Ҳовер «Куруш дар соли 549 пеш аз милод бо лақаби шоҳи Эншон дар «алвоҳ» зоҳир мешавад, вай дар соли 546 лақаби шоҳи Порсро дошт. Ривоёти маҳаллӣ, ки дар навиштаҳои нависандагони бостон ҳифз шудаанд, мегӯянд, ки барои инқиёди Мод се ҷанг даргирифт, аммо бар ин чизи дигаре намеафзоянд»[205]. Ба ҳар ҳол, созмон ёфтани давлати Ҳахоманишиён давоми мантиқии давлатдории Модҳо буда, раванди инкишофу такомули давлатдории халқҳои эронинажод ё худ ориёиро дар худ таҷассум менамояд. Ҳануз аз оғози ба сари қудрат омадани Куруш, мисли тамоми императорони собиқаш, ба фикри тавсиа бахшидан ба сарзаминаш афтод ва дар ин замина муваффақиятҳои зиёде насибаш гашт. Аввал ба Осиёи Хурд ҳамла кард, давлатҳои тозабунёди Лидия ва Келдониёнро ба тасарруфи худ даровард, баъд ба Осиёи Марказӣ шитофта, шаҳрҳои канори руди Сайҳунро ишғол кард, дар шарқ Марвро ба тоати худ даровард ва Самарқандро то соҳили дарёи Сир забт намуд. Куруш аз Амударё гузашта қабилаҳои массагетҳо ва сакоиҳоро таҳти нуфузи худ даровард. Баъзе муҳаққиқон ҳамин нуктаро қайд намуда, навиштаанд, ки «мо аз сафарҳои ҷангии дар Машриқ пас аз фатҳи Осиёи Сағир тақрибан чизе намедонем. Муддати шаш сол аз соли 545 то 539 пеш аз милод бо мардуме, ки бар мо шинохта нестанд ва миёни дарёи Хазар ва Ҳинд сукунат доштанд, дар ҷанг буд. Куруш шаҳри Балхро ба тасарруф даровард ва ин пирӯзӣ ба изҳори фармонбардории Марғиёна (Мавр), Суғдиёна (Самарқанд) анҷомид. Вай то канори рудхонаи Яксартес (Сирдарё) пеш рафт,

истеҳкомоте дар он ҷо бино кард, ки ҳануз то замони Искандар барпо буданд, назири Кирополис (Уротеппа), ки мушриф бар яке аз гузорҳои умдаи рудхона буд. Куруш сакоиҳоро, ки ҳануз дар Саккистон (Сиистони кунуй) сукунат наёфта буданд, маглуб ва мутеъ кард»[206].

Муҳаққиқи тоҷик Д.Довутов дар ин бора навишта, ки «дар асоси ахбори таърихнависони Юнони Қадим ба хулосае омадан мумкин аст, ки як қисми вилоятҳои Осиёи Миёна ихтиёран ва қисми дигарашон маҷбуран ба Куруш тобеъ шудаанд. Аммо ҷангҳои Куруш дар Осиёи Миёна ба маънои томаш истилогарона набуда, бештар хусусияти ҷанг ҳои дохилиро доштанд. Мақсади асосии ин ҷанг ҳо дар ҳайъати як давлат муттаҳид кардани халқҳои эронӣ буд. Куруши бузург ин мақсадро амалӣ кард... ва самараи хуб ба бор овард» [207]. Куруш, ба фикри Вилл Дурант, сарбозони модӣ ва порсиро чунон муназзам сохт, ки ба сурати қушуни шикастнопазире даромад, ба Сардису Бобул мусаллат шуд, ба фармонравоии ақвомӣ сомӣ дар маграби Осиё хотима дод, тамоми кишварҳоро, ки таҳти тасаллути Ошуру Бобул, Лидиё ва Осиёи Сагир буд, ба Эрон ҳамроҳ кард ва аз маҷмуъи онҳо давлати шоҳаншоҳии императорие барқарор кард, ки бузургтарин созмони сиёсии пеш аз давлати Рими Қадим ва яке аз хушадвортарин давлатҳои ҳамаи давраҳои таърихӣ ба шумор меравад»[208].

Куруш дар ҷанг бо қабилаи массагетҳо ба ҳалокат расид. Писараш Камбоҷиё (Cambuses) тахти салтанатро ба даст гирифт. Ӯ писари калонии Куруш буд ва дар замони дар ҳаёт будани падараш мақоми подшоҳии Бобулро ба ӯҳда дошт. Бардия (юнониаш Semerdis)- писари хурди Куруш фармонравои вилоятҳои шарқӣ, яъне Хоразм, (Хева), Бохтар ва Кирмон буд. Бардия аз ҳусни нияту маҳбубияти мардум бархурдор буд ва, аз ин рӯ, Камбоҷиё аз бими он ки Бардия дар вилоятҳои таҳти назараш бо кӯмаки силоҳиёнаш соҳиби тоҷу тахт шавад, бародарашро пинҳонӣ ба қатл расонд. Пас аз ба сомон расондани умури дохилии мамлакат ӯ амали фотеҳонаи падарашро идома дод. Дар муҳорибаи Пелузиум (Pelusium) ва Мемфис ӯ ғалаба ба даст оварда, Мисрро ишғол намуд ва ба фикри забти Ҳабашистон афтод. Ҳангоми дар Миср будани Камбоҷиё дар Эрон яке аз руҳониёни мутаассиб бо номи Гаумата, ки усулан муқобили интишори дини зардуштӣ дар Эрон буд, даъвои тоҷу тахт намуда, худро бародари дар натиҷаи мӯъҷиза зиндамондаи Камбоҷиё —Бардия эълон намуд. Гаумата аслан муғе буд, ки зоҳиран ба Бардия монандии зиёде дошта. Ин бародари дурӯғин худро ба ҷои Камбоҷиё, ки барои фурӯҳ нишондани шӯриш ба Бобул шитофта, дар роҳ ҷаҳони фониро падруд ҷуфта буд, шоҳ эълон кард.

Гаумата аввал ҳамаи онҳое, ки Бардияро шахсан мешинохтанд аз миён бардошт, ба муддати се сол мардумро аз молиёт озод намуд ва худ аз мардум канорагирӣ кард. Аз чунин амали ӯ ҳафт хонаводаи ашрофи бузург бохабар шуданд ва Гауматаро ба ҳалокат расонданд. Баъди чунин сурат

гирифтани воқеаҳои сиёсӣ дар як қатор сатрапҳои қаламрави империяи Ҳахоманишиён ошубҳо ба амал омаданд. Вале Доро зимоми ҳукумати Ҳахоманишиёнро ба даст гирифта, шуришҳоро дар Миср, Бобул, Парфия, Осиёи Миёна, Форс, Мод, Илом фурӯҳ нишонд. Муҳаққиқон бо таваччӯҳ ба иқдомоте, ки Доро барои саркуб намудани шуришҳо анҷом дода буд, ба хулосае расидаанд, ки ӯ шоҳаншоҳии ҳахоманиширо бори дигар фатҳ карда, барои таҳкими ҳокимияти марказӣ ва боло бурдани вазъи иқтисодиву сиёсӣ як силсила ислоҳот ғузаронид. Вилл Дурант дар ин бора навишта, ки чун Доро дарёфт, ки «шоҳаншоҳии васеъ ҳар вақт вориди бӯҳрон шавад, ба зудӣ аз ҳам пошида хоҳад шуд, зиреҳи ҷангиро аз тан берун кард ва ба сурати яке аз мудаббиртарин ва фарзонатарин фармонравоёни таърих даромад ва созмони идории кишварро ба сурате даровард, ки то суқут пайваста ба унвони намунаи олӣ аз он пайравӣ карданд»[209].

Доро дар солҳои 519-512 пеш аз милод давлатҳои Фракия, Македония ва қисмати шимолии Ҳиндустонро тасхир кард. Дар замони Доро тамоми империя ба 20 (мувофиқи баъзе маълумотҳо ба 24) хшатрапия ё худ сатрап тақсим шуд. Ин сатрапҳоро волиҳо идора мекарданд. Бино ба иттилооти Б.Ғафуров дар "Тоҷикон" Осиёи Миёна ба 4 сатрап ҷудо шуда буд. Қабилаҳои кӯчманчии сокинони канораҳои баҳри Хазар, Суғд ва Порт сатрапи 16 ва сакоиҳо сатрапи 15-умро ташкил мелоданд. Дар он бӯъди замонӣ ба ҳайъати империяи Ҳахоманишиён Мисру Фаластину Финикия, Лидия, Порс, Балуҷистон, Осиёи Миёна ва Ҳиндустон дохил мешуданд. Ба қавли аксари муҳаққиқон то ин замон ҳеҷ давлате ба ин бузургиву паҳноварӣ, ки зери фармони як нафар бошад, дар таърих пайдо нашуда буд. Бохтару Суғд ва Порту Хоразм қисмати муҳимми давлати Хахоманишиёнро ташкил медоданд. Умуман ягонагии таърихӣ, этникӣ, динӣ ва фарҳангии Эрони ғарбӣ (форсҳо ва модҳо) бо Эрони шарқӣ (бохтариҳо, суғдиён, порҳо ва хоразмиён) имконият дод, ки муҳити сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии давлати Ҳахоманишиён дар ташаккулу инкишофи тамаддуни ягона ва умумии халқҳои эронӣ саҳми босазое гузорад[210].

Ҳудуди давлати Ҳахоманишиён дар асри 5 пеш аз милод аз дарёи Ҳинд дар шарқ то баҳри Эгей дар ғарб, аз Арманистон дар шимол то наздикии Ниссо дар ҷанубро дар бар мегирифт. Исҳоқ Осимов ва Франк Войт ба ҳамин масъала ишора намуда, навиштаанд, ки «таҳти фармондеҳии Доро Порс ба авҷи азамат расида буд ва аз назари вусъат Эрон аз тамоми императориҳои қаблӣ дар Осиёи Ғарбӣ бузургтарин буд, вусъати хокаш чизе наздик ба масоҳати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва ҷамъияташ ҳудуди 13 млн нафар буд»[211]. Аз ин рӯ, муҳаққиқон даврони салтанати Дорорo дурахшонтарин марҳилаи салтанати дудмони Ҳахоманишиён ба қалам додаанд. Ӯ дар 19 набард ва 7 соли пайкар бар 9 мудаии тоҷу тахт, ки худро шоҳ хонданд, ғолиб омад ва бад-ин гуна шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ, ки

Куруш онро бунёд гузорд ва Камбоҷиё бар қаламраваш афзуд, бори дигар ваҳдати худро боз ёфт [212]. Баъди Доро намояндагони зиёди ин хонадон, аз ҷумла Хишоёршоҳ, Ардашер, Дорои II, Ардашери II, Ардашери III, Дорои III дар Эрон салтанат ронданд, вале, чуноне ки муҳаққиқон мунсифона қайд намудаанд, дигар он давраи барои Эрон пурифтихори Курушу Доро такрор нагардид. Масалан, Хишоёршоҳ ҳарчанд, ки борҳо барои тасхири Юнон чи аз роҳи хушкӣ ва чи аз роҳи обӣ кӯшиш намуда бошад ҳам, дар ин роҳ муваффақ нашуд ва ба орзуи деринаи Доро роҷеъ ба забти заминҳои ҳосилхези Юнон ҷомаи амал пӯшонида натавонист.

Қудрату иқтидори давлати Ҳахоманишиён баъди маҳдуд намудани доираи фаъолияти феодалҳо ва султонони маҳаллӣ дар Осиёи Ғарбӣ афзуд ва як давлати комилан мутамарказе ба вуҷуд омад, ки дорои режими истибдодӣ буд. Шоҳхудо намояндаи Аҳуромаздо буд ва дигар шоҳоне, ки зери фармони бевоситаи ӯ буданд, ба унвони шоҳаншоҳ ёд мешуданд. Зиндагии Эрон дар замони дудмони ҳахоманишӣ бештар ба сиёсату ҷанг робитаи ногусастанӣ дошт, зеро пояи сарвату салобати ин империяи бузург бар қудрат асос ёфта буд, на ба иқтисодиёту саноат ва, аз ин рӯ, ин поя метавонист ҳар замон сусту нотавон ва хароб гардад. Ба ҳамин сабаб, сохтори сиёсиву маъмурии босамаре ба роҳ монда шуда буд, ки дар натиҷаи он дудмони ҳахоманишӣ 200 соли гамом бар хоки ин сарзамини азим ҳукмронӣ намуд.

Дар сохтори давлати ҳахоманишӣ шоҳ қудрати мутлақ дошт, фармони ӯ лозимулиҷро буд ва шахсоне, ки аз фармон сарпечӣ мекарданд, бидуни баррасӣ қатл мегардиданд. Ба ҷуз шоҳ нуфузи аъёну ашрофи мамлакат ҳамчун робит миёни дарбору мардум ба хубӣ эҳсос мешуд. Махсусан 6 хонадоне, ки ҳамроҳи Доро корҳои бузургеро анҷом дода, Бардияи дурӯғинро аз байн бурда буданд, аз имтиёзи махсус бархурдор буданд ва машваратчиёни шоҳ ба шумор мерафтанд. Бузургону сарватмандон ба хотири заминҳои зиёде, ки шоҳ ба онҳо дар Миср, Сурия, Бобул, Осиёи Хурд ва дигар навоҳии қаламрави императорӣ мебахшид, артиши шоҳро бо низомиён таъмин менамуданд. Ба қавли Вилл Дурант гули сари сабади қӯшуни шоҳ Горди салтанатӣ буд, ки аз 2 ҳазор савора ва 2 ҳазор пиёда иборат буд. Ҳамаи онҳо аз ашрофу бузургон буданд. Қӯшуни собиту фаъол танҳо аз афроди форсӣ ва модӣ ташкил мешуданд ва ба сурати дастаҳои собит дар марказҳои муҳимми ҳарбӣ ҷойгузин буданд, вале пируи ҷангии комил аз дастаҳое иборат буданд, ки аз тамоми қавмҳои тобеъи императорӣ ҷамъ мешуданд, бо забони худ гуфтугӯ мекарданд ва ба расми ҷанговарӣ бо силоҳҳои худ ба ҷанг мепардохтанд. Силоҳҳо ва созу барги ҷанг низ мухталиф буд, тиру камон, шамшер, зубин, ханҷар, сарнайза, фалохун, корд, сипару кулоҳ ва зиреҳи чармию оҳанӣ истифода мешуд. Пойтахти асосӣ Пасаргат буд, гоҳе шоҳ ба Таҳти Ҷамшед меомад, пойтахти

тобистонӣ Экбатана буд, вале шоҳ бештари вақти худро дар пойтахти Иломи қадим шаҳри Шуш мегузаронид, зеро дар ин шаҳр иттилооти тамоми Шарқи бостон ҷорӣ мешуданд[213].

Муҳаққиқи эронӣ Саид Муртазо Равандӣ бо истинод ба иқтибоси Гиршман назари худро дар бораи фаъолияти ду шоҳи бузурги ҳахоманишӣ чунин овардааст: «агар Ҳахоманишиён ин мамлакатро ба сатҳи тамаддуни махсуси худ татбиқ медоданд, сайри қаҳҳорӣ ба шумор мерафт. Куруш бо ҳусни тадбире, ки дошт, истиқлоли дохилии васеъ ба кишварҳои тобеъ ато намуд ва Дориюш аз ин сиёсат зиракона табъият намуд. Дар натиҷаи ин равиши оқилона эрониён Курушро падар ва юнониён вайро «сурур» ва қонунгузор, яҳудиён ба муносибати муҳаббати фаровоне, ки дар ҳаққи онон карда буд, вайро «мамсухи парвардигор» маҳсуб медоштанд. Нуқси бузурге, ки ҳаёти ифтихоромези ӯро лаккадор карда ин буд, ки «гоҳе бар ақли худ чира шуда, ба куштори бераҳмонае даст мезад. Ин қазовату бераҳмӣ ба фарзанди нимамаҷнуни ӯ Камбоҷиё ба ирс расид». Аз ин рӯ, муҳаққиқон Дороро беҳтарину одилтарин подшоҳ, далеру боҳушу закӣ ва донандаи ҳунари ҷанг ва Камбоҷиёро намунаи шоҳи золиму бераҳм ва хашмгину сангдил ба қалам додаанд.»

Гегел арзиши маънавии Ҳахоманишиёнро дар ҳушёрии таърихӣ ва паёми озодии милалу рисолати ҷаҳонии он мебинад. Бино ба маълумоти Саид Муртазо Равандӣ, аз ин назар Гегел эрониёнро нахустин миллати таърихӣ медонад ва таъсири силсилаи ҳахоманиширо нуқтаи шуруъи таърихи ҷаҳонӣ мешуморад ва муътақид аст, ки «шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ давлате буд императорӣ ба мафҳуми ҷадиди он... ва мураккаб аз давлатҳои гуногун, аммо ҳар кадом аз онҳо фардияти худро аз назари бунёдҳои сиёсӣ ва суннату навомиси хеш маҳфуз доштанд. Ҳамон тавре ки нур равшной мебахшад ва ба ҳар чиз ҳаёти махсус медиҳад, фурӯғи шоҳаншоҳии Эрон низ ба милали адида густурда буд ва ҳар як шахсияти ҳосилаи худро нигоҳ дошт... ва он таркибе буд аз аҳвоми мухталифе, ки ҳамагӣ озод мезистанд»[214].

Сохтори давлатдории Ҳахоманишиён шояд муҳимтарин тарзи ҳукуматҳои императории Аҳди бостон бошад. Муаррихи юнонӣ Геродод муътақид аст, ки дар 20 вилоят (сатрап)-и ин императорӣ бастагони шоҳ ё афроди хонаводаҳои бузург волӣ гумошта шуда буданд. Ин соҳибмансабони бузург мустақиман дар муқобили шоҳ масъулият доштанд. Барои ҷулӯгирӣ аз мухолифату шӯришҳои эҳтимолӣ дар ҳавзаи қудратии ҳар шаҳристон фармондеҳӣ бар кулли қувваи муқими он вилоят интихоб мешуд, ки он низ масъул дар назди шоҳаншоҳ буд. Илова бар ин маъмури олирутбае барои ҳар сатрап ҷиҳати гирифтани хироҷ ва тасҳили молиёт фиристода мешуд. Куллияи манотиқу мамолики тобеъи шоҳаншоҳӣ мукаллаф буданд солиёна маблаге ба хазона таслим кунанд. Ҳар сатрап

миқдоре ҳадяи ҷинсӣ аз қабили маводи хӯрока, асп ва дигар амвол барои маишати дарбор ва таъмини маишати сарбозони ҳар сатрап месупорид. Ҳар волӣ дабире дошт, ки зимни муроқибати аъмоли волӣ, пайваста робити байни ӯ ва ҳукумати марказӣ буд. Илова бар ин муфаттишоне, ки унвони «чашму гӯши шоҳ»-ро доштанд, дар қаламрави императорӣ гардиш намуда, ногаҳон худро ба масъулини амр муаррафӣ намуда ба бозарсии аъмоли онҳо мепардохтанд ва дар сурати лузум аз нируҳои сипоҳӣ истифода мекарданд [215].

Ҳамин мазмунро Арнолд Тойнби низ нисбатан фасеҳтар қайд намуда, зимни баррасии мақоми империяҳо навиштааст, ки дар императориҳои Инҳо, Ҳахоманишиён, Усмонӣ ва Румӣ хонаводаи шахси зимомдор ҳам меҳвари чархи ҳукумати императорӣ буд ва ҳам омӯзишгоҳе барои мудирони мавриди ниёзи идораи ин мошин ба шумор мерафт. Дар се императории авал низоми омӯзишӣ дар дохили хонаводаҳои подшоҳӣ эҷод гардид ва маҷмӯае аз ҷавонони фомилҳои ашрофӣ ва барҷастагонро ба омӯзиши ҳунари идорӣ кашонданд. Ин муҳаққиқ суханашро идома дода, дастгоҳи идориро ташкилоте медонад, ки дараҷаҳои мутафовути такомулро дар давлатҳои ҷаҳонӣ тай намуда, ба шакли давлати мутамарказ дармеояд ва дар бораи Ҳахоманишиён навишта, ки «дастгоҳи идории ҳирфаии ҳахоманишиён ҳамвора ба сурати ибтидоӣ боқӣ монд. Муҳимтарин намояндагони ин ниҳод дабирони подшоҳ буданд, ки дар мақарри сатранҳои подшоҳӣ иқомат мекарданд, аммо тобеъи сатрапҳо набуданд ва мустақиман ба ҳукумати марказӣ гузориш медоданд. Ва аз бозрасони бисёри ба истилоҳ мавсум ба «чашмони шоҳ» низ барои назорати бештари сатрапҳо истифода мешуд. Ба назар мерасад, ки ташкилоти дарбори шоҳ дар такомули худ аз сурати фармондеҳи муҳофизони подшоҳ—ҳазарапатис (Hazarapatis-фармондеҳи ҳазор тан) ё минбошӣ— ба хазонадор ё вазири кишвар иртиқоъ ёфта ва бо истифода аз муншиёну мустахдимони моҳиру бешумор ниёзи шоҳро ба як мақоми марказӣ дар ҷамъовариву нигоҳдорӣ ва истифода аз ин шохаҳои бисёр густарда, контроли идории шоҳро посух медоданд»[216].

Дар «Курушнома»-и Ксенофан суханони муассиси шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён оварда шуда, ки он намунаи идораи умури мамлакат барои ҳамаи аҳли хонадони ин сулола мебошад. Дар ин суханони ӯ зиракӣ, дурандешӣ, салобату ғамхории Куруш зоҳир гардида, ҳамвора даъвати ӯ ба ёрону ҳамдастонаш барои ҳифзу ободонии қаламрави шоҳаншоҳӣ баён шуда. Дар ин муроҷиат аз ҷумла омадааст: «Ёрон ва муттаҳидони ман! Мо имрӯз соҳиби кишвари бузург ва сарзамини ҳосилхези бузурге ҳастем. Кишоварзони мутааддид дар ҳар гӯша ба кори худ машғуланд ва эҳтиёҷи моро таъмин мекунанд… Бояд мутлақан аз инҳидом ва нобуд кардани молу ғаноим худдорӣ кунем ва он чи лозимаи мурувватӣ рафъат аст, дар ҳаққи маглубин раоят кунем. Аммо таклифу вазифае, ки аз имрӯз бар ӯҳдаи умуми

мост ин аст, ки аз танпарвариву коҳилӣ бипарҳезем... ин ашхос, ки имрӯз дар дасти шумо асиранд, кор кардану заҳмат кашиданро ору нанг медонистанд... даст ёфтан ба сарзаминҳои бузург ва эҷоди шоҳаншоҳии азим, албатта, кори хатирест, аммо аз он бузургтар ва муҳимтар ҳифозату идораи онҳост!»

Пас аз дамидани рӯҳи императорӣ ба ҷисми давлати Ҳахоманишиён ва беш аз ду асри қудрату пайкори ин силсила таййи солҳои мутамодӣ ҳаводисе дар гӯшаву канори императории ҳахоманиший рух доданд, ки ҳукмронони он ба иллати саргарм будан ба савлати салтанатӣ ва дасисаву фитнаҳои дарборӣ ба онҳо аҳамияти ҷиддӣ надоданд. Дар натиҷаи чунин сиёсат аввал аз империя Ҳабашистон ҷудо шуд. Шуришҳо дар Финикия ва сатрапҳои Осиёи Хурд ба вуҷуд омаданд. Ҳиндустон аз нуфузи Ҳахоманишиён озод шуд. Ардашери III соли 358 пеш аз милод зимоми ҳукуматро ба даст гирифт. Ӯ шуриши финикиёнро фурӯъ нишонда, аксари онҳоро ба қатл расонд ва барои хомӯш намудани шуриш ба Миср шитофт. Соли 336 қабл аз милод сарвари сатрапии Арманистон тахти шоҳиро ишғол карда, худро Дорои III эълон кард.

Дар ин миён дар саҳнаи таърих душмани сарсахти Ҳахоманишиён шоҳи Мақдуния бо номи шоҳ Филипп соли 359 то милод зимоми ҳукуматро ба даст гирифт ва ба ҷангҳои дохилӣ хотима дода, Мақдунияро ба давлати бузурги нимҷазираи Балкан табдил дод. Ҳахоманишиён ба нируи низомии муштараки юнониҳову мақдуниҳо баҳои дуруст дода натавонистанд ва ислоҳоти артишро анҷом надода, бо зиёд намудани теъдоди низомиён аз ҳисоби юнониёни кироя иктифо варзиданд. Баъди созмон додани давлати мутамарказ шоҳ Филипп қусури ҳуҷумҳои мутааддиди Ҳахоманишиён ба Юнон, хусусан ба Эфесу Милет, ки дар асри 6 пеш аз милод аз лиҳози иқтисодиву фарҳанӣ нисбат ба нимҷазираи Балкан нақши муҳим доштанд, барорад. Ӯ ҳануз дар ёд дошт, ки Доро чи тавр шуриши Аристагор дар Милетро соли 493 то милод бераҳмона саркӯб намуда, онро муҷаддадан ба ҳайъати сатрапҳои худ даровард ва барои таъмини оромии императориаш дар Осиёи Хурд борҳо ба Юнон ҳам аз тариқи соҳил ва ҳам аз тариқи нируи дарёӣ ҳуҷум карда буд. Ба иллати бедодгариҳои Ардашер, Дорои II, Ардашери II барои таҳ ги нуфузи Ҳахоманишиён даровардани қаламрави Юнон, хусусан қисматҳои шимолии он шоҳ Филипп ба Эрон бо чашми душманӣ менигарист. Аз ин рӯ, барои фурӯ нишондани оташи хасму ғазаби худ нисбат ба форсҳо ва таъмини бехатарии мақдуниён дар баҳри Эгей соли 336 то милод лашкаркаши худ Парменионро ба Осиёи Хурд фиристод, то гузаштани лашкари Мақдуниён аз гулӯгоҳи Дарданелро таъмин намояд. Вале худаш дар ҳамон сол қурбони дасисаҳои дарборӣ гардид ва дар як сӯиқасд кушта шуд. Зимоми ҳукумат ба дасти писари 20-солаи ӯ гузашт.

Искандари Мақдунӣ, ки дарси таълими Арастуро дида, қудрату заковати худро ба камол расонда, ҳануз дар давраи ҷавониаш кордониву сиёсатмадор ва сипаҳсолори варзида буданашро намоиш дода буд, дар ғаёбати падараш ба корҳои идорӣ ва сиёсӣ машғул мешуд ва дар задухурдҳо дар майдони корзор шахсан ширкат меварзид. Бино ба маълумоти Плутарх, шоҳ Филипп ба Искандар чунин насиҳат карда: «Писарам! Мақдуния барои ту кӯчак аст, дар ҷустуҷӯи императории дигар бош, ки дархури шаъну шавкати худат бошад». Бо зикри ин иқтибос Вилл Дурант бо як ҳусни ният дар бораи Искандар навишта, ки агар ӯ умри дароз медошт, зиракии Сезар ва басирати Наполеонро низ пайдо мекард. Шояд барои чунин баҳо додан муҳаққик хусусиятҳои шахсии Искандарро ба назар гирифта бошад, зеро ӯ шамшербози моҳир, шикорчии шуҷоъ, сарбози далер ва сарлашкари кордон буд [217].

Искандар дар 20-солагӣ баъди вафоти падараш замоне, ки асосҳои империяи Юнон таназзул меёфт, ба тахт нишаст ва дастаҳои тавтиагарро ба зону нишонда, мухолифони дохилиро таҳти итоати худ даровард. Соли 336 қисми ҷанубии Юнон ва Афинаро ба худ тобеъ намуд ва дар саросари Юнон поёни диктаториро эълон карда, фармон дод, ки ҳамаи шаҳрҳо озодона таҳти қавонини худ ба ҳаёти сиёсии хеш идома диҳанд. Ин фармон чунин маъно дошт, ки ба ақидаи Искандар (онро аз муаллимаш Арасту касб карда) шакли аз ҳама хуби умури давлатдорӣ ташкили полисҳо (шаҳр-давлатҳо)-и озод буд ва ҳамаи давлатҳое, ки чунин шакли давлатдорӣ ва озодии шаҳрвандиро надоранд, давлатҳои мустабидона ва аҳолии он «барбарҳо» (варвары) маҳсуб мешуданд ва бар оиҳо ҳукмронӣ кардани ҳеллинҳо як амри ногузири таърихӣ арзёбӣ мешуд. Аз ин рӯ, Искандар ҳамон шиори панҳеллинӣ, ки асосгузоронаш Исократ ва Эсхил муттаҳидшавии шаҳрҳои ҳеллинии Юнон (Эллада) бо сардории мақдуниён ба муқобили душманони хориҷӣ -- форсҳо буд, ба амал бароварданӣ шуд. Ба шаҳодати манбаъҳои таърихӣ Шурои Амфитюник тамоми ҳуқуқҳои падари Искандарро, ки солҳои 338-337 то милод конгресси Коринда ба уҳдаи шоҳ Филипп гузошта буд, ба писараш вогузор намуд ва тамоми шаҳрҳо-давлатҳои Юнон (ба ҷуз Спарта) ӯро сардори кулли Юнон эълон карда, ваъдаи кӯмаки низомӣ барои лашкаркашиҳояш ба Осиёро доданд. Аз ин дастгирии шаҳрҳои Юнон рӯҳбаланд шуда, Искандар худро барои ҳуҷум ба Шарқ бо суръати тамом омода намуд. 30 ҳазор пиёданизом, 5 ҳазор савора ҷамъ кард ва бо 12 ҳазор сарбозони изофӣ барои муҳофизат аз худи Юнон гирд оварда, соли 336 ба кишваркушоии худ шурӯъ намуд.

Роҷеъ ба корнамоиҳои Искандари Мақдунӣ зимни лашкаркашиҳояш ба Шарқ, сиёсату корнамой ва далериву ҷасурии ӯ дар майдони корзор, тасмимгирихои муҳимми ӯ дар соҳаи низомӣ ва сиёсатмадории ӯ ҳамчун шоҳ муаррихони юнонӣ, ки ӯро дар лашкаркашиҳову майдони муҳориба

ҳамроҳӣ мекарданд, иттилооти зиёде овардааанд, ки мутаассифона, то ба рӯзгори мо омада нарасидаанд. Вале муаррихони мутааххири юнониву румӣ ба мисли Арриан, Куртсий, Плутарх, Юстин, Страбон ва дигарон аз рӯи навиштаҷоти ҳамкасбони собиқи худ маълумоти фаровонеро ироа намудаанд. Албатта, сабти воқеъаҳои таърихию лашкаркашиҳои Искандар ва баёни авзоъи иҷтимоиву сиёсии он давр тавассути муаррихони юнонӣ, ки аз фузунгӯиву нуктапардозиҳои гиро холӣ набуданд, ба таърихнигории Чин, ки таърихро ҳамчун илм қаламдод намуда, дар нигориши он ҷони худро ба хатар гузошта, тамоми вуҷуду ниру худро сарфи сабти ҳақиқати таърихӣ менамуданд, муқоиса кардан нашояд. Бо вуҷуди ин, иттилооте, ки муаррихони юнониву румӣ барои насли оянда вогузор намуданд, шояд аз ҷумлаи сарчашмаҳои нодире бошад, ки бисьёре аз онҳо дар тадқиқоти муҳимму ҷолиби Бобоҷон Ғафуров ва Д.И. Сибукидус мавсум ба «Искандари Мақдунӣ ва Шарқ» оварда шудааст. Аз ин рӯ,дар ин ҷо саъй хоҳем кард, ки ба баъзе лаҳзаҳои боризи лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ ва падидаву ҳодисаҳои аз ҷиҳати сиёсӣ, низомӣ ва фарҳангӣ ҷолиби диққатеро, ки ба раванди ҳаёти иҷтимоии халқу миллатҳои гуногуни Шарқу Ғарби бостон таъсири муассире гузошта, дар чашмандози таърих бархурди ду императории бузургро, ки яке ба фурӯпошӣ ва дигаре ба таквини тамаддуни худ шурӯъ намуда буд, таваққуф намоем.

Масъаларо аз он шурӯъ хоҳем кард, ки вазъи нобасомон ва мавқеъи сусти империяи ҳахоманиши дар ин буъди замонӣ дар арсаи таърих ҳувайдо буд. Аз даст рафтани саграҳои дурдаст, аз нуфузи давлати марказӣ баромадани шаҳр-давлатҳои ҳаволии Осиёи Хурд, ошубҳо барои касби истиклолият, дасту по задании шоҳони ҳахоманиши дар чанголи бӯҳрони печидаи дохилии худ ва боридани борони маломат ба сари ин императорӣ ҳокимияти марказиро аз раванди мутаодили ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ мунҳариф намуда буд. [Баъди таъсиси бузургтарин империя дар Шарқ тавассути Куруши Кабиру Доро шаҳриёрони баъдинаи империяи ҳахоманиши кӯшиш накарданд, ки ихтилофи байни халқу миллатҳои гуногуни қаламрави бузургу паҳновари империя коста шавад ё аз қувваҳои марказгурезе, ки сабаби фурӯпошии империя мегардид, пешгирӣ намоянд.] Ба ҷои анҷоми ин корҳо шаҳриёрони мазкур бо бозиҳои салтанативу сиёсӣ машғул буданд, ки ба зарари худашон тамом мешуд. Яке аз муҳаққиқон манзараи умумии дастгоҳи салтанатиро чунин тасвир намуда: «Хишоёршоҳ баъд аз 20 соли дасисаҳои шаҳвонӣ дар кори мамлакатдорӣ эҳмолу ғафлат варзид. Яке аз наздикони вай бо номи Ардвон ӯро кушт ва ҷасади вайро бо шукӯҳу ҷалоли шоҳона ба хок супурд. Кушандаи Хишоёршоҳро Ардашери I кушт ва пас аз салтанати тӯлонии ӯ Хишоёршоҳи II ба тахт нишаст. Вайро баъд аз чанд ҳафта нобародараш Суғдиёнус (Sogdianus) кушт ва худ 6 моҳ пас аз он бо дасти Дорои III кушта шуд… Ба ҷои Дорои II писараш

Ардашери II ба салтанат нишаст ва ночор шуд дар ҷанги Кунаксо бо бародараш Куриши асғар, ки муддаии подшоҳӣ буд, сахт биҷангад. Ин Ардашер муддати дарозе салтанат кард ва писари худ Дориюшро, ки қасди ӯ карда буд, кушт ва онгоҳ дарёфт, ки писари дигараш Охус қасди ҷони ӯ дорад, аз ғусса диқ кард. Охус пас аз 20 соли подшоҳӣ бо дасти сардораш масмум шуд ва ин сардори хунрез писаре аз вайро ба тахт нишонд ва барои исботи ҳусни нияти худ нисбат ба вай, бародари ӯро кушт... Чанде баъд Кодаманмес ба салтанат расид, ки бо номи Дорои III машҳур буд. Ӯ бо дасти Искандар дар ҷанг кушта шуд...! Сол ба сол нигаҳдории ваҳдати императории Эрон душвор мешуд, фармондорон, ки ба вилоятҳо фиристода мешуданд, ба майли худ ҳар ҷо, ки мехостанд, лашкар мекашиданд ва моли фаровоне ба даст меоварданд ва ҳатто бар зидди шоҳ қиём мекарданд. Шуришу ҷангҳо сабаби аз байн рафтани мардони зиндаи Эрон шуда буд. Рӯҳи зиндаву нишот дар қушунҳои шоҳаншоҳӣ фарсуда шуда буд»[218].

Дар чунин шароит зуҳури Искандар дар шимоли шаҳри бузурги Юнон—Мақдуния «ноқуси маргро барои қудрати Эрон ба садо даровард, зиндагии ӯ ҳарчанд кӯтоҳ буд, вале ҷиҳати бадбахтии Эрон кофӣ буд» [219]. Искандари Мақдунӣ ба 30 ҳазор аскарони омоданамудаи падараш миқдори зиёди камонварону найзадорон ва саворанизомро илова намуда, гуруҳи махсуси зарбатии саворанизомро созмон дод, ки фақат ба шоҳ итоат мекард. Искандар 12 ҳазор пиёда ва 1500 саворанизомро дар ихтиёри ҷонишинаш Антипатр барои барқарории сулҳу саботи Мақдуния ва Юнон гузошта, худаш бо 30 ҳазор аскар баҳори соли 334 пеш аз милод аз гулӯгоҳи Дарданел гузашт ва дар соҳили рудхонаи Граник бо лашкари Ҳахоманишиён рӯ ба рӯ шуда, дар муҳорибаи шадид ғолиб омад.] Сипас ба самти шаҳрҳои юнонии соҳилҳои Осиёи Хурд рафта, аҳолии ин шаҳрҳои юнониуласлро бо таблиғот сӯи худ мутамоил намуд ва шаҳрҳои Милету Гиликарнасро аз дасти эрониён зада гирифт. Зимистони ҳамон сол ӯ қабилаҳои кӯҳнишинро то Фригия таъқиб намуд ва баҳори соли 333 то милод вориди Киликия шуд. Баъди истироҳати кӯтоҳмуддат дар шаҳри Исс (Ussus) ба самти Сурия ҳаракат кард. Вале қушунҳои Дорои III аз тариқи ағбаҳои шимолӣ ба ақибгоҳи қушунҳои Искандари Мақдунӣ ба шаҳри Исс омада, ярадорон ва гуруҳи на чандон калони сипоҳиёни Искандарро ба қатл расонд. Искандар аз шунидани ин хабар зуд ба шаҳри Исс баргашт ва дар он ҷо муҳорибаи шадиде байни қушунҳои ду императорӣ ба вуқӯъ пайваст. Ин муҳориба барои ҳар ду тараф аҳамияти ҳалкунанда дошт.] Дорои III мехост, ки Искандари Мақдуниро аз ақибгоҳаш маҳрум сохта, ба артиши вай зарбаи қатъӣ занад. Искандари Мақдунӣ вазъи ногувори худро ҳас намуда, пирӯзӣ дар ин муҳорибаро ба ҳар қимате зарур ва ҳаётӣ мешуморид.]

Дар оғози муҳориба Дорои III афзалият дошт. Муздурони (низомиёни

кирояи) юнонӣ, ки теъдоди онҳо дар артиши Эрон зиёд буд, ба қушуни Искандари Мақдунӣ муқобилати сахт нишон доданд. Вале ҳуҷуми Мақдуниён ба сафи пиёдагардони артиши ҳахоманишӣ рахна андохт./Дорои III аз ин вазъи бавуҷудомада ба ҳарос афтода, дар аробаи муҷаллал зану модар, ду духтар ва писари хурдсоли худро ба амри тақдир вогузошта, роҳи фарорро пеш гирифт. Ин ҳодиса ба руҳияи ҷанговарони Дорои III, ки далерона дар майдони корзор меҷангиданд, таъсири манфӣ расонд ва Искандари Мақдунӣ ғолиби муҳориба гардид. Аввалин номаи Дорои III дар бораи сулҳ, ақди иттиҳод ва шароити озод намудани оилаи шоҳӣ дар ҳамин бўъди замонӣ ба дасти Искандари Мақдунӣ расид, вале шароити пешниҳодшуда аз тарафи Искандар рад шуд./

Баъди ин муҳориба маълум гардид, ки Осиёи Хурд аз дасти Ҳахоманишиён бо куллӣ хоҳад рафт. Аксари муаррихону муҳаққиқон мўътақиданд, ки то ин дам Искандар ба фикри тасарруфи давлати Ҳахоманишиён набудааст ва мақсади асосиаш аз такмил ва пойдор намудани давлати муқтадири мақдунӣ иборат буда, вале баъди ин муҳориба ва муваффақиятҳои низомӣ муаммое пеши ў қомат афрохта, ки бо тасарруфи сарзаминҳои фатҳшуда дар Осиёи Хурд ик гифоъ варзад ва ё лашкаркаширо ба қалби Осиё идома дода, давлати ҳахоманиширо ба куллӣ аз байн барад. Аз афташ Искандари Мақдунӣ роҳи дуюмро интихоб карда [220]. Ба ин масъала Б. Ғафуров ва Д.И. Сибукидис низ аҳамият дода, навиштаанд, ки «Искандар дар авоили юришаш ба Шарқ барномаи тасхири тамоми сарзамини Шарқро надошта ва тасхири тамоми мулки ҷаҳон дар фикраш ҳам набуда. Вале бо муваффақият пеш рафтани юриш ба Шарқ -- фатҳи Осиёи Хурд, Миср, Форс, сатрапҳои Шарқ ва Ҳинд мунтазам барномаи истилогаронаи уро тағъир медоданд. Албатта, дар ин бора ақидаҳои муаррихон мухталиф ва гоҳо ба ҳам зиданд. Фикре низ вуҷуд дорад, ки Искандар мехост донишу бэниши ҳеллиниро ба ноҳияҳои дурдасти Осиё ҷорӣ кунад. Инро муаррихи англис В.Таркоу пешниҳод намудааст.[121]

/Искандари Мақдунӣ бо мақсади маҳрум кардани пойгоҳҳои нируи дарёии Эрониён аввал Сурия, Фаластин ва Финикияро, ки сатрапҳои Ҳахоманишиён буд ва киштиҳои ҷангӣ дар он ҷойҳо мустақар шуда буданд, ба тасарруфи худ даровард./Аксари шаҳрҳо ва бандарҳои ин ноҳияҳо бидуни ҷанг ба Искандари Мақдунӣ таслим шуданд. Фақат аҳолии Сур (Туг) ба ў муқобилати сахт нишон доданд ва баъди муҳосираи 7 моҳа таслим шуданд. Номаи дуюми Доро III ҳамин вақт ба дасти Искандари Мақдунӣ расид, ки дар он барои озод намудани оилаи шоҳ ба Искандар 10 ҳазор толон нуқра ва ҳамаи заминҳои он тарафи руди Фурот пешниҳод шуда буд. Вале ин нома ҳам рад гардид.

Искандари Мақдунӣ вақте ба Миср лашкар кашид, мардуми озурда ва батангомада аз низоми Эрони ҳахоманишӣ ба пешвози ў ҳамчун

озодибахши мисриён аз юғи феодалҳои Форс баромаданд ва Искандарро писари худои миллии худ - Омун хонданд. Ҳатто сардори сатрапи форсҳо Мазак дар Миср вуруди Искандарро табрик гуфта, тамоми дороии ин сатрапро ба ихтиёри ӯ вогузошт. Ба ивази чунин рафтор Искандари Мақдунӣ ҳамчун зодаи худоён амали неке ба мисриён анҷом дод ва шаҳри Искандарияро дар он маҳал бунён гузошт. Ин масъаларо ҳам Диодор ва ҳам Курсий ва Арриан қайд кардаанд.

Дар ин муддат Дорои III қувваи бузургеро аз форсҳо, модҳо, суғдҳо, бохтариҳо, сакоиҳо ва низомиёни кирояи юнонӣ ҷамъоварӣ намуд, саворанизоми худро такмил дод ва аробаҳои ҷангиро барои муҳорибаи дарпешистода омода кард. Искандари Мақдунӣ аз Даҷла гузашта ба Байнаннаҳрайн ворид шуд ва аз тариқи Фурот ба Бобул ҳаракат кард. Баъзе шаҳрҳои Осиёи Хурд, аз ҷумла Бобул ба мисли аҳолии Фаластин Искандарро хушнудона пешвоз гирифтанд. Бино ба маълумотҳои таърихӣ, ки Саид Муртазо Равандӣ дар асараш оварда, баъди убури Искандари Мақдунӣ аз Даҷлаву Фурот номаи сеюми Дорои III ба Искандар фиристода шуд. Дар нома пешниҳод шуда буд, ки Фурот сарҳади ду шоҳаншоҳӣ шинохта шавад ва ин мувофиқат ба унвони ҷаҳизи духтараш бошад. Ҳамчунин Дорои III мувофиқат карда буд, ки писараш ҳамчун гаравгон назди Искандари Мақдунӣ бимонад ва ҳозир аст 30 ҳазор толон барои раҳоии модару духтараш бипардозад ва тибқи ин қарордод Искандар дар салтанат шарики Дорои III шавад». Бори сеюм пешниҳоди Дорои III мавриди мувофиқати Искандари Мақдунӣ қарор нагирифт.

Октябри соли 331 пеш аз милод дар Гаугамел (Gaugamela) муборизаи шадид байни ин ду қувва рух дод. Дорои III аввал сакоиҳо, баъд саворанизоми бохтариҳоро ба ҳуҷум сар дода, аробаҳои ҷангиро ба кор даровард. Ба назар чунин мерасид, ки қувваҳо тақрибан баробаранд, гоҳ афзалияти эрониҳо ва гоҳ мақдуниҳо мушоҳида мешуд, вале ғалаба ҳанӯз номаълум буд. Аз парешонии нисбии лашкари Дорои III истифода бурда, худи Искандари Мақдунӣ бо гуруҳи вафодораш ба ҳуҷум гузашт. Бо вуҷуди он ки сарлашкарони эронӣ сахт муқовимат мекарданд ва саворанизом ба роҳбарии сатрапи бохтариҳо Бесс зарбаҳои қатъи ба юнониён мезад, Дорои III бесистеъдодию сустиродагии худро бори дигар нишон дода, майдони корзорро тарк намуд. Ҳамаи кӯшишҳои қӯшуни Ҳахоманишиён, ки ҷасурона меҷангиданд, баръабас рафт ва натиҷа чунин шуд, ки ақибнишинӣ ба гурез аз майдони набард табдил ёфт. Дорои III ба Экбатана паноҳ бурд ва баъди чунин ҳодиса роҳ ба қалби Эрон боз шуд. Лашкари Искандари Мақдунӣ таййи 20 рӯз ба Шӯш расид. Пойтахтҳои дигари Ҳахоманишиён– Пасаргат ва Тахти Ҷамшед ба Искандар чандон муқобилат нишон надоданд. Ӯ тамоми боигарии хазинаи Ҳахоманишиён (120 ҳазор толон)-ро якҷоя ба зару зевараш ба даст овард ва барои фурӯ нишондани оташи

ҳаваси яке аз маъшуқаҳои дӯстони Искандар бо номи Фаида (дӯстдори Птолемей) тахти Ҷамшедро ба тӯъмаи оташ кашид.Сӯзондани Тахти Ҷамшед нуқтаи олӣ ва кулминатсионии юришҳои Искандар ба Шарқ мебошад.)

Барои дастгир намудани Дорои III Искандари Мақдунӣ ба Экбатана ҳуҷум кард. Доро аз он ҷо ба дарунтари Эрон гурехт./Дар натиҷаи таъқиби мунтазами Искандари Мақдунӣ сарлашкарони Дорои III ба муқобили ӯ шӯриш бардоштанд ва ӯро ба ҳалокат расонданд. Баъди вафоти Дорои III Искандар худро ҷонишини машрӯъ ва барҳақи шоҳони Эрон пиндошта, саъй кард, ки монанди эрониҳо рафтору амал кунад) Ӯ ҳатто ташрифот ва дигар омилҳои дарбории Эрон, аз ҷумла зону задан дар баробари шоҳ ба унвони эҳтиромро пазируфт, ки чунин одат барои юнониён бегона ва зону задан танҳо назди худоён роиҷ буд. Ин албатта, ягона унсури эронии мавриди пазириш қароргирифтаи Искандар набуд. Чуноне ки баъдан хоҳем дид, ӯ дар масоили идорӣ ва молиётии императорӣ низ бисёр унсурҳоро бетағъйир қабул намуд, молиёт мисли гузашта вусул мешуд. Искандар ба сатрапҳои эронӣ иҷозат дода буд, ки ба сари қудрат бимонанд, чаро ки таҷрибаи эрониёнро ҳаётӣ ва муҳим ташхис дода буд ва сардорони ӯ ночор буданд ин воқеъиятро бипазиранд[222]. Роҷеъ ба ин масоил баъдан таваққуф хоҳем кард.

Баъди марги Дорои III сардори сатрапи Бохтар Бесс бо номи Артахишоёршоҳи IV худро шоҳ эълон кард. Вале воқеъаҳои баъдӣ нишон доданд, ки ӯ низ дар тарсончакию бемаҳоратӣ аз Дорои III монданӣ надоштааст. Танҳо сатрапҳои Эрони Шарқӣ ба муқобили Искандари Мақдунӣ муқобилати арзанда нишон доданд, вале оқибат шикаст хӯрданд. Порт бидуни ҷанг таслим шуд. Бохтариҳо ҳамчун ҷанговарони варзида дар муҳорибаҳо далерию шуҷоати худро нишон дода буданд, вале «Бохтарро бе ҷанг ба Искандари Мақдунӣ таслим кардани Бесс белаёқатӣ ва беҷуратии ӯро пурра нишон дода, тақдири ӯро ҳал кард»[223]. Роҳ ба Суғд барои Искандар боз шуд. Вале дар Суғд ӯро нокомиҳои зиёд дар пеш буд. Халқи маҳаллӣ бо сардории Спитамен, ки худ сарлашкари болаёқат ва таҷрибаандӯхта буд, ба муқобили Искандари Мақдунӣ ба муборизa бархост ва ба ҷангҳои чарикӣ пардохт.

Ҳамон тавре ки дар таҳқиқоҳо қайд шудааст, суғдиҳо шояд барои ҳифзи мақому манзалати ҳахоманишиён муборизa намебурданд, зеро ҳокимияти марказии дар маҳалли дурдаст қароргирифта барои сугдиён ба ҷуз ситондани молиёту андозҳо кори муфиди дигаре анҷом надода буд. Вале барои ин мардум ҳуввияти миллӣ ва дифоъи сарзамини худ аз истилогарон дар мадди аввал қарор гирифта буд. Искандари Мақдунӣ пойтахти Сугд шаҳри Мароканд (Самарқанди имруза)-ро ишғол намуда, ба самти руди Яксард (Сирдарё) равон шуд. «Дар шимол Искандар то канори Сайҳун пеш рафт, шаҳри Куруш (Уротеппа)-ро тасхир кард ва дар

канори Сайҳун Искандарияро бино сохт, ки имрӯз дар ҳаволии Хуҷанд қарор дорад…»[224], яъне дар Хуҷанд ӯ шаҳри Искандари Ақсоро бунёд намуда, онро пойгоҳи худ қарор дод ва ба муқобили Спитамен ва сакоиҳо муборизаро шурӯъ кард. Спитамен дар Мароканд лашкари Искандари Мақдуниро бо фиреб ба биёбон кашонда, онро дар он ҷо торумор намуд. Муддати тӯлонӣ Искандарро лозим омад, ки ба муқобили Спитамен ва фурӯ нишондани ошӯбҳои Уструшана ба муқобили суғдиён муборизаро барад. Ошӯби аз ҳама бузург дар Киропол ба вуҷуд омад. Аз рӯи ривоят ин шаҳрро Куруши Кабир сохта буд. Юнониён онро Кира ва Кирэсхата низ меномиданд. Ин шаҳр нисбат ба дигар шаҳрҳои шӯришбардошта калонтар буда, деворҳои баланд, ғафс ва мустаҳкам дошт. Дар мудофиаи он 18 ҳазор ҷанговарон иштирок доштанд. Юнониёну македониҳо ҳарчанд кӯшиш карданд бо манҷаниққо— дастгоҳҳои сангандоз деворҳои онро рахна кунанд, натавонистанд. Пас Искандар макру ҳиларо истифода бурда, бо як дастаи хурди ҷаговарон ба воситаи сойе, ки аз таги девори шаҳр мегузашт, ба дарун даромада, дарвозаро кушод ва ҷанговарони худро ба шаҳр дохил кард. Аз 18 ҳазор мудофиагарон 8 ҳазорашон қаҳрамонона ҳалоқ гардиданд. Ҷанговарони боқимонда қафо нишаста дар қалъаи шаҳр ҷой гирифтанд. Аммо бинобар надоштани обу хӯрок баъди як рӯз таслим шуданд… [225].

Искандари Мақдунӣ бо кӯшиши зиёд байни суғдиёну бохтариён ҷудоӣ андохт ва ба лашкари худ қисме аз ононро ҷалб намуд. Спитамен ба назди массагетҳо дар ҳудуди Туркманистони ҳозира панаҳ бурд ва аз он ҷо ба Суғд, ба муқобили Искандар шабохун ва зарбаҳои ногаҳонӣ мезад. Спитамен отряди 600 нафараи массагетҳоро ташкил дода, дар сарҳади Бохтар ба яке аз шабакаҳои нигаҳбонии Искандар ҳуҷум карда, сардорашонро асир гирифт, вале ба шаҳр надаромада бо молҳои зиёд ақибнишинӣ кард. Отряди дар Зориасп будаи юнониҳо ӯро таъқиб кард. Массагетҳо ҷангро напазируфта ба саҳро гурехтанд. Саҳнаи муборизаҳои баъдии Спитаменро муаррихон чунин тасвир намуданд: дар ҷанги Спитамен бо юнониён Кратер ғалаба кард, вале Спитамен ба саҳрои фарох пинҳон шуда буд. Искандар зимистони ҳамон солро дар Наутак гузаронид ва қабл аз ба Мароканд омаданаш ба ҷои Артавони пир Амантуро сардори сатрапи Бактрия баргузид. Спитамен ба Наутак рафтани Искандарро фаҳмида қалъаи сарҳадии суғдии Габиро ишғол кард. 3 ҳазор скифҳо ба ӯ ҳамроҳ шуданд. Кен ба муқобили Спитамен ба ҷанг рафт. Дар ҷанг бохтариҳо ба Спитамен хиёнат карда, ба тарафи Кен гузаштанд ва македониҳо ғолиб омаданд. Муқовимат бо юнониҳо ҳам дар Суғд ва ҳам дар Бохтар хомӯш намешуд. Вале баъзе намояндагони сардорони маҳаллии массагетҳо аз ҳароси Искандар Спитаменро кушта сарашро ба Искандар фиристоданд.[226] Қатли Спитамен тавассути массагетҳо шикасти

Суғдро ифода намекард. Шахсони дигаре мисли Оксиарт ва Хормен пайдо шуданд, ки муқовимату муборизаи озодихоҳонаи суғдиёнро ба муқобили мақдуниён идома доданд. Се соли тӯлонӣ Искандар дар Осиёи Миёна ҷанғид, қалъаҳои "Сахраи Аримаз", Хориён, Сисимитроро дар Суғду Бохтар ба даст даровард ва оқибат охирин паноҳи оҳи онҳо – қалъаи Суғдро тасхир намуда, ба хотири эҳтиром ва ҳусни ния ба роҳбарони баландпояи Суғд бо духтари Оксиарт-Рухшона издивоҷ намуд [227].

Дар чунин як вазъияти нобасомон дар Осиёи Миёна ва ноҳамоҳангӣ дар артиши юнонию мақдунӣ Искандар табақаи ҳукмронро ба сӯи худ кашида, ба охирин лашкаркашии худ барои забт намудани Ҳиндустон иқдом намуд. Ҳуҷум соли 327 то милод сурат гирифт. Зимни ин ҳамла Искандари Мақдунӣ ба шоҳи Ҳинд Пору зарба зада, ба самти шарқии ин кишвар шитофт, вале дар назди рудхонаи Биас соли 326 пеш аз милод лашкари Искандар дигар ба фармонҳои ӯ гӯш накард. Ӯ маҷбур шуд бо қафо баргардад ва дар роҳ ба ҳамлаҳои аҳолии маҳаллӣ ва дигар мушкилиҳо рӯ ба рӯ шуда, худро дар ҳолати маҷрӯҳӣ ба Шуш расонад. Дар Осиёи Миёнаву Эрон аз набудани Искандар истифода бурда, сарварони сатрапҳо ба ғорат намудани мардум машғул шуданд, зеро ҳарчанд, ки сатрапҳоро эрониҳо идора мекарданд, умури моливу низомӣ дар дасти онҳо набуд. Умури молии сатрапҳоро шахсоне идора мекарданд, ки фақат ба сардори хазонаи Искандар итоат мекарданд. Сикка зарб намуданро низ юнониҳову мақдуниҳо ба дасти худ гирифта буданд ва ислоҳоте низ дар ин замина гузаронданд.

Баъди анҷоми лашкаркашиҳо дар назди Искандари Мақдунӣ масъалаи идораи империяи бузург, ки тақрибан тамоми қаламрави собиқ империяи ҳахоманишӣ, ба ҷуз баъзе сарзаминҳои дурдасти сакоиву массагетҳо ва Хоразм, ба ҳайъати он дохил мешуданд, ба миён омад. Искандар гӯё барномае дошта, ки тибқи он империяи тозае дар Байнаннаҳрайн созмон дода, шароити мусоиди омезиши фарҳангҳои Шарқу Ғарбро дар он ба роҳ монад. Барои ба амал бароварданӣ ин мақсад шаҳри Бобул, ки тӯли чандин солҳо дар чаҳорроҳи иқтисодию тиҷоратӣ байни Эрону Қафқоз, баҳри Миёназамину Халиҷи Форс, уқёнуси Ҳинду Атлас воқеъ буд, бояд пойтахт эълон мешуд.

Дар воқеъ, Искандари Мақдунӣ аз сарбозону сипоҳиёнаш бо тамоми ҷиддият даъват мекард, ки бо духтарони маҳаллии таҳти қаламравӣ хонадор шаванд. Тибқи маълумоти аснодҳои расмӣ тақрибан 10 ҳазор сипоҳиёни мақдунию юнонӣ ба духтарони эронӣ издивоҷ карда буданд. Худи Искандар ба духтари Дорои III Статир, духтари Артахишоёршоҳи III Парисатид ва духтари Оксиарт-Рухшона (Раксана) хонадор шуда буд. Ба ҷуз ин, бисьёр ҷавонони эрониро ба сафи артиш даъват намуда, ба онҳо бо усули анъанавии мақдуниву юнонӣ дарси ҳарбӣ ва таълимоти низомӣ мегузаронид. Баъди аз

сафари кишваркушоии Ҳинд баргаштанаш ҳамаи сарони сатрапҳое, ки мустақилият нишон дода, ба ғорати мардум машғул буданд, аз дастгоҳи идорӣ дур карда, афроди юнониро ба идораи сатрапҳо гузошт, вале табақаи аъёну ашрофи Эрону Осиёи Миёнаро ба идораи умури муҳимми давлатӣ роҳ дод. Ӯ баҳору тирамоҳи соли 334 то милодро дар Экбатан гузаронид ва аз шаҳрҳои юнонӣ талаб кард, ки ӯро худо эълон кунанд. Дастури дигари ӯ роҷеъ ба баргардонидани паноҳандагони сиёсӣ норизоятии юнониёнро ба вуҷуд овард. Ба ҳар ҳол, Искандар солҳои 324 - 323 то милодро барои таъмини бехатарии роҳи Бобулу Эрон сарф кард ва барномаҳои зиёде дошт, ки онҳоро амалӣ карда натавонист. Соли 323 то милод бемор шуд ва зуд даргузашт. Ӯро ҳамчун сиёсатмадори варзида ва шоҳи императории бузург дар толор барои видоъи сипоҳиён гузошта буданд.

Лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ ба Шарқ ва муваффақиятҳои ҳарбиву сиёсии нируи низомии мақдуниҳову юнониён як шӯхии таърих набуд. Ин ҳодисаи муҳимми таърихие буд, ки шояд раванди инкишофи таърих барои аввалин бархӯрди умдаи қавму миллатҳои мухталифи Шарқу Ғарб омода намуда буд. Зимни он созмони тавъам бо ғафлатҳои аз дохил футуррафтаи империяи ҳахоманишӣ ҷои худро ба императории Юнон дода, роҳеро боз намуд ва моделеро созмон дод, ки баъдтар тибқи он суқути императории дигари Ғарб—Рум сурат гирифта буд.

Вақте хабари марги Искандари Мақдунӣ ба Юнон расид, дар ҳама ҷо шӯриш ба муқобили Мақдуниён оғоз ёфт. Баъзеҳо дар Афина тоҷи гул бар сар ниҳода, суруди пирӯзиро замзама мекарданд. Баъди марги Искандари Мақдунӣ империяи ӯ бо якчанд давлатҳои аз ҷиҳати сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ гуногун ва қавму қабила ва халқияту миллатҳои мухталиф боқӣ монд. Ба ҳайъати ин империя Мақдуния, шаҳр-давлатҳо (полисҳо)-и қисмати Урупоии Юнон, шаҳр-давлатҳои соҳилҳои ғарбии он, шаҳрҳои соҳили ҷанубӣ ва ноҳияҳои марказӣ ва шимолу шарқии Юнон (финикиҳо, лувийҳиҳо ва ғайра), сарзамини Қафқоз ва халқияту миллатҳои ҳаволии он, Миср, Финикия, Сурия, Эрон, Осиёи Миёна ва қисмати шимолу ғарбии Ҳиндустон дохил мешуданд. Албатта баъзеи ин давлатҳо фақат расман ҳокимияти марказиро ба расмият мешинохтанд ва баъзеи дигарашон мустақилияти нисбӣ доштанд. Идора намудани чунин як империяи бузург бо ихтилофоти ҷолиби таваҷҷӯҳи вазъи иқтисодию иҷтимоӣ кори осоне набуд.

Бино ба маълумоти маъхазҳои таърихӣ пас аз марги Искандари Мақдунӣ Шӯрои сардорони мақдунӣ дар ш. Бобул Пердик (Perdicos)-ро ноибуссалтанаи бахши Осиёии императорӣ то ба дуньё омадани писари Рухшона, ки мебоист вориси императории падар гардад ва бародари нотании Искандар Филиппи Архидейро ба вазифаи ноибуссалтанаи бахши Европоии императорӣ баргузиданд. Артиши Искандар ва хазона зери

фармони Пердик боқӣ монд. Бисёре аз сипоҳиёни эронӣ, ки фарзандону бастагони начибзодагони эронӣ буда, ба тоати Искандар даромада буданд, аз ҷумла 30 ҳазор ҷавонони эронӣ, ки аз кӯдакӣ барои ҳизмат дар артиши Искандар истихдом шуда, омӯзиши низомӣ бо усули мақдуниро дида буданд, дар сафи артиш боқӣ монданд. Роҷеъ ба тақсимоти сатрапҳо ва сарзаминҳои мансуб ба онҳо низ таҷдиди назар ба амал омад. Ба ҷуз Миср дар дигар давлату ҳукуматҳои қаламрави империяи собиқ Искандари Мақдунӣ тағъирот дар мавриди тақсимоти муҷаддади сатрапҳо зиёд буданд. Масалан, Мери Бойс ва Франс Гренер ин тағъирот дар Эронро чунин тасвир намудаанд: «Ёрдамчии ҳарбии Искандари Мақдунӣ – Кратер соҳиби мулкҳои Юнон шуд, Миср ба Батлимус вогузор гардид. Юменс (муншии юнонии Искандар) Каппадокияро ба худ ихтисос дод. Мод, ки аз назари стратегӣ муҳимтарин сатрапнишинии эронӣ буд, ба ду тақсим шуд. Моди бузург, ки шомили Экбатана, Рого (=Рай) ва шоҳроҳи Хуросон буд, насиби Писуни Мақдунӣ гардид. Отрупот падари зани Пердик тавонист Моди кӯчак, яъне гӯшаи шимолу ғарбии фалоти ғарбии Эронро барои худ нигоҳ дорад. Вай тавфиқ ёфт, ки дар айёми пурошӯби баъдӣ қудрати худро ҳифз карда, ҳукумати хонадони худро бунёд гузорад. Сарзаминеро, ки юнониён ба исми ӯ Атрупатан мехонданд, ҳанӯз бо ҳамон исми эронӣ бо талаффузи арабии Озарбойҷон шинохта мешавад. Эронии дигаре Уксиёртус, падари Рухшона ба фармонравоии Порупомодидой дар шимолу шарқи дурафгода мансуб шуд. Фратофарна дар фармонравоии Портиё – Ҳерқониён ибқо шуд. Инҳо танҳо эрониёне буданд, ки маносиби умдаеро эҳроз карданд»[228].

Бо вуҷуди чунин тақсимот қудрати воқеъӣ дар дасти сардорони мақдунӣ буд, ки сарзаминҳои нави қаламрави империяи Искандари Мақдуниро ҳанӯз ҳангоми набард дар лашкаркашиҳо байни худ тақсим карда буданд. Бинобар ин бисьёр сатрапҳо ба фикри ҷудо шудан аз ҳокимияти марказӣ афтода, фаъолияти истиқлолталабӣ мебурданд. Кӯшишҳои баъзе сарлашкарони Искандар, аз ҷумла Пердик ҳамчун ноибуссалтана барои муттаҳид намудани империяи Искандари Мақдунӣ бенатиҷа монд. Ӯ ҳини муборизо бо сатрапҳои истиқлолталаби Антипатр, Антигон ва Птолемей тавассути яке аз сарбозонаш ба қатл расид. Фаъолияти сатрапҳо барои гаҳкими мавқеъияти худ оғози фурӯпошии империяи Искандар маҳсуб мешуд.

Баъди вафоти Пердик Маҷмаъи дуюми сарлашкарони Искандари Мақдунӣ дар ш.Трипарадизи Сурия ҷамъ омад. Дар он Антипатр ноибуссалтана таъин шуд. Ба сарвари сатрапи Фригия Антигон фармондеҳии қӯшунҳои мақдунӣ дар Осиё расид. Пифон фармондеҳи сатрапҳои улёӣ (асосан Эрон) ва Селевк соҳиби Бобулистон гардид. Вале баъди вафоти Антипатр дар соли 319 то милод байни сарлашкарону сарварони сатрапҳо боз барои гаҳкими мавқъияти худ муборизо сар шуд

ва ҳар яке орзуи мустақилиятро дар дил мепарвариданд. Дар натиҷа ҷанги «диадохой» (ҷанг барои ҷонишинӣ) дар империяи Искандари Мақдунӣ шурӯъ шуд. Сарзамини императории мазкур ба подшоҳии хурде тақсим шуда, таҳти фармондеҳии силсилаҳо ё худ сулолаҳое қарор гирифт, ки сардорони ӯ таъсис карда буданд. Подшоҳиҳое, ки баъди Искандар дар натиҷаи ҷанги «диадохой» ташкил ёфтанд, иборат буданд аз подшоҳиҳои Батлимусиён (323-283 то м.) , Селевкиён (311-280 то м) ва Мақдуниён, ки аз соли 276 то милод таҳти ҳукумати Антион амал мекарданд. Муаллифони «Дебочае бар ҷаҳони бостон» ҳамчунин қайд кардаанд, ки «каме баъд чанд подшоҳии кучактар бештар ба зарари подшоҳии Селевкиён дар канори ин подшоҳиҳои бузург шакл гирифт. Ин подшоҳиҳо иборат буданд аз подшоҳии Пергамен (Pergamum) ба фармонравоии Атолидес (Attolides) оғози қарни севвум, подшоҳии Балх, ки таҳти ҳукумати мустаъмарот ва муҳоҷирнишинҳои юнонӣ қарор гирифт; подшоҳии Макобиён (Maccabean), яҳудиён ва Порт, подшоҳии кучак таҳти фармондеҳии муҳоҷимони ҳиндуэронӣ. Порт сипас комилан нируманд шуд ва дар қарни дуюми қабл аз милод қудратро аз дасти Селевкиён дар Байнаннаҳрайн берун овард»[229].

Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки Селевк дар Байнаннаҳрайн мисли фонае дар байни давлати Осиёи Хурди Антигон ва Эрон қарор дошт ва Антигон наметавонист ба Эрон аз қисмати шарқии Фурот истида озодона ҳукумат намояд. Баъди марги Антигон ҳокимияти воқеъӣ дар Эрон ба дасти Селевкиён гузашт ва дар ҳамин замина подшоҳии худро созмон доданд. Ногуфта намонад, ки дар ҳамин асно даҳҳо ҳукуматҳои шаҳрӣ бо сатҳҳои гуногуни истиқлол ба вуҷуд омаданд ва чандин иттиҳодияҳову ҷомеъаи миллатҳо ташкил ёфта буданд.

Баъди тасхири шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён тавассути Искандари Мақдунӣ тамоми давлату ҳукуматҳои Шарқи Миёна бори аввал зери фармони як қавми бегона қарор гирифтанд. Ҳарчанд, ки бархурду муборизаҳо то ин дам байни Эрону Байнаннаҳрайн ва дигар давлату ҳукуматҳои Шарқи Миёна ва Наздик ҷой доштанд, онҳо дар доираи тақрибан яксони ҳаёти иқтисодиву ичтимоӣ сурат мегирифтанд, вале фарҳангу тамаддуни ҳамин шарқи деринасол, ки зимни густариши қабилаҳои ориёӣ аз доираи марзҳои худ таҷовуз намуда, ба мамолики Ғарб таъсири худро гузошта буд, дар ин бӯъди замонӣ бори аввал зери султаи як давлати ғарби дорои тамаддунии бегона даромад, ки шомили хусусиятҳои иқтисодиву ичтимоии мутафовит бо Шарқ буд. Шояд оғози тарзи истеҳсолоти Шарқиву Ғарбӣ аз ҳамин ҷо ибтидо гирифта бошад, вале ин масъала баҳси доманадорест, ки баррасии онро барои баъд мавқуф мегузорем.

Баъди марги Искандари Мақдунӣ империяи ӯ ба давлатҳои хурде тақсим шуданд, ки дар худ тамоми унсурҳои давлатдорӣ, идорӣ, иқтисодию

иҷтимоӣ ва фарҳангии Шарқу Ғарбро таҷассум намуда, бо номи давлатҳои ҳеллинӣ ё ҳеллинистӣ маълуму машҳур гардиданд ва тамаддуни онҳо низ тамаддуни ҳеллинистӣ номида мешуд. Давлатҳои Фракия, Мақдуния, шоҳии Пергамон, Вафиния, Каппадокия, Фригия, Бохтар ва Порт давлатҳои хеллинистӣ ба шумор мерафтанд. Яке аз чунин давлатҳо империяи Селевкиён буд ва ҳудуди он сарзамини Модҳо, Форсҳо, Байнаннаҳрайн, Осиёи Хурд, Порт, Бохтар, Суғд ва қисмати шимолии Сурияро дар бар мегирифт. Муассиси ин сулола Селевки I буд, ки насабашро ба худои юнонӣ Аполлон бурда мерасонд. Селевкиён фармонравоии худро соли 312 пеш аз милод шуруъ карданд, пойтахти аввалаи онҳо шаҳри Бобул буд, сипас онҳо пойтахташонро ба Селевкияи канори Даҷла интиқол доданд, ки муҳаққиқон онро андаке ҷанубтар аз шаҳри Бағдоди асрҳои миёна медонанд. Пойтахти охирини ин сулола Энтокия (ба номи Антиох) дар Сурия буд. Сарзамини Селевкиён васеътарин подшоҳии ҳеллинистӣ ба шумор мерафт. Бино ба паҳновар ва иборат аз қавму миллатҳои гуногун буданаш онро аз худи аввали ташкил шуданаш хатари фурӯпошӣ таҳдид мекард. Бинобар он Селевки I барои муттаҳид намудан ва тавсиа додани ҳудуди қаламравиаш пайваста бо Батлимусиҳои Миср дар набард буд ва писараш Антиохи I, ки вориси тахт ба шумор мерафт ва насаби модариаш ба Суғдиён мерасид (модараш духтари Спитамен-Арама буд), ҷонишини Селевки I дар Осиёи Миёна буд. Баъди вафоти Селевки I писараш Антиохи I ба тахт нишаст (293-280 то м) ва қабилаҳои келтии аз тариқи нимҷазираи Балкан ба Осиёи Хурд воридшударо пас ронда, писараш Селевки II-ро ҷонишини худ дар Шарқ таъин кард, вале дере нагузашта ба хотири суиқасд ба Шоҳ ба қатл расид. Антиохи II барои ба даст овардани Сурияи Ҷанубӣ аксари андозу молиётҳои аз қисмати Эрони Шарқӣ бадаст омадаро сарфи ҷанг бо Миср намуда, ба сатрапҳои Эрони Шарқӣ, махсусан Осиёи Миёна аҳамияти ҷиддӣ надод. Дар ин сатрапҳо торафт вазъ дигаргун мешуд, хавфи ҳуҷуми қабилаҳои кӯчманчӣ ба миён омад ва як силсила масоили иҷтимоиву иқтисодие пухта расида буданд, ки барои ҳалли онҳо дахолати ҳукумати марказӣ лозим ва зарурӣ буд. Дар натиҷаи ҳамин беаҳамиятии ҳокимияти марказии Селевкиён Бохтару Порт якчоя бо шаҳрҳои юнонии ҳаволии баҳри Сиёҳ аз ҳайати давлати Селевкиён ҷудо шуданд. Ба ҷуз ин чанд подшоҳии хурде низ дар ин миён ба зарари империяи Селевкиён арзи вуҷуд намуданд.

Бохтар бо кӯшиши ҳокими тавассути худи Селевкиён таъйиншуда ба муқобили Селевкиён шуриш бардошт ва мустақилияти худро эълон кард. Аҳолии маҳаллӣ ва ашрофони Бохтар, ки дар қисмати улёи рудхонаи Ому сукунат доштанд, сарвари худ Диодотро тарафдорӣ намуданд. Дар ин буҳди замонӣ як силсила воқеъаву ҳодисаҳои дорои ҷанбаҳои сиёсӣ байни давлатҳои Бохтар, Порт ва Селевкиён рух доданд, ки дар натиҷаи он Бохтар амнияти худро таъмин намуд. Аз қазо гуруҳе аз ҷанговарони юнонии Бохтар

шуриш бардошта Диодоти II-ро ба қатл расониданд ва Евтидем шоҳи давлати Юнонию Бохтарӣ эълон гардид.

(Атиохи III (223-187 то м) барои баргардондани Осиёи Миёна ва Порту Бохтар ба ҳайъати давлати Селевкиён кӯшишҳои зиёд намуда бошад ҳам, ҳуҷуму муҳосираҳои ӯ бесамар монданд ва Евтидем аз тариқи гуфтушунид бо Селевкиён ва гузоштани як силсила шароитҳо мустақилияти давлати Юнонию Бохтариро махфуз нигоҳ дошт) Бохтар бо пойтахташ Балхи асримиёнагӣ, Суғд, Ҳироти асрҳои миёна, Марғиён (Марв) ва ноҳияҳои он сарзамини асосии давлати юнонию бохтариро ташкил дод, ки то нимаи дуюми асри 2 пеш аз милод дар саҳнаи таърих арзи вуҷуд намуд.

Барои таҳкими давлати Селевкиён Антиохи III як қатор чорабиниҳои ҳарбию низомӣ анҷом дод, соли 200 пеш аз милод оқибат сарзамини Сурияи Ҷанубиро тасхир кард ва Фаластинро аз чанголи Миср кашида гирифт. Ӯ саргарми ин муваффақиятҳо шуда, фикри ишғол намудани Юнону Румро дар дил парварид. Вале ин иқдоми ӯ ба зарараш тамом шуд. Рум бо иттифоқчиёнаш соли 190 то милод ба Антиохи III зарбаи қатъӣ зада, сарзаминҳои ишғолкардаи Селевкиёнро байни худ тақсим намуданд. Антиохи IV ду маротиба ба Миср ҳуҷум кард ва Александрияро тасхир намуд, вале сафири Рум ба Миср омада, зуд аз хоки Миср берун рафтани уро тақозо намуд. Антиохи IV ба ҷуз ғӯш кардан ба ҳарфҳои намояндаи Рум чораи дигаре надошт. Ӯ баъдтар бо мақсади созмон додани системаи ягонаи сиёсӣ бо масъалаҳои эллинизатсияи кишвараш шурӯъ намуд. То фатҳи румиҳо императории Селевкиён дорои се қисмати асосӣ буд: «дар Ғарб Осиёи Хурд то садди Садиди ҷиболи Торус, дар марказ Сурияи шимолӣ, ки дар ҳукми қалби кишвари таҳти тасаллути ин хонадон буд, ҳамроҳ бо Киликия ва Байнаннаҳрайн, дар шарқ Бобулистон ва Эрон».

Иқдомҳои Атиохи IV барои муҷаддадан ба даст овардани Осиёи Миёна низ бенатиҷа монд. Давлатҳои тозабунёди соҳибихтиёри Форс, хусусан Портҳо имконият надоданд, ки орзуҳои Селевкиён ба амал бароварда шавад. Баъди вафоти Антиохи IV дар соли 164 то милод нируи дарёӣ ва филҳои ҷангии ӯ аз байн бурда шуд. Қаламрави шоҳаншоҳии Селевкиён зимни дасисаву низоҳои дохилии салтанатӣ бо суръати тамом таназзул кард ва соли 129 то милод Байнаннаҳрайнро Портиён тасхир карданд. Дар Сурия низ ҳокимияти Селевкиён нисбатан маҳдуд шуд ва оқибат румиён ин сулоларо комилан аз байн бурданд.

Дар миёнаҳои асри 3 пеш аз милод ноҳияҳои шимолу шарқи Эрон аз сиёсати таҷовузкоронаи Селевкиён ба танг омада, бо роҳбарии сатрапҳои юнонӣ Андагор дар Порт (кӯҳҳои Копедоғ ва водиҳои марбутаи ҷанубу шарқи Туркманистон ва шимолу шарқи Эрон) ва Диодот дар Бохтар (ҳудуди ҳозираи Афғонистон ва қисме аз соҳили рости Амударё) ба муқобили империяи Селевкиён шуриш бардоштанд ва ҳар ду ҳамчун давлатҳои

алоҳида истиқлоли худро эълон намуданд. Албатта Порту Бохтар ягона давлатҳое набуданд, ки муборизаи истиқлолталабона ба муқобили Селевкиён мебурданд. Дар натиҷаи сиёсати ҷангҷуёнаи Селевкиён дар Ғарб ва муборизаи доимии онҳо ба Мисру Сурия сатрапҳои Мод, Форс, Исфаҳон, Хузистон ва дигар сатрапҳои қаламрави империяи Селевкиён низ хоҳони озодиву истиқлол буданд. Вале ба ҳукми таърих танҳо ба ин ду сатрапи мазкур муяссар гардид, ки истиқлолашонро ба даст оварда, баъдан сулолаҳои худро бо ҳамин ном дар саҳнаи таърих созмон диҳанд ва дар таърихи халқҳои Осиёи Миёнаву Эрон нақши худро гузоранд.

Худуди солҳои 234-228 қабл аз милод Аршак ва Тиридат, ки пешвои қабилаҳои саҳрогарду чодарнишини Порт буданд, зимоми ҳукуматро аз дасти Андагор гирифта, шоҳии Портиёнро таъсис доданд. Дар қисмати Эрони Шарқӣ бошад Диодот сулолаи юнонию бохтариро бунёд гузорда буд. Аввалин шоҳи Порт Аршак буд ва бинобар он номи ин сулоларо Аршакиён номиданд, ки дар адабиёти таърихӣ бо номи Ашкониён маълуму машҳур аст. Аршакро муаррихи юнонӣ Юстин «шоҳи насабаш номаълум, вале хеле шуҷоъ...» тасвир кардааст. Ашкониён худро ворисони тоҷу тахти Ҳахоманишиён ё Форс медонанд. Бино ба ривояте Аршак ва Тиридат писарони Фрийапед (Phriapites)-и номӣ буданд, ки писари Ардашери II буд. Вале Форсҳо ба онҳо бо чашми бегона менигаристанд. Ба ҳар ҳол, Портҳо аввалин сулолаи эронӣ-тоҷикӣ баъд аз истилои Искандари Мақдунӣ ва давраи ҳеллинизм дар Осиёи Миёнаву Эрон мебошанд. Ба ҳамии иллат муҳаққиқон низ императории Портро як навъ таҷдиди ҳаёти муҷаддади императории собиқи Эрон ба қалам дода, зимнан қайд кардаанд, ки портиён тамоми қисмати шарқии сарзаминҳое, ки дар гузашта таҳти тасарруфи Доро буд, зери нуфузи худ даровардаанд.

Солҳои 230-227 пеш аз милод Селевки II бар зидди ҳар ду давлати тозабунёд, ки Селевкиён онҳоро «исёнгар» медонистанд, муборизаро огоз намуд. Дар ибтидо писару ҷонишинони Диодот дар муборизаи Селевкиён бо Порт тарафдори Селевкиён буданд ва ҳатто охирӣ бо Бохтариён сулҳ баст. Вале мавриди ҳамла қарор гирифтани Осиёи Хурд ба Селевки II имкон надод, ки муборизаи худро бо шоҳи Порт Тиридат ба сомон расонад. Тиридат мавқеъи сиёсии худро дар каламравиаш гаҳким намуда, барои ба роҳ мондани иқтисодиёти кишвар як силсила чораҳо андешид ва дар поёнии асри 2 пеш аз милод Портҳо тамоми Байнаннаҳрайн ва Осиёи Миёнаву Эронро ба тасарруфи худ даровардаанд.

Ашкониён ба таври куллӣ се пойтахт доштанд. Пойтахти асосии онҳо бо номи Саддарвоза (Ҳекотомпил) дар Портистон, Экбатан дар Мод ва Тайсафун дар канори поёноби рудхонаи Даҷла. Тиридат ҳамчунин бо номи Доро кохе дар наздикии кӯҳи Запаортен (Zapaortenum), ки ба ақидаи муҳаққиқон эҳтимолан дар ҳаволии Абиварди кунунӣ бошад, бино кард.

Вилл Дурант мўътақид аст, ки рӯ ба рӯи Тайсафун пойтахти қадимаи Селевкиён бо номи Селевкия қарор дошта, ки қарнҳо ба унвони як шаҳри юнонӣ дар кишвари Порт фаъолият доштааст. Ӯ пайваста қайд намуда, ки қисмате аз сарвати кишвари Порт аз бозаргонии роҳи рудхона ва қисмати дигараш аз корвонҳое, ки аз Портистон ба Осиё ва Ғарб мегузашт, ба даст меомад. Аз ин рӯ, Рум барои ба даст овардани ин роҳҳо аз соли 53 то милод сар карда то соли 217 пай дар пай ба Порт ҳуҷум намуд. Муҳаққиқи ёдшуда суханашро идома дода, аслу насаби Портҳоро тӯлонӣ медонад ва аз лиҳози нажодӣ ба мардуми ҷанубу шарқии Руссия ва Туркманистон мепайвандад, вале муаллифони «Дебочае бар ҷаҳони бостон» онҳоро бо номи қабилаи Парнӣ (Parni), қабилаи эскитӣ-эронӣ ёд намуда, Портҳоро фотеҳони Эрону Байнаннаҳрайн дар асрҳои 3-2 пеш аз милод ба қалам дода, зимнан иброз доштаанд, ки қувваи асосии Портиён аз саворанизоми нируманде иборат буда, ки аз ашрофони ашконӣ ташкил ёфтааст, вале нируи инсонии созмонёфта барои таҳкими ҳукумат ва умури давлатдорӣ ба таври кофӣ надошта ва, аз ин рӯ, баъзе сатрапҳояш дар атрофу акнофи қаламравиаш ба муқобили давлати марказӣ ошӯб ба роҳ мондааст [231].

Муҳаққиқи франсавӣ Калеман Ҳовер мўътақид аст, ки мардуми Порт аз сакоия ба Порт кӯч баста буданд. Аршак ҳамчун муассиси силсилаи Ашкониён соли 250 то милод ба кӯмаки қабилаи чодарнишини «Апарни», ки қабилае аз иттиҳодияи қабоили «дахой» (Da hae) буд, аз тоати Селевкиён сар печид ва озодӣ ба даст овард. Ситези байни Селевкиён ва Логинҳо (Lagids) ба бародараш Тиридат (Tiridat) фурсат дод то сарзамини Хиркония (Гургон) ва пойтахти он Задрокарта (Zadrocarta-Астаробод)-ро гирад. Таърихи фармонравоии Портиён аз 14 апрели соли 247 то милод шурӯъ шуда. Ниёпарастии Портиён Аршакро ба дараҷаи худой расонда, дар сиккаҳо низ тасвири бар тахти салтанатӣ нишастаи Аршак зарб шудааст [232]

Шояд дар ин ҷо қабл аз фаъолиятҳои сиёсии Ашкониён як иқтибоси бисёр ҷолиби Вилл Дурантро овардан ҷоиз ва айни муддао бошад, зеро аз он хонанда зимни шиносой бо хусусиятҳои фардӣ ва этникӣ, аҳволи иҷтимоӣ ва авзоъи сиёсии миллати Порт, як навъ арзёбии муҳаққиқро роҷеъ ба тақдири таърихӣ ва тамаддуни он ифода мекунад, ки таҳлили таърихи сиёсии Ашкониён дар зер онро тасдиқ менамояд. Ӯ менависанд: «Портҳо дар равишҳои ороиши шахсӣ маҳорат доштанд. Мардҳо аз риши пурҳалқа ва аз сибилҳои маввоҷи худ мувозибат мекарданд. Нимтанаву шалвори кӯтоҳ мепӯшиданд ва рӯи он лаббодаи баланде рӯи тан мекардаанд. Занҳо либоси қуллобдӯзии зариф ба тан мекарданд ва гесувонашонро ба гул меоростанд. Портҳо озод ба шикор мепардохтанд..., то метавонистанд савора мерафтанд. Ҷангҷуёни диловар ва душманони обрӯманде буданд, бо душманони хеш рафтори шоиста доштанд ва ба паноҳандагон паноҳ

медоданд... хиёнати завҷоти худро сахт муҷозот мекарданд. Рӯиҳамрафта Портҳо ин эҳсосро дар мо мегузоранд, ки дараҷаи тамаддунашон аз эрони давраи ҳахоманишӣ камтар будааст... танаввӯъи мазҳабро таҳаммул мекарданд ва ба юнониёну яҳудиёну масеҳиён иҷозат медоданд, ки одоби мазҳаби худро бе ҳеҷ маҳдудияте баргузор кунанд.. аз зардуштия мунҳариф шуда буданд ва Офтобу Меҳрро мепарастиданд, Меҳрро бар Аҳурамаздо тарҷеҳ медоданд»[233].

Баъди Тиридат писараш Артабони I (211-192 то м) ба густариши ҳудуди қаламравиаш пардохта, ба сарзамини Мод лашкар кашид ва Экбатанаро ба тасарруфи худ даровард, вале худаш дар ҳамин асно мавриди ҳамлаи Селевкиён қарор гирифт ва баъзе аз сарзаминҳои ишғолкардаашро аз даст дод. Аз байни шоҳони ашконӣ фақат ба Меҳрдоди I (Митридати I-171-138 то м) муяссар шуд, ки бо тадбиру заковати шоҳона ва қудрат ҳамаи ноҳияҳои шарқию ғарбӣ (Мавр, Илом, Форс, Бобул, Шуш)-ро байни солҳои 160-140 то милод ба тасарруфи худ даровардa, шоҳаншоҳии собиқи ҳахоманиширо таҷдид намояд. Ба ҳайъати давлати Порт Марв, Ҳирот, Порс, Мод, Илом, Бобул, Байнаннаҳрайн, Фаластин ва қисмате аз Осиёи Хурд дохил мешуд. Саид Муртазо Рованди қаламрави давлат ё худ империяи Портро « аз Фурот то Ҳирот» ба қалам дода, ҳамчунин қайд намудааст, ки «дар ташкили шоҳаншоҳи Порт Меҳрдоди I нақши Курушро ифо карда ва Меҳрдоди II нақши Дориюшро. Подшоҳи нахустин шоҳаншоҳии мазбурро мутасаррифоти арзӣ ташкил дод ва подшоҳи охир онро тасбит кард ва интизом бахшид»[234].

Ин арзёбии муҳаққиқи эронӣ ба он далолат мекунад, ки Меҳрдоди I баъди густариши сарзамини худ ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишварашро ба роҳ монда, робитаву тамосҳояшро бо кишварҳои Шарқу Ғарб (Чину Рум) барқарор намуда, азамати давлатиро таъмин ва аҳамияти кишварашро баланд бардоштааст ва ба худ унвони «шоҳаншоҳӣ»-ро касб намудааст. Селевкиён беҳуда саъй карданд ва чандин бор ба муқобили давлати Порт лашкар кашида, хостанд, ки сарзаминҳои аз даст рафтаи худро аз дасти Меҳрдод кашида бигиранд. Ҳамаи ин муборизаҳо самаре ба бор наовард. Меҳрдоди I дар яке аз ҳамлаҳои Селевкиён шоҳи онҳо Деметрийи II-ро асир гирифта ба зиндони Гиркон (Гургон) андохт, писар ва вориси Меҳрдоди I Фарҳоди II (Фраати II) соли 129 пеш аз милод ба Антиохи VII зарба зада, мавқеъи марзӣ ва сиёсии худро боз ҳам мустаҳкамтар намуд. Вақте ӯ ба саркӯбии шуриши сакоиёне, ки ба ёрии худ талабида буд, бархост, дастае аз зиндониёни юнонӣ ба шуришчиён пайваст ва Фарҳод аз онҳо шикаст хӯрд ва худаш кушта шуд.

Дар Шарқ Кушониён, ки бо омезиш ва иттиҳоди суғдиён, бохтариҳо, аронҳо, дрангианҳо, арахосиҳо мусоидат намуда буданд ва бо сакоиҳо ва умуман қабилаҳои кӯчманчии эронинажоди Осиёи Марказӣ робитаи наздик

доштаанд, ба давлати Порт таҳдид мекарданд. Онҳо аз нимаи авали асри милодӣ сар карда, таҳти роҳбарии султони худ мақому манзалати муҳимме касб намуданд ва пас аз муваффақиятҳои муқаддамотӣ сарзаминҳои ҳосилхези Балх ва ноҳияҳои Кобулро ишғол карданд. Баъдтар аз заъфи Портиён истифода бурда, Кушониён дар замони Канишка (128-151) Хироту Сиистон, Бохтар ва Осиёи Миёна (Суғд, Хоразм ва Чоч)-ро ба тасарруфи худ даровардaнд. Дар ин муборизаҳо, ки дар аҳди Фарҳоди II ва Артабони I ба вуқуъ пайваст, Портҳо ба Кушониён муқобилати сахт нишон дода патавонистанд. Танҳо Меҳрдоди II (123-88 то м) тавонист пеши роҳи онҳоро гирад. Сипас кишваркушоии Кушониён ба самти Ҳинд идома ёфт ва саросари Ҳиндустони Ғарбӣ ба тасарруфи онҳо даромад. Баъди ба даст гирифтани заминҳои ҳосилхези Ҳинд Кушониён аз таҳдид ба сарзамини Ашкониён худдорӣ намуданд.

Ба ҳамин масъала Саид Муртазо Равандӣ дахл намуда, аз ҷумла чунин пигоштааст: «Он чи мусаллам аст, кишвари Кушониҳо монанди манотиқи Портиён арзиши транзитӣ дошта, зимомдорони кишвари мазбур алорағми ҳукумати Порт колоҳои тиҷоратии Шарқу Ғарбро аз ҷоддаҳои худ убур медоданд. Бояд донист, ки дар ин айём бозаргонон бо истифода аз баҳои мавсимӣ хадамоти ҳамлу нақли муҳимме байни баҳри Аҳмару Ҳинд барқарор карда буданд... Кушониҳо аз оғози қарни дуюм се қитъаи умдае аз ҷоддаи абрешимро ба дасти худ гирифта буданд: аввал ҷоддаи байни ду дарё, дуюм ҷоддае, ки аз роҳи Марв ба сӯи шаҳри Саддарвоза ба Экбатан мерафт ва баъди убур аз Фурот ба банодири шаҳри Рум мерасид ва сеюм роҳи байни баҳрҳои Ҳинду Аҳмар. Ҳамин роҳҳои транзитии Кушониён хатари бузурге барои Эрон буд ва ҳар вақт метавонист ба банд кардани роҳи тиҷоратӣ вазъи иқтисодиву тиҷоратии Эронро мутазалзил созад. Ба ҳамин муносибат дар давраи қудраташ Шопури I бо фатҳи давлати Кушониён ба ин хатар хотима дод»[235].

Меҳрдоди II аввал муддаиёни тоҷу тахтро, ки монеъае барои фаъолиятҳои ӯ шуданд, аз сари роҳи худ дур сохт, сипас марзҳои давлати худро таҳким намуда, амниятро дар қисмати шарқии он барқарор сохт ва ба ноҳии Порт бисёр сарзаминҳо, аз ҷумла Арманистонро дар Шарқ ҳамроҳ намуд. Агар ба муносибати Портҳо бо Арманистон ва умуман Қафқоз назар андозем, ба хубӣ мушоҳида мегардад, ки ин ноҳия ҳануз аз асри 5 пеш аз милод сатрапи Эрон ба шумор мерафт. Сипас Арманистон зери ҳукмронии Селевкиён даромад ва оқибат таҳти нуфузи Ашкониён қарор гирифт. Тиграни бузург Каппадокияро қабл аз ба саҳнаи таъриҳ арзи вуҷуд намудани Ашкониён тасхир карда, пойтахти худро ба Тиграносатра кучонида буд. Ҳангоми шӯриши Меҳрдод ба муқобили Рум Арманистон ҳамчун сатрапи Портҳо охириро тарафдорӣ намуд, вале дар замони ҳукмронии Қайсар (Сезар), Августин ва Нерон Арманистон пирузии Румро

ба расмият шинохт ва яке аз сарзаминҳои фатҳкардаи Рум ба шумор мерафт. Фарҳангаш эронӣ буд ва тамоюли зиёд ба Портҳо нишон медод. Ҳамин хел давлатҳо дар дохили Эрон давлати Мод, Форс, Бохтар, Маргиён, Қушониён ва ғайра буданд, ки инҳо низ бо гузашти замон барои касби қудрат бо Ашкониён муборизa бурда, ҳаққи обу гил дар сарзаминашон карда буданд.

Дар Ғарб Меҳрдоди II Сурия, Фаластин ва як қисми Осиёи Хурдро таҳти нуфузи худ қарор дода, баъди 40 соли салтанат вафот кард. Баъди у дар саҳнаи таърих кашмакашӣ ва ҷангу ситезҳои зиёде дар қаламрави Ашкониён ба вуҷуд пайваст ва боиси заъфи ҳукумати Порт гардид. Хусусан ҷангҳои мунтазами байни ашкониёну румиҳо дар нимаи дуюми асри I то милод давлати Портро абгор карда буд. Румиҳо ҳамчун душманони сарсахти Ашкониён борҳо барои ба даст даровардани Байнаннаҳрайн ба давлати Порт ҳуҷум карданд. Дар воқеъ, ҳанӯз Меҳрдоди II соли 92 пеш аз милод сафирони худро ба Сулла фиристода, аввалин иртиботро бо Рум барқарор карда буд. Вале ин робита барои барқарор намудани муносибати ҳасана байни ин ду давлати бостонӣ мусоидат накард. Ҷангу ситез барои касби қудрати байни Ашкониёну Рум се қарн давом кард. Бино ба маълумоти муаллифони «Таърихи Шарқ» Портҳо монеъи асосии ба Шарқ интишор ёфтани нуфузи румиҳо буд. Аз ин рӯ, дар давоми ин буҳъди тӯлонии замонӣ дар ҷангу муҳорибаҳои тарафайн гоҳ яке ва гоҳ дигаре ғолиб омада, асирони занҷирбандшудаи Портҳо баъди ҳар набард аз кӯчаҳои фарохи Рум гузашта, равони зиндон мешуданд ва, баръакс, ҳазорҳо асирони румӣ азоби нофарҷоми зиндонҳои давлати Портро мекашиданд [236]. Имзои шартномаи сулҳи тарафайн, ки мувофиқи он Фурот сарҳади байни ин ду давлат шинохта шуда буд, фақат тадбири муваққатие гардид, ки тарафҳо дар ин фосила нафаси тоза ба худ гирифта, аз сари нав бо якдигар ба набард пардозанд.

Солҳои 53 ва 36 пеш аз милод Румиҳо дар набард бо Ашкониён ба шикасти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуданд. Дар яке аз чунин ҳамлаҳои Румиён Фарҳоди IV ғолиб омада, амали дипломатиеро анҷом дод, ки он ба халқу миллати Рум таассуроти амиқе ба ҷой гузошт. Фарҳоди IV баъди ғалаба ҳамаи асирони ҳарбиро бо як ҳусни ният ба Рум баргардонд. Баъди чунин ҳодиса 100 сол румиҳою портҳо дар майдони ҷанг ба ҳам рӯ ба рӯ нашуданд.

Дар давраи ҳукмронии Билоши I (Вологези) 1 баъзе дигаргуниҳо дар соҳаи ободонӣ ва дину фарҳанг рух дод. Дар аҳди император Троян бошад румиҳо аз кашмакашиҳои дарборӣ ва суст шудани иқтидори Портҳо истифода бурда, Арманистон ва Байнаннаҳрайнро ба худ тобеъ намуданд, пойтахти Порт шаҳри Тайсафунро тороҷ карданд. Вале сиёсати нодурусти румиҳо, махсусан хироҷу андозҳои вазнин ва маҳдуд намудани истиқлоли шаҳрҳо мардуми маҳаллиро ба муқобили онҳо шӯронид. Аз ин вазъият истифода бурда, Ашкониён аз ҷиҳати низомӣ мардуми Байнаннаҳрайнро

дастгирӣ намуданд ва якҷоя бо шӯришиён румиҳоро аз он ҷо рондаанд. Бо ин, албатта, муборизаи бо румиён ба поён нарасид. Баъдтар онҳо чандин бор ба хоки Ашкониён зада даромаданд. Дар замони императории Марк Аврелий соли 164 румиҳо муҷаддадан ба Байнаннаҳрайн ҳуҷум карда, шаҳри Селевкияро ба хок яксон карданд, Тайсафун боз мавриди ҳадафи румиҳо қарор гирифт. Дар ҷангҳои баъдӣ бо Портҳо румиён хазонаи шоҳии Ашкониёнро ба даст даровардаанд ва сипоҳиёни зиёдеро асир гирифта бо худ бурданд.

Қувваҳои марказгурези дохилӣ аз вазъи нобасомони Ашкониён ва бӯҳрони сиёсии онҳо истифода бурда, мехостанд ҳарчи зудтар дар саҳнаи таърих ҷилванамой ва даъвои истиқлолу салтанат кунанд. Яке аз чунин қувваҳо ҳокимони Форс буданд, ки собиқан низ дар замони Билоши V борҳо даъвои мухторият карда буданд. Шоҳи Форс Ардашери Бобакон бо ҳамин мақсад ба муқобили Ашкониён бархоста, шаҳрҳои Исфаҳон, Кирмон ва дигар ноҳияҳои атрофро ба тасарруфи худ даровард. Охирин шоҳи Ашкониён Артабони V, ки Байнаннаҳрайнро муҷаддадан аз дасти румиҳо гирифта буд, маҷбур шуд ба муқобили Ардашери Бобакон муборизо барад ва дар ҷанг тавассути асосгузори дудмони сосонӣ Ардашери Бобакон кушта шуд. Бо ҳамин сулолаи Ашкониён аз саҳнаи таърих нопадид гардид.

Истахр тақрибан дар панҷкилометрии Тахти Ҷамшед, дар сари роҳи Пасаргат қарор гирифта, яке аз марказҳои фарҳангии сарзамини Форс маҳсуб мешуд. Дар аҳди Ашкониён, ки баъди истилои Искандар дар давраи ҳеллинизм арзи вуҷуд намуд, ҳанӯз дини зардуштӣ дар қаламрави Порт пурра интишор наёфта буд ва ба ин иллат мардум тибқи суннати дерини худ таслиси Меҳр- Ноҳид-Баҳромро, ки дараҷаи муайяни таҳаввули дини маздоии куҳанро ифода мекард, парастиш мекарданд. Сосон як наҷибзодаи руҳонии Форс ё худ муғе буда, ки дар ҳамин маъбади «Ноҳид»-и шаҳри Истахр мақому манзалати хосе доштааст. Ҳамсари Сосон духтари яке аз хонадони бонуфузи шоҳони маҳаллӣ буд. Бобак-писари Сосон-яке аз шоҳони маҳаллии Ҳир буд, ки дар канори дарёчаи Бахтагон, дар сари роҳи Суристон ба Найрез қарор дошт. Вай аз Гучиҳершоҳ барои писараш Ардашер маркази фармондеҳии қалъаи Доробгардро дархост намуд ва аз ин нас «тулӯъи ситораи иқболи хонадони Бобак оғоз гардид». Бино ба маълумоти муҳаққиқон Ардашер хаёли бунёди муҷаддади шоҳаншоҳии Ҳахоманишиёнро дар дил парварид. Иқдомоти Ардашер ҳануз, дар замони дар ҳаёт будани падараш шурӯъ гардид. Ӯ Гучиҳершоҳро ба ҳалоқат расонда, худро шоҳ эълон намуд. Бобак пас аз мавқеъи сиёсиро касб намудани писараш аз шоҳаншоҳи Ашкониён Ардвони V тақозо намуд, ки писарашро ба ҷонишинии вай бипазирад. Ардвони V аз эътрофи силсилаи нави тозабунёд ибо карда, талаби мазкурро рад кард. Вале баъди марги Бобак писари бузурги ӯ Шопур ба тахти салтанатӣ нишаст. Шопур бар

асари як тасодуф—ба сараш фуруд омадани тоқи маликаи Ҳумо (Huma) ба ҳалокат расид ва Ардашер билофосила ба густариши нуфузи худ пардохт. Билошро дар Кирмон шикаст дода, Сузияна (Шуш) , Исфаҳорн, Майистон ва Уммонро тасхир кард. Ардвони V барои ҳифзи якпорчагии давлаташ ба муқобили Ардашер ҷанг эълон кард ва дар наздикии Ҳурмузгон соли 224 дар ҳаволии Шуш аз Ардашер шикаст хӯрд ва дар ҷанг кушта шуд. Баъди ду сол пойтахти Ашкониён Тайсафун ба тасарруфи Ардашер даромад. Бо овардани чунин маълумот Калеман Ховер ба кандаккории сахраи «Нақши Рустам» ишора карда, аз ҷумла навиштааст, ки дар ин нуқуш шоҳ савор бар асп аз Аҳаромаздо, ки ӯ низ дар асп нишастааст, ҳалқаи бузургеро, ки намоди подшоҳӣ буд, мегирад, дар ҳоле, ки Билош ва Ардвон дар зери поҳои асп дарафтодаанд [237].

Баъди дар ҷанг бо Ашкониён кушта шудани Ардвони V, Ардашер ҳамчун асосгузори силсилаи сосонӣ тибқи суннати дерини насаби сулолавӣ аввал бо духтари Ардвони V издивоҷ кард, сипас дар ҳамон маъбади «Ноҳид»-и шаҳри Истахр маросими тоҷгузориро соли 227 ботантана анҷом дод. Идораи давлати шоҳаншоҳӣ ба дасти подшоҳи нави сулолаи ҷадид даромад. Ӯ қудрати худро ба худоён мансуб медонист, худро ноиби худоён дар замин ва манзалаташонро дар фармонҳои содира таҷассумёфта мепиндошт. Аз ин рӯ, Ардашер ҳам роҳбарии олии дину давлат, ҳам довари олии илоҳӣ (додгоҳӣ) ба шумор мерафт ва мардум ӯро шоҳи ориёиҳо ва ғайриориёиҳо (Эрону Нерон ё худ Анерон) меномиданд. Ардашер ба ҷои ҳокимияти футуррафтаи Ашкониён бо созмон додани як ташкилоти идории мутаҳаддиму паҳноваре қудрати салтанати худро таҳвият дод. Ӯ дар ним аср ҳамаи душманону мухолифон, аз ҷумла рақибони румӣ ва кушонии худро, ки ба Ашкониён кӯмак мекарданд, мағлуб сохт ва зимни тавсиаи қаламрави худ нуфузашро аз Фурот то Марву Ҳироту Сиистон вусъат дод. Барои намоиши қудрати худ бо Рум ҷангида шаҳрҳои Раҳо ва Насибийинро дар Ғарб тасхир кард. Ҳамин тавр баъди зиёда аз 5 аср аз саҳнаи таърих нопадид шудани аввалин империяи бузурги Ҳахоманишӣ дар Шарқи бостон, шоҳаншоҳии наве арзи вуҷуд намуд, ки худро вориси ҳақиқии Ҳахоманишиён медонист ва аз ҷиҳати қудрату ниру ҳамояи вориси собиқи худ набошад ҳам, мисли онҳо ихтиёроту истиқлолоти феодалҳои маҳаллӣ ва ашрофони қаламравиашро маҳдуд намуда, давлати мутамарказеро созмон дод, ки тавонист ба муқобили нируи азими ташаккулёфта дар Ғарб—Румиҳо, ки солиёни тӯлонӣ барои интишори нуфузашон дар Шарқ бо Ашкониён дар набард буданд, истодагарӣ ва муқовимат карда, ҳукми равои худро дар сиёсати ҷаҳони бостон эълон намояд.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ писари Ардашери Бобакон Шопури I (246-272), ки ҳануз дар замони зиндагии падараш вориси тахт эълон шуда, ҳамвора хислатҳои падарашро низ ба ирс гирифта буд;

иқдомоти падарро ҷиҳати тамаркузи қудрату давлат идома дода, барои низом бахшидан ба артиш ва беҳбудии созмони идории шоҳаншоҳӣ як силсила чорабиниҳои ҷиддӣ андешид. Ӯ ин масоилро ҳаётӣ ва ҳалли онҳоро тақозои авзоъи сиёсӣ дар он бӯъди замонӣ мешуморид, «зеро шоҳаншоҳии Кушон дар Шарқ, мушкилиҳои Арманистон, таҳдиду фишори бадавиён дар маобири Қафқоз ва қудрати Румиён дар Ғарб Шопурро маҷбур месохт,ки ҳамеша омодаи набард бошад»[238].

Баъди ба амал баровардани чорабиниҳои андешидашуда Шопури I муборизаро бо Ғарб шуруъ намуда, Сурия, Энтокия ва Раҳоро тасхир намуд. Пирӯзии Шопур дар соли 260 ба муқобили Румиён дар задухӯрди рухдода дар шаҳри Эдесса дурустии сиёсати Шопур роҷеъ ба ислоҳоти гузаронидашуда дар артиш ва ба роҳ мондани идораи қӯшунро пайваста ба ҳамбастагию ҳамоҳангии созмонҳои идории шоҳаншоҳӣ нишон дод. Системаи давлатдории Сосониён, қудрати бузурги шоҳ, мураккабии дастгоҳи давлатӣ, вобастагӣ ба анъанаҳои дерини мардум, шабакаи иртибот ва ғайра замону шабоҳатҳои шоҳони ҳахоманиширо нисбат ба зимомдорони ҳукумати ашконӣ бештар ба ёд меоварад.

Бино ба маълумоти муаррихон бузурггарин пирӯзии Шопури I дар замони салтанаташ шикаст ва дастгир намудани императори Рум Валериан дар шаҳри Эдесса буд. 70 ҳазор асирон-легионерҳои румӣ бо фармондорони шаҳр, сенаторҳо ва ашрофони бузурги Рум ба шаҳри Ҷанди Шопур, ки шоҳ ӯро ба тозагӣ дар Сузияна (вилояти Шуш) дар маҳалли Бет-Ланат (Beth-Lanat)-и бостонӣ миёни Шуштар ва Дезфул бино карда буд, фиристода шуд. «Шопури I онҳоро ба сохтани садди сангини азиме, ки ҳадаф аз бинои он нигоҳ доштани оби мавриди ниёзи кишт‌зорҳо ва боло бурдани сатҳи оби Корун буд, водошт»[239]. Қаблан низ ҳодисаи асир афтодани сарлашкарону сипоҳиёни румӣ зимни муборизa бо Гордиани III мушоҳида гардида, ки он бо имзои сулҳи тарафайн ва вогузории Байнаннаҳрайну Арманистон ба ихтиёри Эрон хотима ёфта буд. Муборизаҳои Шопур дар Шарқ солҳои 245-249 муваффақиятомез анҷом гирифт. Ӯ давлати Кушониёнро ба зону дароварда, онро ба худ тобеъ намуд ва шаҳрҳои Балх, Самарқанд, Тошкандро то дараи Синд забт кард.

Фаъолиятҳои иқтисодиву иҷтимоии Шопури I муфид ва назаррас буданд. Хусусан корҳои шаҳрсозӣ, ободонӣ, таъсиси шабакаҳои обёрӣ ба роҳ монда шуд. «Банди Қайсар» дар наздикии шаҳри Шуштар дар соҳили руди Корун, ки имрӯз ҳам нишонаҳои он боқист, барои обёрии ин шаҳри бостонӣ сохта шуда буд. Ин садд аз қатаоти санги хоро сохта шуда, зимни сохтани таҳи он гӯё масири об муваққатан иваз ва асоси он сангфарш гардида, даричаҳо барои танзими об гузошта шуда буданд. Шаҳри бузурге бо номи Шопур дар наздикии Козируни Форс ва шаҳри Ҷанди Шопур сохта шуд, ки он «аз марказҳои муҳимми улуму фунуни Эрон дар он давра будааст,

бемористони бузурги ин шаҳр ва пизишкони олиқадре, ки дар он кор мекарданд, шуҳрати ҷаҳонӣ доштанд»[240].

Шопури I соли 272 вафот кард. Баъди ӯ Ҳурмузи I, Баҳроми I, Баҳроми II, Баҳроми III муддати кӯтоҳе зимоми ҳукуматро дар қаламрави Сосониён ба даст гирифтанд. Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ дар ин муддат беҳ нашуд. Баъзе иёлотҳои қаламрави сосонӣ аз даст рафтанд ва қувваҳои марказгурез дар музофотҳо арзи вуҷуд намуданд. Дар замони солтанати писари Шопур— Нарсай баъзе пирӯзиҳо ба назар мерасид, вале румиҳо ӯро дар Арманистон шикаст доданд ва хонаводаашро ба асорат гирифтанд. Баъди ӯ соли 310 Ҳурмузи II муддати 9 сол ҳукмронӣ намуд ва аз ӯ писаре ба дунё омад, ки баъдан бо номи Шопури II маълуму машҳур гардид. Ӯ тоҷи шоҳиро ҳануз дар шиками модар буданаш гирифта буд. Аз кӯдакӣ барои ҷанг тарбият шуд, иродаи худро қавӣ сохт ва дар 16-солагӣ зимоми ҳукуматро ба даст гирифт.

То ба синни балоғат расидани Шопури II бузургони шоҳаншоҳии Сосониён бо беназмиву бесомонӣ ҳокимиятро идора намуданд. Дар ин муддат чанд вилоят дар соҳили рости Даҷла, Байнаннаҳрайн ва Арманистону Гурҷистон аз даст рафт. Шопури II (309-379) сарварии майдони набардро ба дасти худ гирифта, ба Арабистони Шарқӣ ҳамла кард, бо Рум ҷангро оғоз намуд ва дар тӯли 70 соли ҳукмрониаш оташи ин ҷанг бо Румиён хомӯш нагардид. Воқеаи муҳимме, ки дар замони ҳукмронии Шопури II рух дод, таҳъири оини императории Византия ба масеҳият буд. Масеҳиёне, ки дар қаламрави императории сосонӣ мезистанд, аз оини расмии давлатӣ эълон шудани дини зардуштӣ ба ҳарос омада, ба беруни марзҳои Эрон чашм медӯхтанд ва, баъакс, онҳое, ки аз тарафи калисои ортодокс муртад эълон мешуданд, ба каламрави императории сосонӣ паноҳ бурда, фаъолияташонро идома медоданд. Вақте аксари аҳолии Арманистон ба масеҳият гароид, таъқиби масеҳиён дар қаламрави империяи сосонӣ бештар ҷанбаи сиёсӣ ба худ касб кард. Бо ворид шудани настуриён ба Эрон интишори оини масеҳӣ дар Осиё оғоз ёфт. Дар чунин вазъият Шопури II Арманистонро ба тасарруфи худ даровард, вале нуфузашро дар он ҷо таҳким карда натавонист. Каме баъдтар дар набарди шадид бо императори Рум Юлиан ноҳияҳои румии соҳили Даҷла ва тамоми Арманистонро муҷаддадан зада гирифт. Вале бо тасхири Арманистон мушкилии он ҳал нашуд. Он танҳо дар замони Шопури III ва Баҳроми IV ҳал гардид.

Шопури II дар дохили қаламрави шоҳаншоҳиаш низ қувваҳои ҷудоиандоз ва марказгурезро сахт саркӯб намуда, ҳамзамон «охири солҳои 360 аввали 370 муҷаддадан ба Шарқ лашкар кашида, то ба Тирмиз ҳамаи сарзаминҳоро тасхир карда, давлати Кушониёнро пурра барҳам дод. Соли 387 байни Рим ва Эрон муоҳидаи нав баста шуд, ки дар натиҷа Арманистони

Ғарбӣ ва Гурҷистони Ғарбӣ (Лазика) бо империяи Рим, қисми зиёди Арманистон (Персармения), Гурҷистони Шарқӣ (Карғли) ва Албанияи Кавказ ба ихтиёри Сосониён гузашт»[241]. Баъди марги Шопури II феодалону ашрофони маҳаллӣ аз ошуфтагии вазъи бавуҷудомада бори дигар истифода бурда, хостанд, ки қудрати пештараи худро дар қаламрави шоҳаншоҳии Сосониён эҳё намоянд. Дар ин масъала руҳониён пешгом буданд ва ба максадашон то андозае муваффақ шуданд. «Онҳо (яъне руҳониён-Ҳ.М.) дар аслу насаби салотин ва идораи умури шоҳаншоҳӣ ба наҳви муассир мудохила карданд. Чунончӣ, пас аз марги Шопури II бародари нотании 70-солаи ӯро, ки Ардашери II ном дошт ба тахти салтанат нишонданд, вале пас аз 4 сол чун ӯро муҷрии ниёзи худ надиданд, аз салтанат халъ ва дар соли 383 милоди Шопури III -фарзанди Шопури II-ро ба курсии шоҳи нишонданд... Баҳроми V масеҳиятро озод гузошт... баъд зери фишори руҳониёни зардуштӣ тағъири сиёсат ба масеҳиён кард»[242].

Дар ҳақиқат, подшоҳони сосонӣ муғонро дар канори худ нишонда, барои манфиати худ аз онҳо пуштибонӣ мекарданд ва ба ивазаш худашон мавриди ҳимояву ситоиши руҳониён қарор мегирифтанд. Ҳамин хел, муғону мубадон ба Хусрави I, ки Маздакро кушта буд, Анӯшервони Одил ном доданд, Баҳроми I-ро, ки Мониро пӯст канда буд, подшоҳи ҳалиму кордон унвон карданд ва, баръакс, Яздигурди I-ро, ки ба фаъолияти нисбатан озодонаи исавиён роҳ дода буд, подшоҳи «базеҳкор» (бепарво) номиданд. Дар воқеъ, Ардашери Бобакон дар оғози ба тахт нишастанаш уламои дин ва таблиғкунандагони аҳкоми мазҳабиро бо фармони махсус зери ҳимояи худ гирифт ва дар шаклу намудҳои гуногун ба онҳо молу мулки зиёдеро ҳадя намуд. Дар натиҷаи чунин рафтори шоҳони сосонӣ қудрати руҳониёни зардуштӣ ба дараҷае расид, ки онҳо ба сари султонони силсилаи сосонӣ тоҷ мегузоштанд ва агар рафтори шоҳ мувофиқи таъбу солиқаи онҳо набошад, ӯро аз тахт гирифта ба замин мезаданд. Баъди марги Шопури II муғону мубадон баъди шоҳ дар давлат аз ҷиҳати мақому манзалат ҷои дуюмро ишғол мекарданд, ки инро дар мисоли мубадони сахтгире монанди Картир, Тансар, Беҳнак, Озодшод ва дигарон мушоҳида намудан мумкин аст.

Яздигурди I (389-421) ба Рум сиёсати нисбатан мусолиматомезро интихоб кард, таъсири руҳониёнро то андозае суст намуд. Дар давоми салтанати ӯ як қатор шӯришҳои халқӣ ба вуҷуд омаданд. Баъди марги ӯ дар натиҷаи муборизаи шадиди дарборӣ Баҳроми V (420-438) ба тахти салтанат нишаст. Баъди ӯ Яздигурди II (438-457) хост, ки оини зардуштиро ба масеҳиён таҳмил кунад, вале дар ба амал баровардани ин орзуяш ноком монд. Дар ҳамин давра Ҳайтолиён (юнониаш Эфталитҳо) арзи вуҷуд намуданд ва ба сарзамини Бохтар тохта, Ҷайҳуну Сайҳунро тасарруф намуданд. Ба муқобили онҳо ҳануз Баҳроми V мулаққаб ба Баҳроми Гур бомуваффақият муборизе бурда, онҳоро шикаст дода буд, вале Ҳайтолиёни

ҷангҷӯ ва ин гишорёфта дар атрофу акнофи қисмати шарқии Эрон давлати мустақили худро ташкил намуданд, ки марзҳои он аз баҳри Хазар то руди Синд имтидод дошт. Пойтахти ин императорӣ Гургон ва шаҳри бузургаш Балх буд. Онҳо Фирӯзи сосониро шикаст дода, ҷонишини ӯ Билошро (484-488) маҷбур ба хироҷдиҳӣ намуданд. Баъди ӯ писараш Фирӯз (459-483) бо мукшилиҳои зиёд рӯ ба рӯ шуд ва қаҳтию беобӣ, мушоҷироти мазҳабӣ ба вазъи иқтисодии мамлакат мушкилиҳои зиёдеро ба вуҷуд овард.

Шоҳ Қубод (488-531) ҳокимиятро ба даст гирифта, ба фикри озод шудан аз ҳарҷу марҷи бавуҷудомада дар дохили қаламрави императорӣ ва заиф намудани мавқеъи ашрофону руҳониён неҳзати Маздакро тарафдорӣ намуд. Он аксари сарзаминҳои империяи сосониро фаро гирифт. Ин вазъи ошуфтаву нооромро Хусрави I Анушервон (531-579) ҳамроҳи табақаи руҳониёни баҳарос омада аз шӯриши Маздак ором бахшид. Ӯ аввал созмони давлати худро тағъир дод, назми молиёти одилонатаре эҷод кард, қонунҳои кишварро бо ислоҳотҳои марбута тадвин намуд, таъмини оби шаҳрҳо ва шабакаи обёриро ба роҳ монд ва аз ҳама муҳиммаш Бузургмеҳрро, ки мураббии писараш буд, вазири худ таъин намуд ва дар ин кор ӯ тавфиқ ёфт. Вобаста ба тақозои замонаш умури идорӣ, сохтори молиявӣ ва диниро ба шароит мутобиқ кард ва дар артиш тағъиротҳои ҷиддӣ ба амал баровард. Фармондеҳони низомии худро дар 4 қисмати қаламрави шоҳаншоҳӣ таъин намуд, ба Ҳукумати Византия (соли 395 империяи Рум ба ду қисмат- Руми шарқӣ ба унвони Византия, ки пойтахташ Кустантания буд ва Руми Ғарбӣ бо пойтахташ шаҳри Рум ҷудо шуда буд) соли 537 шартномаи сулҳ имзо кард, вале бо баҳонаи он ки император Юстиниан шароити сулҳро даҳалона вайрон кардааст, соли 539 бо Рум ҷанг эълон кард, ба Сурия лашкар кашид, Ҳирополис, Апамеа ва Ҳалабро муҳосира намуд ва бо дарёфти ҷаҳизаи зиёд аз онҳо даст кашида, ба Энтокия ҳуҷум кард ва то соҳили баҳри Миёназамин, ки як вақтҳо марзи ғарбии Эрон буд, расид.

Дар Шарқи Эрон ӯ ибтидо аз додани хироҷ ба Ҳайтолиён даст кашид ва баъди муддате ба онҳо чунон зарбаи қатъӣ ворид овард, ки дигар қомат рост карда натавонистанд. «Қисмати ҷанубии Варазруд, яъне Осиёи Миёнаи имрӯза, аз ҷумла ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистони ҷанубӣ, вилояти Сурхонруди Ӯзбакистон ва Туркманистонро ба ҳайъати шоҳаншоҳии Сосониён ҳамроҳ кард»[243]. Дар ҳамин асно императори Рум Юстиниан соли 572 бо Хусрави Анушервон ҷанг эълон кард. Худи Хусрав дар ҷанг шахсан иштирок кард, вале шикаст насибаш шуд. Аз он ҷо ба Тайсафун бозгашт ва соли 579 ҷаҳони фониро падруд гуфт.

Муҳаққиқон даврони салтанату фармонравоии Хусрави I Анушервонро яке аз дурахшонтарин адвори ҳукумати Сосониён мешуморанд. «Тадбиру кордонӣ ва ҳусни ташхиси ин подшоҳ сабаб гардид,

ки бисьёре аз мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Эрон камобеш аз байн биравад ва ҳукумати муқтадиру мутамарказ ба вуҷуд ояд. Фаъолияти ин подшоҳ бар хилофи гавсифи баъзе аз муаррихони эронию арабӣ мубтанӣ бар таъмини манофеъи раоё ва табақаи сеюм набуд, балки ӯ мекӯшид низоми иҷтимоии собиқро таҷдиди кунад».

Ҳарчанд ки дар адабиёти таърихӣ муносибати муаррихони Шарқу Ғарб дар мавриди баҳодиҳӣ ба амалиёту шахсияти Хусрави Анушервон яксон нест ва баъзеҳо ӯро подшоҳи намунаи адлу инсоф ва неҳзат, баъзеи дигар ӯро шаҳриёри бераҳму бедодгар муаррафӣ намуда, ҳар яке барои исботи фикрашон мисолҳое низ овардаанд, Саолибиву Масъудӣ ва ҳатто бисёр адибони Осиёи Миёнаву Эрон роҷеъ ба фармонравой ва хусусияту аъмоли ӯ нақлҳое кардаанд, ӯ ҳачун сиёсатмадор шахси мутаноқузе буда, ки барои ба амал баровардани мақсадҳояш ва амалӣ шудани ҳадафаш аз ҳамаи воситаҳо истифода намудааст. Гоҳ барои ҳакиқату адолати иҷтимой пусту гӯшти гунаҳкорро канда, гоҳ ба афкору назари мардони соҳиби тахассусу коршинос беэътиной намуда, барои ҳифзи мавқеъияти худ аз ҳеҷ амали номашрӯъе ибо накарда, ҳатто писарону бародаронашро ба ҳалокат расондааст. Ба ҳар, ҳол ӯ бузургтарин подшоҳи сулолаи сосонӣ буд ва хотираи ӯ дар адаби форсӣ-тоҷикӣ муддатҳо баъди маргаш низ боқӣ мондааст.

Ҳурмузи IV (579-580), ки баъди вафоти Хусрави Анушервон ба тахти салтанат нишаст, сиёсати падарро идома дода натавонист ва раванди умумии ба эътидол овардани авзоъи иҷтимоию сиёсиро ба ҳам рехт. Ҷанг бо туркон, ба иллати аз майдони набард фаро хондани Парвиз ва ин амрро таҳқир пиндоштани сардори сипоҳи шоҳаншоҳӣ Баҳроми Чӯбина, ба муқобили шоҳ бархостани ӯ, ба дасти исёнгар асир афтодани Ҳурмузи IV ва бо кӯмаки суриягиҳо аз нав гирифтани тахти шоҳӣ, таъқиби ашрофону феодалҳо ва руҳониён аз нишонаҳои таназзули давлати Сосониён дарак медод. Дар замони Хусрави II Парвиз (591-628) амалан инқирози империяи шоҳаншоҳии Сосониён шурӯъ шуд. Ҳарчанд, ки Парвиз аз вазъияти нобасомони Византия истифода бурда, теъдоде аз шаҳрҳо, аз ҷумла Омидо (Диёри Бакр), Эдесса, Ҳирополис, Ҳалаб, Опемео ва Димашқро ба тасарруфи худ дароварда, бо масеҳият ҷиҳод эълон карда бошад ҳам, на муборизаҳои ӯ, на силсилаи шоҳоне, ки дар муддати 4 сол беш аз 10 нафар ба тахт нишастанд ва на чорабиниҳои охирин шоҳи Сосониён Яздигурди III раванди футури ин шоҳаншоҳиро бозгошта натавонистанд.

Дар ҳамин буъди замонӣ дар фосилаи дур аз марзҳои ғарбии Эрон-дар ниҷазираи Арабистон наҳзати нави диние ба вуҷуд омад. Муҳаммад (с) ҳамчун пайғамбар динеро бо номи «дини ислом» ба вуҷуд овард, ки он дар радифи динҳои монотеистӣ (яккахудой)-и яҳудияту масеҳият қарор гирифта ва зуд дар тамоми Арабистон ва берун аз марзҳои он интишор ёфт. Дар

аҳди Хулафои рошидин (Абубакр, Умар, Усмон ва Алӣ) зери ливои «фи сабилуллоҳ» дини ислом дар сарзаминҳои Шарқ, аз ҷумла дар Осиёи Миёнаву Эрон интишор ёфт. Давлати Сосониён, ки дар ин давра ба ҳукми таърих марҳилаи фатарот ва заъфу нотавониро аз сар мегузаронид, пас аз талошу кушишҳои зиёд ва муборизаҳои тӯлонии бесамар дар чанд марҳила шикаст хӯрд ва дудмони сосонӣ аз саҳнаи таърих нопадид гардид. Сабаби маглубияти Сосониён маълум буд. Маъмулан як тамаддуни бузург то аз дохил футур наравад, аз берун ба маглубият дучор намешавад. Аз ин рӯ, ба шарҳи сабабҳои маглубияти империяи сосонӣ таваккуф накарда, чунин нуктаро хотирнишон менамоем, ки бо барҳам хӯрдани империяи Сосониён фасле аз таърихи кӯҳани Шарқ, ки дар тӯли ҳазорсолаҳои пеш аз милод ва ҳафт қарни баъд аз милод бо тамоми салобаташ ҳамчун маркази бузургтарин давлати Шарқ ҷилванамой намуда буд, ба поён расид ва дар натиҷаи футуҳоти араб фасли навине дар рӯзгори ниёгони мо оғоз ёфт, ки дар он мардуми Осиёи Миёнаву Эрон истиқлоли қаблии худро аз даст дода, ҷузви давлати дигаре гардид, ки бо номи хилофати араб маълуму машҳур буд.

Роҷеъ ба ҳудуди сарзамини Эрон дар давраи пеш аз ислом, махсусан дар аҳди Сосониён чунин нуктаро низ қайд намудан зарур аст, ки Сосониён як давлати конфедератсиониро созмон дода буданд. Он ҳудудан аз ду қисмат-яке Эрон ё худ Эроншаҳр, ки сарзамини қадими ниёгони ориёии эронинажод ба он дохил мешуд ва дигаре Анирон ё худ Нерон, ки он шомили марзу буми васеъву паҳновари куллияи давлату сарзаминҳое буд, ки онҳоро Эрон тасарруф ва таҳти нуфузи худ қарор дода буд. Анирон ё худ Нерон аз халқияту миллатҳои қаламрави давлати мутамаркази Сосониён иборат буд. Онҳо марзҳои табиию воқеъӣ, шаҳру пойтахт, ичунин ҳукмронони мустақили худро доштанд, вале муваззаф буданд, ки ҳар сол ба ҳукумати марказӣ миқдори муайяни молиёт ба сандуқи хазонадори шоҳаншоҳӣ бисупоранд ва тибқи анъанаи давлатҳои шоҳии Аҳди бостон миқдоре ҳадоё дар маросимҳои динию ҷашнӣ ба ҳокимияти марказӣ бифиристанд. Дар замони ҷанг миқдори муайяни сарбозонро бо лавозимоти марбута ба майдони набард мефиристоданд ва як силсила муносибатҳои дигари мутақобилаи байни ҳокимияти марказӣ ва маҳаллӣ вуҷуд доштанд, ки ҳаёти иҷтимоиву сиёсии қаламрави империяи Сосониён ва ҳукми равои онро ба зердастонаш таъмин менамуданд.

Аз ин нуқтаи назар, Эрони асрҳои 3-5 ба мисли Эрони қабл аз истилои Искандари Мақдунӣ, хеле фарохтару паҳновартар аз Эрони имрӯз буд, ки онро баъзан муҳаққиқон Эрони Бузург низ номидаанд. Эрони даврони сосонӣ сарзаминҳои Осиёи Миёна, Афғонистон, Балуҷистон, Синдияма ва Балху Ироқро низ дар бар мегирифт. Ва истилоҳи «Персия», ки муҳаққиқони хориҷӣ онро ба таври фаровон истифода намудаанд, фақат қисмате аз

қаламрави ҷанубу шарқии ин императориро ташкил медод. Юнониёну румиён, ки ба ин ҷиҳати масъала таваҷҷӯҳ надоштанд, номи «Персия»-ро дар навиштаҳои худ гоҳ огоҳона ва гоҳ ғайриогоҳона ба сарзамини нисбатан маҳдуд нисбат медоданд. Ҳол он ки ба гуфтаи Вилл Дурант «як садди кӯҳистонӣ аз ҷанубу шарқи Ҳимолой то шимолу Ғарби Қафқоз аз миёни ин сарзамин (яъне Эрон-Ҳ.М.) мегузашт, дар машриқ як фалоти баланд лам язраъ (кишт-ношуданӣ) буд; дар мағриб дараҳои сарсабзи Даҷлаву Фурот қарор дошт.... ва мағриби Эронро аз ҳайси гандуму хурмо, ангуру соири меваҳо ғанӣ месохт. Дар тӯли рудҳо ё фавосили байни онҳо ё дар теппазорҳо ва воҳаҳо ҳазорон деҳ, садҳо қасаба ва даҳҳо шаҳр қарор доштанд, ки муҳимтарини онҳо иборат буданд аз Экбатан, Рай, Мавсил, Истахр (собиқан Персеполис), Шуш, Селевкия ва Тайсафун-пойтахти азиму бошукӯҳи Сосониён»[245]. Агар ба ин сарзамин давлатҳои тасарруфкардаи Сосониёнро ҳамроҳ кунем, чи гуна васеъву фарох будани қаламрави империяи сосониро ба осонӣ тасаввур намудан мумкин аст.

ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

Тамаддун як мафҳуми умда ва аз фанҳои ҷамъияшиносист, ки ба мисли худи инсон дорои чеҳраҳои гуногун ва рангу тобишҳои мухталифи ҷисмониву рӯҳонӣ ва моддиву маънавӣ мебошад. Аз ин рӯ, таъриф фарҳанг ба мисли таъриф худи инсон ва ё ҷамъияти инсонӣ он қадр мушкилу буғранҷ аст, ки ҳар муҳаққиқ ва ҳатто нобиғаҳои илму фарҳанг дар тӯли таъриҳ таърифҳои гуногуни онро ироа намудаанд, вале чунин ба назар мерасад, ки ҳанӯз ҳам таъриф комилу ягонаи тамаддун, ки шомили ҳамаи ҷиҳатҳои он бошад, вуҷуд надорад. Зеро онҳо таърифҳои худро аз ҷиҳати мавзӯъҳои мавриди таҳқиқи худ ба қалам додаанд ва натиҷаи фаъолияти фарҳангиро, ки дар илми фарҳангшиносӣ «артефакт» номида мешавад, таҷассуми фаъолияти фарҳангии рафтору кирдори инсон дар истеҳсолоти моддӣ ва маънавии ӯ мепиндоранд ва он («артефакт») -ро ба худи табиат муқобил мегузоранд. Чунин таъриф, бешубҳа, аз назари илмӣ дуруст аст, зеро агар тамаддун аз таҷдиди табиат ва ба манфиати худ истифода бурдани он шурӯъ шавад, на фақат инсон, балки «саге, ки устухони нимхӯрдаи худро дар зери хок пинҳон мекунад, санҷобе, ки фундуқи худро барои рӯзи дигар нигоҳ медорад, замбӯре, ки асали худро дар кандвии худ захира мекунад ва мӯрчае, ки аз тарси рӯзибарорӣ тӯшаи худро пинҳон месозад, нахустин коргардонони тамаддун»[246] маҳсуб мешаванд. Ба ин маънӣ, омили қотеъ ва аз ҳама муҳим барои авлоди башар «на нажод асту на миллат, балки он рӯҳияест, ки ӯ дар вокуниш алайҳи муоризаи кулли табиат ба кор мебарад, ки дар натиҷаи зуҳури инсон дар олами ҳастӣ ба сурати муҳити зисти ӯ

даромадааст». Ба ибораи дигар, хўроку озуқа, коркарду таҳия ва ҷамъовариву захира намудани он заминаи асосӣ ё худ бунёди тамаддунро ташкил медиҳад ва дигар падидаҳои фарҳангӣ аз қабили дину оину асотир, касбу ҳунар ва мусиқӣ ва дигар офаридаҳои тафаккури инсон, ки имрӯз дар истилоҳи фарҳангшиносӣ маданияти маънавӣ ном дорад, русохт ва ё барсохти ҳамин бунёди тамаддунро ташкил медиҳад.

Аз ин нуқтаи назар, дар ҳар як тамаддун силсилаи омилҳое вуҷуд дорад, ки барои рушду камоли он мусоидат хоҳад кард. Шояд дар марҳилаи аввал омили ҷуғрофиро ном бурдан ҷоиз бошад. Зеро замине, ки моддаҳои маъданӣ ва фаровардаҳои органикии фаровон дошта, бо оби кофӣ аз рудхонаҳо ҷиҳати обёрӣ таъмин бошад, дарёҳо ҳамчун воситаи ҳамлу нақл истифода шавад, миқдори боришот ба ҳадди мавриди ниёз бошад ва маҳалли зист дар маърази чаҳорроҳи корвонию бозаргонӣ қарор дошта бошад, бо камоли этминон метавон гуфт, ки вазъи ҷуғрофӣ омили созандаи тамаддун аст. Аз ҳамин сабаб ҳам бори аввал дар таърих мавзеъҳои дорои обу ҳавои матбуъву муносиби ҳаҳон—соҳилҳои дарёҳои бузурги Нил дар Миср, Даҷлаву Фурот дар Байнаннаҳрайн, Ҷайҳуну Сайҳун дар Осиёи Миёна, Коруну Карха дар қисми ҷанубу ғарбии Эрон, Синду Ганг дар Ҳиндустон ва Хуанхэву Янситсян дар Чин азхуд карда шуданд ва дар ин сарзаминҳо аввалин тамаддунҳои оғозини таърих арзи вуҷуд намудаанд.

Бо вуҷуди ин, мавқеъи ҷуғрофӣ ба танҳой наметавонад омили созандаи тамаддун бошад. Ба он ҳатман бояд омили дигари муассири тамаддун – тарзи хоҷагидорӣ ё худ вазъи иқтисодӣ нақши муҳим дорад, зеро агар хоҷигидорӣ фақат бар мабнои шикорчигӣ ва ҷамъоварии озуқа ба роҳ монда шуда бошад, ҳеҷ гоҳ ба мисли баъзе халқиятҳои кунунии ҷангалҳои Конго ва бушманҳои Африкаи Ҷанубӣ дар доираи меҳвари танги зиндагии бадавии худ дасту по мезанад ва аз ҳудуди тори таъқиби сайд берун ҷаҳида наметавонад. Шояд ба ҳамин иллат бошад, ки баъзе халқиятҳо аз ташкилоти муҳимми сиёсӣ ё завқи санъатӣ ва ё рӯҳияи олии ахлоқӣ бархурдор бошанд, аммо ҳаёти бадавии шикорчигӣ ба онҳо имконият намедиҳад, ки аз садди олами барбарият ба тамаддун ба осонӣ ҷаҳида бигзаранд. Аз ин рӯ, фарҳангшиносон нахустин қадами инсон дар роҳи тамаддунро санъати кишоварзӣ медонанд, ки инсон ба ин восита аввал ғизои ояндаи худро таъмин намуда, баъд ба фикри сохтмони кулба ва маъбаду мадраса меафтад ва ба умеди бештар намудани ҳамин сарвати моддӣ ба дунболи ихтирооти асбобу абзорҳои кории худ меравад. Ба вуҷуд омадани системаи обёрӣ ва ҳавзу коризҳо. такмили абзори корӣ, ба роҳ мондани кишту кор, саноеъи дастӣ, омӯзаҳои муҳандисӣ, ихтироъи плуг, чархи кӯзагарӣ, чархи ароба, воситаҳои ҳамлу нақл, бофтани порчаҳои катонӣ, абрешим ва ғайра натиҷаи фаъолияти бунёдкоронаи инсони фаъол мебошад. Ба гуфтаҳои боло соҳаи дигари кишоварзӣ – аҳлӣ намудани

наботот (ба маънии парвариши навъҳои гунони зироат) ва ҳайвонот, ки «бузургтарин ва инқилобангезтарин ихтирооти иҷтимоӣ мебошад», ҳамроҳ кунем, фаъолияти оқилонаи инсони мутамаддин дар пеши назар ҳувайдо мегардад.

Давраи гузариш аз ҳаёти шикориву сайдӣ ба хоҷагидории кишоварзӣ дар таърихи авлоди башар воқеъан падидаҳои гуногуни фарҳангиро ба дунбол дошт. Ба гуфтаи Арнолд Тойнби « инсон бо дастёбӣ ба инқилоби кишоварзӣ- шабонии хешро шарики фаъоли табиат кард; ба ин қарор, ки бар хилофи ниёгони худ ва соири махлуқот, ба истиснои бархе ҳашароти муҷтамаъ, ба зиндагии ангалӣ (паразитӣ) идома надод ва бо табиат шарик шуд. Парвариши ҳайвонот ва кишти наботот самараи бенишу оянданигарӣ ва талоши мудовиму хештандории ононе, ки барои идомаи зиндагиашон ниёз ба ҳифзи бевакфаи ин фазоил буд, эҳсос карданд»[247]. Ҳамин раванди гузариш навъҳои тамаддуни иҷтимоии оғозини таърихро тағъйр дод. «Тамаддуни моддӣ»-ро, ки аслан аз маҷмӯъи абзору адавоти сангӣ дар бадавитарин давраи тамаддуни башарӣ ва такмили онҳо иборат буд, дар фарҳангшиносии муосир бо номи «маданияти моддӣ» маънову мазмуни васеътаре ба худ касб намуда. Дар нахустин марҳилаи инкишофи кишоварзӣ—чорводорӣ, ки ҷамъият дар он ҳаёти кӯчиро аз сар мегузаронид, дӯшидани шир аз ҷонварон ба роҳ монда шуд. Ин инкилоби иқтисодие буд, ки «маданияти моддӣ»-ро бо «тамаддуни лабанӣ» такмил дод ва он бо инкишофи зироаткорӣ густариш ва тавсиа ёфт. Гузариш аз ҳаёти шикорӣ ва моҳидорӣ ба зиндагии кишоварзӣ шакли хоҷагидории иҷтимоиро низ гаҳъйир дод ва моликияти қабилавӣ, ба моликияти оилавӣ табдил гардид. «Зироат, ки муваллиди маданият аст, дар ҳамон ҳоле, ки сабаби пайдоиши моликияти хусусӣ гардид, конуни бардагиро низ ба дунбол дошт. Маҳз чунин ҳодисаҳои навзуҳур аз қабили пай бурдан ба усул ва роҳу риштаи кишоварзӣ ҷомеъаро аз давраҳои тӯлонии сукут такон дода, онро ба даврони таҳаввулу такомули босураъату пуршитоб ҳидоят намуд ва ҳар як ҷомеъа аз чунин имконоти бозшуда дар пеши пои тамаддун истифода намуд. Мисоли равшани он дар асрҳои баъдӣ тамаддуни дурахшону доманадори Юнонии қадим, тамаддуни асрҳои миёнаи Шарқ ва давраи Ренессанси Урупо мебошад.

Хусусияти дигари таҳаввулоти иҷтимоӣ дар ин марҳилаи ҳаёти ҷамъият эҷоди шаҳру мадина мебошад. Нахустин шарҳое, ки дар Осиёи Марказӣ, Шарқи Наздик, Ҳинду Чин ва дигар сарзаминҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ дар канори соҳили дарёҳо ба вуҷуд омаданд, аз ташкили марказҳои сиёсӣ, ки аз ҷиҳати вазъи иқтисодӣ ба якдигар бастагӣ доштанд, дарак медиҳад. Ҳануз дар ҳазораҳои чаҳоруми пеш аз милод дар Байнаннаҳрайн шаҳрсозӣ тавсиа ёфта буд. Дар Миср низ аввалин созмонҳои шаҳрӣ ба вуҷуд омаданд. Бино ба маълумоти муҳаққиқон шаҳрҳои дараи Ҳинд вазъи оддитаре доштанд.

беш аз 2500 сол пеш аз милод ва кӯҳнатарин тамаддун беш аз 5000 сол қадимат дорад. Тулонитарин асри қадими башар, ки то кунун мо онро шинохтаем асри деринаи санги (палеолит) мебошад, ки ин ҳодиса зимни баррасии ташаккули эътиқодоти ориёиён ва инкишофу такомули дини маздоии кӯҳан то ба дараҷаи дини зардуштӣ ҳамчун омили муҳимми тамаддун мавриди таҳлилу тааммул қарор хоҳад гирифт.

Бо мушаххас шудани баъзе омилҳои фарҳангӣ метавон ба таҳлилу баррасии баҳсе пардохт, ки имруз байни фарҳангшиносон ба унвони масъалаи доғи фарҳангӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Гурӯҳе аз муҳаққиқони таърихи фарҳанг ва фалсафаи таърих чунин мепиндоранд, ки «таърихи иҷтимоӣ мавҷест, ки авҷ мегирад ва фурӯ меафтад, вале дубора мавҷ нахоҳад гирифт». Онҳо ҷомеъа ва фарҳангро ба организми зинда монанд кардаанд, ки фақат дорои як давраи зиндагист ё худ ҳар тамаддуне ба мисли ҳаёти организми зинда дорои давраи кӯдакӣ, ҷавонӣ пирӣ ва марг аст. Ба ибораи дигар, он баҳору тобистон ва тирамоҳу зимистон дорад ва ба мисли организми зинда, ки пас аз марг зинда шуда наметавонад, фарҳанг ё ҷомеъа низ баъди нобуд шудан зиндагии дубора намебинад. Бо вуҷуди он ки омилҳои зисту ҷуғрофӣ ва нажодӣ метавонанд то ҳадде ҷараён ва сайри ҳаёти инсон (тамаддун)-ро таҳти таъсир қарор диҳанд, лекин наметавонанд, давраи иҷтинобнопазири зиндагии онро дигаргун созанд. Баъди овардани чунин суханон олими покистонӣ Муҳаммад Шариф олимон Данилевский, Шопенгауэр ва Тойнбиро ба гурӯҳе мансуб медонад, ки муассисону ҳомилони ақидаи боло мебошанд. Дар ҳақиқат дар фасли «Фурӯпошии тамаддунҳо» А. Тойнби мутазаккир шуда, ки «донишмандони ғарбии айёми мутааххир барои ёфтани далели фурӯпошии тамаддунҳо тарафдори сарнавишти аз пеш таъйидшуда ё ҷабр ҳастанд ва ин сарнавиштро ба кулли қаламрави ҳаёт дар ин сайёра густариш медиҳанд. Освалд Шпенглер яке аз маъруфтарин тарафдорони ин мактаб аст ва далел меоварад, ки тамаддун бо мавҷуди зинда қобили қиёс аст ва мисли башар ё ҳар мавҷуди зиндае тобеъи раванди кӯдакӣ, ҷавонӣ, булуғ ва пирист»[250].

Муҳаммад Шариф зимни баррасии назари мазкур ба чунин натиҷа расида, ки пуёии ҷомеъа аз баъзе ҷиҳот мисли пӯёии мавҷ аст ва бо ин фикр розӣ шудан мумкин аст, вале ҷомеъаро аз руи тамсил ба организми зиндаи фард нисбат доданро чандон дуруст намешуморад ва ҳамвора қайд мекунад: «Тавре ки Сорокин ба хубӣ нишон додааст, ҳеҷ ҷамоъае дар кулли олӣ ба он гуна ваҳдате даст наёфтааст, ки битавонад онро ҳаммонанди «организ» донист. Ҳар организми фардӣ ба дунё меояд, рушд мекунад ва мемирад ва аз тариқи гавлиди мисл насли худро давом мебахшад. Дар ҳоле ки фарҳанг ба тавлиди мисл навъи худро мукаррар созад, зиндагии дубораи фардӣ муҳол аст, дар сурате ки зиндагии дубораи фарҳанг имкон дорад ва ин таҷдиди ҳаёт аз роҳи фаъол сохтани ҳаёту нишоти хуфта дар он

фарҳанг, аз роҳи вокунишҳои ношӣ аз барҳӯрдҳои тоза ва низ аз роҳи вуруду нуфузи аносири ҷадид ҳосил мешавад» [251].

Аз ин нуқтаи назар, ба гуфти М. Шариф розӣ шудан мумкин аст, ки гамаддунро қиёс кардан ба организми зинда нашояд ва назарияи А. Тойнби роҷеъ ба фурӯпошии тамаддун дуруст нест. Зеро ҳанӯз П.А. Сорокин ва Л.Н.Гумилев баробари пазируфтани муваффақиятҳои А.Тойнби дар амри омӯзиши тамаддуни ҷаҳонӣ, ба ин ҷиҳати камбудии таълимоти ӯ ишора намуда буданд. П.А. Сорокин баъди таҳлили назари Тойнби ба тариқи ҷамъбаст изҳор намуда, ки раванди таърихӣ раванди инкишофи маданият ба ҳисоб меравад ва охирӣ маҷмӯъи ҳамаи офаридаҳо ва ё таъйиди онҳо ба тавассути ҷамъият дар ин ё он марҳилаи инкишоф мебошад. Ин масъаларо муҳаққиқи олмонӣ Карл Ясперс низ мавриди баррасӣ қарор дода, муқобилгузории таърихи тамаддунро таҷассуми сифоти билқувваи ботинии инсон медонад. Тамаддуни инсонӣ манобеъи муштарак ва мақсаду манзури ягона дорад. Тамоми роҳи тӯлонии ташаккули тамаддунро ӯ ба чаҳор марҳила—моқабли таърих, атиқа, давраи «замони меҳварӣ» ва асри техникӣ тақсим намудааст. Аз байни онҳо «замони меҳварӣ» марҳилаи муҳиммс ба шумор меравад, ки он тақрибан аз ҳазораи якуми то милод ба баъдро дар бар мегирад. Ба фикри ӯ, тағъироти куллӣ дар мафкураи инсон ҳам дар бораи худаш, ҳам дар бораи олами атрофаш ба вуҷуд меояд. Ба ибораи дигар, дар ин буъди замонии таърихи ҳаёти инсон давраи ба вуҷуд омадани динҳои нав, табдили ривоятҳои асотирӣ ба назарҳои фалсафӣ оғоз гардид [252]. Мисоли равшани он ба вуҷуд омадани дини зардуштӣ дар Осиёи Миёна ва Эрон, таълимоти Конфутсий ва Лао-тсзи дар Чин, пайдоиши Упанишад, буддоия ва дигар динҳои илҳодомез дар Ҳинд, ба вуҷуд омадани силсилаи пайғамбарон дар Фаластин, офарида шудани «Илиада» ва «Одиссей» тавассути Ҳомер, арзи вуҷуд намудани таълимотҳои Парменид, Гераклит, Афлотун, Арасту ва дигар ҷаҳонбиниҳо ва таълимотҳо, ки меҳвари асосии онҳоро ақидаҳои ахлоқӣ ташкил медоданд.

Бешубҳа, таърихи ҷомеъа ифодакунандаи таърихи тамаддун аст ва дар зер мо кӯшиш ба харҷ хоҳем дод, ки ҳамин назарияро дар мисоли пайдоишу ташаккул ва хусусан инкишофи тамаддуни ориёӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем. Чунин ба назар мерасад, ки тамаддуни ориёӣ аз аввали пайдоишаш дар саҳнаи таърих дар тӯли ҳазорсолаҳо падидаву ҳодисаҳои муҳимми дорои ҷанбаҳои фарҳангӣ будааст. Агар ба қонуни интишори ин тамаддун ва сайри такомулу иртиқои он назар андозем, ба осонӣ дарк хоҳем кард, ки он ба мисли такомули мавҷудоти зиндаи иҷтимоӣ баъди интишораш ба сарзаминҳои Шарқу Ғарб, батадриҷ дар муҳити тоза мутобиқат ва созиш намуда, гоҳо ҳам мушоҳида гардида, ки дар тӯли инкишофаш давраҳои инҳитоту фатарот пеш омада, вале ба таври куллӣ он чунон як давраи иртиқоро тай намуда, ки зимни он давлатҳои мутамарказу империяҳои

ҳомиву тороҷгар ҷилвагар мегардад»[248].

Омили ахлоқии тамаддун аз русуму одоби қавму қабила шуруъ шуда, ба сурати урфи иҷтимоъи муайяне дармеояд ва рисолати заношуӣ (бакорату иффат, шарму ҳаё, либос ва муносибатҳои оилавӣ) аз ҷумлаи нахустин вазифаи ахлоқӣ ва созандаю бунёдкунандаи ахлоқи иҷтимоӣ аст. Вилл Дурант роҷеъ ба ҳамин масъала таъкид намуда, ки «яке аз кори бузурги тамаддун ин будааст, ки ба ҷои муфтхӯрӣ сарфаҷӯӣ, ба ҷои тааддӣ истидлол, ба ҷои куштан муҳокима ва ба ҷои худкушӣ фалсафаро ҷойгузин кардааст. Вақте давлат ба вуҷуд омад қавоиди ахлоқӣ аз марзи қабилаву халқиятҳо таҷовуз кард ва давлатҳо дар натиҷаи тараққии воситаҳои иртибот ва эҳсоси муштарак ба ҳам наздик шуданд, усули ахлоқӣ аз тариқи марзи давлатҳо ба якдигар сироят кард ва кор ба ҷое расид, ки як даста аз мардум муқаррароти ахлоқи ҳасанаи худро ба тамоми Урупо ва пас аз он ба тамоми нажоди сафед ва дар поёнии кор ба навъи башар пешниҳод кард[249]. Бо эҳтимоли қавӣ, муҳаққиқ ахлоқи ориёии мардуми шарқро дар назар дорад, ки зимни интишораш таҳаввулу такомул ёфта, заминаи асосии ахлоқи ҳамидаи халқу миллатҳои гуногуни дунёи қадим гардида буд.

Лукретсий тарсро нахустин модари худоён медонад ва ин гуфтаи ӯ аз улуми ғайбу ғарибаи Шарқ ғизои маънавӣ гирифтааст. Зеро он чӣ ба инсон таъсиру ҳукумат дорад, нируи хаёл аст, ки бо қувваи ваҳму воҳима манбаъи муштаракро доро аст. Шигифтӣ, хоб, равони инсон, ҳарос аз марг, тасаввури мавҷудияти ҷон дар ашьёи табиӣ, надонистани падидаву ҳодисаҳои фавқуттабиӣ таваҷҷуҳи инсонро ба қувваҳои асроромези заминиву осмонӣ ҷалб менамояд ва дар ҳамин замина парастиши аносири табииву фавқуттабиӣ ба вуҷуд меояд, мардум аввал рӯ ба бутҳо ва олиҳаҳо меоварад, ба парастиши рӯҳи гузаштагон мепардозад, мардону заноне, ки имтиёзи хосса дар байни умум доштанд, яъне аввалин донишмандон ва шояд ҳам аввалин табибону адибон худо эълон мешуданд ва аксари онҳо, ки бо номи коҳинон маълуму машҳур буданд, ба тахти шоҳӣ менишастанд ва вақте шоҳон сулолавӣ шуданд, ё худашон ва ё раияташон шоҳро худо эълон мекарданд, ки дар таърихи давлатдорӣ ва императории Шарқи Миёна ва Наздик мисолҳои фаровони чунин ҳодисаро мушоҳида намудан мумкин аст.

Аҷобати кор дар он буд, ки худоён ҳам муаннас ва ҳам музаккар буданд ва маъмулан ҳар яке аз худоён, чуноне ки баъдан хоҳем дид, мазҳар ё муваккил ва ё раббуннавъи падида ё худ идоракунандаи олии улвии унсурҳои ҷаҳони моддӣ ба шумор мерафтанд. Хуршеду Моҳ ва Осмон худоёни улвӣ, Меҳру Ноҳиду Баҳром муваккилони унсурҳои олами моддӣ буданд. Аз ин рӯ, тамаддун ва адён, ба қавли А. Тойнбӣ, мутаоли гунае аз ҷомеъае ҳастанд, ки мураттабан бо онҳо бахрӯд хоҳем кард ва иттилооти мо нисбат ба гузаштагонамон бештар, зеро қадимтарин мазҳаби осмонӣ

Ба ҳар ҳол, интизому ҳифзи ҳаёти ҷомеъа тавассути марказҳои сиёсӣ, ки шояд қадимтарин созмони маъмурӣ бошад, дар ҳамин давра ба вуҷуд омада, баъдтар боиси қомат афрохтани низоми муайяни умури давлатдорӣ гардид. Асоси шаҳрро маъмулан анбӯҳи ҷамъияти гирдомада дар маҳалле ташкил медиҳад, ки барои хӯроки онҳо эҳтиёҷ ба омода намудани маводду озуқа аз атрофу акнофи он бошад. Ба ин маънӣ, рукни асосии шаҳр бозор аст. Маҳалли мубодилаи афкору ақоид, маркази идорӣ, макони ташаккулу инкишофи ҳунармандӣ ва силсилаи дигар ташкилотҳои расмиву динӣ аз хусусияти дигари зотии шаҳрҳо шаҳодат медиҳад.

Ба ақидаи фарҳангшиносон, танҳо тамаддун боиси эҷоди шаҳр мегардад ва он боиси пайдоиши унсури дигари тамаддун гардида, инсонро ба муаддабию ҳусни муошират ҳидоят мекунад, ки ҷанбаи ахлоқӣ дар меҳвари он қарор дорад. Мазмуни «сивил» ҳам аз ҳамин иборат аст. Дар воқеъ, ҳанӯз дар охирҳои асри 19 этнографи машҳури англис Э.Тейлор таъкид карда, ки дар мафҳуми «маданият» дидгоҳҳои антропологӣ ва сотсиологӣ бештар эҳсос мешаванд. Ӯ навиштааст, ки «аз назари ғоявӣ ба маданият аз дидгоҳи такомули куллии насли инсон бо роҳи созмон додани ташкилаи фарди алоҳида ба манзури мусоидат намудан ба инкишофи ахлоқӣ, ниру ва хушбахтии инсоният нигаристан мумкин аст». Аз ин нуқтаи назар русуму одоб, виҷдону эҳсон, ҳаққу ботил ва силсилаи дигар мақулаҳои ахлоқӣ ташаккул ёфта, бештар ҷанбаи руҳиву зеҳнӣ ва авзоъву кайфияти инсон ва иҷтимоъро инъикос мекарданд.

Нахустин воҳидҳои сиёсӣ аз қабилаву шаҳр иборат буданд. Аввалӣ қадимтарин шакли маъруфи иҷтимоӣ дар Шарқи Миёна ва Наздик ба шумор мерафт ва зиндагии маҷмӯъи хешовандони як сарзамини муайян бо тотеми муштарак ва русуму одоти ташаккулёфта иборат буд. Дар натиҷаи иттиҳоди деҳҳо ашира (ашоир-tribu) пайдо шуд. Раиси воҳид онро идора мекард ва ташаккули давлат ҳамчун афзор ё василаи идораи ҷомеъаи мураккабу печида зимни ба вуҷуд омадани аввалин шаҳрҳои давраи оғозини таърих дар минтақаҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ва Ҷанубу Шарқӣ сурат гирифт ва аз бунёди назму низоми хешовандии қавму миллат таҷовуз намуда, ҷонишини назми анъанавии хонаводаву қабила ва аширавду деҳкада гардид. Дар ҳамин замина иттиҳодияҳои сиёсии бузургтару тавонотар низ арзи вуҷуд намуда метавонанд, ки он низ, дар навбати худ, дорои сифатҳои зотии ба худ хос буда, аз ғалабаи як шаҳр бар шаҳри дигар ибтидо гирифта, ҳамвора муносибати печидаву рангоранги ғолибу мағлубро дар саҳнаи таърих ба вуҷуд овард. Империяи сумериҳо, ошуриҳо, иломиҳо ва ғайра, ки дар асри навсангӣ (неолит) ба вуҷуд омада буданд, мисоли равшани гуфтаҳои боло мебошанд. Ба фикри Ралф Линтон «вақте қудрати ҳукуматӣ дар як маҳал марказият пайдо мекунад, императории фармонраво дар назари давлатҳои мағлуб мазҳари ҳукумати муқтадир ва

бузурги ҷаҳонии иломиҳо, модҳо, ҳахоманишиён, портҳо ва ашкониёну сосониён дар Аҳди бостон ва давлати овозадори сомониён дар Асрҳои миёна по ба арсаи вуҷуд ниҳода, дар саҳнаи таърих бо тамоми шукуҳу манзалаташон ҷилванамой намудаанд ва ба ташаккулу такомули минтақаҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ва Урупо мусоидат кардаанд.

Бо амри таърих маркази «сиёсати ҷаҳонӣ» дар тӯли ҳазораи қабл аз милод аз ҳудуди Осиёи Марказӣ ва Осиёи Хурд таҷовуз карда, ба сарзаминҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ва Урупо расида, аз муносибату кашмакашиҳои давлатҳои минтақаҳои мазкур тамадунашон бештар ҷанбаи синкретӣ пайдо намуда, аз унсурҳои фарҳанги якдигар шодоб гардиданд.

Доир ба масъалаи аввалин тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба мисли тамаддуни сумериву аккодӣ ва Мисри қадим, ки бо иломиёни ориёӣ дар робитаи наздик буданд, чунин нуктаро қайд намудан зарур аст, ки шояд сумериҳо нахустин сарчашмаи аслии тамаддуни бузурге бошанд, ки тақрибан дар ҳазораи панҷуми қабл аз милод дар Байнаннаҳрайн роҳ ёфта, дар қисмати поёнии он маскун шуданд ва ба ташкили аввалин давлат-шаҳрҳо пардохтанд. Силсилаи маротиби рӯҳонӣ усули коҳинии давлатдориро то ба ташаккули унсурҳои девонсолорӣ ҳидоят намуд. Тамаддуни шаҳрҳои ҷанубӣ дар тӯли соҳилҳои ду рудхонаи Даҷлаву Фурот ба шимол густариш ёфт ва ҳамчун мероси асосии Осиёи Хурд ба сарзамини Бобулу Ошур расид. Пояҳои фарҳангу тамаддун ба рӯи хоке гузошта шуда буд, ки фаязони селонаи ду наҳр дар натиҷаи резиши борон сабаби ҳосилхезии он гардид. Ин фикри Вилл Дурантро Арнолд Тойнби таҳвият дода навиштааст, ки «бузургтарин ва мушкилтарин дастовардҳои асосии тамаддун эҷоди сарзамини Сумер аз ботлоқҳои ҳавзаи Даҷлаву Фуроти сифлӣ ва дар айни ҳол аввалин гоми он низ ба шумӯр меравад. Сумер тақрибан ба андозаи Донмарк (Дания) буда ва ҳудуди соли 2500 пеш аз милод маҳсуле, ки аз ботлоқҳои пешин бардошта мешуда, ба 86 баробари базри кошташуда мерсид [253].

Шаҳри асосии Сумер Ур буд, ки шояд дар аввалҳои ҳазораи чаҳорум бунёд шуда бошад. Шаҳрҳои дигаре низ вуҷуд доштанд ва ҳар шаҳр шоҳи хосеро бо номи «патеси» («Patesı») ё худ коҳин-шоҳ дошт. Вақте ҳудуди солҳои 2800 то милод ба хотири рушду инкишофи бозаргонӣ шаҳрҳо бо ҳам иртиботи наздик пайдо карданд, аз маҷмӯъи онҳо императорие ба вуҷуд омад ва ваҳдати иқтисодиву сиёсӣ барқарор гардид. Вале ҳар шаҳру ноҳия дар қаламрави императорӣ худоёни худро дошт. Бештар парастиши Хуршед маъмул буд. Дар яке аз шаҳрҳои бузург бо номи Ниппур маъбади бузурге

ба номи Энлил ва ҳамсараш Ненлил барпо карда буданд. Ненсарис худои обёрӣ, Абу ё Темуз худои кишоварзӣ, Син худои Моҳ ба шумор мерафт. Худоён дар маъбадҳо ҷойгир шуда буданд ва сумериҳо ба зиндагии ондунсӣ бовар доштанд, дар гӯр хӯрок ва афзорҳои зиндагиро мегузоштанд. Мусалламан ҳануз андешаи биҳишту дӯзах вуҷуд надошт. Ба фикри Вилл Дурант муҳраҳои бадастомада аз ин сарзамин нишон медиҳанд, ки байни Сумеру Мисру Ҳинд равобити бозаргонӣ бар мабнои мубодилаи мол бар қарор буда. Тиллову нуқра ва дигар зару зевар аз гӯрҳои он замон зиёд ба даст омадааст. Абзорашон аз санги чақмоқ буд, порчабофӣ мушоҳида мешуд, тарзи хонасозӣ бо истифода аз қамиш ва деворҳо гиландуд буда. Дар Ниппур бостоншиносон маҷрои оби сарпӯшидаро кашф карданд, ки таърихи паҷҳазорсола доштааст. Кохҳо ба сурати қалъа сохта шуда, бо хиштҳо оро дода шудаанд. Бузургтарин маъбадҳо дар теппаҳои шаҳр сохта мешуданд ва дорои бурҷҳои ҳафттабақа будаанд, ки гӯё ҳомии шаҳр ба шумор мерафтанд. Зарфҳо маъмулан гилӣ буданд ва ба сатҳи гулдонҳои иломӣ намерасиданд. Ашёҳои зарин аз гӯристонҳои шаҳри Ур пайдо шуданд, гулдони симини Артемену ҳоло толори музеи Лувррро зинат медиҳанд. Зеботарин кори ҳунарӣ дастаи ханҷарҳои заррине буданд, ки бо сангҳои фирӯза ва лоҷувард мунаббаткорӣ шудаанд. Вилл Дурант тамаддуни сумериро тамаддуне миёни сафолҳои хом ва зинати олоти зебо хулоса намуда, навиштааст, ки «ин тамаддун омехта аз чизҳои соддаи ибтидоӣ ва шоҳкорҳои дурахшоне будааст, ки дар ин сарзамин нахустин ҳукумат ва императорӣ ба дасти инсон таъсис шуда, ҳамчунин нахустин созмони обёрӣ ва нахустин бор истифода аз симу зар барои арзёбии коло, нахустин китоби қонун, нахустин бор истифодаи васеъ аз хатнависӣ, нахустин бор гуфтугӯ аз достони офариниш ва тӯфон, нахустин мадрасаҳо ва китобхонаҳо, нахустин адабиёту шеър, нахустин доруҳои ороишӣ ва зинати олот, нахустин ҳаҷҷориву нақши барҷаста, нахустин китобҳо ва маобид, нахустин истифода аз фелезот дар тазаййун ва нахустин тоқҳо, қавсҳо ва гунбадҳои сохтмонӣ дар ҷаҳон пайдо шудааст» [254].

Бино ба маълумоти муаррихони «Таърихи тамаддун», муддатҳои тӯлонӣ Ур муҳимтарин шаҳри ҷаҳон буд ва шояд васеъгарини онон низ ба шумор мерафт. Шинохти мо бахусус дар бораи Ур ва умуман дар бораи Сумер бо кӯмаки тадқиқоти Чарлз Леонард Вули (1880-1960) аст, ки дар солҳои 1920 шакл гирифта. Ур ҳамчун пойтахти давлати сумериён шуҳрати зиёд дошт. Шояд бедории тамаддун ва густариши қудрати башарӣ ҳамвора бо обёриву зироаткорӣ оғози худро аз сарзамини сумериҳо шурӯъ намуда бошад. Ба ҳар ҳол, яке аз унсурҳои асосии тамаддун- хати сумерӣ дар Ур ба вуҷуд омад ва сабти таърих аз он айём шурӯъ шуд. Муҳимтарин ёдгории сумериён ҳамин хат аст, ки осори он дар рӯи сангнавиштаҳо ва алвоҳи гилӣ, ки бо хати мехӣ ба рӯи онҳо навишта, онро мепухтанд ва ё дар офтоб

хушк мекарданд, боқӣ мондаанд. Мувофиқи маълумоти фарҳангшиносон де Сарзак (de Sarzak) аз шаҳри Телло (Tello) ба миқдори 3 ҳазор лавҳаҳои гилӣ пайдо шуда, ки бузургтарин бозёфти фарҳангӣ ба шумор меравад. Онҳо заминаро барои омӯзиши навъҳои улуми он замон, аз ҷумла ҳисоб, ситорашиносӣ, гиёҳшиносӣ, тиб муҳайё сохтанд, фарҳанги худро дар тӯли асрҳо дар саросари Шарқи Миёнаи бостон ва ҳаволии баҳри Миёназамин интишор доданд.

Арнолд Тойнби ба ҳамин ҷиҳати масъала таваҷҷӯҳ намуда, махсусан таъкид кардааст, ки забони сумерӣ на танҳо забони модарии худи императорсозон буд, балки мошини таъриҳии фарҳанги сумерӣ низ ба шумор мерафт. Ӯ ҳамчунин суханашро идома дода, роҷеъ ба аввалин давлатҳои ҷаҳонӣ чунин навишта: «Пойтахти давлати сумериву аккодӣ ё императории ҷаҳони чаҳоргона бо дасти Ур Намлу (2113-2096 то мелод)-и императорсоз дар Ур бунёнгузорӣ шуд. Курсии ҳукумат беш аз як қарн боқӣ монд ва пас аз фурӯпошии императории Ур Намлу ва таҷдиди ҳаёти бахше аз он бо дасти Ҳамураппи (1792-1750 то м) ба далели густариши ҷаҳони шумерӣ-аккодӣ дар самти Бобул, пойтахт низ ба сӯи шимолу ғарбӣ ба ҷиҳати Бобул нақли макон ёфт»[255].

Сиришти тамаддуни қабилаҳои ориёӣ қабл аз муҳоҷират ва сукунаташон дар Осиёи Марказӣ ҳанӯз ба таври бояду шояд маълум нагардидааст. Вале роҷеъ ба фарҳангашон баъзе нуктаҳоро муҳаққиқон қайд намудаанд. Аз рӯи маълумоти онҳо қабилаҳои ориёии оғозин гӯё фарҳанги мутараққӣ ва нисбатан пешқадам доштанд ва, аз ин рӯ, дар маҳалҳои истиқрорашон фарҳанг ҳои бумиро зери нуфузи фарҳанги худ қарор додаанд. Шояд бо таваҷҷӯҳ ба ҳамин масъала Марсел Дунари зимни баррасии рӯзгори Осиёи Миёнаву Эрон аз ҷумла қайд намудааст, ки тафовутҳои фарҳангии намоёне миёни қабилаҳои ҳиндуевропой мушоҳида мегардид, ки натиҷаи нуфузи дигаргуниҳои мардумони мухталифе буд, ки ҳиндуевропӣиён дар масири кӯчҳои дарозоҳанганшон бо онҳо дар тамос буданд [256].

Тибқи маълумоти Арнолд Тойнби, бостоншиносон муваффақ шуданд осори бархе аз тамаддунҳоро, ки тамоман ба фаромӯшӣ рафта буданд, аз зери хок берун оварданд. Ин кори бостоншиносон шумори тамаддунҳои шинохташударо мушаххас, назари фарҳангшиносонро роҷеъ ба теъдоди тамаддунҳо афзоиш ва мутолиаи татбиқии онҳоро равшантар гардонд[257]. Роҷеъ ба таъриху тамаддуни иломӣ ё худ ориёӣ то ҳафриёти Шуш иттилои муаррихон хеле маҳдуд буд. Дью Лафво, де Морган ва дигар мусташриқон нахустин тирро ба сӯи ҳадаф— тадқиқи маданияти иломиҳо раҳо карданд ва ҳафриёту тадқиқотҳое анҷом доданд, ки ба бисёр чиҳатҳои таъриху фарҳанги давлати иломиҳо ва умуман тамаддуни ориёӣ то андозае равшанӣ андохт. Чунон ки қайд гардид, дар ҳазораи чаҳорум ва сеюми пеш аз милод

ниҳодҳои ҳукумати иломиҳо ба вуҷуд омад. Мардуми илом, бино ба гуфтаи Саид Муртазо Рованди, давлати худро Эншон ё Энзон мехонданд ва зоҳиран бо ҳамин забон ҳам такаллум менамуданд.

Яке аз падидаҳои муҳимми фарҳанги дар аввалҳои ташаккули давлати Илом рушду камоли нируи истеҳсолӣ ва умуман тавлид дар соҳаи кишоварзӣ, инкишофи саноати фелезкорӣ, истифодаи мису биринҷӣ, пешрафти сафолсозӣ ва дигар касбу ҳунарҳои мухталифе буд, ки боиси шадиду буғранҷ гардидани ихтилофоти иҷтимоӣ гардид ва шояд ҳаллу фасли ҳамин масъалаҳои иҷтимоӣ ҷараёни пешрафти тамаддуниҳои оғозин, аз ҷумла маданияти иломиҳоро тезонид. Зеро агар таърихи авлоди башар бо сухан гуфтан ва маданият бо фатҳи усулҳои кишоварзӣ оғозу ошкор шуда бошад, инкишофи саноат ва технологияи коркарду истифодаи фелезот бо пайдоиши оташ шурӯъ шудааст. Саид Муртазо Рованди мӯътақид аст, ки зуҳури асри биринҷӣ, ки дар Осиёи Миёнаву Эрон ҳудуди 2000 сол қабл аз милод ба вуқӯъ пайваста, мавҷиби тағъироти муҳим дар иқтисоди ин ноҳия гардида, марказҳои рустой, ки метавон онҳоро аз охири асри санги мутааххир мушоҳида кард, тавсиа ёфт ва дар фалоти Эрони бостон дигаргуниҳои назаррасе ба вуҷуд омад ва ин боиси аз ҷиҳати иқтисодӣ наздик шудани иломиён ба дараҷаи тараққиёти давлату тамаддунҳои мутараққии Мисру Бобулу Ошур гардид. Вале муҳаққиқи мазкур тағъиротҳои дохилӣ ва рушду инкишофи баъзе соҳаҳоро сабабу иллати дуюминдараҷаи авзоъи Эрони бостон мепиндорад ва шароити муҳит, камии об, вазъи боду ҳаво ва шароити табииро, ки монеъи инкишофи фалоҳат гардида, зиндагии нимабадавиро барои сокинони деҳот таҳмил мекард, сабабу иллати дорои дараҷаи аввал мешиносад [258].

Чунин ба назар мерасад, ки оҳан дар ҳазораи дуюм аз навъҳои махсуси санг дар Осиёи Миёна ё қисматҳои шимолу шарқи Осиёи Хурд мавриди истихроҷу истеъмол қарор гирифт. Ин ҳодиса пешинаи замонӣ дошт. Фикру мулоҳизаҳои муҳаққиқон дар бобати маҳалли истихроҷу истифодаи фелезот гуногунанд. Баъзеҳо мӯътақиданд, ки маркази пайдоиши асри биринҷӣ дар ноҳияҳои шарқии баҳри Миёназамин буда, аз он ҷо ибтидо ба Урупо ва баъд ба самти машриқ то дараи Ҳинд ва каме баъдтар аз тариқи Туркистон ба Чин интишор ёфтааст. Об кардани фелезот бори аввал дар қисмати шимолу шарқии Урупо—навоҳии назди силсилакӯҳҳои Карпат боиси суръат бахшидан ба раванди интиқоли асри мису санг (энеолит)-и Урупо ба асри биринҷӣ гардидааст. Сохтани силоҳ ва ашёи тазаййунӣ ба як масъалаи ҳаётӣ табдил ёфт. Муҳаққиқони дигар иддао доранд, ки аз замонҳои қадим навъҳои фелезот дар Шарқи Наздик кашф шуда, вале манбаъи он дар ин минтақа кам будааст. Ин кашфиёт дар ибтидо дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мардум назаррас набуда, вале ҳангоме ки фелезотро аз санги маъданӣ тақрибан дар ҳазораи 5-4 пеш аз милод ҷудо карданд, дигаргунии

куллӣ дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ба вуҷуд омад. Чудо намудани миси нисбатан холис ба роҳ монда шуд ва ҷустуҷӯ дар роҳи пайдоиши хӯлаҳо ва омезишҳои дигар пайваста идома дошт.

Дар кишварҳои Шарқи Миёна қисмати шарқии баҳри Миёназамин ва Урупо барои ба даст овардани фаровардаҳои гуногуни фелезот даст заданд. Навъҳои мухталифи фелезот дар дигар нукоти кишварҳои дур низ истеҳсол шуд ва авзоъи иқтисодӣ ва иҷтимоъии онҳоро тағъир дод. Оҳани бадастомада шаклҳои мухталифро ба худ мегирифт. Бино ба маълумоти Вилл Дурант, кӯҳнатарин оҳани коркардашудае, ки мешиносем, чанд қатъа корд, ки дар Бечар Черапии Фаластин кашф шуда ва Филандарз Петча таърихи онро 1350 то милод медонад. Як қарн пештар оҳан дар ҷазираҳои баҳри Эгей пайдо шуда, дар қисмати ғарбии Урупо нахустин бор оҳан дар Ҳелстат (Halstatt)-и Утриш (Австрия) ҳаволии соли 900 пеш аз милод ба даст омадааст. Оҳанро Искандари Мақдунӣ ба Ҳиндустон бурд, Христофор Колумб ба Америка ва Кук ба Уқёнусия интиқол доданд.

Дар ҳазораи дуюми қабл аз милод иломиҳо зимни бархӯрд ва ҷангу ситез бо давлатҳои Сумеру Бобул, ки худ намоёнгари рушду инкишофи фарҳангу санъати низомӣ ва ҳарбии ориёиёни муҳоҷим мебошад, ба ҳаёти иқтисодии худ идома дода, манбаъҳои табиӣ ва зеризаминии худро ба таври васеъ истифода намуданд. Бозаргонони иломӣ дар иқтисоди мадании мамлакату кишварҳои Шарқу Ғарби Аҳди бостон иштироки фаъолона доштанд. Бо вуҷуди убуру мурур аз ноҳияҳои ошуфтаву ноамн ва эҳтиросу хатарҳои зиёд зимни мусофиратҳои бозаргонӣ тиҷорат бо дигар кишварҳо ба роҳ монда шуд. Бо фаро расидани асри биринҷӣ, ки тақрибан дар ҳазораи сеюми пеш аз милод рост омад, биринҷиро ба Осиёи Ғарбӣ мебурданд, роҳҳои ба даст овардани пайвастагиҳову таркиботи гуногуни фелезот оғоз гардид. Осиёи Миёнаву Эрон яке аз муҳимтарин таҳиякунандагони мис, қалъ, сурб, чӯб, санг ва дигар мавод ба шумор мерафт, ки бозаргонон онҳоро ба сарзаминҳои гуногун ба фурӯш мебурданд. Зимни авҷи тиҷорат ва инкишофи робитаҳои бозаргонӣ роҳҳои наву амн ба шарқу ғарби Осиё боз шуда, корвонҳои мутааддиде аз ин ҷоддаҳои ба истилоҳ «абрешим» рафту омад доштанд.

Ҳодисаи дигаре, ки дар охирҳои ҳазораи сеюм ва аввалҳои ҳазораи дуюм рух дод, ба вуҷуд омадани чарх буд. Аксари муҳаққиқон роҷеъ ба истифодаи иломиён аз чарх ва аробаҳои ҷангӣ ибрози назар намудаанд. Масалан, Вилл Дурант навишта, ки "иломиён тоза аз зиндагии биёбонгардӣ берун омада буданд, вале дар ҳамон замон силоҳу абзорҳои мисӣ доштанд, заминро мекоштанд, ҷанваронро аҳлӣ мекарданд, бозаргонии онон аз Миср то Ҳинд идома дошт. Дар канори афзорҳои сангии чақмоқии софшуда, ки моро ба давраи ҳаҷри ҷадид мерасонад, гулдонҳои хушсохти гилӣ мебинем, ки бар онҳо тасвирҳои ҳандасӣ бо тасвири зебои ҷонварон ва гиёҳон расм

шуда. Дар ҳамин ҷост, ки на натҳо нахустин чархи кӯзагарӣ ошкор мешавад, балки нахустин чархи ароба низ ба назар мерсад. Ин афзори содда ва камаҳамияте, ки дар ҳақиқат барои инсон бисёр ҳаётӣ ва судманд аст, баъдҳо дар Бобул ва бисёр дертар ба Миср рӯи кор омадааст»[259].

Албатта чархи аввалин чархи сафолгарист, ки ба пешрафти сафолсозӣ ва маснуъоти маишиву рӯзгор ва дигар касбу ҳунарҳои вобаста ба он такони муассире бахшид. Ва шояд нахустин марҳилае, ки инсон эҳсоси қалби худро дар либоси қолабҳои моддӣ таҷаллӣ намуда, ҳамин марҳилаи сафолсозӣ ва кӯзагарӣ дар Аҳди бостон будааст. Аз ранги кӯза ҳунари наққошӣ ба вуҷуд омад, зеро вазифаи асосии ҳунар эҷоду ибдои зебоист, ки агар аз ҷаҳони ботинӣ таҷовуз карда, шакли моддӣ гирад, тамоми дунёи хориҷиро пур аз ҳунарҳои зебо мегардонад. Қадимтарин чархе, ки то кунун кашф шуда, аз қабрҳои подшоҳии Ур ба даст омадааст. Баъдтар дар заминаи ҳамин чарх чархи ароба ихтироъ шуд, ки ориёиён гӯё аз он зимни тохтутозҳояшон ба таври васеъ истифода намудааанд. Ҳамин чарх баъдтар дар асри оҳан барои обёрӣ дар соҳаи кишоварзӣ мавриди истифода қарор гирифт ва дар тамоми Шарқу Ғарб дар шаклу намудҳои гуногун интишор ёфт. Дар воқеъ, маҳз асри оҳан, бино ба маълумоти «Таърихи тамаддун», боиси ба вуҷуд омадани плуг, шамшерҳо, ханҷарҳои нӯҳтези мустаҳкаму сахттар аз биринҷӣ, ғабарҳои ҷангӣ ва дигар васоили рӯзгору маишӣ гардид. Тарзи гудохтани оҳан ва ворид кардани карбон дар фелезот ҳудуди соли 1300 қабл аз милод дар доманаи кӯҳҳои Қафқоз, шимолу шарқии Осиёи Хурд, ки дар ин ҳангом ин ноҳия қисмате аз императории ориёиҳои мавсум ба «Хети Бузург» буд, ба вуқӯъ пайваст. Аҳамияти низомии ин ҳодиса ҷои шарҳу тавзеҳ надорад ва яке аз омилҳои муҳамми пешрафти истеҳсолоти моддӣ будани он низ ғайри қобили инкор мебошад[260].

Дар натиҷаи омезиши қавму қабилаҳои маҳаллӣ бо аҳолии ҳиндуевропоизабон дар Осиёи Хурд маданияти хетӣ ба вуҷуд омад, ки дар он унсурҳои фарҳанги ҳурритҳову луваиҳиҳо нақши муҳим доштанд. Вале ҳануз тамаддуни хетиҳо дуруст омухта нашудааст. Бояд мутазаккир шуд, ки хетиҳо маданияти моддии пешрафтае доштанд. Дар соҳаи кишоварзӣ, махсусан боғдориву зироаткорӣ бино ба ҳосилхез будани сарзаминашон мақоми хосса дар Осиёи Хурд пайдо карданд. Ҷаву гандум ва дарахтони мевадору зайтун парвариш мекарданд. Дар соҳаи ҳунармандӣ низ фаъолияти боризе доштанд, растаҳои ҳунармандӣ таъсис намуда буданд. Истихроҷу коркарди фелезот (нуқра, бронза,тилло, оҳан) ва сангҳои сохтмонии тазаййунӣ (лазур, мармар, яшм, диорит) ба роҳ монда шуда буд. Асрҳои 15-13 пеш аз милод бо коркарди фелезот бозаргонӣ низ инкишоф ёфт. Хетиҳо ба мисли давлати Митониҳо ва дигар давлатҳои Осиёи Хурд низоми давлатҳои мутамаркази гузаштаро риоят мекарданд, шаҳру вилоятҳоро шоҳ идора мекард, баъзе қаламравиҳои дурдаст дар ихтиёри дастнишондаҳо буданд.

Шояд дар замони хетиҳо бори аввал ба меъмории шаҳрҳо таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир шуда бошад. Биноҳои боҳашамат бо гузоштани хишти хом ба болои таҳкурсии сангӣ сохта мешуданд, ки нишонаҳояшро бостоншиносон дар Нишонтеппа ва Сарикул пайдо намудаанд. «Қасри Хурд» ва «Қасри Боғозкуй», ки дар асри биринҷӣ сохта шуда буданд, шуҳрати зиёд доштанд. Аз ёдгориҳои боқимонда ба ғайр аз зарфҳои сафолӣ ва кӯзаҳои дастаҳояш бо сари ҳайвонот зинатдодашуда, сурати худои ҷангу пирӯзӣ дар рӯи санг, дари қаср, манзараҳои шикор, дарвозаи бо сурати шер ороддодашуда, ҳайкалчаҳои гуногуни биринҷӣ ва ғайраҳоро номбар кардан мумкин аст.

Тамаддуни хетиён ва митониён аз бисьёр ҷиҳат ба ҳам монандӣ доштанд. Баррасии забони он давр низ ҳанӯз такмил нагардида, вале чунин ба назар мерасад, ки дину оин ва русуму одоташон низ бо ҳам шабеҳ будааст. Дар ҳар ду кишвар нуфузи мардумони бумӣ дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ мушоҳида мешуда, вале бештари номҳои худоҳо ҳиндуевропой будааст. Марсел Дунари мӯътақид аст, ки «завҷи эзидони серурӣ гурӯҳи яздон буданд : як эзиди осмон ва як модарязд, ки метавон онро бо Кибеле (Cybele) яке шумурд. Аз пайванди ин ду эзид ҷавоне зода шуд, ки ҳамоҳанги фарзанд ва дилбохтаи Эзидбону буд. Ин се тан дар ганҷисҳое нақш шудаанд, ки ҳамеша нируманду ҷовидонанд. Ёдгории катбӣ аз митониҳо боқӣ намондааст, ки таърихи иқтисодиву иҷтимоии онро муайян намоем. Ба ҳар ҳол, рушду инкишофи давлати Митониён ба даврае рост омад, ки ду ихтироъи муҳим боиси сарватманд шудани Митониён, Сурия ва Финикия гардиданд [261].

Бино ба ақидаи муаллифони «Дебочае бар ҷаҳони бостон» фарҳанги хетиҳо то ҳадди зиёде марҳуни тамаддунҳои Байнаннаҳрайн аст. Онҳо хати мехиро пазируфта, забони аккодиро дар Аҳдномаҳояшон истифода намудаанд. Ёдгориҳои фарҳангӣ, аз ҷумла осори адабии тамаддунҳои Байнаннаҳрайн ба монанди ҳамосаи Гилгамеш ба хетӣ тарҷима шудааст. Аксари матнҳои мазҳабӣ ба забонҳои бостонии ғайрихетӣ нигошта шудаанд [262]. Манбаъи дигари фарҳанги хетӣ Аҳдномаҳо мебошанд, ки дар онҳо робитаи байналмилалии империяи хетӣ, аз ҷумла муносиботи хетиён бо дастнишондагонашон ва ё фармонравоёни давлатҳои иқмории хетӣ иштилооти фаровон дода шудаанд. Ба фикри Вилл Дурант аҳдномаи мунъақида байни хетиҳои ориёӣ ва митониён дар оғози асри 14 пеш аз милод яздони ҳиндуэронӣ ва русуму одоти ориёӣ зикр шудаанд. Бино ба маълумоти Иброҳими Пурдовуд « дар Осиёи Хурд» хутути мехӣ мутааллиқ ба соли 854 пеш аз милод аз Тиглат Пилесер (Tiglat Pileser)-подшоҳи Ошур пайдо шуда, ки дар он номҳои чанд тан аз бузургони ориёӣ сабт шудааст. Солномаҳо ба гиромидошти кирдорҳои диловаронаи шоҳ пардохтаанд. Корнамоиҳои шоҳон дар лавҳаҳои гилӣ, девори маъбадҳо ва сутунҳо манқушанд [263].

Аз руи ақидаи Ралф Линтон хетиҳо аз ҳамон ибтидо, яъне аз солҳои 1800 то1600 пеш аз милод оҳанкориро аз худ карда буданд. Ӯ дар ин бора навиштааст: «интишори санъати оҳанкорӣ дар Урупо пас аз инқирози императории хетӣ, бо эҳтимоли қавӣ, тавассути оҳанкороне, ки қадам ба мусофират гузорда, пароканда шуда буданд, анҷом пазируфтааст. Қабоили скифи Урупои Шарқӣ, ки бори аввал ба кӯмаки оҳанкорони даврагарди хетӣ тарзи истеъмоли оҳанро фаро гирифтанд, қабл аз ҳар чиз он фелезро дар сохтани силоҳҳои ҷангӣ мавриди истифодаи худ қарор доданд ва бадин тартиб аз лиҳози нируи ҷангӣ ба ҳамсоягони худ бартарӣ ёфтанд ва кам-кам зери султаи худ даровардaнд» [264]. Хетиҳо пеш аз он ки аз саҳнаи таърих маҳв шаванд, ба тараққии қобили мулоҳизае дар заминаи истифода аз оҳан даст заданд ва солҳои тӯлонӣ инҳисори онро дар даст доштанд. Ба гуфтаи Ҷ. Маккуин, хетиҳо ба туфайли аз фелезот сохтани лавозимоти ҷангӣ ва ҳукмронии аристократҳои ҳиндуевропой тавонистанд дар саҳнаи таърих дар тӯли дуюним аср ҷилванамой кунанд.

Дар мавзӯъи забону хат чунин нуқтаро қайд намудан зарур аст, ки чуп иломиён давлати худро Энзон меҳонданд, онҳо бо ҳамин забон низ такаллум мекарданд, вале забоншиносон мӯътақиданд, ки забони иломӣ забони расмии давлати иломиён мебошад. Агар ба таърихи масъала назар афканем, маълум мегардад, ки китобат аслан дар Шарқи Наздик ҳанӯз дар ҳазораҳои 6-5 пеш аз милод ба вуҷуд омада буд. Ташаккули навъҳои китобати ибтидоиро ҳам дар Миср Байнаннаҳрайн ва ҳам дар Эрону Ҳинду Чин мушоҳида намудан мумкин аст, зеро бори аввал навъҳои гуногуни хатҳои тасвирӣ ё пиктографӣ ба таври мустақил дар минтақаҳои гуногуни Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ арзи вуҷуд намуданд. Аз ин рӯ, хати тасвирӣ қадимтарин ва ибтидоитарин хати бостонӣ ба шумор меравад, ки тибқи он ниёгони мо сурати ашёё ва матолиби мавриди назарро мекашиданд ва агар он чиз сурати хоричӣ надошта бошад, бо аломатҳои рамзӣ манзуру мақсуди худро ифода мекардаанд. Масалан, дӯстиро бо кабӯтар ва душманиро бо мор, ҷангу ҷидолро бо бабру паланг, сулҳу мусолиматро бо гӯсфанду оҳу, шодиву суруро бо рақси зану марде нишон медоданд.

Дар Миср усули кандани нақш ба тасвири нимбарҷаста дар руи санг, дар Байнаннаҳрайну Эрон бо истифода аз гил ҳарфҳоро ба сурати аломатҳои дақиқу зовиядори хати мехӣ даровардa. Дар Чин ҳарфҳо бо харош додан ба сатҳи устухон ё чӯби хизрон ҳак мешуд. Хати тасвирӣ ишора ба нисбат додани аломат бар маънӣ ба мисли ифодаи мафҳуми об бо тасвири хатҳои мавҷдор ё худ сахтӣ ба тавассути нақши санг мекард. Ба ин маънӣ муҳаққиқон ин навъи хатро хати идеографӣ (андешадор) меномиданд [265]. Вилл Дурант мӯътақид аст, ки баъди хати иероглифӣ хати муқаддас (hieratic), сипас хати тӯдаӣ (demotic) ба вуҷуд омадааст. Бино ба маълумоти маъхазҳо дар ҳазораи сеюми қабл аз милод китобати хаттӣ

муштақ аз хати тасвирӣ ба вуҷуд омад. Шояд ин ҳамон хате бошад, ки дар забоншиносӣ онро пиктография меноманд ва ба воситаи сурату тасвирҳо ифода мегардид. Хати ҳиҷоӣ (силлабограмма) дар сарзамини сумериҳо ба вуҷуд омада буд, ки аккодиҳо онро дар аввалҳои ҳазораи сеюм ва Бобулу Ошур дар охири ин ҳазора қабул намуданд.

Осори тамаддуни иломӣ нишон медиҳад, ки китобати мазкур дар сарзамини Илом ба худ шакли хати мехӣ – яке аз навъҳои хати идеографиро гирифт ва чуноне ки баъдан хоҳем дид, ин хати мехӣ такомули худро дар хати мехии форсии Ҳахоманишиён ёфт ва ба унвони хати расмии давлатӣ қабул шуд, ки бо номи хати форсии қадим дар адабиёти забоншиносӣ ёд мешавад. Ба ибораи дигар, хати сумерӣ-аккодӣ тавассути фурӯ бурдани қалам ба руи лавҳ навишта мешуд. Аломатҳои он дорои гӯша ва ё дунбола ва бо сурати мех монанд буд. Бо мурури замон шакли тасвирии худро аз даст дода, ба шакли соддае даромад, ки ҳар аломат як калимаро ифода мекард. Ба ҳар ҳол, ба вуҷуд омадани ҳамин хати мехӣ нишондиҳандаи пешрафти таъинкунанда дар такомули ҷомеъа гардид.

Агар ин масъаларо дунбол намоем, ба хубӣ равшан мегардад, ки дар пайдоиши хати ҳарфию овозӣ саҳми финикиҳо ниҳоят бузург аст. Бино ба маълумоти муаллифони «Таърихи тамаддун» дар заминаи ба вуҷуд овардани алифбо талошҳои зиёде шуда буд, вале ҳеҷ яке ба муваффақият ноил нашуданд. «Ҳудуди соли 1000 пеш аз милод финикиҳо ба халқи як алифбои воқеъӣ муваффақ шуданд, ки дар он ҳар ҳарфе ба як ҳарфи бесадо марбут мешуд ва ин шево имкони навиштани ҳар забонеро ба осонӣ медод. Системаҳои хат ба суратҳои мустақил дар навоҳӣ ва дар давраҳои гуногун ба вуҷуд омада буд: масалан дар Сумер, дар Чин, дар ҷануби Мексика. Аммо алифбо фақат як бор халқ шуда буд ва тамоми алифбоҳои мавриди истифода аз алифбои финикиҳо муштақ мешавад [266]. Ҳамин ақидаро дигар муҳаққиқон низ қайд намудаанд. Масалан, дар таҳқиқоте тахти унвони «Хат ва пайдоиши он» омадааст, ки « нахустин хати овозии софро финикиҳо ба вуҷуд оварданд, ки баъдтар асоси ҳамаи хатҳои ҳарфӣ-овозӣ гардид. Қадимтарин хати финикӣ ба асрҳои 12-10 то милод тааллуқ дорад. Дар Шарқ аз хати финикӣ хати оромӣ пайдо шуд, ки аз он қариб ҳамаи хатҳои ҳарфӣ-овозии қитъаи Осиё сарчашма гирифтанд»[267].

Ба ақидаи Ралф Линтон ҳамон тавре ки ихтироъи оҳану оҳангарӣ ашёву лавозими фелезиро дастраси оммаи мардум гардонид, пайдоиши алифбои воқеӣ низ хондану навиштанро ба мардум омӯхт, финикиён зимни муомилоти бозаргониашон эҳтиёҷ ба номанависӣ, бастани қарордоду паймонҳо пайдо карданд ва алифборо ихтироъ намуданд. Баъдтар юнониён онро пазируфта, дар маҳалҳои мухталиф ба он тағъирот ворид карданд. Аломати садодор бо асли финикии он тафовут пайдо кард, зеро садонок дар гурӯҳи забонҳои сомӣ аҳамияти чандон надорад, аммо барои забонҳои

ҳиндуевропой аз аҳамияти комил бархӯрдор буд. Ин алифбо аз тариқи мағриб ба Италия расида, дар он ҷо ба либоси алифбои лотинӣ даромад, баъд ба сӯи шимол вориди слав(ян)-ҳо шуд ва дар он ҷо асоси алифбои кириллӣ гардид. Ҳамин мазмунро Вилл Дурант қайд намуда, аз ҷумла навишта, ки алифбои финикӣ зимни «тиҷорати мисриву финикӣ ба ҳамаи кишварҳои атрофи Мадитарона интиқол ёфт ва ба сурати гаронбаҳотарин мерос даромад, ки кишварҳои Шарқ барои тамаддуни фарҳанги ҷаҳонӣ боқӣ гузоштанд. Бо вуҷуди ин саҳми финикиён дар тамаддун камартар аст ва бино ба маълумоти фарҳангшиносон онҳо бештар тақлидкор буданд, навоварӣ камтар дида мешуд. Дар масъалаҳои дину оин худоҳои қабилаҳои ҳамсояро мепарастиданд. Финикиён ҳафт ситорае, ки ба истилоҳ «хурӯси бузург»-ро ташкил медоданд ва ҳамеша дар ҷиҳати шимол карор доштанд, ба хубӣ мешинохтанд ва зимни дарёнавардӣ «кишти агар аз тарафи рости худ» «хурӯси бузург»-ро медид, ба тарафи ғарб мерафт ва вақте ба тарафи шарқ раҳсипар мешуд, «хурӯси бузург» дар самти чапи кишти буд. Дар ибтидои охирин ҳазораи то милод финикиҳо бо кӯмаки ин систем дар тамоми қисматҳои дарёи Мадитарона киштиронӣ карда, бузургтарин туҷҷори ҷаҳони қадим шуданд»[268]. Финикиён инҳисори зарфҳои шишагиро низ дар ихтиёр доштанд, ранг карданро бо истифода аз молюскаҳои баҳрӣ ёд гирифта буданд.

Дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ дар Илом рушди кишоварзӣ, ҳунармандӣ, сохтани маснуоти фелезӣ, мисӣ, ба роҳ мондани сафолсозиро махсусан зикр намудан ҷоиз аст. Муҷассамаи зани падшоҳи иломӣ Унтоши Ҳубон – маликаи «Нипер Азу», ки 1750 кг вазн дошта, аз биринҷӣ сохта шудааст, на фақат рушду инкишофи санъати муҷассамасозӣ, балки аз тариққиёти саноати фелезии даврони иломиҳо низ дарак медиҳад. Чирадастии иломиён дар соҳаи фелезкорӣ шояд аз дигар мардумони Осиё ба мерос монда бошад. Сохтани табарҳои ҷангӣ аз биринҷӣ, ба нӯги найзаҳо пӯшонидани кулоҳакҳои биринҷӣ, истифодаи он дар сипару пайкон ва сохтани дигар асбобҳои ҷангӣ гувоҳи пешрафти саноати ҳарбии иломиён мебошад. Тибқи маълумоти Саид Муртазо Рованди ба ҷуз муҷассамаи ёдшуда, муҷассамаи дигари нуқрагине аз Шуш пайдо шудааст, ки 4200 сол умр дорад. Гӯшвораҳои заррини бонувон, кашфи муҷассамаҳои худоён, ба даст овардани чархи гардунаҳои он замон ва бисёр чизҳои дигар муаррафи рушди санъату фарҳанги иломиён ё худ ориёиҳо мебошад. Беш аз 300 лавҳаи гилии мутааллиқ ба 2300-1700 соли пеш аз милод дар шаҳри Шуш тавассути бостоншиносон кашф шудааст, ки ҳақиқати таърихии иҷтимоиву сиёсии Шуш дар онҳо мунъакис гардидаанд. Муҳаққиқи ёдшуда зимни овардани ин маълумотҳо фикри доктор Гиршманро низ дар китобаш иқтибос намуда, ки тибқи он, пешрафти ҳунармандӣ, сохтани зарфҳои гилии

мунаққаш ва дигар намудҳои касбу ҳунар дар ноҳияҳои Гаён ва Силк намунаи равшани гараққиву инкишофи тамаддуни ориёй мебошад [269].

Шаҳри Шуш муҳимтарин ва қадимтарин маркази тамаддуни иломиён мебошад. Бино ба маълумоти Эраҷи Искандарӣ дар сохти он таъсири шаҳр-давлатҳои Байнаннаҳрайн эҳсос мешавад. Масалан, устувонаҳои мутааллиқ ба авоили ҳазораи пеш аз милоди шаҳри Шуш тафовуте аз устувонаҳои шумерӣ надорад ва албатта, ин ягона монандӣ дар бахши сохтмони қасру кӯшкҳо набуда, шабоҳати дохили биноҳо, шакл додани тоқҳо ва тарзи тазйину ороиши биноҳои шаҳри Шуш низ ба биносозии ҳамсоягони ғарбиаш монандиҳои зиёде дорад. Чунин масъала дар расму оин ва парастиши худоёни ибтидоӣ бештар мушоҳида мегардад, ки овардани худои бобулиён-Мардук ба Шуш, пайдо шудани муҷассамаҳои бисёр дигар худоёни бобуливу сумерӣ аз пойтахти иломиҳо, номи сумерӣ доштани бузургтарин худои мавриди парастиши Шуш – Иншушинак мисоли равшани таъсири мутақобилаи тамаддунҳои ибтидоии Аҳди бостон мебошад. Муаллифи ёдшуда ҳамчунин қайд намуда, ки бунёнгузори давлати Иломиён аз ҳамон солҳои аввали ҳукмрониаш ба ободонӣ шурӯъ карда, биноҳои мутааддиде дар шаҳри Шуш барпо намуд ва Пузиро Иншушинак таиҳо подшоҳест, ки катибаҳое бо хатти иломии мутааҳҳир аз худ боқӣ гузоштааст [270].

Бояд чунин нуктаро мутазаккир шуд, ки бешубҳа, тамаддунҳои бостонӣ силсила (система)-ҳои бунёдие доштанд, ки дар меҳвари худ интишори фарҳангҳои ҳамгуна ва аз ҷиҳати гояву моя ва мазмуну мундариҷа ба ҳам наздикро ҷазб намуда буданд. Ин ҷо ба як масъалаи муҳимми дигар низ бояд таваҷҷӯҳ кард. Ин масъала аз он иборат мебошад, ки дар Аҳди бостон ба туфайли яксон будани муҳити маънавӣ ва бархӯрду ситезҳои доимии тамаддуни ориёӣ бо тамаддунҳои Байнаннаҳрайн чи дар соҳаи русуму одобу дин ва чи дар соҳаи иқтисодию иҷтимоӣ омезиш пайдо кард. Ин таъсири мутақобилаи эронизабонону сомиён аз аввали муҳоҷирати қабилаҳои ориёӣ ба Осиёи Марказиву Эрон ва аз тариқи ҷанубу ғарби Эрон ба сарзамини Осиёи Хурд, Сурия, Мисру Фавластин шурӯ шуда, дар замони густариши империяи Модҳову Ҳахоманишиён бо суръати тамом идома ёфт ва дар давраи Искандари Мақдунӣ ва ҳеллинизм ба авҷи аълои худ расида, ба Шарқу Ғарб доман густаронид. Аз ин рӯ, дар маданияти моддиву маънавии ин халқҳо ҷиҳатҳо ва мазмуну мундариҷаи муштараки фаровоне мушоҳида мешавад, ки аз ягонагии назару бениши ҳалқҳои мазкур ба масоили ҳаётии рӯзгори он давру замонҳои қадим шаҳодат медиҳад.

Баррасии афкори ақлии давраи иломиён ҳанӯз аз доираи устура, ки тазминкунандаи ҳақиқатҳои кулливу интизоъист ва имкони баёни айнии

чунин ҳақиқатҳоро фароҳам месозад, берун набаромада буд, вале дар ин асотир роҷеъ ба пайдоиши Оламу Одам ақидаҳои ҷолибе баён шуда. Дар онҳо роҷеъ ба Каюмарсу Ҷамшед ва фарри каёниву ориёй масоили шаҳриёрӣ ва мақому манзалати ӯ дар робита бо яздони нуронӣ, фанонопазирии инсон ва мафҳуми зиндагӣ дар саҳнаи ҳастӣ баён гардида, ки минбаъд дар дини маздоии куҳан ва ислоҳу такмили он тавассуги Зардушт гасаввуроту маъноҳои куллӣ ба худ касб намуда, ба мақому манзалати тафаккури фалсафӣ даромадаанд [271]. Бо нишоҳ аз тамаддуни ориёй маданияти моддиву маънавии Байнаннаҳрайн низ ба камол расидааст. Бино ба маълумоти Муҳаммади Замирон, дар алвоҳи бобулӣ (ҳудуди 2400 то м) низ масъалаи сарчашмаи оламу одам мавриди омӯзиши тафаккури инсонӣ қарор гирифта. Алвоҳи Ниппур (Nippur tables) фарҷоми одамиён ва осори мавҷудоти зиндаро мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, дар ҳамосаи Гилгамеш, ки таърихи тадвини он ба 2000 соли то милод мерасад, роҷеъ ба маънии зиндагӣ ва ғояти ҳастӣ дар либоси устура баҳсҳое ба миён омадааст. Дар Қонунномаи Хамураппӣ русуму одобу ахлоқ бори нахуст ба қолаби қонун даромад ва бо тартибу низоми ҳаёти иҷтимоӣ бунёди қазоӣ бахшид. Дар китоби мисрии «Мурдгон», ки зоҳиран 3500 сол қабл аз милод тадвин шудааст, сарнавишти инсони он давраро дар бораи тақдир нишон дода, дар сурати асотирӣ масъалаи рӯҳро матраҳ намудааст.

Дар воқеъ, фарри ориёй яке аз масоили муҳиммест, ки дар маъхазу гадқиқотҳои муҳаққиқон ба он ишораҳои зиёде шудааст. Чун ин масъала дар дини маздоии куҳан як масъалаи усулӣ ба шумор меравад, баъдтар мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт. Дар ин ҷо танҳо чунин нуктаро қайд намудан зарур аст, ки тибқи маълумоти Ҳошими Разӣ дар «Ҳикмати хусравонӣ» фарри ориёй хусусияти ҷамъӣ ва қавмӣ дошта, мутааллиқ ба ориёиҳост ё сарзаминҳои мутааллиқ ба қаламравашон, аммо фарри каёнӣ фарри махсуси афрод ва шаҳриёрон аст. Ба фикри ӯ «фарри ориёй бояд ба даврони куҳангаре тааллуқ дошта бошад, ҳангоме ки сохтори иҷтимоиву сиёсии аҳвоми ориёй дар миёнашон алоиқи қавмӣ падид овард ва ҳануз ташкилоти сиёсие, ки мунҷар ба подшоҳӣ, шаҳриёрҳои нахустин ва ҳукумати фардии мавсум ба шаҳриёр набошад, вуҷуд надошта—ва дар ин ташкилоти охир аст, ки фарри каёнӣ имкони вуҷуд пайдо кард». Ба ин масъала баъдан хоҳем баргашт.

Аввалҳои ҳазораи якуми қабл аз милод дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ давраи таквини тамаддунҳои навин шуруъ шуда. Ҳодисаи истифодаи саросарӣ аз оҳан, чарху гардунаҳои обёрӣ боиси ба вуҷуд омадани давлату тамаддунҳои тоза дар Осиёи Шарқиву Осиёи Ғарбӣ гардида, марказҳои сиёсати ҷаҳонӣ ба ноҳияҳои аз ҷиҳати манобеъи табиӣ ва обу ҳавои матбуъву муносиб ва заминҳои ҳосилхези мавриди писанд интиқол ёфт ва талошҳои доимӣ барои касби қудрати ҷаҳонӣ аз нав авҷ гирифт. Се қувваи асосӣ

барои касби қудрат дар ин давра ба муҳориба пардохтанд: ошуриёни соминажод, ки баъд аз чандин фатароти фарҳангӣ аз нав ҳомат афрохта буданд; давлати Осиёии Урарту, ки қаблан дар чанголи дарунии печидаи худ дасту по мезад, зимни тағъиротҳои азими рухдода дар ин давра ба сифати ҳарифи асосии ошуриён баромад карда, ба сарзамини онҳо ҳаққи обу гил пайдо карда буд; иломиёни Эрон, ки пас аз чандин низоҳои шадид дар охири ҳазораи дуюми то милод тавонистанд, ки нафаси тозае кашида, гоҳ дар шакли давлати мустақилу алоҳида ва гоҳ дар намуди шаҳр - давлат дар дохили дигар империяҳо арзи вуҷуд намуда, барои ташаккули ду империяи бузург-Модҳо ва Ҳахоманишиён дар Шарқи Наздик замина гузорд [272]. Ошуриён баъди хомушии муваққатӣ дар давраи мавриди назар ҳомат афрохта, пардаҳои зулмати қаблии хешро ба ҳам заданд ва аз нав ба авҷи қудрат расиданд. Бино ба маълумоти «Таърихи тамаддун» дар асри 8 то милод онҳо муҳимтарин императорӣ дар Осиёи Ғарбиро созмон доданд. Пойтахти худ шаҳри Нинво, ки асосгузораш Сен Ношриб буд, аз нав таҷдид намуда, онро ба марҳилаи аввалин шаҳри ҷаҳон расониданд. Ҳукумати Ошурбанипал соҳаи худро дар сарзаминҳои Ошур, Бобул, Арманистон, Мод, Фаластину Сурия, Финикия, Илом ва дигар кишварҳо густурда буд ва аз назари созмони идорӣ яке аз бузургтарин давлати мутамаркази ҳазораи якум ба шумор мерафт. Дар императории ӯ озодии нисбӣ ҳукмфармо буд ва миллатҳои маглуб бо додани хироҷ худро мустақил эҳсос менамуданд. Дар ин давра ошуриён муҷаҳҳаз бо аробаҳои ҷангӣ, дастаҳои пиёда ва саворанизом, найзаву силоҳҳои оҳанин, шамшеру гурзу фалохун ва табарзин буданд.

Дар қаламрави ошуриён дар садри маҷмаъи олии худоён Ону қарор гирифта буд ва ҳамаи фармонҳои расмӣ бо номи ин худо содир мешуд, ҳар қонун аз манзалати илоҳии ӯ сарчашма мегирифт. Еа – раббуннавъи об, Энлил – худо тӯфон, Або – худои илм, Шамаш – худо адолат ва раббуннавъи Хуршед, Син – раббуннавъи Моҳ ва муваккили замон, Иштар – раббуннавъи Зӯҳра ва худованди ишқу ҷанг маҳсуб мешуданд. Аввалин тасаввурот роҷеъ ба пайдоиши олам ба вуҷуд омада буд, ки тибқи он қабл аз ба вуҷуд омадани ҷаҳон беназмию ошуфтагию ғавғо ҳукмрон буд. Баногоҳ оромиш барпо гардид ва Замину Осмон пайдо шуд ва аз пайвастани онҳо ба ҳам аввал худои Ону ва баъдтар худоёни дигар арзи вуҷуд намуданд.

Ошуриён бо эҳдоси бузургтарин китобхона, ки дорои 30 ҳазор лавҳи табақабандишуда мебошад, ифтихор доштанд. Ҳар лавҳ шуморагузорӣ шуда буд ва Вилл Дурант навишта, ки рӯи лавҳҳо ин ҷумла нигошта шудааст: «ҳар кас, ки ин лавҳҳоро аз ҷои худ нақли макон медиҳад ба лаънати Ошур ва Ленит гирифтор мешавад ва номи ӯ ва фарзандонаш аз саҳнаи рӯзгор маҳв хоҳад шуд» [273]. Бештари лавҳҳо мазмунҳои гузориши

расмиро доштанд, баъзе унсурҳои расадбандии ситораҳо, гаъйини толеъ, дастуроти тиббӣ, сурудҳо ва авроди динӣ, силсилаи насаби шоҳону худоён низ дар онҳо дида мешуданд.

Ҳунармандӣ дар Ошур ба пояи Бобул расида буд. Кохсозӣ ва бунёди маъбад, сохтани олоти зинатӣ ва санъати ҷавоҳирсозӣ пешрафти назаррас дошт. Наққошиву рангомезӣ бо сафедии тухми мурғ, луобӣ тараққӣ кард ва баъдтар ин санъат аз Ошур ба Эрон интиқол ёфт. Муҳаққиқон нақши барҷастаи худои некӣ - Мардук, ки худои шарру беназмӣ - Итамитро аз пой дармеоварад, беҳтарин намунаи санъати тасвирӣ дар рӯи санг медонанд.

Дар давраи салтанати Тиглат Пулсари III (745-727 пеш аз м) оғози императории Ошури ҷадид ба шумор меравад. Ҳамин императории Бобули ҷадидро маъмулан императории келдонӣ ё келдониён медонанд. Дар қатори қабилаҳои бумӣ келдониёну оромиён дар қисми ҷануби императорӣ, ки шомили ноҳияҳои ботлоқии Халиҷи Форс буд, зиндагӣ мекарданд. Байни бобулиёну келдониён тафовути зиёде вуҷуд надошт, зеро онҳо зодаи як тамаддун буданд ва сабки зиндагии кучии худро якҷоя иваз намуда, ба худоёни муштарак эътиқод доштанд. Муаллифони «Дебочае бар ҷаҳони бостон» мӯътақиданд, ки дар ин давра истилоҳи «бобулӣ ва келдонӣ тақрибан мазмуни яксон дошта, силсилаи фармонравоён дар манбаъҳои яҳудӣ, юнонӣ ва румӣ бо унвони "келдониён" ёд шудааст».. Масалан, дар яке аз ёдгориҳои хати мехӣ навишта шудааст: «Императории Бобули ҷадид ё Келдонӣ амалан тавассути Набукатнасри II (Бахтуннасри II) таъсис гардидааст. Ӯ ҳамон шоҳест, ки Сурия ва Фаластинро тасхир карда, яҳудро ба давлати дастнишонда табдил дод. Вақте алайҳи ӯ шӯрид, Бахтуннасри II қаламрави подшоҳии яҳудро ба иёлот тақсим кард ва мардуми он ҷойро ба Бобул табъид намуд. Охирин шоҳи Бобул Набонид (Nabonid) аз парастиши худои бобулиён – Мардук даст кашид ва тахти шоҳиро тарк карда, ба саҳрои Арабистон гӯшанишинӣ ихтиёр намуд. Ҳарчанд писараш Билшозар (Belshozzar) ба ҷои ӯ нишаста, кӯшиш намуд, ки вазъро ором нигоҳ дорад, вале мардум аз рафтори падараш сахт норозӣ шуданд ва Бобул ба осонӣ тӯъмаи қудрати тозабунёди Форсҳо гардид».

Дар соҳаи тамаддун сохтани Бурҷи Бобул, ки 90 м баландӣ дошт, аз санъати меъмории келдониён дарак медиҳад. Ин бурҷ бузургтарин бино дар минтақа буд. Дар миёни ин бурҷи мударрач маъбади бузурги худои ошуриён – Мардук ҳамчун нигаҳбони маснади Бобул сохта шуд. Тақрибан дар 500 метрии қисмати шимоли ин бурҷ дар баландии барҳаво қасри шоҳӣ қарор дошт, ки дар васати он қароргоҳи худи шоҳ буд. Вилл Дурант шаҳри Бобул ва роҳҳое, ки онро бо Бурҷи Бобул пайваст менамояд, бурҷи Бобулро дар таҳқиқоташ чунин тасвир кардааст: «Дар атрофи шаҳр чанд хиёбони паҳну равшану зебо онро ба қисматҳо мунқасим мекард. Роҳе, ки маъбидро ба якдигар пайваст мекард «Роҳи муқаддас» ном дошт ва он бо оҷури

қирандуд пушида буд ва бар рӯи он санги оҳак ва санги оҷи қирмизранге фарш карда буданд, то худоён битавонанд бе он ки пойҳояшон олуда шавад, аз ин роҳ бигзаранд. Дар ду тарафи ин роҳрав ду девор бо кошии рангин сохта шуда буд, ки бар рӯи онҳо нақши барчаста бо луоби дурахшон 120 шер дар ҳоли ғурриш намоён буд, то кофирон битарсанд ва ба ин роҳи муқаддас наздик нашаванд» [274]. Ба ҷуз бурҷи Бобул Бахтуннасри II ба сохтану обод намудани шаҳри Бобул бо боғҳои муаллақу маъруф кӯшидааст ва, аз ин рӯ, ин шаҳри бостонӣ ба яке аз аҷоиботи ҳафтгонаи Дунёи қадим табдил гардидааст.

Муаллифони «Таърихи тамаддун» аз падидаҳои дигари фарҳангӣ давлати Лидияро мисол овардаанд, ки баъди ба даст овардани истиқлолаш як силсила шаҳрҳои Юнонро то ба баҳри Эгей ишғол намуда, пулро ихтироъ намуд. Ба фикри онҳо тиллову нуқра қаблан ҳам барои муовиза дар муомилот истифода мебурданд, вале лидияиҳо ба ҷои қолибҳои тилло, ки ба ивази чизе дар муомилот медоданд, сиккаҳои пулиро ба вуҷуд оварданд, ки нақши ҳукмрон ва ё тасвири рамзии дигари ҳакшуда дар рӯи он таъйидкунандаи эътибор ва холисии сикка ба шумор мерафт. Вуруди сиккаҳо дар муомилот қудрату такони тоза ба тиҷорат бахшид ва боиси ободонӣ ва инкишофи ин сарзамин шуд. Гардиши сикка дар тамоми ҷаҳони мутамаддини он аҳд роиҷ гардид ва барои озод шудани муомилот нақши ҳалкунанда дошт.

Фарҳанги подшоҳони навини иломиҳо мисли таърихи сиёсии онҳо дар ин давр ба дурустӣ омӯхта нашудааст. Фақат баъзе ишораҳо дар робита бо падидаҳои фарҳангии Модҳо ва Порсҳо (Форсҳо) мавҷуданд, ки дар заминаи онҳо баъзе унсурҳои тамаддуни иломиён, аз ҷумла муътақидоти онҳоро ҳадс задан мумкин аст. Масалан, Ҳеродод русуму одоти порсиёнро нақл карда, ки дар Авесто назири он ба таври фаровон дида мешавад. Ӯ дар ин бора навиштааст, ки парастиши худованд бидуни доштани маъбаду бут, пешкашии ҳадоё ва қурбонӣ ба худованд (=Зевс) ва Хуршеду Моҳу Замину оташ ва бод роиҷ буд. Ситоиши Анаҳито ва Митра зимни анҷоми маросими динӣ мушоҳида мешуд. Ҳамин ақидаи Герододро Гераклити Кумени (Heraclides Cumanus) дар китобаш, ки таҳти унвони «Персика» дар аҳди бостон нигоштааст, таҳвият дода, «Эҳтироми об ва рудхонаҳо, наолудани онҳо, таҳрими сӯзондани аҷсод, карор додани мурдагон дар ҷойҳои сарбоз ва дахма намуданро аз русуми Порсҳо» дар он аср донистааст[275].

Ин мисолҳо ба он шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз ҳамон русуму одоби куҳани ориёӣ дар ин давра боқӣ будааст. Агар ба гуфтаи болоназари Ричард Фрайро изофа намоем, тасдиқи ин хулосаро ба таври равшантаре мушоҳида намудан мумкин аст. Зеро ӯ нигоштааст, ки «аз аснодиломиёни Тахти Ҷамшед чунин бармеояд, ки дар саросари подшоҳии Дориюш ва

Хишоёршоҳ худоёни парастидашуда дар он пиромун эронӣ, иломӣ ва ҳатто бобулӣ буданд, кӯҳҳо ва рудҳо парастиш мешуданд ва нузуроте тақдим мешуд, ки ҳукумат ба ҳамаи онҳо кӯмак мекард». Аз ин иқтибос, бешубҳа, ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки ҳанӯз дар авоили ҳазораи якум ё ҳеҷ набошад то давраи императории Ҳахоманишиён қариб ҳамаи русуму одоби даврони иломӣ ва анъанаву суннатҳои қавмҳои ориёӣ идома доштанд ва ё беҳтар аст бигӯем, ки омезишу интишори ориёиҳо ба дараҷаи камол расида буд ва тамаддуни ориёӣ дар сарзамини паҳновари Осиёи Миёнаву Эрон бо тамоми манзалаташ густариш ёфта, аз ҳудуди сарзаминҳои мазкур тачовуз намуда буд.

И. Дяконов низ ҳамин нуктаро таъйид намуда, дар бораи оини Модҳо гуфта, ки даврони аввали модӣ дини мутамоил ба оинҳои ғарбӣ, ба вижа ошӯрӣ буда, дар нимаи дуюм, яъне баъд аз қарни 7 то милод дини зардуштӣ миёни модҳо ва ба воситаи онҳо миёни порсҳо ривоҷ ёфтааст. Чунин фикр ба ҳақиқат наздик аст, зеро, чуноне ки қайд гардид, дар натиҷаи робитаву муносибат ва ҷаш у ситези иломиҳои ориёӣ бо давлатҳои Бобулу Ошур байни онҳо худоҳои муштарак вуҷуд доштанд, ки пайдоиши муҷассамаҳои бобуливу ошурӣ тавассути бостоншиносон дар шаҳри Шуш далели ин гуфтаҳо мебошад.

Бино ба маълумоти маъхазҳо яке аз қитъаҳои сарзамини модҳо «Байт-ул-иштор» хонда мешуд, ки он сумбули илоҳаи ишқ ва борурии бобулӣ буд. Ҳатто дар маркази давлати Модҳо-Экбатана кӯчнишинии бобулиён мавҷуд будааст, ки худои бузурги бобулӣ-Мардукро мепарастида. Аз ин нуқтаи назар, Ҳошими Разӣ баҳсу баррасии оинҳои сершумори давраи шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён дар Эронро дуруст ба миён гузошта, ҳамвора қайд намудааст, ки шояд оини худи Ҳахоманишиён аз оинҳои ҳиндуэронӣ ё ориёӣ, оини маздой ва оини зардуштӣ иборат бошад. Ба ҳар ҳол, ӯ таъкид карда, ки «таърихи дини Модҳоро аз лиҳози замонӣ бо таваҷҷуҳ ба таъсироти зардуштӣ ба ду давра метавон тақсим кард. Нахуст даврони пеш аз садаи ҳафтуми то милод ва дуюм даврони пас аз садаи ҳафтум. Дар давраи аввал нуфузу нишонаи дини зардуштӣ кам ва дар даврони дуюм зиёдтар мебошад»[276].

Муҳаққиқон муътақиданд, ки давлати Модҳо фурсате пайдо накард, ки саҳми бузурги худро дар бинои бузурги тамаддунни ҷаҳонӣ гузорад. Он фақат роҳро барои густаришу инкишофи фарҳанги Осиёи Миёнаву Эрон ҳамвор кард. «Эрониён забони ориёӣ ва алифбои 36 ҳарфаи худро аз Модҳо гирифтанд ва ҳамин модҳо сабаби он буданд, ки эрониён ба ҷои лавҳи гилӣ коғази пӯстӣ ва қалам барои навиштан ба кор баранд. Қонуни ахлоқии эрониён, ки дар замони сулҳ самимона ба кишоварзӣ бипардозанд ва дар ҷанг матҳур ба бебок бошанд ва низ мазҳаби зардуштии эшон ва эътиқод ба Аҳуромаздову Аҳриман ва созмони падаршоҳӣ ё тасаллуги падар дар

хонавода ва тааддуди завҷот... ҳама решаи модӣ дошта, мутаассифона аз адабиёту ҳунари ин қавм як пора санг ё ҳунаре ҳам боқӣ намондааст» [277].

Агар ба ду иқтибоси боло таваҷҷуҳ кунем, аз онҳо чунин бармеояд, ки маркази ташаккулу инкишофи дини зардуштӣ баъд аз асри 7 то милод Отрупотен (Озарбойҷон) ё Рай буда, яъне оини зардуштӣ аз он ҷо сайри худро шуруъ намуда, бо мурури замон аз Ғарб ба Шарқ интишор ёфтааст ва ба фикри Саид Муртазо Рованди маншаъи оини зардуштӣ марбут ба Мод аст ва Авесто низ кори мубадони модист. Дар бораи дини зардуштӣ дар фасли алоҳида баҳси муфассале ороста хоҳад шуд ва, аз ин рӯ, ба ҷузъиёти ин масъала напардохта, ба баррасии фарҳанги даврони Ҳахоманишиён шуруъ менамоем, ки яке аз дурахшонтарин марҳилаи таърихи тамаддуни ниёгони мо – ориёиҳо мебошад.

Тамаддуни даврони ҳахоманишӣ шояд таҷассуми тамоми он падидаҳои фарҳангӣ бошад, ки Осиёи Миёнаву Эрон аз замони муҳоҷирати ориёиҳо сар карда то ба сари қудрат омадани ин сулола зимни пеш бурдани ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ онҳоро ташаккул дода, ба пояи баланди инкишоф расондааст. Халқҳои Осиёи Миёнаву Эрони бостон рӯзгореро аз сар гузаронидааст, ки таййи он ҳам дар соҳаи сиёсӣ, ҳам дар соҳаи иҷтимоӣ ва ҳам дар соҳаи иқтисодию фарҳангӣ на фақат ҳуввияти миллии худро аз даст надодааст, балки онро дар заминаи касби таҷрибаи давлатҳои оғозини таърих ба пояи баланди иртиқоъ расонидааст. Гузашта аз ин, дар ҷараёни барҳурдҳо ва ҷангу ситез бо аввалин императориҳои ҷаҳонӣ ва қудратҳои бузурге, ки қабл аз давлатдории онҳо ва ё ҳамзамон бо он дар арсаи пайкор ҳозир шуда, барои масдари ҷаҳонӣ шудани нуфузу сиёсаташон мубориза мебурданд, гоҳ дар чанголи нокомӣ дасту по зада, гоҳ аз он чангол ба туфайли заковату қудрати ақлӣ раҳоӣ ёфта, ҳукми равои худро аз маснади шоҳӣ ба дигарон эълон доштааст.

Дар давраи Ҳахоманишиён, чун дар саросари таърихи Шарқи Миёна, ҳокимияти шоҳ шакли табиии ҳукумат маҳсуб мешуд. Шаҳриёрони ҳахоманишӣ шоҳони мустабиде буданд, ки тамоми қудрату сиёсатро дар даст ва ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҳукми раво доштанд. Онҳо, пеш аз ҳама, фармондеҳи артиш буданд, ба майдони корзор худашон ҷӯшунро мебурданд, дар набардҳо бевосита иштирок мекарданд, қудрати қазоии олиро таҳти назорат доштанд ва дастгоҳи идориро мустақиман сарпарастӣ мекарданд. Бо вуҷуди қудрати мутлақ доштанашон шоҳони ҳахоманишӣ ба маслиҳату машварати ашрофони баландпоя дар умури низомӣ, интихоби ворисону волиён дар сатрапҳо ва дигар масоили дорои аҳамияти давлатӣ гӯш медоданд. Чунин амал, бино ба маълумоти муҳаққиқон, дар фаъолияти империяҳои шоҳони собиқи шумерӣ, ошурӣ, хетӣ, финикӣ низ мушоҳида шуда.

Идора намудани сарзамини васеъву паҳновари императорӣ барои

шоҳони ҳахоманишӣ кори осоне набуд ва барои пешгирии ошубҳо ва хурӯҷи халқҳои қаламрави империя,инчунин бо мақсади беҳбудӣ бахшидан ба созмони идорӣ ва назорати кишварҳои тасхиршуда, ба тартибу низом даровардани боҷу хироҷ ва пурзӯр намудани қушун ислоҳоти маъмуриву молӣ гузарониданд. Дар натиҷа тамоми қаламрави империяи Ҳахоманишиён ба 20 хшатрапия ё сатрап (шаҳр-давлат)-и алоҳида тақсим гардид ва низоми муносибатҳои собити ҳокимияти марказӣ ва сатрапҳо ба роҳ монда шуд. Роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои чунин тақсимоти маъмурӣ дар қисмати «Таърихи сиёсии ориёиҳо» иттилоъ дода шуд. Дар ин ҷо чунин нуктаро қайд намудан зарур аст, ки ба туфайли чунин тақсимот ҳокимияти марказии императорӣ ба дастгоҳи азими салганатӣ ва иҷрой табдил ёфта, ки муносибати мутақобилаи сатрапҳои қаламрави давлати ҳахоманиширо бо ҳокимияти марказӣ муайян намуд ва ҷараёни доду ситади онҳоро мушаххас кард.

Эҳсон Табарӣ зимни баррасии мухтассоти такомули ҷомеъаи Эрони бостон ба тамаддуни давраи ҳахоманишӣ таваққуф намуда, онро «мақорин бо яке аз адвори ҷаҳонии авҷи маданият» ҳисобида, зимнан қайд кардааст, ки «басти фалоҳат ва боғдорӣ, истихроҷи маъданиёт монанди оҳану тиллову нуқра, истифода аз чарху ароба, иртиботи ақвоми кӯчанда ва ораманда, густариши бозаргонӣ ва ривоҷи сиккаи пул буғранҷтар шуда, тақсими кор дар санъату кишоварзӣ, даст ба даст шудани таҷоруби маданиятҳо, давлатҳо ва қавмиятҳо ва ғайра таҳаққуқ ёфтааст. Дар ин даврон улгуи он ҷомеъаҳое, ки тобеъи як ҳокимияти мутамаркази дорои системи муназзами хироҷҳо ва аворизи мухталиф аз кишоварзӣ, саноеъ, банодир, роҳҳо ва ғайра ба шакли рушдёфтае дар Эрон падид мешавад. Ин улгу дар ҳудуди умдаи худ ҳазорон сол дар кишвари мо поянда аст»[278].

Аз тамоми гӯшаву канори қаламрави империя ба дарбор, ки дар шаҳри Шуш воқеъ буд, «барои анҷоми амалҳои марбут ба умури идорӣ кормандони маъмурӣ меомаданд. Ҳамин хел марказҳои умури идорӣ дар Бобул, Экбатан, Мемфис ва дигар шаҳрҳои бузурги қаламрави ҳахоманишӣ вуҷуд доштанд. Бештари сатрапҳоро бузургони Форс идора мекарданд. Доро вазифаҳои гражданиву низомии сатрапҳоро бисёр муфиду самаранок ба роҳ монда буд. Асилзодагони Форс ба заминдорони калон табдил ёфтанд ва заминҳои давлатӣ ё худ шоҳӣ низ нисбат ба заминҳои маъбадҳо (вақфӣ) босуръат меафзуданд. Худи заминдорон дар шаҳрҳои калон иқомат доштанд ва заминҳоро намояндагонашон идора мекарданд, қисмате аз онро иҷора медоданд. Дар фалоҳати Осиёи Миёнаву Эрон аз мулкҳои бузург ва амлоку мазрааҳо давлат андоз меситонд. Мулкҳои нисбатан хурд аз молиёт тақрибан озод буданд.

Иқтисоди асосии давлатҳои марказӣ дар аввалин императориҳои

оғозини таърих аз ғаниматҳои ҷангӣ. андозу молиёт, хироҷ аз давлатҳои мафтуҳа ва даромади корҳои кишоварзӣ иборат буданд. Чунин тарзи иқтисоди хоҷагӣ дар тамоми давлатҳои Шарқи Миёна, аз ҷумла дар императории Ҳахоманишиён маъмул буд ва таҳти назорати давлат қарор дошт. Он аз иқтисоди классикии Юнону Рум фарқи куллӣ дошт. Марди оддӣ дар империяи ҳахоманишӣ саводи кофӣ надошт ва бо корҳои кишоварзӣ машғул буд. Дар китоби муқаддаси Авесто кишоварзӣ муҳимтарин ва накӯтарин кори авлоди башар дониста шуда, ҳама ба кишти зироат даъват гардида. Аз ин рӯ, қисми замине, ки моли мардум буд, худашон мекоштанд ва дон мебардоштанд, қисми дигари замин, ки ба ашрофону феодалҳои калон мансуб буданд, бо роҳу воситаҳои гуногун коркард мешуданд.

Баробари рушду иникшофи кишоварзӣ сохтану эҳдос намудани системаҳои обёрӣ ва кофтани каналу ҷӯйборҳо ба роҳ монда шуданд. Камбуди об дар замони Ҳахоманишиён то андозае ҳал гардид ва обёрӣ аз дарёҳо, чашмаҳои кӯҳӣ, чоҳҳо ва коризҳо ба роҳ монда шуд. Заминҳои барои низомиён ҷудошуда ба таври коллективӣ коркард мешуданд. Аз меҳнати асирон дар соҳаҳои гуноғуни кишоварзӣ ва маишӣ истифода мебурданд.Онҳо бо вуҷуди асир буданашон ҳуқуқҳои зиёде доштанд ва дар умури иҷтимоӣ аз ҳуқуқҳои баробар бо дигарон бархӯрдор буданд.

Кишти зироат дар Осиёи Миёнаву Эрони бостон яке аз кӯҳнатарин конуни зироат ба ҳисоб мерафт. Чуноне ки гузашт, ҳанӯз дар ҳазораи чаҳоруми пеш аз милод ниёгони мо ба парвариши нок, зардолу, анҷир, ангуру анор ва дар қисматҳои ҷанубӣ ва соҳилҳои Халиҷи Форс дарахти зайтун, нахли хурмо ва ғайра машғул буданд. Каме баъдтар дар соҳилҳои руди Корун ба парвариши найшакар, биринҷ ва дигар навъҳои зироат пардохтанд. Масъалаи зироаткорӣ ва чорвопарвариро Саид Муртазо Рованди баррасӣ намуда, зимни он аз Авесто чунин иқтибос оварда: «Касе, ки тухми зироат мекорад, ба тарвиҷи оини мардум мекӯшад. Подоши чунин касе бо сад дуову ибодати яксон ва аз ҳазор бор адои маросими мазҳабӣ ва сад ҳазор қурбонӣ накӯтар хоҳад буд». Баъди овардани чунин иқтибоси ӯ ба чунин хулоса расидааст, ки ақоиди Зардушт як омили муҳимми тараққӣ барои он замон буд ва мардумро барои зиндагии деҳқонӣ, шаҳринишинӣ ва муҳаббат ба ҳайвоноти аҳлӣ ва эҳтиром ба обу дарахту зироат даъват намудааст[279].

Додани молиёт барои ҳамаи сатрапҳо вобаста ба ҳаҷми замини зироат ва ҳосилхезии он ҳатмӣ буд. Молиёт ҳам пулӣ ва ҳам молӣ (ҷинсӣ) буда. Миқдори андозу молиёт дар таҳқиқотҳои гуногун ба таври мухталиф оварда шудааст. Масалан, Вилл Дурант иттилоъ дода, ки Ҳиндустон 4,680 талент(толон), Ошуру Бобул 1000 талент , Миср 700 талент, чаҳор иёлоти Осиёи Хурд 1,760 талент ва кули маблағҳои молиёти рӯида аз сатрапҳо ба ҳисоби миёна 14,560 талентро ташкил медод. Як талент баробар ба 30 кг

нукра буд. Ба ҷуз ин ҳар сатрап вазифадор буд, ки молҳои маниди ниҳ ви шоҳ ва дарборро таъмин намояд. Масалан, Миср бояд ғалла, ки барои хурдани 120 нафар дар сол буд, омода намояд, Модҳо бояд 2000 сар гӯсфанд медоданд. Арманистон 30 ҳазор курраасп ва Бобулиен 500 ғуломи ахташуда дар сол ҳадя менамуданд. Мегӯянд, ки ҳангоми Осиёи Миёнаву Эронро тасхир намудани Искандари Мақдунӣ дар хазонаи Ҳахоманишиён 180 ҳазор талент пул нигаҳдорӣ мешудааст. Фақат Форсҳо ва баъзе марказҳои муҳимми тиҷоратӣ монанди шаҳрҳои бандарии Финикия аз додани молиёт озод буданд. Чунин имтиёзҳо дар дигар императориҳои оғозин низ мушоҳида мешуд ва баъдтар низ суннати барқарории маъофияти сарзамини аслии миллати ғолиб дар саҳнаи таърих боқӣ монда.

Аббос Иқбол зимни бахс дар пиромуни хадамоти эрониён ба тамаддуни ҷаҳонӣ чунин нигошта: «Дар тамаддуни моддӣ он чи асари дасти эронӣ дар он комилан ошкор ва дахолати устодонаи ин қавм дар он ҳувайдост хат ва сикка, чопор ва роҳсозист». Қисмати аввали ин иқтибос ба хату забон ишора намудааст. Дар бораи забони давраи ҳахоманишӣ дар қисмати «Қабилаҳои ҳиндуэронӣ ва ҳиндуевропой» маълумоти кофӣ оварда шуда. Дар ин ҷо фақат чунин нуктаро бояд қайд кард, ки Ҳахоманишиён дар ҷойгоҳи аслии худ ба забони модӣ-форсӣ мақоми арзанда доданд. Дар навиштани хати мехӣ ва алифбои ҳиҷоии оромӣ кӯшишҳои зиёде ба харҷ доданд, «алифборо ба 36 ҳарф расониданд ва рафта рафта ба сурати мақотеъи ҳичой берун омада, шакли ҳуруфи алифбои мехиро ба худ гирифт». Дар замони Куруши II забони идорӣ забони оромӣ буд. Баъдтар Доро зимни ислоҳоти маъмурӣ ба ин забон дар сатрапҳои шарқии қаламрави империя мақоми расмӣ дод ва тамоми фармону дастурот ва ҳуҷҷатҳои расмӣ аз марказ бо ин забон ба атрофу акноф паҳн мешуданд. Котибону дабирон, ки маъмулан донандаи якчанд забон буданд, онҳоро ба забони маҳаллӣ тарҷима мекарданд. Давлати Ҳахоманишиён барои ривоҷи забонҳои ғайрирасмӣ низ имкониятҳои фаровон фароҳам оварда буд. Масалан, забони юнонӣ дар миёни мардумони юнонизабони соҳилҳои баҳри Миёназамин ва ҳаволии баҳри Эгей, забони мисрӣ (бо хати иероглифӣ ё алифбои шикастаи мисрӣ) дар Миср ва дигар сатрапҳои қаламрави империя низ мушоҳида мешуд.

Сикка задании пул, ки дар иқтибоси болo ба он ишора шудааст, таърихи тӯлонӣ дорад. Дар Шарқи Миёнаи бостон сикка задании пул маъмул набуд ва воситаи пардохт маводҳои ғуногун, аз ҷумла замин буд. Дар бозор аввалҳо таъвизи мол ба мол мушоҳида мешуд, вале рушди бозаргонӣ истифодаи воситаи собити пардохтро талаб мекард, зеро муомилоти таъвизи мол ба мол мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд меовард. Аз ин рӯ, ғалла, нукра, тилло, қалъ,мис дар замонҳои гуногуни таърихи давлатҳои Шарқ ҳамчун воҳидҳои собит дар муомилот истифода шудаанд. Бо мурури замон нукра дар Байнаннаҳрайн ва мис дар Миср ҳамчун воситаи

хоси пардохт қабул шуданд. Баъди ироаи ин маълумот муаллифони «Дебочае дар ҷаҳони бостон» қайд кардаанд, ки дар асрҳои 8-7 қабл аз милод Сурия, Ошур ва Лидия «ба таҳияи ҷитъаи фелезоти гаронбаҳо бо вазни собит пардохтанд ва руи онҳо нишоне ҳак карданд. Ин ҷитъаи фелезотро метавон нахустин сиккаҳо талаққӣ кард. Бо ин ҳол аз ин қатаъоти фелезӣ фақат барои мақосиди иҷтимоиву сиёсӣ (мубодилаи ҳадоё) истифода мешуд. Як қарн баъд буд, ки сикка барои нахустин бор дар Юнон коркарди тиҷоратӣ касб кард. Дар Ховари Миёна пул ба сурати сикка барои аввалин бор дар қаламрави шоҳаншоҳии ҳахоманишии Эрон ва ба вижа дар давраи салтанати Дорои 1 ба сурати маҳдуде дар бахши ғарбии императорӣ ривоҷ ёфт. Арзиши сикка дар оғоз то ҳадди зиёде бастагӣ ба мизони нуқра ва вазни он дошт»[280].

Бино ба маълумоти маъхазҳо Дорои 1 соли 517 то милод воҳиди ягонаи пулӣ дар тамоми қаламрави империяи ҳахоманишӣ ҷорӣ кард, ки он асоси ситемаи пулии он гардид. Онро «дарик» («daric») меномиданд. Вилл Дурант мӯътақид аст, ки «дарик» ба номи Доро ё Дориюш ҳеҷ муносибате надорад ва аз он муштақ нашудааст. Ин ном аз калимаи «зарик» ба маънои «заррин» гирифта шуда, баробар бо 8.4 грамм тилло будааст. Нисбати «дарик»-и тилло ба «дарик»-и нуқра, ки 5,6 грамм вазн дошта 13,5 бар 1 будааст. Муаллифони «Таърихи Шарқ» мӯътақиданд, ки ин нисбат 1/20 буда, дар ҳар ду намуди пул («дарик»-ҳои тиллой ва нуқрай) тасвири шоҳ зарб шудааст. «Дарик»-и нуқра дар сатрапҳои қаламрави империяи Ҳахоманишӣ, шаҳрҳои юнонии воқеъ дар Осиёи Хурд барои додани пули коргарони кироя ва низомиён низ сикка зада мешуданд. Чунин нуктаро низ бояд қайд кард, ки пулҳои сикказадашуда, берун аз ҳудуди Осиёи Хурд ба таври васеъ истифода намешуданд. Муҳаққиқон қайд кардаанд, ки то ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ дар мамолики берун аз сарзамини баҳри Миёназамин истифодаи сиккаҳои зарбшуда дар империяи Ҳахоманишӣ маъмул нагардид. Калеман Ҳовер мӯътақид аст, ки сиккаҳоие, ки Дорои 1 зарб карда буд, ба номи худи ӯ «дарик» хонда мешуданд ва дар руи сикка шоҳ дар ҳолати тирандозӣ тасвир шудааст, ки ба камонаш хам дода, як зонуро бар замин ниҳодааст. Руи дигари сикка доираи фурӯрафтаи нақшшуда дошт[281].

Қисмати охири иқтибоси фавқ роҷеъ ба чопору роҳсозӣ далолат мекунад. Ин ду масъала, ки ду тарафи як сикка ба шумор меравад, дар адабиёти фарҳангӣ бо номи «иртибот» маълуму машҳур аст. Он яке аз масъалаҳои муҳимме ба шумор мерафт, ки ба вусъату пойдории империяи Ҳахоманишӣ мусоидат намуда. Арнолд Тайнби зимни таҳлили ташаккулу инкишофи давлатҳои ҷаҳонӣ қайд карда, ки «баъзе аз ниҳодҳои устуворе, ки давлатҳои ҷаҳонӣ ба қасди таҳкиму идомати ҳукумати худ таъсис мекунанд, зотан ва бидуни қасди қаблӣ барои касони дигаре ҳам, ки наҳваи

баҳрабардорӣ аз хадамоти онҳоро бидонанд, тасҳилоте фароҳам мекунад. Ниҳодҳои аслӣ иборатанд аз системаҳои иртиботи сарзаминӣ ва забонҳову пойтахтҳо ва хадамоти маданӣ, ки давлати ҷаҳонӣ онро бунёд мениҳад е иқтибос мекунад. Иртиботот дар раъси ин хадамот аст, зеро ниҳоди умдаест, ки давлати ҷаҳонӣ барои мавҷудияти худ ба он мутакост. Иртиботот на танҳо абзори султаи низомии давлати ҷаҳониро бар қаламрави худ тасҳил мекунад, балки воситаи контроли сиёсӣ аз тариқи эъзоми ошкори бозрасони низомиву маъмурии амнияти махфии ӯ низ ба шумор меравад»[282].

Баъди чунин суханон ӯ дар мисоли давлати Ҳахоманишиён нишон дода, ки ҳар чи марзҳои ин императорӣ вусъат меёфт, мавқеъияти фармондорони сатрапҳо нирумандтар мешуд ва ин мавзӯъ эҷоди ниҳодҳое барои ҳифзи якпорчагии императорӣ ва василаи мутмаине барои иҷрои фавриву билофосилаи аҳкоми подшоҳонро зарурӣ сохт. Ба ибораи дигар, ҳар як давлати ҷаҳонӣ, ки дар шакли империя амал мекунад, бояд ба танидани торҳои шабакаву системаи робитаҳо бипардозад, то ҳокимияти марказӣ битавонад бамавқеъ тамоми амру дастур ва фармонҳои худро ба саросари қаламрави худ бирасонад ва аз набзи ҳаёти 20 сатрапи таркиби империя огоҳ бошад. Ба ин маънӣ империяҳои шумериву аккодӣ, ки қаблан ба вуҷуд омада буданд, аз чунин василаи иртибот ба таври комил бархурдор набуданд, вале дар империяи ҳахоманишӣ иртиботи мазкур дар сатҳи болотаре аз ташкилоти коройӣ иртиқоъ пайдо кард. Калеман Ҳовер дар ин бора чунин нигоштааст: «Дориюш роҳе мавсум ба Роҳи шоҳӣ миёни Сард ва Шуш кашид, ки ҳудуди 2400 км тӯл дошт ва паймудани он барои мусофири пиёда се моҳ тӯл мекашид. Ин роҳ аз Сард оғоз мешуд ва аз Фрикия гузашта, дар наздикии руди Ҳолус ба Птериа (Pteria) пойтахти собиқи хетиҳо мерасид ва сипас дар самти ҷануб пеш рафта, дар Самоста (Samosta) бо руди Фурот талоқӣ мекард. Роҳи шоҳӣ дар Нинво дар маҳалли Мавсили кунунӣ аз Даҷла мегузашт ва пас аз он ки назири ҷоддаи кунунии Мавсил-БаҒдод масофатро пеш мерафт, саранҷом дар вилояти Судзияна ба пойтахт мерасид»[283]. Бо ҳамин мақсад роҳу ҷоддаҳои масирҳои тиҷоратии собиқ дар саросари императорӣ тармим ва бозсозӣ карда шуданд, барои робитаи мустақим бо Шуш ҷоддаҳои нав арзи вуҷуд намуданд, ки ба унвони шоҳроҳи асосии императорӣ маълуму машҳур гардиданд.

Вилл Дурант оварда, ки муҳандисини эронӣ бо фармони Дориюш аввал шоҳроҳҳое сохтанд, ки пойтахтҳоро бо ҳам марбут мекарданд. Дарозии яке аз роҳҳо, ки аз Шуш то Сардис имтидод дошт 1500 мил (2400 км) буд. Тӯли роҳ бо фарсах (наздики 5 км 250 м) ва ба гуфтаи Ҳеродод дар поёни ҳар 4 фарсах манзилгоҳи шоҳӣ ё меҳмонхонаҳои бошукӯҳ вуҷуд дошт ва роҳҳо аз ҳама ҷойҳои амну ободӣ мегузашт. Дар ҳар манзил аспҳои тозанафас омода буд то барид (чопор) бе маътал роҳашро идома диҳад. Муҳаққиқи мазкур мӯътақид аст, ки ин роҳҳо асосан бояд барои ҳадафҳои

давлатӣ ва ҷангӣ истифода мешуд ва тасаллути ҳукумати марказӣ, ҷараёни умури идории онро тасҳил мекард ва, дар айни ҳол, инкишофи робитаҳои бозаргонӣ ва ҳамлу нақли колоҳоро осон менамуд, одату афкорро аз ноҳия ба ноҳияи дигар интиқол медод. Муҳаққиқон ҳамчунин қайд кардаанд, ки корвонсаройҳо ҳам ҳамчун шабакаи алоқа (почта ё худ «пост») ва ҳам маҳалли истироҳати номаросонҳо (пайкҳои савора) истифода мешуданд. Онҳо маъмулан паёмҳои расмӣ ва фаврии давлатро шаборӯз ва бидуни таваққуф дар роҳ аз мабдъа ба мақсад мерасониданд.

Муаллифони «Таърихи Шарқ» роҷеъ ба ҳамин масъала таваққуф намуда, аз ҷумла таъкид кардаанд, ки қаламрави империяи Ҳахоманишиён якчанд роҳҳои корвонӣ дошт, ки онҳо ноҳияву минтақаҳои дурдасти империяро ба ҳам мепайвастанд. Яке аз чунин роҳҳо аз Лидия сар шуда, тавассути Осиёи Хурд то Бобулистон мерасид. Роҳи дигар аз Бобулистон то маркази империя- шаҳри Шуш имтидод пайдо карда буд, ки аз он ҷо ҷоддаи мустақим то Пасаргат ва Тахти Ҷамшед сохта шуда буд. Роҳи дигари корвонӣ, ки Бобулистонро бо Экбатана мепайваст, то Бохтар ва марзҳои Ҳинд мерасид [284]. Рафту омад дар ин шоҳроҳҳо ва амнияти онҳоро маъмулан маъмурони ҳифозати императорӣ ба ӯҳда доштанд. Тибқи маълумоти Саид Муртазо Рованди дар ҷилди панҷуми «Таърих»-и Геродод дар бораи «Роҳи шоҳӣ» сухан рафтааст. Муҳаққиқи мазкур дар ин бора нигоштааст, ки «Роҳи шоҳӣ» аз нукоти маскун ва амн мегузашт, дар канори он корвонсаройҳои олӣ сохта буданд… ба қавли Ҳеродод ҳеҷ ҷунбандае аз чобуксаворон ва чопорони эронӣ тундтар ҳаракат намекард, дар корвонсаройҳо ҳамеша барои онҳо асп муҳаё буд, идора ва нигаҳдории роҳи бузурги шоҳӣ дар 25 қарн пеш яке аз ифтихороти Эрониён буд. Ин роҳ аз маноҳиқи саъбу кӯҳистонӣ низ мегузашт ва корвон ба роҳатӣ фосилаи байни Сарду Шушро семоҳа ва чобуксаворони ҳомили пайки шоҳӣ ин фосилаи 2500 км-ро дар 25 рӯз мепаймуданд [285].

Дар воқеъ, ҳамин «Роҳи шоҳӣ» ё худ «Ҷоддаи шоҳӣ» тибқи асноди бозмондаи таърихи рӯзгорони куҳан баъдтар бо номи «Ҷоддаи абрешим» маълуму машҳур гардидааст, ки тақрибан аз асри дуюми пеш аз милод то асри 16-уми милодӣ вуҷуд доштааст. Муаррихону ҷуғрофидонон «Роҳи абрешим», овардани абрешим ва дигар колоҳоро, ки тавассути корвонҳо аз Чин ҳамл мешуданд, ягона нишони таърихии «Роҳи шоҳӣ» пиндоштаанд. Зеро он ҷоддае буда, ки дар сарзамини деринсоли мо беш аз ҳазору панҷсад сол ба унвони бузургтарин гузаргоҳи бозаргонии мамолики Шарқ ва иртиботи он бо ҷаҳони Ғарбро ҳамчун бузургроҳи оштӣ ва муколамаи фарҳангҳо пайванд дода. «Ҷоддаи абрешим», ки мутолиоти он имрӯзҳо тавассути созмони Юнеско шурӯъ шудааст, тӯлонитарин ҷодда ва пурраҳамияттарин ҳалқаи занҷире будааст, ки аҳвому миллатҳои нуқоти дунёро бо якдигар пайваст намуда. Ин ҷодда, ба фикри Саид Муҳаммади

Туробӣ, «даҳҳо қарн пеш аз шаҳри «Си Ан» -пойтахти он рӯзгори Чин гоҳ мешуд, вилояти паҳновари Син Киёнгро тай мекард, сипас ба фалоти Помир мегузашт. Осиёи Марказӣ ва Ғарбиро пушти сар мегузошт ва ба соҳили шарқии Мадитарона мерасид. Ин роҳи муҳимми тиҷорӣ дар ғарби Помир ду шоха мешуд, ки як шоха аз он аз Фарғонаву Самарқанд ба Марв (Туркманистон) мепайваст ва шохаи дуюми он аз Балх убур мекард ва ба Марв мерасид. Он гоҳ аз самти Ғарб ба дохили Эрони Марказӣ ворид мешуд ва шаҳри Ҳимкоген Полис ё Саддарвозаро, ки пойтахти силсилаи Ашконӣ буд, бо Тайсафун дар соҳили Даҷла пайванд медод ва дар хориҷ аз Эрон пас аз убур аз Сурия ба Энтокия ва Сур, ду бандари канори дарёи Мадитаронаро иртибот медод. Колоҳое, ки аз ин роҳ ба Суру Энтокия мерасид, аз роҳи дарё ҳам ба Искандария дар Миср ва ҳам дар шаббаи ҷазираи Италия бурда мешуд ва аз он ҷо ба соири кишварҳо мерафт». Ҳамин масъаларо Саид Муртазо Рованди низ зимни баррасии «Роҳи шоҳӣ»-и даврони Ҳахоманишиён ба «Роҳи абрешим» ишора карда, онро яке аз шоҳроҳҳои иқтисодии даврони қадим ба қалам додаст, ки аз ду тариқ- Турфон (роҳи шимолӣ) ва Хутан (роҳи ҷанубӣ) ба шаҳри Қошғар мунтаҳӣ мешуд ва аз он ҷо пас аз убур аз шаҳрҳои Самарқанду Марву Балх аз манотиқи шимоли Эрон ба Осиёи Сағир ва Рум интиҳо меёфт.

Дар ин ҷо бояд тазаккур дод, ки аз «Ҷоддаи абрешим» танҳо абрешим ва дигар маҳсулоти мавриди ниёз убур намекард, балки тухми он чи дар ҳавзаи фарҳанг у андешаву ҳунар меруид ва ҷавона мезад, миёни Осиёи Миёнаву Эрони паҳновару мутамаддин ва Чини бостониву Ҳинд мепароканд. Пас ин ҷодда, ба фикри муҳаққиқон, фақат як роҳи бозаргонӣ набуд, балки аз ин роҳ эътиқодот, ҳунарҳо ва маданиятҳои халқу миллатҳои гуногун тавассути инсонҳо ва корвонҳо аз кишваре ба кишвари дигаре бурда мешуданд ва одобу суннатҳои Шарқу Ғарб ба якдигар мунтақил мегардиданд. Бадеҳист, ки масири ин «Ҷоддаи абрешим» дар тӯли ҳазору панҷсад сол борҳо иваз шуда, вобаста ба давлатҳою сулолаҳои гуногун тағъиротҳои боризе дар он ба амал омадаанд. Ба таври хулоса, иртиботи давраи Ҳахоманишиён ва буъди моддӣ ё бозаргонии он баъдтар дар империяҳои Рим, Хилофоти Араб ва давлатҳои мутамаркази минтақаҳои Осиёи Шарқӣ ва қисмати шимолу шарқии он (турку муғулҳои саҳрогард) мавриди истифода қарор гирифта буд. Масалан, дар асрҳои миёна роҳҳои умда аз Боғдод ба Нишопуру Марв ва Бухорову Самарқанд то Қошғару ҳудуди Чин мерафт ва аз Басра то Шероз ва ё аз Куфа то Мадина, Мака, Адан ё аз Мавсилу Димашқ то соҳили Шом мерасид.

Дар империяи Ҳахоманишиён қазоват ва умури қазоӣ, ки яке аз ҳуввиятҳои асосии монархияи мутлақ ба шумор мерафт, дар дасти шоҳ буд. Ӯ дар ҳамаи умур ҳукми раво дошт ва тамоми тасмимоту авомираш ба фикри муҳаққиқон, ваҳйи илоҳӣ буд, ки аз ҷониби Аҳуромаздо ба шоҳ

нозил мешуд. Аз ин рӯ, қонуни мамлакат унвони машияти илоҳиро дошт ва сарпечӣ аз он баробар бо сарпечӣ аз фармон ва амри илоҳӣ буд. Маъмулан расидагии ягон ҷиноят ва ё шикояти дорои ҷаибаи давлатӣ ба яке аз кормандони солхӯрдаю ботаҷриба ҷиҳати таҳқиқ аз тарафи шоҳ вогузор мешуд. Сипас муҳокимаи олӣ бо иштироки 7 нафар қозӣ сурат мегирифт. Дар саросари қаламрави кишвар ба ҳамин тартиб қувваи қазоии маҳаллӣ низ амал мекард. Қонунҳоро тибқи одоту анъана коҳинон дуруст мекарданд, вале баъдтар табақоти гуногун дар созмон додани қонун иштирок мекардагӣ шуданд.

Вилл Дурант зимни таҳлили қувваи қазой ба масъалаи ришвахорӣ ишора намуда, аз ҷумла қайд намудааст, ки «Камбоҷиё пӯсти як қозии ришвахорро зинда ба зинда канда, писарашро ба ҷои ӯ гузошт то тақдири талхи падарашро ҳама вақт дар ёд дошта башад». Бино ба маълумоти муҳаққиқ шаллоқ задан аз 5 то 200 тозиёна ва дар гуноҳи бузургтар доғ кардан, нақси (буридани) узв ва дасту по, кандани чашм, ба зиндон афкандан ва куштан маъмул будааст. [287] Ба ҳар ҳол, ҳуввияти бештари қонунҳои императории ҳахоманиширо муносибати оқилона, диди виҷдонона дар заминаи унсурҳои ахлоқӣ ташкил мекардааст.

Муҳокимаҳои қазой роҳу расми нисбатан муназзаму хосе доштааст. Одатан ба тарафайни даъво роҳи еозиш пешниҳод мешуда ва гоҳ замонат низ мавриди қабул қарор мегирифтааст. Тадриҷан зимни таҷриба андӯхтан гурӯҳи хоссе ба номи «Сухангӯёни қонун» пайдо шуданд, ки фаъолияти доварӣ ва тасбиту гафсили қонунҳоро ба ҷо меоварданд. Дар муҳокимаҳои қазой савганд додан, вогузоштани муттаҳам ба ҳукми илоҳӣ низ мавсум буда. Моҳияти чунин амали қазой аз он иборат буда, ки муттаҳамро ба кори сахте мисли ба дарё партофтан ҷазо медоданд. Агар аз ин хатар ӯ бираҳад, бо шафқати илоҳӣ ӯ бегуноҳ будани худро собит мекардааст. Бо овардани чунин маълумот Саид Муртазо Рованди назари худро бо иқтибосҳо аз муаррихи юнонӣ Ҳеродод ва муҳаққиқи муосири олмонӣ Гиршман тақвият дода, зикр намудааст, ки ба қавли Ҳеродод қозиёни шоҳӣ аз миллати Форс интихоб мешуданд ва фақат дар сурати адами роияти қонуну адолат аз кор барканор мегардиданд, вагарна то охири умр дар симмати худ боқӣ мемонданд. Онҳо довари мурофиаву муҳокима буданд ва дар сурати лузум қонунҳои миллиро таъбиру тафсил менамуданд.

Иқтибос овардани муҳаққиқи мазкур аз Гиршман хеле ҷолиб ба назар мерасад ва шабоҳати умури қазой ва қонунҳои Ҳахоманишиёнро ба «Маҷмӯъи қонунҳо»-и Ҳамураппи нишон медиҳад. Ӯ менависад: «Донишмандоне, ки мутуни мутааддидеро аз Дориюш дар Беҳсутун ва Тахти Ҷамшед, Шуш, Нақши Рустам боқӣ монда, мавриди мазоқ қарор доданд, вуҷуди байни фармонҳои ӯ ва қавонини Ҳамураппи ташхис медиҳанд». Ин қавонин мабнои кори мушовирони Дориюш буд ва то андозае

нақши қонунҳои императориҳои Ур, Ошуриён ва Хетиҳоро дар худ таҷассум мекард. Ин мутуни расмӣ тавассути алвоҳу папирусҳо ба куллияи марокизу иёлоти шоҳаншоҳӣ фиристода мешуд. Дар онҳо омада: «Ман дусти дӯстони худ будаам», «Он чӣ бадӣ ба кор рафта буд, ман ба хуби бадал кардам...». Ҷои дигар модари Куруш ба ӯ мегуяд: «Назди порсҳо мусовот дар баробари қонунро адолат меноманд. Рафтори падар сармашқест аз ин адолат; он чӣ дар мамлакат хоҳон аст, ҳамон мекунад ва ҳар чӣ наҳӣ шудааст, аз он эҳтироз мечуяд, ӯ дар корҳо аз қонун пайравӣ мекунад, на аз ҳавои нафс». Шояд чунин рафтори саромадони ҳахоманишӣ бошад, ки империяи ба ин бузургиро тавассути чунин қонунҳо солҳои зиёд идора карда тавонистанд ва бехуд дар сари дахмаи Доро дар сахраи нақши Рустам ин ҳарфҳо навишта нашудааст: «Роҳи рост якест ва он ҳам ростист, дигар ҳама роҳ бероҳа аст».

Тамоми ҷомеъаи Шарқи Миёнаи бостон ба гуруҳҳои гуногуни мардум вобаста ба насабу нисбаташ ба сарватҳои моддӣ ва манзалати иҷтимоиаш дар ҷомеъа ба табақаҳо тақсимбандӣ гардида ва ин як суннати маъмул ба шумор мерафта. Дар раъси ин табақа ё худ силсилаи маротиби иҷтимоӣ ҳама вақт шоҳ қарор доштааст, ки баъди ӯ аъёну ашрофони Кох ё худ дарбор ва мақомоти баландпояи маҳаллӣ, баъдтар роҳибону руҳониён. аз он поинтар ҳунармандон ва дар мартабаи ниҳоӣ кишоварзону коргарон қарор доштанд. Аз ин нуқтаи назар, агар ба созмони иҷтимоии империяи ҳахоманишӣ назар афканем, ба хубӣ мушоҳида мегардад, ки он тақрибан ба сохтори табақотии даврони иломиёни ориёӣ шабоҳати зиёде дорад. Табиист, ки чунин шабоҳату монандӣ дар бахши дин низ мушоҳида мешавад, зеро оини Ҳахоманишиён аз шакли қадимаи оини ориёии ҳиндуэронии маздоия сарчашма гирифта, ки дар аҳди Доро ба авҷу инкишоф расида, дар шакли оини зардуштӣ зуҳур намудааст. Чунин ҳамоҳанг иҳо дар дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ба таври боризе ва дар шакли иртиқоъёфта намоён аст. Бо истинод ба ин омилҳо метавон гуфт, ки давлати Ҳахоманишиён ва ниҳодҳои асосии умури идории он давоми мантиқии сохти давлатдории ориёиёне мебошад, ки империяи Иломиёнро созмон дода буданд.

Сохтори табақотии давлати ҳахоманишӣ аз нақибону ашрофон, ҷанговарон, пешоварон ё худ ҳунармандон ва дехқонону барзгарон иборат буд. Табақаи ашроф, пеш аз ҳама, ҳамон асилзодагони Форс буданд, ки Доро онҳоро дар сатрапҳои гуногун ҳамчун намояндаи худ таъйин менамуд. Ба ҳайъати ашрофон феодалҳои бузург ва машваратчиёну наздикони шоҳ низ дохил мешуданд. Онҳо аз имтиёзҳои хос бархурдор буданд.

Табақаи рӯҳониён маъмулан коҳинони мазҳабие буданд, ки маросимҳои диниро анҷом медоданд ва дар он асно ҳануз мақому манзалати хосса надоштанд. Танҳо дар курбониҳо ширкат мекарданд, бо таъбиру

тафсири хоб, таъйини айёми саъду нахс ва дигар фаъолиятҳои пизишкиву табобат машғул буданд. Онҳо бо мардум ҳамеша робита доштанд, дар маросимҳои тоҷгузорӣ фаъолона ширкат мекарданд. Маъсулияти тарбияи ҷавонон ба уҳдаи онҳо буд ва нигаҳбонии мақбараҳои шоҳӣ, аз ҷумла оромгоҳи Курушро низ анҷом медоданд. Руҳониён фақат дар замони Сосониён ба авҷи қудрат расиданд, ки роҷеъ ба ин масъала дар қисматҳои марбута таваққуф хоҳем кард.

Табақаи ҷанговарон дар ҳамаи давлатҳои мутамаркази ҷаҳонӣ вуҷуд дошт. Чун аввалҳо ҷангҳо гоҳ-гоҳ ба вуқуъ мепайваст, бештар рустоиён ё худ дехқонон ба ҷанг сафарбар мешуданд, вале онҳоро ҳангоми ҷамъоварии ҳосил ҷавоб медоданд. Зимни инкишофи созмону ташкилоти артиш он ҳамчун созмони ниҳодии империяҳои оғозин ташаккул ёфт ва ба қушуни доимӣ ҳамчун пояи асосии қудрат ғабдил шуд. Ҳастаи асосии қушуни Ҳахоманишиёнро форсҳову модҳо ташкил медоданд. Аз сабаби он ки худи империяи ҳахоманишӣ бо зӯри қудрат руи кор омада буд, сокинони он аз 20-солагӣ ба хизмати сарбозӣ даъват мешуданд ва аксари мардуми ин сарзамин ҷанговарони моҳир буданд. Осиёи Миёна қушуни нмператориро бо сакоиҳои камонвар таъмин менамуд. Асоси қушун пиёданизом ва ҳимоячии он—саворанизом буд. Дар замони Ҳахоманишиён истифода аз аробаҳои ҷангӣ маъмул шуда буд. Роҷеъ ба фаъолият ва мақоми ҷанговарони ҳахоманишӣ дар қисмати «таърихи сиёсӣ» маълумоти кофӣ ироа гардидааст.

Табақаи кишоварзон табақаи аз ҳама сершумори аҳолии империяи ҳахоманишӣ буд, зеро асоси хоҷагии иқтисодии ин давлатро зироаткориву чорводорӣ ташкил медод. Дар Авесто ба ин табақаи аҳолӣ аҳамияти махсус дода шудааст. Кишоварзон заминҳояшонро худашон кишт мекарданд, коркарди таовунии замин низ вуҷуд дошт. Дар бораи кишту зироат дар боло баъзе маълумот оварда шуд. Дар ин ҷо чунин нуктаро бояд тазаккур дод, ки замиҳо баъди асри оҳан бо плуги оҳанӣ шухм карда мешуданд ва тамоми кушиши шаҳриёрони ҳахоманишӣ ба даст овардани заминҳои ҳосилхез ба восита ва зӯри қудрат буд. Зеро иқтисоди ин империя дар заминаи кишоварзӣ қомат барафрохта буд.

Табақаи ҳунармандон ва коргарон асосан бо корҳои дастӣ ва ҳунарҳои санъатӣ машғул буданд. Дар алвоҳи ганҷинаи Тахти Ҷамшед натиҷаи иқдомоти давлат роҷеъ ба табақаҳои коргарону таъйини музди онҳо, гирд омадани коргарон аз тамоми қаламрави шоҳаншоҳӣ дар сохтмони Тахти Ҷамшед ва дигар қасру кушкҳои муҷаллал зикр шудааст. Барои анҷоми сохтмонҳои мазкур мунаббаткорон, оҳангарони мумтоз, наққошони барҷаста, ҳаккокон, кандаккорон, пайкарсозон, сангтарошон, заргарон, мисгарон, таббохон, маъмурони муҳосибот. кормандони махзани хазона, доругарон ва дигар навъҳои пешоварон аз атрофу акнофи империя даъват

мешуданд. Баъди овардани чунин маълумот Саид Мурта̀зо Рованди тарҷимаи қисмате аз матни форсӣ катибаи ғӯри Дориюш дар Шушро чунин овардааст: «Ман дар Шуш кохе сохтам, тазаййуноти онро аз ҷойҳои дур овардам, заминро кандам... қолиб задании хиштро мардуми Бобул анҷом доданд, чӯбҳои садр аз кӯхистони Лубнон омада..., чӯбҳои балут аз Ҳиндустону Арманистон омада... талое, ки дар ин ҷо ба кор рафта аз Содар ва Бохтар (Осиёи Хурд ва Осиёи Марказии кунунӣ), лоҷуварди Бадахшон ва сангҳои сарзамини Суғд, сангу оҳаки гаронбаҳо аз Хоразм, нуқра аз сарзамини Миср, тозайуноти оҷурӣ нақши барҷастаи деворҳои ин кох аз сарзамини ионӣ оварда шудааст... Дар ин Кох санъатгарони мидиягиҳо, мисриҳо, ониҳо, бобулиҳо... фаъолият доштанд»[288].

Маъмулан қишри пешоварон ва санъаткорон дар сурати тасхир намудани дигар давлат ба пойтахти давлати марказӣ оварда мешуданд ва дар сохтмони қасру кӯшкҳо аз ин ҳунармандон истифода мебурданд. Чунин ҳодиса қабл аз империяи Ҳахоманишиён дар давлатҳои мутамаркази Шумериву Ошурӣ ва баъд аз Ҳахоманишиён дар даврони Селевкиёну Портиён ва ғайра мушоҳида мешуданд. Дар ҳамин замина шаҳрсозӣ дар Осиёи Миёнаву Эрон тараққӣ карда буд. Шаҳрҳои Самарқанду Бохтар, Марву Киропол бо қалъаҳои марбута дар Осиёи Миёна сохта шуданд. Дар Эрон шаҳриёрони ҳахоманишӣ тамоми ҳиммати худро барои сохтани Кохи императорӣ бо салиқаи ба худ хоси зебопарастӣ сарф карданд. Дар рӯзгори Курушу Доро ва Хишоёршоҳ аввал ба сохтани ғӯру кохҳое пардохтанд, ки шояд аксари онҳо ҳанӯз дар зери ғубори таъриҳ ниҳон мондаанд. Аз байни онҳо қабри Куруши Кабир дар Пасаргат то ба имрӯз боқӣ мондааст, ки дар иртифоъи 11 метрӣ бар рӯи сакуи сангӣ қарор дорад. Дар наздикии «Тахти Ҷамшед» қабри Дорои 1 «ҳамчун мӯбади ҳиндӣ дар дили кӯҳ канда шуда, даҳонаи он ба суратест, ки чун шахс онро мебинад, ба ҷои даҳонаи мақбараи мадхал кохе дар назари вай муҷассам мешавад. Дар канори дар... чаҳор сутуни аз санг тарошидашуда ва дар болои дар нақши барҷастаи ашхосе дида мешвад, ки мардуми кишварҳои тобеъи Эронро намоиш медиҳад ва чунон аст, ки гӯё бар рӯи боме истода ва бар тахте Шоҳаншоҳро, ки машғули парастиши Аҳуромаздо ва Моҳ аст, бардоштаанд»[289].

Қасри асосие, ки аз даврони Ҳахоманишиён осорҳои он ҳанӯз ҳам боқӣ мондааст, Тахти Ҷамшед мебошад. Муҳаққиқон роҷеъ ба тасвири ин сохтмони бузурги Аҳди бостон бо истинод ба ёдгориҳои таъриҳӣ ва асноди катбӣ, инчунин иқтибосҳо аз муаррихони юнонӣ аз диди шахсии худ ба таври гуногун баҳо додаанд. Масалан, профессор Поп Тахти Ҷамшедро «дилангезтарин вайронаи дунёи кӯҳан» ба қалам дода, аз ҷумла навиштааст, ки "ин бино (яъне Тахти Ҷамшед-Ҳ.М.) бо фармони Доро оғоз шуд ва баъди 150 сол ба охир расид, шомили чандин Кох, ибодатгоҳи бузург рӯи саҳнаи 2 км^2 қарор гирифта. Деворҳои суффа, ки гоҳо дар санг тарошида

шуда ва гоҳо банной шудааст, шомили харсангҳо ба вазни 25 тонн низ ҳаст. Яке аз маобид, ки толори Садсутун хонда мешавад, ба осонӣ гунҷоиши 10 ҳазор нафарро дорад. Сутунҳои «Ападанаи Хишоёршоҳ», ки дорои 20м баландист ва дар камоли зебой тарошида шуда ва ҳар чи болотар меравад бориктар мешавад, дорои чунон зарофатест, ки пеш аз он дар дунёи бостон монандаш набудааст"[290]. Дар зер мо тасвири яке аз чунин муҳаққиқонро, ки аз «Бурҷи Бобул», «Аҳромҳои Миср» ва «Тахти Ҷамшед» шахсан дидан карда, мутолиоти зиёде ҳам дар ин ҷодда анҷом додаст, ба хонандагон ироа хоҳем кард: «дар ҷое, ки пиллаҳои ду тарафи Тахти Ҷамшед ба якдигар мерасанд, дарвозаи бузурги сангине дида мешавад, ки дар ду тарафи он ду муҷассамаи гови болдор бо сари одамӣ насб шуда ва зеботарин осори бозмондаи ҳунари ошуриро намоиш медиҳад. Дар тарафи рости ин дарвоза шоҳкори биноҳои эронӣ қарор дошта, ки акнун бо номи Кохи Чиҳилсутун хонда мешавад ва он толори бузург будааст, ки ба замони Хишоёршоҳи1 сохта шуда ва утоқҳои муттасил ба он масоҳате дар ҳудуди 900 м^2 фаро мегирифтааст. Барои расидан ба ин толори бузург аз пилаҳои дигар мегузарем, ки дар ду тарафи он барои зинат деворҳои сангии кӯтоҳе қарор дорад ва дар онҳо нақши барҷастаҳои бисёр олӣ дида мешавад, ки беҳтарин нақши барҷастаҳои эронист. Аз 72 сутуне, ки дар Кохи Хишоёршоҳ барпо буда, акнун дар миёни вайронаҳо ҳанӯз 13-тои онҳо саропост ва монанди танаи дарахтони хурмо дар миёни воҳаи хушку ваҳшатоваре ба назар мерасад. Тамоми ин сутунҳо 48 тараки новдонӣ дорад ва таҳи онҳо ба сурати косаи рангест, ки баргҳои воруна онҳоро пӯшондааст. Сарсутунҳо ғолибан шакли гулҳои печидаи иониро дорад ва бар болои он ду пораи санг, ки ба сурати сару гардани ду гови нар тарошидашуда пушт ба пушт воқеъ аст, ки ҳаммолҳои сақф бар рӯи он қарор мегирифта. Даври дару панҷараҳо бо санги сиёҳи сайқалӣ сохта шуда буданд. Деворҳо оҷурӣ буд, вале бо сафолҳои луобдори хушранги дурахшон рӯи онҳоро бо нақши гулҳо ва ҷонвароӣ пӯшонда буданд. Ҷинси сутунҳо ва муҷаррадиҳо ва пиллаҳо аз санги оҳаки зебо ё мармари кабуди сахт аст. Пушти ин «Чаҳор манор» ва дар тарафи шарқии он «Толори садсутун» қарор дошта ва аз ин толор ҷуз як сутун чизе боқӣ намондааст. Шояд ин ду кох зеботарин биноҳое бошад, ки дар ҷаҳон қадиму ҷадид ба дасти одамизод сохта шудааст»[291].

Саноату ҳунармандӣ дар аҳди Ҳахоманишиён ба рушду камол расид. Ҳамаи нақшҳои барҷастаю тасвирҳои рӯи девори толорҳои Тахти Ҷамшед ва дигар сохтмонҳои кохӣ нозукбинона ва бо рамзҳои таърихиву фарҳангӣ оро дода шуда буданд. Ба ин робитаву ошноии эрониён дар тӯли таърих бо миллатҳои мутамаддину пешрафтаи Шарқи Миёна ва Наздик ва кишваркушоиҳои худи Ҳахоманишиён мусоидат намуд. Дигар намудҳои ҳунармандӣ низ ба туфайли сиёсати кишваркушоии Ҳахоманишиён тараққӣ кард, зеро тамоми лавозимоти ҷангӣ, аз ҷумла сипар, ҷавшан, соқбанд,

шамшер, найза, ханҷар, зиреҳи асп, табарҳои ҷангӣ ва ғайра тавассути ҳунармандону косибон сохта мешуданд. Дар деҳоти Осиёи Миёна ва фалоти Эрон ҳунармандони маҳаллӣ лавозими мавриди ниёзи аҳолии маҳаллиро таъмин менамуданд. Саноати нассоҷӣ аз алёф, катон, панба, пашми гӯсфанд, шутур, мӯи буз порчаҳо барои либос таҳия мекард.

Дар ҳамин замина пешрафти тиҷорат ва фаъолияти бозаргонӣ авҷ гирифт. Инкишофи тиҷорати ҷаҳонӣ ба беҳбуди зиндагии мардум мусоидат кард ва дар муносибатҳои бозаргонӣ Урупои Ғарбӣ вориди равобити иқтисодӣ бо Осиёи Ғарбӣ гардид. Гардиши пули воҳид дар тамоми қаламрави империяи Ҳахоманишиён, муайян намудани вазну миқёси нав боиси саҳл ва афзун гардидани муомилот шуд. Бино ба маълумоти Гиршман Скилокс (SkyLox) аз мардуми Карианда (Caryande) бо амри Дориюш ба мусофирате иқдом кард, ки ду солу ним тӯл кашид ва аз даҳонаи руди Синд то Миср сафар кард. Як фармондеҳи эронӣ бо номи Стазпез (Staspes) дар қарни 5 то милод бо киштӣ то моварои Ҳеркул (Ҷабал-ут-торик) пеш рафт. Маллоҳони юнонӣ, финикӣ ва араб иртиботи байни Ҳинд, Халиҷи Форс, Бобул, Миср ва бандарҳои Баҳр-ул-румро таъмин мекарданд. Тиҷорати ҷаҳонӣ беш аз пеш ба нуктаҳои дуртар кашонида мешуд ва то ноҳияҳои Дунай ва Рейн расида буд. Ҳатто Ҳиндустону Сарандеб дар ин аҳд адвия, пӯст ва набототи муаттар содир мекарданд[292].

Муҳаққиқон мӯътақиданд, ки дар императориҳои оғозини Миср Байнаннаҳрайн манобеъи табиӣ аз қабили чӯб, мис, қалъ ва дигар маводи маъданӣ вуҷуд надоштанд ва бинобар он овардани чунин мавод боиси ташаккули тиҷорат дар Аҳди бостон гардид. Тиҷорат ва ҳамлу нақл ҳам аз тариқи хушкӣ ва ҳам аз тариқи обӣ сурат мегирифт. Вале дар Эрон бо вуҷуди инкишофи тиҷорат киштиронӣ тараққӣ накард ва бештари ҳамлу нақли обӣ тавассути киштиҳои финикӣ то кишварҳои ҳаволии баҳри Миёназамин ва аз он ҷо ба Ғарб анҷом мешуд.

Вилл Дурант роҷеъ ба фаъолияти тиҷоратӣ дар даврони Ҳахоманишиён маълумоти ҷолиберо ироа намуда, ки овардани он дар ин ҷо аз аҳамият холӣ нест. Ӯ менависад: «Дориюши 1 турҳаи бузурге миёни баҳри Ахмар ва руди Нил ҳафр кард то аз ин роҳ ба василаи руди Нил Халиҷи Форсро бо дарёи Абязи мутавассит иттисол диҳад. Хишоёршоҳ ба нируи дарёии худ фармон дод, ки ба гирди Африка гардиш кунанд... корҳои бозаргонӣ бештар дар дасти мардуми ғайриэронӣ монанди бобулиён, финикиҳо ва яҳудиён буд, чун эрониён тиҷоратро кори пасте мешумориданд ва бозорро конуни фиребу дурӯғ медонистанд. Табақоти сарватманд бо он меболиданд, ки метавонанд бештари ниёзмандиҳои худро аз мазраа ё дукони худ мустақиман ба хона биоваранд, бе он ки ангуштони худро ба палидии хариду фурӯш олуда кунанд»[293]. Дар ҳақиқат бобулиён бо Миср Сурия ва дигар сарзаминҳои Осиёи Хурд робитаи тиҷоратӣ барқарор намуда, аз он ҷо

оҳану мис, чубу тахта, сангҳои қиматбаҳо, молюскаҳо барои ранг додани пашм, тилло, устухони оҷ ва ғайраро меоварданд. Муаллифони «Таърихи Шарқ» навиштаанд, ки аз Осиёи Хурд нуқра. аз Ҳабашистон Мис, аз Суғд санги лазурит, аз Хоразм санги фирӯза, аз Бохтар тиллои навъи сибирӣ ба империяи Ҳахоманишиён оварда мешуд.

Дар боби илм, ҳамон тавре ки муҳаққиқон мунсифона қайд намудаанд, империяи ҳахоманишӣ нисбатан заиф буд. Ба тариқи намуна илми тибро мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод. Бо корҳои муолиҷа дар ин давра асосан коҳинону мугон машғул буданд. Ба қавли Ҳеродод Куруш аз подшоҳи Миср хоста, ки барои муолиҷаи чашмаш табиб бифиристад. Печхӯрдагии пои ӯро табиби итолиёӣ муолиҷа карда ва табиби муолиҷи Ардешери II як нафар юнонӣ будааст. Ин мисолҳо ба он шаҳодат медиҳанд, ки ҳанӯз мактабу муассисоти илмиву тиббӣ дар аҳди ҳахоманишӣ вуҷуд надоштааст ва дар сохтани қасру кӯшкҳои муҷаллал низ ҳунармандони бегона бештар ширкат варзидаанд. Вале тадриҷан ин вазъ тағъир пайдо карда, илми тиб аз улуми динӣ, ки қаблан вазифаи коҳинон буд, ҷудо шудааст ва ташкилоти нисбатан муназзами пизишкӣ амал мекарда. Маълум аст, ки асноду мадорики таърихи илми Эрон дар чанголи давру замонҳои номусоид аз байн рафтаанд ва дар ин ҷодда фақат баъзе мадорики юнонӣ парда аз рози нуҳуфта дар қаъри асрҳо бардоштааст. Яке аз ин «парда он буда, ки Эрони бостон маркази табодули афкору орои илмии саросари Ховари Миёна будааст. Юнониёни муқими Осиё, мисриён бобулиён, ҳиндуёни ғарбӣ ҳамагӣ атиббоъи шоҳаншоҳии Эрон ба шумор мерафтанд, дониши ақвоми мазкур дар ин давра дар ҳоли равнақ ва шукуфоии комил будааст. Баъди баёни чунин фикр Саид Муртазо Рованди қайд карда, ки дар аҳди Доро донишмандони юнонӣ ба хидмати дарбори ҳахоманишӣ даромаданд. Нахустин пизишки хориҷӣ дар империяи Ҳахоманишиён Демокедес (Демокадес) буда, ки пас аз муолиҷаи маликаи Эрон аз банди асорат хориҷ шудааст. Пизишки дигар Катеҷиас ба ҷуз табобат ба корҳои таърихнигорӣ низ пардохтааст. Ҷуғрофидон ва ҷаҳонгарди Юнон «Искулакс» буд, ки бо фармони Доро ҳавзаи сифлии Андалусро баррасӣ намуда буд [294].

Дар боло вазъияти умумии тамаддуни ҳахоманишӣ, сохти давлатдорӣ бо тамоми ниҳодҳои асосие, ки боиси пойдории он дар тӯли ду қарн гардида, то андозае мавриди гаҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Аксари муҳаққиқон чунин сохти давлатдориро бо тамоми муҳтавояш сохти давладории мустабидона ба қалам дода, тарзи давлатдории классикии Юнону Румро, ки гӯё полисӣ (шаҳр-давлатҳои алоҳида) буда, унсурҳои мардумии (демократии) бештаре доранд, афзалтар шуморидаанд. Шояд маҳакҳои дигари муқоисаи сохти давлатдорӣ вуҷуд дошта бошад, ки он моҳияту ҳуввияти миллию антропологии давлатҳои мутамаркази Шарқу Ғарбро

муайян намояд. Зеро Афлотун дар «Қавонин» ном асараш роҷеъ ба сохти давлатдории Ҳахоманишиён, ки худ қисми таркибии тамаддуни он ба шумор меравад, матлаберо баён карда, ки ин фикри моро таҳвият мебахшад. Афлотун навишта: «Ду навъи ҳукумат вуҷуд дорад: яке аз он ду ҳукумати фардӣ ва дигаре ҳукумати мардумӣ (демократӣ) аст. Муҳимтарин навъи аввалро эрониён доранд ва беҳтарин навъи дуюмро мо – юнониён доро мебошем. Тақрибан тамоми анвоъи дигари ҳукумат шохаҳои ин ду аст. Аммо агар бихоҳем озодиву дӯстӣ ва хирадмандӣ дар кишвар устувор бошад бояд ҳар як аз ин дуро то ҳадде дӯст дошта бошем. Иддаои ман ин аст, ки ҳеҷ шахсеро наметавон хуб идора кард, магар он ки ҳукумати он таркибе аз ин ду бошад. Рӯзгори асосии Эрону Отен (Афина) низ бар адл буд, аммо имрӯз дар ин ҳукуматҳо адл камтар аст. Оё мехоҳед далели онро бидонед. Замоне ҳукумати Эрон ҳадди фосил миёни афсоргусехтагиву бардагӣ буд. Ҳангоми подшоҳии Куруш Эрониён озод буданд ва суруру фармонравои бисёре аз мардумони дигар низ буданд. Фармонравоён раоёи худро дар озодӣ саҳим карда буданд, чун сарбозону сардорон ҳамаро ба як чашм медиданд ва бо ҳама баробар рафтор мекарданд. Сарбозон дар мавриди хатар омодаи ҷонфишонӣ буданд ва дар ҷанг ба ҷон мекӯшиданд. Агар дар миёни эрониён марди хирадманде буд, ки метавонист андарзе бидиҳад ва мардумонро судманд бошад, чунон мекарданд, ки аз хирадмандии ӯ ҳама истифода кунад. Подшоҳ аз касе ҳасад намеварзид, аммо ба ҳама озодӣ медод то чӣ бихоҳанд бигӯянд ва он касро, ки андарзи беҳтар медод ва раъйи беҳтар менамуд, гиромитар медошт. Ин буд, ки кишвар аз ҳар лиҳоз пешрафт кард ва бузург шуд…»[295]

Моҳияти юришҳои Искандарро муҳаққиқон ифодаи инкишофи сиёсати хориҷии Юнон ба қалам дода, ҳадафи вуруди юнониён ба Шарқро яке аз роҳҳои маърифату шинохти мамолики Шарқ бо роҳи истило пиндоштаанд. Искандар ҳамчун шогирди Арасту олимону донишмандони зиёдеро барои омӯзиши Шарқ ба артиши худ ҷалб намуда, дастур дода буд, ки тамоми ҳодисаҳои муҳим ва иттилооти дорои аҳамияти илмиву иҷтимоию сиёсӣ дар ба истилоҳ «Дафтарҳои таҳвимӣ»-и шоҳ сабт гардад ва гумон меравад, ки ҳамои «Дафтарҳои таҳвимӣ» асоси асари Арриан «Анабасис»-ро ташкил дода бошанд. Файласуфон Пиррон, Анаксарха, Онхсикрит, Аристобул, Птолемей Искандарро дар юриш ҳамроҳӣ мекарданд.

Дар байни муҳаққиқон ақидае низ вуҷуд дорад, ки тасхири пойтахти эрониён тавассути Искандар нуқтаи муҳимми гардиш дар фаъолияти ӯ дар Шарқ буд. Бо тасхири Тахти Ҷамшед гӯё салоҳияти шоҳи мақдунӣ, ки онро конгресси Коринф солҳои 338-337 то милод ба уҳдаи шоҳ Филипп вогузошта ва баъди марги ӯ қасос гирифтан аз форсҳоро ба Искандар вогузошта буд, ба итмом расид. Аз ҳамин буъди замонӣ сар

карда Искандар юришҳои худро аз номи худ ҳамчун ҷонишини қонунии Ҳахоманишиён идома дод, либоси эронӣ пушида, ба шоҳони мустабиди Шарқ монанд шуд.

Вале барои Эрон аз лиҳози фарҳанги истилои Искандари Мақдунӣ воқеъаи мудҳиш ва омили муҳимме дар инҳитоти фарҳангу тамаддуни бостон ба шумор мерафт. Назари муҳаққиқону муаррихон роҷеъ ба ин масъала ба таври фаровон дар адабиёти таърихиву фарҳангӣ ироа гардида ва аксари онҳо муътақид бар онанд, ки пас аз фатҳи Осиёи Миёнаву Эрон Искандар биноҳои онро вайрон кард, катибаҳоро хароб намуд, китобҳои илмиву динӣ, аз ҷумла «Авесто»-ро, ки дар китобхонаи Истахр маҳфуз буд, дастур дод то бахши илмии онҳоро ба забони юнонӣ тарҷима кунанд ва худи онро бисӯзонанд. Масъудӣ дар «Мураввиҷ-уз-заҳаб» тӯъмаи ҳариқ намудани «Авесто»-ро тасдиқ намудааст. Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар «Таърихи сиёсии мулук-ул-арз ва-л-анбиё» бар ин ақида аст, ки «иллати мушавваш будани таърихи эрониёни қабл аз Сосониён ин аст, ки Искандари Мақдунӣ кутуби эшонро оташ зад, мубадону ҳарбадон ва уламову ҳукаморо кушта, маҳфузоти илмӣ ва таърихи эшонро аз байн бурд».

Баъди истилои Искандари Мақдунӣ давраи ҳеллинизм дар собиқ қаламрави империяи Искандар шурӯъ шуд. Ҳеллинизмро маъмулан фарҳанги дурагае мепиндоранд, ки дар натиҷаи муколама ё бархӯрди тамаддунҳои аз ҷиҳати ғоя ба ҳам наздик ва ё зери султаи як тамаддун қарор гирифтани тамаддуни бумӣ байни онҳо омезиши унсурҳои тамаддуни моддиву маънавӣ бо роҳу равиш ва усулҳои гуногун ба вуҷӯъ мепайвандад. Раванди таърихии такомулу инкишофи фарҳангӣ хокӣ аз он аст, ки ин роҳу равиш гоҳ ихтиёрӣ—дар натиҷаи муколамаи фарҳангӣ ва русухи унсурҳои тозаи як қавму миллат ба қавму миллати дигар ва гоҳ иҷборӣ дар натиҷаи зери султаи як фарҳанг қарор гирифтани фарҳанги бумии дигар сурат мепазирад. Бешубҳа, худи ҳамин қазия мавриди баҳсу талошҳои тӯлонӣ байни фарҳангшиносони гузаштаву муосир қарор гирифтааст, вале дар ин ҷо аз ҷузъиёти ин баҳс сарфи назар намуда, фақат чунин нуктаро хотирнишон намудан зарур аст, ки ҳар ду роҳу усул (ихтиёриву иҷборӣ) дар тамаддуни ҳазораҳои пеш аз милоди ориёӣ ба таври боризе мушоҳида мешуданд. Дар фаслҳои гузашта то андозае ин масъала мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла қайд гардид, ки дар Аҳди бостон ҳанӯз ҳангоми муҳоҷирату мусофираташон ба дигар сарзаминҳо ориёиҳо бо қавму қабилаҳои бумӣ омезиш пайдо карда, фарҳанги моддиву маънавияшон низ аз унсурҳои якдигар шодоб мегардиданд. Баъдтар ҳамин ҳодиса шеваи дигаре ба худ касб кард. Ориёиҳо ҳангоми муҳоҷиматашон ба дигар сарзаминҳо фарҳанги қавму миллатҳои бумиро зери султаи фарҳанги худ қарор медоданд ва ҳамчун миллати ғолиб фарҳанги худро таҳлил менамуданд. Номи

«хеллиниз» (HeLLenism-юнонимаоб) касб намудани ин ҳодиса дар давраи баъди истилои Искандари Мақдунӣ дар муқобили тамаддуни юнонии маҳз, ки бо номи тамаддуни «Ҳеллиник» (HeLLenic) машҳур буд, вобаста аст.

Агар диди худро ба уфуқи тамаддунҳои Аҳди бостон бигустаронем, дар раванди инкишофи таърихи фарҳанги қавму қабилаҳои гуногун ба хубӣ мушоҳида хоҳем кард, ки дар саросари тамаддуни пешини ҷаҳон, аз ҷумла тамаддунҳои ҳамсуннату ба ҳам омехтаи ҳавзаи мадании баҳри Миёназамин (маданияти Крит, маданияти ҳаволии баҳри Эгей, тамаддунҳои нимҷазираи Балкан), тамаддунҳои ҳамсуннати Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (Чин, Ҳинд, Уқёнусия ва ғайра), тамаддунҳои Америкаи Лотинӣ ва дигар тамаддунҳои бостонӣ чунин падидаи фарҳанг ӣ ё худ омезишу муколамаи тамаддунҳо ҷой дошта, вале оиҳо дар фосилаи кӯтоҳи замонӣ ва фазои маҳдуди маконӣ амал кардаанд ва ба ҷуз раванди такомули фарҳангӣ ба худ истилоҳи дорои арзишҳои маданӣ касб накарда буданд.

Баъди истилои Искандари Мақдунӣ омезиши тамаддунҳои якчанд қавму миллат ва ҳатто давлатҳои зери султаи юнониҳо қарордошта дар тӯли фосилаи замони нисбатан густурдатар ва фазои маконии фарохтар сурат гирифт, ки шояд ҳам аз ҷиҳати мӯҳтавои арзишҳои моддиву маънавӣ ва ҳам аз лиҳози мураккабию печидагии масоили мавриди баҳс аз падидаҳои собиқи фарҳангӣ фарқи ҷолиби таваҷҷӯҳе дошта. Омезиши мазкур моҳиятан махлути тамаддуни султаи юнонӣ бо тамаддуни Осиёӣ ё худ таъсири тамаддуни миллати ғолиб ба тамаддуни халқу миллатҳои мағлуб, аниқтараш таъсири тамаддуни Ғарб (Юнон) ба тамаддунҳои халқу миллатҳои Шарқ (Осиёи Миёнаву Эрон, Байнаннаҳрайн, Осиёи Сағир ва ғайра)-ро, ки таҳти нуфузи империяи юнонию мақдунӣ қарор доштанд, ифода мекард ва зимни он ҳаёти ақливу маънавии Юнон низ ба куллӣ дигаргун шуд.

Ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ба Осиё Юнонро бо оини тавонманди маздаясной рӯ ба рӯ кард. Фарҳангу тамаддуни юнонӣ сарзаминҳои таҳти султаи худро таҳти таъсир қарор дода бошад ҳам, ба назар чунин мерасад, ки оини эронӣ ҳеҷ гоҳ ба пазириши ормонҳои юнонӣ тан надод ва фарҳанги эронӣ юнонимаоб нашуд. Ба қавли Франс Кумондт то анзодаи маҳдуде ва дар мавқеияти майяне аз замон «Юнон буд, ки ба эронимаобӣ таслим шуд ва Эрон вижагиҳо ва сохтору ҳокимияти ахлоқии худро дар канори истиқлоли сиёсӣ эҳё кард. Тавоноии пойдории фарҳанги асили эронӣ дар баробари доду ситадҳое дар заминаи шууни гуногун бо фарҳангу тамаддуни юнонӣ яке аз барҷастатарин нишонаҳои равобити таърихи фарҳангӣ дар Осиёст. Аммо дар пайвастагӣ бо муғони Осиёи Сағир, ки дар сарзаминҳои дар ҳамсоягии Эрон ва ё аз сарзаминҳо ва ақвоми тобеъи Эрон буданд, ин амр мутафовут буд. Он ҷо ба муносибати наздик будан ба қонунҳои фарҳангии Мағрибзамин дар ҳангоми истилои Искандар ва пас аз он бештар

таҳти нуфузи юнониён қарор гирифтанд. Аммо ҳеҷ гоҳ яксара дар ҳамин билоду фарҳангҳои маҳаллӣ ҳам Юнон ғалаба наёфт, балки ба бозсозӣ ва ворид кардани он чи ки ахз карда буданд, дар оини худ пардохтанд ва изадони худро ба унвони ҳастаи марказӣ бо асотиру борурҳои юнонӣ оростанд»[297].

Ҳамин ду тамоюлро Ҷалолуддини Оштиёнӣ мушоҳида ва онро дар як ҷумла мухтасар намуда, дар бораи ҳеллинизм навиштааст: «Фарҳанги рахнагару фарогири Юнон, ки дар Урупо, Ховари Миёна ва Миср… чунон ҳамагир шуд, ки давроне бо номи ҳеллинизм ба вуҷуд овард ва ҳатто дар забону фарҳангу мазҳаби яҳудиёну масеҳиён нишони устуворе бар ҷой гузошт ва конуни динии онҳо ба забони юнонӣ ва дар фарҳанги юнонӣ гирдоварӣ шуд, натавонист дар баробари фарҳанги Эрон пойдорӣ кунад ва пас аз Искандар фарҳанги Эрон тавонмандтар аз пеш ҷунбиши худро дунбол кард» [298].

Бархўрди тамаддунҳо, ки аз худи истилои Искандари Мақдунӣ шурўъ шуда, беш аз шаш қарн ва шояд ҳам аз он бештар идома дошт, тибқи муносибати ташаккулёфтаи байни ғолибу мағлуб ва як силсила омилҳои дигари дар заминаи умури идорӣ, муассисоти сиёсӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, саноату тавлидот, ҳунару тиҷорат ва ғайра маданиятеро ба вуҷуд овард, ки дар он нақши тамаддуни даврони классикии Юнон барҷалоина намудор буд, вале аз тамаддуни асили юнонӣ фарқи боризе дошт. Ба ҳамин иллат фарҳангшиносон номи ин маданиятро «юнонимаоб» номидаанд. Баррасиҳои тозаи Жорж Демизел, Эмил Бенвенист, Жан-Дюшен Гийеман, муҳаққиқони рус Г.М. Бонград-Левон, Э.А. Грантовский аз таъсири мутақобилаи халқҳои ориёӣ (бахусус форсҳо ва скифҳо) бо эллинҳо, робитаи бевоситаи маишат, суннат ва тамаддуни скифҳои ориёӣ ба маданияти юнонӣ шаҳодат медиҳад. Синтези тамаддунҳои юнониву шарқӣ, албатта, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ ба назар намерасид. Аз як тараф, русуму одот ва суннатҳои дерини халқҳои Шарқи Миёна пайваста идома доштааст ва, аз тарафи дигар, тамоси бевоситаи Юнониён ба мардуми сарзаминҳои Шарқ уфуқи таъсири мутақобилаи давлатҳои ҳеллииистиро дар қаламрави собиқ империяи Искандари Мақдунӣ густаронида, шароити мусоиде барои наздикӣ ва нуфузу русухи унсурҳои фарҳангӣ ба якдигар фароҳам овард. Агар ин нуктаро бо суханони муаллифони «Дебочае бар ҷаҳони бостон» хулоса намоем, ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки дар Шарқи Миёна баъди футуҳоти Искандари Мақдунӣ тамаддуни ҳеллинистӣ на фақат дар маҳди ин тамаддун-Искандария, Сурия, Энтокия, балки дар тамоми сарзамини Осиёи Ғарбӣ интишор ёфт. Табақаҳои болоии ҷамъияти шаҳру минтақаҳои бузург бо фарҳанги юнонӣ ошно шуданд ва бисёре аз аносири ин фарҳангро пазируфтанд, забони юнонӣ дар Осиёи Хурд ва дигар шаҳрҳои бузурги

ҳеллинистӣ, ки аксари аҳолии онҳо юнонӣ буданд, роиҷ гардид, вале урфу одат ва суннатҳои дерини халқҳои маҳаллии дур аз марказҳои ҳеллинистии собиқ империяи Искандари Мақдунӣ дар ҷои худ по бар ҷо монд. «Тамаддуни ҳеллинистӣ амалан таркибе буд аз авомили гуногун, ки худи тамаддуни юнониро ба марҳилаи ҷадиде ҳидоят кард ва боис шуд ин тамаддун низ бархе аносири Ховари Миёнаро ахз кунад. Дар айни ҳол, фарҳангҳои гуногуни Ховари Миёна камобеш нуфузи фарҳанги юнониро пазируфтанд».

Албатта кишварҳои Ҳинду Эрон қисмати аъзами ақоиду андешаҳои Юнониро аз тариқи мактабу мазҳабҳои илмию мазҳабии воқеъ дар Шарқи Наздик (ба мисли мактаби илмии суриёнӣ дар Едесса (Раҳо), Насибайин, Раъс-улайн, Теодосиптолис, Кинесрин, Ҳелиополис ва ғайра) дар Аҳди ҳеллинизм наомӯхтаанд. Русухи андешаву орои юнониён дар сарзаминҳои мазкур бештар бо роҳи ғайримустақим, ё, беҳтар аст бигӯем, баъди «сабғаи маҳаллӣ» пайдо карданашон сурат гирифта, маҷмӯъи васеъи донишҳоро дар соҳаҳои гуногун ба вуҷуд овард ва баъдтар онҳоро ба ҷаҳони ислом интиқол дод.

Қабл аз он ки ба баррасии масъалаи ҳеллинизм бипардозем, шояд дар ин ҷо ишора намудан ба ду масъалаи муҳимми дорои аҳамияти ҷолиби таваҷҷӯҳе ҷоиз бошад. Масъалаи аввал ба шодоб шудани тамаддуни юнонӣ аз тамаддунҳои Шарқ қабл аз истилои Искандари Мақдунӣ дар Аҳди бостон марбут аст, ки роҷеъ ба он дар қисмати «Қабилаҳои ҳиндуэронӣ ва ҳиндуевропой» баъзе мулоҳизаҳо ироа гардид. Дар ин ҷо бо овардани чунин нукта иктифо меварзем, ки тамаддуни юнонӣ қабл аз ҳомат барафрошта, дар аксари дунёи мутамаддин русуху нуфуз карданаш ҳануз дар асрҳои биринҷиву оҳан аз тамаддунҳои эрониву бобулӣ ва эгеиву критӣ ғизои маънавӣ гирифта буд. Аввалин тамосу таҳоҷумҳои қабилаҳои ҳиндуевропой ба Юнон дар аҳди империяи Хетӣ боиси таъсири тамаддунҳои Миср ба Крит ва Байнаннаҳрайн ба Эгей ва нуфузи ҳар дуи он ба Юнон асоси тамаддуни юнониро ташкил дода буданд. Тамоси тоза ва нисбатан мустақими фарҳанги юнонӣ бо тамаддунҳои Шарқӣ Миёна тамаддуни ҳеллинистиро ба вуҷуд овард, ки ба қавли Ралф Линтон «тамаддуни юнони классик бо тамаддуни юнонимаоб ба ҳамон андоза мушобеҳат ва муғоират дошт, ки қарни ҳаждаҳуми Урупо то Урупои қарни ҳозир» Иқтибоси мазкур ташаккули тамаддуни ҳеллинистиро нишон медиҳад, ки шояд сароғози он зимни муколамаи фарҳангии халқҳои Шарқ бо Юнон то давраи Искандари Мақдунӣ шуруъ шуда, такомулу инкишофаш дар натиҷаи тамоси мустақими фарҳангҳои мазкур дар давраи истилои Искандари Мақдунӣ ва ҷонишинони ӯ ба вуқӯъ пайвастааст.

Масъалаи дигаре, ки дар ин ҷо матраҳ намудани он аз аҳамият холӣ нест, ҳамин тамаддуни юнонии давраи Перикл (асрҳои панҷуми қабл аз

милод) аст, ки румиҳо зимни гузариш аз марҳилаи ба истилоҳ «барбарият» ба марҳилаи тамаддун онро ба орият гирифта, дар давраи Августин (оғози солшумории милодӣ) ба авҷи аълояш расонданд ва тавассути калисои масеҳӣ бо тамаддуни Ғарб сахт пайванд доданд. Агар Искандари Мақдунӣ империяи Ҳахоманишиёнро барҳам дода, роҳро барои инкишофи ҳеллинизм дар Шарқ ва аз тариқи Шарқи Миёна ба дунёи Ғарб боз намуда бошад, румиҳо Кортажро тасхир намуда, «барбарҳои Урупоро ба худ тобеъ карданд ва ба ҳамин восита ҷоддаро барои ғустариши ҳеллинизм дар Ғарб фароҳам сохтанд». Баррасии ин масъалаи пурмуҳтаво ва доманадор, ки ба ин ё он восита идомаи ҳамон интишори тамаддуни такмилёфта ва шодобгардидаи халқҳои ҳиндуевропоиро ба дунбол дорад ва бахши Урупоии ҳеллинизмро ташкил медиҳад, феълан аз доираи баҳси мо берун аст. Аз ин рӯ, бо овардани чунин ақида иктифо меварзем, ки кишварҳои таҳти таъсиру нуфузи Рум аз лиҳози сатҳи инкишофи фарҳангӣ поин буданд. Испаниё, Фаронса, Британиё ва дигар кишварҳои Ғарб дар сатҳи фурӯмояи тамаддун, ки қарор доштанд, гоҳо дар адабиёти фарҳангӣ ба унвонӣ «барбарҳо» низ ном бурдаанд, вале мардуми Юнону Осиёи Сағир ва Сурияву Миср дар замони тасхири Румиҳо халқҳои мутамаддин ба шумор мерафтанд. Бинобар он нуфузи фарҳанги румӣ дар ин сарзаминҳо андак ва шояд ҳам бештар дар соҳаи умури идорӣ ва иҷтимоӣ бошад. Дар соҳаи маънавӣ, баръакс, ин давлатҳои сарзамини маглуб ҳукумати ғолибро таҳти таъсири тамаддуни худ дароварда буданд. Саид Муртазо Равандӣ зимни баррасии ин масъала қайд карда, ки румиён беш аз ҳама аз манобеъи саршори фарҳангу тамаддуни юнонӣ касби файз карданд. Пас аз фатҳи Юнон ҳазорон ҳазор юнониро ба сурати барда ба Италия ғусел доданд ва аз ҳунару дониши онҳо барои парвариши насли ҷавони румӣ истифода карданд. Иддае аз ҷавонони румӣ барои дарс хондан ба Отену Искандария рафтанд ва ба ин тартиб муқаддамоти русухи тамаддуну фарҳанги ҳеллинӣ (бахши ғарбии он) фароҳам гардид. Румиҳо бештар дар заминаи адабу фалсафа аз Юнон истифода карданд ва бо тарҷимаи китобҳои юнонӣ бо улуму фалсафа ва маъорифи юнонӣ ошно гардиданд. Румиён аз мамолики Ғарб (Испаниё, Фаронса (Гул), Британиё чизе наомӯхтанд, вале ба онҳо басе чизҳо омӯхтанд. Саканаи ин навоҳӣ одобу русуми румиро дар таййи ду қарн батадриҷ фаро гирифтанд ва ба забони лотин сухан мегуфтанд, ҳамвора мекӯшиданд то дар шумори румиён маҳсуб шаванд» [300].

Баъди фурӯпошии империяи Искандари Мақдунӣ Миср ба Батлимусиён, қисмати зиёди соҳилҳои шарқии баҳри Миёназамин ба Селевкиён ва ноҳияҳои шимолу ҷануби Сурияву Фаластин минтақаи мавриди мушоҷираи байни онҳо қарор гирифт. Ҳокимияти сиёсӣ дар ин минтақаҳо агар баъзе тағъироти ҷузъиро ба назар намгирем, мисли даврони ҳукмронии худи Искандари Мақдунӣ боқӣ монд, дар ҳаёти иҷтимоӣ

тағъирот бештар ва дар ҳаётӣ фарҳангӣ он нисбатан домиадортар буд. Суннатҳои фарҳангии давлатҳои ҳеллинистӣ акнун таҳти султаи юнониёни мақдунӣ амал мекарданд.

Маълумотҳои мавҷуда роҷеъ ба умури идорӣ, ҳокимияти сиёсӣ ва ҷиҳатҳои муштараки сохти давлатдорӣ дар Мисри Батлимусӣ, империяи Селевкиён ва ҳатто Ашкониён, инчунин силсилаи давлатҳои тозабунёди ҳеллинистӣ дар қаламрави собиқ империяи Искандари Мақдунӣ ҳокӣ аз онанд, ки подшоҳиҳои дар саҳнаи таърих тоза бавҷудомада аз лиҳози созмонҳои сиёсӣ шабеҳи подшоҳиҳои қаблӣ бо чунин фарқият буданд, ки дар онҳо усули давлатдории юнониву мақдунӣ бо назардошти баъзе унсурҳои маҳаллии ҳокимияти сиёсӣ ва суннтаҳои давлатдорӣ мушоҳида мешуданд. Ба вуҷуд омадани давлатҳои алоҳидаву шаҳрҳои ҳеллинистӣ низ яке аз падидаҳои ҷолиби ин давра ба шумор мерафт, ки онҳо, бешубҳа, аз полис (шаҳр-давлатҳо)-и юнонии давраи классикӣ фарқияти қобили мулоҳиза доштанд. Ҳарчанд, ки полисҳо дар макони аслии ташаккулёфтаи худ — Юнону Мақдун ва ноҳияҳои баҳри Миёназамин, ки аз дер боз таҳти нуфузи Юнон қарор гирифта буданд, дар шакли аввалааш боқӣ монданд, дар давлатҳои ҳеллинистии Шарқи Миёна ва Наздик ҷои онҳоро подшоҳиҳои нисбатан бузург бо созмонҳои сиёсии марбута ишғол намуданд. Зеро дар ин сарзаминҳо «полисҳо»-и классикии юнонӣ нақши байналмиллалиро бозида наметавонистанд ва таҳаввулоти бавҷудомада дар асри ҳеллинистӣ иттиҳодияҳои давлатҳову минтақаҳоеро таҳозо менамуданд, ки дар онҳо бештар на ҳудуд, балки миллат (этносҳо) воҳидҳои асосии сиёсӣ маҳсуб мешуданд.

Таҳаввулоти дигари асри ҳеллинистӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ, ки аксари муҳаққиқон ба он ишора намудаанд, бунёди шаҳрҳои ҷадиди юнонӣ дар саросари Шарқи Миёна ва Наздик буд. Таҳаввули мазкур аз подшоҳии худи Искандари Мақдунӣ ибтидо гирифта. Ӯ ҳануз дар замони лашкаркашиҳояш ба Шарқ бо номи «Искандария» дар саросари сарзаминҳои тасхиршуда истеҳкомҳое бино сохт, ки аввалҳо маҳалли истиқрори низомиён буд, сипас онҳо ба шаҳрҳои бузурге табдил ёфтанд, ки аксари аҳолиашон юнониҳо буданд ва бадеҳист, ки ҳаёти иҷтимоии юнонимаоб доштанд. Аввалин «Искандария» дар Миср ба унвони ҳадяи Искандари Мақдунӣ ба аҳолии ин сарзамин барои истиқболи мардум ва фатҳи бидуни муборизаи Миср сохта шуд, ки баъдан он ба маркази муҳимми тамаддуни Искандаронию суриёнӣ табдил ёфт. Вилл Дурант дар бораи ин шаҳр навишта, ки Искандарияро худи Искандар асос гузошта буд ва Птолемеи II соли 290 китобхона ва музее дар он сохт, ки мавҷиби шуҳрати ин шаҳр гардид ва дар давраи салтанати тулонии Птолемеи II Искандария пойтахти илмиву адабии ҳавзаи илмии Мадитарона ба шумор мерафт. Баъди ибрози чунин назар Вилл Дурант гуфтаҳои муаррихони юнониро ба

шарҳи зер овардааст: «.. ҳеҷ шаҳр аз ҳайси таҷаммулу тамаддун ба пояи Искандария намерасид. Страбон онро дар қарни аввали милодӣ ин тавр шарҳ медиҳад, ки 5 км тӯл, 1,5 км арз дошт. Плиний тӯли девори онро 25 км медонад… Қисмати ҷанубу шарқӣ ё Брухум шомили қасрҳои салтанатӣ, музей, китобхона, мақбараҳои Птолемейҳо, тобути Искандар, зарродхона, муҳимтарин маъбадн юнонӣ ва теъдоди зиёди парки васеъ буд. Дар маркази шаҳр идорот, анборҳои давлатӣ, додгустарӣ, донишгоҳ ва ҳазорон дукону маҳоза қарор дошт. Дар хориҷ аз дарвозаҳо як майдони варзнш ва як майдони асбсаворӣ, як амфитеатр… дошт. Садд ё пуле дар бандар сохта буданд, ки шаҳрро бо ҷазоири Фарос васл мекард… Боқимондаҳои ин шаҳр дуруст зери шаҳри феълист ва шояд ҳам зери сатҳи об фуруъ рафта бошад…; Ҳеродод менависад: Искандария шаҳри Афродит аст ва ҳама чиз аз сарвату варзишгоҳу артиши бузург ва осмони софу намоишгоҳҳои умумӣ, файласуфон, зуруфи қиммати, ҷавонони хубрӯ, қасри салтанатӣ, академияи улум, шароби олӣ ва занҳои хушгил дар он ёфт мешаванд»[301].

Муаррихон шаҳри Искандарияро макркази илму фалсафа медонистанд. Сохтги шаҳрро меъмори юнонӣ Динократ тарҳрезӣ карда буд. Муаррихи румӣ Мартсели ҳашамати Серапайон (маъбади худои Миср Сераиос)-ро ба қалам дода, онро яке аз зеботарин биноҳои даврони ҳеллинӣ номидааст. Ҳамин хел шаҳрҳои зиёди дигар дар нуқоти мухталифи қаламрави империя аз ҳаволии баҳри Миёназамин сар карда то соҳилҳои Халиҷи Форс ва Эрону Афгонистон бо вуҷуд омаданд. Дар Осиёи Миёна шаҳре бо номи «Искандарияи ақсо» («Искандарияи канорӣ») дар ҳаволии шаҳри Хуҷанд бунёд шуда буд, ки харобаҳои он ҳанӯз ҳам мавҷуданд. Баъди Искандар ҳамин хел шаҳрҳои бузург дар қаламрави шоҳони селевкӣ, бохтарӣ, модӣ, портӣ, инчунин дар Байнаннаҳрайну Сурия ба вуҷуд омаданд, ки ба худ номи силсилаҳои юнониву мақдуниро гирифта, ҳамчун марказҳои муҳимми маъмуриву фарҳанӣ амал мекарданд. Энтокия (ба номи падари Селевк), Лендокия (ба номи модараш), Стратоникия (ба номи зани Селевк), Апамия (ба номи зани бохтариаш), Евтидемия (дар Ҳиндустон) ва ғайра шаҳрҳои тозабунёди ҳеллинистӣ бо садҳо ҳазор ҷамъияи юнонимаоб буданд, ки ҳаёти давраи ҳеллинистиро аз сар мегузаронданд. Мувофиқи баъзе маълумотҳои таърихӣ як худи Селевкиён зиёда аз 33 шаҳри нав бунёд намудаанд. Шаҳри Селевкияи канори Даҷла дар маҳалли барҳурди руди Даҷла ва Фурот наздикии Бобули куҳану БаҒдоди оянда ба нияти рақобат бо Бобул қомат афрохта, ба умеди пойтахти империяи Шарқӣ шудан бино ёфта буд, вале он ҳеҷ гоҳ мақоми пойтахти шоҳаншоҳиро ба худ касб накард ва то поёни давраи Портҳо шаҳри боаҳамияти маъмуриву тиҷоратӣ ба шумор мерафт. Шаҳри муқаддаси муғони модии Роғ (=Рай) низ ба ҳамин минвол сохта шуда.

Дар замони Селевкиён ба хубӣ маълум гардид, ки кишваркушоии

мақдуниён ҳамаи садҳоеро, ки ҳукуматҳо ва ҳатто забонҳои гуногун ба вуҷуд оварда буданд, дар ҳам шикаст ва ин ҳодиса табодули иқтисодиву фарҳангии бештари давлатҳои Шарқу Ғарбро тақозо менамуд. Дар ҳамин давра як навъ ҷунбиши муваффақиятомези минтақаи осиёии Юнон мушоҳида гардид. Ваҳдати нисбии Селевкиҳо мавҷиби тараққиёти кишоварзӣ, саноат ва бозаргонӣ шуд ва фаъолияти «Роҳи абрешим» аз нав оғоз гардид. Худи ҳокимият истибдодӣ буд ва мабонии шарқӣ дошт, вале забонаш юнонӣ буд. Юнонӣ шудани Осиёи Ғарбиро Вилл Дурант ба таври образнок «баргашти тамаддуни юнонӣ ба хонаҳои қадимаи осиёии худ» дониста, ин қазияро чунин шарҳ додаст: юнониҳо, ки қабл аз Искандар мақоми бузургеро дар дарбори шоҳони эронӣ доштанд ва бозаргонони юнонӣ ба ҷоддаҳои тиҷории Ховари Наздик тасаллут доштанд, акнун имконияти сиёсӣ ва бозаргониву ҳунарӣ хеле аз муҳоҷирону нависандагон, сарбозону пизишкон, донишмандону русбиёнро аз қаламрави давлати Юнон ба Осиёи Ғарбӣ раҳнамун сохт. Муҷассамасозони Юнонӣ дар давлатҳои тозабунёди Осиёи Ғарбӣ муҷассама месохтанд, раққосаҳои юнонӣ бандарҳои осиёиро зери по карданд, варзишу ҳаммом ба сабки юнонӣ даромад, системаи обу фозилоб, мадорису китобхонаҳо, намоишномаҳо дар кишварҳои Осиёи Ғарбӣ мақоми юнонӣ ба худ гирифт. Ҳеҷ тағъир ба ин суръату вусъат дар Осиё набуда ва яке аз падидаҳои таърихи бостон ба шумор мерафт [302].

Дар ҳаёти иҷтимоӣ, тарзи зиндагӣ ва рӯзгори мардум, касбу ҳунар ва иқтисодиёту тарзи хоҷагидории шаҳрҳои қадимаи Шарқи Миёна таъсиру нуфуз ва нақши тамаддуни ҳеллинистӣ мушоҳида мешуд, вале дар аксари кулли шаҳрҳои Осиёи Миёнаву Эрон нақши мазкур бештар ҷанбаи ташрифотӣ ва сиёсӣ дошт. Мардуми ин сарзаминҳо, ба монанди дигар миллатҳои тобеъи султонишинони мақдунӣ, бахусус аҳолии маҳаллии шаҳрҳои Мемфис, Табас, Бобул, Урук, Шуш ва бисёр шаҳрҳои Финикия аз имону эътиқодот ва русуму оини худ бархурдор буданд ва аз тарафи ҳайъати ҳокима низ фишори казоӣ барои тағъири русуму оин мушоҳида намешуд. Шояд дар шаҳрҳои навбунёди юнонӣ эрониҳое сукунат дошта бошанд, ки забону русуми юнониро пеша карда, аз ҳар ҷиҳат юнонимаоб шуда ва ҳатто мисли дигар миллатҳо, аз ҷумла яҳудиёни Уршалаим эътиқоди юнониро пазируфта бошанд. Ба назар чунин мерасад, ки дар Шарқи Миёна юнонимаобӣ дар табақаҳои болоии ҷамъият ва асилзодагону ашрофон, ки маъмулан юнонӣ ё мақдунӣ буданд, эҳсос мешуд. Ҳукмронони юнонӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ саъй мекарданд, ки табиати юнонии умури идориву муассисоти фарҳангии худро то ба дараҷае, ки мардуми мафтуҳа онро мепазируфтанд, ҷорӣ намоянд. Масалан, Селевкиён гарчи нияти юнонӣ кардани халқҳои Шарқро надоштанд, «нафаси ҳамҷаворӣ» осори худро баръало боқӣ ғузошта буд, онҳо ҳеҷ яке аз

шаҳрҳои қадимаи Шарқи Миёнаро ба ҷойгоҳи муҳимми фаъолиятҳои сиёсиву фарҳангӣ табдил надоданд ва пойтахт эълон накарданд.Зери фармони юнониён даромадани Осиёи Миёнаву Эрон ва дигар сарзаминҳои қаламрави империяи Ҳахоманишиён боиси ранги юнонӣ гирифтани фарҳанги ниёгонамон дар аҳди Селевкиён ва ҳатто Ашкониён гардид. Муҳаммади Муҳаммадӣ ҳамин масъаларо мавриди баррасӣ қарор дода, ҳамвора қайд намудааст, ки ҳарчанд ғалабаи юнониён дер напоид ва ҳануз аз оғози ҳамлаи Искандар як аср нагузашта буд, ки хонадонҳои эронӣ дар бунёди фармонравоии онон рахна карданд, «... лекин муддатҳо вақт лозим буд, то осори он давра аз пайкари фарҳанги эронӣ зудуда шавад ва эрониён бо ба даст овардани истиқлоли фикрӣ ва зинда кардани фарҳанги миллии худ барои ташкили як давлати нируманди дигар омода карданд, ё беҳтар бигуем, барои ин ки он давраи нотавонию забунӣ ба як давраи пирузиву тавоной табдил шавад, як таҳаввули асосии ҳам суварӣ ва ҳам маънавӣ лозим буд. Ин таҳаввул дар давраи Ашкониён сурат гирифт». Ба фикри ҳамин муҳаққиқи руи кор омадани давлати сосонӣ охирин марҳилаи як таҳаввули тулонист, ки дар зерқишре аз тамаддуни юнонӣ дар давраи ашконӣ ҷараён доштааст. Дар ин давра «қисмате аз аносири юнонӣ аз пайкари Эрон задуда шуд ва қисмати дигар дар он таҳлил рафт ва дигаргун гардид ва дар ҳангоме ки Ардашер зимоми ҳукуматро ба даст овард, ҷомеъаи эронӣ ҳам рафта-рафта ба сурати як воҳиди миллӣ намудор мегардид ва сифоти барҷастаи ин ваҳдат беш аз пеш дар тамоми шууни фарҳангиву иҷтимоии вай ошкор мешуд. Бад-ин тартиб ин тағъири силсила танҳо як воқеаи сиёсӣ набуд, балки пайдоиши руҳи тозаеро дар императории Эрон нишон медод»[303].

Тасхири Шарқи Миёна тавассути Искандари Мақдунӣ дар ҳаёти иқтисодӣ тағъироти назаррасеро ба дунбол дошт. Ҳануз ҳам заминҳо дар ихтиёрӣ дарбор ва заминдорони хусусӣ буд. Заминҳои шоҳӣ ба кормандон, наздикон ва хешовандони хонадони салтанатӣ дода мешуд. Бештари корҳои кишоварзиро рустоиён анҷом медоданд. Заминҳои дарбор, сатрапҳо, маъбадҳо ва хусусӣ вуҷуд доштанд. Селевкиён ташкили хоҷагии ягонаро, ки масалан дар Мисри Батлимусӣ ба роҳ монда шуда буд, амалан созмон дода натавонистанд. Аз замин андозу молиёт ситонда мешуд. Общинаҳои нави ҳеллинистӣ аз ҳисоби муҳоҷирон дар маҳалҳои тозабунёд ба вуҷуд омаданд. Дар онҳо шуроҳо ё худ маҷлиси миллӣ амал мекарданд ва ба табақаҳо ҷудо шудани аҳолӣ дар шаҳрҳо суръат мегирифт. Меҳнати ғуломон ба таври васеъ истифода бурда мешуд. Дар давраи Селевкиён маъмулан як қисми замин барои низомиён ҷудо карда мешуд ва вобаста ба мавқеъ ва мақомашон он байни сипоҳон тақсим мегардид.

Тиҷорат низ дар асри ҳеллинистӣ ба зинаи нави инкишоф расид, зеро

қариб ҳамаи пулҳои аз хазинаи тиллоии эрониён гирифтаро Искандари Мақдунӣ дар муомилот гузошта буд. Илова бар ин сармоягузории ҳукуматҳо барои касби қудрат дар соҳаи низомӣ, нируи дарёи, сохтмони шаҳрҳои ҷадид ва дигар шабакаҳои фарҳангиву рифоҳӣ афзуд. Ин ҳодиса такони бузурге барои рушду инкишофи ҳунармандӣ гардид. Ба ҷуз ҳунарҳои дастиву зебо ва мунаббаткориву ҳунарҳои суннатӣ дар шаҳрҳои Осиёи Миёна, Эрон, Юнон, шаҳрҳои атрофии баҳри Эгей, Осиёи Хурд, қисми ҷанубии Италия, Миср кулолгариву сафолгарӣ дар ҳамин давра тараққӣ кард. Сикка задании пулҳои тиллоӣ ва нуқрай ҳануз замони дар ҳаёт будани Искандари Мақдунӣ ба роҳ монда шуда буд. Зарби ҳамин хел сиккаҳо ба подшоҳони ҳеллинистӣ низ иҷозат дода шуд. Дар рӯи сикка тасвири шоҳ зарб мешуд. Дар муомилоти байналмилалӣ фақат сиккаҳои зарбшудаи шоҳӣ қобили истифода буд, дигар сиккаҳо дар бозори дохилӣ истифода мешуданд. Вале барои рушду инкишофи тиҷорат то андозае муборизаҳои доимии шоҳони даврони ҳеллинӣ—Селевкиёну Батлимусиҳо, Селевкиёну Бохтариҳо ва Портҳо, муборизаҳои дохилии шоҳиҳои гуногун имкон намедоданд.

Дар соҳаи фарҳанги даврони ҳеллинистӣ иқтибосеро аз Л. де Блоис ва Ван дер Спек хоҳем овард, ки он то андозае тасаввуроти моро роҷеъ ба ҷабҳаҳои фарҳангии ниёгонамон дар ин бӯъди замонӣ муайян месозад. Онҳо навиштаанд: «Шаҳрҳои юнонимаоб дар саросари Ховари Миёна нақши бунёдӣ дар ашоаи фарҳанги Юнон ифо карданд. Даҳҳо ҳазор юнонӣ ба ин шаҳрҳо сарозер шуданд ва забону дину низомҳои омӯзишӣ ва суннатҳояшонро бо онҳо даромехтанд. Устодони мадорис, мударрисони фанни балоғат ва омӯзгорони дастури забон, адабиёт, ҳандаса, теории мусиқӣ ва соири риштаҳо дар тамоми шаҳрҳои юнонимаоб мустақар шуданд. Шаҳрвандони сарватманд аз муаллимони хусусӣ барои омӯзиши фарҳанги адабии нахбагон ба фарзандони худ истифода мекарданд, кӯдакон тарбияи баданро низ фаро мегирифтанд. Дар бисёр шаҳрҳо мусобиқот аз рӯи улгуи Олимпик созмон дода ва баргузор мешуд. Қаҳрамонӣ рафта-рафта ба як шуғл табдил шуд. Биноҳои юнонии мушобеҳ дар шаҳрҳои Ховари Миёна сар барафроштанд. Бузургону машоҳири ин шаҳрҳо ба омӯхтани забони юнонӣ пардохтанд ва то ҳадди зиёде русуму одоби юнониро пазируфтанд. Албатта бояд дар назар дошт, ки бештари табақоти болоии ин шаҳрҳо таҳти таъсири фарҳанги эллинистӣ қарор гирифтанд ва дар зери ин пӯшиши зарифи юнонӣ фарҳанги асил камокон ба ҳаёти худ идома медод»[304].

Бо таваҷҷӯҳ ба иқтибоси мазкур баъзе бахшҳои фарҳанги даврони ҳеллинистӣ, бахусус асотиру дину фалсафаро ҳамчун таҷассуми зеҳнӣ ва ақидатии ин давра мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод. Асотири қадимаи

эронӣ, бобулӣ, суриёнӣ ва мисрӣ роҷеъ ба достонҳои офариниш ва маъорифи динӣ дар Шарқ он қадар замина ва решаи амиқи суннатӣ дорад, ки шояд ҳеҷ тамаддуни дигаре ба ин дараҷа пойбанди ривоёту асотир ва афсонаҳои дорои мафҳумҳои ҷаҳоншиноӣ надошта бошад. Худоёни мисрӣ Ра, Осирис, Изис ва Ҳурис бузургтарин раббуннавъҳое буданд, ки дар натиҷаи омезиш дар давраи ҳеллинистӣ Ра, Омун ва Птаҳ ба сурати се мазҳари ягона даромаданд. Худоёни шаҳрҳои Бобулистон гадриҷан ба мазҳар ё сифоти худои бузург-Мардук табдил ёфтанд. Дар саросари Фаластин, Сурия, Осиёи Сағир нуфузи руҳониён афзуда, парастиши худоёни маҳаллӣ Темус, Адонис, Дионисий ва худоёни дигар пантеонҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд. Мазҳари Изис дар қарни 4 пеш аз милод аз Миср ба Юнон, дар қарни 3 то милод ба Ситсил, дар қарни 2 пеш аз милод ба Италия ва аз он ҷо ба тамоми императорӣ интишор ёфт. Оини меҳрпарастӣ, ки шарҳи муфассалаш баъдан хоҳад омад, аз Эрон ба сарзаминҳои Юнону Рум рафт. Асотири митрай, ки тибқи он ҳамаи мардум пас аз марг баробари даргоҳи Митра ҳозир шуда, равонҳои нопокро ба Аҳриман хоҳанд дод ва равонҳои покро, ки аз 7 сипеҳр гузашта, ҳар бор яке аз унсурҳои фониро дур мекунад, дар асрҳои 2-3 дар саросари Осиёи Ғарбӣ ва Урупо ривоҷ ва густариш ёфт [305].

Дар аҳди Селевкиён, ки насаби худро ба худои юнонӣ Аполлон бурда мерасониданд, бештар худоҳои шаҳрҳоро мепарастиданд. Дар замони Ашкониён, ки зотан дар пайравӣ аз ҳеллинизм таассуби чандоне надоштанд, таслиси Меҳру Ноҳиду Баҳром мавриди парастиш қарор гирифт ва дар ин миён роҷеъ ба Ноҳид (Анаҳито) устураҳои зиёде ба вуҷуд омаданд. Ноҳидпарастӣ баъдҳо дар Лидия, Балх, Каппадокия ва Арманистон роиҷ гардид. Давлати Ашкониён ранги юнонӣ дошта бошад ҳам, аз лиҳози ҳифзи суннатҳои дерини ниёгон шояд поктар аз империяи Селевкиён ва ҳатто Ҳахоманишиён бошад. Ба ҳар ҳол, устураҳои фаровоне ҳамчун суннати куҳану ҳикматомез дар бораи ҳар як худои маҳаллӣ, заминӣ, нуҷумӣ ва ҳатто коҳин-худоёни даврони ҳеллинизм мавҷуд буданд, ки ғановату қудрати онҳоро ҳанӯз Афлотун дар рисолаи «Тиммей» зимни муколамаи коҳини мисрӣ бо Солон ном пешнамои ҳикмати Юнон нишон дода, зимнан аз забони коҳини юнонӣ чунин нигоштааст: «Шумо, мардуми Юнон аз ҳайси рӯҳ кӯдакед. Зеро руҳи шумо аз ҳар гуна бенише, ки дар пояи таърихи куҳан устувор бошад, дар шумо нест» [306].

Ҳелленизм динро чи дар давраи Селевкиён ва чи дар давраи Ашкониён, ки ҳар ду империяҳои худро созмон дода буданд, озод гузошт. Зеро шикасти империя фасоди мазҳаби ортодокси бостониро тезонид. Дигар худоёни юнонӣ аз дифоъи шаҳрҳо оҷиз монданд ва ин моҳи бенуфузии мазҳаб гардид. Асотири маҳаллии бостон фақат байни деҳқонону мардуми соддаи шаҳрӣ ва дар маросиму ташрифот боқӣ монда буду халос. Афзоиши

амлоки бузург баъди вафоти Искандар байни сарлашкарон ва начибзодагони маҳаллии юнонӣ мардумро ба сӯи яккахудоии мавҳум ҳидоят мекард. Соли 300 қабл аз милод Эуҳемерус (Euhemerus) китобе дар бораи навиштаҳои муқаддас тадвин кард, ки дар он худоёни даврони Юнони бостон шахсиятҳои инсонӣ ва қаҳрамононе ба қалам дода шуданд, ки ба хотири хидматашон ба дараҷаи худой расидаанд. Ин китоб таъсири зиддидинии бузурге дошт ва сабаби зуд интишор ёфтани худоҳои Осиёй, ки гору пуди шарқӣ доштанд, дар қаламрави собиқ империяи Искандари Мақдунӣ гардид. Дар натиҷа дар ин асно аксари динҳои мутаол арзи вуҷуд памуданд ва созмони динию табақотии рӯҳониён шояд беҳтарин судро аз дастгоҳи табақотии императорӣ касб намуда, пайдоиши динҳои мутаоли ҳиндуизм, яҳудият, зардуштӣ ва масеҳият бо фарқияти андаки фосилаи замонӣ дар ҳамин давра ба вуқӯъ пайваст. Зимни баёни ақидаи фавқ Арнолд Тойнби дар ин бора қайд намуда, ки «хусусиятҳои муштараки тамоми адёни мутаол аз он иборат аст, ки ҳар кадом дар чаҳорчӯби як тамаддун маншаъ гирифта... ҳиндуизму будизм дар даруни тамаддуни ҳиндӣ, яҳудият дар даруни тамаддуни суриёнӣ, зардуштӣ дар даруни тамаддуни эронӣ ва масеҳияту ислом аз «фарҳанги таркибие» сарчашма гирифтаанд, ки дар он аносири тамаддунҳои муталошишудаи суриёнӣ ва «ҳеллиник» мамзуҷ шудааст» [307].

Ба назар чунин мерасад, ки робитаи бевоситаи юнониён бо давлату ҳукуматҳои Шарқи Миёна баъди истилои Искандари Мақдунӣ низ мавҷуд буда, вале мизони таъсиру нуфузи фарҳанги юнонӣ дар сарзаминҳои мухталиф ба таври гуногун буд. Ин таъсир бештар ба ҳузури юнониён дар минтақа вобастагӣ дошт ва, аз ин рӯ, меъёри мушаххасеро наметавон муайян намуд. Шояд дар умури идорӣ ва созмонҳову муассисоти дунявӣ таъсири бештари юнонӣ мушоҳида шуда, зеро даҳҳо ҳазор юнонӣ дар саросари Ховари Миёна мустақар шуда, зоҳиран ба омӯзиши забону адабиёти юнонӣ, ҳандасаву мусиқӣ, низомҳои гуногуни омӯзишӣ, касбу ҳунар, варзиш ва тарбияи бадан,таъсиси биноҳо бо сабки юнонӣ дар шаҳрҳои ҳеллинистии Ховари Миёна ва ҳатто баъзе унсурҳои русуму одот пардохта буданд. Масъалаи забони юнонӣ, бино ба маълумоти катибаҳое, ки аз Осиёи Хурд пайдо шуданд, «ба таври фазоянда ҷонишини забони бумӣ шуда... ва дар соҳили гарбии Осиёи Хурд то қурунҳо забони юнонӣ такаллум мешуда... изадоне, ки номи юнонӣ гирифта буданд, ғолибан аз лиҳози хислат Ховари Миёнай боқӣ мондаанд»[308].

Дар умури эътиқодоту адён омезиши фарҳангӣ ранги дигаре дошта. Юнониён худоҳои худро ба худоҳои Шарқи Миёна ташбеҳ ва ҳатто худоёни мисриву бобулӣ ва эрониву суриёниро ба пантеони худоёни худ пазируфтаанд, ки мисоли равшани он парастиши Исирис ва Изиси мисрӣ

дар Юнон буд. Ба ҷуз ин юнониён ҳанӯз дар давраи истилои Искандари Мақдунӣ ба дини маздоии кӯҳан ва зардуштӣ, хусусан ба масоили рамзу рози суудии рӯҳ таваҷҷӯҳи хосе доштанд. Вақте тамаддунҳои юнонӣ бо суриёнӣ ба ҳам омезиш пайдо карданд, риштаи комили иттиҳоди дину маслакҳо низ ба миён омад. Мери Бойс ва Франс Гренер марҷаи умдаи фарҳанги эронӣ, хусусан дини он дар давраи ҳеллинистиро ба донишманди искандаронӣ Ҳермипус (Hermipus) нисбат дода, ҳамвора таъкид намудаанд, ки ӯ ҳанӯз дар асри дуюми пеш аз милод рисолаи чандҷилда «Дар бораи муғон» (On the Magi) навишта, осори зардуштиро ҷамъоварӣ карда буд. Муаллифони мазкур ҳамчунин қайд намудаанд, ки ҷаҳони ҳеллинизм боз се асари мутааллиқ ба Зардуштро ба мо ироа карда, ки яке «Дар бораи табиат» («Periphyseos»), дигаре «Asteroskopika» ё худ «ApoteLesma» мебошад, ки зоҳиран асарҳои илмӣ дар бораи аносири табиӣ ва аҳкоми нуҷуманд. Асари охириро аз руи мазмуну мундариҷа «Расадҳои ситорай» ва «Наҷот» («Пешбиниҳои аҳкомӣ») тарҷима намудан мумкин аст. Асари сеюм «Дар бораи ҳавоси аҳҷор» (Peri tithotimion) ном дошта, шомили гавҳаршиносӣ ва шарҳу тафсири ҳавоси табиию ҷодуии коҳинон мебошад [309].

Аз оғози давраи ҳеллинистӣ, ки ба давраи империяи Селевкиён рост меояд, то шуруъи Асрҳои миёна таълимоти зиёде роҷеъ ба Зардушт ва муғони зардуштӣ ба забони юнонӣ ва суриёниву қибтӣ иншо шудаанд, ки «нутфаву зеҳдони фарҳангии ин навиштаҳо низ юнонӣ буда», бо истилоҳоти ҳеллинистӣ оро дода шудаанд. Онҳо аз фарҳанги муштараки арзишҳои маънавии Селевкиёну Ашкониён дарак медиҳанд. Рисолаи «Зардуштия» («Zastrianos») аз китобхонаи Nad Hammadi низ то ба мо омада расидааст. Д. Биде ва Ф. Камонт (j. Bider, F. Kumont) асаре бо номи «Муғони юнонимаоб» («Les Mages HeLLenises») таълиф намудаанд, ки ҷилди дуюми ин китоб куллияи қатаъоти мансуб ба Семург, Зардушт ва Остонс (муғе, ки Хишоёршоҳро дар ҷанги бузург бо юнониён ҳамроҳӣ мекард), Ҳистенс ва тамоми иттилооти марбут ба достонҳои зиндагиву таълимоти онон дар сарзаминҳои ғайриэронӣ ғирдоварӣ шудаанд. Аҷобати кор дар ин аст, ки Мери Бойс ва Франс Гренер баъди овардани чунин маълумотҳои муфид, ба таҳлилу баррасии ин асар пардохта, бисёр нуктаҳои он ба таълимоти ҳақиқии оини зардуштия мутобиқат надоштан ва таҳриф шудани таълимоти мугони зардуштиро қайд намуда, маълумотҳои мазкурро дар мақолае тахти унвони «Чунин нагуфт Зардушт» ҷой додаанд. Ба ҳар ҳол, ҳеллинизм зардуштгарой, яҳудигарой ва таъбирҳои тамаддуни эронию суриёниро, бо мавзеи дифоъ хеле дур ронда буд.

Дар давраи ҳеллинизм мактабҳои тозаи ақидатие арзи вуҷуд намуданд, ки инкишофи зеҳнию фалсафӣ ва ирфониву каломии даврони

Селевкиёну Ашкониёнро пайваста бо заминаи нави инкишофи маънавиёти Юнон дар худ таҷассум менамуданд. Дар байни онҳо равоқиён (stoics), эпикуриён (Epicureans), калбиён (cynics) мақоми хос доштанд. Ба иллати гадриси бунёнгузори мактаби «равоқиён» Зенон дар Stoa- равоқҳои раҷ'ини (чиҳилсутуни) Афина ин мактаб ба худ номи «равоқиён»-ро гирифт. Онҳо мўътакид буданд, ки «қудрати илоҳӣ бар ҷаҳон ҳоким ва бар ҳама ҷанба аз коинот соя афканда. Ин қудрат, ки ба он Lodos (калима, хиради кайҳонӣ) ва низ Theos (худо) мегуфтанд, ҳама чизро зери ситраи худ дорад. Инсон низ аз ин қудрати илоҳӣ то ҳудуде бархурдор аст. Ҳама чиз дар табиат бо назму адаби хоси хеш ҷойгохи вижаи худро дорад» [310]. Равоқиён бо табиат созгор зиндагӣ кардан ва фармонравои хеш будани инсонро таъкид намудаанд. Дигар мактабҳои номбаршуда низ аз озод шудани инсон аз банди тарсу бим ва худкафоии ўро дар мадди аввал қарор додаанд.

Ҳодисаи муҳимми дигаре, ки дар маркази искандарониву суриёнӣ рух дод, инкишофи афкору ҳикмати ирфонӣ буд. Чун шаккокон тафаккури фалсафиро напазируфта, онро ғалат эълон намуданд ва ақлро мавриди ҳамла қарор доданд, диди фалсафӣ ба табиат ва худи инсон аз саҳнаи ҳикмат дур шуд ва ҷои худро ба илми калому ирфон дод. Файласуфони Юнон, хусусан пайравони Афлотуну Арасту, аз чунин ҳодисаи беэътиной ба ақли инсонӣ дилгир шуда, ба Мисру Рум рахт бастанд. Онҳо дар Рум чандон тавфиқ наёфтанд, вале Искандария, ки маркази ҷаҳони ҳеллинизм дар ин бўъди замонӣ буд ва қавму миллатҳои мухталиф аз кабили юнонӣ, мисрӣ яҳудӣ, суриёнӣ, эронӣ ва ғайра дар он зиндагиву фаъолият доштанд, ба инкишофи илму ҳикмат рўҳи тоза бахшид. Тақрибан дар ҳамин давра байни илму ҳикмат як навъ ҷудоие низ бавуҷуд омад.

Мактаби искандаронӣ ва суриёнӣ ҳамчун маҳалли бархурди орои юнониву шарқӣ ба маркази муҳимми тадқиқу таҳқиқ ва тарғиби омўзиши илму ҳикмату ҳунар табдил ёфт. Бино ба маълумоти муҳаққиқон дар соҳаи илм Аристархи Самосӣ (Aristarshus of Samos) назарияи хуршедии маркази оламро матраҳ кард, Аристостеноси Куренӣ (Erastosthenes of Cyrene) муҳити курраи заминро муҳосиба намуд, Архимед ҳаҷми махсуси обро муҳосиба ва тарҳҳои зиёд барои дастгоҳҳои низомӣ пешниҳод кард, тибби Буқротӣ низ дар ҳамин давра пайравони зиёди худро ёфт.

Дар ҷоддаи ҳикмат мактабҳои фалсафии фисоғуриёни ҷадид, фалсафаи яҳудии искандаронӣ, фалсафаи навафлотунӣ ва масеҳияти ибтидоӣ то ба арсаи вуҷуд ниҳоданд, ки ваҷҳи муштараки ҳамаи ин мазҳабҳо иборат буданд аз «эътиқод ба дугонагии олами улвӣ ва илоҳӣ аз як сў ва олами сифлӣ ё дунё аз суи дигар, доштани мафҳуми интизоъӣ аз худо бо нафйи эҳтимоли ҳар гуна маърифате нисбат ба зоти ў, паст шумурдани олами маҳсус бар асоси таъолими афлотунӣ дар бораи модда,

ҳубути нафси одамӣ аз олами бартар ба олами ҷисмонӣ, эътиқод ба қувваи восита ё мавҷудоти олами барзах, ки ба воситаи эшон феъли худованд дар олами маҳсус зоҳир мешавад, риёзатҳои лозим барои раҳоии рӯҳ аз банди олами ҳис ва билахра имон ба кашфу шуҳуде, ки дар ҳолати ҷазаба ба инсон даст медиҳад»[311].

Мо аз таҳлилу баррасии ин ҷараёнҳои фалсафӣ ва мазҳабии даврони эллинизм дар ин ҷо худдорӣ намуда, онро ба бахши «Ҷаҳоншиносии зурдуштӣ» мавкул мегузорем. Дар ин ҷо фақат чунин нуктаро қайд намудан зарур аст, ки Осиёи Миёнаву Эронро фатҳ кардани мақдуниён асари амиқе дар қаламрави империяи ҳахоманишӣ гузошт. Эҳёи империяи Ашконӣ бо дастони аввалин сулолаи эронӣ як ҳодисаи навзоии воқеьӣ ба шумор мерафт. Бо мурури замон Сосониён тавонистанд муҷаддадан дини зардуштиро аз нав эҳё намоянд ва наҳзати фарҳангиеро дар чашмандози таърих ба вуҷуд оваранд, ки комилан ҷанбаи миллӣ ва ранги эронӣ доштааст. Муҳаққиқон Эронро дар Шарқ мисли миллатҳои Юнону Рум дар Ғарб донистаанд, яъне «ҳамон тавре ки фарҳанги Юнону Рум » таъсири амиқе дар тамаддуни миллатҳои Урупой доштаанд ва асоси фарҳангҳои эшон ба шумор меравад, ҳамон гуна «фарҳангу осори фикрии эронӣ низ дар миллатҳои Шарқӣ таъсири фаровон карда ва аз ин роҳ саҳми бузурге дар пешрафти фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ доштааст» [312]. Таҳлили ҳамин ҷиҳати масъала мавриди баррасии бахшҳои баъдӣ қарор хоҳад гирифт.

БОБИ II

ОИНИ ПЕШИНИ ОРИЁИҲО ВА АДАБИЁТИ ЗАРДУШТӢ

ТАШАККУЛИ АВВАЛИН УНСУРҲОИ МАДАНИЯТИ МАЪНАВӢ

Тақрибан 40-35 ҳазор сол пеш аз ин ташаккули навъи имрӯзаи авлоди башар, ки он дар таърих бо номи «Инсони мутафаккир»- Homo sapiens машҳур аст, сурат гирифта буд. Он дар давраи палеолит (асри поринаи сангӣ) дар шакли ташкилоти қабилавӣ интишор ёфта, минбаъд ба ташаккули ҷамъият мусоидат намуд. Муаррихон тахмин мекунанд, ки дар чунин зинаи рушди иқтисодию иҷтимоӣ шаклҳои ибтидоии ҳаёти маънавӣ дар Шарқ ба вуҷуд омада буданд.

Пайдоиши тасаввуроти динӣ ба ҳамон дараҷаи инкишофи ҷамъияти инсонӣ рост меояд, ки дар он на фақат таҷриба, балки қобилияти фикрии инсон пайдо шуда, ҷиҳатҳои антропологию физиологӣ ва системаи биологию психологии ӯ инкишоф ёфтааст. Қувваи воҳимаи инсон дар ҳамон вақт пайдо шудааст. Он тарсу ҳарос аз падидаҳои табиию ҳодисаҳои иҷтимоиро на аз рӯи қонуну робитаҳои собити мантиқӣ, балки тибқи эҳсосоту парвози хаёлоташ дарк кардааст. Ҳамин хел гурӯҳи хурди одамон дар ҷараёни алоқаҳои оилавию авлодӣ (никоҳ, таваллуд, вафот ва ғайра) аввалин тасаввурот дар бораи қувваҳои фавқуттабиӣ пайдо намуданд ва тақрибан дар давраи неолити боло (асри поринаи сангии пешин) ғояи зиндагии баъди маргро бавуҷуд оварданд. Инро тарзи гӯронидани майит, ки осори он дар натиҷаи ҳафриёти археологии солҳои охир ба даст омадаанд, собит мекунад. Тасвироти саҳнаи шикор, ки дар даромадгоҳи ғорҳо сабт шудаанд, шаҳодат медиҳанд, ки одамони давраи ибтидоӣ тавассути сеҳру ҷоду ба ҳайвонҳо таъсир расонданро бовар мекарданд.

Бино ба ақидаи муаррихон тақрибан дар ҳамин давраи сохти авлодӣ динҳои тотемистию анимистӣ ба вуҷуд омадаанд. Аввалӣ боварии гурӯҳи муайяни одамонро дар бораи авлодан як будани онҳо бо намуди муайяни ҳайвон ё растанӣ ифода мекарда, вале минбаъд он инкишоф ёфта, шакли

асосии тасаввуроти динии авлоди муайянро ба худ гирифт[1]. Он барои муайян намудани ҳудуди гурӯҳи авлодӣ роли асосӣ мебозид. Дар натиҷаи мустаҳкам шудани сохти авлодӣ дар асоси умумияти ичтимоӣ силсилаи рафтору аъмоли мамнӯъ (табу) ба вуҷуд омад, ки он моҳиятан яке аз шаклҳои аввалини тасаввуроти динӣ буд. Ҳамин хел, тотемизм дар давраи ибтидои ташаккули ҷамъияти инсонӣ вазифаи асосии динро ичро мекард.

Ҳамчун пояи асосии мӯъҳтақидоти мардум ва заминаи дину мазҳабҳои ибтидоӣ зимни робитаи инсон бо ашёи табиат ва ҳайвонот ҳар як қавму қабила тотеме барои худ интихоб карда, онро ба дараҷаи қудсият расонд. Масалан, тотеми порсҳо шоҳин буд ва аз замони вурудашон ба фалоти Эрон ин тотемро муқаддасу мӯҳтарам шуморида, онро ҳофизи қавм ва маншаи вахдату нируи ботинии худ мешумориданд. Тақдиси гов байни ҳиндуён ва хук дар байни шумериёну яҳудиён аз ҳамин мазҳаби ибтидоӣ ғизои маънавӣ гирифтааст. Шояд тотемро омили асосии хешовандии гурӯҳҳои ҷамоаъи ибтидоӣ номидан ҷоиз бошад, вале он зотан аз ҷанбаи диниву пайванди афроди гурӯҳ таҷовуз карда, аломати хушбахтӣ ё, беҳтараш сумбули қудсӣ пайдо кард ва бештар ҷанбаи зоофилӣ ба худ касб намуд. Аксари тотеми қавму қабилаҳо ҳайвонот буда, сипас онҳо мисли шеъру уқоб сумбули парчамҳои давлатӣ низ гардидаанд. Кабӯтар, барра, хук, уқоб ва ғайра тотемҳои ҷамоъаи ибтидоӣ ба шумор мерафтанд. Бунёди тотемпарастӣ аз ибодату ниёиш аз тарсу бим қомат афрохта, афроди ҷомеъа шурӯъ ба парастиши ҳайвоноти нируманд ва муқаддас пардохтанд ва ба ин восита гумон доштанд, ки хушнудии тотеми худро фароҳам месозанд.

Муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки вақте шикор ҷангалзорҳоро аз ҳайвоноти ваҳшӣ пок кард ва боварии афроди ҷомеъа ба ҳаёти кишоварзиро фароҳам сохт, тадричан ҳайвонпарастӣ камтар шуда, худоҳои ибтидоие, ки сурату сирати инсонӣ доштанд, бештар парастида мешуданд. Интиқоли худоҳо аз олами ҳайвонот ба олами инсонӣ ба вуҷуд омад. Худоҳои эронӣ, мисрӣ ва бобулӣ, ки сурати инсону танаи ҳайвон доштанд, бо эҳтимоли қавӣ, маҳсули ҳамин давраи интиқоли мазкур мебошанд. Вилл Дурант фикри худро дар ин бора идома дода навиштааст, ки авлоди башар пас аз парастиши нируҳои мубраму асроромез мутаваҷҷеҳи қувваи осмонӣ, наботӣ ва ҷинсӣ гардида, баъд аз он навбати ҳайвонот ва дар охири кор замони парастиши ниёгон расидааст»[2].

Тасаввуроти анимистӣ (ҷонпарастона) шояд то пайдоиши ақидаҳои тотемистӣ ба вуҷуд омада бошад, вале ҳамчун системаи ақидаҳо он якҷоя бо ақидаҳои тотемистӣ амал карда, бештар ба талаботи дохилии гурӯҳи авлодӣ мансуб буд. Тасаввуроти анимистӣ асосан аз эътиқод ба қувваҳои табиат, ҳайвонот, наботот ва эътиқод ба мавҷудияти фавқуттабиӣ иборат буд. Одамони ҷамъияти ибтидоӣ на фақат Осмону Замин, Офтобу Моҳ, раъду барқ, балки кӯҳу дарьё, дарахту ҷангал ва ғайраро дорои қувваи

равонӣ медонистанд ва, аз ин рӯ, ба ашьё ва падидаҳои табиат нисбат карданро амри зарурӣ мешумориданд. Парастиши хотири инсон, пеш аз ҳама, пос доштани хотири мурдаҳо (фраваши) моҳиятан гуруҳҳои тотемию эътиқоди умумии анимистиро ба ҳам мепайваст ва маҷмуи ягонаи тақисмнашавандаро ташкил медод, ки дар ҷараёни фаъолияти ҳаррӯзаи одамони ҷамъияти ибтидоӣ ифода меёфт. Ин ифода, албатта, шакли фантастикӣ дошт ва барои ба амал баровардани он аз сеҳру ҷоду истифода мешуд.

Сеҳру ҷоду[1] аслан системаи таҳрифшудаи қонунҳои табиат буда, асоси илмӣ надорад ва ба санъати соҳирию ҷодупарастӣ такья мекунад. Дар сеҳру ҷоду унсурҳои илми ғайбу ғариба (оккултизм) бисьёр буда, ҳадафи асосии одобу муқаррароти он имон овардан ва боварӣ ҳосил кардан ба мавҷудияти як ҷаҳони сиррии номаҳдуди мовароуттабиӣ мебошад, ки дарки он гуё тавассути амали ҷодугар мумкин аст ва охирӣ метавонад ба он таъсир бирасонад. Агар ба ин масъала амиқтар назар афканем, ба хубӣ равшан мегардад, ки вақте инсони ибтидоӣ барои худ олами арвоҳро офарид, роҳҳои ҷалби диққати онҳо ва истифода аз нируи арвоҳ барои мадоро дар ҳалли мушкилотро низ ҷустуҷӯ намуд ва роҳу равиши онро мушаххас кард. Бешубҳа ин роҳу равиш «тақлидӣ» буда, ҳар коре, ки инсон аз арвоҳ ё худо мехоста, мисли онро худ анҷом медод ва ба ин восита мехост худоёнро ба тақлид аз худ водор созад. Агар ин тақлид аз руи қонуни айният (монандӣ) сурат гирад, онро ҷодуи гемеопатикӣ меноманд ва агар он мувофиқи қонуни ҳамроҳӣ ё сироятӣ анҷом шавад, онро ҷодуи контагиозӣ меғуянд. Ҳар ду намуди ҷоду ҳам тавассути робитаи ғайбӣ ё худ таъсири ашьё дар фосилаи муайян ба якдигар ба амал бароварда мешавад. Мисоли намуди аввали ҷоду чунин амали ҷодугар шуда метавонад: ба сурати касе зарба ё зиён расонда шуда, ба воситаи талқини шадид боварӣ ҳосил карда мешавад, ки зарба ё зиёни мазкур ба соҳиби сурат бевосита мерасад ва ӯ дар куҷое набошад онро дар баданаш ҳис мекунад. Мисоли намуди дуюми ҷоду аз он иборат аст, ки масалан, агар дандони ғалтидаро ба хонаи муш партоӣ гуё дандони хуб мебаромадааст. Чунин амалҳоро ҳазорҳо сол пеш коҳинону соҳирони Ҳинди Қадим, Бобулистон, Юнону Миср, Эрон медонистанд. Ҳиндуёни Америкаи Шимолӣ боварӣ доранд, ки ба руи рег, хокистар ва ё гил расми душманашонро кашида, бадани онҳоро ба воситаи найза ва ё гири камон сурох кунанд, соҳиби расм дар куҷое набошад чунин зарбаро ҳис мекунад. Айнан ҳамин тавр, қабилаҳои гуногуни ҳиндӣ барои он ки ба муқобили душман дар набард ғолиб оянд, аввал аз лухтакҳо душманони худро сохта, онҳоро ба найза зада, баъд лӯхтакҳоро гӯр мекарданд ва чунин менпиндоштанд, ки душманонашон аллакай ин зиёни ба онҳо расондаро ҳис кардаанд ва ҳатман мағлуб мешаванд.

Имрӯз дар мамолики Шарқ расм шуда, ки баъзе афрод ҳамроҳи худ муҳра (мулчоқ) ё дигар ашё аз қабили донаҳои гиёҳ, тӯмор ва ғайра, аҳолии мамолики Ғарб бошад тилисмон (талисман)-ро барои эмин доштан аз нируҳои шарри мовароутабиӣ ҳамроҳи худ ба гардан овехта мегарданд, дар бадан мебанданд ва ё ба либос дӯхта мемонанд. Чунин амали инсонҳо дар лаҳазоти гуногуни таърих аз Аҳди бостон сар карда то имрӯз нишон медиҳанд, ки дар ботини авлоди башар, ки имрӯз номи ҷомеъаи муосирро дорад, осори ҷамъияти ибтидоӣ ва асрҳои миёна ниҳон аст ва барои рафъу дафъи нируҳои азими табиию мовароуттабиӣ, ки дар сари ҳар печи роҳи зиндагии инсон вуҷуд дорад, чораҳои зарурӣ андешад.

Умуман ҷоду ду навъ- таарруздӣ ё сиёҳ (protheptique) ва пешгирӣ ё сафед (prophilactique) мешавад, ки мақсади навъи аввал зиён задан ба дигарон ва навъи дуюм ҳифзи худ аз зиёни дигарон мебошад. Сеҳру ҷоду он қадар дар зиндагии ориёиён нақш гузошта, ки он дар дини маздоии куҳан мушоҳида мешуд ва ҳам яке аз бахшҳои Ведаҳо бо номи Атҳара Веда ба он ихтисос дода шудааст. Соҳироне, ки ба ҷодуи сафед машғул буданд, дар канори арвоҳони хубу худоёни нек қарор доштанд ва соҳирони сиёҳ дар радифи арвоҳони шарру шайтони бадкирдор буданд. Маъмулан соҳироне, ки бо усули каббала (мактаби рамзии яҳудиёни Аҳди атиқ) фаъолият доштанд, шабеҳи шаманҳо буданд. Дар воқеъ, имрӯз олимон мӯътақиданд. ки бо истифода аз баррасиҳо, таҷрибаҳо ва маъмулотҳои тозаи илмӣ, инчунин ба кор гирифтани илмҳои парапсихологӣ ва иттилооти муосири равоншиносӣ бисёр унсурҳои шаманизмро метавон тавҷеҳ кард[4]

Сеҳру ҷоду инфиродӣ ва гурӯҳӣ мешавад. Масалан, вақте ки кас ниёиш карда ба кораш омад металабад, он ҷодуи инфиродӣ мебошад, вале вақте ки гурӯҳе аз бумиёни Австралия пеш аз рафтан ба шикор ба қасди тилисм кардани сайд рақси махсусе иҷро мекунанд, он ҷодуи гурӯҳист. Сабзондани намунаи сабза ё ғалла ва дигар гиёҳони хӯрока дар зарф ё сабадҳо ва ё куди гов, инчунин падидаҳои мушобеҳи он, ки дар арафаи фаро расидани навруз ниёгонамон анҷом медоданд ва ҳоло ҳам ин русуму суннати куҳан побарҷост, сеҳру ҷодуи кишоварзӣ ба шумер меравад.

Агар ҷодугар дар ҷодуи гурӯҳӣ муваффақ бошад, ӯ дар ҷомеъа мақому манзалат пайдо мекард ва то ба дараҷаи сардори қабила ва ҳатто шоҳӣ рафта мерасид. Дар Аҳди бостон аввалин шоҳон ҳамин хел интихоб шудаанд, нақши ҷодуи ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, барои ҷамъоварии захираи хӯрокворӣ ва озуқа мушоҳида мегардид. Шикорчиён, моҳигирон, деҳқонон беихтиёр ба сеҳру ҷоду рӯ меоварданд. Барои он ки сол серҳосил шавад, баъзе маросимҳоро на худи деҳқонону шикорчиён, балки ҷодугарони касбӣ аз номи қабила анҷом медоданд. Дар ҷамоаи ибтидоӣ, ки ҳоло гаҳисмоти меҳнат аниқ муайян нашуда буд, ҳар як шахс ба ин ё он дараҷа бо сеҳру ҷоду ба фоидаи худ ва ба зиёни душманонаш машгул мешуд. Вақте

ҷодугурону соҳирон ба касб ё худ синфе ҷудо шуданд, манфиати ҷомеа ва авлоди худро дар мадди аввал қарор медоданд. Дар байни мардум ва ҳатто дар дарбори шоҳону амирон чӣ дар Аҳди бостон ва чи дар Асрҳои миёна як силсила афроде бо номҳои сохир, ҷодугар, коҳин, раммол, хобгузор ва ғайра барои таъйини замони саъду наҳс, пайкор, аҳди сулҳ, нобуд сохтани душман, таъбири хоб «бо ҳукми кофиву эҳтиромии вофӣ» машғули хидмат буданд. Албатта ҳамаи инҳоро Зардушт дар вақташ манъ намуда, мақулаҳои дигари ахлоқиро пешниҳод карда буд, вале дар байни мардум ин суннати деринсол ҳоло ҳам амал мекунад.

Гурӯҳи хеле ками ҷодугарону соҳирон касби худро барои мақсадҳои ғаразнок истифода мебурданд. Муҳаққиқи машҳури ин соҳа энтологи англис Ҷеймс Фрэзер қайд кардааст, ки сеҳру ҷоду дар давраҳои гуногун ва шаклҳои мухталиф ба мақсадҳои гуногун истифода мешуданд ва ҳоло дар Австралияву Африка ва Шотландия баъзан бо мақсади ғаразнок истифода шавад ҳам, рафтори ҷодугарону соҳирон, бешубҳа, аҳамияти умумии амалиёти муфиди ҷамъиятии давраи қадимро кам намекунад [5]. Вилл Дурант суханони дигари ҳамин энтологи англисро дар бораи василаи эҷоди ҳунарҳои намоишӣ ва дигар улум гардидани фаъолияти соҳирону коҳинонро иқтибос карда, аз ҷумла навиштааст, ки ба ақидаи Ҷеймс Фрэзер решаи имрӯзиҳои ифтихоромези илм ба мавҳибату саховатҳои илми сеҳру ҷоду мерасад; ҳақиқат ин аст, ки ҷодугаре дар анҷоми манзури худ дучори шикаст мешуда, дар садад бармеомадааст, ки василае ба даст орад, то ба кӯмаки он битавонад нируҳои мовароуттабииро ба табъият аз авомири худ ночор созад. Ва ба ин тартиб буда, ки хӯрда-хӯрда нируҳои табиӣ бештар мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирифта, вале соҳир барои он ки мақоми онро аз даст надиҳад ва обрӯи худро ҳифз кунад, асари ин нируҳои тибииро пинҳон медоштааст то мардум тасаввур кунанд, ки асар марбут ба ҳамон нируҳои мовароуттабиист ва ин дуруст шабеҳ ба тафаккури мардуми ин замон аст, ки барои нусха ва доруҳое хосияти сеҳрӣ қоиланд. Ба ин тартиб, аз ҷодугарӣ ба тадриҷ пизишкӣ, кимиё, истихроҷи фелезот ва илми ҳайъат таваллуд шудааст» [6] .

Ҳамин хел дар ҷамъияти ибтидоӣ коҳинону соҳирон барои омӯхтани сирру асрори табиат машғул буданд. Онҳо ҳамчун намояндаи қабила мехостанд, ки ба инсон ёрии воқеъӣ расонанд ва зиндагии ӯро осон созанд. Хосияти расганиҳои доруӣ ва минералҳо, сабаби боришоту раъду барқ, хушксолӣ, тағъироти фасли сол, ивазшавии моҳ, гардиши рӯзона ва солонаи Офтоб, ҳаракати сигораҳо, сирри ҳаёт ва марг масъалаҳое буданд, ки таваҷҷӯҳи аввалин ҷодугаронро ба худ ҷалб намуданд ва ҳалли ин масъалаҳо онҳоро водор месохт, ки роҳҳои гуногуни тадқиқотро ҷустуҷӯ намоянд. Бино ба маълумоти муҳаққиқон, табобат дар ибтидо вазифаи коҳинон буд. Аз назари онҳо шайтон ададӣ зиёди бемориҳоро офарида, ки

ҳар яке аз онҳоро бояд ба воситаи махлуте аз сеҳру ҷоду ва мурооти қавоиди беҳдошт дармон кард. Дар муолиҷаи беморон таваҷҷӯҳ аз адъия ва аврод дида, ба дору бештар мешуд.

Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки соҳирону коҳинон чун зимни ҷустуҷӯи мазкур ҳақиқатро дарк карда наметавонистанд, бо роҳу усулҳои дигар ё худ амали сеҳру ҷоду шарҳ доданӣ мешуданд. Имрӯз гузориши масъала ба назари хонанда хеле оддӣ менамояд, вале дар вақташ ин амал хеле мутараққӣ буд ва соҳирону коҳинонро салафони ғоявӣ ва пегузаштагони табибону ҷарроҳон ва кошифони фанҳои табиатшиносӣ шуморидан мумкин аст. Онҳо аввалин шуда ба ҷустуҷӯи асрори табиат ибтидо гузоштанд. Ин амали онҳоро минбаъд дигарон идома дода, роҳу равияҳои гуногунеро дар тӯли таърих ба вуҷуд оварданд, ки ҳамаи онҳо дар ниҳояти кор барои муайян кардани асли илмии масъала мусоидат намуданд. Агар дар оғоз чунин амал ба назар намоён нашуда, фақат ҷиҳати манфии он дар байни авом бештар айён шуда бошад, ин аз он сабаб буда, ки дар роҳи ҳалли масъалаҳо мушкилоти зиёде ба вуҷуд омаданд ва қонуниятҳои инкишофи ҳодисаҳои табиӣ ба хубӣ дарк намешуданд. Илова бар он, баъзе соҳирону коҳинон масъалаҳои мавриди баҳсро ба манфиатҳои шахсии худ истифода мебурданд.

Аввалин шоҳони давраи оғозини таърих коҳинон буданд. Ҳар шаҳр барои худ шоҳи худро дошт, ҳукумати ӯ шомили ҳам умури идорӣ ва ҳам умури динӣ буд. Дар натиҷаи инкишофи тиҷорат ва робитаҳои бозаргониву фарҳангӣ шаҳрҳо вусъат ёфтанд ва аз маҷмӯъи ҳамин шаҳрҳо аввалин империяҳо дар сапедадами таърих ба вуҷуд омаданд. Шояд дар марҳилаи инкишофи ҷомеаъаи табақотӣ шоҳони давлатҳо ва империяҳои тозабунёд сулолавӣ гардиданд ва коҳинон ҳамчун сарпарастони умури динӣ дар назди шоҳон ба иҷрову анҷоми маросимҳои динӣ машғул шуданд. Онҳо аз ҳисоби назру қурбонӣ рӯз мегузарониданд ва ҳофизони илму маърифат ва русуму одоби дерини ниёгон ба шумор мерафтанд. Ибни Ҷавзи дар «Талбиси Иблис» ном асараш шарҳ дода, ки он чи пайомбарон ба унвони илми ғайб ва мӯъҷизаву илҳом гирифтан муддаӣ ҳастанд, ҳаммонанди он аз коҳинону соҳирон низ зоҳир мешавад, соҳир наметавонад мурдаро зинда созад ё аз асо аждаҳо падид орад (ва пайғамбарон ин корҳоро кардаанд) ва низ пешгуии коҳин гоҳ рост дармеояд ва гоҳ дурӯғ, ҳол он ки паёмбар ба ҳеҷ ваҷҳ хато намекунад»[7].

Яке аз вазифаҳои коҳин пурзӯр намудани қудрати шоҳ ба зӯри дину қонун буд. Барои осон намудани фармонравоӣ коҳинони шоҳ силсилаи насаби шаҳриёронашонро ба худоҳои бузург бурда мерасонанд ва ба мардум таъкид мекарданд, ки қонунҳои муқарраркардаи шоҳон аз худо бармеояд ва иҷтиноб аз риояти қонун гуноҳи кабира мебошад. Силсилаи шоҳони селевкиро ба худои юнонӣ Аполлон вобаста намуданд ва

шаҳриёрони критии ҳаволии баҳри Миёназаминро ба худои бузург Велхонус нисбат доданд. Дар вокеъ, зимни таммул ба хубӣ эҳсос мегардад, ки ҳамин худои бузург Велхонус, ки онро юнониён Зевси критӣ меномидаанд, ҳамчун худои мутақаддим ба ташаккули бисёр худоҳои мисриву юнонию румӣ, аз ҷумла Изис, Ҳерос, Кубела, Атис, Афродита ва Адонис мусоидат намудааст. Муҳаққиқон асоси фалсафаи Фалесро таълимоту хусусиятҳои мансуб ба Велхонус медонанд.

Коҳинон баъди ташаккули сулолаҳои шоҳӣ ба ҷуз анҷоми маросими динӣ ва хондани дуову аврод, ҳамчун донаидагони улуми ғайбу ғариба, саноати танҷим, пешгӯяндагон ва толеъбинон дар дарбор ва байни мардум ифои вазифа менамуданд. Ҳар деҳкада дорои як зиёратгоҳи маҳаллӣ буд ва маъбади бузурги қабила низ вуҷуд дошт. Маросими ситоиш ва кулли ташрифоти диниро коҳинон анҷом медоданд ва ба ивази он аз назру ниёз ва ҳадоёе, ки ҷамъ мешуд, дар ҷаҳони Юнону Рум ва аз ин тариқ ба Ғарб шӯҳрат ва густариш ёфтанд. Дар Осиёи Миёнаву Эрони бостон коҳинон ва баъди инкишофи дини маздоии куҳан муғон созмони мураттаби гузаронидани маросимҳою ташрифотҳои диниву ҷашниро таъсис намуда буданд ва дахолаташон дар умури давлатдорӣ ва сиёсӣ ба хубӣ эҳсос мешуд. Онҳо баъдтар дар тамаддунҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ба ду дастаи бузург тақсим шуданд: дастаи аввалро муҳаққиқон коҳинони ташрифотӣ медонанд, ки масъули гузаронидани маросимҳои мазҳабӣ буданд ва дастаи дуюмро коҳинони ғайбгӯ ном ниҳоданд, ки ҳотифи ғайбро дарк мекарданд ва мушкилоту ҳоҷоти ниёзмандонро мебароварданд ва шояд онҳо нахустин уламои ҷомеъаи башарӣ бошанд[8]. Масалан, дар Рум барои ниёиши ҳамагонӣ анҷумани «Коҳинони аъзам» («Pontifex maximus») интихоб мешуданд. Онҳо тақвими солонаро муназзам мекарданд, қонунҳоро шарҳ медоданд ва маросимҳои махсуси диниро анҷом медоданд. Муҳаққиқон қайд кардаанд, ки бонуфузтарин ҳайъати коҳинони Рум ҳайати 9 нафарӣ буд, ки дар империяи оғозини Рум қабл аз иқдом ба ҳар амали муҳимми сиёсӣ, давлатӣ, лашкаркашӣ аввал байни онҳо баррасӣ мешуд.

Борон барои деҳқон чизи аз ҳама муҳим буд. Дар ҷамоъаи ибтидоӣ шахсони махсус дар ин соҳа ихтисос пайдо карданд ва тавассути сеҳру ҷодуи оддӣ бориши боронро талаб мекарданд ва ё, баръакс, бориши борони раҳматро боздоштанӣ мешуданд. Масалан, барои боридани борон онҳо обро ба чизе пошида (дар баъзе маҳалҳои мо ин амалро «сусхотун» мегӯянд) боришотро талаб мекарданд. Аз ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар бисьёр мамлакатҳо тавассути сеҳру ҷоду мехостанд қувваҳои табиатро ба фоидаи инсон танзим намоянд ва соҳироне, ки ба ин кор машғул мешуданд, шахсони боэътимоди ҷамъият ба шумор мерафтанд ва маъмулан пешвоии қабиларо ба ӯҳда доштанд.

Дар ҷамоаи ибтидоӣ барбарон ҳанӯз қонунҳои табиатро дарк карда

наметавонистанд. Тасаввуроти онҳо дар бораи мавҷудияти қувваи фавқуттабиӣ дар ҷараёни инкишофи таърихӣ сурат гирифтааст. Дар дараҷаи пасти тараққиёти ҷамъият одамони ҷамоаи ибтидоӣ қувваҳои фавқуттабииро нисбат ба инсон болотару волотар намедонистанд. Дар ин сатхи инкишофи тафаккур мавҷудоти табиию фақуттабиӣ ҳариб баробар дониста мешуданд, фақат дар натиҷаи инкишофи минбаъдаи тафаккур инсон бепоён будани падидаҳои табиат ва оҷиз будани худро дар назди қувваҳои он фаҳмид. Мисли он ки исон қаблан худро баробар бо худо медонист ва ин тасаввурот оҳиста-оҳиста дар натиҷаи инкишофи донишҳои инсонӣ нест шуда рафт, ҳамин хел ӯ умед мебахшид, ки падидаҳои табиатро тавассути амали соҳирӣ танзим намояд ва маҳалли ҷойгиршавии қувваҳои фақуттабииро берун аз табиат дарк намояд. Вале инкишофи минбаъдаи тафаккури инсон дар ҷамъияти ибтидоӣ русуми диниеро бавҷуд оварда, ки дар он ҷои асосиро ниёиш ишғол мекард ва ҷоду, ки як вақтҳо бо дин баробар дониста мешуд, тадриҷан аҳамияти худро гум карда, ба ҷодуи сиёҳ табдил ёфт. Он ба муқобилияти сахти диндорон дучор шуда, таъсиру шуҳрата ба дин вобаста шуда монд. Акнун ҷоду фақат хамчун боварии мардуми авом дар байни халқ боқӣ монда буд.

Вақте ки тасаввурот дар бораи қувваҳои стихиявӣ ҷои худро ба эътирофи қонунҳои табиат медод, ҷоду ҳамчун ифодаи пайдарҳамии сабабу натиҷа ҳолати пештараи худро барқарор карданӣ шуда, ба воситаи таҳқиқи робитаҳои сабабӣ дар табиат ба сӯи илм пайраҳа кушод. Ба гуфтаи Ҷеймс Фрэзер ҳамин хел алхимия ба сӯи химия роҳ кушода буд. Бино ба маълумоти энтомологҳои муосир дар давраи гузариш ба ҷамъияти ғуломдорӣ дар Осиёи Миёнаву Эрони бостон ҷодуи ҳиндию бобулӣ нуфузи зиёде пайдо карда будааст.

Мафҳуми инсоне, ки дорои хусусияти фавқуттабиӣ мебошад, моҳиятан ба давраи оғози таърихи дин мутааллиқ аст. Дар ин давра одамон ва худоҳо ҳамчун маҷуде шинохта мешуданд, ки аз бисёр ҷиҳат ба ҳам монанд буда, байнашон фарқияти зиёде (ки баъдтар пайдо шудааст) дида намешуд. Ба ибораи дигар, байни худо ва як нафар соҳири ҳақиқӣ фарқ набуд. Худоҳо ҳамчун инсони хокӣ фақат бо хусусиятҳои фавқулодда ва қобили дарки масоили буғранҷи табиӣ ва моваруттабиӣ аз инсони оддӣ фарқ доштанд. Парастиши онҳо ҳанӯз ба хотири ҷовидонии рӯҳ ва ё ҳаёти ондунёӣ набуд ва ҷанбаи маодӣ надошт. Ҳатто мисриёни қадим эътиқод ба зиндагии пас аз маргро надоштанд ва барои зиндагии заминии худ ҷасади майитҳоро бо заҳамоти зиёд мумиё менамуданд. Дар тамаддунҳои оғозиии Байнаннаҳрайн низ зиндагии пас аз марг чашмандозҳои сард ва навмедкунанда доштанд. Ҷазби лутфи худоён фақат барои идомати назму низоми ҷаҳон ва ҳосилхезиву баракати замин буд. Румиён, масалан, мӯътақид буданд, ки агар худоён хашмгин шаванд, дуояшон мустаҷоб

нахоҳад шуд ва агар ризояти онҳоро ба даст оранд, дуову назру нисвашон қабул ва як навъ сулҳ бо худоён сурат хоҳад гирифт.

Ориёиёне, ки дар сарзаминҳои Осиёи Миёнаву Эрони бостон ва Ҳинди қадим ҳануз дар охирҳои ҳазораи дуюми пеш аз милод ҷойгузин шуданд, дини табиатгароёна (натуралистӣ)-и худро интишор доданд. Ин ҳамон динҳои ибтидоӣ ва худоҳои муваккиле буданд, ки васфашон дар Авесто ва Ведаҳо омада ва баъдтар худоёни назири онҳо дар ҳаволии баҳри Миёназамин ва Юнону Рум густариш пайдо карданд. Дар Осиёи Миёнаву Эрони бостон як силсила худоёне арзи вуҷуд иамуданд (шарҳи бузургтарини онҳо дар фаслҳои баъдӣ хоҳад омад), ки якҷоя бо орову одоби динии қавмҳои теотонӣ, ҳеллинӣ, келтӣ, славянӣ, итолиёвӣ ва ғайра аз ҳамон нажоди ҳиндуевропоӣ бархоста, ба ташаккули худоёни табиатгароёнаи Юнону Рум таъсири муассире гузоштанд. Асоси диёнати онҳо «бар боварии анимистӣ (animistic-ҷонпарастона)» ва эътиқод ба худоёни кучак, ки ҳар як муваккил бар амри хос будааст, қарор дошт. Парастиши ин изадон бе адои қурбонӣ ва хондани авроду адъия, ки коргару судманд тасаввур мешуданд, ҳамроҳ буд, ҳамвора ҷодугарӣ низ байни онон мақоми хосу ривоҷи тамом дошт» [9].

Умуман динҳои Шарқи Миёна дар давраи асри сангӣ ва оҳан чандхудоӣ (политеистӣ) буд. Эътиқод ба худоён бештар бо мафкураву ҷаҳонбинии мардуми ин давра пайванди нагусастанӣ дошт. Онҳо гумон доштанд, ки «ҳар як аз нируи табиат нишонаи як нируи изадист. Олам ҳаншоме офарида шуда буд, ки изадони оғозин аз осмони илоҳаи оғозин зода шуда буданд. Онҳо худоёни ҷадидро офариданд ва ин ҷараён тайи наслҳо такрор ва мазҳару таҷассуми онҳо падидаҳои кайҳонии назири осмон, ҳаво, замин, хуршед, моҳ, ситорагон ва ғайра қарор мегирифтанд»[10].

Агар ба ин масъала боз ҳам амиқтар назар афканем, дар пантеони худоҳои сарзамини Шарқ дар қатори худоёни қавму қабилаҳо худоҳои бартареро мушоҳида мекунем, ки онҳо дар қаламрави шаҳр ё давлат бо русуму одоби махсус мавриди парастиш қарор гирифта буданд. Масалан, худои бузурги қавмҳои ориёии Осиёи Миёнаву Эрони бостон Аҳуромаздо ё худ Ҳурмуз, дар шаҳри Нишпури Шумер худои нисбатан бузург Энлил буд. Худои бартари Бобул Мардук, худои бузурги ошуриён Ошур, мисриён-Ра ва ғайра буданд. Ба ғайр аз ин худоёни натуралистӣ бештар тағъирпазир буданд ва вобаста ба раванди пайдоишу инкишофашон аввал монандиву шабоҳати зиёде пайдо карданд (монандии Ҳурмуз ба Зевс, Митра (Меҳр) ба Аполлон, Вересраґна (Баҳром) ба Геракл), сипас онҳоро дар пантеони худоҳои худ ҳамчун худоҳои ҷадид ё ҳамсон пазируфтанд.

Барои расмӣ шудани ин оинҳо шоҳон мақоми махсус ва иақши муҳимме дар фаъолияти мазҳабӣ доштанд. Дар аксари империяҳои оғозини таъриҳ дар Шарқи Миёна шоҳ ҳам вазифаи шаҳриёрӣ ва ҳам коҳини аъзамро иҷро мекард. Бино ба маълумотҳои таъриҳӣ шоҳон дар баъзе

сарзаминҳо коҳинони аъзам ба шумор нараванд ҳам, умури диниро таҳти назари худ қарор дода буданд, барои ҷалби лутфи худоён ба сохтани маъбаду парастишгоҳҳо мепардохтанд, дар ҷашну маросимҳои динӣ шахсан ширкат меварзиданд. Гузашта аз ин, дар баъзе сарзаминҳо шоҳон худро мавҷудоти илоҳӣ мепиндоштанд. Масалан, шоҳони Аккод, севвумин силсилаи шоҳони Ур, селевкиёни юнониву мақдунӣ барои худ мақоми худой қоил буданд. Шоҳони хетӣ бошанд, баъди марг ба мақоми худой мерасиданд. Дар Миср фиръавнҳо худро фарзанди худои бузург Омун-Ра эълон карда, ҳамчун зодаи худоён тамоми умури маъорифи диниву идории маъбадҳо ва садорати маросимҳои бошукӯҳеро ҷиҳати танзиму такрими худоён ба ӯҳда доштанд, дар болои сарашон сурати бозе буд, ки аз аломати хулус ва тотеми қабила дарак медод ва мори афъӣ дар пешонаашон ҳамчун рамзи ҳикмату зиндагӣ ва нируи ҷодуӣ ҳувайдо буд [11]. Чунин ҳодиса дар солҳои баъд ба Юнон русух кард ва Искандари Мақдунӣ чанд вақт пеш аз вафоташ дастури худо эълон намудани худро содир карда буд.

Бо таваҷҷуҳ ба иттилооти зикршуда, ҷиҳати ироа намудани маълумоти бештар силсилаи худоёни пантеони Мисру Юнону Румро мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод, то минбаъд зимни таҳлили инкишофу такомули динҳои ориёии ниёгонамон ба масири рушду нуму ва нуфузи онҳо то андозае равшанӣ андохта бошем. Ра қадимтарин ва бузургтарин худои Миср ва холиқи ҷаҳон ба шумор мерафт. Дар зинаи ноинтар аз он ҳашт худои дигар, аз ҷумла Осирис, Изис, Исида буданд. Писари Осирису Изис Ҳурис ном дошт, ки дар навбати худ сарвари худоёни нӯҳгонаи натуралистӣ буд. Дар охирин силсилаи маротиби худоён худи фиръавнҳо қарор доштанд. Тибқи асотири миср фиръавнҳо ҳангоми тоҷгузорӣ бо сурати худои бузург Ҳурис медаромаданд ва ҳангоми марг ба Осирис табдил мешуданд. Вале дар Байнаннаҳрайн вазъи худоён дигар буд. Ҳар шаҳру ноҳия худои худро дошт. Фақат дар марказҳои тамаддунҳои бузург силсилаи худоён ба вуҷуд омаданд, ки коҳинон ҳамаи онҳоро таҷассуми худои бузург Мардук мепиндоштанд. Худи Мардук писари худои об-Эа буд, ки дар давраи чандхудой мақому манзалати хос пайдо кард.

Асотири марбут ба пайдоиши худоҳои юнонӣ мисли дигар асотири мардумони Шарқ бештар ба тахаюлоту тасаввурот асос ёфтааст. Ҳанӯз масъалаҳои физикию метафизикӣ ва мабдаъву маъод дар ин асотир матраҳ нашуда буданд, вале аз ҷиҳати силсилаи маротиби худоён он нисбат ба изадони Шарқ созмонёфта ба назар мерасад. Тибқи асотири мазкур ҳар хонавода худои худро дошт. Дар мартабаи баъдӣ ҳар қабила, тоифа ва шаҳр шомили худоҳои худ буданд. Атене худои шаҳри Афина, Демете худои шаҳри Эллей, Ҳера худои шаҳри Самос, Артемус худои шаҳри Эфес буд. Юнониён барои нируҳои табиӣ, ҷисмҳои осмонӣ ва дигар падидаҳо низ худоҳои инсонсурат доштанд. Агар ҳамаи онҳоро дар қолаби силсилаи

маротиби худоён ҷайгузин кунем, шояд 7 гуруҳи худоён (осмонӣ, заминӣ, ҳосилхезӣ, ҳайвонот, зеризамонӣ, гузаштагон ё қаҳрамонон ва худоёни Олимпик)-ро мушоҳида намудан мумкин аст, ки онҳоро Вилл Дурант дар «Таърихи тамаддун» таҳти унвони «Худоёни Юнони бостон» шарҳ дода. Дар силсилаи маротиби худоён парастиши ҳайвонот дар мартабаи чаҳорум қарор дорад. Юнониён воқеъан ҳайвонотро мепарастиданд ва онҳоро нимхудо мепиндоштанд. Масалан, говро намояндаи Зевс ё Дионисий медонистанд, хукро ҳамчун ҳайвони касируннасл муқаддас мешумориданд. Мори муқаддас дар маъбади Афина дар шаҳри Акраполис лона дошт ва дар аксари нақшҳои юнонӣ дар пиромуни чеҳраи Ҳурмуз, Аполлон ва Акселепиос сурати мор дида мешавад. Худоҳои ваҳшатнок дар зери замин, ғорҳо ва суроҳҳо зиндагӣ доштанд. Дар Юнони давраи классикӣ мурдагонро арвоҳе мепиндоштанд, ки қодир ба амалиёти неку бад буданд. Дар Колонос қаҳрамоне бо номи Ойдинос ба шумори худоён даромад, дар Спарта Ҳелена мақоми худой ёфт.

Аҷобати кор дар он зоҳир мешуд, ки гоҳо худоён дар колбади инсон ҳулул мекарданд, гоҳе яке аз худоёни музаккар дар натиҷаи равобити ҷинсӣ бо занони худ худое ба бор меовард, ки инро дар мисоли омезиши Зевс бо Акмене ва ба вуҷуд омадани Геракл мушоҳида намудан мумкин аст. Ҳамаи худоёни фарҳӣ аз лиҳози шуҳрат ва мақому манзалат дар дараҷаи дуюм қарор доштанд ва, аз ин рӯ, дар асари Ҳомер баъзеи онҳо номбар нашудаанд. Вале ҳамаи худоҳои Олимпик дар асари Ҳомер номбар шудаанд. Чунин ба назар мерасад, ки худоёни Олимпик-Додона, Дилфей, Зевс, Аполлон ба воситаи аҳвоми муҳоҷими Ахай ва Дурӣ ба ин сарзамин омада, худоҳои бумии Макинейро таҳти шуо қарор додаанд[12].

Муҳимтарин худои Олимпик Зевс буд, ки дар қисми шимоли Юнон, дар кӯҳҳои Алп ҳамроҳ бо дигар худоён зиндагӣ мекард. Маъбади аслии ӯ дар Олимпиё дар Пелопоннесе (PeLononnese) воқеъ буд, ки мусобиқаҳои олимпик дар ҳар чаҳор сол як бор ба ифтихори ӯ барпо мешуд. Бо вуҷуди чунин худоёни бузург руҳонияти Юнони бостон мисли рӯҳонияти Эрони бостон қудратманд набуд ва дар умури иҷтимоиву сиёсӣ дахолате надошт. Ин ҳодиса дар рӯҳонияти худоёни Рум низ дида мешуд ва он то ташаккули дини масеҳӣ идома пайдо кард. Вале баъди ташаккулу инкишофи дини масеҳӣ вазъияти рӯҳониён ба куллӣ тағъир ёфт. Чунин тағъири авзоъ ҳини ташаккули дини яккахудоии зардуштӣ дар Осиёи Миёнаву Эрон қариҳо пеш аз пайдоиши масеҳият мушоҳида шуда буд.

Худоёни румӣ ҳануз дар асрҳои 7-5 пеш аз милод сахт таҳти нуфузи худоёни юнонӣ қарор гирифта буданд. Дар асотир ва афсонаву достонҳои худоён унсурҳои юнонӣ русух намуданд. Ҳангоми дарав ва хирманкубӣ, бод додани ғалла ва захира намудани он румиён ба худоҳо дуо мекарданд, ки зоҳиран худоҳои кишоварзӣ ва ҳосилхезӣ буданд. Дар тамоми қаламрави

империяи Рум боғҳо, дарахтон ва ашёи муқаддас вуҷуд доштанд. Замин - худо Bona Dea буд, Рамона ба бустоиҳои меваҷот, Фауна ба рама, Стеркула ба куд, Сатурн ё Кайвон ба донаафшонӣ, Вилкан ба оташафрӯзӣ назорат доштанд. Ин худоён мисли худоёни юнонӣ одамсурат набуданд ва ба таври умумӣ онҳоро арвоҳ ё numina меҳонданд. Худоёни об Нептун, ҷангал-Силван дар ҷашнворҳо мезистанд. Изадони аслӣ низ амал мекарданд. Юпитер эзиди Осмон ва сарвари хонадони худоён маҳсуб мешуд. Марс аввал худои кишту зироат, сипас худои ҷанг ва оқибат мазҳару нишони Рум ғардид. Сатурн (Sota) худои миллии тозаафшон ва Зӯҳра (Venus) рӯҳи шавқу ҳамсарӣ ва борурӣ ба шумор мерафт. Диана олиҳаи моҳ буд. Ҳангоми густариши давлати Рум дигар худоён низ бидуни ҳеҷ гуна ҷанҷҳои салибӣ вориди пантеони худоёни Рум гардиданд. Демегре ва Дионисий бо Герес ва Либер нигаҳбонони Рум шуданд. Крона (Cronus) баробар бо Сатурн шуд. Пазидиум бо Нептун, Артемус бо Диана, Ҳафотиус бо Вилкан, Ҳераклит бо Ҳиркул, Ҳурмуз (Гермес) бо Меркурий як дониста шуданд[13].

Коҳинон дар сурати ба вуқуъ пайвастани ҳодисаҳои стихиявӣ ва фоҷеа ба маҷмӯъае аз ғайбгӯиҳо, ки «Китобҳои сибилин» ном дошт, муроҷиат менамуданд. Дар натиҷаи робитаи чандинасраи Рум бо Юнон ва аз тариқи Юнон бо мамолики Шарқ румиҳо ҳам худоёни юнонӣ ва ҳам худоёни шарқро дар пантеони худоёни худ ҷой доданд. Бино ба иттилои Ҷалолуддини Оштиёнӣ Ҳеракл, Эсклепиус, Диоскури ба қатори худоёни румӣ даромаданд. Ҳамвора худоёни Шарқӣ, аз ҷумла Дионисий, Осирис, Изис, Меҳр ва оини Сибилу парастида мешуданд. Дионисий дар саросари Юнон то интиҳои Осиёи Сағир густариш ёфта буд, дар давлати тозабунёди Пергамон дар қисмати ғарбии Осиёи Сағир бо номи Зевс-Сабазиос (Sabazios) парастида мешуд, дар Сурия низ худои шаробро бо Баъл марбут сохта, мавриди парастиш қарор доданд. Ҳатто дар байни яҳудиён гурӯҳи Яҳво Саба ут (Yahwen-Seba oth)-ро бо Дионисей яксон медонистанд. Дар Миср аз даврони Ҳеродод сар карда Дионисийро бо Осирис мушобеҳ медонистанд ва вақте ки дар Искандария Серапис ҷои Исирисро гирифт, Дионис-Серапис хитоб мешуд. Аз чанд роҳ Дионисий вориди Рум шуд ва ба ҳамин далел як Дионисии мисрӣ, як Дионисии осиёӣ ва як африкой дар Рум ситоиш мешуданд.

Дар ин ҷо чунин нуктаро низ қайд намудан зарур аст, ки баробари нуфузи худоёни политеистӣ ба Рум, зимни кишваркушоиҳои ин давлат, ки аз дер боз фаро расидани чунин замонро интизор буд, ҳикмати Юнон якҷоя бо эътиқодоти эронию бобулӣ тақрибан аз замони Эпикуру Лукреций сар карда то замони Сенека ба ташаккули маданияти Рум мусоидат кард, на фақат тасаввуроти асотирии саршор аз тасаввуроту тахаюлоти марбут ба маънои ҳастӣ ва ғояти зиндагӣ ба фарҳангу оини румиҳо русух карданд, балки оинҳои рамзиву розомез ва ақидаҳои дорои хусусиятҳои рӯҳиву ғоятӣ

низ пайваста бо унсурҳои маданияти моддӣ ба тамаддуни империяи ғозабунёдӣ Рум нақши босазои худро боқӣ гузоштанд. Дар ин бора Вилл Дурант чунин навишта: «Вақте ки ҷанг бо Мақдупия роҳро ба Юнон ва Ховарзамин кушод, пушти пои сарбозоне, ки ғаноим ва анделаву афсонаҳои Ховарро бо худ ҳамроҳ меоварданд, хеле асирону паноҳандагон, ҳунармандону хонандагон, шоирону нависандагон, мусофирону варзишгарон ба Рум меомаданд ва худоёни худро низ ҳамл мекарданд.. Табақаи фурӯтани Рум аз шинохти Дионисий Бокус (Dionysus Bacchus), Орфикҳо (Orpheus), Уридис (Eurydise) ва оинҳои розноке, ки ниёишгариро илҳоми масти худой мебахшид ва бо худоёни зиндашуда ошной мекард, ваъдаи зиндагии сармадӣ медод, дилшод мешуданд»[14].

Агар ба ин гуфтаи Вилл Дурант таъсири ғояҳои фалсафаи хусравони ориёӣ, анъанаҳои зардуштиву монавӣ, дидҳои фалсафаи каломию ирфонӣ ва мактабҳои искандаронию суриёнӣ ба афкори маънавии Юнону Рум ва сарозер шудани пайравони Афлотуну Арасту, хусусан ақоиди фисоғуриёни ҷадид, навафлотуния ба Румро илова кунем, ба хубӣ метавон тасаввур кард, ки ин империя аз чи назару ақидаҳое дар пайомади худ бархурдор шудааст. Ин ақидаро ба тариқи образнок Ситсерон чунин тасвир намуда: «ончи аз Юнон (ва аз тариқи Юнон!) ба шаҳри мо равон шуд, на ҷуи борик, балки руди паҳноваре аз фарҳангу дониш буд. Аз он пас зиндагии ҳунариву руҳӣ ва динии Рум бахше аз ҷаҳони ҳеллинистӣ шуд»[15]. Бахши ғарбии ҳеллинизм аз ҳамин ҷо ибтидо гирифт ва тамоми олами Ғарбро тасхир кард.

Баъди иттилои фавқ роҷеъ ба худоёни даврони политеистии Аҳди бостон дар сарзаминҳои ёдшуда ва иртиботу бархурд ва муколамаҳои фарҳангӣ дар доираи диёнати ҳазораҳои дуюму якуми пеш аз милод ҷоиз аст дар ин ҷо ба баъзе хусусиятҳои асотири ин давра назаре андозем, зеро ҳамаи худоёни даврони политеистӣ ба дунболи худ афсонаву достонҳое доштаанд ва бар мабнои асотир арзи вуҷуд намудаанд, ки дар илми илоҳии қадим эътиқод ба умури фавқуттабииро тасбит намуда, ба мардум савоби осмонӣ ва дар амон будан аз иқоби заминиро талқин намудаанд.

Ин масъаларо аз он шурӯъ хоҳем кард, ки асотир ҳамчун маҷмӯъи этиқоду тасаввуроти инсони ҷамъияти ибтидой бештар шомили хусусиятҳои фантастикӣ буд. Дар асотири ин давра мақоми муҳимро ба дараҷаи худой бардоштани қаҳрамононе ташкил медиҳад, ки онҳо аз ҳудаи ба вуҷуд овардани мӯъҷиза мебаромаданд. Маъмулан ба номи қаҳрамонҳои асотирӣ анҷом додани ҳамаи корҳои фавқулодда нисбат дода мешуданд, ки ба он шукӯҳу салобати ҳамосавию рамзии асотири аҷдодамон шаҳодат медиҳанд.

Дар ибтидо космогония (таквиншиноси)-и суннатию асотирӣ, ки асосан ба нируҳои бофтаю сохтаи берун аз табиат истинод мекард ва доиншҳои парокандаву таҷрибавие, ки зимни мушоҳидаву муроқиба андӯхта мешуданд, аҳамият пайдо карданд. Баъдтар вобаста ба дараҷаи ишкишофи

ҷомеъа дар асотир мазмунҳои космологӣ (ҷаҳоншиносӣ) ба вуҷуд омаданд. Дар онҳо роҷеъ ба пайдоиши осмону замин, офтобу моҳ, набототу ҳайвонот ва хулоса худи инсон ва дарки олами ҳастӣ тавассути ӯ масоили зиёде арзи вуҷуд намуданд. Аз ҷилваҳои ҷирмҳои мунири осмонӣ ва аҷроми самовӣ сар карда то пайдоиши табиату инсон таҳти шуои дарки инсон қарор гирифтанд ва чун пайдоиши воқеъии мавҷудоти ҷондору беҷон ва падидаҳои табиату ҷамьиятро шарҳу тавзеҳ дода натавонист, даст ба асотир зада, ҳисси кунҷковии худро фуруъ нишонд. Ин асотир бештар ҷанбаи теологӣ (худошиносӣ) ба худ касб намуд ва фаъолияту амали силсилаи худоёни анимистию тотемистӣ ва натуралистию политеистӣ аввал дар сарзаминҳои Шарқ ва сипас дар минтақаҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбиву Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба вуҷуд омаданд. Чунин падидаро дар ҳудуди Осиёи Миёнаву Эрони бостон дар ҳазораи якуми пеш аз милод мушоҳида намудан мумкин аст. Дар ин давра асотири форсии қадим, модӣ, суғдӣ, сармадӣ тадвин шуданд. Дар ҳамин бӯъди замонӣ асотири гуногун дар Шарқи Миёна роҷеъ ба илоҳиёти Аҳди қадим ба вуҷуд омада, ба сӯи ҳаволии баҳри Миёназамин сарозер шуд . Баъди истилои Искандари Мақдунӣ инкишофи асотири давраи миёнаи эронӣ шурӯ шуд. Дар он ғояҳои равияву ҷараёнҳои гуногуни ба истилоҳ «синкретӣ» мавҷуд буданд, ки тавассути унсурҳои Авесто тақвият пайдо намуданд[16].

Ҳамин асотир қаламрави ақлро ба ҳавзаи таҷриба сахт пайваст намуда, то андозае имкони айнии ҳақиқатҳои куллиро дар чаҳорчӯби нақл ва рамзу тамсилҳои ба худ хоси интизоъӣ дар худ таҷассум менамуд. Аз ин рӯ, Клод Леви-Стросс устураро ҳикоёти тахаюлие медонад, ки «саъӣ доранд дар пардаи мантиқи хос тақобулҳои дутоии миёни фарҳангу табиатро ҳал намояд» ва бо истифода аз «тасвиру тамсил ба манзури табъйини ҷаҳони растохез ва низ тавсифи соҳати илоҳӣ дар партави вуҷуди одамӣ ё баёни авомили беруиӣ ба манзури ифодаи маъноии ҷаҳони дарунӣ»[17] ироа намояд. Вақте ҳаким ё намояндаи дин нируи истидлол ё тақвову имонро ба мардум тазриқ карданӣ мешавад, ӯ ночор аст бо истифода аз омилҳои маъмули илму дин дар тамоми мароҳили инкишофаш онро бо торҳои тарсу бими афсонаву асотир бояд тавре битобад, ки мардуми соддадил онро пазируфта тавонад, зеро он чи ба авом дар мароҳили аввали тараққии ҷомеъа бештар таъсир мекунад, нируи хаёл аст ва ҳар қадаре, ки ҷамъият тараққӣ кунад, он ҷои худро ба ҳамон андоза ба нируи ақлу имон ва илм вогузор менамояд.

Тақрибан дар асри миёнсангӣ (мезолит) инсон ба аҳлӣ намудани ҳайвонот шурӯъ намуд ва аз ҳамон давра сар карда ба чорводориву деҳқонӣ машғул шуд. Ин ҳолат шароити тозае барои инкишофи тасаввуроти динӣ фароҳам сохт. Махсусан ба офтобу борон ва дигар қувваҳои табиат, ки барои рушди хоҷагии деҳқонӣ аҳамият доштанд, диққати махсус дода мешуд. Он парастиши анимистию фетишистии давраи аввал акнун ба

худоҳо табдил ёфт ва масъалаи қувваи руҳонии онҳо ба миён омад. Барои ибодат ва қурбонӣ ба худоҳо ҷойҳои махсус ҷудо карда, афроди махсусро аз байни гуруҳи авлодӣ ба он ҷалб мекарданд.

Дар ин давра ҷоду низ тағъир ёфт. Муносибатҳои сеҳру ҷодуи давраи ҷамоаи ибтидоӣ ҷои худро ба рафтори нисбатан мураккабу мушкилтари он доданд. Яке аз ин соҳаҳо мантика ном дошт, ки он ба системаи аз руи каф муайян кардани тақдир ва пешбинӣ намудани ояндаи инсон нигаронида шуда буд. Илмҳои ғариба минбаъд ҳам дар радифи дигар ақидаҳои динӣ дар давраи гузариш аз марҳилаи қавмию авлодӣ ба ҷомеъаи табақотӣ инкишоф ёфта, шохаҳои гуногуни он аз қабили ситорашиносӣ (астрология), илми аъдод (нумералогия), симошиносӣ (физиономия), илми ҳуруфу нуқот, илми асмоъ ва ҷафру рамл, симиё, кимиё, илми тилисмот ва таъбири хоб пайдо шуданд, ки бо роҳи ба кор бурдани давоҳои мухталифу ашёҳои гуногун, ниёишу рақс ва истифода аз дигар воситаву падидаҳои табиию ҳодисаҳои иҷтимоӣ амалӣ мегардиданд.

Амалиёти ҷодуӣ дар Шарқи Миёна ва умуман дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ «ҳаяҷони мазҳабиро ба хотири ҳамон ҳолу нашъае, ки ба онҳо медод, азизу муҳтарам мешуморанд ва ба нияти ботинӣ ба ҷустуҷуи ҳолати ҷазаба ва хулусе мегузаштанд, ки дар он худро ба қувваи фавқуттабиӣ муттасил ва ҳатто ба рабонияти мавриди парастишашон муттаҳид бубинанд»[18]. Дар ин амр соҳирони сарзаминҳои мазкур дар заминаи ҳамон расму имони тамаддунҳои мухталифи Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ, ки нируи аслии хориҷиро дар батнашон ниҳон доштанд, амал мекарданд ва ба анҷоми амалиёти мазҳабӣ соҳирон мавриди тасхири қувваҳои фавқуттабиие қарор гирифта, ба ҳолати ҷазабаву халаса афтода, нидои худоёнро ба гӯши одамиёни хокӣ таниниандоз менамуданд.

Мувофиқи таъминоти фалсафӣ ду навъи рӯъё ё худ хаёл вуҷуд дорад. Яке хаёли офаринанда, ки қудрати тасвирсозӣ дорад ва ҳангоми дарки ашёи олами беруна амал мекунад ва дигаре хаёли ибтидоист, ки онро маъмулан ваҳм меноманд. Охирӣ дар зинаи пасти тараққиёти ҷамъият сеҳру ҷодуро ба вуҷуд оварда буд. Дертар он тавассути офаридани асотир ба қувваҳои фавқуттабиӣ бовар намуда, ҷаҳони зоҳириро ба он вобаста намуд ва афкори ирфониро ташаккул дод. Дар охир он ба воситаи муносибати оқилона ахлоқу муқаррароти мазҳабиро пойдор намуда, динро дар шакли комили он падид овард. Барои исботи ин фикр гуфтан кофист, ки коҳинони мисрию бобулӣ, муғони эронию шаманони муғулӣ, марғузони тибстию ҷугиёни ҳинд ва ҷодугарони сурхпӯсту сиёҳпӯст якҷоя бо намояндагони илмҳои экзотрӣ (зоҳирӣ) кӯшиш мекарданд, ки шакли соддаи ҷодуи куҳанро бо истилоҳоту истидлолоти тозаи илмию ақлӣ ороста, ҷаҳони зоҳирӣ (табиат)-ро бо ҷаҳони ботинӣ (эзотерӣ) вобаста намоянд. Онҳо ҳамчунин таъкид мекарданд, ки инсон қодир аст ин ҷаҳонро дарк кунад. Ана ҳамин дарки

нодурусти қувваи воҳимаи инсонӣ боиси ба вуҷуд омадани ҷоду, ирфон ва ниҳоят дин гардид, ки ин масъала мавзӯъи баҳси алоҳида мебошад.

Дар мамолики Шаркӣ Миёна ва ноҳияҳои аз ҷиҳати эгникӣ умумие, ки зимни инкишофи таърихии худ давраи ҷамоъаи ибтидоиро тай намуда, аз шакли қабилавию авлодӣ ба ҷамъияти табақотӣ гузаштанд, эътиқод ба динҳои ҷамоъаи ибтидой тадричан аҳамияти худро гум карда, ба ҷои онҳо системаҳои диние ба вуҷуд омаданд, ки парастиши худоҳоро мақсади асосии худ қарор доданд. Ин системаҳо дар заминаи шаклҳои ибтидоии эътиқоду тасаввуроти динӣ ба вуҷуд омада буданд. Фарқи асосии системаҳои динии инкишофёфта нисбат ба диниҳои ибтидой аз он иборат буд, ки аввалӣ аз маҷмӯъи эътиқодот ва парастишу одатҳои нисбатан муташаккилу бидуни тазод иборат буд. Дар як ҷо шаманизм, дар ҷои дигар анимизм, дар ҷои сеюм фетишизм ва ғайра ҳукмрон буд. Вале баъдтар худоёне қадам ба арсаи вуҷуд ниҳоданд, ки шомили системаҳои динии дорои таълимоти ғоявӣ дар мабнои асотири дорои хусусиятҳои ҷаҳоншиносӣ қомат афрохтанд. Ба вуҷуд омадани силсилаи худоёни политеистӣ ба ҳамин давра рост меояд. Образҳои асотирии ин давра бо мазмуну мафҳумҳояшон аз ҳам то андозае фарқ кунанд ҳам, вобаста ба шароити яксони таърихӣ ва раванди инкишофи ба ҳам шабеҳи афкори маънавӣ аз ҷиҳати мундарича ба ҳам наздик буданд. Маҳз ҳамин масаларо ба назар гирифта, муҳаққиқон ақидаи академик В.И. Вернардскийро роҷеъ ба «мавҷуд будани маркази ягонаи пайдоиши ақидаҳои асотирӣ тақрибан дар ҳудуди маданияти минбаъдаи соҳили баҳри Миёназамин»[19] дуруст шуморидаанд.

Аз ибтидои ҳазораи якуми пеш аз милод сар карда, тадричан вуҷуди худоёни зиёд боиси тафриқаи мардум гардид ва политеизм ба сатҳе расид, ки монеъи рушду инкишофи ҷамъият шуд. Зиёдшавии нуфуси аҳолӣ дар шаҳрҳои империяҳои бавуҷудомада, ки яке ҷои дигареро паси ҳам иваз менамуданд, ба давлатҳои теократии империяҳои мазкур ба иллати бесамар будани улуми илоҳии даврони политеистӣ, хусусан худоёни политеистии кишоварзӣ дар шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ маводу лавозимоти мавриди эҳтиёҷи мардум ва маънавиёти мавриди ниёзи оммаро таъмин карда наметавонист. Ба ибораи дигар, дар Шарқи Миёнаи бостон ва дар сарзаминҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ политеизм ба ҳамон андозае, ки қавму қабилаҳоро дар сохти қабилавию авлодӣ ба сӯи ваҳдат ҳидоят мекард, ба ҳамон андоза дар сохти табақотӣ байни мардум ва ҷомеъа тафриқаву ҷудой меандохт. Аз ин рӯ, дар дохили чандхудой (политеизм) зимни инкишофи полидемонизм (парастиши арвоҳони муҷаррад) унсурҳои яккахудой аз қабили иртиботи силсилаи масоили физикию метафизикӣ, олами моддиву рӯҳонӣ, масъалаҳои зиндагии имрӯзаву ҳаёти пас аз марг ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Шояд ин як марҳилаи гузариш аз чанхудой ба яккахудой (аз политеизм ба монотеизм) бошад.

Бино ба маълумоти муҳаққиқон дар баъзе матнҳои ошуриву мисрӣ нишонаҳое аз ин тавҳиди ноқис дида мешаванд. Масалан, вақте Амнутеп IV- шавҳари маликаи зебои Нифертити-дар Миср ба тахт нишаст ва баъд бо номи Ихнотун (шаҳри уфуқи Атон- Akhetaton, ки ба ҷои Табас пойтахт эълон карда буд) машҳур гардид, аз рафтори ношоями коҳинони замонаш сахт нороҳат шуда, эълон кард, ки «ҳамаи худоён ва одобу шаоире, ки дар ин дин ҳаст, пасту бутпарастона мебошад ва ҷаҳонро ҷуз худои ягона нест, ки ҳамон Атон (Aton) аст». Ӯ бо истифода аз суруду қасоиди тавҳидӣ ҳамосае дар ситоиши ин худо тасниф кард, ки ба ақидаи Вилл Дурант он нахустин қасидаи яктопарастӣ шинохта шудааст. Бо фармони ин шоҳ парастиши худоҳои қадима манъ шуд. Вале баъди вафоташ дар соли 1362 то милод домодаш, ки тарафдори коҳинони динҳои политеистӣ буд, муқобили корҳои Ихнотун амал карда, пойтахтро боз ба Табас кӯчонид, ба динҳои политеистӣ иҷозат дод ва номи Ихнотунро дар ҳама ҷо поку бенишон кард.

Дини дигари яктопарастиро ақвоми Бани Исроил пеша намуда буданд. Онҳо барои парастиши худои ягона- Яҳво солҳои тӯлонӣ муборизаи сахт бурданд ва ба қавли ҳамон Вилл Дурант нисбат ба Ихнотун бештар тамоюли якторастона доштанд. Бо вуҷуди он ки иддаи зиёди Исроилиён ва яҳудо пайваста бо Яҳво худоҳои дигарро низ мавриди ниёиш қарор дода буданд, ба иллати нисбатан муваффақ будани яҳудиён дар яктопарастӣ мардуме, ки солҳои мутамодӣ дар саросари ҷаҳон пароканда буданд, ҳуввияти милливу динии худро ҳифзи карда тавонистанд.

Ин масъала чунин сурат гирифта буд: мардуми Исроил, ки дар Миср ба асорат афтода буданд, бо роҳбарии Мӯсо ба Канъон (Фаластин) раҳсипор шуданд ва дар саҳрои Сино бо Яҳво паймон бастанд, ки вайро худои воҳиди худ бихонанд ва аз бутпарастӣ даст кашанд. Оини яҳуд ҳамин тавр бар асоси «Алвоҳи ашара»-и Мӯсо ба вуҷуд омад ва Таврот дар тӯли чандин аср дар рӯҳи яктопарастӣ ва муборизо бо ширки илоҳӣ навишта шуд. Пайдоиши масеҳият дар аввалҳои асри милодӣ ба унвони як фирқаи дини яҳудӣ талаққӣ мешуд. Вале баъдан ихтилофу мушоҷираҳое, ки роҷеъ ба қонуни яҳуд пеш омад, боиси ҷудоии масеҳият аз яҳудият гардид ва тақрибан солҳои 90 масеҳиён расман аз ҷамоати яҳудиён ихроҷ шуданд, ки ин ҳодиса худ баҳси доманадорест ва баррасии он аз доираи тадқиқи мо берун аст.

Дини зардуштӣ, ки асрҳои 7-6 пеш аз милод арзи вуҷуд намуд, хусусияти якпарастӣ дошт. Ба вуҷуди он ки ақидаву назароти зиёде дар бораи дуалистӣ будани дини зардуштӣ иброз гардида, он ба пайравони худ парастиши худои ягона -- Аҳуромаздоро ташвиқ намуд. Динҳои дорои хусусиятҳои яктопарастӣ шомили масоили ҳам табиати ашё, ҳам табиати худоён ва ҳам мабдаю маншаи ҷаҳон ва маъоди он буданд ва, аз ин рӯ, онҳо масъалаҳои ҷаҳоншиносӣ (космологӣ), таквиншиносӣ (космогонӣ) ва

худошиносӣ (теологӣ)-ро дар бар мегирифтанд. Вале қабл аз он ки ба баррасии ин масъала бипардозем, ба тадқиқи чанде аз худоёни ориёӣ, ки онҳо тавъам бо дини маздоии куҳан вуҷуд доштанд ва мавриди парастиш қарор гирифта буданд, мепардозем. Аз байни онҳо Ноҳид. Меҳр, Зарвон аз ҳама муҳимтар ба назар мерасанд. Албатта ин худоён бо расмӣ ва давлатӣ шудани оини зардуштӣ ҳамчун ёварони Аҳуромаздо мақоми дуюмдараҷаро касб карданд. Аз ин рӯ, дар зер ба баррасии ҳамин худоёни асили ориёӣ шурӯъ хоҳем кард.

МЕҲРПАРАСТӢ

Меҳрапарастӣ яке аз динҳои куҳани ориёӣ ва Меҳр яке аз худоёни муштараки ҳиндуэронӣ, худои равшной ва ҳофизи назму низоми ҷаҳон, пуштибони ҳақиқат, танзимкунандаи муоҳида ва аҳду паймон ва нигаҳбони тамоми ҷаҳон аст. Он зимни ташаккули дини маздоии куҳан дар байни қабилаҳои ориёӣ, ки дар ҳудуди Осиёи Миёнаву Эрони бостон зиндагӣ мекарданд, маъмул будааст. Меҳр ҳам дар Авесто ва ҳам дар Ведаҳо ҳамчун худои ориёӣ аз аҳамияти махсус бархурдор буд. Дар Авестои мутааххир сурудҳои махсусе таҳти унвони «Меҳряшт» ба ин худои бузурги ориёӣ ихтисос дода шудааст. Яшти мазкурро муҳаққиқон яке аз кӯҳнатарин яштҳо, ки шомили 146 банд ва 25 «карда» мебошад, ба қалам дода, бар мабнои бандҳои 12-14 ин Яшт маҳалли асоси пайдоиши ин оинро ҳавзаи Ҷайҳуну Сайҳун ва канораҳои он медонанд. Агар чунин ақидаи муҳаққиқон рост бошад, оини меҳрапарастӣ дар Осиёи Миёна ва қисмати шарқии Эрони бостон арзи вуҷуд намуда, баъд ба сӯи Эрони Ғарбӣ интиқол ёфта, аз он тариқ ба Осиёи Сағир ва дигар сарзаминҳои Урупо густариш ёфтааст. Дар « карда»-и 4, яшти 10 (Обоняшт) дар ин бора чунин омада: «Меҳр изадест, ки аз ҳар паймоне ба ростӣ огоҳ аст, нахустин изади миновист, ки пеш аз Хуршеди ҷовидонӣ ва тезасп, аз фарознои кӯҳи Ҳеро сар бармекашад ва бо ҷомаи заррину зиннатҳояш аз он баландии кӯҳ ба нигариши ҳамаи кишварҳои ориёӣ (эронӣ) мепардозад. Кишварҳое, ки фармонравоёни далеру сипоҳиёни барозанда ва фаровон дорад, ки дар он ҷоҳо кӯҳҳои баланду даштҳои саршор ва сабзазорҳои фаровону дарёҳои жарф ва рудҳои паҳновар, ки дар онҳо кишти равад, вуҷуд дорад. Меҳр нигарону нигаҳбони ҳамаи сарзаминҳои ориёист, кишварҳои чун Арезаҳӣ (Arezahi), Саваҳӣ (Savahi), Фрадазафшу (Fradaqafsu), Видазафшу (Vidazafsu), Воуруҷарешти (Vourujoresti), Хванирас (Xvaniraz), ки дорои чаҳорпоён ва домҳои фаровон ва солиму маротеъву паҳновар аст».

Ҷалолуддини Оштиёнӣ аз лиҳози ҷуғрофӣ маҳалли кӯҳи Ҳероро шарҳ доданӣ шуда, навиштааст, ки манзур аз ин кӯҳ кӯҳи Ҳеробурз ё худ Албурз аст, ки Меҳр аз он «ба саросари ҷойгоҳҳои истиқрори ориёиён менигарад ва бар онҳо дидбонӣ мекунад. Дар ин манотиқ рудҳое ба сӯи Ишкот (Jshkat),

Паурут (Pauruta), Маирут (Mauru-Марв), Ориё, Суғд ва Хвайрезем (Khvairizem-Хоразм) равонанд»[21]. Дар «Бундаҳиш», дар қисмати паҳваи офаринишҳо кӯҳи Албурзро риштакӯҳи афсонавӣ дар миёни ҷаҳон дар сарзамини «Эронвейҷ» шарҳу таъбир кардааст [22]. Ин ҳамон кӯҳест, ки шакли намод (символ) ба худ гирифта, ба мазҳари моддии ҳақиқати руҳонӣ табдил ёфтааст ва дар фалсафаи исломӣ бо номи Кӯҳи Қоф машҳур шуда.

Номи ин худои бузург дар Ведаҳо «Митра», дар Авесто «Мисра», дар паҳлавӣ «Митр» ва дар форсӣ «Меҳр» буда. Маънои луғавии ин калима дар Ведаҳо дӯст ё рафиқ мебошад, вале маънои истилоҳии он ҳофизи аҳду паймон аст. Маънои луғавии форсии он ҳамон меҳру муҳаббатро ифода мекунад, ки аз гармию фурӯзонии он бармеояд. Ҷалоллудини Оштиёнӣ «Мит-тра» (Mith-tra)-ро ба маънии пайванди дӯстӣ ё башардӯстӣ ҳам таъбир кардааст ва калимаи Меҳр дар забони форсӣ ба Хуршед низ итлоқ мешавад. Аз ин ҷиҳат ӯро бо худои Хуршед баъзан яксон пиндоштаанд.

Аз худи ҳамин маъниҳои луғавӣ чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки дар гузаштаҳои дур ниёгони ҳинду эронӣ қабл аз ҷудо шуданашон аз ҳам Митра ё худ Меҳрро мавриди ситоишу ниёиш қарор дода буданд. Ҳам дар Ведаҳо ва ҳам дар Авестои мутааххир сурудҳои махсус ба ин худои бузург ихтисос дода шудаанд. Ҳарчанд, ки оини меҳрпарастӣ дар Ҳинду Эрон аз назари маросиму одобу русум тафовутҳои боризе доштанд, дар мавриди худи худованд нукоти муштараки фаровоне ҷой доранд, ки ба мо маҷоли сухан гуфтан дар бораи хостгоҳи муштараки ин оини деринсоли ориёӣ фароҳам намудаанд.

Дар Ведаҳо ду худо Митра ва Воруна бо ҳам якҷоя дар шакли Митра-Воруна омадааст. Агар ба асли ин масъала назар афканем, маълум мегардад, ки Индира-худои хушунат ва раъду тӯфону борон маҳсуб мешуд ва ӯ дар Ведаҳо бо номи Агҳара (Aghara - ваҳшатнок) ва Ишана (Jshana-ҳокиму қудратманд) омадааст. Аввалҳо Индира муҳимтарин худои ориёӣ буд, вале тадриҷан тамоми хусусиятҳои ӯ ба Воруна афзуда шуд ва Митра-Воруна фарзандони Адити (Aditi)-худои равшной ва, гузашта аз ин, модари тамоми худоён шинохта шуд. Аз ин ҷиҳат муҳаққиқон дар мавриди шарҳу таъбири Митра - Воруна фикру мулоҳизаҳои гуногун ироа намудаанд. Ҷалолуддини Оштиёнӣ иттилоъ медиҳад, ки роҷеъ ба «Митра»-и ведой ду раъй -- омма ва хосса мавҷуд аст. Тибқи раъйи аввалӣ, ки Мери Бойс опро пешниҳод намуда, «Митра»-и ҳиндӣ ва «Мисра»-и эронӣ аслан ба маъниии аҳду паймон будааст, вале тадриҷан дар меҳвари ин маъниии аслӣ силсилаи масъалаҳои фаръие гирд омаданд, ки дар натиҷа «Мисра» нируи ботиниии «аҳд» ба низоми умумии олам («ашо») пайванди ногустастанӣ пайдо карда, барои назорату нигаҳбонии ин низом «ҳазорчашму ҳазоргӯш» ва донову бино гардида, бо хуршеду оташ ва дигар ёвароии худ ҳамбастагӣ пайдо кардааст. Вале тибқи раъйи дуюм, ки донишманди ҳолландӣ Гранде

(Grande) онро иброз дошта, Митра - Воруна ду ҳакиқати мукаммали якдигаранд. Воруна мабдаи низоми сабабу мусаббаботи олам аст, ки ҷабру зарурат бар он ҳукмфармост ва Митра мабдаъест, ки камоли олам аз уст ва моями сулҳу салоҳи умури ҷаҳон аст. Ба ибораи дигар, Воруна мабдаъи қаҳр аст ва Митра мабдаъи лутф ва ин ду якдигарро такомул бахшида, мазоҳири вуҷуди худро ошкор месозанд. Албатта, дар адабиёти меҳрпарастӣ дар ин хусус ақидаҳои олимони дигар низ вуҷуд доранд, ки шомили раъйи хоси худ мебошанд. Масалан, О.Комаровский чунин мепиндорад, ки Митра-Ворунаи ҳиндӣ ба ду маънӣ-доно ва тавоно далолат мекунад ва моҳиятан аз умури мубадию шаҳриёрӣ дарак медиҳад. Қувваи назарӣ ба Митра ва қувваи амалӣ ба Воруна нисбат дода шуда, яке дарку тасаввур мекунад ва дигаре онро ба ҷой меоварад [23].

Агар ба асли масъала амиқтар назар афканем, маълум мегардад, ки Меҳр дар ибтидо дар маҷмӯъи худоёни ориёӣ вуҷуд надошта. Дар ҳамон бӯъди замоние, ки ташаккулу инкишофи сохторию табақотӣ дар ҷомеъа сурат пазируфт, Митро-Воруна ва Митра-Аҳуро бо силсилаи ёваронашон бар мабнои андешаву аҳкоми диниву нуҷумии маъмул дар Шарқи Миёнаи бостон пайваста бо асотиру афсонаҳои марбут ба он парастандагони худро пайдо намуд ва ҳамчун худоёни Хуршеду Моҳ, худоёни рӯшноиву ҳосилхезӣ ва таносулу робитаи ҷинсӣ дар саҳнаи таърихи дин арзи вуҷуд намуданд. Ҳамин тавр, силсилаи аҳкому одоби парастиши ин худоён ташаккул ёфт ва маросими қурбонӣ, ки барои ҷалби таваҷҷӯҳи худоён сурат мегирифт, ба як суннати маъмулии ақвоми ориёӣ табдил ёфт.

Мутаассифона, ба ҷуз Яшти 10 Авестои мутааххир-«Меҳряшт» дар бораи таърихи оини Меҳр дар Осиёи Миёнаву Эрони бостон ёдгории дигари катбие бокӣ намонда. Вале бо таваҷҷӯҳ ба ин ки оини меҳрпарастӣ бо суръати том дар саросари қаламрави империяҳои модиву ҳахоманишӣ мавриди парастиш қарор гирифта, баъдтар аз Байнаннаҳрайн сар карда то Осиёи Сағир густариш ёфт ва аз он тариқ ба Юнону Рум русух намуда, Урупои Ғарбиро низ таҳти нуфузи худ қарор дод. Баъзе осори хаттӣ роҷеъ ба паймонҳои одобу боварҳои митрой аз қабили катибаи Антиохи I Епифаноси Куммагосӣ дар паҳнои тахтасанге аз силсилакӯҳҳои Торус (Taurus). миқдори зиёди тасвиру нақшаҳо дар маъбаду меҳробаҳои митрой, манобеъи санскриту арманӣ ва дигар бозёфтҳои бостоншиносӣ ба мо роҷеъ ба раванди ташаккулу инкишофи оини Меҳр то андозае маълумот медиҳанд.

Тибқи ҳамин маълумотҳо ҳанӯз дар садаи 14 пеш аз милод дар катибаҳои мехии Каппадокия, ки қаламрави империяи Иломиён маҳсуб мешуд, номи Митра (Мисра) борҳо такрор шудааст. Олими эронӣ Мӯсо Иброҳим дар асараш «Оини эрониён» иттилоъ дода, ки ҳанӯз дар асри 14 пеш аз милод дар қатори Ворунаву Индира ба Меҳр савганд ёд мешуда.

Дар садаи 12 қабл аз милод номи ин изад дар катибаҳо, асотир ва тасвирҳои меҳробаҳои соддаи митрой ба чашм мерасид. Аз ҳама бештар дар давраи Ҳахоманишиён ва қабл аз он дар аҳди Модҳо оини меҳрпарасти дар Осиёи Миёнаву Эрони бостон ривоҷ ёфта буд. Дар ин бўъди замони дар саросари қаламрави империя-аз Арманистон сар карда то Фригияву Галатия мутони митрой саргарми парастиши оини Меҳр ва адои русуму одоб ва маросиму ҷашнҳои меҳрпарастӣ буданд. Дар ин замон дини зардуштӣ, ҳамон тавре ки Ҳошими Разӣ комилан дуруст қайд карда, дар шакли бисёр соддааш зоҳир шуда буд ва ҳамвора худоҳои дигар ба мисли Меҳру Ноҳиду Баҳром бештар парастида мешуданд. Ў ҳамчунин бо истинод бо Ҳеродод таъкид намуда, ки дар аҳди Ардашери II (404-359 то м) Меҳр ҳамчун худои ростиву паймон, Ноҳид ҳамчун худои оби рудхонаҳову ҳосилхезӣ ва Баҳром ҳамчун худои ҷангу пирўзӣ дар канори Аҳуромаздо парастида мешуданд ва баъди ташаккули дини зардуштӣ ба қатори пантеони худоҳои ин оин дохил шуданд.

Бино ба маълумоти муҳаққиқон гуё Доро ба оини меҳрпарастӣ таваҷҷуҳи зиёде зоҳир накарда. Дар катибаҳое, ки аз Доро ва Хишоёршоҳ боқӣ мондаанд, зикре аз Меҳр нест, вале дар катибаҳои марбут ба асри 4 пеш аз милод Ардашери II ва Ардашери III (359-338 то м) дар Ҳамадон, Шуш, Тахти Ҷамшед панҷ бор номи Меҳр омадааст ва умуман номи Меҳру Ноҳид дар ин катибаҳо аз номи Аҳуромаздо бештар аст. Артур Кристенсен тахмин мекунад, ки бо ташаббуси Ардашери II ҳахоманишӣ шояд навигарие дар русуму одоти динии он давра ба вуҷуд омада бошад. Сабаби чунин тағъирот то ба ҳол зиёд равшан нест[24]. Муаллифони «Таърихи дунёи қадим» роҷеъ ба вазъи динии аҳди Ҳахоманишиён баҳсе ороста, зимни он қайд кардаанд, ки аз худи давраи Модҳо сар карда дар ҳудуди Осиёи Миёнаву Эрон мубадон мавқеъи муҳим пайдо карданд ва тамоми русуму одоби динӣ тавассути онҳо анҷом мегирифт. Бо вуҷуди интишори дини зардуштӣ дар аҳди Дорои1 Ҳахоманишиён аз худоҳои қадима даст накашиданд. Чунин рафтори онҳо сабаб дошт. Ориёиҳое, ки ба шаҳрнишинӣ оғоз намуда буданд, роҳи осоишу рифоҳро пеш гирифта, ба Меҳр ҳамчун худои дорои «ҳазор гўшу ҳазор чашм» рў оварданд ва аз ў талаби осоишу шодкомӣ ва ҳифзу нигаҳбонии хонавода менамудаанд. Зеро ў мавҷуде ҳисоб мешуд, ки муроқиби амалу рафтори мардум буда, дар ҳамаи ҷабҳаҳои зиндагӣ ба онҳо зафару пирўзӣ ато мекард, ба ростқориву паймонпарастӣ ва пирўзӣ дар набард ҳидоят менамуд [25].Дар ин бора дар «карда»- 2 Обоняшт чунин омада: «Меҳр танҳо изади равшной ва паймон нест, балки изади ҷангу пирўзӣ низ ҳаст...»

Зардушт Аҳуромаздоро худои ягона эълон карда бошад ҳам, Меҳр ва дигар худоҳои маҳаллиро озод гузошт. Сабаби чунин рафтори ў шояд дар он зоҳир шавад, ки аз як тараф, дар он давра зардуштия ҳануз ба дараҷаи

таълимоти догматикии дорои аҳкоми муайяну мушаххаси маъорифи динӣ нарасида буд, аз тарафи дигар, шоҳаншоҳони ҳахоманишӣ бо Меҳр барин эзиди аҳду паймон, шуҷоату қаҳрамонӣ барои мустаҳкам намудани мавқеъи иҷтимоиву сиёсии худ эҳтиёҷи зиёде доштанд. Бинобар он муассиси сулолаи Ҳахоманишиён Куруши Кабир (140-600 то м) бо истифода аз худои ҷангу пирӯзӣ Веретраґна (Veretraqha) империяи бузурги худро таъсис дода, сиёсатеро пеш гирифт, ки худоҳои бузурги қаблӣ ба мисли Меҳру Нохиду Баҳром боқӣ монданд. Ҳамин масъаларо ба назар гирифта Бобоҷон Ғафуров навиштааст, ки дар байни худоҳои авестоӣ аз ҳама машҳур ва ситоишшаванда худои Офтоб ва рӯшної Митра -- ҳимоятгари пурзӯри размкунандаґои, бахшандаи пирӯзӣ ва боз олиҳаи серҳосилӣ ва обҳои равон Аредвисура Анаҳито буданд. Дар маросими ибодат ба ин олиҳа хусусиятҳое маҳфуз монда буданд, ки ба давраи модаршоҳӣ мерасиданд [26].

Ба назар чунин мерасад, ки дар давраи таърихи оґозин ориёиҳо аз ниёпарастӣ, ки он худ дунболаи динҳои ҷамоъаи ибтидої буд, ба парастиши худоёни табиатгароёна пардохта, зимни ташаккулу инкишофи ҷомеъаи табақотӣ изадонеро ба вуҷуд оварданд, ки ҳар як муваккил ва мазҳару таҷассуми ашёву унсур ва падидаҳои табиату ҳодисаҳои ҷамъият гардид. Аз байни ин худоҳо Аредвисура Анаҳито (Aredvi-номи руди афсонавии муқаддас ва Sura-сифатест ба маънои нирумандӣ барои Аредви; Anahito-покизагиро ифода мекунад, ки дар паҳлави Anohid ва дар форсӣ Nohid шудааст) миёни қавмҳои эронинажод мақому манзалати хосе дошт. Ин изадбону ба мавҷиби Яшти панҷуми Авесто – «Обоняшт» раббуннавъ ё муваккил ва ё санами обҳои равон, обҳои зеризаминиву осмонӣ, фаровониву неъмат, шукӯҳи зиндаґӣ ва борурии замину занон аст.

Маълумоте, ки имрӯз дар бораи ин изад дорем ҳамон яштҳо (сурудҳо)-и Авесто ва баъзе порчаҳои Ясно мебошад, ки бештар ҷанбаи достонҳои устуравӣ ва тамсилӣ доранд. «Обоняшт» шомили 133 банд ва 30 «карда» мебошад, ки дар он бо ному нишон ва ситоиши паҳлавонону сардорон ва шоҳону шаҳриёрон ошної пайдо намудан мумкин аст. Танҳо теъдоде аз ин яштҳо ба ситоиши изадбону Аредвисура Анаҳито бахшида шудааст. Дар банди аввали Обоняшт омада: «Аҳуромаздо ба Зардушт гуфт: ин Аредвисура Анаҳиторо ситоиш кун, ки ба ҳама ҷо равон аст, дармонгар аст ва ситояндаи оини оҳуроист. Шоиста аст, ки дар ҷаҳони моддӣ мавриди ситоиш қарор гирад, чи ситоиши вай галаву рамаро биафзояд, хоставу молро баракат диҳад ва кишварро фаровониву оромӣ бахшад».

Дар воқеъ, Аредвисура Анаҳито дар ибтидо олиҳаи ишқ буд ва аз номи Анаҳито беолоишиву покдоманӣ тароват мекард ва аз ин ҷиҳат муҳаққиқон уро гоҳо ба худои ишқи бобулӣ Иштар (Ishtar), гоҳо бо худои ишқи юнонӣ Афродита ва гоҳо ба худои румӣ-Венус муқоиса намуданд. Вале баъдтар ба ин изадбону хусусиятҳои дигар изофа шуд ва ба ҷуз худои

бонувон, фаришта ва муваккили обҳои равон ва ҳосилхезӣ гардид. Рочеъ ба фаъолиятҳои бобаракати Ноҳид дар ҳамои банди якуми «Обиёшт» чунин гуфта шуда: ин изад « нутфаи мардонро пок мекунад, зеҳдони занонро пок ва омода барои борурӣ нигоҳ медорад, зоишу ҳамлро барои бонувон осон мекунад, пистонҳояшонро пури шир нигоҳ медорад. Дорои ному нишони ҳамаҷогустар аст, ба андозаи ҳамаи рудҳои ҷаҳон, ки як ҷо ҷамъ шаванд, нируманд аст ва аз куҳи Хукар (Ҳукайрия) ба дарёи Фарохкрат (Вуйурукаша) мерезад он сон, ки саросари каронаҳои он дарёро ба мавҷҳои баланд боло орад ва муталотум созад. Изаде, ки дорои ҳазор дарёча ва ҳазор руд аст, бузургиву баландии ҳар яки онҳо ба андозаи чиҳил рӯз роҳ аст, ки марди савор ба аспи гезтак бипаймояд.» Ҳамин мазмун дар «Бундаҳиш» низ омада ва вуҷуди ҳазор дарёи хурду бузург, ки ба баҳр мерезад, чашмагони Аредвисура Анаҳито номида шуда, зимнан ҳафтдаҳ намуди об дар табиату кайҳон, ки таҳти нуфузи ин изадбонуст, номбар шудааст[27].

Чунин нуктаро бояд мутазаккир шуд, ки дар ҳамаи бандҳое, ки Аҳуромаздо ин изадбонуро ситоиш карда, дар канори рудхонаи муқаддаси Даити, ки дар бахши 9 Бундаҳиш онро воқеъ дар сарзамини «иронвейҷ» медонад, сурат гирифтааст, вале ситоиши шоҳону шаҳриёрон ва шахсони асотирӣ, аз қабили Фаридун, Афаросиёб, Кайхусрав, Кайковус дар баландиҳо, кӯҳҳо ва шаҳрҳои дигар анҷом гирифтааст. Аз хулосаи матни «Обоняшт» чунин бармеояд, ки аз лиҳози чуғрофиву таърихӣ изадбону Анаҳито ёдовар ва бозгуяндаи оинҳои қисмати шарқии Эрони бостон мебошад ва мубад Рустами Шаҳрзод дар «Ҷаҳоншиносии зардуштӣ» ном асараш худои мазкурро «фаришгаи муваккил бар рудхонаҳое чун Ҷайҳуну Сайҳун» медонад. Аз ин нуқтаи назар чунин хулоса намудан мумкин аст, ки оини Анаҳито дар канори оини Меҳрпарастӣ пойгоҳу ҷойгоҳи худро пайдо карда, ба шукуфоӣ расидааст. Вале ба гуфтаи Далла (DhaLLa) донишманди порсӣ дар китоби «Худошиносии зардуштӣ» ба мавҷиби ривоёту мӯътақидоти эронӣ Анаҳиторо ҷилвагоҳи зебоию далерӣ, хираду андеша ва борурӣ ба қалам дода, дар Осиёи Саґир, ки шояд битавон маншаашро дар он ҷо ҷӯстуҷӯ кард, басе шуҳрат доштааст.

Ҳошими Разӣ дар «Ҳикмати хусравонӣ» ном асараш Аредвисура Анаҳиторо ҳамчун санами обҳо муаррафӣ намуда, абр, бухор, ҳавои мартуб, донаҳои борон ва жолаву барф, ҷуйборҳо, чашмаҳо ва ҳамаи анвоъи обҳоро фақат ба эътибори Ардви тааййуноте беш намедонад ва уро ба иродаву ҷилвае аз ҷилваҳои зоти ҳақ меҳуморад. Шояд дар ин ақида каме иғроқ ҷой дошта бошад, зеро дар он бӯъди замонӣ масоили динию ирфонӣ ба дараҷаи ақлу кашф нарасида буданд ва сухан аз тааййун ва ё ҷилвагоҳи зоти ҳақ гуфтан масъалаи таносуби моҳияту вуҷуд ва дарки олами моддиву муҷаррадро тақозо менамояд.

Худоёне, ки тоза хусусиятҳои улвӣ ба худ касб мекарданд, дар олами моддӣ мазҳари худро доштанд. Аредвисура Анаҳито ба ҷуз муваккили ҳазорон дарёчаву руд буданаш, аз аносири чаҳоргона об, аз аҷроми самовӣ Моҳ, аз ҳайвонот гов, аз рангҳо ранги сафед ва аз фелезот нуқраро мутааллиқ ба ӯ медонистанд. Вале вазифаи аз ҳама муҳими ин изадбонуро Аҳуромаздо дар нигаҳбонии Зардушт аз замони зода шуданаш ва мувозибат аз ӯ зимни муборизаҳояш бо Аҳриман муайян кардааст [29].

Худои дигаре, ки тавасути ориёиҳо парастида мешуд, худои ҷангу пирӯзӣ Веретраґна (=Баҳром) буд. Ин изад дар Авесто бо номи Verethragna ҳамчун изади пирӯзиву ҷангу дифоъ ёд шудааст. Дар забони паҳлавӣ номи ӯ Varahran, дар адабиёти маздаясно Varahram ва дар форсӣ Баҳром шудааст. Дар Авестои мутааххир ин ном аз ду қисмат- Verethra ба маънии ҳамлаву юриш ва rana ба мазмуни «зананда» ё «шикананда» ё худ «ба ҳалокат оваранда» иборат аст. Дар Меҳряшт «ин худои нируманд ба сурати гурози нар бо дандонҳои оҳанин тасвир шуда. Дар «Баҳромяшт» бошад он дар даҳ сурат: « вата-боди зебо, «фарри конта»- гови зебои заррин, аспи сафеди зебо, шутури махсус, гурози нар, марди 15-солаи дурхашон, мурғи ворагна (болзананда), қучи пурзӯри ваҳшӣ, бузи кӯҳии тездав ва марди ҷангии шукӯҳманде зуҳур намудааст.

Изади Баҳром аз худоёни ориёист ва дар Ҳинд бо номи Вреграҳан (Vretrahan-кушандаи аждаҳо) машҳур аст. Ба ин худои ҷангу амалоти фотеҳона бояд маросими ситоишу ниёише анҷом мешуд, то дар набард пирӯзӣ ба даст ояд. Дар Баҳромяшт дар пурсиши Зардушт аз Аҳуромаздо роҷеъ ба изади ҷанговари нирумандтару пирӯзмандтар чунин посух гирифта : «он пирӯзмандтарин изади Баҳроми Аҳурофарида мебошад. Он барои нахустин бор дар колбади тундвазони зебо бо фарри каёнии Маздоофарида дар пеши Зардушт ҳозир шуда гуфт: дар пирӯзӣ пирӯзмандтарин ҳастам, дар фарру шукӯҳ фараҳмандтарину шукӯҳмандтарин ҳастам, дар бахшиш бахшандатарин ҳастам, дар суд судмандтарин ҳастам, дар дармонбахшӣ дармонбахштарин мебошам. Ва дар ҳам хоҳам шикаст ҳамаи бадиҳоро, ҳамаи осебҳои душманону зишткорон ва ҷодувону бедодгаронро...» Дар ҳамин «Баҳромяшт» ҳамаи дар даҳ сурати фавқ назди Зардушт ҳозир шудани Баҳром оварда шуда, чандин сурудҳои ситоишӣ ба таври намуна ироа гардидаанд. Масалан, дар яке аз онҳо чунин омада: «Меситоям Баҳроми Аҳуро офаридаро, бошад, ки фарру пирӯзии Баҳром ин ҷаҳони нек офаридашударо бипӯшонад, ҳамчунон ки мурғи Саена (Семург) бо болҳои густардаи худ ва абрҳои васеъи боронзо бо сояҳои худ кӯҳҳоро мепӯшонанд».

Ҳоло ки тасаввуроте дар бораи ду худои болида дар канори Меҳр ҳосил гардид, муҷаддадан баррасии меҳрпарастиро дунбол мекунем. Суханро аз он оғоз менамоем, ки дар замони истилои Искандари Мақдунӣ ва

ҷонишинони ў вазъи динӣ дар сарзаминҳои Шарқ, хусусан Осиёи Миёнаву Эрони бостон буғранҷ ва нобасомон ба назар мерасид. Сарзаминҳои мазкур аз ҷиҳати сиёсӣ ба таркиби давлати юнонию макдунӣ дохил шуда бошад ҳам, юнонимаобӣ хусусан дар заминаи дину фарҳанг дар ин сарзамин камтар эҳсос мешуд. Дар аҳди Ашкониён Меҳру Ноҳиду Баҳром як шакли махсуси динии таслиси сегонаро ташкил доданд, ки ҳамаашон дар зери соя и Аҳуромаздо амал мекарданд. Баъдтар дар Осиёи Миёнаву Эрони бостон ва як силсила сатрапҳои канори империяи Мақдунӣ аз қабили Пентус, Каппадокия, Арманистон, Куммаген, ки аз ҷиҳати фарҳангу ахлоқ ва маросиму одоб бо эронимаобӣ ифтихор доштанд ва аз лиҳози таборӣ низ ба ҳам наздик буданд, меҳрпарастӣ пайваста бо дигар оинҳои суннатӣ ва бумӣ идома пайдо кард.

Дар ин ҷо чунин нуктаро қайд намудан ҷоиз аст, ки дар Авестои мутааххир Аҳуромаздо ба Зардушт хитоб карда, ки ў Меҳрро бо мақому манзалати баробар бо худаш офаридааст. Ў ба Зардушт гуфта: «Ҳангоме ки Меҳр, дорандаи даштҳои фарохро офаридам, дар ситоиш ва эътибор ўро ҳамсангу ҳамтирози худ қарор додам». Вале он дар ҳеҷ бўъди замонию маконӣ амалан «ҳамсангу ҳамтироз»-и Аҳуромаздо қарор нагирифт ва дар қатори худоҳои дуюмдараҷаи дини зардуштӣ боқӣ монд. Муҳаққиқон ба ҳамин нукта ишора намуда, қайд кардаанд, ки худои бузурги Меҳр ҳатто дар радифи офаридаҳои неки Аҳуромаздо—Амшоспандон ҷой нагирифт ва ба ҷуз ситоиш, дар умури ташаккули афкори ахлоқӣ ва ҷаҳоншиносӣ бевосита ширкати фаъолона надошт. Ин ҳодиса яке аз камбудиҳои мантиқии ҷомеае мебошад, ки дар он ислоҳоти мазҳабӣ рух дода ва ба хотири пазириши ин ислоҳот Зардушт динҳои асосии моқабли худро озод гузошта бошад ҳам, амали онҳоро дар чаҳорчўби муайяну мушаххаси фаъолият сахт маҳдуд намудааст. Тасдиқи чунин фикрро мо дар таърихи фарҳангӣ ва иҷтимоии ниёгонамон аз аҳди Ҳахоманишиён сар карда то давраи Сосониён ба хубӣ эҳсос мекунем.

Ба ҳамин тариқ, Меҳр ҳамчун ҳудованди нуру рўшної дар фарози олами миної қарор гирифт. Ў пеш аз тулўъи Хуршед аз фарози қуллаи кўҳи Ҳеро медурахшад ва «ҳар рўз саросари осмони паҳноварро мўҳташамона дар гардунаи тезаспи хеш дарменавардад ва шабҳангом заминро бо анвори хеш равшної мебахшад. Ў ҳамеша бедору ҳамеша ҳушёр аст. На Хуршед асту на Моҳу на ситора, аммо пайваста бо ҳазор гўшу ҳазор чашм ҷаҳонро наззорагар буда, ҳама чиро мебинаду мешунавад ва ҳеҷ кас ўро наметавонад бифиребад. Бадин сон аст, ки худовандгори бисёр бузург аст»[10]. Баъди овардани чунин иқтибос Франс Кумондт тазаккур дода, ки изади Меҳр Хуршед нест, вале нуру равшанист, ки торикиро нест мекунад, зиндагии шодмониро ба замин ҳадя менамояд, бо гармои анвораш табиатро борур месозад. Ў фармонравои майдонҳои фарох аст, рушду боландагӣ,

нематy баракат, галаву рама ва фарзандони бисёр мебахшад. Обро аз осмон ба сӯи замин ҷорӣ карда, сабаби рӯиши гиёҳ мешавад ва ба ситояндагону бандагони худ тандурустӣ, молу сарват ато мекунад, ҳам ба афзудани дороию сарвати муъминон мекушад ва ҳам баракати маънавиро барояшон ба армуғон меорад, хонаводаи некро бо оромии равонӣ, хирадмандӣ, некномӣ, беҳрӯзӣ ва комёбӣ ҳидоят менамояд ва мавҷиби ҳамбастагию якдилии муъминону ситоишгарони хеш мешавад.

Меҳрпарастон гирду атрофи Меҳрро дар «Меҳряшт» бо ёварону мададгорони ин изадбону чунон печондаанд, ки дар ҳама ҳолат онҳо худои худро аз газанди ҳар гуна воқеъаву ҳаводис эмин нигоҳ медоранд ва ҳамаи мақсадҳои начиби ин изабонуро ба амал мебароранд. Масалан, дар «карда»-и 25, Яшти 10 омада, ки «Меҳр дорандаи даштҳои фарох аз сӯи рости замин дар ҳоле, ки дар гардунааш савор аст, падидор мешавад, Суруш аз сӯи рост ва Рашну аз сӯи чапаш асп метозонад...»; дар «карда»-и 18, Яшти 10 гуфта шуда, ки «пешопеши Меҳр Веретрагна (=Баҳром) ба сурати таҷассуми гуроз бо дандонҳои тез метозад...»; дар «карда»-и 16, Яшти 10 аз дигар ёварони Меҳр чунин нақл шуд: «Меҳр аз барои густариши дини нек худ ба ҳар ҷо фуруд меояд ва фурӯғу фарраш ба сӯи ҳафт кишвар мунташир аст... ва изадоне чун Арти Нек, Перандӣ, Фарри каёнӣ, нируи ҷавви ҷовидонӣ, Домуиш-Унамана ва Фравашии покдинон аз ёрони башуморанд». Ба тараҳи ҷамъбаст дар «карда»-и 10, Яшти 10 омада, ки «ёрони Меҳр ба ҳашт тан бар фарози кӯҳҳо ба манзилаи дидбонони ӯ ҳастанд, кирдори мардумро наззора мекунанд ва ҳеҷ навъ паймоншиканӣ ё дурӯғ ё бадкирдорӣ нисбат ба покдинон аз назарашон дур намемонад...»

Ҳамаи мазмунҳои дар боло нақлшуда дар тасвирҳои девори меҳробаю маъбадҳои митрой, ки Франс Кумондт беш аз 50-тои онро ҷамъоварӣ намуда, дар тадқиқоти худ ҷой додааст, инъикос ёфтаанд. Дар сурати аз назари интиқодӣ баҳо дадон ба ин тасвирҳо, ки гирдоварии онҳо худ як амали шоёни тахсин аст, ба назар чунин мерасад, ки худоёни сершумори табиатгароёна ва ё фариштагоне, ки шояд масдару хостгоҳашон ба дигар худоҳо ва сарзаминҳо мансубанд, барои ба амал бароварданн мақсадҳои худои бузург-Меҳр ҳамчун ёвар ба хидматаш даромадаанд. Ба ин маънӣ «бисёре аз худоён ва аносири асотирии Миср, Бобул, Сурия ва Руму Юнон низ ба хидмати Митра гумошта шудаанд»[31]. Чун меҳрпарастӣ дар Осиёи Хурд ва Юнону Рум ба таври васеъ интишор ёфта буд, дар хулқу хӯи эронию маздоии он таҳаввули зиёде ворид нашуда бошад ҳам, дар ному насаби худоёни фариштагон ва ёварони Меҳр тағъиротҳои ҷиддие ба амал омаданд.

Яке аз масъалаҳои дигари муҳимме, ки муҳаққиқон ба он таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намуданд, нисбати Хуршед ва Митра аст. Дар адабиёти меҳршиносӣ роҷеъ ба ин масъала фикру ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Баъзе

муҳаққиқон Меҳру Хуршедро як чиз медонистанд ва баъзеи дигар байни онҳо тафавут ғузоштаанд. Дар Авестои мутааххир мафҳумҳои Меҳру Хуршед аз ҳам фарқ мекунанд. Ин ду мафҳум минбаъд ба ҳам омехта шуда, манбаъву асоси муштараке пайдо намуданд. Муаррихи юнонӣ Страбон навиштааст, ки порсҳо Офтобро ситоиш карда, онро бо номи «Митрас» мешиносанд, ки бо Апполои румӣ як аст. Муҳаққиқи эронӣ Пури Довуд монандии Меҳру Хуршедро чунин тасвир намудааст: «Хуршеде, ки ба воситаи ашъааи худ ҷаҳонро равшан кунад, ба воситаи ҳарорати худ ғизои ҷонварон ва инсонро назҷ диҳад, касе, ки аз саховати яксони доду диҳиши мусовии хеш Меҳр номида шудааст»[32].

Аз ин иқтибос чунин бармеояд, ки Меҳр ё худ Хуршед дар ягонагӣ дар назари ниёгони мо худое ба шумор мерафт, ки ҳар рӯз гунбади фалакро шикофта, бо гардунаи хеш ба фарози осмон омада, аз он ҷойгоҳ саросари манзилгоҳи ориёиро менигариста, вуҷуди худро ба оламиён менамуда ва шомгоҳон дар раҳлаи уқёнус нопадид мегардид. Он барои инсон ду навъ неъмати азим -- гармию равшной мебахшид, ки манбаъи асосии зиндагӣ ба шумор мераванд. Вале чун инсон дар сароғози таърих қобилияти дарки ин ҳақиқатро надошт, ӯ нурашфонию ҳаётбахшии Хуршедро муъҷиза медонист ва онро ба сурати олиҳаи зебо дароварда мепарастид.

Бо мурури замон ақидаи авлоди башар дар бораи Хуршед тағъир ёфт ва амиқтар шуд. Дар дараҷаи нисбатан баланди тараққиёти ҷамъият инсон нуравфшонию таҷаллии онро мазҳари офариниш дар олами моддӣ медонист, Хуршедро риштаи иртиботи байни падидаҳою ашёи олами моддӣ мешуморид, фурӯғи онро мазҳари ишқ ва пайванди муҳаббат мепиндошт. Тулӯъ ва ғуруби Офтоб маргу рӯъёи растохезро дар тафаккури инсон ба вуҷуд овард. Гармию нури Хуршед тамоми табиатро аз хоби зимистона бедор мекард. Ҳамаи ин ҳодисаҳо боиси ба вуҷуд омадани асотире оид ба зуҳури Меҳр гардид.

Моҳияти ин асотир, ки дар шаклу намудҳои гуногун дар адабиёти динӣ нақл шудаанд, аз он иборат аст, ки таровиши нур аз гунбади Осмон боиси зоида шудани Митра бо чеҳраи фурӯзанда дар руи сахрасанг (GeneratiLve-Rock) гардид. Дар меҳробаҳое, ки то кунун бостоншиносон ба мо муаррафӣ кардаанд, акси Митраро дар канори рудхона зери соя дарахте нишон медиҳанд, ки аз сахрасанге дар ҳоле, ки дар як дасташ кодар ва дар дасти дигараш машъал дошт, зода шуда, ба замин нурпошӣ мекунад. Дар баъзе лавҳаҳои меҳробаҳо кодару машъал дар дасти ду ҷавонс тасвир шудааст, ки онҳоро машъалдорони Митра таъбиру таъвил намудаанд ва якеро «каути» (cauti) ва дигареро «каутопати» (cautopati) меномиданд, ки якҷоя таслиси Митроро ташкил медоданд. Ба ин масъала боз хоҳем баргашт, вале дар ин ҷо бояд қайд кард, ки зоиши Митра аз сахрасанг ягона фикре дар адабиёти меҳршиносӣ набуда.Бино ба маълумоти Абдулазими Ризой

лавҳе низ ёфт шуда, ки Митраро дар ҳоли зоиш аз як дарахт нишон медиҳад. Гуё Митра дар оғоз дар шиками дарахт ҷой гирифта, баъд шохаи шукуфаи Митра монанди гуле аз он мутаваллид шудааст[33]. Дар ҷои дигар муҳаққиқи мазкур боз ба ҳамин масъала муроҷиат намуда, навиштааст, ки ба мавҷиби баъзе нақшҳои меҳробаҳо Митра аз дарахти коҷ сохта шуда, зеро дарахти коҷ ё савр дарахтест, ки вижаи Хуршед ва ҳамешасабзу ботароват аст.Тибқи иттилои ӯ дар нақши митроии дигаре аз дарахти савр се шоха рӯидааст, ки аз ҳар шохае саре намудор аст, ки таҷаллии Митра ва ду машъалдор аст [34].

Муҳаққиқон шерро сумбули оташ, ҷом ё зарфро нишони об ва морро нишони замин медонистанд, ки се унсури аслии обу оташу хокро ифода менамуданд. Саксел (SakseL) дар ин бора навишта, ки дар митробаи Триер (Trier) саҳнаи асли Митра бо ҷо дар васат, шер дар самти чап ва дар сӯи рост «озарахш» ва курра, ки нишони ҳавост ва сахрае, ки нишони замин аст, нақш шудааст. Бархе ҳадс мезананд, ки ин нишони 4 унсури аслии обу оташ ва хоку ҳавост. Вале Саксел бо далоили фаровон ин фикрро мардуд медонад ва мӯътақид аст, ки мор нишонаи Моҳ ё Саома, шер нишони унсури оташ ё рӯҳанд, ки ду унсури аслии мавҷудоти зинда мебошад [35].

Тибки ривояте, ки муҳаққиқон дар тадқиқотҳои худ овардаанд, Митра баъд аз камолот бо нахустин изаде, ки бо он зӯрозмой кард, Хуршед буд. Чун дар ин қувваозмой Меҳр ё худ Митра ғолиб омад ва ҳар ду зотан як маншаъ- нуру равшной-доштанд, бо ҳам паймони дӯстиву ҳамкорӣ бастанд ва пуштибону ёри вафодори якдигар шуданд. Дар Авестои мутааххир Меҳру Хуршед ду эзиди бо ҳам бисёр наздиканд, вале чун Хуршед дар дини маздоии куҳан аз худоёни табиатгароёнаи осмонӣ маҳсуб мешуд, дар ин дини навини ташаккулёфта бар мабнои ҷомеъаи табақотӣ ба изадони ёвари Меҳр табдил ёфт. Ин ҳодиса дар дигар сарзаминҳое, ки митраизм дар он макон интишор ёфта буд, мушоҳида мешуд. Сул (SoL)-худои Хуршеди юнониён ва Ҳелиус (HeLios)-худои Хуршеди румиён ба хидмати Меҳр даромаданд. Дар сарзаминҳои Урупои Ғарбӣ низ шабеҳи ин ҳодиса дида мешуд. Чунин вазъро ба назар гирифта, Ҳошими Разӣ нисбати Меҳру Хуршедро дар оини меҳрпарастӣ чунин ҷамъбаст намудааст: «Меҳр бузургтарин маншаи нур дар ҷаҳон аст, Хуршед мазҳари ӯст ва қурси Хуршед намоди ӯст». Агар гирехи ин иқтибоси муҳаққиқро боз кунем, шояд бо чунин нагиҷа расиданд мумкин бошад, ки ҳақиқати Меҳр, ки манзур аз он хамон вуҷуди худованд аст, хосияти нурро дорад, яъне он худ ба худ пайдост ва вуҷудаш бадеҳист ва ҳеҷ гуна исбот талаб намекунад. Ҳамон тавре ки нур тамоми мавҷудоти олами зулмониро тавассути шуоҳояш равшанӣ ё худ ҳастӣ мебахшад, ҳастии ҳақиқӣ (Меҳр) низ фи нафсиҳи пайдост ва тавассути анвори Хуршед ҷаҳонро равшан месозад ё худ ҳастӣ мебахшад. Дар ин асно Хуршед ҳамчун манбаъи нур намоди Меҳр ба шумор меравад. Дар рӯи замин оташ манбаи нуру равшаной ва гармову

пайки худоён аст ва ранҳои сурху зарду норанҷиву талоии он низ аз ранҳои мансуб ба Меҳр шуморида мешавад. «Аз миёни ҷонварон ҷавитарин ҳайвон-шер мансуб ба Меҳр аст... дар миёни гиёҳон ғунчаи лотус ё нилуфари обӣ ва гули арғувон (ба гуфтаи профессор Ҷексон), гули офтобгардони қадим ва шояд ҳам дарахти хурмо «нахл» мансуб ба ин худо шуда бошад»[36]

Дар «Бундаҳиш» роҷеъ бо офариниши олам омада, ки худои бузург Аҳуромаздо аввал осмонро офарид, сипас аз ҷавҳари он обро офарид ва ҳамаи фаровардаҳои об (барфу борону жолаву туман) ба вуҷуд омаданд.Баъд Замин ва мофиҳо, ки аз ҷинси он аст, ба вуҷуд омад. Пас аз он гиёҳон офарида шуданд ва баъди онҳо гови нару Каюмарс ба вуҷуд омаданд. Чун Аҳриман аз офаридаҳо хабар ёфт, ба олами равшной ҳамла овард ва ба гови нару Каюмарс марг фиристод. Вале дар устураи Меҳр ин маротиби офариниш каме бо тағъир ва ба таври дигар ҷилва намудааст. Дар ҳақиқат гови нахуст офаридаи Аҳуромаздост. Пирӯзӣ ва ғалаба бар гови ваҳшӣ мояи ифтихор ва ҳодисаи саршор аз ғурур буд. Мувофиқи ривояте, ки Франс Кумондт овардааст, Митра гови ваҳширо дар ҷарогоҳе дарёфт намуда, ба он савор мешавад ва гиру дори Митра бо гови ваҳшӣ барои ром кардан зиёд давом мекунад ва оқибат гов таслим мешавад. Вале баъди ин ҳодиса гов гурехтааст. Хуршед тавассути колоғ ба Меҳр пайғом фиристода, ки говро муҷаддадан ба даст биёрад ва онро забеҳ кунад. Митра ҳамроҳи сагаш ба таъқиби гов рафт ва вайро дар ғоре ёфта, бо як даст пузаи говро дошта, ангуштони худро ба сӯрохи бинии ҳайвон дароварда, онро ба самти боло кашида, бо дасти дигараш бо корди худ паҳлуи ҷонварро мешикофад. Ин ҳодиса падидаи шигифтангезеро ба дунбол дошт. Аз колбади гов, ки дар ҳоли марг буд, гиёҳони судманде рӯиданд, аз нахоъ гандум ва аз хуни ҳайвон ток руст, ки аз он нӯшобаи муқаддаси оинӣ ба даст меомад.

Ҳамин манзараи куштан (қурбонӣ кардан)-и гов, бино ба маълумоти Франс Кумондт, дар садаи дуюми пеш аз милод тавассути пайкартароши давлати тозабунёди Пергамон (Pyqgamon) кашида шуд ва аз ин пас нақши Митра дар ҳоли куштани гов дар тамоми меҳробаҳо ва садрҳои шоҳаншоҳӣ ба расмият даромад ва қисмати таркибии суннати оини меҳрпарастӣ гардид[37]

Давоми устура чунин ташаккул ёфта, ки Аҳриман девони бадсиринтро барои табоҳии ин баракат ба сӯи гов фиристод, то сарчашмаи ҳаётбахшро заҳролуд кунад. Мору ақраб ба гов ҳамла карданд, ақраб байзаи говро бо заҳр олуда кард, вале бо ин талошҳо Аҳриман натавонист муъҷизаеро, ки дар ҳоли вуқуъ буд, пешгирӣ намояд. Нутфаи гов тавассути Моҳ пигаҳбонӣ ва сиёнату татҳир шуд ва мавҷиби пайдоиши гунаҳои мухталифи ҷонварони судманд гардид ва саранҷом дар ҳимояти саг-ҳамроҳи вафодори Митра ба

фарози осмон рафт ва дар назди офаридгор осуд. Саг бо ин рӯйдод бо номи Силванус аз он пас нигаҳбони галаву чорпоён гардид. Ба ҳамин тариқ, Митраи говкуш ба василаи қурбонии муқаддас ҳамаи чонварони судманду гиёҳони зиндагибахшро ба рӯи замин сабабсоз шуд ва кушта шудани гов ҳаёти навину боруреро ба вуҷуд овард. Ин ҳаёти борур аз он иборат буд, ки нухстин завҷи авлоди башар (Машйа ва Машйана- Mashya ва Mashyana гибқи риояти маздой) ба вуҷуд омад. Митра ба сарпарастии зиндагиву парокандагии навъи одамӣ баргузида шуд. Аҳриман барои муқобилату нобудии онон бемории тоунро офарид, вале ба ин хостаи худ комёб нагардид, зеро Митраи ҳамеша бедору ҳамеша ҳушёр зиёнкориҳои ӯро беасар мекард. Аҳрмани бадкор хушксолиро офарид, вале Митра пайконе ба дили сахрасанг биафканд ва чашмаи зиндагибахшро тавлид намуд. Баъд тӯфони сахте (Туфони Нӯҳ) ба амал омад, вале бо кишти наели одаму ҳайвоноти судманд начот ёфтанд. Пас аз тӯфон оташсӯзии бузурги ҷаҳонӣ ба амал омад, вале офаридаҳои Ҳурмуз аз ин балоҳо начот ёфтанд ва пас аз он дар замин оромиш ҳукмрон гардид. Аз таслим шудани гов то фаро расидани ҳаёти ороми заминӣ як давраи комили умури офаринишро ташкил медод, ки он бо номи даврони қаҳрамонӣ ва поён ёфтани рисолати заминии Митра ва меъроҷу сууди он ба олами улвӣ дар адабиёти митрой маълуму машҳур гардидааст [38].

Ривояте, ки муҳаққиқи мазкур оварда шояд махлут бо афсонаву устураҳои Митрой дар дигар сарзаминҳо ҳам бошад, зеро маросиму ниёиши Митра дар он ҷойҳо аз маросиму ниёиш дар Маздаясно тафовут дошт ва унсуру ақидаҳои динҳои роиҷ дар Осиёи Сагир ва Юнону Рум омехта шуда буд. Дар Байнаннаҳрайн, Сурия, Мисру Ҳинд ва дигар сарзаминҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ устураҳои ба ин монандро пайдо намудан мумкин аст. Масалан, Абдулазими Ризой мӯътақид аст, ки «дар асотири исландӣ намунаи боризи он (яъне ривояти митрой –Ҳ.М.) омадааст. Ба мавҷиби ин асотир ҳамеша аз куштани як мавҷуди афсонаии ибтидой, ки сурату шамоили инсонӣ надорад, офариниш дар табиат оғоз мегардад. Бар асоси растохези солонаи табиат зеҳни нопухтаи инсони куҳан афсонаҳое сохт, то дигаргунӣ дар табиатро тақлил кунад ва батадриҷ куштани гӯсфанду бузу хурӯс маъмул шуд. Баҳорро қаҳрамон, ҷавон, паҳлавон, зебо ва номбардоре дар асотири қаҳрамониву динии милали куҳан номиданд. Ин қаҳрамонон бо хасоиси ҷавонӣ, гурдӣ, паҳлавониву зебоии беш аз андоза ногаҳон нопадид мешуд ва ин нопадид шудан анвоъи гуногуне дошт, ки як навъи он сууд ба осмон буд. Дар ин ҳангом мардум... ба ёдбудаш маросиме барпо мекарданд, медонистанд, ки ин қаҳрамон баргаштанист ва чуи зимистон сипарӣ ва баҳор оғоз мешуд, ҷашнҳои бушукӯҳи баҳорро оғоз мекарданд»[39].

Аз устураю достонҳои Аттис (Attis), Адонис (Adonis), Осирис (Osiqis), ки аслан худоёни Шарқи Осиёй буда, баъд ба Урупо интишор ёфтаанд,

ҳамин роиҳаи устураи митрой ба машом мерасад ва дар фаъолияту аъмоли ривоятии онҳо рамзи баҳору зимистон, сардию гармй, аз байн рафтани офаридаҳои табиат дар зимистон ва тақдиди онҳо дар баҳорон пиҳон аст.

Чуноне ки аз гуфтаҳои болo бармеояд, вазифаи Митра пас аз қурбонй кардани гов ва фаро расидани ҳаёти ором дар руи замин ба охир расид ва замони меъроҷ, ки он ҳам фаро расидани замони худро мунтазир буд, ба вуҷуд омад. Қабл аз сууд ба шукронаи нирузй мачлисе бо номи «Шоми охир» барои поён ёфтани даврони шурбахтй ва видоъ бо ёронаш орост ва дар он бо хурдани «таоми муқаддас» (қурси нони драон, шароби ҳаома ва ғизое аз гушту хуни гов) пардохтанд. Нақшу тасвирҳои бо кушиши бостоншиносон ба дастомада мазмунҳои гуногун ва ҳолоти мухталифи саҳнаи сарфи ғизоро ҳамвора бо рамзу тамсилҳои гуногуни ирфонй мунъакис намудаанд. Баъди сарфи таоми муқаддас «ва анҷоми аввалин марҳилаи таквини олам Митра» бо гардунаи чаҳораспаи худ ҳамроҳ бо ёваронаш саросари укёнусро тай намуда, ба осмон уруҷ кард. Иллати уруҷаш, бо эҳтимоли қавй расидан ба асли офаридгори олиаш аст, ки он қазияи фалсафй ё чиҳоншиносиро ба дунбол дорад.

Саҳнаҳои ҷанбии аксари митрабаҳо, тибқи маълумоти Ҷалоллудини Оштиёнй, Митраро дар ҳоле ки худои Хуршед уро бар гардунаи худ, ки дар ҳоли ҳаракат савор мекунад, ироа медиҳад. Нишони Митра кулоҳи фаринии махсус ва нишони Хуршед, тоҷи мушаъшаъ бар сару тазиёна бар даст аст. Ва гардуна низ бо аспҳои паррон дар ҳоли сууд ба болост. Тақрибан ҳамаи пажуҳишгарон ин саҳнаро меъроҷ ё сууди Митра ба осмон тавҷеҳ кардаанд. Ин қиссаи сууди худои Замин, ки муддате дар байни мардуми фонй ҳаёт ба сар бурд ва сипас ба суи олами улвй, манбаъи нур, падари олам раҳсипор гардид, дар аксари мазоҳиби асроромези он давр мушоҳида мешавад [40]. Дар «карда»-и 12 «Меҳряшт» роҷеъ ба ҷойгоҳи осмонии Меҳр чунин омада: «Аҳуромаздо аз барои Меҳр бар он қуллаи баланд ва дурахшони Ҳараити Бареза (Haraiti Bareza—кӯҳи Ҳеро, Ҳербурз ё Албурз) зеботарин ҷойгоҳро сохтааст. Дар он ҷой Меҳр нозиру нигарони мардумон аст, дар он маъвои дурахшоне, ки на гармову на сармо, на рузу на шаб вуҷуд дорад ва ҳеҷ гоҳ дар он абр наменишинад ва ин ҷойгоҳи осмониро ба фармони Аҳуромаздо ва Амшоспандону Хуршед фароҳам кардаанд. Саросари ҷаҳони хокиро Меҳр аз ин фарозингоҳи осмонй зери назар дорад ва ҳар гоҳ марди бадкуништ бар хилофи ростй ва оину паймондорй амале анҷом диҳад, Меҳр бо иттифоқи Суруш ва изади Наирио Сангҳа (Nairyo Sangha) гардунаи худро ба ҳаракат дароварда, паймоншиканро ҳар кучое, ки бошад, ба кайфар расонад».

Ба ибораи дигар, кору вазифаи муҳимми у ҳамчун як изади офаридгор нигаҳбонй ва барқарории назму низоми олами гетй буд, зеро, аввалан, муборизаву пайкори некиву бадй ҳамчунон идома дошт, сониян, чун дар

оини меҳрпарастӣ бовар ба зиндагии пас аз марг ва тасаввуроти идомаи ҷавҳарии зиндагӣ дар ҷаҳони пасин вуҷуд дошт, Меҳр арвоҳи пайравони худро барои гузаштан аз табақоти ҳафтгонаи гунбади сипеҳр раҳнамой ва аз онҳо мувозибат мекард. Қабл аз он ки сайри равони инсонро пас аз тарки колбади ҷисмонӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем. чанд нуктаи ҷолиби диққатро дар ин ҷо хотирнишон намудан зарур аст, зеро масъалаҳое вуҷуд доранд, ки бе донистани он таҳлилу баррасии минбаъда яктарафа ва ноқис хоҳад буд.

Нуктаи аввал ба худи рамзи гов тааллуқ дорад. Маълум аст, ки чӣ дини зардуштӣ ва чӣ дар оини меҳрпарастӣ гов аз офаридаҳои нахустини худоёни бузург аст, вале он воқеъан гови ҳақиқист ё дар паси пардаи офариниши он рамзу розҳое ниҳон аст, ки боз намудани гиреҳи пурпечу тоби он вусъати бениши хонанда ва уфуқи диди ӯро фарохтар мегардонад. Ба баррасии ин масъала олимони Шарқу Ғарб чандин сол боз машғуланд ва ба баъзе хулосаҳои ҷолиби диққат низ расидаанд. Абдулазими Ризой зимни баррасии оини меҳрпарастӣ куштани говро ҷазб намудани нирӯву қудрати ҳайвони забеҳшуда мепиндорад. Бобаки Олихонӣ рамзи гов дар матнҳои атиқаи авестоиро як рамзи асосӣ медонад, ки дарки мазмунҳои он дар баъзе тариқатҳои ирфонии Эрони бостон ба мисли меҳрпарастӣ нақши барҷаста дорад. Ӯ зимни баррасии ин масъала ихтилофи шадиди муҳаққиқони ҷаҳонро низ оварда, қайд намудааст, ки Ҳанс Петер Шмидт (Hahnes Peter Schmidt) ва Ислер «гов дар нусуси гоҳониро истиораи «Даэна» ба маънии бениши дарунӣ ва ё «храту» ба маънии хирад донистаанд. Бо таваҷҷӯҳ ба порчаи 3,4 Ясени 46 гови нарро ба хиради сушиёнсҳо ва гови модаро ба диди дарунӣ гатбиқ намуда, Шмидт дар ҷаҳон мавҷуд будани ду рамз-рамзи гови нар ва модаро нишон додааст. Вале Ислер ин ду рамзро напазируфта, фақат мавҷуд будани як рамз -«Даэна»-ро таъкид намудааст. Бобаки Олихонӣ раъйи ин муҳаққиқони Ғарбро як навъ таъбиру таъвили анфусии рамзи гов ба қалам дода, говро ҳақиқате дар даруни нафси худи одамӣ пиндоштааст. Вале ӯ ҳамвора қайд карда, ки «донишмандони дигар монанди Комрун ё гурӯҳе аз порсиён монанди Торопурвала, ки Мери Бойс ҳам раъйи шабеҳи орои эшонро изҳор кардааст, рамзи говро таъбири офоқӣ кардаанд. Ин гурӯҳ говро рамзи халоиқ медонад ё рамзи некӣ, ки дар ин олам аз дасти бадӣ ситам мебинад»[41]. Ин пажуҳандаи эронӣ ба ҷуз ин ду рамзи анфусиву офоқӣ як рамзи аз назари ӯ амиқтари мобаъдуттабиии рамзи гов низ вуҷуд дорад, ки он Спента Армаити (пракрити—Лавҳи маҳфуз) донистани гов мебошад. Ин маънӣ дар навбати худ маъниҳои дигареро ба дунбол дорад, ки он дар баҳси оини зардуштӣ хоҳад омад.

Эҳсон Табарӣ зимни баррасии оини меҳрпарастӣ ба радди пои Меҳр дар таърихи Эрон гаваҷҷӯҳи хосса намудааст. Ӯ зимни баёни шабоҳатҳои ин оин бо тасаввуроту андешаҳои исломӣ назари худро ба тариқи савол

чунин иброз медорад: «Оё дарвешиву риндӣ дар кишвари мо танҳо пас аз ислом падид шуд ва ё ирфон дар таърихи мо дар колбади меҳрпарастӣ собиқаи дерин надошт? Оё мафоҳими ишқ фаязону таҷаллӣ, паймонди умумии саросари ҷаҳон дар варои «кибриё» ва ниёзи ҳама ба ҳама дорои решаҳои меҳрпаарстӣ нест? Оё гасодуфист, ки дар ғазолиёти ирфонии Мавлавию Ҳофиз ин ҳама аз нуру партаву таҷалӣ ва зарраи Хуршед ба мусобаи киноя̀ҳо ва рамузи хокӣ ва ваҳдати вуҷуд сухан ба миён аст? Оё мароҳили сулуки суфиён ва вожаи «пир», ки аз мақомоти ҳаштгонаи меҳрпарастӣ буд, татаввуре аз муъҳаҷидоти меҳрпарастон нест? Ба назари нигоранда ҳамаи ин саволҳо дархури тааммуқ ва сазовори пажуҳиш аст…»[42]

Нуктаи дуюм ба омӯзаҳои ҷаҳоншиносии меҳрпарастӣ мансуб аст, ки аз нукоти фавқ сар мезанад ва шояд ҳам давоми мантиқии он ба шумор меравад. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки инкишофу густариши оини митрой афкору ақоиди мавҷуд дар масирашро ба худ ҷазбу ҳамоҳанг кард. Суруду ниёишҳои «Меҳряшт», ки дар Авестои мутааххир хулқу атвори маздаясноро доштанд, бо шеваҳои тамсилӣ оро дода шуданд, боварҳои митрой аз ақидаҳои мактабҳои фикрии Шарқи Миёна, аз ҷумла равоқия, ки қудрати илоҳиро дар ҷаҳон ҳокиму сояафкан дар тамоми коинот меҳшуморид ва онро хиради каиҳонӣ (Lodos) ё худо (Teos) ба қалам дода, бархурдории нисбии инсонро аз ин қудрат имконпазир медонист, шодоб шуда буданд. Бисёр мазмунҳои фикрии эронӣ аз тамосҳои мустақим бо ақидаҳои офариниши бобулӣ ва иртиботи бевоситаи олами улвию сифлии келдонӣ, ҳамчунин дигар ақидаҳои суриёнию искандаронӣ ғизои маънавӣ гирифта, ба масъалаҳои розомезу номафҳуми матнҳои меҳрпарастӣ шарҳу тафсирҳои мантиқӣ доданд, ки ин ҳама бунёди изадшиносии оини меҳрпарастиро то андозае тағъир дод. Аз ин ҷост, ки Мери Бойс зимни баррасии оини меҳрпарастӣ созмони дохилии омӯзаҳои онро ба назар гирифта, навиштааст, ки митраизмро маъмулан «кише медонанд, ки печида ва асроромез, оғушта бо илму дониш, кише, ки улуму иттилооти ҷомеъаи дунёи юнониву румии садаи дуюми мелодиро ҳамроҳ бо илми аҳкому нуҷуми такомулёфта ба кор мегирифтааст, то боварҳо ва ақоиди худро дар поя̀ҳое аз маънову пардаҳои наму ноз пинҳон кунад»[43].

Ҳамин мазмунро ба таври образнок ва хеле дақиқ Франс Кумонт қайд намуда. Ӯ навишта: «Барои пажуҳандагоне, ки дар садаи бунёди шиносоии ин оин (яъне меҳрпарастӣ-Ҳ.М.) ҳастанд, коре ҳамчун амалкарди як заминшинос аст, ки аз бурриши арзӣ қишрҳову лояҳои русубшударо ба ҳамон тариқе, ки таҳнишин шудааст, мутолиа мекунад. Лояи зерину куҳани ин навъи баррасӣ шинохти боварҳои деринаи Эрони бостон мебошанд, ки ин оин аз он реша гирифтааст. Дар Бобул бар руи ин куҳнатарин лоя русуби пуртавон аз боварҳову маросимҳои сомӣ қишр баст. Ва бар руи ин лоя

русуби дигар аз боварҳову афсонаҳои ақовми сокин дар Осиё Сағир русуб кард. Саранҷом бар рӯи ин заминаи ҳосилхез дарахте русту болид аз бунёдҳои эътиқодӣ ва одобу маносики юнонимаобӣ, ки решаву сиришти ростини онро аз дида пинҳон мекунад»[44].

Дар «карда»- ҳои 31 ва 32, Яшти 10 Авестои мутааххир роҷе ба гардунаи чаҳорасни Меҳр , ки тавассути он Митра ба олами миной сууд кард, сухан рафта ва дар бораи ҷангафзорҳои Меҳр ва аспҳои сафеду якранге, ки аробаи Меҳрро ба манзилгоҳи осмониаш мерасонад, маълумот оварда шудааст. Ин гардунаи чаҳорасп, ки ҳар рӯз мадори осмонро мепаймояд ва шомгоҳон дар паҳнои уқёнус нопадид шуда, саҳаргоҳон бо бонги розомези хурӯс аз навъ дар густурдаи осмон пайдо мешавад, чиро ифода мекунад? Агар ба сурати хело содда ин масъаларо арзёбӣ кунем манзур аз осмон ҳамон аҳкоми нуҷуми минтақатулбурҷ ва ҳафт ситора мебошад, ки ба ибораи дигар фалакулафлок меноманд. Он аз маҷмӯъи ҳафтгонаи курроту суратҳои муҷарради фалакӣ иборат буда, дорои ҷозибаҳои маънавию рӯҳонист. Соликони митровӣ ё худ муғони он барои расидан ба мабдаъи аслии рӯшной, ки бо гардунаи чаҳораспаи худ уруҷ карда, ба моварои фалакулафлок қарор гирифта буд, ки ин ҳафт фалаки гунбади сипеҳр ё худ ҳафт табақа ё водиро тай бояд намояд ва дар ҳар табақа рӯҳи инсонӣ аз дилбастагиҳои моддии марбутаи худ раҳой ёфта, дар охирин табақа ба ҳадди камол хоҳад расид. Масъалаи убури рӯҳ аз табақоти ҳафтгона дар зер мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт, вале қабл аз он ба ду нуктаи аз назари мо ҷолиби диққат бояд равшанӣ андохт. Нуктаи аввал ба он марбут мешавад, ки ҷойгоҳи Меҳр баъди уруҷ дар кадом қисмати олами улвӣ хоҳад буд?

Барои ба ин масъала ҷавоб додан бояд ба маълумоти Плутарх рӯ овард. Ӯ навишта: «Аҳурамаздо дар қаламрави рӯшноии бепоён бо фосилае аз Хуршед, ки ба андозаи фосилаи Хуршед ба замин аст, фармонравой мекунад. Аҳриман дар қаламрави торикии мутлақ ҳаёт ба сар мебарад ва Митра дар ҳадди фосили ин ду қарор дорад»[45]. Бар мабнои ин иқтибос метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки ҷойгоҳи Меҳр ё худ Митра поинтар аз ҷойгоҳи Аҳуромаздо ва болотар аз олами гетист ва, аз ин сабаб, ба Меҳр «Митраи миёнҷӣ» ном ниҳода буданд. Дар назари аввал масъала бисёр содда аст, вале агар ба ин ҳодиса нек назар кунем, маълум мегардад, ки Меҳр ҳамчун худои оини меҳрпарастӣ мақому манзалати поинтар нисбат ба Аҳуромаздо дорад, ҳарчанд ки Хурмузд дар «Обняшт» гуфта, ки Меҳрро ҳамсони худаш, офаридааст. Аз ин нуқтаи назар, дар олами фимобайни носуту малакут ё худ «олами мисол» (« мусули афлотунӣ») қарор дорад.

Нуктаи дуюм гардунаи чаҳораспаи Митра, ки доиман дар масири абадии худ бо назми муайяне чархиш дорад, вобаста аст. Ин ҷо асли масъала дар он зоҳир мегардад, ки замин ҳамчун бахшояндаи маводи ғизой мазҳари

ҳақ аст ва зояндагии он аз рутубату намнокӣ мазҳари об мебошад. Бодӣ чаҳоргонаи фаслҳои сол мазҳари унсури сеюм ва Хуршед мазҳари унсури чаҳорум буд. Аз ин чаҳор унсур ду унсури аввал-хок ҳамчун Замин Модар ва об ҳамчун манбаъи ҳосилхезӣ ва зояндагии табиат аз давраҳои оғоз ини таърих муқаддас дониста мешуд ва мавриди ситоишу писиши қарор гирифта буд. Ду унсури дигар—оташу бод низ ба мавҷиби ба вуҷуд омадани гармову сармо, туфону оташсӯзӣ ва хушкӣ, ҳамчунин нашъу намои табиат дар баҳор ва мирандагии он дар зимистон қудсият пайдо намуда буданд. Ва ин ҷаҳон бино ба бунёди дониши физикии бостон, аз ин чаҳор унсур пайдо шуда, дар ҳолати қудсӣ дар дасти худоён қарор гирифта буданд. Дар мавриди меҳрпарастӣ манзур аз чаҳор аспи гардуна ҳамин чаҳор унсури қудсӣ (аспи аввал таҷассуми Хуршед ё оташ, аспи дуюм киноя аз бод, аспи сеюм намоди об ва аспи чаҳорум намудори хок), ки ба сабаби муқаддас буданашон дар назди Меҳр ва ҳамроҳ бо ӯ амал мекарданд ва ҳама вақт дар чархиш ё таҳвилу таҳаввул ва таарруз бархӯрд қарор доштанд.

Ба ибораи дигар ин чаҳор унсур танҳо аносир ё аҷсоми табиӣ шинохта намешаванд, балки ба онҳо сиришту намоди худогуна дода шуда буд «ва дар шакли ҷалипои таркиби аносири чаҳоргона чархи офаринишро мегардонд». Барои он ки мазмуни гуфтаҳои фавқро бештар дарк намоем, ба суханони Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ дар додгоҳ бояд муроҷиат намоем. Дар сеюмин ҷаласаи додгоҳи Ҳалаб вақте ба Сӯҳравардӣ савол медиҳанд, ки гови забеҳшуда чи робитае ба киши Меҳр дорад, Шайх Ишроқ чунин посух дода: «Дӯстон ва туллоби арҷманд, ки дар ин додгоҳ ҳастед, бояд бидонед, ки оини Меҳр пур аз рамзу асрор аст. Митра нигоҳбони кишгзорҳову бӯстонҳост, номаш дар канори гови муқаддас чи ба рамзу намод ва чи ошкор омадааст. Ташрифоти муҳим барои тозакориҳои таъмиди вай бо хуни гов аст, ки қурбонӣ мешавад... Гови муқаддас рамзи вуҷуди Митра мебошад, ки мекушад то дубора зинда шавад. Митра говро мекушад ба хотири раҳоии одамиён, баракати замин ва афзоиши хурданиҳо ва неъматҳо. Бад-ин ҷиҳат Митра худро мунаҷҷӣ меномад «сушиён». Ман меҳроин нестам, аммо ба асрори гузаштагону ниёгони асотирӣ, ки пур аз ирфони амалӣ, ахлоқӣ ва оинист, таваҷҷӯҳ дорам, бавижа ба сайру сулуки ошон. Гов дар навиштаҳояш нафси амора аст. Тасаллут бар нафс, маҳор кардани он ва ба қурбонгоҳ кашиданаш барои ҳар солик зарурист. Нафс аждаҳост, куштани гов рамзест бар пирӯзӣ бар нафсопиёт ва оғози раҳоиву уруҷ, хоҳишҳои нафсониро бояд ба сӯе гузошт. Ҳар кас бар гови нафси амора фоиқ омад ва ӯро кушт, бешак равонаш ба сӯи кушгураҳои арш парвоз мекунад. Оқоён, ман ҳам файласуфам ва ҳам ориф. Дар мавриди меъроҷи Митра бо гардунаи чаҳораспа Афлотун дар рисолаи «Муколамаи Фоидрус» ба ин нукта ишора менамояд, ки рӯҳ худ чун аспи гардуна баста ва болдор аст, ки ҷиҳати расидан ба иқлими равшаной метавонад

уруҷ кунад. Чун ба назари Афлотун (уруҷ) аз лавозимаи зотии рӯҳ аст, ҳадаф аз парвози рӯҳ, ба ақидаи бисёре аз фалосифа ва урафои бостон уруҷи равон аз сарзамини нодонӣ ба осмони маърифат аст ва ҳақиқати мутаол дар он ҷост»[45]

Масъалаи таслис, ки қаблан ба он ишора шуда буд, дар оини меҳрпарастӣ ҷой дорад. Зеро таваллуди Меҳр бо кодару машъал, ки баъдан ба сифати ду машъалдори алоҳида дар меҳробаҳо тасвир шуда, яке аз онҳо дар тарафи рост, дигаре дар тарафи чапи Митра ҷой гирифта, ки яке аз машъалҳо ба сӯи осмон нигаронида шуда, ки киноя аз тулӯъи офтоб ва дигаре ба сӯи замин сарозер буд, ки киноя аз ғуруби Офтоб мебошад. Худи Митра дар миёни Хуршед аст ва дар миёни Осмон медурахшад. Абдулазими Ризой баъди овардани чунин иттилоот навишта, ки Денис Ареопагит (Denis Areopagie) ҳанӯз дар садаи чаҳоруми милодӣ нигошта, ки «Митра ва ду худои ҳомил, ки машъал дар даст доранд, худоёни сегонаи меҳрдинонанд». Гузашта аз ин, дар матнҳои Авестой ва паҳлавӣ Меҳр ба унвони довар дар идомати зиндагии равонҳо ва санҷиши аъмол дар рӯзи вопасин ба қалам дода шудааст. Агар ба ин уруҷу сууди Митраро бо Суруша ва Рашну (Сул ва Ҳелус) ҳамроҳ кунем, воқеан таслиси оини меҳрпарастӣ ба назар намоён мешавад. Таслиси дигаре низ дар замони баъди Селевкиён, хусусан дар аҳди Ашкониён дар шакли Меҳр-Ноҳид-Баҳром роиҷ буд, вале ин таслис парастиши яксони се оин дар як бӯъди замонӣ ба шумор мерафт. Таслиси худи Меҳр бо машъалдоронаш комилан ба таслиси масеҳият монанд аст. Барои исботи ин монандӣ аввал ҷиҳатҳои муштараки ин ду оинро қайд намудан зарур аст. Ҳамон тавре ки муҳаққиқон қайд намудаанд «пайравони ҳар ду оин маросими ғуслу шустушӯ барои татҳири намодин доштанд ва бо навъи тақрибан муштарак барои муборизо бо арвоҳи хабиса ва аъмоли аҳриманӣ касби нируи маънавӣ мекарданд ва дар ширкат дар «шоми худованд» ё « ашоаи раббонӣ» ва ҳамбаҳра шудан интизори ростгорӣ ва фалоҳ доштанд. Рӯзи якшанбе барои ҳар ду муқаддас ва мавриди такрим буд». Абдулазими Ризой ба масоили таъсири оини митрой ба масеҳият махсусан «ғусли таъмид», ки баъдан то Ҳинду Тибету Руму Юнону Миср густариш ёфта буд, таваққуф намуда, онро аз русуми қадимаи ориёиҳо медонад, ки дар меҳробаҳо ва оташкадаҳои эрониёни пеш аз Зардушт тавассути муғон анҷом мешуд. Ӯ бо истинод ба Диогени Лаерти ривоятеро оварда, ки дар Руминия ғусли таъмид нишони озод шудани гуноҳон ва таваллуди муҷаддад ба шумор мерафт, дар Шветсия ва Норвегия ин расм анҷом мегардид, дар миёни қабилаҳои олмонӣ ҳамин расм маъмул буд ва ҳатто дар Мексика он ба хубӣ мушоҳида мешуда. Бо таваҷҷуҳ ба мисолҳои сершуморе, ки дар тадқиқоташ дар бораи амали ғусли таъмид оварда, ба чунин натиҷа расида, ки «оини масеҳият аз киши митрой мутаваллид шудааст» ва «асоси таслиси масеҳият низ мубтанист бар таслисҳое, ки аз

ҳиндуёну эрониён гирифта шудааст»[47]. Франс Кумондт нит шабоҳатҳои оини митрой ва масеҳиятро, ба ҷуз ғусли таъмид, дар соҳаи ахлоқӣ (низому қонунҳои идора ва ҳамбастагии пайравон), порсоию парҳезкорӣ, муборизаи бо ҳавою ҳавасҳои нафси амора ва риёзат дар маросимҳои мухталифи сайру сулук, таквини ҷаҳон ва сиришту сарнавишти инсон, биҳишту дузах ва подошу иқоби ухравӣ қайд намуда, нақши миёнҷӣ ё восити байни офаридгору олами моддӣ будани Митра ва Исои Масеҳро махсусан таъкид кардааст.

Ҳамон тавре ки қайд шуд, ҷойгоҳи Митра поинтар аз ҷойгоҳи Аҳуромаздо ва болотар аз олами зулмонист. Ба ибораи дигар, Митра ба унвони як воситаи миёнӣ шинохта шудааст, ки ба «Логос» ("Logos")-и искандарониҳо қобили муқоиса аст ва Митраи Миёнҷӣ Mediator (ҳамон Изис/ Осирис, ки Плутарх онро mesites таъриф карда ва дар боварҳои зарвонӣ, маздой ва монавӣ низ бо ҳамин симмат шинохта мешавад) ҳамон лақаб ва вазифа аст, ки ба Исои Масеҳ низ муҳаввил аст. Масеҳ низ миёнҷӣ аст, миёнҷии миёни падари осмонӣ CeLestial Father ва мардум[48].

Агар ба ин шабоҳату монандиҳои ду оин монандиҳои маъбаду меҳробаҳо ва колисо, махсусан таъбиру таъвили калисоии «шоми муқаддас» («таоми муқаддас»), меъроҷи худованд, зоиши Митра аз сахрасанг ва сахрасанги калисо ҳамчун нишони қудрати Исои Масеҳ ва масъалаи ғоре, ки Митра дар он аввалин қурбониро анҷом дода ва ғоре (байт-ул-лаҳим), ки дар он Исо Масеҳ таваллуд шуда, ба гуфтаҳои боло ҳамроҳ кунем, назари Абдулазими Ризой дар бораи аз оини митрой таваллуд шудани масеҳият то андозае дуруст ба назар мерасад.

Вақте Меҳр рисолати худро дар замин ба итмом расонд ва ба осмон сууд карда, дар радифи Аҳуромаздо қарор гирифт, вазифааш ҳамвора боқӣ монд. Фикру зикри ӯ дар ҳамон олами миной ба беҳбудиву растгории аҳли башар равона шуда буд, ба онҳо кӯмак мекард, дасти ёрӣ ба мардумон ва муъминони митрой дароз менамуд то онҳо битавонанд ба ҷойгоҳи нур ва оромиши мутлақ бирасанд. Аз ҳамин нукта шариати меҳрпарастӣ, ки роҳу равиши ибодату намоз ва маҷмӯъи ниёишҳои пайравони оини меҳрпарастӣ зиёд буданд, вале онҳо то замони мо омада нарасидаанд, сар мезанад. Танҳо тикка пораҳое, ки то имрӯз боқӣ мондаанд, ҳамон қисматҳои Готҳо ва сурудҳои ниёишии маздаясно ва меҳрпарастӣ мебошанд, ки юнониён баъди тасарруфи Эрон ба забони юнонӣ баргардонда буданд ва ба ҳамин сабаб ҳам оини меҳрпарастӣ дар Юнон ва мағрибзамин муддати тӯлонӣ ба забони юнонӣ амал мекард.

Аз марҳилаи ҳафтгонаи меҳрпарастӣ маълумоти ночизе боқӣ мондааст. Тибқи маълумоти меҳршинос Франс Кумондт Ҷеромси қадис (St. jerome) ва матолиби парокандае, ки катибаҳо онҳоро таъйид кардаанд, бархе аз одобу аҳкоми меҳрпарастиро то андозае метавон таҷдид кард.

Мувофиқи маълумоти муҳаққиқи мазкур ҳар як пайрави ин оин барои аъзоги ба оини Меҳр ё худ аҳли рози ин оин шудан ҳафт марҳиларо бояд тай кунад. Номҳои ин мароҳилро ҳамаи муҳаққиқон тақрибан як хел ва ба таври зайл ба қалам додаанд: калоғ (Calox), пушида (Cryphius-ё каргас шакли таҳрифшудаи калимаи юнонии Grops), сарбоз (MiLes), шер (Leo), порсӣ (Perses), пайки Хуршед (HeLiedromus) ва падар (Pater). Зимни ин мароҳили сайру сулук, ки ҳар як маъмулан ба ситорае нисбат дода мешавад, тазкияву табъияи рӯҳ аз дилбастагиҳои моддиву зулмонӣ сурат мепазирад ва равони инсон татҳиру пок гардида, ба манзилгоҳи нури мутлақ ё сарзамини равшной мешитобад ва ба он васл мегардад. Ҳар марҳила машаққату душворӣ ва шиканҷаҳои зиёде дорад, ки танҳо баъзе баргузидагони ин роҳи ҳақиқат бо кӯшишу ғайрату порсой аз имтиҳони сахти силсилаи маротиби ҳафтгона гузашта, ба фурӯғи ҷовидонӣ расиданашон мумкин аст. Агар ба ин ҷиҳати аҳкому таълимоти меҳрпарастӣ нек назар кунем, мушоҳида хоҳад шуд, ки дар ин бӯъди замонӣ чунин ақидаҳои дорои унсурҳои ирфонӣ дар натиҷаи инкишофи афкори равоқию ақидаҳои гностикӣ ба мисли изидҳо, суббиҳо, эсенҳо, мугтасила, эпикуриёни ҷадид ва навафлотуния арзи вуҷуд намуда будан, ки онҳо баъдтар дар анъанаҳои зардушиву монавӣ бештар интишор ёфтанд. Роҷеъ ба ин марҳилаҳо муҳаққиқон назари яксон доранд ва ихтилофи назари ҷиддие мушоҳида намешавад. Дар зер мухтасари ин назарҳо ба хонандагон ироа хоҳад шуд.

Мақоми аввал калоғ ва киноя аз унсури бод аст, ки Фарфориус (Порфирий) шахсони ба ин мақом воридшударо хидматгузорони меҳробаҳо меномурад. Онҳо пайравоне буданд, ки мехостанд ба дини меҳрпарастӣ биҳароянд. Ин аввалин зинае буд, ки дар ҳузури падари муқаддас анҷом мегирифт ва шахси гароянда аввал маросими ғусли ғаъмидро ба ҷо меовард. Ин маросими ташрифотиро «Корвина» («Korvina») ё «Корасина- Сакра» («Corasina-Sakra») меномиданд. Он чунин сурат мегирифт: аввал қурбониро дар канори зарфи сӯрохдоре сар мезаданд, дар зери он зарф шахсҳои таъмидшаванда меистоданд, аз хуни ҳайвони қурбоншуда таъмид меёфтанд ва худро ба воситаи хӯрдани нону шароб бо ҷисму тани худованди Меҳр дармеомехтанд. Шароб аз равғани гови қурбоншуда ва шираи «Ҳаома»тайёр карда мешуд ва ҳар касе, ки ин шаробро меҳӯрд, пайрави оини меҳрпарастӣ шинохта мешуд. Аз ин пас пири муқаддас ӯро ба унвони калоғи муқаддас ном мебурд ва ин он мазмунро дошт, ки шахси гараванда расман вориди силсилаи маротиби сайру сулук гардидааст.

Мақоми дуюм каргас ё пӯшида ном дошт. Дар ин марҳила низ намоиши хоси маросимӣ сурат мегирифт ва онро бештар ба унвони «пушида» ном мебурданд, ки шояд аз назари дигарон пинҳонӣ анҷом додан ва фаро гирифтани таълимоти лозима барои расидан ба марҳилаи баъдии сайру сулук бошад. Абдулазими Ризой ин марҳиларо ба иттиҳоди холиқу

махлуқи суфиён баробар медонад. Баъди дар меҳробаҳо хондани сурудҳои динӣ дар охир занг ё худ садои «ноқус» баланд мешуд. Дар ҳақиқат дар оташкадаҳои зардуштиён навохтани занг маъмул буда, ки баъзан ба Ҳиро низ интишор ёфтааст. Шароби мавриди истифода «ҳаома» буд, шаҳе чуи ин гиёҳ дар Урупо пайдо набуд, бар мабнои он, ки ҳангоми зодани Митра аз сахрасанг дар дасташ хӯшаи ангур буд, бо шароб иваз намудаанд.

Мақоми сеюм мансуб ба сарбоз ва он киноя аз унсури об буд. Дар «карда»-и 3 «Меҳряшт» омада, ки «ҷанг оварон барои касби пирӯзӣ дар майдони ҷанг бар пушти зин дархости ниру ва пойдорӣ мекунанд, то ба пирӯзӣ расанд». Ин иқтибос, чуноне ки пажӯҳандагон мунсифона қайд кардаанд, ба он ишора мекунад, ки ҷанговарони меҳроин ҳамвора пирӯзиро азони худ медонистанд. Вале ин нируи рӯҳ зодаи эътиқоде буд, ки Меҳру ёронаш дар канори онҳо меҷангиданд ва онҳоро ба пирӯзӣ мерасонд»[49]. Франс Кумондт сарбозро «гурӯҳи нируҳои пайкоргари худовандгори шикастнопазир, ки ба фармони ӯ бо нируҳои аҳриманӣ набард мекарданд»[50], ба қалам додааст. Аломаташон кулабор, кулоҳи махсус ва найза буд ва маъмулан онҳо дар ду ҷабҳа дар набард буданд: барои нигаҳбонии ватану кишвар аз ҳуҷуми душманон ва ҷангу ситези шадид бо қувваҳои шар ва офаридаҳои аҳриманӣ.

Гузаштан ба ин мақом дорои ташрифоти мушкил ва озмоишу имтиҳонҳои вазнин аз қабили дар гӯр хобидан, гуруснагиву ташнагиро таҳаммул кардан, бо гург дарафтодан, бо пои бараҳна рӯи барфу ях гаштан ва аз тарсу ҳарос раҳидан буд. Пас аз ин имтиҳонҳои сангини маросими савгандёдкунӣ ё аҳду паймон бастан бо Митра сурат мегирифт, ки онро «Сакраментум» («Sacramentum») меномиданд. Он дар ҳузури пайравони Меҳр ва мубад ё худ падар анҷом мешуд ва моҳиятан аҳду паймони вафодорӣ ба оини Меҳрро ифода мекард. Дар Авестои мутааххир дар бораи он паймоншиканиҳо, ки аз тарафи Меҳр ҷазо ва кайфар дода мешавад, ба ҳамин паймони вафодорӣ ба оини Меҳр дар назар дошта шудааст. Мувофиқи маълумоти Муҳаммади Рашшод истилоҳи ёдшудаи лотинӣ баъдан дар шакли «Сакрамент» («Sacrament») бо ҳамон мазмуни аслӣ ба дигар забонҳо интишор ёфт. Дар ин маросими савганд сарбоз Митраро ягона тоҷи худ эълон мекард ва дар пешонааш муҳри унвони силоҳӣ зада мешуд. Дар зинаҳои пасти маротиби сайру сулук меҳрпараст либоси оддӣ дошт, вале дар се зина ё худ марҳилаи охирин он ӯ либоси махсус ба бар мекард.

Марҳилаи чаҳорум мансуб ба шер ва он киноя аз оташ аст. Нақшаи шер дар маъбаду меҳробаҳо ва рӯи сангҳо дар канори Митра манқуш шуда буданд. Ин марҳила низ озмоишоту имтиҳонҳои ҷиддие дошт, вале онҳо на риёзатҳои баданӣ, ки дар зинаҳои қаблӣ вуҷуд доштанд, балки риёзатҳои равонӣ, шоистагиҳои ахлоқӣ ва муносибатҳои зеҳние буданд, ки ба фаҳми

асрори розомези оини митрай равона шудаанд. Ин рамзро муҳаққиқон чунин тахмин намудааанд, ки дар рӯзи вопасин оташсӯзии бузурге рух хоҳад дод, ки дар он ҳамаи нопокон сӯхта нобуд мешаванд, вале покону бегуноҳон осоиши абадӣ пайдо хоҳанд кард. Бинобар он бояд ба дини меҳрпарастӣ гароида, марҳилаҳои онро тай намуд, аз асрору розҳои он мутталеъ шуд ва ҳаёти ҷовндониро интихоб кард. Чунин муносибат ҳам барои ин дунёи зулмонӣ ва ҳам барои фардои ухровӣ зарур ва илзомист.

Мақоми панҷум-порсой ва он киноясст марбут ба табиату рӯидани гиёҳон ва ишора ба хостгоҳи аслии оини меҳрпарастист. Дар адабиёти митрой озодию озодагӣ ва шучоатро яке аз хислатҳои эронии ориёӣ медонанд ва, аз ин рӯ, ин мақомро меҳрдинон порсой номидаанд. Дар ин мақом маросиме барпо мешуд ва меҳрпарасте, ки ба ин мақом мерасид, бо асал дастонашро ҳамчун хайру барака ва сарвату неъмат пок карда, ба сараш кулоҳи махсусе, ки Митра бар сар дошт, мепӯшониданд. Яке аз нишонаҳои онро муҳаққиқон ҳилоли Моҳ ва дост медонанд, ки ҳар ду ба дараву даравгарӣ мансуб буданд ва, умуман, ҳамаи динҳои оғозини таърих ба масъалаи кишту кор ва беҳтару хубтар шудани хоҷагидорӣ равона шуда буданд. Танҳо бо инкишофи сохти табақотӣ ва ба вуҷуд омадани шаҳрҳо ва империяҳои Аҳди бостон зеҳни инсон тараққӣ намуда, динҳои натуралистӣ умури ақидатӣ ба худ касб намуданд ва худоҳои худро аз олами гетӣ ба олами миной интиқол ва мақому манзалати онҳоро тағъир доданд.

Мақоми шашум мансуб ба Хуршед аст ва ишора ба ҳамон дӯстиву паймони Меҳр бо Хуршед баъди қувваозмоии нахустин мебошад. Шахси ба ин мақом ноилшударо пайки Хуршед меноманд. Робитаи Меҳру Хуршед он қадар бо ҳам наздиканд, ки Меҳрро партави Хуршед низ номидаанд. Дар асотири румиён Хуршедро Сул ва афсонаҳои юнониён онро Ҳелиус меномиданд ва зимни дар Ғарб интишор ёфтани меҳрпарастӣ бо ҳамин номҳои юнониву румӣ маъмулу машҳур гардиданд. Ва ин мақом дар меҳрпарастони румӣ номи «Ҳеллиодрамус» («HeLiodramus»-ро ба худ гирифта буд.

Охирин ва волотарин мақом дар силсилаи маротиби сайру сулуки оини меҳрпарастӣ «Падар» номида мешуд. Баъдан он «Падари падарон» ва дар Ғарб «Петер» номгузорӣ шуд, ки сарпарастиву назорати тамоми маросимҳо ва анҷуманҳои митроиро ба ӯҳда дошт. Ин мақомро уқоб низ меномиданд. Дар он «Падар» (пири муғон) бо либос ва кулоҳи махсуси митрой дар маросимҳо сарварӣ мекард ва ҳамчун донандаи асрори оини Меҳр ва муршиди аъзам аъмоли диниро анҷом медод, назари худро доир ба мартабаҳои соликон баён мекард ва ҳамаро ба баробариву бародарӣ даъват менамуд.

Дар адабиёти митрой омада, ки ҳафт мақоми такмилу иртиқои мавҷуд

дар фирқаҳои ботиния ё худ исмоилия ва ҳафт водии сайру сулуки сўфиёна ҳамин ҳафт мақоми маротиби сайру сулуки оини меҳрпарастӣ ё оини миҳрӣ гирифтаанд. Аз ин рӯ, ишораҳои зиёде ба «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор, аъшори Садию Ҳофизу Мавлоно намуда, муносибати пиру муридро ба ин мақом нисбат додаанд. Дар оини меҳрпарастӣ русуму одоби хосе мавҷуд буда Соликони ин оин ҳамаи ин расму русумро анҷом дода, ба пайравон «таоми муқаддас» хуронда, онҳоро ба ниёишу ситоиши Меҳр даъват менамудаанд. Маъмулан ин амал дар ғорҳое анҷом мешуда, ки тасвири осмон рӯи гунбади онҳо нақш баста буд. Даруни он пайравон зону зада, рӯ ба меҳроб менишастанд. Муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки дар чунин маъбадҳо дар фасли баҳор маросими қурбонӣ анҷом мегирифт. Пайравони он якдигарро бародар, роҳбарони худро Падар ва бузургони онҳоро «Падари падарон» меномиданд.

Таркиботи зиёде ба мисли меҳрубон, меҳргиёҳ, Меҳрин, Меҳрдод, Меҳрӣ , Бузургмеҳр ва ғайра дар Авесто ва дигар ёдгориҳои паҳлавӣ ва забони тоҷикию форсӣ во меҳуранд, ки аз решаи Меҳр ба вуҷуд омадаанд. Эҳсон Табарӣ таркибот ва номҳои зиёди авестоӣ, порсии бостон, паҳлавӣ ва дариро ба мисли Меҳроб, Дармеҳр (парастишгоҳи зардуштӣ), меҳрбонкушо (номи хазинаи Дориюш), Меҳрнуш, Меҳрбуд, Меҳргушнасб ва ғайраро номбар карда, ки ҳамаи онҳо ба ин ё он восита ба оини меҳрпарастӣ вобаста мебошанд.

Дар ахлоқ меҳрпарастӣ назму низоми муайянеро талқин мекард. Пайравони ин дин худро мазҳари ҳақиқат дониста, кӯшиш мекарданд, ки ҳамаи умури шарьиро бо ҷо биёранд. Онҳо шахсони муборизи покдил, ҷасуру покдоман буданд, аз ҳар гуна олудагиҳо дурӣ меҷустанд ва ба аҳду паймони худ бовафо буданд. Дурӯғгӯию тазвирро ниҳоят бад медиданд, ба муқобили шар муборизо мебурданд ва ҳамчун тамоюлоти гумроҳкунанда амали хилофи ахлоқ ва беадолатию палидиро натиҷаи рафтори қувваҳои бадӣ мешумориданд. Ахлоқи парҳезкоронаи меҳрпарастон барои онҳо шукӯҳи зиёде оварда буд ва ҳамин ахлоқи меҳрпарастӣ буд, ки ҳамрадифи дини маздоии куҳан ташаккул ёфт ва бо омӯзаҳои тозаи ахлоқӣ масири инкишофро тай намуд то ба фалсафаи ахлоқии дини зардуштӣ сабзида расад ва ба ақидаи Саидҳусайн Наср, ақидаҳои ҷаҳоншиносию диниро ба вуҷуд овард, ки ба афкори бисёр мактабҳои динию фалсафии Шарқу Ғарб асари босазое гузошт[51].

Сарчашмаҳои таърихӣ ва динию фарҳанги ҳануз дар давроне пеш аз милод интишори меҳрпарастиро сабт намудаанд. Пажуҳандагон зимни баррасии онҳо ба чунин натиҷа расидаанд, ки нокомӣ ё худ таназзули оини Меҳр баъди истилои Искандари Мақдунӣ дар давраи эллинизм дар собиқ империяи ҳахоманишӣ нобудии комили ин оинро ифода намекард. Ҳануз дар аҳди аввалин шоҳони ҳахоманишӣ , ки Меҳр дар натиҷаи ислоҳи

Зардушт аз радифи худоён хориҷ карда шуда, он ҳамсанг и изадони махлуқи Аҳуромаздо қарор гирифта буд, дар Осиёи Хурд дар байни маҷусони сокин дар он ва миёни қавмҳои ориёинажоди он навоҳӣ густариш пайдо кард. Зеро табиати таълимоту шариати оини меҳрпарастӣ ба донишҳои динӣ ва аҳкоми нуҷуми ин сарзамин бегона набуданд. Зимнан ин дин аз тариқи Осиёи Хурд сарзаминҳои Ғарбро, ки дар саҳнаи тору гаронбори андешаҳои худопарастонаи юнониву румӣ дасту по мезаданд, барои пазируфтани худои миновӣ бо ормонҳои тозаи ахлоқиву ҷаҳоншиносӣ омода намуд. Чунин пазиришу омезиши муътақидоти бумӣ бо ғояҳои нави оини меҳрпарастӣ аз Арманистон шуруъ шуда, дар Осиёи Хурд ба авҷи аълояш расид ва анбӯҳи ривоёту афсона ва устураҳое дар бораи Меҳр пайдо шуданд, ки бешубҳа ба эътиқодоти диниву шаръии юнониёну румиён ва дигар мамолики Fарб нақши худро боқӣ гузоштанд. Дар Юнон он якҷоя бо худои Хуршед мавриди таваҷҷӯҳ ва парастиши юнониён қарор гирифт ва дар империяи Рум худои ҷавону зебои Меҳр рӯз ба рӯз нируманд мешуд. Дар асри аввали милодӣ «парастиши Митра- худои ҷавону зебо, ки ба гирди сурати ӯ ҳоулае аз нур (аура) тасаввур мешуд ва намояндаи яке будани асли қадимаи он бо Хуршед ба шумор мерафт, дар саросари империяи Рум интишор ёфт ва ривоҷи ҳамин оини меҳрпарастӣ буд, ки сабаби барпо шудани иди милоди Масеҳ дар миёни масеҳиён гардид»[52].

Адёни Fарб, ки интизори фаро расидани шароити мусоидро доштанд, ҷунбишҳои дерини худро аз сар гирифтанд. Дар Фаластин, Сурия, Осиёи Хурд ва саросари империяи тозабунёди Рум руҳониён ҳам аз ҷиҳати моддӣ ва ҳам аз ҷиҳати маорифи динӣ мақому манзалати муайянеро касб карданд. Аз як тараф, мактаби Изис аз Миср ба Юнон, Ситсилиё, Итолиё ва тамоми қаламрави империяи Рум сайри таърихии худро анҷом медод, аз тарафи дигар, парастиши Митра бо суръати тамом аз Эрон омада, дар аксари шаҳрҳои бузурги империяи Рум гом зада, дар ин сарзамин ҳаққи обу гил мекард. Масъалаи дигаре, ки ин ду падидаи фарҳангиро боз ҳам мураккабу печидатар месохт, ташаккулу инкишоф ва интишори масеҳият буд.

Дар асрҳои аввали мелодӣ дар Итолиё ва ба воситаи ин сарзамин дар Fарб меҳрпарастӣ густариш ёфт. Бино ба иқтибоси Ҷалоллудини Оштиёнӣ яке аз олимони Fарб Карстен Кулпе (Carsten Colpe) пас аз баррасии муфассале дар бораи решаҳои митраизм ба чунин натиҷа расидааст, ки номи эронии Митра нишони он нест, ки мазҳаби асроромези Юнону Рум асли эронӣ дошта бошад. Аксари мазҳабҳои асроромези ин қаламрав реша дар Осиёи Сағир доштаанд ва кулоҳи махсуси Митра нишони вобастагии ӯ ба ин ноҳия аст. Вале Шевертҳайм муътақид ба ақидаҳои Герододу Кеснофан буда, ки ватани аслии митраро Эрон муаррафӣ кардаанд. Зимни баёни андешаҳои олимони Fарб Ҷалолуддини Оштиёнӣ бо истинод ба осори таърихӣ нигошта, ки бо таваҷҷӯҳ ба эҳтиромии шоҳони ашконӣ ба Меҳр ва

номҳои сершумори вобаста ба ин худо (Меҳрипу Меҳрмод ва ғайра) хосҳоҳи Меҳр Осиёи Миёнаву Эрони бостон буда, дар адвори баъд парастиши Митра дар Осиёи Сағир тасбит шуд ва метавон ҳадс зад, ки аз ин рӯ митраизм ба Юнону Рум нуфуз карда бошад. Яке аз мушаххасоти барҷастаи митропарастии эронӣ вуҷуди дастаҳои мардони ҷанговар буд, ки ҳастаи марказии ин мазҳабро шакл медоданд» [53].

Меҳрпарастон дар ин сарзаминҳо аз лиҳози ахлоқӣ шариати сахте барои худ созмон дода буданд. Муъмини меҳрпараст ҳамчун марди покдоману ҷасуру мубориз худро аз ҳар гуна олудагӣ дур мегирифт, ба аҳду риёзати худ боварӣ дошт ва, аз ин рӯ, баробари парастиши «митраи шикастнопазир» муъҳтақидоти ирфонии митроиро ба мамлакатҳои Ғарб ворид намуд. Тертуллиан дар бораи руҳонияти митрой чунин нигоштааст: «раиси олимаҳоме доштанд ва мардони муҷарраду занони дӯшизаро вақфи хидмат ба ин худо мекарданд. Ҳар рӯз дар қурбонгоҳи ӯ як қурбонӣ мешуд, парастандагон дар нону шароби муқаддас саҳим буданд ва садои ноқусе нишони авҷи баргузории ташрифот буд. Мазҳаби Митра мабнӣ бар ахлоқиёти олӣ буд ва сарбозони худро вомедошт, ки тамоми умр ҷанг бо бадиро ба ҳар шакле, ки бошад, дунбол кунанд. Коҳинонаш мегуфтанд, ки пас аз марг ҳамаи мардум дар баробари даргоҳи Митра ҳозир хоҳанд шуд, равонҳои нопокро ба Аҳриман медиҳанд, ки то абад дар шиканҷа бимонад ва равонҳои пок аз ҳафт сипеҳр хоҳад гузашт ва ҳар бор як унсури фониро аз худ бадар мекунад то ин ки ба василаи худи Аҳуромаздо дар тобиши поки Осмон пазируфта шавад»[54].

Дар интишори таълимоти меҳрпарастӣ аз Осиёи Хурд ба Урупо ғуё аҳолии шаҳри Киликияи юнонӣ, ки аз Помпеи румӣ шикаст хӯрда буд, нақши асосӣ бозида. Тибқи маълумоти муҳаққиқон, ҳанӯз дар садаи якуми пеш аз милод зимни лашкаркашиҳои Помпей ба Машриқзамин меҳрпарастӣ миёни сарбозон ва оммаи мардум пайравони зиёде пайдо кард ва ин таъсир то рӯзгори Қустантания ракиби ҷиддӣ барои масеҳият буд. Меҳрпарастон дар нимаи дуюми асри аввали милод ошкоро ба таблиғу тарғиби таълимоти меҳрпарастӣ пардохта, онро ба зудӣ дар Ғарб интишор доданд.

Муаррихи юнон Плутарх навишта, ки чанд тан аз роҳзанони аҳолии Ситсилиё соли 65 пеш аз милод меҳрпарастиро аввал дар Рум интишор доданд. Шояд дар паси пардаи ин суханони Плутарх ҳақиқате пӯҳуфта бошад. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки дар натиҷаи кишваркушоиҳои Искандари Мақдунӣ ва барқарории тамаддуни ҳеллинистӣ, инчунин дар натиҷаи ҷангу ситезҳои эрониён бо давлатҳои Осиёи Хурд ва империяҳои Юнону Рум оини Меҳр ба тадриҷ ба кишварҳои Осиёи Ғарбӣ ва Урупо сироят кард. Худоҳои табиатгароёнаи сарзаминҳои мазкур дар шароити як навъ омезиши (синкретизми) фарҳангии даврони ҳеллинистӣ бештар мазмунҳои рамзӣ ба худ касб намуданд ва ба ҷои онҳо общинаҳои гуногуни

дипис ба вуҷуд омаданд, ки намояндагони қавму миллатҳои гуногунро дар худ муттаҳид намуда, рӯ ба таквину шинохти худоёни осмонӣ оварданд ва «аз олами зоҳирӣ гурехта, ба олами ботинӣ муроҷиат намуданд». Онҳо дар олами сифлӣ ҳеҷ гуна фараҳмандиро наёфта, саодатманднро дар охират медиданд ва барои рӯҳи худро начот додан ба роҳи ростгорӣ ва сайру сулуки борурҳои пасазмаргиро пеш гирифтанд.

Дар давраи Искандар ва ҷонишинони ӯ нишонаҳое аз оини Меҳр дар канораҳои Иония мушоҳида мешуд, дар сарзаминҳои соҳили баҳри Эгей низ баъзе сангнабиштаҳое кашф шуданд, ки аз нақши меҳрпарастӣ дар ин ҳаволӣ дарак медиҳанд. Мавҷудияти оинҳои бузурги модар ва мувозина миёни худоёни юнониву митрой ба он шаҳодат медиҳанд, ки интишори оини меҳрпарастӣ дар Юнон баръалоина мушоҳида мешуда, вале ба қавли Франс Кумондт то авоили асри милодӣ ин густариш дар пушти марзҳои империяи Рум таваққуф намудааст. Зимнан ӯ қайд карда, ки бо вуҷуди чунин вазъ, бино ба маълумоти Плутарх, румиҳо бо оини меҳрпарастӣ қабл аз милод тавассути роҳзанҳои Ситсилиё ошной пайдо карда буданд. Гузашта аз ин, баъди ҷангҳои Помпей оини меҳрпарастӣ дар Итолиё шинохта шуда буд, вале дар ин бӯъди замонӣ пайравони зиёде надошта. Ба фикри ӯ, оғози шукуфоии оини меҳрпарастӣ дар Румро бояд охирҳои садаи якуми милодӣ донист. Чун маҳз дар ҳамин давра чандин меҳробаҳои митрой дар қисмати шимолии Итолиё, аз ҷумла дар шаҳри Нерсай (Nersae) ба вуҷуд омаданд. «Шояд бо этминон битвон гуфт, ки дар оғози фармонравоии Веспозайн, ки оини митрой ба Карнунтум (Carnuntum) воқеъ дар савоҳили Донуб расидааст, яъне ҳудуди соли 148 милодӣ ва дар ҳамин ҳангом аст, ки дар Олмон парастиши Митра ривоҷ доштааст...»[55].

Овардани чунин нукта аз муҳаққиқи фавқ низ қобили таваҷҷӯҳ аст, ки бисёр одобу маросими митрой, ки дар Осиёи Миёнаву Эрон ва ҳатто дар Осиёи Хурд қаблан маъмул буда, вале баъд аз милод дар ин сарзаминҳо ба хотири фаромӯшӣ супорида шуда буд, дар меҳробаҳои Рум таҷлил гардидааст. Масалан, маросими қурбонӣ дар ибтидо тавре буд, ки онро месӯзонданд, то оташу дуде, ки аз он бармехост, ба осмон рафта, ба худоён бирасанд ва боиси ҷалби таваҷҷӯҳи онҳо гардад. Бо мурури замон тағъироте дар он ба вуҷуд омад ва чорвоёнро дар қурбонӣ забеҳ мекарданд, ки шарҳаш дар боло гузашт. Вале зимни маросими қурбонӣ одоби самоъ ва нӯшидани шираи сукровари «ҳаома» ҳамроҳ ба сурудхонӣ ва ҳамосасарой дар Рум иҷро мешуд. Ситоишкунандагон дар чунин маросим шохаҳои гиёҳи муқаддаси Барсам (Barsam)-ро ба даст мегирифтанд. Аммо меҳрдинони навомӯзро пеш аз рафтан ба меҳроба, маъбад ё дари Меҳр лозим буд, ки маросимҳои бисёр тӯлонӣ ва шиканҷаҳое чун заработи тозиёнаро таҳаммул кунанд[56].

Соли 66 милодӣ табқи маълумоти диншиносон, Нерон ном императори

Рум ба воситаи Тиридат подшоҳи Арманистон ба оини Меҳр гирифта шуд. Ҳатто Нерон дигар императорони Рум ҳам дар маросимҳои динии меҳрпарастӣ фаъолона ширкат меварзиданд. Дар замони Аврелиан ва Диоклитиан Меҳр худои аввали Рум шуд. Рочеъ ба ин масъала Парвона Ҷамшедӣ чунин нигошта: «Митраизм дар Рум хеле оммавӣ шуда буд ва император Нерон дар асри 1 то милод онро пазируфт. Дар асри 2 милодӣ император Коммодус ташвиқоти динии Митраро ба таври маснӯъӣ анҷом медод. Аврелий дар асри 3 милодӣ музафариятҳои худ дар ҷангро ба пуштибоние, ки аз Митра мегирифт, нисбат дод. Соли 307 имретарор Дактилиан маъбаде барои Митра барпо кард ва митраизмро расман дини давлатии имерияи Рим ва Митраро ҳомию ҳофизи давлат эълон дошт»[56]. Император Константин қабл аз қабули масеҳият пайрави оини Меҳр буд. Баъзе олимон мегӯянд, ки чун Меҳр худои аҳду паймон аст ва меҳрпараст барои гароидан ба ин оин савганди вафодорӣ ба Меҳр хӯрда, сарбози ҳақиқии он мешавад, аз ҷиҳати ахлоқӣ ба табиати сипоҳиён хеле мувофиқ аст. Аз ин рӯ, сипоҳиёни Рум бо ин оин дар Осиёи Хурд ошной пайдо карда, онро ҳамроҳи худ ба Рум бурданд ва чунон интишор доданд, ки тақрибан то асрҳои 4-5 аз ҷумлаи динҳои ҳукмрон ба шумор мерафт. Фақат дар давраи император Константин пеши роҳӣ инкишофи меҳрпарастӣ гирифта шуд ва пас аз ӯ дар аҳди Юлиан завол ёфт.

Франс Кумондт дар «Оини пуррамзу рози митрой» ном асараш боби махсусеро ба интишори оини митрой дар Рум ва густариши он дар ҷаҳони лотин ихтисос дода, аз ҷумла рочеъ ба осори оини митрой дар Олмон, Фаронса, Итолиё ва Испониё маълумотҳои муфидеро гирд овардааст. Мутолиаи ин асар нишон медиҳад, ки ӯ аксари назарҳо ва баррасиҳои парокандаи мавҷуд дар адабиёти митроишиносиро ҷамъбаст намуда, масирҳои асосии густаришу интишори оини митрой ба Ғарбро нишон додааст. Мувофиқи маълумоти ӯ аз баҳри Сиёҳ то кӯҳҳои Скотланд ва марзҳои саҳрои бузург, аз саросари марзҳои Рум то сарзаминҳои қаламрави имерияи Рум ва ба таври хулоса, дар сарзамини густурдаи васеъи ҷаҳони он рӯзгор, ки дорои тамаддуну фарҳанги Осиёиву Урупой буданд, нақши оини меҳрпарастӣ ба таври боризе намоён аст. Воситаи асосии густариши ин оинро муҳаққиқи мазкур дар кӯшишу ҷидду ҷаҳди сипоҳиёне мебинад, ки дар қароргоҳҳо ва маҳалҳои истиқрори легионҳои имерияи Рум (легионҳои сеюм, ҳаштум, дувоздаҳум ва легионҳои созмонёфта аз довталабон) аз замони Гордиан сар карда ба тарғибу ташвиқи оини меҳрпарастӣ пардохтанд.

Дар охирҳои садаи аввал ва аввалҳои садаи дуюми милодӣ митраизм дар тамоми легионҳо интишор ёфт ва аз тариқи низомиёни мустақар дар Дунуб (Дунай) оини мазкур ба Ғарб—Фаронса, Испониё ва Бритониё густариш пайдо кард. Дар Олмон нуфузи митраизм бештар мушоҳида

мешуд, зеро соли 70 милодӣ легиони ҳаштуми Рум дар Олмони Шимолӣ ҷайгир шуда буд. Дар ин ҷо бостоншиносон бузургтарин нақшҳои барҷаста аз ҷиҳати абъоду тасвир ва комилтарин саҳнаҳои митроиро аз меҳробаҳою парастишгоҳҳои оини меҳрпарастӣ пайдо намудаанд. Ҳамчунин осору ёдгориҳое, ки дар соҳили чапи рудхонаи Рейн ба даст омада ва кашфи се меҳробаи бузург бо катибаву нақшҳои марбута дар қисмати шимоли Франкфурт ба он шаҳодат медиҳанд, ки меҳрпарастӣ дар сарзамини Олмон дар асрҳои аввали милод густариши зиёде доштааст.

Дар Фаронса низ, ба фикри Франс Кумондт, ба чунин ҳодиса дучор шудан мумкин аст. Дар масири руди Рейн, дар Сарребург (Sarrebourg) ва дигар шаҳрҳо парастишгоҳҳое кашф шудаанд, ки аз лиҳози замонӣ ба асри 3 милодӣ мутааллиқанд. Дар Англия орои дини митроиро дар бисёр шаҳрҳо мушоҳида намудан мумкин аст, ки парастиши андешаҳои гаронбори ин худои ориёиро тасдиқ менамояд. Мо дар ин ҷо аз ҷузъиёти маълумоти фаровоне, ки муҳаққиқи мазкур дар тадқиқоташ ироа намуда, худдорӣ карда, бо овардани чунин маълумот иктифо меварзем, ки осору нуфузи меҳрпарастӣ дар қисмати ҷануби баҳри Миёназамин, махсусан дар ноҳияҳои шарқии Алҷазоири кунунӣ, дар Африка, нимҷазираи Балкан ва баъзе унсурҳои он дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ низ барҷалоина дида шудааст. Ба ҷуз монигарӣ, ки дар давраи Сосониён воқеъан ба як дини ҷаҳонӣ табдил шуда буд, ҳеҷ оини дигари Осиёи Миёнаву Эрони бостон чунин густариш надошта. Сурҳати интишори оини Меҳрпарастӣ дар асрҳои 2-4 дар Ғарб чунон сареъ буда, ки бо масеҳият рақобати сохте дошта ва танҳо баъди интишори монавия ва асоснок шудани рукнҳои асосии масеҳият тавассути Тертуллиан, Ориген ва Августини қадис меҳрпарастӣ ҷои худро ба мазҳабҳои фавқ во гузошта.

Нуктаи дигари муҳимме, ки ишора ба он дар ин ҷо ҷоиз аст, ҳодисаест, ки муғони митрой ҳангоми густариши ин оин равиши оштиҷӯёна ва худдорӣ аз ҳар гуна таассубро доштанд, ҳатто ному мафҳум ва боварҳои румиро мепазируфтанд ва дар аҳкому парастиш ба онҳо ҷо медоданд. Дар натиҷаи чунин созгорӣ буд, ки номҳои ёварони худои митрой то андозае тағъир пайдо карданд ва митраизм тавонист, ки тақрибан 5 аср дар Рум ва дигар сарзаминҳои қаламрави империяи он якҷо бо масеҳият арзи вуҷуд намояд. Саидмуртазои Рованди мўътақид аст, ки масеҳиёну митроиён чунин пиндоштаанд, ки «Митра воситае фимобайни халқу холиқ аст. Масеҳиён маросими таъмид, расми хўрдани обу нони дастаҷамъӣ (ашоаи раббонӣ ё худ таоми муқаддас) ва қоидаи сиём (рўза) ва рўзи таътили якшанберо аз пайравони Митра ва меҳрпарастӣ омўхтаанд»[57].

Агар ба ин масъала амиқтар назар афканем, ба хубӣ мушоҳида мегардад, ки масеҳият дар ибтидои пайдоишаш бештар дар ҳавзаи мадании баҳри Миёназамин ва ташкили анҷуманҳои махсус аз тариқи таблиғу

ташвиқ дар шаҳру марказҳо роҳро барои худаш бо намудааст. Митраизм бошад бештар ба омилҳои иҷтимоиву сиёсӣ ё худ ҳиҷрӣ интиқоли сиҳҳиёну низомиён, маъмурон ва коргузорон роҳро барои густариш ба Ғарб ҳамвор намуда. Дар ин буъди замонӣ масеҳият бештар фаъолияти худро дар Осиёи Хурд ва Сурия густариш дода буд, митраизм дар ҳавзаи Дунуб (Дунай) амал мекард ва қаламрави нуфузи он бо ҳам фарқ дошт. Дар асри дуюми милодӣ барои рақобати ин ду оин шароит фароҳам омад, вале ин мубориза пинҳонӣ сурат мегирифт. Чун ҳар ду оин маросимҳои бо ҳам монанду яксон доштанд. Ҳамин ҷиҳатҳои муштарак ҳам дар русуму одобу маросим ва ҳам дар созмони андешаҳоро ба назар гирифта, Ҷеймс Фрезер баъди ишора ба шабеҳиятҳои зоҳириву ботинӣ қайд намудааст, ки чунин монандиро илоҳиётшиносони худи масеҳият пазируфтаанд [58]. Масалан, рӯзи таваллуди Исои Масеҳ калисо одатеро анҷом медиҳад, ки он аз расму одати митраизм гирифта шудааст. Ба ибораи дигар, соли милоди Масеҳ дар ибтидо ҷашни солгарди рӯзи муқаддаси «Митраи шикастнопазир» дар Рум буд, ки 22 (5) декабри ҳар сол фаро мерасид. Ин сана ҳамчун рӯзи пирӯзии Хуршед нисбат ба душманонаш вориди суннати митрой гардид ва ҳар сол ҳамчун ид ҷашн гирифта мешуд. Зеро аз ҳамин рӯз сар карда рӯз дароз мешавад ва Офтоб нуру ҳарораташро бештар ба замин равона мекунад. Тақрибан дар ибтидои асри 4 калисои масеҳӣ бо мақсади суст кардани таъсири меҳрпарастӣ рӯзи таваллуди Митра (Меҳр ё Офтоб)-ро ба рӯзи таваллуди Исои Масеҳ тағъир дод, ки он мувофиқи тақвими нав 7 январ гузаронида мешавад.

Меҳрпарастӣ омезише аз афкори тозардуштии Эрон, ситорпарастии бобулӣ, фалсафа ва дигар назараҳои оинии Юнонро ба вуҷуд овард ва заминаро барои интишори афкори Шарқӣ ба Мағрибзамин ва афкори Ғарбӣ ба Машриқзамин омода сохт.

ЗАРВОНИЯ

Роҷеъ ба маҳалли пайдоиши оини зарвония байни муаррихону фарҳангшиносон ва муҳаққиқон ақидаи ягона вуҷуд надорад, зеро иттилооти таърихӣ ва бостоншиносӣ хело нодиранд. Вале дар бораи меҳрпарастӣ, ки бо зарвония иртиботи наздик дорад, маълумоту асноди катбӣ бештаранд.. Меҳрпарастӣ ва зарвонияро аз динҳои қадимаи ориёӣ медонанд. Ин қавмҳо ҳангоми муҳоҷирагашон то ба сарзамини Осиёи Миёнаву Эрони бостон ва дигар сарзаминҳои ҳаволии он интишор ёфта буданд. Қадимтарин нишонаи вуҷуди дини зарвониро муаррихони дин ва фарҳангшиносону олимон ба охирҳои ҳазораи дуюм ва авоили ҳазораи якум нисбат додаанд. Саид Муртазои Ровандӣ зарвонияро мазҳаби интишорёфта дар Эрон ва ҳаволии он ва пайравони ин мазҳабро муътақид

ба маншаъҳои хайру шар мепиндорад, ки ду бародари мусовиулқувваро фарзандони худои аввалин ё Зарвон медонад.

Алвоҳи бобулӣ зоҳиран дар қарни 15 пеш аз милод вуҷуд доштани Зарвонро таъкид мекунанд. Олимон таъйид кардаанд, ки Бросуси Бобулӣ шоҳи устураи Зарвонро дар қарни 5 пеш аз милод мешинохта ва Адамуси Радосӣ гавоҳи фалсафии он будааст. Каме баъдтар илҳодшиносони масеҳӣ бо вуҷуди нақди асотиру оинҳои дерини эронӣ, маълумоти муфиде роҷеъ ба зарвонпарастӣ ироа намудаанд ва охирин иттилооти қобили эътимод аз ҷониби монавиён дастраси умум гардида[60]. Абдулазими Ризой мўтақид аст, ки зарвонпарастӣ аз бостонитарин адёни эрониён аст, ки пас аз гузаштани ҳазорон сол дубора дар замони Сосониён эҳё шуда. Пайравони ин оин « Зарвони акарона» («Зрвана акарена»)-ро худои бузургу холиқи Ҳурмузду Аҳриман медонистанд. Дар Авестои мутааххир «замон», ки дар забони паҳлави «зарвон» номида мешавад, ҳамчун фаришта «замони бекарон» муаррафӣ шуда. Дар «Меноки храд» ва «Позанд» бо номи «зарвони дранҳудой» ва дар рисолаи порсии «Уламои ислом»-замони дранҳудой» ёд гардида. Замон дар оини зарвонӣ «ба гунае матраҳ шудааст, ки ту ҳуй аслу асоси ҳама чизро ташкил медиҳад»[61].

Муҳаққиқи эронӣ Ҳушанги Давлатободӣ таърихи густариши оини зарвониро бо истинод ба Р.С. Зеҳнер (R.C. Zeahner) тақрибан замоне медонад, ки «гуруҳҳои мутааддиде аз буддоиён дар шимолу шарқи Эрон, дар қаламрави Суғдиён сокин шуданд ва китобҳои динии худро ба забони суғдӣ тарҷима кардаанд. Дар ин навиштаҳо номи худои бузурги худ «брахма»-ро ба забони суғдӣ «Озраво» тарҷима кардаанд, ки иборати суғдӣ барои номидани Зарвон аст ва ин нишон медиҳад, ки суғдиҳо дар замони зикршуда бо номи Зарвон ошно будаанд»[62]. У ба манзури нишон додани масири баъдии интишори оини зарвонӣ қайд карда, ки суғдиён дар таййи ҳазораи аввали қабл аз милод ба тадриҷ ба Сиистони кунунӣ кўч бастанд ва дар замони Фарҳоди1 ашконӣ дар садаи дуюми қабл аз милод дар сарзаминҳои атрофи дарёчаи Ҳомун, ки дар ибтидо Зарангистон ё Дарангистон номида мешуд, сершумору қудратманд шуданд ва номи Зарангистонро ба номи Сагистон, ки баъдҳо ба Сиистон мубаддал шуд, тағъйир доданд. Зарангистон бо эҳтимоли қавӣ маркази аслии зарвонпарастӣ буда, пазируфта шудани суғдиён дар он диёрро муҳаққиқи ёдшуда ба иллати ҳамкишии ин ду маҳал медонад.

Агар ба таърихи зарвонпарастӣ амиқтар назар афканем мушоҳида мешавад, ки пайдоиши мактаби зарвонӣ дар қарни 6 пеш аз милод мерасад ва шояд ҳам аз он пештар бошад. Ба қавли Ҳеродод муғон қабилае аз қабоили шашгонаи Модҳо мебошанд, ки руҳониёни Моду Порс аз онҳо бархостаанд. Дар адабиёти динӣ мо ибораҳое аз қабили «муғони зардуштӣ»,

«муғони зарвонӣ», «муғони келдонӣ», «муғони каппадокӣ» ва ғайра ба мехўрем, ки онҳо ҳамон «коҳин-шоҳон»-и баромада аз қабилаи моҳиёна. Муҳаққиқон ба чунин ақидааанд, ки муғони модӣ бештар зарвоиҳараст буданд ва, аз ин рӯ, онҳоро пайравони дини зардуштӣ гуфтан нашояд. Вале дар бораи муғони келдонию каппадокӣ маълумоти кофӣ дар даст нест. Душен Гуиллемин (Duchense GuiLLemin) дар ин бора қайд карда, ки аснодҳои бобулии аз Буғозкуй (дар Туркияи кунунӣ, наздикии Қизил Ермоқ) дар натиҷаи ҳафриётҳои бостоншиносӣ кашфшуда, ки ба он Ислер (EisLer) ишора намудааст, ба таърихи эронгароии Осиёи Сағири пеш аз Зардушт равшанӣ андохта натавонист[63]. Қадри мусаллам он аст, ки аввалин мавҷи муҳоҷирати муғони модӣ ба Осиёи Хурд дар замони ташкили империяи Модҳо рух дода буд. Мавҷи дуюми он дар аҳди Ҳахоманишиён, бахусус дар аҳди Хишоёршоҳ баъди шўриши Гаумати муғ, кушта шудани ў (шарҳаш дар бахши таърихи сиёсии ориёиҳо омада) ва куштори муғон бо мақсади заъиф кардани қудрати онҳо сурат гирифт. Як қисми ками муғон дар аҳди Дорои III ва Ардашери II ба самти мағриби Эрон кўч бастанд. Ҳошими Разӣ зимни баррасии ҳамин масъала нигоштааст, ки муғони келдонӣ ба ситорашиносӣ, сеҳру ҷоду ва пизишкӣ иштиғол доштанд ва калимаи урупоии Magi бардоште аз ҳамин фирқа аст, дар ҳоле ки муғони эронӣ фирқаи мазҳабӣ буда, сулуки фалсафӣ доштаанд[64].

Ба ҳар ҳол, дар аҳди Модҳо ва Ҳахоманишиён муғони зарвонӣ вуҷуд доштанд ва дар қатори дигар динҳои маъмули он замон заврония амал мекард. Адамуси Радосӣ, ки дар асри 4 пеш аз милод мезиста, дар ин бора гуфтааст: «Муғҳо аз мавҷуде сўҳбат мекунанд, ки баъзе онро фазо ва баъзе онро замон меноманд ва ҳар вуҷуди қобили ламсе дар он мустаҳил аст. Аз батни ин мавҷуд худои некӣ ва деви бадкор баромадаанд, ки иддае онҳоро нуру торикӣ меноманд»[65]. Ин иқтибос аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа бевосита ба оини зарвония ишора мекунад. Маълумоте, ки Ҳушанги Давлатободӣ оварда аз назари густариши оини зарвонӣ ҷолиб ба назар мерасад. Ў навишта: «Аввалин мавҷи эътиқодоти зарвонӣ дар ҳудуди соли 550 қабл аз милод ба Юнон расидааст. Ба ин тартиб фалосифаи Юнон монанди Афлотун ва шояд Фисоғур (Пифаґор) аз боварҳои зарвонӣ иттилоъ доштанд ва ба эҳтимоли зиёд ин ақоид дар сохтори ақоиди фалсафии онон таъсир гузоштаанд ва агар воқеъан чунин бошад, шабоҳати зиёде, ки байни офаридаҳои некў, аммо орӣ аз ҳаракату амали Ҳурмуз дар се ҳазор соли аввали офариниши зарвонӣ, бо «мусулҳо»-и Афлотун ҳаст, сирфан тасодуфу таворуд нест»[66].

Ин фикри муҳаққиқи эрониро Ҳошими Разӣ таъйид намуда, зимнан қайд кардааст, ки дар аввалин рисолаи Афлотун бо номи «Алкибиадиси нахуст» («First ALcibiades»), ки соли 390 пеш аз милод иншо намуда, номи

Зардушт ва оини муғон (шояд дар шакли таркибшуда) ёд шуда ва «нуфузи амиқ бар фалсафаи ин файласуфони номвар ниҳодааст. Он чӣ дарёфт мешавад он аст, ки Афлотунро нисбат ба санавияти муғон дар низоми кайҳонӣ огоҳӣ буда ва онро мавриди пазириш қарор дода будааст»[67]. Дар ин ҷо бояд илова намуд, ки шабоҳати «мусул»-и Афлотунӣ ва давраҳои умри дувоздаҳҳазорсолаи кайҳонӣ дар ҷаҳоншиносии асотири зарвонӣ на амри тасодуфӣ, балки як амри воқеъият ва маҳз ҳамин масъала дар намоди ҷаҳоншиносии Асрҳои миёна боиси зоҳир гардидани арзиш ё худ буъдҳои замонии «даҳр», «сармад» ва «замон» гардиданд.

Ҳангоми ташаккулу инкишофи дини зардуштӣ дар охирҳои аҳди Ҳахоманишӣ муғон вобаста ба авзоъи бавуҷудомада тадриҷан аз ақоиди зарвонии худ даст кашида, ҳимояггари дини зардуштӣ ғардиданд ва кор ба дараҷае расид, ки байни муғу муъбад фарқе намонд ва дини зардуштӣ дини давлатӣ эълон шуд. Роҷеъ ба нақшу мақоми оини зарвонӣ дар давраи ҳеллинизм ва Селевкиёну Ашкониён маълумоти кизоие дар даст нест, вале дар давраи ҳукмронии Сосониён вазъ то андозае дигаргун шуд. Аз як тараф, тасбиту тадвини Авесто ба амал омад, аз тарафи дигар, Шопури 1 барои суст кардани мавқеъи мугони зардуштӣ ҷараёни илҳодомезу дугароёнаи монавияро озод гузошт, ки боиси омезиши афкору ақидаҳои зардуштиву монавӣ гардид ва ба истилоҳ анъанаи «зардуштиву монавӣ»-ро ба вуҷуд овард, аз тарафи сеюм, мубадони зардуштӣ барои раҳой аз банди дугонагароии монавия аз нав рӯ ба зарвонбоварӣ оварданд.

Пешоҳанги пажӯҳишҳои авестой А. Дюперрон (A. Duperron) бар мабнои гувоҳиҳои масеҳиён ба чунин хулоса омада буд, ки «киши воқеъии эрониён дар замони Сосониён дугонабоварии маздой набуда, балки ягонабоварӣ дар вуҷуди Зарвон ба унвони падари ду ҳамзод, яъне Ҳурмузу Аҳриман будааст»[68]. Р.С. Зеҳнер, ки дар таҳқиқи оини зарвонӣ заҳмати зиёде кашидааст, дар асоси таҳлили матну маводи зиёди динҳои қадимаи эронӣ оини давраи Сосониёнро омезише аз дини зарвонию зардуштӣ ба қалам додааст. Бисёр муҳаққиқони муосир, ки дар даҳсолаҳои охир ба пажӯҳиши зарвония машгул будаанд, бо баъзе шарҳу гафсирҳои ҷузъӣ ё фикри А. Дюпперон ва ё ақидаи Р.С. Зеҳнерро пазируфтаанд. Муҳаммади Муҳаммадӣ дар асараш таҳти унвонӣ «Фарҳанги эронӣ пеш аз ислом» навиштааст, ки маздаяснои давраи сосонӣ каму беш тобеъи ақидаҳои зарвонӣ будааст, вале Ҳушанги Давлатободӣ Мери Бойсро дар қатори олимоне ҷой додааст, ки оини аҳди сосониро ба куллӣ зардуштӣ хондаанд. Ҳошими Разӣ маздаяснои давраи сосониро дар «Ҳикмати хусравонӣ» мутаассир аз ақоиди зарвонӣ медонад[69]. Кристенсен шоҳони сосониро зарвонӣ хонда. Фридҳелм Ҳордӣ муддаист, ки «порае аз соҳибназарон зарвонияро як фирқаи ҷудогона ва ё дар ҳақиқат дини ҷудогонае дидаанд,

аммо дар солҳои охир бештар ин тавр буда, ки онро як тимоҳ ё ҳатто сирфан як афсонаи машҳур донистаанд»[70]. Мусо Диноршоеи мутаҳқиқ аст, ки дар давраи Сосониён зарвонпарастӣ ҳатто чандин бор ба ҳайси кеши расмии давлатӣ ва дарбории сосонӣ пазируфта шудааст.[71]

Муҳаққиқон дар бораи манбаъҳои форсии зарвонпарастӣ умдатан бо се нуктаи пешинаи ин оин ишора намудаанд, ки мусалламан манбаъи аввали ин пешина ҳамон Готҳост. Албатта, дар он ному нишони Зарвон вуҷуд надорад, вале аз руи қиёси мантиқӣ ишора ба ду гавҳаи ҳамзод (Готҳо, банди 3, Яснои 30) ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки дар замони тадвини Готҳо киши зарвония маъмул буда. Маъхази дуюм «Худойнома» (дар он достони зиндагии ҷавони сафедмӯю сурхтан, ки ба қуллаи кӯҳи Албурз андохта шуда буд ва Семурғ ӯро тарбият намуд), достони Рустаму Исфандиёр ва дигар достоиҳои размии саршор аз ақидаҳои завронӣ мебошад. Ин китоб дар аҳди Хусрави Анӯшервон таълиф шуда, дар аҳди Яздигурди III такмил ёфтааст. Китоби мазкур бо унвонҳои мухталиф («Сайр-ул-мулук», «Сайр-ул-мулук-ул-фурс» ва ғайра дар тарҷимаи Ҷаҳми Бармакӣ ва Ибни Муқаффаъ) ба арабӣ тарҷима шудааст. «Худойнома» маъхази аслии Абулқосими Фирдавсӣ дар таълифи «Шоҳнома»-и безавол буда ва хулосаи баррасии Нёлдеке дар ин боб чунин аст: «Худойнома таърихи умумии кишвар ва мардуми Эрон аз оғози офаринин то поёни давлати сосонӣ будааст; дар ин китоб гоҳе ривоёти таърихӣ ва афсонаҳое, ки аслан бисёр қадимӣ буда, бо мурури замон насҷу такмил ёфта, дар асри сосонӣ шуҳрати фаровоне касб карда буданд, бо ҳам омехтааст... усулу ақоиди зардуштӣ ва насабномаҳо... дар ин китоб ворид шудаанд».

Манбаъи сеюмро Ҳушанги Давлатободӣ лавҳи мисии пайдошуда аз Луристон медонад, ки марбут бо қарни 7 қабл аз милод мебошад. Дар он ду фарзанди комилан ҳамшакли Зарвон бо шохаҳои « барсам» (« барсам»-«barsam» ё худ « барсеман», «barseman»-гиёҳи латифи шабдар) дар даст тасвир шудаанд ва Гиршман онро дар маҷаллаи «Ҳунари Осиё» соли 1937 чоп карда»[72]. Ба ҷуз ин мабдаъҳо баъзе санадҳои юнонӣ аз Осиёи Хурд, матнҳои паҳлавӣ ва охирин навиштаҳои зардуштии баъди таназзули давлати Сосониён мавҷуданд, ки дар онҳо роҷеъ ба киши зарвонӣ маълумотҳои фаровон мавҷуданд.

Чун зарвонпарастӣ паёмбару рисолат надорад, маъбаду парастишгоҳҳои махсус ҳам надорад. Вале баъзе муҳаққиқон мӯътақиданд, ки ду бино дар фарози «Кӯҳи Хоҷа» дар канори дарёчаи Ҳомун, ки замоне маҳалли асосии зарвония маҳсуб мешуда, парастишгоҳи зарвониён ба шумор мерафтааст. Ин тахминро Ҳушанги Давлатободӣ аз руи хулосаҳои бостоншиносон хонум Акреман (Acreman) ва Ҳертсфелд (Herzteld) кардааст. Зеро онҳо ба чунин натиҷа расидаанд, ки бинову оташкадаҳои мавҷуд дар он мавзеъ ба услуби суннатии оини зардуштия чандон мутобиқат

надорад. Гузошта аз ин, ӯ дар бахше аз китоби худ таҳти унвони «Ҷои пои Зарвон дар оини зардуштия» баҳсе ороста, бидъат ва фирқагарой будани зарвония дар домони дини зардуштиро мавриди баррасӣ қарор дода, ба унвони мудофеъи дини зарвонӣ таъкид кардааст, ки матолиби зарвонӣ фақат дар мавриди нодире аз дасти ҳазфу таҳрири зардуштиён гурехта ва чун аз давраи салтанати Ашкониён то аҳди Сосониён кишвар ба дасти ҳокимони зардуштӣ идора мешуда, ба зарвония диққати ҷолиби таваҷҷӯҳе дода нашудааст.

Ин фикри Ҳушанги Давлатободиро муаллифи асари «Динҳои эронӣ» қабул надорад. Ӯ бо камоли боварӣ навишта, ки « дар замони Портҳо оини зарвонӣ дини зинда буд ва Зарвон як асли соддаи интизоӣ» набуд, балки ҳамчун худои фаъоле мавриди назар қарор дошт. Дар сангнабиштаи Шопур (матни портӣ 281. форсии миёна 38.1) ба исми Зарвондод (Zarvandad) ҳамчун додаи Зарвон бармехурем, ки фикри болоро тақвияг медиҳад»[73]. Ҳамин ақидаро муаллифони «Адёни Осиё» низ баён намуда, аз ҷумла таъкид намудаанд, ки «гакрими замон дар Эрон дар замони Портҳо аҳамият пайдо кардааст... Дар давраи Сосониён нависандагони масеҳӣ аз афсонае сухан мегӯянд, ки дар он Зарвон падари аслии Аҳуромаздо ва рӯҳи шар аст ва онро ба унвони «дегам» (ақидаи ҷузмӣ)-и асосии мазҳаби Эрон мавриди ҳамла қарор медиҳад»[74].

Ба чунин навиштаҳои муҳаққиқон Ҳушанги Давлатободӣ таваҷҷӯҳ накарда, бо ҳамон рӯҳияи мудофиакорона бо овардани мисолҳо ва ба миён гузоштани саволҳои «чуну чаро» ба чунин хулоса омадааст, ки «киши зардуштӣ ва зарвоният бар асоси он чӣ гуфта шуд, ду ҷараёни мазҳабӣ ва фикрии ҷудо аз ҳам будаанд ва агар номе аз Зарвон ба забони онҳо (яъне зардуштиён-Ҳ.М.) нест ва ҳама фақат аз киши зардуштӣ ном мебаранд, ба ин иллат аст, ки дини зардуштӣ бар асоси вижагиҳояш мавриди қабулу эътимоди тавонмандону тавонгарон ва табақаи ҳокима будааст»[75]. Аз ин мулоҳизаҳои муҳаққиқ чунин ба назар мерасад, ки мавзӯъи мавриди пажӯҳиш як ҳодисаи маъмули таърихи дин набуда, аз бисёр ҷиҳат ҳамчун падидаи фарҳангӣ ба авзоъи иҷтимоиву сиёсӣ вобаста мебошад. Вале агар ба умқи таърих назар афканем, мушоҳида хоҳем кард, ки зарвония баҳсҳои доманадореро дар тӯли ҳазорсолаҳо дар домони худ парварида, ки зимни он муносиботи собиту ҷовидонаи замони бекарони офоқӣ бо замони тағъирёбандаву гузарои анфусӣ бо тамоми масоили пурмӯҳтавои тароваида аз амри собиту мутағаййир (аз қабили офариниши замони каронманд, табдили сукун ба ҳаракат ва робитаи онҳо, истиҳола, ҳаракат, таҳрику таҳаррук, табдилу табодул ва ғайра) муайяну мушаххас хоҳанд шуд. Аз ҳамин сабаб аст, ки аз анбӯҳи навиштаву ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, устураву ривоятҳо ва таҳқиқотҳои мавҷуда мо бояд асли матлабро ҷуё

бошем ва дар паси пардаи ҳошиянависиҳо масъалаи асосиро дар канор нагузорем.

Дар чунин маврид бояд пажӯҳанда мавзӯъро ба мақсади таҳқиқ истифода барад ва аз дили матну мавод ва асотиру ривоят моҳияти ҷаҳоншиносӣ ва фалсафии онро бурун кашида, андешаю маъниаи онҳоро ба қалам диҳад. Аз ин нуқтаи назар, зарвония пайваста бо дини маздоии куҳан ва меҳрпарастӣ, ки аз динҳои қадимаи ориёӣ мебошанд, бештар ҳамчун як ҷараёни фикриву ақидатӣ арзёбӣ намудан мумкин аст, ки дар раванди гаҳаввулу такомулаш аз дастовардҳои фарҳангии мисриву бобулӣ, Байнаннаҳрайн ва ақидаҳои равоқию гносии навафлотунӣ шодоб гардида, дар доираи ривояту устураҳо бо пайраҳаҳои пурпечу фароз ба роҳи пурпечу тобу тӯлонии яккахудой ворид гардидааст ва ин ақидаи ду гавҳари ҳамзод аз Зарвон дар дини зардуштия низ содиқ аст. Зеро дар таҳаввули он чандхудопарастӣ дар батни яктопарастии зардуштия ҳувайдост ва моҳияти замони бекарон бо ҳақиқати вуҷудӣ омезиш пайдо кардааст. Дар ин хусус Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ чунин нигоштааст: «дар оини зарвонӣ, ки дар Эрони бостон рушду ривоҷ ёфта, замон бо ҳақиқати вуҷуд яке гирифта шуда аст. Агар дуруст бошад, ки дар миёни мутафаккирони эронӣ баҳсе вуҷуд дошта бошад, то маълум кунанд, ки асл ду мабдаъи макон буда ё замон ва билахра яке аз он ду ғалаба кардааст, маълум мешавад, ки андешаи зарвонӣ асосу асли эронӣ дорад. Шакке нест, ки фарҳангу дастовардҳои фикрии Байнаннаҳрайн дар ҷараёни оини зарвонӣ муассир буда, аммо агар киши зарвонӣ аз андешаҳои бобулӣ муассир шуда, ин таъсир ба воситаи нуфузи аносири фарҳанги бобулӣ дар фарҳангу тамаддуни эронист»[76].

Дар воқеъ, муддатҳост, ки донишмандон зарвонпарастиро воситае барои озод шудан аз санавияти зардушт мешумориданд, зеро падари муштараки Ҳурмузу Аҳриман донистани Зервон ягона роҳи муносибу оқилонаи гурез аз дугонабоварӣ буд. Вале Ниберг (Nyberg) дар китобаш «Адёни Эрони бостон» ботил будани ин фаразияи хушбоворонаи мантиқиро эълон дошт ва бо қотеъият изҳор кард, ки «бояд як бор ва барои ҳамеша ин фаразияро канор гузошт, ки зарвонбоварӣ талоши мутааххиру ҳушёронаест ва ҳамчун як пул ду аслеро, ки ба назар меояд таорузи онҳо таъсири бисёр бар азҳони фалсафӣ гузошта, ба ҳам пайванд медиҳад»[77]. Душен Гуиллемин баъди овардани ин иқтибоси Ниберг фикри ӯро таъйид намуда, дар ҳамовозӣ бо ӯ қайд намуда, ки зарвонпарастӣ бисёр қадимтар аз дини зардуштист ва зарвонияро то худои мутаол ва одоби парастишу илоҳиёти хос пеш бурдани Ниберг заҳмати зоеъона аст, зеро, ба фикри Душен Гуиллемин, «зарвонбоварӣ дар ҳақиқат на як «мушкилкушо», балки бештар гунаи гароиш аст» [78]. Дар идомаи ҳамин фикр метавон гуфт, ки парастидани Зарвон ҳамчун худо зарвонияро ба зарвонпарастӣ ё худ ҷараёни кишгунае

табдил додааст, вале он зотан аҳкоми хосе надорад, ки мисли меҳрпарастӣ ва ё ҳар гуна дини дигар гаравандагонаш рӯи он тоату ибодат анҷом диҳанд. Танҳо ҷанбаи илоҳиёти он қавитар аз он абадиятест, ки чун як сифати худои мутлақ амал мекунад. Ба ин маънӣ худи замони бекарони Зарвон баробар бо худои мутлақу лояганоҳиест, ки таҷаллии асотирии кайҳонии он дар замону макони каронманд зоҳир мешавад ва аз сатҳи олами миной (офоқӣ) ба дараҷаи олами гетӣ (анфусӣ) нузул мекунад ва дар зинаи пасти он хусусияти моддиву ҷисм пайдо менамояд, ки табдилу табаддул (динамизм) хоси он мегардад ва дар ниҳоят барои расидан ба асли аввалаи худ (гурез аз олами омехтагӣ ё худ сууд) мешитобад. Ба ибораи дигар, аз олами мовароуттабиӣ (метафизикӣ) ба олами табиӣ (физикӣ) ба манои васеъи калима фуруд меояд ва барои расидан ба аслу насабаш сууд хоҳад кард.

Ҳамин тариқ, замон дар ду марҳилаи офариниш (олами миной ва гетӣ) ва таслис ё худ се замонро дар худ ниҳон дорад: замони пеш аз офариниш; замони ҳол, ки Мери Бойс онро «ион» номида, ки маҳалли пайкор ва ҷангу ситези некиву бадист; замони оянда ва ё бениҳоят, ки вақти фаро расиданашро дар интизор аст. Ин се ҷилваи вуҷуд ба сурати мавҷудоти зинда содиршуда аз Зарвон намунае аз фаъолиятҳои замони бекарон аст, ки Мери Бойс номи ононро Вашуқар, Фарошқар ва Заруқар ба қалам дода, ҳар яке аз онҳоро яке аз се марҳила медонад, ки «Зрвана акарена дар ин мароҳили сегона дар сурати ҷавонӣ, оқилагӣ ва пирӣ ҷилвагар мешавад. Зоти ӯ намояндаи давраҳои замони маҳдуд дар даврони абадияту мароҳили зиндагӣ дар ҳаҳаввули гетист[79].

Боварҳои зеҳнию динии инсон ҳимояткунандаи зиндагии ҷомеъа буда метавонанд, зеро онҳо дорои мақула ва маросиму аҳкоме мебошанд, ки нақши муассире ба зеҳни ҷомеъа гузошта, вобаста ба ташаккулу инкишфи он тағъиру таҳаввул меёбанд ва дар таърихи ичтимоъ унсурҳои одобу ахлоқи тоза арзи вуҷуд намуда, якҷоя бо аносири навини дини тозабунёд ҷойгузини русуму одоби қаблӣ ва диниҳои кӯҳан мегарданд, омӯзаҳои моқабли худро дар меҳвари таълимоти худ таназзули мақом мебахшад ва камаҳамияту беранг вонамуд мекунанд. Чунин ҳодиса дар боварҳои ахлоқиву динии суннатӣ камтар мушоҳида мешавад, вале дар боварҳои тоза бешар содиқ ва зоҳир мегардад. Ба тариқи намуна оини зарвонияро мисол овардан мумкин аст. Ин оин дар доманаи дини маздоии кӯҳан ба вуҷуд омада, шояд ба таҳаввули дини зардуштӣ нақши муассире дошта бошад, чун тамоми меҳвари баҳси он дар бораи офариниш аст ва таълимоти он ба низоми офариниши зардуштия нақш дорад.

Мутаассифона, Зарвон ҳамчун оин, ки таййи ҳазорҳо сол дар Осиёи Миёнаву Эрони бостон парастида мешуда, дар ин авохир ба ҷуз номе чизе аз он боқӣ намондааст, паёмбаре ҳам надошта ва рисолате ҳам барои мо

боқӣ нагузоштааст, ки маълумот ё худ тасаввуроте роҷеъ ба он дошта бошем. Баъзе муҳаққиқон Зарвонро неҳзате дар таълимоти зардуштӣ пиндоштаанд, баъзеи дигар пажуҳандагон онро шохае ва ҳатто бидъате дар дини зардуштӣ донистаанд. Ба ҳар ҳол, аз ҳамин навиштаҳои пажуҳандагону муаррихони дини давраи атиқаву муосир чи дар радду тасдиқ ва чӣ дар шарҳу тафсири он дониши нисбӣ ва иттилооте чанд ҳосил намудан мумкин аст. Ҳушанги Давлатободӣ дар тадқиқоташ таҳти унвони «Ҷои пои Зарвон» қайд намуда, ки «достони офариниши зарвониро дар навиштаҳои таърихнависон ва мубаллиғони масеҳии арманӣ, суриягӣ, китоби «Ал- милал ва н-ниҳал» -и Муҳаммади Шаҳристонӣ, рисолаи мавсум ба «Уламои ислом» ва ҳамин тавр дар баъзе аз матнҳои зардуштӣ монанди «Бундаҳиш», «Готҳо» метавон ёфт»[80]. Ҳошими Разӣ бошад ба гуфтаҳои боло нуктаеро изофа намуда, ки тибқи он пайдоиши мутуни монавӣ арзишу густариши оини зарвониро ошкор сохт. Ба фикри ӯ, Ҳурмузу Аҳриман ду гавҳари қадим ва офаридаи «Хвадата» («Xvadata») ва ҳар ду писарони ҳамзоди Зарвонанд. Дар як қитъаи Готӣ (Ясно, ҳоти 30/3) аз ду гавҳари ҳамзод, ки намояндаи хайру шарранд, ёд шудааст. Уламои илми каломи маздӣ, ба фикри ӯ, ба падид овардани оини зарвонӣ роҳе дар таҳлилу тафсири илоҳиёти маздӣ гушуданд, ки Аҳуромаздо ва Аҳриман тавъамон худои бузург, яъне Зарвони бекарон ҳастанд [81].

Баъди ибрози чунин ақида ӯ саъй намуда, ки назари аввалин муҳаққиқони оини зарвониро ироа намояд. Беросус (Berosus) ҳануз дар асри 4 ва Мӯсо Хуранӣ аз Зарвон ёд намудаанд. Оини зарвонӣ дар рӯзгори бостон тавсиа дошта ва Зарвонро бо Брахма, Кронос ва Сатурн дар изадкадаи худоёни Ҳинду Эрону Рум яке донистаанд. Ҳошими Разӣ мӯътақид аст, ки қадимтарин муаррих, ки дар бораи оини зарвонӣ сухан гуфта Теодор де Мопсуест (Theodos de Mopshuest) буда, ки китобаш то ба рӯзгори мо нарасида, вале қисматҳои он дар дигар асарҳои муаррихон нақл гардидааст. Агар ривоятҳои Плутархро ба ҳамин китоб мансуб донем, қадимати оини зарвонӣ ба садаи 4 пеш аз милод мерасад ва шояд то аҳди ҳахоманишӣ ақиб равад.. Фатиос (Phatios) ва муаллифи армании исавӣ Эзник де Котд (Eznik de Kotd) аз ҳамин китоб порчаҳое нақл кардаанд. Ҳошими Разӣ аз муаррихони дигаре, ки дар мавзуъи зарвония таълифоте иншо намудаанд, Адамуси Радосӣ (Eudamos of Rados)-ро номбар карда, ки аз он Демоскиус (Demoscius) иқтибос зиёд оварда. Ҳамчунин Алишо (Elishe), Марабҳа (Marabha), Теодори Борхунӣ (Theados Barkhouni) низ ишороте роҷеъ ба киши зарвония доранд. Ҷеймс Расел дар мақолаи «Розвар ва дониши ниҳонӣ дар оини Зардушт» мӯътақид шуда, ки шакке, ки боиси офарида шудани Аҳриман гардид, бозгӯи омӯзаҳои оини зарвония, барсохтҳои ҳиндӣ ва изадони хирадшинохтӣ аст.(Ин андеша, ки Зарвон

сарчашмаи муштарак, модару падар, Ҳурмузу Аҳриман —ҳар ду будааст, чунон таъсири шигифте дар Эрони давраи сосонӣ дошта, ки Эзник ва Алиша оини зарвониро як дини порсӣ намоёндаанд. Ҳушанги Давлатободӣ низ зимни мутолиаи осори марбут ба зарвония мутазаккир шуда, ки матлаби аслии боварҳои зарвонӣ дар ин навиштаҳо тақрибан яксон бозгӯ шудаанд ва ҳамин монандии тақрибии матнҳо достони офариниши Зарвонро эътибори зиёде бахшидааст.

Ривояти достони Зарвонро Эзник де Котд, ки дар асри 5 милодӣ мезиста ва китобе таҳти унвони «Радди кишҳо» («De Sectis») дар чаҳор қисмат нигошта (қисмати дуюмаш «Дар радди оини порсӣ»–зарвониҳо, зардуштиҳо ва монавиҳо) нисбатан муфассалтар аст. Дар он чунин омада: «Муғон гӯянд, пеш аз он ки офариниш анҷом шавад, қабл аз он ки Осмону Замин ва ҳеҷ махлуқе мавҷуд бошад, дар басити ҳастӣ вуҷуди ҳақиқӣ мавҷуд буд, ки Заврон (Zarvon) ном дошт, ки фарр ё бахту тақдир низ хонда мешуд. Вай муддати ҳазор сол ибодат кард ва қурбонӣ дод, то аз ӯ фарзанде ба номи Ормизт ormizit (Урмузд) мутаваллид шавад, то Замину Осмон ва он чи дар онҳост биофаринад. Чун ҳазор сол (дар баъзе матнҳои дигар ҳафтсад сол) бад-ин тариқ сипарӣ шуд, дар дилаш андешаи шакку тардид роҳ ёфт, ки оё ин қурбониву ибодату ранҷ ба самар хоҳад расид ё на ва ман дорои фарзанде ба номи Урмузд хоҳам шуд? Ҳанӯ оме, ки ин андешаи тардидомез дар вай роҳ ёфт Урмузд ва Аҳриманро обситан шуд. Чун аз ҳоли тавъамон огоҳ ёфт, бо худ гуфт ҳар як зудтар берун оянд, шоҳии ҷаҳонро ба ӯ хоҳам дод.

Урмузд аз ин андешаи падар огоҳӣ ёфт ва онро барои бародараш Аҳриман фош кард. Он гоҳ Аҳриман ба зуди шиками падарро шикофт ва худро дар баробари падар намоён сохт. Зарвон аз ӯ пурсид: ту кистӣ? Аҳриман посух дод, ки ман фарзанди ту ҳастам. Зарвон гуфт: писари ман бояд дурахшандаву дорои бӯи хуш бошад, дар ҳоле ки ту торику бадбӯ ҳастӣ. Дар ҳамин ҳанӯом Урмузд низ аз шиками падар (бо роҳи табиӣ) берун омаду худро дар баробари падар қарор дод. Зарвон ӯро дурахшанда ва дорои роиҳаи хуш дид ва донист, ки писараш ин пайкари тобон аст, ки барои таваллудаш он ҳама қурбонӣ дода буд. Пас аз дастаи чӯби муқаддас, ки дар даст дошт ба ӯ доду гуфт: то кунун ман барои зодани ту қурбонӣ мекардам ва аз ин пас ту бояд барои ман қурбонӣ кунӣ ва фадия диҳӣ.

Дар ин ҳанӯом Аҳриман назди Зарвон истоду гуфт: ту аҳд карда будӣ, ки ҳар як аз мо ду зудтар берун омада, ба ту намоён шавем, шоҳии ҷаҳон ӯро диҳӣ. Инак, бинобар он паймон бояд маро шоҳӣ диҳӣ. Зарвон ӯро хитоб карду гуфт: Эй мавҷуди палид, нӯҳ ҳазор сол аз фармонравой бар ҷаҳонро ба ту медиҳам, аммо пас аз он фармонравой бар олам азони Урмузд аст ва фармону иродаи ӯ иҷро хоҳад шуд. Онгоҳ офариниш дар ҷаҳон шурӯъ шуд. Он чиро ки Урмузд меофарид, хубу судманд буд ва он чиро ки Аҳриман меофарид, зишту музир мебуд»[82].

Ин ҷо мо аз баҳсҳои ҷадаломези Эзник да Котб ҳамчун намоянда каломи масеҳӣ, ки баъзе муҳаққиқон ба он пардохтаанд, худдорӣ намуда, чунин нуктаро қайд карданием, ки моҳиятан дар навиштаҳои Муҳаммади Шаҳристонӣ дар «Ал-милал ва-н-ниҳал» ва рисолаи «Уламои ислом» ин ҳамин мазмун бо баъзе тафовутҳо оварда шудаанд. Масалан, дар охирин асари ёдшуда қайд гардида, ки «Ҷаҳонро офарида гуянд... дар дини Зардушт чунин пайдост, ки ба ҷуз замон дигар ҳама чиз офарида аст ва офариданро замон аст ва замонро канора падид нест...»[83]. Шакке нест, ки дар ин достонҳои устурӣ ва ривоятӣ тарзи зодани Ҳурмузу Аҳриман, ба амали офариниш пардохтани онҳо ва муборизаву ҷанг ситези қувваҳои бадиву некӣ аз ҳам тафовут доранд ва шояд ҳам ин фарқиятҳо баъзан чунон зиёд ба назар расанд, ки боиси ихтилофи назари муаррихони дину муҳаққиқони гузаштаву муосир гарданд. Вале назари дақиқу амиқ ба сарчашмаҳо ва ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ ба он далолат мекунанд, ки масъалаи офариниш дар зарвония раванди муайяну мушаххасеро доро мебошад ва инҳирофҳои мавҷуд аз ин раванд бештар ба масоили фаръӣ ва унсурҳои раванди мазкур мансуб будааст.

Дар Готҳо, ки қисмати муҳимтар ва кӯҳантарини Авесто башумор меравад, номе аз Зарвон бурда нашудааст. Вале ҳамон тавре ки муҳаққиқон қайд намудаанд, роҷеъ ба ҳамзод будани Ҳурмузу Аҳриман ишорае рафтааст, ки аз пайкари Зарвон ба дунё омадани ин ду ҳамзодро таъйид мекунад. Аниқтараш дар яке аз ибороти Готҳо, ки Муҳаммади Муҳаммадӣ аз Пурдовуд иқтибос намуда, чунин омада: «Он ду гавҳари ҳамзоде, ки дар оғоз дар олами тасаввур зухур намуданд, яке аз он некист дар андешаву гуфтору кирдор ва дигаре аз он бадӣ (дар андешаву гуфтору кирдор). Аз миёни ин ду марди доно бояд некро баргузинад, на зиштро»[84]. Ин амр ба қудсияти Ҳурмуз дар дини зардуштӣ ба ҳамон андоза созгор нахоҳад буд, ки масалан аз омезиши обу оташ офарида шудани Ҳурмузу Аҳриман ба раванди офариниши зарвония созгорӣ надорад, зеро ҳануз амали офариниш анҷом нашуда ва мусалламан обу оташ низ вуҷуд надошта. Албатта, ин баҳси дигар аст, ки дар қисмати зардуштия хоҳад омад.

Қисмати аз ҳама муҳимму асосии диншиносии зарвонӣ ҳамон бовару шак (яқину тардид)-и худои замон-Зарвон аст, ки аз аввалӣ (бовар кардан, яқин донистан) Ҳурмуз ва аз охирӣ (шак кардан, тардид намудан) шиками падарро дарида, ба сурати писари аввал ба пеши падар ҳозир шудани Аҳриман мебошад. Доир ба ин масъала муҳаққиқон фикру ақидаҳои гуногун ва шарҳу тафсирҳои мухталиф ба қалам додаанд. Ба фикри мо, дар паси пардаи масъалаи зода шудани ду гавҳар аз Замони бекарон, ки дар шакли музаккар зоҳир шуда, ба худ унвони офаридгорро мегирад ва ба ӯҳдаи ҳамзодҳояш-Ҳурмузу Аҳриман, ки ҳар ду ҷиҳати талаби хайру шар аз лиҳози қувваю доираи амал яксонанд, офариниши ҷаҳонро, ки

воқеъан аз хубу зишт иборат аст, во мегузорад, аз тазодҳо офарида шудани оламро ифода мекунад. Ин тазод нахуст дар зеҳни Замони бекарон дар ҳолати муҷаррад пайдо шуда, баъд дар ҷисмаш, ки ҳамон олами сипеҳр бошад, ба сурати моддӣ табдил меёбад, ки шояд аввалин марҳилаи муборизаи тазодҳо донистан ҷоиз бошад.

Ҳанӯз Плутарх дар асараш «Изис ва Осирис» дар бораи ин ангезаву тозод навишта буд, ки саросари офаринишро асари феъли ду худо ё ду ниру ва қудрат ташкил медиҳанд, ки дар ду қутби мухолиф рӯёрӯй қарор гирифтаанд[85]. Амали зоиши Аҳриману Ҳурмуз, ки аввалӣ бо роҳи ғайритабиӣ, яъне чок кардани шиками падар ва дуюмӣ бо роҳи табиӣ, яъне аз зеҳдони ӯ по ба арсаи вуҷуд ниҳодаанд, тақаддуму таахҳури фаъолияти фикриву амалии ин ду офаридгори оламро дар қувваю феъли қутбҳои мухолиф ва офариниш ҳамчун асари феъли онҳо мушаххас менамояд. Агар уфуқи дидамонро густаронида, ба ин масъала фарохтар назар афканем хоҳем дид, ки дар мактабҳои фикрии Осиёи Миёнаву Эрони бостон тақаддуми зеҳнӣ ва ангезаи тазодҳои ботинӣ ҷой дошта, ки дар он фаъолии амали қувваи шар баръалоина мушоҳида мешуда, ки ин ҳама аз буну мояи андешаи офариниши «Шарқи куҳансол» ғизои маънавӣ гирифтааст.

Тибқи гузориши Эзник де Котд Аҳриман олитарин роҳи офаринишро дарёфта, ҳамчунин огоҳ шуда, ки Ҳурмуз офаридаҳои некро ба вуҷуд овардааст, вале равшноиро падид оварда натавонистааст. Ӯ ба девони худ гуфта, ки офаридаҳои неки Ҳурмуз дар зулмотанд ва бидуни ҳаракату фаъолиятанд. Агар ӯ огоҳӣ медошт, «бо модари худ наздикӣ мекард, аз ин наздикӣ Хуршед мутаваллид мешуд ва писари ӯ ба шумор мерафт. Пас бо хоҳар наздикӣ мекард, аз он Моҳ мутаваллид мешуд. Онгоҳ Аҳриман ба девҳо супориши карда, ки ҳеҷ кас ин розро фош накунад[86]. Вале Меҳмӣ (Mehmi) ном дев ин розро ба Ҳурмуз ошкор сохт. Идомаи ин баҳс чунин аст, ки, бино ба қавли ин масеҳии арманӣ, Аҳриман гуфта, ки «на чунон аст, ки тавоноӣ дар офариниши нек надошта бошам, балки намехоҳам масдари падид овардани хубӣ бошам. Пас барои нишон додани тавоноии хеш, товусро офарида[87]. Ҳошими Разӣ ин гуфтаи Аҳриманро таъбиру тавҷеҳ намуда, аз ҷумла қайд кардааст, ки Аҳриману деву ҳамроҳони ӯ фирефта ва аз руи сиришт баду зиёновар набудаанд, балки ба таоруз чунин рафтор мекардаанд. Мисли деви Меҳмӣ, ки рози нурро ба огоҳии Ҳурмузд расонда ва кори некро анҷом додааст. Албатта, ин нукта дар Авесто, матнҳои паҳлавӣ ва дигар навиштаҳои марбут ба динҳои эронӣ мушоҳида нагардидааст.

Чунин ба назар мерасад, ки маҳдуд будани подшоҳии Аҳриман ва дар ин масъала бартарӣ доштани Ҳурмуз сабабу иллати заминасози набарди байни некиву бадӣ буд ва аз назари мантиқ худ як тазоде ба шумор мерафт, ки фазову замони муайянеро барои ин набард таҳозо мекард. Ба ибораи

дигар, «фазову замони бекарон, ки ҷузве аз вуҷуди Зарвон буд, маҳдуд мешуд ва ба сурати набардгоҳ дармеомад. Зарвон барои ин кори ин фазои бекарон олами маҳдудро сохт ва аз замони бекарон дувоздаҳ ҳазор соҳро барои анҷоми машияташ дар бораи ҷанг ҷудо кард ва замони маҳдудро офарид»[88]. Ба ҳамин тариқ, аз Зрвана акарена («Зарвони бекарон») «Зрвана дарғуҳуфта (« замони маҳдуд») ва аз «фазои бекарон» ё худ «бефазои» фазои махдуд ба вуҷуд омаданд. Сипеҳр, ки ҳамон фалаки ҳафтгона бошад, аз Замон офарида шуд, ки, бино ба шаҳодати «Бундаҳиш» он «тани худои дрангхудой ва тақдири изадӣ»[89] маҳсуб мешавад. Тибқи пешбинии Зарвон бо гузашти дувоздаҳ ҳазор сол замони маҳдуд муҷаддадан ба замони бекарон ҳулул карда, як даври комили офаринишро ба вуҷуд меоварад, ки ин масъаларо идомат аз субҳи азал то субҳи абад қаламдод номудан мумкин аст ва роиҳаи сушиёнати зардуштиро ба машом мерасонад.

Ҷиҳати тасдиқи ин фикр аз «Бундаҳиш» як иқтибос дар ин ҷо овардан бамаврид хоҳад буд. Дар он омада: «Пеш аз омехтагӣ (замон) тамоман бекарона буд ва Ҳурмузд аз он (замони) бекарона (замони) каронмандро офарид; чун аз оғози офариниш, ки офаридагонро офарид то ба фарҷом, ки Аҳриман аз кор биафтад, ба андозаи дувоздаҳ ҳазор сол аст, ки каронаманд аст. Сипас ба бекаронагӣ биомезад ва бигардад, ки (он ҳангомест, ки) офаридагони Ҳурмузд ба покӣ бо Ҳурмузд ҷовидона шаванд. Чунин гуяд дар дин, ки замон нирумандтар аз ҳар ду офариниш аст: офариниши Ҳурмузд ва низ они Ариман. Замон ёбандаи ҷараёни корҳост, замон аз некёбандагон ёбандатар аст, замон аз огоҳон огоҳтар аст, чунон ки доварӣ ба замон тавон кардан». Ин тарҳи офариниш дар дигар бахшҳои «Бундаҳиш» ва «Зодспрам» низ дида мешавад, ки дар сурати тааммули амиқ дар онҳо омезиши муъҳаҷидоти маздоию зарвонӣ ба назар намоён аст. Ба ин нукта олимон кайҳост, ки таваҷҷуҳ зоҳир намуданд ва Ниберг (Nyberg) аз байни онҳо роҷеъ ба ин масъала муваффақтар будааст, зеро ӯ таъкид намуда, ки Зарвон ба унвони офаридгору холиқи ҳастӣ қабл аз Зардушт парастиш мешудааст, вале баъдтар омезиши устураҳои дорои аҳамияти ҷаҳоншиносӣ мушоҳида гардидааст.

Барои этминони хотир иқтибосе низ аз рисолаи «Уламои ислом» оварда мешавад, ки ба ин масъала бештар равшной андохтааст: «Дигар бидонанд дар офариниши ҷаҳон ва ахтарону гардиши афлок, равшаниву торикӣ, никуию бадӣ, ки дар ҷаҳон падид аст. Вале дар китоби паҳлавӣ ҷаҳонро офарида гуянд ва пайдост, ҷуз аз «замон» ҳама чиз офарида аст ва офаридгони замонро ҳам гуянд замона -- замонро, ки карона падид нест, болову поин падид нест, ҳамеша буда ва ҳамеша бошад»[91]. Дар воқеъ, дувоздаҳ ҳазор соли фарзии ҷаҳон ба дувоздаҳ ахтари осмонӣ робитаи мустақим дорад ва ҳар ахтаре як ҳазор сол ба тартиби бурҷи дувоздаҳгона ҳукумат мекунад. Ин ҳукумат бо барра (ҳамал) оғоз меёбад ва бо моҳӣ

(ҳуг) анҷом мешавад. Аз ин рӯ,таваллуду марги инсонро омӯзаю боварҳои ахтарбиниву толеъшиносӣ ба вазъу ҳолати афлоку ситорагон вобаста намудаанд. Масалан, ҳар гоҳ дар минтақатулбурҷ бурҷи асад бошад, касе ба подшоҳӣ мерасад; ҳангоми бурҷи савр касе, ки барояш таъйини сарнавишт кардаанд, ба молу давлат соҳиб мешавад ва ғайра. Аз ҳамин нуқтаи назар, баъзе муҳаққиқон оини зарвониро ба масъалаи тақдир алоқаманд ва пойбанди қазову қадар медонанд.

Ба вуҷуд омадани фосилаи замонӣ ва фазои маҳдуд боиси он гардид, ки Ҳурмуз бо ёваронаш дар қаламрави хубӣ ва Аҳриман бо ёваронаш дар қаламрави бадӣ ҷойгузин шаванд ва дар се ҳазор соли аввали даври комили ёдшуда ба офаридани махлуқоти неку бади худ бипардозанд. Ҳурмуз, чуноне ки дар усгураҳои маздаясно низ омада, аввал наботот, гов, оташ ва Хуршеду Меҳрро офарид, вале ин офаридаҳои нек ҳанӯз дар паси пардаи зулмат ниҳон буданд ва ҳеҷ гуна фаъолияту ҳаракат надоштанд. Ҳамин хел офаридаҳои бади Аҳриман низ беҳаракат буданд ва ҳар ду аз Зарвон дар ин бобат кӯмак хостанд. Ҳохиши онҳо ба ҷо оварда шуд. Иҷобати хостаи Ҳурмузу Аҳриман тавассути Зарвон дар матнҳо норавшан аст, вале ҳамин нукта баъдан дар фалсафа аз ҳолати билқувва ба ҳолати билфеъл омадани ашё ва падидаҳои табиату ҳодисаҳои ҷамъиятро дар худ таҷассум намуд, ки ҳамон такони аввалаи Арастуро ба ёд меоварад. Доир ба ин масъала Ҳушанги Давлагободӣ низ дар таҳқиқоташ қайд намуда, ки дар поёни се ҳазор соли аввал Ҳурмуз Аҳриманро ба созиш фаро хонд, то ҳар дуи онҳо фориғ аз воҳимаи ҷангу бархурд фақат ба кори офариниш бипардозанд. Ҳурмуз барои он ки Аҳриманро ба сулҳ тарғиб кунад, ваъда кард, ки уро абадӣ ва заволнопазир хоҳад гардонид , вале Аҳриман ин пешниҳодро напазируфт ва гумон дошт, ки пешниҳоди мазкур аз нотавонии Ҳурмуз аст. Дар «Бундаҳиш» ҳамин масъала чунин омада: «Ҳурмуз» чун офаридаҳои Аҳриманро дид... писандаш наафтод ва эшонро бузург надошт, пас Аҳриман офаридагони Ҳурмузро дид, уро писанд афтод... онгоҳ Ҳурмузд бо донистани чигунагии фарҷоми кори офариниш ба пазираи Аҳриман оштӣ бардошту гуфт, ки Аҳриман! бар офаридагони ман ёрӣ бар, ситоиш кун то ба подоши он бемаргу бепирӣ ва нофарсуданиву нопусиданӣ шавӣ. Онро иллат ин аст, ки агар набардро наёғозӣ худро аз кор наяфканӣ ва мо ҳар дуро судовариҳо хоҳад буд. Аҳриман гуфт, ки набарам аз офаридагони ту ёрӣ ва надиҳам ситоиш; балки ту ва офаридагони туро низ ҷовидона бимиронам ва бигравонам ҳамаи офаридагони туро ба нодӯстии ту ва дӯстии худ... Ҳурмуз гуфт, ки эй Аҳриман ! ҳар коре аз ту барнаёяд, ки ту маро натвонӣ мирондан ва офаридагони маро низ чунон натвон кардан, ки ба тамаллуки ман боз нарасад»[92].

Мазмуни боло дар навиштаҳои Плутарх, ёдгориҳои фарҳангии паҳлавӣ низ омадааст. Дар маълумоти Плутарх Митра ҳамчун довар ва

шахси сеюм (шахси солис) байни Ҳурмузу Аҳриман амал карда. Мусофиқи иттилооти Эзник де Котд, ки шарҳи ӯро баъдан Бенвенист нолоҳ намуда, Ҳурмуз бародараш Аҳриманро барои оштӣ намудан даъват карда, вале Аҳриман бародари худро ба мубориза ба майдони корзор фаро хонданаст. Дар ин мубориза Ҳурмуз, ки навиди пирӯзиро аз падари худ дарёфта буд, шикаст хӯрда ва ба ҳамин ҷиҳат ба ҷустуҷӯи доваре мегардад, ки миёни онҳо ҳукм кунад ва ихтилофи онҳоро ҳал намояд. Ӯ довариро ба ихтиёри Митра, ки ҷонибдори нуру равшной буд, во мегузорад. Меҳр ё худ Митра, ки дар ҳақиқат дар Авестои мутааххир ва навиштаҳои паҳлавӣ ҳамчун довар ё миёнҷӣ (Mesites) ёд шуда (ниг. ба фасли қаблӣ), барои муайян намудани як ҳолати дорои аҳамияти ҷаҳоншиносӣ бо ширкати шахсӣ довариро ба уҳда мегирад. Натичаи ҳамин доварӣ буд, ки ин худои бузурги оини митрой бо «гардунаи Меҳр»-и худ оламро нуру тароват бахшида, ҳаракати доворонии худро дар олами миной бо назму низоми мушаххас сомон бахшид.

Дар воқеъ, чун сухан роҷеъ ба Меҳр рафт, бояд дар ин ҷо ишора намуд, ки дар тасвирҳои гуногуни митроии манқуш дар меҳробаҳо тасвиршиносон осори оини зарвониро пайдо намуданд. Митра дар баъзе нақшҳо ба сурати худои ғулосое нишон дода шуда, ки сари чун шер, бол ва мори ба даври бадани ӯ печида бо сувари фалакӣ (ки сурати пушиши уст) дорад, вайро чун худои замон менамоёнад. Вале чуноне ки муҳаққиқон қайд намудаанд, нишонаи ҷисмии худовандгори Зарвон дар матнҳои эронӣ дида намешавад ва агар мулоҳизаи фавқ дар оини митроии интишорёфта дар Юнону Рум ҷой дошта бошад, ниёз бо шарҳу тафсири бештари тасвиршиносон дорад [93].

Ба иллати он ки зарвония дар радифи дигар динҳои маъмули давру замонҳои номусоиди Аҳди бостон парастида мешуд ва нуру равшной силсилаи асотиру достонҳои қаҳрамониву паҳлавониро ба вуҷуд оварда ва аз оини маздой ғизои маънавӣ гирифта буд, достони офаринишеро таҳозо мекард, ки беш аз ривоятҳои боло муназзамтар ва дорои мазмуни нисбатан томи ҷаҳоншиносӣ бошад. Зеро устураҳои боварӣ ва шакку тардиди Зарвон, падид омадани Ҳурмузу Аҳриман ва пайкори онҳо, ки зимни он ҷаҳони моддӣ офарида мешавад, ҳимояи комили ҷаҳони миной ё худ мовароуттабииро тавассути ҷаҳони гетӣ ё моддӣ (табиат) таъмин карда наметавонад. Аз назари мантиқӣ ва ҷаҳоншиносӣ дар ин устураҳои зарвонӣ ноқисиҳое ба назар мерасиданд, ки баъдан онҳоро зардуштия бар мабнои боло бурдани асли ахлоқии андешаҳои маздоя ва монавия бар асоси тавсифи се давраи таърихи кайҳонӣ ба тавре ҷуброн намуда, анъанаи зардуштияву моновияро ҳамчун таълимоти волои Аҳди бостони мутааххири ниёгони ориёӣ ироа намуд. Ин масъала дар бахшҳои марбута мавриди баррасӣ қароро хоҳад гирифт. Вале он чӣ ба робитаи зарвонияву монавия марбут

аст, бояд чунин нуктаро хотирнишон шуд, ки номи Заврон дар монавия омада. Пас аз истилои Искандари Мақдунӣ ва давлатҳои селевкию ашконӣ таҳти нуфузи фарҳанги юнониёну тақдиргароии нучумии бобулиён тағъирот куллие дар ҳаёти иҷтимоиву мадании эрониён рух дод. Вобаста ба ҳамин дигаргуниҳо Монӣ дар таълимоти суннатии дини зардуштӣ таъгироту дигаргуниҳое ворид намуд. Яке аз чунин тағъирот барои ифодаи худои «фаротар аз кайҳон» истифодаи номи Заврон ва писарони ин худои бузург шинохта шудани Ҳурмузу Аҳриман, ки дунболаи ин матлаб арзишу эътибор ва густариши зарвонпарастиро то андозае равшан сохт.

Абдулазими Ризой бо истинод ба Юнкер ва ишораи Готҳо дар бораи гавҳарҳои ҳамзод зарвонияро, ки дар аҳди Ашкониён мавзӯъи гоза набудааст, бозгашту атфе ба як асли куҳан медонад ва макон ё худ фазоро мақулае мепиндорад, ки замон таҳти шуои худ қарор дод ва дар таълимоти Монӣ дар шакли нисбатан мушаххастар қомат барафрохт [94]. Барои тасаввуроти хонандагон дар зер ривояти Монӣ дар бораи офаринишро ироа хоҳем кард, ки нақши Зарвон дар се давраи мухталифи кайҳонии як даври комили дувоздаҳҳазорсола баръало мушоҳида мегардад. Зимнан ёдовар мешавем, ки матн аз ҷилди дуюми «Фарҳангномаҳои Авесто» бо ихгисор ва иловаҳо аз «Устураи офариниш дар оини Монӣ», таҳқиқоти Саидҳасан Тақизода таҳти унвони «Монӣ ва дини ӯ ва достонҳои Эрони бостон», ки Ҳошими Разӣ дар китобаш оварда, манзури хонандагон мегардонем.

«Дар оғоз ҷаҳони мо набуд. Танҳо ду гавҳар буд: гавҳари рӯшной ва гавҳари торикӣ, назму сулҳу фаҳм ва саодату созиш барқарор буд ва поён надошт. Қаламрави торикӣ дар ҷануб ва иғтишошу беназмӣ, ҳамчунин касолат муставлӣ буд ва ба қаламрави рӯшной мепайваст. Қаламрави нур аз панҷ ноҳия ва маскан ба вуҷуд омада, ки панҷ узви худо, яъне ҳуш, фикр, тааммул, ирода ва ионҳои бешумор (мавҷудоти ҷовид ва мазоҳири худо) дар он сокин ҳастанд. Қаламрави зулмат ҳам аз панҷ табақаи рӯи ҳамдигар ба вуҷуд омада, ки аз боло ба поин иборат аст аз дуд ё меҳ (ки зоҳиран ҳамома, ки дар маохизи арабӣ ҳам зикр мешавад, ҳамон аст) оташи балъанда, боди мухарриб, оби лаҷанӣ ва зулмот. Ин панҷ оламро панҷ раис ё орхунат идора мекунад ба ашколи дев-шер-уқоб-моҳӣ-афъӣ ва ин шаклҳо ҳама дар подшоҳи зулмат, ки султони онҳост, ҷамъ шуда ва дар муқобили он панҷ унсури панҷ фелез, яъне тилло-мис-оҳан-нуқра-қалъ ва панҷ таъм, яъне шӯр-гурш-маззаи тунду тез-бемазза-талх вуҷуд дорад... Шаҳриёри олами равшаной Зарвон буд ва бар ҷаҳоне аз фурӯғу сафову оромиш ҳукм меронд. Дар ҷаҳони торикӣ «Оз» деви бадхӯи бадниҳод фармонравой дошт. Қаламрави «Оз» ба девони палид ва бадкори ситезаҷӯ оганда буд.

Ин ду унсур ҷудо мезистанд. Рӯзе Оздев хост ҷаҳони равшоиро тасхир кунад. Зарвон-шаҳриёри ҷаҳон омодаи ҷидол набуд. Барои набард бо девони

торикӣ ва бозҳоштани онон ду худои дигар аз худ падид овард. Аз он ду Ҳурмуздро, ки мазҳари нахустин инсони минови ва нахустин чаҳонвари ҷаҳони равшной буд, мусаллаҳ бо панҷ унсури нурони: об, бод, оташ, насим ва нур ба набарди девон фиристод. Аммо Ози бадкунишин ҳурманд дар набард чира шуд ва Ҳурмузд шикаст хӯрд. Оз ва девонаш панҷ унсури нурониро, ки ба ҷои фарзандони Ҳурмузд дар ҳукми силоҳи вай буданд, балъиданд ва аз андешаи тозиши дубора бозмонданд... Пас аз замоне Ҳурмузд ба худ омад ва аз қаъри ҷаҳони торикӣ хурӯш бароварда, аз модари худ, ки яке аз худоён ва офаридаи Зарвон буд, ёрӣ хост. Хурӯши Ҳурмузд аз пойгоҳи девон то боргоҳи худоён дар андак замоне расид. Моми Ҳурмузд назди Зарвон рафт ва барои раҳоии Ҳурмузд аз асорати девон кӯмак хост. Онгоҳ Зарвон барои раҳоии Ҳурмузд худоёни дигарро падид овард.

Меҳризад нирумандтарини ин худоён буд. Ӯ барои наҷоти Ҳурмузд ба марзи ҷаҳони торикӣ равон шуд ва вайро нидо дод. Чун аз Ҳурмузд посух расид, барои пайкор бо девон панҷ фарзанд (Деҳибуд, Марзбуд, Висбуд, Зоидбуд, Манбуд) аз худ падид овард, ки набардатарини онҳо Висбуд силоҳ пушида, ба фармони Меҳризад ба пайкори девон рафт ва ба зудӣ ононро дар ҳам шикаст, дар зери по нарм карду пӯст аз танашон ҷудо сохт. Бисёре аз девонро низ дар осмонҳо ба занҷир кашид.

Онгоҳ Меҳризад ба бинои ҷаҳони мо пардохт: йӯздаҳ осмонро аз пӯсти девон сохт, аз гӯшти эшон ҳашт табақаи Замин ва аз устухони онҳо кӯҳҳоро офарид. Яке аз фарзандони худ Поҳаргбуд (ном дигари Марзбуд) - ро фармон дод то бар сари осмонҳо биншинаду ришгаи онҳоро ба даст бигирад, то дар ҳам нарезанд. Дигар аз фарзандони худ Манбудро бар он гузошт, то табақоти заминро бар дӯши хеш нигоҳ дорад, то фуруд наоянд. Меҳризад аз он аносири нуронии озодшуда, ки девон балъида буданд, ситорагони осмонро ба вуҷуд овард. Офтобро аз оташ, гардунаи Моҳро аз боду об ва ситорагони дигарро аз нур, ки аз офати девон осеб дида буд, падидор кард. Қисмате аз нуре, ки дар дили девон боқӣ монда буд, бояд озод мешуд. Чорае мебоист кард. Ҳама ба назди Заврон омаданд ва аз ӯ кӯмак хостанд. Онгоҳ Зарвон сеюмин бор худоёни дигар аз худ падид овард ва «Равшани Шаҳризад»-ро, ки аз ин худоён буд, ба идораи ҷаҳони мо гуморд (яъне замони маҳдудро падид овард), то ҳамон тавре, ки Зарвон шаҳриёри олами болост, «Равшани Шаҳризад» низ бар Замину Осмону ин ҷаҳон худованду подшоҳ бошад, ҷаҳонро равшан бидорад, рӯзу шабро падид оварад, чарҳҳои Офтобу Моҳ ва ситорагонро ба гардиш андозад, гавҳари нурро, ки ба тадриҷ аз чанги девон раҳо мешавад, ба сӯи биҳишти Зарвон роҳбарӣ кунад.

Равшани Шаҳризад ин ҷаҳонро, ки Меҳризад сохта буд, ба гардиш даровард ва чарҳҳои Офтобу Моҳу ситорагонро ба кор андохт ва бадин гуна ҷаҳоне, ки мо дар онем пардохта шуд ва ба ҳаракат даромаду зиндагӣ оғоз кард. Дар ин ҷаҳон зарроти нур, ки аз зиндони зулмат раҳой меёбад,

дар сутуни нуронӣ гирд меояд ва аз он ҷо рӯз ба рӯз ба гардунаи Моҳ меравад ва дар он ҷо анбошта мешавад; ба ҳамин ҷиҳат Моҳ дар оғоз ба сурати ҳилол аст, пас аз он рӯз ба рӯз бузургтару нуронитар мешавад. Пас аз понздаҳ рӯз паймонаи Моҳ пур мешавад ва Моҳ ба сурати доираи тамом дармеояд. Онгоҳ нуре, ки дар Моҳ гирд омада, ба гардунаи Хуршед меравад. Аз ин ҷост, ки Моҳ пас аз он ки доираи тамом шуд, рӯз ба рӯз коста мешавад, то ба куллӣ аз нур холӣ мегардад ва дигар ба чашм намеояд.

Зарроти нур, ки дар Офтоб гирд меоянд, аз он ҷо саранҷом ба «биҳишти равшной», ки маскани Зарвон аст, мераванд ва ба манзилгоҳи нахустини хеш мепайванданд. Девон ва париёне, ки Висбуд-фарзанди Меҳризад маглуб карда, дар Осмон ба занҷир кашид, ҳануз порае аз аносири равшноиро дар дили худ пинҳон доштанд. «Равшани Шаҳризад» барои он ки зарроти нурро аз вуҷуди эшон бурун кашад, тадбире андешид. Чунон кард то аз ин девон мавҷудоти дигар падидор шаванд. Аз тухмаи девони нар дар замин панҷ дарахт рӯйид. Дарахтону гиёҳони дигар ҳама аз ин панҷ дарахт ба вуҷуд омаданд. Аз тухмаи девони мода панҷ ҷонвар падид омад. Ҷонварони ин олам аз дупо ва чорпо, паранда ва хазандаву обӣ ба вуҷуд омаданд.

Дар ҳар як аз гиёҳу ҳайвон шарорае аз гавҳари нур пинҳон аст. Ин ҳамон нурест, ки девон пас аз маглуб сохтани Ҳурмузд балъида буданд ва инак аз вуҷуди онон ба гиёҳу ҳайвон интиқол ёфтааст. Ин нур аст, ки батадриҷ раҳой меёбад ва дар сутуни нур гирд меояд ва ба Моҳ меравад. Гардиши олам барои он аст, ки зарроти равшноиро кам кам аз дили гиёҳону дигар мавҷудот берун бикашад ва ба сарманзили нахустин бозгардонад»[95].

Усгураҳои ба ҳамин монанд дар таҳқиқотҳои Аҳди қадим ва дигар навиштаҷоту ёдгориҳои фарҳангӣ, ки дар асрҳои 5-8 милодӣ навишта шудаанд, бо баъзе тағъиротҳои ҷузъӣ ба таври фаровон мушоҳида мешаванд. Дар аксари онҳо нуктаҳои асосии оини Зарвония ба такрор омадаанд. Вале устураҳои монавия, ки бар пояи санавият қад барафрохтаанд, шомили назарҳои бештари қобили қабуланд ба ин маънӣ, ки ҷойгоҳи барини Зарвон ҳамон фурӯғу равшноии бекарон аст, ки манобеъи ғайриэронӣ ба он номи худои «фаротар аз коинот» дода. Муҳаммад Иқбол зимни ҷамъбасти онҳо дар «Сайри фалсафа дар Эрон» ба чунин натиҷа расида, ки зарвониён равшаной ва торикиро фарзандони замони бекарон медонанд ва фирқаи коюмарсия иддао дошта, ки асли оғозини ҳастӣ равшаной буд, вале он аз нируи душманон ва аз ин ҳаросу он душманӣ торикӣ ба вуҷуд омад. Равшаноии «фаротар аз коинот» иборат аз панҷ сипеҳри оини меҳрпарастист, ки дар рисолаи «Меноки храд» низ дар бораи он ишора рафта, ҳамаи ҳастӣ дар партави таваҷҷуҳи замони бекарон ба вуҷуд омадааст.

(Агар мақому сарнавишти инсон дар оини зарвониро мавриди баррасӣ

қарор диҳем. маълум мегардад, ки Каюмарс ҳамчун тиҷоратгаи Зарвон имми тозиши Аҳриман 30 сол зист, пас аз 40 сол Машйа ва Машйана ба фароғ рустанд ва 50 сол ононро заношӯй набуд, 93 солу 6 моҳ бо ҳам дар ишқбоҷ буданд, то ки Ҳушанг ба дунё омад. Бино ба ин навиштаи «Бундаҳиш» сарнавишти инсон роҳи тӯлонии пурпечу тоб ва пуршебу фарозеро тай карда, то замони нӯшидани ширу хӯрдани гӯшт дар покӣ ва дастпахурдагӣ ҳаст ба сар мебурданд. Аввалин гуноҳи ин ду офарида, ки пораи нури Зарвон (ба тавассути нутфаи Каюмарс) дар замирашон ҷойгир шуда буд, ба васвасаи Аҳриман дода шуда, хӯрдани маводи ғизой ва ба дунболи он бурузи шавқи шаҳватпарастӣ буд. Дар натиҷаи наздикии он ду, ки баъди 50 соли зиндагии ҷудогона сурат гирифт, ба тавлиди мисл пардохтанд ва баъди дар дили онҳо парваронидани меҳри фарзандӣ тавассути Ҳурмуз соҳиби 6 писар ва 6 духтар шуданд, ки бо худи оиҳо 7 завҷи нахустини башар ба шумор мерафтанд ва аз омезиши онҳо авлоди башар по ба арсаи вуҷуд ниҳод.

Ин достон аз «Бундаҳиш» сар карда то «Зодспрам» ва дигар навиштаҳои паҳлавӣ бо гакрор омада, вале он чиз дар ин ҷо дорои аҳамият аст, ки, аввалан, ба вуҷуд омадани инсон ва авлоди башар худ як амри мусбат аст. Сониян, ин ҳодиса идомати бархӯрди қувваҳои бадӣ ва некӣ ва интиқоли он аз олами миной ба олами гетиро фароҳам намуда. Солисан, дар зоҳиру ботини як инсон гирд омадани ду отифа ё худ нируи мутазодро дар шакли ҳануз ташаккулнаёфта ва шояд ҳам хеле соддаи боварҳои ирфонӣ ҷой додааст, ки маҳз дар натиҷаи ҳамин умури розомез замони маҳдуд дар давраи муайяни кайҳонии Зарвон бо замони бекарон омезиш пайдо хоҳад кард. Бешубҳа, ба ҷуз чунин натиҷагирӣ хулосаҳои дигаре низ дар зарвоншиносӣ мавҷуданд, ки муҳаққиқон тибқи бардошти шахсии масъала ва дараҷаи маърифати фарҳангиашон мақому манзалати инсон дар оини зарвониро муайян намудаанд. Ба унвони мисол метавон ба фикри Ҳушанги Давлатободӣ ишора намуд. Ӯ муътақид аст, ки дар ҷаҳонбинии зарвонӣ тақдир ҳокими мутлақ буда, «ҳеҷ яке аз офаридаҳо ихтиёре аз худ надоранд ва наметавонистанд дошта бошанд. Даме, ки мавҷудот фурӯ мебаранд ва зиндагиро барояшон мумкин месозад, аз фазо, яъне тани зарвони каронманд аст ва ғизое, ки меҳӯранд маҳсулест, ки аз пайкари зарвони маҳдуд меруяд. Зарвон ҳамон худоест, ки аз аввалин лаҳзаи офариниш то охирин саҳнаи он ҳама чизро ба машияти худ муайян кардааст ва ҳеҷ рӯйдоде ҷуз дар пайкари ӯ, ҷуз ба тақдири ӯ ба вуқӯъ намепайвандад. Бинобар он рафтори Машйа ва Машйана ва инсонҳое, ки аз насли онҳо падид омада, хоҳ дуруст бошад хоҳ нодуруст, ҷузъе аз тақдири ӯст»[96]. Ҷеймс Рассел низ роҷеъ ба ҳамин масъала таваққуф намуда, «нокор ангоштани (гуноҳ шуморидани) иртидоди даҳрӣ бо меъёри паймоншикании зардуштӣ, ки ҳануз ҳам умуман бозгӯ мешавад, эҳтимолан далолат бар

сарнавиштбоварӣ (fatalism) дар кул дорад; агарчи худи вожаи сурати паҳлавишудаи истилоҳи арабии «Зарвонист» (Zurvanite)-ро нишон медиҳад»[97]. Ба фикри мо чунин арзёбии дорои хусусияти фатилистона ба фаъолияти инсони оини зарвонӣ мунсифона нест ва муболиғае ба суди баҳси қазову қадар мебошад.

Дар оини зарвонпарастӣ баҳси доманадоре роҷеъ ба замону макон, аниқтараш замони бекарона ва макони бекарон вуҷуд дорад, ки зарвоншиносон онро ҳануз дар Аҳди қадим матраҳ намуда буданд. Моҳияти баҳс дар он зоҳир мешавад, ки агар ҷисм дар замону макону ҳаракат вуҷуд дошта бошад ва барои ба вуҷуд омадани он дар олами офоқӣ замони бекарон мавҷуд бошад, макон ё худ фазои бекарон низ вуҷуд дорад ё на? Ба иборати дигар, агар умри кайҳонии маздоиро, ки Зарвон офарида, Ҳурмузу Аҳриман байни худ тақсим карда бошанд, бино ба қиёси мантиқӣ макони бекаронро ҳам байни худ тақсим намудаанд ё на? Посух ин саволҳо мусбат аст. Зеро ба ин масъала агар бо диди ҷаҳоншиносӣ назар афканем, маълум мегардад, ки вақте Зарвон ҳамчун замони бекарон гавҳарҳои ҳамзоди худро офарид, онро дар қаламрави нуру зулмати худ ё фазои муайяни худ ҷой дод ва тамоми ситези Аҳриман барои ба даст овардани қаламрави нур ва мо фиҳо буд. Дар адабиёти зардуштиву зарвонӣ омада, ки олами нур дар фазои ниҳоят боло ва олами зулмат дар фазои ниҳоят поин қарор доранд. Абдулазими Ризой дар ин маврид навишта, ки «қаламрави рӯшной дар шимол буд ва поёне надошт ва қаламрави торикӣ дар ҷануб буд, ки ба қаламрави равшной меҳайваст»[98]. Муллифи «Фалсафаи Зардушт» Фарҳанг меҳр муҳтақид аст, ки дар оини зарвонӣ дар мавриди фазо аз «манагҳуш демана» ба маъноии қаламрави хубӣ ва «дуруҷ демана» яъне қаламрави бадӣ ном бурда мешавад. Ба ҷуз ин истилоҳоти дигар низ барои қаламрави фазоӣ ба кор рафтааст. Яке аз он истилоҳ «Агра рауша», ки бар маъноии (қаламрави) равшноии бекарон аст ва қаламрави хиради хубӣ ҳам дар он аст ва дигаре « савоша», ки дар «Вандидод» ба маъноии фазои маҳдуд байни замину осмон омадааст[99].

Ҳамин мазмунро Душен Гуиллемин бо истинод ба охири қитъаи «Васвасаи шайтон» ба тариқи муколама чунин баён намуда: Эй Зардушт, ба макони фанонопазир, ба замони бепоён, ба Войуи корҳои бартар таваккул кун». Вой ё войуи дрангхудой дар ин ҷо, бино ба шаҳодати «Бундаҳиш» афзори фарозофарини Зарвон мебошад[100].

Аз гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки ҳануз дар Аҳли қадим дар Осиёи Миёнаву Эрони бостон баҳсе вуҷуд дошта, ки исолати ду мабдаъи мавриди назар-«замон» ё «макон» ҷой дошта ва ниҳоят, дар баҳси мазкур «замон» ғалаба кардааст. Аз ҳуввияти он «макон» ё худ «фазо» низ сар зада, зеро мусаллам аст, ки офаридаҳо ба ҷуз буъди замонӣ буъди маконӣ низ доранд, ки дар ҳолати офоқӣ (миной) дар моҳияти замони каронманд хамчун тани у

зимни ташаххус ниҳонанд ва дар олами анфусӣ (тӣ) агон интиҳоъ хоҳанд шуд. Пас, макон дар ин ҳолат худои қадими интизоист. Чиҳати маълумоти бештар, барои нишон додани фарқияти зарвония ва маздоия дар масъалаи замон шояд овардани як иқтибос аз Фарҳанг меҳр дар ин ҷо аён муддао бошад. Ӯ навишта: «Бино ба Готҳо Аҳуромаздо дар равшноиҳон беҳосни «Ангра раушо», ки муаррафи бекарон ё ҳолати бефазоист, бидуни оғоз ва анҷом ва бидуни тағъир барои ҳамеша (ки муаррафи замони бекарон ва ҳолати безамонист) ҳастӣ дорад. Аз ин рӯ, замон ва фазои номаҳдуд (ва ё ҳолати мустақил аз замону макон) дар Аҳуромаздо ва бо Аҳуромаздост»[101].

Аз ин иқтибос нуфузи зарвония ба оини маздой ё худ зардуштия то андозае намоён аст, вале илоҳиёти зарвония ва раванди офариниш дар он ба гунаи дигар аст. Бо эҳтимоли қавӣ ҳамин шабоҳату монандиҳоро ба назар гирифта, баъзе муҳаққиқон «зарвонияро баёнгари ботини дини зардуштӣ»[102] пиндоштаанд. Идомаи ин фикри мароқангезро мо дар поён зимни баррасии «замон», «даҳр», «сармад» хоҳем овард. Дар ин ҷо мо асотири пурмуҳтавои зарвониро аз чаҳорчуби ҷаҳоншиносии асотирӣ ба модели фалсафии офариниш ё худ аз баёни асотирӣ ба ҳикмати ақлӣ интиқол хоҳем дод. Ин масъаларо аз он шуруъ хоҳем кард, ки дар зарвония Зарвон дар умури мовароуттабиӣ (мутафизикӣ) нақши «Сармад» («The Eternal»)-ро ба худ касб намуда, аз назари равоншиносӣ бошад, ба маънои замони беҳаду марз омадааст». Агар ин гуфтаи Саидҳусайни Насрро ба таври густурда баён ва ба қадри имкон гирехи онро боз намоем, ҳолате рух хоҳад дод, ки дар он Зарвон ҳамасли Аҳуромаздо дар дини маздой шинохта мешавад. Гавҳарҳои ҳамзод «мусаввири офариниш мешавад, касрати моддӣ муқаййад ба тааййун аз он ҳодис мешавад»[103]. Ба ибораи дигар, дар оини зарвонӣ як замони бекарон ба унвони «Зрвана акарена» ва як замони каронманду маҳдуди дувоздаҳахорсола мавҷуданд. Ҳошими Разӣ ҳамин ду ваҷҳи замониро дар «Ҳикмати хусравонӣ» қайд кардааст, вале Ғуломҳусайн Иброҳими Дининӣ муъҳақид аст, ки замони бекарону каронманд дар се ваҷҳ намудор мешаванд: ваҷҳи аввал ҳамон замони бекаронаи ловуҷуди ҷаҳонист, ки зотан ё худ фи нафсиҳи вуҷуд дорад; ваҷҳи дуюм замони лоятаноҳӣ ё худ, равони сармадист, ки шомили моҳияти замонӣ мебошад; ваҷҳи сеюм замони вуҷудист, ки мавҷудотро аз ловуҷуд ба вуҷуд дармеоварад. Аз ин лиҳоз коинот маҳсули замони каронманд аст, ки аз тариқи моҳияти худ шахсияташро зоҳир менамояд. Ҳамин мазмунро Ғуломҳусайн Иброҳими Дининӣ дар асараш оварда, роҷеъ ба амри офариниши Зарвония чунин нигоштааст: «Дар ҳар ҳол бо маҳдуд шудани замон ҳастӣ содир мешавад ё зуҳур меёбад. Аз замони номаҳдуд замони маҳдуд ҳодис мешавад ва ҷунбиш аз сукуни сармадӣ ба вуҷуд меояд. Замони маҳдуд аз амалу ҳаракат ҷудонопазир аст. Замон аз оғоз то поён ҷараён меёбад ва ба хостгоҳи худ, ки номаҳдуд бошад, мепайвандад. Маҳдудияти

Зарвон лозимаи амали ҳилкат аст. Бо шахсият ёфтани Зарвон, дар буъди замонӣ Зарвони дрангхудой сохта мешавад ва бо он аст, ки судур ё таҷаллӣ ва ё фаязони Зарвони акарона дар сурати мавҷудот ба вуқуъ мепайвандад ва ваҳдат ба касрат табдил мешавад»[104].Аз иқтибоси боло маълум мегардад, ки замон аз назари метафизикӣ як ҳодисаи маъмул намебошад ва таърифи фалсафаи таҳлилии муосир роҷеъ ба замони гузаштаву ҳолу оянда («пеш», «бо» ва «пас аз») барои инъикоси замон дар фалсафаи вуҷудшиносӣ кофӣ нест. Воҷеъан таърифи замон бояд хеле васеътар ва мушкилтар аз абадият ва миқдору андозаи ҳаракат бошад. Зеро замон бо мавзуъҳои гуногуни таквини Коинот гирех хурда «фармондеҳии кулли нируҳои некиро дар охирин набарди сарнавиштсоз бо бадӣ низ ба уҳда дорад» ва омадани сушиёнат яке аз нишонаҳои поён ёфтани замони драндхудой аст.

Августин беҳуда нагуфтааст, ки замонро мешиносам, вале дар таърифи он мушкил дорам. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки ҳамин матлаби метафизикии замон, ба мисли дигар масоили муҳимми оинҳои меҳрпарастиву маздой ва зардуштӣ, дар Аҳди бостон як силсила масоили гозаву печидаи умури ҷаҳоншиносиро ба вуҷуд овард, ки онҳо аз доираи устураву ривоятҳои қаблӣ таҷовуз карда, ба низоми мактабу мазҳабҳои фалсафиву динӣ ва ирфонӣ ҳамчун диди ҷаҳоншиносӣ бо далелҳои қавии мантиқӣ дохил шуданд.

Зимни баррасии оини зарвонӣ аз руи нишондоди маъхазҳо ва тадқиқотҳои мавҷуда академик Мусо Диноршоев ба чунин натиҷа расида, ки зарвония дорои ду шуъба – зарвонияи мазҳабӣ ва зарвонияи моддигаро будааст, вале замони иншиоби ин шуъбаҳо номаълум ва ба гуфтаи Зеҳнер он дар аввали давраи сосонӣ рух дода, вале ин ақидаи Зеҳнер мухолифони худро дорад. Мусо Диноршоев роҷеъ ба огозу анҷом надоштани замон ва азаливу абадӣ будани он, мояву асоси ҳастӣ ва ҷавҳару тухмаи сипеҳр (ба маънои моддаи аввалӣ) будани замони бекарон иброзиақида намуда, баробари замон абадияти моддаи нахустин ё худ сипеҳрро нуктаи муҳимми таълимоти зарвония медонад.[105] Дарвоҷеъ, ҳамин масъала дар Асрҳои миёна тадриҷан ба як мактаби моддигарой ва ҳатто иҳодомез сабзида расид. Ҳарчанд, ки сарчашмаҳо дар ин бора маълумоти кофӣ ба мо надодаанд, фаҳмидани он душвор нест ки «замон» дар забони арабӣ «даҳр» тарҷума шуд ва пайравони онро «даҳрия» меномидагӣ шуданд. Баъзе муҳаққиқон зарвонияро бо даҳрия як ҷараён шуморида, тахмин мекунанд, ки ин калима таҳрибан баробар бо локаята (ҷаҳон) мебошад. Охирӣ як мактаби материалисти дар Ҳинди қадим буд. Дар манбаъҳои асрҳои миёнаи эронию арабӣ робитаи даҳрия бо фирқаи «самания»-и ҳиндӣ, ки аз ҳамон таълимоти локаята ғизои маънавӣ гирифта буд, зикр шудааст. Масалан, Аблуқодири БаҒдодӣ дар «Фарқ байн-ал- фирақ» дар ин бора маълумот оварда, навиштааст, ки «фирқаи самания ба қадим будани олам мўътақид

будааст»[106]. Оини дзен-буддизм низ замонро вуҷуд донисти, ҳам замонро тамоми вуҷуду ашё ва раҳоии инсон аз замони фонирро матраҳ намудааст.

Моҳияти таълимоти ҷараёнҳои даҳрия ва зарвонияи дар аҳди ислом аз он иборат аст, ки пайравони он на фақат ба вуҷуди худои муҷаррад (абстракт)-и мовароуттабиӣ боварӣ надоранд, балки вуҷуди ҳимо гуна худоҳоро рад карда, ба ҷуз замони бекарон дигар ҳама чизи абстрактиро дар олами улвӣ намепазиранд. Дар «Шканд гумоник вичар», ки дар аҳди ислом нигошта шудааст, дар радди ин фирқа чунин омада: «Аммо гумроҳии касоне, ки даъво мекунанд худое нест ва ба даҳрӣ маъруф мебошанд, чунин аст, ки гумон мекунанд аз таколифи динӣ ва аз иқдом ба корҳои нек маъоф мебошанд ва аз суханони бепояи эшон, ки пайваста ба забон оранд, яке ин аст, ки ҷаҳон бо таҳаввулоти гуногуну танзимоте, ки дар он нисбат ба аҷсому аъмол мавҷудаст, аз тазоди ашё ба вуҷуд омада ва таркиби онҳо ҳама ношӣ аз таҳаввули бадвии замони бепоён аст. Ва ҳамчунин гуянд, ки на подоше барои корҳои нек ва на кайфаре барои гуноҳон дар миёну на дузаху биҳиште дар кор аст ва на чизе, ки одамиро ба кори нек ё бад водорад. Ва низ гуянд, ки олами ҳастӣ ҷуз модда нест ва рӯҳ вуҷуд надорад»[107].

Айни ҳамин мазмунро бо каме тағъирот Ҳушанг и Давлатбодӣ низ оварда, то садаи сеюми ҳиҷрӣ, ки баробар ба асри даҳум мебошад, мавҷуд будани иттилооти кофӣ роҷеъ ба зарвонияро, ки аз руи қонуни куллии арабӣ кардани номҳо ва фарҳанги миллии давраи хилофат ба сураги «даҳрия» даромадааст, қайд намуда, иқтибосе аз «Зад-ул-мусофирин»-и Носири Хисрави Қубодиёнӣ ба баёни зер овардааст: «гурӯҳе гуфтанд, ки нафси мардум пас аз он ки аз ҷисм ҷудо шавад, ночиз мешавад ҳамчун нафсҳои наботӣ ва ҳайвонӣ. Гуфтанд инсонро вуҷуде нест ва чизе нест магар эътидол, ки аз габойеъ падид ҳамеояд ба ҳаракоти аҷсому аҷроми улвӣ ва падид омадани мардум ва дигар ҳайвону набот на ба хости сонеъ мурайяд аст, то аз чароии ӯ. Ин гурӯҳ ҳашвиёти фалсафаанд, ки даҳриёнанд»[108]. Муҳаққиқи мазкур ҳамчунин мисолҳои зиёде аз ашъори мутафаккирони форс-тоҷик ва суфиёну орифони машҳур пиромуни назари онҳо ба даҳрия овардааст, ки ба гунае нуфузи оини зарвония дар эҷодиёти онҳоро мушаххас менамояд.Ба ин масъала муаррихони дин Муҳаммади Шаҳристонӣ ва Ибни Ҷавзӣ низ таваҷҷуҳи хосе нишон додаанд. Масалан, Ибни Ҷавзӣ дар «Талбиси иблис» роҷеъ ба даҳриён фикри ҷолиберо овардааст. Ӯ менависад: «Иблис баъзеи дигарро ба мазҳаби даҳрия фирефт ва худову маъодро мункир шуданд. Чунончи Қуръон аз қавли эшон ҳимоят менамояд « ба ғайр аз зиндагонии ин дунё чизи дигаре нест ва ин даҳр аст, ки моро мемиронад (сураи «ҷосия», ояи 24) ва баъзе дигарро бадин гуна фирефт, ки холиқро мункир нашуданд, аммо нубуввату маъодро инкор карданд»[109].

Дар бисёр китобҳои тадқиқотии дини ислом, ки дар Асрҳои миёна таълиф шудаанд, даҳрияро аз ҷумлаи фирқаи динӣ намедонанд ва таъкид мекунанд, ки агар замон иллати ба вуҷуд омадани вуҷуд бошад, ба ақидаи онҳо, модда иллати аввалин ва мабдаъи нахустин мебошад. Баъзе муҳаққиқон зарвонияву даҳрияро як чиз намешуморанд. Онҳо байни ин ду ҷараён фарқ гузошта, собит карданӣ мешаванд, ки даҳриён шояд ба давраи пас аз ислом тааллуқ дошта бошанд ва таълимоти зарвониёни давраи сосонӣ аз ақидаи даҳриёни давраи хилофати араб тафовут дорад. Масалан, Муҳаммади Муҳаммадӣ дар асараш «Фарҳанги Эрон пеш аз ислом» ақидаи олими Ғарб Тавадиа (Tavadia)-ро оварда, қайд намудааст, ки калимаи «даҳр» аз лиҳози лафзу маънӣ мафҳуми арабии маҳз буда, ҳеҷ гуна пайвастагӣ ва робита байни он ва зарвония вуҷуд надорад. Ӯ зимнан чунин натиҷа гирифта, ки мақсуд аз ин иборат ишора ба як фирқаи мазҳабии давраи сосонӣ нест, балки мақсуд фирқаест, ки бо номи «даҳрия» дар асри ислом маъруф буда. Артур Кристенсен низ дар асараш «Эрон дар давраи Сосониён» тарафдори чунин ақида шуда, ҳамвора тазаккур додааст, ки эҳтимол калимаи «даҳрӣ» тарҷима шудани калимаи «зарвоник» ба ҳақиқат наздик бошад ва назари Тавадиа ба радди як мактаби фалсафии моддигаро нигаронида шуда, ки «охирин натоиҷи афкори зарвонии муосир будааст»[110].

Де Бур (De Boer) дар «Таърихи фалсафа дар ислом» ном асари машҳураш мафҳумҳои «даҳр», «зарвони бепоён» ва «замони мутлақ»-ро бо фалсафаи зарвонӣ як медонад ва онро ба қадар ва гардиши афлок таъбир карда, аз ҷумла гуфтааст: «Аз он ҷо, ки ин ақида бо гамоюлоти фалосифа ва мутафаккирини он аср созиш дошт, аз ин рӯ дар муҳити исломӣ пешрафти зиёде кард ва пайравони он дар ислом ба даҳрия ё моддиюн ё аҳли зиндиқа ва илҳод маъруф шуда, қарнҳо муташарреинро ба худ машғул медоштанд»[111].

Мутаассифона, бо гуфтаҳои боло нақши таълимоти зарвония ва мавзуъи замон дар афкору ақоиди фалсафию ҷаҳоншиносии Асрҳои миёна ба поён намерасад, зеро он баҳсҳои доманадореро ба дунбол дорад. Дар бораи замон, зери нуфузи таълимоти зарвония, ҳанӯз Афлотун дар асараш «Тиммей» гуфта буд: «... замон ва ҷаҳон ҳар ду бо ҳам ба вуҷуд омаданд, то агар рӯзе қарор шавад, ки аз миён биравад, ҳар ду бо ҳам нобуд гарданд»[112]. Маълум аст, ки Арасту замонро миқдору андозаи ҳаракат медонад. Як силсила олимони Ғарб низ роҷеъ ба масъалаи замон тадқиқотҳои ҷолиби гаваҷҷуҳро ба сомон расонданд. Дар қатори онҳо Кьеркагор (хусусиёти марҳилаи имон ва майл ба муосират бо Масеҳ), Нитше (абадияти ҳол дар ҷаҳон ва умед ба бозгашт), Габраил Марсел (ҳузури амри безамон дар соҳати умури замонӣ), Бергсон (дарёфти нисбати вуҷуду замон), Мартин Хедегейр (замон ва дарки дурусти ҳақиқати вуҷуд ё худ замон имтидоди вуҷуд) ва Пол Рикор (робитаи замон бо таърих)-ро

номбар намудан мумкин аст. Ин хатти идоматро то ба «Назарияи нисбии Эйнштейн» ва «Назарияи инфиҷори бузург», ки охири пайдоиши ҷаҳонро аз як нуқтаи фушурдашуда, ки дар натиҷаи таркиши бузурги он пароканда ва густурда шуда, ситораву сайёра ва маҷмуаҳоро бо нуҷуми хоҳад овард, кашидан мумкин аст. Вале мо дар ин ҷо аз баҳсҳои фалсафиву космологияи муосир худдорӣ намуда, масъалаи замонро дар афкору ақоиди мутафаккирону файласуфони Шарқи асрҳои миёна мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Матлаби асосие, ки дар Асрҳои миёна байни мутакаллимону мутафаккирон ва файласуфону орифони исломӣ мавриди моҷарои шадид қарор гирифта буд ва бо бӯъди замонӣ робитаи мустақиму ногусастани дошт, масъалаи «ҳудус» ва «қидам»-и олам буд. Аввалӣ масбуқ будани ҳастии шайъ ба нестии худаш» ва дуюмӣ «масбуқ набудани шайъ ба нестии худаш» дар бахши вуҷудшиносиро ифода мекард. Ба ибораи дигар, дар «ҳудус» ҳастӣ ба нестӣ тақаддум дошт ва дар «қидам» нестӣ муқаддам ба ҳастӣ буд. Аз ин нуқтаи назар «ҳудус» бештар бо табиат ва мофиҳо ва «қидам» аксаран ба мофавқи табиат ё худ муҷаррадот сару кор дошт. Вале ин дар олами моддӣ низ содиқ буд ва усули куллиёт дар умури табиӣ қадим ва фарду ҷузъиёт дар он ҳодис буда метавонист.

Мутаккаллимон маъмулан олами вуҷудро ҳодис ба ҳудусӣ замонӣ мепиндоштанд ва адами собиқро замони махсус ба қалам медоданд, ки дар ваҳм ё худ зеҳни инсон вуҷуд дорад. Мулозимаи чунин даъвои аҳли калом он хоҳад шуд, ки агар адами собиқ дар ваҳми инсон вуҷуд дошта бошад, олам низ дар ваҳм ё зеҳн ҳодис мешавад, на дар воқеъият. Аз ин назар, миқдори ҳаракат будани замон ва ба моддаву ҷисм вобаста будани ҳаракат халалдор мегардад. Ҳакимони машшоӣ аз ҷумла Ибни Сино дар ҳалли масъалаи замон пайрави Арасту буданд ва оламро ҳудуси зотӣ ва қадими замонӣ медонистанд. Ин ақидаи онҳо ба тақсими олам ба моддиёту муҷаррадот мувофиқат дошт ва, аз ин рӯ, муҷаррадотро кадими замонӣ ба қалам дода, мавҷудоти замонманд ба мисли модда (ҳаюлло)-ро қадим ва сурат пазируфтани ҳаюлои оламро ҳодиси замонӣ меҳисобиданд.

Ба таври куллӣ намояндагони дин бар ин ақида буданд, ки худованд оламро офарида. Мазмуни офариниш дар он зоҳир мешавад, ки ҷаҳон қаблан вуҷуд надошта ва худованд ба он ҳастӣ бахшидааст. Ин тақаддуми нестӣ бар ҳастии олам тақаддуми замонист. Пас замоне дар назар дошта мешавад, ки дар он олам вуҷуд надоштааст. Ҳамин дар назар доштани замон вуҷуди воқеъии онро қабл аз пайдоиши олам инкор мекард ва аҳли каломро ба мавҷудияти замони мавҳум оварда расонд. Байни мутакаллимону файласуфон роҷеъ бо ин масъала моҷарои шадиде сурат гирифт, ки он дар тамоми ҷули таъриҳ идома дошт. Файласуфони исломӣ масъалаи хилқати аҳли каломро пазируфта пайдоиши ҷаҳонро пас аз нестӣ

ътироф намуданд, вале назари ҳудуси замонии аҳли каломро рад намуда, қоил ба ҳудуси зотӣ шуданд. Онҳо фосилаи замонии байни мабдаъ ва олами ҳастии мутакаллимонро як навъ тахаллуфи маълул ба иллати томмаи худ дониста, онро сабаби ба вуҷуд омадани макси файз аз мабдаъи файёз ба қалам доданд, ки чунин ҳолат дар низоми офариниш, аз назари онҳо, қобили қабул нест. Аз ин рӯ, ҳакимони исломӣ назари тозаи худро пешниҳод намуданд, ки тибқи он ҷаҳон ҳодис ва масбуқ бар адам аст, вале таҳаддуми нестӣ бар ҳастӣ на таҳаддуми замонӣ, балки ҳудуси зотӣ аст, ки дар он миёни мабдаъи вуҷуд ва олами ҳастӣ ҳеҷ гуна фосилаи замонӣ вуҷуд надорад, яъне ҷаҳон дар мақоми зот маъдум аст ва дар иртибот бо партави ҳастии мутлақ мавҷудот ба ҳисоб меравад. Ба гуфтаи Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ «ҳодиси зотӣ ин аст, ки ҷаҳон биззот маъдум шинохта мешавад ва дар асари иртибот бо мабдаъи офариниш як мавҷуд ба шумор меравад»[113].

Аз гуфтаи боло маълум мегардад, ки назари мутакаллимон роҷеъ ба ҳудуси замонӣ бори ақлу истидлолро намекашад, вале ақидаи ҳакимони исломӣ бар пояи истидлолу мантиқ қомат афрохта бошад ҳам, аҳли шаръ онро қабул надоранд ва, аз ин рӯ, ин ҷидолу носозгориҳои байни онҳо то ба ҳол ба сулҳу тафоҳум наанҷомидааст. Барои ҳалли ин масъала ба гунаи дигар, гурез аз таноқузи мавҷуда ва пайдо намудани роҳи усулии муносибе, ки мавриди қабули тарафайн бошад, мутафаккирони исломӣ даст ба истилоҳоту мазмунҳои тоза заданд. Мирдомоду Мулло Садро—ду намояндаи мактаби фалсафии Исфаҳон дар асри Сафавия назарҳои хоси худро дар бораи замон матраҳ намуда, истилоҳоти «даҳр» ва «сармад»-ро дар пиромуни замон бештар ба меҳвари баҳси асосии замон кашидааанд. Бешубҳа, истилоҳоти мазкур ва мазмуну мундариҷаи онҳо то аҳди Сафавия байни ҳакимону илоҳиётшиносон аз қабили Қутбуддини Розӣ дар «Муҳокимот», Баҳманёр дар «Таҳсил», Муҳаммади Шаҳристонӣ дар «Ниҳоят-ул-иқдом», Абулбаракоти Бағдодӣ дар «Ал-муъатабар», Саидшарифи Ҷурҷонӣ дар «Шарҳи мавоқиф», Ҷалолуддини Даввонӣ дар «Алмузаҷ-ул-улум ва нур-ул-ҳидоя» ва дигарон мавриди истифода ва тадқиқу таҳқиқ қарор гирифита буд, вале дар таълимоти намояндагони ёдшудаи мактаби фалсафии Исфаҳон мабонии марбут ба замон зимни баррасии умури вобаста ба ҳудуси даҳрӣ ва ҳаракати ҷавҳарӣ ба тариқи хос ҷилвагар шуда.

Дар таълимоти Мир Муҳаммад Боқири Астарободӣ маъруф ба Мирдомод ва мулаққаб ба «муаллими солис» замонмандӣ тавассути “сармад” барои «зоти қадим», «даҳр» барои мавҷудоти муҷаррад ва «замон» барои вуҷуди мутаҳаррику сайёл ва нисбати зарфу мазруфии онҳо ба гунае таҳаққуқ пайдо карда, ки ҳар лаҳза аз замон равзанае ба суи абадиятро боз мекунад ва роиҳаи абадиятро ба машом мерасонад. Дар

таълимоти Садриддини Шерозӣ маъруф ба «Садр-ул-мутаолиҳин» ва «Мулло Садро» бошад, замони табиии арастуӣ фарҳе аз замони вуҷудӣ ва мартабаи заифе аз маротиби вуҷуди мунбасите дониста шуда, ки фароҳ ири тамоми вуҷуди комилу собит ва сайёлу мутағайир мебошад. Баррасии ин масъала дар поён хоҳад омад, вале қабл аз он назари баъзе мутафаккирони исломиро, ки қабл аз Мирдомоду Мулло Садро зиндагӣ доштанд, мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Аҳли андеша ба замон ин кадар таърифҳои гуногуне дода, онро ба ҳиссу зеҳну ақл, ҷавҳару араз ва, ниҳоят, худи вуҷуд марбут донистаанд, ки ҳуввияти он аз як амри маъмулии андозаву миқдори ҳаракат дар фалсафаи татбиқӣ то ба як умури мовароуттабиӣ дар фалсафаи вуҷудшиносӣ сабзида расид. Яке аз чунин андешмандон муваҳҳиди яҳудитабор Абулбаракоти Бағдодӣ буд. Ӯ таҳти нуфузи шадиди андешаҳои зарвонӣ қарор гирифта, дар китобаш «Алмуъатабар фи-л-ҳикма» навишта, ки ҳеҷ мавҷудот бидуни қарор доштанаш дар замон тасаввур карда нахоҳад шуд. Ба ақидаи ӯ «замон мавҷудест, ки нисбат ба он чи дар замон воқеъ мешавад, асбақ ва боясгатар буда, дигаргунӣ намепазирад ва ин ҳамон чизест, ки метавон онро «даҳр» номид. Дигаргунӣ ва тағъире, ки дар замон мушоҳида мешавад, аз ноҳияи нисбатест, ки байни он ва умури мутағаййир таҳаккуқ дорад. Ба тавре ки агар аҳволи мавҷудот нисбат ба замон тағъйир намепазируфт, ночор замон ба унвони як амри доим ва сармадӣ мавриди шиносой қарор мегирифт. Пур возеҳ аст, ки як чунин мавҷуде ҳаргиз маъдум намегардад ва нестӣ дар соҳати он роҳ нахоҳад дошт[114].

Аз ин иқтибос Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ ба ду нукта—замон мавҷудест собиқтару боястагар ва тағъирнопазир нисбат ба он чи дар замон воқеъ мешавад ва вуҷуди инсон дар замону даҳр убур хоҳад кард — ишора карда, матлаберо мутазаккир мешавад, ки тибқи он Бағдодӣ замонро дар моҳияти худ муттасил ва дар вуҷудаш мунфасил медонад. Дар ин бора ӯ чунин навиштааст: «иллати инфиол дар вуҷуд ин аст, ки гузаштаи замон маъдум аст ва ояндаи он низ ҳанӯз мавҷуд намебошад. Ин масъала мусаллам аст, ки шайъи воҳид наметавонад ҳам мавҷуд бошад ва ҳам маъдум ба шумор ояд. Замон чизест, ки вуҷуди он ба гузаштаву оянда қобили тақсим аст. Гузашта акнун мавҷуд нест, оянда низ ҳанӯз мавҷуд нашудааст. Аммо иллати ин ки замонро дар моҳияти он муттасил шинохта ин аст, ки ҳар як аз абъозу оҳоди он ба дунболи баъзеи дигар буда, дар ин таволӣ ва таъоқиб ҳеҷ гуна вақфа ва дирангӣ рух намедиҳад. Пай дар пай бидуни оноти замон ба гунае ҷараён дорад, ки ҳеҷ гуна фосилае дар миёни онҳо нест ва дар натиҷа як муттасили мумтаду мустамар ба шумор меравад»[115]. Баъди овардани ин иқтибос муҳаққиқ чунин натиҷагирӣ мекунад, ки бар хилофи ғолиби ҳукамои исломӣ Абулбаракоти Бағдодӣ замонро аз навъи камми муттасил намешиносад, зеро ҳамон гуна, ки зикр

шуд, гузаштаву ояндаи он акнун мавҷуд нест ва шайъи муттасили воҳид наметавонад аз мавҷуду маъдум ташкил гардад. Ба овардани шарҳу тафсилоти бештар Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ қайд карда, ки андешаҳои Абулбаракоти Бағдодӣ роҷеъ ба замон ҳаллу фасли мушкилоти печидаи он нуқтаи гаммат гузошта натавонист. Бо вуҷуди ин ақидаҳои ӯ роҷеъ ба ҳудуси олам ва шинохта шудани тақаддуми замон дар тасаввури инсонӣ дорои аҳамият мебошад [116].

Дар китоби «Баррасии латоифи ирфонӣ дар нусуси атиқаи авестой» матлабе зикр шуда, ки тибқи он Айнулқузоти Ҳамадонӣ зуҳури ду уқнум (яке мабдаъи ҳидояту хайр ва дигаре мабдаъи залолату шар) аз як мабдаъи аълову асили барин ба вуҷуд омадааст: Эй азиз, чун нуктаи кибриёуллоҳ аз зотӣ аҳадият қадам дар давли лам язалу лам язол гузошт, ба ҳеҷ чиз нузул накард то саҳрои сифоти худ дар олами зот бигустаронид ва он нест илло ҷамол « ва мо арсалнока илал арҳаматан лилоламин» ва ҷалол «ан алайка лаънати ила явмуддин»[117]. Шарҳе, ки дар ин бобат аз ҷониби муаллиф омада, ишора ба он мекунад, ки ҳуввияти мутлақи ду сифати илоҳӣ-ҷамолу ҷалол мазҳари Ҳурмузу Аҳриман мебошад, чун аввалӣ аз боварӣ ва яқинии фикри Зарвон ва дуюмӣ аз шакку тардиди вай арзи вуҷуд намуд. Ба ибораи дигар, ин ду маънӣ (бовариву яқинӣ ва шакку тардид) роиҳаи васфи ҷамолу ҷалоли илоҳиро ба машом мерасонад. Тавзеҳи бештари ин масъала ба он шаҳодат медиҳад, ки бовар доштани Зарвон барои тавлиди Ҳурмуз дар халқ зоҳир шудани онро ҳамчун васфи ҷамол ва исм-ул-зоҳир ифода мекунад ва шакки ӯ ҳамчун васфи ҷалол ва исм-ул- ботин дар халқ зоҳир нашудани онро мефаҳмонад. Чунин ба назар мерасад, ки дар партави таълимоти зарвония ҷустуҷӯ ва дарёфти асли маънии яқину шак бояд рози нуҳуфтаи ҷаҳонро ба куллӣ ошкор созад, вале, ҳамон тавре ки маълум гардид, ба ҷуз барқарории робитаи замонии байни оламҳои миноиву гетӣ ва амри офариниш сарриштаи гиреҳи розомезӣ дорои ҷанбаи ирфонии ин масъала дар ин ҳолат ҳанӯз ҳам нопайдост.

Эҳтимолан масъалаи асмову сифот, ки дар таълимоти мутафаккирони исломӣ ба ҳукми истилоҳи ҷаҳоншиносӣ дар мавзӯъи судури олам даромада, дар оини зарвония бо ин мушаххасӣ маъмул набуд. Вале маҷмӯъи омӯзаҳои розомезе, ки олами моддӣ, аз ҷумла замонро ба олами улвӣ иртибот медоданд ва нисбати холиқу махлуқро ба гунаи рамзу тамсилҳои устуравӣ ташаккул дода, тасаввури инсонро роҷеъ ба замон аз ҳолати миной ба гетӣ ва аз имтидоди тӯлӣ ба имтидоди арзӣ фуруд оварда, ба мафҳуми зарвонии замон, ки ҳамон таърихи авлоди башар бошад, хусусиёти қудсӣ эъмол мекарданд. Дар ин замина шояд Қайсарӣ қадаме пештар аз Айнулқуззоти Ҳамадонӣ гузошта бошад.

Дар «Ниҳоят ул-баён фи дироят-из-замон» ном асараш Қайсарӣ замонро миқдори давом ва бақои вуҷуд ба қалам додааст. Ӯ муҳтақид аст,

ки махлуқоту ходисаҳои замонӣ ибтидою интиҳо доранд, вале мабдаъиет дар вуҷуд бо замон бошанд ҳам, биззот масбуқ бар он ва абадию лаиноиаанд. Аз ин рӯ, сармадият аз ҷумлаи лозимаи илоҳист ва асмову сифоти Ӯ ба манзилаи даҳранд. Пас ҳақиқати замон зотан бар махлуқот аз ҷумлаи уқулу нуфусу аҷсом муқаддам аст ва асмову сифоти ҳақ давоми вуҷуди зоҳиру ул-анния ё худ воқеъии файзшуда аз ҳақтаоло мебошанд. Ин ҷо ҳақиқати замон ҳамон арази лозимаи зоти илоҳист, ки бар ҳасби вуҷуди хориҷи ба унвони ками муттасили мустамар қоим ба айни вуҷуди воқеъӣ аст.

Агар ин назари орифонаи Қайсарӣ ва дигар суфиёни ба истилоҳ «унсӣ», инчунин ҳакимони илоҳиро мушикофона мавриди таҳлил қарор диҳем, ба хубӣ маълум мегардад, ки ҳамаи мавҷудоти имконӣ ҳар лаҳза ва «он» ба «он» дар тағъиру табаддуланд. Ин тағъиру табаддул ба таври «халъу лабс» сурат мепазирад, ки дар «он»-и собиқ вуҷуди имконӣ ба куллӣ нест мешавад ва дар «он»-и лоҳиқ (баъди) аз нав бо сурати қаблӣ зинда мешавад. Ин амал чунон зудгузар аст, ки мо собит будани мумкинотро дарк мекунем.

Дар воқеъ, чунин тарзи гузориши масъала роҷеъ ба замон дар андешаи бисёр орифон мушоҳида мешавад. Хилқат аз назари Ибни Арабӣ ҳаракати доимист, ки ҳар лаҳза дар пӯшиши тозае мутаҷаллӣ мешавад. Ин назари Ибни Арабиро дигар суфиён низ байён намудаанд. Аз ин рӯ, Саидҳусайни Наср таҷдиди хилқат дар ҳар «лаҳза» ва «он» (таҷдиду халақа фи кулли офотин)-ро ақидае медонад, ки «мушаххасаи таълимоти марбут ба суфиён аст», ки тибқи он «дар ҳар оне оламе ба адам равад ва дигаре мисли он ба вуҷуд биёяд»[118]. Орифон ин масъаларо бо истинод ба оёти Қуръон «халқи ҷадид» номидаанд («бал ҳум фи лабс мин халқ-ул-ҷадид» ё «кулла явмин ҳува фи-ш-шаъни»). Дар ин авохир илми генетика дурустии ин назарияи «халқи ҷадид»-ро собит кард, ки ҳуҷайраҳо, тибқи он, аз як ҳолат бо ҳолати дигар намегузаранд, балки онҳо мемиранд ва билофосила аз нав зинда мешаванд. Ин кашфиёти бузурги асри 20 ба шумор меравад, ки дар натиҷаи таҷзияву таркиби ДНК ва РНК ба даст омада ва худ баҳси доманадореро шомил аст.

Ҳамин «халъу лабс» як навъи ҳаракат дар олами сифлӣ ё имконист, вале дар таълимоти орифон чунин ба назар мерасад, ки ҳаракат маъноии вассъатар аз хуруҷи тадриҷии шайъ аз қувва ба феъл ро дорад. Ҳамон тавре ки Қайсарӣ мегӯяд, ҳаракату замон маротибе дорад (ҳаракати ғайбӣ ё таҷаллии зотӣ, ҳаракату зуҳури асмоъи илоҳӣ, ҳаракати ҳақиқати вуҷуди барзахӣ ва ҳаракати суратҳои моддиву табиат), ки тавассути он камоли матлуб ҳосил мешавад. Ҳамон тавре ки вуҷуд дар мақоми таҷалливу зуҳур дорои маротибу дараҷот аст ва дар ҳар мартаба ҳаракате ҷой дорад, ки аз он рӯзу соату дақиқа зоҳир мегардад. Ба таври хулоса, назари орифони унсӣ, аз ҷумла Қайсариро ба таври зайл ҷамъбаст намудан мумкин аст:

«чун ҳамаи тааййуноти хорӣҷӣ аз ҳақиқат-ул-ҳақоиқ» ношӣ мешавад, дар масъалаи замон ҳам бояд ба «исме аз асмоъи илоҳия» муроҷиат кард. Ин исм «даҳр» ё «дуҳур» ё «диҳор» аст, он маншаи замони олами табиат ва шомили маънову сурат, ботину зоҳир ва аслу фаръ мебошад. Замони ҳаракати зотии модда сурати исмии даҳр ва мартабаи нозили ин исм буда, эътибории ҳаракати модда сурату зуҳури ҳаракати ғайбист. Пас «они сайёл», фард ва нуктаи ғайримунқасиме, ки аз сууду нузул ва зуҳури хуфои он ҷамеъи замонҳои вуҷудия ҳосил мешавад, ҳамон мавҷуди ҳақиқист, ки аз таҷалливу зуҳур ва сирояти он дар сууду нузули вуҷудӣ... оламҳои ғайбу шуҳуд мавҷуд шудаанд»[119]. Агар гирехи ин гуфтаи орифонаро боз ҳам бозтар ва соддатар намоем, возеҳ мегардад, ки замони марбут ба ҳаракати табиӣ ҳамчун миқдори ҳаракат қисмате ва он ҳам мартабаи нозилие аз замони куллист, ки аз даҳру сармад иборат мебошад. Аз ин рӯ, замонро ба се гуруҳ ҷудо кардаанд: сармад (нозамон ё худ безамон), даҳр (фарозамон) ва замон (замони фонӣ). Аввалӣ аз вуҷуди ҳак, дуюмӣ аз таҷаллиёти асмоъи илоҳӣ ва сеюмӣ аз мавҷудоти мутаҷаддидин интизоъ мешаванд.

Ин ақидаи Қайсарӣ аз он нукта сар мезанад, ки дар фалсафаи исломӣ иддае аз мутафаккирон даҳру сармадро дар тӯли замонӣ қарор дода, тағъироти мухталифи ашё дар бӯъди замониро махсуси олами моддӣ ва замони фонӣ, вуҷуди ломутағаййири муҷаррадоту мабдаъотро махсуси олами барзах ва зоти ҳаққи таборак ва таолоро басит ва махсуси сармад медонанд. Аз ин нуқтаи назар, чуноне ки Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ мунсифона қайд намуда, «нисбати як амри мутағаййир бо мутағаййири дигар (нисбати мавҷудоти табиӣ ба якдигар) робитаест, ки замон дар он таҳаққуқ менозирад. Вале дар нисбати як амри мутағаййир бо як амри собит (нисбати уқули муҷаррада ба мавҷудоти табиӣ) ганҳо аз даҳр метавон сухан ба миён овард. Ва саранҷом дар нисбати як амри собит бо собит дигар аст (нисбати зоти воҷиб ба уқули муҷаррада), ки сармад матраҳ мегардад. Ба таври мисол метавон гуфт нисбати қиёми инсон ба қууди ӯ як амри замонист, ки фақат дар замон таҳаққуқ пайдо мекунад. Вале нисбати қиёми инсон ба нафси нотиқаи ӯ ба матни даҳр марбут мегардад. Акнун агар байни нафси нотиқаи инсон бо худи ҳамон нафс аз навъи робита сухан гуфта шавад, он робита ё нисбат як нисбати сармадӣ шинохта мешавад»[120].

Пас аз ибрози чунин фикр муҳаққиқи мазкур ба чунин натиҷа расида, ки инсон дар айни ин ки дар зарфи замон зиндагӣ мекунад, аз матни даҳру сармад низ берун нест ва ба ин тартиб ба ҳамон маънӣ, ки як мавҷуди замонӣ шинохта мешавад, як мавҷуди даҳрӣ ва сармадӣ низ ҳаст. Инсон ба ҳукми ин ки дар се соҳат—замону даҳру сармад зиндагӣ мекунад, метавон ба забони мутаносиб бо ҳар як аз ин се соҳат низ сухан гуяд. Бешубҳа дар ин ҷо расидан ба як дарки ақлонӣ аз маънои «вуҷуди мутлак» баробар бо фаҳми «сармад» аст ва ё беҳтар аст бигӯем, ки ҳамон шуҳуди ақлонии дорои

маротибе,ки аз тариқи «маърифати қудсӣ» маърифати бунёдиро ба ҳаводиси ғоиро фароҳам месозад, як шинохти «шуҳудӣ» аз «сармад»-ро низ дар дастрасӣ қарор медиҳад[121].

Мирдомод ва Садриддини Шерозӣ, ки устоду шогирди якдигар дар илми ҳикмат низ буданд ва дар ҳалли баъзе масоили фалсафӣ ихтилофи назар ҳам доштанд, ақидаҳои ҷолиби таваҷҷӯҳе роҷеъ ба замон иброт намудаанд. Мирдомод дар асаре бо номи «Қабасот», ки аз даҳ боб (қабас) иборат буда, масъалаи ҳудуси оламро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар асараш ӯ баъди овардани назари салафони ғоявии худ навишта, ки «ҷомеъ ва фарогирандаи тамоми ҳастиҳо дар воқеъ ва нафсуламр замон, даҳру сармад ва аз онҳо бо номи виъо ёд мешавад бадин гуна ки: 1) Виъои замон ва он ҷомеъ ва фарогирандаи ашё ва ҳастиҳои дорои каммият ва саялон ва ё нестии мавсуф ба каммияту истимрори марбут ба мавҷудоти мутағаййири ҷаҳонӣ аст ва аз хусусиёту вижагиҳои тамомияти онҳо дигаргунӣ ва тағъйирпазирист; 2) Виъои даҳр ва он фарогирандаи тамоми ҳастиҳои собиту пойдори ғайримасбуқ ба адами замонӣ ва фоқиди тағъйиру каммият аст ва дар ҳақиқат ва дар воқеъ сафҳаи тамоми олами ҳастист, 3)Виъои сармад ва он шомили ҳастии маҳзу ҳақиқати ҳаққаи кулли ҳақоиқи ҷаҳонӣ аст, муназзаҳу бадур аз ҳарғуна тағъиру дигаргунӣ, ки ҳамеша буда ва ба ҳеҷ ваҷҳ собиқаи нестӣ барои ӯ нест. Аз ҳар назар дар феълияти маҳзу камоли мутлақ аст ва чунон ки виъои даҳр густурдатар ва дар манзилату пойгоҳи волотар аз замон аст, виъои сармад низ чунин аст, яъне фаротару бартар ва ақдасу акбару аҷалл аз даҳр аст»[122].

Баъди баёни ин назари асосии худ Мирдомод дар «қабас»-ҳои баъдина ба шарҳу тафсили ҳамин фикри худ пардохта, қоил ба ҳудуси даҳрӣ шудааст ва роҷеъ ба замонмандиву нисбатҳои собиту мутағаййир баҳси муфассале ороста, ҳудуси зотӣ (феълияти моҳияг ва мавҷудияти он), ҳудуси даҳрӣ (феълияти моҳият баъди адами воқеъӣ, ки муттасил ба каммият набошад) ва ҳудуси замонӣ (феълияти моҳияг баъди адами воқеӣ, ки муттасил ва каммият бошад) -ро мавриди тадқиқу таҳлил қарор додааст. Ин масъала дар таъриҳи фалсафаи исломӣ моҷарои нохушоянду тӯлонӣ дорад ва аз назари фалсафаи вуҷудшиносӣ аз гузориши масъала сар карда то ҳаллу фасли он назарҳои гуногуне матраҳ гардида, ки порае аз онҳо дар боло зикр шуда. Асли матлаб дар он зоҳир мегардад, ки дар сурати пазируфтани он, ки «дар раъси ҳарами ҳастии ҷаҳон мабдаъи ҳасти азаливу абадӣ, ки бо илму машияти худ ин ҷаҳонро ба вуҷуд оварда, суол мешавад:кай чунин иттифоқ рух дода? Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки ҳамаи мавҷудоти ҷаҳон — ки замон низ ҷузъи он аст—ба василаи мабдаъи аввал (худованди мутаол) ба вуҷуд омадаанд, оё фосила ва инфикок миёни вуҷуди азалии мабдаъ (худованди мутаол) ва пайдоиши аввалин мавҷудоти олами мумкинот қобили тасаввур аст ё хайр? Ба иборати дигар, олами мумкинот низ монанди мабдаъи аввал

азалӣ ва қадим аст ва ё масбуқ ба адам буда ва ҳодис аст?»[123].

Чунин тарзи масъалагузорӣ ҳамон таърифи ҳудусу қидамро, ки дар боло тафсилаш гузашт, комилтар месозад ва заминаи таъриҳии назарияи ҳудуси даҳриро ифода мекунад.Ба ҳар ҳол, посух ба саволи болоро муҳаққиқи эронӣ Мақсуди Муҳаммадӣ зимни баррасии ҷойгоҳи ҳудуси даҳрӣ ва ҳаракати ҷавҳарӣ бо таваҷҷӯҳ ба пешфарзҳои фалсафию каломӣ кори басо душвор дониста, ду ваҷҳи ин масъаларо дар асараш чунин баён намудааст: «аз як тараф мабдаъи аввал азалӣ, нисбат ба ҷаҳони ҳастӣ илати том аст... ва маълум ғайри қобили инфикок аз вуҷуди ин иллат аст. Пас бояд ҷаҳони ҳастӣ низ монанди мабдаъи аввал азалӣ ва қадим бошад, аммо, аз тарафи дигар, худованди мутаол иллати фоилист, ки ҷаҳонро бо илму машияти худ аз катми адам ба арсаи вуҷуд оварда, бинобар ин вуҷуди олам масбуқ ба адам буда ва ҳодис аст».

Мирдомод дар ҳалли ҳамин масъалаи матраҳшуда тарафдори таъйиноти ҳудуси даҳрист. Ӯ ба умеди оштӣ додан ва аз байн бурдани ихтилофу низоҳои мутакаллимону файласуфон дар «Қабасот» навиштааст, ки « иқомаи бурҳони ақлӣ бар исботи ҳудуси ҷаҳон аз мушкилоти умур буда, пои фикру андеша дар ин роҳ ланг мондааст». Ин сухани ӯ, бешубҳа, аз кофӣ набудани далел ва қотеъ набудани бурҳони машшоиён дар масъалаи замон дарак медиҳад. Барои ҳалли ин масъала ӯ бо истифода аз истилоҳҳои зарфу мазруф менависад, ки «вуҷуди замон дар назари инсон зарферо мемонад, ки мавҷудоти мутаҳаррику сайёл дар он мазруфанд, вале мавҷудоти муҷаррад аз ҳадди замон берунанд ва онҳо ҳамчун мазруф зарфи худро доранд, ки он «даҳр» ном дорад ва мисли мазруфаш басит ва орӣ аз ҳар гуна тағъирот аст. Дар ин ҳолат агар замон пайкари (ҷисми) даҳр бошад, даҳр рӯҳи замон аст. Айни чунин зарф барои аллоҳ ва исму сифоти ӯ «сармад» аст. Нисбати он ба даҳр монанди нисбати даҳр ба замон (сармад рӯҳи даҳр) хоҳад буд». Мирдомод ҳамчунин ба силсилаи тӯливу арзии мавҷудот ишора намуда, ҳамвора мутазаккир шудааст, ки адам аз назари аҳком тобеъи вуҷуд аст, яъне агар вуҷуд воҳид бошад, адам низ воҳид аст ва барҳакс. Бинобар он вуҷуду адам ба вуҷуди замониву даҳриву сармадӣ қобили тақсим мебошад.

Мулло Ҳодии Сабзаворӣ дар «Шарҳи Манзумаи ҳикмат» ҳамин фикрро таъйид карда, зимнан гилае аз муғлақбаёнии Мирдомод намуда (ки худи Мирдомод ба шогирдаш Мулло Садро сабаби ин муғлақбаёниро гурез аз дасти муташарреини давру замони номусоид маънӣ карда буд), зикр кардааст, ки Мирдомод ба ҳудус даҳрӣ мӯътақид аст ва дар бораи он ба таври мабсут ва бо беҳтарин ваҷҳи мумкин сухан гуфтааст» [124]. Фикри Мулло Ҳодии Сабзавориро Мақсуди Муҳаммадӣ ҷонибдорӣ намуда, навиштааст, ки «ба назари Мирдомод ҳудуси зотии мавҷудоти мумкин ва қидами зотии воҷиб-ул-вуҷуд мусталзами ҳудуси даҳрии олам ва қидами

сармадии ҳудованди мутаол аст. Зеро ки моҳияти воҷиб таъоло айни вуҷуд ва аннияти ўст. Бинобар ин тақаддум дар мартабаи зоти (ид-ал аҳд) бори таъоло аз кулли ҷаҳони ҳастӣ айнан тақаддуми айниву инфикокии ў бар ҳамаи мавҷудоти олам аст. Маънии ин ҳарф ин аст, ки ҳамаи мавҷудот (ибдоъиёт ва таквиниёт) ба лиҳози ин ки дорои моҳият буда ва мумкин-ал-вуҷуд ҳастанд, наметавонанд дар «сармад» бошанд ва лизо дар виъоъи даҳр (фарозамон) аз мабдаъи аввал судур меёбанд»[125]. Ҳошимии Разӣ дар «Ҳикмати хусравонӣ» ном асараш аввал ҷаҳоншиносии Эрони бостон, махсусан таквини оламро ба се қисм—сармад, даҳр ва замон ҷудо намуда, сипас бо этминони комил таъкид кардааст, ки ҳамин таслиси усулии тақсими оламро Мирдомод низ қоил шудааст. Зеро ў гуфта: «яке олам ё виъоъи сармад, ки ба манзилаи зарф аст барои зоти воҷиб - ал- вуҷуд ва асмову сифоти ў. Дуюм олами даҳр ё виъоъи даҳр, ки зарфи муҷаррадоти сирфан ақлия аст. Сеюм олам ё виъоъи замон, ки зарф аст барои ҳаводиси явмия ва мавҷудоти олами қавну фасод»[126]. Зимни шарҳи ин иқтибос муҳаққиқи ёдшуда олами сармадро қоим ба ҳитаи зоти воҷиб медонад, ки зарфу мазруф дар ин ҳолат якест ва худи зот воҷиб-ал-вуҷуд ё худ ҳақ таъолост айнан ба мисли нури маҳзи ҳакимони хусравонӣ, ки болотарин дараҷоти олам ва муҳит бар тамоми дараҷоти модуни оламу мумкиноти дигар аст.Дар зардуштия Амшоспандон ҳамчун зоту сифоти аҳурой дар ҷавор ё модуни он қарор гирифтаанд, ки бо вуҷудаш яке мебошанд, чунонки дар сармади Мирдомод низ худованд бо асмоъву сифоташ қарор дорад. Олами даҳр дар ин ҳолат фаротар аз замон ва олами қавну фасод аст, ки онро Ҳошимии Разӣ ҳамон Зрвана акарена ё худ замони бепоёну бекарона ва беҳадду марз медонад, ки ҷойгоҳи суратҳои мисоливу миновӣ ё худ муҷаррадоти мобаъдуттабиии маҷудоти олами моддист. Онро дар фалсафаи исломӣ «мусул»-и афлотунӣ, раббуннавъ ва дар адабиёти ирфонӣ «аъёни собита» ном ниҳодаанд. Олами замон арсаи вуҷудии олами робит мебошад, ки мавҷудот дар он шиноваранд ва кавну фасод дар он рух медиҳад. Он баробар бо олами моддӣ ё худ гетист.

Касоне, ки ба таълимоти зарвония ва мутафаккирони исломӣ дар бораи замон ошной доранд, ба хубӣ медонанд, ки дар боло ҷои мартабаи даҳр ва нисбати он ба «зрвана акарена» иваз шуда, чун охирӣ дар зарвония худоест, ки аз замони бекарон бархурдор аст. Вале дар ин ҷо овардани ҷузъиёти ин баҳс муҳим нест. Муҳим он аст, ки бо вуҷуди пайдо намудани роҳи ҳалли муносибе дар муаммои замон таълимоти Мирдомод мавриди писанди баъзе аз файласуфон қарор нагирифт. Ҳенри Карбен зимни баррасии олами мисол ишора ба ҳамин нуктаи таълимоти Мирдомод намуда, аз ҷумла навишта: «Мирдомод, ки миёни олами қадиму ҳодис ба дунболи роҳи ҳалле дар мафҳуми даҳрӣ аст, мафҳуми «замони мисолӣ»-ро ба вуҷуд меоварад, ки мушоҷироти сахтеро ба дунбол дошт»[126]. Тибқи

маълумоти Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ каме баъдтар аз Мирдомод Оқо Ҷамоли Хонсорӣ назари ӯро дар рисолаи «Замони мавҳум» мавриди танқиди шадид қарор додааст. Ҳакими муосир Саид Ҷамолуддин Оштиёнӣ, шогирди мулло Садро— Мулло Мӯҳсин Файзи Кошонӣ ва шореҳи «Қабасот» Муҳаммад ибни Алиризо ииз назари Мирдомодро напазируфтаанд ва онро мавриди муноқиша қарор додаанд. Садриддини Шерозӣ шояд ба ҳурмати устодаш бошад, ки зимни баррасии масъалаи замон ва ибрози назари хоси худ дар умури замон номе аз устодаш Мирдомод набурдааст. Эҳтимол хомушӣ ҳам як навъи эътироз бошад, вале дар баҳси исолати моҳият ва вуҷуд бо устодаш баҳси доманадореро матраҳ кардааст.

Садриддини Шерозӣ замонро ба ҳаракати табиию таҷаддуд нисбат дода, онро миқдори ҳаракати ҷаҳонии олам медонад ва ҳаракати вазъии аразии афлоки машшоиёнро ба таҷаддуди табиати он марбут месозад. Ӯ бар мабнои ҳаракати ҷавҳарӣ, ки бо диди метафизикии Мулло Садро дар бораи вуҷуд ҳамбастагӣ дорад ва аслу моҳияти таълимоти фалсафии Садриддини Шерозиро ташкил медиҳад, тамоми оламро бо ҷавҳарҳои моддиву суварӣ ва нафсониву ҷисмониаш доиман дар ҳолати тағъиру дигаргунӣ мебинад, ки дар ҳар «он» ба вуқӯъ мепайвандад, вале зимни иттисолу пайвастагии суратҳои мухталиф тағъироти мазкур дар назар ноайён аст. Аз ин нуқтаи назар, таълимоти Садриддини Шерозӣ ба андешаи Қайсарӣ, ки шарҳаш гузашт, қаробати наздик дорад. Ин ҷо боз буи ҳамон назарҳои фалсафаи зарраи ашъария, таълимоти «халқи ҷадид»-и Ибни Арабӣ барин орифони машҳур ба машом мерасад, ки Садриддини Шерозӣ дар шакли «офариниши мустамар» ё худ «халқи мудом» ироа намудааст. Зеро Садро бо сароҳати том таъкид намудааст, ки ҳеҷ ҷавҳаре ва ё аҷроми самовӣ ва мавҷудоти заминӣ аз куллиёту ҷузъиёт, аносири мураккаб ва ҳатто худи замон дар «он»-и муайяни замон ба «он»-и моқабли худ монанд нест ва аз он бо таҷаддуду таҳаввулаш фарқ мекунад, вале ҳуввияти воҳиди онҳо тавассути суратҳои аҳлониашон дар илми худованд маҳфузанд. Дар ин сурат агар мавҷудоти олами кавну фасод замонӣ бошад, лозимаи он аз назари мантиқӣ ба он далолат мекунад, ки кулли олам ҳодиси замонӣ хоҳад буд. Ба ибораи дигар, тамоми ҷавҳарҳо ҳамроҳ бо аразҳои марбута ва куллиёти навъии онҳо дар ҳаракати доимианд, ҳар мартабаи мавҷудоти феълӣ аз маъдумияти мартабаи қаблӣ пайдо хоҳад шуд ва замон ҳамчун миқдори ҳаракати ҷавҳарии олам ҳаддест байни маъдумияту феълияти мавҷудоти олам, ҳадди муштараки байни мозиву мустақбал ва иттисолест, ки ваҳдати вуҷудии маъдумияту феълиятро фароҳам месозад. Ба ин маънӣ, адами қаблии ҳар мавҷуди сайёлу мутаҳаррик адами собиқи замонӣ низ ба шумор меравад ва иттисолу инфисол тасвири ғанитару комилтар ва ҷомеътари ҳақиқати вуҷудро таъмин менамоянд.

Ин нуктаи гаълимоти Садриддини Шерозӣ усулан аз ҳудуси замонии мутакаллимон, ки оғози замонии ҷаҳонро мўъҳаҷид будаанд, тафовути ҷиддӣ дорад. Зеро ба андешаи Садро, ки ў низ ҳудуси замониро қоил аст, олам на оғози замонӣ, балки ҳодиси замонӣ дорад ва «чун дар бистари замон қарор дорад, ҳар лаҳза дар таҷаддуду ҳудус мебошад»[128]. Таҷаддуму таҳаввули олам ё ҷаҳони ҳастӣ нисбат ба мабдаъи собиту ломутағйирии ҳасти дар ин ҳолат ҳуввияти замонӣ надорад, балки «он як тааввули айниву воқеъӣ» ба ин маънӣ аст, ки «вуҷуди олам ноқис ва омехта аз қувваю феъл, ки доиман дар ҳоли шудан аст, дар сурате ки боритаъоло феълияти маҳзу том, балки фавқ-ул-тамом ва сирфи вуҷуди маҳз аст, ки дар тамомият низ бениҳоят аст.

Ибни Сино мисли Арасту замонро миқдору андозаи ҳаракати даваронии афлок медонад. Садриддини Шерозӣ ин гуфтаи Шайхурраисро қабул дорад, вале замонро аз чаҳорчўбаи куллӣ, ки табиат дар колбади вуҷудшиносии он қарор дошт, озод намуда, онро ба тағъири ҷавҳарии мавҷудот, ҳаракати ботиниву таҷаддуди доимии олами ҳастӣ интиқол дод ва бо ҳамин восита замонмандии вуҷуди сайёл мартабаи заифе аз маротиби нозилаи вуҷуд ва шууни иллати аввал будани онро собит намуд. Дар ин бора ў дар «Асфор-ал-аҚли-ал-арбаъа» навишта: «Замон ҳуввияти иттисолиест, ки дар уфуқи таҷаддуду таҷаззо ва арши ҳаводису тағъирот қарор дорад, шаъне аз шуунoти иллати аввалӣ ва мартабаи заифе аз маротиби нозилаи вуҷуд аст, он заифтарин мумкинот дар вуҷуд ва пасттарин маълумот дар рутба аст. Чун замон (вақт) аз ҷумлаи мумкинот аст, назди дигарон миқдори ҳаракати даваронии фалакист, дар назди мо бошад миқдори вуҷуди табиии мутаҷаддид бинафсиҳӣ мебошад, ки аз ҷамеъи мумкинот таҷаддум надорад. Замон иборат аст аз миқдори табиати зотан доимонавшавандаву диғаргуншаванда ва тағъирёбанда аст...»[130].

Аз ин иқтибос чунин бармеояд, ки замон, аз назари Садро миқдори вуҷуди тағъйирёбанда ва таҷаддуду табдил аст ва бо вуҷуди моддӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Ашё аз он ҷиҳат ки абъоди сегона доранд, ҷисм ҳастанд ва аз он ҷиҳат, ки дар ҷавҳарашон ҳаракат доранд, дар замон мавҷуданд. Аз ин назар «мавҷудоти моддӣ дорои навъе аз имтидоди вуҷудиянд, ки замон аломати таҷаддуму тааввули онҳост»

Садриддини Шерозӣ ба ҳамин тартиб замонро аз баҳси олами табиат хориҷ намуда, онро то ба як баҳси метафизикӣ ва моваруттабиӣ боло бурд ва тавассути назарияи таҷаддуми вуҷуд бар моҳият, ки пояи асосии низоми фалсафии ўро ташкил медиҳад, баҳсҳои мафҳумӣ, аз ҷумла замонро вориди баҳсҳои вуҷудӣ намуд, ки тибқи он «ҳақиқати вуҷуд дорои ду мартаба аст, ки яке мартабаи вуҷуди собит ва дигаре мартабаи вуҷуди сайёл, ки замон ҳақиқати вуҷуди сайёл ва лозимаи лоянфаки он» ба шумор меравад. Албатта, мартабаи сайёл боз барои худ маротиберо дорост, вале баҳси он

дар ин ҷо муҳим нест. Нуктаи муҳим ва ҷолиби таваҷҷуҳ дар ин ҷо ҳамон маротиби ташкикии «ҳақиқати вуҷуд» аст, ки баробар бо таҷаллӣ ё худ зуҳури худованд аст ва вуҷуди мунбаситеро ба дунбол дорад, ки тамоми олам аз мартабаи олӣ сар карда то ашёи моддӣ, ки мартабаи заъифи он аст, аз лиҳози мовароуттабий воҳид аст ва дар айни воҳид будан касир мебошад. Ҳамин назария ба файласуф иҷозат додааст, ки замонро ҳамчун зуҳури таҷаллии вуҷуд истифода намуда, фарқи байни ҳақиқати вуҷуди олами моддӣ ва иллати аввали собити онро аз байн бардорад ва дар ҷаҳонбинии тозаи худ роҷеъ ба замон «мартабаи мофавқи вуҷудро ботини мартабаи модун ва мартабаи модуни вуҷудро зоҳири мартабаи мофавқ» ба қалам дода, «вуҷуд»-ро амри фарогири ҳамаи мумкинот эълон намояд, ки дар матни он замону ҳаракату ҷисм дар шакли вуҷуди воҳид ниҳонанд. Ин ваҳдати хориҷии замону ҳаракати табиати сайёл дар зеҳн ғайриҳаманд, вале дар хориҷ дар як вуҷуд мавҷуданд.

Ризо Акбариён нуктаи мазбури таълимоти Садриддини Шерозиро шарҳ дода, аз ҷумла навиштааст, ки ҳар ҳодиса замону макони хосе дорад, ки берун омадан аз онҳо баробар ба берун омадан аз ҳасгии хеш аст. Наметавон чизеро, ки зотан маконпазир нест, дар макон ҷой дод ва наметавон чизеро, ки зотан сиботу қарор дорад, пазирои замон донист. Замон нишонаи чизест, ки зотан пазирои замон аст ва ҳуввияташ ба замон пайванди дарунӣ дорад. Чунин чиз мавҷудоти моддӣ буда метавонад[131].

Мафҳуми таҳаддуми зотӣ, ки замон аломати он мебошад, замондор будани ҳодисаҳо ва аз зоти худи онҳо ба вуҷуъ пайвасганашонро ифода мекунад, ки дар ин асно омили хориҷӣ нақше нахоҳад дошт. Ба ибораи дигар, замон зарфе нест, ки мисли назари машшоиён, ҳодисаҳо ба он рехта шаванд ва ифодаи зарфу мазруф дар ин ҳолат ҷой надорад. Ҳар ҳодиса бо замони худ чунон муттасил аст, ки онҳоро аз ҳам ҷудо сохтан муҳол аст, ба ин маънӣ, ки замони ҳар шайъ чеҳрае аз худи (вуҷуди) он шайъ аст, он муқаввими зотии ҷавҳарии модда, бӯъди чаҳоруми вуҷуд аст, ки бидуни он ҷавҳари моддӣ вуҷуд дошта наметавонад. Имтидоди замонию маконӣ барои ҷисм ҳатмист. Аввалӣ шомили арзу тӯлу умқ ва дуюмӣ саялони дохилии олами моддиро дар бар мегирад. Дар ин бора Садро навиштааст: «Замон миқдори табиати мутаҳаддидаи зотӣ аз ҷиҳати таҳаддуму тааххур аст ва он табиатан ду имтидод дорад, ки яке тадриҷии замонӣ ва дигаре дафъии маконӣ мебошад»[132].

Ба назар чунин мерасад, ки бӯъди чаҳорум будани замон дар таълимоти Садриддини Шерозӣ бори бӯъди физикии каммиро намекашад, балки ӯ бӯъди метафизикии «вуҷуд»-ро дар назар дорад, ки дар он гузашти замон гузашт ё худ ҳаракати ҷаҳон, ки баробар бо ҳудуси тадриҷии он аст,

ифода мекӯнад, ҳудуси тадриҷӣ, дар навбати худ, падид шудани «он»-ро билфеълро ба дунбол дорад, ки ҳадди муштараки моҷиблу мобиъди ҳаракати таҷаддудиро мушаххас месозад.

Барои фаҳмидани он чӣ дар боло гузашт ду нуқтаи муҳим вуҷуди замон ва мафҳуми онро бояд дуруст дарк кард. Дар боло бештар роҷеъ ба ҳақиқати вуҷуди замон сухан рафт, вале мафҳуми он ҳанӯз ба таври бояду шояд муайян нагардида. Ризои Акбариён ин мавзӯъро мавриди баррасӣ қарор дода, навиштааст, ки аз назари Садро «дарки ҳақиқати «вуҷуди замон» ғайр аз «тасаввури замон» ва « тасаввури замон» ғайр аз «эътибори ақлӣ»-и он аст. «Тасаввури замон» нишондиҳандаи ҳақиқати «вуҷуди замон» дар ҳадди як равзанаи мафҳумист ба мисли он, ки инсон аз зоти худ мафҳуми «ман»-ро сохта, мавриди корбурд қарор медиҳад. Баъди овардани чунин фикр муҳаққиқ тасаввури замонро як амри бадеҳӣ –аввалӣ ва ло таҳаддум хонда, изҳор менамояд, ки Садриддини Шерозӣ «дар таҳлилоти ақлии худ бо «эътибори ақлӣ»-и замон сару кор дорад. Ӯ бар хилофи Арасту замонро дар хориҷ ба василаи таҳлилоти ақлӣ исбот мекунад, на ба василаи идрокоти ҳиссӣ ва гаҷрибаҳои дарунӣ. Аз назари ӯ замон як « эътибори ақлӣ»-и фалсафист, на мафҳуми «ҳисси моҳувӣ» ва баҳс пиромуни он як баҳси сад дар сад фалсафӣ ва метафизикӣ аст, на баҳсе дар қаламрави улуми табиӣ ва идрокоти гаҷрубӣ. Зеро ӯ муъҳаҷид аст, ки мафҳуми замон аз роҳи таҷриду таъмими идрокоти ҳиссӣ ба даст наёмада, балки монанди соири маҳулоти метафизикӣ аз таҳлилу тафсири зеҳн нисбат ба мударрикоти ҳузурӣ ҳосил шудааст»[138].

Ҳамон тавре ки аксари муҳаққиқон қайд намудаанд, назари Мулло Садро дар бораи замон, ки бар мабнои ду асли низоми фалсафии ӯ—исолати вуҷуд ва ҳаракати ҷавҳарӣ қомат барафрохтааст, аз ибтикороти тозаи Садриддини Шерозӣ дар таърихи фалсафаи исломӣ ба шумор меравад. Баъдан низ ба ин андешаҳои файласуфи мутаолиҳа ҳакимони илоҳии мутааххир борҳо муроҷиат намуда, роҷеъ ба замон ва ҳудуси олам шарҳу тафсир ва зимни он назарҳои шахсии худро баён намудаанд. Ба унвони мисол метавон ба гуфтаҳои Мулло Ҳодии Сабзаворӣ дар « Шарҳи манзумаи ҳикмат» ва Муҳиддин Маҳди Илоҳии Камшей дар китоби «Ҳикмати илоҳӣ» рӯ овард. Дар воқеъ, Қози Саиди Қумӣ , ки бо Садриддини Шерозӣ дар аҳди Сафавия бо тафовути ками замонӣ зиндагӣ дошта, «на танҳо барои ҷисм малакут қоил шуда ва аз буъди муҷаррад сухан гуфтааст, балки барои замон низ малакут қоил шуда, аз дараҷоту табақоти мутафовути он сухан ба миён овардааст. Ӯ замонро ба се қисм «касиф», «латиф» ва «алтаф» тақсим кардааст. Замони «касиф» замони мавҷудоти моддист, ки муддати ҳаракоти ҳиссӣ ба шумор меравад. Замони «латиф» муддати ҳаракати мавҷудоти рӯҳонист, ки тадбири олами ҷисмониро ба ӯҳда доранд. Ва билахра замони «алтаф» замони арвоҳи олия ва анвори қудсия аст, ки

ҳамаи умури дунё ва тамоми умури охират дар он мутаҳаққиқ аст». Ба ин масъала муҳаққиқон низ таваҷҷуҳ намудаанд. Ҳенри Корбен, зимни таҳлили «олами мисол» махсусан қайд намудааст, ки вақте ҷаҳони намодин мақоми вокеиашро дар ҷойгоҳи мисолӣ меёфт, замонмандӣ ба мафҳуми Ҳейдегерии калима ончунон силсилаи маротибе дар соҳати гуногун таъвил меёфт, ки гоҳ ба замони касифи ҷаҳони маҳсус меанҷомид, гоҳ ба замони латифи ҷаҳони равон ва гоҳ ба ҷаҳони алгафӣ уқули курравиби[134].

Дар охир фикри файласуфи шинохтаи Эрон дар ҳикмати илоҳӣ, ки назари мутааххирини худро то андозае ислоҳ намудааст, ироа хоҳад шуд. Илоҳии Қамшей зимни баррасии масъалаи «ҳудус» ва «қидам» баъди овардани назарҳои мухталиф навиштааст, ки андешаҳои мутааххирин, аз ҷумла Мирдомоду Садриддини Шерозӣ дар ҳалли масъалаи мавриди назар ба сарманзили ҳақиқат нарасидаанд ва дар нимароҳи он бозмондаанд. Ӯ таъкид карда, ки «барои ҳақиқати ҳастӣ ду васф-қидам ва ҳудус азалан ва абадан собит аст, мунтаҳо чун ҳақиқати вуҷуд ҳам зоҳир аст ва ҳам ботин, қидам васфи ботинии ӯст, ки аз ботин ба зоҳир биёяд. Пас зоти ҳақ қадим ва феъли ҳақ мутлақан ҳодис аст ва маънии қидам ҳамон зоти мутаҷаллӣ дар олам аст ва маънии ҳудус ҳамон тачаллии феъли ӯст[135].

То чӣ дараҷа ба ҳақиқат наздик будани чунин суханони намояндагони фалсафаю ҳикмати илоҳӣ баҳсест доманадор, ки устод Мутаҳарӣ низ ибрози назар намуда, вале баррасии он аз доираи баҳси мо берун ва маҷоли дигаре мехоҳад. Феълан ба ин баҳси нотамом нуқтаи таммат гузошта, дар ин ҷо бо ибрози чунин фикр суханро ба поён мерасонем, ки мо барои равшан шудани масоили тираи оини зарвонӣ ва таъсири он дар эҷодиёти мутафаккирони асрҳои миёнаи Шарқ намунае чанд аз баъзе нуктаҳои таълимоти файласуфону мутакаллимон ва орифон роҷеъ ба замонро ба хонандагон ироа намудаем. Зимни он фақат ба масоиле дахл кардем, ки ҷанбаи мовароуттабии замонро шомил буданд. Аз баррасии навъҳои ҳаракат ва хусусиятҳои замонии онҳо ва дигар масъалаҳои дорои ҷанбаи табиию фалсафии онҳо дар ин ҷо худдорӣ гардид.

ЗАРДУШТ ВА АДАБИЁТИ ЗАРДУШТИЯ

Пайғамбароне, ки таваллуд шуданд, аз таваллуди ашхоси маъмулӣ ҳеҷ фарқе надоштанд, зеро рисолати онҳо баъди таваллуд ва он ҳам дар давраи камолот сурат гирифта. Вале баъди даргузашти паёмбарон дар бораи онҳо маъмулан ривоятҳое дуруст мекунанд, ба онҳо суханҳои эъҷозомезу амалҳои хориқулодда, дигар аҷоиботу ғароибот ва ҳатто сифатҳои осмониву қудратҳои фавқуттабиӣ нисбат медиҳанд. Чунин амал барои ҳамаи динҳои мутаол ба ҳукми анъана ва суннати дерин даромада

ва маншаю масдари ривоёту асотири гуногун гардидаанд. Ман инро дар мисоли дуҳдини қадимаи ориёй-зардуштия ва буддоия мушоҳида карда метавонем. Дар асотири оини зардуштӣ пайғамбари он Зардушт бар хилофи одамони хокӣ, ки ҳангоми таваллуд бо гиря ба дунё меоянд, бо хандаи по ба арсаи вуҷуд ниҳодааст. Ҳамин хел пайғамбари дини буддоия Будда баробари таваллуд шудан назди модар нишаста сухан гуфтааст.

Агар асотири таваллуди Зардушт бо тамоми тафсилоташ нақл шавад, достони диланғезеро мемонад, ки дар ниҳоди он асосҳои дини зардуштӣ нуҳуфтааст. Дар адабиёти зардуштӣ ба таваллуди Зардушт, ки ранги осмонӣ дорад, ба се нуктаи муҳим—фарри изадӣ ва равону тани Зардушт аҳамияти махсус дода шуда, ки ин нуктаҳо баъдан дар шакли нисбатан шолуда, такомулёфта ва орӣ аз ҳар ғуна ибҳомоти ғайримантиқӣ вориди қариб ҳамаи динҳои мутаоли ҷаҳонӣ гардида. Нуктаи аввал ҳамон фарри изадӣ буда, ки Аҳуромаздо зимни иродааш барои офаридани паёмбараш ҷиҳати раҳнамоии мардум, аз маркази равшноии бекарона-сипеҳри шашум гирифта ба Хуршед дод ва он ба дастони Моҳу ситорагон интиқол ёфта, парварда шуд ва ба оташгоҳи хонадони модари Зардушт, ки ҳанӯз дар шиками модараш буд, фуруд омад ва ба он русух кард. Ин ҳамон нурест, ки дар динҳои тавҳидии баъдина аз олами улвӣ ё худ олами мисол ба олами зулмонӣ фуруд омада, ба қалби баргузидагон русух ва дар он шориқаи илоҳиро ҷойгузин месозад. Дар «Фалсафаи нур»-и Шаҳобуддини Суҳравардӣ ишроқи ҳамин нур дар қалби инсонӣ дар силсилаи тулии ишроқоти «нур-ал-анвор» оварда шудааст ва бесабаб нест, ки ин файласуфи ишроқӣ маншаи таълимоти худро дар «Ҳикмат-ул-ишроқ» ҳикмати шарқии хусравонӣ ё худ фаҳлавиён номида.

Нуре, ки ба он зани обситан расида буд, ҳамон фарри изадиест, ки роҷеъ ба он баъдан таваққуф хоҳем кард. Ин зан духтареро таваллуд кард, ки ӯро ДаҒду ном ниҳоданд. Ин духтар дар ҳамон ҷавонӣ мисли Биатрис дар китоби сеюми Трилогияи Данте «Мазҳакаи илоҳӣ», ки «Биҳишт» ном дорад, аз нуру дурахшиши ботинӣ бархурдор буд, ки гоҳо дар чеҳрааш низ ҳувайдо мешуд. Қувваҳои аҳриманӣ, ки аз таваллуди анқариби Зардушт оҒоҳӣ дошт, падари ДаҒду-Фароҳимро ба васваса андохтанд, ки ӯё ДаҒду бо ин чеҳрае, ки дорад, бо ҷодувону париён дар иртибот аст ва оқибати нохушоянде насибаш хоҳад шуд. Падари ДаҒду ӯро ба назди дӯсташ-раиси қабилаи Спитамон бурд. Байни духтараш ва писари дӯсташ Пурушасп алоқаву муҳаббаҒе пайдо шуд ва онҳо издивоҷ карданд.

Нуқтаи дуюм, ки ба равони Зардушт марбут буд, тавассути ду изади воломақоми «Амшоспандон»-Баҳман ва Ӯрдубиҳишт ба соҳаи гиёҳи муқаддасу нишотовари «ҳаома» омехта онро дар саҳро қарор доданд ва Пурушаспро ҳидоят намуданд то онро гирифта ба хона биёяд. Ҳамин тариқ равони Зардушт аз олами мисоли барзахӣ бо Замин фуруд омад. Тани

Зардуштро низ ду изади дигари Амшоспандон-Хурдоду Умргот, ки ба гартиб муваккили обу гиёҳон буданд, дар Осмон онро таҳия намуда, бо боридани борон ба замин фиристоданд. Мояи тани Зардушт дар батни гиёҳон ҷой гирифт ва говони Пурушасп дар саҳро гиёҳонро тановул карданд. Соқаи хушкшудаи «ҳаома»-ро Пурушасп молида, ба шири аз гов ӯшидаи завҷааш ҳамроҳ кард ва якҷоя онро нӯшиданд. Бадин минвол Даҳду, ки фарри изадиро дар худ дошт, равону мояи тани Зардуштро низ дар ҷисми худ ҷой дод ва баъди чанде писари севвуми хонавода-Зардушт по ба арсаи вуҷуд ниҳод. Дар ин бора дар Авесто чунин омадааст: «Касе, ки ба ҳангоми зоишу рӯиши ӯ обу гиёҳон ба ваҷду шавқ даромада буданд, ба ҳангоми зоишу рӯиши ӯ обу гиёҳ рӯиданд, ба ҳангоми зоишу рӯиши ӯ ҳамаи офаридагони Спента ба тандурустиву хушӣ фарёд бароварданд: хушо ба ҳоли мо, ки раҳбари дин зода шуд, Спитамаи Зардушт моро тӯмор хоҳад карду хоҳад сутуд, бо фадяву барсаму завр ва аз ин пас дини неки Маздо ба рӯи ҳафт кишвар мунташир хоҳад шуд...» («Фарвардиняшт» кардаи 24).

Бо таваллуди Зардушт ҳамаи қувваҳои аҳриманӣ ба ҳарос афтоданд, аз пайки ростиву некӣ онҳо дар вартаи табоҳӣ қарор гирифтанд. Девони бадкору афсунгар, ки дар олами зулмат буданд, аз ваҳшат сахт ларзиданд ва ба фикри нобуд сохтани Зардушт қабл аз фурӯғаш афтоданд. Се танро аз байнашон баргузиданд то оташсӯзие дар хонаи кӯдак анҷом диҳанд. Оташсӯзии бузурге эҷод карданд. Вақте модараш бо саросемагӣ барои начоти Зардушт вориди хона шуд, ӯро дар миёни анбӯҳи оташ хушу хандон ба бозӣ машғул ёфт. Девони палид нафаҳмиданд, ки оташ оташро намесӯзонад ва зоти пайғамбарӣ омехта бо оташу нури таҷаллист ва ҳар касе ин нурро касб кунад, ростгор ва солики роҳи изадон шавад[136]. Ин саҳнаи оташсӯзӣ дар китоби ҳафтуми «Динкард» низ омада, ки аз баёни ҷузъиёти он худдорӣ ва қазияро дунбол хоҳем кард. Душманони Зардушт ҳилаи дигаре ба кор бурданд ва ӯро ба сари роҳи рамаи говон қарор доданд, вале аз қазо гове то гузаштани рама кӯдакро дар паноҳаш нигоҳ дошт. Ниҳоят Зардуштро миёни гургон андохтанд, вале онҳо ба тифл осебе нарасонданд ва гузашта аз ин, ду буз дар ин ҳангом пайдо шуда, кӯдакро бо шир сер карданд.

Овардаанд, ки дар замони таваллуди Зардушт хонадоне буд девсифату пастфитрат ва он хонаводаро «карапан» (качарап) меномиданд, ки дар Авесто бо номи хонаводаи девистон ёд шуда. Онҳо панҷ бародар-Вахш, Вишн, Турвахш,Озон ва Вадаст ва душманони сарсахти Зардушт буданд. Ҳарчанд кӯшиданд ӯро аз байн баранд, ин кор барояшон муяссар нашуд. Рӯзе бародари миёнии ин хонавода Зардуштро якҷо бо падараш дида, ба болову поин ва атроф нигарист. Пурушасп аз ӯ суол кард: чаро чун кардӣ? Ӯ дар посух гуфт: онгоҳ ба боло нигаристам бадон сабаб буд, ки дидам фарри ин писар ба осмон меравад ва донистам, ки аз гуфтори ӯ равони

мардумон ба биҳишт хоҳанд рафт; онгоҳ, ки ба поин нигаристам, дидам, ки аз амали ин кӯдак деву дурӯғ ва ҷодую парӣ дар зери замин пинҳон шуда, дубора ба дӯзах хоҳанд афтод ва онгоҳ, ки ба агроф нигаристам, сабаби ин буд, ки дидам гуфтори ин писар дар ҳамаи замин густарин хоҳад ёфт ва суханонаш ба унвони қонуни ҳафт кишвар шинохта хоҳад шуд[17].

Мазмунҳои фавқ қариб дар ҳамаи китобҳои таҳқиқотӣ ва адабиёти зардуштшиносӣ аз Вилл Дурант сар карда то пажӯҳандагони эронию хориҷии муосир омадаанд ва шояд ҳам маншаи ягона доранд. Вале ин масъала ҳоло муҳим нест. Муҳим он аст, ки на фақат таваллуди Зардушт, балки ҳамаи дигар масоили зиндагӣ ва таълимоти ӯ, аз ҷумла масъалаҳои дорои ҷанбаи таърихиву ҷаҳоншиносӣ ва маърифатӣ низ дар сарчашмаҳову тадқиқотҳо шакли ривояту асотирии худро аз даст надодаанд. Агар идомаи саргузашту зиндагӣ ва ташаккулу инкишоф, инчунин интишори дини зардуштӣ ба ҳамин минвол идома ёбад, дарки асли матлаб дар паси пардаи ривояту асотир ниҳон хоҳад монд, зеро мафҳумҳои асотириву тафсирҳои каломӣ, ки дар матнҳо истифода шудаанд, дарки масоили мавриди назарро печидатару мушкилтар месозанд. Аз ин рӯ, саъй хоҳем кард, ки матнҳоро то андозае аз таъбиру тафсирҳои печидаи тавъам бо рамзу киноёт озод намуда, масъалаҳоро ба таври содда баён намоем ва аз батни асотиру ривоёт матлаби асосиро берун орем.

Агар ба гуфтаи боло содиқ бимонем, аввал бояд ду масъалаи басо муҳимме, ки дар адабиёти зардуштӣ роҷеъ ба онҳо ихтилофи назарҳо мавҷуданд ва боиси баҳсу ҷадалҳои зиёде ҳам байни муаррихону муҳаққиқони Аҳди бостон ва ҳам байни муҳаққиқони муосири ватанию хориҷӣ гардидаанд, равшанӣ андозем. Яке аз ин масоил ба замони Зардушт ва дигаре макони таваллуди ӯ марбут мебошад.

Муҳаққиқон бо истинод ба «Ясно», ҳоти 29, банди 8 номи ҳақиқии Зардуштро Заратуштра Эспитома (Zarathushtra Spitama) гуфтаанд. Аз ин ҷо номи суғдии Спитамона, ки дар юнонӣ Спитамен шудааст, муштақ шуда.Муаррихони юнонӣ номи ӯро дар осорашон Зароастр (Zoroaster) ба маънои ситорапараст ба қалам додаанд. Дар баъзе ҳолатҳо мутафаккирони юнонӣ номи ӯро Зароастрес ва Афлотун номи ӯро Урмузес (Oromozes) номида. Олимону шарқшиносони Ғарб мазмуни номи Зардуштро ба таври гуногун ва бо ихтилофи дури назарҳо шарҳ додаанд. Профессор Хиесинг (Huesing) онро «молики мазраа», Касартелли (Casartelli) « шухмкунанда бо шутур», Ҷексон (Jecson) «шутури пир ё хашмнок», Мери Бойс (Meri Boyce) «он ки шутурро меронад ё онро идора мекунад», Брудбек (Brodbeck) «ситораи тиллой», Ричард Фрай (Ricshard Fray) «шахсе, ки шутурҳоро мебарад», В.И. Абаев «дорандаи шутурҳои зард» ва баъзе муҳаққиқони эронӣ «шутурбон» маънӣ намудаанд. Ҷалолуддини Оштиёнӣ назари беш аз сӣ нафар олимону мусташриқонро дар бораи номи Зардушт ва маънии

он оварда, дар охир таъкид намуда, ки «азамати номи Зардушт дар ҳамон мардумию маъмулӣ будани он аст, ки дар зимн далели воқеъӣ будани он низ мебошад»[138].

Роҷеъ ба макон ё ватани аслии Зардушт низ назари воҳиде байни олимон вуҷуд надорад. Ҳошими Разӣ дар «Ҳикмати хусравонӣ» тарҷимаи порчаи ба Зардушт мансуббудаи «Нузҳат-ул-арвоҳ»-и Муҳаммади Шаҳрзуриро овардааст, ки дар он аз забони худи Зардушт чунин омада: «Ман марде будам аз аҳли Озарбойҷон..., дар миёни эшон маъруф-ул-насаб будам ва падару модари маро мешинохтанд». Баъди овардани чунин суханон Ҳошими Разӣ маҳалли таваллуди Зардуштро қисмати шарқи Эрон ва Балх пиндоштааст. Х.С. Нибергі муътақид аст, ки ватани аслии Зардушт Хоразм буда, Готҳо дар шаҳри Рого (Рай) китобат шудааст. Ба фикри ӯ, Зардушт ибтидо дар канори руди Сайҳун мезиста ва аз ин ҷо фарор карда, ба канори руди Ҷайҳун маскан гузидааст, вале рафта-рафта дини ӯ ба шаҳри Рай расида ва ин шаҳр маркази рӯҳонии мазҳаби Зардушт гардидааст. Эмомалӣ Раҳмонов низ макони Зардуштро дар Бохтар (Балх) медонад ва ҷиҳати таъйиди ин фикри худ навиштааст, ки Ксетий, ки дар дарбори шоҳони Эрон машғули хизмат буд ва китоберо бо унвони «Таърихи Форс» таълиф карда, агар барои гуфтааш асоси қотеъ намедошт, наменавишт, ки макони сукунати Зардушт на Эрон, балки Бохтар будааст.[139]

Абдулазими Ризой се назария дар мавриди маҳалли таваллуди Зардушт-ноҳияи ғарбии Эрон, машриқи Эрон ва шаҳри Балх ироа намуда, аз ҷумла қайд кардааст, ки Зардушт қурбониҳои худро дар «Айрана ваеҷа» («Airyana-Vaejah») дар канори рудхонаи Датия ба изадон тақдим мекардааст. Шарҳи «Айрана ваеҷа» дар қисмати «Ориёиҳо дар Осиёи Миёнаву Эрони бостон» гузашт. Ин маҳал, хусусан ҳудуди он дар нақшаи ҷурофиёии Аҳди бостон таъйин нашудааст. Аз ин рӯ, ақидаҳо низ гуногунанд ва агар манзур аз макони мазкур сарзамине бошад, ки дар он анъанаҳои бостонии ориёӣ ва ғуруҳи забонҳои ҳиндуэронӣ интишор ёфта бошанд, ин минтақаро ҳудуди Осиёи Миёна, шимолу ғарби Покистон ва Афғонистону Эрон донистан мувофиқи мақсад мебуд. Зеро меҳвари фикри аксари олимон, хусусан забоншиносон, ки забони Готҳоро ба лаҳҷаи қисмати Эрони Шарқӣ шабеҳ медонанд, дар ҳамин ҳудуд давр мезанад. Аниқтараш Зардушт аз сарзамини Эрони Шарқӣ бархоста, маҳалли таваллуди ӯ дар соҳили рудхонаи Сайҳун, ки дар Авестои мутааххир бо номи рудхонаи Орҷо омадааст. Вале Муҳаммади Малоирӣ ватани Зардуштро дар Урумия, дар канори дарёчае бо ҳамин ном медонад, ки имрӯз ба худ номи Ризоияро гирифта[140].

Бартломе (Chr. Bartholome) зодгоҳи Зардуштро шимолу ғарби Эрон медонад, ки мактаби худро дар Озарбойҷон поягузорӣ кардааст. Ин фикри ӯро муҳаққиқи олмонӣ К. Келднер низ тарафдорӣ намудааст. Е. Ҳертсфлд

Зардуштро аз хонаводаи салтанатии Модҳо ва ватани ӯро қисмати ҷанубии Эрон медонад. Ғ. Алтаҳайм, А. Кристенсен ва Ҳеннинг зодгоҳи пайғамбари зардуштияро қисмати шарқии Эрон, Ҳ.Шардер онро ҳудуди шимолу шарқии сарҳадоти Эрон ва туркманистони Шарқӣ ва Мери Бойс қисмати шимолу шарқи Эрон, манотиқи атрофи Хоразм (навоҳии Суғду Бохтар ва Фарғонаву Порт) пиндоштаанд.

Назарияҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки шояд овардани онҳо дар ин ҷо ҷоиз набошад, чун баъзе олимон мисли ҳамон гуфтаҳои болоӣ зодгоҳи Зардуштро қисмати шарқӣ ё ғарбии Эрон ба қалам додаанд, баъзеи дигар аз рӯи баррасиҳои забоншиносии татбиқӣ ақидаҳоеро пешниҳод намудаанд, ки аз ҳудуди чаҳорчӯбаи сарҳадоти «Айрана ваеҷа» таҷовуз мекунад. Ривоятҳои суннатӣ низ мавҷуданд, ки тибқи он ба мисли масеҳияту буддоия муғону мубадони зардуштия пайғамбари худро ба асилзодагон нисбат дода, аслу насаби ӯро ба аввалин подшоҳони асотирии таърих ба мисли Фариддуну Ҷамшед нисбат додаанд ва шаҷараи Зардуштро бо 37 пушт ба аввалин кадхудои ҷаҳон- Каюмарс бурда расондаанд. Мувофиқи ин ривояти суннатӣ Зардушт дар хонаводае аз табори салотини Мод таваллуд шудааст. Зодгоҳи ӯ дар Озарбойҷон дар ҳаволии Урумия буда. Номи хонаводагии ӯ Испитамона ва волидонаш Пурушаспа ва ДаҒду номида мешуданд. Падари ӯ марди донишманд ва мутараққӣ будааст ва модараш низ духтари Фароҳим яке аз нуҷабои эронист. Дар ҳангоми таваллуд номи Испитама ё номи ҷадди хонаводаро бар Зардушт ниҳоданд[141]. Идомаи ин ривояти суннатӣ пур аз хаёлпардозиҳои баландпарвозона дар бораи Зардушт ва дини ӯ, ҳамчунин интишори он дар сарзаминҳои Осиёи Миёнаву Эрон мебошад. Он тавре ки баъдан хоҳад омад, «он чӣ дар замони Сосониён бо номи дини зардуштия танзим ва ба мардум таҳмил шуд, ҳеҷ гуна шабоҳате ба паёми Зардушт надоштааст» ва, аз ин рӯ, бисёре аз ривояту асотир аз қиссапардозиҳо ва хаёлбофиҳои нависандагони сосонӣ буда, ҳеҷ гуна далоили илмӣ надоштааст». Ҷалолуддини Оштиёнӣ баъди баррасии назарҳои фавқ ба чунин натиҷа расида, ки «Зардушт дар минтақае дар атрофи дарёчаи Арал дар байни ориёиҳо, ки аҷдоди муҳоҷирони Ҳинду Эрон буданд, мезиста..., ӯ дар байни ақвоми ориёӣ ба дунё омада, рушд намуда, рисолати худро ба анҷом расонд. Вай фақат ба эътибори таваллуд дар байни ориёиён як ориёист, вале дар ҳақиқат яке аз мубашширини ҳаққу ростист».

Дар мавриди замони зиндагии Зардушт низ ақидаҳои мухталиф ҷой доранд. Маълум аст, ки Авестои қадим роҷеъ ба таърихи зуҳур ё худ замони Зардушт чизе нагуфта, ҳар чӣ дар ин бора навишта шуда, мутааллиқ ба гузоришҳои паҳлавӣ ва ёдгориҳои баъди даврони сосонӣ мабошанд. Бино ба маълумоти муҳаққиқон таърихи зуҳури Зардушт дар ду рисолаи маъруфи Конуни зардуштӣ ва як гузориши марбут ба таъсиси ин Конун, яъне Ардвировнома, ки ҳамаи онҳо дар қарнҳои нӯҳуму даҳуми милодӣ танзим

шудаанд, мавриди баҳс қарор гирифтааст. Дар «Бундаҳиш» роҷеъ ба амали офариниш чунин омада: «... аз оғози офариниш, ки офаридагонро офарид то ба фарҷом, ки Аҳриман аз кор биафтад, ба андозаи дувоздаҳ ҳазор сол аст»[142]. Аз ин нукта чунин бармеояд, ки дар се ҳазор соли аввал тамоми мавҷудоти олам дар олами мусул офарида шуда, вале чун замон ҳанӯз каронманд набуда, онҳо беҳаракат дар олами фраваҳар қарор доштанд. Дар се ҳазор соли дуюм вақте аз замони бекарон (зрвана акарена) замони каронманд офарида шуд, ҷаҳон ба ҳаракат даромад ва фраваҳар ё худ сурати фалакии Зардушт, ки дар поёни сеҳазорсолаи аввал офарида шуда буд, қолаби моддӣ ба худ гирифт. Аз ин шарҳи офариниш олимону шарқшиносон бардоштҳои гуногун намудаанд, ки дар онҳо на фақат ихтилофи назарҳо, балки газодҳо низ мушоҳида мешаванд.

Дар «Ардвировнома» рисолати Зардушт 300 сол қабл аз ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ зикр шуда, ки дар ин суръат таваллуди Зардушт дар ҳудуди соли 634 пеш аз милод дониста мешавад. Муаррихони мутааххири исломӣ, аз ҷумла Берунӣ ва Масъудӣ бо истинод ба манобеъи паҳлавӣ зуҳури Зардуштро 258 сол қабл аз истилои Искандари Мақдунӣ ба қалам додаанд, ки он баробар ба 592 то милод мебошад. Дар тадқиқотҳои охир пажӯҳандагон чунин иброзе ақида намудаанд, ки санаи суннатии замони зиндагии Зардушт, ки тақрибан ба аҳди Ҳахоманишиён рост меомад, нодуруст ва иштибоҳ дониста, ҳамвора қайд намудаанд, ки то замоне, ки падари Дориюши 1 будани Виштосп, ки сабаби интишори дини зардуштӣ гардида буд, собит нагардад, эҳтимоли дар асри 6 пеш аз милод зиндагӣ кардани Зардушт зери шубҳа ва суол боқӣ хоҳад монд.

Аз ин рӯ, қариб ҳамаи муҳаққиқони Шарқу Ғарб дар тадқиқоташон ба ин масъала таваққуф намудаанд. Масалан, Ҳошими Разӣ, Ҷалолуддини Оштиёнӣ, Фарҳангмеҳр, Абдулазими Ризой ва дигарон дар тадқиқотҳояшон баҳси замони зиндагии Зардуштро оварда, ақидаҳои гуногунро матраҳ намудаанд, ки дар онҳо ба ҷуз тахмину истинод ба адабиёти зардуштӣ, далели ҷолиби диққате ба унвони меъёр ба назар намерасад. Ба таври куллӣ аз рӯи қароини таърихиву фарҳангӣ, баррасиҳои бостоншиносӣ ва хулосаҳои забоншиносии таърихиву татбиқӣ гузинаи (варианти) тозаи замони зиндагии Зардуштро аксари муҳаққиқони муосир байни асрҳои 10-6 то милод мешуморанд. Ин фикрро Вилл Дурант ним аср пеш иброз дошта буд ва имрӯз ҳам тарафдорони зиёдеро пайдо намудааст. Бешубҳа, ин сана мухолифони худро низ дорад ва назари ниҳой ҳам ба шумор намеравад.

Муҳаққиқони Ғарб низ дар мушаххас намудани замони зиндагии Зардушт кӯшишҳои зиёд ба харҷ доданд. Эдуард Майер таваллуди пайғамбари дини зардуштиро ба солҳои 1000 қабл аз милод нисбат медиҳад. Голднер ва С. Милз фикри ӯро тарафдорӣ намудаанд, вале Бартоломе онро ба як аср баъдтар, яъне ба ҳудуди солҳои 900 қабл аз милод овардааст, ки

ин назари ўро Весендонк ва Рудолф низ пазируфтаанд. Ч.Х. Мултон бошад ин санаро то асри 18 қабл аз милод ба ақаб бурдааст. Забоншиносони номӣ Олденбург, Куйпер ва Рампи олмонӣ аз рӯи қаробати забони замони зуҳури Зардуштро беш аз 1000 соли то милод тахмин кардаанд. Муҳаққиқи рус Л.С. Василев ўро муосири Ляо Цзи, Буддо ва Конфутсий меҳисобад. В Ҳеннинг ҳамаи маълумотҳои роҷеъ ба ҳаёти Зардушт бударо ҷамъоварӣ намуда, замони зиндагии ўро ҳудуди солҳои 630-553 пеш аз милод медонад, ки он тақрибан ба маълумоти Ричард Фрай дар ҳамин масъала рост меояд. Феҳрасти назарҳои пажуҳандагонро боз ҳам идома додан мумкин аст, вале ихтилофи назарҳои бештар дар навиштаҳои муаррихону нависандагон ва файласуфони Аҳди бостон во меҳурад, ки боиси тааммулу баррасӣ ва дар баъзе ҳолат ҳайрату шигифтӣ аст.

Ксентус (Xenthos)-и лидиёй, ки дар соли 450 то милод зиндагӣ карда, роҷеъ ба Зардушт гузорише таҳия намуда, зуҳури ўро 600 сол қабл аз ҳамлаи Хишоёршоҳ ба Юнон медонад. Яке аз мунаҷҷимини келдонӣ бо номи Еудокус (Eudoxuc), ки гўё аз дўстони Афлотун буда, роҷеъ ба зуҳури Зардушт фикри Ксентусро тарафдорӣ намуда, замони зиндагии Зардуштро 600 сол қабл аз Афлотун медонад. Худи Афлотун бошад, дар рисолаи «Алкибиодис» «аз забони Суқрот мегўяд, ки валиаҳди Эрон аз таълиму тарбияи шоистае бархурдор аст, зеро донотарини эрониён ўро аз 14-солагӣ ба дониши махфии Зороастр ошно сохтаанд»[143]. Ин назари Афлотун, ба фикри муҳаққиқон, аз он ҷиҳат дорои аҳамият аст, ки дар папирусҳои ёфташуда байни аъзоёни «Академияи Афлотун» номи як нафар эронӣ низ сабт шуда, ки гўё файласуфони Юнон дар бораи дину фалсафаи Эрон, ба ҷузъ манобеъ, аз ў низ таълим мегирифтаанд. Дар ҳошияи китоби ёдшудаи Афлотун навишта шуда, ки Зардушт дар ҳудуди 6000 сол пеш аз Афлотун мезистааст.

Арасту дар «Муқаддима» ном асараш навишта, ки муғон бисёр қадимтар аз мисриёнанд. Онҳо ба ду асл муътақиданд—рӯҳи хуб ва рӯҳи шарру бадӣ, ки аввалиро Зевс ё Ормозес (Урмузд) меноманд ва дуюмиро Ариманус ё Ҳодес (ки ҳамон Аҳриман аст) медонанд. Ҳермодорус зуҳури Зардуштро 5000 сол қабл аз ҷанги Троя зикр кардааст, ки ба соли 6100 рост меояд. Удхуси Келдонӣ, ки дар асри 4 пеш аз милод мезиста, борҳо ба Эрон сафар кардааст ва бо орои Зардушт ошнӣ дошта, замони зиндагии ўро 6000 сол пеш аз Афлотун ба қалам додааст. Бино ба маълумоти Фаҳимӣ-фармонравои Ардашери 1, ки дар садаи панҷуми пеш аз милод мезиста, таърихи Зардушт 6000 сол пеш аз юриши Хишоёршоҳ ба Юнон будааст. Плиний таваллуди пайғамбари дин Зардуштиро соли 6410 қабл аз милод медонад. Ҳермипус, ки дар қарни сеюми пеш аз милод зиста, таърихи таваллуди Зардуштро 7000 сол пеш аз милод сабт кардааст, Беросуси

Бобулӣ бошад милоди Зардуштро 2000 сол пеш аз милод медонад. Тесиас, ки дар қарни панҷуми то милод фаъолият дошта, зуҳури Зардуштро 2200 сол қабл аз милод ба қалам додааст. Дидор Сикулус, Сефалин, Юстин, Эусебиус, ки ҳама намояндагони фарҳанги Аҳди бостонанд, санаи охиринро ба унвони таърихи зуҳури Зардушт пазируфтаанд. Порфирий ҳакими юнонӣ Пифагорро шогирди Зардушт хонда, зимнан қайд кардааст, ки аз муғон асрори зиёдеро омӯхтааст.

Аҷобати кор дар он аст, ки ҳар яке аз ин муҳаққиқон дар робита ба масъалаи мавриди назар бо истинод ба ҳодисаҳои таърихӣ, забоншиносӣ, бостоншиносӣ, афкори динӣ, фалсафӣ, ҷаҳоншиносӣ бо овардани мисолу иқтибосҳои зиёд ва далелу бурҳонҳои аз назари онҳо мутмаину кофӣ назарҳои худро асоснок намудаанд, вале чун замони зуҳури Зардушт, ба мисли макони аслии ӯ дар ҷое аз Авестои қадима зикр нашуда, баҳси мазкур дар оянда низ мавриди ихтилофи назари пажӯҳандагон хоҳад буд. Ин мавзӯъ то замоне боз хоҳад монд, ки замони танзими Готҳо, ки қадимтарин қисмати Авестост, ақаллан бо далелу бурҳонҳои мантиқӣ, оқилона ва мавриди қабули олимон собит гардад, ҳамоҳангию мутобиқат ва ҷиҳатҳои муштараку фарқкунандаи дини маздоии куҳани ориёӣ бо суннатҳои зардуштӣ ва рӯҳи таълимоти он муайяну мушаххас гардад. Гузашта аз ин, замони зиндагии Зардушт, ба замони ҳодисаҳои таърихиву иҷтимоъӣ ва тамаддуни ориёӣ, ки шарҳаш дар фаслҳои гузашта омад, бояд татобуқи усулӣ дошта бошад.

Бешубҳа, дар иқтибосҳои боло, хусусан дар навиштаҳои муаррихон ва мутафаккирону нависандагони Аҳди бостон як навъ муболиғае роҷеъ ба замони зиндагии Зардушт эҳсос мешавад. Дар воқеъ, роҷеъ ба замони зиндагии Зардушт муҳаққиқи шинохтаи эронӣ Пури Довуд дар муқаддимаи ҷилди аввали «Ясно» мақолае таҳти унвони «Замони Зардушт» навишта, дар он ақидаҳои гуногуни муҳаққиқон ва тахминҳои намояндагони фарҳанги атиқаи юнониро мавриди баррасӣ қарор додааст. Бино ба маълумоти ӯ, дар тахминҳои муҳаққиқони оини зардуштӣ замони зиндагии Зардушт аз ҳазораи ҳафтум сар карда, то асрҳои 7-6 пеш аз милод оварда шудааст. Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки як Зардушт 6 ҳазор сол пеш аз милод, Зардушти дуюм дар аҳди Пешдодиён ва Зардушти сеюм дар аҳди Ҳахоманишиён зиндагӣ мекардааст. Аз ду Зардушти аввала маълумоте дар даст нест, аз Зардушти давраи Ҳахоманишиён то ба мо китоби «Авесто», махсусан «Готҳо»-и он ба забони зиндаи давраи ҳахоманишӣ омада расидааст[144].

Дар вазъи кунунӣ роҷеъ ба замони зиндагии зардушт мо ё ба гуфтаҳои ин муҳаққиқи эронӣ, ки дар зардуштшиносӣ корҳои зиёдеро ба сомон расонидааст, бовар кунем (ҳарчанд, ки таърихи замони моқабли таърих ва тамаддуни оғозини аҷдодамон мавҷудияти се Зардуштро баъид мешуморад)

ва ё ҷой доштани чунин фикрро эътироф кунем, ки миқдоре аз замони зуҳури Зардушт назди онҳо соли таваллуди Зардушт набуда, балки вуҷуд доштани ақидаҳои хайру шар, нуру зуммат, Ҳурмузду Аҳриман ва дигар ақидаҳои ҷаҳоншиносӣ, хусусан вуҷудшиносӣ буда, ки дар таълимоти дини маздоии куҳан ё худ маздаяснои ибтидой зарвонияву меҳрпарастӣ низ, чунонс ки дар фаслҳои гузашта шарҳашон омада, маъмул будааст ва шояд ҳамин ақидаю таълимотҳои тозардуштӣ, ки аз рӯи ҳуввияташон зоҳиран ба зардуштия хеле наздик буданд ва аз маҷмӯъи онҳо Зардушт дини яктопарастии худро эҳдос намуд, маншаи нодурустфаҳмӣ ва иштибоҳоти муаррихону муҳаққиқони атиқаи юнонӣ гардида бошад.

Баъди равшанӣ андохтан ба замону макони Зардушт метавон зиндагиномаи Зардуштро аз назар гузаронд ва онро аз чунин нукта шурӯъ кард, ки пайомбари зардуштия аз хонаводаи коҳинон ва ё табори салотину ашроф набудааст. Ба фикри Ҷалоллудини Оштиёнӣ, ӯ аз байни мардум бархостааст ва назари Ҳертсфелд барин олимон роҷеъ ба ашрофзода будани Зардушт қобили қабул намебошад. Зардушт аз 7-солагӣ назди пирамарди донишманд ва порсои замон бо номи Бурзин дониш омӯхт ва ба дарки асрори олам ба тааммул пардохт. Дар 14-солагӣ ба баъзе розҳои офариниш пай бурд, бо мардум дар гамос шуд ва онҳоро дар ҳамон хурдсолӣ панду андарз медод. Ҳангоми ба синни булуғ расидан ҷанги Эрону Турон оғоз шуд ва ӯ дар ин ҷанг иштирок кард. Муддате парастории сарбозони захмишудаи шоҳони Ҳахоманиширо дар ин набард ба ӯҳда дошт. Зимни иштирокаш дар ҷанг ва парасторӣ аз беадолативу нобасомонӣ ва бегуноҳ дар майдони ҷанг кушта шудани сарбозонро бо чашмони сараш дид, аз дурӯғу амалҳои ношоистаи замони ҷанг огоҳӣ ёфт ва бо таассуфи зиёд баъди итмоми ҷанг ба зодгоҳаш баргашта, извидоҷ кард. Вале пайваста роҷеъ ба офариниш меандешид ва ҷӯёи рози ҷаҳони ҳастӣ буд. Муддате бо иҷтимоъ робитаи наздик дошт, вале барои расидан ба ҳадафҳои худ мисли Буддо, Йога, Маҳовира, ки баъдан чунин рафтор ба суфиёну орифони исломӣ низ расм шуда буд, аз ҷомеъа канорагирӣ кард ва дар кӯҳи Сиблон, ки бино ба навиштаҳои зардуштӣ, Ушидарен ном дошта, ба гӯшанишинӣ пардохт. Аввал ба ситорашиносӣ ва омӯзиши илми нуҷум машғул шуд, баъд ба воситаи андешаи нек ба дарки рози офариниш фурӯ рафт ва зоти поки Аҳуромаздоро оқибат дарёфт. Яъне ҳангоме ки бо риёзати шадиди қалбиву тааммули амиқи ақлӣ роҷеъ ба офариниши оламу одам меандешид, аз Аҳуромаздо ба вай ваҳӣ расид, худои Зардушт ба вай зоҳир шуд, китоби Авесторо ҳамчун рисолати найғамбарӣ ба ӯ дод ва таъкид кард, ки мардумро ба ин дин бихонад, онҳоро панди аҳурой диҳад. Ин ваҳӣ ба Зардушт ба мафҳуми каломи раббонӣ ва шуҳуди руҳонӣ расида. Ҳошими Разӣ ин ваҳйро чунин тасвир карда: «фиристодаи худованд Воҳу Мана, ки аз мамолики бузург аст, ба сурати сутуни азим аз нур ба Зардушт нозил мешуда

ва дониши худой аз тариқи ин нур ба паёмбар мунтақил мегардидааст»[145].

Аз ин рӯ, Зардушт дар Готҳо гуфта, ки «Ман мехоҳам сухан бидорам аз он чи Маздои муқаддастар аз ҳама ба ман гуфт (ва) он каломест, ки шунидани он барои мардумон беҳтарин чизҳост..» (Яснои 5/45) Ин табъиятест аз ваҳй, ки моҳиятан тавассути он пайравонашро ба гароидан ба дини мутаоли зардуштӣ таблиғ ва даъват намуд, ки риояти аҳкому шариати онро ба дунбол дошт. Дар муколамаи Зардушт бо Аҳуромаздо тақрире аз ваҳйи ӯ омадааст, ки зимни он ҳам мукошифоти шуҳудӣ ва ҳам самъи каломи раббониро пай бурдан мумкин аст. Дар Яшти мазкур баъди муколама чунин омада: «... Ҳурмузд бо хиради ҳамачиздон донист, ки дар андешаи Зардушт чӣ мегузарад. Пас он дониши бепоёнро ба гунаи мойеъӣ бар кафи дасти Зардушт падид кард, ки: «бинӯш», Зардушт онро бинӯшид ва он дониши бепоён ба вай даромад...» («Баҳманяшт»1/3).

Дар воқеъ, шоҳиди таҷаллии аҳурой шудани Зардушт дар канори рудхонаи некӣ Датия дар Авесто низ омадааст: «Они оҳ туро муқаддас шинохтам эй Маздо Аҳуро, ки Воҳу Мана ба сӯи ман омад ва барои нахустин бор маро аз оини ту хабардор сохт» (Яснои 43) Дар ин бора Абдулҳусайни Зарринкуб ва Мери Бойс дар тадқиқотҳояшон иттилоъ додаанд. Дар робита ба ҳамин масъала суханони Аҳуромаздо ба Зардушт,ки мегуфт «Ман туро аз ҳамаи Амшоспандон ва изадон беҳтар офаридам ва гиромитар медонам»-ро дар ин ҷо овардан ҷоиз аст. Зеро ин ҳамон бартару волотар офаридани инсон бо нируи гуфтгору ақлу хирад нисбат ба тамоми махлуқоти дигар аст, ки тавассути он инсон бори гарони роҳбариву ҳукумат бар дигар мавҷудотро ба ӯҳда мегирад, бо бадиву зиштӣ пайкор мекунад ва саросари ҷаҳони ҳастиро бо нури аҳурой меорояд. Ногуфта намонад, ки ҳамин мазмун баъдтар ба тамоми дигар динҳои монотеистӣ интишор ёфт ва мақому манзалати инсон аз фаришта болотар қарор гирифт.

Баъди расидани ваҳй аз худои бузург Аҳуромаздо Зардушт аз рози хилқати ҷаҳон огоҳ гашт ва дарёфт, ки дар ҷаҳон ду нируи мутазод-хайру шар ва нуру зулмат ҳукумат дорад. Яке аз он ду қувваро, ки нируи хайр бошад, дар рисолати худ Спента-Майну (Spenta Mainyu) ва дигареро Анграмаину (Angra-Mainyu) номгузорӣ кард, ки моҳиятан ҳамон Ҳурмузу Аҳриман дар дини маздоии куҳанро, ки зарвония низ ҷузве аз он ба шумор мерафт, дар шакли такмилёфтааш ифода мекард. Асли муҳим дар ин ҷо нуктае буд, ки инсон, тибқи он, дар интихоби хайру шар озод буд ва аз тариқи озодии ирода шахс метавонист аз ранҷу зиштӣ бираҳад, ростиву росткориро пеша кунад ва саодати зиндагии худро таъмин намояд.

Баъди гашаккули чунин ҷаҳонбинӣ Зардушт аз кӯҳи Сиблон, ки маҳалли инзивои ӯ буд, фуруд омад ва дувоздаҳ сол ба тарғибу даъвати дини тозаи яктопарастии худ пардохт. Равишҳои гуногуни зиндагиро, ки бо хирад арзёбӣ карда, бо виҷдону ахлоқ онҳоро санҷида, равиши тозаи

корбаст намудаи худро бо ваҳйу мукошифоти аҳуроӣ ҷамъбаст намуд ва ба густариши сухани Аҳуромаздо дар байни мардум пиҳтофт. Вале ҳамон тавре ки муҳаққиқон низ мутазаккир шудаанд, ҷамоъаи замони Зардушт, аз ду гурӯҳ ибораг буданд. Гурӯҳи аввал соҳилнишин, ки бо зироату чорводорӣ машғул буданд. Онҳо то замони зуҳури Зардушт баъзе анъанаҳо, падидаҳои табиат ва ҷисмҳои мунири осмониро ба дараҷаи қудсӣ бардошта, онҳоро мепарастиданд, дини зарвония ва оини меҳрпарастӣ байнашон ривоҷ ёфта буд, Анаҳито (Ноҳид)-ро низ ҳамчунин худои обҳои равон месутуданд. Гурӯҳи дигар чодарнишинони саҳрой буданд, онҳо чорвои зиёд доштанд, барои ба даст овардани чарогоҳ ба қабилаҳои атроф метохтанд, ба ҷангу ситез ва ғорати дигарон машғул мешуданд ва ҳамон худоҳои пешинаи худро ҳамвора бо каҳонату сеҳру ҷоду мепарастиданд. Дар чунин авзоъи иҷтимоӣ Зардушт мардумро ба гароидан ба дини яктопарастӣ даъват намуд. Мутаассифона, барои даъваташ гӯши шунаво наёфт. Рӯҳониёни замон, ки мавқеъи худро аз даст доданӣ набуданд, вайро мубтадеъ хонданд ва ба манзури дифои оини суннатии худ анҷумане созмон дода, аз тарси он, ки гаравандагони зардуштия дар он марзу бум наафзояд, Зардуштро ба табъид маҳкум карданд.

Дар аввалин даъвати Зардушт нахустин шахсе, ки ба зардуштия гароид ва дини яккахудоиро пазируфта, аз оини қадимаи хурофотиву мавҳумӣ ё худ чандхудой даст кашид, писари амаки Зардушт Мадюмоҳ буд, ки баъдан то охири умр дар ин тасмимаш содиқ монд ва ҳамчун дӯсти вафодори Зардушт дар тамоми сахтиҳои зиндагӣ ҳамроҳаш буд. Бино ба маълумоти Фарҳангмеҳр дар асараш «Диди нав аз дини куҳан» дар Готҳо 7 нафар номи наздикони Зардушт омадааст, ки яке аз онҳо ҳамон Мадюмоҳ ва шаш нафари дигарашон—Пуручиста (духтари Зардушт), Фрашуштра (Фаршуштар), Ҷомосп, Фаряна ва Кайгуштосп бо бонуяш Ҳутавса мебошанд, ки роҷеъ ба онҳо дар поён сухан хоҳад рафт.

Баъди маҳкум шудан ба табъид Зардушт маҷбур шуд, ки зодгоҳ ва дӯстонашро тарк карда, ба қисмати шимолу шарқи Эрон сафар кунад. Ӯ зимни мусофираташ ба сарзамине расид, ки дар он Гуштосп ё Виштосп ном шахсе шаҳриёрӣ мекард. Муаррихон тахмин мекунанд, ки ин сарзамин дар ҳаволии Сиистон буда. Бо шоҳ Гуштосп мулоқо г намуда, Зардушт моҳияти дини яктопарастии худро шарҳ дод ва ӯро барои гароидан ба ин дин даъват намуд. Гуштосп чун аз назари шаҳриёрӣ эҳсос кард, ки дини пешниҳоднамудаи Зардушт мавҷиби беҳбудии раият мегардад ва шояд ҳам ба сабаби таназзули сохтори қабилавӣ ва поин омадани нуфузи динҳои табиатгароёна, ин дини тозаи Зардуштро мувофиқ ба тақозои замон дид ва онро тарафдорӣ кард. Ӯ шарте ба Зардушт гузошт, ки, тибқи он, маҷлисе бо иштироки коҳинон баргузор хоҳад шуд ва агар Зардушт дар мунозира

бар онҳо ғолиб ояд, дини ӯро қабул хоҳад кард.

Тибқи иттилои санадҳои диниву таърихӣ ва пажӯҳандагон чандин ҷамъомади баҳсу мунозира барпо гардид ва Зардушт дар баҳс ба муқобили ҳомиёни динҳои суннатӣ, руҳониёни дини пешин, махсусан гурӯҳи пешвоёни девпараст-Карапан, Грехма, Ковӣ, Бендра ғолиб омад. Ин саҳнаи баҳсу мунозира дар аксари таҳқиқотҳои ғузаштаву муосир омада ва ҳатто баъдан дар дигар динҳои мутаол ба ҳукми анъана даромадааст. Мо инро дар таърихи динҳои яҳудиву масеҳӣ ба хубӣ мушоҳида мекунем. Вале феълан аз ироаи ин баҳсу мунозираҳо худдорӣ намуда, чунин нуктаро қайд намуданием, ки агар Муҳаммад (с) бузургтарин таҳаввулотро дар ҷомеъаи ҷоҳилияти араб ба вуҷуд оварда, бо эъломи бутлони оини бутпарастӣ ва берун андохтани санамҳои Каъба, аз ҷумла бути Ҳубали Ҳузайба ҷунбиши азимеро созмон дода бушад, «Зардушт дар ҷомеъаи ибтидоӣ ва бадавии ориёии бутпараст, ки ғарқ дар одобу русуми хурофотиву маврусӣ ва гирифтори коҳинон, карапанҳо, авсиҷҳо ва ковиҳои мутаҳаҷҷиру саворитолаб буданд, қиём кард ва бо ҳамаи одобу русум ва шаъоиру муъҳақидот ва ҳатто низоми ҷомеъаи худ ба муборизо бархост»[146]. Ба ибораи дигар, Зардушт зимни ироаи таълимоти худ оиди дини яктопарастӣ, ки шарҳаш дар фаслҳои баъдӣ хоҳад омад, динҳои политеистии қабл аз рӯзгори худро мардуд эълон кард, истеъмоли нӯшобаи сукровари «ҳаома»-ро, ки шояд дар дини маздоии куҳан нақши худро дар муборизо бо қувваҳои бадӣ бозида буд, манъ кард, қурбонии ҳайвонотро, ки барои ҷалби хотири худоён анҷом дода мешуд, рад кард ва аҳлӣ намудани ҳайвоноту афзун намудани онҳоро якҷоя бо рушди зироати кишоварзӣ амали неки оинӣ эълон намуд, руҷӯъи мардумро ба сеҳру ҷоду ва амалҳои девпарастона, ки ҳамон фаъолияти зишти инсонӣ бошад, бозданд, пайрави мавҳумоту хурофотҳои бисёрхудоӣ будани инсонро накӯҳиш кард, ӯро аз хоби гарони ҷаҳлу ғафлату нодонӣ бедор кард.

✓ Шоҳ Гуштосп, ки ҳанӯз ҳам аз ин дин тардид дошт, ба вазираш Ҷомосп, ки воқеъан шахси бофазилату хирадманд буд, амр намуд, ки аҳкому шаройеъи онро бори дигар мавриди баррасии дақиқ қарор диҳад. Ҷомосп зимни баррасӣ рукнҳои асосии дини зардуштиро мавриди писанд ёфт ва рӯҳи таълимоти иҷтимоии зардуштияро, ки ба шакли одилона ва холисона шаклҳои пешқадами хоҷагидориро тарғиб менамуд ва мардумро ба ҳаёти муқиминишинӣ даъват карда, барқарор намудани ҳокимияти пурзӯр ва ҳаёти осоиштаро тарғиб менамуд, мувофиқи талаби замон донист. Баъди чунин ғузориши Ҷомосп шоҳ Виштосп дини яктопарастии Зардуштро пазируфт. Фаршуштар-бародари Ҷомосп низ ба ин дин гароид ва барои густариши дини зардуштӣ роҳ боз шуд. Шоҳ Виштосп барои интишори ин дин дар қаламрави ҳукуматаш шароити мусоид фароҳам оварда ва ба Зардушт иҷозат дода шуд, ки ба таблиғу тарғиби дини тозаи худ озодона

шурӯъ намояд.

Дар ин робита муҳаққиқи эронӣ Ҳошими Рази фикри ҷолиберо пеш намудааст, ки овардани он аз аҳамият холӣ намебошад. Ӯ бо истинод ба Шаҳрзурӣ таъкид карда, ки вақте Зардушт ба қаламрави шоҳ Виштосп расид, аввал пеши Рустам рафта, ба ӯ масъалаи ҷорӣ намудани дини нави худро матраҳ сохт, вале Рустами руинтан ба он розӣ нашуда, ӯро ба дарғоҳи шоҳ ҳидоят намудааст. Ҳатто баъди аз тарафи Виштосп пазируфта шудани дини зардуштӣ паҳлавони имони зардуштӣ Исфандиёр ба назди Рустам рафта, ба ӯ гароидан ба дини зардуштиро пешниҳод намудааст, вале Рустам содиқ мондан ба дини ориёии қадимро иброз дошта. Гуё маншаи асосии ҷанги Рустаму Исфандиёр ҳамин масъалаи пазируфтани дини зардуштӣ будааст. Ба ҳамин ҷиҳат ҳам номи Рустам дар Авесто тавассути муъбадон ва гадвинкунандагони он ҳазф шудааст[147].

Дар даъватҳои худ Зардушт ба мардум иброз дошта, ки мақсадаш аз ҷорӣ намудани дини нав равнақу такомул додани ҳамон дини қадимаи ориёӣ мебошад. Ба ин маънӣ «решаҳои дини зардуштӣ ба эътиқодоти қадимаи қавму қабилаҳои ҳиндуевропой рафта мерасад. Он шакли таҳаввулёфтаи ҳамон дини маздоии куҳан мебошад, ки дар замони зиндагии муштараки Эрониёну Ҳиндуён дар сарзаминҳои Осиёи Марказӣ маъмул буда. Дар он ашёву қувваҳои табиӣ ва самовӣ бо куҳнагарии худои ориёӣ-Осмон хусусияту сифатҳои қудсӣ пайдо намуда, якҷоя бо худоҳои инсонгунаи сершумори заминӣ, ки тадричан ба раббуннавъ ё худ муваккили навъҳои ашё ва аносири табиӣ табдил ёфта, мазҳари қаҳру ғазабу қудрат шуданд, мавриди парастиш қарор гирифтанд. Қурбониву русуму одоб ва маросимҳои мазҳабӣ барои фурӯ нишондани ҳамин қаҳру газаби худоён будааст. Ҳодисаи ҷолиби гаваҷҷӯҳи дини маздоии куҳан аз он иборат буд, ки вобаста ба инкишофи сохтори табақотӣ аз байни худоёни сершумори заминӣ худои бартареро интихоб намуда, онро ба дарачаи қудсӣ мебардоштанд ва мавриди ситоишу парастиши якчанд қавму қабила қарор медоданд. Ҳамин суннати дерини ориёиро идома дода, Зардушт аз байни ҳамаи худоёни бартар якеро бо номи Аҳуромаздо интихоб намуд ва дини яккахудой, яктопарастӣ ё худ худои ягонаро на барои қавму қабилаҳо, балки барои тамоми ҷомеаъи худ пешниҳод намуд. Ба ибораи дигар, ӯ ҳамчун намояндаи мардуми ориёӣ рукнҳои асосии таълимоташро дар заминаи анъанаҳои пешин ба вуҷуд оварда, ба он бештар ҷиҳатҳои мутарраққӣ, мутобиқ ба сохтори табақотӣ ва озодандешонаро вобаста ба тараққиёти шароити иҷтимоии даврони модию ҳахоманишӣ дохил намуд.

Дар даъватҳои худ Зардушт бо овои баланд хитоб кард, ки «Эй мардум, бипазиред се асл-андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори некро то растгор шавед. Бигӯед худованди офаридгор якест ва ғайр аз ӯ касе сазовори худой нест». Дар суруди 34 Готҳо гуфтааст: «Роҳи вусул ба худованд

анҷоми се асли асосист—андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек». Дар банди 19 Ясно овардааст, ки : «Касе, ки беҳтарин ҳоҷати маро, ки Зардушт ҳастам, бар тибқи оини муқаддас бароям ба ҷо оварда, чунин шахс дар зиндагии оянда дар сарзамини ҷовидонӣ аз неъмати фаровон бархурдор гардад». Дар банди 8 Готҳо омада: Эй Маздо Аҳуро, туро бо дидаи дил нигаристам ва бо нируе андешидаму дарёфтам, ки туӣ сароғозу туӣ саранҷом ва туӣ падари маниши поку туӣ офаринандаи ростӣ ва туӣ довару дадгари корҳои ҷаҳонӣ». Дар банди 5 ҳамин Гоҳо гуфта шуда: «Онгоҳ туро муқаддас шинохтам, эй Аҳуро-Маздо, туро нахустин бор дар кори хилқати ҳаёт азалӣ дидам, ҳангоме ки аз барои гуфтору кирдори зишт сазои зишт ва аз барои гуфтору кирдори нек подоши нек барои рӯзи вопасин муқаррар медоштӣ».

Инҳо овози пайғамбаре буд, ки аз қалбу фитрати ботинии шолуда бо ваҳйу илҳоми ӯ берун меомад, ин намунаи даъвати серобу шодобшуда аз мавҳибати илоҳӣ буд, ки ба ҳаводорони Зардушт таъсири муассире гузошт ва барои зуд интишор ёфтани дини зардуштӣ мусоидат кард. Рӯзгори пирӯзӣ, ки фаро расидани онро Зардушт кайҳо бесаброна дар интизораш буд, фаро расид ва се асли асосии таълимоти ӯ—андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек появу асос ва бунёди дини мардумӣ гардид.

Охирин солҳои ҳаёти Зардушт дар вазъи нобасомонӣ гузашт. Подшоҳи Тӯрон Орҷосп аз Гуштосп талаб кард, ки дини зардуштиро раҳо кунад ва ба ҳамон дини суннатии аҷдодон гузарад. Шоҳ Гуштосп ин талаби шаҳриёри Тӯронро напазируфт ва Орҷосп бо лашкари зиёд ба Осиёи Миёнаву Эрон ҳуҷум кард. Эрониён бо сарварии Исфандиёр-писари далери Гуштосп вориди корзор шуданд. Дар ин ҷанг писарони Гуштосп-Ардашер, Ҳурмуз, Навзар, Шидсип ва Бодхусрав ҳалок гардиданд. Вале Исфандиёри рӯинтан нируи Орҷоспро дар ҳам шикаст ва ӯ по ба фирор ниҳод. Бо бадхоҳӣ ва фиреби писари дигари Гуштосп бо номи Куразм Исфандиёр дастгир ва зиндонӣ шуд. Орҷосп бори дигар аз Туркистон ба Балх ҳуҷум кард. Дар ин ҷанг падари Гуштосп- Луҳрасп кушта шуд. Шахсе, ки ба пазиришу густариши дини зардуштӣ ба умеди беҳбудии ҷомеъа кӯшида буд, тақдир барояш чунин нокомиҳоро раво дид, вале ҷомеъа дар назди таърих аз ӯ қарздор монд.

Бино ба иттилои Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ дар назари нависандагони расоили «Ихво-ус-сафо» ба ҳамин маънӣ,ки Ҳазрати Одам, Ҳазрати Нӯҳ, Ҳазрати Иброҳим, Ҳазрати Мӯсо маншаи ҳидояту роҳнамоии мардум буданд, Ашу Зардушт-пайғамбари эронӣ ва Афлотун-пайғамбари (файласуфи) юнонӣ низ метавонанд мардумро ба тариқи ҳақиқату роҳи наҷот ҳидоят намоянд. Дар назари ҷамоати Ихвон-ус-сафо худи пайғамбарони Бани Исроил ҳамон худоест, ки Ашу Зардушт онро Аҳуромаздо мехонад. Аҳуромаздои Зардушт низ ҳамон мабдаъест, ки

Афлотуни юнонӣ таҳти унвони хайри аъло аз он сухан мегуяд»[148].

Марги Зардушт низ монанди бисёр саҳифаҳои ҳаёти ӯ то ба ҳол норавшан аст. Тибқи маълумоти муҳаққиқон, зоҳиран ӯ ҳангоми дар оташкадаи Анушозари шаҳристони Балх ҳамроҳ бо 70 нафар пайрави худ ҳангоми ба ибодат машғул буданаш як нафар тӯронӣ бо номи Турбро гуруҳи карап Зардуштро ба қатл расонд. Ӯ дар синни 77- солагӣ ин ҷаҳонро падруд гуфт. Се писар (Исадвостер, Уврутатнер ва Хуршедчеҳр) ва се духтар (Фарни, Таритӣ ва Пуручисто)-и Зардушт ҳама пайравони содиқи дини падар буданд. Ин буд зиндагиномаи мухтасари аввалин паёмбари аввалин дини яктопарастӣ (агар Мӯсои афсонавии яҳудиёни қадимро ба назар нагирем) дар Шарқ.

Дар асрҳои 8-6 пеш аз милод ҳанӯз аҳкоми асосии дини зардуштӣ ташаккул наёфта буд. Бино ба маълумоти Ҳошими Разӣ парастиши Аҳуромаздо монанди парастиши Меҳр ва дигар худоҳои маҳаллӣ дар саросари маҳалли собиқи сукунати ориёиҳо мавсум буд. Аз ин рӯ, дар маҳалҳои гуногун шаклу намудҳои мухталифи ин таълимот баралоина мушоҳида мешуданд ва ба унвони зардуштияи ибтидоӣ амал мекарданд. Дорои 1 дар Эрон аввалин давлати муқтадирро ба вуҷуд овард. Шояд ӯ чунин мепиндошт, ки бо пазируфтани дини зардуштӣ худро илҳомбахши миллат ва мояи тақвияти бунёни ҳикмат дар қаламрави худ қарор медиҳад, пешрафти маънавии миллатҳои гуногуни қаламрави империяи худро таъмин менамояд. Бо ҳамин мақсад дини куҳани маздоиро барандохта, дини зардуштиро дини расмии давлатӣ эълон намуд. Дар воқеъ, Арнолд Тойнби дар ҳамин робита зимни баррасии тамаддунҳо фикри ҷолиберо баён карда, ки тибқи он табақаҳои поёнии маҳрум аз ҳар гуна қудрат дар ҷомеъа дар сурати фароҳам омадани шароити мусоид метавонад бо дасти давлати ҷаҳонӣ барои ташаккулу инкишофи дини мутаоли ҷаҳонӣ даст ёбад. Ӯ дар ин бора навиштааст: «Пролетариёни дохилӣ ва маҳрум аз қудрати дохилӣ метавонад аз ҷавви ороми бавуҷудомада бо дасти давлати ҷаҳонӣ ба беҳтарин ваҷҳ барои тарвиҷи дини мутаол аз поин ба боло истифода ва оқибат дини ҷаҳониро барқарор кунад. Дини яҳудӣ ва хоҳари он дини зардуштӣ аз императории нав-бобулӣ ва давлатҳои ҷонишини он, яъне императории Ҳахоманишиёну подшоҳии Селевкиён ба ҳамин тариқ истифода бурданд»[149].

Доро худро намояндаи Аҳуромаздо медонист. Зардуштия дар аҳди ӯ ин гишор ёфта, ба шакли дини дарборӣ даромад. Вале бояд чунин нуктаро ба назар гирифт, ки ҳарчи аз замони Зардушт дур шавем, ҳамон қадар инҳироф аз ин дин бештар эҳсос мешавад. Ҷалоллуддини Оштиёнӣ зимни баррасии ҳамин инҳироф ё худ дур шудан аз таълимоти оини зардуштӣ навишта, ки «Мо аз зиндагии Дориюш иттилоъи дақиқе дар даст надорем, вале агар ӯро воқеъан таҷассуми гуфтораш дар чанд катибае, ки аз ӯ боқӣ

монда, бидонем, бояд бипазирем, ки ӯ аз тамоми шоҳони Эрон зардуштитар буда, афкораш, агар содиқона баён карда бошад, ба паёми Зардушт наздиктар аз дигар фармонравоёни таърихи Эрон аст»[150].

Шоҳони ҳахоманишӣ баробари пазируфтани дини зардуштӣ ва волоияти он бо мақсадҳои сиёсӣ барои ба даст овардани боварии мардуми таҳҷӯй дар қаламрави империяашон парастиши динҳои маҳаллиро озод гузоштанд ва ҳатто маъбадҳои харобшудаи Бобулу Илом ва Сурияро таъмир карданд. Камбиз баъди забти Миср маросими ғоҷгузориро мувофиқи русуму одоби маҳаллии он ҷо анҷом дод. Муҳаққиқон тавассути шоҳони ҳахоманишӣ, мақдунию селевкӣ ва ашконӣ озод гузоштани динҳои маҳаллиро дар қаламрави ҳукуматашон ва дар айни ҳол эътирофи волоияти дини зардуштиро ба назар гирифта, хусусияти динии ин давраро таҳаввули дини маздоии куҳан ва сабзида расидани он то ба дараҷаи дини яктопарастӣ донистаанд. Ба ибораи дигар, онҳо Аҳуромаздоро дар мақому мавқеъи аввалааш маҳфуз нигоҳ медоштанд ва ночор амали худоёни ибтидоиро аз қабили Меҳру Ноҳид дар Эрон, Яҳворо дар Сурияву Фаластин, Мардукро дар Байнаннаҳрайн озод гузошта буданд. Дар давраи Сосониён Меҳру Ноҳиду Баҳром ҳамчун ёварони Аҳуромаздо вориди Авесто гардиданд, ки ин амал то андозае роиҳаи ширки илоҳиро ба машом мерасонад. Бояд қайд кард, ки аввалин динҳои мутаол ба мисли зардуштияву масеҳият аз чунин унсурҳои ширк эмин набуданд. Фақат дини ислом тавонист, ки дини ғавҳидии мукаммалро созмон диҳад ва ҳама гуна ширкро аз миён бардорад.

Пайдоиши Авесто барои ба вуҷуд омадани адабиёти динӣ ибтидо гузошт. Мубадони зардуштӣ бисёр сурудҳоро, ки ба ситоиши худоёни асотирӣ бахшида шуда буданд, ба усули дини зардуштӣ мутобиқат кунонида, ба Авесто ворид намуданд. Оини зардуштӣ баъди чанд соли зуҳураш дорои таълимоти нисбатан мукаммале гардид. Вале истилои Искандари Мақдунӣ зарбаи сахте ба истеҳкоми асосии таълимоти зардуштия ворид намуд. Бисёр матнҳои оини зардуштӣ аз байн рафтанд ва дар Шарқ, аз ҷумла дар Осиёи Миёнаву Эрон маданияти ҳеллинистӣ ҷорӣ гардид. Дар шаҳрҳои навбунёди юнонӣ ба мисли Энтикоя, баъзе сатрапҳои юнонӣ дар ҳаволии Тахти Ҷамшед ва сарзаминҳои Ғарби эронӣ (Осиёи Сағири Ғарбӣ, Фрикия, Лидия ва ғайра) тамаддуни ҳеллинистӣ бештар ва нуфузи он зиёд ба назар мерасид. Дар ин шаҳрҳо. гуруҳҳои эроние зиндагӣ мекарданд, ки забону русуми юнониро қабул карда, юнонимаоб шуда буданд ва шояд ҳам ба дини юнонӣ гароида буданд. Вале чунин ҳодиса дар тамоми қаламрави собиқ империяи Ҳахоманишӣ мушоҳида намешуд. Бознигарии куллии дини зурдуштӣ ва муносибати он ба ҳеллинизм ба мо нишон медиҳад, ки аксари мардуми Осиёи Миёнаву Эрон «ҳаммонанди аққалияти дигар милали тобеъ дар султонишиниҳои мухталифи мақдунӣ аз имону эътиқодот ва русуму оини худ даст барнадошта ва аз сӯи ҳайъати ҳокимаи худ низ

таҳти фишор барои тағъири дину мазҳаби хеш набуданд»[151]. Дар замони мақдуниёну селевкиён зардуштия мавқеъи иҷтимоиву сиесии худро фақат дар шаҳрҳо то андозае аз даст додааст, вале, чуноне ки Мери Бойс мунсифона қайд намудааст, мавқеъи иҷтимоии "Рустоиёни маҳал дучори дигаргунии воқеъӣ нашуда буд. Русто ва хонаводаи онон дар ҷои худ боқӣ монданд, ба кишту кор дар мазрааи а гроф идома медоданд ва ташкилотҳои ҷамоъаи рустой низ зеру рӯ нашуд... Метавон фарзро бар ин гузошт, ки рӯҳониёни Эрони селевкӣ хоҳ мустақиман ба хидмати юнониён даромада бошанд ва хоҳ ҳанӯз дар хидмати арбобони эронӣ машғул буданд, умдатан ҷамоъате аз муминони вафодор ба кишиҳои зардуштӣ ба шумор мерафтанд".

Дар замони ҳукмронии Селевкиён ва баъди он низ эрониёни Анатолияи Ғарбӣ ҳаёти хубе ба сар мебурданд, дар сарнавишти ҷомеъа шарик буданд ва «танҳо асари боқимонда аз киши Зардушт ноҳидпарастӣ буд, ки ҳатто ақвоми ғайриэронӣ низ онро мепарастиданд. Вале дар Анатолияи Марказӣ ва Шарқӣ зардуштия бо қудрати бештар нисбат ба Анатолияи Ғарбӣ пеш мерафт. Зеро он ҳам ба Эрон наздик буд ва ҳам эрониёни ҷилои ватанкарда дар ин минтақа зиёд буданд. Мубади мубадони зардуштия Картир дар «Катибаи Зардушт» дар бораи сарзаминҳои ғайриэронӣ, аз ҷумла Фракия, Каппадокия, Киликия ва ғайра навиштааст, ки «дар ин ҷойҳо низ ман бо амри шоҳаншоҳон умури марбут ба мубадон ва оташкадаҳоро танзиму тартиб додам..., дини Маздаясно ва рӯҳониёнро дар саросари мамлакат соҳиби иззату эҳтиром кардам»[152].

Барои он ки уфуқи тамаддуни давраи ҳеллинистӣ ва интишори дини зардуштиро тасаввур карда тавонем, ба вазъи дини зардуштӣ ва умуман фарҳанги ориёиро баъди суқути империяи Искандари Мақдунӣ дар қаламрави собиқ империяи Ҳахоманишиён ба таври хеле мухтасар назар меандозем. Сухан дар бораи он меравад, ки дар Осиёи Хурди Марказию Шарқӣ. Каппадокия (ба эронӣ Катбатука), Киликия оини Зардуштӣ воқеъан нуфузи зиёд доштааст. Аз ин тариқ таълимоти зардуштия ба ҳавзаи мадании баҳри Миёназамин дар давраи юнонию румӣ ворид гардида. Дар худи Юнон, ки қаблан он бештар бо шакли зарвонии таълимоти муғони эронии давраи модӣ ошной дошт, ҷабҳаҳои гуногуни донишҳои эронӣ аз донишҳои нуҷумӣ сар карда то таълимоти Зардушт роҷеъ ба наҷоту росгорӣ ва афзудани фазилати инсонӣ аз қабили адолату имону озодагиву нишот дар саросари ғетӣ ошной пайдо карданд. Мукошифоти Зардушт «дар пайванду парвариши гноститсизми яҳудиву масеҳӣ саҳми умда ва мустақим дошт». Аз асрҳои 2-3 сар карда то истилои араб анбӯҳи таълимотҳои марбут ба Зардушт ва дигар суннатҳои ҳурмузӣ ва донишҳои суриёниву искандаронӣ ба забони юнонӣ ба унвони фарҳанги ҳеллинистӣ ҳамчун фарҳанги муштараки арзишҳои маънавӣ, ки натиҷаи боз шудани уфуқи паҳновари сарзаминҳои мафтуҳаи Искандар буд, дар доираи тамаддунҳои юнониву

румӣ ҷавлон зада, нақши муассири худро дар онҳо боқӣ гузоштанд.

Дар давраи Портҳо дар ҳудуди сарзамини қадимаи Хуросону Мовароуннаҳр як навъ демократияи қабилаҳо ба вуҷуд омад ва ихтиёроти шоҳи мустабид маҳдуд карда шуд. Ҷиҳати низомию дифоии ҳукумат қавитар ва ҷиҳати мазҳабӣ шадилтар гардид. Баъди рӯ ба таназзул ниҳодани давлати Ашкониён Ардашери Бобакон аввал ноҳияи Форс, баъд тамоми Осиёи Миёнаву Эронро забт намуд. Дар давраи Сосониён, ки зиёда аз чаҳор аср ҳукмронӣ карданд, муғону мубадон нақши махсусе дар ҷомеъа пайдо намуданд. Мувофиқи маълумоти Авесто ҳайъати иҷтимоии ҷамъияти сосонӣ ба чаҳор табақа-рӯҳониён, ҷанговарон, пешоварон ва кишоварзон тақсим мешуданд. Рӯҳониён равшан нигоҳ доштани оташи муқаддасро ба уҳда доштанд ва дар иҷрои маросимҳои динӣ аз қабили хондани сурудҳои мазҳабӣ, қабули тавбаи гунаҳкорон ва ғайра машғул мешуданд. Дар давраи Ҳахоманишиён онҳо фақат корҳои марбут ба расму оинҳои диниро анҷом медоданд, дар давраи Ашкониён то ҳадде ба корҳои сиёсӣ низ ширкат варзиданд, вале дар давраи Сосониён онҳо вазифаҳои худро ба шогирдонашон-зудҳо ва росибҳо (сурудхонон ва нигаҳбонони оташ) супорида, худро ба дарбори шоҳ расониданд. Дар ин давра дин бо давлат якҷоя шуд ва иқтидори рӯҳониён афзуд. Ин марҳилаи таврихи Осиёи Миёнаву Эронро даврае ҳисобидан мумкин аст, ки ба қавли Ф.Энгелс «демократияи худ аз худ ташаккулёфтаи ибтидой» ба «аристократияи бадбинона» табдил меёфт. Дар ҳақиқат подшоҳони сосонӣ муғонро дар канори худ нишонда, барои манфиати худ аз онҳо пуштибонӣ мекарданд ва ба ивазаш худашон мавриди ҳимояву ситоиши рӯҳониён қарор мегирифтанд.

Вақте дин аз дасти паёмбарон хорич шуда, ба ихтиёри сиёсатмадорон қарор мегирад, худои бузург дар дасти шоҳону рӯҳониён василае барои ба даст овардани ормонҳои сиёсиву динӣ мегардад. Ин ҳодиса дар давраи Сосониён баралоина мушоҳида гардид. Шоҳони сосонӣ ва мубадони зардуштӣ ба монанди Тансар, Картир, Беҳнак, Озодшоҳ, Озарподмеҳриспандон бо таваҷҷӯҳ ба манфиатҳои худ ба дини зардуштӣ нафаси тозае бахшиданд. Онҳо ба таҳаввули ин оин мусоидат намуда, онро ба дини расмии давлатӣ мубаддал сохтанд. Мардуми Осиёи Миёнаву Эрон дар натиҷаи робитаҳои тиҷоративу бозаргонӣ бо Ҳинду Чин, Юнону рум, Сурияву Миср мубодилаи фарҳангӣ ва омезиши унсурҳои афкори адабию фалсафӣ ва ирфониро баст доданд. Дар ин вақт зардуштия бо динҳом яҳудӣ, буддой, исавӣ ва ғайра бархурд намуда, қисмати илоҳиёти худро такмил дод. Баъди ҷои забони авестоиро гирифтани забони паҳлавӣ зимни тарҷимаи адабиёти авестой ба забони паҳлавӣ, ки имруз бо номи «Занд-Авесто» маълуманд, китобҳои гуногуни фалсафию ахлоқӣ дар аҳди Сосониён ва баъд аз он бо номи умумии «Панду андарзҳо» ба шарҳи зер тадвин шуданд:

«Найрангистон», «Ҳибари бадистон», «Вачркарди дини», «Динкард», «Бундаҳиш», «Вандидоди паҳлавӣ», «Додситони дини», «Шкан гумоник вичар», «Шоисту ношоист», «Модагони ҳазор достон», «Баргузидаи Зодспрам», «Сад дари наср ва сад дари бундаҳиш», «Минуи храд», «Пандномаи Зардушт», «Пандномаи Маздаястон», «Андарзи бехдинон», «Андарзи Озарподмеҳриспандон», «Андарзи Ҳусрави Қубод», «Омузиши падар ба инсон», «Андарзномаи Озарфаранбаг», «Андарзномаи бахтофарид», «Андарзномаи дономард» ва ғайра[153].

Ҳангоми пайдо шудани ҷараёнҳои гуногуну рангоранги оппозитсионӣ нисбат ба дини зардуштӣ дар аҳди Сосониён омилону ҳомилони он, махсусан мубадону ҳирбадони зардуштия мақоми оини зардуштиро ҳифз намуданӣ шуда, ба муқобили тамоюлҳои оппозитсионӣ муборизаро оғоз намуданд. Асли масъала дар он зоҳир мешуд, ки дар вақташ дини маздоии куҳан ба Юнону Рум ва дигар мамлакатҳои Ғарб нуфуз пайдо намуда, барои пайдоиш ва ташаккулу инкишофи масеҳият дар ин кишварҳо роҳро ҳамвор намуда буд. Акси садои чунин таъсири мутақобила дар мамлакатҳои Шарқ низ мушоҳида мешуд.

Мубаллиғони масеҳӣ таблиғи худро дар охирҳои асри аввали милодӣ он қадар пурзӯр намуданд, ки дар натиҷаи он дар Осиёи Сағиру Искандария калисоҳо бунёд шуданд ва мардум гурӯҳ-гурӯҳ ба масеҳият мегароиданд. Кӯшиши созиши масеҳият бо фалсафаи Юнон ба вуҷуд омад. Дар натиҷа таълимоте арзи вуҷуд намуд, ки тибқи он дар олам аввал "фақат калима буд ва калима худо буд (дорои моҳияти худой буд), ҳама чиз ба воситаи ӯ офарида шуд ва бидуни ӯ чизе аз мавҷудот вуҷуд наёфт. Ба тавассути ӯст, ки ҳама чиз вуҷуд ёфтанд... Ба ин тартиб калима ҷисм гардид ва миёни мо сокин шуд. Исо-писари худо ва бо худо дар абадият саҳим буд, на танҳо довару ояндаи башар балки офаринандаи асли ҷаҳон буд". Ба вуҷуд омадани чунин таълимот ва пайдо шудани баҳсу баррасиҳо дар адабиёти масеҳӣ роҷеъ ба масъалаи мушоҳидаву мукошифа ба интишори дини масеҳӣ суръат бахшид. Дар асрҳои 3-4 ба ҳамон андозае, ки қудрати давлати Рум таназзул меёфт, ба ҳамон андоза нуфузу эътибори мазҳабу калисо меафзуд ва ин тамоюл оқибат ақлро маҷбур кард, ки дар баробари сирри таслиси масеҳият сари таъзим фуруд оварад.

Дар сарзамини Осиёи Миёнаву Эрони бостон ва ҳаволии онҳо ҷамоъаҳои масеҳӣ дар асри 3 пайдо шуданд. Нақши ин ҷамоъаҳо дар ҳаёти иҷтимоъиву сиёсии давлати Сосониён бештар эҳсос мешуд ва дар асри 4 ҷамоъаҳои мазкур то ҳудуди Марв ва ҳаволии он интишор ёфтанд. Калисои суриягӣ дар Эрон ба таври расмӣ дини настурияро қабул кард, ки он нисбат ба дини православӣ як ҷараёни мулҳидона ба шумор мерафт. Пайравони он тақрибан дар аҳди шоҳ Қубод баъди интишори дини масеҳӣ аз Константинопол ронда шуданд. Ҳамин хел ҷараёнҳои мулҳидонаи

монофизикии масеҳӣ (ягонагии табиат дар сурати гуногун будани худоҳо) дар ҳудуди қаламрави Сосониён, махсусан дар Арманистон ва ҳаволии он пайдо шуданд. Чунин ҷараёнҳои мулҳидонаи масеҳӣ аз таълимоти фалсафии давраи ҳеллинистӣ, мантиқи юнонӣ ва афкори орфеию навафлотунӣ баҳра бурда буданд. Калисоҳои масеҳию настурӣ маркази интишори фарҳанги юнонию суриёнӣ ба шумор мерафтанд ва таълимоти Суқроту Афлотун, мантиқи арастуию ақидаҳои ирфонии Плотинро таргиб менамуданд.

Дар аҳди Шопури II Константинопол дини масеҳиро, ки аслан дар Шарқ пайдо шуда, анъанаҳои шарқиро низ дар худ таҷассум намуда буд, расман пазируфт ва дар Эрону Осиёи Миёна пайравони зиёдеро ба вуҷуд овард. Ба ғайр аз ин силсилаи шоҳони кушонӣ дар Шарқ ба дини буддоӣ гароида буданд ва зардуштия байни ду рақиби динии худ қарор гирифта буд. Нарсай барин олимони эронӣ таълимоти равияю ҷараёнҳои мазкурро бо афкорӣ ҷомеъаи сосонӣ омезиш медоданд. Аз ин рӯ, омилону ҳомилони дини зардуштӣ, махсусан муғон ва дигар мутаваллиёни оташкада бо сардории мӯбади мӯбадон барои ҳифз намудани мақоми зардуштия ва идеологияи расмии давлати шоҳаншоҳии Сосониён бо дигар ҷараёнҳои нисбат ба он оппозитсонӣ вориди баҳсу мунозираи динӣ мешуданд. Чунин вазъият муғону мӯбадони зардуштияро маҷбур мекард, ки аз доираи афсонаю асотири куҳан берун баромада, бисьёр ҷиҳатҳои таълимоти оини мазкурро аз ҷиҳати мантиқӣ асоснок намоянд. Масъалаҳои зоту сифатҳои Аҳуромаздо, мабдаю маншаи ҷаҳон, масъалаи хилқати олам ва ғайраро амиқтар таҳқиқ кунанд.

Пайваста ба амалиёти мазкур муғону мӯбадони зардуштия барои барқарор кардани идеологияи расмии давраи феодалӣ ҳокимони давраи сосониро водор менамуданд, ки масеҳиёни сокини қаламравиашонро дар ҳолати фаъолияти ниҳояг сust нигоҳ доранд. Дар ҳақиқат, масеҳиёни мазкур дар аҳди аввали Сосониён як навъ озодона амал карда бошанд ҳам, минбаъд мавриди азобу шиканҷаҳои зиёде шуданд. Дар замони Яздигурди I онҳо дар адои маросими мазҳабии худ озод буданд, вале минбаъд мавриди таъқиб қарор гирифтанд. Дар замони Баҳроми I шиканҷаю азоби онҳо афзуд. Бисьёр масеҳиён ба Рум гурехта рафтанд, Яздигурди II аҳолии Арманистонро ба дини зардуштӣ даровардан шуд. Вақте ба мақсадаш расида натавонист, фишори иҷтимоию иқтисодиро ба онҳо зиёд кард. Мувофиқи маълумоти маъхазҳо шоҳони сосонӣ фақат фирқаи исавиёнро, ки пайравонаш дар натиҷаи таъқиби давлати Рум ва калисои ортодоксалии он ба хоки давлати Эрон панаҳ оварда буданд, нисбатан озод гузоштанд [154]. Дар аҳди Сосониён аввал Шопури I ва Ҳурмузи I барои суст кардани мавқеи муғони зардуштӣ ҷараёни илҳодомези монавияро озод гузошта бошанд ҳам, минбаъд дар натиҷаи фишори мӯбадони зардуштӣ Баҳроми I маҷбур шуд Мониро ба

муҳокимаи онҳо бигузорад ва Хусрави Парвиз 12 ҳазор пайравони маздакияро ба қатл расонд.

Маълум аст, ки дар натиҷаи аз байн рафтани сохти гуноҳдорӣ ва ба вуҷуд омадани феодализм як қатор унсурҳои муҳимми маданияти атиқа-қабилавӣ, ҷамоавӣ ва ғайра низ аҳамияти худро гум карда, ба ҷои он маданияти маънавии хоси давраи феодализм ба вуҷуд омад. Албатта, хусусиятҳои бавуҷудоии маданияти мазкур дар ҳар мамлакат ҳар хел аст, вале барои ҳамаи мамлакатҳо он аз нуқтаи назари илмӣ як хислати муштараку умумӣ дорад. Ин хислат дар он зоҳир мешавад, ки дини давлатӣ дар ин вақт барои мустаҳкам кардани ҳокимияти феодалон нақши муҳим мебозид. Маҳз аз ҳамин сабаб шоҳони сосонӣ фармон доданд, ки муғону мубадон динро ба идеологияи давраи сосон мувофиқ карда, онро аз ҷиҳати назарию амалӣ такмил диҳанд ва ба дини ҳукмрони давлатӣ мубаддал гардонанд.

Тансар мӯбади мубадони аҳди Ардашери Бобакон буд. Номашро Деҳудо дар «Луғатнома» Баҳроми Ҳирзода гуфтааст. Роли мубади мубадон, сипаҳбудон ва дабирон дар ҷамъияти сосонӣ, хусусан байни табақаи ашроф ниҳоят бузург дониста мешуд. Ардашери Бобакон бо Тансар алоқаи зиёд дошт. Бино ба маълумоти «Динкард» Ардашер Тансарро ба дарбори хул хонда, ба ӯ фармудааст, ки матни парокандаи Авестои аҳди ашкониро гирд орад. Дар ин бора Муқаддасӣ низ дар «Китоб-ул-бадъ ва -т-таърих» маълумот додааст. Муаррихи юнонӣ Гурдизӣ мегуяд, ки Ардашер ибни Бобакро аз он сабаб «Сосони ҷомеъ» номидаанд, ки ӯ ба ҳамаи доноёни форс фармони ҷамъоварии китобҳои муғонро додааст. Писари Ардашер-Шопури 1 кори падарашро идома додааст ва бо дастури ӯ ҳамаи дастовардҳои илми тиб, ҷуғрофия, ситорашиносӣ ва фалсафаи Ҳиндустону Юнонро ҷамъоварӣ намудаанд. Дар замони Шопури II ихтилофоте, ки дар маънии баъзе ҷузъҳои Авесто мавҷуд будаанд, тавассути Тансар рафъ гардиданд[155]. Тансарро баъзе муҳаққиқон тарғиботчие мешуморанд, ки гуё тамоми умрашро барои ҷамъоварию омӯхтани қисматҳои парокандаи Авесто сарф намудааст.

Тибқи иттилоъи Эҳсон Табарӣ дар бораи чаҳор тан аз бузургтарин мубадони зардуштӣ (Тансар, Ардвиров, Картир ва Озармодмеҳрсипандон), ки дар зер нукоте чанд роҷеъ ба онҳо нақл хоҳад шуд, дар ташаккули муҷаддади ҷаҳонбинии зардуштӣ нақши муҳим доштанд. Аз Тансар то ба мо асаре бо унвони «Номаи Тансар» расидааст, ки ба подшоҳи Табаристон Гуштоспшоҳ навишта шудааст. Дар нома андарзе ба шоҳ гуфта шуда, уро ба мувофиқат ва давлатдории Ардашер даъват менамояд. Мувофиқи маълумоти муаррихон ин кор ба он далолат мекунад, ки дар аҳди Ашкониён нуфузи ҳокимони маҳаллӣ дар нуқтаҳои дурдаст зиёд шуда буд ва Сосониён

мехостанд таъсири ҳокимияти худро ба Табаристон барин маҳалҳои дур аз марказ ба воситаи мубадон барқарор кунанд.

Матни паҳлавии ин ном боқӣ намондааст, вале тарҷумаи форсии он дар «Таърихи Табаристон»-и Ибни Исфандиёр боқист. Кристенсен дар «Эрон дар замони Сосониён» қайд кардааст, ки ин нома ба аҳди Ардашери Бобакон мансуб набуда, тақрибан солҳои 557-570 навишта шудааст. Номаи мазкур соли 1824 дар журнали франсавии «Маҷаллаи Осиё» нашр шуда буд. Нусхаи қадими онро муҳаққиқи эронӣ Муҷтабо Минавӣ пайдо намуда, соли 1933 аз нав интишор дод. Барои шинохти ҷомеаи сосонӣ номаи мазкур мадраки муҳим ба шумор меравад. Аз матни нома ошуфтагии фикрию ахлоқии замони таълифи он эҳсос мешавад. Шояд аз ҳамин сабаб Артур Кристенсен онро ба давраи ҷунбиши маздакия мансуб донистааст.

Барои танзими қоидаю қонуни оини зардуштӣ, хусусан барои мураттаб намудани қисмати фиқҳи он, тибқи маълумоти муҳаққиқи фавқ, ҷамъомаде дар оташкадаи «Озарфаранбағи фирузгар» -и Лористон бо иштироки ҳафт мубади машҳури давраи сосонӣ ташкил карда шуд ва онҳо аз байнашон Ардвировро масъули ин вазифа таъин карданд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи Ардвиров маълумоти зиёде оварда шудааст. Гуё у қоидаю қонунҳои зардуштиро мураттаб намудааст. Маҷмуъи ин қоидаю қонунҳоро Х.В. Бартоломе соли 1887 тарҷума кардааст, ки онро баъдтар Рашиди Ёсимӣ ба форсӣ гардондааст.

Ба Ардвиров ҳамчун муслеҳи дини зардуштӣ достонеро нисбат медиҳанд, ки тибқи он ўҳамроҳи ду изад – Суруш ва Озар ҳангоми дар оташкадаи Озарфаранбаг дар хоб буданаш ба «Меъроҷ» рафта, дар аъроф дўзаху биҳишт мардумро дар ҳоли кайфару подош дида, ки масдари савобу иқоб будааанд. Дўзахе, ки у мушоҳида намуда, чоҳи азиме дар дохили замин воқеъ ва Аҳриман дар қаъри он фармонравой мекардааст. Аъроф фосилаи байни замину осмонро шомил ва биҳишти мушоҳидакардаи у иборат аз Осмон ё фалаки ситорагон, Осмону Моҳу Хуршед ва сарои изадӣ (арш) будааст. Ардвиров дастаҳои мухталифи арвоҳи биҳиштиро дар ин табақоти чаҳоргона мебинад ва дар бораи эшон аз роҳнамоёни худ аҳвол мепурсад ва дар поёни ин сафари биҳишт аст, ки Аҳуромаздоро ба сурати фурўғи хиракунанда мебинад, рўҳи нахустин ниёи башар – Каюмарс буда. Меъроҷи Ардвиров ҳокӣ аз он аст, ки у хоста бори дигар покии дин, бегонагӣ ва имону этминони мардумро бозгардонад.

Дарвоқеъ «меъроҷ»-и Ардвиров дар дигар динҳо низ вуҷуд дошта ва бар ҳамин мабно Данте дар «Комеди илоҳӣ»-и худ сафари сегонаи «Дўзах», «Барзах» ва «Биҳишт»-ро анҷом дода. Ба гуфтаи донишманди итолиёвӣ Ҷирулӣ Данте аз тарҷимаи лотинии «Меъроҷ»-и пайғамбари ислом ва асари маъруфи Абуало Ал-Маарриӣ «Рисолат-ул-ғуфрон», ки дар он шоир ба лаҳни нешдор аз сафари марде бо номи Ибни Кадеҳ ба дўзах ва мулоқоти

вай бо шайтон сухан гуфтааст, бохабар будааст.[99]

Аз мўбадоне, ки барои давлатӣ гардонидани зардуштия дар даврои Сосониён нақши муҳим бозидааст, Картир мебошад. Ў зиеда аз 40 сол вазифаи олии рўҳониро дар давраи чаҳор подшоҳи сосонӣ Шопури I, Ҳурмузи I, Баҳроми I ва Баҳроми II ба ўҳда дошт. Ў аввал унвони аз ҳама пасти рўҳониёни зардуштияро дошт ва дар маъбадҳо пайравони оини зардуштиро бо урфу одатҳои динӣ шинос мекард. Дар давраи Шопури I фаъолияташ инкишоф ёфт ва бо дастури шоҳ ба сохтани маъбадҳо ва ташкил кардани ҷамъияти мўбадон дар саросари қаламравии сосонӣ пардохт. Дар воқеъ, баъзе муҳаққиқон Картирро ном ва баъзеи дигар лақаб донистаанд. Сабаби асосии соҳиби обрўю эътибор шудани Картир пирўзии ў дар муборизa ба мукобили Монӣ ва пайравони ў, инчунин бартараф намудани нуфузи буддоия дар қисми шарқӣ ва масеҳият дар қисми ғарбии Эрон мебошад. Картир монавияро як равияи бидъатомез нисбат ба зардуштия эълон карда, бо дигар ҷараёнҳои оппозитсионӣ низ муборизa бурд ва ба пирўзӣ дар ин соҳа ноил шуд.

Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ў се катибаи руи санг, ки аз давраи сосонӣ боқӣ мондаанд, ба мо маълумот медиҳанд. Якс аз опҳо дар нақши Рустам (наздикии Тахти Ҷамшед), дигаре дар нақши Рачаб ва сеюмӣ дар каъбаи Зардушт (наздикии Машҳад) мавҷуданд. Дар онҳо ниёиши Картир, чи тавр ба дараҷаи мўбади мўбадон расиданаш, шоҳони сосониро тарафдори дини зардуштӣ карданаш ва таъқиб намудани буддоиёну масеҳиён, ки назарашон шабонаи дини зардуштиро таҳдид мекард, сабт гардидаанд. Масалан, дар яке аз онҳо, ки аксари муҳаққиқон ба он истинод кардаанд, навишта шудааст, ки «оини маздой ба дасти ман таҳким ёфт ва мардони фарзонаи вилоят ба мақоми баланд иртиқоъ ёфтанд. Аз байни муғон онҳое, ки дучори васвосу тардид буданд, ба дасти ман танбеҳ шуданд ва ё бо эътироф ба хабту хатои хеш гуноҳашон бахшида шуд. Оташкадаҳо ба дасти ман эҷод гардид ва муғон ба онҳо гумошта шуданд. Ба фармони парвардигор шоҳаншоҳу ман насби онҳоро таъйид кардем ва дар саросари кишвар оташкадаҳо сохта шуданд». Ҳамин хел навиштаҳои дорои мазмунҳои таблиғотию тасдиқии дини зардуштӣ дар катибаҳо хеле зиёданд ва рўҳи онҳо муборизаи ниҳонии қудрати салтанат бо рўҳоният ва бедории оташкадаро дар аҳди Сосониён ифода ва мавқеияти рўҳониён дар ҷамъиятро намоиш медод.

Озарподмеҳриспандонро Эҳсон Табарӣ дар зардуштия яке аз номҳои муътабар ба қалам додааст. Ўро дар «Динкард» некпарвард ва дар «Ҳуваман Ясен» пирўзбахт номидаанд. Дар давраи Шопури II зиндагӣ карда, асосан ба муқобили қувват гирифтани оини масеҳӣ муборизa бурдааст. «Озорпод» ва «Меҳриспанд» аз решаи авестоии «мантра спана» ба маънои «каломи муқаддас» гирифта шудааст. Баъзе муҳаққиқон ўро

«Зардушти сонӣ» номидаанд. Худи Озарподмеҳриспандон даъво дошт, ки аслу насабаш ба Зардушт рафта мерасад. Дар Бундаҳиш силсилаи насаби ӯ бо 6 насл ба Зардушт, бо 23 пушт ба Манучеҳр ва аз тарафи модараш ба Гуштоспшоҳ пайваст шудааст. Бо дастури Шопури II ӯ ислоҳоти нави зардуштияро анҷом дода, Авесто ва Хурд Авесторо дар 21 наск тасбит кардааст. Озарподмеҳриспандон ба мисли Картиру Тансар руҳонии бузурги дини зардуштӣ буд ва ҳамаи онҳо дар якуним асри салтанати 400-солаи Сосониён ба ташаккули идеологияи расмии давлатӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки зардуштия ду давраи такомулро аз сар гузаронидааст. Давраи аввали он аз пайдоишу ташаккулаш оғоз меёбад, ки пур аз муборизаи пайравони Зардушт ба муқобили девону қувваи шар мебошад. Афсонаю асотири зиёде, ки аз Авесто гирифта то Хурд Авесто қаҳрамонони он бо номҳои гуногуни мусбату манфӣ омадаанд, ба ҳамин давраи такомули дини зардуштӣ мансубанд. Мутолиаи Готҳо нишон медиҳад, ки дар ин давра як навъ муборизаи табақотӣ ва афкору ақидаҳои гуногун мавҷуд будааст ва Зардушт касонеро ҳамду сано гуфтааст, ки бо ӯ мувофиқат кардаанд ва касонеро нафрин хондааст, ки барои интишори ақидаҳои ӯ мамониат намудаанд. Муборизаи муқобилон ба тавре шадид будааст, ки ниҳоят худи Зардушт қурбони ин набарди афкору ақида шудааст, вале таълимоти ӯ ҳамчун идеологияи давраи феодалӣ, ки тоза ташаккул меёфт, боқӣ монда минбаъд тавассути мубадони зардуштия ба як ҷаҳонбинии томи динӣ мубаддал шуда.

Давраи дуюми сайри такомули Зардуштия тақрибан аз давраи Сосониён огоз ёфтааст. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки баъди истилои Искандари Мақдунӣ оини Зардушт давраи зиддиятнокеро аз сар мегузаронид ва баробари он эзидони дигар мавриди парастишу ниёиш қарор гирифта буданд. Вале дар давраи Сосониён сулҳи шамшери шоҳону оташкада барқарор гардида, бузургтарин теологҳо ва илоҳиётшиносони зардуштӣ - мубадону ҳирбадони зардуштӣ ба хидмати дарбор даромаданд. Шоҳони сосонӣ ошуфтагиеро, ки дар давраи Ашкониён вуҷуд дошт, барҳам доданӣ шуда, як силсила чорабиниҳоеро анҷом доданд, ки онҳо боиси мустаҳкам шудани асосҳои теократии ҳокимияти Сосониён гардид. Онҳо ба оташкадаю руҳониёни зардуштӣ такья намуда, зардуштияро рукни асосии қудрату ҳукумати давлати мутамаркази худ қарор доданд ва дар ҳамин замина зулму истибдодро пурзӯр намуданд. Ба ибораи дигар, дин дар давраи Ашкониён ба шакли Ҳурмузу Ноҳиду Меҳр зоҳир шуда, дар давраи Сосониён ба шакли дини яктопарастӣ бо қонуну қоидаҳои шарҳ чилвагар шуд ва пояи маънавии давлат ба шумор мерафт. Албатта, зардуштия аз руи моҳияташ яктопарастии ноқис буд, чун дар он ба ҷуз худи Аҳуромаздо

дигар эзидон низ фаъолият доштанд. Мазмунҳои болоро Артур Кристенсен ҷамъбаст намуда, навиштааст: «байни «Авесто»-и маъруф ба «қадим», ки Готҳо ҳаста, ҷавҳар ва магзи онҳоро ташкил медиҳад ва «Авесто ҷадид» чи аз лиҳози афкори динӣ ва чи аз лиҳози мақоми худоён фарқи ниҳоят мавҷуд аст»[156]. Баъдан аксари муҳаққиқон бо овардани шарҳу тафсир ва муқоисаҳои марбута ин ҳарфҳои ӯро гакрор намуданд.

«Авесто» китоби муқаддаси зардуштия буда, он аз маҷмӯъи одобу русум, бардоштҳо ва мӯътақидоти мазҳабии қабилаҳои ориёӣ иборат мебошад. Бино ба ривоёти зардуштӣ, ки муҳаққиқон низ ба он ишора намудаанд, Шоҳ Виштосп дастур дода, ки усули таълимоти паёмбарро ҷамъоварӣ кунанд ва онро дар ду нусха тадвину танзим намоянд. Вилл Дурант мӯътақид аст, ки китоби муқаддаси зардуштиён, ки бо номи Авесто машҳур аст, маҷмӯъае аз китобҳост, ки ёрону муридони Зардушт гуфтаҳо, даъватҳо ва дуоҳои вайро ҷамъоварӣ карда буданд ва пайравони мутааххири ӯ ба он «Авесто» ном доданд. Аз ин ду нусха, тибқи ривоёт ва иттилоте, ки то имрӯз ба дасти мо расида, як нусхааш дар бойгонии (архиви) давлатии Персеполис (Тахти Ҷамшед) ва нусхаи дигар дар хазонаи Шизгон, ки бо номи «Ганҷи Шойгон» низ машҳур аст, маҳфуз будааст. Фирдавсӣ маҳалли нигаҳдории «Авесто»-ро оташкадаи Самарқанд ва Ардвировнома он маҳалро шаҳри Истахр ном бурда.

Ҳангоми ҳамлаи Искандари Мақдунӣ нусхаи дар Тахти Ҷамшед маҳфузбуда тӯъмаи ҳариқ гардида ва нусхаи дигарро юнониёни фотеҳ бо худ бурдаанд. Тибқи баъзе маълумотҳо Искандар фармон дода, ки қисматҳои марбут ба тиббу нуҷум ва дигар илмҳо будаи Авесторо ба юнонӣ тарҷима намуда, худи онро нобуд созанд. Яке аз шогирдони Суқрот бо номи Продикос (Prodicus) иттилоъ дода, ки «онҳо нусхае аз таълимоти Зардуштро дар ихтиёр доштаанд»[157]. Калимаи «Авесто» маънои маърифату дониш, донистан, дар китоби «Данкард»-«апастак» ё худ «абастак», дар паҳлавӣ «аваста» ё «абаста» ба маънии асосу моя ва аслу бунёд омада ва моҳиятан хирадмандиро ифода мекунад. Маънии Авесто ҳанӯз ба таври дақиқ муайян нашудааст. Сабабаш аз он иборат аст, ки ин калима на дар худи Авесто ва на дар забону гуиши авестой ва дар ҳеҷ забону лаҳҷаи ҳиндуэронӣ ва ориёӣ низ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, донишмандон барои гавҷеҳу дарёфти маънии он ба реша ва калимаҳои мушобеҳ муроҷиат намуда, ба он маъниҳои гуногун баст додаанд[158]. Масалан, дастур Далла мӯътақид аст, ки он аз решаи «вайд»-и санскит ба маънии «дониш, огоҳӣ ва мужда» омадааст. Бартоломе ва Викондер ин калимаро «Упостак» ба маънии сутун ба қалам додаанд. Ҷ. Тавадиа калимаи «Авесто»-ро «созмони омӯзиши динӣ» маънӣ карда, Опперт бошад, калимаи «Апаштом»-ро, ки дар катибаҳои форсии бостон омада, бо «Авесто» як медонад ва Голднер бо истинод бо Андреас «Авесто»-и форсӣ ё «Ависток»-и паҳлавиро муштақ

аз калимаи «Упосто» ба маънии «бунён» ва матни аслӣ мепиндорад. Шарҳи муфассали ин баҳс дар китоби Ҳошимӣ Рази «Авесто-кӯҳантарин ганҷинаи мактуби Эрони бостон» омада.

Авестои давраи ҳахоманишӣ дорои 1000 фасл буда, аз 21 китоб ё наск иборат будааст. Дар давраи Сосониён ҳангоме ки ба ҷамъоварии Авестои пароканда пардохтанд, фақат 348 фасл ба даст омадааст, ки онро низ ба 21 наск тақсим кардаанд. Авестои давраи Ҳахоманишӣ тақрибан аз 2000 саҳифа иборат буда, рӯи 1200 порчаи пӯст навишта шуда буд. Муҳаммади Рашшод хабар медиҳад, ки бино ба қавле он дар ибтидо аз 1000 фасл, ба қавли дигар аз 815 фасл иборат будааст.

Муҳаққиқон дар асоси таҳлили матнҳои Авесто тахмин мекунанд, ки баъди ҳарики Тахти Ҷамшед аз он чизи зиёде боқӣ намондааст. Фақат баъзе порчаҳои манзуми он, ки аз суруду ниёиш иборат буданд, дар ҳофизаи мутаваллиёни оташкада ва рӯҳониён боқӣ монда буданд. Ва ин ҳам ба он сабаб будааст, ки дар дини зардуштӣ фаромӯшхотириро барои мубадони зардуштӣ азимтарин гуноҳ мешумориданд, чун ҳифзи матнҳои Авесто, ба мисли қориёни Қуръон дар дини ислом, пурра ба уҳдаи онҳо гузошта шуда буд. Онҳо аз даҳон ба даҳон гузашта, шояд дар варақаҳои алоҳида барои таълим сабт мешуданд. Дар давраи Ашкониён Билоши I ва Билоши II ҳамин хел варақҳою порчаҳои алоҳидаи манзумро гирдоварӣ намуданд ва дар давраи Сосониён Ардашери Бобакон, ки худаш яке аз рӯҳониёни бонуфуз ба шумор мерафт, фармон дод то аз нав ба ҷамъоварии варақҳо ва бақияи матнҳои Авесто шурӯъ намуда, онро ба сураги китоби алоҳида даровардаанд, ки ин амал дар адабиёти зардуштӣ бо номи тасбиту гадвини (кодификатсияи) Авесто машҳур аст.

Ҷамъоварии Авесто ба Тансар ном мубади мубадон супорида шуд. Ҷонишини Ардашер Шопури 1 ин корро такмил намуд ва таҳти назари вазираш Озарподмеҳриспандон ба анҷом расонд. Баъди ҳамлаи арабҳо ҳамон тақдири шуми Авесто боз ба сараш омад ва нобуд гардид. Дар замони Ибни Маъмун қариб дар тӯли як аср Озарфаранбаг ном мубаде қисматҳои Авесторо дубора ҷамъоварӣ намуда, маҷмӯъае ба забони паҳлавӣ бо номи «Динкард» тадвин кард ва мубади дигаре бо номи Озарпод онро ба итмом расонд.

Бояд қайд кард, ки қисмати мансури Авесто, ки асосан роҷеъ ба табиӣёт навишта шуда, ҳифз намудани он амри муҳол буд, ҳамроҳи нусхаи аслӣ дар ҳарик аз байн рафт. Пас аз ҳарик ба хотир овардани онҳо ғайриимкон буд ва, аз ин рӯ, дар нусхаи Авестое, ки дар замони салтанати Сосониён тадвин шуд, аз қисмати илмии он асаре боқӣ намондааст. Фақат барои аз ҷихати идеологӣ мустаҳкам сохтани оини зардуштӣ дар давраи Сосониён Тансар ва Картир барин муғону мубадони намоёни зардуштия аҳкому қонунҳои шаръии Авесторо кор карда баромада, ба Авесто илова

намуданд. Бинобар он ҷилди аввали Авестои ба замони мо расида ё худ Готҳо, ки аз суруду ниёиши манзум иборат аст, гуфтаҳои худи Зардушт мебошанд ва барои барқарор кардани матни аслии он қувваи ҳофизаю хотираи пайравони зардуштия истифода шудааند, вале ҷилдҳои дигари он, ки ба наср навишта шудааند, дар давраҳои ашконию сосонӣ ишиҳо гардида, тадриҷан ба Авесто ҳамроҳ карда шудааند.

Ба ҳамин тариқ, дар давраи Сосониён вақте ки баъзе ҷараёнҳои ислоҳталаб, аз қабили монавияю маздакия пайдо шуданд, Хусрави Анушервон барои мустаҳкам намудани дини давлатӣ як қатор чорабиниҳои амалӣ андешид. Бо амри ӯ ба тартиб даровардани китоби муқаддаси зардуштӣ оғоз ёфт: ҳар нуктае, ки барои идеологияи динии замони сосонӣ мувофиқат намекард, ихтисор шуд ва ба ҷои он масъалаҳои тозаи марбут ба аҳкому ахлоқи динӣ ҳамроҳ гардиданд. Ҳамин масъаларо дар назар дошта, муаррихи асрҳои миёна Масъудӣ насиҳати Ардашери сосониро ба писараш Шопур чунин овардааст: «бидон, ки дину имон ва подшоҳӣ ҳарду бародаранд ва бидуни якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Дин асоси давлат аст ва давлат динро ҳимоя мекунад».

Ҳангоми ҷамъоварии Авесто муғон алифбои авестоиро дар асоси забони паҳлавӣ бо ҳарфҳои зиёде, ки тақрибан 14 ҳамсадо дошт, истифода намуданд. Ҷадвали соддаи алифбои авестой, нишонаҳои садодору кӯтоҳу кашида ва бесадо дар китоби Ҳошими Разӣ» «Авесто» оварда шудааند [159]. Ҳамин хел тамоми матни Авесторо аз нав дида баромаданд ва аз ҳамон вақт инҷониб рисолаҳои зардуштӣ ба забони форсии миёна пайдо шуданд. Ба ҳамин забон тафсири Авесто ба вуҷуд омад. Аз худи аввали ривоҷ ёфтани дини зардуштӣ калимаву ибора ва таъбирҳои мушкили он, мисли дигар динҳои мутаол, ба забони авестой шарҳ дода мешуданд. Ин тафсирҳо низ ҳангоми истилои Искандари Мақдунӣ дучори сарнавишти худи Авесто гардида буданд. Дар ин бора Ричард Фрай ва дигар пажӯҳандагон ҳам таваққуф намуда, таъкид кардааند, ки тафсири насрии таълимоти зардуштия ба мисли тафсири динии буддоия вуҷуд доштааст, вале то ба мо омада нарасидааст[160]. Минбаъд руҳониёни зардуштӣ баробари тасбиту тадвини Авесто ба тафсир низ пардохта, онро ба матни Авесто дохил намуданд. Сонӣ тафсирро ба забони паҳлавӣ гардонда онро «Занд» номиданд.

Ба ибораи дигар, қаблан шарҳу тафсирҳои паҳлавӣ зери ҳар сатри Авесто барои дарёфти осонтари маънӣ навишта мешуданд. Дар аҳди Ашкониён ин тафсирҳо ба лаҳҷаи паҳлавии ашконӣ буд, дар замони Сосониён ба лаҳҷаи паҳлавии сосонӣ тагъир ёфт. Ин «Занд»-и Авестои сосонӣ, бино ба иттилооти Ҳошими Разӣ, аз 141000 калима иборат буд, ки бахши аъзами онро «Динкард» ва «Ясно» ташкил медоданд. Худи калимаи «Занд» дар Яснои 57, банди 8 ба сурати «Азаинги» ба маънои шарҳу тафсир

ва гузориш ё тарҷима омада ва «Озантӣ», ки аз ҳамин калима муштақ шуда, аз руи қонуни забон тағъири овозӣ пайдо карда, дар паҳлавӣ «Занд» шудааст.

Ҳодисаи дигаре, ки дар таърихи Авесто рух дод ин буд, ки дар аҳди Ислом калимаи «Занд» кам-кам номи китоби Зардушт шинохта шуд ва мафҳуми «Авесто»-ро ба худ гирифт. Дар ин ҳолат тафсирҳои паҳлавӣ низ дар давраи ислом барои пайравони зардуштия номафҳум буданд. Барои осон намудани маънии он ба бардоштани луғатҳои оромӣ ё худ «Ҳузвориш»-ҳо шурӯъ карданд, аммо зимни он ба дастуру қоидаи забони паҳлавӣ риоя накарданд ва калимаҳои форсии нав (классикӣ) «ба он ба таври фаровон дохил шуданд»[161]. Ин тафсирҳоро «Позанд» номиданд. Артур Кристенсен дар «Эрон дар замони Сосониён» номи бисёр муфассирону шореҳони китоби муқаддаси зардуштияи аҳди шоҳони сосонӣ, аз ҷумла Кайозарбузд, Озарҳурмузд, Озарфаранбаг ва дигаронро овардааст.

Авестои давраи сосонӣ аз 348 фасл ва 21 наск иборат будааст, вале пас аз ҳамлаи арабҳо аз чаҳор як қисми он боқӣ мондааст. Ҳамин фикрро Бобоҷон Ғафуров тақвият дода навиштааст, ки «Авесто»-и то замони мо расида чаҳоряки қисми китоби даврони охири сосониро ташкил медиҳад. Олимон ҳамаи матни Авестои то рӯзгори мо боқимондаро аз 83 ҳазор калима иборат медонанд. Муҳаққиқи англис Вест онро дорои 345700 калима тахмин мекунад. Он шомили 21 наск ба шарҳи зер мебошад: суткар (sŕtkaḳ), вашт монсар (vast mansar), баг (bagh), домдат (damdat), нотар (natar), поҷак (padjag), ратудот ойтик (rato- dataitig), бариш (baris), кашкисруб (kaskisrob), виштоспсост (vistasp-sast), ваштаг (vastag), читродот (citradat), спенд (spend), баґоняшт (baghan-yast), никотум (nikatum), ганабосарничат (gamaba-sar-nijat), ҳуспорам (husparam), сакотум (sakatum) вандидод (vandidad), ҳодухт (Hadoxt), стотяшт (stot-yast). Роҷеъ ба мавзӯъҳои мазкур маълумоти мухтасар дар китоби Ҳошими Разӣ «Авесто- кӯҳнатарин ганҷинаи мактуби бостон» омадааст»[162].

Ба ҷуз наскҳон ёдшуда 5 китоби дигар-Ясно, Виспарад, Вандидод, Яштҳо ва Хурд Авесто шомили маҷмӯаи осори боқимонда мебошад. Авесто дар ду намуд ба мо расидааст. Намуди аввалааш бо алифбои авестой навишта шудааст, ки имрӯз ҳам зардуштиёни Эрону Ҳиндустон ҳанґоми ниёиш онро мехонанд. Он аз Вандидод, Виспарад ва Ясно иборат аст. Матни ин се қисм дар китоб махлут мебошад. Нусхаи дуюми Авесто низ аз ҳамон се китоб иборат аст, вале дар он баъзе иловаҳо дохил шудаанд ва тарзи ҷойгиршавии матн аз нусхаҳои аввал фарқ мекунанд.

ЯСНО—муҳимтарин қисмати Авесто ва бузургтарин асари динӣ, адабӣ ва фалсафист, ки аз рӯзгори бостон боқӣ мондааст. Он аз ҷиҳати сабк, лаҳҷа ва ҳатто андеша аз дигар китобҳои Авесто фарқ дорад. Яснои кунунӣ ҳамон Яснои даврони сосонист ва аз Яснои даврони ҳахоманишӣ

фарқ дорад. Дар паҳлавӣ калимаи «Язешн» маъниш «Ясна», яъне ситоишу ниёишро медиҳад. «Язешна» маънии анҷоми таҳриҳоти динӣ ва маросими ситоишу ниёишро дорад. «Маздаясно» маъниш маздопарастӣ ва «Маздаяснӣ» маъниш маздопарастро ифода мекунад. Дар Авесто «Яҳта», дар саскрит «Яҷата» маъноиш изад ва ҷашнро медиҳад, ки аз ҳамин калима «яздон» муштақ шудааст.

Дар готҳо «Ясно» бо маъниш парастишу ситоиш ва ҷашн омадааст. Ясно бештар ҷанбаи қудсӣ дорад. Аз ин рӯ, муноҷот муҳимтарин қисмати Ясно буда, унсурҳои зиёди асотириро дар бар гирифтааст. Он усулан аз назму наср иборат буда, Готҳо қисмати манзуми онро ташкил медоданд. Дар Готҳо устураҳои амиқ ва достонҳое, ки решаву маншаи таъриҳӣ доранд, оварда шудаанд. Дар он зиндагии деҳнишинӣ, рустоӣ, оғози шаҳрнишинӣ аз байни ишороту киноёт ва тасреҳоти сурудҳо ба осонӣ дарк мешаванд. Готҳо қисмати таркибии Ясно буда, он дар ҳамон шакли аввалааш бетағъир мондааст, вале муҳаққиқон қайд кардаанд, ки чун котибон аз мазмуни аслии он воқиф набуданд, тафсири паҳлавии онро аз рӯи қазовати худ таҳия кардаанд, ки аксаран ба мафҳуми воқеъии Готҳо мувофиқат надорад[163].

Ясно маҷмӯъаи аз 72 фасл ё «ҳот» иборат аст. Ҳар «ҳот» аз чанд банд ташкил шудааст. Дарозтарин «ҳот» 32 банд ва кӯтоҳтаринаш 3 банд мебошад. Рамзи аз 72 фасл иборат будани Ясно ҳамон камарбанди зардуштиён бо номи «Куштӣ» аст, ки аз 72 тори нах аз пашми ҳайвоноти аҳлӣ ва дар аксари маворид аз пашми гӯсфанди сафед бофта мешавад. Аз 72 фасли Ясно 17 «ҳот»-и он, яъне аз «ҳот»-и 28 то 34, аз «ҳот»-и 43 то 51 ва «ҳот» -и 53 ба Готҳо мутааллиқанд. Готҳо дар Авесто «Госоҳо» номида шуда. Аз қадим Готҳоро суханони фархундаи Зардушт медонистанд ва китоби муқаддаси аслии зардуштиёну баёнгари воқеъии авзоъву ҳолоти оини зардуштӣ мешумориданд. Готҳо бо вазни ҳиҷой навишта шуда буданд.

Ҳамаи 17 фасли Ясно, ки аз Готҳо иборат аст, маҷмӯан 896 байт ва 5560 калимаро ташкил мекард. Чун Готҳо бо забони шеър ва суханпардозиҳои шоирона 3500 сол қабл аз ин навишта шуда, фаҳми матолиби сурудҳои он қобили дарки мардуми муосир намебошад ва бояд тарҷимаи онро тавре оро дод, ки дарки мазмуну мундариҷаи воқеъии он маълум гардад. Аз ин рӯ, чандин тарҷимаи форсии он сурат гирифта, ки Ҷалоллудини Оштиёнӣ аз байни се тарҷимаи форсӣ, ки Озарфаранбаг, Шуштарӣ ва Пури Довуд анҷом додаанд, тарҷимаи аввалиро афзалтар шумориданд. Ба ҳар ҳол Готҳо китоби алоҳида набуда, қисмати вобаста ба Ясноро ташкил медиҳад. Ба гуфтаи Спенсер китоби Ясно ва Готҳо (ки маҷмӯъан як китоб аст) обшоре аз нируи рӯҳоиист, ки андешаи одамиро барои қарнҳо ҳаёту ниру бахшидааст.

Готҳо аз 5 қисм иборат мебошанд ва унвони ҳар як қисм аз калимаи

аввалиашон гирифта шудааст: Аҳнавад (ё аҳунаваитӣ) –аз як ҳот ва сад фақраи шеърӣ иборат аст ва ҳар фақра аз се мисра таркиб ёфтааст, ки маҷмӯъан аз 2400 калима иборатанд; Уштавайт (ё уштаваити)— аз чаҳор ҳот ва 66 банди панҷмисрагӣ иборат аст, ки маҷмӯан 1850 калимаро ташкил мекунад; Спантмад (ё спантимайнйу) –аз чаҳор ҳот ва 41 банди чаҳормисрагӣ иборат буда, маҷмӯъан 900 калимаро ташкил медиҳад; Вохушатра-аз як ҳот ва 22 банди семисрагӣ иборат аст, ки маҷмӯъан 450 калима мебошад; Ваҳишту воишти-аз як ҳот ва 9 банди думисрагӣ иборат мебошад, ки шомили 260 калима мебошад.

Мундариҷаи Готҳо бештар ҳодисаҳои иҷтимоии давраи зиндагии Зардуштро ифода мекунанд. Мавзӯъи эътироз ва муқобилат ба куштору ғоратгариҳо дар боби 29 Ясно акс ёфтааст ва Готҳои 28,29,33, 43, 46, 50, 51 мазмунҳои ситоишӣ доранд. Ба таври куллӣ тамоми Ясно аз розу ниёзи Зардушт ба Аҳуромаздо ва гуфтушунид бо ӯ иборат мебошад, ки дар чанд ҷои он Зардушт худро ҳамчун паёмбар муаррафӣ карда. Дар он ситоиши ростӣ, ки тавассути он ду мавҳибати изадӣ- камолу ҷовидонӣ сурат мепазирад. Дар дигар бобҳо мавзӯъи некиву бадӣ, хайру шар, лаҳзаҳои ҳаёти Зардушт, аҳкоми шаръӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Зардушт дар Готҳо номҳоеро зикр кардааст, ки дар адабиёти осори таърихӣ онҳо ёд нашудаанд. Дар бораи се даври оварниш, ки моҳияти асосии фалсафию ахлоқии зардуштияро ташкил медиҳад, дар Готи 45 маълумоти муҳим оварда шудааст. Дигар қисматҳои Ясно маросиму тарзи ниёиши зардуштиён ба Аҳуромаздо ва дигар худоёни давраи ӯ, ҳамд ба қувваҳои некӣ, ситоиши нӯшокии муқаддаси «ҳаома»ва ғайраро дар бар мегирад.Баъзе «Ясно»-ҳо аз ҷиҳати мазмун такрори якдигаранд.

ВИСПАРАД—аз ду калимаи авестоии Vsipe ва ratava (форсии бостон «виспа» ва «рату») иборат буда, маънои «ҳамаи сарварон»-ро дорад. Ҳамин мазмун дар Яшти 10, банди 122 Авесто омадааст. Виспарад марзи ибодату худошиносӣ аз дидгоҳи мардумӣ аст. Ҷалолуддини Оштиёнӣ онро ситоишу бузургдошт ва арҷ ниҳодан ба ҳамаи аносири поки инҷаҳонӣ мешуморад, ки дар ғоят сипос ба худовандро ифода мекунад. Пажуҳандагон Виспарадро аз 22 то 27 «карда» ё фасл иборат медонанд. Худи Виспарад китоби алоҳида набуда, маҷмӯъи мулҳақоти Ясно аст, ки ҳангоми маросими динӣ дар ситоишу ниёиши яздон хонда мешуд. Баъзе олимон онро аз 27 боб (Ф. Шпигел),баъзеи дигар аз 23 боб (Х.Бейли) ва гуруҳи севвум аз 24 боб (Гелднер) мураккаб медонанд. Дар чопи Бомбей ба забони гуҷаротӣ он 25 бобро ташкил додааст.

Ба Виспарад дар давраи Сосониён бо фармони Ардашери Бобакон мубадон тафсире нигоштаанд. Дар банди якуми боб (карда)-и якуми он ҷаҳони ҳастӣ ба ду қисм (баҳра) тақсим шудааст. Якеро ҷаҳони минуӣ ва

дигареро ҷаҳони геттӣ номидаанд, ки шакли такмилёфтаи опро намоишгоҳи мактаби фалсафии ишроқ дар Асрҳои миёна ба вуҷуд овардаанд. Дар ин ситоишнома ба ҳамаи намудҳои хубию зебои дуруд фиристода шудаст. Аввалин ситоиш аз мабдаъ шурӯъ шуда, сипас ба фарру шукӯҳи ҳаёти мегузарад ва пайваста обу оташ, рӯзҳои хуҷистаи сол-тухм пошидан, нигоҳ шинонидан, ҷашни дарав, хирман ва ғайраро меситояд.

Пайравони дини зардуштӣ ҳангоми тоату ибодат Виспарадро қироат мекунанд. Он нисбат ба Готҳо, Ясно ва Яштҳо дертар мураттаб гардидааст. Дар он Готҳо ҳамчун дуои муқаддас сутуда шуда, банду мисраҳои алоҳида иқтибос гардидаанд. Тарҷимаҳои Виспарад ба замони мо расида, матн ва тарҷумаи он ба забонҳои франсавӣ, немисӣ, англисӣ, санскрит ва ғайра чоп шудаанд.

ВАНДИДОД як қисми таркибии Авесто буда, аз қоидаву қонун ба муқобили қувваҳои шарру разил ва девон иборат аст. Профессор Кибар навишта, ки «Вандидод шомили дастуроту қавонинест, ки ҳадафи он аз байн бурдан ва маҳву нобуд сохтани мазоҳири палидӣ ва аҳриманӣ аз саҳнаи рӯзгор аст»[164]. Дар забони авестоӣ вайдавата (Vidaevata ё худ ба забони форсии миёна vigaedo ва gamem) омадааст, ки "вай" ба маъноии зид, «дайва»-дев ва «дата»- қонун мебошад. Артур Кристенсен маҷмӯи қоидаю қонунҳои динӣ ба муқобили девонро дар давраи салтанати Меҳрдоди 1 таълифшуда медонад. Ба фикри ӯ фасле, ки ба қисмати малоика бахшида шудааст, ба мавзуи асосии китоб робита надошта, он фақат ба тариқи алоҳида дар муқаддимаи маҷмӯъа ҷой дода шудааст. Таълифи Вандидод тақрибан ба аҳди аввали Ашкониён рост меояд. Он дар шакли муколама байни Зардушту Ҳурмуз навишта шудаст. Вандидодро маъмулан дар маросими динӣ намехонданд. Ҳар фасли он як фаргард (боб)-ро ташкил медиҳад ва ҳамагӣ аз 22 фаргард иборат мебошад.Мазмуни умумии бобҳоро қонунҳои мазҳабӣ ва афкори динӣ аз қабили савганд хӯрдан, паймон дошган, назофату ғусл ва пок нигоҳ доштани обу ободии дахма, иҷтиноб аз лошаю мурдор, дар бораи пизишконе, ки бо даво маризонро муолиҷа мекунанд, одоби нохун гирифтаи, мӯи лаб буридан, қоидаҳои нигоҳ доштани чорвои хонагӣ, тарзи зироаткорӣ ва ғайра ташкил мекунанд. Дар боби аввал тавассути Аҳуромаздо офарида шудани олам ва маълумоти ҷуғрофии мамлакатҳое, ки дар он зардуштия интишор ёфтааст, оварда шудааст. Дар боби дуюм достони Ҷам аз ҳокими одиле баҳс мекунад, ки дар давраи ӯ одамон то 900 сол бофароғат мезистанд. Ӯ бо қувваи бади аҳриманӣ мубориза бурда, одамон ва набототу ҳайвонотро аз офатҳои бавуҷудовардаи Аҳриман эмин нигоҳ медорад. Дар ин боб роҳҳои асосии мубориза ба муқобили қувваҳои бадӣ, ром кардани ҳайвонот, машғул шудан бо чорводорӣ, ки дар гузаштани халқҳои Осиёи Миёнаю Эрон аз зиндагии кӯчӣ ба ҳаёти муқимӣ нақши муҳим бозидааст, тасвир ёфтаанд.

Боби сеюм аз хушию нохушиҳои ҷаҳон иборат аст. Дар бобҳои минбаъда дастури Аҳуромаздо ба муқобили кирдори разилонаи девон нақл шуда, кушиши пайравони зардуштия ба пок нигоҳ доштани оташ қайд гардидааст. Охирин боб дар хусуси миқдори кирдори баду нохушиҳои бавуҷудоварандаи Аҳриман ва дасгурҳои Аҳуромаздо ба сифати дармон ба он нохушиҳо баҳс мекунад.

ЯШТХО -як қисми таркибии Авесто буда, маънои калимаи «яшт» ситоишу ниёиш мебошад. Ин қисмати Авесто асосан ба ситоиши Аҳуромаздо, ниёиши «Амшоспандон» ва дигар эзидони Зардушт бахшида шудааст. Баъзе бахшҳои «Яштҳо» достонҳои таърихиро мемонад. Он аз 21 Яшт-Ҳурмуздяшт, Ҳафганяшт, Урдибиҳиштяшт, Хурдодяшт, Хуршедяшт, Моҳяшт, Тиряшт, Гушяшт, Меҳряшт, Сурушяшт, Рашняшт, Фарвардиняшт, Баҳромяшт, Ромяшт, Диняшт, Ордяшт, Аштодяшт, Зомиёдяшт, Ҳаомяшт, Ванадяшт ва Обоняшт иборат мебошад. Пажуҳандагон таъхмин мекунанд, ки Яштҳои қадим бояд ба миқдори рӯзҳои моҳ аз 30 то 31 Яшт бошад. Ҳамаи Яштҳои мазкур сурудҳои мазҳабӣ мебошанд, ки ҳар кадом яке аз худоёни пантеони зардуштияро мавриди ситоиш қарор додаанд. Аз он чунин бармеояд, ки Яштҳо ҳамаи худоҳои қабилаҳои ҳиндуевропой ва ҳиндуэрониро дар бар мегиранд ва асотиру ривоятҳои куҳани эронӣ дар он ҷамъоварӣ шудаанд. Абдулазими Ризой мўътақид аст, ки муҳимтарин қисмати Яштҳо, ки аз дидгоҳи таърихи адён низ ҷолиби таваҷҷуҳанд «Обоняш», «Меҳряшт» ва «Зомиёдяшт» мебошанд, чун дар онҳо сулуки дини эрониёни пеш аз Зардушт, фарри каёнӣ ва тавсифи Аредвисура Анаҳито баҳс мекунанд ва аз назари қадимиашон низ ҳоизи аҳамиятанд. Баъзе мазмунҳои таърихии Яштҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо воситаҳои рангини бадеӣ тасвир шудаанд.

Умуман Яштҳо дар давраҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд. Аз ин рӯ, онҳо ба Яштҳои қадим ва ҷадид тақсим мешаванд. Аввалӣ сурудҳои марбут ба давраҳои қадимаи ориёӣ ва парастиши раббуннавъҳо-Меҳру Ноҳиду Баҳром, озар, вот, арт, Моҳу Хуршед, фравашӣ, Ҳаома ва ғайра мебошанд. Яштҳои ҷадид дар даврони оини зардуштӣ тадвин шуданд. Онҳо ситоиши маздопарастӣ, таблиғи яктопарастӣ ва дигар масоили ахлоқиро дар бар мегиранд. Баъзеи онҳо шояд қабл аз Готҳо пайдо шуда бошанд. Дар онҳо ситоиш аз Аҳуромаздо шурўъ шуда, баъд ситоиши дигар эзидон оғоз меёбанд. Яке аз чунин эзидон Меҳр, дигаре Аредвисура Анаҳидо мебошад. Яшти ҳаштум ба ситоиши худои борону оби дарёҳо, Яшти сездаҳум ба фравашӣ, Яшти чаҳордаҳум ба худои ғалаба, Яшти нуздаҳум ба «х(в)орна» ё худ «хорра» бахшида шудаанд. Тавассути руҳониёни зардуштӣ иддае аз худоёне, ки мавриди парастиши ориёиёни пеш аз Зардушт буданд, бо номи фаришта ё худ ёварони Аҳуромаздо ба Авесто дохил карда шуданд. Сурушу Рашн ва Митра посдори ахлоқ ва нозири адолат шуданд. Чаҳор фаришгаи

дигар нигаҳбони чаҳор унсури табиӣ шинохта шуданд.

Имрӯз 21 Яшт барои мо боқӣ мондааст. Онҳо таркиби шеърӣ надоштаа бошанд ҳам, каломи мавзун доранд ва ба тарзи шоирона нигоштта шудаанд. Устод Пурдовуд дар бораи сабку услуби Яштҳо навишта, ки ҳарчанд ки имрӯз Яштҳо таркиби шеърӣ надорад, вале ҳанӯз ҳам каломаш мавзун ва бо як равиши шоирона, бо ибороти баланду хаёлоти олӣ суруда шудааст. Дар онҳо ибораҳои рехта ва мазмунҳои баланду тахайюлоти шоирона мушоҳида мешавад. Аслан Яштҳо манзум буда (бо вазни ҳиҷоӣ) монанди Готҳо ба қисматҳои гунонун ҷудо шуда будааст. Ҳар мисраъ 8-12 ҳиҷо доштааст, вале бо мурури замон тафсири насрии он бештар шуда, ҷои матни аслии манзумро гирифтааст.

ХУРД АВЕСТО, дар паҳлавӣ Хортак Апестак, дар аҳди Шопури 11 мураттаб шудааст. Онро мӯбад Озарподмеҳриспандон тадвин намудааст. Хурд Авесто аз ниёиш ба Офтоб, Меҳр, Моҳ, Ноҳид ва дигар маросимҳо аз қабили арӯсӣ, сугворӣ, мотам ва ғайра иборат мебошад. Ба фикри И.С. Брагинский маъмулан «Яшт»-ро низ ба Хурд Авесто дохил мекунанд. Ниёишҳои ин қисмати Авесто дар Авестои бузург дида намешаванд. Онҳо аслан аз ҷиҳати ҳаҷм ниҳоят кӯтоҳ буданд, вале бо мурури замон иловаҳо ҳамроҳ шуданд ва ҳам аз ҷиҳати ҳаҷму ҳам аз ҷиҳати шумора афзданд. Хурд Авесто китоби мухтасарест, ки барои пайравони дин ҳамчун дастури роҳнамо навишта шудааст. Қисми бештари Хурд Авесто бо забони «позанд» тадвин гардидааст. Бисьёр нусхаҳои хаттии он дорои дуоҳое мебошанд, ки дар наскҳои дигар во намехӯранд. Як силсила ситоишҳо ба унвони меҳрниёиш хуршедниёиш ва ғайра номбар шудаанд.

ДИНАКАРД –базургтарин китоби Авестои сосонӣ буда, дар он афкори динии зардуштия, инчунин донишҳои илмӣ, маълумоти таърихӣ, қиссаю ривоятҳои асотирӣ аз давраҳои қадим то таърихи ба вуҷуд омадани китоби муқаддаси зардуштиён ҷамъоварӣ шудаанд. Асли ин китоб дар замони Гуштоспшоҳи каёнӣ тавассути яке аз шогирдони Зардушт навишта шуда буд. Бино ба маълумоти Муҳаммад Ҷаводи Машкут як нусхаи он дар китобхонаи шоҳии замони Искандари Мақдунӣ мавҷуд будааст, вале он баъдан аз байн рафтааст[165]. Дар давраи Сосониён бо амри Ардашери Бобакон Тансар порчаҳои парокандаи онро гирд овардааст. Пас аз истилои араб Озарфаранбаг-писари Фаррухзод дар замони хилофати Маъмун онҳоро аз нав ҷамъоварӣ намудааст. Динкард аз 169 ҳазор калимаи паҳлавӣ ва 9 китоб иборат будааст, ки то замони мо фақат 7-тои он боқӣ мондааст. Ду китоби аввал ва оғози китоби сеюм бо мурури замон аз байн рафтаанд.

Дар Динкард қариб тамоми асарҳои динии ба забони паҳлавӣ навишташуда дарҷ ёфтаанд ва ё мазмуни онҳо мухтасаран баён шудааст. Мундариҷаи тамоми ҳафт китоби боқимонда аз ақидаҳои Зардушт, таърихи

халқу қавмҳои ғуногун бо динҳои маҳаллии онҳо ва ғайра иборатанд. Як боби китоби сеюм ба таърихи Авесто бахшида шуда, дар он ривояту афсонаҳо дар бораи тадвини китоби муқаддас, аз тарафи Искандари Мақдунӣ сӯзондани нусхаҳои он оварда шудааст. Дар китоби чаҳорум шарҳи таърихии Авесто идома ёфта, дар бораи кӯшишҳои Шопури 11 дар тасбиту тадвини он сухан меравад. Дар он ҳамчунин қайд шудааст, ки ғуё аввал шоҳ Виштосп, ки дар интишори зардуштия нақши муайян дошт, барои ҷамъоварии Авесто иқдоми нахустинро анҷом додааст[33]. Китоби панҷум роҷеъ ба тарҷумаи ҳоли Зардушт, аслу насаб ва муқаррабону хешовандони ӯ баҳс карда, зимни он бисьёр воқеаҳои таърихӣ баён шудаанд. Китоби шашум таълимоти фалсафию ахлоқии зардуштияро дар бар мегирад. Дар он баробари нишон додани ақидаҳои мазкур андарзҳои зиёде оварда шудаанд, ки аз ҷиҳати адабӣ аҳамияти зиёдеро моликанд. Дар китоби ҳафтум аз замони Каюмарс сар карда то охирин пайғамбар-Сушиёнис ва зиндагии Зардушт сухан рафтааст.

Дар муқаддимаи ин китоб аз Каюмарс ба вуҷуд омадани аввалин завҷи инсонӣ, ки аз онҳо авлоди башар пайдо шудаанд, нақл шуда, пайваста баъзе воқеаҳои таърихӣ ва корнамоиҳои паҳлавонони асотирии халқҳои эронинажод- Сиёмак, Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Фаридун, Эраҷ, Кайхусрав ва ғайра шарҳу тафсир шудаанд. Дар маркази воқеаҳои таърихӣ худи Зардушт воқеъ буда, дигар воқеаҳои таърихӣ ба ӯ вобаста карда шудаанд. Китоби ҳаштуми Динкард як навъ феҳристи мундариҷаи матнҳои Авесто аст. Ба воситаи он фаҳмидан мумкин аст, ки Авестои давраи Сосониён аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба «Дотик» (аз «дата»-ба маънои адлу инсоф буда, моҳиятан масъалаҳои ҳуқуқии оини зардуштиро дар бар мегирад), «Гоносик» (шарҳи қоидаю қонунҳои диниии зардуштӣ) ва «Ҳотик-мансарик» («суханони муқаддас»-и оини зардуштӣ ва андарзҳо) тақсим мешавад. Қисми зиёди китоби нӯҳум ба шарҳу баён мундариҷаи наскҳои «Гоносик» оид аст Динкард, ба қавли Ҷалолуддини Оштиёнӣ воқеъан донишномаи бузурги дини зардуштӣ аст ва калиде барои фаҳму дарки бисёре аз матолиби Авесто ва масоили таърихӣ, адабӣ, динӣ ва фарҳангии Маздаяснои зурдуштӣ дар замони Сосониён мебошад. Чандин ҷилд аз ин китоб ба василаи муҳаққиқи англис доктор Вест тарҷима шуда ва дар зимни маҷмӯаи тарҷимаи осори Сосониён дар «Кутуби муқаддаси Машриқамин» ҷилдҳои 37 ва 47 ба чоп расондааст. Матни пурраи Динкард солҳои 1847-1928 дар Бомбей бо кӯшиши дастур Баҳроми Санҷана ба табъ расидааст.

БУНДАҲИШ дар талаффузи форсии миёна «Бун-даҳишн» («Bun-dahisn») хонда мешавад. «Бун» маънои оғоз ва «даҳишн» -додан ё офаринишро дорад, ки дар таркиб маънии «Офариниши оғозин»-ро медиҳад. Дар забони қадими форсӣ «Бундаҳишн», дар забони форсии муосир «Бундаҳиш» талаффуз мешавад. Он муҳимтарин номаи паҳлавии зардуштия

буда, дар асри 9 таълиф шудааст. Гирдоварандаи ин асар Ӯварфарнбаги Додагӣ ва ё ба қавле Товодиёи Додвейҳ аст. Он дорои 13000 калима мебошад. Маъмулан ду Бундаҳишро аз ҳам фарқ мекунанд. Якеро «Бундаҳишни бузург» ва ё «Бундаҳишни эронӣ» меноманд, ки дар Эрон китобат шудааст ва дигареро «Бундаҳишни ҳиндӣ» ё «Бундаҳишни хурд» меӯянд, зеро он дар Ҳиндустон ба китобат расидааст. Номи аслиаш «зандогоҳӣ» будааст. Аз Бундаҳиши бузург се дастнавис боқӣ монда. Фарқи Бундаҳиши бузург аз Бундаҳиши хурд дар он аст, ки аввалӣ дорои матни комили донишҳои илмӣ будааст ва охирӣ фақат мазмуни мухтасари Бундаҳиши бузургро дар бар дошта. Бундаҳиши худро маъмулан намунаи дасту по шикастаи Бундаҳиши эронӣ медонанд. Онро яке аз зардуштиёни эронӣ бо номи Меҳрубони Кайхусрав дар Бомбей соли 720 яздигурдӣ (баробар ба соли 1311 шамсӣ) таълиф намудааст.

Бундаҳиши хурдро Фердинанд Юсти соли 1967 бо муқаддимаи муфассал ва тарҷумаи феҳрист дар Лейпсиг ба табъ расондааст. Аз се нусхаи мавҷудаи Бундаҳиши бузург як нусхаи онро ҳирбад Таҳмурас бо писараш Диншоҳ бо пешгуфтори муфассале соли 1908 дар Бомбай бо унвони «Маҷмӯъаи матнҳои паҳлавӣ» ба муносибати ҷашни 50 - солагии маликаи Виктория инишор дода буд [166]. Умуман қадимтарин нусхаи Бундаҳишро мутааллиқ ба асри 12 медонанд.

Аз олмони Ғарб А. Дюперрони франсавӣ дар сафараш ба Ҳиндустон бо форсиёни зардштӣ ошной пайдо кард ва соли 1771 нусхае аз тафсири паҳлавии Бундаҳиш дар се ҷилд тарҷима ва дар Париж интишор дод. Аз руи нусхаи копенгагенӣ Г.Вестер онро соли 1851 ба чопи сангӣ омода намуд. Баъд се фасли он ба забони немисӣ тарҷима шуд ва А.П. Шпигел баъзе қисматҳои онро муҷаддадан ба забони немисӣ интишор дод. Бундаҳишро соли 1819 дастур Адолҷи Дорольҷӣ Ҷамшедҷӣ Ҷомоспосо ба забони гуҷаротӣ тарҷима кард ва аз рӯи он тарҷимаи матни комили Бундаҳишро соли 1863 муҳаққиқи немис Виндишман анҷом дод. Дар пешгуфтори Бундаҳиш тарҷимаи беш аз 10 нафар мусташриқони Ғарб ба забонҳои урупой оварда шудааст.

Муаллифи китоби «Гуфтор дар бораи Динкард» Муҳаммад Ҷаводи Машкур муъҳтақид аст, ки Бундаҳиши ҳиндӣ аз шарҳи нахустин офариниши Аҳуромаздо ва душманию ситези Аҳриман ба ин офаридаҳо иборат мебошад, ки баъди он роҷеъ ба хилқати ҷаҳон аз рӯзи нахуст то анҷоми он баҳс мекунад. Бундаҳиши эронӣ шомили як муқаддимаи кӯтоҳ, 22 боб ва поёни китоб мебошад. Бобҳои муҳимми он аз офариниши моддӣ, иллати офариниш, тозиши Аҳриман бар офариниш, наҳваи офаринишҳои моддӣ (кӯҳҳо, дарёҳо, рудҳо, гиёҳон, ҷонварон ва инсон), бузургдошти изадони миной, сурури пешоварҳо, шаҳрҳои номвари Эроншаҳр, фарри каёнӣ, таҳвиму нуҷум, растохез ва дигар масъалаҳои марбут ба хилқат иборатанд.

Ба ибораи дигар, Бундаҳиши эронӣ тақрибан ҳамаи он масъалаҳоеро, ки дар Бундаҳиши ҳиндӣ баён шудаанд, дар бар мегирад, вале дар он масъалаҳои мазкур нисбатан муфассал бо маълумотҳои изофӣ чилванамой намудаанд. Чанд ҳикоятӯ ривоят ва достонҳои асотирию қаҳрамонии Бундаҳиш Авесторо аз ҷиҳати маълумот такмил додаанд. Артур Кристенсен Бундаҳишро қисмате аз Авестои сосонӣ ва Занд иборат медонад, ки марбут ба таквини ҷаҳон ва қиссаву асотири табиат аст. Ҳамин фикрро Саидҳусайни Наср тақвият дода, Бундаҳишро «мӯътабартарин китоби паҳлавӣ дар ҷаҳоншиносӣ» медонад ва онро таҳаввулоте мешуморад, ки «дар афкори давраи қадимтари зардуштӣ ба вуҷуд омада буд». Ӯ таъкид кардааст, ки дар ин асар дуализми бостонӣ ба як навъ тавҳид дар шакли муборизаи доимии некию бадӣ табдил ёфт ва зарвон ё даҳр мабдаи ҳастӣ шинохта шуд.

Аз ҷиҳати мазмуну мундарича 22 боби Бундаҳишро ба се қисм тақсим намудаанд. Қисми аввали он рочеъ ба масъалаҳои офариниши ҷаҳони моддӣ ва куллияи масоили марбут ба ҳастӣ баҳс мекунад. Қисми дуюми он ба масъалаҳои изадшиносӣ бахшида шудааст ва қисми сеюми Бундаҳиш масъалаҳои растохез ва тани вопасинро дар бар мегирад. Вале муҳаққиқон мӯътақиданд, ки муқаддимаи Бундаҳиш хеле пурмӯҳтаво буда, мундарича китобро ба хонанда муаррафӣ менамояд. Он дар китоб таҳти унвони бахши нахустин-«Сароғоз» омада ва намоишгари мӯҳтавиёти Бундаҳиш мебошад. Зеро дар он аз равшноии бекарона сар карда, то каронмандии олам, бархӯрду ситезҳои Аҳриман бо олами равшной, ба 9 ҳазор сол фароз додани ҷаҳон, аввалин офариниш ва ситези Аҳриман бо Каюмарс, аз равшноии моддӣ офаридани рости, пайдоиши аввалин изадон ва фаришгагони неку ёварони Ҳурмуз дар шакли ривояту асотир, вале дорои мазмунҳои фалсафию ҷаҳоншиносӣ матраҳ гардидаанд, ки дарки онҳо андешаи амиқу таммули инсонро талаб мекунанд.

Фароварди ин қисматро ба суханони аллома Робиндранати Такур дар бораи таълимоти Зардушт ба итмом мерсонем. Ӯ навишта: «Зардушт бузургтарин паёмбарест, ки дар бадви таърихи башар зуҳур намуда, ба василаи фалсафаи худ башарро аз бори сангини маросими зоҳирӣ озод сохт ва асоси мазҳаби худро бар пояи ахлоқ қарор дод. Агарчи мо имрӯз медонем, ки кирдори нек мавқеъи нек аст агар барои худи некӣ анҷом шавад (на ба умеди подош ё бими ҳаёт). Вале бояд дар назар дошт, ки ин ҳақиқати дурахшон ҳангоме аз забони Зардушт гӯё шуд, ки мардум гирифтори нодонию ноогоҳӣ буданд. Ногуфта намонад, ки пас аз гузашти садаҳои бисёр ҳануз ҳам касонеро мебинем, ки аз ин ҳақиқат бехабаранд ва ба умеди подош ва ё бими азоб кӯркӯрона оинҳои бефоидаи зоҳириро пайравӣ менамоянд. Зардушт дар замоне, ки мардум парвардигорони мутааддидеро мепарвариданд, пояи мазҳаби худро бар яктопарастиву ахлоқ устувор дошт,

ба башар фаҳмонд, ки мақсуд аз мазҳаб пайравии ахлоқи нику маърифат ва ростиву дурустист. Ин буд, ки андешаву гуфтору кирдори некро усули дин қарор дод ва танҳо роҳи саодати начотро бо пайравӣ аз ин се асл таълим фармуд. Ҳақиқате, ки Зардушт бадон даст ёфта буд, чизе набуд, ки аз мутолиаи китоб ё ба василаи ривоёт касб намуда ва ё он ки аз устодону донишмандон омӯхта бошад, балки он ростиву ҳақиқат партаве аз анворӣ худовандӣ буда, ки саросари вуҷудашро фаро гирифта буд. Ба ин тариқ тавфиқ ёфт, ки ҳақиқатро дарёбад ва ба сари чашмаи дониши ҳақиқӣ ноил ояд. Дар ин бора худ чунин фармудааст: «Эй Маздо, ҳамон ки туро бо дидаи дил нигариста, бо нируи андашеи худ дарёфтам, ки туи сароғоз - ки туи саранҷом—ки туй сарманшаи маниши пок—ки туй офаринандаи ростӣ — ки туй довари додгари аъмоли ҷаҳонӣ».

БОБИ III

ҶАҲОНШИНОСИИ ЗАРДУШТӢ

АЗ ҲИКМАТИ ХУСРАВОНӢ ТО ФАЛСАФАИ ЗАРДУШТ

Оини зардуштӣ ҳанӯз дар аввали пайдоишаш тамоюли яктопарастӣ (монотеистӣ) дошт. Он, пеш аз ҳама, дар парастиши Аҳуромаздо зоҳир мешуд. Охирӣ холиқу офаринанда ва нахустин ҳастӣ ба шумор мерафт. Одами ибтидоӣ ҳамаи унсурҳои табиатро ба унсурҳои фоиданоку зараровар ҷудо намуда, тадричан ба парастиши худоёни хубу фоидаовар мепардохт ва муборизаро бо унсурҳои зиёновар шурӯъ менамуд, ки аввалин пешрафти андешаву ҷаҳонбинии инсонро дар таърихи фарҳанги куҳан ифода мекард. Шояд пешинаи ҷаҳонбинии фалсафии зардуштия дар ҳамин марҳилаи фарҳанги башарӣ ба вуҷуд омада бошад.

Дине, ки Зардушт онро дар Аҳди бостон барои ҷаҳониён ироа кард, дини яктопарастӣ буд ва як худои бузургу мутаол-Аҳуромаздоро мешинохт. Вале бояд чунин нуктаро ба назар гирифт, ки вақте як дини тоза барои гароидану парастидан пешниҳод мешавад, динҳои суннатӣ ва русуму одоте, ки шояд дар тӯли ҳазорсолаҳо бар мабнои ҳамин динҳои суннатӣ ташаккул ёфта буданд, на фақат онро ба хушӣ намепазиранд, балки аввал онро нодида мегиранд, баъд бо он муқобилат меварзанд, барои аз даст надодани мавқеъи худ баъзе унсурҳои аҳкоми худро тағъир медиҳанд ва чун қолаби кӯҳани анъанавӣ тавони пазириши навпардозиҳоро надорад ва онҳоро рад мекунад, ба муборизаи ошкоро бо дини навбунёд мебароянд ва нахуст бо силоҳҳои диниву аҳкомӣ ва, оқибат, бо роҳи зардухурди озод пеши роҳи ташаккулу инкишоф ва интишори онро гирифтанӣ мешаванд.

Чунин амал як ҳодисаи маъмули иҷтимоию фарҳангӣ ба шумор меравад. Ин ҳодиса дар таърихи фарҳанги ҳамаи халқҳо ва қавму миллатҳо, аз ҷумла фарҳанги динии ниёгони мо низ мушоҳида мешавад. Хусусияти

пояндагӣ ва ақабмондагӣ (консерватизм) доштани инсонро ва ҳомиёни ҷиҳатҳои пешқадаму пуёӣ доштани навовариву навпардозӣ аз мақуллаҳои фарҳанги умумибашарист ва шояд ҳам яке аз омилҳои таъйиншуандаи қонунҳои инкишофи фарҳангӣ бошад. Вақте як навовари дар соҳаи илм ва ё ҳунар ба вуҷуд меояд, он наметавонад бевосита ба ҳамаи афроди ҷомеъа мансуб бошад, зеро онро фақат гурӯҳи марбутаи аҳли илму ҳунар ҳосил менамояд, вале вақте ин навпардозӣ дар соҳаи яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, хусусан дин ба вуҷуд меояд, он на фақат ба тарзи зиндагии иҷтимоии афроди ҷомеъа, балки ба зеҳнияту тафаккури ӯ низ таъъироти бунёдӣ ба амал хоҳад овард. Аз ин рӯ, қариб ҳамаи динҳои мутаоҳ дар оғози пайдоишашон ба муқобилати сахт ва муборизаҳои шадид дучор шудаанд, ки инро аз саргузашти паёмбарони дини масеҳию ислом ба хубӣ тасаввур намудан мумкин аст.

Ҳангоме ки динҳои бисёрхудоӣ дар ҷомеъа ҳукми раво доштанд, шояд аввалин кӯшише, ки барои парастиши худои бартар ба амал омад, дар тамаддуни Бобулистон буд ва ин ҳодиса ташаккулу инкишофи сохти табақотиро дар Аҳди бостон ифода мекард. Худоёни сершуморе, ки қавму қабилаҳо ҷиҳати ба амал баровардани ормонҳои волои худ мепарастиданд, дар дами дари кашмакашнҳои иҷтимоӣ вобаста ба рушду инкишофи иқтисодию фарҳангӣ дар сохтори навини табақотӣ тадриҷан авзои худро аз даст медоданд ва тамоюле пайдо шуд, ки тибқи он баъзе худоён нуфузи бештаре дар фарози Аҳди бостон касб намуданд ва ҳамчун худоёни бартар тавассути якчанд қавму қабила парастида мешуданд. Қаблан дар тамаддунҳои Байнаннаҳрайн ҳар як деҳ ва шаҳр худоёни нигаҳбони худро доштанд, ҳатто ҳар хонавода худои худашро дошт, ки ба он намоз мегузорд ва онро мавриди ниёишу ситоиш қарор медод. Вилл Дурант дар таҳқиқоташ теъдоди худоёни Бобулро наздики 6500 адад ба қалам додааст. Вале дар натиҷаи ба вуҷуд омадани худоёни бартар теъдоди худоёни хонаводагию қавмӣ коста шуданд ва бо сохтани парастишгоҳҳо барои худоёни бартар шурӯъ намуданд.

Ҳамин тариқ, парастишгоҳи бузурге дар Лорсо барои худои нигаҳбон Шимш, дар Аврук барои Иштар, дар Ур барои Наннор ва Баал ва ғайра сохта шуданд. Инҳо ба ҷуз он худоёни нуҷумӣ ва худоёни сумериҳо буданд, ки баъди аз миён рафтани давлати Сумер дар байни мардум мезистанд ва мавриди парастишу ниёиш қарор доштанд. Зимни такомули минбаъдаи иҷтимоию иқтисодӣ ва ба вуҷуд омадани империяҳо мардум бештар ба сӯи уфуқи ақидаҳои тавҳидӣ менигаристагӣ шуданд. Ба ибораи дигар, нирӯҳои бузурге пайдо шуданд, ки ҷомеъаро ба парастиши худои бартар водор намуданд. Аввал худоёни деҳот шаҳрҳои хурд арзи вуҷуд намуданд. Баъдтар дар натиҷаи ҷангҳо васеъ шудани сарзаминҳои империяи бобулиён, худоёни маҳаллӣ ба фармони худоёни шаҳрҳои бузург даромаданд ва яке

аз сифатҳои онро ифода мекарданд. Баъзе шаҳрҳои бузурги империя худоёни нигаҳбони шаҳри худро дорои қудрати мутлақ мешумориданд ва тадричан тасаввуре пеш омад, ки ҳамаи худоёни маҳаллӣ мазҳар ё сифате аз сифоти худои бузург мебошад ва ин худои бузурги Бобул Мардук интихоб шуда буд. Вале Мардук яктопарастиро ба сомон расонда натавонист ва ҳамчун худои бартар дар манзалати худ бокӣ монд.

Яҳво -- худои яҳудиён яктопарастиро ба субут расонд. Фаластин ба иллати вазъи нобасомони ҷуғрофиаш дар нимароҳи байнӣ тамаддунҳои Мисри қадим ва Байнаннаҳрайн дар Аҳди бостон ба маркази бозаргонӣ табдил ёфт. Он маҳалли ҷангу ситез ва майдони корзори ин тамаддунҳо маҳсуб мешуд ва борҳо зери пои ҷанговарони тарафҳо лагадмол шуда буд. Вилл Дурант бо ташбеҳу истиораи зиёд дар ин бора менависад, ки фақат як бор барояш таърих бо лабханд нигарист ва баъд аз Шаул (Sayul) ва Ҷонаган (janatan) Довуд 40 сол зимоми салтанатро ба даст гирифт ва пас аз ӯ писараш Сулаймон шаҳри Уршалаимро ба макони сулҳу осоиш табдил дод. Ин шаҳр дар замони Сулаймон ҳамчун пойтахт маркази бузурги маданию маънавии яҳудиён низ ба шумор мерафт. Онҳо дар оғози пайдоишашон ҳамчун бадавиёни биёбонгард эътиқоди хоси дорои рангу бӯи табиатгароёна доштанд. Ҳар тоифа худои худро дошт. Ашёи табиӣ аз қабили сангу талу теппа ва ғорҳо парастида мешуданд. Теъдоди худоёни зооморфӣ низ зиёд буданд. Ҳарчанд, ки Мӯсо қавми яҳудро барои бутпарастӣ муҷозоти сахте дода буд, онҳо аз парастиши ин бутҳо даст накашиданд.

Баробари бутҳои ёдшуда яҳудиён худоёни бартаре низ доштанд. Онҳо Вилканро ҳамчун худои раъд, Тамузро ҳамчун худои воломақом ва Яҳворо ҳамчун худои ҷанг мепарастиданд. Ба фикри Ҷалолуддини Оштиёнӣ, баъди худои бартар эълон шудани Яҳво ӯ дар ибтидо «ба сурати муҳофизи дувоздаҳ қабилаи Бани Исроил парастиш мегардид, мазияте, ки ин қавм бар ақвоми дигар дошт, ин буд, ки аввалан онҳо фақат ба як худо муътақид буданд, сонӣян аз ӯ буту санам намесохтанд»[1]. Яҳво ҳамчун худои ҷанг бандагонашро ба кишваркушоию пирӯзӣ даъват мекард ва шояд аз сабаби ҷангҳои тӯлонӣ дар ин сарзамин бошад, ки ин худо мақому манзалати хосе байни яҳудиён пайдо кард. Тадричан мафҳуми Яҳво чеҳраи худои миллиро ба худ гирифт ва «чун дар даврони Довуду Сулаймон ваҳдати сиёсӣ пайдо шуд, маъбади Уршалаим ба сурати маркази ибодати яҳудиён даромад, асари сиёсату таърих дар дин низ мунъакис гардид. Яҳво унвони худои ягонаи ҳамаи яҳудиёнро пайдо кард»[2].

Зардуштияро низ чунин сарнавишт буд. Дар дини маздоии куҳан аз байни худоёни бартаре, ки шумораи онҳо ба 24 изад мерасид ва баъдтар бо Амшоспандон шумораи онҳо ба теъдоди рӯзҳои мох ба 30 адад расид (номи онҳо дар бахши гоҳшуморӣ хоҳад омад), бо созмон ёфтани сохти тобақотӣ Аҳуро худои бартарин шинхта шуд ва мақоми боло нисбат ба дигар худоён

касб кард. Вақте Зардушт ба кишваре рӯ овард, ки омодаи қабули паёмҳои волои ӯ буд, бо эътимоди комил ба даъвати худ пардохт. «Инак, гӯш фаро диҳед ва суханонамро бишнавед эй касоне, ки барои шунидан гирд омадаед... Суруди ситоиш ба ҷо меоварам Аҳуромаздо, барои ҳамаи некиҳо ва ростиву равшной. Ва ин аст омӯзишҳоям: бишнавед, инак, ин суханонро, бо андешаи равшан бингаред, марду зан боястӣ худ ин суханон бо ройзании худ ва андеша, роҳи худро баргузинанд ва инчунин аст омӯзишҳоям» (Ясно, ҳоти 30/1).

Гуштосп ва вазири хирадманди ӯ Ҷомосп лаҳни каломи паёмбарро ба хубӣ дар худ эҳсос намуданд ва таҷрибаи шуҳуду мукошифаи Зардуштро фоли нек дарёфтанд. Дар ин бора Зардушт гуфта: «Шоҳ Виштосп, он дорандаи гоҳи шаҳриёрӣ, дар шумори аъзои анҷуман даромад ва бо некманишӣ ин оини ростиро қабул кард ва, инак, комёбиамон дар густариши оин зиёда аст» (Ясно, ҳоти 51/9). Шояд баёни чунин нукта низ ҷолиб бошад, ки ҳам Ҷомосп ва ҳам Зардушт аз назари нирую қудрати маънавӣ ҷиҳатҳои муштарак доштанд. Ҳар ду дорои «Фар» буданд: яке ҳамчун шаҳриёри сарзамини фарох «фарри каёнӣ»-ро дар даст дошт ва дигаре «фарри илоҳӣ»-ро ҳамчун отифа ё худ нури илоҳӣ ва нируи ботинӣ дар ҷисму равонаш маҳфуз нигоҳ медошт. Ва ин боис шуд, ки дини яктопарастӣ мавриди писанд ва худои бузург Аҳуромаздо мавриди ситоишу ниёиш қарор бигиранд.

Нуктаи муҳимме, ки дар ин ҷо бояд қайд кард, он аст, ки таблиғи ин дини дорои хусусиятҳои тавҳидӣ ва гароишу густариши он раванди пурпечу тоби таърихиву иҷтимоиро тай кардааст. Ин дин то ҳаққи обу гил пайдо карданаш дар сарзамини бостонии аҷдодамон ва тору пуд таниданаш дар зеҳни ниёгони мо роҳи пуршебу фароз ва чандин имтиҳону озмоишҳои шадиди мафкуравиро пушти сар намудааст, ки аввалини он ҳамон баҳсу мунозираи Зардушт бо намояндагони динҳои суннатӣ дар аҳди шоҳ Виштосп буд. Агар ба ин гуфтаҳо зарбаҳои ҳалокатбори ҳаводиси давру замонҳои номусоид, ҳамлаи Искандари Мақдунӣ ва замони ҳукмронии ҷонишинони уро ҳамроҳ кунем, ба дурустӣ метавон тасаввур кард, ки зардуштия чи бахти баду рӯзгори сахте дар таърихи афкори маънавию фарҳангии гузаштаи мо доштааст. Бо вуҷуди чунин авзоъи нобасомони таърихию фарҳангӣ зардуштия на фақат тавонистааст ҷон солим бурда, дар радифи динҳои ҷаҳонӣ ҷойгоҳи босазое касб ва таййи беш аз 14 қарн дар саҳнаи таърихи Шарқ ҷилванамой кунад, балки пару боли он дар давраҳои гуногуни таърихӣ барои густариши афкори маънавии Ғарб низ соя афкандааст. Бо ин маънӣ, «ҷаҳонӣ будани дини зардуштия на танҳо вобаста бар он буд, ки ғайр аз халқҳои эронӣ қавму миллатҳои дигаре низ ба он гаравида буданд, балки дар он аст, ки даъвати Зардушт низ мисли даъвати Исо ва Муҳаммад (с) даъвати ҷаҳонӣ ва дорои аҳамияти ҷаҳоншумул буд, ки ба назари муҳаққиқон он ба тамаддуни башарӣ ба таври мустақим ё

ғайри мустақим назар ба ҳама гуна дини дигар бештар таъсир гузоштааст»[3]. Ва агар дар ин ҷодда боз ҳам пештар равем, маълум мегардад, ки ин дин хостааст абнои башарро «зери як андешаи воҳид ба хонадони бузурге» табдил диҳад.

Манзур аз гуфтаҳои боло таъкид ба чунин матлабест, ки то аҳди ҳахоманишӣ дини зардуштӣ ягона дини ҳукмрони он давру замон набуд. Муғони модӣ баробари Аҳуро дигар худоёне, ки онҳо низ худои баргар ба ҳисоб мерафтанд ва баробари дини маздоии куҳан ва ё якҷоя бо он мавриди парастиш қарор гирифта буданд, амал мекарданд. Дар қатори онҳо Меҳр, Ноҳид ва Баҳромро номбар намудан мумкин аст, ки дар бахши «Меҳрпарастӣ» шарҳашон гузашт. Ин худоён онқадр байни ниёгони мо маълум буданд, ки Зардушт онҳоро ба куллӣ рад накард ва гузашта аз ин, ҳамчун ҳамкорону ёварони Аҳуромаздо дар Авестои мутааххир дохил гардиданд. Ҷой додани онҳо дар Авесто фақат ба хотири маъмул будан ва ё дар байни мардум мақому манзалат доштанашон набуд. Чуноне ки баъдан хоҳем дид, онҳо ба дӯши худ бори гарони низоми фалсафӣ, махсусан вуҷудшиносии оини зардуштиро мекашиданд ва аз ҷиҳати такмили доираи комили вуҷуд нақши муассир доштанд.Албатта, дини дигари қадимаи зарвония низ вуҷуд дошт, ки дар он худои бузург-Замони бекарон (Зрвана акарена), ҳамон тавре ки шарҳаш гузашт, дорои таълимоти хоси ҷаҳонбиниосӣ буд. Вале баъди ба вуҷуд омадани низоми фалсафии зардуштия дар зери сояи ин таълимот ниҳон монд ва бисёр ҷиҳатҳои ақоиди зарвонӣ аз қабили пайдоиши гавҳарҳои ҳамзод ва набарди доимии онҳо, сикли дувоздаҳҳазорсолаи кайҳонӣ ва падид омадани олам дар замони каронманд дар дохили таълимоти зардуштия мунҳал гашт.

Масъалаҳои мубҳам ва ҳануз норавшани марбут ба ҷамъбасту хулосаҳои илмии динҳои тозардуштӣ аз қабили оини муғон, оини Порсҳо, ҳикмати хусравонӣ ва фаҳлавиён, оинҳои бумии халқҳои Осиёи Миёнаву Эрон ва умуман тамоми ҷилваҳои дини маздоии куҳан ба мо имконият намедиҳад, ки заминаҳои пешина ва ташаккули дини зардушӣ ё худ маздаясноро ба таври бояду шояд мушаххас намоем. Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Ҳошими Разӣ ҳар як аз оини ёдшударо динҳои ҷудогона пиндоштаанд, ки чунин натиҷагирӣ баҳси заминаҳои пешинаро боз ҳам печидатар мегардонад. Ба ҳар ҳол, сангнабиштаҳое, ки аз Дориюш ва Хишоёршоҳ то рӯзгори мо расиданд, маълум мегардад, ки дар аҳди Ҳахоманишиён оини зардуштӣ комилан ба як дини муқтадире табдил шудааст[4].

Дар сангнавиштаҳои Дориюш омада: «Аҳуромаздо ва дигар худоёне, ки вуҷуд доранд, моро ёрӣ карданд, зеро ман бар пояи ростӣ гом бардоштам». Вале дар сангнабиштаи Хишоёршоҳ фақат Аҳуромаздо (бидуни ишора ба дигар худоён) омадааст: «Ҳар касе, ки конуни Аҳуромаздоро риоят кунад ва бо хузуъву хушуъ Аҳуромаздо ва назми

додгарона (арта)-ро ситоиш намояд, хушбахт зиндагӣ мекунад ва бисёр хушбахт мемирад»[5]. Ин нукта намоёнгари таҳаввули дини зардуштӣ дар рӯзгори Ҳахоманишиён мебошад, зеро онҳо ин оинро барои таҳнияти бунёдии ҳикмати замонашон ба хушӣ пазируфта буданд.

Вуҷуди худоёни дуюминдараҷа ҳамроҳ бо Аҳуромаздо боиси он шуда, ки бисёр пажуҳандагон дар бораи заъф ё худ ҳануз нурра ҳатироф нагардидани дини зардуштӣ, аниқтараш заъфи тавҳидии он дар аҳди Ҳахоманишиён ибрози назар намоянд ва ҳатто ба киши воҳид табдил ёфтани зардуштияро дар он буъди замонӣ зери суол гузоранд. Мо ба чунин назари олимон, ки теъдоди онҳо дар Шарқу Ғарб кам нестанд, розӣ шуда наметавонем ва мӯътақидем, ки дар даврони ҳукмронии дуасраи Ҳахоманишиён оини зардуштӣ ба як дини яккахудоии муқтадире табдил ёфта буд, ки бо усулу аҳкомаш дар байни мардум ҳамчун дини расмӣ ҳукми раво дошт. Мавҷудияти динҳои суннатии дигар ва худоёне, ки баъдан ёварони Аҳуромаздо гардидаанд ва масдарашон то ба даврони зиндагии муштараки қавмҳои ҳиндуэронӣ ақиб мерафт, аз ду ҷиҳат қобили шарҳу тафсири мӯҷоз мебошад. Аввалан, озодона амал кардани динҳои суннатӣ сиёсати давлатдории Ҳахоманишиён буд ва қаламрави империяи бузурги ҳахоманишӣ, ки таърих ҳанӯз давлати ба ин бузургро зери султаи як шоҳи мустабад надида буд ва хушадвортарин давлати ҳамаи давраҳои таърихӣ низ ба шумор мерафт, чунин сиёсат шояд ягона роҳи таҳкими давлати мутамарказ маҳсуб мешуд.

Сониян, пазируфтани динҳои суннатӣ ва худоҳои бартари тозардуштӣ тавассути оини зардуштия як амри амдӣ ва огоҳона буд. Зеро на дар Готҳо ва на дар дигар адабиёти зардуштӣ суханони бадбинона нисбат ба адёни суннатии тозардуштиро мушоҳида кардан амри муҳол аст. Вале роҷеъ ба рад кардани аҳкому шариати ин динҳо, аз қабили маросими қурбонӣ кардани ҳайвонот ва ё нӯшидани нӯшобаи сукровари «ҳаома» мазаммату сарзаниши Зардушт ба назар мерасад. Вақте ӯ дар «Готҳо» аз «худоёни дурӯғин» ном мебарад, манзураш худоёни бартар ё бузурги то аҳди ҳахоманишӣ нест, зеро нишонаҳои фаъолияти онҳо дар худи «Готҳо» ба таври мубҳам мушоҳида мешаванд, вале дар Авестои мутааххир вориди пантеони худоёни муҷарради зардуштӣ шуда, ба унвони мудаббирони навъҳои ашёи олами моддӣ амал кардаанд. Чуноне ки баъдтар хоҳем дид, маҳз ҳамин нукта фарозеро дар ҷаҳоншиносии зардуштӣ ба вуҷуд овард, ки боиси пайдоиши "Олами мисол" ва манбаъи тамоюли таълимоти зардуштӣ ба дугарой ва санавият гардид. Аз тарафи дигар, манзури Зардушт аз «худоёни дурӯғин» радди куллӣ ва бечунучарои ҳамаи худоёни қаблӣ набуда, балки ислоҳи ин «худоёни дурӯғин» ба «худоёни ростин»-и офаринандаи ҷону хирад мебошад, зеро рӯҳи таълимоти аксари худоёни суннатӣ дар матни таълимоти зардуштия эҳсос мешавад. Гузашта аз ин,

худоёна ташаххусёфта ба сурати инсонӣ ва қобили таҷассумро бо худои муҷарраду мутлақи Аҳуромаздо иваз намуд.

Баъди истилои Искандари Мақдунӣ аз замони Билоши 11 сар карда ҷамъоварӣ намудани матни Авесто шурӯъ шуд, ки шарҳаш дар фасли гузашта омада. Дар ин ҷо ба баъзе масъалаҳои ҷузъӣ таваққуф накарда, ба баррасии таълимоти зардуштия ва худои мутаоли он менардозем. Аз матни Готҳо ва адабиёти зардуштӣ чунин бармеояд, ки худои яктои Зардушт-Аҳуромаздо, ки мухотиби пайғамбар дар Готҳо қарор гирифтааст, худои яктою ҷаҳонофарин аст ва муроҷиати Зардушт барои гароидан ба ин дин, чуноне ки гузашт, ба қавму қабилаҳои мушаххас равона нашудааст, балки ӯ тамоми мардумро барои пазируфтани ин дини беҳин даъват менамояд ва «мусалламан паёми Зардушт ом аст ва Аҳуромаздо низ худои ҳамаи оламу оламиён мебошад»[6]. Мо инро дар аввалин сурудҳои Готҳо мушоҳида карда метавонем: «Инак ба ҳапгоми ниёиш, эй Аҳуромаздо, дастҳоямро ба сӯи ту баланд карда ва дархост мекунам то ҷаҳони нек офаридашуда дар коми хушиву шодӣ ғарқа бошанд. Эй Аҳуромаздои бузургу тавоно хосторам то битавонам бо омӯзишҳоям дар ин ҷаҳон осоишу комёрӣ барқарор созам». (Ясно, ҳоти 28/1) «Эй Аҳуромаздо бо дили поку андешаи нек ба ту рӯй меоварам, эй маздои некуафзой, хосторам, ки ба ман бибахшӣ комёбӣ дар ин ҷаҳони моддиро ва тавфиқи вусул ба он ҷаҳони миновиро ва ин ки битавонам гурӯҳи мардумонро ончунон оин биомӯзонам, ҳар ду ҷаҳонро чунин дарёбанд» (Ясно, ҳоти 28/2).

Қабл аз он ки дар бораи хусусияти тавҳидии оини зардуштӣ сухан гӯем, таваҷҷӯҳи хонандаро ба масъалаи ваҳйи Зардушт ҷалб менамоем. Чуноне ки дар фасли қаблӣ қайд шуд, ҳангоми узлатнишинӣ ба Зардушт ваҳӣ расид. Ваҳӣ каломи илоҳист, ки дар 30- солагӣ дар канори ҳамон руди Датия (Даити)-и номвар, ки дар Бундаҳиш сароби онро дар «Эронвейҷ» гуфта ва баъзе муҳаққиқон онро ба Амударё, баъзеи дигар ба руди Вахш ва гурӯҳи сеюм ба Вахондарё (шохаи чапи дарёи Панҷ), Гарируд ва ҳатто Арас нисбат додаанд, расули худо аз тариқи илқои малик онро касб карда Умуман ваҳйу илҳом дар динҳои мутаол метавонад аз тариқи фаришта ё кашфи моварои ҳиҷоб дарёб гардад. Маълум аст, ки амри ваҳӣ қобили шарҳу тафсири ақли инсонӣ намебошад ва дар оини зардушти ваҳӣ аз тариқи самъ расидааст. Ӯ дар Готҳо дар ин бора гуфтааст: «... аз Маздо Аҳуро дарёфтам, ки баргузидаи ӯ ҳастам ва дарёфтам, ки ононе, ки аз ман пайравӣ кунанд, онҳое ҳастанд, ки аз роҳи нек Маздоро баргузидаанд, роҳе ки бар одамӣ кунишу маниши нек, инсонро ба ҷовидонӣ ва расоӣ мерасонад» (Ясно, ҳоти 45/6). «Ман, ки Зардушт ҳастам ба воситаи некманиши шеваи ситоиши ӯро даёфтам ва ҳамчунин ӯст, ки аз дониши бекаронаш беҳтарин омӯзишҳоро ба ман илҳом мекунад» (Ясно ҳоти 45/6). «... Ӯро, ки пояндаи сармадист ва Маздо Аҳуро хонда мешавад, чунки аз он партавҳои волои

сифоти барҷастааш чун Воҳу Мана (=покдоманӣ) ва Аша (=рости) моро саршор сохтааст ва навидамон дода, ки дар он кишвари ҷовидонию сарзамини минавӣ дар анвори хеш пояндагиамон диҳад» (Ясно, ҳоти 45/12). Зимнан дар чанд ҷои Готҳо дар бораи рисолати Зардушт нақлу ривоятҳои гуногуну аҷибе вуҷуд дорад. Аз ҷумла хитоби Ҳуро ба Гауш Урван (равони офариниш) ва муроҷиати охирӣ ба Воҳу Мана-«чи касе, ки барангехта хоҳад шуд то маро ҳимоят кунад?» ва посухи Воҳу Мана хело ҷолиб ба назар мерасад, зеро ҳамин ҷавоби ӯ рисолати Зардуштро таъйид мекунад: Воҳу Мана (Баҳман) мегуяд: «нахустин касе, ки барангехтаи худованд аст, ӯ Зардушти Спитама мебошад, касе, ки ба ӯ забони шевою баёни дилпазир дода шудааст» (Ясно, ҳоти 29/7).

Ҳамин тариқ, рисолати Зардушт таъйид шуд. Ҳар рисолате дар динҳои мутаол маъмулан мукошифоти руҳонӣ ва маърифати каломи раббониро ба дунбол дорад. Ин амр аз қазияе сар мезанад, ки рисолати расул ба мисли нубуввати набӣ дорои вилояти валӣ низ мебошад. Агар ин масъаларо ба гуфтаи Тошихико Изотсу баён кунем, расул ҳамон набӣ бо фазилати афзалтар (яъне мансаби нубувват бо ҳамроҳи мансаби рисолат) аст. Бинобар ин паёмбар (набӣ) дар вуҷуди як шахс ду мансаб (=рутба)-ро гирди ҳам меоварад ва расул дар вуҷуди худ се рутбаи мухталифро ваҳдат мебахшад. Аз ин ру, дар ин ҷо се рутба қобили тамайюз аст – вилоят, нубувват ва рисолат.Зеро китоби осмонӣ, ки ба расул ё худ пайғамбар мерасад, каломи муқаддас аст ва бадеҳист, ки бидуни маърифати қудсӣ шинохти зоҳиру ботини каломи муқаддас амри муҳол ва кушиши бебору баре аст. Аз ин нуқтаи назар, агар мо диди таҳлили худро дар уфуқи пажуҳишҳои татбиқӣ бигустаронем, ба осонӣ хоҳем дарёфт, ки ҳам оини зардуштӣ ва ҳам оини монавӣ «ба ин асл устуворанд, ки воситаҳои гуногуни ақли илоҳӣ» руҳро ишроқ мебахшад. Тамоми маносики мазҳабӣ дар офариниш пайванди наздиктар миёни одамӣ ва ҷаҳони малик (олами фаришта) доранд. Саодати одамӣ дар гарави иттиҳод бо ҳамтоҳои фаришта ва малакутиаш, яъне фраваҳар (фравашӣ) зоҳир мегардад. Қувваи малакутӣ аносири нурие ҳастанд, ки коркарди он ҳидояту ишроқ аст ва тамоми ҳаёти диниву мувоҷеҳаҳоеро, ки бо амри қудсӣ сурат мегирад, таҳти тасаллут доранд. Баъди баёни чунин фикр Саидҳусайни Наср чунин натиҷагирӣ карда, ки «гароиш ба амри қудсӣ ва маърифати қудсӣ муҳим гарин бахши оини Зардушт аст»[7]. Агар ин ақидаи муҳаққиқро, ки шояд дарки он каме мушкил бошад, ба забони соддаи фалсафаи дин баргардонем, чунин дармеояд, ки ҷаҳони офаридашуда якҷоя ба офаридгораш тавассути ақли инсонӣ ё худ илми иктисобӣ ва қувваи ақли ботинии аз ҷониби худо ба инсон атошуда, ки онро «ҳикмати ботинӣ» низ меноманд, бо такмилу пайванди якдигар қобили дарк мебошад.

Ин масъала, хусусан ҷиҳати дуюми он, ки ба маърифати ирфонӣ

ишора мекунад, шомили баҳси муфассалест ва хоси ҳамаи динҳои мутаол мебошад. Августини қадис роҷеъ ба баррасии ҳамин масъала дар дини масеҳӣ гуфта, ки одамӣ барои андешидан ба ҳақиқат ба ишроқ ниёз дорад, ки аз ҷониби худо ба вуҷуд хоҳад омад. Ба баҳси муфассали маърифати розгарой ё худ ирфонии зардуштия дар бахши баъдӣ таваққуф хоҳем кард. Дар ин ҷо ба чунин нукта ишора хоҳем намуд, ки Осиёи Ғарбиро чунин насибе буда, ки бо амри таърих дар оғуши он дар Аҳди бостон ҳамин гуна динҳои муқаддасу мутаол арзи вуҷуд намуданд. Хостгоҳи зардуштия дар Осиёи Миёнаву Эрони шарқӣ буда, ки баъди ташаккулаш дар тамоми қаламрави империяи Ҳахоманишиён интишор ёфт. Дини яҳуд дар қисмати ҷануби Сурия ташаккул ёфт. Масеҳият дар ҳамин сарзамини Сурия ба вуҷуд омада, дар тамоми ҷаҳони ҳеллинистӣ густариш ёфт ва масеҳияги настуриву монофизитро дар Байнаннаҳрайн ташаккул дод. Ҳамаи ин се дини мутаол «аҳли китоб» буданд ва бо ҳам аз назари вазифае, ки дар назди худ гузошта буданд, шабоҳати зиёде доштанд.

Аҳли китоб будани динҳои мутаол фаъолияти як ҷомеъаи муайяни мазҳабиро ифода мекунад. Ба ибораи дигар, ҳар дине, ки барои пайғамбараш каломи аллоҳ нозил шудааст, дар марҳилаи гуногуни зиндагии иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба он китоби муқаддаси осмонӣ муроҷиат мекунад ва аз он нишот мегирад. Ба ин маънӣ, дини зардуштӣ баробари ҷомеъаҳои мазҳабии мусулмонон, яҳудиҳо ва масеҳият дорои китоби муқаддас мебошад ва «аҳли китоб» ба шумор меравад. Вале бо ҳамин масъала ба итмом намерасад. Вазифаи аҳли китоб сарфаҳм рафтан ва дарёфтани мазмуну моҳият ва маърифату идроки дурусти ин китоб аст. Зеро ҳар китоби муқаддас, аз ҷумла « Авесто»-и зардуштия баробари бандҳои оддию маъмулӣ ё худ маънои зоҳирӣ маънои нуҳуфтаву ботинӣ ва рамзиеро низ доро мебошад, ки аз ҷаҳони офоқӣ ба олами анфусӣ нозил шудааст. Каломи Зардушт дар Авесто аз робитаи наздики ӯ бо худовандаш дарак медиҳад ва маънои аслии он бояд дарк гардад. Аз ин рӯ, фақат такрори оддии суханони Зардушт ба пайравонаш чизи хоссе нахоҳад дод, балки нигаришу нуфузи дид ба умқи каломи Зардушт ва маърифати кашфию завқӣ метавонад аз рози ниҳону маънии ботинии гуфтаҳои худованд ба Зардуштро пай барад. Беҳуда нест, ки ҳакими олмонӣ Нитше номи асари худро «Чунин гуфт Зардушт» унвон карда, зимни он ки пайғамбари оини зардуштиро сухангӯи андешаву ғояндаи фарохондаи хеш қарор додааст, ба гуфтаи Мартин Хейдегер, ӯ ба табъйину таъвил тарзи муносиби пеш рафтан ва пайравӣ кардан аз ин омӯзгор, бо тафаккур халқ намудани зоти Зардушт ва дарки зоти абаринсон бо роҳи растан аз кин, ки душмани ирода ва охирӣ доя бар ҳастии ҳастиҳо дар кул мебошад, мунтаҳои кӯшиши худро ба харҷ додааст[8]. Чуноне ки К. Бекзода комилан дуруст қайд мекунад, ин масъаларо орифи муосири Ҳинд Ашо (Багван Шури Раҷана) дар

муқаддимаи китоби «Зардушт» шарҳ дода, навиштааст, ки Зардушт барои ман ҳамон Зардушти таърихӣ ва Зардушти китобии Нитшеаст. Ӯ ҳайҳо ин ду Зардушт фарқе қонл намешавад, чун Зардушти Нитшеро худи Нитше мепиндорад, ки мисли Зардушти таърихӣ ориф аст ва масоили ирфониро ба мисли ӯ ҳаллу фасл намудаст.

Ногуфта намонад, ки пажуҳандагони дигари Ғарб низ аз қабили Мэри Бойс ва Франс Гренер бо таҳрифоте, ки дар давраи ҳеллинистӣ, хусусан аз садаи сеюм сар карда то охири Аҳди атиқ нисбат ба осору афкори Зардушт ба вуҷуд омада буданд ва нусхаҳои маҷъули мансуб ба Зардушт дар дунёи юнониву румӣ арзи вуҷуд намуда буданд, инчунин ривоёти суриёниву қибтӣ ва лотинии онҳо низ дида мешуданд, таҳлил намуда, таҳти унвони «Чунин нагуфт Зардушт» мақолае навишта, ба чунин натиҷа расидаанд, ки «нутфаву зеҳдони ин навиштаҷот юнонӣ буда, он аз фарҳанги густурдаи юнонимаоби даврони ҳеллинизм иборат буд, ки арзишҳои маънавии шоҳаншоҳии Искандар ва султонинишиниҳои ӯро мунъакис мекард ва осори маҷъул ба киши зардуштӣ, махсусан осори ҳурмусӣ ё ҳурмусаи ҳаромиса назари Ҳурмузи воқеъиро ифода намекарданд [9]. Ин дар омади сухан буд. Масъалаи асосӣ ҳамон омезаҳои рамзу розноки каломи муқаддас аст, ки ба ақидаи Ҳенри Корбен "мабнои машруъияти равиши таъвил» имконият медиҳад, ки баргардондани нусси ҳамаи ваҳйҳо ба маъноии ботинии онҳо" суратпазиранд. Ба ибораи дигар, каломи танзилӣ масири акси худро тай намуда, маъниии зоҳириро ба сарчашмаи асливу азалиаш бармегардонад. «Фикрати баргардонидани замони офоқ ба замони анфусии дарун ва дастёбӣ ба мобаъдуттаърихи равон ва зарурати навъии маърифати қудсӣ аз ҳамин ҷо сар мезанад»[10].

Авесто ҳамчун каломи Аҳуромаздо як маъноии зоҳирӣ ва як маъноии ботинӣ дорад ва ҳамин тариқ ҳарчӣ бештар ба таҳлили амиқи ин китоби муқаддас пардозем, ҳамон қадар маъноҳои ботинии он бештар пайдо мешаванд. Шояд маъноҳои ботинии Авесто вобаста ба бўъди замонӣ ва шароити таърихии пайдоиши он, ки масоили кашфию ирфонӣ тоза ташаккул меёфт, ба дараҷаи маъноҳои ботинии Қуръони маҷид (ки муҳаққиқон, аз чумла мутафаккири асри 16 Садриддини Шерозӣ дар «Асфор-ул-арбаат-ул-ақлия» ба ҳафт мазмуни ботинии он ишора намудаанд) набошад. Ба ҳар ҳол, бо вуҷуди таъбиру тафсир ва таъвилҳои зиёд, то ба ҳол муҳаққиқон маъниҳои асливу азалии масалан мафҳумҳои «маниши пок» ва «хиради муқаддас»-и Готҳоро ба таври амиқ ва ба он соне, ки бояд мушаххас накардаанд. Маъноҳои ниҳонии нуру ишроқ, кишвари сармадӣ, олами фаришта (фраваши), мазмунҳои аслии дигар достонҳои розомезу устуравӣ, бисёр унсурҳои таҷрибаи рўҳонии қаҳрамонони онҳо аз аввалин кадхудои ҷаҳон- Каюмарс сар карда то Кайхусраву Ҷамшеду Фаридун ҳанӯз ҳам дар зери пардаи рамзу розвари боқӣ мондаанд. Аз ин рӯ, дар Авестои

мутааххир ва адабиёти зардуштии аҳди Сосониён ва баъди он низ он қадар тафсиру таъбир ва занду позандҳо пайдо шуданд, ки дар баъзе маврид шояд чеҳраи аслии баъзе унсурҳои таълимоти Зардуштро тағъир дода бошанд. Табиист, ки дар тадқиқотҳое, ки бар мабнои ин сарчашмаҳо бурда мешаванд, баъзан ихтилофи назарҳои боризе мушоҳида мегарданд. Бинобар он бояд пажуҳандагон ба манзури раҳой аз ҳар гуна ихтилофу бардошти матлаби аслӣ ба ду масъалаи басо муҳим аҳамияти хосса диҳанд: аввалан, онҳо бояд ба ҳамон шиори имрӯз дар илм маъмули «ба акиб. ба сӯи сарчашмаҳои аслӣ» содиқ бошанд ва бевосита ба манбаъҳои аслӣ мурочиат намоянд; сониян, муҳаққиқ бояд мусаллат ба мавзӯъи таҳқиқ бошад, зеро инсоншиносии фалсафӣ ё худ дарачаи омодагии афрод ба дарки сатҳҳои маъной робита ва пайванди бевосита дорад.

Агар мо ба таҳлили фалсафии таълимоти Зардушт пардозем, бояд мутазаккир шавем, ки аз худи аввал, ҳатто дар устураву равоятҳо ва достонҳои қаҳрамонӣ аҷдоди ориёиамон тафаккури мовароуттабиӣ ё худ метафизикӣ дошта. Инро мо дар дини маздоии куҳан ва дигар динҳои ибтидой аз қабили зарвонияву меҳрапарстӣ ва оини муғон низ эҳсос мекунем. Вақте роҷеъ ба пайванди ҷаҳони исломӣ бо суннатҳои зардуштӣ ва анъанаҳои замони дурдасти таърихи ниёгонамон сухан меравад, бояд дар хотир дошта бошем, ки ҳам дар колбади масъалаҳои ҷаҳоншиносию вуҷудшиносӣ ва ҳам дар ниҳоди афкори ахлоқию иҷтимой як сарриштаи куллие вуҷуд дорад, ки бо танидани ҳарчи бештари он олами мовароуттабиӣ (офоқӣ) ба таври ногусастанӣ бо олами моддӣ (анфусӣ) иртибот пайдо мекунад ва натиҷаи танидани ин тору пуд ба ташкили доираи комили вуҷуде меанҷомад, ки сайри нузуливу суудии он аз ду нимдоираи як доираи комил иборат мебошад.

Бешубҳа, дар оини зардуштӣ ва анъанаҳои пешинаи ниёгонамон ҳанӯз бисёр масъалаҳои марбут ба халқаҳои занҷирии нимдоираҳои нузуливу суудӣ, ки аввалӣ ба силсилаи маротиби вуҷуд ва дуюмӣ ба зинаҳои маърифати инсонӣ мутааллиқанд, мубҳам ва норавшану баҳсоваранд. Вале феъҷлан ин масъалаҳо муҳим нест. Муҳим он аст, ки як намод ё худ сумбули (контур ё худ символи) мушаххаси раванди офариниши олами миной (мовароуттабиӣ) ва гетӣ (табиат ё худ олами моддӣ) ва дарки онҳо ба сомон расидааст. Вазифаи муаррихони фалсафа ва муҳаққиқон аст, ки минбаъд зимни таҳқиқашон ба масоили мазкур равшанӣ андозанд ва омӯзаҳои зардуштияро дақиқ муайян намоянд. Зеро то фалсафаи дини зардуштӣ ва дигар суннатҳои оини ниёгонамон ба таври илмӣ ва воқеъбинона омӯхта нашавад, қазовати дуруст роҷеъ ба ҳамаи масъалаҳое, ки ба ин ё он восита ба фалсафа ва масъалаҳои ҷаҳоншиносӣ алоқа доранд, амри муҳол ба назар мерасад.

Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки илм маъмулан аз фалсафа

тавлид мешавад. Охирӣ илмҳоро то ҳадди табиӣ дар оғози худ парвариш баъд ӯро раҳо мекунад ва худ ҳамчун як омили ҷамъбасткунандаи унсурҳои улум боқӣ мемонад Аз ин рӯ, фалсафа вазифаи дуҷворсаро ҳамчун сангу маҳак ба ӯҳда дорад. Он бояд ба ҳалли масоиле пардозад, ки ҳанӯз бисёр паҳлӯҳояш ҳаллу фасл нашудаанд. Ҳар чӣ дар илм ҳалли худро ёфта ва кашф гардад, ҷамъбасти натиҷаи он ба ихтиёри фалсафа во гузашта шуда, худ аз доираи дидгоҳи фалсафа ба маҳдудаи улуми табиӣ ё инсонӣ пақли макон мекунад ва фалсафа боз ба ҳамон масоили хайру шар, ҷабру ихтиёр, ҳаёту мавт ва ғайра ба иловаи масоили ақидатию маърифатии худ ҳамвора бо мақулаҳои гоза бавуҷудомадаи улум, ки ҷамъбасти назарии худро бесаброна мунтазир аст, машғул мешавад. Чунин аст тақдиру насиби илми ҷомеъ, ки дар оғози пайдоишаш шомили тамоми улуми табиию инсонӣ буда, дар дараҷаи муайяни тараққиёти ҷомеъа онҳоро мисли фарзандони болиғи худ ба умури фунун месупорад ва ба ҳамон масоили маҷҳулу анъанавии пайдоишу маърифати Оламу Одам мепардозад.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин гуфтаҳои ҷолиби Вилл Дуранг хотирнишон мешавем, ки фалсафаи зардуштияву монавия дар як фазои холӣ ба вуҷуд наомада. Онҳо як навъ ҷамъбасти омӯзаву андешаҳои сарзамини Осиёи Миёнаву Эрони бостон буда, ки ҳанӯз аз асри пешинаи сангӣ ва даврони моварои таърих унсурҳои он ҳамвора бо сеҳру ҷодуи таарруззии (сафеди) соҳирону коҳинон ташаккул ёфта, бо рушди ҷомеъа ва ба вуҷуд омадани аввалин давлатҳо дар сарзамини мазкур достонҳои ривоятнву афсонавӣ ва устураву тасаввуроти гуногун дар бораи пайдоиши олам ба вуҷуд омаданд. Дар тӯли таърих ҳамин ормону омӯзаҳо ва тасаввуроту достонҳои қаҳрамонии дорои хусусиятҳои қудсии як аср билқуввa ва биттабъ боиси ба вуҷуд омадани андешаву тасаввуроти ҷаҳоншиносии асри дигар гардида, ин ҳодиса ҳамвора идома пайдо кардааст ва зимнан боиси ба вуҷуд омадани афкори маънавӣ шудааст. Пешинаи таърихӣ доштани афкори фалсафию ҷаҳоншиносӣ ва адами фазои холӣ дар масоили маънавӣ маҳз дар ҳамин қазия зоҳир мешавад. Сарзамине, ки ба мисли Рум ё дигар мамолики Ғарб чунин пешинаи таърихӣ надошта ва ё он дар шакли бисёр соддааш зоҳир шуда, ночор ва билфосила дар аввалин имконият, ба ҳар шакле, ки набошад, аз дигар қавму миллатҳо чунин завобитро қабул намуда.

Масъалаи дигаре, ки ин ҷо бояд қабл аз шурӯъи баррасии фалсафии зардуштия ёдовар шавем, аз он иборат аст, ки аксари адабиёти мактуби зардуштия, ки ба унвони «Паёми Зардушт» ба мо расидаанд, дар замони Сосониён ва оғози Асрҳои миёна ба риштаи таҳрир даромадаанд, дар хеле мавридҳо матни онҳо, аз мазмуни ғоявии Готҳо ва дигар навиштаҳое, ки наздик ба замони Зардушт буданд, фарсаҳҳо дуранд. Бинобар он бо ҳусни ния ва бидуни диди интиқодӣ ба онҳо нигаристан кам аст, бояд онҳо бо сарчашмаҳои аслӣ мавридо мутолиа қарор гиранд. Зимни мушаххас

намудани муҳити фикрӣ ва андешаҳои ҷаҳоншиносӣ, кайҳоншиносӣ ва диншиносӣ як силсила масоили дигаре ба мушкилиҳои ёдшудаи фавқ илова хоҳанд шуд, ки ҳаллу фасл ва дарку маърифати онҳо дониши тахассусӣ талаб менамоянд ва он ҳам чунин донише, ки бояд аз анбӯҳи сурудҳои ниёишӣ, устураву ривоятҳо маънои фалсафии онҳоро бароварда, онро бо истилоҳҳои маъмули фалсафию фарҳанги муосир пешкаши ҳаводорони афкори маънавӣ гардонад.

Баҳси фалсафиро дар бораи таълимоти Зардушт аз номи худованди ҷаҳонофарин-Аҳуромаздо шурӯъ мекунем. Калимаи «Аҳуро» аз «Асуро» гирифта шуда. Дар яке аз фаслҳои гузашта роҷеъ ба мавҷудияти худои политеистии «Аҳуро» ҳамчун худои бартар ишора шуда буд. Ҷалолуддини Оштиёнӣ мӯътақид аст, ки ин ном дар адабиёти қадимаи ведой низ ба маънои худои мутлақ ва дорои мафҳуми куллии рӯҳонӣ вуҷуд дошта, «Асуро» лақаби аксари худоёни бузург будааст. «Асуро» ва «Аҳуро» маънии «ҷон» ва «ҳастибахш»-ро медиҳад. «Маздо» аз ду калима- «маз» ба маънои «бузург», ки дар фосӣ «мес» ё «меҳ» ва «до» ба маънии дониш ё «бахшидан», «офаридан» таркиб шудааст. Пас маънии « Маздо»-«донои бузург» ё « офаридгори бузург» мебошад ва « Аҳуромаздо»-ро «ҳастибахш ва донои бузург» метавон тарҷима кард. Ҷалолуддини Оштиёнӣ баъди чунин натиҷагирӣ фикри чанд нафар олимони Ғарбро роҷеъ ба ҳамин масъала овардааст, ки аз байни онҳо назари Ҷексон, профессорон Ф.Вилгелм ва Амбри ҷолиби диққат аст. Аввалӣ Аҳуромаздоро «суруру доно» маънӣ карда, мӯътақид аст, ки «Маздо» назири калимаи medha дар Веда ба маънои «қудрати рӯҳонӣ ва фаҳму ақл» омадааст. Ду нафар устодони ҳиндушиноси охирӣ бошанд, таъкид кардаанд, ки калимаи «Асура» ибтидо номи куллии худоёни ҳиндӣ будааст. Пас аз ҷудоии мазҳабҳои Ҳинду Эрон кам-кам дар Ҳинд ба сурати зидди худоён даромада ва «Аҳура» аз ҳамин калима гирифта шудааст. «Асура» аз калимаи «Асу»-и санскрит ба маънии «ҷон» аст ва «Асура» ҷонофарин маънӣ медиҳад. Баъди ҷамъбасти назари олимон ба нуктае ишора шуда, ки муҳаққиқон ба он таваҷҷӯҳ зоҳир накарданд. Ӯ қайд карда, ки «номи аслии худо дар Готҳо Маздо аст, ки офаридгори бузургу доно мебошад ва мафҳуми холиқ дар ӯ мустатир аст, дар ҳоле ки «Аҳура» сифати худованд аст»[11].

Вале мубад Рустами Шаҳрзод ин масъаларо ба таври дигар талаққӣ карда, навиштааст, ки «сарчашмаву маншаи вуҷуд ҳамон ҳақиқати яктост, ки «Аҳуро» ё «буд» номида мешавад ва бозгашти ҳамаи маҷудот намудҳои он «буд»-и аслӣ аст. Калимаи «буд» аз нахустин бахши номи «Аҳура», ки «Аҳ» бошад, гирифта шуда, аз он реша вожаи форсии «аст», «ҳаст», «будан», «ҳастан» ба даст омадааст ва вожаи англисии «is» ва франсавии «est»- «аст» аз он реша аст»[12]. Айни ҳамин фикрро Абдулазими Ризоӣ дар «Аслу насаб» такрор намудааст. Фарҳангмеҳр дар «Фалсафаи Зардушт»

ном асараш маънои луғавии Аҳуромаздоро ба таълимоти фалсафии зардуштия вобаста намуда, шарҳи ба истилоҳ гафсиро ба хонандагон ироа намудааст. Ба фикри ӯ, «Аҳуро» аз решаи «Аҳ» ба маъноии «ҳастӣ» ва «Маздо» аз решаи «мана» ба маънои «маниш», «хирад» ва «Аша» ба маънии «ростӣ ва дод» аст. Ин се хусусияти бунёдии худовандро, ки ҳастӣ (мутлақи вуҷуд), доной (ақл) ва дод (адл) бошад, бозгӯ мекунад. Нахустин бахши номи худованд-«Аҳуро» маънии «ҳаётбахш»- ро дорад ва дуюмин бахши номи ӯ –«Маздо» маънои гавҳар ва диҳандаи хирадро мефаҳмонад[13].

Чунин иқтибос ва назарҳои муҳаққиқонро аз тадқиқотҳои то ба имрӯз анҷомшуда зиёд овардан мумкин аст, вале агар ба Готҳо назар афканем, ба хубӣ равшан мегардад, ки Зардушт ба худовандгори худ гоҳ бо номи «Аҳуро», гоҳ бо номи «Аҳуромаздо» ва гоҳо ҳам бо номи «Маздо Аҳуро» ва "Маздо" муроҷиат карда. Ӯ худои худро «Аҳурои безаволу яктои ростоишгар» (Ясно, ҳоти 28/13), «донои мутлақ» (Ясно, ҳоти 29/4 ,) «Аҳуромаздои беҳамто» (Ясно, ҳоти 30/7), «хиради кулли ҷаҳон ва ҳастибахш» (Ясно, ҳоти 31/6), «хиради муқаддас» (Ясно, ҳоти 43/1) номидааст. Аз ин суханони Зардушт маълум мегардад, ки Аҳуромаздо дар ваҳлаи аввал худои ягона ва мутлақ аст. Пас яктопарастӣ дар таърихи адёни халқҳои Осиёи Миёнаву Эрони бостон аз ҳамин давру замони нигориши Готҳо ибтидо гирифтааст. Агар Аҳуромаздо худои ягона ва мутлақ бошад, чанд масъала бояд равшан гардад, то худои мутаол будани Аҳуромаздо собит шавад. Масъалаи аввале, ки он аз матни Готҳо бармеояд, равшан намудани мақому манзалати худои оини зардуштӣ мебошад, яъне онро чӣ тавр тасаввур намудан мумкин ва дар кадом ҷойгоҳ қарор дорад.

Дар чанд ҷои Готҳо ва дигар сарчашмаҳои мутааххири зардуштӣ қайд шуда, ки Аҳуромаздо аз нур иборат аст, аз нуре, ки тамоми оламро бо партави худ ҳастӣ бахшидааст. Дар Готҳо дар ин бора навишта шудааст, ки «Маздо Аҳуро, ки вуҷудаш бо равшной ва некманишӣ яксон аст, нидо дардод...» (Ясно, ҳоти 32/2) Дар ҷои дигар Зардушт партави нурро «сифати волои изадӣ» номида чунин навиштааст: «Бошад, ки онон низ чун ман аз партави анвори неки Амшоспандон ва он сифати волои изадӣ бархурдор шаванд» (Ясно, ҳоти 33/9) Чунин ишораҳои Зардушт дар дигар «ҳот»-ҳои Яснои марбут ба Готҳои Авесто, ки қадимтарин ёдгории мактуби зардуштия ба шумор меравад, ба назар мерасад.

Аз иқтибосҳои боло ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки Аҳуромаздо ҳамчун худои ягонаи мутаол дар намоди нуру равшной дар олами барин вуҷуд дорад. Дар ҳолате, ки баён шуд, худои оини зардуштӣ як худои муҷаррад ва ориву барӣ аз ҳар гуна сурати инсонӣ (антропоморфизм) ва хусусиятҳои худоёни инсонгунаи даврони бисёрхудой (политеистӣ)-и тозардуштӣ мебошад. Беҳуда нест, ки эҳёкунандаи ҳикмати

Эрони бостон дар асрҳои миёна Шайх Ишроқ Шаҳобуддини Суҳравардӣ низ худои мутаоли худро «нур-ал-анвор» эълон карда, дар муқадиммаи китоби худ «Ҳикмат-ул-ишроқ» таъкид карда буд, ки «бино ба қавоиду шавоҳиди ишроқ дар боби нуру зулмат, ки роҳу равиши ҳукамо ва доноёни сарзамини Порс аст ба монанди Ҷомосп, Фаршовиштар (яъне Фаршуштар-Ҳ.М.), Бузургмеҳр ва касоне пеш аз онон буданд, бар рамз ниҳода шудааст ва ин қоида на он асосу қоидаи маҷусони кофар аст, на монавиёни мулҳид ва на он чи ба ширк кашонад»[14].

Ин суханони Суҳравардӣ садоқати ўро ҳамчун файласуф ба фалсафаи ниёгон ва салафони ғоявии худ нишон медиҳад. Агар мо ба гуфтаҳои Шаҳобуддини Суҳравардӣ дар дигар осораш ва дар додгоҳ зимни муҳокимаи ў ҳамчун бидъатгузор ва соҳиру ҷодугар назар афканем, ба ин садоқати ў бештар боварӣ ҳосил хоҳем кард. Сўҳравардӣ дар асараш «Калимат-ул-тасаввуф» ҳамон гуфтаи фавқ дар «Ҳикмат-ул-ишроқ»-ро такрор намуда, чунин нигоштааст: «Дар миёни эрониён гурўҳе буданд, ки «ба ҳақ» раҳнамой мекарданд ва ҳукамои донишманде буданд, ки ба маҷус шабоҳат надоштанд ва ба он тариқ гомзан набуданд ва ман ҳикмати нурияи шарифаро, ки завқи Афлотун ва касоне, ки пеш аз ў буданд... дар китоби мавсум ба «Ҳикмат-ул-ишроқ» ва монанди он зинда кардам ва касе бар ман дар тадвини он пешӣ нагирифтааст». Шайх Ишроқ дар ҷаласаи сеюми додгоҳ ба саволи чаро ў« фалсафаи нур»-ро эҳё карда, дар посух гуфта, ки «Ман сарчашма ва қонуни ҳамаи нурҳоро «Нур-ал-анвор» медонам. Оё ин ҳамосаи ҷовидон, ин суруди ҳаяҷонангезу муқаддас кайфараш эъдом аст?». Ва илова намуда: «Ман зимни он ки то нафас мекашам, алоқаи қалбии худро наметавонам аз азамату шукўҳи ислом қатъ кунам. Дар осори ирфонӣ ва ҳикмати Эрони бостон низ ҷозибаҳои амиқе мушоҳида кардаам. Муҳаққиқи таърих ва файласуф саъй бар ин дорад, ки ба батни руйдодҳо ва боварҳои гузашта нуфуз кунад ва агар мумкин бошад, бо иртиботҳои дохилии мавҷуди байни андешаҳоро колбади шикофӣ намояд. Шумо паҳнои бениш ва жарфои пажўҳиши чандинсолаамро девонагӣ ва талавун медонед»[15].

Аз ин ҷост, ки суханони Зардушт дар Готҳо ва таъкиди Шаҳобуддини Суҳравардӣ дар «Ҳикмат-ул-ишроқ» ишора ба он мекунанд, ки Аҳуромаздо як ҳастии нуронист ва шомили ҳамаи хусусиятҳои худои мутаоли дигар динҳои ҷаҳонист. Бузургтарин мазҳари ин худои нуру равшной оташ дар олами моддӣ (анфусӣ) ва Офтоб дар олами малакут (офоқӣ) мебошад. Паёмбари зардуштия дар ин бора дар Готҳо навиштааст: «Аз он шўълаи оташи фурўзон, ки намоёнгари зоти худовандии туст, эй Маздо, подошу сазои касон равшан шавад...» (Ясно, ҳоти 34/3). Рочеъ ба Офтоб бошад, боз бояд ба фалсафии «нур»-и Шаҳобуддини Суҳравардӣ муроҷиат кунем, зеро ў Офтобро намоду мазҳари «нур-ал-анвор» эълон

карда, тавассути хусусияти зотии Офтоб зоти худованд[illegible] намудааст. Шайх Ишроқ дар асари фалсафии ёдшуда навиштааст, ки «чун Офтоб биззотиҳи манбаъи нур аст ва бинафсиҳи нурафшонӣ мекунад, нур ал-анвор низ дар зоти худаш манбаъи хомушнашавандаи нур аст ки худ ба худаш нурафшонӣ мекунад».

Бешубҳа, ба ин возеҳӣ дар Готҳо ва дигар адабиёти зардуштӣ Аҳуромаздо ҳамчун манбаъи нур ва хусусияти табиӣ ё худ фитрии партавафшонии ӯ дида намешавад, вале агар бо тааммул ва мушикофона ба рӯҳи матни Готҳо сарфаҳм равем, метавон дарёфт, ки худои Зардушт низ ҳамчун Офтоб зотан мазҳари нур аст ва партавафшонии ӯ аз табиати фитрии худи Аҳуромаздо сар мезанад. Аз ин қазия хулосаи дигари мантиқӣ сар мезанад, ки ба дӯши худ бори фалсафиро мекашад. Ин хулоса дар он ифода меёбад, ки «ҳар чӣ худ ба худ маълум аст, биззотиҳи мавҷуд аст ва ба ҳеҷ гуна таърифе эҳтиёҷ надорад»[16]. Чунин тасдиқи мантиқиро Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ дар «Ҳикмат-ул-ишроқ» баён карда, вале муфассирони ин асари фалсафии Шайх Ишроқ Муҳаммади Шаҳрзурӣ ва Қутбуддини Шерозӣ дар шарҳҳое, ки ба китоби ӯ навиштаанд, ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар намуданд ва ба ҳамин восита исботи вуҷуди воҷиб-ал вуҷудро ҳатмӣ нашуморида ва ҳатто нофӣ кардаанд.

Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки тибқи назари файласуфони мактаби машшо вуҷуди воҷиб-ал-вуҷуб аз рӯи силсилаи маротиби илалу маълул ё худ усули сабабият ба исбот расонда мешавад. Ин аслро бори аввал Арасту дар фалсафа истифода намуд ва вуҷуди воҷиб-ал-вуҷуд ё худовандро бар мабнои усули сабабият ҳамчун муҳаррики аввал собит кард. Баъди Арасту пайравони шарқии ӯ Форобию Ибни Сино ин фикри Арастуро тақвият дода, таносуби иллату маълулро ба миён гузоштанд, ки баъдтар намояндагони фалсафаи «калом» низ аз он истифода намуданд. Вале Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ ҳамчун муассиси фалсафаи «ишроқ» усули сабабиятро напазируфт ва онро бо хосияти зотии «нур» иваз намуд. Ба фикри ӯ, ҳар чизе, ки бадеҳист ва бизотиҳи ба мисли Офтоб вуҷуди комил ва худ ба худ маълум аст, он вуҷуд дорад ва мавҷудияташ ҳеҷ гуна исботро талаб намекунад ва, гузашта аз ин, ба ҳеҷ гуна таърифе низ эҳтиёҷ надорад[16].

Дар Готҳои Авесто ва дигар адабиёти зардуштия исботи Аҳуромаздо ба он тавре, ки баён шуд, оварда нашуда ва таърифи он низ ҳамчун худои ягонаву мутаол дода нашудааст, вале чун Аҳуромаздо иборат аз нур аст ва манбаъи равшноист, ки партави он оламро фаро гирифтааст, ҳарчанд ки Зардушт дар бораи хусусиятҳои нур ва ишроқи ҳамарофарогирандаи он ифодаи маънӣ накарда, мусаллам аст, ки он ба «нур-ал-анвор»-и Сӯҳравардӣ аз ҳар ҷиҳат шабоҳату монандии зиёде дорад ва ҳар чӣ дар бораи исботи вуҷуби вуҷуди он ва адами эҳтиёҷ ба таърифи «нур-ал-анвор» гуфта шуд, ба худованди ҷаҳонофарини оини зардуштӣ-Аҳуромаздо ҳамчун манбаъи

нуру равшной низ содиқ аст. Чунин тарзи хулосабарориро, аз як тараф, қиёси мантиқӣ тақозо ва тасдиқу таъйид намояд, аз тарафи дигар, ҳадафи Шаҳобуддини Суҳравардӣ дар бораи эҳё намудани ҳикмати хусравонӣ ё худ нуронии Осиёи Миёнаву Эрони бостон онро тақвият мебахшад. Зеро, чунон ки Ҳошими Разӣ дар ин бобат мунсифона қайд намудааст, манбаи андешаи Шайх Ишроқ «эҳёи ҳикмати нуронист ва ин ба далели ишроқӣ (= шарқӣ) будани он аст, ки аз Шарқ нишот ёфта, яке аз мабониву роҳҳои нируманди андешаи ҳукамои Эрони бостон, ба вижа ҳукамои хусравонист. Суҳравардӣ мехост дар ин мактаб ва ё беҳтар аст бигӯем, суннати бадеъ ҳикмати Афлотун ва Зардуштро дар як бистари фикрӣ, ки натиҷаи устувор дошта бошад, ҷамъ кунад»[17].

Ду мақулаи дигари фалсафӣ низ вуҷуд доранд, ки барои ҳар гуна худованди мутаол, аз ҷумла Аҳуромаздо бояд корбаст шаванд. Яке аз онҳо фазо ва дигаре вақт (замону макон) мебошанд. Аҳуромаздо дар кадом фазо (макон) қарор дорад ва он маҳдуд аст ва ё бекарон. Роҷеъ ба ин масъала ба манбаъҳо муроҷиат накарда, бо овардани суханони Ҳошими Разӣ иктифо меварзем. Ӯ дар ин бора навишта, ки ба мавҷиби сурудҳои Зардушт «ҷойгоҳи худованди мутаол Аҳуромаздо дар минтақае варои Хуршед появу ҷойгоҳи нури маҳз аст, ки иқлимест варои ақолим, ҷойгоҳи Antpa Porangah ё нури бепоён, ки ҳеҷ чашмеро ёрои нигоҳ кардан бад он нест». Аз ин иқтибос маълум мегардад, ки худованди зардуштия дар фазои бекарони нури бепоён қарор дошта, дар бораи самти он низ зимни баррасии зарвония ишора шуда буд. Вале роҷеъ ба замон ё худ ҳодис ё қадам будани Аҳуромаздо чунин нуктаро бояд қайд кард, ки, авалан, худи Зардушт сароҳатан эълон дошта, ки «Эй Маздо туи некбахтӣ ва туй сарчашмаи беоғозу фарҷоми некӣ, ин анвори шодиву ихтиёриро, ки ба сифотат яксонанд, бар пояи шоистагӣ ва дархури зиндагӣ ба мо бибахшой ва ин зиндагии ҷаҳонии моро аз онҳо саршор соз». (Ясно, ҳоти 33/10). Бо истинод ба ин иқтибос бо камоли этминон Аҳуромаздоро мисли дигар худоҳои динҳои мутаол метавон қадим ва азалӣ шуморид. Гузашта аз ин «андешаи хилқат ё мавҷудияти моддат-ул-мавод ва ҷарсумаи ҳастӣ дар андешаи Аҳуромаздо вуҷуд дошта». Дар бораи қадимии худовандгори зардуштия ба тариқи қиёс боз ба «нур-ал-анвор»-и Суҳравардӣ муроҷиат намудан мумкин аст, ки дар он зоти воҷиб ба тавассути нури мутлақу азалӣ баён шудааст.

Аз нуктаҳои фавқ чунин ба назар мерасад, ки нур мақому манзалати хосса дар ҳикмати хусравонӣ, дини зардуштӣ ва фалсафаи ишроқи Шаҳобуддини Суҳравардӣ дорад. Вале ба ин нақши нур дар афкори маънавии Аҳди бостон ва Асрҳои миёна ба охир намерасад. Қариб дар ҳамаи адёни мутаол нур нақши меҳварӣ дорад. Дар оини яҳудию масеҳият он ба сатҳе расид, ки дар гирди сари Исои Масеҳ ҳамчун намоди қудсият (аура) ҷой дода шуд. Дар дини мубини ислом нур аз оёти илоҳӣ ба шумор

мерафт ва «худованд нури осмону замин...» (Сураи Нур, ояи 35) нишохта шуда, ба Муҳаммад (с) ҳамчун «сироҷи мунир» («ҷарогҳи нурафшони дурахшон») муроҷиат шудааст. (Сураи Аҳзоб, ояи 46) Дар таълимоти намояндагони фалсафаи калом, хусусан машоихи машҳури суфия «нури худо дидан дар хароботи муғон» нишони таҷаллии зоти худованд қаламдод шудааст.

Баррасии ин қабил матолиб шояд дур рафтан аз асли матлаб бошад. Аз ин рӯ, барои такмили хусусияти Аҳуромаздо ба баҳси дар боло баёншудаи замон бармегардем ва бояд посухи саволеро дар ин ҷо матраҳ кунем, ки худои Зардушт дар замон вуҷуд дорад ё дар варои замон? Овардани ин баҳс дар ин ҷо аз он ҷиҳат ҳоизи аҳамият аст, ки дар бахши зарвония мо роҷеъ ба «зрвана акарена» (« замони бекарон») таваққуф намуда, онро ҳамчун худои бузург ва офаринандаи замони каронманд талаққӣ намуда будем. Вале дар таълимоти зардуштия масъалаи замон ба тарзи дигар ҳал шудааст. Ба ибораи дигар, Аҳуромаздо ҳамчун худои мутлақ дар замон вуҷуд надорад ва барои ба ҳаракат даровардани офаридаҳои муҷарради ҷаҳони миной замони каронмандро намеофарад, балки худи замон махсуси ҳастии вуҷудии (экзистенсиалии) Аҳуромаздост, ки худ ба ҳукми замон аст ва охирати олами зардуштӣ (суниёнат) на поёнии замони каронманд ва табдили он ба замони бекарон, балки поёнии замон аст. Худи ҳастии «экзистенӣ» (вуҷудӣ) вуҷуду ҳузур ва сарчашмаи замонмандӣ ба шумор меравад.

Масъалаи хилқати олам яке аз масоили муҳимми вуҷудшиносӣ ва қисми таркибии ҷаҳоншиносии зардуштия ба шумор меравад. Ҳамон тавре ки қайд шуд, ҳастии Аҳуромаздо ва партавафшонии он ҳамчун нур, ки хусусияти зотии он аст («нур аз-зоҳир биззот ва ва-л-мазҳар билғайр») амали хилқати оламро имконпазир мегардонад. Вале барои ин як силсила шароитҳое лозиманд, ки ин имкониятро тибқи қонуниятҳои хилқат ба воқеъият табдил диҳанд. Албатта, қонуниятҳои хилқат дар Аҳди бостон, дар замони зиндагии Зардушт ҳанӯз ташаккул наёфта буданд. Онҳо дар давраи рушди афкори маънавӣ ва ҷаҳоншиносӣ дар Асрҳои миёна дар қолабу низоми фалсафӣ даромаданд. Вале дар вуҷудшиносии зардуштӣ унсурҳои қонуниятҳои хилқат дар шакли хеле содда мушоҳида мешаванд ва барои пайдо намудани тасаввуроти кофӣ роҷеъ ба ҷараёни хилқати зардуштия саъй мекунем, ки онро дар партави қонуниятҳои мазкур баррасӣ намоем.

Масъаларо аз он шурӯъ мекунем, ки ҳар як холиқ ё офаридгор ва дар мавриди мо Аҳуромаздо бояд як силсила хусусият ва сифатҳо дошта бошад. Яке аз чунин хусусиятҳои бунёдӣ комил будани худи воҷиб-ал-вуҷуд ё худ офаридгор аст. Вақте Зардушт дар Готҳои Авесто Аҳуромаздоро такрор ба такрор «худованди ҷаҳонофарин» меномад, аз он чунин бармеояд, ки

Аҳуромаздо як зоти комил аст ва агар он аз ягон ҷиҳат комил намебуд, амали офариниш аз ӯ сар зада наметавонист. Зеро танҳо камолоти зотӣ метавонад биттабъ зуҳуроти худро зоҳир намояд ва мазҳари худро дар олами моддӣ ҳастӣ бахшад. Ба ин маънӣ Офтоб дар олами улвӣ ва оташ дар олами сифлӣ мазҳари Аҳуромаздо ва намоди зуҳури таҷаллии ӯ мебошад. Оташкада дар ин сурат маҳалли нури маърифату ҷойгоҳи шинохти Аҳуромаздо аст.

Ба ҷуз комил будани худои якто он бояд хусусияти дигаре низ дошта бошад, ки онро асмо ва сифоти худованд меноманд. Дар дини ислом ин исму сифатҳо дар каломи муқаддас бо номи «асмоъ-ул-ҳусно» ёд шудаанд ва 99 номи илоҳӣ дар илми (калима ё худ номи) «аллоҳ» таҷассуми худро ёфтаанд. Исму сифатҳои илоҳӣ дар раванди офариниш нақши боризе доранд ва ҳуввияти нисбии ӯро ифода мекунанд. Ҳамаи исмҳо ба ҳақ ишора доранд. Ҳар исме ҷанба ва ё сурати хосе аз ҳақро таҷассум хоҳад кард. Ҳар ҳодисае, ки дар ҷоддаи офариниш рух диҳад, натиҷаи таҳаққуқ ёфтани исми илоҳӣ мебошад, ки баробар ба таҷаллии ҳақ аст. Дар Готҳо баъзе исмҳои Аҳуромаздо ба таври пароканда, вале сифатҳояш ба таври нисбатан мушаххас омадаанд. Дар «Ҳурмуздяшт», ки аз 33 банд иборат аст, ҳама дар бораи исму сифатҳои Аҳуромаздо нақл мекунанд. Дар яке аз бандҳои он дар суоли Зардушт Аҳуромаздо гуфтааст: «Он ки сарчашмаи ҳамаи донистаниҳост … номи ман аст». Дар ҷои дигар Аҳуромаздо ба паёмбари худ чунин хитоб кардааст: «Эй Зардушт! Ту бояд ҳамеша дар ситоиши ман бошӣ … дар ёдкарду андешидан дар бораи номҳои ман бикӯш ва он номҳо чунинанд: пуштибон, офаринанда, нигаҳбон, шиносо ва ориф, хиради муқаддас, чорагар, роҳбар, Аҳуро, Маздо, пок, фараҳманду пуршукӯҳ, бино, дурбинанда, нигаҳбон, паноҳбахш, нигоҳдоранда, парваранда, бавуҷудорандаи беҳтарин шаҳриёри нек, шаҳриёри додгару одил, касе, ки намефиребад, касе, ки фиреб намеёбад, касе, ки ҳамаро шикаст диҳад, офаринандаи ҳамаи ҳастӣ, бахшанда, бахшандаи ҳамаи бахшишҳо, касе, ки аз руи хосту ирода некӣ кунад, судманд, бузург, шоистаи шаҳриёрӣ ва донотарин» (Яштҳо, 1/5). Абдулазими Ризоӣ дар «Аслу насаб» ном асараш феҳристи 101 номи худованд дар маздаясно ё худ оини зардуштиро овардааст [18].

Фарҳангмеҳр зимни баррасии фалсафаи Зардушт бо истинод ба ҳамин «Ҳурмуздяшт» даҳ номи Аҳуромаздоро ба тариқи зайл овардааст: нахустин номи ман ҳастист, дуюмин номам ҳастибахш, сеюмин номам бошанда (ҳозир) дар ҳамаи ҳастиҳо…, чаҳорумин номам беҳтарин ростӣ, панҷумин номам офаринандаи ҳамаи некиҳо ва покиҳо, шашумин ва ҳафтумин номам хираду хирадманд, ҳаштумину нӯҳумин номи ман донишу донишманд ва даҳумин номи ман афроянда аст» [19]. Ҳамаи номҳои дар боло ёдшудаи Аҳуромаздо ба он шаҳодат медиҳанд, ки ин исмҳо дар зоти худованд ва дар номи асосии он-Аҳуромаздо маҳфузанд ва дар он таҷассум ёфтаанд. Ба ибораи дигар,

Аҳуромаздо бо асмову сифоташ тамоми сақфи ҷомиди осмонро ба бар карда, билқувва офаринандаи ҷаҳони ҳастӣ ва мудаббири он мегардад. Агар мо ин масъаларо дар ҳоли инкишофи баъдии он баррасӣ намоем, дар он сурат Аҳуромаздо дар зоти худ номуайян аст, зеро ҳеҷ найванде бо ғайр надорад ва ба ҳеҷ чиз ғайр аз худаш (будаш) нисбат дода наменшавад. Ин ҳолатро марҳилаи субути азалӣ ва мутлақу ғайри қобили шинохт мепиндоранд, ки ба ҳолати «ғайб-ал-ғуюб» -- ҳамон мартабаи «аҳадият»-и сӯфиён баробар аст ва ҳанӯз таҷаллӣ содир нашудааст. Ба гуфтаи Тошихико Изотсу аз лиҳози фалсафӣ фақат як чиз вуҷуд дорад ва он ҳам Аҳуромаздост. Ин ҳамон «воҷиб-ал-вуҷуд»-и мутлақи машшоиён аст. Агар мо дар ин ҷо ҳадиси қудсии «ман ганҷи ниҳон будам, мехостам шинохта шавам, махлуқотро офаридам то ҳама ба вуҷудам пай баранд»-ро ба ёд орем ва онро ба оини зардуштия сидқ кунем, ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки Аҳуромаздо ҳамчун ҳастии мутлақ дар ду таҷаллӣ таҳаққуқ пайдо мекунад, ки аввалиро дар истилоҳи сӯфиён «файзи ақдас» меноманд ва баробар бо мартабаи аҳадият (таҷаллии зоти илоҳӣ ба худии худ) аст ва дуюмиро «файзи муқаддас» мегӯянд, ки баробар бо мартабаи воҳидият (сурати илмии асмои илоҳия) мебошад. Дар мартабаи баъдӣ он таҷаллӣ пайдо хоҳад кард, ки баробар бо «аниият» ва ба зуҳури табиат вуҷуди мутлақ бар огоҳӣ даст мсёбад ва «улуҳият»-и Аллоҳ ба сурати айнӣ дармеояд. Бо ин маънӣ тамоми хусусиятҳои зотӣ дар офаридаву омӯзаҳои он бояд ба гунае зоҳир шаванд, вале барои зоҳир шудани онҳо сифатҳои зотию нисбӣ низ лозиманд, зеро вақте худованд дар файзи муқаддас ба фикри офаридани олам ва мофиҳо мувофиқи фарзунаи исми зотии «ҳастибахшӣ»-аш даст мезанад, аввал ҳамин сифатҳо дар хирадаш пайдо мешаванд ва баъд амали хилқат таҳаққуқ пайдо мекунанд. Агар чунин набудӣ пайдоиши Амшоспандон бо хусусияту сифатҳои аҳурой ва ҳар як аз шаш фаришгаи нек бо сифатҳои волотарин андешаву хирад, беҳтарин ростиву тавоной, бахшандагиву меҳр оромишу ҳамкориву ҳамоҳангӣ, роҳ паймудан дар ростои камол, худшиносӣ ва, ниҳоят, расидан ба бемаргиву ҷовидонӣ аз кӯҷо будӣ?

Мо ба масъалаи Амшоспандон боз хоҳем баргашт. Дар ин ҷо идомаи баҳси сифатҳои Аҳуромаздоро дунбол мекунем. Дар Готҳо ҷоҷеъ ба сифоти Аҳуромаздо омадааст: «Маздо Аҳуро, он ҳама ситфоти нек ва беҳибахшро, ки бо зоти худовандияш анбоз аст, ба он касоне бахшояд, ки дар андешаву гуфтору кирдор пӯёи роҳаш бошанд» (Ясно, ҳоти 31/21). Дар «ҳот»-ҳои дигар чунин зикр шуда: «Ва эй Маздо, эй ҳамаи Амшоспандон ва сифоти волои беҳофаринӣ, дар ин бахшоишу подоши дунёию онҷаҳонӣ моро низ ба шумор оваред...» (Ясно, ҳоти 33/II); «Аҳуромаздо аз он партавҳои волои сифоти барҷастааш чун Воҳу (= покдоманӣ) ва Ашо (=ростӣ) моро саршор сохтааст...» (Ясно, ҳоти 45/13); «Ин аст Спента Майню, он сифоти волои

Маздо Аҳуро, он покманиши мутлақ, аз барои хушнудии вай, ки наздикии бештар ба Маздост, боясти андешаву гуфтору кирдорамон аз рӯи некиву покӣ бошад (Ясно, ҳоти 47/2).

Ба ҷуз иқтибосҳои мазкур аз банди дувоздаҳ то понздаҳи «Худмуздяшт» Аҳуромаздо аз ду сифоти дигари худ ба Зардушт сухан гуфтааст. Ин сифатҳо ба он далолат мекунанд, ки дар раванди офариниш онҳо нақши ҷаҳонофарин доранд. Тавассути ҳамин сифоти худованд хусусиятҳои неки Аҳуромаздо ба ҷаҳони миной ва гетӣ интиқол меёбанд, зеро дар Готҳо Аҳуромаздои ростибахш бо некӣ яксон дониста шудааст: «Мехоҳам сухан бигӯям, сухан аз он ки бузургтару беҳтар аз ҳама аст, эй Ашо, эй ростӣ азони Маздо Аҳуро, ки ҳастиаш ба некӣ яксон аст ва барои ҳамаи офаридагон некӣ хоҳон аст» (Ясно, ҳоти 45/6). Мубад Рустами Шаҳрзод Амшоспандонро чун хоула (аура) ва нуре, дар атрофии Аҳуромаздо фарз карда ё чун сифати парвардигор дониста ва аз он ҷое, ки худовандро бидун сифот ва сифо гро бидуни парвардигор наметавон фарз намуд, ин ихтилоф пеш омада, чунончи Хуршедро бидуни нур ва нурро бидуни Хуршед наметавон тасаввур намуд (Чун нур, ки аз меҳр ҷудо ҳасту ҷудо нест, Олам ҳама атрофи худо ҳасту худо нест).

Олимон чунин ақида доранд, ки суруди 44 «Готҳо»-и Авесто яке аз шоҳкорҳои Зардушт дар масъалаи хилқат аст. Зеро дар он ӯ дар ибтидо ҳамчун ҳавохоҳи Аҳуромаздо дар чанд банди он роҷеъ ба рози хилқату офариниш суол мекунад ва пурсишҳое анҷом медиҳад, ки дар онҳо бори аввал дар афкори маънавии дунёи қадим лаҳни яктопарастӣ садо дода, моҳияту ҳуввияти иллати офариниш баён шудааст. Барои намуна як банди онро мисол меорем: «Аз ту пурсиш мекунам эй Аҳуро: ин офариниш чӣ сон ҳастӣ ёфт ва чи касе бар он сарварӣ дорад. Эй Маздо маро биогоҳон аз ин низоми шигирф, ки чи сон ин Хуршеду ситорагон гардонанд, ки чӣ гуна ин қурси Моҳ гоҳ бадр асту гоҳ ҳилол ва чи гуна бисёре аз ин гуна созмонҳо дар ин гетӣ ба ҷост? Хостам он аст, ки дар бораи ин ҳама дониш биомӯзам, ки чӣ сон ин замин дар зеру осмон бар он вожгун аст, ки чи сон обҳои паҳновар равонанду сокин ва ин гиёҳон аз пайкари замин рустаанд ва бод дар фазо ба тундӣ вазон аст ва абрҳо бар дили сипеҳр дар ҷунбиш? (Ясно, ҳоти 44/2).

Дар бандҳои дигари ҳамин «ҳот» -и Ясно низ Зардушт дар бораи чигунагии пайдоиши равшноии судбахш, борур шудани замин, суруру осоиши зиндагӣ, нируҳои волои аҳурой, равшан сохтани замири инсон ва пеша кардани роҳи ростиву покманишӣ ва дигар масоили ҳаёти инсонӣ сухан гуфта, дар бораи сарчашмаи беҳтарину волотарини зиндагӣ ва дигар розҳои табиат аз Аҳуромаздо пурсон мешавад ва аз рӯн хирад хоҳони шиносой бо чунин офаринанда гардида, дар банди нӯҳум худаш ба ин суолҳо ба таври куллӣ посух медиҳад ва бидуни баёни ҷузъиёти офариниш, ки

дорои тағъироту таҳаввулоти замонӣ хоҳад буд, Аҳуромазодоро холиқу офаридгори ягона эълон медорад. Дар ин бора у менависад: «Он оин (яъне оини зардуштӣ-Ҳ.М.) башорати бархурдории беҳтарин сарҷамиро ба эшон (яъне гарояндагон-Ҳ.М.) дод, ки Аҳуромаздо офаридааст ва бар он Воҳу Мана такя сохта, равонони неконро роҳ менамояд, аз он чунин ҷос дар саранҷом бархурдор хоҳад шуд? Оре, эй Маздо, чунин хоҳад шуд, чун оин беҳтарин армуғони башарист…» (Ясно, ҳоти 44/9)

Ҷалолуддини Оштиёнӣ ҷавоб ба ин суолотро дар банди ҳафтуми «ҳоти»-и 44 Ясно ба қалам дода, онро ба тарзи дигаре овардааст, ки зоҳиран аз иқтибоси боло фарқ дошта бошад ҳам, мазмунан ҳамон фикрро ифода мекунад. Ӯ гуфта, ки «билахра дар банди ҳафтум назари қатъӣ ва куллиро баён карда, ба ҳамаи он саволҳо посух медиҳад, ки Эй маҳини додори ҳастибахш! Мекӯшам то дар партави хиради пок туро офаринандаи ҳама чиз бидонам».

Ҳамин тариқ маълум гардид, ки хилқати олам дар дини зардуштӣ тавассути Аҳуромаздо ба вуҷуд омадааст. Вале бояд мушаххас намуд, ки ҷараёни хилқат чи гуна сурат пазируфтааст. Яъне он амре буд ба мисли «кун фаякун»-и дини ислом ё тааққули боритаоло (феъли андешаи илоҳӣ) буд, мисли назари машшоиён ё чизи дигаре ба сони ишроқоти нурии намояндагони фалсафаи ишроқия. Ҳамон таврс, ки дар боло роҷс ба хусусиёти зотии нур ишора шуд, офариниш тавассути ишроқоти манбаъи нур, ки ҳамон Аҳуромаздо бошад, сурат пазируфта. Яъне аз Аҳуромаздо ҳамчун манбаъи нур, ба мисли нур-ал-анвори Суҳравардӣ, тибқи хусусият ё худ сифоти зотиаш фи нафсиҳи ишроқоти нурӣ ё худ зуҳури вуҷуди мабдаи нур, агар боз ҳам соддатар карда гуем, худзоҳиршавӣ ё таҷаллии нур ба амал омада. Дар ин маврид мақсад аз манбаъи нур инкишофи таҷаллии оғозини вуҷуд аст, ки ба фикри Анри Корбен дар шарқи равшангар зоида шуда, шукӯҳи фаҷр ва равшании бомдодиро дар худ маҳфуз дорад [20]. Ба ин маънӣ ҳам ҳикмати ишроқ ва ҳам ҳикмати хусравонии Осиёи Миёнаву Эрони бостон аз як чашма об хӯрда ва аз як манбаъ нишот гирифтаанд. Ин нуктаи офариниш аз ҳеҷро истисно намуда, бунёди хилқатро ишроқоти зотии нур медонад.

Маъсалаи дигаре, ки дар ин ҷо бояд матраҳ шавад, наҳваи ишроқоти нур аст. Дар натиҷаи ишроқи нур аз Аҳуромаздо касра ги нурӣ ё худ тамоми олами миноию гетӣ дафъатан ба вуҷуд нахоҳад омад, зеро дар ин сурат қоидаҳои ҷаҳонофарини марҳилаии дар Асрҳои миёна ташаккулёфта, вале дар Аҳди бостон низ вуҷуддошта халалдор мешавад. Мувофиқи ин қоида, ки унвони он «аз воҳид ҷуз воҳид содир нахоҳад шуд», шакли дигараш «аз ваҳдат касрат ҳосил намешавад» (шакли арабиаш «Ал-воҳид ло ясдеру менҳу илло ал-воҳид») аст, ки дар таълимоти намояндагони ҳамаи мактабҳои фалсафии Асрҳои миёна зимни содири аввал аз худованд риоят

шудааст. Масалан, дар фалсафаи Шайхурраис зимни тааққули худо аз худи хеш ё худ зимни феъли андешаи илоҳӣ аз вуҷуди ӯ ақли аввал содир шуда, ки баъдан дар натиҷаи тааммули себӯъдии ақли аввал (тааққул дар бораи мабдаи худ, тааққул дар бораи вуҷуби вуҷуди худ ва тааққул дар бораи ҳудуди моҳияти худ) ва такрори он тавассути дигар ақлҳо мутобиқ бо афлоки осмонӣ ва нуҷуми Батлимусӣ кулли уқули ашара бо офаридаҳои марбутаашон ҳосил шудаанд. Дар таълимоти Шаҳобуддини Суҳраварди судур ё худ таҷаллии силсилаи маротиби нур (вуҷуд) аз назарияи судури машшоиён тафовут дорад. Аз нур-ал-анвор, ки вуҷудаш мисли Офтоб бадеҳист («аззоҳир биззот ва-л-мазҳар бил ғайр») дар натиҷаи ишроқ ё худ файзу таҷаллӣ аввалин нури муҷаррад ҳосил мешавад, ки онро Суҳраварди гоҳ «нури ақраб», гоҳ «нури аъзам» ва гоҳ «нур-ал-ибдоъ-ал-аввал» меномад. Ин нури ишроқии муҷаррад аввалин зуҳури нур дар сатҳи маърифатӣ мебошад, ки дар пайравӣ аз ҳикмати хусравонӣ Суҳраварди номи онро «Баҳман» («Воҳу Мана»- «маниши нек») номидааст. Сипас «нури ақраб» нур-ал-анворро мушоҳида мекунад ва чун байни онҳо ҳиҷоб ё худ монеъае нест, аз ӯ бевосита ишроқоти нурӣ мегирад, ки зимни он «нури коҳир» ба вуҷуд меояд. Ин нури муҷарради аразӣ мустақиман ҳам аз «нур-ал-анвор» ва ҳам аз нури моқабли худ -- «нури ақраб» ишроқоти нурӣ касб мекунад ва худаш низ ба нури мобаъдаш партавафшонӣ мекунад. Таҷаллии нур ба ҳамин минвол идома пайдо мекунад ва нури сеюм чаҳор бор (ду бор аз нури қаблӣ, як бор аз нури муҷарради ақраб ва як бори дигар аз нур-ал-анвор) ишроқи нурӣ касб мекунад, нури чаҳорум ҳашт бор ва ҳамин тариқ то пайдо шудани зулмат ишроқоти нур идома меёбад. Ин ташкилаҳои нурии муҷаррадро, ки яке аз дигаре то комилан заиф шудани нур ба вуҷуд меояд, Суҳравардӣ «анвор-ал-қавоҳир ал-аълун» ё «табақоти тулӣ» меномад [21]. Робитаи сабабии машшоиён дар ин ҷо вуҷуд надорад ва ҷои онро ғанову фақр, қаҳру муҳаббат ва ишроқу шуҳуд мегирад. Ба ибораи дигар,ҳар нури моқабл дар ин силсилаи нурӣ бо нури мобаъд ғановату қаҳру ишроқ ва ҳар нури мобаъд ба нури мақабли худ фақру муҳаббату шуҳуд дорад [22]. Яъне, анвори муҷарради қоим ба зот ғанӣ, қоҳир ва мӯҳтоҷ ба ғайр намебошанд ва анвори аразӣ фақир, муҳиб ва мӯҳтоҷ ба ғайранд. Ҷавҳари муҷарради фориқ ба ду қисм аст, яке олӣ ва қоҳир ва дигаре ба рутбат ва мунфаилу маҳҳур».

Аз ин рӯ, силсилаи тулияи вуҷуд (нур) ду қутб—муаннасу музаккар (мусбату манфӣ) дорад. Қутби аввал қаҳру шуҳуд аст, ки тавассути он маротиби ҷадиде бо номи табақоти аразӣ - фариштагони муҷарради нурӣ (амҳот) эҷод мекунад, ки онҳо аз якдигар пайдо нахоҳанд шуд ва дар истилоҳи Суҳравардӣ «нури мутакофеа» ном дорад. Инҳо ҳамон «арбоби анвоъе» ҳастанд, ки ҳар як «раббуннавъ» ё худ «мусул»-и яке аз фариштагон аст ва дар маҷмӯъ Суҳравардӣ онҳоро «арбоб ал-асном ал-фалакия» меномад, ки нигаҳбонони асноми басит ва унсурианд. Аз ҷиҳати муаннасу

манфии низоми тўлӣ, ки ба ишқу дарёфти нур асос офтаст, осмону ситорагон ба вуҷуд хоҳанд омад. Дар бораи фаришторагон ва олими мусул дар бахши оянда таваққуф хоҳем кард.

Пас, содири аввал аз Аҳуромаздо «Воҳу Мана» е худ «Баҳман» мебошад. Ин ҳамон сифати аҳуроист, ки ба Зардушт ба шакли нури муҷаррад ваҳӣ оварда буд. Баъдан аз «Воҳу Мана» ва иртиботи он бо Аҳуромаздо дигар омӯзаҳои муҷаррад бо номи Амшоспандон ба вуҷуд хоҳанд омад, ки дар зер ин масъала мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт. Он чӣ дар ин ҷо ҳоизи аҳамият аст, нишон додани ҳамон қоидаи марҳилаии ҷаҳонофарин («аз ваҳдат касрат содир намешавад») аст, ки дар таълимоти оини зардуштӣ нурра риоят шуда ва бо эгминон гуфтан мумкин аст, ки қоидаи мазкур собиқаву пешинаи таърихӣ доштааст. Решаҳои онро метавон дар ҳикмати хусравонию фаҳлавиён ҷустуҷӯ кард.

«Воҳу Мана», агар ба истилоҳи Бу Алӣ баён кунем, аз зоти ақдаси «воҷиб-ул-вуҷуд» ҳамчун содири аввал ба унвони « мумкин -ал-вуҷуд» ба вуҷуд омада. Аз лиҳози лафзӣ «Воҳу» («Vahu») маънои нек, хубро дорад ва ҷузъи дуюмаш «Мана» («Manah») андеша ва фикр аст, ки дар якҷоғӣ маънои маниши рӯҳониро медиҳад. Аз лиҳози мазмуни фалсафӣ «Воҳу Мана» таҷаллӣ ё худ ҷилваи зоти худовандист ва, аз ин рӯ, Аҳуромаздо ба маънои хирад (= ақли кул) ё худ «ақли нек» ҳамон ҳикмати илоҳиест, ки тақрибан баробар бо «калимат-ул-лоҳ» ё «логос» -и ҳакимони юнонӣ мебошад, ки тавассути он аз назари ҷаҳоншиносӣ тамоми коинот офарида мешавад. Дар Готҳо ҳамин аввалин офаридаи Аҳуромаздо ҳамчун маниши пок ва партави волои сифоти Аҳуро (15/3), маниши неки зиндагӣ (47/1), миёнҷӣ барои интиқоли бахшишҳои Аҳуромаздо ба мардум (74/4), озари пок (47/5) тасвир шуда, он тақрибан баробар бо малоики фалсафаи калом мебошад.

Онҳое, ки бо таърихи фалсафа сару кор доранд, ба хубӣ эҳсос мекунанд, ки фалсафа чӣ дар Аҳди бостон ва чӣ дар Асрҳои миёна дар ҳалли масоили марбут ба офариниши олам ва умуман ҷаҳоншиносӣ аз решаҳои пешинаи динии худ ба куллӣ ҷудо шуда натавонистааст. Аносири динҳои ибтидоӣ ва баъдтар илоҳиёти динҳои мутаол ба низоми таълимоти ҳастишиносӣ таъсири амиқи худро гузошта. Назари пешоҳангони ҳикмати эрониву ҳиндӣ, келдониву мисрӣ ва ҳатто ҳикмати файласуфони илоҳии Юнон яке аз манбаъҳои муҳимми илоҳиёти динҳои мутаол, аз ҷумла дини зардуштӣ гардиданд, ки рамзу роз ва ирфону ишроқ ҷузъи таркибии он ба шумор мерафтанд. Бинобар он шарқӣ будани фалсафаи мо на дар маънои ҷуғрофии он (ки ин масъала дар бахши баъдӣ мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт), балки дар ниҳод ё «хамираи азалӣ»-и он, ки аз «ишроқӣ» (= партавафшонии нур) будани он иборат мебошад, зоҳир мегардад. Ҳамин «ишроқӣ» будани он боиси ба вуҷуд омадани ривояту устура ва достонҳои

рамзиву тамсилӣ, корномаҳои таърихию достоиҳои қаҳрамонии дорои хусусиятҳои қудсӣ дар Аҳди бостон ва достонҳои фалсафию ирфонии мутафаккирону орифони машҳури Асрҳои миёна аз қабили «Ҳай ибни Якзон», «Саломон ва Абсол» ва рисолаи «Тайр»-и Ибни Сино, қиссаи «Ғурбат-ул-ғарбия»-и Шаҳобуддини Суҳравардӣ, «Ҳай ибни Яқзон»-и Ибни Рушд ва ғайра гардид. Ҳуввияту мӯҳтавои мазмуни онҳо дар мусофират аз Ғарб (олами моддӣ) ба Шарқ (олами муҷаррад), аз олами сифлӣ (анфусӣ) ба олами улвӣ (офоқӣ) ва иттиҳод ба мабдаи аслии худ, аз маърифати ақлӣ ба маърифати кашфию завқӣ иборат мебошад.

Фалсафаи муғон, ҳикмати хусравонӣ ва фаҳлавиюн, оини меҳр ва дигар таълимотҳои фалсафии Шарқи куҳансол саршор аз чунин «хамираи азалӣ» мебошанд. Масалан, аз назари фаҳлавиюн вуҷуд як ҳақиқати воҳиди дорои ташкику маротиб мебошад. Он нури ҳақиқӣ ё ҷавҳариест, ки на фақат худ ба худаш пайдост, балки ҳамаи ҳастиҳо ба воситаи ӯ пайдо мешаванд. Пас вуҷуд низ худ ба худаш пайдост ва ҳамаи моҳият ба воситаи вуҷуд ва баракати ӯ пайдо мешаванд. Чунин таълимоти ҳакимони хусравонӣ ва фаҳлавиюнро Зардушт бо назари интиқодӣ ҷамъбаст намуда, дар қолаби таълимоти яктопарастии худ ҷой дод ва дар қолаби фалсафии худ низомеро созмон бахшид, ки дар он ҷилвоҳо ё худ ишроқоти нуру равшной асоси олами ҳастиро ташкил доданд. Чуноне ки баъдтар хоҳем дид, ин рамзу тамсилҳо дар ҷараёни офариниши олами миноию гетӣ боз ҳам бештар шуда, бори бунёди андешаҳои ҳастӣ ва маърифати онро мекашид.

Дар ин бора суханони Мэри Бойсро дар ин ҷо овардан хеле бамаврид аст, зеро ӯ дар ҷамъбасти суруди 44-уми Готҳо ҳамчун суруди пурмӯҳтаво ва дорои ғановату сароҳати хос, ки хулосаи таълимоти ҷаҳоншиносии Зардушт номидан мумкин аст, навиштааст: «Суруди 44 Зардушт, ки ба сурати як ваҳйу илҳом аст, аз як мӯҳтавои адабию ирфонӣ моя гирифтааст, ки бо як тадовуми ногусастанӣ ба даврони ҳиндуевропоӣ баст дода мешавад. Мӯҳтавои ин сурудро фақат метавон бо гуфтори илҳомӣ тавҷеҳ кард. Зардушт дар дарки мазҳаби худ марди якто ва беназир буда ва ба назар мерасад, ки бояд ӯро ба як риштаи тӯлонӣ аз урафову равшанбенон, ки камтар бо каҳонату ғайбгӯӣ сару кор доранд, нисбат дод, ки мояи адабӣ ва руҳонӣ аз наслҳои бешуморе ба онҳо интиқол ёфтааст»[23].

Қабл аз он ки ба идомаи баҳси офариниш бипардозем, дар ин ҷо суханони Шаҳобуддини Суҳравардиро роҷеъ ба рамзу рози офариниш бори дигар бояд ёдовар шавем, зеро тамоми таҳлили таълимоти Зардушт дар бораи Амшоспандон дар муқоиса бо «фалсафаи нур»-и Шайх Ишроқ сурат хоҳад гирифт, чун он ҳам аз ҷиҳати низоми ҳастӣ ё худ ба вуҷуд омадани «қавси нузул» ва ҳам аз ҷиҳати маърифатӣ ё худ « қавси сууд» табиатан ва аз руи ғоя ба таълимоти Зардушт монанд аст. Ҳамон тавре ки худи Шаҳобудини Суҳравардӣ дар ин бора гуфта: «Ҳикмати ишроқ, яъне он ҳикмате, ки бунён ёфта бар ишроқ ва ишроқ ба маънии кашфу шуҳуду завқ

аст, ё ҳикмати машриқиён, ки манзур доноёни форс мебошанд - чун донишмандони форсиён дар ҳикмат бар пояи кашфу завқ аст ва бад-ин ҷиҳат онро ба ишроқ таъбир кардаанд, ки иборат аст аз зуҳури анвори ақлия ва ламаоту фаязоту ишроқоти онҳо бар нуфуси муҷаррада - ва ба ҳамин сабаб аст, ки ҳикмати порсиён бар асоси кашфу завқ бино ёфта аст» [24].

Дар боло қайд гардид, ки аз «нур-ал-анвор» нури ақраб содир мешавад ва аз нури ақраб анвори қоҳира ба вуҷуд меоянд ва дар натиҷаи ғанову фақр, қаҳру муҳаббат ва ишроқу шуҳуд силсилаи анвори табақоти тӯлӣ ва аразии вуҷуд ҳосил мешаванд. Тақрибан ба ҳамин минвол аз аввалин офаридаи Аҳуромаздо «Воҳу Мана»—Аша Ваҳишта (Asa-Vahista) ё худ Ордибиҳишт, аз он Хшатра Вайриа (Xsathra-Vairya) ё худ Шаҳривар, аз он Спента Армаити (Spehta Armaiti) ё худ Сипандормуз, аз он Ҳоурватот (Hourvatat) ё худ Хурдод ва аз он Амеретот (Ameritat) ё худ Мурдод арзи вуҷуд намуда. Ҳар кадом аз ин нур ё офаридаи муҷаррад аз офаридаи (нури) муҷарради моқабли худ нишоҳ мегирад ва онро ба офаридаи мобаъди худ интиқол медиҳад.

Теъдоди ин офаридаҳо дар Авестои мутаахҳир шаш адад аст, ки гоҳо ба онҳо офаридаи муқаддасу муҷарради рӯҳонӣ «Спента Майню» («Spenta Mainyu»)-ро ҳамчун сарпараст ё худ сарфармондеҳи онҳо ҳамроҳ мекунанд ва баъзан худи Аҳуромаздоро дар раъси онҳо қарор дода, теъдоди куллии онҳоро ба 7 адад мерасонанд. Аз ин рӯ, адади 7 маънои қудсӣ пайдо намуда ва 7 табақаи осмон, 7 табақаи замин, 7 сайёра (сабъи сайёр) ,7 фалак (сипеҳр), 7 иқлим, 7 кишвар, 7 авранг ва ғайра аз ҳамин ҷо сар задааст.

Пас Амшоспандон шаш фаришстаи хирадманди муҷарраде мебошанд, ки моҳиятан аз гаслиси массеҳият фарқ мекунад. Амшоспанди ҳафтум дар охирин ҳалқаи силсилаи маротиби вуҷуди муҷаррад худи Аҳуромаздост. Дар «Бундаҳиш» дар ин бора омада: «ва он ҳафтумин худи Ҳурмузд буд, зеро Ҳурмузд ҳар ду аст: нахуст мину, (сипас) моддӣ...»[25]. Ин ҷумлаи «Бундаҳиш»-ро муҳаққиқон ба таври гуногун шарҳу таъбир кардаанд, ки аз байни онҳо шарҳи Алесандра Бузани мувофиқтар ба назар мерасад. Ӯ баъди овардани иқтибоси мазкур бо баъзе тағъироти ҷузъӣ навиштааст: «барои ӯ ва аз назари ӯ ҳама чиз дар мақоми таоло ва миновист. Худованд метавонад дар тамоми маротиби вуҷуд нузул кунад. Ӯ ҷовидони аввалу охири ҳар силсилаи мартабаи моддиву муҷаррад аст. Ҳар чизро чун худоёна бингарем мутаолӣ ва миновист ва ин «нузул» ё «ҳубут» ба ҳеҷ рӯй «гарде бар домони кибриёиаш наменишонад»[26].

Дар Готҳо помҳои ин офаридаҳои муқаддас омадаанд, вале дар чунин шакле, ки баён шуд, дар он вуҷуд надоранд ва муҳаққиқон мӯъҳтақиданд, ки шаш офаридаи муҷарради Аҳуромаздо ва дар раъси онҳо қарор гирифтани Спента Майню ё Сараоша ва ё худи Аҳуромаздо яке аз ихтирооти Авестои мутаахҳир мебошад. Бори аввал ин гурӯҳи офаридаҳои муҷарради

худои мутаоли зардуштӣ дар «Яснои ҳафт фасл» (манзур аз ҳафт фасл «ҳот»-ҳои 35-42 Ясно мебошад) ба маънии гурӯҳи нимхудоёну дастёрони Аҳуромаздо бо номи «Амеша Спента» мавриди ситоиш карор гирифтааанд. «Амшоспандон, он сарварони некхоҳ, ҳамаи ҳастии поки миновӣ ва моддиро меситоем...» (Ясно, ҳоти 35/1); «Инак, некмардону некзанон, Амшоспандони ҷовидон ва пирӯзмандро меситоем (Ясно, ҳоти 39/1); «Меситоем Амшоспандони фаслҳои ҳафт ҳотро, чашмаҳои обро меситоем...» (Ясно, ҳоти 42/1)

Аз лиҳози луғавӣ Амеша Спента иборат аст аз «а» -ҳиссачаи инкорӣ, «меша» («mesha») ё «марта» («marta») ба маънии марг ва якҷоя «бемаргӣ» ва «ҷовидонӣ»-ро ифода мекунад. «Спента» («Spenta») маънои поку муқаддас ва беолоиширо дорад. Амеша Спента дар якҷоягӣ маънои «покони ҷовидон», «ҷовидонони муқаддас», «бемаргони пок»-ро медиҳад, ки дар форсии кунунӣ «Амшоспандон» (дар баъзе ҳолат Амшоиспандон) тарҷима намудааанд. Ба ин маънӣ Амшоспандон сифоти худованди кулли ҷаҳон мансуб мешаванд. Худованд дар ин сурат холиқи мутлақест, ки дар хираду андешаи ӯ ин сифот вуҷуд доранд ва ҳастии ӯ баробар бо некист, аз ӯ ба ҷуз некӣ чизи дигаре содир нахоҳад шуд. Аз ин рӯ, Аҳуромаздо мақоми улуҳият дорад ва ҳамчун офаридгор дар варои олам ва берун аз замону макон ҷилванамой мекунад, Амшоспандон бошад таҷаллии андеша ва таҷассуми исмҳои офаринандагии Аҳуромаздо мебошад, ки дар олами миной ба унвони сифоти олии аҳурой амал мекунад.

Баъзе аз Амшоспандон, ки ба сурати алоҳида дар Готҳо омада буданд, ҳамчун офаридаҳои муҷарраду рӯҳонӣ воситае байни Аҳуромаздо ва ҷаҳони ҳастӣ буданд. Вале ин офаридаҳои муҷаррад тавассути рӯҳониён ва муғону мубадони зардуштӣ хусусан дар аҳди Сосониён мавриди шарҳу тафсир ва таъвил карор гирифтанд ва ҳодисаи дур шудан аз асли матлаб аз ҳамон «Ясени ҳафт фасл» шурӯъ шуд. Ин инҳироф аз таълимоти зардуштия ҳар қадар, ки аз таърихи замони Зардушт дур мешуд, ҳамон қадар бештару ҷиддитар эҳсос мегардид. Тадричан ҳар як амшоспанд ба ҷуз хусусияти рӯҳониву маънавӣ хосияту вазифаҳое касб намуд, ки ба олами моддӣ ё худ гетӣ мансуб мешуд. Ба ибораи дигар, ба ҷуз муносибати миноие, ки ҳар амшоспанд ҳамчун сифате аз сифоти субути худованд бо Аҳуромаздо дар олами миной дошт, сарпарасту нигаҳбон ва ҳофизу мазҳари офаридаҳои олами гетӣ низ қарор гирифт.

Вилл Дурант ба ҳамин масъала таваққуф намуда, аз ҷумла қайд кардааст, ки чун пайравони оини зардуштия тибқи суннати дерин ба ширк ва парастидани раббуннавъҳои мутааддид одат доштанд, ба ин сифатҳо ранги ашхос доданд ва чунон муъҳтақид шуданд, ки Амшоспандон зери назари Аҳуромаздо ҷаҳонро меофаринанд ва бар он тасаллут доранд. Ба ин тартиб буд, ки яктопарастии олии муассиси ин дин дар миёни мардум ба

сурати ширк даромад ва ин корест, ки дар дини масеҳӣ сурати тирифт. Ҳафт сифоти Аҳуромаздо—нур, ақли пак, рости, қудрат, такво, хайр ва фанонопазирӣ нигаҳбону ҳофиз ва мазҳари офаридаҳои олами гетӣ — инсон, об, замин, гиёҳон, ҳайвонот ва оташ гардиданд. Тадриҷан дар Авестои мутааххир Амшоспандон дар арши аълои олами минӣ, ба қаиди Ҷалолуддини Оштиёнӣ «ба сурати худоёни инсонгуна ва мофавқи и ҳалоҳ даромаданд, ки дорои шахсиятҳои мустақиле буда, гоҳо ҳатто ҳалоқанд, ҳарчанд худ махлуқи Аҳуромаздо мебошанд. Ин мавҷудоти асотирӣ, ки ба ин шакл ҳаргиз мавриди назари Зардушт набуданд», зимни ташаккусашон дар назму ирода ва низоми ҳастии олами гетӣ нақши худро гузоштанд ва ҳар як аз он мазҳар ё мудаббир ва ё раббуннавъи як ё якчанд сифоти суратҳои навъияи моддӣ, ҳифзу пуштибони яке аз аносири табиӣ ва ҳомии сифоту маънавиёти колбади инсон дар олами моддӣ гардиданд. Бинобар он муҳаққиқи мазкур пешниҳод-намуда, ки номи Амшоспандонро «фарӯзагони маънавии худованд ва ё шабеҳ ба он сифатҳои камолия интихоб намоем»[28]. Зеро худо дар ҳамаи адён ба василаи сифоташ мушаххас мегардад ва «ҳеҷ забоне дар ҳеҷ замоне қодир нахоҳад буд, ҷуз бо сифоте, ки қобили дарк барои инсон буда ва дар ҳар ҳол мояи башарӣ дорад, вуҷудеро васф кунад»[29].

Ҳамин тариқ Воҳу Мана (Баҳман) дар олами гетӣ ҳомии сутурон ва инсон (муваккили галаву рама) шинохта шуд. Он ҳар фардро то ба дараҷаи инсони комил расиданаш ҳидоят мекард, мазҳараш дар олами гетӣ ранги сафед буд. Аша Ваҳишта (Урубиҳишт) ҳамчун ифодаи беҳтарини рости ва нируи кӯшишу муҷоҳидат барои маърифат ва шинохти низоми волои аҳурӣ ба муваккили оташ дар олами гетӣ табдил ёфт, чун оташ мазҳари хулусу покӣ ва беолоишист. Хшатра Вайриа (Шаҳривар), ки қудрату фармонравӣ ва салтанати шаҳриёрӣ дар беҳтарин кишвари баргузида, ки шояд ҳамон мадинаи фозила бошад, ба шумор мерафт, муваккили фелезот дар олами гетӣ шуд, зеро фелез дар устуворӣ ба сони осмон аст ва осмонро буну гавҳар ба мисли обгунагии фелез мебошад. Спента Армаитӣ (Исфандурмуз) дар олами миновӣ фурӯтаниву тавозуъ, порсоии муқаддас ва нируи камоландешу фараҳбахши Аҳуромаздост, дар олами моддӣ бошад, муваккили замин буд. Ҳоурутот (Хурдод) ҳамчун газоҳури сифоти комил дурустиву расой, бахшандаи осоишу сурур ба арвоҳи некӯкорон табдил ба муваккили обҳои равону поку соф ва мисли Ноҳид падару модари обҳои равон гардид. Амретот (Мурдод), ки ҷовидонӣ, ростгорӣ, фанонопазирӣ, бемаргӣ ва нишони сифоти пояндагиву ҷовидонии беоғозу беанҷоми худованд мебошад, дар авестои мутааххир муваккили гиёҳону наботот эълон шуд.

Ба қавли Артур Кристенсен бархе аз донишмандон монанди Л.Ҳ.Грей ва Е. Леҳману зимни мутолиа дар бораи ин офаридаҳо ва робитаи онҳо бо

олами моддӣ ҳамчун нигаҳбонон ба чунин нагиҷа расидаанд, ки таъини вазифаи муваккилӣ ё худ нигаҳбонӣ аз аносир ё мавҷудоти моддӣ, ки асаре аз онҳо дар Готҳо низ мавҷуд аст, бозмонда ва ҷанбаи ибтидоии улуҳияти моддии онҳост [30]. Чуноне ки дида мешавад, ҳар як аз офаридаҳои муҷарраду ҷовид, ки дар Авестои мутааххир бо номи Амшоспандон маълуму машҳур шуданд, дорои ду ваҷҳ ё худ хусусиятҳои дугона-миновию гетӣ шудаанд ва иртиботе байни ин ду олам барқарор карданд. Дар ин бора дар «Бундаҳиш», ки он низ аз ҷумлаи маҷмуаҳои мутааххир дар бораи офариниши оғозин аст, чунин омада: «Ӯ (яъне Аҳромаздо-Ҳ.М.) нахуст Амшоспандонро офарид (ба) шаш бун; сипас... офаридагони моддӣ нахуст осмон, дигар об, седигар замин, чаҳорум гиёҳ, панҷум ҳуфсанд, шашум мардум, ҳафтум худи Ҳурмузд (буд) [31].

Аз ин иқтибос маълум мешавад, ки офариниши олами моддӣ аз тариқи олами миновӣ сурат гирифтааст. Чунин муносибат ба олам собиқаи таърихӣ дар динҳои табиӣ, махсусан парастиши Хуршед дорад, ки он дар бахши Меҳрпарастӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта. Зеҳнер зимни баррасии ҳамин масъала хотирнишон намуда, ки дар таълимоти Зардушт «олами моддиву миновӣ чунон ба ҳам даромехтаанд, ки бисёреро ба иштибоҳ дучор мекунанд. Масалан, Ашо, Воҳу Мана, Хшатра... мазоҳири илоҳӣ ва вобаста ба худованд мебошанд, аммо агар инсон низ амали нек анчом диҳад, ба ин мазоҳир даст меёбад. Ба ибораи дигар, он чи илоҳӣ ва маънавист, башарӣ мешавад. Ҳамин иртиботи наздик байни маънавиёту моддиёт сабаб мешавад, ки пас аз марги паёмбар ҳар як аз ин ҷовидонони бахшанда (таъбири Зеҳнер) бо як узви физикӣ мушаххас шаванд. Воҳу Манна бо рама, Ашо бо оташ, Хшатра бо фелезот, Армаити бо замин, Ҳоурутот бо об ва Умрутот бо гиёҳон»[32].

Дар ду банди боло мо роҷеъ ба иртиботи миной ва мисолӣ бо олами гетӣ таваққуф намудем, ки ин бесабаб набуд. Чуноне ки баъдан хоҳем дид, ҳамин иртиботи Амшоспандон дар табақоти тӯлии вуҷуд ва эзидони марбутаи онҳо дар табақоти аразии вуҷуд зимни фаъолияташон ба суратҳои навъияи олами гетӣ, ба фармонравоёни гетии худ ҳамчун мудаббир, ё беҳтар аст бигӯем, ба нишонҳои намодофаринашон дар олами моддӣ ҳастӣ мебахшад. Ба ин баҳс хоҳем баргашт. Дар ин ҷо фаъолан бардошти мухаққиқони хориҷиро аз Амшоспандон ба таваҷҷуҳи хонандагон ироа хоҳем кард. Бино ба маълумоти Ҷалолуддини Оштиёнӣ аҳли таҳқиқ ба Амшоспандон ба таври гуногун баҳо додаанд. Дор Местетер Аҳуромаздо ва шаш муқаддасини ҷовидонро як маҷмӯъаи ҳафттане медонад, ки аз Aditya-и ориёиҳо, ки фарзандони худои нур дар Ведаҳо мебошад, иқтибос шудаанд. Бартоломе ин истилоҳотро ба фариштагони дини яҳуд ва масеҳият ташбеҳ мекунанд ва вуҷуди чунин фариштагонро инҳироф аз масеҳият медонад. Милз муъҳтақид аст, ки ин мафҳумҳо сифоти худои ягонаи

зардуштияанд. Ломел Амшоспандонро «ҳушмандони лоянсо» тарҷима карда, онҳоро сифоти худованд мешуморад ва таъкид мекунад, ки ҳатто дар Авестои мутааххир метавон таъйиде барои чунин тафсир пайдо кард. Алтаҳайм навишта, ки Зардушт ба ҷои худоёни мутааддиди ориёй як худои воҳиду мутлақро эълон кард, ки бо мафҳумҳои муҷарраде монанди фурӯтанӣ, қудрат, таслим, андешаи нек ва муҳимтар аз ҳама, ҳақиқату ростӣ ва низоми гетӣ (Ашо) иҳота шудааст. Ин кайфиёт дар мазоҳиби қадими ориёй сувари инсонӣ доштанд, вале Зардушт фақат моҳияти муҷаррадии онҳоро ҳифз намудааст. Думизел Амшоспандонро инъикос худоёни ориёй медонад (Воруна-Ашо, Митра—Воҳу Мана, Индира-Хшатра, Насатяи дугона-Ҳоурутоту Амерутот, Анаҳито-Армаитӣ). Рудолф Амшоспандонро сифоти Аҳуромаздо медонад, ки мӯҳтавои вуҷуди ӯро ташкил медиҳанд ва ба сурати раҳмату фазилат ба муъминону мӯътақидон ато мешаванд ва онҳо барои ба даст овардани ин сифот пайваста мекӯшанд. В.Ҳинз иброз дошта, ки пас аз Зардушт аз Амшоспандон илоҳаҳое сохтанд, ки бо Аҳуромаздо як маҷмуаи ҳафтгонаро ба вуҷуд омад. Ин амал як инҳирофи шарарбор ва ғаҳаллубомезе буд, ки аз ҷониби мугон анҷом шуд ва ба номи Зардушт дар замони Сосониён ривоҷ ёфт. Ба фикри ӯ, дар байни донишмандони Ғарб тадричан чунин ақидае шойеъ шуд, ки Амшоспандонро дараҷоти ирфонию рӯҳонис медонанд, ки мароҳили шашгонаи такомули рӯҳиро муҷассам менамояд. Зеҳнер қайд кардааст, ки дар ҳеҷ кӯҷои Готҳо инчунин тавҷеҳе аз Амшоспандон нашудааст, ки дар канори худованд ба сурати шаш мавҷуди муҷаррад қарор дошта бошанд. Ҳамин фикрро Шардер низ таҳвият дода, зимни баррасии ин масъала ба натиҷае расидааст, ки дар Готҳо на як номи дастаҷамъӣ барои ин нируҳо зикр шуда ва на дараҷаю рутбаи хосе барои онҳо таъин гардида ва он чи дар ин бора матраҳ шуда, пас аз Зардушт будааст. Ҳеҷ як аз ин нируҳо чун як фаришта ё мавҷуди осмонӣ билистиқлол амал намекунад, дар ҳоле ки дар Авестои мутааххир онҳо шакли худоёнро ба худ мегиранд[33].

Чунон ки дар боло қайд шуд, Амшоспандон ба мисли «анвори испаҳбудия» (« испаҳбуд» дар паҳлавӣ маънои пешво ва сардорро дорад) табақаи тӯлии офаринишро ташкил меднҳанд. Онҳо ба мисли силсилаи анвори табақоти тӯлии Суҳравардӣ ва ё «уқули ашара»-и Бӯ Алӣ мувофиқан аз тариқи шавқу ишроқ ва тааққули се бӯъдӣ аз якдигар ҳосил мешавад, вале изадони Аҳуромаздо, ки мобаъди Амшоспандон дар олами рӯҳонӣ ё худ олами мисол ҳамчун раббуннавъ ё мудаббири ашёву падидаҳои олами моддӣ мавҷуданд, ба сони анвори табақоти аразии Суҳравардӣ офарида ва таҳти назари ҳар як амшоспанд фаъолият доранд. Ин ҳодиса наҳваи судури касрат аз ваҳдатро таҷассум мекунад, ки дар он Амшоспандон баробар бо олами анвори қоҳираи Суҳравардӣ ва аз ҷумлаи шууни илоҳӣ буда, малоики муқарриби худованд ба шумор мераванд. Анвори испаҳбудия бошад

баробар бо анвори мудаббирааид ва тадбири олами афлоку ҷаҳони инсонро дар ихтиёр доранд. . Зеро Аҳуромаздо аввал ҷаҳони миновиро, ки ҷаҳони мисол ҷузви таркибии он ба унвони олами фраваш̄и буд, офарид, ки сурати гайримоддиву рӯҳонӣ ё худ мисолии ҳамаи анвоъ дар он ҷаҳон маъво дошт. «Шакл ёфтани ҷаҳони моддӣ, интиқоли он сувари миновӣ аз ҳолати сукуни рӯҳонӣ ба ҳайъати моддӣ буд»[34]. Ин масъала дар «Бундаҳиш» дар идомаи офариниши Амшоспандон омадааст. Яъне дар сурат ва навъи муҷарради миновӣ, ки дар чаҳони мисол ё худ ба қавли Суҳравардӣ, дар олами барзах вуҷуд дошт ва муваккилу нигаҳбони навъи марбуғаи моддии худ дар ҷаҳони ҷисмонӣ буд, дар колбадҳои моддии худ ҷой хоҳанд гирифт. Агар боз ҳам соддатар карда гуем, нуре, ки аз Аҳуромаздо ба Амшоспандон дар табақоти тулия нозил мешавад, аввал дар олами мисол, ки табақоти аразии вуҷуди нур мебошад, ба сони суратҳои навъии ҳиссие, ки дар хаёли мо ҳосил мешаванд, ба вуҷуд меояд (ки шомили суратҳои навъи намодии ҳамаи олами моддӣ мебошад) ва бо нузул ба олами вуҷуд фардоният пайдо мекунад.

Ба ибораи дигар суратҳои маънавӣ дар ин ҳолат муваззаф мешаванд, ки баъди ташаккуҳ пайдо карданашон дар олами моддӣ (зулмонӣ) бо олами аҳриманӣ дар ситез бошанд ва чун медонанд, ки дар набард пирӯзӣ бо онҳост, ба пазируфтани шакли моддӣ пардохтанд. Аҳуромаздо аз он суварҳои муҷарради маънавӣ бо иродаи худ олами моддиро ба шакл даровард. Сайри нур аз олами ҳоҳут - ҳуввияти илоҳии Аҳуромаздо, ба олами лоҳут - асмо ва сифоти ӯ, аз он ба олами ҷабарут - фаришстагони муқарриб ё Амшоспандон, аз он ба олами малакут - ҷаҳони рӯҳонӣ ва асирӣ ё олами мисол ва аз он ба олами мулк - олами моддӣ сурат мегирад. Илова ба Амшоспандон ва изадон ё худ фаришстагони нигаҳбон, ки одамиро бо оростани худ ба фазлу раҳбарӣ дастгирӣ мекунанд. ҳафт рӯҳи палиди шайтонӣ низ дар олами мисол вуҷуд доранд, ки сардастаи он Аҳриман - фармонравои торикиву зулмат, ҳоким бар олами сифлӣ барои содир кардани гуноҳ бар одам мебошад. Вилл Дурант дар ин бора гуфта, ки офаридаҳои Аҳриман ва пайкори ӯ «сабаби хароб шудани биҳиште шуд, ки Аҳуромаздо дар оғози офариниши ҷаҳон падару модари навъи башарро дар он манзил ҷой дода буд. Чунин ба назар мерасад, ки Зардушт бар ин арвоҳи палид ҳамчун худоёни ботил нигариста, дар воқеъ онҳоро ҷасади хурофии нируҳои муҷаррад медонистааст, ки садди роҳи пешрафти одамӣ мешаванд»[35].

Фарҳангмеҳр роҷеъ ба ҳамин масъала назари Мардон Фаррухро оварда, фикри ҷолиберо баён намудааст. Бино ба фикри нависандаи китоби «Шканд гумоник вичар» Мардон Фаррух, Ҳурмуз ба манзилаи «боғбоне мемонад, ки дар боғаш ҳайвонот ва паррандаҳоии ваҳшию муиззӣ ҳастанд, ки мехоҳанд меваи дарахтонро озор бирасонанд. Ва боғбони доно табдире меандешад, ки ҳайвонот ва паррандагони ваҳшиву муиззиро шикор

кунад»[36]. Мардон Фаррух ин иқтибосро шарҳ дода, холиқро ҳамадонову ҳамагавоно ва комил ба қалам медиҳад, ки дар худкафоиҳо камол ба ҳеҷ чиз хорич аз худаш ниёз надорад ва сабаби даст задапаш ба хилқатро дафъи ҳамон зараре мепиндорад, ки аз хорич ба он мутаваҷҷеҳ ва огоҳ буд ва бо амали хилқат мехост онро пешгирӣ намояд. Пас амали худованд дар мавриди офариниш амали дифоъӣ будааст. Ба ибораи дигар, Ҳурмузд ҳамадоност ва Аҳриман ҳамаҷаҳл аст. Ҳурмузд ояндаро медонист ва аз Аҳриман хабар дошт, вале охирӣ аз вуҷуди Ҳурмузд ва равшной хабаре надошт. Вақте Ҳурмузд ба офариниш даст зад, Аҳриман аз он пай бурд ва хост онро мухолифат ва хунсо кунад. Барои ҳамин ҳам ҳар чи Ҳурмузд меофарид, Аҳриман ба муборизa бо ин офаридаҳо бармехост ва дар муқобили офаридаҳои нек офаридаҳои бадро меофарид [37]. Ба ин масъала дар қисмати ахлоқи зардуштия таваққуф хоҳем кард.

Агар баҳси офаринишро идома диҳем, мутаваҷҷеҳ хоҳем шуд, ки содири авал, ки ҳамон Баҳман бошад, ба хотири таҷаллии нур аз зоти худовандӣ ё худ Аҳуромаздо ва ишроқи нур аз худ зинаи дуюми табақоти тулии вуҷуд-Аша Ваҳишта ва дар натиҷаи чунин шавқу ишроқ амшоспандони дигар арзи вуҷуд менамоянд. Ҳар як амшоспанд дар табақоти тулӣ (анвори испаҳбудӣ) сурагҳои муҷаррадеро бо номи изадон ё худ ёварон дар табақоти аразии вуҷуд (нур) барои худ халқ ва интихоб менамоянд, ки онҳо дар навбати худ, мудаббир ва раббуннавъи анвори гуногуни аносир ва падидаҳои табиату ҳодисаҳои ҷамъият шинохта шудаанд. Ба ин маънӣ нури испаҳбудӣ баробар бо "руҳулқудус" ва "нури муҳаммадӣ" мебошад.

Нуктаи муҳимме, ки дар ин ҷо бояд қайд кард, он аст, ки дар таълимоти зардуштия ишроқоти нур дар ҳамин марҳила қатъ намегардад ва офариниши ҷаҳони моддӣ шуруъ мешавад. Бешубҳа, ин қисмати масъала дар таълимоти Шаҳобуддини Сӯҳраварди ба тарзи дигар ҳал шудааст ва ишроқи «нур-ал-анвор»-и ӯ ба мисли «вуҷуди мунбасит»-и Мулло Садро аст. Вале такомули руҳонӣ дар олами моддӣ ба таълимоти Сӯҳравардиву Мулло Садро қаробат дорад. Дар ин бора Ҷалоллудини Оштиёнӣ фикри Диншоҳи Эрониро дар асараш чунин овардааст: «Диншоҳи Эронӣ Амшоспандонро дараҷоти ирфониву руҳонӣ медонад, ки мароҳили шашгонаи такомули руҳиро муҷассам менамояд. Ӯ бо баҳси машрӯҳ ва баҳрагирӣ аз ирфони эронӣ мӯътақид аст, ки Зардушт дар паёми худ роҳи «дастёбӣ ба саодатро бо таҳсили сифоте, ки муаррифашон Амшоспандон аст, нишот медиҳад ва ба забони ӯ «пас аз таййи мароҳили порсой ва нейл ба авҷи камол дар дори бақо шоистаи суҳбати маъшуқи беҳамто тавон шуд»[38]. Ҳамин мазмунро Бобаки Алихонӣ ба тариқи зайл ба қалам додааст: «Спента Майню уқнуми бузурест, ки таквину ташреъ аз ӯ ҷӯшида ва содир шудааст ва баргаштан ба ҳақ ҳам ба воситаи ин масир аст. Ин баргашт ба

сурати таъйиди байни ҳаққу ботил дар явм-ул-фасл хоҳад буд ё ба сурати инчизоби арвоҳ дар сайру сулуки ирфонӣ ба сӯи мабдаи ҳастӣ дар явм-ул-васл». Ба баррасии ин масъала дар бахши «Рамзу роз ва ирфони оини зардуштӣ» хоҳем пардохт.

Дар Авестои мутааххир силсилаи эзидонро ҳамчун изофоти ишроқӣ ё худ «хорра» ё «фарри изадӣ», ки ҳамон раббуннавъҳо ё санамҳои ориёии Аҳди бостонро ба хотир меоварад, муҳаққиқон наздик ба ҳазор адад тахмин кардаанд. Изаде барои хонавода, изаде барои нигаҳбонии занону душизагон, изаде барои сарват, изаде барои нирӯю қудрат ва гайра ихтисос ёфтаанд. Ин изадон ба худоёни бузургу хурд ва миновию гетӣ тақсим шудаанд. Митра, Суруш, Арта ва ғайра худоёни бузург ва Баҳром (изади пирӯзӣ) ва Аши (подоши некӣ) аз ҷумлаи худоёни хурд ба шумор мерафтанд. Худоёни миновӣ Рашн (ростӣ), Виоҳошта (сулҳу оштӣ), Диана (вичдон ё дин), Чисти (дониш), Рато (диҳишмандӣ) Нарюсанг (пайки Авесто), Меҳр (Митра), Асан (Осмон), Анаҳроп (равшании бепоён), Аредвисура (изади Ноҳид), Аҳу (изади зист), Баоза (нируи дарку ҳисси инсонӣ), Урван (кирдори инсон), Геуш ташан (офаридаи гови гетӣ), Геуш Урван (рӯҳи дому чорво), Тушунамаити (андешаву оро ва муроқибаи сукут) -- худоёни моддӣ, Хвар (Хуршед), Мовангҳ (Моҳ), Ваит (ситора), Тиштар (борон), Зам (замин)-- худоёни миновӣ буданд. Се изад—Обон (Апомн Напот), Анаҳито ва Аҳурони посдорони об, ду изад-Озар ва Нарюсанг посдорони оташ, изади Вайу посдори боду ҳаво маҳсуб мешуданд. Доварӣ ба рафтори одамӣ дар ихтиёр ва таҳти назари се худои бародар-Суруш, Рашн ва Меҳр буданд. Аҳуромаздо дар олами миновӣ нигаҳбони равон ва Суруш (Сараоша) нигаҳбони тан ба ҷаҳон ба шумор мерафтанд. Агар ин изадонро бо истилоҳоти фалсафаи машшо баён кунем, шояд вазифаи ҳамон иллати фоилии Ибни Синоро дар силсилаи маротиби вуҷудро дошта бошанд.

Хулосаҳои боло ба гунае, ки дар робита ба масъалаи хилқат матраҳ гардид, шояд дар адабиёти зардуштӣ ба нудрат дучор шаванд. Вале касоне, ки бо рӯҳи фарҳангу маънавиёти беш аз сеҳазорсолаи ниёгони ориёӣ ва ташаккулу инкишофи фарҳанг ии онҳо дар тӯли таърих дар иртибот бо дигар тамаддунҳои империяҳои ҷаҳони Аҳди бостон ошнӣ доранд ва бо рӯҳи таълимоти фалсафии эҳёкунандаи ҳикмати хусравонӣ ва муассиси фалсафаи ишроқ ба хубӣ огоҳанд, метавонанд ба осонӣ дарк намоянд, ки рушди қувваи амалии инсон ва густариши марзҳои маърифатии он дар Дунёи қадим дар суханони Зардушт таҷассуми худро ёфтанд. Ӯ аз худоҳои сершумори аҷдодии худ худованди Якторо ҳамчун холиқи ҷаҳонофарин зиндагии инсонӣ, додору довари адл ва манбаи нирӯю хирад офарид ва дар фарози олами нуронӣ қарор дод. Воситаи байни худову инсон дар таълимоти зардуштия фазилатҳои нуронии ахлоқие (манишу андешаи нек, беҳтарин ростӣ, қудрату фармонравоӣ ва салтанати шаҳриёрӣ дар кишвари

баргузида, фурўтаниву гавозуъ ва порсоии муқаддас, дурустиву расой ва бахшандаи осоишу сурур ва растгориву ҷовидонӣ) ро сомон дод, ки инсонро тавассути онҳо барои расидан ба камол, ба сӯи худованд ҳидоят мекунад. Ин фазилатҳо «дар он ҳангом, ки ба инсон вобаста мешаванд, сифоти инсонӣ мегиранд ва замоне, ки ба худо маъсуб мешаванд, маънавияти аҳурой пайдо мекунанд ва чун худову инсонро бо ҳам маъсуб месозанд, гоҳе ба сурати таҷассуми фазоили тарафи муколима қарор мегиранд ва замоне чун алтофи илоҳӣ ва маънавӣ ба инсон ато мешаванд, вале дар ҳар ҳол шахсияти мустақиле намеёбанд»[40].

Баъди овардани чунин фикр Ҷалолуддини Оштиёнӣ ба чунин натиҷа расида, ки ин хел муносибати Зардушт ҳам худойро тавҷеҳ мекунад, бидуни он ки ба мутлақияту улуҳияти ӯ латма занад ва ҳам инсони худойгунаро тавсиф менамояд, бидуни он ки худойро инсонӣ созад ё инсонро улуҳият бахшад ва ҳам роҳи вусул ба ҳақ ё дастёбӣ бо ин идеалҳоро мушаххас мекунад, бидуни он ки аз масири илмиву воқеъии зиндагӣ ба дур афтад ва гирифтори тахайюл шавад» [41].

Наҳваи ба вуҷуд омадани олами моддӣ дар боло мушаххас шуд. Ҷараёни офариниши он дар «Бундаҳиш» баъди ба вуҷуд омадани Амшоспандон чунин омадааст: «Аз он офаридагони моддӣ нахуст осмон, дигар об, се дигар замин, чаҳорум гиёҳ, панҷум гусфанд, шашум мардум ва ҳафтум худи Ҳурмузд (буд). Ва офариниш ба ёрии Войи дрангхудой фароз офарид, зеро ҳангоме ки ӯ Войи дрангхудойро фароз офарид, он (Вой) низ афзоре шуд, ки вайро барои офариниш дарбояст»[42]. Аҳуромаздоро маъмулан модару падари офариниш медонанд ва ҳангоме, ки ӯ ҷаҳони миноиро офарид, ӯ вазифаи модариро иҷро кард ва вақте олами моддиро фароз офарид, вазифаи падариро адо кард. Аз ин рӯ, худи ҷараёни офаринишро низ мисли ба рушди фарзанд дар шиками модар ва таваллуди он ташбеҳ додаанд. Тибқи тафсире, ки дар «Офариниши оғозин» омада, офаридаҳо ҳолати ҷаниниро доранд ва ба мисли манӣ (нутфа) аввал дар ҳолати беҳаракат ва ғайри ҷунбанда қарор дошта, сипас ба сурати омехтагӣ ба сони манӣ ва хун даромада, пас аз он бордорӣ ва ҷанин сурат гирифта, баъд рушди дасту по ва пур шудани сӯроҳҳои даҳону чашму гӯш ба амал омада ва, ниҳоят, ҳаракат содир шудааст.

Дар бахши дуюми «Бундаҳиш» дар бораи офариниши моддӣ шарҳи нисбатан батафсили офариниши олами моддӣ оварда шуда, аз ҷумла қайд гардидааст, ки Осмон ё худ гунбади сипеҳр дар ҳафт табақа ба мисли тухми мурғ ва аз ҳумоҳан (гавҳари алмосии нур) офарида шуда, варои он бо равшании бекарон пайваста аст ва ҳамаи дигар офаридагон дар даруни ҳамин гунбади сипеҳр офарида шуданд. Дар воқеъ, дар «Зодспрам» инсон ба ҳамин Осмон ташбеҳ дода шуда, ҳафт унсури тани инсонӣ (мағз, устухон, гӯшт, пай, раг, пӯст ва мӯй), нируҳои обӣ (хун, балгам, зардоб ва савдо) ва

ҷониву равонии одамӣ батафсил баён шудаанд. Баробари Осмон Аҳуромаздо шодиро офарид, зеро бо офариниши Осмон ҳама ба ҳаракат даромаданд ва омехтагӣ шурӯъ шуд. Манзур аз «офариниши Войи дрангхудой» дар иқтибоси боло ҳамон замони каронманд аст, ки Аҳуромаздо барои ба ҳаракат даровардани офаридаҳои миноии худ ва омехтагӣ дар олами моддӣ офарида буд. Ҳамин гуна аз ҷавҳари Осмон об, бо ёрии ӯ боду борон ва абру туману барф ба вуҷуд омаданд. Баъди об Замин офарида шуд, ки дар «Бундаҳиш» хусусиятҳои табиии он оварда шудаанд. Баъд навбат ба гиёҳ расид, ки тамоми намудҳои олами рустаниро дар бар дошт ва обу оташро ба ёрии гиёҳ офарид, зеро гиёҳон аз рӯи сиришташон бе обу партави нури Хуршед руста наметавонанд. Офаридаи панҷум гови якто дар сарзамини «Айрана ваеҷа», дар соҳили рудхонаи муқаддаси Даити, ки дар маркази ҷаҳон ҷойгир шудааст, ба вуқӯъ пайваст ва дар ҳамин маҳал Каюмарс, ки ӯро аввалин кадхудои ҷаҳон меҳисобиданд, ба дунё омад. «Фравашии Каюмарси покро меситоям. Нахустин касе, ки ба паёми Аҳуромаздо гӯш фаро дод ва аз паи ӯ буд, ки нажоди ориёӣ ва сарзамини ориё шакл гирифт» (Яштҳо, 13)

Каюмарс дорои «дахшак» ё худ аломати тухмаи оташгунае буд, ки тамоми мардум аз ин тухма пайдо шуданд. Каюмарс ва гови якто, ки яке мазҳари инсон ва дигаре мазҳари ҳайвон ҳастанд, дар замин офарида шуда, аз равшной ва сабзии Осмон нутфаи мардумону ҳайвонотро дар онҳо ба шакли тухмаи оташгуна ҷой дод, то инсону ҳайвон дар олами гетӣ афзоиш ёбанд. Ба ин маънӣ ҳар падидаи малакутӣ робитаи нутфай ё ҷанинӣ бо шайъи моддӣ дорад ва метавон гуфт, ки ҳар он чи ба унвони ваҷҳи заминии ашё таҳаққуқ дорад, мазҳар ё инъикоси ваҷҳи малакутии он мебошад.

Шарҳи батафсили «Бундаҳиш» дар боло барои нишон додани офаридаҳои Аҳуромаздо дар олами миной ва гетӣ ироа гардид. Аз баррасии фавқ маълум мешавад, ки мувофиқи навиштаҳои Авестои мутааххир ҷаҳон дар ду марҳила дар олами миной ба шакли андеша ва ғайримаҳсус ва дар олами гетӣ ба шакли офаридаҳои моддӣ ва малмус сурат гирифта. Албатта, мо ин ду марҳиларо дар зеҳнамон тасаввур мекунем, дар асл бошад бо офаридани «Войи дрангхудой» ҳамаи офаридаҳои муҷарраду моддӣ арзи вуҷуд намудаанд. Аниқтараш таҷассуми хориҷии ҷаҳони миной ба сурати олами гетӣ зоҳир шуда. Ҳамин тазоҳури хориҷӣ пайдо кардани олами мисол дар замоне ба вуқӯъ пайваста, ки Аҳриман дар ҳолати гиҷӣ ба муддати се ҳазор сол дар олами зулмонӣ ба худ фурӯ рафта буд. Вале бо тазоҳури хориҷӣ ёфтани офаридаҳои нурониву муҷарради Аҳуромаздо, ки маъмулан ҳам Аҳуромаздо ва ҳам изадони марбутаи онҳо дар олами мисолро дар адабиёти зардуштӣ «Спента Майню» меноманд, Ангра Майню низ ба худ омад ва шурӯъ ба офаридаҳои зиштӣ худ бо номи камолагон пардохт. Ӯ аввал аз камолаи девон «Акумена» («Akumena») ё худ «маниши бад»-ро

фароз офарид, сипас «Андар» («Andor»), ки гумроҳиро ифода ва риёро ба муқобили фурӯтанӣ талқин мекард, ба вуҷуд овард. Сеюмин офаридаи ӯ «Савула» («Savula»), ки хашму палидро ифода намуда, ин гиёшро беназмиро ба муқобили низому ҳақиқат равона мекард. Баъди он «Наҳист» («Naghist») - муаррафи булҳу туғёнро офарид, ки зидди тавозуъ ва саховат амал мекард. Офаридаи панҷуми Аҳриман «Тарумад» («Tarumad») ва шашум «Таризу Зариз» («Tariz-Zariz») мебошанд, ки фақру гуруснагӣ ва бадбахтиро ба кор меоранд ва ба муқобили бақою ҷовидонӣ дар набардаанд. Ҳафтум худи Аҳриман (буд), ки бо номи «Аэшма» («Aeshma») (деви хашм) ҳама вакт дар хурӯшу исён аст.

Ба ғайр аз «Камолагон» девонро ҳам пайравони Аҳриман медонанд, ки то пайдоиши дини зардуштӣ худоёни қавмҳои эронӣ дониста мешуданд, вале Аҳуромаздо онҳоро гумроҳкунанда ва шайтон хондааст. Ба онҳо деви марг, деви бадбахтӣ ва дигар ҷодугарону париён дохил мешаванд, ки ба обу оташ ва ҳайвону инсон зарар мерасонанд ва дар асотири Авесто ҳамчун қаҳрамонони манфӣ қаламдод шудаанд [43].

Дар «Бундаҳиш» баъди овардани номҳои офаридаҳои зишти Ангра Майню, ки ҳамон Аҳриман бошад, қайд гардида, ки «Аҳриман ҳаргиз чизи неку наандешад, нагуяд ва накунад, ӯро накуии офаридагони Ҳурмузд набвад, Ҳурмуздро нобудгарии офариниши Аҳриман боясто набвад. Ҳурмузд он чизро наяндешад, ки онро натвонад кард. Аҳриман онро, ки натвонад кард, андешад ва таҳдид низ фароз барад» [44]. Аз худи ҳамин навиштаи «Бундаҳиш», ки ба Авестои мутааххир мансуб аст, бӯи яктопарастӣ меояд, зеро Аҳриман тарзе ба қалам дода шудааст, ки офаринандаи ҳамтирози Ҳурмузд намебошад. Вале дар ин бора баъд таваққуф хоҳем кард. Дар ин ҷо роҷеъ ба муборизаи Аҳриман бар офаринишҳои Ҳурмузд аз худи «Бундаҳиш» нақле чанд хоҳем кард, то ду қутби мутазоде, ки дар таълимоти зардуштия мавҷуд ва ҳамавақт дар набарданд, аз ин сарчашмаи офариниш нишон диҳем.

Мувофиқи иттилооти «Бундаҳиш» вақте Аҳриман ба муддати се ҳазор сол ба худ фурӯ рафта буд, девони камола Аҳриманро даъват ба майдони корзор бо Ҳурмузд ва офаридаҳои неки ӯ карданд, вале ӯ аз бими он марди парҳезкор, ки Ҳурмузд бошад, коре накард то он даме, ки Ҷаҳи ном камолаи габаҳкор бо сар расидани се ҳазор сол ба Аҳриман хитоб кард, ки бархез эй Аҳриман, ба майдони корзор хоҳем рафт ва ман чунон дард ба Ҳурмузд ва дигар офаридаҳояш, аз ҷумла Гови нар дорам ва чунон битозам, ки онҳо зинда намонанд «фарр»-и онҳоро бирабоям, обу замину оташу гиёҳро биозорам ва ба ҳамаи офаридаҳои Ҳурмузд зарба занам! Он гоҳ Аҳриман фароз ҷасту Ҷаҳиро навозиш кард ва бо ҳамаи нируҳои девӣ ба муқобили равшаной тохт. Осмонро бо торикӣ биолоид, обу замину гиёҳро биозурд, ба Гови нар ва Каюмарс марг фиристод, ҳашароти зараррасонро

Даврони «Зардушт дар миёнаи таърих ва даврони дуюм ҷой дорад ва дар воқеъ метавон Зардуштро дар ин таърих ҳастаи марказии таърихи ҷаҳон пиндошт»[47].

Дар «Дебоча»-и китоби ҳафтум роҷеъ ба зиндагӣ ва аъмоли касоне чун Каюмарс, Машя, Машяна, Сиёмак, Вайегарт, Ҳушангу Таҳмурас, Ҷамшеду Фаридун ва дигарон то давраи Кай Гуштосп маълумоти зиёде оварда шудааст. Ҳошимии Разӣ муътақид аст, ки «фраваши»-и Зардушт ба василаи Аҳуромаздо дар оғози соли кайҳонӣ офарида шудааст[48]. Соли кайҳониро агар аз руи пайдоиши зиндагӣ дар руи замин муҳосиба куием, маълум мегардад, ки пас аз таваллуди Ҳушанг Машяву Машянаи 53-сола баъд аз 93,5 сол вафот карданд. Ҳушанг 40 сол, Таҳмурас 30 сол зиндагӣ карданд ва пас аз онҳо Ҷамшед 616,5 сол шаҳриёрӣ кард, пас аз гирифтор шудан ба дасти Заҳҳок сад соли дигар пинҳон монд, ки ҷамъан 1000 сол мешавад. Ҳазораи дуюми сеҳазорсоларо Заҳҳок (Аджи Даҳак) дар ихтиёр дошт. Дар ҳазораи сеюм аз Фаридун сар карда то Виштосп якчанд шоҳони каёнӣ салтанат карданд, ки маҷмуъан ҳазор солро ташкил медоданд. Зардушт дар оғози ҳазораи аввал аз давраи чаҳорум зода шуда.

Мувофиқи таълимоти зардуштиён абадият дунболаи абъоди офариниш мебошад. Он чи дар ин ҷо ҳоизи аҳамият аст, таҳлили воқеияти олам ба ду асл – нуру зулмат ва идроки умури ҷаҳони анфусӣ тавассути фиристодагони олами офоқист, ки ин ду аслро бештари муҳаққиқони асрҳои миёна асоси назарияи ҳукамои хусравонӣ пиндошта, нуру зулматро ҳамчун моҳияту вуҷуд талаққӣ намуда, ба ҷанбаи ахлоқии таълимоти зардуштӣ мақому манзалати фалсафӣ бахшидаанд. Ба ин маънӣ мафҳуми зардуштии таърих дар синтези иҷтинобнопазири нируи хубию бадӣ хулоса мешавад ва аввалӣ бар охарӣ ғалаба хоҳад кард. Тазоди муборизаи баҳамзидҳо дар поёни кор дар олами гетӣ ба охир расида, дугонагӣ ё худ касрат боз ба ҳамон асли худ -- ваҳдат, ки ҳамон олами миноӣ бошад, бармегашта. Ва ин дар оини зардуштӣ таҳаввули таърих ном дорад, ки ба қавли Фарҳангмеҳр, «поёни давраи кунунӣ ба камол (хоурутот) ва бемаргӣ (умрутот) ҳамроҳ аст, ки дар он ҳангоми тоза шудани комили офариниш (фрашкрата) сурат мегирад ва пас аз он давраи (сикли) дигаре дар безамонӣ оғоз мешавад»[49].

Душен Гуиллемин дар ин бора навиштааст, ки омадани Зардушт «нишони оғози вопасин даври сеҳазорсола аст ва аломати поёни он зуҳури «Астават-Эрета» аз насли Зардушт хоҳад буд ва у ба шакли муҷизаосо, ки Авесто пешопеш ҳикоят карда, зода мешавад. Вонгаҳе се ҳазор сол фосила байни он ду, ба ривояти Авесто, байни худи Зардушт ва ду ҳамроҳи «Астават-Эрета» гаҳсим мешавад. Ба ин тартиб як мафҳуми ирфонии дигар пеш меояд: андешаи ҷонишини раҳонанда ё равшангар ё беҳтар бигуем (чун ҳар се раҳоибахш, ки бояд биёянд, аз насли Зардушт ҳастанд), андешаи

онро «асри талоии таърихи дини маздаясно» медонанд, шиносҳо шудааст. Сеҳазорсолаи сеюм давраи салтанати шаҳриёрон ва хилқати башар ва ситези Аҳриман бо офаридаҳои Аҳуромаздо мебошад.

Дар ҳамин давра аввалин подшоҳи пешдодӣ Каюмарс сӣ сол зиндагӣ кард. Нируҳои аҳриманӣ ӯро ба ҳалокат расонданд. Душен Гуиллемин Каюмарсро бо Ману-инсони нахустини ҳиндуҳо шабеҳ медонад, чуи ӯ низ қурбони моҷароҳои хунӣ гаштааст. Марги Каюмарс ҳодисаи аввалин дар таърихи асотири Шарқ намебошад. Ба фикри ӯ, чунин ҳодиса дар асотири бобуливу мисрӣ низ мавҷуданд. Масалан, дар асотири бобулӣ қатли Тиамат (Tiamat) тавассути илоҳаи парешониву беназмӣ бо номи Хаос ба сарнавишти Каюмарс монанд аст. Зимнан муҳаққиқи мазкур номи Каюмарсро зиндагии миро ё шояд инсони (мавсум ба) зиндагӣ додааст[45]. Дар асотири Мисри қадим худои бузург Осирис баъди қитъа-қитъа шуданаш яке аз аввалин худоҳои растохезкунандаест, ки дубора зинда шуда, бо қудрати навин ба фармонравоӣ пардохтааст. Ин суннат ба Юнону Рум низ интишор ёфт ва худоён Дионисий, Отис ва Афнис худоёни растохезкунанда буданд. Нахусти инсонҳои ҳиндуэронӣ Каюмарс ва Ману, ки қотилони ҳар ду мавҷудот қувваҳои бадӣ мебошанд, натиҷаи нек дода. Агар аз куштани Гови нар гиёҳон аз танаш ба сурати сунбула ҷавона зада, нутфааш дар Моҳ парварда шуда, баъд боиси пайдо шудани гунаҳои ҳайвонот гардида бошад, аз кушта шудани инсони нахустин-Каюмарс чизҳои дигар, аз ҷумла аз колбадаш фелезот ва аз сараш сурб берун зад, аз хунаш рӯй, аз мағзи устухонаш нуқра, аз пойҳояш оҳан, аз устухонҳояш бронз, аз чарбиаш булӯр, аз бозувонаш фулод ва аз рӯҳаш тилло ба вуҷуд омаданд.

Ин ҷо иртибот миёни Оламу Одам дар ин қурбонии нахустин инсон дида мешавад, ки хилқати олам ва унсрҳои гуногуни он ба тасаввури инсонӣ кашида шудааст. Нуктаи муҳим дар ин ҷо он аст, ки ба воситаи устура саъй шудааст, ки аввалин тасаввуроти инсонӣ ва ҷахоншиносии устурӣ дар як низоми муайян тибқи дарку фаҳмиши он замон ба қалам дода шавад. Дар ин бора Душен Гуиллемин иттилооти ҷолиберо дар асараш ба хонандагон ироа намуда, иртиботи ҷону бадани инсони нахустин бо олами фраваширо мавриди таваҷҷӯҳ қарор додааст[46].

Тухмаи Каюмарс, ки дар нигаҳдории Хуршед буд, ба сурати партави судбахш, ки сарчашмаи ҳаёт аст, муҷаддадан ба замин интиқол ёфт ва аз он ду гиёҳ (як карфаси душоха ё соқаи гиёҳӣ), рӯида ба дарахт табдил шуд ва аз он аввалин зоҷи инсонӣ бо номи Машя ва Машяна (ба мисли Адам ва Ева дар масеҳият ва Момову Ҳавво дар Ислом) ва аз онҳо баъдан авлоди башар арзи вуҷуд намуд. Дар китоби ҳафтуми Динкард ривояту достонҳои зиёди асотирӣ ҷамъоварӣ шудаанд, ки муҳаққиқон онро як навъ «Таърихи ҷаҳон» номидаанд. Дар он тамоми воқеаҳои таърихӣ ба се давраи чаҳорҳазорсола (на ба чаҳор давраи сеҳазорсола) тақсимбандӣ шудаанд.

офарид, ба гиёҳон заҳр пошид, ҳама ҷо оташу дуд ба ҳам омехтанд. Дар олами миной навад руз ва олами гетӣ низ набарди сахте ба амал омад. Гови нар вақте мурд ба тарафи рост ва Каюмарс вақте мурд ба тарафи чап афтоданд ва тухмаи гов ба Моҳу тухмаи Каюмарс ба Хуршед фароз рафт.

Аз бо ҳам омехтани нуру зулмат замони омехтагиву набард дар олам шуруъ шуд. Рочеъ ба ин масъала баррасиҳои зиёде анҷом шуда ва дар робита ба зиндагии ухравӣ аксари динҳои мутаол назар худро ба гунае, ки дар оини зардуштӣ омада, баст додаанд. Дар Готҳои Авесто калимае бо номи «Сушионс» («Sashyant») истифода шудааст, ки муҳаққиқон исми фоили онро бо аксари оро «сушиёнат» ба маънои судофаранда ва раҳонанда хондаанд. «Кай Маздо сапедаи рахшони пирузии ҷаҳонро дар бар хоҳад гирифт? Кай рахшандагии офтоби дин ҳама ҷоро тобон хоҳад сохт? Кай Сушиёнатҳо фаровонӣ ва зиёдагӣ хоҳанд ёфт...? (Ясно, ҳоти 46/3); «Кучоянд оне, ки партави ростӣ вуҷудашонро фаро гирифта, ки бо нирумандӣ баробари девистони кинаҷӯ истодагӣ кунанд ва, дар воқеъ, эй Маздо инчунин касонанд раҳонандагон, сушиёнатҳо, ки барои ба самар расонидани оин бо девон ва девистон ба пайкор бархостанд» (Ясно, ҳоти 48/9).

Дар анъанаи зардуштӣ умри ҷаҳон ё худ соли кайҳонӣ аз як давраи 12-ҳазорсола иборат аст. Дар воқеъ, ин анъанаи зардуштӣ дар дигар сарзаминҳои Аҳди бостон, аз ҷумла дар Юнон низ интишор ёфта буд. Яке аз қадимтарин боварҳои юнонӣ рочеъ ба шарҳу гавҷсҳи офаринриш аз давру тасалсул иборат буд, ки тибқи он дар низоми кайҳонӣ ё худ офариниши пай дар пай бозгашти муҷаддади ашёву аҷсоми олами ҷисмонии давраи кайҳонии гузашта дар давраи кайҳонии ҷадидро имконпазир мешуморид. Он тавре ки дар тадқиқотҳо омада, ин назарияро маъмулан ба пайравони мактаби фалсафию ирфонии орфикҳою фисоғуриён нисбат медоданд, ки равоқиён низ моил ба ҳамин фикр буданд. Вале Ҳошими Разӣ бо истинод ба Теопомпус (Theopompus) ном муаррихи юнонии қарни чаҳоруми пеш аз милод иттилоъ дода, ки асли ин ақидаи куҳан дар низоми фикрии эронӣ, дар афкору ақидаи муғони зардуштӣ мавҷуд буда, тавассути ҳакимони юнонӣ ба он сарзамин интикол ёфтааст.

Тибқи таълимоти ҷаҳоншиносии зардуштӣ 12 ҳазор соли кайҳонӣ ба чаҳор давраи сеҳазорсола тақсим мешавад. Се ҳазор соли аввали он асри миновӣ ба шумор меравад, ки офаридаҳои Аҳуромаздо дар ҳолати муҷарраду нуронӣ ва беҳаракату ноҷубандагӣ қарор доштанд. Ба ибораи дигар, дар ин замон сурати миновию руҳонӣ ва ғайримаргии ҳамаи анвоъи мавҷудот беандешаву беҳаракат буданд. Нахустин офариниш неку равшанӣ буд, чун он аз андешаи хеш ва зоти Аҳурой ба вуҷуд омада. Се ҳазор соли дуюм даврони офариниши ҷисмонӣ (ба маънии ҷунбандагиву ҳаракат) ва зиндагии мураффаъ, ки муҳаққиқон, аз ҷумла Абдулазими Ризой

ҳулули паёпаи раҳонандаи муайян»[50]. Баъди чунин фикр мулоҳиза мекунад дар ҳикояти растгории се марҳилаии оянда ақидаи ҷолиби таваҷҷуҳ ба ҷиҳати маъкуси ҳаёти инсонӣ баён намудааст. Ба фикри Ў, нахустин завҷи инсон нахуст об, баъд гиёҳ, баъд шир ва дар охир ба хўрдани гўшти пардохта буд. Дар давраи маъкус инсонҳои ҳазораҳои охир бо ҳуҳури ҳар як аз се раҳонандаи оянда аввал аз хўрдани гўшт, сипас аз шир, баъд аз гиёҳ парҳез карда, дар ниҳояти кор фақат об хоҳанд нўшид.

Тақрибан чунин фикрро Ҷеймс Рассел низ дар мақолаи ҷолибе таҳти унвони «Розварӣ ва дониши ниҳонӣ дар оини Зардушт» баён кардааст. Ў муўтақид аст, ки кайҳоншиносии зардуштӣ се асри ҷаҳониро дар худ таҷассум мекунад: «офариниши оғозин» ё худ « бундаҳиш», омехтагии ду мину (некию бадӣ=Ҳурмузду Аҳриман), «ҷудоию раҳой»-и некӣ аз бадӣ, яъне Ҳурмузд аз Аҳриман. Ба маънои дигар метавон гуфт, ки се гуна офариниш будааст: офариниши офаридгорҳои миновӣ ва гетӣ; даргузашти Каюмарс ва афзун шудани офаридаҳои моддӣ ё мардум ва падид омадани гуноҳ, ки дар дунёи инсонӣ ба таксири инсон аз Машя (мард) ва Машяна (зан) ва сустиву гўштхорӣ таҷассум меёбад; пайдоиши Зардушт-ҳамтои Иброҳим. Паёмбари зардуштӣ камоли ҷаҳонро пешбинӣ кард, зеро инсони раҳоибахш ё судрасон (сушиёнат) аз тухмаи ў хоҳад омад ва ба маъное омадани ў оғози растгорӣ (-и умумибашарӣ) аст. Пас дар адабиёти зардуштӣ ... ду замон вуҷуд дорад. Яке замони абадиву азалӣ ва дигаре замони дувоздаҳҳазорсола. Замони абадию азалиро замони бекарона ё Зарвон ва замони дигарро замони дрангхудой ё каронманд хонанд»[51].

Зардуштиён се сушиёнат ё худ раҳонандагонро бо номи писарони Зардушт мешиносанд, ки ҳар кадом дар фосилаи ҳазор сол таваллуд шуда, адлу додро дар ҷаҳон барқарор хоҳанд кард. Дар Авесто наҷотдиҳандагони гетӣ на танҳо аз қудрати рўҳонӣ бархурдоранд, балки ба унвони размандагони нируманде гасаввур шудаанд, ки фармондеҳии куллии нируҳои некӣ дар охирин набардҳои сарнавиштсоз бо бадиро низ ба ўҳда доранд. Дар рўзгори гузашта расм бар ин буда, ки салотин шахсан дар набардҳо сипоҳиёни худро фармондеҳӣ мекардаанд. Сушиёнатро аз ҷумлаи чунин султонони шикастнопазир мепиндоранд ва чун қарор бар ин аст, ки онҳо дар поёни замон зуҳур мекунанд, дар Авесто бо растохези мурдагон низ иртибот пайдо намуда, соҳиби қудрату нируи осмонӣ мегарданд. Замони маҳдуд, ки моҳиятан барои аз пой дарафтодани Аҳриман офарида шуда буд, ба охир мерасад ва замони беинтиҳо то абаддудаҳр кашида мешавад. Ин ақидаи Мери Бойсро бо каме тағъирот дигар пажуҳандагон, аз ҷумла Душен Гуиллемин, Ҷалолуддини Оштиёнӣ, Ҳошими Разӣ ва дигарон дар баррасиҳои худ овардаанд.

Зухури сушиёнатҳо (сушиёнсҳо) низ устураи ҷолибе дорад. Мувофиқи он Зардушт аз ин ҷаҳон нарафтааст. Дар адабиёти паҳлавӣ омада, ки нутфаи

Зардуштро Нарюсанг (Naryusang) ном эзиде гирифта ба фаришстаи об Ноҳид (Аредвисура Анаҳито) супорид, то девон онро пайдо карда, нобудаш насозанд. Нутфаи мазкур дар дарёчаи Касаойа (Kasaoya), ки ба фикри муҳаққиқон, шояд ҳамон дарёчаи Ҳомун дар шарқи Эрон бошад, нигаҳдорӣ мешавад. Нигаҳбонии онро 99999 ҳазор фраваҳар анҷом медиҳанд. Дар ҳар ҳазораи боқимонда дӯшизае дар оби ин дарёча шустушӯ хоҳад кард ва аз он нутфа бордор хоҳад шуд ва сушиёнсе таваллуд хоҳад кард. Зуҳури сушиёнат ё худ сушиёнсҳо дар Авесто чунин оварда шуда, ки аввал Ухшият Эрета (Ukhshyat Eresta-Ҳушидор), сипас Ухшияд Намоҳ (Ukhshyat Namor-Ҳушидармоҳ) ва, ниҳоят, Астават Эрета (Astavat Ereta-Сушиёнат ё шоҳ Баҳром) зуҳур хоҳанд кард. Мароқангез будани ин достонҳо дар тавлиди сушиёнсҳо аз модарони бокира аст, ки ҳар яке дар поёни ҳар ҳазор соли охир арзи вуҷуд хоҳанд кард.

Дар «Зомиёдяшт» роҷеъ ба сушиёнат маълумоти фаровон оварда шудааст. Аз ҷумла қайд гардида, ки рӯзе ҳангоми поён ёфтани замон дӯшизае бо номи Эредат Фазрӣ ҳини шустушӯ аз нутфаи Зардушт бордор ва сушиёнсе ба дунё хоҳад овард, ки бар тамоми душманони мардум— девҳо ва нируҳои палид пирӯз хоҳад шуд. Бо падид омадани охирин сушиёнат-Астават Эрета аз духтари бокира бо номи Виспа гурви (Vispatrĕqvī) ба маънии ҳамешапирӯз растохези мурдагон шурӯъ шуда, умри ҷаҳонӣ моддӣ ба охир мерасад.

Албатта, чунин достонҳои шигифтангез дар худи Готҳо нестанд, ва ин ҳама офаридаи Авестои мутааххир аст. Масалан, дар он гуфта шуда: «фраваҳарҳои нируманди поконро меситоем, ки 99999 ҳазори онон ба нигаҳбонии дарёи «фрахкрат» гумоштаанд ва ба ҳамин тариқ аз ситораи Ҳафтуранг пайкари Гаршосп ва нутфаи Зардушт нигаҳбонӣ мекунанд» (Фарвардиняшт, кардаи 17-20) ; «Фарри каёнии нирумандро меситоем..., ки азони изадони миновию изадони ҷаҳони зинда (ҷаҳони моддӣ) аст. Фарре, ки азони сушиёнатҳои зодашуда мебошанд, фарре, ки азони сушиёнатҳое, ки ҳануз ба дунё наомадаанд. Инҳо ҷаҳони нав бунёд мекунанд, ҷаҳони ҳамеша тоза ва ҷавон, ки пирию беморӣ ва фасодро дар он роҳ набошад» (Зомиёдяшт, кардаи 3); «Фарри каёнии Маздо офаридаро меситоем... ҳангоми ки Астават-Эрета падид меояд, аз оби дарёи Касаойа, фиристодаи Маздо Аҳуро, фарзанди Виспатури...» (Зомиёдяшт, кардаи 15)

Маҳалли зуҳури сушиёнатро Абдулазими Ризой бо истинод ба навиштаҳои паҳлавӣ дар Сиистон, дар канори дарёчаи Ҳомун ва руди Ҳилманд медонад. Ин макон сарзаминест, ки силсилаи Каёниён аз он ҷой бархоста ва Зардушт аз дасти душманон ба он ҷой панаҳ бурда буд. Албатта, ин фикр мухолифони худро низ дорад. Муҳаққиқи мазкур дар асараш устураи зуҳури мавъудҳои оини зардуштиро батафсил нақл карда, ба падид омадани се писари Зардушт-Исад Вастра (Jsat Vastra), Ураватнар (Uravatnar)

ва Хвага Чито (Hvaga Chito), ки мувофиқан ба маъниҳои «ориф кори дуруст», «борурии некӯиҳои одамӣ» ва «дурахшиши нури миноии» омадаанд, иттилоъ медиҳад. Ба фикри ӯ, дар охирин марҳила дар ҳаёти Хушидармоҳ батадриҷ ҷаҳон рӯ ба камолу саодат меоварад ва мардум аз моддиёт гузашта ба маънавиёт хоҳанд гароид ва заминае барои зуҳури сушиёнсе омода хоҳад буд, ки он мардумро барои касби файзи зиндагии миновӣ омода хоҳад сохт[52].

Фарҳангмеҳр бо ишора ба Сӯҳоб Ҷамшед Баласара ақидаеро баён карда, ки мувофиқи он се сушиёнат далолат ба се марҳилаи пешрафти ахлоқу дин аст, ки дар марҳилаи аввал ростӣ рушд мекунад, дар марҳилаи дуюм имон афзоиш меёбад ва дар марҳилаи сеюм таҷассуми хориҷии некӯй падидор мешавад. Сушиёнат касест, ки ба ройзании хирад ва гибқи Ашо амал карда, ботини инсонро аз олудагӣ тоза менамояд, ӯро ба камолу ҷовидонӣ мерасонад.

ТАВҲИД Ё САНАВИЯТ

Мо дар қисмати «Аз ҳикмати хусравонӣ то фалсафаи Зардушт» низоми офариниши оламро асосан бар мабнои Готҳо мавриди баррасӣ қарор додем. Дар он қайд гардид, ки Аҳуромаздо офарандаи ҳамаи падидаҳои табиат ва ҳодисаҳои ҷамъият мебошад. Тибқи Готҳо фақат як холиқ вуҷуд дорад ва ба он ҳеҷ гуна худои дигаре муқобил гузошта нашудааст. Аҳуромаздо танҳо худои холиқ аст, ва, чуноне ки аксари муҳаққиқон қайд кардаанд, яке аз навовариҳо ё худ ихтироои Зардушт аз он иборат аст, ки ӯ ба ҷои худоҳои мутааддиди мавҷуда дар пантеони дини маздоии куҳан Аҳуромаздоро ҳамчун худои ягона ва якто муаррафӣ кард ва шояд бо камоли боварӣ гуфтан мумкин бошад, ки бо ташаккулу инкишофи оини зардуштӣ асри чандтопарастӣ (политеизм) ба марҳилаи нави тараққиёти худ-яктопарастӣ (монотеизм) ворид шуда. Муҳаққиқони Ғарб Шафтеловия, Н.Грей, Зултсер, Зеҳнер, Шпигел ва дигарон мӯътақиданд, ки дар Готҳо худованд ба сурати олитарин ва бузургтарин худои ягона талаққӣ шуда ва оини зардуштӣ ба унвони дини тавҳидӣ ва монотеизми мутлақ ироа гардидааст. Мери Бойс монотеизми зардуштиро «ба маротиб аз мазҳаби иброниён холистар» донистааст.

Ҷалолуддини Оштиёнӣ бо овардани назари олимону мусташриқони Ғарб чунин иатиҷагирӣ намуда, ки «аглаб қариб ба иттифоқи оро ба ин назария, ки дини Зардушт як мактаби дуалистӣ буда, ки ҷанги Аҳриману Ҳурмуздро матраҳ сохтааст, мувофиқ нестанд. Қалиле ҳам, ки санавияти паёми Зардуштро мепазиранд, кӯчактарин далеле аз Готҳо ироа накарда, балки ба Авестои мутааххир мутако мешаванд. Вале он чи ҷои тааҷҷубу таассуф аст, он ки аглаби ситоишгарони афкори Зардушт ҳам дар ин маврид

дучори иштибоҳ шуда ва дар таъйиди тавҳидӣ будани паёми Зардушт ба масоиле мутако мешаванд, ки усулан ба Готҳо иртибот надоранд»[53].

Фикри фавқро низоми офариниши ҳастӣ, ки дар бахши гузашта мавриди таҳлил қарор гирифта буд, тасдиқ менамояд. Вале барои иттилоъи бештар масъалаи тавҳид ё санавиятро дар ин бахш мавридӣ таваҷҷуҳ қарор хоҳем дод. Аввал ба назару таърифҳое, ки дар ин бора дар Асрҳои миёна вуҷуд доштанд, муроҷиат хоҳем кард. Муҳаммади Шаҳристонӣ дар «Ал-милал ва-н-ниҳал» навиштааст, ки «Зардушт ҳазрати рабубиятро ситоиш мекард ва шайтонро такфир менамуд, нуру зулматро ду асли мутазод медонист, чунон ки изадону Аҳриман ва ин ҳар дуро мабдаъи мавҷудоти олам талаққӣ мекард. Лекин қайд намуда, ки худо холиқи нуру зулмат аст ва нур бар зулмат ва хайр бар шар ғолиб ояд»[54]. Аз ин иқтибос маълум мегардад, ки аввалан, ҳазрати рабубиятро ситоиш кардан ва шайтонро такфир намудан дар ҳамаи динҳои мутаол мушоҳида мешавад ва бӯи дугонагарой аз ин ҷумлаи Шаҳристонӣ намеояд; сониян, нуру зулмат дар ҳақиқат ду асли мутазоданд ва, ба қавли баъзеҳо, диалектикаи соддалавҳона, беҳтар аст бигӯем, ки диалектикаи такмилёфта ва пурмуҳтавотар аз гуфтаҳои Гераклит дар ин ҷо ба назар мерасад. Изадону Аҳриманро мабдаъи мавҷудоти олам донистани Шаҳристонӣ ба он бевосита далолат мекунад. Ӯ Аҳриманро дар радифи изадон, ки дар мақому манзалат ҳаґто пасттар аз Амшоспандон дар силсилаи маротиби вуҷуд қарор гирифтаанд ва силсилаи табақоти аразии вуҷудро ифода мекунанд, яксон донисґааст.

«Мабдаъи мавҷудоти олам» будани изадону Аҳриман, ки Шаҳристонӣ ба он истинод карда, бештар ба ташаххус ёфтани изадони ёвари Ҳурмузд ва ёрони бадкирдори Аҳриман ишора мекунад, на ба нахустмабдаъҳои мутлақу мустақил, ки дорои қуввaваю тавоноии баробари халлоқият бошанд. Аз ин рӯ, дар охири ҷумла муаррихи фалсафа ва дин Муҳаммади Шаҳристонӣ такид намуда, ки «худо холиқи нуру зулмат аст ва нур бар зулмату хайр бар шар ғолиб хоҳад омад». Холиқи нуру зулмат будани худованд ишораи бевосита ба дини тавҳидӣ будани оини зардуштӣ мекунад, зеро Шаҳристонӣ санавият ба маънии ахасро чунин таъриф додааст. «Санавият чунин тоифаеанд, ки ду азалӣ сибот кунанд, ки эшонро асҳоби иснайн ґуянд ва заъми эшон он аст, ки нуру зулмат ду азалии қадим-ба хилофи маҷус. ки ба ҳудуси зулмат қоиланд, ва сабаби ҳудусаш равшан медоранд ва ин тоифа ґуянд нуру зулмат ду қадими мутасовиянд»[55]. Чунин акидаро дигар арбобон ва муаррихони дин, аз ҷумла Матҳар ибни Тоҳири Муқаддасӣ низ баён намудаанд. Тоҳири Муқаддасӣ санавиятро бар чанд даста—маннония, дайсония, моҳония, самания, марқуния, кабония, собеия ва ғайра тақсим намуда, ҳар фирқае, ки ба ду худо ё бештар қоил шуда бошад, ба санавият мансуб медонад.

Дар «Бундаҳиш», ки тадвини он фарсаҳҳо дур аз замони Готҳост, фикри болоро мушоҳида намудан мумкин аст. Дар он Аҳуромаздо ҳамчун худои бузург ба офариниш шурӯъ кард ва аз лиҳози замонӣ Аҳриман ба ҷои амали офариниши олами миновию нуронӣ дар саҳнаи таъриҳ пайдо шуд ва аз ҷиҳати қудрат низ дар тоати Аҳуромаздост. Вақте Аҳуромаздо пуҳ ҳаҷор сол замонро фароз офарид, олами моддиро дар ин замон фароз офарид, вале Аҳриман олами моддиро наофарида, балки фақат ёрони бадкирдори худро ба номи Камолагон офаридааст, ки чунин халлоқиятро изадон ё худ ёварони Аҳуромаздо низ моликанд. Шояд ба ҳамин иллат дар «Бундаҳиш» омада ки «Ҳурмузд он чиро наандешад, ки онро натвонад кард, Аҳриман онро, ки натвонад кард, биандешад...»[56]. Ба ибораи дигар, нирую тавоноии Аҳуромаздо бештар ва қавитар аз қудрати Аҳриман аст ва ба ин маънӣ офаридаҳои Аҳриман азалӣ ва абадӣ нестанд ва аз худи пайдоишашон дар замони муайян маҳкум ба нобудӣ ва маглубиятанд.

Ду асли мутазоди нуру зулматро Аҳуромаздо халқ карда ва ӯ ҳамчун худои якто мислу монанде дар ҳар ду олами миновию гетӣ надорад, вале набарди ин ду нируи мутазод ҳамеша дар олами моддӣ то ғалабаи ниҳоии нур идома пайдо хоҳад кард. Аз ин нуқтаи назар, вуҷуди нурро асл ва вуҷуди зулматро фаръ (мисли инсон ва соя он) ва тобеъи нур медонанд. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки номи «Аҳуро» аз лиҳози забонӣ маъниии «ҳастибахш»-ро дорад ва бинобар он ӯ офаринандаи кулли ҷаҳони ҳастӣ аст ва ҳамаи мавҷудоти ҷаҳони моддиву миновӣ аз ӯ мояву нишот гирифтаанд, вале Аҳриман ҳамчун зарурати таҳаққуқи офаридаҳои миной дар олами гетӣ ҳастибахш ё офаринанда нест, балки ӯ тахрибкор ва набардкунанда аст. Дар олам он ҳамчун «будан» ё худ як воқеъияти пиндорӣ амал мекунад, ки бо «ҳастӣ»-и офаридаи Аҳуромаздо таҳаққуқ пайдо мекунад. Ин тақрибан бо ҳамон баҳси «вуҷуд» («экзистен») ва мавҷуд (бытие) дар фалсафаи мошшо, хусусан дар таълимоти намояндагони мактаби фалсафии Исфаҳон, аз ҷумла Мулло Садрои Шерозӣ монанд аст. Мувофиқи таълимоти Садриддини Шерозӣ мавҷудияти олами моддӣ аз «вуҷуд»-и воҷибулвуҷуд вобастаанд. Ба ин маънӣ, дар оини зардуштӣ дар муқобили Аҳуромаздо мабдаъи дигаре ҳамчун фоили шарру зулмат вуҷуд надорад ва Аҳриман ё худ «Ангра Майню» моҳиятан дар муқобили «Спента Майню» қарор дорад ва аразест, ки дар ин ҷаҳон мавҷуд аст, вале пойдор нест.

Ҳамин масъаларо Қутбуддини Ашковарӣ, ки худ шогирди намояндаи мактаби фалсафии Исфаҳон Мирдомод мебошад, чунин нигоштааст: «Худованд нурро ибдоъ кард ва торикиро тобеъи он қарор дод, зеро зарурати вуҷуд тазод аст ва мавҷудияти торикӣ зарурист ва дар ҷаҳони офариниш воқеъ шудааст, вале мақсуд аввалӣ ва ибтидоӣ нест, монанди шахс (ки вуҷудаш асл аст) ва соя (ки вуҷудаш мақсуди аслӣ нест)»[57].

Муаррихи дигари дин Ибни Ҷавзӣ дар «Талбиси иблис» ном асараш иллати офарида шудани зулматро тавре шарҳ дода, ки шояд дар дигар осори тадқиқотии Асрҳои миёна онро натвон пайдо намуд. Ӯ роҷеъ ба маҷусиён ва нахустин подшоҳии Каюмарс сухан ронда, дар бораи онҳо чунин нигоштааст: «Маҷусиён мегуфтанд: худованд шахси (зоти) рӯҳонист, ки зуҳур карда ва бо ӯ ашё (и) комилан рӯҳонӣ пайдо шуданд. Пас худо ба худ гуфт: дигареро нарасад, ки чунин чизҳо, ки ман ибдоъ кардам, ибдоъ кунад. Ва аз ин андеша, ки мутазаммини инкори қудрати ғайр буд, зулмат зода шуд ва зулмат бо худо ба муборизa бархост»[58]. Аз ин иқтибос маълум мешавад, ки Аҳуромаздо олами рӯҳониро офарида ва аз шакки ӯ зулмат зода шудааст. Дар ҷои дигар ӯ чунин мегӯяд: «Худо танҳо буд ва чун танҳоиаш тӯл кашид ба андеша фурӯ рафт ва аз андешааш иблис зода шуд ва чун пешрӯяш ҳозир гардид, хост вайро бикушад, аммо вай монеъ гардид ва чун худо имтиноҷи вайро дид, то муддате мӯҳлат дод»[59]. Ҳар ду иқтибос ба ҳодис будани зулмат ишора мекунанд. Эҳёкунандаи суннатҳои қадими фарҳангии Эрони бостон Шаҳобуддини Сӯҳраварди дар «Ҳикмат-ул-ишроқ» маҷусонро ба чанд даста тақсим карда, зимнан таъкид намуда, ки пайравони Зардушт «ба қадим будани нур ва ҳудуси зулмат қоиланд ва бо ин фарз қоил ба тавҳиданд, на санавият». Аз намунаҳои дар боло зикршуда ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки зода шудани зулмат, ки фармонравои он Аҳриман аст, дар як бӯъди замонӣ бо Аҳуромаздо сурат нагирифтааст ва ҳатто худи зулматро низ Аҳриман наофаридааст ва агар ба суханони Ибни Ҷавзӣ бовар кунем, ӯ танҳо ёрони зишти худро дар он зулмат барои набард бо нируҳои равшанӣ офарида, ки оқибат нокомӣ насибашон хоҳад шуд.

Барои чунин фикрро собит намудан худи Ибни Ҷавзӣ дар ҳамин китобаш санавиятро тавре таъриф дода, ки аз он дурустии гуфтаҳои боло хуб ба назар мерасад. Ӯ навишта: «Санавиён гӯянд, ки ҷаҳонро ду сонеъ ҳаст. Яке нур ва офарандаи хайр аст ва дигаре зулмат, ки офарандаи шар аст. Ва ин ду абадию азалӣ ва ҳассосу самеъу басиранд, дар нафсу сурат мухталиф ва дар феълу тадбир мутазоданд. Ҷавҳари нур барину зебо ва равшану софу покиза, хушбӯ ва некӯву мунзар аст ва нафси нур некхоҳу бузургманиш ва донову судрасон аст. Аз ин рӯ, лаззату шодмонӣ ва дӯстӣ аз он барояд ва зиёну табоҳӣ назояд. Ва, баръакс, он ҷавҳарӣ зулмат ва бадкору бахилу нодон ва гандноку зиёнбор аст ва аз он шарру фасод барояд»[60]. Дар ин ҳолат Ҳурмузду Аҳриман ду сонеъ намебошанд, ки абадию азалӣ буда бошанд. Гузашта аз ин, агар мо ба суханони Ибни Ҷавзӣ роҷеъ ба ҷинси офаридаҳои Ҳурмузду Аҳриман таваҷҷуҳ кунем, ба хубӣ тавҳидӣ будани оини зардуштӣ маълум мегардад. Зеро ҳар яке аз ин ду, яъне нуру зулматро Ибни Ҷавзӣ шомили 5 ҷинс-чаҳор бадан ва як рӯҳ медонад. Чаҳор бадан иборат аз оташу боду хоку об ва рӯҳи ӯ шабаҳ аст,

ки дар ин чаҳор унсур мегардад ва чаҳор бадани зулмат иборат аст аз ҳариқу торикӣ ва самуму меҳ ва рӯҳи он дуд аст.

Аз ин нукта чунин бармеояд, ки бадани рӯҳ унсурҳои ҳоти ҳастанд, ки аз пайвастагии онҳо тамоми мавҷудоти олами моддӣ аз ҷамодот сар карда то инсон ба вуҷуд меоянд, вале унсурҳои бадани зулмат унсурҳои аразианд, ки худ ба худ вуҷуд дошта наметавонанд ва аз унсурҳои ҳоти бадани нур вобастаанд. Ба ибораи дигар, ҳариқу торикӣ ва самуму меҳ (туман) офаридаҳои муҷаззо ва ҷавҳарии зулмот нестанд, балки ҳосилаи ангезаҳои бадани нур ҳастанд ва бидуни онҳо вуҷуд дошта наметавонанд. Агар боз ҳам соддатар карда гӯем, иҷоби нур салби онро тақозо дорад, барои он ки нур таҳаққуқ бахшад бояд зулматро ёбад, ки онро равшан ва партавафшонӣ кунад. Аз ин рӯ, бадани рӯҳ ё нурро малоика ва бадани зулматро шайтону ифрит ном ниҳодаанд.

Асли муҳимми дигаре, ки дар радди санавияти зардуштия Ибни Ҷавзӣ оварда ҷолиб ва мароқангез аст. Ӯ нигошта: «Уламо дар радди ақидаи санавиён гуфтаанд, ки ду сонеъ ё ҳар ду қодиранд ё ҳар ду оҷиз, ё яке оҷиз аст, дигаре қодир, ки аз (ин) се ҳолат ду ҳолати охир хилофи фарз аст, зеро ки он чи оҷиз аст, худо нест. Пас мемонад ин ҳолат, ки ҳар ду қодир бошанд. Ҳоло тасаввур кунем, ки яке мехоҳад ҷисмро такон диҳад ва он дигаре сокин нигаҳ дорад. Агар ҳамзӯр бошанд, ки корҳои олам рокид мемонад ва агар якешон пеш бибарад, он дигаре, ки оҷиз шуд, худо нест»[61].

Агар назари олимону мутафаккирони Асрҳои миёнаро доир ба масъалаи тавҳидӣ ё санавӣ будани асоси таълимоти зардуштӣ идома диҳем, ба ақоиди алломаҳои он давру замон, ки ба дини зардуштӣ наздиктар аз мо буданд, бояд назар афканем. Рочеъ ба ин масъала Навбахтӣ, Яҳё ибни Башири Наҳовандӣ, Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва Азизи Насафӣ ибрози ақида намудаанд. Ду нафари охирӣ аз бузургони машоихи суфия буда, аввалӣ дар «Тамҳидот» ва дуюмӣ дар «Инсони комил» ном асарашон дар боби нуру зулмат назарҳои худро овардаанд, ки аз баррасии онҳо дар ин ҷо худдорӣ намуда, чунин нуктаро хотирнишон хоҳем кард, ки намояндаи фалсафаи Асрҳои миёнаи мутааххир Садриддини Шерозӣ дар асараш «Ал-асфор-ал-ақли-ал-арбаъа» сайри такомулии инсонро дар роҳи дарку кашфи ҳақоиқи асрори олам аз ҳавоси зоҳирӣ шурӯъ намуда, сипас ба олами нафс мерасад (ҳикмати баҳсии машшоиён), баъд ба олами ақл раҳсипор мегардад ва худро ба олами рабубият мерасонад (ҳикмати кашфию завқӣ ва шуҳудӣ). Ҳошими Разӣ мӯътақид аст, ки ҳамин сафари чаҳоргонаи Мулло Садро дар сурудҳои Ясно (ҳоти 44) матраҳ шуда. Зимни пурсишҳои Зардушт аз Аҳуромаздо маълум мешавад, ки роҳи расидан ба ҳақ ва сайри такомулии инсон чи гуна сурат хоҳад гирифт. Беҳуда олимон «ҳот»-и мазкурро яке аз шоҳкорҳои Зардушт нашуморидаанд. Ин масъала дар бахши маърифати олам аз назари зардуштия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор хоҳад гирифт,

вале дарку кашфи худои ягона низ далели тавҳидӣ будани оини зардуштиро нишон медиҳад.

Ба яктопарастӣ будани дини зардуштӣ шакке нест. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ дар ин бора дар «Сайри фалсафа дар Эрон» нигошта, ки ҳадафҳои Зардушт «оштӣ додани бадӣ бо некии ҷовидонаи худо буд. Пешиниён арвоҳи неки мутаадидро мепарастиданд. Зардушт он арвоҳро ягонагӣ бахшид ва он ягонаро Аҳуромаздо хонд. Ба ҳамин сиёқ ҳамаи арвоҳҳои бадро ягона шумурд ва «Дуруҷ - Аҳриман» номид. Бинобар ин Зардушт ба ду бун ё бунёд расид, вале чуноне ки М. Ҳауг (M. Haug) навишта, ду буни ҳастиро ду ниру ё ду фаъолияти мустақил надонист, балки баҳраҳо ё вуҷуди дугонаи як вуҷуди аввалӣ ангошт». Вале рӯҳониёну мубадони дини зардуштӣ дар аҳди Сосониён дар рисолаю ёдгориҳои катбие, ки аз худ боқӣ гузоштанд, дар ҳақиқат ба ширк роҳ додаанд. Онҳо дар натиҷаи ба вуҷуд омадани мактабу равияҳои гуногуни мазҳабиву илҳодомез ва ҷунбишҳои иҷтимоӣ, инчунин ақидаҳои ирфонӣ, хусусан монавия бисёр унсурҳои ақидатии равияҳои навзуҳурро вориди оини зардуштӣ намуданд ва фалсафаву ҳикмат, ишроқу ирфон, илоҳиёту ахлоқи ноби зардуштияро, ки дар «Готҳо» баён шуда буданд, тағъир доданд. Ин ҳодиса ба ҳаёти фарҳангиву иҷтимоӣ ва сиёсии Осиёи Миёнаву Эрони бостон таъсири амиқ гузошт.

Баъди фурӯпошии давлати Сосониён ва тағъири ҳаёти иҷтимоӣ дар оғози Асрҳои миёна ҳамон «шолудаи фикрӣ», ки дар замони Сосониён тавассути мубадону ҳирбадони зардуштия ба мардум таҳмил шуда буд, ҳамчун меросе гузаштаи оини зардуштӣ боқӣ монд. Ҳошими Разӣ, ки заҳмати бисёре роҷеъ ба омӯзиш ва интишори адабиёти зардуштӣ кашида, дар ин бора қайд карда, ки камтар касоне домони ҳиммат бастаанд то ба таҳқиқу пажуҳиши усули диёнату ҳикмат ва фалсафаву ахлоқи асили зардуштӣ пардохта,, раванди тағъиру инҳироф аз асли маъниро нишон диҳанд. Ба ҳамин иллат имрӯз шахси тозаворид зимни мутолиаи Готҳо ва дигар ёдгориҳову сарчашмаҳои фарҳангӣ ба мисли «Бундаҳиш», «Динкард», «Зодспрам» ва ғайра тафовутҳои боризеро мушоҳида карда метавонад, ки аз бисёр ҷиҳат ба ҳам носозгоранд ва дар хеле аз маворид ба ҳам муқобиланд.

Бешубҳа, тасбиту тадвин (кодификатсия)-и Авесто, ки шарҳаш дар бахшҳои гузашта батафсил манзури хонандагон гардида, як иқдоми нек барои ҷамъоварии матнҳои парокандаи Авесто баъди истилои Искандари Мақдунӣ буд. Вале аз ҳамон буъди замонӣ сар карда инҳироф аз асли матлаб шурӯъ шуда буд ва осоре, ки дар аҳди Сосониён ва баъди он ба вуҷуд омаданд, аз омезиши бисёр ақидаҳои диниву мафкуравӣ иборат буданд. Ҳошими Разӣ дар «Ҳикмати хусравонӣ» ба ҳамин масъала ишора намуда, навиштааст, ки «шеваи тафаккури муғон бар асоси манобеъи мавҷуд аз

замони Сосониён нуру зулматро ду ҳақиқати мутамоиву махлуқ, ду омили халлоқу мустақил» пиндоштаанд, ки мухолифи ақидаи Зардушт аст.

Ӯ суханашро идома дода, таъкид кардааст, ки равшанию торикиро ба ду мабдаъи мустақил нисбат додан ба буну мояи омузиши Зардушт мувофиқат надорад ва ҳакимони Эрони бостон ба санавият ҳеҷ гуна муносибате надоштанд. Аз дидгоҳи Зардушт ва файласуфони эронӣ, ба фикри муҳаққиқи мазкур, тақобули нуру зулмат тақобули тазодӣ нест, балки тақобули вуҷуд ва ловуҷуд аст, ки асл ҳамон нур ва иқтизои он равшанист ва лонур ҳамон зулмат аст, ки аз мабдаъи мустақил барнахостааст. Аз ин рӯ, Ҳошими Разӣ дар асари дигари худ таҳти унвони «Оини муғон» санавият ва дугонагӣ ё худ эътиқод ба ду худо, ки ҳатто муғони қабл аз Зардушт низ тарафдори чунин ақида буданд, рад карда, навиштааст, ки «пас аз таҳқиқоти ростин ошкор шуд, ки он ақида нодуруст буда. Саҳеҳ аст, ки Зардушт эътиқод ба ду асли хайру шар дорад, вале ҳеҷ вақт он дуро ба сурати ду худо ва баробар бо якдигар нишон надодааст, фақат муғон пеш аз ӯ чунин эътиқод доштанд. Зардушт ин матлабро ба куллӣ инкор кард ва фақат ахлоқи санавиро ворид донист, на ин ки дар илоҳиёт санавиятро ворид бидонад»[62].

Меҳрубони Худовандӣ ин ақидаи Ҳошими Разиро тарафдорӣ намуда, Аҳуромаздоро худованди ягонаи ҷаҳон шуморидааст, ки сарчашмаи ҳамаи некиҳо мебошад. Дар муқобили ӯ офаридгор ё худ фоили шарре вуҷуд надорад. Хиради гумроҳ ё хабисе, ки баъдҳо бо мурури айём номи Аҳриманро ба худ гирифт, дар муқобили Аҳуромаздо қарор надорад, балки дар баробари Амшоспандон аст ва фаъолияташ бештар дар ҷаҳони моддӣ мегузарад, табиати ҳамин тазод дар ҷаҳони моддӣ мавҷиби ҷунбишу ҳаракат мегардад, ки қувваҳои аҳриманӣ муваққатӣ ва маҳкум ба адам аст ва мағлубпазир мебошанд [63].Ҳамин ақидаро Ҳамдам Муъминҷонов низ зимни таҳлили «Фалсафаи антропологии зардуштия» баён намуда, силсилаи мантиқии баёни ғояву усули оини маздаясно санавият ё худ мавҷудияти ду худои мустақил ва новобаста ба якдигарро таъйид намекунад, балки он аз муносибати дугона барои роҳи ҳалли масоили олами моддӣ дарак медиҳад.

Дар адабиёти зардуштӣ чунин ақида раиҷ аст, ки оини зардуштӣ дар қисмати илоҳиёт яктопарастиро риоя кардааст, вале дар қисмати ахлоқ ва шояд ҳам фалсафа дар дараҷаи дуюм ва мутааххир бар илоҳиёт мебошанд, ду асл—хайру шар вуҷуд дорад. Ҳарчанд, ки ин қазия аз назари илмӣ чандон дуруст нест ва аз назари фалсафа низ оини зардуштӣ аз санавияти мутлақ роҳи гурезро пеш гирифтааст, он ҳомилону тарафдорони бисёре дорад. Дар боло нуру зулматро ба инсон ва соҳаи ӯ ташбеҳ карда, тобеъ будани охирӣ бо аввалиро мавриди таҳлил қарор додем.Агар ба ин масъала аз нуқтаи назари ҷаҳоншиносӣ ва маърифати он амиқтар назар афканем,

маълум мегардад, ки олами моддиро ба мисли худи инсон эҳсос ва дарк намудан мумкин аст. Вале агар мо дар ин ҷодда боз ҷулӯтар равем, оламро вуҷуди зоти илоҳӣ ва сояи зуҳури ӯ арзёбӣ кунем, дар ин ҳолат бо дарки табиату инсон мо сояеро мешиносем, ки худованд аз худ меафканад. Ба ибораи дигар, мо дар шахси инсон сояи офаридгори онро мешиносем, вале худи инсон ҳиҷоберо мемонад, ки дар паси он вуҷуди аслии худованд ниҳон аст. Аз ин қазия муносибати хайру шар ва нуру зулмотро муайян намудан мумкин аст. Аввалӣ (хайру нур) мисли офаридгор аслу асос ва дуюмӣ (шарру зулмот) мисли офаридаҳои худованд фаръу натиҷа мебошад. Вале вақте мо илоҳиёту фалсафаро аз назари ҳасгишиносӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем, онҳоро ба дараҷаи аввалу дуюм ҷудо намудан мувофиқи мақсад нахоҳад буд. Зеро мо дар ҳар ду маврид офариниши ҳастӣ ва ҳудусу қидами онро меҳвари асосии ҳастишиносӣ қарор дода, силсилаи маротиби вуҷудро тибқи назарияи файз ё судур (эманатсия) баррасӣ намоем, аз офаридгор то ашё ва падидаҳои олами моддӣ як қисми асосии доираи комили вуҷудро бо номи «қавси нузул» ташкил медиҳанд. Дар ин ҷо муқобилгузории ду асли асосии зардуштия ба ҳеҷ унвон духудой ва дугонагарой (дуализм)-ро ифода намекунад, балки тарзи судури касрат аз вахдатро мемонад, ки ба як тартибу низоми муайяни дорои ҷанбаи фалсафӣ сурат мегирад.

Плутарх дар китоби худ «Изис ва Осирис» роҷеъ ба дугонагароии оини муғон гуфта: «Ҳар гоҳ ин аслро бовар дошта бошем, ки иллати вуҷудии ҳеҷ чиз бидуни ангеза анҷомпазир нест ва ҳамчунин бовар дошта бошем, ки ҳар чиз, ки ангезаи хубӣ ва зебоист, наметавонад мабдаъи бадӣ ва шар қарор гирад, пас бояд бар он бошем, ки дар ҷаҳон ду мабдаъ ё ду бун ва ду гавҳар вуҷуд доранд, ки яке мабдаъ ва маншаи некист ва ондигаре мабдаъ ва маншаи бадӣ—ва ин ақидату боварест, ки фарзонатарин хирадмандони ҷаҳон баргузидаанд» . Ҳошими Разӣ ҳадс мезанад, ки бешубҳа Плутарх бо орои ҳакимони Эронӣ бостон ба тавассути Арастуву Афлотун шиносой доштааст ва манзури ӯ аз «фарзонатарин хирадмандони ҷаҳон» ҳамон Афлотун ва донишҳои зарвонию оини муғону мубадони аҳди Сосониён буда, ақидаи дугонагароии муғони модии қабл аз Зардуштро чунон тағъир доданд, ки дар натиҷа «бунёни тафаккури ҳикматомезу мунбасити зардуштиро дар ду буну асл ба санавияти мутлақ дар илоҳиёт баргардонданд».

Агар ин масъаларо боз ҳам равшантар баён кунем, хоҳем дид, ки дар бахши 21 гузидаҳои Зодспрам Баҳман ба Зардушт зоҳир шуда, мегуяд, ки нур мутлақ аст. Дар тавсифи ин нукта омада: мӯй миёни сараш ду то ё фарқдор буд, ки ин нишонаи дуй (ду бун, санавӣ) аст. Дар бахши 22 банди панҷум нақл аст, ки Аҳуромаздо дугонагии бунҳо ё маншаьҳо ва ҷудоии онҳоро аз ҳар назар ба Зардушт нишон дод. Ва пас аз он ба шарҳи санавият ва ҷудо будани Ҳурмузд аз Аҳриман ва офариниши ин ду мабдаъ ишора

шуда. Бахши ҳаштуми китоби паҳлавӣ «Шканд гумоник вичар» дар дифоъ аз санавияти мутлақ аст. Вале агар ба далелҳои бахши мазкур муроҷиат кунем, мебинем, ки дар он ҳамон далоили суннатии санавият ироа гардида, аз ҷумла гуфта шудааст, ки хубу бад дар ҷаҳон вуҷуд дорад ва ба мисли нуру зулмат қобили рӯият аст, зиндагиву марг ва бемориву тандурустӣ, адлу инсоф ва дигар мақулаҳои мутазоди ахлоқӣ дар олам мавҷуданд, ки ба ҷавҳари онҳо вобастаанд ва аз ин ҷо ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки аслу бунёди ашё ва падидаҳои олами моддиро ду мабдаъи офаринин ташкил медиҳанд.

Ин китоб роҷеъ ба илми каломи зардуштист. Зимни баррасии соири масоили каломӣ саъй шудааст, ки дугонагароии оини зардуштӣ ба исбот расонда шавад ва, аз ин рӯ, далелҳои ироашуда қотеъ ва басанда ба назар намерасанд. Ақидаҳои дугонагароиро дар фаргарди аввали «Вандидод» низ мушоҳида намудан мумкин аст. Вале қабл аз он ки ба он таваққуф кунем, бехтар аст, ки аввал ба суханони Муҳаммад Иқбол таваҷҷуҳ намоем. Ӯ зимни баррасии масъалаи мазкур яктопарастии оини зардуштиро эътироф карда, ҳамвора нуктаеро бо шарту шурут зикр намудааст, ки шояд баъзе ноҳамоҳангиҳои мавҷуда дар адабиёти зардуштӣ ва тамоми ихтилофи назарҳои муҳаққиқон роҷеъ ба масъалаи мавриди баҳс аз ҳамин нукта сар зада бошанд.

Ӯ менависад: «...аммо агар ба ду рӯҳ - рӯҳи холиқи ҳастӣ ва рӯҳи холиқи нестӣ эътиқод кунем ва бовар дорем, ки ин ду ҳар як вуҷуди мутаол ба ҳам мепайванданд ва ягона мегарданд, ба ногузир бояд асли шарро ҳамоно ҷанги худо бо хештан шуморем. Дар ин сурат бояд бипазирем, ки муҷоҳидати Зардушт барои оштӣ додани яктопарастии динӣ бо дугароии фалсафӣ муҷоҳидати норасо буд ва ҳамин норасой буд, ки пайравони ӯро ба тафриқа андохт»[64]. Манбаи чунин тафриқа дар Готҳо низ дида мешавад. Аз тамоми матни Готҳо фақат дар ду банд-банди 2 «ҳот» -и 45 ва банди 3 «ҳот»-и 30 Зардушт роҷеъ ба ду гавҳари ҳамзод сухан ронда ва онҳоро мутазоду қадим хондааст: «Дар домони ҳастӣ он гоҳ, ки замон мафҳуме ёфт, он ду гавҳари ҳамзод нахустин пайдо шуданд. Он ду гавҳаре. ки якешон дар андешаву гуфтору кирдор нек буд ва дигаре зишт; аз миёни ин ду мардумон бо доварии хирад боясти роҳи некро баргузинанд, на роҳи бадро» (Ясно, ҳоти 30/3) «Акнун мехоҳам дар бораи он ду гавҳаре сухан бигӯям, ки аз оғоз вуҷуд доштаанд, ду гавҳаре, ки яке пок аст ва он дигаре палид. Он як гавҳар, ки пок аст, ба он дигар, ки палид аст, гуфт, ки мо ҳеҷ гоҳ созгор нахоҳем буд, на дар андеша, на дар омӯзиш, на дар хосту ирода на дар оину гуфтору кирдор». (Ясно, ҳоти 45/2).

Бо таваҷҷуҳ ба бандҳои фавқи Готҳо Ҷалолуддини Оштиёнӣ гуфта, ки онҳо барои муҳаққиқону олимон бузургтарин мушкилиро эҷод кардаанд ва сабаби асосии ихтилофи назари авестошиносон ва пажуҳандагони оини

зардуштӣ роҷеъ ба яктопарастӣ ва дугонагарой (монотеистӣ ё дуалистӣ, тавҳидӣ ё санавӣ) будани оини зардуштӣ гардидаанд. Муҳаққиқи фавқ ба ҳамин масъала аҳамияти хосса дода, аввал баъзе мушкилиҳо ё худ нодурустиҳои тарҷимаи ин матнҳоро зикр карда, ба тариқи намуна тарҷимаи калима ба калимаи Озаргуштаспро, баъд тарҷимаҳои Винденгрен, Мултон, Валтер Ҳинз, Голднер ва дигаронро оварда, қазоватро ба худи хонанда ҳавола намудааст. Ӯ ҳамвора бардошти олимони Шарқу Ғарбро роҷеъ ба ҳамин масъала оварда, ки баъзе аз онҳоро, ки аз назари мо мароқангезанд, пешкаши хонандагон менамоем.

Ҳолднер «Спента Майню»-ро рӯҳулқудс тарҷима намуда, онро бо Аҳуромаздо баробар меиндорад, зеро писар-худо, падар-худо ва рӯҳи муқаддасро се чеҳраи як воқеъият шинохта, Ангра Майнюро ба он муқобил гузаштааст ва мутамоил ба санавияти оини зардуштӣ гардидааст. Ломел назари ҳамкасби худро напазируфта, ду гавҳари ҳамзоди мавриди назарро поинтар аз Аҳуромаздо қарор дода, ба ин гавҳарҳои ҳамзод сифати халлоқиятро нисбат намедиҳад ва таъкид мекунад, ки сифати мазкурро Авестои мутааххир ба онҳо додааст. Ҷексон мӯътақид аст, ки ин ду ҳамзод, ки дар Готҳо омадаанд, ду вуҷуди мустақил нестанд, балки дар робита бо ҳам вуҷуд доранд ва махлуқи Аҳуромаздо мебошанд. Аз ин рӯ, санавияти зардуштиро як «дуализми тавҳидӣ» ба қалам додааст. Бартоломе ақида дорад, ки муқобилгузории худову шайтон сохта ва парвардаи Авестои мутааххир ва мунҳариф аст. Зеҳнер гуфта, ки таълимоти Зардуштро бар пояи стандартҳои тасбитшуда ба воситаи мактабҳои ортодоксии дуалистӣ, ки муддатҳо пас аз Зардушт вазъ гардидааст, қазоват кунем, Аҳуромаздо падари ҳар ду ҳамзод аст. Гигер мӯътақид аст, ки ду нируи фоилӣ ҳамчун нируи дугона дар зардуштия ҷой дорад, вале аз замони истилои араб сар карда ин дугонагиро ба дугонапарастӣ табдил доданд, ҳол он ки тавҳид ва Аҳуромаздопарастии зардуштиён дар саросари Авесто ва Яштҳо маъмулу машҳуд аст.

Мартин Ҳоваг яке аз аввалин касонест, ки бо сароҳат иштибоҳи мӯътақидон ба санавияти оини зардуштиро эълон карда, иброз доштааст, ки дар Готҳо ҳаргиз Аҳриман дар муқобили Аҳуромаздо набуда ва охирӣ холиқи ягона аст. Ба фикри Пурувала Зардушт дар бораи ду гавҳар мавъиза кард, вале фалсафаи ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ мафҳуми санавият надошт. Ин дуализм дар ҳақиқат дар марҳилаи баъдӣ, ки дин тавсиа ёфт, дар он нуфуз кард. Озаргуштасп дар тафсири «ҳот»-ҳои мазкур гуфта, ки «ҳот»-и 30-ро метавон дар ҳақиқат «шоҳи фасли Готҳо» ё худ «баёни дини Зардушт» номид ва ин ду гавҳари минуӣ ба андеша бастагӣ доранд, зеро санҷиши неку бад бо инсон аст ва вуҷуди хоричӣ надорад. Касоне, ки зардуштиёнро ба дугонагӣ муттаҳам месозанд ва Аҳуромаздою Аҳриманро дар баробари ҳам қарор медиҳанд, бояд ба ин банди Ясно таваҷҷӯҳ намоянд, то бифаҳманд,

паёмбари бузурги Эрон неку бадро зояндаи андешаи башар доиста, онҳоро ду гавҳари ҳамзод ва лоянфак шинохтааст. Аҳуромаздо танҳо парвардгори донои мутлақ, сарчашмаи тамоми некуиҳо, сазовори ситоишу писиш ва ҳеҷ гоҳ ўро рақиби Аҳриман намешиносанд [65].

Баъди овардани бардоштҳои олимону пажўҳандагон, ки намунаас чанд дар боло ироа гардид, Ҷалолуддини Оштиёнӣ чунин натиҷагирӣ намудааст, ки зардуштия як дини комилан тавҳидист. Мубад Рустами Шаҳрзод ин ақидаи Ҷалолуддини Оштиёниро таъйид намуда, Зардуштро аввалин таълимдиҳандаи яктопарастӣ эълон дошта, муъҳақид шудааст, ки ягонагии ҷаҳони моро мутақоид месозад, ки дар паси ин ҳама ҳастиҳо хираду ақли комиле ҳукмфармост, ки мадори ҷаҳонро ба чунон назму ҳанҷоре барқарор доштааст. Мо чунин парвардигорро Аҳуромаздо яъне офаридагори ҳастибахшу доно мешуморем[66].

Муҳаққиқони Fарб роҷеъ ба оини Зардуштӣ корҳои зиёдеро ба сомон расондаанд, яке аз чунин муҳаққиқон Вилл Дурант мебошад, ки бо асараш «Таърихи тамаддун» дар олами Fарб номвар гардидааст. Дар ин асари бисёрҷилдаи худ ў бахшҳоеро ба таҳқиқи фарҳанги Осиёи Миёнаву Эрони бостон бахшида, роҷеъ ба Зардушт ва оини ў чунин навиштааст: «Он чи Зардушт оварда буд, дар оғози кор ба ақидаи яктопарастӣ бисёр наздик буд, ҳатто дар он замон низ, ки Аҳриману арвоҳ вориди ин дин шуд, ба андозае, ки дар дини масеҳӣ бо шаётин ва фариштагони худ аз тавҳид ҳикоят мекунад, он дин низ намояндаи тавҳид буд. Дар дини масеҳии ибтидоӣ ҳамон гуна, ки таассуби хушки ибронӣ ва фалсафаи Юнон қобили мулоҳиза аст, таъсири санавият ва тақобули хайру шар ва Аҳуромаздову Аҳримани эронӣ низ ҷалби таваҷҷуҳ мекунад. Шояд андешаи дини зардуштӣ дар бораи худои ҷаҳон чунин будааст, ки хотири касонеро, ки хотири наққодӣ дошта, ба ҷузъиёти умур таваҷҷуҳ мекардаанд, хурсанд месохтааст. Аҳуромаздо дар воқеъ рамзи маҷмуъи нируи ҷаҳон аст ва барои барпо доштани ҳаққу адолат даркоранд ва ахлоқи фозила ҷуз аз роҳи ҳамкорӣ бо ин қувваи хайр фароҳам намешавад. Аз ин гузашта, санавияту дубинӣ роҳе мекушодааст, ки таноқузу инҳирофот аз тариқи ҳақро, ки ҳаргиз фикри тавҳид наметавонистааст муфассири он бошад, ба сурате гавҷеҳ кунад»[67].

Чунин фикри муҳаққиқи номии Fарб, ки дини зардуштиро дар аввал ба яктопарастӣ хеле наздик медонад ва дар охир санавиятро роҳе барои тавҷеҳи таноқузу инҳирофот мешуморад, асоси мантиқӣ дорад. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки ҳануз дар аҳди Дориюш номи Аҳуромаздо ба таври фаровон истифода шудааст. Аз матни иломии катибаи Беҳсутун (сутуни 4, банди 62) дар болои сари Доро нақши барҷаста-пайкарае дар санг намоён аст, ки мегўянд мазҳари Аҳуромаздо будааст. Аз ин гузашта, Доро ошкоро гуфта, ки вай пайрави Аҳуромаздост (сутуни 4 банди 44). Шакке нест, ки Аҳуромаздо нисбат ба дигар худоён пояи бартаре доштааст

ва шоҳи худоён ба шумор мерафтааст. Манзур аз дигар худоён ҳамон изадоне буданд, ки дар империяи ҳахоманишӣ парастиши онҳо озод гузошта шуда буд. Душен Гуиллемин мавҷудияти ибораи «дигар худоён»-ро як навъ маҳдудияти яктопарастӣ дар аҳди Ҳахоманишиён медонад. Пас дар аҳди Ҳахоманишиён Аҳурамаздо ҳамчун худои бузург вуҷуд дошта ва мавриди парастиш қарор гирифта будааст. Рӯҳи таълимоти «Готҳо»-и Авесто низ ба гуфтаҳои боло мутобиқат мекунанд.

Таъйиди чунин фикрро дар суханронии донишманди шинохтаи Эрон Яҳё Зако, ки таҳти унвони «Партави навин бар дини Ҳахоманишиён» дар шашумин Кунгираи ҷаҳонии бостоншиносӣ ва ҳунари Эрон (Оксфорд 1972), ки матни он дар маҷаллаи «Ҳунар ва Мардум» дар исфандмоҳи 1351 (декабри 1972) чоп гардида, мушоҳида карда метавонем. Ин суханронӣ на фақат аз назари таърихи адён чолибу пуррарзиш аст, балки аз назари таърихи ҳунару бостонишиносӣ низ ҳоизи аҳамият мебошад. Яҳё Зако зимни баррасии манбаъҳои асосии лавҳҳо ва сангнабиштаҳои шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ, лавҳҳо ва навиштаҳои ғайриэронии бостон роҷеъ ба Ҳахоманишиёну мазҳаби онон, ишораҳои нисбатан фаровон, вале мубҳаму муганоқузи таърихнависон ва нависандагони классикии Юнон дар бораи ақоиду маросими мазҳаби Ҳахоманишиён ва ишораҳои бисёр маҳдуд дар навиштаҳои пахлавӣ ва шоҳномаҳо ба чунин хулосае расидааст, ки Аҳуромаздо дар тамоми навиштаҳо ҳамчун бузургтарин худо ёд шуда. Дар кӯҳнатарин катибаҳо-лавҳҳои Ориёрамна (640-590 то милод) бо ибораҳои Аҳуромаздо «бузургтарини худоён» ё худ «худои бузург» ва дар «Аршоспа» «худои бузург, ки бузургтарин худоён аст» истифода шудааанд.

Чунин ибораҳо ва иттилооте, ки дар манобеъи ёдшудаи фавқ омадаанд, ба он далолат мекунанд, ки дар қарни ҳафтуми пеш аз милод ғайр аз Аҳуромаздо худоёни дигар низ парастида мешуданд, ки чун дар дараҷаи дуюм қарор доштанд, номи онҳо бурда нашудаанд. Танҳо дар катибаи Беҳсутун аз Аҳуромаздо 62 бор ёд шудааст ва ӯ дар раъси худоён қарор гирифта. Дар матни аккодии катибаи Доро дар Ҳамадон низ гуфта шуда, ки «Аҳуромаздо аз ҳар худои дигар бузургтар аст»[68]. Вале аз замони Ардашер сар карда номҳои дигар ба мисли Меҳру Ноҳид ва Баҳром дучор мешаванд, ки Авестои мутааххир онҳоро дар радифи изадон ё худ ёварони Аҳуромаздо қарор додааст.

Чун густариши дини зардуштӣ бештар дар аҳди Ҳахоманишиён буда, дар ин бора олимони зиёде, таҳқиқот бурдаанд. Яке аз чунин олимони Ғарб Душен Гуиллемин мебошад. Назари ӯ дар ду китобаш таҳти унвонҳои «Зардушт ва ҷаҳони Ғарб» ва «Дини қадими Эрон» матраҳ шуда. Ӯ дар асарҳояш масъалаи мавриди назарро таҳти баррасӣ қарор дода, суоле ба миён гузоштааст, ки «оё Аҳуромаздо қабл аз Зардушт вуҷуд доштааст». Дар посухи ин суол ӯ ба тардид дучор шуда, дар осори ёдшудааш гоҳ қабл

аз Зурдашт вуҷуд доштани Аҳуромаздоро эътироф кардааст ва гоҳ ин худои оини зардуштиро зода ва парвардаи худи Зардушт пиндоштааст. Роҷеъ ба зардуштӣ будан ё набудани Ҳахоманишиён Ҳошими Разӣ хулосаи мухтасари таҳқиқи Фатҳуллои Муҷтабой бо номи «Шаҳри зебои Афлотун ва шохии ормонӣ дар Эрни бостон»-ро дар асараш «Оини муғон» ба шарҳи зер овардааст: номи Аҳуромаздо пеш аз Зардушт вуҷуд надошта ва он ихтироъи худи Зардушт аст; оини Ҳахоманишиён зардуштӣ ва навъе аз маздопарастӣ будааст; қабл аз Зардушт Аҳуромаздо ё худ худое бо ин ном вуҷуд надошта ва Ҳахоманишиён ҳамин худои оини зардуштиро мепарастиданд; Аҳуромаздо пеш аз замони Зардушт байни қавму қабилаҳои ҳиндуэронӣ вуҷуд надоштааст; изадони Готҳо—Спента Майню, Воҳу Мана, Аша Ваҳишта, Хшатра Ваиря, Спента Армаити, Ҳоурутот, Амрутот ва Сараоша ҳамагӣ номҳои нав ва ба маънои муҷарраду ақлонии хосу мафҳумҳои маънавию ахлоқии муайян далолат доранд; ҳамаи изадони бузурги эронӣ ба мисли Митра, Анаҳито, Войу, Ветересраґна пеш аз наҳзати Зардушт вуҷуд доштаанд ва ба ґузашти замон ба маздопарастӣ роҳ ёфтаанд; бахшҳои куҳани Авестои дини зардуштӣ маздаясно номида шуда. Ин номро зардуштиён аз рӯзгори қадим ба худ ихтисос дода буданд ва шояд аз асри панҷуми пеш аз милод дар маздопарастии Эрон итлоқ шудааст; Доро,Хишоёршо ва дигар шоҳони эронӣ Аҳуромаздоро худои худ хондаанд.

Бо таваҷҷӯҳ ба хулосаи фавқ фикри Душен Гуиллемин дар бораи санавиятро муҷаддадан дунбол мекунем. Ӯ қайд карда, ки ба назари Арастуву Плутарх Осиёи Миёнаву Эрон кишварҳои бостонӣ ва маҳалли дугонагарой будааст, вале санавият гунаҳои бисёр дорад. Дугонабоварии Монӣ, ба ақидаи ӯ, амиқтар ва аз дугонабоварии зардуштӣ комилан фарқ мекунад. Ӯ ҳамчунин иттилоъ дода, ки дар Ғарб шояд то қарни 19 оини зардуштиро ҳамчун оини яктопарастӣ мешинохтанд, вале ин назарияро дар асри 20 яке аз олимони салоҳиятдори Ғарб рад кард. «Ҳеннинг дар суханронии худ дар бораи Зардушт соли 1951 ӯро ба дугонабоварӣ баровард, вале ин фикр имрӯз муътабар нест»[70].Муҳаққиқи мазкур муътақид аст, ки Аҳуромаздо худои бузург аст, Арта ва назми додгарона эътибори махсус дар оини зардуштӣ дорад ва таъорузи он бо дурӯғу найранг хислати дугонабоварии ахлоқӣ ба ин дин медиҳад. Решаҳои дугонабоварии ахлоқӣ аз замонҳои дури пеш аз Зардушт об мехурад. Мақсади Душен Гуиллемин дар ин маврид аз он иборат аст, ки худоёни қабл аз Зардушт, ки барои худ силсилаи маротиби хосе доштанд, ба ҳаёти иҷтимоии мардум татобуқ доштанд. «Митраву Воруна шарик ба подшоҳӣ буданд. Индира фармондеҳии қувва (ҷангӣ ва ғайриҷангӣ)-ро ба ӯҳда дошт, насатяҳо зиндагӣ ва тӯли умрро ӯҳдадор буданд, кори «оғозин» ба ӯҳдаи бод буд ва кори «вопасин» ба ӯҳдаи оташ, илоҳаи рудӣ вуҷуд дошт»... вале ҳамаи ин худоён

ба вазифаю нисбат ва шахсияташон баъди ба вуҷуд омадани оини зардуштӣ «ба сурати мултазимони худои якто даромаданд ва каму беш дар ваҳдонияти ӯ мустаҳкам гардиданд».

Вақте сухан роҷеъ ба масоили ширкомези зардуштия меравад, пеш аз ҳама, дохил шудани парастиши ҳаома ва дигар худоёни табиатгароёнаи қадима мисли Меҳру Ноҳиду Баҳром ва дигар худоёни девсират ба Авестои мутааххир дар назар дошта мешавад. Он дугонагароие, ки қаблан қудрату қолиби муайяну мушаххасе дар Готҳо надошт, тадриҷан дар мутуни паҳлавӣ ҷо гирифта, як навъ тазоду тақобули ҷаҳониву кайҳонӣ ва шояд ҳам фарокайҳонӣ, ё беҳтар аст бигӯем, гетиву миновӣ ё худ физикиву метафизикиро ба худ касб кард, зеро ҳар кадом аз ин гавҳарҳои ҳамзод хилқату махлуқоти худро доштанд, ки махлуқот, дар навбати худ, дорои хусусиятҳои халлоқӣ шуданд. Ба ҷуз ин, Амшоспандон низ дар Авестои мутааххир торафт ташаххус пайдо карда, инсонимаоб мешуданд, изадон ба мисли Меҳру Ноҳид мавриди ситоиш қарор гирифта, камолагони Аҳриман ба дараҷаи тасаввуроти инсонӣ нузул карданд. Вале ба ақидаю усули ахлоқӣ муғону мубадон бештар ҷанбаи фалсафӣ медоданд ва ҳамин тариқ илми каломи зардуштиро ташаккул доданд.

Мо дар боло ба гуфтаи Зеҳнер ишора карда, ба пояи стандартҳои тасбитшудаи мактаби ортоксии дуалистии Fарб наомӯхтани таълимоти зардуштияро мутазаккир шудем. Ҳамин фикрро дар баррасии устоди донишгоҳи Италия Алесандра Бузани низ мушоҳида карда метавонем. Ӯ дар мақолаи пурмӯҳтавои худ таҳти унвони «Андешаи эронӣ пеш аз Ислом» навиштааст, ки оини маздоиро маъмулан «оини дугонабоварӣ» таъриф кардаанд. Вале зимни таҳлили амиқи илмӣ мушоҳида хоҳад шуд, ки дугонабоварӣ танҳо хасисаи бориз ва асоси оини зардуштӣ намебошад. Ӯ бештар ҷанбаи ахлоқии таълимоти Зардуштро баназар гирифта, бо истинод бо ҳамон «ҳотҳо»-и ёдшудаи Готҳо «нек» ва «бад»-ро ҳамчун мақулаҳои асосии ахлоқӣ ба ҳамзодон нисбат додааст ва ин аслҳои ахлоқӣ бештар бори гарони олами гетиро ба дӯш доштаанд.

«Некӣ» дар ваҳлаи аввал пешбурд, таолои ҳастӣ ва зиндагиву кишоварзист. Дар айни замон, маънии рушду фузунии ҳастиҳои неки моддиро низ медиҳад. Ростӣ аз ҷумлаи ҳамон қонунҳои ҷаҳони моддист ва асли ахлоқӣ дар андешаи маздой дар мусбат будани модда такя мекунад ва бадкорон онҳое, ки ҳастиро ҷабоҳ мекунанд. Баъди ибрози чунин ақида Алесандра Бузанӣ ба натиҷае мерасад, ки ду дугонабоварӣ дар таълимоти зардуштӣ мавҷуд аст: «дугонабоварии нахуст интихоб миёни ду чиз буд, вале ин дугонабоварӣ дугароии мутаолист миёни минуки ғайбӣ (осмонӣ) ва гетики айнӣ (ё заминӣ) ; худованд ҷаҳони моддӣ (гетӣ)-ро аз он рӯ офарид то ба он ҷаҳони маънавӣ (миной)-ро,ки бунёди ҷаҳони гетист, ҳимоят кунад, бипарваронад ва ёрӣ диҳад. Ин дугонабаёнӣ, албатта, яксара бо

дугонабаёнии афлотунӣ мутафовут аст»[72]. Ба ибораи дигар, ин дугонабоварии олами гетӣ дили олами миноиро шикофта, ҳастӣ пайдо мекунад, набарди нируҳо дар он анҷом мегирад ва «бад-ин гуна он дугонагии нахустин, дугонагии миёни неку бад дар ниҳоят бори дигар бадал ба ягонабоварӣ мешавад»[73].

Боло бурдан ва то ба дараҷаи худои якто расонидани Аҳуромаздо тавассути Зардуштро эътироф карда, дар айни замон Душен Гуиллемин мавҷудияти ҳамзодро боиси ташдиди ақидаҳои дугонабоварӣ дониста ва аз ин хусусияти духураи оини зардуштӣ ба чунин натиҷа расида, ки дар таълимоти Зардушт яктопарастӣ бо дугонабоварӣ ба ҳам омехтаанд. Чунин дугонабоварӣ қариб дар ҳамаи устураҳои марбут ба набарди равшаниву торикӣ ва нуру зулмат, ҷангу ситези қаҳрамонҳои асотирӣ бо деву аждаҳои сесар дар навиштаҳои паҳлавии Авестои мутааххир омадаанд. Пас муносибати дугонабоварӣ то замони Зардушт низ вуҷуд дошта, ки онро масалан дар симои худои бод-Войу мушоҳида намудан мумкин аст. Войу ба мисли худои Румии Януси дурӯя ду ҷиҳат ё ваҷҳ дошт, ки дар матнҳои паҳлавӣ ҳамчун «боди хуб» («насими форам») ва «боди бад» («боди серун ё тахрибкунанда») ёд шудааст. Чунин хусусиётро дигар худоёни то замони Зардушт низ доштанд ва Зардушт ҳамин қазияи дугонабовариро ба таорузи бузургтаре табдил додааст, ки гирди меҳвари онҳо тамоми мақулаҳои тазодди ахлоқӣ давр мезананд. Агар дар чунин масир пажуҳишро идома диҳем, хоҳем дид, ки «Воҳу Мана» ё худ Баҳман, ки аввалин офаридаи Аҳуромаздо аст, аз як тараф, исми сифотӣ ва навъи машияти илоҳист, ки наҷотбахши инсон аст ва аз тарафи дигар, фазилату истеъдоди инсонии андешаи нек аст. Ҳамаи дигар офаридаҳо низ чунин хусусияти дугонагароиро доро мебошанд.

Аҷобати кор дар он аст, ки худи Душен Гуиллемин саволе ба мазмуни зер ба миён гузошта: хусусияти яктопарастии зардуштия қавитар аст ё омилҳои дугонагароии зардуштӣ бештар ба назар намоён аст: «нахустин падари ростӣ дар оғоз чӣ касе буд», «кадомин ҳунарманд равшаниву торикиро офарид», «кадом як бомдоду нимрӯзу шомгоҳро офарид, то ба хушманд хешкориашро ёдовар бошад»[74]. Бо вуҷуди мисолҳои боло ӯ таъкид мекунад, ки низоми ҷаҳоншиносии зардуштӣ аз ибҳому ноқисиҳо холӣ нест. Чун, аз назари ин муҳаққиқ, агар Аҳуромаздо бо «ҷаҳони неку» ё худ «маниши пок» яксон дониста шавад («Мехоҳам сухан бигӯям, сухан аз он ки бузургтару беҳтар аз ҳама аст, эй Ашо, эй ростӣ, аз он Маздо Аҳуро, ки ҳастиаш бо некӣ яксон аст ва барои ҳамаи офаридагон некӣ хоҳон аст» Ясно, «ҳот»-и 45/6), инсоне, ки омили ягон фоҷеъа ё бадбахтӣ мешавад ва ё равони бад ӯро ба фасод мекашонад, равони нек дахолат карда наметавонад ва ба ин маънӣ Аҳуромаздо низ ба иллати яксонӣ бо некӣ ҳамчун худои бузург наметавонад дахолате дошта бошад. Вале дар ин ҷо чунин нуктаро

бояд қайд кард, ки дар мавриди офариниш ва мақулаҳои муҷарради фалсафаи динӣ ва ахлоқии зардуштӣ истифода бурдани хулосабарории дедуктивии мантиқӣ шояд шакли муҷоз ва қобили қабул набошад.

Дар оини зардуштӣ бо ақидае низ дучор шудан мумкин аст, ки гуё дугонагарой зиндагии ичтимоиро ба ду гуруҳ ҷудо намуда. Гуруҳе бо домпарвариву кишоварзӣ ва бозаргонӣ ва гуруҳи дигар кӯҳнишинию (саҳронишинию) роҳзанӣ машғул шуда. Гузашта аз ин, ҳар қадар, ки аз замони Зардушт дур шавем, ҳамон қадар инҳироф аз матлаби аслии таълимоти зардуштӣ бештар мегардид, дугонагарой шиддат меёфт ва ба сабаби ин ташдид инъитофпазирии Аҳуромаздо ҳамчун парвардигори хирадманд кам мешуд. Нақши дугонагарой дар ҳаёти ичтимой низ осори худро боқӣ мегузошт, ҳайвонотро низ ба ду гуруҳ- ҳайвоноти нек, ки куштанаш мамнӯъ буд ва ҳайвоноти бад ё зараррасон, ки онҳо бояд кушта мешуданд, ҷудо намуданд.

Фарҳангмеҳр оинҳои маздой, зарвонӣ ва монавияро пайравони санавият ва дугарой медонад ва мӯътақид аст, ки андешаи ҳамин оинҳо дар навиштаҳои Авестои мутааххир, аз ҷумла дар «Динкард», «Бундаҳиш», «Шканд гумоник вичар» ва соири ёдгориҳои паҳлавӣ роҳ ёфтанд ва дугонабоварӣ то ба ҷое густариш ёфт, ки баробари офаридаҳои муҷарраду муқаддаси Аҳуромаздо офаридаҳои Ангра Майнюро низ ҷаъл карданд. Аз ин рӯ, дугонагии воқеъияти зиндагӣ ва мавҷудот дар олами моддӣ (некию бадӣ, нуру зулмат, сафедию сиёҳӣ), дарки газоҳури ҳастӣ, бозтоби андешаи мо аз олами махлуқ аст. Бинобар он натичаи матлуби «дугонагароии ахлоқӣ» ва «дугонагароии офариниш» якест ва аз ҳар ду дидгоҳ Аҳриман ё худ иблис фонӣ ва маҳкум ба мағлубият аст. Вале тафовути умдаи ин ду навъи дугонабоварӣ дар он зоҳир мешавад, ки «дугонабоварии офаринишӣ» барои Аҳриман исолати вуҷуд қоил мешавад, дар ҳоле, ки дар дугонабоварии ахлоқӣ «онро ба ҳисоби гузиниши бади инсонӣ мегузоранд»[75].

Масъалаи матраҳшуда аз он ҷиҳат ҳоизи аҳамият аст, ки «вуҷуди моҳувӣ» аз «вуҷуди вуҷуб» фарқ мекунад ва аввалӣ нисбат ба дуюмин араз аст ва бидуни он вуҷуд дошта наметавнад. «Вуҷуди моҳувӣ» танҳо сифате аз сифот, моҳияте аз моҳиёти «вуҷуди вуҷуб»(ё худ «вуҷуби вуҷудӣ»-ро шарҳу тафсир ва рафшан менамояд. Ин масъала баъдтар дар таълимоти фалсафаи калом, тасаввуф, фалсафаи ишроқ ва мутаолиҳа инкишофи худро ёфт ва аҳамияти муҳимме дар низоми офариниш пайдо кард.

Аз ин нуқтаи назар, улуҳияти Аҳуромаздо ва бузургиву азамати андешаи ӯ гарҳи ибтидоии фалсафаи зардуштиро бунёд ниҳод ва ситезу набарди нируҳои некию бадӣ дар олами моддӣ аз рӯи қонуниятҳои ахлоқӣ тавре сурат мегиранд, ки ягон дахолат ба аслу моҳияти вуҷуди Аҳуромаздо

надоранд ва волоияги ўро халалдор намесозанд. Ин масъалаиро Забеҳуллои Сафо низ мавриди таваҷҷуҳ қарор дода. Спента Майню ва Ангра Майноро холиқ надонистааст... Дар ҳама ҷо Аҳуромаздо ба номи падидоҳарандаи Кайҳони аъзам сутуда шуда, салтанату тавоной аз ўст ва мапиии пек (Воҳу Мана) ва ростӣ (Ашю) ҳар ду мулозимаи инфисолнопазири вуҷуди офариди ор шинохта шудаанд. Пас на танҳо Спента Майню ва Ангра Майно ду офаридгор нестанд, балки ононро наметавон ҳатто дар арзи пахустин фаязонҳои зоти Аҳуромаздо қарор дод. Аҳриман воқеият дорад, вале ҳасти надорад ва танҳо дар олами нисбият ва дар андешаи одамӣ зоҳир мешавад, асари кори ў бо ҳавос дарк мешавад [76].

Тафсири ин гуфтаҳоро Фарҳангмеҳр тавре шарҳ дода, ки мувофиқи он Аҳуромаздо ва Спента Майню дар хубию некӣ ва амалҳои созандагию бахшандагӣ ягона ҳастанд, вале яке нестанд, айнан мисли он ки Аҳуромаздо ва офаридаҳои муҷарраду муқаддаси он-Амшоспандон бо ў ягона ҳастанд, вале яке нестанд. Спента Майню як омили робити байни олами миновию гетӣ нест, балки он як ҳолат ё вазъи ҷаҳони хориҷӣ (ҷавҳари некў дар ҷаҳони миновӣ) ва бо гинӣ (тазоҳури хубӣ дар ҷаҳони моддӣ)-и Аҳуромаздо аст. Муҳаққиқи мазкур муўтақид аст, ки дар ҷаҳони миновӣ Спента Майню мухолифе надорад, вале дар ҷаҳони моддӣ мухолифи он бо фуқдони он зоҳир мешавад... Тамаййузи байни худованду Спента Майно дар Авестои мутааххир аз байн меравад ва ҳамин амр то андозае боиси эҷоди таноқузҳое дар дини зардуштӣ гардидааст[77].

Барои бештар равшан шудани масъалаи мавриди назар фикри муҳаққиқи эронӣ Ҳусайни Ваҳидиро дар ин ҷо овардан ҷоиз аст. Ў баъди радди санавият дар таълимоти оини зардуштӣ навиштааст, ки «дар ин оин Аҳуромаздо хиради кул ва офаринандаест бар забари ҳастӣ, ки мазҳару масдари ҳамаи некиҳост... он чи дар бораи ду унсури мутазоди оини маздаясно гуфта шудааст, ба ҳангомест, ки ҳастӣ шакл мегирад, яъне ҳастӣ чи ҷанбаи моддӣ дошта бошад, чи ҷанбаи маънавӣ ҳамин қадр, ки шакл гирифт ва ба сурате даромад, дар даруни он ду гавҳари мутазод падидор мешавад, ки кунишу вокуниши он ду пўйишу такомули ҳастиро сабаб мешавад»[78].

Дар охир ба чунин нукта ишора хоҳем кард, ки сабаби санавӣ донистани таълимоти зардуштия тавассути аксари олимону мутафаккирони юнони Аҳди бостон аз он иборат аст, ки онҳо Ҳумузду Аҳриманро мазҳари некию бадӣ пиндошта, оини зардуштиро бо оини зарвонӣ, ки шарҳаш гузашт, ясон донистаанд. Пажуҳандагоне, ки баъди истилои Искандари Мақдунӣ ва давраи ҳеллинизм зиндагию фаъолият доштанд, бисёр масъалаҳои зардуштияву монавияро натавонистанд аз ҳам ҷудо созанд ва таълимоти монивияро ҷузви таркибии таълимоти зардуштия пиндоштаанд. Дар ҳақиқат санавият ё дугарой дар таълимоти Монӣ ҷой дорад, ки ин

масъала баъдан мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт. Дар ин ҷо фақат чунин нуктаро қайд хоҳем кард, ки таълимоти зардуштия дар аввали ташаккулу инкишофаш аз анъанаи бо истилоҳ зардуштиву монавӣ, ки баъди пайдоиши монавия ташаккул ёфта буд, фарқ мекунад. Зеро агар мо ба ин анъана амиқ назар кунем, ҳамон фазои холӣ ё худ нуктаи заъфи ширкомези таълимоти зардуштияро монавия пур кард ва яктопарастии зардуштияро ба гирдоби санавият кашида бурд.

Ба ақидаи мо худи ситоиши Аҳуромаздо тавассути Зардушт ўро ба як мавҷуди мовароуттабиӣ, ба мисли дигар адёни мутаол, ба бунёнгузори дин табдил медиҳад. Ин масъала асоси таълимоти яктопарастии зардуштия ва дигар динҳои мутаоли ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Нуктаи заъф қариб дар аксари динҳои мутаоли ташаккулёфта дар Аҳди бостон мушоҳида мешавад. Масалан, «таслис»-и масеҳият (худо-падар, худо-писар ва рӯҳ-ул-қудс)-ро муаррихони адён нуктаи заъф ё ширки иллоҳиёти масеҳият пиндоштаанд. Чунин нуктаи заъфро дар дини яҳудӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст. Чун Эрон баъди ду ҳодисаи муҳимми таърихӣ-ба вуҷуд омадани империяи Ҳахоманишӣ ва истилои Искандари Маҳдӣ бо Юнону Мисру Фаластин ҷаҳони якпорчаро ташкил медод ва бо бобулиён, ки маркази дини яҳудӣ буд, робитаи наздик дошт, дини яҳудӣ таҳти таъсири яктопарастии зардуштӣ ба парастиши Яҳво-худои ягона пардохт ва табиист, ки он низ рангу ҳайбати санавӣ дошт. Ба қавли Душен Гуиллемин «яктопарастии яҳвой ранги дугонабоварӣ ба худ мегирад ва авсофи интизоъии гуногун чеҳраи шукуҳманду дастнаёфтании худо, моҳияти ў ва моҳияти иртиботи ўро бо офаридагонаш тавсиф мекунад»[79].

ФАРИШТАШИНОСӢ - ОЛАМИ МИСОЛ Ё ФРАВАШӢ

Маълум аст, ки нуру оташ дар оини зардуштӣ рамзи вуҷуди худованд аст, чун оташ дар олами гетӣ мазҳари нури файёзи аҳуроии олами миной мебошад ва мисли мабдаъи худ дорои зоти шариф аст, ашрафияти нур беолоиши онро ифода мекунад ва аз ҷиҳати ҳуввияташ ба нури қоҳир рафта мерасад. Манзури мо феълан баррасии наҳваи файзи силсилаи маротиби нур ва тарзи ба вуҷуд омадани суратҳои муҷарради маънавӣ нест. Ҳадафи мо дар ин ҷо муайян намудани истилоҳи «х(в)орна» (xwarenangh)-и авестой, ки дар забони паҳлавӣ «хорра» (xorrah) ва дар забони форсии муосир «фарра» ё «фар» номида шудааст. Ин истилоҳ аз ҷиҳати мақому манзалаташ шабоҳату монандии зиёде ба «мусули афлотунӣ» дорад. Беҳтарин тарҷимаи «х(в)орна»-ро Саид Ҷавод Таботабой «Lumicre de gloire»

медонад ва онро нуре мепиндорад, ки «аз зоти илоҳӣ фаязон шуда, ба тавассути он баъзе аз сувар ба баъзеи дигар бартарӣ пайдо мекунад ва инсонро ба фаъолияту саноъате қодир мегардонад»[80].

Деҳхудо бо истинод ба «Бурҳони қотеъ» калимаи «х(в)орна»-ро нуре ба қалам додааст, ки аз ҷониби худованд ба халоиқ фоиз шуда, ба василаи он афрод ба риёсату ҳирфат ва санъат молик шаванд ва ин нур маъмулан ба подшоҳони бузургу одили олам тааллуқ мегирад. Аз лиҳози лафзӣ «х(в)орна»-«чизи бадастомада, чизи хоста», «хостаи умури матлуб»-ро ифода мекард, ки баъдтар нависандагони зардуштӣ онро ба маънои дорой ва рамзи некбахтиву саодат ва фурӯғи аҳурой истифода намуданд. Агар ин таърифҳои Деҳхудоро бо бардоште, ки аз Авесто дорем, такмил намоем, «х(в)орна» ё «фар» нури малакутӣ ё худ осмоние маҳсуб мешавад, ки тавассути худованд дар шакли шуоҳои нуронӣ ва дигар абзорҳо ҳамчун шукӯҳу манзалат ва қудрату нируи маънавию ҷисмонӣ ба баргузидагонаш тақдим мешавад.

Дар бахши зиндагӣ ва паёми Зардушт устураи чӣ гуна расидани «фар» ба модари ДаҒду, таваллуди модари Зардушт ва интиқоли «фар» ба равони пайғамбари оини зардуштӣ таваққуф намуда будем. Ин ҷо бояд чунин нуктаеро хотирнишон кунем, ки Аҳуромаздо,гибқи иттилое, ки дар «Бундаҳиш» омада, бо се роҳ-дилсӯзиву шафқат, роҳбариву садорат ва «фаррамандӣ» пайравону баргузидагони худро ҳифзу нигаҳбонӣ мекарда, ки аввалӣ парвариш, дуюмӣ низомбандӣ бар офаридагон ва сеюмӣ дар офаридани фарри нуроние барои росткорону порсоёни ҳақиқӣ зоҳир мешудааст. Гунаҳои ин «фар» дар адабиёти зардуштӣ бо номҳои «фарри каёнӣ,» «фарри изадӣ», «фарри эронӣ», «фарри ногирифта» ва ғайра во мехӯранд.

Аз шарҳи «Бандаҳиш» роҷеъ ба «фар» чунин бармеояд, ки «фарри каёнӣ» ҳамон фаррест, ки ба Ҳушангу Ҷамшеду Кай Ковус ва дигар шоҳон ҳамчун шукӯҳу манзалати шоҳӣ, ё ба қавли Саолабӣ «шуои саодати илоҳӣ» дода шуда буд ва силсилаи пешдодиёну каёниён онро дар даст доштанд. Ба ақидаи Муҳаммад Ҷаводи Машкур «фар ба маънии шукӯҳу манзалат ва дар истилоҳи авестой ҳақиқатест илоҳӣ, кайфиятест осмонӣ, ки чун касеро ҳосил ояд, ӯро ба шукӯҳу ҷалоли подшоҳӣ ва ба марҳилаи тақаддусу азамати маънавӣ мерасонад»[81]. Он тавре ки Яштҳои Авесто ба мо иттилоъ медиҳад, «фарри каёнӣ» («kavaem-xvarena») ба баргузидагон ҳамчун шукӯҳу шаҳомати шаҳриёрӣ ва иқболи илоҳӣ аз худованд мерасида ва он аввал насиби Ҳушанг и пешдодӣ гардидааст, сипас ба Ҷамшед расида. Хусусияти «фар» чунин буда, ки ҳар гоҳ ҳомили «фар» лоиқи он нагардад ва оини шаҳриёриро риоят накунад, «фар» ӯро тарк мекардааст. Вақте Ҷамшед дурӯғро дар дили худ роҳ дод, «фар» ошкоро аз ӯ дар пайкари мурғе хориҷ шудааст. Нақлу интиқоли «фар» ва муборизаи шадид барои ба даст

овардани он тавассути нируҳои аҳриманӣ дар шакли устураву тамсилоти гуногун дар адабиёти зардуштӣ матраҳ гардида. Зомиёдяшт дар ин бора маълумоти фаровон медиҳад. Дар он «фарри каёнӣ» ҳамчун қувваи нируи пуштибонии офаридгор, шукӯҳу салтанати шаҳриёрӣ ва камолоти маънавӣ ба афроди баргузида шоиста дониста мешуд. Шоистагӣ дар пеш гирифтани роҳи адлу дод, порсоии ҳақиқӣ, тарғиби ростиву некӣ ва рафтан бо роҳи «Ашо» зоҳир мегардид. «Фарри каёнӣ»-ро шаҳриёрон, бузургон, порсоён, паҳлавонон, роҳнамоёни башарӣ ва мубаллиғони оини зардуштӣ бо лутфи Аҳуромаздо касб карда метавонистанд. Қариб дар ҳамаи бандҳои Зомиёдяшт «фарри каёнӣ» сутуда шудааст: «Фарри каёнии нирумандро меситоям, ки маздо офаридааст, коромаду чолок аст ва саромади ҳамаи офаридагон маҳсуб мешавад» (Яшти 19/10) «Фарри каёни нирумандро меситоям..., ки азони Кави Квата (Кайқубод) буд..., азони Айпи Вангху (писари Кайқубод) буд, азони Кави Усазан (Кайковус) буд, азони Кави Аршан, азони Кави Писана, Кави Баяршан, азони Кави Сиёваршиа (Сиёвуш) буд, ончунон ки онон ҳама аз паҳлавонону парҳезкорони баландовоз ва комёб буданд» (Яшти 19/10); «Фарри нирумандро меситоям..., ки азони изадони миновӣ ва изадони зинда (ҷаҳони моддӣ) аст. Фарре, ки азони сушиёнатҳоест, ки ҳанӯз ба дунё наомадаанд. Инон ҷаҳони нав бунёд мекунанд, ҷаҳони ҳамеша тозаву ҷавон, ки пирию беморӣ ва фасодро дар он роҳ набошад (Яшти 19/3).

«Фарри каёнӣ» вақте дорандаи он сазовор набошад, на фақат ӯро тарк мекарда, балки ба касе мепайваста, ки шоистагии онро дошта бошад. Агар он ба ҳакимону доноён расад, ки пайравони дини беҳӣ ва рости бошанд, ба маърифату шинохти пайғамбарӣ ноил хоҳанд шуд, вале ҳар гоҳ, ки бо ғаразу судҷӯй ва афкори ботил фарде ба он тасоҳуб шудан хоҳад, аз ӯ бигрезад. Дар Зомиёдяшт чунин омада: «Афросиёби тӯронӣ дар пайи тасоҳуби фарре буд, ки ба Зардушт тааллуқ дошт. Вай ҳафт кишварро ҷустуҷӯ намуд ва чун онро пайдо кард, натавонист ба он даст ёбад ва фар ба он кас пайваст, ки шоиста буд ва ин хосту иродаи ман, Аҳуромаздо ва даёнои маздаясно буд». (Яшти 19/12) Роҷеъ ба кӯшишҳои беҳудаи Афросиёб барои ба даст овардани «фарри каёнӣ» дар яшти мазкур иттилооти зиёде оварда шудааст.

«Фарри эронӣ» («airyanem xvarena»)-ро худованд ба сарзамини Эрони бузург ихтисос додааст, то аз баракату неъмат ва донишу хирад бархурдор бошад, аз тамаъву ҳамла ва хашми душманон сарзамини мазкурро эмин нигоҳ дорад. Сарзамине, ки афродаш ҳомили чунин фар бошад, ҳеҷ гоҳ аз набарду муборизa бо нируҳои бадӣ намеҳаросад, порсой, некхоҳӣ, маърифати ҳақ ва ишқу ирфонро пеша мекунад, пайрави содиқи дин мешавад ва дар набард бо бадиву дурӯғ пирӯз мегардад, бо зуҳури сушиёнат саодати абадӣ насибаш мегардад. Дар замони Зардушт ҳаёти соҳилнишинӣ

ва аҳлӣ намудани ҳайвонот тарғиб мешуд. Аз ин рӯ, барои беҳбудии зиндагии иҷтимоии сарзамини Эрони бузург аз «фарри эронӣ» истифода шудааст. Дар банди аввали «Аштодяшт» чунин омада: «Аҳуромаздо ба Зардушт гуфт: ман «фарри эронӣ»-ро офаридам, дорандаи анбӯҳи галаву рама, дорандаи дороии фаровон, дорандаи фар, ки афзояндаи хираду дониш аст ва бармеафканад хашму оз ва тамаъро» (Яшти 18/1); «Фарри эронӣ табоҳ мекунад ва бармеафканад Аҳримани маргофаринро, бармеафканад хашмро, бармеафканад Буши Янста (деви хобу танбалӣ)-ро, бармеафканад сармои сахту газандро, бармеафканад деви Апа-Ушаро ва бармеафканад он бегонагонро» (Яшти 18/2).

Сеюмин фарре, ки дар «Бундаҳиш» ба он ишора шудааст «фарри ногирифта» ном дорад ва тибқи шарҳе, ки дар ин бора омада, дорандаи ин фар дигар онро ба ҳеҷ унвон аз даст нахоҳад дод. Бо эҳтимоли қавӣ тахмин кардан мумкин аст, ки манзур аз ин «фарри ногирифта» ҳамон «фарри изадӣ» аст, ки Аҳуромаздо бо роҳу воситаҳои гуногун ба Зардушт ирсол намуда буд ва ба воситаи Зардушт ба сушиёнсҳое, ки ҳар яке аз тухмаи ӯ дар ҳар ҳазор соли се ҳазор соли охири кайҳонӣ аз дӯшизагони бокира таваллуд хоҳанд шуд, интиқол хоҳанд ёфт. Бешубҳа, роҷеъ ба ин фар ақидаҳои дигаре низ байни муҳаққиқон вуҷуд доранд, ки баъзеи онро Ҳошими Разӣ дар «Ҳикмати хусравонӣ» ироа намуда ва ҳақиқати онҳо баъид ба назар мерасад.

Дар мавзӯъи фар муҳаққиқон баррасиҳои зиёде анҷом додаанд. Вале Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ бешар ба ин масъала таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, онро ҳамчун эҳёкунандаи суннати хусравонӣ, дар низоми фалсафии худ ҷой додааст ва метавон гуфт, ки дар асоси ҳамин мафҳум, ки дар ҳикмати зардуштӣ мусаллати ситра дорад, низоми андеша ва шакли маънавияти Ҳакими Ишроқӣ симо пайдо мекунад[82]. Ишораҳои дигар муҳаққиқон низ аксаран ба гуфтаҳои Шайх Ишроқ истиноду иқтибос шудаанд. Ӯ дар асари фалсафии худ «Ҳикмат-ул-ишроқ» аз қавли Зардушт чунин нақл карда: «Хорра нурест, ки аз зоти худованд сотеъ мегардад ва бад-он мардум бар якдигар риёсат ёбанд ва ба мавҷудияти он ҳар як бор амале ва саноъате мутамаккин гардад»[83]. Муҳаммади Шаҳрзурӣ низ айни чунин таърифро бо тағъироти ҷузъие (аз тариқи х(в)орна баъзе мардум ба дигарон раёсат мекунанд) дар «Шарҳи Ҳикмат –ул-ишроқ» навишта: «Ва ҳар подшоҳе ҳикмат бидонад ва бар ниёишу тақдиси «Нур-ал-анвор» мудовимат кунад, чунон ки гуфтем, ӯро «хорраи каёнӣ» бидиҳанд ва «фарри нуронӣ» бахшанд, «бориқи илоҳӣ» ӯро касвату ҳайбат ва баҳор бипӯшонад, раиси табиии олам шавад, ӯро аз олами аъло нусрат расад ва хобу илҳоми ӯ ба камол расад» [84].

Дар «Ҳикмат-ул-ишроқ» -и Сӯҳравардӣ дар фасли «Қоидаи имкони ашроф» ва баҳси «Суннати ишроқӣ» дар бораи расидани «Каёни хорра» ба

Кайхусрав, Фаридун, Зардушт ишораҳое мавҷуданд, ки Ҳошими Разӣ онҳоро бо истифода аз матнҳои Авесто дар бахше аз китоби худ «Ҳикмати хусравонӣ» таҳти унвони «Фар ё х(в)орна, анвоъи фар» мавриди баррасӣ қарор дода, иттилооти муфидеро ҷамъоварӣ намудааст. Аз натиҷаи гуфтаҳои Сӯҳравардӣ чунин бармеояд, ки сиёсат метавонад дар ҳикмат як фанни устувор бошад ва «чунин фарде ҳакими мутаолист, ки метавонад қутби олам бошад ё имоми «Мадинаи фозила», ҳамчунин шоҳони куҳанро дорои фарри изадӣ ва сиёсат мебояд бар донишу ҳикмати ӯ устувор бошад, бар қудрату нируи бемонанди вай, ки дар дигарон бо чашм мебинад... бинобар он ҳар замоне, ки ҳаким подшоҳӣ кунад, он даврони нуронӣ хоҳад буд ва касе, ки аз ӯ хориқ-ул-одот сар занад ва соҳиби каромоту рӯъёи содиқона бошад мебояд сиёсати мадинаро ба даст гирад» [85].

Мартабаи комили ин нур махсуси мулукону шоҳон аст ва ҳамон тавре, ки Ҳошими Разӣ мунсифона қайд намуда, «хорра» ё «х(в)арнанҳ»-и авестой ба маънии намунаи боризи ҳакими комил ва халифаи илоҳӣ бар рӯи замин аст»[86], ки дар ҳавзаи фикрии ҳикмати хусравонӣ мавҷиби эҷоди ҳаққи ҳукумати сиёсӣ дорад. Дар воқеъ, сифатҳои шоҳи одили Форобӣ низ дар «Мадинаи фазила» аз чунин унсурҳо бархурдоранд. Робитаи роҳбар ё раиси мадина монанди робитаи қалб бо бадан аст ва сарчашмаи ҳамаи фаъолиятҳо ва ҳамоҳангиву эътилофу назм ба шумор меравад. Дар натиҷа шарти муқаддами ӯ аз ин макон доро будани як даста афзалиятҳост. Ба ибораи дигар, раис бояд қавӣ, мусаммим ва ҳушёру шефтаи дониш ва ҳомили адл ва худро ба мартабаи ақли фаъол, ки ба мадади он ба ваҳйу илҳом даст хоҳад ёфт, тараққӣ диҳад. Ин сифат моро ба ёди сифатҳои Ҳакими ҳоким дар «Ҷумҳурӣ»-и Афлотун меандозад, вале Форобӣ қудрати иртиботу иттисол ба олами самовиро ба ин сифот афзуда, нафсро ба дарёфти нури илоҳӣ водор месозад. Танҳо арвоҳи муқаддасаи ҳукамо ва фалосифа, яъне касоне, ки қодиранд аз роҳи ғайб ба «олами нур» пайваста, ба мушоҳидаи он бипардозанд, ба ин мартаба ноил мешаванд[87]. Ногуфта намонад, ки аксари файласуфону мутафаккирони асрҳои миёнаи Шарқ, аз ҷумла Ибни Сино, Ғазалӣ, Садриддини Шерозӣ дар осорашон масоили мазкурро бо баъзе тафовутҳои ҷузъӣ ба сони Фаробиву Сӯҳравардӣ матраҳ намудаанд.

Муҳаққиқон қайд кардаанд, ки мардум даст боло карда, барои соҳиб шудан ба «фар» онро ситоишу ниёиш мекунад, зеро он тандурустиву пойдорӣ, некиву нишот, суруру хушбахтӣ ва биҳиштро, ки пур аз нуру равшноист, барои ҷаҳониён фароҳам меоварад. Вале он танҳо ба афроде фуруд хоҳад омад, ки вораста, худгузашта, покизагии ахлоқӣ, андешаву гуфтор ва кирдори нек дошта бошад. Суруш, ки худ партаве аз нур аст, Ҷабраил, ки пайки худовандист, соҳиби чунин фар будаанд. Пас аз Зардушт Ҷомосп ба мавҷиби доноию порсоиаш фарро ба даст гирифт, ки Готҳо низ

дар ин бора маълумот дода. Касоне, ки «дар муборизаи миёни равшанои торикӣ бо андешаву порсой, таҳзиби нафс, тафаккуру пикуи кардан ҷурмонӣ будану моддият ва торикиро дар худ мақҳур менамуданд вуҷудашон саршор аз фар мешуд ва пас аз марг ба ҷаҳони минуӣ, ки соҳаои мисолию минуиашон он ҷо буд, ба ҷавори ҳазрати борӣ мерасиданд. Инон пас аз марг тақдис мешуданд ва ҳар гоҳ бозмондагонашон пуси ҳамон роҳи онон буданд, ёриашон мекарданд. Инҳо фраваҳарон ё фраваши мебошанд»[88]. Ҳомилони ин фар ба мисли худи Зардушт муқаррибони Аҳуромаздо маҳсуб мешуданд.Интисоби «фар» ба Зардушт ӯро, бешубҳа, ба инсони комиле табдил медиҳад, ки дорои мақоми вилоят мешавад. Роҷеъ ба ҷовидонии Зардушт ҳамчун муқарриби Аҳуромаздо дар Авесто чунин омада: «Ту некӯӣ, эй Зардушт, ту ба некӣ офарида шудаӣ, эй Зардушт,... ба тан аз фар бархурдорӣ ва ба равон аз саодати ҷовидонӣ... ки ин ҳақиқатеси гуфтанӣ» (Ясно,17/22).

Ҳамон тавре ки муҳаққиқон қайд намуданд, ба ақидаи Зардушт ҳар як шаҳриёру фармонраво ба мисли ҳокими ҳакиму кордоне, ки дар «Мадинаи фозила»-и хусравонӣ қайд шудаанд, бояд барои комёбӣ соҳиби «фарри каёнӣ» шаванд. Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ ба нақл аз «Шаҳри зебои Афлотун ва шоҳи ормонӣ дар Эрони бостон», ки ба қалами Фатҳуллои Муҷтабой мансуб аст, навишта, ки «х(в)орна низ чун соири мафоҳими муҷарради авестой монанди «Воҳу Мана»-маниши нек, «Аша Ваҳишта»-баҳини ростӣ ё баҳини оин, Митра-дӯстӣ ва ғайра ташаххус мепазирад ва ба чандин сурат зоҳир мешавад: гоҳ чун нур, гоҳ чун чизи номушаххас ба ашхосу ашё мепайвандад, ин мавҷуди миной гоҳе дар қолиби мавҷудоте чун мурғ ва азған, яъне барра ва ғарм, яъне меши кӯҳӣ таҷассум мепазирад[89]. Дориюши Шойгон мӯътақид аст, ки «дар шамоилҳои муқаддас ин нурро ба сурати ҳулаи дурахшон (аура) тасвир мекунанд, ки гирди сари шоҳону руҳониёни мазҳаби маздаясно халқа зада аст; ва ҳамин тасвир аст, ки ба чигунагии намоиши тасовири Буддо Будиясво ва низ ба шеваи нигоргарии чеҳраҳои осмонӣ дар ҳунари оғозин ва бадавии масеҳият мунтақил шудааст»[90].

Саргузашти қавмҳои ҳиндуэронӣ саршор аз ҳамосаҳои асотирии набарди нуру зулмат ҳам дар марҳилаи офариниши олам ва ҳам дар зиндагии иҷтимой мебошад. Дар яке аз асотири ҳиндӣ пайкори бузурге миёни Асура (авестоиаш Аҳура) ва Девҳо (авестоиаш Даева-худои манфӣ) ҷиҳати ба даст овардани Амрита (шарбати ҷовидонӣ), Лакшми (изадбонуи дорой), замин бо ганҷинаҳояш ва гови муқаддас дар мегирад. Ҳошими Разӣ ба даст овардани «фар»-ро ба ҳамон нӯшобаи муқаддас шабеҳ медонад ва «Саома»-и ҳиндӣ ва «Ҳаома»-и авестоиро рамзи фар ба қалам дода, пешинаи дерин доштани мафҳумҳои ҷом, пиёла, май ва майхонаро ёдовар шудааст. Ӯ ҳамчунин нақл карда, ки вақте Аши ё Арт-изадбонуи бахшандаи

сарвату дорой ва некбахтӣ барои соҳиб шудан ба фар аз таъқиби тӯрониёну навзариён ба зери гулӯи як гӯсфанди нар дар миёни гала паноҳ бурда, байни «фарри каёнӣ» ва куч (гӯсфанди нар) тақрибан аз охирҳои даврони салтанати портиён иртибот пайдо шуда ва фарри каёнӣ ба сурати як гӯсфанди нар даромадааст.

«Фарри каёнӣ»-ро дар адабиёти зардуштӣ «фарри ориёӣ» («Airyanem xvarenah») низ номидаанд. Зеро баъди подшоҳони асотирӣ-Таҳмурас, Ҳушанг, Ҷамшед ва пас аз фирефта шудан ба қудрат ва саркашӣ ба тоат аз худованд ва дуруғӣ фар Ҷамшедро тарк кард. Муддате Меҳр онро нигаҳдорӣ мекард, баъд ба Заҳҳок ва баъди ӯ ба Фаридун расид. Охирин дорандаи «фарри каёнӣ» аз силсилаи пешдодиён Гаршосп буд. Сипас фарри мазкур насиби шоҳони даврони таърихӣ гардид ва каёниён яке аз кӯҳнатарин силсилаи шоҳони ориёии эронӣ буданд, ки ин фарро дар даст доштанд. Муддате ҳам «фарри каёнӣ» ба касе тааллуқ надошт ва дар дарёи Ваурукиша паноҳ бурда буд. Дар ҳамин бӯъди замонӣ Афросиёб онро хост ба даст биоварад, вале ин кор ба ӯ муяссар нагардид ва Кайқубод соҳиби он шуд. Баъди Кайқубод фарри каёнӣ ба шаш нафар, писарону наберагони ӯ –кай Апивани ҳу, Кай Ковус, Каёриш, Кай Пшуин, Кай Биёрсш ва Кай Сиёвуш расид, сипас Кай Хусрав онро соҳибӣ кард, баъд ба Зардушт ва аз ӯ ба Кай Виштосп интиқол ёфт ва пас аз Виштосп «фарри киёнӣ» бояд ба сушиёнсҳо тааллуқ бигирад.

Муҳаммадризои Род мӯътақид аст, ки тибқи ривояти мавҷуда, замоне ки фар аз даст меравад, ба таври ногаҳонӣ силсила дигаргун мешавад. Бо аз даст рафтани фар аз Ҷамшед ва ба дасти Заҳҳок расидани он нимаи нахусти пешдодиён ба поён расид; бо гурехтани фар аз Ардвон силсилаи Ашкониён барҳам хӯрд. Ҳамин амр дар мавриди Дориюши III, Яздигурди III ва дигар шоҳони силсилаҳои Ҳахоманишиёну Сосониён бар асари ҳамлаи юнониёну аъроб низ қобили тафсир аст[91]. Шояд овардани чунин иттилоъи муҳаққиқи мазкур холӣ аз аҳамият набошад, ки ба ҷуз «фар» дар дигар халқу миллатҳо низ нируи ҳомии шаҳриёрӣ вуҷуд доштааст. Шоҳони Байнаннаҳрайн чунин нируро Киден (Kiden), дар тамаддуни ошуриҳо онро «Меламу» меномидаанд ва шояд дар эътиқоди иброниён ба он «шахина» мегуфтаанд. Дар адабиёти лотин муодили «фар»-ро «Аура» (Aura) меномидаанд.

Ҳошими Разӣ роҷеъ ба «фарри киёнӣ» ва «фарри ориёӣ» изҳори ақида намуда, зимни баррасии ин масъала ба истинод ба пажӯҳишҳои Ҳертсфелд ва Ҳортел ба натиҷае расидааст, ки «фарри каёнӣ» ба Аҳуромаздо тааллуқ дорад, ки дар бахше аз матнҳои нимтаърихӣ ва асотирии «Зомиёдяшт» ва ҷойҳои дигар мушоҳида мешавад. Аммо мафҳуми «фарри ориёӣ» марбут ба асрҳои дуртар аз Аҳуромаздо мебошад, он хусусиёти ҷамъӣ ва қавмӣ дошта, мутааллиқ ба даврони кӯҳнатар ё худ замони ташаккули ҳаёти

ичтимоию сиёсии ақвоми ориёй мерасад. Вале, аз суи дигар, муҳаққиқи мазкур қайд карда, ки каёниён, аз руи мутуни куҳани авестой, шохистарин намояндагони ориёиҳо буданд ва дар матнҳои куҳан «фарри каёнӣ» ва «фарри ориёй» бегумон бояд ниҳодҳои ягона дошта бошанд. Гумон меравад, ки ҳамин ақидаи охирини Ҳошими Разӣ ба ҳақиқат бояд наздик бошад, зеро дар замони ташаккули қавму қабилаҳои ориёй, муҳоҷирату маскун шудани онҳо дар Осиёи Миёнаву Эрон ва Ҳинди қадим сухане роҷеъ ба «фарри каёнӣ» ва «фарри ориёй» набуда. Дар он буъди замонӣ дар пантеони худоҳои ибтидоии онҳо оташ (озар) ва Моҳу Хуршед ба дараҷаи қудсӣ расида, мавриди ниёиш қарор гирифта буданд.

Роҷеъ ба «фарри каёнӣ», «фарри изадӣ», «фарри эронӣ» дар осори ирфонии Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ, аз ҷумла дар «Алвоҳи имодӣ», «Ҳаёкил-ун-нур», «Луғати мӯрон» иттилоъ дода шуда. Шореҳи «Ҳикмат-ул-ишроқ» Муҳаммади Шаҳрзурӣ ва Афзалиддини Кошонӣ, Қутбуддини Шерозӣ ва бисёр дигар мутафаккирону орифони Асрҳои миёна мулоҳизаҳои худро тақрибан ба наҳве, ки дар боло шарҳаш гузашт, баён намуда, ба нур ҳамчун лаззати маънавию рӯҳонӣ баҳо додаанд ва зимнан таъкид намудаанд, ки чун нур ва фарре, ки Зардушт онро «х(в)орна» номида, як амри қудсист, танҳо соҳибони басира г аз розу рамзи он дар ин олам дарак ёфта, нури олами малакутиро дарк хоҳанд кард. Агар ин масъаларо боз ҳам равшантар баён кунем, «х(в)орна» гуфта нуреро мемонад, ки дар катми паёмбарои ато шудааст ва дорои се хусусият -- нур, ниру во рӯҳ мебошад. Дориюши Шойгон зимни таҳлили назари Ҳенри Корбен се таърифи ҷолиби «х(в)орна»-ро ба шарҳи зер оварда аст 1) х(в)орна ба унвони нируи бунёдинест, ки аз зоти илоҳӣ бармехезад, сомондиҳандаи ҷаҳон аст ва омили таҷаддуму бартарии бархе аз мавҷудот бар бархи дигар мешавад; х(в)орна асли роҳнамо ва ҳоким бар силсилаи маротиби аволам аст; 2) х(в)орна ба унвони равшноии шукӯҳу афтихор дар ҳукми сурати мисолии равон, яъне дар ҳукми асли фардонияти маънавист; 3) саранҷом ин ки аз назари Сӯҳравардӣ х(в)орна ҳамон «Нури муҳаммадӣ» ё мафҳуми сакина аст[92].

Аз гуфтаи боло чунин ба назар мерасад, ки х(в)орна дар оини зардуштӣ ҳамон нақши маънавиеро молик аст, ки «Нури муҳаммадӣ» дар паёмбаршиносӣ ва имомшиносии шиа дорад ва ин ҷо риштаи нубуввати Эрони бостон бо риштаи нубуввати сомӣ дар Қуръон ва нури ифтихории (аураи) масеҳият, ки гирди сари Исои Масеҳро дурахшон намудааст, пайванди ногусастанӣ дорад. Саид Ҷавод Таботабой мӯътақид аст, ки дар андешаи Сӯҳравардӣ мафҳумҳое, ки дар фалсафаи маздаясно «х(в)орна» ва дар арабӣ «сакина» номида мешавад, бо ҳам иртиботи қавӣ доранд. Аз лиҳози луғавӣ «сакина» маънои сокин шудан ва раҳмату иқомат афканданро ифода мекунад. Дар ин бора ӯ чунин навишта: "Шайх Ишроқ ин мафҳумро ба афкори маънавии маҳзе дар иртибот қарор медиҳад, ки

дар нафс искон меёбад ва дар ин сурат нафс ба «ҳайкали нуронӣ» табдил мешавад. Ҳамчунон. ки калимаи «хорра» мубаййини искони нури ҷалол дар ҷони подшоҳони фараҳманди Эрони бостон, ки беҳтарин намунаи он шоҳони бахтиёри Фаридун ва Кайхусраванд. Вонгаҳе вожаи «сакина» аз лиҳози луғавӣ муодили вожаи арабии «шахина» ва ба маъноӣ ҳузури нопайдои илоҳӣ дар «қудс-ул-ақдас»-и ҳайкал аст. Дар ҳарду маврид дар андешаи ҳузури илоҳӣ дар «ҳайкал» бармехурем. Маҷмӯъи ин хутут нишон медиҳад, ки чи гуна таваҷҷӯҳ ба эҳёгарии Шайх Ишроқ ба ҷамъи миёни андешаи паёмбарии эронӣ ва иброҳимӣ, сулолаи паёмбарони муқаддас ва Қуръон меанҷомад"[93].

Бо таваҷҷӯҳ ба иқтибоси фавқ маълум мегардад, ки Сӯҳравардӣ дар «Ҳикмат-ул-ишроқ» ва «Рисола фи эътиқод-ул-ҳукамо» дар бораи нуре сухан мегӯяд, ки он аз тариқи лутфи худованд ба инсон мерасида. Дар ҳақиқат дар «Ҳикмат-ул-ишроқ» роҷеъ ба «сакина» сухан рафтааст. Вале дар «Сафири семурғ»-и Шайх Ишроқ ин масъала ба таври возеҳ баён шудааст. Сӯҳравардӣ навишта: «Пас ин анвор сир ба ғоят расад ва ба таъҷил нагзарад, замони дароз бимонад, онро «сакина» гӯянд ва лаззаташ тамомтар аз лаззати лавойеҳи дигар. Ва мардум чун аз сакина бозгардад, ба башарият бозояд». Дар ҷои дигар гуфта: «Касеро, ки сакина ҳосил шавад, ӯро якбор аз хавотири мардум ва иттилоъ бар муғаййибот ҳосил ояд ва фаросаташ тамом гардад»[94]. Муҳаммадризои Род «сакина»-и Сӯҳравардиро анвори маънавии маҳзе пиндошта, ки дар нафс маскун ва ба ҳайкали нуроние ба мисли нури ҷалоли илоҳӣ ва азамати маънавӣ дар ҷони подшоҳон табдил меёбад[95]. Роҷеъ ба ҳамин масъала Насруллоҳи Пурҷаводӣ дар «Ишроқ ва ирфон» ном асараш баҳс ороста, зимни он нишон додааст, ки «сакина» дар 6 оят аз се сураи Қуръон омадааст ва муҳаққиқону муфассирон ба таври куллӣ ишроқи нуре медонанд, ки бар дили паёмбарону мӯъминон фуруд меояд ва дорои хусусиятҳои ниру ва рӯҳ (роҳату лаззат) мебошад. Тафсири ирфонии «сакина»-ро Суламӣ дар «Ҳақоиқ-ут-тафсир» ба маъниӣ оромиши қалб оварда ва баъзе суфиён онро «сифот дар ҳангоми зуҳури муғаййибот донистаанд». Кушайриву Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва дигар суфиён «сакина»-ро «нури яқин» медонанд, ки ҷойгоҳаш гӯё дар дили анбиёву авлиё буда, боиси оромиш дар виқору рафтор мебошад. Сӯҳравардӣ мафҳуми мавриди назарро, ки собиқаи тасаввуфӣ дошта, бо иқтибосе аз намти нӯҳуми «Ишорот»-и Ибни Сино таҳвият дода, лавойеҳ ё худ нури зудгузари суфиёнро ҳамчун бориқаи илоҳӣ ба «шаҳоби равшан» табдил дод. Ибни Сино дар ин бора навишта: «риёзат вайро (яъне соликро-Ҳ.М.) ба ҷое расонад, ки вақти (лавойеҳи зудгузари) вай табдил ба сакина шавад ва он чи ҳотиф ва ё зудгузар буд, маълуф шавад ва чизе, ки як дурахшиши заифу гузаро буд, шаҳоби равшан гардад ва ӯро маорифаи пойдор ҳосил ояд, чунон ки гӯй таҷрибаест мустамар ва аз баҳҷати он бархурдор шавад»[96].

Пас «сакина» таҷрибаи нуронии солик, истимрору давомати нурест, ки аз тарафи худованд бар дили солик метобад. Суҳраварди хусусияти дигаре низ ба сакина ҳамроҳ намуда, ки яке аз онҳо лаззат (баҳҷат) -и фаровон бурдани солик аз он ва дуюмӣ дорои сифоти фарокайҳоиӣ будани сакина мебошад, ки зимни он «ҷанбаи олии нидоҳои бағоят латифро инсон хоҳад шунид». Ҳамон тавре, ки Насруллоҳи Пурҷаводӣ дар охири баҳсаш дар бораи «сакина» оварда, солик аз лаззати нури «сакина», ки «ғаҳ ғоҳе бархурдор шуд ва дар ин роҳ пеш рафт, ба ҷое мерасад, ки нур ба таври доим бо ӯ хоҳад буд. Ин ҳолатест, ки ӯ ҳар вақт бихоҳад метавонад, ба қавли Суҳраварди, «қолиб раҳо ва касби олами кибриё кунад [97]. Агар ин гуфтаҳоро бо суханони Ҳенри Корбен шарҳ диҳем, Суҳраварди мафҳуми «х(в) орна»-ро бо мафҳуми «сакина», ки моҳиятан «ҳузури партави илоҳӣ дар вуҷуди муқаррибони боргоҳи қудс»-ро ифода мекунад, суннати исломӣ ва фаришталоварии маздаясноро бо ҳам омезиш додааст[98]. Чуноне ки баъдан хоҳем дид, ҳамнавоии оини маздаясно бо ташаййуъи дувоздаҳимомӣ ва нисбати сушиёнати Зардушт бо имоми Мунтазари шиаён дар ин баҳс ба хубӣ ба назар мерасад.

Манзур аз овардани ин баҳс, чуноне ки аз мӯҳтавои он маълум гардид, таҳлили роҳи солик дар тариқоти тасаввуфӣ нест, балки нишон додани ишроқи нур ё худ бориқаи нуриест, ки дар афкори динӣ ва маънавии мо ба қалби мӯъминону паёмбарон ва авлиёву баргузидагон аз олами улвӣ мерасад, таърихи куҳан ва чандҳазорсола дорад. Нур, ки ба мисли Офтоб моҳияти худзоҳиршавӣ дорад, аз ҳамон давраҳои таърихи оғозин диққати аҳли башарро ҷалб намуда. Офтобу Моҳ ва дигар ҷирмҳои мунири осмонӣ мавриди парастишу ситоиш қарор гирифтаанд. Ин масъала ба мавзӯъи мавриди баҳси мо, ки «х(в)орна», «хорра» ё худ «фар» аст, бевосита робитаи мустақим дорад. Ҳамаи навъҳои «фарре», ки шарҳашон дар боло гузашт, намунаи пешинаи ҳамин ишроқоти нуриест, ки дар аҳкоми диниву тариқати тасаввуфӣ ҷой гирифта.

Ин ҷо як масъалаи бағоят муҳим ва хеле ҷолибе вуҷуд дорад, ки матраҳ намудани он шояд хеле бамаврид бошад. Дориюши Шойгон зимни таҳлили афкори Ҳенри Корбен иқтибоси муфидеро оварда, ки дар мавриди мо низ истифодаи он айни муддаост. Ӯ навишта: «Ба осмон боло намеравад, магар он чи аз осмон нозил шуда бошад»[99]. Он тавре, ки банда ҳадс задам, ин иқтибос ду ваҷҳ, ду буъд ё худ ду чеҳра дорад. Чеҳраи аввалааш аз он иборат мебошад, ки ҳар чӣ аз осмон ояд, мусалламан маҳаллу маконе дар он дорад ва вобаста ба мақому манзалаташ дар мартабае аз маротиби олами улвӣ қарор дорад ва чеҳра ё буъди дуюмаш дар он зоҳир хоҳад шуд, ки он чӣ нозил шуда, чӣ гуна боло меравад ва чӣ таврро ба ислу мабдаъи худ мепайвандад. Буъди аввал шомили судури ҳастӣ ё худ «онтология» (ҳастии муҷарради олами улвӣ, ки фаришташиносӣ низ меноманд ва ҳастии моддӣ,

ки аз фалаки ақсо сар карда то мавҷудоти олами моддиро дар бар мегирад) ва бўъди дуюм маърифати ҷаҳони ҳастӣ ё худ «эпистемология» (маърифати олами моддӣ тавассути ҳиссу ақл ва маърифати олами улвӣ ба воситаи ақлу кашфу завқ, ки илми ҳузурӣ ё худ ладунӣ низ меноманд) мебошад. Барои он ки ин масъаларо дар робита бо «х(в)орна»-и оини зардуштӣ аз рӯи ду бўъди ироашуда баррасӣ намоем, аввал бояд ҷойгоҳи аслии онро аз назари ҳастишиносӣ мушаххас кунем, баъд дар қисмати ирфони зардуштӣ ба масъалаи маърифати олами улвӣ пардозем, ки он мавриди баҳси бахши баъдӣ қарор хоҳад гирифт.

Ҷойгоҳи аслии «фар» ё «х(в)орна»-ро олами «фраваҳар» («Fravahar») меноманд. Ба гуфтаи Ҳенри Корбен, «Эрон сарзамини фраваш̄ӣ, арзи пок ва низ мазҳари муҷассами ҳамин воқеъият буд, зеро дар хостгоҳҳои арзи самовӣ бо равшноии бекаронаш партави шукӯҳи қудсӣ х(в)орнаи муқаддаси эрониён ҷилвагар аст»[100]. Масъаларо аз таҳлили луғавӣ шурӯъ мекунем «фраваҳар» дар забони паҳлавӣ иборат аз ду қисм- «фра» ба маънии пеш ва «ваҳар» ё «ваши» ба маънии афзоянда иборат буда, дар якҷоягӣ мазмуни «пешафзоянда» ё худ «беш аз пеш афзоянда», «пешраванда»-ро медиҳад. Баъзе муҳаққиқон онро нируи пешравандаи инсон талаққӣ кардаанд ба ин маънӣ, ки дар инсоншиносии оини маздоӣ таркиби инсон аз панҷ ҷузъ иборат аст: тан ҷузъи моддии инсон ё худ колбадест, ки дар тоати нируи ҷунбишдиҳанда аст; ҷон ҳамоне, ки бо бод ҳамбаста ва бо даму нафас зинда аст; равон –шууру огоҳист, ки тавассути он дидану шунидану сухан гуфтан ва фаъолияти инсон сурат мегирад; адвенак (мисоли нахустин), ки тибқи аҳкоми нуҷумии қадим ва зистшиносӣ рӯҳи мисолӣ ё худ намодини афвои гуногуни мавҷудот дар аҷроми самовӣ, масалан рӯҳи мисолии гов дар Моҳ, рӯҳи мисолии наботот дар ситорагон маҳфуз нигоҳ дошта мешуданд; фраваши-отифаи миновӣ ё худ изадӣ дар колбади инсон, ки ба ҳузури худованд хоҳад расид. Бешубҳа. дар матнҳои Авесто ва адабиёти зардуштӣ урван (равон) ва фраваши гоҳо ба як мазмун ва гоҳо ба мазмунҳои мутафовут истифода шудаанд, вале феълан ин масъала муҳим нест, дар мавриди мо муҳиммаш худи мафҳуми «фраваш̄ӣ» мебошад. «Фраваши» ё худ «фраваҳар» дар Готҳо вуҷуд надорад, вале дар Авестои мутааххир ва саросари матнҳои паҳлавӣ он мақоми муҳимме пайдо карда, тафсирҳои фалсафию аҳлоқӣ ба худ касб намудааст. Он ба ду мазмун истифода шуда: яке ба маънои арвоҳи гузаштагон, ки аз ҳамон мазҳаби ниёпарастии даврони қадим ғазоӣ маънавӣ гирифтааст ва дигаре ба маънии нируи асосии ҳаёти фардест, ки қабл аз офарида шуданаш дар олами улвӣ мавҷуд ва зимни таваллуд ба колбадаш ҳулул мекарда. Ҳенри Корбен бунёди азалии бозшиносии мутақобили ҷонҳоро аз мояҳои фикрии матлуб дар тасаввур дониста, ҳамовоии ин мояи фикрӣ ба назарияи Афлотунро қайд карда ва зимнан мўътақид аст, ки «равоншиносии Ғарбӣ ҳануз масолеҳи ин пояи

вуҷудӣ ва қолаби метафизикро, ки нақши ҷаҳони мисҷиро аз диниҳои вуҷудшиносӣ таъмин кунад дар ихтиёр надорад»[101]. Ин ҷаҳони мисолӣ ба ҳеҷ ваҷҳ хаёлӣ нест, балки вуҷудест ва дар сайри таквинӣ аз офоқ ба анфус меояд ва вақте аз анфус ба офоқ роҳи гуселро мепаймояд, як пайвастагӣ ба асли вуҷудии хеш аст. Агар он хаёлӣ мебуд ва пояи ҷаҳонбинӣ вуҷудшиносӣ намедошт, ба ошуфтагӣ бархоста бо олами рӯъ ру ба рӯ мешуд, ки дар ин сурат воқеъияти дарунии башар намудори вуҷуди хешро дар хорич аз башар дошта наметавонист. Ба ин маънӣ мазмуни асосии «фравашӣ» ба паноҳанда, пуштибон, муҳофиз тағъир пайдо мекунад.

Ҳошими Разӣ «фравашӣ»-ро чунин таъриф дода: «Дар ҳар фард ҳангоми таваллуд нируи худой ва заррае аз нируи лоязоли илоҳӣ дар баданаш ҳулул мекунад ва чун даргузашт ин рӯҳи изадӣ дубора ба хостгоҳаш—арши аъло сууд мекунад, «фравашӣ» номида мешавад. Дар Авесто рочеъ ба «фравашӣ» омада: «Аҳуромаздо» ба Зардушт гуфт: туро огоҳ мекунам аз нирумандию шукӯҳ ва фарри фраваҳарҳои покон, ки чӣ гуна ба ёрии ман омаданд» (Яшти 13/2) ; «Ин фравашиёни Ашо ҳастанд, ки дар саҳнаҳои набард ба ёрӣ мешитобанд. Эй Зардушт, аз фравашиён фраваҳарҳои нахустин устодони дин ва фарвашиҳои сушиёнатҳо, ки ҳанӯз зода нашудаанд, нирумандтар мебошанд. Аммо фравашии поконе, ки зиндаанд, аз фравашии онон, ки мурдаанд, низ нирумандтаранд» (Яшти, 13/8); «Фравашии Каюмарси покро меситоям, нахустин касе, ки паёми Аҳуромаздоро гӯш фаро дод ва аз паи ӯ буд, ки нажоди ориёӣ ва сарзамини ориё шакл гирифт» (Яшти 13/29).

Ин чанд мисол аз «Фарвардиняшт» намоишгари он мебошанд, ки ҳар мавҷуди олами моддӣ дар ҷаҳони намод (олами мисол) ҷойгоҳи мисолии худро дорад, ки дар сурати раббуннавъ ё худ фариштаи нуронӣ ва ё сурати навъия ҷилванамой намуда, мудаббиру нигаҳбонони навъҳои худ дар олами гетӣ мебошад. Агар ба забони Сӯҳраварди ин матлабро баён кунем, чунин бармеояд, ки барои ҳар навъи олами тилисм (моддӣ) яке аз фариштагони табақаи аразии вуҷуд (нур) арбоби тилисм ба ҳисоб меравад. Масалан, об тилисми фариштаи худ-хурдод, маъданҳо тилисми фариштаи худ-шаҳривар сабзавот ё гиёҳон тилисми фариштаи худ-мурдод, оташ тилисми фариштаи худ-ордубаҳишт ва ғайраро доранд. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқон дар Авесто беш аз 240 изадони фраваҳар сутуда шудаанд.

Тибқи устураҳои авестой қабл аз он ки ҷаҳони моддӣ офарида шавад, олами фраваши ё худ ҷаҳони миной муддати се ҳазор сол дар ҳоли беҳаракат вуҷуд дошт. Вақте Аҳуромаздо иқдом ба офаридани олами миной кард, суратҳои рӯҳонӣ ё худ муҷаррад ва ё намодини ҳамаи мавҷудоти билқувваи олами моддӣ пайдо шуданд. Зимни иродаи офариниши олами гетӣ Аҳуромаздо, мувофиқи нишондоди «Бундаҳиш», аз фравашиҳо пурсида, ки онҳо дар олами миной масун боқӣ хоҳанд монд ва ё тани гетиёна ёфта,

ба олами моддӣ хоҳанд рафт ва ба Аҳриман ба ҷангу ситез хоҳанд пардохт. Онҳо роҳи дуюмро интихоб ва тамоми суратҳои намодини олами моддӣ ташаккусу фардоният пайдо карданд. Нуктаи муҳимме, ки дар паси пардаи ин муколама ниҳон аст, масъалаи ғалабаи ниҳоии некӣ бар бадӣ мебошад, ки он ҳам дар паси пардаи устураю ҷараёни офариниш ниҳон аст. Сухан дар бораи он меравад, ки бино ба тахминҳое, ки дар Зодспрам омада, «фравашӣ» барои боздоштани ҳамлаҳои муҷаддади Аҳриману нируҳои он ва эмин нигоҳ доштани олами гетӣ офарида шудааст. Зеро пас аз марги инсон равон ё худ «фравашӣ»-и ӯ, чуноне ки ин масъаларо Х.Муминҷонов низ мунсифона қайд намудааст,[103] ба олами фаришта мепайвандад ва нируҳои аҳриманӣ наметавонанд равони ӯро нобуд созанд. Ҳамин бемаргии рӯҳ боис мешавад, ки то рӯзи растохез ҷаш у ситез байни қувваҳои некиву бадӣ идома пайдо кунад ва сушиёнсҳо ғалабаи некӣ бар бадиро таъмин намоянд. Охирин сушинёнат гови нахустинро кушта, аз чарбуи ӯ «ҳаома»-и сафед ё худ нӯшобаи бемаргӣ (Ануш) дуруст мекунад ва инсонҳо бо нӯшидани он бемаргу ҷовидон хоҳанд шуд.

Чуноне ки мушоҳида мешавад, Амшоспандон ва фаришгагон ё худ изадони ёвари Аҳуромаздо аз фаришгагони дини мубини ислом ва масеҳият фарқ мекунанд. Ҳар як амшоспанд як «фаришга-худо» аст, ки фравашиҳои худро дорад ва ҳама дар гуфтору рафтору пиндор ҳамчун шаҳриёрони бузургу тавонгар ва муқаддасу муҷаррад ҳамкору ҳамақидаанд ва нигаҳбононашон ба унвони «фравашӣ» олами гетиро нав месозанд, ҷовиду зинда нигоҳ медоранд. Аз сабаби он ки офаридаҳои лоҳутӣ ё худ миноӣ ва интизооту омӯзаҳои муҷарради оини зардуштӣ бештар ба худ шакли устуравӣ гирифта буданд ва ҳанӯз замони таҳаввулу ташаккули мафҳумҳои устуравии мовароуттабиӣ (метафизикӣ) ба мафумҳои фалсафӣ нарасида буд, тафаккури фалсафии замони Зардушт онҳоро ба як қолаби муайяну мушаххаси ҳастишиносӣ, ки баъдтар дар дигар динҳои мутаол он мушоҳида гардида, дароварда натавонист. Дар натиҷа офаридаву интизооти миновии Аҳуромаздо тадричан ва бо мурури замон ҷойгузини худоёни кӯҳнаи табиатгароёна гардида, ба ҳамин восита, фазои холии фалсафӣ бо худоёни қаблии ташаккусёфта (персонификатсияшуда)-и асотирӣ (Воҳу Мана-муваккилу ҳомии ҳайвонот, Аша Ваҳишта-ҳомии оташ, Хшатра Вайрйа-ҳомии фелезот... Саена Мерегҳа (Семурғ)-раббуннавъ ё ҳомии паррандагон, Даена—раббуннавъи занон ва ғайра) пур карда шуд. Аз ин рӯ, Аҳуромаздо ҳамчун худои мутаол гоҳ чеҳраи хиради муқаддас ё худ «логос»-ро дорад, гоҳ ҳамчун сарвару сарпарасти шаш Амшоспанди худ ҷилвагар мешавад, гоҳ дар замони бекарону фазои нури маҳз ба курсии салтанат нишаста ва гоҳ бо «фравашиҳо»-и муҷаррад маслиҳату машварат карда ва ҳатто худаш низ «фравашӣ» дорад.

Бо истинод ба мулоҳизаҳои баёншуда кӯшиши баъзе муҳаққиқони Шарқу Ғарб, ки ҳини арзёбии таълимоти фалсафии зардуштия гоҳ онро ба «вахдати вуҷуд», гоҳ ба «тавҳиди вуҷудӣ» ва аз ин қабил таълимотҳои аз ҷиҳати буъди замонию маконӣ дертару дуртар ташаккулёфта нисбат додан кори оқилона ва мунсифона нахоҳад буд. Дар ин ҳолат муҳим нест, ки монандии таълимоти ҳастишиносии оини зардуштиро ба чаҳорчубаи таълимотҳои дар шароиту фазои фикрии дигар бавуҷудомада қарор диҳем, балки нишон додани он муҳим мебошад, ки Зардушти паёмбар тавониста, ки як дини яктопарастиро бо низоми комили ҷаҳоншиносиву маърифатӣ ба вуҷуд оварад ва аввалин дини мутаолро, ки шояд бисёр унсурҳои таълимоташ аз устураву рамзу разҳои қаҳрамонҳои асотирӣ ва тафаккури олуда ба сеҳру ирфони ибтидоӣ холӣ набошад, созмон диҳад. Ин оин барои динҳои баъдии мутаол ҳамчун намод хизмати босазое кард ва дар тӯли чандин аср ҳамчун дини ҳукмрони ҷомеъаи муайяне амал мекунад.

Гуфтаҳои боло ҳаргиз чунин маъно надорад, ки устураҳою рамзу розҳои мавҷуд дар Авесто камтар аз арзишҳои фарҳангию ҷаҳоншиносӣ бархурдор бошанд. Баръакс он аз чунон устураҳои ташаккулёфтаву рамзу розҳои ботинӣ ва таърихи қудсӣ иборат аст, ки мутаассифона, то ба ҳол кашфи асрори ботинӣ, боз намудани гиреҳи рамзҳо ва дарку фаҳми дараҷаи хирадмандии таърихи қудсии он ҳамвора бо пояҳои асосии таълимоти ҳастишиносии оини зардуштӣ ба таври бояду шояд омӯхта нашудаанд. Масоили матраҳшуда кайҳост, ки муҳаққиқони худро ингизоранд, то шарҳу тафсир ва таъвилу намодшиносӣ иттилооти парокандаи Авесто ва дигар адабиёти зардуштӣ, бахусус Готҳоро дар доираи сафарҳои дугонаи «қавси нузул» ва «қавси сууд» (ҳастиву маърифат) мушаххас намоянд.

Дар ин ҷодда эҳёкунандаи фалсафаи Осиёи Миёнаву Эрони бостон Шаҳобуддини Суҳравардӣ кӯшиши зиёде ба харҷ дода. Ӯ , ки бешубҳа бори гарони афкори маънавию фарҳангии гузаштаи дури сарзаминамонро ба дӯши худ дошт ва мусаллат бо назари пешгомони фалсафаи ишроқ-ҳукамои хусравонӣ ва фаҳлавиюн буд, ба манзури эҳёи суннатҳои дерини фикрӣ дар асари худ «Маторехот» навиштааст: «Мо асрори илми ҳақиқатро дар китоби «Ҳикмат-ул-ишроқ» овардаем ва он китобест, ки ҳикмати куҳан дар он дубора зинда шудааст, ҳикмате, ки ҳамвора мадди назари пешвоёни ҳикмат дар Ҳинд, Порс, Келда, Миср, файласуфони куҳани юнон монанди Афлотун буд ва манбаъи ҳикмати илоҳии ононро ташкил медод; ин ҳикмат хамираи азалист»[104] .

Воқеан, бисёр нукоти маҷҳулу номаълуми таълимоти фалсафию ҷаҳоншиносии оини зардуштӣ тавассути Шайх Ишроқ муайяну мушаххас ва суннати нуронӣ эҳё гардиданд. Худи «нур-ал-анвор»-ро асоси таълимоти фалсафии худ қарор додани Суҳравардӣ бисёр масоили печидаи ахлоқию ирфонии фалсафаи хусравонӣ, аз ҷумла ба қолаби қудсӣ даромадани

ҳамосаҳои волои қаҳрамонӣ, хусусияти ботинӣ пайдо кардани офаридаҳо ва пайдоиши рамзу розҳо, мазҳари ормонҳои ахлоқӣ гардидани қаҳрамонону паҳлавонони устуравӣ ва ғайра равшан гардиданд. Истиноди Шаҳобуддини Суҳравардӣ ба фалсафаи хусравонӣ ва дигар суннатҳои зерини афкори маънавии Эрони бостон ва истифодаи истилоҳоти оини зардуштӣ фақат як кӯшиши зоҳирӣ ва иқдоми назарфиребона набуд, балки он дар асоси таҳлили амиқи фалсафию ҷаҳоншиносӣ садди азими марзҳои тафаккури фалсафии Эрону Юнонро бардоштааст, Аз ин рӯ, муҳаққиқон бузургтарин нукоти фалсафии ақидаҳои ӯро «Эътиқод ба ду мактаби қадими фалсафӣ, яъне мактабҳои юнонию эронӣ» донистаанд. Суҳравардӣ худро ворису давомдиҳандаи ҳар дуи ин мактаб дониста, фаришгабоварии зардуштиро бо «олами мисол» - афлотунӣ биомехт. Ӯ аслу насаби ҳикмати ишроқиро дар «Маторехот» чунин муайян намудааст: «Ҳикмати ишроқ ба таври амиқе мутаассир аз мобаъдуттабиаи шоҳи мубадони Эрони қадим чун Каюмарс, Фаридун ва Кайхусрав будааст. Фисоғуру Афлотун охирин ҳукамои Юнон буданд, ки таҳти таъсири ин ҳикмат қарор гирифтанд ва сараиҷом Зуннуни Мисрӣ ва Боязиди Бистомӣ ворисони ин ҳикмат гардиданд»[105].Чунин ишораҳо ҳам дар асари асосии фалсафии Суҳравардӣ «Ҳикмат-ул-ишроқ» ва ҳам дар «Шарҳи Ҳикмат-ул-ишроқ»-и Муҳаммади Шаҳрзурӣ ва дигар шореҳону сӯфиёни Асрҳои миёна мушоҳида мешавад.

Аз ин нуқтаи назар, таълимоти фалсафии Шаҳобуддини Суҳравардиро дар бораи «Нур-ал-анвор» ҳам шарҳ, ҳам такмили таълимоти фалсафии зардуштия, беҳтар аст бигуем, давоми мантиқии фалсафаи оини зарбуштӣ шуморидан камоли матлуб мебуд. Зеро Шарқ, ки худ мазҳари нур аст ва Машриқ маҳалли ишроқи он мебошад, «нур-ал-анвор» манбаъи ишроқоти нурӣ маҳсуб мешавад. Х(в)орна дар ин сурат метавонад дар ҳар як аҷзо ва масодиқе, ки моро бо ҷаҳони ошкору моддӣ марбут мекунанд, вуҷуд дошта бошад, аммо фи нафсиҳи ҳамчунон ба сурати уқнуми ҷаҳони маънавӣ боқӣ бимонад. «Х(в)орна» монанди ҳамаи мавҷудоти ҷинси латиф фраваршӣ ё фраваҳаре дорад, ки фаришгаи ӯ ва «нури номутаноҳӣ» аст. Пас , х(в)орна ҳам он тавони оғозинест, ки маротиби ҷаҳонро таъйину танзим мекунад ва ҳам он тақдир ё фаришгаи шахсии ҳамроҳ бо ҳар мавҷуде, ки баёнгари зот ё воқеъияти вижаи ӯст»[106].

Аз иқтибоси мазкур маълум мегардад, ки Суҳравардӣ воқеъан фаришгашиносии зардуштияро эҳё ва аз бисёр ҷиҳат такмил намуда, аз хусусияти мусбат (музаккар)-и табоқоти тӯлии вуҷуд суратҳои азалӣ ё табақоти аразии арбоби анвоъ ва аз хусусияти манфӣ (муаннас)-и онҳо мадорҳои осмониву фалаки собитро ба вуҷуд овардааст. Ҳамин «арбоби анвоъ» ё худ «анвоъи нурӣ» баробар бо «мусули афлотунӣ» мебошанд. Фаришгагони табақоти тӯлӣ, ки дар адабиёти фалсафӣ онро «фаришгагони меҳин» низ меноманд, то пайдо шудани ғавосиқи барзахӣ ё худ комилан

заиф шудани нур дар таълимоти Суҳравардӣ ба вуҷуд меоянд ва, аз ин рӯ, теъдоди онҳо зиёд ва беохиранд. Дар фалсафаи зардуштия бошад табақоти тӯлии фаришгагони ҳикмати ишроқӣ баробар бо Амшоспандонанд (ки теъдодашон ҳафт адад аст) ва фарқияташон низ дар он зоҳир мешавад, ки Суҳравардӣ онҳоро тибқи хосияти нур мавҷудоти айнӣ мешуморад, ки зимни дарки он дар зеҳни инсон ба шакли муҷаррад дармеояд, дар зардуштия бошад, ҳам Амшоспандон (табақоти тӯлӣ) ва ҳам изадони ёвари Аҳуромаздо (табақоти аразӣ) муҷарраданд.

Арбоби анвоъ (шакли танҳояш раббуннавъ) ё худ фаришгагони ҳомию нигаҳбони оини зардуштӣ, ки Суҳравардӣ аз онҳо ба унвони «анвори испаҳбудия» ва гоҳо ҳам «анвори мудаббира» ёд кардааст, ҳам ба ҳаракатоварандаи гардуни сипеҳр ва ҳам маркази нуфуси инсонианд. Маҳалли ҷойгиршавии «анвори испаҳбудия»-ро Суҳравардӣ олами барзах меномад, ки моҳиятан дар байни олами мавҷудоти нурӣ ё худ фаришгагони меҳин ва олами ҷаҳони меҳин ва олами ҷаҳони маҳсус ё худ олами ғавосиқ қарор дорад. Ин ҳамон тамсили «Ғор»-и Афлотун аст, ки шояд аз таълимоти оини зардуштия ғизои маънавӣ гирифта бошад.

Нуктаи муҳим дар тамсили «Ғор»-и Афлотун, тавре, ки дар китоби «Ҷумҳур» омада, аз он иборат аст, ки "... соҳое, ки бар асари нури оташ ба рӯи он қисмати ғор, ки баробари чашми онон (яъне одамони дар ғор буда- Ҳ.М.) аст, нақш мебандад... соҳое, ки мебинанд таъриф хоҳанд кард, вале бо ин тасаввур, ки ҳақиқати он ашёро таъриф мекунанд..."[107]. Дар китоби шашуми ин асари Афлотун ҳамин мазмун дар муколамаи Суқрот бо бародарони Афлотун чунин нақл шудааст: «Гуфтам: аз тарафи дигар дар муқобили ҳар як аз ин анвоъи касрат як вуҷуди муҷаррад қоилем, яъне муҷарради зебо, муҷарради неку муҷарради ҳар чизи дигар, ки дар олами касрат ёфт мешавад. Инҳо сувари воҳид ва вуҷуди он касратанд. Гуфт: ҳамин тавр. Гуфтам: инро ҳам илова мекунам, ки касрат маръӣ ҳастанд, на маъқул ва ҳол он ки сувари илмия маъқуланд, на маръӣ»[108].

Барои он ки қазияи ин матлаб равшан гардид, шарҳи Мусо Акрамиро аз «Кайҳоншиносии Афлотун» ном асари ӯ меоварем, ки бо истинод ба китоби «Ҷумҳур» ба тариқи зайл овардааст: «Шиносой (gnosis) дорои чаҳор бахш аст: 1) маърифат (episteme); 2) андеша ё тааққул (dianoia); 3) ақида (pistis); 4) гумон (eikasia). Маърифату андеша бо ҳам фаҳм (noesis) аст ва эътиқоду гумон бо ҳам пиндор (boxa)-ро ташкил медиҳанд. Ҷаҳон ба ду бахш тақсим мешавад: 1) ҷаҳони «будан» (einai) ё ҷаҳони маъқул (nueto), ки мутааллиқи фаҳм (nuesis) аст; 2) ҷаҳони «шудан» (genesis) ё ҷаҳони маҳсус (ё маҳсусот= aistheta ё маръиёт=horata), ки мутааллиқи пиндор (boxo) аст. Аммо ҷаҳони маъқул худ дорои ду мартабаи мутааллиқ бо ду зинаи шиносой дар ҳавзаи фаҳм (noesis) аст: аввал «иде»-ҳо ва усули аввалияи мутааллиқи маърифат ва дуюм мафоҳим ва сувари риёзии мутааллиқ ба андешаву

истиқлол. Ҷаҳони маҳсус низ дорои ду мартабаи мутааллиқ ба ду зинаи шиносӣ дар ҳавзаи пиндор аст: аввал ашёи маҳсуси мутааллиқ ба ақида ва дуюм тасовиру сояҳои мутааллиқи гумон ё хаёл. Суқрот/Афлотун пас аз тамсили «Ғор» онро ба «тамсили хат ва маротиби ҳастӣ ва дараҷашиносӣ татбиқ карда мегуяд: бояд олами маъниро ба иқома дар зиндон ташбеҳ кунем ва он шуълаи оташе, ки зиндон аз он равшан мешавад, дар ҳукми асари Хуршед талаққӣ намоем. Уруҷ ба олами боло ва мушоҳидаи аҷоиботи онро низ иборат аз сууди руҳ ба олами маъқулот бидонем. Он чӣ тасаввур мекунам ин аст, ки асли хайр дар мунтаҳиунилайҳи олами мақулот ҷой дорад ва онро бо заҳмат метавон дид. Аммо агар шахс онро мушоҳида кунад ба ночор азъон хоҳад намуд, ки: маншаи кулли зебой ва хубӣ ҳамон аст; дар ҷаҳони маръӣ офаринандаи равшной ба конуни нур ҷуз он нест; дар олами мақулот низ мабдаи ҳақиқату ақл ҳамон аст[109].

Аз шарҳи боло маълум мегардад, ки Афлотун «мусул» («идея»)-ро варои осмон, берун аз ҷаҳони маҳсус ҷой додааст, зеро, ба ақидаи ӯ, зотҳои ғайриҷисмонӣ наметавонанд дар макон қарор дошта бошанд. Олами мисол аз руи гаҷаррудаш аз модда олами руҳонӣ, илмӣ ва идрокӣ буда, аз руи миқдору таҷассумаш ба олами кавну фасод шабеҳ аст. Ин «идея» ё худ «ғоя» сувари навъияи ҷовидонист, ки бо офарандаи хеш яксон аст ва олами моддӣ «соя» ва «шабаҳ»-и суратҳои илмии илоҳиянд. Тамсили «Ғор», ҳамон тавре ки Ҳошими Разӣ қайд карда, шолудаи устувору густурдаест, ки ба ҷаҳони сувару мусул пайванди ногусастанӣ дорад ва фаҳми васеъи он дар шолудаи ҳикмату ирфон устувор аст, дар сурудҳои Зардушт, ки қадимати бисёр дорад, нуҳуфта мебошад. Суханони Афлотун дар бораи он ки «мо низ ҳамчун афрози маҳбус дар ғори зиндони абдони худ ҳастем» мазмуну моҳияти маърифатии таълимоти Афлотун дар бораи «ғоя»-ҳоро боз мекунад, ки робитаи «ғояҳо» бо «сояҳо», ҳамон тавре ки Аббос Шайх Шуой ин масъаларо дуруст қайд кардааст, аз се ҷиҳат сурат мегирад: «нахуст сурат иллати моҳияти шайъ аст; дуюм метавон гуфт, ки дар як сурат шарик ё аз он баҳраманд аст; сеюм метавон гуфт, ки шайъ тақлид ё рӯгирифг аз сурат аст»[110].

Арасту ва намояндагони мактаби машшо-Форобӣ, Ибни Сино ва дигарон «мусули афлотунӣ»-ро напазируфтаанд. Вале Суҳраварди дар муқобили ҳар як анвоъи касрат мавҷуд будани як вуҷуди муҷаррадро қоил шудааст. Садриддини Шерозӣ таъйид карда, ки ба фикри Суҳраварди ҳар навъе аз анвоъӣ ҷисмонӣ дорои раббуннавъ аст, ки ихтисос ба он навъ дорад, мудаббири афроди он навъ ва иллати таҳаққуқи он мебошад. Вале ӯ ҳамвора қайд карда, ки Шайх Ишроқ роҷеъ ба «ҳақиқати воҳид будани раббуннавъ ва афроди он» чизе баён накардааст. Ба ҳар ҳол, Садро суратҳои муфориқаи Афлотуниро илми илоҳӣ медонад ва мавҷудияти олами моддиро моҳияте аз моҳиёти ин сувари мафориқа ё худ шабаҳҳои онҳо мешуморад,

ки фонӣ дар зот ва боқӣ ба бақои зоти боритаоло мебошад. Албатта, Садро баъзе мулоҳизаҳои худро дар бораи фарқияти «мусулу афлотунӣ» аз «анвори испаҳбудӣ»-и Суҳравардиро баён карда, ки хеле аз пажуҳандагон, аз ҷумла Абдураҳмони Бадавӣ, Ҷалолуддини Оштиёнӣ ва дигарон ба он ишора намудаанд.

Олими америкой Ҷон Вилбриг (jon Walbridge) дар мақолаи худ оиди адами «мусул» дар таълимоти мактаби машшо ва мавҷудияти он хамчун «ғоя» -ҳои мавҷудоти олами табиӣ ва риёзӣ дар афкори Суҳравардӣ баҳсе ороста, бо истинод ба «қоидаи имкони ашраф», ки тибқи он ҳар мартабаи вуҷуд мусталзами иллати кофӣ дар мартабаи вуҷуди болотар аз хеш аст, судури анвори табақоти тулӣ ва аразӣ аз «нур-ал-анвор»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, Шайх Ишроқро дар ин ҷодда пайрави Афлотун хондааст. Дориюши Шойгон аз ӯ ҳам ҷулутар рафта, дар саволи «фаришгабоварӣ чист ва бурди он дар адёни тавҳидӣ то ба куҷост?» аз номи Ҳенри Корбен чунин посух додааст: «Ба ақидаи Корбен, яктопарастӣ агар ба фаришгабоварӣ ҳамроҳ набошад, дар зоти худ амри мутаноқуз аст. Дидор бо фаришта таҷаллиро аз домҳои таъвилу ташбеҳ мераҳонад. Фаришта таъвилгари ҷаҳони ботинӣ ва дурнамоҳои нопайдои вуҷуд аст, ки варои дунёи башари заминӣ қарор дорад»[111]. Олами мисол ё малакути равон, ки аҷсом дар он ба маънавият мерасанд, дар қолаби истилоҳоти фаришташиносӣ ду ваҷҳ ва ё ду бол дорад: яке нур ва дигаре зулмат. Дар таълимоти Суҳравардӣ «ҳамон мухотаби рисолаи «Овози пури Ҷабраил» аст. Ин фаришта ҳамон ақли сурхест, ки касе ӯро дар рӯъё мебинад, бо таваҷҷӯҳ ба сурхии уфуқ, ки омезае аз шабу рӯз ва нуру зулмат аст, рангро дар он зуҳур кардааст, тавзеҳ медиҳад. Чеҳраи ақли сурх, чунон ки дар рисолаи тамсили оварда, бар уфуқи назари фалсафӣ ва маьнавияти Суҳравардӣ султа дорад»[112]. Суҳравардӣ дар «Ҳаёкил-ун-нур» фаришгагон ё худ изадони ёвари Аҳуромаздоро ҳамчун падари рӯҳоние ба қалам додааст, ки раббуннавъи тилисми навъи инсонӣ мебошад.

Дар «Ҳикмат-ул-ишроқ» Сӯҳравардӣ бори аввал номҳои мутафаккирони Эрону Юнон, аз ҷумла Зардушту Афлотунро ҳамчун пешоҳангони фалсафаи мовароуттабиии ишроқӣ, ки «мусули афлотунӣ» дар он бо номи фаришгагони маздоӣ ёд шуда, дар як радиф ҷой додааст. Бино ба маълумоти муҳаққиқон чунин амалро чаҳор қарн баъд файласуфи византиягӣ Гемисте Плетон (Gemiste Plethon) анҷом дода. Саидҳусайни Наср таъкид карда, ки Фичино бар аҳамияти мероси ҳурмусӣ, илҳомоти келдонӣ пой фушурд, ки Зардушт онҳоро ба унвони решаи ҳикмати бостон ҷамъоварӣ намуда буд[113]. Афкори ирфонӣ низ дар Шарқ вуҷуди чунин олами мисолро тақозо менамуд. Таҷрибаи орифона хоҳ дар шакли ҳикмати набавӣ ё дар шакли вуҷудшиносӣ сурат гирад ва хоҳ тавассути фаришгаи ишроқ ё маъшуқаи азалӣ дар ояти ишқ ҳосил шавад, дар ҳама ҳолат эҳтиёҷ

ба олами мисол дорад. Ҳенри Корбен дар ин бора навишта: «агар бихоҳем, ки дар байни маротиби вуҷуд ҳалае дар кор набошад, вуҷуди ҷаҳони мисолӣ зарурати мутлақ дорад. Ин ҷаҳон дар воқеъ «тасмаи интиқол» миёни маҳсусу маъқул аст ва ба ҳамин далел дар барзахи дугона қарор гирифтааст, хоҳ аз назари «қавси нузулӣ», ки дар он аз назари вуҷудшинохтӣ бар ҷаҳони маҳсусот муқаддам аст ва хоҳ дар мартабаи «қавси уруҷӣ», ки дар он ҷо баёнгари сувари намодини ҷисми латифи иктисобист»[114] Муҳаққиқи мазкур суханашро идома дода, таъкид кардааст, ки агар ҷаҳони миёнҷӣ набошад, рӯйдодҳои илми маъодӣ ё охиратшиносӣ (эсхаталогия), тамсилҳои ирфонӣ маҳалҳои хоссе нахоҳанд дошт ва аз ҷиҳатёбӣ маҳрум хоҳанд буд.

Як муқоисаи аҷибе низ вуҷуд дорад, ки баъзе муҳаққиқони эронию хориҷӣ ба он муроҷиат намудаанд ва шояд ин вазъи ҷуғрофӣ, бо амри таърих ба пешинаи қудсӣ пайдо кардани афкори сокинони сарзаминаш бевосита мусоидат карда бошад. Сухан дар бораи он меравад, ки Осиёи Миёнаву Эрон, ки кишвари Зардушт, Фаробиву Ибни Сино, Саъдию Ҳофиз ва Суҳравардиву Садриддини Шерозӣ мебошад, ҳамзамон он сарзамини «фравашӣ» ва «х(в)орна» низ мебошад. Дар варои фосилаҳои замонию маконӣ ҳама дар ин сарзамин бо якдигар бидуни пайванди сабабӣ аз омезаҳои метафизикие бархурдор буданд, ки шояд дар гузашта харитаи муқаддаси ҷуғрофиеро бо номи «Шарқи нуронӣ» ташкил дода буданд ва онро ҳамчун хостгоҳи устураву ривоятҳои латифу дилангез ва розомез, достонҳои ҳамосавию қаҳрамонӣ, адабу фарҳанги пуррозу омехта бо тамсилҳои ирфонӣ ва афкори кашфию завқии ирфониву фалсафӣ ва каломӣ мешинохтанд. Ба ин маънӣ, ҷойгиршавии Эрони бузурги аҳди бостон (Осиёи Миёна, Афғонистон, Эрон, қисми шимолии Покистон...) дар васати нимҷазираи Ҳиндустон ва ҷаҳони Араб ё худ дар маркази Осиё бо доштани «Фарри эронӣ» тақозо мекард, ки дар афкори маънавӣ ва ҷаҳоншиносӣ низ нақши васатӣ ва миёнҷӣ бозӣ кунад. Аз ин рӯ, ин сарзамин воқеан маҳалли бархурду омезиши андешаҳои шигифтоваре гардид, ки дар даврони оғозини таърих боварҳои ориёиро бо омӯзаҳои бумӣ ба ҳам омехт, баъдтар андешаву тафаккур ва ҷаҳонбинии ҳикмати хусравонӣ ва таълимоти оини зардуштиро бо афкору орои файласуфони даврони тосуқротӣ ва Пифагору Афлотун омезиш дод, сипас ҳамосаҳои паҳлавонию достонҳои қаҳрамониро, ки дар ниҳодашон як манбаъи мовароуттабиӣ вуҷуд дошт, бо афкори орфеию гностикӣ ва ирфонӣ махлут кард, аслу асоси олами зоҳирию ботиниро дар олами офоқию анфусӣ ҷустуҷӯ намуд, ки дар натиҷаи он фаришстабоварӣ ба вуҷуд омад. «Мусули афлотунӣ» ба Амшоспандон табдил ёфт.

Пас шарқӣ будани ин сарзамин, аз як тараф, нақши миёнҷӣ доштани он аз лиҳози ҷуғрофӣ бошад, аз тарафи дигар, ҳомили хамираи азалӣ доштани ҳикмати ишроқӣ мебошад. Дар воқеъ, дар Ҳинд, ки қавмҳои

ҳиндуэронӣ зиндагӣ доштанд, «Веда»-ҳо, Адвайта Веданта, ки аз «Қонуни Ману» нишот гирифтааст ва дар Шарқи дур, ки моҳиятан дорои сохторҳои суннатии ғайр аз адёни иброҳимӣ дошт, ҳамон масоили нуру зулмат ва фалсафаи ахлоқӣ бо омезаҳои ирфонӣ масдари таълимоти ҷаҳоншиносиашон қарор гирифта буд. Дар Чин аз амалҳои Конфутсий нодурустиву фасод, ки асоси зулмату бадбинӣ буд, шарм карда, чеҳра пинҳон намуданд ва оини таоизм бо ҳамон рамзу рози ирфонӣ ва буддизм, ки хостгоҳи асосиаш Ҳинди қадим буд, аз тариқи Чин ба Япония бо номи Дзен-буддизм интишор ёфт ва устураҳои зода шудани илоҳаи Хуршед бо фалсафаи «Шеваи диловарон»-и самурайҳо бо ҳам омехтанд. Маънавиёти ин қисмати Шарқи бостон низ чӣ дар шакли зоҳирӣ ва чӣ дар шакли ботинӣ ба таълимоти ҳакимони хусравонӣ ва оини зардуштӣ ҳамово ва ҳамнаво буданд.

Нақши миёнҷӣ дар афкори маънавии ниёгони моро файласуфони машшову ишроқ ва тасаввуф дар Асрҳои миёна ба субут расониданд. Афкори намояндагони ин мактабҳои фалсафаю ирфонӣ бо таъйиди мавҷудияти олами барзахи миёнҷӣ ба фалсафа бештар ранги ирфонӣ ва ба дин бештар ранги фалсафӣ бахшида, рӯҳи зоҳирии афкору ақидаҳои вуҷудшиносиро он қадар бараҳна намуданд, ки дар натиҷа намодҳои олами анфусӣ дар олами барзахи миёнҷӣ хосиятҳои қудсӣ касб намуда, маҳалли асосии донишу бениш ва завқу шуҳуд қарор гирифтанд. Ин олам, ки шакли пайдои як сурати навъияи нопайдо аст, ба «архетип»-ҳои масеҳият шабеҳ шуд, ки агар онҳоро аз мӯҳтавои равоншиносиашон холӣ кунем, ба ҳамон сувари илоҳия, ба «аъёни собита» (дар ирфони исломӣ) ё худ сурати навъияе мерасем, ки мароҳили таҷаллии рӯҳанд»[115].

Маҳалли ин олами мисол ҳамон иқлими ҳаштум аст. Ин иқлими ҳаштум дар соҳаҳои ҳастишиносӣ, кайҳоншиносӣ ва фаришташиносӣ бозтобҳои мухталиф дорад ва бояд тафовути онҳо дуруст дарк шавад. Зеро аз назари баҳси мовароуттабиӣ он олами фаришта, аз назари ҳастишиносӣ он олами миёнҷӣ (ки дар қавси нузул аз олами маҳсус таҷаддум ва дар қавси сууд бар олами маҳсус тааҳҳур дорад) ва аз назари кайҳоншиносӣ олами барзахист, ки тасвиру тамсилоти гуногуни ақлиро молик аст. Иқлими ҳаштум, ки ба мисли ҳисси шашум дар феҳристи ҳавоси панҷгона, дар нақшаи ҷуғрофии олами анфусӣ вуҷуд надорад. Ин иқлими олами маънавие буд, ки дар китоби муқаддаси Авесто ва дигар навиштаҳои паҳлавӣ бо номи Вар (Var), Ҷам (Yima) ва дар ҷаҳоншиносии зардуштӣ хорра (х(в)орна, «фраваши» ё «фраваҳар») меномиданд. Маҳалли он дар «Шайдони шид» (ба мисли дабирони дабир ва шоҳони шоҳ) ё худ Ҳуриқулиё аст. Муҳаққиқон мӯъталиданд, ки ин номро Шайх Аҳмади Аҳсой дар асараш бори аввал истифода бурдааст, баъзе пажӯҳандагони дигар иддао доранд, ки истилоҳи мазкурро Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ аввалин бор мавриди истифода қарор

додааст. Ӯ Ҳуриқулиёро олами мисол ё ҷаҳони фраваши медонад, ки дар он суратҳои навъия ҳамчун намодини фориг аз замону макон фаъолият доранд. Ҳуриқулиё шаҳри бузургтар аз ду шаҳри дигари Ҷобулқо ва Ҷобулсо дар мағрибу машриқи Осмони барин ҷойгир аст. Қутбиддини Шерозӣ ва Муҳаммади Шаҳрзурӣ Ҷобулқо ва Ҷобулсоро аз олами аносири мусул ва Ҳуриқулиёро аз олами афлоки мусул донистаанд. Суфиён Ҷобулқоро ишора ба мисоли муқаййад ва Ҷобулсоро ишора ба мисоли мутлақ пиндоштаанд. Дар ин ҳолат аввалӣ ба Машриқ ва дуюмӣ ба Мағриб ва аз рӯи ҳулқӣ Ҷобулқоро ба камолоти нафсонӣ ва Ҷобулсоро ба камолоти ҷисмонӣ нисбат додаанд. Ин ҳамон Ҳуриқулиё, Ҷобулқо ва Ҷобулсо, ки Кайхусрав ба он уруҷ карда буд ё худ «Нокуҷообод», («Ҳуробод», «Шаҳристони ғам» ва ба истилоҳи Ҳенри Карбон «Mandus imaginolis») Сӯҳравардист, ки ба унвони шаҳре дар он сӯи кӯҳҳои офоқии Қоф қарор дошт ва аз мухтасоти ҷуғрофии арзӣ берун буд» [116].

Чунин аст рамзи Шарқ ба мазмунҳои ҷуғрофӣ (яъне сарзамини Эрони бузург) ба маънои истилоҳӣ (хостгоҳи нуру равшной ва нуқтаи бозгашт ба он), ба мазмуни ишроқӣ (партавафшонии нур аз Шарқ ё худ олами лоҳут ба Машриқ ё худ олами мисол ё малакут ва аз он ба Мағриб ё худ олами зулмат ё малик) дар «қавси нузул». Дар ин ҳолат уқулу нуфус дар Машриқ ва нафси башарӣ мисли ақли даҳуми Бӯ Алӣ, дар Мағриби зулмати модда ғуруб мекунад. Агар ба ин масъала боз ҳам амиқтар назар кунем, ба чунин натиҷа хоҳем расид, ки маҳалли тулӯъи Хуршед, ки ҳамон Шарқ мебошад, ҷанбаи моддиву маръии таҷаллии илоҳӣ ва маҳалли ғуруби Офтоб, ки ҳамон Ғарб бошад, ҷанбаи таҷаллии зоти мутлақ аст. Ин ду навъи таҷаллии ғайбию (зотию) шуҳудӣ (маръӣ) маҳсули ду исми бузурги илоҳӣ - зоҳиру ботин мебошад, ки аввалӣ олами ҷисмонӣ ва дуюми олами арвоҳро шакл мебахшад. Ин шояд як хотираи таърихию маънавии ниёгони ориёии мост, ки аз он ақидаҳои ҷаҳоншиносии баъдинаи машриқзамин нишот гирифта, вобаста ба дарку фаҳм дар аҳкоми маърифатии динию илмӣ мақоми хосса ишғол намуданд.

Онҳое, ки ба фалсафаи Эрони бостон ва Асрҳои миёна сару кор доранд, ба хубӣ дарк хоҳанд кард, ки фаришташиносӣ аз ҳамон замони аввали пайдоишаш ба як баҳси метафизикии ҷаҳоншиносӣ марбут аст. Он як навъ «моддияти ғайримоддӣ» ё вуҷуди зеҳнист, ки дар олами мисол бистари моддии муайяне надорад ва баробар ба «сувари муаллиқа»-и Шаҳобуддини Сӯҳравардист, ки аз «мусули афлотунӣ» фарқ дорад ва он на дар олами анвори ақлияи Афлотун, балки дар олами ашбоҳи муҷаррада ҷойгир аст. Сувари муаммоҳо ҳамчун намоди нури аразӣ вуҷуд доранд, вале холӣ аз моддаанд. Гоҳо онро сувари хаёлӣ низ номидаанд.

Ҳамон тавре, ки дар бахши фалсафа омада, нуру оташ нишонаву рамзи худованд аст. Зимни амали судур аввал табақаи тулии вуҷуд—

Амшоспандон, сипас табақаи аразии он ба вуҷуд меоянд. Вале дар паҳваи тартиби арзи вуҷуд намудани онҳо аксари муҳаққиқон ба душвориҳо ва хатоиҳо роҳ додаанд ва баъзе муҳаққиқон бино ба мушкил будани қазия, аз баёни масъала худдорӣ намудаанд. Ба назари мо ин нукта бояд чунин тасаввур шавад, ки ҳар як вуҷуди муҷарради табақаи тулӣ, ки ҳамон Амшоспандон бошанд, дар навбати худ касрат пайдо мекунанд ба ин маъно, ки масалан олами малак дар ислом худаш мартабае аз маротиби силсилаи табақаи тулии вуҷуд аст, вале вақте худаш касрат пайдо мекунад, Ҷабраилу Азроилу Исрофил ва дигар арвоҳҳои муваккили ақл пайдо мешаванд. Табақаи вуҷуди аразии офариниши изадони оини зардуштӣ, ки ёварони Аҳуромаздо мебошанд ба ҳамин минвол сурат мегиранд, вале мисли табақаи тулӣ яке иллати дигаре буда наметавонанд.

Ёварони Аҳуромаздо ҳамчун ҷисми латифи фаришта дар олами миной дар шакли намодҳо ё раббуннавъҳое амал мекунанд ва мудаббириву нигаҳбонии суратҳои навъияи анфусии худро анҷом медиҳанд. Аз ҷиҳати маърифатӣ онҳо тавассути идроки ҳиссӣ дарк мешаванд ва кайфияти тааққулӣ доранд, на таваҳҳумӣ. Зеро охирӣ, ки манбаъаш дар ҳисси муштараки инсон мебошад, бештар ҳадсу тахмин мезанад ва дар ин сурат моҳиятҳои таваҳҳумӣ ба ҷуз нафсҳои шайтонӣ чизи дигаре нахоҳад буд. Ин олами барзахӣ, ки маҳаллу фазои он байни олами маҳсусу маъқул ҳамчун миёнҷӣ мебошад, пайвастагии вуҷуди олию софилро таъмин мекунад. Аз ин нуқтаи назар, он ҳамчун маҳалли руйдодҳои равонӣ ва иттисоли равони башарӣ ба фаришта ҳам ҷанбаи фалсафӣ дар «қавси нузулӣ» дорад (аз ваҳдат ба касрат) ва ҳам ҷанбаи ирфонӣ (аз касрат ба ваҳдат) дар «қавси сууд» пайдо мекунад.

Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ зимни баррасии масъалаи мазкур навишта, ки ҳукамои ислом мисолро ба ду қисм – мунфасилу муттасил тақсим карда таъкид мекунанд, ки онҳоро хаёли мунфасилу хаёли муттасил низ меноманд. Хаёли мунфасил амалест, ки қоим ба худ буда, аз шуруи ҷузъияи мухаййила бениёз ва мустақил аст. Хаёли муттасил бошад билакси хаёли мунфасил қоим ба нуфуси ҷузъия буда, пайваста дар мухаййилаи афроди одамӣ зуҳур намепазирад. Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки дар олами хаёли муттасил аҳёнан суваре ба зуҳур мерасад, ки натиҷаи даоба ги нуфус буда, дорои маллоку зобитаи ақлӣ намебошад. Ин гун сувари ҷазофия бар олами мисоли мунфасил мавҷуд набуда ва наметавонад онҳоро аз афъоли ҳаким ба шумор оварад.[117]

Пас, олами миёнҷӣ ё худ барзахӣ, ки дар фарози он силсилаи эзидон ба мисли аъёни собитаи Ибни Арабӣ вуҷуд доранд, дорои хусусияти дугона мебошанд, ки бо он аз оламҳои моқаблу мобаъди худ фарқ мекунанд. Маҳз тавассути дубуъдӣ будани олами мисол иртиботу омезиши ду ҷаҳони мазкур ба вуҷуд меояд, рӯҳ ҷисмоният пайдо мекунад ва модда ба мартабаи

рӯҳонӣ мерасад. Ин банди иттисоли рамзии «Шарқ» ва «Ғарб» дар адабиёти фалсафӣ ва ирфонӣ боиси пайдоиши чандин осори рамзиву тамсилии файласуфону орифон гардид, ки муҳимтарини онҳо достонҳои ҳамноми «Ҳай ибни Яқзон» ва «Қиссаи ғурбат-ул-ғарбия» мебошанд. Дар онҳо моҳиятан афкори маънавии аз банд растаи ниёгони ориёии мо ҷойгоҳи худро дар шакли нисбатан такмилёфтааш аз нав дарёфт карда. Зеро дар осори мазкур сафар аз сӯи Ғарб (олами моддӣ ва зулмат) ба Шарқ (олами улвӣ ё нуронӣ) сурат мегирад. Фақат наҳваи расидан ба ҷойгоҳи аслии худ дар сафарҳои ирфонӣ аз сафари Кайхусрав сар карда то мусофирати солик дар қиссаи «Ғурбат-ул-ғарбия»-и Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ аз ҳам дар ҷузъиёташон фарқ мекунанд.

Дар воқеъ, ин масъала фақат мавриди барраси файласуфону орифони Шарқ набуда. Илоҳиётшиносони масеҳӣ низ зимни андоми фалсафӣ бахшидан ба аҳкоми масеҳият корҳои зиёдеро бо сомон расонидаанд. Аввал Ориген дар пайравӣ аз Плотин муҳимтарин тафсирро аз абъоди метафизикию ботинии ҳикмати юнонӣ ироа дода, китоби муқаддасро ба мислӣ одами аз рӯҳу тану нафс ё ҷанбаи шуҳудию рӯҳонӣ ва ҷисмониву ахлоқӣ иборат донист ва дар ҷустуҷӯи кашфи маърифати қудсӣ дар Аҳди атиқ ва Аҳди ҷадид гардид. Дар он ӯ инсони гунаҳкорро дорои қувваи ақли ботинии аз ҷониби худо атошуда ба одамӣ қаламдод кард то ба воситаи он битавонад ишроқоти илоҳиро касб кунад. Дионисий Аэропагит низоми малакутию низоми калисоиро ба дараҷоти маърифату шинохт вобаста намуда, ба илоҳӣ сохтани вуҷуди одамӣ пардохт. Экхарт таълимоти масеҳиятро бо андешаҳои пуршукӯҳи мобаъдуттабии Шарқ ҳамаҳанг намуданӣ шуда, решаи ақли куллиро дар улуҳият ҷустуҷӯ намуд.

Аз байни олмони Ғарб Данте дар асари сегонаи худ «Мазҳакаи илоҳӣ» дар симои Вергил ва Биатрис дар «Дӯзах», «Барзах» ва «Биҳишт» олами мисол ё худ барзахи шарқиро ба Ғарб интишор дод. Ӯ се навъи маънӣ-таҳтуллафзӣ, тамсилӣ ва рамзиро қоил шуда, дар китоби аввали худ- «Дӯзах» ҳикояти шахсеро карда, ки муртакиби гуноҳ мешавад ва тан ба навмедӣ медиҳад. Китоби дуюм «Барзах» ҳикояте роҷеъ ба озодии инсон аст, ки тавассути илҳоми раббонӣ ва ишқи холӣ аз худопарастӣ кохи некбахтиро гушудааст ва китоби сеюм- «Биҳишт» ишқу имон ва кашфу завқ аст, ки инсонро аз ҳамаи дардҳои индуньёи хориҷ намуда, ӯро ба роҳи асли матлаб ҳидоят менамояд. Ин хулосаи зиндагию дониш ва ҳикмату илоҳиёти Данте ҷаҳони Ғарбро мутаассир карда натавонист ва он роҳи дигарро пеш гирифт. Фалсафаро ба тангнои илми позитив кашида, барои шинохти ҷаҳон ба роҳи таҷрибаву фаҳму идрок рафт ва аз лиҳози маънавиёт фазои холии байни идроки ҳиссию тааммули ақлӣ ҳануз ҳам побарҷост.

Агар баҳси олами мисоли даврони зардуштро ба Асрҳои миёна интиқол диҳем, чанд ваҷҳи дигари калидӣ ба мисли ҳикмати набавӣ,

вуҷудшиносӣ ва масоили орифонаву ошиқона намоён хоҳад шуд. Ҳенри Корбен зимни баррасии ҳамин масъала чеҳраҳои гуногуни суратҳои мисолиро ба таври хулоса овардааст, ки тибқи он олами мисол гоҳ ба сурати фаришта, гоҳ ба сурати имом дар доираи вилояти маъланӣ намудор мегардад [117]. Сӯҳравардӣ дар ин ҷодда ҳамчун мубтакиру давомдиҳандаи тамислҳои ирфонӣ оғозгари гузор аз ҳамосаҳои паҳлавонӣ ба ҳамосаи ирфонӣ маҳсуб шуда. Зеро ӯ роҳбари даруниро дар ҳамосаҳои ирфонӣ гоҳ ба сурати парандаи афсонавӣ ва асотирии эронӣ, гоҳ ба сурати пири ҷавон, гоҳ ба сурати Баҳман ва гоҳ ба шаҳри асотирие, ки дар харитаи ҷуғрофӣ вуҷуд надорад, ба қалам додааст.

Таълимоти оини зардуштӣ ҷамъбасти хулосаҳои адёни давраи ибтидоии Шарқи розомез ва устураву ҳамосаҳои қаҳрамониву паҳлавонӣ, диду назари ҳакимони хусравонӣ ва муғони модие мебошад, ки дини маздоии куҳанро дар домони худ парварда, онро такомул бахшид ва аз дини чандхудоӣ то ба оини яктопарстӣ оварда расонид.

РАМЗУ РОЗ ВА ИРФОНИ ОИНИ ЗАРДУШТӢ

Дар афкори фарҳангию ҷаҳоншиносӣ фалсафаю ирфонро ду ҷанбаи як таҷрибаи маънавӣ медонанд, ки аввалӣ дар ҷустуҷӯи роҳҳои шинохт ва дуюмӣ дар пайи кашфи ҳақиқат мебошанд ва аз замонҳои дур бо ҳам омезиш пайдо кардаанд. Муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки ин омезиш тақрибан аз худи ҳамон пайдоиши вуҷуди нуронии «Падар-Осмон» шурӯъ шуда, дар қадимтарин боварҳои таърихи фарҳанги ниёгонамон, аз ҷумла ниёпарастӣ, сеҳру ҷодуи таарруҳӣ, боварӣ ба сиришту сарнавишт ва дигар сохторҳои маънавию мафкуравии Аҳди бостон ба мисли дини маздоии куҳан, ҳикмати хусравонӣ, меҳрпарастию зарвония ва ғайра осори худро боқӣ гузоштаанд. Бешубҳа, омезиши мавриди назар ба сони махлутшавии афкори фалсафию ирфонӣ дар Асрҳои миёна набуд, дар Аҳди бостон он дар шакли ҷанинӣ ва хело содда зоҳир шуда, тадриҷан вобаста ба раванди инкишофи афкори маънавӣ бештар ва маҳсустар гардида. Баъзан ба ҳодисаҳое дар ҳаллу фасли масоили ҳастишиносӣ ва инсоншиносӣ низ бархурд намудан мумкин буд, ки зимни он омезиши мазкур барҷалоина намудор мегашт. Ба ин маънӣ, ҷустуҷӯ дар ирфони ибтидоӣ ҳам ошноӣ бо уфуқҳои ношинохтаи Эрони бостон ва ҳам дониши шавқию завқӣ ё худ ҳадсиро дар ояти ишқи илоҳӣ тақозо мекунад. Зеро, ба гуфтаи Абдулҳусайни Зарринкӯб дар «Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон» қарнҳо пеш аз аҳди сосонӣ, ҳам порае аносири ирфонӣ дар ақоиду адаби маздаясноӣ

ва ҳам дар таълими зардуштӣ ва матовини Авесто вуҷуд доштааст, ки ривоҷи онҳо собиқаи омодагии муҳити фикриву зеҳнии эрониёро барои қабули порае аз мабодии суфия нишон медиҳад.

[Агар мо ба таълимоти файласуфони мактаби машшо, аз ҷумла Форобиву Ибни Сино нек назар афканем, ба хубӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар орову андешаи онон ба ҷуз нақши ҷаҳоншиносӣ, нақши бовару омузаҳои дорои ҷанбаи ирфонӣ ва кашфию завқии ниёгони ориёии мо аз ҷавҳари нуронӣ сар карда то фариштабоварии зурдуштӣ таъсири муассире доштаанд ва дар афкори ирфонии суфиёну намояндагони фалсафаи ишроқ андешаҳои ақлию истидлолӣ ва рамзу розварии пешиниён асари худро гузоштаанд. Фалсафа ҳамчун илми ҷомеъ роҳро барои ирфон боз мекарда] Он бо абзорҳои илмии худ, ки ҳамон истидлоли ақлию далелҳои мантиқӣ бар мабнои донишҳои иктибосӣ мебошад, ба шарҳу баёни падидаҳои табиию ҳодисаҳои иҷтимоӣ мепардозад, вале вақте абзорҳои илмии фалсафа барои шарҳу баёни масоили дорои ҷанбаи ботинӣ ва ғайримаҳсусу фаромаконӣ ба бумбаст мерасад, ба ёрии он ирфон меояд ва ба воситаи абзорҳои кашфию завқӣ ва шуҳудии худ онро дунбол мекунад. [Ба ҳамин иллат ҳам ду навъи илмро дар афкори ҷаҳоншиносӣ аз ҳам ҷудо намудаанд, ки марбут ба манбаъи дугонагии маърифат -- ваҳйу кашф ва ақл мебошад. Якеро илми ҳусулӣ ва дигареро илми ҳузурӣ номидаанд. Илми ҳусулӣ ҳамон илми иктисобӣ ё худ «деросат» мебошад, ки махсуси файласуфон аст ва илми ҳузурӣ, ки дар адабиёти ирфонӣ онро баъзан илми «ладунӣ» низ ном мебаранд ва «веросат» низ меҷуянд, ба суфиёну файласуфони ишроқ ва мутаолиҳа ихтисос дорад. Саидҳусайни Наср илми ҳузурӣ ё худ ладуниро чунин таъриф додааст: шуҳуди ақлониро гӯянд, ки «шомили ишроқоти қалбу зеҳни одамӣ ва шинохти ҳузурии ӯ аз зоти бевосита ва ҳозир аст, ки таҷрибаву шинохта мешавад»[118]. Албатта, ин ягона таърифи саҳеҳ нест ва аҳли ирфон таърифҳои гуногуни илми кашфию завқӣ ва шуҳудиро ироа додаанд, ки дар ҷои худ оварда хоҳад шуд]

Маъмулан саргузашт ва ҳикояту ривояти қаҳрамонони ҳамосавӣ ва шахсони таърихӣ дар дохили худ рамзҳое доранд, ки шарҳу баёни он ва таҷдиди асли воқеъа усулан имконпазир аст. Агар мо саргузаштеро бозсозӣ намуданӣ бошем, онро бояд аз замони ба вуҷуд пайвастааш барканда, вориди таърихи қудсӣ кунем ва дар ғайри ин ҳолат ба воситаи қувваи мударрикаи инсон дарк намудани он амри муҳол аст. Барои бозсози ҳақиқиву воқеъии саргузашт ва ё ҳикояту ривояти қаҳрамонони ҳамосавӣ ва вақоёи авестоию қуръонӣ ва тавротӣ аксаран усули таъвилеро истифода мебаранд, ки он ба истилоҳ «замонро ба ақаб» мебарад, саргузашту руйдодро бо роҳи қиёс таҷдид менамояд ва таъвилкунанда худ ҷузъе аз

зоти саргузашту руйдод мешавад.

Ҳенри Корбен муътақид аст, ки таъвили саргузашту руйдод дорои се мартаба аст: 1) баргашт ба додаи ривоятшуда; 2) берун овардани маъниии мафҳумӣ ва фалсафии ривояти додашуда; 3) баргардондани саргузашту руйдод то ба мартабаи нафс ё худ малакут. Ин се мартаба зимни баргардондани кирду корҳои қаҳрамонони ҳамосавии Порси бостон ба шуруқи ҳикмат мушоҳида мешавад, ки раванди гузариш аз ҳамосаҳои қаҳрамонию паҳлавонӣ ба ҳамосаҳои ирфонӣ сурат мегирад. Барои намуна тавассути Шаҳобуддини Суҳравардӣ эҳё намудани суннату ҳикмати Осиёи Миёнаву Эрони бостонро мисол овардан мумкин аст. Шайх Ишроқ фаъолияти қаҳрамонони Эрони бостонро дар осораш тавре таҷдид менамояд, ки гӯё саргузашти шахсии худи ӯ бошад: «Нокуҷообод»-и ӯ ҳамон олами «фраваши» ё худ «олами мисол» дар ҳикмати хусравонӣ ва оини зардуштиро аз нав бозсозӣ намуда, ки дар он суи кӯҳҳои Қоф қарор дорад ва Кайхусрав ба он ҷо уруҷ карда; силсилаи табақоти тӯлию аразии нур (вуҷуд)-и содира аз «нур-ал-анвор» ҳамон судури вуҷуди табақоти тӯлӣ - Амшоспандон ва табақоти аразии вуҷуд - изадон ё худ ёварони Аҳуромаздоро таҷдид карда. Чунин таъвил дар осори Суҳравардӣ хеле зиёданд, ки роҷеъ ба онҳо дар поён ишора хоҳем кард. Ин ҷо фақат чунин нуктаро ёдовар хоҳем шуд, ки рисолати маънавии Эрон бояд пайванди хотираҳои дури таърихию фарҳангӣ, бахусус суннати зардуштиро бо афкори маънавии исломӣ барқарор созад, то халаи мавҷуд дар баъзе масоили афкори маънавию ҷаҳоншиносӣ ҷуброн гардад.

Ҳамосаи паҳлавонӣ аксаран фаъолияти қаҳрамонон ва ҷавонмардоне мебошад, ки мехоҳанд дар такопуи зиндагӣ кори неку шарафмандонае анҷом дода бошанд ва дар варои олами ҷисмонӣ - дар иқлими ҳаштум нақли макон кунанд. Аз руи таълимоти тасаввуфӣ сайру сулуки соликон ва саргузашти паҳлавонон - ҳар ду тақрибан дар як масир сурат хоҳанд гирифт бо ин фарқият, ки қаҳрамонони ҳамосавӣ шахсони шинохтаи ухравианд. Чунин шахсон гоҳ дар шахси «пири шаҳриёри доно ва дорандаи Ҷоми Ҷам, гоҳ қаҳрамони пурифтихоре аз давраи каёниён» зоҳир мешаванд...

Муҳаққиқони ватанию хориҷӣ бисёр ҷиҳатҳои оини зардуштиро то ба имрӯз мавриди баррасӣ қарор додаанд, вале баррасиҳои мазкур маъмулан бар мабнои матнҳои мутааххири Авесто, ки бештар ҷанбаи шариатӣ доранд ва аксаран хусусиятҳои таърихиву ахлоқӣ, адабию забоншиносӣ ва ҳастишиносии он омӯхта шудаанд, вале ҷиҳатҳои розварию ирфонӣ камтар мавриди таваҷҷӯҳи пажӯҳандагон қарор гирифтаанд. Сухан дар бораи он меравад, ки то гирехи муаммои рамзу розҳо ва тамсилоти дорои хусусиятҳои ирфонии оини зардуштӣ боз нашаванд ва мақсаду

мароми аслии маънавиёти гузаштаи дури мо аз рӯи матнҳо мушаххасу муайян нагарданд, мо мояву бунёди ҳикмату ирфони шарқии ниёгони худро дарк карда наметавонем. Зеро сарзамини Шарқ, хусусан Осиёи Миёнаву Эрони бостон, аз афсонаҳои оддӣ ва халқии худ, ки бо ибораи суннатии «буд набуд» («буд»-ясне худо буд, «набуд»-ясне дигар ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз набуд...) сар мешавад, то ҳамосаҳои қаҳрамонию корномаҳои паҳлавонӣ саршор аз маъниҳои ирфониву ботинӣ мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқу омӯзиши дорои хусусиятҳои розварию ирфонии ҳикмати хусравонӣ ва умуман афкори диниву фарҳангии гузашта бо розҳои нуҳуфта ва мазмунҳои ниҳонии ривояту устураҳои рангину пургановати пайдоиши Оламу Одам ва роҳҳои дарку маърифати он аҳамияти муҳим ва аввалиндараҷа пайдо мекунад.

Агар бо хушбинӣ ба худи баргузории маросими қурбонӣ, ниёишу парастиш ҳатто дар ҳамон оини бисёр соддаи ниёпарастии ибтидоӣ ва шакли нисбатан тараққикардаи он оини меҳрпарастӣ, хондани сурудҳо ва анҷоми дигар ташрифоти динӣ назар афканем, ба хубӣ мушоҳида хоҳем кард, ки онҳо дорои мазмунҳои ниҳонии бештар аз он чи мо фикр мекардем. будаанд ва дар амалиёту ташрифоташон як ҷаҳон розҳои нуҳуфта ҷой доштаанд, ки иддае аз онҳо то ба ҳол барои пажуҳандагон ҳамчун муаммои сарбаста боқӣ мондааанд. Шояд дар оғози таърих ин розҳо ҳангоми ба ҷо овардани маросимҳои динҳои ибтидоии табиатгароёна барои гурӯҳи қалили ҷомеъа, аниқтараш соҳирону коҳинон маълум буд. Агар аз ин бӯъди замонӣ боз каме дуртар равем, қабл аз сеҳру ҷоду парастиши анимистию фетишисгӣ, хусусан тотемизм ҷой доштанд, ки холӣ аз рамзу розҳои ниҳонӣ набуданд.

Муҳаққиқон имрӯз чунин ақида доранд, ки дар динҳои ҷамоъаи ибтидоӣ ҳар куҷое, ки масъалаи рӯҳ матраҳ буд, он ҷо розҳои ниҳонию боварҳои дорои хусусияти ирфонӣ вуҷуд доштанд. Дар худи ҳамин динҳои анимистию тотемистӣ қувваҳои рӯҳонии зиёде амал мекарданд, вале ба иллати ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудани онҳо мо аз бисёр боварҳои розомези он давраи динҳои сарзаминамон бехабарем. Илмӣ тотемшиносии Ғарб дар ин ҷодда нисбатан пеш рафта, вале тотемҳои баъзе гурӯҳҳо ва қавму қабилаҳои сарзамини Шарқи бостон ҳанӯз ҳам маълум нагардидааанд.Ташаккули тасаввуроти тотемистӣ маъмулан ба муносибатҳои қавму қабоил мутааллиқанд. Аз ин рӯ, дар Авесто теъдоди зиёди образҳои асотирӣ мавҷуданд, ки «онҳоро метавон ба маҷмӯъи воҳиди тотемӣ дохил намуд». Мутассифона то ба ҳол на устураҳои дорои хусусиятҳои космогонӣ (таквинӣ), на эзидони шомили хусусиятҳои фавқуттабиӣ ва на парастиши ҳайвоноту паррандагон то ба имрӯз аз лиҳози тотемшиносӣ мавриди таҳлилу баррасии дақиқ қарор нагирифтаанд

Вақте инсон ҳайвонотро ром карда, ба чорводориву зироаткорӣ

шурӯъ намуд, шароити тозае барои ба вуҷуд омадани тасаввуроти навини динӣ ба вуҷуд омад, худоёни оби равон, ҳосилхезӣ, пирӯзӣ на як силсила худоёни дигаре ба вуҷуд омаданд, ки дар бораи онҳо дар фаслҳои гузашта иттилоъ дода шуд. Аксаран муҳаққиқон дар бораи ин худоён бар ин ақидаанд, ки худоёни инсонгунаи ҳавзаи мадании баҳри Миёназамин (тамаддунҳои Осиёи Миёнаву Эрони бостон, Осиёи Сағир, тамаддунҳои Крит ва Юнон) гуё боварҳои розварӣ надоштаанд ва қурбониҳое, ки ба хотири ин худоён анҷом мегирифтанд, барои поин овардани хашми худоён , борурии замин ва ба даст овардани ҳосили фаровон будааст. Ба чунин фикри баъзе муҳаққиқон розӣ шудан амри муҳол аст. Агар мо ҳаким-соҳир ё ҳаким-коҳинро ҳамчун ашхоси мавриди ниёзи ҷомеъаи бадавӣ қабул дошта бошем, бояд чунин нуқтаеро низ эътироф кунем, ки амали соҳирону коҳинон, ки баъдтар ба эзидон ва худоҳои инсонгуна табдил ёфтанд, дорои маърифати соҳирона мебошанд, ки унсурҳояш то ба ҳол мушаххас нашуда бошад ҳам, мавзӯъаш то дараҷае муайян шуда—дарки масоили улуми ғайбу ғариба мебошад. Зимни инкишофи баъдинаи ин илм шохаҳои гуногуни он—мантика (кафшиносӣ), нумералогия (илми аъдод) физиономия (симошиносӣ), астрология (ситорашиносӣ), ҷафру рамл, кимиё, симиё, тилисмот ва ғайра ба вуҷуд омаданд.

Маълум аст, ки риёзату таҳаммули дарду ранҷ барои ноил шудан ба нируи рӯҳонӣ ва касби асрори маънавӣ яке аз одоби асливу асосӣ ва тақрибан умумии ҳамаи мазҳабҳои рамзию разгарӣ мебошад. Ҳолати ҷазабаи саҳирону коҳинон, ки зимни он рӯҳашон ҷисмашонро тарк намуда, гуё ба олами рӯъё рафта, масоили мовароуттабииро дарк менамуд, як ҳодисаи розомез ва ирфонӣ ба шумор мерафт, зеро он унсурҳои маърифати ботинӣ аз тариқи мукошифаю басиратро ба дунбол дошт. Ҷалолуддини Оштиёнӣ шаманҳоро соҳирони такомулёфтае медонад, ки худро метавонанд дар канори арвоҳи худоён қарор диҳанд. Дар ин бора ӯ навишта: «шаманҳо аз ҳамаи соҳирон такомулёфтаанд. Дар аксари қабоил шаман ё соҳирони сафед дар канори арвоҳи хубу худоён қарор доранд. Соҳироне, ки бо усули каббалистика (мактаби рамзии яҳудии асри атиқ дар Урупо) мутако ҳастанд, ба шаманҳо шабоҳат доранд. Пайравони мактаби сирру розро, ки имрӯз ҳам дар Урупо тарафдорони зиёде доранд, оккултизм мегуфтанд»[119].

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки тафаккури асотирӣ ботинӣ ва кашфию завқиг, вале ин масъала то ба ҳол хуб омӯхта нашуда. Ба ҳар ҳол, аз таърифи рамзу розҳои ниҳонӣ, ки дар адабиёти ирфонӣ бо номи «илми ладунӣ» ва дар Ғарб бо номи «софия» ё худ «мистериасофия» маълум аст, чунин бармеояд, ки ин навъҳои адёни ҷомеъаи ибтидоӣ ва сохтори табақотӣ дорои хусусиятҳои асрорӣ ва одобу русуми махфию розомезе

будаанд, ки бо истифода аз ақлу истидлол дарку фаҳми онҳо ғайриимкон ва танҳо бо роҳи таҷрибаи ботинӣ ва маърифати кашфию завқӣ дарки асрори ниҳонӣ имконпазир будааст.

Дар зер мо аввал бо таҳлилу баррасии ақидаҳои розварӣ ва дорои хусусиятҳои ботинии мамолики Ғарб, ба хусус тамаддуиҳои Юнону Рум ва тамаддуни давраи ҳеллинизм пардохта, баъд ба таҳқиқи ақидаҳои ботинии халқу миллатҳои Осиёи Миёнаву Эрони бостон хоҳем пардохт, чун оиҳо аз лиҳози буъди замонӣ тақрибан дар як вақт амал карда, аз якдигар нишот гирифтаанд ва аз бисёр ҷиҳат унсуру моҳиятҳои муштарак доранд.

Розҳои табиатгароёна вақте дар дигар мамолики Шарқ инкишоф ёфтаанд, дар ҳиндуизм, дзен-буддизм, таоизм, ки ба фикри Ҷалолуддини Оштиёнӣ, «мазоҳиби бунёдии миститсизм ҳастанд» ва худоро асли кайҳонӣ ба мисли Браҳман ва Тао шинохта, пайравони онро барои дарки олами латифу руҳонӣ ва ваҳдати хеш бо қувваю қудрати мофавқи табиӣ барои лаззати маънавӣ даъват мекарданд. Моҳияти раҳой аз олами ҷисмонӣ (jivan-mukti) барои пайравони оинҳои розварии Ҳинди бостон аз маърифати атману браҳман иборат буд. Пайравони фалсафаи Упанишад бояд аз маърифате бархурдор мешуданд, ки тавассути он фармонравои тамоми ҷаҳон мегардиданд. Барои ноил шудан ба он се роҳ пешниҳод мешуд: маърифат, ниёишу ситоиш ва йога. Маърифат ба донишҳои истидлолӣ такя намекард, он бо роҳи гӯш додан ба Ведаҳо, мутолиа, поку холис намудани зеҳн ва илҳоми донишҳои асрорӣ ҳосил хоҳад шуд. Ниёишу ситоиш ва муроқибаи браҳман ба мисли маърифат роҳи мушкилу сахт нест, вале ба воситаи ниёиш ва эҳтиром ба худованд раҳмати илоҳӣ вуҷуди инсонро мунаввар ва таҳаққуқи дарки браҳманро имконпазир месозад. Йога барои омода кардани зеҳни инсонӣ ҷиҳати дарки атман ҳамчун таҷрибаи амалӣ дар фалсафаи назарии мактаби санхя аҳамияти муҳим дорад ва дорои мароҳили гуногун ба мисли роҳи ҳашт марҳилаии камолоти Птанҷалӣ аст [120].

Дар Ғарб, бахусус дар Юнон ва каме баъдтар дар Рум ҳамон худоёни умури рамзиву розӣ, ки масдари Осиёй ё худ Шарқӣ доштанд, бо нишот аз динҳои мистерӣ муътақидоти розгуна ба вуҷуд омаданд. Инсон- худоҳо (Theios Anthopos) дар ин муътақидот ба шахси муъҷизакор ва дорои қуваи фавқуттабиӣ даромада буд. Ин ҳамон марҳилаи ибтидоӣ ва тӯлонии гузариш аз бисёрхудой ба яктопарастиро ба ёд меовард. Коҳинон, коҳин-шоҳон дар давраи зиндагиашон ба мақоми худой мерасиданд. Қадимтарин мактаби мистерӣ дар Юнон дар шаҳри Элей ҳамчун мактаби асрорӣ ба вуҷуд омад, ки вобаста ба илоҳаи Деметр буд, ки шарҳаш дар бахшҳои гузашта омад. Мактаби мистерии дигар ва нисбатан инкишофёфта дар Юнони давраи ҳеллинизм ба вуҷуд омад, ки бо номи Дионисий вобаста

буд. Хостгоҳи ин мактаб Осиёи Хурд буда, вале дар Юнон маврриди ситоиш қарор гирифт ва баъдтар вориди Рум шуд.

Яке аз мактабҳои розгарои машҳури мистерӣ, ки шиораш «худро бишнос»!буд, орфеизм ба шумор мерафт, ки ба номи асосгузораш Орфеус гузошта шудааст. Ӯ як шахси асотирӣ ва навозандаю овозахони машҳури замонаш, ки аз руи маълумоти Варден, муосири Гераклит будааст, ба шумор мерафт. Орфейро поягузори мактаби мистерии Аполлонӣ меноманд ва ба ин иллат ӯро писари Аполлон низ хондаанд. Ба таъбири мистериёни Аполлонӣ «он ки ориф набуд ва ба кӯшишиҳои дарунию тамоюлоти инсонӣ таслим мешуд, чун беморе буд, ки бо паймудани роҳи мистериён ва тазкия шифо меёфт ва инсони худшинос мешуд»[121].Дар баъзе ривоёт Орфей ба дараҷаи паёмбарӣ бардошта шудааст. Душен Гуиллемин ҷанбаи муштарак доштани мактаби гносӣ ва адабиёти орфеиро, ки Ономакрит тадвини онро ба ӯҳда доштааст, қайд карда, аз тамоми наҳзатҳои мактаби Юнон мактаби орфеиро аввалин ҷунбиши мистерӣ медонад. Моҳияти таълимоти орфеизмро муҳаққиқон санавияти ҷисму рӯҳ- бадани нопойдору фонӣ, ки маншаи шарру зулмат аст ва рӯҳи фанонопазири илоҳӣ медонанд, ки ноил шудан ба он роҳи ростгорӣ ва раҳоӣ аз олудагиҳои ҷисмонии фанопазир аст. Орфеизм, аз як сӯ, барои неоплатонизми Ғарб ва, аз сӯи дигар, барои инкишофи афкори ирфонӣ дар ҳавзаи мадании баҳри Миёназамин дастовези хубе ба ҷой гузашта.

Мазҳаби орфеӣ аввалҳо ба ташаккули таълимоти оини масеҳӣ мусоидат кард. Гароиш ва тамоюли зиёд ба мазҳабҳои орфеию ҳурмусӣ то давраи Эҳё дар Ғарб идома пайдо кард, вале дар давраи Эҳё, чуноне ки Саидҳусайни Наср дуруст қайд карда, «масеҳи орфеӣ, ки шахсияти муҳимме дар адабиёти лотини давраи аввал буд, дар ин айём (яъне дар давраи Эҳё –Ҳ.М.) нуфузи қобили таваҷҷӯҳ надошт. Метавон гуфт, ки орфеизм бо роҳе рафт ва масеҳият бо роҳи дигар»[122]. Ҳамин муаллиф ҳамчунин қайд карда, ки чеҳраи Дионисию орфеии суннати юнонӣ боясти ҳаммонанди усули метафизикии оини ҳинду дар мақоми як маърифати қудсӣ мутолиа шавад, на фалсафаи номуқаддас ва оддӣ: ин чеҳра аз суннати юнонӣ баъдҳо дар мактаби «афлотунӣ- фисоғурӣ» ва низ дар оинҳои ҳурмусӣ, ки мавлуди пайванди абъоди вижае аз суннатҳои Мисру Юнон буд, шаффофияти комил пайдо кард. Шивои Ковиёнӣ оини орфеиро дар марҳилаи нахустини худ, ки шояд мутааллиқ ба асрҳои шашуми пеш аз милод бошад, барподорандаи «оинҳои олеусӣ (?). дионисӣ ва суматрӣ» мепиндорад ва бештар ҷанбаи башоратдиҳии онро қайд карда, мегӯяд, ки он «бар хилофи оинҳои расмӣ мавқуф ба равони номиро ва раҳоии он аз ҷаҳони кунунӣ буд» [123].

Яке аз мазҳабҳои дигари розвар ва дорои хусусияти ирфонӣ, ки бо эҳтимоли қавӣ аз боварҳои Эрони бостон нишот гирифтааст, мактаби ҳурмусӣ мебошад, ки дар адабиёти Ғарб бо номи ҳерметизм машҳур аст. Муҳаққиқон адабиёти ҳурмусиро осори рамзиву асроромезе медонанд, ки наздик ба даврони масеҳият дар Юнон шакл гирифтааст, вале решаҳои қадима дорад [124]. Абдулҳусайни Зарринкуб мазҳаби ҳурмусиро мансуб ба асрҳои сеюми пеш аз милод то асри сеюми милод медонад. Ӯ ҳамчунин қайд карда, ки дар варои ин мактаб бояд мазҳаб ё фирқан ирфоние ҳам вуҷуд дошта бошад, ки аз фаъолияти онҳо нишоне дар даст нест ва эҳтимолан ҷамоъате ворнсу ҳофизи ин мактаб ба шумор мерафта, ки дорои хусусиятҳои рамзӣ ва суннати ирфонӣ будааст. Муҳаққиқи мазкур роҷеъ ба навиштаҳои ҳурмусӣ ва маҳалли интишори он чунин нигоштааст: «Маҷмӯъи таолим, ки рӯиҳам рафта, ҷанбаи ирфонӣ дорад, мансуб аст ба Ҳурмуси мусалласултаъзим, ки дар ин навиштаҳо вайро ҳамчун набӣ ва ҳаким талаққӣ кардаанд; бо ин ки тариқаи асҳоби ин таълим дар Мисри даврони ҳеллинистӣ роиҷ будааст, зоҳиран бештар дар байни юнониёни қавм интишор доштааст ва аз ин ҷост, ки дар вуҷуди Ҳурмус ҳам тасвире аз Тот (=Таҳут)-худои мисрӣ ҳаст ва ҳам нишонаҳое аз олиҳаи тиббу нуҷум дар назди юнониёни бостонӣ»[125]. Ба ибораи дигар вақте худои Юнон Хумус ҷои Тотро гирифт, ҷанбаи илоҳиётӣ ва малакутин Тот аз байн рафт, зеро фалсафаи ҳурмусӣ бештар ба масоили иртиботи олами барзах ва моддаву муҷаррадот машғул аст.

Аҷобати кор дар он аст, ки навиштаҳои ҳурмусӣ аз назари розварӣ ва ирфонӣ он қадар ҷолиби диққат буданд, ки яке аз файласуфони Италия Фичинӣ ҳамаи навиштаҳоеро, ки ба Ҳурмус нисбат додаанд, ҷамъоварӣ намуда, соли 1471 маҷмӯъае ин гипор дод, ки он дар давраи Эҳё бо забонҳои итолиёвӣ, юнонӣ, немисӣ англисӣ ва ғайра 22 бор аз нав чоп шуда. Саидҳусайни Наср донишмандони машҳурро аз Ҷобир ибни Ҳайён сар карда то Шаҳобуддини Суҳраварди дар Шарқ ва аз Алберти Кабир сар карда то Роҷер Бекон дар Ғарб пайравони мактаби Ҳурмусӣ медонад [126]. Душен Гуиллемин оини ҳурмусиро оини розомезу ботинӣ бар навиштаҳои даврони юнонию румии мансуб ба илҳомоти худои Ҳурмуси се бор бузург ба қалам додааст. Ҳурмуси юнонӣ роҳнамои мусофирон, раббуннавъи бозаргонон ва паёмовари худоён буда, мактаби ҳурмусӣ ба орфеизми юнонӣ ва ишроқоти митрой шабоҳати зиёде дорад [127].

Баъди чунин суханони олимон, ба шиносой бо Ҳурмус мепардозем. Ҳурмус (шакле юнониаш Гермес) номи асотирӣ ба мисли «Ману»-и ҳиндуҳо, «Ахнух»-и яҳудиён, «Ҳушанг»-и эрониён ва «Идрис»-и мусулмонон аст. Дар афсонаҳои юнонӣ Ҳурмус писари Зевс аст, ки минбаъд бо Аторуди румиён як шудааст. Бо эҳтимоли зиёд ин Ҳурмус бо Ҳурмуз (Аҳуромаздо)-и оини Зардуштия, ки дар дини маздоии куҳан ва зарвония низ собиқа дошт,

робитаи қавӣ дорад, вале ин масъала ҳанӯз ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст.Бино ба маълумоти Саидҳусайни Наср дар «Маъорифи исломӣ дар ҷаҳони муосир» аввалин ишора ба Ҳурмус ба унвони муассиси мактаби ҳурмусӣ дар номаи Монату (Maneto) ба Батлимуси дуюм аст, ки қабл аз соли 250 то милод таълиф шуда ва дар он Ҳурмус ба унвони писари Оғозосимун (Рӯҳи пок) ёд шудааст. Гумон меравад, ки оини ҳурмусӣ шакли ҳеллинишудаи боварҳои Бобулистону Эрони бостон бошад. Юнониён ӯро «Гермес трисмагистер» («Hermes Trismegistor») ё худ «Ҳурмуси мусалласултаъзим» ва ё «се бор бузург» меноманд, ки гӯё дар ӯ се ҳуввият: шоҳ, коҳин ва довари қонунгузор (шахсияти фаръавн, коҳини аъзам ва султони қонунгузор) таҷассум ёфтааст. Дар суннати исломӣ бо номи «Абулҳукамо» (=падари доноён) ёд шудааст.

Тибқи иттилоъи Ҷалолуддини Оштиёнӣ ба Ҳурмус лавҳеро бо номи «Tavila Smaragdina Hermecis» нисбат додаанд, ки дар он ӯ иллат-ул-илали ҳамаи мавҷудоти вуҷудӣ ғавҷеҳ шуда, падараш Хуршеду модараш Моҳ аст, бод ӯро ҳамл карда ва Замин тағзия дода. Дар лавҳи мазкур омада: аз ин ҷиҳат маро Ҳурмуси сеазаматӣ меноманд, ки се бахши ҳамаи маъорифро доро ҳастам» [128]. Ҳамин муҳаққиқ бо истинод ба Ван Мурсел (Wan Moorsel) ду рисолаи Li belli ва Asclepis-po қайд карда, ки аввалӣ бо забони юнонӣ ва иборат аз 18 мақола, дуюмӣ ба забони лотинӣ ва шомили ду маҷмӯъа будааст. Ҳамаи маҷмӯаҳои ҳурмусӣ бо номи «Corpus Hermeticum» ҷамъоварӣ шудаанд.

Рисолаҳои ҳурмусӣ хусусияти муколамавӣ дошгаанд. Дар он Ҳурмус бо Эсклепиус ва ё писараш Тот сухан мегӯяд. Дар яке аз рисолаҳо Ҳурмус аз худованд ёрӣ хоста, ки бародарони вайро, ки ҳама фарзандони худованданд, «аз ҷаҳл бираҳонад ва ба равшанӣ бирасонад. Дар рисолаи «Паймандрес» (Poimandros) беҳтарин ситоиш барои худовандро хомӯшӣ медонад ва дар олами шуҳуду рӯъё рӯҳи лоятаноҳиро мебинад, мисоли оламро дар он нур мушоҳида мекунад. Бо овардани чунин нақл аз Ҳурмус Абдулҳусайни Зарринкуб дар суханони ин ҳакими бостонӣ мавҷуд будани «сабғаи зардуштӣ» ва унсурҳои боризи «ҳикмати ишроқӣ» ва фалсафаи навафлотуниро хотирнишон намудааст [129].

Саидҳусайни Наср, ки роҷеъ ба Ҳурмус ва навиштаҳои ҳурмусӣ таҳқиқоти ҷолибе анҷом дода, муҳтақид аст, ки донишмандони исломӣ се Ҳурмусро мешиносанд: 1) Ҳурмуси аввал Ҳурмус-ал-ҳаромиса мебошад, ки баъзеҳо ӯро набераи Каюмарс мепиндоранд. Ӯ аввалин шахсе буда, ки бо олами афлок ошной пайдо карда ва ба мардум илми тиб ва хату алифборо ёд додааст; 2) Ҳурмуси дуюм Ҳурмуси бобулӣ аст, ки баъди Тӯфони Нӯҳ дар Бобул мезиста ва дар илми тиббу фалсафа ва табиати аъдод маҳорати шигифте доштааст ва гӯё устоди Фисоғур (Пифагор) буда; 3) Ҳурмуси сеюм Ҳурмуси мисрист, ки дар шаҳри Фастот (қабл аз Искандария маркази

илмӣ буд) таваллуд ёфта, пеши Оғозосимун дарс хондаас. Муҳаққиқи мазкур кутуби Ҷобир ибни Ҳайёнро мутамоил ба мактаби ҳурмусӣ медонад. Машҳуртарин расоили кимиёвӣ бо номи «Маҷмаъ-ул-фалсафа» низ рангу бӯи таълимоти ҳурмусӣ доштааст. Худи Ҳурмусро собеиён паёмбари худ мешуморидаанд ва то фатвои Истахрӣ ба муқобили собеиён афкори ҳурмусӣ байни баъзе фирқаҳои ислом низ интишор ёфта. Бо пайдоиши мактаби фалсафии ишроқия таълимоти Ҳурмус яке аз унсурҳои муҳимми ҳикмат гардид.

1. Ирфони ҳурмусӣ иттиҳоду иттисоли инсон бо олам ва кайҳонро имконпазир мешуморад, ки зимни он рӯҳи ӯ бо роҳи тазкияи нафс ва дараҷаи ишроқ ва анвори илми илоҳӣ мерасад. Вале Душен Гуиллемин иброз дошта, ки «мактаби ҳурмусӣ аз ду лиҳоз бо ирфон фарқ дорад: аввалан, он танҳо ба сарнавишти фард таваҷҷӯҳ мекунад, ҳол он ки дар ирфон сарнавишти ҳар кас умдатан вобаста ба сарнавишти ҷаҳон аст ва тамоми навиштаҳои ҳурмусӣ ҳам дугонабоварона нест: навъи мактаби ҳурмусии ягонашинос низ вуҷуд дорад [130]. Муҳаққиқи мазкур зери мафҳуми дугонабоварӣ бо эҳтимоли зиёд дугонагии қатъии байни рӯҳу моддаро дар назар дорад. Зеро ирфон рӯҳро дар ҷараёни маърифати илоҳӣ фаъол мешуморад. Дар ғайри ин сурат (яъне манзураш санавият ба маънии дуализм бошад) бо чунин назари ӯ розӣ шудан амри муҳол аст.

Дар таълимоти Ҳурмус роҷеъ ба «Табойеъи том», ки дар китоби «Ғоят-ул-ҳаким»-и Маҷритӣ омада, зикр шуда, ки рози нуҳуфтаи ҳикмати ҳурмусӣ дар асли нуроние зоҳир мешавад, ки он мабдаи илму маърифат, мудаббири сарнавишти инсон ва ҳодии ӯ мебошад. Чаҳор табъи ҷаҳонӣ ба унвони ақоними чаҳоргона ҳамон руҳияти инсон аст, ки ҳаёти рӯҳонӣ ва ақлонии ӯро монанди Хуршед дар олами малакут роҳнамои «маърифат ва муаллиму мураббии аслии нафс мегардонад ва онро аз ҳоли туфулият ба мақоми илму дониш иршод мекунад». Бо нақл аз «Маъорифи ислом дар ҷаҳони муосир» дар фасли ҳаштуми «Ғоят-ул-ҳаким» чунин дуое ба ситоиши Ҳурмус мавҷуд аст: «Мехоҳам туро ба тамоми исмҳоят, ки ба арабӣ Аторуд аст, ба форсӣ Тир, ба румӣ Ҳорус, ба юнонӣ Ҳурмус ва ба ҳиндӣ Буддо...” Аз ин иқтибос чунин бармеояд, ки дар воҷеъ табойеъи томи Ҳурмус як ҳақиқати том аст («Эй падари руҳонӣ ва фарзанди маънавӣ) ва ӯ, ки «толибу ҷӯянадаи нимаи дигари вуҷуди худ дар олами самовӣ ва ҷаҳони малакут буд, акнун худ он ҳақиқати маънавӣ шуда, мавриди ниёиши толибони маърифат қарор гирифтааст ва ба сурати ҳақиқате ҷилва намуда, ки ҳам мақсади тариқ ва ҳам ҳодии равандагони роҳи илму маърифат аст».

“Ғносис” калимаи юнонӣ буда, маънии маърифату шинохтро дорад, вале маъноии истилоҳии он ишора ба оини мазҳабие мекунад, ки розомезу ботинӣ буда, мубтанӣ бар кашфу шуҳуд аст ва соликони роҳи тариқатро

бо роҳи осонтар аз тариқи тасфияву тазкияи нафс бо маърифати илоҳӣ мерасонда. Таърифи мазкур аз таърифи «миститсизм» фарқе надорад. Вале ин ҷо бояд фақат оинҳои розвариро, ки тақрибан то пайдоиши навафлотуния дар сарзамини Шарқ арзи вуҷуд намуда буданд, дар назар дошт. Зеро ирфон, ба маънои пурраи он, дар Ғарб бо номи миститсизм машҳур аст. Зимни омезиши таҷрибаи оинҳои розвариии ибтидоию динҳои сомонёфтаи табиӣ маънову мазмунҳои сохторие пайдо шуданд, ки донишҳои ниҳонӣ ва ботинӣ доштанд ва вобаста ба инкишофи афкори маънавӣ дар Аҳди бостони мутааххир давраи ташаккулии худро аз сар мегузарониданд.

Ин ҷараён ҷисмро зиндони рӯҳ мешуморанд ва моварои олами маҳсусро ҳамчун роҳи воқеӣ (=Gnosis) ҷустуҷӯ мекард. Ирфони «гносӣ» тазоди байни рӯҳу модда ва нуру зулмотро танҳо дар наҷоту раҳоии инсон аз зиндони модда мешуморид ва дар фарози олами шар мавҷудияти олами дигареро талқин мекард, ки дарк намудану расидан ба он наҷоти абадии инсонро мумкин месохт. Аз ин нукта чунин бармеояд, ки «гносис» ё худ гноститсизм аз омезиши асотиру афкори юнонию румӣ, орои эронию бобулӣ ва ривоятҳои мазҳабии масеҳию яҳудият иборат буда, дар авоили солшумории милодӣ дар Шарқи Наздик арзи вуҷуд намуд ва дар қарни 2 дар қисмати ғарбии Эрон нуфузи зиёдеро касб кард.

Пайдоиши мазҳаби гносӣ дар Юнону Рум аз он шурӯъ шуд, ки дар таълимоти Афлотун, Порфирий ва навафлотуниён шакли донише ташаккул меёфт, ки аз дониши анъанавии назарияи фалсафаи Юнон тафовут дошт. Дар он ҷанбаи ирфонӣ бештар мушоҳида мешуд ва унсурҳои ҳамаи донишҳои розварӣ ва кашфию завқиро аз сеҳру ҷоду гирифта то гносис дар бар мегирифт.

Дар гноститсизм маъмулан се равияро ҷудо мекунанд. 1) Гноститсизми масеҳӣ, ки осораш дар асарҳои бидъатомези аввалин масеҳиён ва ҳуччатҳои Наг-Ҳамадӣ дида мешаванд; 2) Гноститсизми ибтидоии асрҳои 1-3; 3) мандоия (ба забони оромӣ мандо маънои «гносис»-ро медиҳад, ки асрҳои 2-3 ташаккул ёфта, инкишофи мустақили гноститсизмро дар заминаи сомию бобулӣ фароҳам овард. Дар осори фалсафии Васил (Сурия), Валентин (Миср), Карпократи Александрӣ, Маркиони Гонтӣ гноститсизм ба авҷи аълояш расида буд.

Мувофиқи таълимоти гноститсизм гносис ягонагии ҳамаи мавҷудот (ки дар касрат зоҳир мешавад), олами улвӣ (ки бо олами сифлӣ робита дорад) ва камолоти шахс (такомули олами кавну фасод)-ро талқин мекунад. Сирре, ки дар олам ниҳон аст, фақат барои баъзе одамони аз ҷиҳати маънавӣ камолёфта кушода мешавад. Ин сир ба ҳастӣ, ба ягонагии тамоми олам хос аст ва рукни асосии он ягонагӣ бо олами рӯҳонист, ки бо роҳи махсуси фавқулақлӣ дарк мешавад. Худошиносӣ дар гноститсизм бо кашфи мабдаи асосӣ ба итмом мерасад, зеро дар зинаи ягонагӣ худшиносӣ

аз худошиносӣ фарқе надорад. Аз ин рӯ, инсон тавасути дарки «ман» оламу ҳар чиро, ки дар он буд, ҳаст ва мешавад, дарк менамояд. Мақсади дониш дар ин маврид нишон додани роҳи халосӣ ва начот аз олами зулмонӣ мебошад. Гностикҳо инчунин таъкид мекарданд, ки инсон бо роҳи ғайритабиӣ ба ҳодисаю воқеъа ва шахсони алоҳида таъсир расонда метавонад. Ин нуқтаи таълимоти онҳо ба сехру ҷоду ва саноати танҷим боварӣ доштанашонро нишон медиҳад.

Гноститсизм моҳияти ҳастиро дар мабдаи ягона мебинад, ки тавассути силсилаи фаязони он маротиби вуҷуди олами даркшаванда ҳамчун олами зулмонӣ пайдо мешавад. Хусусияти аз ҳама муҳимми гноститсизм санавият (дуализм)-и космогонии моддаву рӯҳ мебошад. Дар ин санавият олам аз файзи таҷҷаллии ишроқоти доимӣ, ки аз мабдаи нур содир мешавад, ба вучуд омада, маротиби нузулиро тай мекунад, ки зинаи охирин ва ниҳоии он олами зулмат ё модда аст. Ин олами ҷисмонӣ тавассути отифаи илоҳии мавҷуд дар колбади инсон боз ба олами нуронӣ хоҳад рафт ва бо мабдаи худ муттасил хоҳад шуд. Ин ҷо муборизаи хайру шар, рӯшноию торикӣ барҳалоина мушоҳида мешавад. Гностикҳо мўъгақиданд, ки байни худо ҳамчун хайри маҳз ва олами моддии зулмонӣ мавҷудоти зиёди робит (ионӣ) ҳастанд, ки ин ду мабдаъро аз ҳам ҷудо мекунанд.

Инсон дар таълимоти гностикӣ мақоми муҳим дорад. Дар ў тамоми мазҳарӣ олам зоҳир мешавад. Худи инсон зодаи дуни ҳастӣ бошад ҳам, ҷавҳари ў хусусияти илоҳӣ дорад. Нафси ў низ ба олами фавқулкайҳонӣ мансуб аст. Робитаи инсон бо мабдаъ тавассути тааммули амики ботинӣ ва ё илҳоми илоҳӣ сурат мегирад. Гноститсизм одамонро ба се гурӯҳ - ҷисмонӣ (=hilios), нафсонӣ (=pnevmotios) ва рӯҳонӣ (psihios) ҷудо мекард. Ба гурӯҳи якум мардуми авом (бутпарастон)-ро мансуб медонист, ки оқибат ба марг маҳкуманд. Ба гурӯҳи дуюм аксари яҳудиён ва масеҳиёнро дохил мекард, ки бо умеди начот ёфтан аз олами зулмонӣ ҳаёти зоҳидонаро пеша мекарданд ва начоти аҳли нафс ба воситаи ирфон ва маърифати ботинӣ имконпазир буд. Ба гурӯҳи сеюм касоне дохил мешуданд, ки аз ҷиҳати рӯҳӣ қобилияти иртиботи мустақим бо худоро доштанд. Чунин одамонро «гностик» меномиданд. Гноститсизм бино ба бисёр мураккаб будани таълимоташ дар байни омма интишор наёфт ва дар асри 2 дар муборизо бо дин маглуб шуда, аҳамияти пештараашро гум кард.

Баъзе муҳаққиқон, ки анъанаи калисоро тагиб мекарданд, гноститсизмро танҳо ба масеҳияти ибтидоӣ мансуб медонанд. Баъзеи дигар муҳаққиқон бошанд, онро таълимоти сиррии динию фалсафӣ мепиндоранд. Умуман гноститсизм маҳсули бӯҳрони тафаккури ҷамъияти ғуломдорӣ мебошад. Дар он акидаи начот ёфтани одамон бо роҳи дарки фавқулаҳлии асрори ҳастӣ талкин карда мешавад. Гноститсизм барои ба вуҷуд омадани

бисёр равияю ҷараёнҳои мулҳидонаю бидъатомез дар афкори маънавии Шарқу Ғарби асрҳои миёна ғизои маънавӣ бахшидааст.

Гноститсизм пештар аз масеҳият ба вуҷуд омада буд ва баъди пайдоишаш бо он чандон созгорӣ надошт ва масеҳиятро рақиби худ мешуморид. Дар давраи ҳеллинизм, бино ба гуфтаи Мери Бойс, гносиҳо чун қорч баъди борон аз замин пайдо шуда буданд. Матлаби дигаре, ки муҳаққиқи мазкур зикр намуда, пазируфтани назарияест, ки дар авоили ин қарн аз суи «Мактаби таърихи адён» («History of Religion scool») пешниҳод шуда. Тибқи ин назария киши зардуштӣ дар пайдоишу парвариши гноститсизми яҳудиву масеҳӣ саҳми умда ва мустақим доштааст. Назари вуҷуди гноститсизми хоса эронӣ қабл аз зуҳури масеҳият ҳатто ба шиддати ваҳдати пасттар мардуд шинохта шудааст [131]. Албатта, бо чунин қотеъият мардуд донистан аз руи инсоф нахоҳад буд. Зеро омухта нашудани мавзуъ ҳанӯз далели адами ақидаҳои гностикӣ намебошад. Ба назар чунин мерасад, ки Мери Бойс дар идомаи суханонаш ин фикри худро ислоҳ намуда, навиштааст, ки комёбии ин мактаб дар ҷалби таваҷҷуҳ ба вуҷуду ҳузури аъзову аҷзои эронӣ дар сохтори мактаби гносист [132]. Агар гноститсизмро ҳамчун неҳзат пеши назар орем, мебинем, ки он дар авоил аз киши зардуштӣ тафовутҳои боризе дошта ва пеш аз ҳама, дар оганда будани наҳзати гносӣ бо унсурҳои юнонимаобӣ, аносири печида дар ваҳдати мазоҳиб ва даст кашидан аз дунёи гетиву риёзаткашии тавъам ба зиндагии зоҳидона зоҳир мегардида.

Дар таърихи афкори маънавии Юнони бостон мо ду масири инкишофи фалсафаро мушоҳида мекунам, ки яке равияи табиатгароёна ва дигаре равияи рамзиву розӣ мебошад. Аввалӣ бо Фалес шурӯъ шуда, бо Анаксимандру Анаксимен, Ксенофану Пратагор, Буқроту Демокрит ва Эпикур ба итмом мерасад. Дуюмӣ аз Пратагор шурӯъ шуда, Парменидуу Гераклит ва Афлотун ба баёни фалсафаи рамзию розварӣ пардохтанд ва Плотин (Афлутин) ин равияро ба субут расонда, мактаби навафлотунияро ба вуҷуд овард. Кушиши Суқроту Арасту барои ба ҳам омехтани ин ду равия ноком монд. Маълум аст, ки асри Перикл аз назари инкишофи фалсафаву ирфон беназир буд ва Афлотун нуқтаи олии такомули афкори фалсафӣ ба шумор мерафт. Табииёти Гераклит, ки аз унсурҳои диалектикӣ холӣ набуд, тобеъи афкори мобаъдуттабиаи ӯ шуд. Пифагореиён таълимоти худро бар пояи ададҳо ташаккул дода, аз руи таносуби аъдод ваҳдату касратро дар олам ба вуҷуд оварданд ва ҳамон адади аввалро аслу асоси тамоми олам эълон карданд, ки ин ақидаи онҳо аз рамзу роз холӣ набуд. Парменид муосири Гераклит буд ва аз Ксенофан дарс омухта. Ӯ ҳама чизро собит медонист, ловуҷудро вуҷуд намешуморид, ҳаракату тағъиротро намепазируфт. Шогирди ӯ Зенон бо апорияҳояш машҳур гардид ва адами ҳаракатро бори дигар собит намуд.

Афлотун бузургтарин намояндаи фалсафаи розварист. Бо «олами идея»-ҳо ё худ « ғоя»-ҳо, ки дар фалсафаи Шарқ бо номи «мусули афлотунӣ» машҳур гардида, дар фалсафа вуҷуд доштани «олами мусул» ё худ олами миёнҷӣ ва ё барзахиро собит намуда. Таълимоти Афлотунро дар ин ҷо барои он ёдовар мешавем, ки «мусули афлотунӣ» шарҳу баёни илмии андешаҳои Зардушт дар бораи олами «фравашӣ» мебошад. Чун юнониён қудрати азиме дар ҷазбу ҳазми аносири бегона доштанд ва аз илоҳиёти оини зардуштӣ бохабар буданд, аз афкори ҷаҳоншиносии зардуштия бардошти муфиде намуданд ва Афлотун дар ҳамин замина илоҳиёти худро ташаккул дод. Дар адабиёти фалсафӣ Афлотунро асосгузори идеализми объективӣ, поягузори фалсафаи ишроқӣ, ҳакими илоҳӣ ва ғайра ном бурдаанд. Рочеъ ба «олами идея»-ҳо дар бахши гузашта ишораҳое шуда буд. Ин ҷо сухане чанд дар бораи «илмуннафс»-и ӯ баён хоҳем кард. Ба ақидаи Афлотун нафс аз «олами мусул» ба олами зулмонӣ ё худ моддӣ нузул карда, дар бадани моддӣ маҳбус гардидааст. Он бояд марҳилаи мушкили тасфияву тазкияро бигзарад, худро аз олудагиҳои ҷисмонӣ озод созад ва зимни он холис ва муҷаррад шуда, боз ба хостгоҳи аслии худ баргардад. Ба ибораи дигар, таълимоти Афлотун дар бораи нафс, аз назари ӯ аз олами мусул бармеояд: нафс басит, фанонопазир, ахлоқӣ, ақлонӣ ва иштиёқи комил ба «мусул» ё худ мабдаи азалию ҳақиқӣ дорад.

Ҳамин шеваи афкори Афлотунро Антисфен идома дод, ки дар ниҳоят пайравони ӯ ҷараёни «калбиён»-ро ба вуҷуд оварданд. Сонӣ мактаби «равоқӣ» арзи вуҷуд намуд. Ҷон Бран (Jean Brun) се давраи бузурги таърихи равоқиёнро дар «Фалсафаи масеҳӣ» ном китобаш зикр намудааст. Давраи аввал бо равоқиёни қадим мансуб аст, ки дар Афина фаъолият доштанд. Се нафар аз онҳо - Зенони Ситиюмӣ (Zenon de Citium), Клиантр (Cleantre) Хрисипинос (Chrisippius) бештар маълуманд. Марҳилаи дуюми таърихи равоқиён, ки бо номи «равоқиёни мутавассит» машҳуранд, дар қарни дуюми пеш аз милод мезистанд ва исолату ваҳдати худро аз даст дода, юнонимаоб шуда буданд. Намояндагони ин давра Диогени Бобилинӣ (Digene de Babylonien), Антипатри Торсӣ (Antipater de Torse) ва Папетиуси Родосӣ (Papetius de Rhodes) буданд. Гуруҳи сеюми равоқиёнро «давраи ҷадид» ташкил медоданд, ки дар замони императории Рум зиндагӣ ва фаъолият доштанд. Онҳо сирфан ба омӯзиши илми ахлоқ пардохтанд ва намояндагонашон Сенека (Cenegus), Миносиус Руфус (Minosius Rufus), Эпиктетус (Epictete) ва Маркус Аврелиус (Mark – Avrele) мебошанд.

Маънои равоқ (stoa) дар аст ва чун Зенон дар назди равоқи мунаққаш дарс мегуфт, номи ин мактаб ба равоқия машҳур шуд. Фалсафаи равоқия гирди мехвари гуфтаҳои Суқрот давр мезад ва моҳиятан нобасомонию бесуботии бавуҷудомада дар ҳавзаи мадании баҳри Миёназамин дар давраи ҳеллинизмро инъикос мекард. Шиори асосии

равоқиён «Зиндагӣ кардан бар вақфи табиат» буд. Масалан, Зенон мардумро таъкид мекард, ки бар вақфи табиат зистан бо қабули низоми ҳаводис, ки баёнгари иродаи илоҳист, бо афрод муяссар мегардад. Аз ин рӯ, фалсафаи равоқиро моддигаро (материалистӣ) ва ақлгаро (ратсионалистӣ) мепиндоранд. Диоген дар ин бора гуфта, ки «равоқиён фалсафаро ташбеҳ ба ҷонваре мекарданд, ки устухонбандӣ ва аъсоби он - мантиқ, гӯшти он ахлоқ ва рӯҳи он табиат аст». Вале роҷеъ ба табиат онҳо фаҳмиши хосса доштанд ва он гоҳе мабдаъ ва оғози ҳикмат ва гоҳе камолу анҷоми он ба шумор мерафт.

Баъдтар дар уфуқи афкори маънавии даврони ҳеллинистӣ дар заминаи афкори Афлотун оинҳои розомези зиёде пайдо шуданд, ки бо таълимоти худ ҳам дар бӯъди ҳастишиносӣ (масоили метафизикии ҳастӣ) ва ҳам дар бӯъди падидоршиносӣ (касби рози ниҳонии ҳақиқати мутлақ ва бозтоби он будани олами моддӣ) «девори ҷудоии байни дину фалсафаро беш аз ҳар замони дигар нозук сохтанд»[133]. Афлотуниёни ибтидой ва равоқиён бо ин мақсад ба устурапардозӣ камари ҳиммат бастанд ва мақоми нафсро то ба дараҷаи хиради кайҳонӣ (логос) боло бурданд. Чуноне ки дар боло қайд шуд, кӯшиши нахустинро роҷеъ ба пайванди инсону кайҳон орфикҳо карда, ба ӯҳдаи нафс бори гарони худшиносиро бор намуда буданд. Ин амал шояд оғози кори ба маърифати шуҳудӣ габдил додани донишу бениши фалсафӣ буд. Ин корро Плотин идома дод.

Плотин асосгузори фалсафаи навафлотунист. Вале асоси ин мактаби ирфониро бояд дар таълимоти неопифагореиён (навфисоғуриён), гностикҳо ва дигар оинҳои розомезу ботинии Аҳди бостони мутааххир, аз ҷумла масеҳият ҷустуҷу намуд. Қабл аз он, ки роҷеъ ба навафлотуния сухан ронем, ҷоиз аст, ки маълумоти мухтасаре дар бораи Филони яҳудӣ, пешкаши хонандагон гардад. Ин файласуфи искандаронӣ алоқаи хосса ба ҳолати рӯҳ дошт ва расидан бо маърифати қалбиро асоси таълимоти ҷаҳоншиносии худ қарор дода буд. Умуман ирфони мактаби яҳудии Искандария махлуте аз назари мутакаллимони яҳуд бо ҳикмати Афлотуну Арасту иборат мебошад. Ҳам Аристоболис ва ҳам Филон дар таълимоти ирфонии худ ақидаи пифагореиён роҷеъ ба ҳавоси аъдод ва назари равокиён дар бораи нафси илоҳӣ дар ашёро ҷаҳвият додаанд. Китоби «Ҳикмати Сулаймон» бошад ба нисбату кайфияти иртиботи байни худову ҷаҳон ранги ишроқӣ бахшидааст. Барои Филон таҷрибаи рӯҳонӣ ё худ ирфонӣ аз тамоми дигар таҷрибаҳо афзалтар маҳсуб мешуд, зеро он аз доираи олами маҳсус таҷовуз карда, дарки олами муҷарради маънавиро осон мегардонид. Муҳаққиқон илоҳиёти Филонро омезише аз таълимоти Афлотун ва яҳудият медонад. «Бар асоси таъолими яҳудӣ худованд бо ҳузури худ дар олам тадбири умур мекунад, аммо дар таъолими афлотунӣ ҳарчанд, ки ҳакими илоҳӣ ва сохтори илоҳии олам мавриди қабул аст, лекин нисбате, ки худованд ба ҷаҳон дорад,

зарурист ва ё бо феъли мустақими худи ӯ нест. Афлотуниёни миёна қоил ба маротиби улуҳият буда, бар танзеҳу таолои худованд таъкид доштанд ва олами шаҳодатро таҳти ҳукумату маснӯъ ва таҳти тадбири қуввои барзаҳӣ ё восита медонистанд. Филон ногузир буд, ки ин ду тарзи тафаккурро бо ҳам оштӣ диҳад» [134].

Олитарин нируи илоҳӣ логос (калима) аст, ки гоҳо онро муҳаққиқон «софия» мехонанд. Худи Филон бошад, «софия»-ро модари логос медонад. Дар осори мазҳабии қавми яҳуд нафс худо ё, ба таъбири уламои яҳуд, қонуни гайри махлуқ номида шудаанд ва ё ҳамон фазоили илоҳӣ ва сифоте мебошанд, ки дар илоҳиёти зардуштӣ ба ғунае шахсият барояшон қоил шуда, онро Амшоспандон номидаанд.

Фалсафаи навафлотуния зотан зимни илҳоми ғоявӣ аз маздопарастию монигарӣ, «мусули афлотунӣ» ва фалсафаи Арасту ба камоли маънавӣ расида буд. Унсурҳои ақидаи он дар бораи аз иллати аввал зина ба зина судур шудани муҷаррадоту ашё, кӯшиши инсон барои рахна ба ҳақоиқи моварои олами ғетӣ ва ноил шудан ба ҳақиқату ҷавҳари илоҳӣ, ки дар дили афроди ҷомеъа вуҷуд дорад, дар Авесто низ зикр шудааст. Масалан дар Готҳо омадааст, ки ҳақиқати олам аз офариниши тимсоли ашё—барзагови ибтидоӣ ва Абулбашар (Каюмарс) оғоз меёбад. Дар зарвония бошад ин ақидаи Авесто дар бораи офариниш дар чунон як шаклу мазмуне дучор мегардад, ки ба ғояи асосии космогонияи навафлотуния хеле наздик аст. Назарияи судури навафлотуния дар «Шиканд гумоник вичар» ба хубӣ ба назар мерасад. Дар ин манбаъ таъкил шуда, ки зиндагии инсонӣ як ҳалқаи ногусастании силсилаи ҳаёти кайҳонист, он баъди адои вазифа ба ҳолати аввалаи малакутӣ ё худ хостгоҳи аввали худ хоҳад баргашт.

Масалан, бино ба маълумоти Қосим Ғанӣ дар асари намояндаи машҳури афлотуниёни ҷадид Стефани Сурӣ (а.5) таъкид шуда, ки «содири аввал аз хайри маҳз аст ва баъд мақомотеро шарҳ дода, ки ақлу зеҳни инсон бояд аз онҳо бигзарад то ба худо муттасил бишавад ва билахра инсон ба мақоми «ал-кул-фи-л-кул» хоҳад расид, чун дунёву рӯҳу модда ҳама аз ҳастии холис (сирф) содир шудаанд. Дар ин ҷо ҳам омезиши ақлу рӯҳ ва ҳам эътиқод ба ҳикмати мофавқи ақл мушоҳида мешавад, ки ибтидои онро навафлотуниёни мактаби искандаронӣ гузошта буданд.

Барои таҳвияти фикри боло фикри Ҳошими Разиро дар ин ҷо овардан мумкин аст, ки бино бар он, дар паёми Зардушт чӣ дар бахши илоҳиёту фалсафа ва чӣ дар бахши ҳикмати амалию фалсафаи сиёсӣ дар маздаясно таркибу истилоҳот ва мазмунҳое истифода шудаанд, ки мафҳуму тарҷимаи дақиқи онҳо баъдҳо мустақиман ва шояд ҳам ғайримустақим дар осори Афлотуну навафлотуниён, ҳукамову файласуфон ва арбобони адёни баъдӣ низ инъикос ёфтаанд. Ҳоло онҳо ё бо асарпазирӣ аз андешаҳои ҳукамои хусравонӣ ва ҳикмати Эрони бостон ва ё ин ки худ низ пас аз садаҳое ба

чунин андешаи воло даст ёфтаанд [135].

Чунин монандии ғоявӣ ба он шаҳодат медиҳад, ки юнониён бо ақоиди фарҳанг ии тоисломии мардуми Шарқ шиносоӣ доштаанд. Дар воқеъ, бино ба маълумоти маъхазҳо Плотин барои омӯхтани афкори фалсафии Шарқ дар 39-солагиаш ҳамроҳи сипоҳиёни император Гордиан ба Эрон омада, дар он ҷо муддати мадиде ба омӯзиши илму фалсафа машғул будааст. Яке аз шореҳони фалсафаи Плотин мақсади мусофирати ӯро чунин меорад: «Флутиниус ба қасди омӯзиши равишҳои фалсафӣ ба Эрон рафта буд...» Плотин то Байнаннаҳрайн расида, аммо аз бемуваффақиятӣ дар муборизаи ҳамроҳи лашкари Гордиан ба Энтокия омада, соли 324 ба Рум рафт ва то охири умр дар мадрасаи таъсискардааш дарс мегуфт. Бино ба маълумоти муаррихи маъруфи юнонӣ Гиббон, дигар намояндагони фалсафаи навафлотуния низ баъди Плотин ба Эрон омада буданд ва орову ақидаҳои онҳо аз роҳи савмааҳои масеҳиёни Сурия ва мадрасаҳои Ҷанди Шопури Хузистон ва Собеини Ҳаррон дар Байнаннаҳрайн ба мусулмонҳо расид ва китобҳои ба номи «Ҳикмати илоҳии Арасту» ба арабӣ тарҷумашуда, осори навафлотуниён буд. Ин гуфтаҳои Қосим Ғанӣ ва Гиббон асос доранд. Ба ҷуз сафарҳо, ки ҳакимони юнонӣ ба Осиёи Хурд ва Эрон дар қаламрави империяи Портҳову Сосониён доштанд, иддае аз файласуфони навафлотунӣ, ки дар мадрасаи тавассути Прокл таъсисдода дар Афина фаъолият доштанд, баъди бо фармони император Юстиниан дар соли 529 бастани марказҳои фалсафии Афина, Искандария ва Раҳо дар аҳди Хусрави 1 ба Эрон омада буданд. Тибқи иттилои маъхазҳо Хусрави1 бо онҳо дар Тайсафун шахсан мулоқот дошта ва яке аз онҳо бо номи Прискианус ба пурсишҳои Хусрави 1 посух дода, ки тарҷимаи ноқиси он ба лотинӣ мавҷуд аст [136]. Дарвоқеъ, аз мадрасаҳои Эпикуру Зенону Арасту ва донишгоҳҳои Афлотунию Искандаронӣ ва Бергамо, ки дар асрҳои 2 ва 3 милодӣ дар Юнон амал мекарданд, ба туфайли хизмати «хирсона»-и императорони ҷадид ба илм дар остонаи зуҳури ислом фақат донишгоҳи Искандария амал мекарду халос.

Аммоний Саккас муассиси мактаби навафлотуния ва устоди Плотин буд. Ӯ аз масеҳият даст кашида, ба дини мушрикон дохил шуд ва мақсади асосиаш оштӣ додани фалсафаи Афлотун бо масеҳият буд. Плотин соли 203 дар Ликаполис ба дунё омад, аслан аз қибтиёни Миср буд. Ҳаёти хоксорона дошт ва ба қавли Порфирий, «нанг дошта аз ин ки рӯҳаш дорои ҷисме буд». Дар Искандария таҳсил карда, бо Аммоний Саккас шинос шуд ва 10 сол пеши ӯ дарс хонд. Ӯ фалсафаи илоҳии ирфониро ба авҷи аълояш расонд. Ба ибораи дигар, «мусули афлотунӣ»-ро ба сурати ирфоне даровард, ки дар он рӯҳи инсон фаъолияти ҳавоси зоҳирии ӯро маҳдуд намуда, тавассути тасфияву тазкияи нафс ҳамаи маротиби суудии вуҷудро тай мекунад, ки ҳангоми ба бадани инсон омада зиндонӣ шуданаш маротиби

нузулии онро тай карда буд. Плотин вуҷуди моддаро аз рӯи лутф эътироф мекард ва онро дар зоташ бешаклу сурат медонист. Табиат, ба фикри ӯ, аз нируҳои рӯҳоние иборат мебошад, ки шаклҳои гуногунро тавлид мекунад. Воқеъияти олами моддӣ (дунӣ) воқеъияти олами олиро ба вуҷуд оварда наметавонад, вале баръакс, мавҷудияти олӣ (ё худ рӯҳ) мавҷудияти дунӣ ё худ шаклро ба арзи вуҷуд қарор дода метавонад. Модда то пазируфтани шакл «бад» аст, зеро он фақат аз дастаи тасаввурот иборат аст ва тасаввурот бошад моддӣ нест, чун дар макон вуҷуд надорад. Ҷисм зиндони рӯҳ аст, охирӣ ҳарчи бештар пок гардад ва аз рӯи шуру шавқ иртиқо ёбад, ба яздони хеш наздиктар хоҳад шуд.

Вилл Дурант ҳамин ҷиҳати фалсафаи Плотинро ба назар гирифта навиштааст: «Агар рӯҳ қодир ба фазилат (тақво) ё ишқи ҳақиқӣ ё ихлосварзӣ ба музҳо (muses) ё фалсафаи сабурона бошад, нарбонеро, ки аз он поин омада буд, пайдо хоҳад кард ва аз он то расидан ба худо боло хоҳад рафт»[137]. Бо таваҷҷуҳ ба ин гуфтаҳо таълимоти Плотинро чунин ҷамъбаст намудан мумкин аст: ҳақиқат як амри воҳидест, ки силсилаи маротиби нузуливу суудӣ дорад. Аввалӣ аз халлоқияти зотии ҳақиқати воҳид сар зада, маротиби фавқонию таҳтониро эҷод менамояд, ки судури касрат аз ваҳдатро ифода менамояд. Дуюмӣ ҳақиқати нафсро барои расидан ба асли мабдъаи худ таъмин менамояд, ки онро ҳаракати суудӣ ё худ уруҷӣ аз касрат бо сӯи ваҳдат меноманд. Асли мутлақ «воҳид» ё худ «аҳад» ст. Он ғайри қобили васф ва даркношуданист. Дар мартабаи поинтар аз воҳид ду мавҷуд (яке Nous ё ақли куллӣ ва дигаре нафси куллӣ), ки дар олами кабир нозири ду гавҳари ақлониву нафсонӣ дар олами саґир (инсон) мебошад, арзи вуҷуд мекунад.

Роҷеъ ба мафҳумҳои «воҳид» ё худ «аҳад»-и Плотин баҳсҳои зиёде мавҷуданд, ки он аз суханони парокандаю беназми «Энеадҳо»-и ӯ сар задааст. Иқтибоси Вилл Дурант дар ин бора чунин аст: «Ва худо чист? Ӯ низ як гаслис аст, таслиси ваҳдат (ben), ақл (nous) ва рӯҳ (psycha), вале дар варои вуҷуд ягона аст. Дар хилоли дарҳамомехтагии зоҳирии касрати ҷаҳонӣ як зиндагии ваҳдатбахш ҷорист. Мо тақрибан чизе дар бораи он намедонем, ҷуз ин ки вуҷуд дорад...»[264]. Аз дигар баҳсҳои марбут ба аҳадият худдорӣ намуда, сухане чанд роҷеъ ба назарияи судур хоҳем гуфт, зеро ин масъала дар таълимоти Плотин нақши муҳим ва аз бисёр ҷиҳат ба таълимоти зардуштия қаробат дорад.

Аз назари Плотин ҷаҳон билфеъл ношӣ аз худост, на биззот. Ҷаҳон худост, вале худо ҷаҳон нест. Ақли кул ва нафси кул ҳар ду дар натиҷаи як интишоти зотӣ ва зарурӣ арзи вуҷуд намуда. Нисбати миёни «воҳид» ё «аҳад» ва уқнумҳоро Плотин ба нисбати миёни Хуршед ва ашъааи он ё худ ба ҳарорату оташ ташбеҳ мекунад. Ақли кул ба манзури касби файзу идрок рӯй ба асли худ, яъне «воҳид» меоварад ва аз баракати ҳамин рӯй овардан

ба «аҳад» ақл мешавад. Он ҷо, ки сувари илмӣ маҳсус аст, идроки ӯ низ идрокоти ҳиссист ва он ҷо ки ин сувар фавқи ҳиссист идроки ӯ низ фавқулҳиссист. Аз ин рӯ, ақли кул ҳамаи маониро дорад. Бо овардани ин нукта профессор А. Қадир таъкид мекунад, ки барои бетаҳир нигоҳ доштани иллати нахустин худ ӯ ба назарияи судур даст зад ва ақли кулл (nus)-и ӯ «ҳақиқатест», ки варои олами шаҳодат аст ва он чи дар олами шаҳодату маҳсусот аст, дар ҳақиқат сояи он маъонӣ ва ҳақоиқест, ки дар ақли куллӣ вуҷуд дорад. Аз ақли куллӣ севвумин уқнум, ки нафси кулл аст, содир мешавад ва ин уқнум асли ҳаётӣ ва ҳаракат аст ва ҷони ҷаҳон аст» [139].Агар матлаби фавқро шарҳ диҳем, чунин бармеояд, ки худо ҳамчун мабдаи хайру файз тамоми коинотро офарида ва содир ё худ файзи аввали он – ақли кул баъд аз воҳид комилтарин офаридаи муҷаррад аст ва ба гуфтаи Қосим Fанӣ, писари зебои падар аст, ки тамоми камолотро аз ӯ касб намудааст. Ин ақл низ хосияти офариниш дорад ва аз ӯ нафс содир мешавад ва ҳамон таслиси сегона ва ё уқнумҳои салоса – худову ақлу нафс ба вуҷуд меояд. Дар ин ҳолат ақл воситае байни мабдаи файз ва нафс аст ва охирӣ робита байни оламҳои руҳониву ҷисмонист. Аз ин рӯ, нафси кул ба нафсҳои ҷузъӣ (самовӣ, малоик ва башарӣ) тақсим шуда, ба ҳар ҷисме метавонад русух кунад ва аҷсом ҳамчун заифтарин файзи мабдаи аввал ба унвони сурат пазирандаи модда хоҳад буд. Дар ин маврид сурат бо соҳиб будани хайр ва дараҷаи камолу ҷамол ҷанбаи вуҷуд ва модда ҳамчун шар ва таквинкунандаи сурат ҷанбаи адамии аҷсоморо ташкил медиҳад. Ба ин маънӣ судури мавҷудот (аҷсому моҳиёт) аз нафс як навъи интиқол аз лониҳоя ба ниҳоя, аз ваҳдат ба касрат аст. Дар ду тарафи вуҷуд худо ва ҷисм ба дараҷаи гуногуни камолот – аввалӣ дар сатҳи ваҳдат ва дуюми дар сатҳи касрат қарор доранд, ки доираи комили вуҷудро ташкил мекунанд ва меҳвари асосии ин баҳсро ҳамон қавси нузулу қавси судур ташкил медиҳад.

Чун дар боло қайд шуд, ки мақсади асосии таълимоти навафлотуния оштӣ додани фалсафаи Афлотун бо масеҳият аст, ҷоиз аст барои такмили баҳс таълимоти ирфонии масеҳиятро ба таври мухтасар баён намоем. Тавре ки дар адабиёти масеҳӣ қайд шуда, аввал Павели қадис эълом дошта, ки мардум фақат бо вобаста будан ба шариати Мусо наҷот намеёбад, он бояд имони фаъол ба Исо-писари худо дошта бошад ва ростгориро пеша кунад. Ба фикри ӯ, Исо ҳикмат ва нахустин зодаи худост, дар вуҷуди ӯ ҳама чиз вуҷуд дорад ва ба воситаи ӯ ҳама чиз офарида шудааст. Ӯ логос аст, ки маргаш ҳама чизро наҷот мебахшад. Суханони ӯ дар бораи руҳ мабонии ирфонии масеҳиятро меафзуд. Пас аз ӯ Юҳанно дар табъид «Инҷили чаҳорум» ва «Мукошифот»-ро таълиф кард ва усули кашфу шуҳудро ба роҳ монда, масеҳиятро бо фалсафаи Юнон иртибот дод. Барои ӯ маълум буд, ки «Афлотун бо ироаи «мусул»-и худ ба унвони заминае, ки ба руи он

ҳама чизҳо ташкил шудааанд, мавзуъро матраҳ сохт. Равоқиён ин «мусул»-ро дар Сперматикос, яъне ҳақиқаги болиғаи худо талфиқ карда буданд. Фисоғуриёни ҷадид аз «мусул» як шахси илоҳӣ сохтаанд ва Филон ин мусул»-ро ба сурати «логос» ё ақли худо, асли дуюми изадӣ дароварда буд, ки ба василаи худо ҷаҳонро офарид ва бо он иртибот дошт [140].

Ҳамин тариқ дар илоҳиёги масеҳият фалсафаи ирфонӣ ворид шуд, масъалаи тасбити худо ва доварӣ дар рӯзи вопасин (қиёмат), ҳамчунин парстиши модару кӯдак (Марями узро ва Исои Масеҳ) аз суннату боварҳои Мисри қадим ба масеҳият омаданд, фоҷеаи растохези Адонис аз Сурия ва шояд ҳам парастиши Дионисии мирандаву аз нав зиндашаванда ба суннати масеҳӣ русух карданд. Масъалаи аъсори ҷаҳон ва натиҷаи ниҳонии ҷаҳон (сушиёнат), санавияти шайтон ва худо (Аҳриман ва изадон) ва нуру зулмат аз суннатҳои эронӣ ба таълимоти масеҳият роҳ ёфтанд. Масалан, дар «Инҷили чаҳорум» омада: Исо нурест, ки дар торикӣ медурахшад ва торикӣ ҳаргиз хомӯш нахоҳад кард. Русуми киши Митра он қадар ба қурбонии укористҳои намози ҷамоат шабоҳат дошт. Обои масеҳӣ шайтонро муттаҳам сохтанд, ки ин шабоҳатро барои гумроҳ кардани азҳони заиф ихтироъ кардааст. Масеҳият охирин офариниши бузурги дунёи бостони мушрикон будааст[141].

Муносибати шуҳудгароёна бо рӯҳонияги масеҳӣ сарфи назар аз он чи таҳти унвони гноститсизм маъруф аст, дар фаъолияти маънавии афроди зиёде аз қадисони масеҳии аввалия монанди Григории Ниссай ва шахсиятҳои машҳури мактаби искандаронӣ монанди Климентн Искандаронӣ ва дигр қадисон мушоҳида мешавад. Охирӣ таълимотеро дар масеҳият ба вуҷуд овард, ки шомили «шинохти худо, олами малоик, тафсири рӯҳонии китоби муқаддас ва яқини комил буд». Баъди ӯ шогирдаш Ориген тафсири метафизикию ботинии ҳикмати Юнонро ба рисолати масеҳӣ омезиш дод ва эълон дошт, ки «Китоби муқаддас» танҳо «як матни адабӣ нест, балки ҳаммонанди одамӣ аз рӯҳу тану нафс ё ҷанбаҳои шуҳудӣ -- рӯҳонӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқӣ бархурдор аст. Ҳамаи хонандагон наметавонанд маъноии ботинии ин матнро дарёбанд, аммо касоне, ки тавони касби ин ҳикматро надоранд, медонанд, ки ба гунае паёми ботинӣ дар китоби худованд музмар аст. Ба фикри Ориген каломи муқаддас логос аст, «логос ишроқгари нафс аст, логос нурест, ки басирати ақливу вуҷудӣ меоварад. Дар воқеъ логоси мавҷуд дар лоҳут сарчашмаи худи одамӣ ва воситаест, ки одамӣ аз тариқи он ба маърифати қудсӣ роҳ меёбад. Ба ҳамон андоза, ки логос маншаи хиради одамӣ ва манбъаи абзори маърифати инсонист, шинохти амри қудсӣ низ мақсаду маромн ниҳонии маърифат аст»[143].

Дар боло сайри мухтасари таъриҳи ақидаҳои розварӣ аз аввалин рамзу розҳои динҳои ибтидоӣ ва ҷараёнҳои маънавии дорои ақидаҳои ҷаҳоншиносӣ то фалсафаи ирфонии навафлотуния ҷиҳати тасаввури вазъи

фикриву гашаккули афкори маънавииАҳди бостон дар Ғарб дар партави муносибатҳои фарҳанги Шарқу Ғарб ироа гардид. Барои нишон додани ақидаҳои розварӣ дар Осиёи Миёнаву Эрони бостон ба баррасии аввалин таълимотҳои розварӣ ва ташаккулу инкишофи ақидаҳои дорои хусусиятҳои рамзиву тамсилӣ ва ирфони оини зардуштӣ аз офариниши нахустин инсон, аввалин шаҳриёрони дорои аҳамияти қудсӣ ва достонҳои рамзомези қаҳрамонию корномаҳои розомези паҳлавонӣ сар карда то ташаккули афкори ҷаҳоншиносӣ, тавкиншиносӣ ва маърифатшиносӣ хоҳем пардохт, то хонандагони муҳтарам зимни мутолиа битавонанд бо усули қиёс ҷиҳатҳои муштараку фарқкунанда ва нишоти мутақобилаи афкору ақидаҳои халқу миллатҳои гуногуни Аҳди бостонро дар сарзамини қадимаи ниёгонамон ва ҳаволии он дарк кунанд ва бо аввалин тасаввуроти қадимаи аҷдодӣ то андозае ошной пайдо намоянд. Зеро усули пажуҳиш тақозо менамояд, ки буъди зоҳирӣ ва ботинӣ доштани ҳар дин ва пайравии мактабу мазҳабҳои динӣ аз он нишон дода шавад. Тафовути асосӣ миёни зоҳиру ботин, ки пайравони мактаби ҷовидон хирад ба он таъкид доранд, дар ин зоҳир мешавад, ки «бўъди дарунӣ ва ботинии дин ба унвони танҳо роҳи нейл ба олами моварои зоҳир расидан ба ботини адён ва нейл ба он ваҳдати мутаолист, ки адёни мухталифро ба ҳам пайванд медиҳад ва танҳо дар он ҷост, ки ваҳдати адёнро ба маънии воқеӣ метавон дарёфт»[193].

Муҳаққиқон бар ин ақидаанд, ки Зардушт дар паёми худ барои ислоҳ ва ба низом даровардани асотири пешин, ки дар дини маздоии куҳан вуҷуд дошт, устураҳои тоза офарида, онҳоро ба масоили вобаста ба мабдаъи офариниш, маъоди он ва дигар масоили ҷаҳони миной мувофиқ кунонидааст.Душен Гуиллемин дар ин бора таъкид карда, ки ҳиндуэрониён зоҳиран аз инсони нахустин чеҳраҳои бисёре ба тасаввур овардаанд. Дар Веда Яма-Yama, ки ҳамон Ҷамшед бошад, нахустин миранда аст ва ў ҳамроҳи хоҳараш Ями-Yami башариятро ба вуҷуд овардааст. Эрониён бошанд Ямаро ба унвони нахустин подшоҳе медонанд, ки даврони салтанати ў «асри тиллой»-и Аҳди бостон ба шумор мерафта, зеро дар он «на сармо буду на гармо, на пириву на марг, на хушксоливу на қаҳтӣ»[144].

Вале аз шоҳ шуруъ шудани зиндагии башар мазмуни мабдаъи офаринишро намерасонад. Аз ин рў, дар таълимоти ҳастишиносии халқҳои ҳиндуэронӣ чеҳраҳои дигаре ба унвони офаридаи нахустин вуҷуд дорад, ки ҳиндуҳо ўро «Ману» ва Эрониён онро «Каюмарс» медонанд. Ин ду офаридаи нахустини ду ақвоми ба ҳам хеш дар ҳастишиносӣ тақрибан вазифаи яксон доранд ва тафсири навъии онҳо «зиндагии фонӣ» аст. Устураҳои офариниши нахустин дар таълимоти ҳастишиносии дигар тамаддунҳои ҳамҷавори Эрони бузург, аз ҷумла дар асотири бобулӣ вуҷуд дорад, ки тибқи он Мардук бо куштани илоҳаи парешониву беназмӣ бо номи Тиамат (Tiamat) аз андомаш олами моддиро халқ кард. Дар яке аз

сурудҳои ведой ҷаҳон аз қурбонӣ кардани нахустин инсон- Пуруша ба вуҷуд омада.

Куштани инсони нахустин дар Авестои мутааххир ҷой дорад. Дар он бўъди замонӣ, ки Зардушт зиндагӣ мекарда, фақат қурбонии гов дар оини меҳрпарастӣ маъмул буда, ки вақте Меҳр ба паҳлуи ҳайвон шамшер фурў мебарад, сумбулае ҷавона мезанад ва гунаи ҳайвонот ба вуҷуд меоянд (ниг. Меҳрпарастӣ). Зардушт қурбонии говро манъ кард, вале дар таълимоти ў қурбонии одами нахустин тавассути Аҳриман сурат мепазирад. Куштани Каюмарс рамзи офариниш буда, рамзе ки «ба мавҷиби тарзи тафаккури марбут ба қурбониҳои бунёнгузорӣ ҷаҳон бояд аз он падид меомадааст»[145]. Агар ба вуҷуд омадани анвоъи фелезот аз колбади ў ва рамзи онҳо дар олами миновию гетӣ, инчунин ба вуҷуд омадани Машя ва Машяна аз нутфаи ў ва арзи вуҷуд намудани авлоди башарро ба назар гирем, рамзи офариниш баръало намоён мешавад. Қурбонии инсони нахустин ба хилқати олам ва қаламраву низомҳои гуногуни он марбут аст ва «бахшҳои мухталифи «тан»-и инсони оғозин ба маротиби мухталифи махлуқот монанди ҳайвоноту гиёҳон ва ҷамодот муртабит» [146] мебошад. Дар Риг-Веда низ ҳамин ҳодиса рух дода.Ба асари қурбонӣ шудани Пуруша (мавҷуди фитрии каёнӣ ва сурати мисолии инсони малакутӣ) нажоди инсонӣ иборат аз 4 табақа ташкил ёфтааст. Ба ибораи дигар, қурбонӣ кардани аввалин инсон шабоҳати том ба эътиқодоти дини ҳиндуён дар ин замина дорад.Пас инсон мавҷудест, ки «манбаи камолу инъикоси тому тамоми улуҳият ва як ҳақиқати ормонист, ки дар бар гирандаи тамоми истеъдодҳои вуҷуди кайҳонист. Инсон модели олам аст, зеро ў худ инъикоси он истеъдодҳо дар қаламрави азалист, ки худро ба сурати ҳастӣ зоҳир месозад»[147].

Яҳё ибни Башири Наҳовандӣ нахустин подшоҳи маҷусро Каюмарс медонад ва ҳамвора қайд мекунад, ки диноварашон низ ў буда. Чун дар оини зардуштӣ аз мабдаъ то маъод як давраи дувоздаҳҳазорсолаи кайҳониро ташкил мекунад, Каюмарс оғози офариниши олами моддӣ ва аввалин кадхудои ҷаҳон ва аз он ҷое, ки халқҳои Осиёи Миёнаву Эрон ниёгони худро ориёӣ медонанд, Каюмарсро сардафтари нажоди ориёӣ мепиндоранд. Албатта, Табарӣ ўро Абулфурс (яъне сардафтари эрониҳо ё худ форсҳо) номидааст. Ў баробар бо «падари инсонҳо»-и дини яҳудӣ ва Абулбашари мусулмонҳост. Бешубҳа, Каюмарс фақат инсони нахустини оини зардуштӣ нест, балки аввалин пайғамбари он низ ҳаст. Пайғамбаре, ки аз дини зардуштӣ огоҳ аст, фаро расидани онро дар худаш таҷассум намуда ва фаъолияти розомезаш тарзе буда, ки барои ба вуҷуд омадани ин дин замина гузоштааст. Дар «Готҳо» ваҳйи Зардушт ғолибан аз мақулаи як таҷрибаи ирфонӣ дарак медиҳад ва агар бо суханони Абдулҳусейни Зарринкўб дар «Ҷустуҷў дар тасаввуфи Эрон» бовар кунем, «қароину шавоҳиди дигар

ҳам дар ҷо-ҷои Авесто ҳаст, ки илҳоми Зардуштро бо дунёи ғарбӣ ва ба олами мукошифа марбут нишон медиҳад. Дар «Буғоняшт» (Ясноии 1-4/19) ишорат ҳаст, ки пеш аз офариниши олам Аҳуромаздо ба Зардушт сухан мегӯяд ва бад-ин гуна гӯё рӯҳонияти Зардушт бар ҳамаи аволами моддӣ ва маънавӣ таҷаддум дорад. Ҳамчунин дар як мавзӯъи дигари Авесто (Ясно, 5/24) ишора ба фраваҳарҳои он мардонест, ки ҳанӯз зоида нашудаанд ва ин ду нукта на фақат масъалаи мисоқи аластро, ки сӯфия ишқу маърифатро бар он мубтанӣ мешуморанд, ба хотир меоварад, балки низ то ҳадде ёдовари ақволест, ки сӯфия дар бораи «нури муҳаммадӣ» мегӯянд ва таҷаддуми он бар вуҷуди коинотро таъйид менамоянд .

Агар сухан дар бораи ваҳӣ равад, муколамаи Зардушт бо Аҳуромаздоро мисол овардан мумкин аст, ки дар он аз ҷумла омада: «Зардушт аз Ҳурмузд пурсид, ки ин динро нахуст ба чи касе намудӣ? Ҳурмузд гуфт: Нахуст ба Каюмарс намудам. Зардушт гуфт: чаро ин динро аз тариқи ваҳӣ ба Каюмарс намудӣ ва ба ман аз роҳи гуфтор илқо кардӣ? Ҳурмузд гуфт: зеро лозим аст, ки ту ин динро фаро гирӣ ва ба дигарон биомӯзӣ, ҳол он ки Каюмарс касе надошт, ки онро бипазирад, пас беҳтар аст хомӯш бошӣ то ман сухан гӯяму ту бишнавӣ ва ту сухан бигӯӣ то мардумон бишнаванду бипазиранд. Зардушт ба Ҳурмузд гуфт, ки оё ин динро пеш аз ман бар касе ҷуз Каюмарс намудай? Ҳурмузд гуфт: Оре, ин динро ба Ҷамшед намудам... Зардушт гуфт: чун медонистӣ, ки ин динро намепазирад, пас чаро онро бад-ӯ намудӣ? Ҳурмузд гуфт: агар инро бад-ӯ наменамудам дин ба ту намерасид»[148].

Аз ин иқтибос чунин бармеояд, ки аз Аҳуромаздо се ваҳӣ содир шуда. Ваҳйи аввал ба Каюмарс содир шуда, ки ваҳйи шахсӣ ё инфиродӣ будааст. Онро Бобаки Алихонӣ ваҳйи пинҳонӣ ба қалам дода ва Каюмарсро барои пайдоиши ин дин замина сохтааст. Ба ин маънӣ ӯ ба Одам (алайҳиссалом) монанд аст, ки ҳам нахустин башар ва ҳам нахустин пайғамбар ва силсилаи пайғамбарон аз ӯ оғоз шуда. Ваҳйи дуюмӣ, ки ба Ҷамшед расидааст, ба асли матлаби таълимоти зардуштӣ созгорӣ надорад. Чун Аҳуромаздо метавонист ба онҳое, ки омода ба пазироии он нестанд, ваҳӣ иблоғ накунад. Шояд ин аз ҳамон ноҳамоҳангиҳоест, ки дар Авестои мутааххир ҷой дошта. Ба ҳар хол, мо баъди Каюмарс ва пайдо шудани олами моддиву авлоди башар, бо ду сулолаи шоҳони эрониуласл бо номи пешдодиёну каёниён рӯ ба рӯ ҳастем, ки роҷеъ ба таърихи онҳо дар осори таърихӣ («Таърих»-и Табарӣ, «Форснома»-и Ибни Балхӣ ва бахусус дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ) маълумот оварда шудааст.

Агар сухан роҷеъ ба нишон додани таърихи асотирӣ ва корномаҳои паҳлавонию достонҳои қаҳрамонии ниёгонамон аз даврони моқабли таърих то замони Зардушт аз назари фарҳангу ҳикмату ирфон равад, бояд чунин нуктаро ба назар гирифт, ки Абулқосим Фирдавсию Шаҳобуддини

Суҳравардӣ ду нафар ҳакимони бузурги эҳёкунандаи тарихи фарҳанг ва маданияти маънавии ниёгонамон мебошанд, ки дар осорашон суннати дерини русуму одоб, ахлоқ ва анъанаҳои розварию ирфонӣ ва ҷаҳоншиносии гузаштаи дури моро бозтоб ва зинда намудаанд. Ҳар дуи онҳо аз мероси басо куҳани суннатҳои бузурги Эрони бостон моя гирифта, аввалӣ онҳоро дар шакли каломи мавзун дар колаби достонҳои ҳамосаӣ ҷой додааст ва охирӣ бинишу суннатҳои бостонӣ ва ҳикмати хусравониро такомул ва иртиқоъ бахшида, бар мабнои таборшиносӣ афкори розварӣ, фалсафию ирфонӣ, андешаҳои марбут ба рӯҳ ва умуман оини ростгории зардуштиро ба домони суннати иброҳимӣ ҷой додааст, ки худ далолат ба эҳёи оини куҳани Эрони бостон мекунад. Албатта, дар ин ҷодда ҳакимону мутафаккирони дигари Асрҳои миёна ба мисли Ибни Мискавейҳ дар «Ҳикмати холида», «Ҷовидон хирад» ва «Таҷориб-ул-умам» назари волои ахлоқи порсӣ ва ҳикмати фаҳлавиёнро бозтоб намуда ва Садриддини Шерозӣ дар «Асфор-ул-арбаа-т-ул-ақлия» таълимоти ҳикмати хусравониро таъйид карда, саҳми арзандаи худро гузоштаанд, вале Фирдавсию Суҳравардӣ сипаҳсолорони эҳёи афкори маънавию фарҳанги Аҳди бостони сарзаминамон буданд.

Суҳравардӣ Каюмарсро дар асараш «Малик-ут-тин» номида. Ин ибораро муҳаққиқон ба таври гуногун шарҳу таъбир намудаанд. Ҳошими Разӣ онро дар «Ҳикмати хусравонӣ» бо таваҷҷуҳ ба матнҳои авестой ба гунаи худ шарҳ дода, Каюмарсро «аз ҳакимони фаҳлавӣ ва баҳраманд аз обу гили маънавӣ» медонад. Дигар манбаъҳо уро дорандаи «фарри изадӣ», огоҳ аз исми аъзами худовандӣ ва гирандаи ваҳӣ тавассути изади Суруш, ҳамчунин бунёнгузори ситоишу ниёиши худованд ба қалам додаанд. Муҳаққиқи мазкур аз руи ривоятҳои асотирии «Дабистони мазоҳиб» , «Шористон» ва «Ал-милал ва-н-ниҳал» дар бораи мавҷуд будани фирқаи Каюмарсия, ки гуё дорои паёмбар, оин ва усулу ақоид мебошад, маълумот додааст [149]. Дар «Фарвардиняшт» ӯ нахустин «Атирбон» (пешвои дин, рӯҳонии муқаддас), нахустин кишоварз, сутурпарвар, нахустин шахсе, ки нек андешида, нек гуфта ва амали нек анҷом дода ва ҳамаи чизҳои офаридаи Маздоро пазируфтааст, муаррафӣ гардида.

Баъди Каюмарс шоҳони пешдодӣ Ҳушангу Таҳмурасу Ҷамшед ҳукмронӣ карданд. Аз байни онҳо Ҷамшед шахси асотирии намоёнтаре ҳаст, ки дар бораи он дар боло сухан рафт. Ин ҷо фақат чунин нуктаро қайд мекунем, ки ӯ дар фарознои кӯҳи Албурз бар тахти заррин нишаста, ба болишти заррин такя карда, порсой, накӯкорӣ ва иштиёқ ба маърифати қалбиро пеша карда, моҷарои пуршӯртарин шоҳи пешдодиро ба худ касб намуда буд. Шиори Ҷамшед дар мақоми шаҳриёрию мубадӣ, ба қавли Фирдавсӣ, дар «Шоҳнома»-и безавол, чунин буда: Бадонро зи бад даст кӯтаҳ кунам, равонро сӯи равшанӣ раҳ кунам». Ҳошими Разӣ бо истинод

ба ирфони ҳикати хусравонӣ мисраи дуюми Фирдавсиро «равон андар ҷаҳони минавӣ» таъбир намудааст. Мутаассифона Ҷамшед бо чунин бузургии асотирӣ бори гарони шаҳриёриву мубадӣ ва пайғамбариро кашида натавонист ва ба нобасомонӣ дучор шуд.

Фаридун аз ҷумлаи шоҳони пешдодӣ ва ҳакимони фаҳлавиюн аст. Ӯро маъмулан ҳамчун қосиди «нури томис» (фанову маҳв шудан дар зоти боритаоло ва дорандаи нури маърифати ботинӣ) мешиносанд. Шаҳобуддини Суҳравардӣ Фаридуну Кайхусравро, ки ҳар ду дорандаи чунин нури маърифатанд, дар асараш бо камоли эҳтиром ном бурда, аввалиро шаҳриёри ҳаким, шаҳриёри найранг ё малик Афрудин номидааст. Гуё Фаридун аз хонадони тавонои «Азвия» (Athwya) буда, аз тамоми розу рамзи дуоҳои муқаддас ва суханону амалиёти сеҳру афсун огоҳӣ доштааст. Дар мавриди найранг дар адабиёти таҳқиқӣ омада, ки Фаридун кушодани сеҳру ҷодуҳои сиёҳу зиёновар, найрангҳои зидди бемориву дардҳо, дафъи офати наботию гиёҳиро медонистааст. Фирдавсӣ низ дар «Шоҳона» рочеъ ба афсунгарӣ ва дармон бо гиёҳон, инчунин кушодани бандҳо тавассути Фаридунро овардааст. Ӯ ба адлу ҳақ ва тоқати хеш зафар ёфта, аз тариқи таҷрид ба ғояти саодат ва қудрату нусрат расида.

Ҷеймс Рассел зимни таҳлили достони ошиқонаи софисти суриёнӣ Ямблих, ки дар Арманистон мезиста, қайд карда, ки «Рудонис» сурати ҳеллинишудаи Ҳеридун (Фаридун)-и эронист, ки вожаи авестоиаш Thraetaona ба маъноии «писари сеюм» аст, духтари Аджи Даҳак (Аждаҳак ё худ Заҳҳок)-ро озод кард ва падари ӯро дар кӯҳи Дамованд зиндонӣ намуд, то дар интизори поёни ҷаҳон бимонад [150]. Ин шаҳриёри қаҳрамони Эрони бостон адлу илмро дар кишвар бигустаронид, айёми ҳумоюнаи тамҳид ёфт, ба фарзандонаш Тур, Салм ва Эраҷ қисме аз қаламрави шаҳриёриашро тақсим кард ва ҳасади бародаронаш нисбат ба Эраҷро (ки Ироқу Шому Хуросонро дар даст дошт) бо номае, ки дар он «ҳар ки бо падару модар некӯй кунад, аз фарзандон некӯй бинад ва ҳар ки ҳуқуқи эшонро ба шақова уқуқу хабис... гардонад, ҳамон бинад» навишта шуда буд, фурӯ нишонд. Суҳравардӣ дар рисолаи «Алвоҳ-ул-имодия» Фаридунро аввалин малик аз мулуке медонад, ки соҳиби ҳикмат гардид, ба мартабаи шуҳуд расида, ба дарёфти нур ноил шуд [151].

Дар адабиёти зардуштӣ омада, ки фраваҳари Кайхусрав аз ҷараёни таърих ва ҳаводисе, ки рух хоҳад дод, огоҳ буд. Ин қазия чунин шарҳ шуда, ки вақте Кайковус аз силсилаи каёниён аз шаҳриёрии худоҷӯёна мисли Ҷамшед ба худокомагӣ пардохта, хост ба олами миноӣ уруҷ кунад, изади Нариосанд (Naruosang) пеши роҳи ӯро гирифтанӣ ва худи ӯро нобуд кардани шуд, вале фраваҳари Кайхусрав нидо дод, ки агар Кайковус кушта шавад, Сиёвуш таваллуд нашавад ва лоҷарам Кайхусрав низ ба дунё наёяд ва ҳамлаи тӯрониён ба Эронро дафъ нахоҳад кард. Ин ривоятест, ки ба

бузургдошт ва соҳибназари илоҳӣ будани ин пири ҷаҳонбини Порси бостон далолат мекунад. Суҳравардӣ аз байни бузургон ва ҳакимони ҳокими Аҳди бостон беш аз ҳама ба Кайхусрав таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст ва ғумон меравад, ки маъхазҳои зиёде низ дар бораи ӯ дар даст доштааст.

Суҳравардӣ дар «Ҳикмат-ул-ишроқ» борҳо ба Кайхусрав ҳамчун ҳакими илоҳии Эрони бостон, шахсе, ки бо мақоми волои ирфону ишроқ расида, тавонистааст болотарин маротиби анвори даруниро мушоҳида кунад, муроҷиат намудааст ва ӯро бо Каюмарсу Фаридун ва Ҳурмузу Афлотун дар як радиф гузоштааст. Бори аввал ӯ дар муқаддимаи асари асосии фалсафии худ зимни баёни мазмуни ҳикмати ишроқӣ таъкид намудааст, ки он ҳамон «фалсафаи Шарқ роҷеъ ба нуру зулмат» аст, ки мансуб ба орои ҳукамои Форс, аз ҷумла Кайхусрави муборак мебошад. Бори дуюм ҳангоми баррасии нури изадӣ, ки бо номи «каёни хорра» ҳукамои форс ва шаҳриёрони он дар ихтиёр доштаанд, аз Кайхусрав ёд кардааст. Ҳамчунин Шайх Ишроқ ҳангоми таҳқиқи масъалаи маротиби вуҷуд ё худ судури нур аз Кайхусрав ном бурда, риёзат ва тасфияи нафс, орӣ шудан аз бастагиҳои зулмониву ҷисмонӣ, роҳ ёфтан ба олами миной ва мушоҳидаи анвори қудсиро, ки Кайхусрав ба он ноил гардидааст, шарҳ дода. Дар рисолаи «Алвоҳ-ул-имодия» ва дигар осораш низ Кайхусравро ном бурдааст.

Муҳаммади Шаҳрзурӣ дар шарҳи «Ҳикмат-ул-ишроқ» матолиби ҷолиберо ба гуфтаҳои Суҳравардӣ илова намудааст. Суҳравардӣ дар «Алвоҳ-ул-имодия» дар робита бо фарри каёнӣ чунин гуфта:«...аз ҷумлаи он касоне, ки ба ин нур (яъне «хорра» - Ҳ.М.) ва таъйид расидаанд, худованди «найранг» малик Афридун» буд ва ғояти саодатро ёфт ва дуюм «аз зуррияти ӯ (яъне Фаридун) малики зоҳир Кайхусрави муборак (буд), ки таҳаддусу убудиятро бар пой дошт, аз қудс соҳиби сухан шуд ва ғайб бо ӯ сухан гуфт, нафси ӯ ба олами аъло уруҷ кард ва мутанаққаш гашт ба ҳикмати ҳақтаоло ва анвори ҳақтаоло ӯро пайдо шуд, пеши ӯ бозомад ва маънии «каёни хорра» дарёфт»[152]. Агар гирехи ин иқтибоси Шайх Ишроқро боз кунем, маълум мегардад, ки ӯ як шаҳриёри Аҳди бостон бо «фарри каёнӣ», нируманду ҷанговар, бузургманиш, одилу меҳрубон ва интиқомҷӯ аст. Солҳо шарафмандона шаҳриёрӣ карда, ҳамчун ҳокими ҳаким амал намуда, дар кашфу шуҳуд низ соҳибназар будааст. Ӯ ободии сарзаминашро таъмин карда, адлро дар қаламраваш густариш додааст. Дар «Обоняшт» Кайхусрав шаҳриёри нируманду бебок, ки хотири ғамангез аз кушта шудани падараш дошт ва муборизаи интиқомҷӯёнаи ӯ бо Афросиёб ишораҳои муҳимме вуҷуд доранд.

Кайхусрав ҳамчун шаҳриёр хоста, ки интиқоми хунии падараш Сиёвушро аз Афросиёби туронӣ, ки на танҳо Сиёвушро бегуноҳ кушта, балки куштору ҷангу ғоратро дар Осиёи Миёнаву Эрони бостон ба роҳ

монда, фиғони мардону занонро ба осмон бароварда буд, бигирад. Ӯ дар ниҳояти кор, ба ин орзуи худ расид ва Афросиёбро, ки «ма ҳари боризи душманӣ бо шаҳсаворони эронӣ» буд, ба қатл расонд. Аз нақли Фирдавсӣ чунин бармеояд, ки беҳтарин орзуяш дар замони фармонравоиаш ҳамон интиқоми падараш буд. Вале дар навиштаҳои Суҳравардӣ роҷеъ ба интиқомҷуии Кайхусрав чизе гуфта нашуда ва ҳамон тавре ки Насруллоҳи Пурҷаводӣ мунсифона қайд карда, Шайх Ишроқ Кайхусравро аз лиҳози ахлоқӣ болотар аз он медонад, ки ба ангезаи интиқомҷӯй даст ба ҷиҳоди азим бизанад. Ӯ бо Афросиёб ба ин далел мечангад, ки вайро дӯстдори душманӣ (муҳиб-ул-удвон) ва сахтдилу душмани худо ва мункири неъматҳои худо медонад» [153].

Баъди ғалаба бар Афросиёб Кайхусрав ба Эрон баргашта, дар оташкадаи Озарасп ба ниёиш пардохт ва ҳудуди 60 соли дигар шаҳриёриашро идома ва сарзаминашро ба мулки амн табдил дод, вале ин муваффақияту комёбӣ хостаҳои рӯҳонии ӯро қонеъ карда натавонистанд. Ӯ ба мисли ҳокими ҳакими Афлотун бояд ба тарбияи нафс ва парвариши қувваи ақлонаи худ пардохта, ба охирин зинаи камолот мерасад ва аз вуҷуди олами дуни ҳастӣ болоҳ рафта, хайру зебоии адолати онҷаҳониро дарк мекард. Аз ин рӯ, ӯ дар садади гузаштан аз марзҳои олами маҳсус ба хотири расидан ба олами маъқулу муҷаррад шуд ва «ба ҳасби ақоиди эрониёни қадим аз рӯй камоли диндорӣ, додгарӣ ва аз рӯи ташбеҳоти том ба сифату камолоти илоҳӣ аз ҷамеъи маротиби вуҷуд болотар» рафтанӣ мешавад, то «қутби олам, мазҳари адл ва муҷрии иродаи олами раббонӣ» гардад. Ба ҳамин мақсад рӯзе аз ҳамаи дунё ва мофиҳо дилсард шуда, ба нидои қалби хеш гӯш дод, тахту тоҷро раҳо кард ва барои расидан ба маърифати илоҳӣ тарки қасри шоҳӣ намуда, роҳи кӯҳро пеш гирифт. Вақте ин тасмими худро бо паҳлавононаш ба миён мегузорад, онҳо ангушти ҳайрат мегазанд ва саъй мекунанд, ки шоҳро аз ин роҳаш бозданд. Вале тасмими аз ғами инҷаҳонӣ раҳидани Кайхусрав қатъӣ буд ва ба паҳлавонон тамоми лавозимоти ҷангии худро дода, ба сафар баромад.

Ба худо рӯ овардани Кайхусравро муҳаққиқон аз ҷиҳати динию ирфонӣ ва маънавию фарҳангӣ муҳимтарин ва хушбахтарин ҷанбаи зиндагӣ ва шахсияти ӯ пиндоштаанд. Ҳошими Разӣ ин амали Кайхусравро, «ҳиҷрати илаллоҳ» ё «меъроҷ» табир намуда, ҳамвора қайд кардааст, ки ин пайғом ба Кайхусрав тавассути Суруши осмонӣ расидааст. Дар ин бора Суҳравардӣ суханони Кайхусрав бо ёронашро чунин оворда: Ӯ тартибу тамшияти умури шаҳриёрӣ ва мамлакатдориро дода, ба ҳашт тан ёронаш сар боз мезанад ва мегӯяд гузаргоҳи ман аз водиҳои биёбонист, ки то ба осмон мерасад. Чун шуморо муяссар нест то бад-он маҳалли уруҷ ҳамроҳам бошед, пас чи беҳтар ранҷи ҳиҷрату сафар бар худ ҳамроҳ накунед. Се тан аз паҳлавонони ҳамроҳ-Гударз, Зол ва Рустам бад-ин гуфта гӯш ниҳода

баргаштанд. Аммо Гив, Бежан, Густаҳм, Фарибарз ва Тус ҳамроҳи вай раҳсипор шуданд. Шабонгаҳ канори чашмае ба истироҳат пардохтанд. Паҳлавонон мушоҳида карданд, ки Шоҳ дар оби чашма шустушӯ кард ва ногоҳ нопадид шуд... ин ёрони вафодор низ ҳамон роҳро паймуданд, ки шаҳриёрашон паймуд [154].

Ин сафари Кайхусрав ва ёронаш ба олами улвӣ баъзе хусусиятҳои меъроҷи Зардуштро аз канори рудхонаи муқаддас ба ёд меорад. Матлаби муҳим дар ин ҷо ҷанбаи орифонаи сафари Кайхусрав, дилкашиву шӯридагӣ ва ҳолати самъи ӯст, ки паёми изади Сурушро мешунавад ва тибқи он амал мекунад. Ва ин амалро муҳаққиқон фано филлоҳ номидаанд. Суҳравардӣ роҷеъ ба ин уруҷи Кайхусрав навишта: «Ва чун малики фозилуннафс дар олам суннатҳо (и шариф)-ро зинда гардонид ва таъзими анвори ҳақ кард... анвори мушоҳидаи ҷалоли ҳақтаоло бар ӯ мутаваллӣ гашт... бихонд ӯро мунодии ишқ ва ӯ лаббайка гуфт... ҳиҷрат кард ба ҳақтаоло... рӯзгорҳо чунин малике надид ва ба ҷуз аз ӯ подшоҳе ёд надорад ва қувваи илоҳӣ ӯро ҳаракат фармуд, берун омад аз диёри хеш. Дуруд бод бар он рӯзе, ки мафориқати ватан кард, рӯзе, ки ба олами улвӣ пайваст»[155].

Насруллоҳи Пурҷаводӣ ин таҷриби рӯҳонии Кайхусравро аз ҳодисаҳои нодири Аҳди бостон дониста, навиштааст: «Ҳамин таҷрибаи рӯҳии Кайхусрав таҷрибаи урафо ва суфиёнест, ки дар ибтидо ҳама чиз ба коми эшон буда, ногаҳон аз хоби ғафлат бедор шуда, ҳама чизро пушти по карда, ба худо рӯ овардаанд. Иброҳими Адҳам ва Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ аз ҷумлаи машоҳири олами исломанд, ки таъми ин таҷрибаро чашида, масири зиндагии худро тагъир додаанд...». Ба ибораи дигар, Кайхусрав қарнҳо қабла аз Иброҳими Адҳам сармашқе нишон дода салтанати азими худро барои расидан ба ҳақ раҳо намудааст. Ин таҷрибаи писари Довуд аст, ки замоне дар Уршалаим шоҳи Исроил буда, вале ҳамакнун ҳама чизро беҳудаву абас хонда, дар ҳаққи дунё ҳичопич мегӯяд: «пучи-пучиҳо ҳама пуч аст, чӣ фоидаест инсонро аз ин ҳама ранҷе, ки дар зери Офтоб мекашад... ҳама чиз ранҷолуд аст... Ҳар чи буда, ҳамон аст, ки хоҳад буд ва ҳар чи шуда, ҳамон аст, ки хоҳад шуд... ман ҳар коре, ки дар зери Осмон бошад, дидаам ва инак гӯям, ки ҳама пуч аст»[156].

Яке аз хусусиёти чунин таҷрибаи рӯҳиро дар ирфони исломӣ «тавба» меноманд, ки он вобаста ба гуноҳ аст. Дар шариат аз гуноҳи содиршуда тавба мекунанд, вале дар тариқат мазмуни он тағъир ёфта, солик масири маъмулии зиндагии худро дигаргун месозад ва ба маърифати ботинӣ шурӯъ мекунад. Маъмулан ба ягон шахс ягон пешомади ғайриоддӣ ва фавқулоддае рух медиҳад, ки он ба тавру наҳваи дигаре эҳсос мешавад ва он шахс тавбаи тасаввуфиро пеша мекунад. Тавба аз се қисм- надомат, азм ва тарки одат иборат аст. Гароидан ба маърифати ботинӣ ва ноил шудан ба он тай намудани ҳар се қисми тавбаро ифода мекунад. Баъзан чунин хоҳад шуд,

ки шахс аз ояндаи худ бимнок ва эҷоди хавф мекунад. Мо инро дар мисоли Кайхусрав баъди пирӯзӣ бар Афросиёб эҳсос мекунем, ки аз набард баргашта ба оташкада барои дуо ба пешгоҳи изадон меравад ва даст ба дуо бармедорад то ӯро гирифтори фиребҳои аҳриманӣ нагардонанд ва сарнавишти Ҷамшед бори дигар дар шахси ӯ такрор нашавад. Орзуи ӯ бо ҳамин шаъну шавкат ва обрӯмандӣ тарк намудани ин дунёи фонӣ буд ва ин орзуяш ҷомаи амал пӯшид.

Шахсияти Кайхусрав баъзе аз шоирону нависандагон ва мутафаккирону ҳакимонро ба ҷуз Фирдавсию Сӯҳравардӣ ба худ ҷалб карда буд. Дар Асрҳои миёна асарҳое ба мисли «Таърихи суннии мулук-ул-арз ва-л-анбиё»-и Ҳамзаи Исфаҳонӣ, «Маҷмаъ-ут-таворих ва-л- қисас» ва як силсила дигар асарҳое пайдо шуданд, ки мақоми динӣ, шаҳриёрӣ ва ирфонии Кайхусрав дар онҳо ҳамчун як пайғамбари мурсал муаррафӣ шудаанд. Тибқи иттилоъи Насруллоҳи Пурҷаводӣ Ибни Мискавейҳ дар «Таҷориб-ул –умам» зимни саргузашти Фаридун навишта, ки Кайхусрав нахустин касе буд, ки «Кай» (рӯҳонии пок) хонда шуд ва Кайхусрав маънои шахси муназзаҳшуда ва ба олами рӯҳоният восилгаштаро доштааст. Ҳамаи камолоти Кайхусравро Фирдавсӣ дар шахси дорои ҳунари шаҳриёрӣ аз нажоди эронӣ, соҳиби гавҳар ё фар, хирадманд ва порсо ҷамъоварӣ намуда, ӯро на фақат як шоҳи маъмулӣ, балки як инсони комил медонад [157].

Кайхусрав на фақат паёми ғайбии Сурушро мешунид, балки ӯ умури ғайбиро низ мушоҳида мекард. Сӯҳравардӣ дар «Луғати мӯрон», ки яке аз рисолаҳои ирфонии ӯ ба шумор меравад, ба «Ҷоми ҷаҳоннамо» ишора карда, ки онро Кайхусрав дар ихтиёр доштааст. Ин ҳамон ҷомест, ки Ҷамшед низ онро дошта ва дар адабиёти таърихиву ёдгориҳои фарҳангӣ чи ҳарфҳо ва суханоне дар бораи ин «Ҷоми ҷаҳоннамо» ё худ « Ҷоми Ҷам» гуфта нашудааст. Сӯҳравардӣ навишта: «Ҷоми гетинамо Кайхусравро буд. Ҳар чи хостӣ дар он ҷо мутолиат кардӣ ва бар Коинот мутталеъ мегаштӣ ва ба муғаййибот воқиф мешудӣ»[158]. Дар воқеъ, роҷеъ ба ин ҷом Фирдавсӣ низ дар «Шоҳнома» иттилоъ дода ва онро дар достони «Манижа ва Бежан» овардааст. Зоҳиран Фирдавсӣ «Ҷоми Ҷам»-ро як чизи воқеъию хориҷӣ тасаввур карда, онро ба дасти қаҳрамони худ дода, вале Сӯҳравардӣ онро ба таври дигар -- ҳувияти маънавӣ ва ҷанбаи ирфонии онро матраҳ намудааст. Ба фикри Шайх Ишроқ Кайхусрав қаблан ҳам аз сарчашмаи «нуру фараҳ»-и аҳурой ва фарри каёнӣ бархурдор буд, вале ин шукӯҳу ифтихори нурӣ ба ҷуз аз фарри каёнӣ, аз манбаъи дигар— «Ҷоми гетинамо» низ ба ӯ таҷаллӣ мекард. Тавассути ҳамин Ҷоми мазкур Кайхусрав асрори ниҳониву нопайдои олами миноию гетиро дарк менамуд. Ба ибораи дигар, Кайхусрав намуна ва рамзи подшоҳи ҳаким буд ва ба мавҷиби партави донише, ки дар вуҷудаш буд, волотарин мисоли орифе мебошад, ки кашфу шуҳуд дошт ва Ҷоми Ҷам, ки ӯ дар ихтиёр дошт, ишора ба ҳамин матлаб аст [159].

«Ҷоми гетинамо» (=Ҷоми Ҷам») -и Кайхусрав тибқи "Луғати мӯрон" шомили ғилофе буд аз адим бар шакли махрут сохта, даҳ банди кушода дар он ҷо ниҳода буд. Вақте ки хостӣ аз муғаййибот чизе бинад, он ғилофро бар хурта андохтӣ. Чун ҳамаи бандҳо гушода будӣ, бадар наёмадӣ, чун ҳама бибастӣ –дар коргоҳи харрот баромадӣ. Пас вақте, ки Офтоб дар иство будӣ, ӯ он Ҷомро дар баробар медошт. Чун зуъи наййири акбар бар он меомад ҳама нуқушу сутури олам дар он ҷо зоҳир мешуд...»[159]. Аввали ин иқтибос ба ҳамон гуфтаи Сӯҳравардӣ шабеҳ аст, вале ҳарфҳои баъдӣ ба мо нишон медиҳанд, ки худи тафсири «Ҷоми ҷаҳоннамо» аз рамзу тамсил иборат аст. Зеро бо камоли этминон метавон гуфт, ки даҳ банди Ҷоми мазкур, ки агар боз бошад, аз ғилоф берун намеояд ишора ба ҳавоси зоҳирию ботинии инсон (панҷ ҳисси зоҳирӣ ва панҷ ҳисси ботинӣ) мебошад. Ҳошимии Разӣ иқтибоси худро шарҳ дода, фазилатҳои қудсӣ ва ҷаҳонбинии орифонаи Кайхусравро аз бисёр ҷиҳат ба ҳуввияти таълимоти Шайх Ишроқ шабеҳ дониста, ӯро соҳиби кашфу шуҳуд, шунавандаи садои ғайбӣ, идоракунандаи тани ҷисмонӣ ба қалам додааст ва мӯътақид шуда, ки тибқи ривояти охиратшиносии эронӣ ҳангоми фаро расидани мавҷуди охирин ё худ сушиёнат Кайхусрав яке аз ҳафт шаҳриёрест, ки растохез хоҳад кард. Маҳалли растохезро Дориюши Шойгон қалъае медонад, ки «барои расидан ба он бояд аз иқлими марказӣ (иронвейҷ), ки миёни олам аст, гузашт. Тавсифҳое, ки аз ин қалъа (деж) мекунанд ба васфи Мадоини афсонавии иқлими ҳаштум, яъне Ҷобулқо, Ҷобулсо ва Ҳуриқулиё шабоҳати бисёр дорад [160].

Ҳенри Корбен «Ҷоми Ҷам»-ро яке аз мазоҳири «фарри каёнӣ»-и Кайхусрав донистааст ва онро дар ҳукми «олами сағир» ё худ «оинаи олам» мебинад, ки розҳои ниҳонии олами улвию сифлиро инъикос мекунад. Шояд дар шакли ҷисмонӣ вуҷуд доштани «Ҷоми Ҷам» фақат як устура бошад. Агар фикри болоро идома диҳем, пай бурдан мумкин аст, ки «расидани Офтоб ба хатти истиво» судури нури маърифат, партавафшонии зуъи наййири акбар ҳамон нури испаҳбудӣ, инъикоси олами гетию миновӣ, диди қалбию ботинии ориф мебошад, ки онро Дориюши Шойгон чунин ҷамъбаст намуда: «... бояд вуҷуди қудсӣ бувад дуруст монанди шаҳриёри фараҳманде, чун Кайхусрав, ки ба мадади «хорраи каёнӣ»-аш тавонист чунон шӯълаи фурӯзони нури испаҳбудии маҳбус дар колбади мирандаеро, ки ҳамон «ғилофи адим»-и мо бошад, раҳо кунад» [161].

Дар воқеъ, ҳамин муаллиф роҷеъ ба нуфузи Кайхусрав ба Ғарб низ ишора карда, чеҳраи ӯро бо шахсияти достонии Парсифал муқоиса намуда. Ӯ навишта, ки кӯдакии қаҳрамони эронӣ бо даврони кӯдакии Парсифал монандиҳои зиёд дорад. Ӯ низ монанди Парсифал ба дасти модараш ва дар домони оромиши кӯҳисгонҳову ҷангалҳо парвариш ёфтааст. Сафар ва талаби ҳафтсолааш дар ҷустуҷӯи Афросиёб саршор аз ҳаводису моҷароҳои

муъҷизаосост: биёбонпаймой, дарёнавардии пур аз рамзу роз то марҳои Чину моварои Чин ва сарҳадҳои дурдаст, сафарҳои ҳафтмоҳаи дарёӣ ва расидан ба қалъаи зеризаминии Афросиёб ва дигар руйдодҳо дар сарзаминҳои устурӣ мегузарад.

Натиҷаи ҷолибе, ки Ҳошими Разӣ бо таваҷҷуҳ ба нукоти боло бо он расидааст аз он ҷиҳат ҳонзи аҳамият мебошад, ки ӯ хостааст маншаи инкишофи ҳикмати хусравониро нишон диҳад. Унвони «Ҳикмати хусравонӣ» аз ҳамин ҷо нишот мегирад: «сифати хусравониён итлоқест ба ҳамон унвони мулуки Порс, ки дорандаи ишроқ, ҳикмат, шуҳуд, ҳолоти самоъ пайваста бо равшанбинӣ, ёрӣ шудан аз арзи малакут, мавриди илҳом воқеъ шудан, дорандаи «Ҷоми гетинамо» будан аст» [162]. Ин суханони муҳаққиқи мазкурро идома дода, чунин нуктаро низ қайд намудан зарур аст, ки ин ҷо фаъолияти фақат яке аз намояндагони ҳикмати хусравонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт ва назару ақидаҳои дигар намояндагони мулуки Порс ҳануз дар паси пардаи давру замонҳои номусоид ниҳон мондаанд ва пажуҳандагони худро интизоранд. Чунин фикр ба пайдоишу таҳаввули дини маздоии куҳан, оини мугони модӣ ва дигар суннатҳои диниву фарҳанг ии Аҳди бостон низ содиқ аст. Ба ҳар ҳол, замони Кайхусрав, замони Парсифал, замони қаҳрамонону паҳлавонони ниёгонамон як замони муайяну зудгузар нест. Ин замон аз хилоли давру замонҳо мегузарад ва ғайбати қаҳрамонон дар иқлими ҳаштум бозгашти руҳонӣ ҷиҳати наҷоти олами ҷисмониро ба дунбол дорад.

Ҳамин тариқ, ба ҷуз шаҳриёрон ниёгони мо корномаҳои бузурги қаҳрамониву паҳлавонӣ доранд, ки ривояту афсонаҳо ва устураву достонҳои ҳамосавӣ ба он шаҳодат медиҳанд. Саргузашти ин қаҳрамонону паҳлавонон бо корнамоию қаҳрамонӣ ба охир намерасанд. Зеро онҳо дорои донишу ҳикмат ва маърифати рамзиву розварӣ ё худ ботинӣ буданд. Ҷеймс Рассел дар адабиёти мандой бо матне ба унвони «Семург: таърихи ҳақиқии зиндагии Рустам ва писари ӯ» дучор шуда, ки Рустамро дорои дониши Хуршедӣ медонад. Дар ин бора омада: «Рустам дониши ниҳонии бисёре дошт ва дар таърихи зардуштиён навишта шуда, ки Рустам ҳар гуна тавоноиро аз Хуршед талаб мекард, доро мешуд... Паҳлавонон худовандони дониш буданд ва чунончӣ ниёиш мекарданд, бо доро будани нируи додашуда аз сӯи яздони пок, ҳеҷ кас наметавонист бар онҳо чира шавад»[163]. Ҳамчунин қайд шуда, ки дар оини мандой, ки омехта бо суннати зардуштӣ аст, Рустам ба унвони розвар-орифи зардуштӣ шинохта шудааст ва маъмулан номгузории паҳлавонон розгарона (ирфонӣ) буда, маъной номи Рустам бо истинод ба решашиносӣ «нируманд чу як рудхона» будааст. Розҳои чунин қаҳрамонону паҳлавонон тибқи таълимоти зардуштӣ, ба сӯи камол нигаронида шуда, аксаран «бароянди андарзҳои хирадмандонаи динии набард» ба муқобили бадӣ ва нируҳои аҳриманӣ буда, ки онро руҳи

таълимоти зардуштӣ тақозо доштааст.

Зимни мутолиаи асари Суҳравардӣ «Сафири Семурғ» бо мафҳуму ибораҳое дучор мешавем, ки аз онҳо роиҳаи табдили устураҳои ҳамосаӣ ба устураҳои ирфонӣ ба машом мерасад. Тибқи иттилои Дориюши ШойгонШайх Ишроқ Семурғро дар асараш чунин муаррафӣ карда: «нашимани ӯ дар кӯҳи қоф аст, сафири ӯ ба ҳама кас бирасад валекин мустамеъ камтар дорад... ва ин семурғ парвоз кунад беҷунбишу бипарад бе пар ва наздик шавад бе қатъи имкон. Ва ҳама нақшҳо аз ӯст ва ӯ худ ранг надорад ва дар Машриқ аст ошёни ӯ ва Мағриб аз ӯ холӣ нест, ҳама бад-ӯ машғуланд ва ӯ аз ҳама фориғ, ҳама аз ӯ пуру ӯ аз ҳама тиҳӣ, ҳамаи улум аз сафири ин Семурғ аст ва аз ӯ истихроҷ кардаанд. Созҳои аҷиб мисли орғанун ва ғайри он аз садову ринноти ӯ берун овардаанд..., ғизои ӯ оташ аст, ҳар ки паре аз ӯ бар паҳлӯи рост бандад ва бар оташ ғузарад, аз ҳариқ иман бошад. Насими сабо аз нафаси ӯст, аз баҳри он ошиқон рози дилу асрори замоир бо ӯ ғуянд»[164].

Бино ба маълумоти Ҳошими Разӣ, дар Авесто дар ду маврид аз Семурғ ёд шуда. Як бор бо номи «Мерегу-Саена» («Meregо-Saena»), ки дар болои дарахти дарбардорандаи доруҳои дармонӣ ошён дорад ва бори дигар ҳангоми ситоиши «х(в)орна» омада: «... чунон ки Семурғ (Meredo-Saena)» ва абри борур кӯҳҳоро фаро мегиранд». Семурғ тезпарвозтарин парранда аст ва «Шоҳнома» пари Семурғро ҷодушикану дармонбахш муаррафӣ намудааст. Дар ин бора дар Авесто чунин омада: Зардушт аз Аҳуромаздо мепурсад, ки ҳар гоҳ мавриди ҷодуи бадхоҳон воқеъ шавад ва ё аз сӯи душманон мавриди озор қарор ғирад чораи он кадом аст? Аҳуромаздо мегӯяд, ки шоҳпарҳои мурғи Вореғна (Boregna) биёб ва онро бар ғани худ бисой, онро ламс кун то зиёну ҷоду ва бемориву бадхоҳӣ беасар шавад. Агар пари ин мургро бо худ дошта бошӣ аз ғазандҳо амон хоҳӣ монд» [165]. Лозим ба ёдоварист, ки «Саена» баробар ба «Вареғна» буда, тибқи Авесто номи ҳакими донишманд, ки ба форсӣ «Сино» шуда ва номи ҳакими бузурги эронӣ Бӯ Алӣ аз он гирифта шудааст.

Бо овардани чунин маълумот Ҳошими Разӣ комилан дуруст қайд мекунад, ки бояд робитаи « Сафири Семурғ»-и Суҳравардӣ ва Семурғи асотирӣ дар Авесто, ки раббуннавъи (изади) тамоми паррандагон низ мебошад, муайян гардад, то аз аслу асос ва хамирмояи достонҳои қаҳрамонию ҳамосаҳои ирфонӣ огоҳ бошем, зеро то кунун на дар «Шоҳнома» ва Авестою навиштаҳои паҳлавӣ ва на дар «Ҷовидон хирад»-ҳову «Андарзнома»-ҳо васияту хутбаҳои хирадмандону мулукони эронӣ ҷиҳати истихроҷу тадвини мабонии «Ҳикмати хусравонӣ» ва шарҳу пажӯҳиши он кори ҷиддӣ анҷом нашудааст.

Дар зер бар мабнои баъзе баррасиҳое, ки то кунун дар ин соҳа анҷом шуда, мулоҳизаҳоеро баён хоҳем кард ва онро аз чунин нукта шурӯъ хоҳем

намуд, ки Семурғ дар кӯҳи Қоф дар болои дарахте ошён доштаа, ки тухмаи ҳамаи дармонҳо ё худ доруҳои шифобахш бо ёрии изади гиёҳон «Ҳаома» дар он ҷой шуда. Ва ҳар гоҳ, ки «Семурғ аз он дарахт бархезад, ҳазор шоха бар он дарахт бирӯяд ва чун биншинад, ҳазор шоха аз он бишканад ва тухмаҳо аз он пароканда шаванд». Баъзеҳо дарахти мазкурро ба дарахти «Тубо» ба "садрат-ул-мунтаҳо" шабеҳ медонанд. Ҳамчунин дар шарҳи Семурғ аз назари фалсафӣ дар «Шарҳи Гулшани роз» омада, ки Семурғ вуҷудест шомили ҳамаи мавҷудот, маҳмул бар тааййуни бузургтар аз ҳамаи тааййунот, ки кӯҳи Қоф ӯст. Семурғ рӯҳ асту кӯҳи Қоф бадан, Семург ишқ асту кӯҳи Қоф дил, Семурғ ҷомеъияти инсон асту кӯҳи Қоф нашъаи ӯ, Семурғ инсони комил асту кӯҳи Қоф мартабаи тамкини ӯ [166].

Дар бахши гузашта қайд шуда буд, ки фаришташиносӣ танинҳои гуногун дорад ва дар мавриди мо яке аз он танинҳоест, ки асоси навъи метафизикии «мисол»-ро ба вуҷуд меорад ва суратҳои мисолӣ (навъӣ) дар он арзишҳои маънавию маърифатӣ, аниқгараш ирфонӣ пайдо мекунанд. Овардани шарҳи ирфонии Семурғ барои нишон додани ҳодисае, ки Шаҳобуддини Суҳраварди дар асараш роҷеъ ба набарди Рустаму Исфандиёр нақл карда ва шояд дар дигар достонҳои ҳамосаӣ он вуҷуд надорад, зарур аст. Қазия аз он иборат аст, ки вақте Зол бо муйҳои сафед таваллуд шуд, падараш шоҳи Зобул ба Сом дастур дод, ки ӯро ба саҳро раҳо кунад. Ҳодисаи баъдӣ ҳамон тавре ки Фирдавсӣ онро дар «Шоҳнома» инъикос карда, мегузарад. Кӯдакро рӯзона Семурғи афсонавӣ зери боли худ мегирад ва шабҳо оҳубаррае омада ба ӯ шир медиҳад. Ҷанбаи ирфонии масъала аз ҳамин нигаҳбонии рӯзонаву шабона шурӯъ мешавад, ки Ҳенри Корбен онро хутбаи нафс (аз ҷаҳони равшӣ) ба ин ҷаҳон (-и моддӣ) медонад. Суҳраварди аз забони Семурғ чунин мегӯяд: Зол дар назари Тубо ба дунё омад, мо нагузоштем, ки ҳалок шавад. Оҳубарраеро ба дасти сайёд боз додем ва шафқоти Зол бар дили ӯ ниҳодем, то шаб вайро парвариш медод ва ба рӯз худи ман (аш) зери пар медоштам»[167]. Аз ин иқтибос рамзи ҳубути нафс ё худ нуре аз олами анвор, ки дарахти мушаъшаъи Тубо дар он ҷо нурпошӣ мекунад, ба назар намоён аст. Зол аз олами нуронӣ, аз он тарафи кӯҳи Қоф омада ва гирифтори олами зулмонӣ шудааст ва, аз ин рӯ, Семурғ ҳимоятгари ӯ буда, пари худро низ ба ӯ дода, ки ҳангоми хатар онро оташ занад, то Семурғ ба кӯмакаш ҳозир шавад.

Чуноне ки дида мешавад, достони Семурғ бо таваллуди падари Рустам-Зол ва худи Рустам ҳамчун паҳлавои иртибот дорад. Аз зиндагии Кайхусрав ва достони Рустам ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки меҳвари асосии розвариии зардуштӣ бар рӯйдодҳои рамзӣ устувор будааст. Аз ин рӯ, гимсоли фазилатҳои некниҳодию некбинӣ ва парҳезкории Эрони бостон, аз ҷумла дар суннати розварӣ қаҳрамони асосии «Шоҳнома» Рустам будааст. Роҷеъ ба ин қаҳрамони воқеъии сакой дар «Шоҳнома» беш аз

дигар шоҳон аҳамият дода шуда ва Ҷеймс Рассел навишта, ки «фаро бурдани қаҳрамони ҳамосаӣ ва заминӣ ба чунин ҷойгоҳи волои маънавӣ вижагии фарҳанги эронист... Рустам фақат як паҳлавони таҷлилёфта аз сӯи урафо нест; ба назар мерасад, ки ӯ хешӣ ва пайвастагии пешини муҳимме бо дигар паҳлавонони афсонаҳои ҳинду эронӣ силки маънавӣ доштааст»[168]. Ҳамин муҳаққиқ ҳамчунин иттилоъ дода, ки Леонард Алишан дар бозниғарии худ аз пажуҳишҳои пешин дар бораи шахсияти Рустам гузориш дода, ки Маркварт ин сакоии нируманду тавоно=-Рустамро шахсияти тағъири шакл ёфтаи Горшосп медонад. Зимнан монандии фидокориҳои Рустамро бо Ромаи ҳиндӣ муқоиса намудааст.

Роҷеъ ба набарди Рустаму Исфандиёр Сӯҳравардӣ воқеъаро тавре тасвир карда, ки Рустам аз Исфандиёр оҷиз омада ва Зол аз Семурғ (Симурғ) илтиҷо карда, ки Рустамро ёрӣ диҳад. Семурғ чунин хусусият дорад, ки агар оинае баробари Семурғ бидоранд, ҳар дидае, ки ба оина нигарад, хира шавад. Бо маслиҳати Семурғ Зол барои Рустам ҷавшане бо маскӯл сохт ва аз баробари Семурғ ба майдон фиристод. Акси Семурғ ба маскӯл афтод ва чашмони Исфандиёрро хира кард ва Рустам ӯро ба ҳалоқат расонд. Асли матлаб дар ин ҷо аз он иборат аст, ки Зол қаҳрамони даврони ҳамосаии Сиистон аст ва Исфандиёр паҳлавони имони зардуштист. Охирӣ барои интишори дини зардуштӣ набардҳои зиёде анҷом дода ва набарди ӯ бо Рустам-писари Зол ҳам ба ҳамин сабаб буда. Ин суханони Дориюш Шойгон дар дигар сарчашмаҳо дида намешавад. Ба ҳар ҳол Зол ду бор аз пари Семурғ истифода мебарад. Як бор ҳангоми зодани Рустам ва бори дуюм ҳангоми набарди Рустам бо Исфандиёр, ки дар натиҷа охирӣ аз дасти Рустам ҳалок гардид. Бояд қайд кард, ки дар адаби форсӣ ба ҷуз Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» Фаридуддини Аттор дар «Мантиқ-ут-тайр» аз образи Семурғ истифода бурдааст. Аз мавзуъи Семурғ низ бардоштҳои ғуногуни ирфонӣ сурат пазируфтааст.

Вақте мо ба достони зиндагии Кайхисрав ва эҳёи « ҳикмати хисравонӣ»-и Эрони бостон бо тааммул мулоҳиза мекунем, ба назар чунин мерасад, ки як пайванди ногусастанӣ ва дохилии байни ҳикмати Осиёи Миёнаву Эрони бостон ва афкори маънавии Асрҳои миёнаи Шарқ вуҷуд дорад. Сароғози ин хатти идомат аз аввалин боварҳою омӯзаҳои давраи ибтидоии Осиёи Миёнаву Эрони бостон ибтидо гирифта, дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи худ дину оинҳои табиатгароёна, худоёни инсонгуна, зарвонпарастӣ, меҳрпарастӣ, ноҳидпарастӣ, дини маздоии куҳан ва ҳикмати хусравонию оини муғиро пушти сар карда, то ба дараҷаи дини мутаоли зардуштия сабзида расидааст ва шакке нест, ки интиҳои ин ха гти идомат то ба инкишофи афкори маънавии Асрҳои миёна омада мерасад. Ба ин маънӣ, масири инкишофи афкори маънавии Аҳди бостон ва Асрҳои миёнаро ҳам дар масъалаи ҳастишиносӣ, ҳам дар масъалаи ирфонӣ ва ҳам дар

масъалаҳои ахлоқию адабӣ ва суннатии ниёгон барҳалоина мушоҳида намудан мумкин аст.

Агар масъалаи мавриди назарро дар бўъди мундаричаи рўдодҳои асотирию ҳамосаи паҳлавонӣ ва шаҳриёрӣ ба назар гирем, ҳеч набошад се ҷиҳати муҳимми масъалаи мазкур дар пеши назар ҷомат меафрозад. Аввалан, ҳокимони ҳакими хусравонии пешдодиёну каёниён ё худ шаҳсаворони Эрони бостон дар соҳаи фалсафаи сиёсат улгу ва тимсолҳои шоҳони «Мадинаи фозила»-е буданд, ки Зардушт онро бо номи «Шаҳри орзу» ё худ «Шаҳристони некуӣ» бо фармонравоии ҳакими одил унвон карда ва Форобӣ бо истифода аз навомўзиҳои рамзии он дар « Мадинаи фозила» ба сиёсати мулуку мамлакатдорӣ сомон бахшида ва Томас Мору Кампанелла ин мавзўъро дар мамолики Ғарб интишор доданд.

Сониян, мо дар афкори маънавию фарҳангии ниёгонамон дар он бўъди замонӣ назару ақидаҳои розварию ирфониеро эҳсос мекунем, ки тавассути ишроқи нур дар мисоли «фарри каёнӣ», «фарри изадӣ» ва «илҳоми илоҳӣ» ба василаи фаришгагони аҳурой шаҳриёрони асотирии давраи огозини таърихи ниёгонамон аз олами улвӣ бориқаи илоҳиро касб карда, роҳҳои аз банди зулмонӣ озод шудани нури нозилшударо ҷустуҷў ва маърифати кашфию завқиро пешаи худ намудаанд ва ҳамосаҳои ирфониеро ба вуҷуд овардаанд, ки минбаъд барои инкишофи афкори тасаввуфӣ дар Асрҳои миёна мусоидат карданд. Солисан, дар фаъолияти қаҳрамонони ҳамосавӣ ва достонҳои асотирӣ муносибати ахлоқӣ ва ҷавонмардонае эҳсос мешавад, ки боиси ба вуҷуд омадани мақулаҳои асосии ахлоқӣ ва оини ҷавонмардӣ гардиданд. Ба ин масъала дар бахши оянда таваққуф хоҳем кард.

Дар боло мо назарҳои марбут ба Аҳди бостон то замони Зардуштро мавриди баррасӣ қарор додем.Аз он ба таври бориз маълум гардид, ки сабаби бо рамзу роз ва дидҳои ирфонӣ пўшида будани саросари фарҳангу адаби ниёгони мо собиқаи пешина доштааст. Дар таърихи афкори маънавии Шарқ дине набуда, ки тибқи суннату одоби шарқӣ бидуни розу ақидаҳои розварӣ вуҷуд дошта бошад ва ҳамин рамзу розҳо зимни инкишофи афкору ақоиди динӣ ва пайдоиши аввалин худоҳои осмонӣ ба мисли Меҳру Ноҳиду Баҳром ташаккул ёфта, боиси ба вуҷуд омадани ақидаҳои ирфонӣ гардиданд. Вале ин ирфон ҳанўз аз устура холӣ набуд ва низоми муайяни ҷаҳоншиносӣ надошт. Розовар будани масалан оини меҳрпарастӣ дар зодани Меҳр аз сахра, пайдоиши хўшаи гандум ҳангоми қурбонӣ кардани гов, набарди Меҳр ва бо гардунаи худ фароз рафтани ў ба Хуршед, фармонравоии ў ба замину кайҳон пур аз рамзу роз аст, ки то ҳанўз хеле аз бандҳои он гушуда нашудааст. Вақте оини меҳрпарастӣ ба Юнону Рум расид, бо иштиёқ барои раҳой аз маргу сарнавишт ба мисли Изису Осириси мисрӣ тафсиру табйинҳои тоза ба он ҳамроҳ шуданд, ки Порфирий дар китобаш «Ғори Нимф» онҳоро «тафсири фалсафии осори афлотунӣ»

номидааст. Вале ин рамзу роз ҳанӯз сохтори маърифатӣ надошта бошад ҳам, кӯшишҳои сайри ботинӣ барои дарки олами мовароуттабиӣ барҳало мушоҳида мешаванд ва чуноне ки Саидҳусейни Наср дуруст қайд карда, «ҳақиқати кул дар каёни адёни мухталиф замоне ба шакли устурай ва замоне ба шакли яктопарастии муҷаррад таҷаллӣ мекунад»[169]. Дар меҳрпарастӣ низ вазъ чунин буда. Чун оини мазкур дар Осиёи Хурду Юнону Рум интишор ёфта буд, роҷеъ ба он олимон тавзеҳоти зиёд додаанд. Тавзеҳоти мазкурро Эҳсон Табарӣ ҷамъбаст намуда, навиштааст, ки «меҳрпарастӣ бидуни тардид решаи бисёре аз ақоидест, ки дар навбати худ ирфони такомулёфтаи эрониро тағзия кардааст. Ақоиди гностикҳо, навафлотуниён, муъҳақидоти мазҳаби масеҳ ва сипас ақоиди Монӣ таҳти таъсири Монӣ воқеъ шудааст. Ҳатто эҳтимол дорад асотири меҳрпарастӣ, албатта бо тағъири шакл дар ташаккуй рахна карда бошад.

Пайдоиши дини мутаоли зардуштӣ раванди табдили ақоиди розварию рамзомезро ба ақидаҳои ирфонӣ тезонид. Зимни таммули амиқ дар сурудҳои Зардушт хусусан дар боби фаришгагони муқарриб мукошифаеро мебинем, ки аз таҷрибаи ҳаёти зеҳнии пайғамбар сар карда, «таҷдиди тафаккур дар бораи ин гавҳарҳо, тавсифи онҳо, муназзаҳ кардани онҳо, пофишорӣ барои суратбандии равобити онҳо бо худои якто» будааст. Дар идомаи ин ҳарфҳо Душен Гуиллемин мукошифаи аввалияи Зардуштро, ки роҳнамои тамоми масири руҳонии ӯ гардида, ҳамон ваҳйе медонад, ки тибқи суруди Яснои 43 дар синни 33-солагӣ ба ӯ расидааст ва пайғамбар фарёд бароварда: «туро шинохтам, эй неку, эй парвардигори хирадманд».

Мукошифае, ки ба Зардушт расида, мукошифаи ваҳйонист. Он хоси ҳамаи динҳои мутаол аст, вале мукошифаи дигаре низ вуҷуд дорад, ки он мукошифаи шуҳудӣ ё худ шинохти «ишроқӣ» ва ё «ирфонӣ» ном дорад ва манзури баррасии мо ҳамин ҷиҳати масъала аст. Дар ин ҷо бояд чунин нуктаро қайд намуд, ки ҳамин мукошифаи ваҳёнӣ, ки ба пайғамбарон мерасад, асоси мукошифаи ирфонӣ низ маҳсуб мешавад, чун нубуввати набӣ вилояти валиро низ дар худ ниҳон дорад. Ба ибораи дигар, ташаккули аҳкоми динӣ ба вуҷуд омадани таълимоти ҷаҳоншиносиро ба дунбол дорад, ки дар он ду ҷиҳати масъала—ҳастишиносӣ (онтология) ва маърифатшиносӣ (эпистемология) мавқеъи хосса доранд. Аввалӣ офариниши олам ва силсилаи маротиби вуҷуд (қавси нузул) ва дуюмӣ маърифати олами моддию муҷаррадро дар бар мегирад, ки шарҳашон дар бахши фалсафа гузашт. Ҷанбаи тамсилӣ ва ирфонии ин масъала дар он зоҳир мешавад, ки Авесто, махсусан Готҳо мисли дигар китобҳои муқаддас шарҳу тафсири зиёде надоранд ва аз ин рӯ, суханони Зардушт бо рамзу роз ва тамсил дар сурудҳо ниҳоят кӯтоҳ оварда шуда ва матни онро танҳо шахсони баргузида ва вороста метавонанд дарк кунанд.

Барои нишон додани фикри боло як мисол меорем. Дар сурудҳои

Готҳо ба худованд гоҳ ба унвони Маздо, гоҳ Аҳуро, гоҳ Аҳуромаздо ва гоҳ Маздо Аҳуро муроҷиат шудааст. Пажуҳандагон бар чунин ақидаанд, ки дар назари аввал ва аз лиҳози луғавӣ ҳамаи номҳо ишора ба худованд мекунанд ва дар ин ҷо ҳеҷ масъалае вуҷуд надорад. Вале аз ҷиҳати ҷаҳоншиносӣ онҳо аз ҳам тафовутҳои зиёд доранд ва ба ҳар яке аз ин номҳо бояд таваҷҷӯҳи хос намуд. Бобаки Алихонӣ зимни таҳлили ҳамин масъала ба чунин натиҷа расида, ки лафзи Маздо нисбат ба Аҳуро дар назди Зардушт дорои мазмуни амиқтар будааст, вале ҳар ду сифатанд ва мавсуфи онҳо «Ҳуро» («Huro»)-ҳуввияти мутлақ ва мақоми зоти илоҳӣ мебошад. Фаъолияти зоти илоҳӣ, яъне аз қувва ба феъл баровардани истеъдодҳои фоилӣ ба тариқи рамз «ба воситаи афъоли Воҳу Мана, ки зоти Маздо Аҳурост, сурат мегирад! Ин ҷо Воҳу Мана, ба фикри муҳаққиқи мазкур, ҳам «Спента Майню аст, ки ба мусобаи қалам аст, Спента Армаити ба мусобаи Лавҳ аст ва Ашо ба мусобаи қатраи мураккабест, ки аз қалам ба рӯи Лавҳ мечакад ва нуқушу хутути фаровон ба рӯи Лавҳ падид меоварад»[170]. Ин намунаи як рамзест, ки пажуҳандагон ба он эътибор додаанд. Чунин рамзу розҳо дар худи Готҳо ба таври фаровон во мехӯранд ва кушодани чунин бандҳои розомез аз дер замоне муҳаққиқони худро интизоранд.

Баҳси дигаре, ки ба масъалаи ҳастишиносӣ мансуб аст, мавҷудияти олами мисол ё худ «фравашӣ» мебошад, ки роҷеъ ба он дар бахши гузашта таваққуф намудем. Вале он чӣ дар ин ҷо ҳоизи аҳамият аст, мавҷудияти худи олами миёнҷӣ ё худ олами фаришта аст, ки аз як тараф, халаи мавҷуд дар таълимоти ҳастинишиносиро дар силсилаи маротиби нузулии вуҷуд пур мекунанд ва воситае миёни олами ҷабарут ва олами мулку шаҳодат аст ва, аз тарафи дигар, он олами барзахие мебошад, ки суратҳои хаёлӣ дар он ҷой гирифта, ҳам нуфуси башарӣ баъд аз мафориқат аз бадан ба он хоҳад рафт ва ҳам вуҷуд дар сайри такомулии худ баъди таййи маротиби наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ ба марҳилаи барзах мерасад ва аз он ҷо ба олами ақл интиқол ёфта ба фано филлоҳ ноил мешавад. Аз ин рӯ, дар таълимоти ҷаҳоншиносие. ки дар маротиби вуҷудаш олами фаришта ё худ барзах вуҷуд дорад, дар сайри такомулии он низ ақидаҳои ирфонии маърифати вуҷуди мутлақ бешубҳа ҷой дорад.

Ба ин масъала Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ таваҷҷӯҳи хосса зоҳир намуда, хусусиятҳои асосии назарияи ишроқиро (1) гароиш ба барқарор кардани пайванди ҳикмати илоҳии нур бо назари ҳукамои Эрон, (2) талфиқу шинохти назарию ирфонӣ дар шаҳроҳи ҳикмат ва (3) расидан ба варои маърифати назарӣ ё худ шинохти ишроқӣ (ирфонӣ) медонад. Сӯҳравардӣ ин масъаларо чунин шарҳ додааст: ҳар солике орифи мушрикест, ки аз бениш ба бениши дигар, аз ҷазаба ба ҷазабаи дигар (ҳар кадом аз ин марҳила мавти асғар номида мешавад) мегузарад ва кишварҳои шарқиро

пайопай дарменавардад, то ба мақоми мавти акбар бирасад. Марги ҷаҳони Ғарб (олами моддӣ) он гоҳ пеш меояд, ки нафс (ё равон) саранҷом ба фалаки ҳаштум даст ёбад ва ҳамвора дар он муқим шавад [171]. Кӯшиш ба ин ҳадаф ва ноил шудан ба он, аз назари фалсафаи ирфонӣ танҳо аз роҳи «таваккул ба он олами мовароуттабиӣ, ки шинохти дараҷоти вуҷуд ва таҷаллии ҳақоиқи олами улвиро дар олами сифлӣ ва ботинро дар зоҳир муяссар мекард, амалӣ хоҳад шуд» [172].

Суханони фавқи Сӯҳравардӣ ба таълимоти томи тасаввури исломӣ бештар мувофиқат мекунад, вале ишораи ӯ ба хусусиятҳои асосии назарияи ишроқӣ ва мубашширони он будани ҳукамои Эрони бостон, инчунин матни аслии Готҳо ба он шаҳодат медиҳанд, ки ақидаҳои ирфонӣ дар таълимоти ҷаҳоншиносии оини зардуштӣ мавҷуданд. Бешубҳа, ирфони зардуштӣ дар сатҳи таълимоти суфиёни исломӣ ташаккул наёфта, вале чуноне ки аз баррасии суханони Сӯҳравардӣ бармеояд, тарҳи масоили ирфонӣ, унсурҳои боризи маърифати шуҳудӣ дар паёми Зардушт эҳсос мешаванд. Мутолиаи дақиқи Готҳо нишон медиҳад, ки ақидаҳои ирфонӣ дар қадимтарин навиштаҳои оини зардуштӣ мавҷуд будаанд ва , бешубҳа, дар ташаккули ақидаҳои розварию тамсилӣ ва ирфонии ҳурмусиву гностикӣ ва навафлотуния таъсири амиқи худро боқӣ гузоштаанд.

Дар Готҳо Зардушт гузориши масъалаи ирфониро чунин матраҳ намудааст: «Ӯст худованде, ки дар оғози офариниш дар бораи беҳтарин сарзамини нур андешид, чун чунон кард, замину нур падид омад ва ин пайдоиш аз партави хиради ӯ буд... (Ясно, ҳоти 31/6). Дар ин банд пайдоиши беҳтарин сарзамину нур зимни андешаи худованд ишораи Шайх Ишроқро роҷеъ ба ҳикмати илоҳии «нур»-и ҳукамои Эрони бостон таъйид менамояд ва манзур аз «беҳтарин сарзамин» ҳамон сарзамини муқаддаси Шарқи дорои ишроқоти нурӣ, ки дар банди моқабл онро «сарзамини миновӣ», « кишвари ҷовидонии аҳуроӣ» номидааст ва дар Авестои мутааххир сарзамини мазкур «иронвейҷ» ташреҳ шудааст. «Ин пайдоиш аз партави хиради ӯ буд» ифодакунандаи нурест, ки аз ақл (хирад, маниш, логос) ҳосил шудааст.

Банди баъдии ҳамин Ясно давоми мантиқии банди болоӣ буда, онро аз ҳар ҷиҳат таҳвият додааст ва ҳамон нуре, ки нозил шуда буд, акнун уруҷ карда, офаридгори худро шинохтааст: «Он гуна туро шинохтам, эй Маздо, ки аз руи хирад ба дарун андеша кардам. Сипас дарёфтам, ки ту хиради кулли ҷаҳонӣ ва чун дар андеша туро дарёфтам, дар саросари ҳастӣ низ туро дидам. Ту, ки оғозӣ ва ту, ки анҷомӣ ва ту, ки худованди ҷону хирад ва саросар ростӣ ҳастӣ» (Ясно, ҳоти 31/7). Агар аз андешаи худованд нур (вуҷуд) дар саросари олам ба вуҷуд омада бошад, аз руи хирад ба дарун андеша кардани Зардушт ҳамон дониши ботинист ва дар саросари олам худовандро дидан ҳамон «ваҳдати вуҷудест», ки аксари пажуҳандагон ба

он ишора намудаанд. «Бо андеша туро дарёфтам» ишора ба дониши иктисобӣ нест ва дар ин маврид ҳавоси зоҳирӣ ва ҳавоси ботинӣ нақше дар ин маърифат надоранд. Ин андеша ҳамон тааммули амиқи ақлиест, ки зимни он дарки нури маҳбусшуда дар колбадаш сурат мегирад ва аз ин тариқ офарандаи худро дарк менамояд.

Дар воқеъ, сурудҳои диғари Готҳо низ ба ин масъала равшании бештар андохтаанд. Масалан, дар яке аз суруди Готҳо чунин омада: «Эй Аҳуромаздо, бо дили поку андешаи нек ба ту рӯй» меоварам. Эй Маздои некафзой, хосторам, ки ба ман бибахшой комёбӣ дар ин ҷаҳони моддиро ва тавфиқи вусул ба он ҷаҳони миновиро ва ин ки битавонам гурӯҳи мардумонро ба чунон оин биомӯзонам, ки ҳар ду ҷаҳонро чунин дарёбанд». (Ясно, ҳоти 28/2). Бо дили поку андешаи нек муроҷиат кардани Зардушт ба худованд ишора ба он мебошад, ки тасфияи қалби ӯ анҷом шуда, онро аз олудагиҳои зулмонӣ соф намудааст ва бо андешаи нек ба худованд, ки худ маниши нек аст, муроҷиат менамояд, ки комёбӣ дар раҳоии моддӣ ва тавфиқ дар вусул ба ҷаҳони миновӣ бахшояд. Аввалан, ҳар куҷое, ки васлат бо аслу мабдаъи худ вуҷуд дорад, бо этминони комил гуфтан мумкин аст, ки дар он ҷо таълимоти ирфонӣ ё худ тариқати роҳи солик мавҷуд аст. Сониян, ба назар чунин мерасад, ки комёбиву тавфиқ талабидани ӯ барои даст ёфтан ба ҷаҳони миновӣ ҳамон сайри такомулии нафс дар «қавси сууд» мебошад, ки Дориюши Шойгон онро чунин тасвир кардааст: «Ҳар уруҷе рамзе дорад ва он марғе дар Мағриб ва тулӯъе дар Машриқ аст. Нафс дар «Шарқи асғар»-аш, ки ҷаҳони нафс аст, бармехезад ва бо ҳамин хезиш аз тан, ки Мағриби ӯст, ҷудо мешавад; онгоҳ дар «Шарқи акбар», ки ҷаҳони уқул аст, тулӯъ мекунад: бад-ин сон аз ҷаҳони нафс, ки акнун дигар нисбат бо ақли машриқӣ дар ҳукми навъи мағриб аст, болотар меравад. Миёни ин ду шарқ Шарқи авсат қарор дорад»[173]. Роҷеъ ба ҳамин масъала Бобаки Алихонӣ навишта, ки инсон дар мероҷу мадориҷи сайру сулук ба ҷое мерасад, ки ба ҳукми оинаи асмо ва сифоти ҳақ ва халифаи ӯ хоҳад буд. Яъне «инсони комил дар сайри худ ба ҷое мерасад, ки айни Ашо хоҳад буд. Албатта, ин мақом мақоми ниҳоии орифи восил нест, зеро мақоми Воҳу Мана фавқи мақоми Ашо ва мақоми Спента Майню фавқи мақоми Воҳу Мана аст. Аз мақоми Ашо дар «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор ба тавҳид таъбир шуда, аз мақоми Воҳу Мана ба «ҳайрат» ва аз мақоми вопасин ба «фақр ва фано» таъбир шудааст [174].

Охири иқтибоси боло роҷеъ ба омӯзондани оин ба мардум ва ҳар ду ҷаҳонро дарёфтани онҳо ба мисли Зардушт ҳокӣ аз он аст, ки дар маърифати ирфонӣ пайғамбар зимни дарки нури маҳбус дар колбади инсон аслу мабдаъи онро низ аз тариқи худшиносӣ дарк мекарда ва пайравонашро низ ба ҳамин роҳи маърифати ботинӣ барои дарки ҳар ду олам ҳидоят менамудааст. Дар ин бобат дар ҷои дигар Зардушт чунин гуфта: «Чи басо,

ки он роҳи миновӣ ва маздой роҳе, ки бояд баргузида шавад, бароятон ошкор набошад ва аз ҳамин рӯй аст, ки ман ба сӯи Шумо баргузида шудам то он роҳи миновии Аҳуромаздоро ба шумо бишиносонам, то аз гурӯҳи комравоён бошед» (Ясно, ҳоти 31/2). Аз ин иқтибос чунин бармеояд, ки Зардушт роҳи расидан ба олами миновию дарки Аҳуромаздоро роҳи баргузидагоне медонад, ки барои ҳама ошкор нест ва онро бояд Зардушт тибқи рисолате, ки дорад, ба дигарон омӯзонад. Роҳи миновию аҳурой ҳамон роҳи ишроқию ҳузурист, ки равон ҳақиқаташро ошкор месозад, он таҷарруд пайдо мекунад, робитаашро аз модда қатъ менамояд, аз он ҷудо мешавад ва барои пазируфтани нуру равшной омода мегардад. Дар ин ҳолат фурӯғу фар нафсро ёрӣ хоҳад расонид: «Моро фурӯғу фар ёрӣ мешаванд, чун мо доноеро, ки дар роҳи оин фароравандa аст, посух гуфтем ва ин роҳест, ки моро дар он фурӯғи яздонӣ ҷовидон месозад» (Ясно, ҳоти 34/6). Фарри изадӣ ва нури яздонӣ ҳамон маншаи асосии нур ё худ «Спента Майню» аст, ки порае аз он ба инсон нузул ёфта, дар маротиби сууд аз рӯи хусусияти зотӣ аз тариқи такомули нафси инсонӣ то ба дараҷаи нури аҳурой мерасад. Ба ибораи дигар, «агар дар «қавси нузул» файзи таквинӣ ва ташреъии ҳақ ба воситаи «Спента Майню» кори бузургеро ба ӯҳда дорад... бо чанг задан дар «Спента Майню аст, ки метавон ба Маздо Аҳуро расид. Ин ҳақиқати бузурги маънавӣ дар 36/1 (Ясени ҳафт ҳот) чунин баён шудааст: «нахуст ба василаи аиҷумаии ин оташ назди ту ҳозир меоем эй Маздо Аҳуро: ба воситаи «Спента Майню»-и ту ҳузури ту мерасем» [175].

/Бо иқтибосҳои боло ва тадқиқи маърифати ботинӣ оини зардуштиро, ки аз бисёр ҷиҳат назари ҳакимони хусравонӣ ва дигар унсурҳои розвариии оинҳои қадимаи Осиёи Миёнаву Эрони бостонро ба ёд меоранд, мо аз пайғамбари оини зардуштӣ як сӯфӣ ба сони суфиёни машҳури давраи исломӣ сохтанӣ нестем. Кӯшиши мо нишон додани чунин як ҳодисаи фарҳанғии дорои ҷанбаи ҷаҳоншиносӣ ва маърифати ботинист, ки аз рамзу роз шурӯъ шуда, то ба марифати ирфонӣ сабзида расидааст. Манзур аз «маърифати ирфонӣ» дар ин ҷо чунин тарзи маърифати рамзу розвариест, ки ҳанӯз тариқати сайру сулукаш мушаххас нест, мақомоту аҳволи суфиёни Аҳди исломро надорад, вале ботинӣ будани он ва дарки рӯҳониву маънавии офаридгор дар паёми Зардушт, хусусан сурудҳои Готҳо баръало намоён аст. Аз ин рӯ, шояд гуфтан мумкин бошад, ки ақидаҳои ботинигароёнаи оини зардуштӣ яке аз манбаъҳои муҳимми тасаввуфи исломӣ гардидааст. Барои тасдиқи ин фикр боз ду мисол аз Готҳо хоҳем овард, ки яке ба «қавси нузул» ва дигаре ба «қавси сууд» ишора мекунад: «Маздо Аҳуро... аз он партавҳои волои сифоти барҷастааш чун Воҳу Мана (= покманишӣ) ва Ашо (= ростӣ) моро саршор сохтааст ва навид дода, ки дар он кишвари

ҷовидонӣ ва сарчашмаи миновӣ дар анвори хеш пояндаг имон диҳад» (Ясно, ҳоти 45/11). Ваҳйи нуроние, ки тавассути Воҳу Мана ба Зардушт расида буд (ҳангоме, ки Воҳу Мана ба ман фуруд омад...) яке аз сифоти аҳуроист ва Ашо дар радифи Воҳу Мана. Навид ҳамон ваҳй аст, ки ҳамчун шахси баргузида ба Зардушт расида, то Зардушт ба дигарон бирасонад. Дар ҷои дигари Готҳо омада: «Раҳсипорӣ дар шоҳроҳи неки Спента Майню, он маншаи неки зиндагӣ мавҷиб мешавад, ки бо ёрии Маздо Аҳуро сириштамон ба тавассути Хшатра ва Армаити Спента ба ҷовидонагӣ ва камол расад» (Ясно, ҳоти 47/1). Раҳсипорӣ дар шоҳроҳи неки Спента Майню ҳамон уруҷ кардани инсон, беҳтараш нафси ӯ ба олами муҷаррадот аст, ки аз тариқи онҳо то ба дарки худованд мерасад. Маънои ҷовидонагӣ ва бемаргӣ, ки дар офаридаҳои руҳонии Аҳуромаздо мақоми хосса дорад, аз ҳамин дарки офаридгор иборат аст. Ин масъала бо таълимоти Зардушт роҷеъ ба сушиёнат низ вобаста аст, ки ҳарчанд дар он унсурҳои асотирӣ ҷой доранд, масъалаи ҷовидонагӣ бо барқарории ростиву адл бо маърифати ирфонӣ ба гунае вобаста аст.

Мо чанд мисоли фавқро аз Готҳо овардем, то дар таълимоти Зардушт вуҷуд доштани ақидаҳои ирфонӣ ва диди ботиниро нишон диҳем. Агар ба Авестои мутааххир доир ба ин масъала муроҷиат шавад,мисолҳои зиёд ва таърифҳои гуногуни маърифати ботиниро дучор шудан мумкин аст, вале ба иллати қобили эътимод набудани онҳо мо аз он худдорӣ намудем.

Дар воқеъ, муҳаққиқон роҷеъ ба ирфони зардуштӣ ақидаҳои гуногун доранд. Шивои Ковиёнӣ оинҳои нахустини розварӣ ва адёни дорои хусусияти ирфонии ҷаҳониро ба дини зардуштӣ муқоиса ва зимни он қайд карда, ки дар бахше аз оини зардуштӣ ҳамсониҳои зиёде бо динҳои розварии ибтидой ва дар бахши дигар шабоҳат бо оинҳои ирфонии мутааххир дорад ба ин маънӣ, ки агар мо ишқ (меҳр ва ситоиши он дар оини зардуштӣ)-ро ҳастаи ирфони ҷаҳон, зебоию ҷамолшиносиро руйкарди бунёдии ирфони эронии давраи исломӣ бидонем. Дар ғайри ин сурат (яъне ҳиссу андешаро дар маркази диққат қарор диҳем), зардуштия як оини хирадмандона ва дар фалсафа пешоҳанг хоҳад буд [176]. Аз ин нуқтаи назар, розҳои ҳастӣ ва маърифати ирфонӣ ҷои тааммули зиёд дорад. Бо овардани чунин фикр муҳаққиқи мазкур иттилои муҳиммеро дар бораи фирқаҳои оини зардуштӣ ироа кардааст. Сухан дар бораи он меравад, ки дар нимаи аввали қарни гузашта китобе ба унвони «Дасотир» пайдо шуда, ки гуё дар замони Хусрави Парвиз таълиф гардида, омӯзаҳои дабистонҳои (тариқатҳои) гуногуни ирфониро дар бар доштааст. Китоби дигаре, ки ба номи «Китоби дабистон ё мадрасаи оину одоб» тавассути Муҳсини Фонӣ дар қарни 17 нигошта шуда, бештари бахшҳоро аз китоби «Дасотир» гирифта, дар бораи 14 фирқаи замони худ, аз ҷумла сипоҳиён, абодиён,ҷомоспиён, шамродиён, милониён, шайдобиён ва ғайра маълумот додааст. Баъзе аз онҳо гуё ба

давраи Авесто мутааллиқ буда, иддае дар давраҳои мутааххир арзи вуҷуд намудаанд.

Ба ҷуз ин ду асари ёдшуда дар дигар навиштаҳои зардуштӣ, ки мавриди мутолиаи инҷониб қарор гирифт, нишоне аз фирқа ва ё силсилаҳои ботинии зардуштия ба назар нарасид. Дар асарҳои ёдшуда бошад, тибқи иттилои Шивой Ковиёнӣ, ишораҳои офаринишшинохтӣ (метафизикаи пайдоиши олами гетӣ) якҷоя бо масоили боварҳои дабистонҳо (мадрасаҳо) роҷеъ ба таносух ва риёзатҳои сангину фазилатҳои порсоманишона матраҳ гардидаанд.

Муҳаққиқи дигари Ғарб Шоул Шакад (Shoul Shakad) баррасии муфидеро роҷеъ ба ирфони оини зардуштӣ дар пажӯҳишҳои муҳаққиқони Ғарб анҷом дода, тамоми муҳаққиқони сарзамини мазкурро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст. Ба гурӯҳи аввал (Р.Розенштейн, Ҳ.Шайдер, А.Гутез, С. Викондер ва Г. Виденгрен)-ро дохил карда, ки зардуштияро ба кишҳои розомезу ирфонӣ ва сулуки ҷазабаангез марбут медонанд ва «имкони кашфи сарчашмаи омӯзаҳои хос чун оини гносию рамзӣ ва динҳои сирриву ниҳониро, ки дар кул дорои завқи шарқӣ ва ҷилваҳои берунаанд ва дар дунёи ҳеллинистӣ ёфт шудаанд, дар Эрон меёбанд»[177]. Гурӯҳи дуюмро пажуҳандагоне ба мисли Ҷон де Менок ташкил додаанд, ки ба мавҷудияти ақидаву боварҳои рамзиву ирфонӣ дар дини зардуштӣ бештар бо шакку гумон нигариста, вуҷуди баъзе ақидаҳои розвариро ҳошиявӣ медонанд.

Шоул Шакад зимни таҳлили ин ду ақида адами суннати кашфию завқиро дар оини маздой ва маздаясно рад ва зимнан қайд намудааст, ки ақидаҳои розварию ирфониро бояд «дар варои сангнабиштаҳои шоҳони сосонӣ ҷустуҷӯ кард» ва дар ин сурат хоҳед дид, ки ҳатто дар гуфтори динӣ ва тақсимбандии мардум (начотёфта, табаҳкор, нотабаҳкор ё худ гоҳоник—донишу кирдори миновӣ ё растгорӣ аз тарси миновӣ, дотик—донишу кирдори гетӣ ё худ бадкирдорӣ аз тарси гетӣ ва нонсарик—кирдори миёни гоҳоник ва дотик), ки баъзеҳо онҳоро ба офаридгор марбут медонанд, мавҷудияти ақидаҳои ирфонӣ ба назар мерасад. Ҳамин нуктаро муаллиф бо мисолҳое аз «Динкард» таъйид намуда, мавҷудияти Занд ва Позандро нишонаҳои аввалини ақидаҳои розварӣ ва масоили марбут ба қаламрави офариниш ва охиратшиносиро манбаъ ва маншаи диди ботинӣ медонад.

Ҳар ду дидгоҳи Шивои Ковиёнӣ ва Шоул Шакад тақрибан ба ҳам монанданд, вале муҳаққиқи охирӣ ба ҷуз иттилооти фавқ мавҷудияти гурӯҳе аз андешаварони порсиро хабар медиҳад, ки бар хилофи мубадони зардуштӣ аз завқи ирфонӣ бархурдор будаанд ва машғули дарки розҳои нуҳуфтаи омӯзаҳои зардуштӣ мешудаанд, одоби зиндагиашон низ аз тариқи зиндагии мубадон тафовут дошт. Бузургтарин чеҳраи гурӯҳи мазкурро Шивои Ковиёнӣ дастур Озар Кайвон ба қалам додааст, ки аз Ҳиндустон ба Патнаи Кашмир рафта, дар хилват ва дур аз ҷамъият ба фаъолияту риёзат

пардохта. «Бархе аз пайравони номдори ин фарзонаи хирадманд-мубад Фарзон Баҳроми Шерозӣ, Ҳушёри аҳли Сурат, Суруш ва Худоҷӣ ҳастанд. Ин фарзонагон ниёи худро бо як ришта ба Моҳобод, Сом, Гударз, Рустам, Ҷомосп, Зардушт ва Нӯшервон пайванд медоданд». Ҳамин розворон, бино ба иттилои Шивои Ковиёнӣ, як силсила асарҳое навиштанд, ки муҳимтаринашон «Ҷоми Кайхусрав», «Мукошифоти Кайвонӣ», «Рахштоб», «Зардушти Афшор» ва «Зиндаруд» мебошад. Тафсирҳое низ ба унвонҳои «Занди бузург» ва «Занди кучак» вуҷуд доштааст, ки аввалӣ барои устодон ва роҳёфтагон ихтисос дода шуда, дуюмӣ барои мардуми авом пешбинӣ гардидааст.

Усулан ҳар дине, ки аҳли китоб бошад, онро зоҳире ва ботинест, вале дарки ботинии он вобаста ба хусусиятҳои динӣ таваҷҷуҳ ва дониши назариявии масъалаи мавриди баҳсро тақозо мекунад. Бобаки Алихонӣ дар «Баррасии латоифи ирфонӣ дар нусуси атиқи Авестой» роҷеъ ба санавияти оини зардуштӣ назари худро баён намуда, фикри олимони Ғарбро дар бораи он ки шариати зардуштӣ зоҳири дини зардуштӣ ва аз фикрати тааззузи кибриёи ҳақ падид омадани Аҳриманро як баҳси дугонагароёна (дуалистӣ) мешуморанд, ба баҳси маърифати ботинӣ марбут намедонад. Ӯ ба тариқаи машриқии тафсиру таъвили Готҳо таваққуф намуда, дар ин робита ақидаи донишманди порсӣ Тарапоревела (Tataporawela)-ро зикр карда, ки тибқи назари ӯ дар омӯзиши ақоиди ирфонӣ бояд ба ҳикмати машриқии таълимоти Веданта ва дигар хусусиятҳои ирфонии мактабҳои фалсафии он ба мисли Санхя, бақоёи таълимоти ирфонии зарвония ва оинҳои меҳрию маздакӣ, инчунин маорифи матнҳои паҳлавӣ ва тасаввуфи шуҳудии Хуросон муроҷиат шавад. Дар ин бора ӯ навишта: «Он се шохаи ирфонӣ, яъне веданта, туруқи зарвонӣ ва меҳрию маздакӣ ва маслаки тасаввуфи шуҳудии хуросонӣ ҳамагӣ ба таълими гоҳонӣ хешовандӣ доранд»[178] ва роҳнамои хубе дар тафсиру таъвили паёми Зардушт хоҳанд буд.

Роҷеъ ба муроҷиат ба «тасаввуфи хуросонӣ» қайд шуда, ки дар адабиёти зардуштӣ, махсусан дар сурудҳои Готҳо сирри висоли маънавӣ, аниқтараш масъалаи ваҳдати шуҳуд дар пардаи рамзу роз ишора шудааст. Ин маъниро орифи исломӣ Мансури Ҳаллоҷ дар як калима- «аналҳақ»-хеле моҳирона баён кардааст. Ҳамон тавре, ки урафои ислом аз суннати ҳурмусӣ ва навафлотунӣ ғизои маънавӣ гирифтанд ва ба қавли Қосим Ғанӣ улуму маорифи эронию юнонӣ дар Басраю Куфа русух карданд ва ҷамоате аз зоҳидону обидон ва пешқадамони сӯфия ба муҳити маънавӣ ва маъорифи исломӣ таъсир расонданд ва ақидаҳои ҳикмати хусравонӣ ва фаҳлавиюн вориди маънавиёти исломӣ гардид, ки дар ин бора Шаҳобуддини Сӯҳраварди дар «Ҳикмат-ул-ишроқ» қайд карда ва Дориюши Шойгон зимни баррасии шаҷараи насаби ишроқ хамираи ҳикмати хусравониро «аз

тариқи се устоди пешвои суфиён-Боязиди Бистомӣ, Мансури Ҳаллоҷ ва Абулҳасани Харақонӣ то ба худи Сӯҳравардӣ расонидааст» .

Барои тақвияти фикри боло ин бахшро бо суханони Сӯҳравардӣ дар рисолаи «Рӯзе бо ҷамоати суфиён» ҷамъбаст намудан мумкин аст, ки гуфта: «... чун дидаи андарунӣ гушуда шавад, дидаи зоҳир бар ҳама бояд ниҳодан ва лаб бар ҳама бастан ва ин панҷ ҳисси зоҳирро даст кӯтоҳ бояд кардан ва ҳавоси ботинро дар кор бояд андохтан, то ин бемор чизе агар гирад, бо дасти ботин гирад ва агар бинад, бо чашми ботин бинад, агар шунавад, бо гӯши ботин шунавад, агар бӯяд, бо чамми ботин бӯяд ва завқи вай аз хулқи ҷон бошад. Чун ин маънӣ ҳосил омад, пайваста мутолиаи сирри осмонҳо кунад ва аз олами ғайб ҳар замон огоҳонида шавад»[179]. Аз ин нуқтаи назар, маърифати ишроқии Сӯҳравардӣ бар он асосу поя қад барафрохтааст, ки решаҳои ақливу ботинии фалсафаю ирфонро бо ҳам пайванд додааст ва ин « маърифати ом дар миёни ҳиндуҳо ва эрониёни қадим вуҷуд доштааст». Ба назари ӯ Арасту ба ин тариқаи маърифат исён дод ва онро ба маҳсур кардани фалсафа дар ҷанбаи истидлолӣ ва нодида гирифтани ваҷҳи ботинии он маҳдуд кард [180].

Бунёди фалсафаи зардуштиро муҳаққиқон ормону дидгоҳи ҳақиқатшиносӣ ва ирфон мешуморанд, ҳамон ирфоне, ки дар Готҳо ба таври боризе омада ва то даврони Арасту вуҷуд дошта ва ҳамвора асоси пайдоиши дигар мактабҳои ирфонии сарзамини ниёгони мо гардидааст. Дар ҷаҳонбинии зардуштӣ инсон бояд аввал ориф бошад, ҷаҳонро дуруст бишносад, аз сохту бофти ҷисмиву равонии инсон огоҳ гардад ва аз ҳамин тариқ олами миновиро бояд дарк кунад. Афкори ахлоқии оини зардуштиро, ки аз муборизаи нуру зулмат, росту дурӯғ, дурусту нодуруст, зебову зишт ва ғайра иборат аст, аз шиносоии худи инсон, ҷиҳатҳои моддиву маънавии он ва мақоми ӯ дар ҷомеъа бояд шурӯъ намуд.

Дар фароварди ин бахш бояд нуктаеро зикр намуд, ки шояд аз нигоҳи назарӣ ҷолиб ва аз истгоҳи умумияти орои ирфонӣ ба баъзе масъалаҳо равшанӣ андозад. Сухан дар бораи он меравад, ки орои розварӣ ва ирфоние, ки дар ин қисмат мавриди таҳлил қарор гирифта, дар хеле аз маворид яксону мушобеҳ ба назар мерасанд ва ҳанӯз айнияту ҷиҳатҳои фарққунандаи онҳо, чунонки бояду шояд, тавассути пажӯҳандагон арзёбӣ нашудаанд. Таҷрибаҳои ирфонӣ ва ақидаҳои розварие, ки дар Аҳди бостон дар оини зардуштӣ, орифони масеҳӣ, яҳудӣ, ҳинду, буддой, мусалмон ва мактабу мазҳабҳои дорои хусусиятҳои ирфонии Ғарб ҷой доштанд, баробари доштани ҷиҳатҳои муштарак, ки аз яксонии муҳити маънавӣ манотиқи марбута дарак медиҳанд, ҳар яке ҷиҳатҳои хоси худро низ молик буданд. Орифи эронӣ чӣ дар Аҳди бостон ва чӣ дар Асрҳои миёна дарку фаҳми офаридгори худро ба воситаи таҷрибаи ирфонӣ ва як шудан бо он ҳақиқати кулро мақсаду маромии худ медонист. Орифи масеҳӣ низ ин

иттиҳод бо худовандро мепазирад, вале «иттиҳод»-и ӯ як шудан бо худо нест, балки иртиботе назири ташбеҳ аст. Орифи ҳинду қоил ба яксонӣ ва бештар мутамоил ба ваҳдати вуҷуд (пантеизм) аст, вале орифи буддой фақат аз худо бо номи браҳман ёд мекунад, ки бештар ба нафси куллӣ баробар аст ва аз мавҷудияти вуҷуди мутаол дар он дараке нест. Мактабу мазҳабҳои ғарбӣ, ки дар ин қисмат мавриди таҳлил қарор гирифтанд, бештар ба ақоиди пайравони худ содиқ буданд ва дар ин ё он сатҳ онҳоро рушду инкишоф медоданд. Ташаккулу инкишофи афкори ирфонӣ низ дар халқу миллатҳои мазкур дар ҳамин сохтори назарӣ (ба мисли «мақомот» ва «аҳвол») пайдо намуданд.

Аз ин рӯ, муҳаққиқон бояд омӯзаву ҷозибаҳои амиқи ирфониро аз аввали пайдоишашон таҳқиқ намуда, сайри инкишофи онҳоро дар афкору орои мутааххирон мушаххас намоянд. Коре, ки Суҳраварди бо илҳом гирифтан аз ҳикмату ирфони Эрони бостон ва андешаҳои ниёгони ориёӣ ба сомон расонид ва онро дар ихтиёри тафаккури маънавии мутааххирон қарор дод, хидмати бузурге буд. Чунин муносибат бо таҳқиқу диди муқоисавии афкору ақоиди даврони мухталифи таърихӣ дар соҳаи ирфон дар баррасии муҳаққиқони муосир низ баъзан мушоҳида мешавад. В.Т. Стейс дар асари таҳқиқотии «Ирфон ва фалсафа» ва Дориюши Шойгон дар «Афсуни зиндагии ҷадид ҳуввияти чиҳил тикка ва тафакури сайёр» дар ҳамин ҷодда кӯшишҳои муфиде анҷом додаанд. Масалан Дориюши Шойгон барои таҷассуми чунин иртиботи маънавӣ ақидаҳои чаҳор орифи гузашта – «Шанкара»-и ҳиндӣ (қарни 9 милодӣ), Майестро Экхарти олмонӣ (қарни 13 милодӣ), Ибни Арабии Андалусӣ (қарни 12 милодӣ) ва Чван Тсуи чинӣ (қарни 4 қабл аз милод)-ро муқоиса намуда, зимнан таъкид кардааст, ки «шахсиятҳои бузарг бо вуҷуди фарқиятҳои ошкор (суннати таърихӣ, дин, фосилаҳои замонию ҷуғрофӣ) тобишҳои бениши шигифтоваре доранд. Онҳо муаррифи фарҳангҳое ҳастанд, ки ба асрҳои мухталиф ва маконҳои мутафовит мутааллиқанд, аммо чун таҷрибаи ирфониашон сохтори мутаҷонис дорад, метавон гуфт, ки аз назари «рӯҳи таърихӣ ҳамасранд». Ин гуфтаи Дориюши Шойгон ба ақидаю омӯзаҳои ирфонии Эрони бостон ва Асрҳои миёна низ ба иллати буъди ягонаи маконӣ бештар содиқанд.

АҚИДАҲОИ АХЛОҚИИ ЗАРДУШТИЯ

Дар адабиёти ахлоқӣ чунин фикр шойеъ аст, ки ҷанбаи ахлоқии дини зардуштӣ олитар ва шигифтангезтар аз ҷанбаи динӣ ва илоҳиёти он аст. Ин бесабаб нест. Бунёду бунёни ин динро андешаи нек ташкил мекунад ва манзур аз офариниши олами миноию гетӣ расидани инсон ба озодӣ аз тариқи порсоист, ки некию ростӣ рукни асосии он маҳсуб мешавад. Тавассути

силсилаи қонунҳои ахлоқӣ саодатмандӣ ва камолоти ахлоқию маънавии инсон сурат мегирад, ки моҳиятан ҷавҳари маърифати қудсиро ифода мекунад.

Агар ба ду гавҳари ҳамзод Ҳурмузду Аҳриман, ки шарҳашон дар қисмати фалсафа гузашт, аз лиҳози ахлоқӣ назар афканем, яке манбаъи некӣ дар андешаву гуфтору кирдор ва дигаре манбаъи бадӣ дар андешаву гуфтору кирдор ба ҳисоб мераванд ва аз ин ду хулқи ахлоқӣ инсон, ки ашрафи махлуқот олами гетӣ ва дорои нируи хираду тамаййуз аст, бояд якеро бо ихтиёри худ дар зиндагӣ интихоб кунад. Ҳамин озодии иродаи инсон, ихтиёр доштан дар гузиниши роҳи неку бад, ҳамчун шахси озод бо фикру андешаи худ муносибат кардан дар оини зардуштӣ, ӯро тарроҳ ва муайякунандаи сарнавишти хеш гардондааст. Вале чун зардуштиро оини «беҳӣ» (яъне беҳтарин) меноманд, ин дин бо созмон додани олами миноию гетӣ тақозо дорад, ки марди доно бояд роҳи некро баргузинад ва танҳо дар чунин ҳолат ӯ хостори хушнудии офаридгори худ Аҳуромаздо буда метавонад. Аз ҳамин қазия ду нуктаи муҳимми дигари ахлоқӣ сар мезанад, ки ба вазифаи ахлоқии инсони порсо марбутанд. Нуктаи аввал чунин аст: «танҳо касе хуб аст, ки он чиро бар худ раво намедоранд, барои дигарон низ раво надоранд» ва нуктаи дуюм чунин садо медиҳад: «аввал ин ки марди доно душмани худро дӯст гардонад, дигар ин ки одами палидро покиза созад ва сеюм одами нодонро доно кунад».

Ихтиёр доштан дар аъмоли хеш дар ҳар дини мутаол нишони рушди иҷтимоӣ ва волоияти мақоми инсон дар он мебошад. Дар Готҳо роҷеъ ба ин масъала гуфтаҳои Зардушт фаровонанд. Дар онҳо мақому манзалати инсон боло бурда шуда, масъалаи қазову қадар бад-ин минвол комилан рад карда шуда, зимнан таъкид гардидааст, ки худованд касеро аз азал нек наофарида ва ё дар лавҳи сарнавишташ муҳри бадӣ назадааст. Ӯ дар роҳи неку бади ҷаҳон бо шинохту ихтиёри худ аз неку бад якеро бояд интихоб кунад.

Вале дар ин интихоб Зардушт ҳамчун муассиси дини навин таблиғ карда ва ҳамаро фаро хонда, ки роҳи некию ростиро интихоб кунанд ва аз бадию дурӯғ дурӣ ҷӯянд. Дар ин бора дар Готҳо омада: «Эй Маздо, он роҳе, ки аз сӯи ту оварандаи онам, роҳи рогист, роҳест, ки суди одамӣ дар он аст. Аммо он роҳи дигар роҳи дурӯғ аст, роҳе, ки ҷуз зиёну габоҳӣ баҳрае намедиҳад. Ин сон аст, ки орзумандам то мардумон ба роҳи ростӣ бигараванд ва бо ҳамаи ниру аз он роҳи дурӯг бипарҳезанд, аз он роҳе, ки мардумонро ба хашму бедод меангезад...» (Ясно, ҳоти 49/3) Дар ҷои дигар ин масъала боз ҳам возеҳтар баён шудааст: «Инак гӯш фаро диҳед ва суханонамро бишнавед, эй касоне, ки барои шунидан гирд омадаед; сухан мегӯям аз он ду гуфтор ва он ду шеваи зистан... бо андешаи равшан бингаред, марду зан боястӣ худ инчунин бо ройзании худ ва андеша роҳи худро баргузинанд ва инчунин аст омӯзишҳоям» (Ясно, ҳоти 30/1). Зардушт

ба Аҳуромаздо муроҷиат карда, дар интихоби ду роҳ хостори пирӯзии пайравони оини худ шудааст: «Эй Аҳуро, хосторам то омӯзиш ёбам, ки чи гуна дурӯғпарастонро барафканда ва ба ростигароён супорам то баробари оин бо онҳо рафтор кунанд... эй Аҳуро, бошад, ки ҳангоме ки пайвандагони ду роҳ, пайравони ростию дурӯғпарастон дар урдугоҳ баробари ҳам барои пайкор саф кашанд, пайравони оин пирӯзӣ ёбанд...» (Ясно, ҳоти 44/10)

Фаъолияти инсон дар оини зардуштӣ дар муқоиса бо дигар динҳои мутаол, ки баъдан ташаккул ёфтанд, тафовутҳои зиёд дорад. Чуноне ки мушоҳида шуд, дар зардуштия инсон озод ва фаъолияташ мустақил аст ва ҷабру ихтиёр дар ин ҷо дида намешавад. Дар олами гетӣ дар зардуштия низоми ахлоқие барқарор аст, ки дар он афроди ҷомеъа бо ихтиёри худ амал мекунад. Гузиниши озоди инсон бар неку бад бузургтарин арзиши ахлоқиест, ки дар дини зардуштӣ паёмбари он барои пайравонаш ироа намудааст. Ӯ ҳатто гароидан ба дини зардуштиро озод гузошта, ба фикри муҳаққиқон, зардуштӣ зоида шуданро барои пайрави ин оин шудан кофӣ намедонад ва таъкид мекунад, ки ҷавонон баъди ба синни балоғат расидан бо ройзании худашон динашонро интихоб кунанд ва паймони гароидан ба онро дар маросими расмӣ (садрапушӣ) таъйид намоянд. Ва он чи дар зиндагӣ баҳраи ҳар касе гардад, паёмаду натиҷаи амали ихтиёрии ӯ маҳсуб хоҳад шуд. Ҳусайни Ваҳидӣ дар асари худ «Пажуҳишҳое дар ормони порсой» ба ҳамин масъала дахл намуда, зимнан қайд кардааст, ки озодии ирода «на фақат башарро аз ҳисори қазову қадар озод сохта, балки бофтаи тору пуди зиндагонии ҳар касро ба уҳдаи худаш супурдааст»[181]. Муҳаққиқи дигари эронӣ дар ин бора навишта: «мабное, ки дар таълимоти зардуштия ҳаёти диниро ба наҳви таҳдиднопазире ба қаламрави виҷдон марбут месозад, эътиқод ба озодии иродаи инсон ва қавл ба ихтиёри вай дар ихтиёри байни хайру шар аст»[182]. Вале Вилл Дурант ба ин масъала аҳамияти махсус дода, ба «кирми нотавон» ва ё дастгоҳи механикӣ монанд будани инсони Асрҳои миёнаро хотирнишон намуда, навиштааст, ки дар асрҳои пеш аз ин «дар мазҳаби Зардушт озодии ирода ҷой дошта. Аҳуромаздо хостааст, ки инсонҳо шахсияти мустақиле бошанд ва ба фикру андешаи худ кор кунанд ва дар торики равшной ё дар торики дурӯғ гом ниҳанд»[183].

Аҳуромаздо ҳамчун хиради кулли ҷаҳон оламро нек офарид. Хираду андеша ҳамчун мазҳари офариниш ва ҷузъи зоти худованд дар инсон маҳсули такомули нируи ҳастӣ ба шумор меравад. Ҷаҳони ҳастӣ ҳамчун мазҳари ситези ду қувва доим таййи мароҳили зинаҳои суудӣ дар ҳоли такомул аст ва дар сайри зиндагиву рӯзгори ҷомеъа пешрафт ба сӯи беҳзистию беҳрӯзӣ дорад. Ин дини яктопарастӣ бар пояи ахлоқ қомат барафрохтааст. Он тамоми мақулаҳо ва омӯзаҳои ахлоқиро, ки дар русуму одоб ва суннату адёни ибтидоии то замони Зардушт ташаккул ёфта буданд, як навъ ҷамъбаст намуда, онҳоро дар худ таҷассум ва дар шароити нави

иҷтимой инкишоф дод.

Инсон зимни озодона баргузидани роҳи худ ба қаламрави адли илоҳӣ дохил мешавад ва бо назардошти баҳраву натиҷаи аъмоли худ подош мегирад. Ин амр худ ба худ тибқи қонуни Ашо таҳаққуқ пайдо мекунад. Дар ин ҷодда шафоати пайғамбар ва ё дахолати касе аз берун истисно мешавад ва, аз ин ҷиҳат, аз дигар динҳои мутаол фарқ дорад. Ин озодию ихтиёр, пеш аз ҳама, дар озодии андеша ва интихоби дин зоҳир мегардад. Бо озод гузоштани гароиш ба дин Зардушт ба мардум ҳушдор дода, ки онҳое ки ба бадӣ гароянд, гибқи қонуни Ашо дучори андуҳу афсуз хоҳанд шуд. Фарҳангмеҳр ин ҷиҳати масъаларо ба назар гирифта навиштааст: «Дар ислом инсон Абдуллоҳ аст, дар масеҳият инсон фарзанди худост, дар дини зардуштӣ инсон ҳамкори худост ва ба ҳамин ҷиҳат байни худованду инсон ба ҷои ҳаққи моликият ва ё ҳаққи абувват ҳаққи мушорикат вуҷуд дорад. Ин озодӣ ба инсон иҷозат медиҳад, ки агар бихоҳад, тибқи қонуни Ашо, дар роҳи пешрафти ҷаҳон ба сӯи расой кор кунад ва ё ин ки бар хилофи конуни Ашо кор карда, худро аз ростӣ бегона кунад» [184].

Тибқи таълимоти Зардушт ҳама бидуни гуноҳ ва пок аз модар таваллуд мешаванд ва афрод бояд роҳи худро дар зиндагӣ интихоб намояд. Бино ба маълумоти маъхазҳо, шаш абзори шиносой ва ё тавоноии билқувваи ташаккули шахсияти фард мавҷуд аст. Чаҳор абзори мазкур дар Готҳо ва дуи дигар дар Авестои мутааххир омадааст: Мана (маниш ё хирад), Даена (дин ё виҷдон), Аҳу (ҳастӣ), Хуарна (хорра ё х(в)орна), Баода (дарк ё фаҳм) ва Фраваш (Фраваҳар). Партаве аз нури хиради ҷаҳонӣ дар инсон вуҷуд дорад, ки ӯро ба фурӯғи зиндагӣ ҳидоят мекунад. Касе бо фармони виҷдонаш рафтор кунад ва пайрави дини ростӣ шавад, ба ахлоқи ҳамида соҳиб хоҳад шуд. Дар Готҳо омада, ки «беҳтарин Даена беҳтарин дин аст» (Ясно, ҳоти 44/9). Аҳу аслан ҳастист ва, дар мавриди мо, муҳаррики бадан ё худ ҷон аст. Роҷеъ ба х(в)орна маълумот дар бахшҳои гузашта дода шуд. Баода тавони фаҳму дарки одамист. Ҳамон гуна, ки Хуршед ҷаҳони ҳастиро равшанӣ мебахшад, баода низ даруни одамиро ба фурӯғу равшанӣ мунаввар мегардонад, ҳамчунин роҳномаи маънавиест, ки ба афрод, баргузидагони қавму қабила, созмонҳои иҷтимоъӣ дарку фаҳми аҳурой ато мекунад.

Дар фалсафаи ахлоқии зардуштия, равону хиради инсон, ки заррае аз равону хиради куллии ҷаҳон ё худ Аҳуромаздо аст, такомул пайдо намуда, бо пеша намудани некиву ростӣ иртиқои андеша мекунад ва, дар ниҳояти кор, ба равону хиради кул мепайвандад ва ягона мегардад. Расидан ба ин дараҷаи ниҳоии камолоти инсонӣ дараҷаи ҷовидонию бемаргӣ номида мешавад, ки он бо роҳи тай намудани шаш марҳилаи рӯҳонии Амшоспандон ба даст меояд. Инсон мавҷудест, ки дар як ҷараёни мунтазами такомул қарор дорад. Ӯ бо ситезу муборизаи доимии худ бо қувваҳои бадӣ дар олами

гетӣ ба маниши нек наздик мешавад ва рӯзе фаро хоҳад расид, ки ин «ҷаҳон ҷилвагоҳи тамоми камолоти зоти Аҳуромаздо мегардад ва ростиву дод бар зиндагии инсон доман мегустаронад». Ҳамин зинаҳои такомули суудиро ба назар гирифта, аксари авестошиносон мавҷудияти тазодҳо дар оини зардуштиро ба ақидаҳои диалектикии Гегел ба тавру навъҳои гуногун муқоиса намудаанд. Мо қаблан дар бораи диалектикаи соддалавҳонаи Гераклит («ҳеҷ инсон ду бор дар як оби рудхона шино карда наметавонад, чун об дар ҳоли ҷорӣ шудан ва тағъиру дигаргунист»)-ро бо ақидаҳои Зардушт муқоиса намуда будем.

Ҳусайни Ваҳидӣ дар асараш «Ҷаҳонбинии зардуштӣ ва ирфони муғон» навишта, ки «ҷаҳонбинии зардуштӣ ва ирфони эронӣ ба пояи диалектика устувор аст». Дар асари дигараш— «Пажуҳише дар ормони порсоӣ дар Эрон» ақидаи Гегелу Зардуштро бо ҳам муқоиса намуда, навиштааст, ки бо ақидаи ҳар дуи онҳо «як намуд (тезис) бо зиддаш (антитезис), ки дар даруни худаш ҳаст, аз байн рафта, мавҷудияти тозаи комилтаре (синтез) ба вуҷуд меоварад, ки ин мавҷудияти гоза низ бо зидди дарунии зотиаш аз байн меравад ва мавҷудияти тозатаре падид мегардад ва ба ҳамин тартиб рӯзе такомул ба пояе мерасад, ки рӯҳи маҳз ба таври тому тамом ҷилвагар мешавад»[185]. Гегел дар «Илми мантиқ»-и худ таъкид карда, ки намудҳои мутазоди ҳастӣ аз ҳам ҷудо нестанд, балки бо ҳам вобастагӣ доранд ва ба ҳам таъсири мутақобил мекунанд ва яке аз дигаре бармехезад. Аз ин нуқтаи назари Гегел муҳаққиқи дигари эронӣ Ардашери Ҷаҳониён ба чунин натиҷа расида, ки «фарҳарнги волову жарфи эронӣ дар вокуниши пурсишҳои зиндагӣ шеваи диалектикиро бармегузинад ва аз ҳамон оғоз ба диалектика ҷони зиндагӣ мебахшад, зисти одамиро бар ин поя бунёд мениҳад ва аз он бас натиҷаҳои судманд ва дурусту созанда мегирад. Фарзонагони эронӣ аз ҳамон оғоз диалектикаро ба андешаву равони одамӣ мекашонанд ва сохтори андешаву равони одамиро чунин мебинанд ва чунин вокуниш мекунанд»[186].

Бешубҳа, дар таълимоти Зардуштия унсурҳои диалектикӣ зиёданд ва ин унсурҳо на фақат дар олами кавну фасод мавҷуданд, балки дар бахши илоҳиёти зардуштӣ низ мушоҳида мешаванд. Ба қавли Муҳаммад Иқбол маҷмӯъи офаридаҳои хуб, ки аз такопӯй халлоқи рӯҳи некхоҳ падид меояд ва таҷаммӯъи офаридаҳои бад, ки аз рӯҳи бад ба вуҷуд меояд, ситези асосии арвоҳи дугонаи ҳамаи нируҳои ҷаҳониро дастхуши тазоду тасодум мекунад ва табиатро саҳнаи пайкори нируҳои тазоди хайру шар мегардонад.

Ҷараёни такмили падидаҳои табиию ҳодисаҳои иҷтимоъӣ дар олами ҳастӣ чун паҳнобае мавҷ мезанад, ки гоҳ дар фурӯғу равшной, гоҳ дар нирую қудрат, гоҳ дар моддаву гиёҳ, гоҳ дар ҷонвар ва гоҳе ҳам дар худ инсон зоҳир мешавад, ки ҳама ба ҳам вобастаанд. Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки хилқати ҷаҳони ҳастӣ (кавну фасод) ва ҳадафи асосии он дар

сайри такомулӣ қарор додани натиҷаи хилқат (олами моддӣ ва инсон) мебошад, ки ба ҷуз масоили ҳастишиносӣ (онтологӣ) ва маърифатӣ (эпистемологӣ) шомили як силсила масоили ахлоқӣ низ мебошад, ки камолоти ахлоқию маънавии инсонро ба ваҷҳу паҳлуҳои гуногуни он дар бар мегирад. Натиҷаи ҳар кору амали созандаи инсон дар ин ҳолат ҳадди ақал ду бозтоб дорад. Яке суду манфиате, ки зимни аъмоли нек насиби инсон мешавад ва дигаре ҷанбаи тарбиявӣ ва ахлоқии он, ки дигаронро таҳти таъсир қарор медиҳад.

Асоси некӣ ҳамон андешаи нек аст, ки гуфтору рафтор сифатҳои зотӣ ё худ ҷилваи он мебошад, чун пайравӣ аз аввалӣ биттабъ мунҷар ба қабули рафтору кирдори нек мегардад. Аз рӯҳи таълимоти зардуштия маълум мешавад, ки худованд мазҳари хайру некист. То амали неки ӯ сар назанад ва олам офарида нашавад, муборизаи хайру шар маъною мазмуне надорад. Баъди амали хилқат олами гетӣ дар маърази муборизаи хайру шар қарор мегирад. Вобаста ба ҳамин масъала олимону муҳаққиқон дар адабиёти зардуштӣ ба ҷуз дугонабоварие, ки ба ду гавҳари ҳамзод ё худ ду манбаъи хайру шар мансуб аст, дар оини зардуштӣ мавҷуд будани як навъ дугонабоварии дигареро қайд кардаанд, ки он ба гаҳсими ҷаҳон ба олами миновию гетӣ вобаста мебошад. Ба ақидаи онҳо, олами миновӣ олами ғайримоддӣ ва номаҳсус аст ва олами гетӣ ҳамчун ташаккуси олами миновӣ олами моддӣ ва маҳсус буда, аввалӣ олами аслӣ ва дуюми олами фаръӣ ба шумор меравад, зеро ҳаракату амал дар олами гетӣ тибки хостаи нируҳои олами миновӣ сурат мепазирад.

Андешаи набарди хайру шар дар олами миной ва гетӣ фақат бори мазҳабиро намекашад ва дар ин ҷо «мазҳаре аз дарки андешаҳои диалектикии набарди мутазодҳо» ниҳон аст. Агар амиқтар ба ин масъала таваҷҷуҳ намоем ва диди маърифатии худро бигустаронем, мушоҳида намудан мумкин аст,ки муборизаи тазодҳо дар олами гетӣ дар марҳилаи авал дар табиат ба вуҷуд меояд (шабу рӯз, оромишу туфон, сармову гармо, хушксоливу фаровонӣ ва дигар падидаҳои мутазоди табиат), баъд аз он ба иҷтимоъ (набарди доимии қабилаҳои биёбонгарду соҳилнишин,ки дар Авесто бо номҳои карапан, граҳма, ковӣ номбар ва худоёни ин гуруҳҳо ба мақулоти аҳриманӣ табдил ёфтаанд) ва аз он ба руҳонияти инсон интиқол ёфта, пиндори неки инсон ба пиндори бад ба сурати тазод дармеояд. Вале бо ин масъала ба итмом намерасад. Аз сабаби он ки тамоми муборизаю набарди оштинопазири нируҳои некиву бадӣ, зулмот ва росту дурӯғ дар олами гетӣ мегузарад, инсони воқеъ дар олами гетӣ бо ройзанӣ ва фитрати зотии худ некиро интихоб намуда, ба дарки олами миной мепардозад ва ба маърифати офаридгори худ ноил мешавад. Ин ҳамон муборизаи баҳамзидҳост, ки аз доираи диалектикаи соддалавҳонаи Гераклит таҷовуз карда, амали худро дар таркиби таълимоти мазҳабии дорои сохтори

муайяни ҳикматию маърифатӣ нишон додааст. Ба ин маъно ақидаи баъзе муҳаққиқон дар бораи он ки дар зардуштия ҳамаи воқеъа ва фаъолияти инсон дар олами гетӣ сурат мегирад, олами моддиро олами асосӣ пиндошта, онро ба олами миной ҳамчун олами собит муқобил гузоштаанд, нодуруст ва асосе надорад. Ба фикри муҳаққиқи Ғарб Шоул Шакад чунин ақида дар илми каломи зардуштӣ ҷой дорад ва ин масъала бояд мавриди омӯзишу таҳқиқи бештаре қарор гирад [187].

Ҳамчунин бояд чунин нуктаро қайд кард, ки ормонҳои густардаи ахлоқии оини зардуштӣ дар паҳнои фарохи Коинот (дар олами миной) ва дар тӯли таърихи ҷомеъаи инсонӣ дар олами гетӣ ҷараён меёбад ва комилан табиист, ки «бахши умдаи нирумандии илоҳиёти ахлоқии Зардушт аз ҳамин эътиқоду ҳамкории огоҳонаи одамӣ бо нируҳои илоҳӣ дар муборизаи барои шикаст додани бадӣ ношӣ мешавад. Зардушт ростгории гетиро, аз як сӯ, марбуту вобаста ба машиягу хости нируҳои самовӣ ва, аз сӯи дигар, ба сарҷамъи гузинишҳои як яки афроди одамӣ медонад. Ва ин ду ҷанба бо ҳам васл шуда, таълимоти ӯ - таъкид ба масъулияти фард фарди одамиён ва дилбафикрии ҳамаи Кайҳон - буд, ки эътиқодоту боварҳои уро ба гунаи ҳайратангез барои шароиту масоили асри ҳеллинӣ муносибу марбут месохт»[188].

Амшоспандон ба ҷуз мазмуни фалсафӣ, ки ҷараёни офаринишу судур аз онҳо шурӯъ мешавад, мазмуни ахлоқӣ низ дорад ва он вобаста ба теъдоди Амшоспандон дар ҳафт конуни ҷовидони ахлоқӣ дар ҷаҳони ҳасти таҷассум ёфтааст. Онҳо исолати ахлоқӣ ва ороишу оромиши равонро ифода мекунанд. Ин исолати ахлоқӣ ҳуввияти таълимоти ахлоқии оини зардуштиро ифода мекунад, ки шомили силсилаи зинаҳои такомули маънавии инсон мебошад ва уро ба воситаи (1) некандешӣ (2) ростиву покӣ (3) хештандорӣ ва ғалаба бар нафси худ (4) порсоию покӣ (5) расой, хуррамӣ ва тандурустӣ (6) ҷовидониву бемаргӣ, (худи Аҳуромаздо, ки Аҳуро—ҷавҳари ҳастӣ ва Маздо—ҷавҳари хирад аст, ҳафтум хоҳад буд) ба дараҷаи инсони комилу вороста мерасонад. Ҳамин зинаҳои камолоти маънавӣ «қавси сууд»(фарорӯй» ё «уруҷ»)-ро ифода мекунад, ки инсон дар он зимни сайри такомулӣ (ахлоқӣ ё рӯҳонӣ)-и худ бояд ба дарки табиат ё худ олами гетӣ, ки мӯҳре аз олами миной дар пешонӣ дорад, ноил шавад ва маърифати асмову сифоти илоҳӣ то ба дараҷаи улуҳияти он бипардозад. Ворастагӣ дар ин ҷо раҳой аз қайду бандҳои олами моддӣ ва нафси баҳима, расидан ба расой, боландагӣ ва фароғату хуррамии қалбу оромиши равон аст. Вобаста ба ҳамин ҳафт зинаи камолоти ахлоқии инсон ҳафт ҷашни порсой вуҷуд дорад, ки иборатанд аз ҷашнҳои навруз, сада, зодруз, заношуй, ҷашни сездаҳумин рузи навруз (сездабадар) ва шаби ялдо (шаби зода шудани

Меҳр). Ин ҷашнҳо баъдан аз назари таҳлил хоҳанд гузашт.

Он чи дар ин ҷо ҳоизи аҳамият аст, нуктаест, ки Зардушт ҳамчун паёмбари аввалин дини мутаоли ҷаҳон аз ақидаву пиндорҳои нобахирадонаи давраи кӯдакии таърих пой ба андешаву хирад гузошта, аз худоҳои инсонгуна худои ягонаро созмон дод ва дини тозаеро ироа намуд, ки бар пояи набарду ситези қувваю нируҳои ба ҳам муқобил (пайванди андешаи тазод ва набарди мутазодҳо) ба ду хусусияти назарияи ахлоқӣ-яке вуҷуди андешаю хиради инсон ҳамчун мазҳари андешаи худои ягона ва дуюмӣ пӯйишу такомули ҷаҳони ҳастӣ ва инсон дар олами моддӣ барои расидану дарк намудани худ ҳамчун маниши нек дар давраи балоғати таърих (дар мисоли ба вуҷуд омадани дини мутаол) ибтидо гузошт. Офаридаҳои муқаддаси Аҳуромаздо-Амшоспандон ба номи шаш моҳи дувоздаҳгонаи Осиёи Миёнаву Эрони бостон гузошта шудааст. Инсон дар таълимоти ахлоқии зардуштия барои расидан ба дараҷаи расоиву боландагӣ зинаҳои такомулии ношӣ аз Амшоспандонро тай карда, мазмуну моҳияти дини ростиро дарк намуда, бояд ба дараҷаи маниши аҳурой бирасад. Ба ибораи дигар, шаш нируи маънавӣ ҳамчун сифоти олии Аҳуромаздо дар олами гетӣ ташаккус ва ба намоди худ ҳамл шуда, бориқаҳое аз онҳо дар вуҷуди (қалби) инсон ҷой гирифтаанд.

Агар аз бӯъди ҷаҳоншиносӣ ба ин масъала назар афканем, дар олами гетӣ мо бо ҳафт қонуни умдаи ахлоқӣ (ки шарҳашон дар боло гузашт), ҳафт пояи зиндагӣ, ҳафт ормони порсой, ҳафт мароҳили камол ё худ ба ҳафт низоми ҳастӣ рӯ ба рӯ ҳастем, ки дар Авестои мутааккир ҳафт фарузагони Аҳуромаздо ё ҳафт партави аҳурой, ҳафт хони зиндагӣ номида шудаанд ва дар мактабҳои фалсафии ишроқиву ирфонӣ баъдтар номи ҳафт водии ишқ ва ё ҳафт шаҳри ишқро ба худ касб намуда. Худи Амшоспандон дар якҷоягӣ бо Аҳуромаздо ягонагии олами ҳастиро ифода мекунанд, ки олами миноию гетиро бо ҳам пайвастаанд. Мазҳари ҳар як амшоспанд ҳалқаҳои силсилаи маротиби вуҷудро ташкил мекунанд, ки меҳвару мадори ҷаҳони ҳастиро сомон бахшидаанд. Дар ин миён инсон ҳамчун офаридаи неки ҷаҳони гетӣ, зевару шаҳриёри ҳастӣ ва офаридаи бартари олами моддӣ ба хотири соҳибмарому дорои андеша буданаш бояд мунтаҳои кӯшиши худро ба харҷ дода, ҳамчун ҷуз ба кулли худ бипайвандад.

Муҳаққиқон бо истинод бо Авестои мутааккир зимни баррасии таълимоти ахлоқии зардуштия зикр кардаанд, ки Аҳуромаздо «одамиёнро дар шабба ё тасвири ахлоқии худ офаридааст»[189]. Ин нукта баъдтар дар дигар динҳои мутаол мавриди истифода қарор гирифта ва ишора ба тамоюли антропоморфистии офаридгор мекунад. Аз ин рӯ, дар таълимоти ахлоқии оини зардуштӣ офаридгору махлуқоти он, бахусус инсон дар сифоту фарузаҳо ва гоҳо дар феълу инфиъол низ бо ҳам шарику шабеҳанд ва робитаву мушорикати некони порсо (Ашувон) бо Аҳуромаздо ҳамеша

барқарор аст. Ин ҷо чунин қазияро низ бояд мутазаккир шуд, ки Спента Майню ҳамчун муаррафи офариниш дар ҷаҳони минуӣ бо Аҳуромаздо якест, вале дар ҷаҳони моддӣ танҳо бозтоб ё худ ҷилвае аз Аҳуромаздо маҳсуб мешавад. Дар ин сурат ҷаҳони ҳастӣ офаридаи Аҳуромаздост ва дар он мақулаҳои ахлоқии ростӣ ва порсой муҳимтарин ва бузургу волотарин хусусияти ахлоқии инсон ба шумор меравад. Ба ин маънӣ ростӣ ҳамчун додаи аҳурой ва ифтихороти ниёгони ориёии ҳиндуэронии мо намоишу сомон бахшидан ба равону андеша ва рафтору гуфтори одамӣ буда, армони порсоии беҳсозии ҷаҳони гетӣ ва беҳзистию беҳофаринии инсону ҷомеъа барои ноил шудан ба хушбахтӣ бо роҳи интихоби ростӣ ба амал бароварда хоҳад шуд.

Агар рукнҳо ва пояҳои асосии ростию порсоиро дар таълимоти зардуштӣ дида бароем, ҳафт рукни ростиву ҳафт пояи порсоиро ба шарҳи зер ироа намудан мумкин аст: аз маниши нек офарида шудани ҷаҳони ҳастӣ (боварӣ ба низоми мавҷудаи ҳастӣ дар олами гетӣ), ҷузъе аз ҷаҳони ҳастӣ (кайҳонӣ) будани инсон ва дар тоати низоми ҳастӣ будани равону маниши одамӣ (ҳамоҳангии низоми ҳастӣ дар олами гетӣ бо манишу равони афроди ҷомеъа), таҳти низоми ҳастӣ қарор доштани зиндагии иқтисодию иҷтимоии ҷомеъа (мутобиқати низоми ҳастӣ ва ҳаёти ҷомеъа), пайрави низоми ҳастӣ будани афроди некманиши ҷомеъа (пайравӣ ба маниши нек дар ҳаёти ҷомеъа), пирӯзиву тавоной дар роҳи муборизa бо беназмию нобасомонӣ (нақши ростиву дурустӣ дар низоми ҳастӣ), риояти низоми ахлоқӣ ва оромиши равон (появу хамираи хушбахтӣ будани равон дар олами гетӣ). Афроде, ки ин ҳафт зинаи ростиву порсоиро, ки шарҳашон дар зер хоҳад омад, тай бикунанд, ба камолоти маънавӣ хоҳанд расид ва ҳамчун инсони комил равонашон ба Аҳуромаздо хоҳад пайваст. Аз ин рӯ, Аҳуромаздоро гавҳари ҳастӣ, Шаҳриварро ҳамоҳангӣ ва тазоди ҳастӣ, Эсфандро ягонагии ҳастӣ, Фарвардинро пӯйиши ҳастӣ ва Хурдоду Умрдодро омоҷи ҳастӣ меноманд.

Воҳу Мана ё худ Баҳман баъди Аҳуромаздо ҳамчунин ҷавҳари ҳастӣ дуюмин марҳилаи ҷаҳонбинии ахлоқии зардуштист, ки баъзан дар Авесто зимни тафсили Аҳуромаздо «Ваҳишта Мана» ба маънои андешаи комил ва ақли кул омадааст. Ин амшоспанд аввалин офаридаи Аҳуромаздо, беҳтарин маниш ва хиради муқаддасу ҷаҳонист. Аз рӯи хусусияти зотиаш нируи андешаву ақлу хирад аст ва, аз ин рӯ, сарчашмаи офаринандагӣ, доноиву биной ва маниши пок аст. Аз шукӯҳу партави ӯ ҳарду ҷаҳон мунавваранд ва ҳамии Воҳу Мана рисолати Зардуштро ба ӯ расонда ва Зардуштро, хамон тавре ки Аҳуромаздо дар раъси ҷаҳони миновӣ қарор дорад, дар раъси ҷаҳони моддӣ во гузоштааст. Неъмати Воҳу Мана дар ҷаҳони гетӣ насиби онҳое хоҳад шуд, ки бо кору кӯшиш ва аъмоли неки худ одамиро ба сӯи

ақлу камол ва пуишу боландагӣ раҳнамун месозанд. Дар ин ҷо мақоми иҷтимоии инсон дар саҳнаи созандагӣ ба миён меояд. Афроди ҷомеъа ба ин оин гароида, бо таровишҳои зеҳнӣ, истеъдодҳои фитрӣ ва нирухои ботинӣ дар раванди пайвастаи боландагӣ ба аъмолу офаридаҳое даст мезанад, ки аз он дастовардҳои маданияти моддиву маънавӣ ғанӣ гардида, боиси камолоти ҷисмониву маънавии инсон мегардад.

Худи офариниш як аъмоли нек аст, зеро аз адам бо роҳу воситае ҳастӣ ба вуҷуд меояд. Дар мавриди мо ҳастӣ ҳамчун аъмоли нек аз худи офаридагор сар задааст ва махлуқи ӯ инсон низ аз чунин амали неку созанда бархурдор аст. Чун аз андешаи нек ва офаридаҳои неки Аҳуромаздо сухан рафт, дар ин ҷо бояд ба баррасии се рукни асосӣ ё худ усули сегонаи ахлоқии оини зардуштӣ—Андешаи нек (Humata), гуфтори нек (Hhazshta) ва кирдори нек (Hukhta) пардохт. Ин масъаларо аз он шурӯъ хоҳем кард, ки некиву бадӣ дар ниҳоди башар вуҷуд дошта ва ҳаққу ботил аз аввали пайдоиши ҷамоъаи инсонӣ амал мекардааст. Ниёгони ҳиндуевропоии мо беш аз ҳама ба ин масъала аҳамият дода, онро ҷузъи таркибии на фақат таълимоти ахлоқӣ, балки таълимоти ҷаҳоншиносии худ қарор додаанд. Аз некиву бадӣ ва ростиву кажӣ, ки аслҳои асосии афкори дорои ҷанбаи ҷаҳоншиносию ахлоқии ниёгони мо мебошад, силсилаи мақулаҳои ахлоқӣ ва феълу инфиъол ба вуҷуд омаданд, ки на танҳо шомили муносибати байни қувваи нафсонии инсон (оқила, ғазабия ва шаҳвия), фазилати ахлоқӣ (ҳикмат, шуҷоат ва иффат) ва дигар масоили марбут ба муносибату муоширати байни афроди ҷомеъа, инчунин таҳаққуқи қоидаву қонунҳои ахлоқӣ дар роҳи истиқрори ғояҳои ахлоқӣ барои расидан ба саодати дунявӣ ва кайҳонии ахлоқӣ мебошад, балки он исолати ахлоқии ҳуввияти офариниши нуру зулмат ва камолоти ахлоқию маънавии афроди ҷомеъаро, ки ба расидани рӯҳи инсон ба камолоти ҳақиқии вуҷудӣ ё худ маниши пок ноил мешавад, низ дар бар мегирад. Агар ба гуфтаҳои фавқ ҷанбаи ахлоқии устураҳои табиатгароёна ва ахлоқи волои қаҳрамонону паҳлавонони устуравию миллии халқҳои Осиёи Миёнаву Эрони бостонро, ки дар адабиёти таҳқиқии Ғарб бо номи «рыцарская этика» (ахлоқи ҷавонмардона) маълуму машҳуранд, илова намоем, ба назар ғановати ҳуввияти ахлоқӣ, ташаккулу инкишоф ва истиқроъи таълимоти ахлоқии зардуштия ба хубӣ ҷилвагар мешавад.

Ба иллати он ки инсон дар оини зардуштӣ дар фитрати илоҳӣ ва тасвири ахлоқии офаридгор халқ шудааст, ӯ дар олами моддӣ метавонад ба сайри такомулии ахлоқӣ бипардозад, вале ин камолҷӯй ба як силсила муборизаву муҷоҳидаҳо рӯ ба рӯ хоҳад буд. Чун танҳо некӣ кардан ва бархурдор будан аз хирад барои инсон кофӣ нест. Ӯ бояд тавре ин амали некро анҷом диҳад, ки дигарон аз он баҳра баранд ва дар ин рӯҳия тарбия гиранд. Вазифаи инсон, ҷомеъа ва башар он аст, ки ҷавҳари некиро парвариш ва тавоной

бахшад то бар бадӣ ғалаба кунад ва монеъи табоҳ гардидани зиндагӣ шавад. Дар саросари Готҳо ва дигар навиштаҳои зардуштӣ ин се асли асосии зардуштӣ (Андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек) тараннум шуда, пайравони оини ростӣ онҳоро ҳамчун ҷавшану сипари худ дар муборизa бо нируҳои аҳримании «Андешаи бад, гуфтори бад ва кирдори бад» бояд истифода баранд. Аз лиҳози маънавӣ ин се асл се марҳилаи асосии такомули ахлоқии инсонро ифода мекунад ва тамоми усули ахлоқии олами моддӣ дар онҳо хулоса мешавад. Пайравони оини зардуштӣ ба риояи аслҳои мазкур зиндагию рӯзгори хуши моддиро барояшон таъмин намуда, омодаи зинаи дигари такомули ахлоқӣ хоҳанд гашт. «Нек бош дар ҷомаву тану хонаву зиндагӣ ва ба андешаву гуфтору кирдор ва бо дилу ҷон некандеш бош». Ин шиори оини зардуштӣ дар банди шашуми катибаи нақши Рустам ба бадӣ муқобил гузошта шуда, рӯи тахтасанге чунин ҳак шудааст: «Бад макун, бад маяндеш ва ситамкор мабош, дурусткору дурустрафтор бош»[190].

Некиву бадӣ ҳамчун ду рукни асосии ахлоқии оини зардуштӣ дар ҷаҳони моддӣ ҳама вақт дар ҷангу ситезанд. Ҳаракату бархӯрд, муборизаву мубодила ва кавну фасод дар оини маздаясно ҷанбаи гетиёна ба худ касб кардаанд. Некӣ ҳамчун борика ё худ ишроқи маниши неки Аҳуромаздо ифодаву таҷассуми пешравии ҷомеъа ва рушду фузунии ҳастиҳои моддӣ ба шумор меравад. Дар ин бора дар Готҳо омадааст: «Инак, эй мардумон, ба оине, ки худованди ҷону хирад аст, нек бингаред, нек биандешид, фармонҳоро нигоҳ доред, ба хушиву ранҷи инҷаҳонӣ бингаред, дар подоши неки вопасин ва мукофоти дерпои бадкорон ба жарф андеша кунед, он гоҳ аст, ки ин роҳро бархоҳед гузид, роҳе, ки беҳзистии ҷовидонӣ ҳамроҳ дорад» (Ясно, ҳоти 30/11).

Бадӣ ва қувваи шар «яксара моҳияту сиришти манфии мухарриб дорад» ва мавҷудоти бад ё худ гавҳари палид, ҳамон тавре ки дар бахши «Тавҳид ё санавияг» дида шуд, махлуқоти суқуткарда аз худо нест ва он дар мартабаи поинтар аз Аҳуромаздо, дар радифи Спента Майню қарор дорад. Аз ин рӯ, дар олами моддӣ, тибқи таълимоти ахлоқии оини зардуштӣ, дар муборизаи ин ду қувва некӣ ногузир бар бади пирӯз хоҳад шуд ва саодати абадӣ барқарор хоҳад гашт. Вале ин ғалабаи некӣ бар бадӣ ва хайр ба шар бидуни муборизаву набарди қувваҳои мазкур анҷом нахоҳад пазируфт. Бешубҳа, ин ҷо муборизаи тан ба тани афроди ҷомеъа ба мисли набарди паҳлавонону қаҳрамонони асотирӣ дар назар дошта нашудааст, харчанд ки дар дини маздоии куҳан «ҳам аносири табиӣ ва ҳодисаҳои иҷтимоъӣ ранги арзиши ахлоқӣ ба худ гирифта, ба як зиндагии моддию кайҳонӣ табдил ёфта, ҳам ахлоқи паҳлавонону қаҳрамонони асотириву миллӣ дар бӯъди маърифати қудсӣ (бозтоби саҳнаҳои набард дар шароити муосир) паҳнои кайҳонӣ ба худ касб намудаанд. Муборизае, ки оини зардуштӣ дар назар дорад, муборизa маънавист, ки бархӯрди қувваҳои

рӯҳонию нафсонӣ, зоҳирию ботинӣ ва як силсила мақулаҳои тазодди ахлоқиро ба дунбол дорад. Инсон зимни он бояд ахлоқи ҳамидаро пеша ва ба муқобили ахлоқи разила қиём кунад. Аз он ҷост, ки амали инсон ба хираду андешааш устувор аст ва чун Аҳуромаздо оламро аз хираду андешаи нек офарида, дар ваҳлаи аввал, барои пайрави оини зардуштӣ, касби хираду андешаи нек зарур ва илзомӣ аст.

Хираду хирадмандӣ дар Авесто ва аксари сурудҳои Готҳо омада ва дар оғози ҳар банд аз навиштаҳои Авесто ба офаридгор бо суханони «Худованди ҷону хирад» муроҷиат шудааст. Хирад дорои се поя- шинохти дурусти ҳастӣ, ҳудуди ҳастӣ ва пайравӣ аз низоми ҳастӣ мебошад ва дар оини зардуштӣ касе, ки хирад надорад, зиндагии ростин насибаш нахоҳад шуд. Мақсад аз хирад дар ин ҷо ҳамон донишест, ки ҷону равони одамиро бо нури тобноки худ дониши аҳурой мебахшад ва ба ҳаёти созандаи зиндагии нек раҳнамун месозад. Дар ин бора дар Авесто омада: «Эй худованди хирад, ба фурӯғи тобноки дониш аст, ки сарнавишти донову нодон ороста мегардад» (Ясно, ҳоти 31/19). Дар ҷои дигар мақоми дониш дар некандешӣ чунин тараннум шудааст: «Донишро бисутуд Зардушт аз барои нек андешидан ва гуфтану рафтор намудан дар андешаву гуфтору кирдор ва аз барои ин комёбӣ, ки росттарин дониши маздоофаридаи муқаддас:дар поҳо нирую тавон, дар гӯшҳо шунавой ва тандурустӣ дар саросари тан бахшад, барои фарру фурӯғаш онро меситоем (Яшти 16).

Донише, ки Зардушт пешниҳод намуда, худ аз Аҳуромаздо гирифта: « ... Ва ҳамчунин ӯст, ки аз дониши бекаронаш беҳтарин омӯзишҳоро ба ман илҳом мекунад » (Ясно, ҳоти 45/6). Дар ҷои дигар фармуда: «Росттарин дониши маздоофариди муқаддасро меситоям, ки роҳи нек намояд—ба сарманзили нек кашонад ва саодат ба бор оварад». Чунин гуфтаҳои Зардушт роҷеъ ба дониш дар Авестои мутааххир хеле зиёд ва фаровонанд. Аз таълимоти зардуштӣ роҷеъ ба масъалаи мавриди баҳс чунин бармеояд, ки ду навъи дониш— дониши фаромӯзӣ ё худ иктибосӣ ва дониши фитрии дар сиришти инсон билқувва ҷойгирифта вуҷуд дорад. Аввалӣ зимни омӯзиши падидаҳои табиату ҳодисаҳои ҷамъият барои соҳиб шудан ба камолоти ахлоқӣ ва дуюмӣ барои ноил шудан ба камолоти рӯҳонӣ дар маърифати олами миной истифода хоҳад шуд, ки дар бахши «Фалсафаи Зардушт» мо онҳоро ҳамчун «илми ҳусулӣ» ва «илми ҳузурӣ» шарҳ додем. Мақсад аз зикри дониш дар ин бахши ахлоқӣ соҳиб шудан ба некӣ ва анҷоми аъмоли нек мебошад. «Дониши ростини Маздо додаро меситоем, ки ба мо роҳи нек намояд ва хушбахтӣ баҳраи ҳамагон гардад»; «Эй ҳастибахши бузургу доно—шахси хирадманду ҳушёр касеет, ки бо маниши хуш ҳақиқатро дарк мекунад, аз доду оини аҳурой огоҳ аст ва нируи миновӣ аз ростиву покӣ пуштибонӣ карда, гуфтору кирдори худоро ҷуз ба некӣ нахоҳад орост ва дар роҳи густариши он гом бархоҳад дошт» (Ясно, ҳоти 21/23).

Масъалаи муҳимми дигаре, ки робитаи қавӣ бо хираду дониш дорад, андеша аст. Андешаи одамӣ дар дониши иқтисобӣ мизони санҷиши неку бад, хайру шар, росту дуруғ, зишту зебо ва дигар мақулаҳои мутазоди ахлоқӣ мебошад. Дар Авесто, хусусан дар Готҳо, андешаи нек (пиндори нек) дар тамоми маврид қабл аз гуфтору кирдори одамӣ омада ва, бешубҳа, ин аз он ҷиҳат аст, ки шуури халқу миллатҳои Осиёи Миёнаву Эрон аз даврaҳои қадим пояи асосии ҳар гуфтору кирдорро дар андеша медонад. Андешаи одамӣ базрест, ки баъди пошидан шукуфа мекунад ва он гуфтор ба бор меоварад ва мутобиқи онҳо рафтори одамӣ сурат мегирад. Аз ҳамин нукта рукни асосии сегона ё худ таслиси ахлоқии оини зардуштӣ— «Андешаи нек, гуфтори нек ва пиндори нек» сар задааст. Паёмбари оини зардуштӣ андешаро дар ин се асли асосӣ дар мақоми аввал ҷой дода, зеро он аз мағзу мафкураи инсон сарчашма гирифта, муҳаррики ҳамаи аъмоли колбади инсонӣ ба шумор меравад. Дар ин бобат Зардушт гуфта: «Инак, бар асари пуяндагӣ инчунин роҳе чунон дар некманишӣ комраво гаштам, ки бо тамоми ҷон сурудҳои ситоишро меситоям, то дигаронро низ ба оин бигаравонам» (Ясно, ҳоти 50/6).

Аз қазияи боло чунин бармеояд, ки ҳукумати аъмоли неки инсонӣ андеша аст ва тамоми фаъолияту амали аъзои ҷисмонии инсонро корбаст мекунад, дар гуфтор фикру андешаи инсон бо забон ифода мегардад ва тамоми рафтору кирдори инсон низ бо амри андеша сурат хоҳад гирифт. Бинобар он аввал ҳамон сарчашмаи нахустин – андешаи инсон бояд ба некӣ гарояд, то гуфтору кирдор ва умуман маҷмӯъи аъмоли одамӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти нируи тааққулу тафаккури инсон нек ва барои пешрафти ҷомеъа муфид гардад.

Аҳуромаздо офаридгор ва ҳастибахш аст. Амали офариниш ва ҳастӣ бахшидан худ иқдоми нек аст. Бинобар он офаридгор аз хираду андешаи худ ҷаҳонро ҳастӣ бахшида, Зардуштро ба олами гетӣ баргузид то одамиро, ки аз нируи хираду андеша бархурдор аст, ба роҳи неку андешаи нек раҳнамун созад. Зардушт гӯё дар посухи чунин амал бошад, ки дар Готҳо ба худованд муроҷиат намуда гуфтааст: «Эй Маздо Аҳуро, инак, ин манам, ки аз рӯи некандешӣ ва неккирдорӣ дар роҳи онам, то хонаву хонавода, рустову кишварро ба сомон расонам, маро роҳ намо то чӣ гуна рафтор кунам ва чи сон васила созам» (Ясно, ҳоти 31/15). Ба саволи охирӣ дар ҷои дигари Готҳо худи Зардушт чунин ҷавоб дода: «Мехоҳам сухан бигӯям аз он чизе, ки аз он бартарину поктарин дарёфтаам, аз он чизе, ки барои мардум беҳтарин омӯзишҳост. Аз он Маздо Аҳуро даёфтам, ки баргузидаи ӯ ҳастам ва дарёфтам, ки ононе, ки аз ман пайравӣ кунанд, онҳое ҳастанд, ки роҳи неки маздоиро баргузидаанд, роҳе, ки дар одамӣ кунишу маниши нек бармеангезад ва инак кунишу маниши нек инсонро ба ҷовидониву расоӣ мерасонад» (Ясно, ҳоти 45/5).

Аз гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки вазифаи ҳамаи инсон дар олами гетӣ ва мунтаҳои кӯшиши он пойдор намудану густаронидани некӣ, накукорӣ дар ҷомеъа ва бо некандешиву некгуфторӣ ва рафтори неки худ ғолиб омадан бар бадандешону бадкирдорон ва бадгуфторон аст. Танҳо чунин амали одамон онҳоро ба ҳаёти хушу рӯзгори босаодат оварда мерасонад. Вале агар шахс бо андешаву рафтору кирдори бад ҳаёти худро пеш барад, ба кайфарҳои ҳар ду ҷаҳони миноию гетӣ гирифтор хоҳад шуд. Дар ҷаҳони моддӣ чунин шахс аз камолоти ахлоқӣ бенасиб хоҳад монд ва агар дигаронро низ ба роҳи бад ҳидоят кунад ва мардумро ба воситаи тасаллути хеш ба сӯи корҳои зишт роҳбарӣ намояд ва қонуни Ашоиро риоят накунад, дар ҷаҳони дигар кайфари зишт дар интизори ӯ хоҳад буд. Чунин шахсонро Зардушт «карпанҳо ва кавиҳо» номидааст, ки оини аҳуроиро напазируфта, мардумро ба гумроҳӣ ва роҳи нодуруст мекашонданд. Зардушт баъди мужда расонидан ба пайравонаш дар бораи дини неку ростин дар Готҳо дар бораи ин бадкорон чунин гуфта: «Аммо ин муждаҳо барои он кавиҳову карпанҳо, ки мардумро ба пайравии кирдори баду табоҳии зиндагӣ водоштаанд, нест. Онон равонашон ва зиндагиашон дучори шиканҷаву бим хоҳад шуд ва аз пули ҷинвант (сирот) ба бадтарин сарзаминҳо, ба сарои ҷовидонаи дуруҷ (дурӯғ) хоҳанд рафт «(Ясно, ҳоти 46-8). Дар ҷои дигар онҳоро ба девону маҷмӯъи онҳоро ба девистон монанд карда, мубориза ба муқобили онҳоро чунин тасвир кардааст: «Кай эй Маздо, ростиву некӣ ва сарзамини ободи киштшуда бо хонаҳои зебо ва хонаводаҳои комёр барои мо ба бор хоҳад омад? Кӯҷоянд ононе, ки партави ростӣ вуҷудашонро фаро гирифта, ки бо нируманди баробари девистони кинаҷӯ истодагӣ кунанд ва дар воқеъ эй Маздо инчунин касонанд раҳонандагои, сушиёнатҳо, ки барои ба самар расондани оин бо девону девпарастон ба пайкор бархостаанд» (Ясно, хоти 48/11).

Аз таносуби некиву бадӣ дар таълимоти зардуштия ду нуктаи муҳимми дигари ахлоқии зардуштия сар зада, ки дар адабиёти ахлоқии Асрҳои миёна бо номи ахлоқи ҳамида ва ахлоқи разила маълуму машҳур гардидаанд. Сароғози ахлоқи ҳамида маниш ё худ андешаи нек аст. Инсоне, ки исолати зиндагии худро бар мабнои некӣ устувор созад ва афкору ақидаҳои нек дошта, мусаллат ба донишҳои аҳуроӣ бошад, табиист, ки дар калому рафтори ӯ ҳеҷ гуна олудагиҳои ахлоқӣ мушоҳида намешавад, дар зиндагӣ муваффақ ва дар ҳаёти маънавӣ фараҳманд хоҳад шуд. Албатта, дар оини зардуштӣ афкори ахлоқӣ ва ҷиҳатҳои назарию амалии он ба соне, ки дар Асрҳои миёна дар осори намояндагони машҳури афкори ахлоқӣ—Форобию Насириддини Тусӣ, Ибни Мискавейҳу Ҷалолуддини Даввонӣ гаҳсимбандӣ шуда, вуҷуд надорад. Вале дар Готҳо нуктаҳои асосии афкори ахлоқии ниёгони бостонии мо ба назар мерасанд. Дар дигар паёмҳои Зардушт, ки таҳияву тадвин ва иншои онҳо дар замонҳои мутаахҳир сурат гирифтаанд,

шарҳу тафсири мақулаҳои ахлоқии оини зардуштӣ бешторанд.

Ба ҳар ҳол, дар Готҳо чунин таълимоти ахлоқии Зардушт бо роҳи пеш гирифтани дарку маърифат ва дигар аслу усулу фазилатҳои ахлоқи аз тариқи зинаҳои суудии Амшоспандони муқаддас, ки кулланоҳ ҳамандешаву ҳамгуфтору ҳамкирдоранд, тарғиб карда шудаанд, ки ба воситаи онҳо ба камолоти ҳақиқии рӯҳонӣ расида, Аҳуромаздоро дарк намудан мумкин аст. Аз ин рӯ, Зардушт дар Готҳо пайравони оини худро чунин даъват намуда: «Ҳамагон боясти ба некманишӣ ва некандешӣ ва гуфтору кирдори нек хушнудии Аҳуромаздоро фароҳам кунед. Чун ӯст, ки шодмониву хушии сармадист ва кирдорҳои нек анҷом шудааст, ки шуморо бо ӯ пайванд медиҳад ва аз хушии комил бархурдор мешавед» (Ясно, ҳоти 45/9).

Ҳамин тариқ, андеша гиромитарин ва бартарин офаридаи ҷаҳон ва меъёру фазилати ахлоқии ҳар шахс мебошад. Аз ҳамин диду ҳоҳ бояд ҳар пайрави оини зардуштӣ дар ҳамаи сатҳҳои зиндагӣ — барзгару деҳқон дар умури кишоварзӣ, ҳунарманд дар офаридаҳои ҳунарӣ, косиб дар корҳои касбии худ, шаҳриёр дар умури мамлакатдорӣ ва ғайра, ки феҳристи онҳоро шояд дар ин ҷо овардан ҳатмӣ набошад, амал кунад. Танҳо дар чунин сурат некӣ бар бадӣ, хайр бар шар, ростӣ ба дурӯғ ғалаба хоҳад кард, афроди ҷомеъа ба рӯзгори хуш ноил хоҳад шуд, равони афроди он пасандида ва фориғ аз гуноҳ хоҳад буд, дар ҷомеъа амали созандагӣ рушд хоҳад кард. Вале агар шахсе ба роҳи бад равад ва ё ба гуфтаву дастури шахси гумроҳкунанда гӯш фаро диҳад, ӯ оила, хона, деҳ, шаҳр ва кишварро ба табоҳӣ ва нобасомонӣ хоҳад кашонид. Чунин шахс манбаъ ва маншаи шар хоҳад буд, бо чунин афрод бояд бо силоҳӣ некию покдоманӣ ва порсоиву ростӣ мубориза бурд ва онҳоро аз ҷомеъа дур сохт. Бояд чунин нуктаро низ қайд кард, ки вобаста ба гуфтаҳои боло дар паёми Зардушт ба тамоми вазифаҳои ахлоқии одамон дар соҳахои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ масалан, вазифаи сарпарасти хонавода дар хонадон, кадхудои деҳ дар умури идораи раияти деҳ, ҳокимони шаҳру шаҳриёрони кишвар дар шаҳрдорию мамлакатдорӣ муайяну мушаххас гардидаанд.

Барои намуна шаҳриёри аҳурӣ, ки умури мамлакатро ба даст дорад, бояд ҳам фазилату нируи комил доштаа бошад, ҳам «фарри каёнӣ»-ро ба даст гирад, ҳам дорои андешаву маниши поку нек бошад ва, аз ин рӯ, ӯ зимни хидматгузориаш ба раият рафтору кирдори нек намуда, кишварро бояд ободу зебо кунад, онро аз таҳдиди душманон эмин нигоҳ дорад ва созандагиву пешравии кишварро ба роҳ монад, ки беҳтарин намунаи чунин шаҳриёрон Ҷамшеду Фариддуну Кайхусрав мебошанд, ки дар бахши гузашта ба онҳо ишора шуда буд. Дар ин бора дар Готҳо Зардушт чунин гуфта: «Маро орзу он аст, ки дар партави хиради муқаддас ва пайравӣ аз андешаву гуфтор ва рафтори нек ба ормони офаринишӣ расоӣ даст ёбему бикӯшем, ки бо тану равони мутаодил ҷаҳони шоду ором барои ҳамагон

пардохта гардад... Касе, ки дар партави хиради муқаддас ва қалби пок, андеша ва гуфтору кирдори нек ба равону дурустӣ ҳамоҳанг бошад, Маздо Аҳуро бо тавоной ва меҳри хеш ба ӯ порсоиву ҷовидонӣ хоҳад бахшид» (Ясно, 47/1). Дар бораи шаҳриёрии Ҷомосп дар Готҳо чунин гуфта шуда. «Эй Зардушт, кист он ки дар миёни покравон дӯст гарин аст барои ту, кист он ки миёни анҷумани бародарон имони устувортар дорад, ӯ Кай Виштосп (шоҳ Гуштосп) аст, ки саранҷом имонаш барои роҳи ростӣ ва покманиши басе ғанимат аст ва Зардушт сурудҳои неки худро барояш месарояд...» (Ясно, ҳоти 46/11). Роҷеъ ба шаҳриёрони бад, ки кирдори ношоиста доранд ва пайравони онҳоро Зардушт мазаммат намуда, дар бораи онҳо дар Готҳо чунин фармуда: «Он касоне, ки дар оин гӯш ба гуфтаҳои шаҳриёрони бадомӯз карда ва дар гуфтору кирдори бад аз онон пайравӣ мекунанд, бошад то дар сарои пасин бо равони бадон дар он даромезанд ва аз ҷумлаи ёрони Аҳриман ба шумор раванд ва дар он сарои пасин ранҷ ёбанд» (Ясно, ҳоти 49/7).

Яке аз рӯҳониёни оини зардуштӣ дастур Далла муътақид аст, ки таквои воқеъӣ дар ҳамаи динҳо дар қалби пайравон ё худ ҳомилони он дин нуҳуфтааст ва чун кирдори одамӣ натиҷаи амали андешаи ӯст, он метавонад инсонро ҳам ба амали бад раҳнамун сохта, ӯро ба гуноҳ биёлонад ва ҳам ба амали нек водор намуда, бо покиву порсой биорояд. Воситаҳои наҷобтахш на фақат барои раҳой бахшидан аз гуноҳон, балки ҷиҳати озодии рӯҳи инсон аз ин олами дуни пастӣ (гетӣ) зарур аст. Танҳо дар чунин ҳолат инсон ва рӯҳи ӯ бо баргузидатарин андешаву гуфтору кирдор мусаллат гардида, то ба остони Аҳуромаздо иртиқоъ меёбад. Ба назар чунин мерасад, ки ин хулосаи рӯҳонии оини зардуштӣ ишора ба ин суруди муқаддаси Готҳо мебошад: «Эй Маздо, эй Ашо, эй Аҳуро бингар диндоронро, он ростравон, ки дар андешаву гуфтору кирдор ҷуз он роҳи дигар напаймуданд ва ҳамин роҳ аст, ки анҷоми он чунон хуш хоҳад дошт дар он кишвари пуршавкат (хшатҳра)-и сармадӣ, ки мо ҳама хоҳони онем. Аз шавқу шӯр огандаам то ончунон подошеро ҳамакнун нигарон бошам, подоше, ки мардумон ба воситаи покӣ, ростӣ ва некманиши бад-он расанд» (Ясно, ҳоти 51/1).

Олимону мутафаккирон роҷеъ ба се асли асосии зардуштӣ ишораҳои зиёде кардаанд. Ардашери Ҷаҳониён дар «Бисту як навиштор дар бораи пояҳои дини зардуштӣ» гуфтаҳои баъзе аз олимону фарҳангшиносонро ҷамъоварӣ намуда, бо овардани мисолҳои зиёд аз Готҳо ва дигар адабиёти зардуштӣ пояҳои оини ростиро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст. Вале қабл аз овардани баъзе намунаҳо аз гуфтаҳои олимони Ғарб зикри як байти Мавлоно Румӣ дар бораи андешаи нек, рафтори нек ва гуфтори нек хеле бамаврид ба назар мерасад. Зеро дар он рӯҳи се асли асосии таълимоти ахлоқии зардуштия ба хубӣ ифода ёфтааст: «Эй бародар, ту ҳама андешай, Мобақиро устухону решай». Ба ҳамин мазмун Робендранат Такур гуфтааст,

ки Зардушт андешаву гуфтору кирдори некро усули дин қарор дод ва ганҳо роҳи саодати начотро ба пайравӣ аз ин се асл таълим додааст[141].

Ҳамвора бо олимону мутафаккирони Шарқ олимони Ғарб низ ба масъалаи мавриди баҳс таваҷҷӯҳи хосса зоҳир намудаанд. Яке аз диншиносони америкой профессор Венти бо қаноатмандӣ аз ахлоқи зардуштия иброз дошта, ки кохи зардуштӣ бар рӯи се сутуни баланду зебои андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек устувор аст ва ҳеҷ гоҳ хароб нахоҳад шуд. Дар ин бора ӯ навишта : «Зардушт паёмбари Эрони бостон барои ҷаҳон қонуне вазъ кард, ки асосу бунёди куллии мазоҳиб шуморида мешавад: андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек - оё беҳтару поктар аз ин чӣ метавон таълим дод. Зеро бар ҳама равшан аст, касеро, ки андешаи нек аст, ногузир дил ҳам поку гуфтору кирдор ҳам, ки ҳамеша бар андеша устувор аст, нек хоҳад буд»[192]. Агар ба ин суханон гуфтаи файласуф Метерлинг - қавонини ахлоқии таълимоти Зардушт яке аз олитарин ва соддатарин муқаррароти ахлоқии ҷаҳон аст - ро ҳамроҳ кунем, волоияти қонунҳои ахлоқии Зардуштия хуб ба назар намоён мешавад.

Ба таври хулоса метавон гуфт, ки андеша решаи ҳамаи некиҳост ва қувваи бекарони сарнавиштсоз ҳам дар ҳуввияти фардӣ, ҳам дар ҳуввияти динӣ ва ҳам дар ҳуввияти иҷтимой мебошад. Беҳтар аст бигуем, ки андеша чароғи роҳи сарнавишти афроди башар аст ва ҷойгоҳи асосии набарду муҳорибаҳои андешаҳои неку бад зиндагиву рӯзгори инсонист. Андешаи нек дар дини ахлоқии зардуштия бар дараҷае мақоми баланд дорад, ки як лаҳза андешиданро беҳтар аз сад соли тоат медонанд. Тибқи оини зардуштӣ рӯзе фаро хоҳад расид, ки андеша ё худ маниши нек бар бад,Спента Майню бар Андгра Майню дар набарди доимӣ дар олами моддӣ пирӯз хоҳад шуд ва ҷаҳон ба куллӣ ҷилвагоҳи зоти Аҳуромаздо ҳоҳад гашт ва ҳастиву дод бар зиндагии инсон домон хоҳад густаронид.

Дар воқеъ, асли ахлоқии некӣ на фақат дар оини зардуштӣ балки дар дигар оинҳои халқҳои Шарқ низ мушоҳида мешавад. Дар дини буддой, ки ҳомилони он аз қабилаҳои ҳиндуэронӣ буданд ва ҷиҳатҳои муштараки зиёди фарҳангӣ доштанд, усулҳои ахлоқӣ, махсусан наҳваи шинохти аъмоли дурусту нодуруст ва шинохти решаи он андешаи дуруст (андешаи озод аз шаҳват, бадхоҳӣ ва ситам), дурӣ ҷустан аз дурӯғ, кирдору зисти дуруст ва кӯшишу огоҳии дуруст ҳамвора бо якдилии афроди ҷомеъа шурӯъ шуда, бо маҷмӯъи қонунҳои зиндагӣ ва гуфтору андешаҳои фалсафӣ ба охир мерасад ва покии беҳамтои буддой касб мегардад. Дар сутраи II Tattvartha омада, ки рафтори рост бунёди дастёбӣ ба росткорист, бояд комгароиву ҳавасу андешаву баён ва аъмоли худро дар нури дониши дуруст баррасиву посдорӣ кард ва рӯҳи дар банди колбади инсонӣ гирифторшударо озод сохт. Бовари дуруст, дониши дуруст ва рафтори дуруст роҳи ягонаи раҳой аз банд аст. Ин се гавҳарро Tri—zatha меноманд [193].

Мактаби Конфутсий дар Чин низ ба масоили ахлоқӣ ва мавзуъҳои тарбиявӣ машғул буд. Пайравони ин мактаб хулосаи гуфтаҳои Конфутсий дар «Омӯзиши бузург»-ро маншаи омӯзаҳои ахлоқии худ қарор дода, харачу марачи асри худро ношӣ аз харачу марачи ахлоқӣ пиндошта, дар сададі ҷорӣ намудани ахлоқи ҳамида пардохтанд. Овардани як иқтибос дар ин ҷо кофист, ки намунаи истидлоли ақли амалии мутафаккирони Чини қадим баръало намоён шавад. Файласуфони классики Чин навиштаанд: Хирадмандони бостон, ки мехостанд фазилатро дар саросари сарзамини хеш пуровоза кунанд, нахуст бар вилояти худ нек фармон меронданд, чун мехостанд бар вилояти худ нек фармон биронанд, нахуст хонаводаи худро ба сомон мекарданд, чун мехостанд хонаводаи худро ба сомон кунанд, нахуст афроди онро парвариш медоданд, чун мехостанд афроди онро парвариш диҳанд, нахуст дилҳои онҳоро пок мекарданд, чун мехостанд дилҳои онҳоро пок кунанд, нахуст андешаҳои худро рост медоштанд, чун мехостанд андешаҳои худро рост бидоранд, нахуст дониши худро меафзуданд. Афзунии дониш аз ковиши ашё фароҳам меомад. Ашё, ки ковида шаванд, дониш камол меёбад, дониш, ки камол ёфт, андешаҳо рост мешаванд, андешаҳо, ки рост шуд, дилҳо пок мешавад...»[194].

Дар Юнон низ масъалаи хайру шар дар афкори Афлотуну Арасту ҷой дошт. Сарчашмаи тамоми хайр олами мавҷудоти ҳақиқӣ ё худ «мусул» («ғоя») ба шумор мерафт. Афлотун тани моддиву ловҷудро заминаи тамоми шар ва зиндони муваққатӣ эълон намуда. Ҳадафи асосӣ ва ниҳоии зиндагӣ раҳоии инсон аз тани ҷисмонӣ ва тааммулу тааққул дар бораи қаламрави зебоии «олами ғояҳо» иборат буд. Арасту саодати инсониро ба фазилату мазияти инсон ва аъмоли хайри ӯ марбут дониста, вазифаи шоистаи ӯро ба кор бурдани фаъолияти ақлонии инсон мепиндошт. Зеро хайри ҳар мавҷудоти зинда, ба фикри ӯ, иборат аз зоти он дар болотарин мартабаи фаъолияту таҳаққуқаш зоҳир мегардид.

Воҳу Мана ё худ Баҳман сарпарасту нигаҳбони ҳайвонот ва инсон мебошад. Дар адабиёти таҳқиқотӣ ин қазия ба таври мухталиф - гоҳ нигаҳбону ҳомии ҳайвонот, гоҳ нигаҳбону ҳомии инсон ва гоҳ нигаҳбони ҳар ду нишон дода шудааст. Қадри мусаллам он аст, ки чун Воҳу Мана аввалин офаридаи Аҳуромаздост ва наздиктарин махлуқи муҷаррад ба он нисбат ба дигар офаридаҳо мебошад, он андешаи комил ба шумор меравад ва табиист, ки вачҳи моддиаш олами ҳайвонот аст. Зеро инсон ҳамчун ҳайвони нотиқ ҷузви ин олам аст ва дар ҷаҳони гетӣ ӯ ашрафи махлуқот ба шумор меравад. Агар ба ин нукта қазияеро, ки тибқи он Аҳуромаздо «одамиро тибқи фитрати ахлоқии худ офаридааст»-ро ҳамроҳ кунем, ҳомию нигаҳбони ҳайвону инсон будани Воҳу Мана боз ҳам возеҳтар айён мегардад. Ба ибораи дигар, ба мисли он ки инсон дар олами гетӣ дар шахси Зардушт намояндаи Аҳуромаздо дар руи Замин аст, ҳайвоноту ҷонвароні

хубу судманд ва инсон ҳамчун афроди ҷомеъа ваҷҳи гетиёнаи Воҳу Мана мебошад Ҳамин инсон дар «қавси сууд» Воҳу Манаро бо хираду андешаи хеш дарк карда, ба мақоми аҳурой расида метавонад. Яъне инсон дар олами гетӣ ҳамчун шахси озоду мунфарид (akosmik) амал кунад ҳам, дар ниҳояти кор, ба Кайҳон васл шуда, ҳуввияти кайҳонӣ (kosmik) пайдо мекунад. Агар ба Готҳо, хусусан ба матнҳои Авестои мутааххир назар афканем, мушоҳида мешавад, ки дар онҳо аз аҳлӣ намудани ҳайвонот ва домдорӣ сар карда то фаъолияти гуногуни хоҷагӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ниёгони мо аз даврони оғозини таъриҳ мавриди баррасию таҳлил қарор гирифтаанд, ки ин масъала мавзӯъи таҳқиқи махсуси пажуҳандагон дар оянда хоҳад буд.

Мувофиқи таълимоти оини зардуштӣ вақте инсон дар сайри такомулии худ ба «Андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек» мусаллат шуд, қадам ба зинаи сеюми такомули ахлоқӣ – Ӯрдубиҳишт (Аша Ваҳишта) мениҳад. «Эй Ӯрдубиҳишт, тавфиқи беҳзистиро дар паноҳи некандешӣ дар ин сарзамин пароканда соз...» (Ясно, ҳоти 28/6). Аша Ваҳишта сеюмин қонуни ахлоқии ҳастӣ, назму низом ва созмони ҷаҳон аст. Он қонуни тағъирнопазирест, ки на танҳо зиндагии башар, балки тамоми Коинотро ба сӯи мақсади асосӣ сафарбар намуда, рушду инкишофи мавҷудот ва сайри таквиниро мувофиқи қонуни Ашой ба сӯи камолот ҳидоят мекунад. Аша Ваҳишта дар таркиби Амшоспандон мақоми воло дорад ва ҳамчун дуюмин офаридаи Аҳуромаздо дорои мазмуну маъниҳо ва мафҳумҳои зиёд мебошад. Аз худи номи авестоии он «Аша Ваҳишта» маълум мегардад, ки он далолат ба қонуни Ашой ва ростӣ дорад. Маънои «Ашуи» ё «Ашо» дар адабиёти зардуштӣ ба таври гуногун шарҳу таъбир шуда. Масалан, Мэри Бойс дар асараш паҳлуҳои гуногуни истилоҳӣ ва маъноии Ашоро шарҳ дода, ҳамвора таъкид намудааст, ки тарҷумаи он ба забони англисӣ ниҳоят мушкил аст.Ҳамдамҷон Мӯъминҷонов онро аз рӯи мазмуни матнҳои Авесто қонуни муштараки табиию илоҳие ба қалам додааст, ки «мазмуну моҳияти ҳастӣ, танзиму ҳамоҳанг кунандаи кайҳон, мизони андешаву гуфтору кирдори одамӣ»[195]-ро ифода мекунад.

Ба ҷуз маъниҳои ёдшуда Аша Ваҳишта низоми ҳастӣ, порсой, адлу дод, шинохт ва ҳатто маърифатро низ дар бар мегирад. Агар ҳамаи хусусиятҳои Ашуиро бо як калима ифода карданӣ бошем, истилоҳи «покӣ»-ро истифода бурдан шояд ҷоиз бошад. Ин ҷо ҳам покии зоҳирӣ – покии тану ҷомаю хона ва кӯчаву деҳу шаҳру кишвар ва ҳам покии ботинии инсон— парҳезкориву порсой ва покии қалбу андешаи инсонӣ дар назар дошта шудааст. Назму низом ё худ қонуни Ашуӣ рушду инкишофи пешравандаи ҳар ду олами миноию гетӣ дар сикли кайҳонии дувоздаҳҳазорсолаи оини зардуштиро таъмин менамояд.

Ашо дар адабиёти зардуштӣ хости аҳурой ё худ машияти илоҳӣ ба

қалам дода шудааст. Инсон дар фаъолияташ озод аст, вале Ашо низ мисли андешаи нек ва ҳамчун додаи аҳурой мизон аст, ки натиҷаи фаъолияти инсон баъди анҷоми он санҷида мешавад. Бино бар он ки Аҳуромаздо хубӣ, некӣ ва доди мутлақ аст, роҳи дуруст зистанро ба бандагонаш нешакӣ нишон медиҳад, касе аз он нишондод дур шавад ва онро риоя накунад, дар зиндагиаш ранҷ хоҳад кашид. Ашо ҳамчун қонуни адлу дод дар тамоми ҷаҳони ҳастӣ ҳукмфармой дорад ва ҳеҷ падидаву рӯйдоде аз ин қонун дар канор монда наметавонад. Ашуй он қадр мақоми арҷманд дорад, ки онро ба унвони сифате ба номи Зардушт ҳамроҳ карда, дар адабиёти зардуштшиносӣ бо номи Ашузардушт ёд кардаанд. Тибқи таълимоти зардуштия дар олами гетӣ қонунҳои муайяни ахлоқӣ, ки шояд онҳоро қонунҳои илалу маълули раванди такомули ҷомеъа шуморидан ҷоиз бошад, амал мекунанд. Маҷмуъи ҳамин мақулаҳо, ки ҳам бори гарони арзишҳои ахлоқиро дар олами гетӣ ва ҳам зинаҳои таквини ҳастиро дар силсилаи маротиби вуҷуд ба дӯш доранд, қонунҳои Ашой меноманд. Умуман дар Авесто ин истилоҳ ба таври фаровон вомехӯрад. Фақат дар Готҳо номи Ашо қариб 200 бор батакрор омадааст. Масалан, дар яке аз сурудҳои он омада: «Инак, Ашоро ба ёрӣ мехонам, он ростии пирӯзгар, ки мавҷиби комёрӣ хоҳад шуд» (Ясно, ҳоти 51/5)

Қонуни Ашой дар олами улвӣ дар Аша Ваҳишта, ки «Бундаҳиш» онро «буни ҳамаи минувони фароз гумошта», беҳтарин парҳезкорӣ, бемаргӣ ва бахшандаи баракати илоҳӣ, дар олами гетӣ заминаи андешаи нек ва фаъолияти инсонро дар амали созанда дар чаҳорчуби силсилаи мақулаҳои ахлоқи ҳамида (ки ҳам хусусияти тарбиявӣ ва ҳам хусусияти ҷаҳоншиносӣ дорад) таҷассум мекунад. Он аз рости, порсой, адлу дод, покии тану равон ва дигар сифатҳои ахлоқие, ки барои барқарории ҳуввияти фардиву иҷтимоии афроди ҷомеъа зарур аст, иборат мебошад. Агар амали инсон созанда набошад ва холӣ аз сифатҳои ёдшуда бошад, буну мояи ҷаҳони гетиро таҳким бахшида наметавонад ва он ба фасод рӯ меоварад.

Аҳуромаздо баробар бо Ашост ва Ашо дар ин сурат хосту машияти офариданро нишон медиҳад. Аз ин рӯ, ҳар фард, ки ҷузъи таркибии ҷомеъа мебошад, дар интихоби амал ва кору зиндагӣ озоду соҳибихтиёр аст, бояд роҳи Ашой, ки роҳи тайкардаи худовандист, интихоб намояд. Ашо дар зиндагии инсон бевосита дахолат намекунад, вале натиҷаи аъмоли ӯро ба тавассути ҳамин қонунҳои Ашо мушаххас менамояд. Ашо дар хиради Аҳуромаздо ба вуҷуд омадааст. Аҳуромаздо офаранда, Спента Майню пуёву дунболкунандаи офариниш ва Ашо пуёи такомул ва ростиву адлу дод аст. Албатта, Зардушт тавассути қонуни Ашой ба мисли қонунномаи Ҳамурапӣ ва ё қонуни Ману як қонуни қазоиро, ки дорои бахши кайфарҳои ҳуқуқӣ ба аъмоли инсон бошад, ба вуҷуд наовардааст. Вале қонуни Ашоии ӯ кайфари бадкорону гунаҳкоронро на бо қонунҳои қазой, балки бо

арзишҳои ахлоқӣ ҳукм мекунад ва ба адлу дод ба он баҳо медиҳад. Ҳамон тавре ки дар адабиёти таҳқиқӣ ёд шуда, аъмоли инсон дар олами гетӣ аз назари худованд ҳеҷ гоҳ дур намемонад. Дар ин кор се изад – Суруш, Рашн ва Меҳр ҳамчун ёварони вафодори Аҳуромаздо ба ӯ кӯмак хоҳанд кард ва тамоми фаъолияту рафтори инсонҳоро таҳти назари худ қарор хоҳанд дод.

Бино ба назари муҳаққиқон, аз ҷумла Фарҳангмеҳр решаҳои усули ахлоқии оини зардуштӣ аз ҳамон офаридаҳои муҷарради аҳурой об мехурад. Ба ибораи дигар, дурахшишҳои офаридаҳои муҷарради олами миновӣ дар олами гетӣ ба таври куллӣ ва дар шахси инсон ба таври ахас либоси ҳастӣ мепӯшад ва гамоми ҳаводиси олами ҳастӣ ё худ кавну фасод ҳамчун мазҳари ташаххусёфтаи олами миноӣ зери назари қонуни Ашо ба вуқӯъ мепайвандад. Дар ин кор аз байни се изаде, ки дар боло номбар шуд, Меҳр, ки ҳамабину дорои ҳазор чашм аст, тамоми рафтори одамиро дар ҳар куҷое набошад, мебинад ва аз назари ӯ чизеро пинҳон доштан имконнопазир аст. Аслан Меҳр қудрату мазҳари нур аст ва дар Аҳди бостон ба худои ҳақиқату адолат ва паймон табдил шуда буд, ки юнониён дар таҷассуми ӯ бо алоқае, ки ба ҷамол доштанд, аз диди зебой аз ӯ кӯмак мехостанд, вале дар сарзамини Осиёи Миёнаву Эрони бостон бештар аз зовияи ахлоқӣ ба ӯ нигариста, ҷиҳати ахлоқии омӯзаҳои меҳрпарастиро инкишоф додаанд[196].

Суруш ҳамаи ҳарфҳои инсонро хоҳ бо овои баланд гуфта шуда бошад ва хоҳ бо овози паст, мешунавад ва гуфторе нест, ки аз доираи самеъияти ӯ дур бимонад. Гуфтору кирдори инсон таҳти назари ин ду изад аст ва Рашн, ки изади сеюм бошад, нигаҳбонию ҳофизи ростиро ба ӯҳда дорад. Дар Рашняшт калимаи «Рашну» ба маънои адлу дод омада ва дар Авестои мутааххир Меҳру Сурушу Рашн аксаран дунболи ҳам қарор доранд. Масалан, дар яке аз муроҷиатҳои Зардушт чунин омада: « Эй Меҳр, дорандаи даштҳои фарох, эй Суруши барозанда, эй Рашни ростгарин... эй ҳамаи изадони неку судрасон, орзумандам эй офаридгори поктарин хиради расоию ҷовидонӣ, нируманду пойдорӣ, то он ки ба дасти маниши нек (бигустаронам оинро) (Ясно, Ҳоти 65/5) . Пас роҳи ростӣ ва умури адолат дар Ӯрдубиҳишт (Аша Вашита) тавассути изадони мазкур дуруст ба роҳ монда хоҳад шуд ва шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки Душен Гуиллемин худо, хирад ва ростиро « таслис»-и рӯҳонӣ дар дини зардуштӣ хондааст, ки Ашо дар он ҳам ҳамчун қонуни табиӣ, ҳам ҳамчун қонуни иҷтимоъӣ ва ҳам ҳамчун қонуни илоҳӣ ҷилванамой мекунад.

Зиндагии пуршукӯҳу созанда яке аз хусусиятҳои қонуни Ашой аст. Фарҳангмеҳр муъҳтақид аст, ки хиради аҳурой, ростӣ ва тавони ахлоқӣ аз оини касонест, ки барои ободонии ҷаҳон кор кунанд ва дар тамоми кӯшишҳо бояд дилҳоро аз хашму дурӯғ дур нигоҳ дошта, дурустиву ростиву меҳрро ғустариш диҳанд. Афроди ҷомеъа якҷоя шуда роҳбаронеро бояд баргузинанд, ки дар Ашой пойдор бошанд, ба доной кор кунанд ва ба роҳи

тоза кардани ҷаҳон аз ҳамаи олудагиҳо гом гузоранд [197]. Муҳаққиқон таъкид кардаанд, ки оини зардуштӣ ба се ҳуввият – фардӣ, динӣ ва иҷтимоӣ асос ёфтааст. Дар мавриди аввал инсон бояд барои Ашуӣ ва никуӣ дар олами кавну фасод мубориза барад. Дар мавриди дуюм муборизаи ахлоқӣ дар дин мақому манзалати онро пойдор мекунад ва имони динӣ (ки дар суруду ситоишҳои китоби муқаддаси Авесто омада) аз тариқи риояти қонунҳои ахлоқӣ боиси иртиқоъи инсон ба камолоти маънавӣ ва руҳонӣ мегардад. Ба ибораи дигар, ба сифати аҳкоми динӣ арзишҳои ахлоқие амал мекунанд, ки пайравони оини зардуштӣ онҳоро бояд ҳамчун усул ва омӯзаҳои динӣ бипазиранд ва тибқи он амал намоянд. Ҳуввияти иҷтимоии дини зардуштӣ нисбатан доманадор аст ва шомили тамоми соҳаҳои умури иҷтимоӣ мебошад. Он дар соҳаи зиндагии ҷомеъа аз тадбири манзил ва муносибати афроди хонавода сар карда то рафтору кирдори шаҳриёрони кишвар дар умури идорӣ, аз аҳлӣ намудани ҳайвоноти судовар сар карда то ба ҳаёти муқимӣ гузаштан дар давраи сохтори табақотӣ, тавсиаи киштзору рушди тамоми соҳаҳои кишоварзӣ, пеш бурдани зиндагии пуршукӯҳу созанда аз пок намудани тану равони шахсӣ сар карда то расидан ба камолоти ахлоқӣ ва дарки сифатҳои аҳуроӣ дар соҳаи маънавиётро дар бар мегирад.

Дар воқеъ, чунин қонунҳои ахлоқӣ дар дигар динҳои Шарқи бостон низ мушоҳида мешаванд. Масалан, дар дини ҳиндуҳо, ки худ аз қабилаҳои ҳиндуэронӣ буда, як вақтҳо бо ниёгони ориёии мо зиндагии муштарак доштанд, омӯзаҳои ахлоқӣ мақоми аввалиндараҷа доштанд. Муҳаққиқон мӯътақиданд, ки дар адёни ҳиндуҳо, аз ҷумла дар ҳиндуия ва буддоия қонунҳое ҳастанд, ки аз ҷиҳате ва дар ҳадди муайяне бо қонунҳои Ашо дар Готҳо мушобеҳат доранд. Яке аз онҳо қонуни Дхарма, ки бунёди ахлоқӣ иҷтимоии он мазоҳиб аст ва дигаре Карма, ки қонуни иллату маълул ба шумор меравад, «Ашо усули ахлоқии Дхарма ва Кармаро якҷо дар бар мегирад. Дхарма низоми ахлоқию иҷтимоӣ, қонуни вазифашиносӣ ва тақворо мерасонад ва Карма қонуни сабабият аст. Ҳар кас бо кирдораш зиндагии хешро шакл медиҳад»[198]. Тавре ки Ҷалолуддини Оштиёнӣ қайд карда, инсон дар оини ҳиндуҳо бояд аз се хурофа парҳез кунад: 1) бовар ба худоён ва парастиши онҳо ба умеди беҳбудиву файз (Devamuda); 2) обтанӣ дар рудҳо ба умеди пок шудан аз зиштиҳо (lokamuta); 3) бовар ба шайтону найрангбозон ва пазируфтани онҳо ба роҳбарии оинӣ ва андешай (Dasardimuda) «беҳтарин роҳ барои даст ёфтан ба боварии дуруст баррасии кайфиятҳои сириштии ниҳони поки инсон аст ва он ки ба дурустӣ ва камоли поку ноби дарун пай барад, онро таҳаққуқ бахшад, инсонӣ комил ва бартар (Рақа matman) хоҳад шуд, ки ҳадафи зиндагии оинист»[199].

Маъмулан Ашоро бо ростӣ баробар медонанд ва ин ду мафҳум рукни асосии ахлоқии зардуштия маҳсуб мешавад. Дар Готҳо низ «Ашо (=Ростӣ)» омада ва аввалиро ба номи пайғамбари зардуштия (Ашузардушт) ва

дуюмиро ба номи дини ӯ ҳамроҳ карда, оини зардуштгияро «оини ростӣ» («оини ростин») хонадаанд. Ростӣ беҳтарин додаи аҳуроист ва дар бисёр ҳолатҳо дар Готҳо ростӣ бо некӣ низ яксон дониста шудааст. Чун дини зардуштӣ, ба фикри мӯътақидони ин оин, ҷовидон аст, ростӣ низ бепоён буда, бо фаро расидани як даври (сикли) комили кайҳонии дувоздаҳҳазорсола ба охир намерасад. Он мисли худи дини зардуштӣ фарозамонист ва бо поёни замони каронманд хосияти фавқуззамониро касб хоҳад кард. Аз ин рӯ, Суҳроб Ҷамшед Баласара зоида шудани се сушиёнат аз тухмаи Зардуштро мавриди баррасӣ қарор дода, сушиёнати аввалро «равиши афзояндаи ростӣ», сушиёнати дуюмро «равиши фурӯганиву имон» ва сушиёнати сеюмро «таҷассуми ростӣ ё хубӣ» ба қалам додааст.Ӯ се сушиёнатро се марҳилаи пешрафти дин—рушду нумӯи ростӣ, тасбиту афзоиши имон ва таҷассуми хориҷии некии мутлақ медонад[200]. Аз ин рӯ, Зардушт дар Готҳо ростиро тараннум намуда, гуфтааст, ки то ҷон дар бадан дорад барои густариши оини ростӣ ва гаравиши мардум ба ин дини ростӣ кӯшо хоҳад буд. Ҳамин мазмунро дар пурсиши он ки оё гаравандагони дин аз ин неъмати ростӣ бархурдор хоҳанд шуд, Зардушт чунин посух гуфта: «Оре, эй Маздо, чунин хоҳад шуд, чун оин беҳтарин армуғони башарист, он оине, ки ман овардам ва ба ростӣ яксон аст, пайравонро фараху осоиш ва ростгорӣ хоҳад бахшид. Пас, ононе, ки гузиниши ин роҳ кунад, аз ҳамаи он бахшишҳои миновӣ баҳраманд хоҳад шуд. (Ясно, ҳоти 44/8).

Дар оини зардуштӣ касоне, ки ростиву дурустиро дар фаъолияташон пешаи худ қарор медиҳанд, ҳам дар зиндагии моддии худ комёб хоҳанд шуд ва ҳам маънавиёт худро ғанӣ гардонда, ба камолоти рӯҳонӣ ноил хоҳанд гашт. Зеро дар зиндагии созанда ростӣ бар дурӯғ,афзояндагӣ ба коҳидагӣ ва дигар сифатҳои ҳамидаи ахлоқӣ бар сифатҳои разила ғолиб хоҳад омад. Рост бошу рост биандеш ва рост бигӯ ва гоме ҷуз ростӣ барнадор. Рост бош то шарманда нагардӣ, рост бош то парешон нагардӣ, рост бош то дармонда нагардӣ, ростӣ калиди ростгорист. Ростӣ равони тоза ба зиндагии моддии мардум бахшад. Роҳи рост якест ва он ҳам ростист, дигар ҳама роҳ бероҳа аст. Зардушт ин шиорҳои оини худро бо тамоми овоз танинандоз намуда, гуфтааст, ки касе ба роҳи покиву ростӣ дар зиндагӣ рӯ оварад ва порсоиро низ пеша намояд, ҷойгоҳаш биҳишти аҳурӣ хоҳад буд. Дар Готҳо дар ин бора мегӯяд: «Зиндагии хушу ба ком дар ҳар ду ҷаҳон азони касе бошад, ки беҳтарин манишу роҳи ростиро баргузидаанд...» (Ясно, ҳоти 30/4). Дар ҷои дигар омада: «Эй Маздо, туро ситоишгарам, ҳамчунин бо забони ҷон Ашо (= некманиш) ва Хшатра (Нирумандӣ)-ро меситоям, ки аз он пуштибонии изадӣ бархурдор хоҳад буд ва бар асари хости туст, ки роҳҳои фарозини Осмон ба рӯят гушуда хоҳад шуд» (Ясно, ҳоти 50/3).

Дар иқтибосҳои боло ишора ба олами улвӣ ва ҷаҳони миновӣ шуда.

Ин далолат ба он мекунад, ки агар ҳар кас дониши ростин ва фурӯғи равонро бо хираду андешаи нек тобнок намояд, роҳи покманиши ва худшиносиро тай кунад, такомули ботиниву маънавӣ дар ӯ пайдо хоҳад шуд. Бо роҳи содиқ будан ба қонуни Ашо ва пеш гирифтани роҳи ростӣ инсон метавонад ба Аҳуромаздо наздик шавад, расоиву ҷовидониро ба воситаи Воҳу Мана ва Ашо барои худ таъмин намояд. Беҳуда дар яке аз шиорҳои оини зардуштӣ гуфта нашуда, ки «дар маслаки мо роҳ якест ва он роҳи ростист, ки ҳомилонашро ба остони худой мерасонад».

Ормони порсой такмилу расоии офариниш аст, ки зимни он инсон ба маърифати олами миной ноил шуда, бо он васлат пайдо мекунад. Расой дар ин ҳолат тану равони инсонро фаро гирифта, таодули онҳоро барқарор мекунад. Барои порсо шудан баробари хираду маниши поку ростӣ парвариши равон низ лозим аст. Зардушт дар Готҳо роҷеъ ба ин масъала навишта: «Хосторам эй Маздо Аҳуро, ки ба василаи рости (= Ашо) шукӯҳи ҳар ду ҷаҳонро ба мо арзонӣ дорӣ, он шукӯҳи моддиву маънавӣ, ки диндоронро хуррамиву шодмонӣ бахшид» (Ясно, ҳоти 28/2).

Дурӯғ дар оини зардуштӣ ба ростӣ муқобил гузошта шуда, яке аз сифатҳои разили ахлоқӣ ва нируи аҳриманӣ шинохта шудааст. Дурӯғу дурӯғгӯй нишони сустӣ, шикастаҳолӣ, ночорӣ ва ваҳму тарсу ҳарос аз ростиву ҳақиқат аст. Дурӯғ аз забунию пастӣ сар мезанад. Онро маъмулан сарпуши тамоми гуноҳони содира медонанд. Шахсе, ки аз неъмати бузурги ростӣ маҳрум шавад ва ё инсоне, ки нафсашро ба ҳавою ҳавас диҳад, ӯ ногузир ба дурӯғгӯиву аъмоли нодуруст мутамоил мегардад. Дар чунин ҳолат бояд қувваи некӣ, ки гӯё дар вуҷуди инсон ҳамчун отифаи ростӣ маҳфуз аст, ӯро аз каҷравӣ ва дигар аъмоли разила боздорад ва ба роҳи ҳақиқат равона созад. Вале агар ҷомсъа ба дурӯғгӯй одат карду роҳи дурӯғгӯиро пеш гирифт, он ҷомеъаро ногузир ба вартаи табоҳӣ мекашонад. Дурӯғ зиндагии инсонро ба дӯзах ва ростӣ ба биҳишт табдил медиҳад. Аз ҳамин ду рукни ахлоқӣ дар оини зардуштӣ мафҳумҳои дӯзаху биҳишт пайдо шуданд, ки баъдтар ҳамаи динҳои мутаол онҳоро дар таълимоти худ ҷой дода, вобаста ба шароити тозаи иҷтимоиву фарҳангӣ ба диду таълимоти худ мутобиқ сохтанд ва назари динии охиратшиносӣ (эсхатология)-ро ба вуҷуд оварданд. Дар дини зардуштӣ ин назария, чуноне ки қайд гардид, бар пояи ахлоқӣ ба вуҷуд омадааст.

Роҷеъ ба ду рукни ахлоқии росту дурӯғ дар готҳо он қадар суханҳои бисёр гуфта шуда ва паҳлуҳои гуногуни онҳо мавриди таваҷҷӯҳи паёмбар Зардушт қарор гирифта, ки бо овардани чанде аз он ҷойгоҳи ин рукнҳои асосии ахлоқиро дар таълимоти зардуштӣ нишон додан мумкин аст. Зардушт навишта: «Инак бузургу солори дурӯғпарастон аз роҳи фиреб ба гуфтор пардохта, мабодо касе ба суханони ӯ гӯш диҳад, чун он омӯзишҳоест, ки хонаву хонавода ва рустову кишварро ба табоҳу касол мекашонад. Бар

шумост, ки ин касонро аз миёни худ бардоред»: «Он гоҳ дар вопасин, онон, ки пайравӣ аз дурӯғ карданд, шикаставу дар ҳам рехта шаванд ва дар он ҳангом аст, ки ёрони Баҳман ва пайравони ростӣ пирӯз шаванд, музди он ҳама некӣ биситонанд ва ба ошёни хеш сармадӣ андар шаванд (Ясно, ҳоти 30/10); «Эй Аҳуро, хосторам то омӯзиш ёбам, ки чӣ гуна дурӯғпарастонро барафканда ба ростигароён бисупорам то баробари оин бо онон рафтор кунанд. Инчунин шикасту ранҷи бегумон барои дурӯғпарастон хорию шикасти бузург хоҳад буд» (Ясно, ҳоти 44/10); «Эй Аҳуромаздо, роҳе, ки аз сӯи ту овардаи онам роҳи ростист, роҳест, ки суди одамӣ дар он аст, аммо он роҳи дигар роҳи дурӯғ аст, роҳе, ки ҷуз зиёну табоҳӣ баҳрае намедиҳад. Ин сон аст, ки орзумандам то мардумон ба роҳи ростӣ бигараванд ва бо ҳамаи ниру аз он роҳи дурӯғ бипарҳезанд (Ясно, ҳоти 49/2).

Дурӯғ на фақат дар Готҳо мазаммат шудааст, балки дар дигар ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ низ мавриди сарзанишу накӯҳиш қарор гирифтааст. Масалан, Дорои Кабир дар сангнабиштаи «Тахти Ҷамшед» зимни баёни қаҳрамониҳо ва корнамоиҳояш матнеро низ сабт намуда, ки дар он аз ҷумла гуфта шудааст: «Ин кишвари Аҳуромаздо гирифтори лашкари душман ва қаҳтиву дурӯғ мабод»[201]. Ҳамин гуна навиштаҳо дар катибаи «Нақши Рустам» дар Шуш низ дида мешавад, вале насиҳати Доро ба ҳамватанонаш, ки дар катибаи Беҳсутун ҳак шудааст, хеле омӯзандатар ба назар мерасад. Дар он чунин омада: «Ҳар кас, ки бихоҳад бинои истиқлоли мамлакату саодати миллаташро бар асоси маҳкаме қоим созад, бояд дурӯғро аз он марзу бум ронда ва ростиро дар он сарзамин устувор намояд»[202]. Дурӯғ дар матнҳои паҳлавӣ ва Авестои мутааххир фақат дар баъзе ҳолатҳои истиноӣ муҷоз дониста шудааст: 1) барои беҳбудӣ миёни ду нафар, ки агар ҷуз ин гӯй мояи ошӯб шавад: 2) ба зану фарзанд дар баъзе маворид, ки рост гуфтан мояи ошӯб шавад ва бими куштор бошад. Бо этимоли қавӣ зарбулмасали «дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез» аз ҳамин нукта сар задааст. Дар дигар маворид гуфта шуда, ки дурӯғро нобуд ва табоҳ кун, онро сарнагун соз, дурӯғро бишкан ва бо он дар ситез бош, онро аз худ дур намо, ростиро пеша ва онро дар зоҳиру ботин яксон кун. «Онгоҳ дар вопасин, онон, ки пайравӣ аз дурӯғ карданд, шикаста ва дар ҳам рехта шаванд ва дар он ҳангом аст, ки ростӣ пирӯз шавад...» (Ясно, ҳоти 30/10)

Дар воқеъ, мазмунҳои воқеъ дар матни Готҳо ва катибаҳоро муаррихону муҳаққиқон ва ҳатто мутафаккирони Аҳди атиқаи юнонӣ низ таъйид кардаанд. Масалан, Ҳеродод масъалаи дар байни эрониён роиҷ набудани дурӯғ ӯро чунин қайд намудааст: "Эрониён аз хариду фурӯш ва муомилоти бозор мутанаффир буданд, чун зимни он ба дурӯғ ғуфтану фиреҳтани якдигар маҷбур мешуданд. Онҳо инчунин моил ба қарз

гирифтану қарз додан низ набудаанд...” Дар китоби аввали “Таърих”-и Ҳеродод (аз банди 131 то поёни банди 140) дар бораи русуму одот ва дину муъҳаҷидоти порсиён иттилооти муфиде ироа гардида ва роҷеъ ба дурӯғ чунин нигошта шудааст: «Эрониён бадтарин чизҳоро дурӯғгӯй медонанд. Дуюмин зиштиву бадӣ ва бадеҳкорист, ки бар онанд ҳар фарде, ки бадеҳкор шуд, ночор дурӯғ мегӯяд... Ҳаргиз рудхонаву оби равонро ба ҳеҷ василае олуда намекунанд ... номи онҳо далолат дорад ба беҳиҳо ва хушиҳои ҷисмиву рӯҳӣ, ки оинашон ба он далолат мекунад»[203].

Файласуф ва нависандаи асри сеюми мелодӣ Порфирий дар «Таърихи фалсафа» ном китобаш зери номаҳои Пифагор аз вай дар бораи ақоиди муғон нақл карда навиштааст, ки муғон «ростиро ба ҳама чиз бартарӣ дода, Ҳурмузро чунон тасвир карда ба сони пайкарае, ки аз нуру равшноии холис бошад ва равоне аз вай, ки гароиш ба сӯи ростӣ дошта ва аз зиштию дурӯғ гурезон аст»[204]. Ҳошими Разӣ назари зардуштшиносонро роҷеъ ба дини даврони Ҳахоманишиён бар се асл ҷамъбаст намуда, барои таъйиди фикраш матне аз мақолаи Бенвенист оварда, дар мавриди масоили ахлоқӣ ба чунин фикре расидааст, ки «миёни ибороте аз катибаҳо ва ривоёти Ҳеродод ҳаммонандиҳои бисёр ҷолибе барқарор аст. Гуфтаи Ҳеродод дар бораи нафрату кароҳати беш аз ҳадди эрониён дар бораи дурӯғ мубаййини ин иборот дар катибаи Дориюш аст, ки: ту ки рӯзе шоҳ хоҳӣ шуд, аз дурӯғ бипарҳез ва касеро, ки дурӯғ мегӯяд, сахт муҷозот кун»[205].

Дар достонҳои асотирии «Бундаҳиш» муборизаи нируҳои ҳурмузӣ ба муқобили девон намунаи муборизаи ин ду қувваи мутазод мебошад. Дар олами гетӣ дурӯғгӯёну дурӯғпарастон ба ҳамин девон монанд карда шуда, Аджи Даҳакро, ки ҳамон Заҳҳоки морон аст, маҷмуъ ё худ мазҳари тамоми қувваҳои аҳримании заминӣ медонанд. Бо ин қувваҳои аҳриманӣ бо силоҳи асосии муборизаи—ростиву ростқорӣ дар партави андешаи нек муборизаи бурдан зарӯр аст. Ба нақл аз «Ҷаҳоншиносии зардуштӣ»-и мубад Рустами Шаҳрзод, дар суханони баёншуда дар яшти ихтисосии «Урдубиҳиштяшт» дурӯғ чунин тасвир шудааст: «Дурӯғ бояд табоҳ гардад, бояд сарнагун шавад, дурӯғ бояд нобуд гардад» (Урдубиҳиштяшт, банди 15).

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки ростиву дурустӣ ва маҳулаҳои тазоди он дурӯғу дурӯғпарастӣ яке аз рукнҳои асосии афкори ахлоқии оини зардуштӣ мебошанд, ки аз офаридаҳои муҷарради Аҳуромаздо ва «Аша Ваҳишта» вобастаанд. Ростӣ аз маҷмӯъи рафтору кирдорҳое иборат мебошад, ки тамоми ҷанбаҳои зиндагии ҳаёти инсонро дар бар гирифта, набарди он бо дурӯғ ҳам дар ҳаёти шахсии афроди ҷомеъа, ҳам дар ҳаёти кишоварзии чорводорону барзгарон ва хам дар аъмоли мубадону сипаҳсолорони он давру замон мушоҳида мешуд. Ростории ҳақиқӣ ва дурусткории воқеъӣ, ба фикри Рустами Шаҳрзод касест, ки агар ростӣ бар зарараш бошад ҳам аз он даст барнадорад ва дар ҳеҷ ҳол аз шоҳроҳи ростиву

дурустӣ мунҳариф нагардад. Зеро агар рӯҳи худро дар Аша Ваҳишта парвариш дода, инони нафсу ҳавою ҳавасҳои худро ба даст гирифта тавонад, ҳаргиз ба дурӯғгӯй намепардозад. Ростӣ беҳтарин фаруза ва сифати одамист[206].

Ба назар чунин мерасад, ки аз қадимулайём ростӣ яке аз ифтихороти халқҳои осиёи Миёнаву Эрони бостон будааст. Ниёгони ориёии мо, тибқи маълумоти ҳамаи муҳаққиқону мусташриқони атиқаю муосир, дар ростгӯиву росткорӣ шӯҳрати офоқию оламӣ доштаанд ва аввалин оини мутаоле, ки дар саҳнаи таърих арзи вуҷуд намудааст, дар пояи услуби ахлоқӣ қомат барафрохтааст. Дуруст аст, ки дин шолудаи ахлоқ нест, вале дар мавриди зардуштия ахлоқ ба дин кӯмаки фаровон кардааст ва динро ба олитарин, пурмӯҳтавотарин ва пухтатарин меваи фарҳанги ахлоқӣ табдил додааст ва рӯҳи муборизаву ситезҳо дар он пойбанди усули ахлоқӣ гардидаанд. Ба ин маънӣ, ахлоқи зардуштия муштақ аз илоҳиёти он намебошад, балки он муқаддам ба илоҳиёт аст. Беҳтар аст бигӯем, ки худи дин ва усулҳою аҳкоми он бар мабнои боварҳои ахлоқии фарҳангу тамаддуни ориёӣ ташаккул ёфта, маданияти моддиву маънавии Аҳди бостонро гирди меҳвари худ ҷазб намудааст.

Аша Ваҳишта нигаҳбону ҳомии оташ дар олами гетӣ мебошад. Маҳз барои ҳамин ҳам дар авом дини зардуштӣ дини оташпарастӣ тасаввур шудааст, вале пайравони ин оин худро оташпараст намешуморанд, балки оташро рамз ё сумбули Аҳуромаздо медонанд. Чунин эҳтиром ба оташ аз он ҷиҳат аст, ки оташ зояндаи нур аст ва он нурро маъмулан нури ҳидояту илоҳият меноманд, ва, аз ин рӯ, оташ ба дӯши худ бори фалсафиро мекашад. Аз ҳамин нукта, ба фикри Муҳаммад Иқбол, назарияи файз ё худ судури навафлотуния нишот гирифта, дар Таврот (дар боби сеюми Хуруҷ) Ҳазрати Мӯсо дар водии Тур аз дур садои ғайбро аз миёни анбӯҳи шӯълаи оташ ба мақоми пайғамбарӣ расиданашро шунида, дар Инҷил оташро сӯзонандаи пардаи ҷаҳлу ғафлат қаламдод намудааст. Сураи «Нур» дар Қуръони маҷид ва пайдоиши осори зиёди сӯфиёна ба мисли «Ламаъот», «Ҳикмат-ул-ишроқ» ва истилоҳҳои «нур-ал-анвор», «нури испаҳбудия», «нури ломеъа» ва гайра ба ҳамин масъалаи оташ вобастаанд. Ишқи ҷаҳонгири сӯфиёна оташи муқаддасест, ки ҷуз худо дигар ҳама чизро месӯзонад.

Агар рамзу тамсилҳои оташ дар олами гетиро, ки дар аксари таҳқиқотҳои муҳаққиқон ба онҳо ишора шудааст, ба таври хулоса баён кунем, маълум мегардад, ки оини зардуштӣ ба мисли оташ, ки беолоиш аст, дини пок аст ва пайравони он бояд (1) мисли оташ поку дурахшон бошанд (2) ба мисоли он ки шӯълаи оташ ба боло забона мезанад, пайравони дин ҳам бояд ба боло «ба сӯи рӯҳонияту илоҳият» пешравӣ кунанд ва иртиқоъ ёбанд (3) ба сони шӯълаи оташ, ки ба поин ҷазб намешавад, саъй кунанд, ки маҷзуби хоҳишҳои пасти нафсонӣ ва ҳавою ҳавасҳои зулмонӣ нашаванд

(4) ба мисли он ки оташ ҳамаи нопокиҳоро пок мекунад, вале худаш олуда намешавад, мўъҳтақидони ин дин бо бадӣ биситезанд, вале худро бо он олуда накунанд (5) ҳамон тавре ки аз як ахгар чанд оташ афрўхтан имконпазир аст, тавлиди як фикр ё як амали неки накўкор амолу равони афроди бешуморро неку пок ва муназаҳ хоҳад кард (6) пайрави ин оин пас аз бархурдор шудан аз фурўғу донишу бениш дигаронро аз он бохабар созанд ва дар зиндагӣ мисли оташ фаъол бошанд.

Бино ба таълимоти дини зардуштӣ оташ ба шакли барқ аз Осмон ба Замин нузул кардааст ва "озар" яке аз қадимтарин номҳои оташ дар забони эронии қадим мебошад. Яъне оташ ва озар ҳар ду аз як решаанд. Дар Авесто atrar ва atarsh, дар паҳлавӣ atur, atar ва atash ва дар форси azar шудааст[207]. Бесабаб нест, ки «Ригведа»-и ҳиндӣ бо суруди оташ оғоз мешавад. Умуман озар дар Авесто оташи ҳурмузӣ ё писари Ҳурмуз аст. Дар Авестои давраи сосонӣ озар мавриди ситоиш қарор гирифтааст. Дар Ясно, ҳоти 17/1, Оташниёиш, Ҳафтяшт ва Хурд Авесто ниёиши оташ ва навъҳои он, фурўзон нигоҳ доштани оташ оварда шудааст. Масалан, дар Оташниёиш омадааст: «Ту эй оташи Аҳуромаздо, ту эй ҷилвагоҳи он бузургтарин сазовори ситоиш, фурўзон бош дар ин хона, ҳамвора партаваг бо забонаҳои сурхфом рахшанда бошад то замони бепоён». Озар душмани Аждаҳо (Аджи Даҳака) аст ва ба ў ғалаба хоҳад кард. Мувофиқи маълумоти Деҳхудо дар «Луғатнома» оташ ҳанўз дар замони аввалин подшоҳи каёнӣ-Ҳушанг муқаддас дониста мешуд. Ҳакимон оташро мазҳари равшанӣ дониста, муқаддасу пок нигоҳ медоштанд ва руҳониён дар парастишгоҳҳо дар партави фурўзони он ба ситоишу ниёиш мепардохтанд. Онҳо оташро ба мисли Ҳурмуз абадию ҷовид медонистанд.

Дар суруди мазкур оташ чунин ситоиш шуда: «Дуруду ситоиш ба ту эй оташи Аҳуромаздо. Меситоям ин равшании поку дурахшонро, инак ба мо ошкорӣ, тавону пирумандиҳо бахшой, то беҳтарин андешаву гуфтору кирдорро дошта бошем. Ёриямон деҳ, ки бо бадиву зиштӣ ва дурўғ пайкор кунем. Равонро полуда гардон аз бадӣ ва роҳи бефарҷом, то шоистаи парастиши Аҳурой бузург бошем» (Оташниёиш, банди 9).

Муҳаққиқи муосири эронӣ Муҳаммади Рашшод масъалаи оташпарастиро дар Осиёи Миёнаю Эрони бостон баррасӣ намуда, онро пояи асосии дини зардуштӣ донистааст. Ба фикри ў вуҷуди оташкадаҳои зиёде дар фарози баландиҳо, дахмаҳои Нақши Рустам ва дигар маҳалҳо, ба монанди тасвири мунаққаш дар харобаҳои Тахти Ҷамшед нодурустии иддаои баъзе муҳаққиқонро, ки аҷдоди моро пайрави оини зардуштӣ намешуморанд, собит мекунад. Ин ақидаро сиккаҳои зиёд, ки дар як руи онҳо шакли оташкада нақш шуда, дар руи дигараш подшоҳони давраи Эрони бостон акс ёфтаанд, тасдиқ мекунанд. Дар Готҳо роҷеъ ба шўълаи фурўзони оташ чунин омада : «Аз он шўълаи оташи фурўзон, ки намоёнгари

зоти худовандии туст, эй Аҳуро, подошу сазои касон равшан шавад. Забонаи оташи паёмовар он ростиву доди сармандист, ки барои некон ромишу хушӣ ба ҳамроҳ дорад ва барои бадроҳон ранҷу шиканҷа» (Ясно, ҳоти 34/3).

Дар дини зардуштӣ ҳамаи маросимҳои анъанавӣ бе фурӯзондани оташ намегузашт. Оташ ба ҳама нуфузкунанда ва ҳамаро тозакунанда ба ҳисоб мерафт. "Дар меҳроби хонавода, дар оташгоҳи оташкада оташи равшану тобандаи аҳурой забона мекашад, ниёишгарон ба даргоҳаш суруд мехонанд ва ӯ хостор аст то беҳтарин чӯби хушбӯро дар бистараш ниҳанд... ва ба гӯши ҷон мешунаванд овои оромишбахши оташро ..." (Оташнисиш, банди 5). Парастиши оташ ҳамчун ҳақиқат ва рамзи адолати илоҳӣ низ қаламдод шудааст.

Дар ҳудуди Осиёи Миёнаю Эрони бостон оташпарастӣ ба дараҷае интишор ёфта буд, ки оташ асоси ҳастии олами сифлӣ дониста мешуд. Ба оташ эътиқод кардан дар шаклҳои гуногун, аз парастиши диниҳои ибтидоӣ сар карда то системаи мураккаби идеологӣ вуҷуд дошт ва ин масъала нақши худро дар дастурҳои муғони зардуштӣ гузошта буд. Суханони файласуфи давраи атиқаи юнонӣ Гераклит дар бораи он, ки «олам аз оташи ҳамеша фурӯзанда ва ҳамеша хомӯшшаванда иборат аст» шояд аз ҳамин тасаввуроти динии Эрони бостон ғизои маънавӣ гирифта бошад. Мувофиқи баъзе маълумотҳо ин масъаларо Фердинанд Лассал дар китобаш роҷеъ ба Гераклит қайд карда, таъкид намудааст, ки файласуфи юнонӣ принсипи оташро аз Авесто гирифтааст.

Дар ибтидо зардуштиён оташкада ва тасвири антропоморфии худоро надоштанд. Баъдтар коху гунбадҳои баланд ва парастишгоҳҳои шукӯҳманд сохта, ба парастиши оташ аз замони Ҳушангу Ҷамшед ва Фаридуну Кайхусрав шурӯъ намуданд. Дар давраи Ҳахоманишиён, эҳтимол дар давраи Дорои 1 худоро мисли худои ошуриҳо тасвир мекардагӣ шуданд. Дар ҳамин вақт оташкадаҳо дар давраи салтанати шоҳони модӣ пайдо шуда буданд. Ин фикрро археолог Д. Стронах низ тасдиқ кардааст[208].

Дар аҳди Ҳахоманишиён нақши табақаи рӯҳониён, хусусан мутаваллиёни оташкада зиёд шуд. Дар натиҷаи ҳафриётҳо маълум гардид, ки се маъбади бузург дар замони Ҳахоманишиён вуҷуд доштааст. Яке дар Пасаргат ном маҳалле, ки осораш то имрӯз барҷо аст. Он ба амри Куруш сохта шуда буд. Маъбади дигар дар наздикии мақбараи Доро воқеъ буда, маъбади сеюм дар шаҳри Шуш дар замони Ардашери II бино шудааст. Оташкадаҳо, ба гуфтаи Ҳошими Разӣ, бисёр содда ва аз хонае иборат буданд, ки шакли бурҷи мукаабро доштанд. Ба онҳо ба воситаи зинаҳо ворид мешуданд ва муғон ҳамеша оташи муқаддасро дар онҳо фурӯзон нигоҳ медоштанд[209]. Дар оини зардуштӣ намоз ба сӯи равшной (нур, Хуршед, Моҳтоб, оташ) хонда мешавад, зеро равшной намоди судоварест ва ҷое, ки равшноист, онҷо ростиву расой ҳамчун мазҳари Аҳуромаздо вуҷуд дорад.

Дар замони Сосониён оташкадаҳои гуногун пайдо шуданд. Онҳо аз ҷиҳати аҳамияташон ба дараҷаҳои мухталиф тақсим мешуданд. Вилл Дурант таъкид карда, ки дар оини зардуштӣ тарошидани бут ва сохтани маъбадҳои боҳашамат маъмул набуд. Пайравони он қурбонгоҳҳои муқаддасеро дар қуллаҳои кӯҳҳо ва дар дохили кохҳо, маркази шаҳрҳо бино мекарданд ва барои адои эҳтиром ба Аҳуромаздо муқаддасоти поинтар аз вай – оташ меафрӯхтанд. Худи оташ низ бо номи Атар (Озар) парастида мешуд. Яке аз воҷиботи динӣ фурӯзон нигоҳ доштани оташи хонаводагӣ буд [210].

Ҳар шоҳи ба сари ҳокимият омада оташи худро дошт, ки рӯзи ба тахт нишастанаш он гиронда мешуд. Аз байни оташкадаҳои мавҷуда оташкадаи шоҳу сипоҳон дар ҳудуди Озарбойҷони ҳозира, оташкадаи коҳинон дар Форс ва оташкадаи кишоварзон дар Хуросон аз ҳама маълуму машҳур буданд. Дар сохтани оташкадаи бузурги давлатие, ки бо дастури Шопури I сохта шуда буд, Картир нақши асосӣ бозидааст. Дар он оташ афрӯхта ва ин "фурӯғи осмонӣ" маҳфуз нигоҳ дошта мешуд.

Деҳхудо дар "Луғатнома" қайд кардааст, ки дар аҳди Сосониён ҳафт оташкадаи муътабар мувофиқ бар ҳафт ситораи сайёр вуҷуд дошт, ки номҳояшон чунин буданд: Озармеҳр, Озарнуш, Озарбаҳром, Озароин, Озарҳарин, Озарбарзин, Озарзардушт[211]. Дар бораи мавҷуд будани оташкадаҳо дар Суғд бисёр муаллифони Асрҳои миёна аз қабили Балазурӣ, Берунӣ, Мусъудӣ, Табарӣ, Наршахӣ маълумот додаанд. Дар ёдгориҳои санъати тасвирии Суғди қадим низ намуди оташкадаҳо баръалоина мушоҳида мешавад. Ин масъала дар таҳқиқоти А.М. Беленитский мавриди баррасӣ қарор гирифтааст[212]. Оташ аз давраҳои қадим дар дини зардуштӣ унсури муқаддас дониста мешуд, зеро нуру ҳарорати оташ аз рукнҳои муҳимми зиндагии инсон ба шумор мерафт. Аз давраи санг сар карда ачдодамон муътақид буданд, ки ҳарорат дар се шакл ва дар се маҳал - дар рӯи Замин дар шакли оташ, дар ҳаво (дар олами барзах) дар сурати ҳарорат ва дар Осмон ба шакли Хуршед вуҷуд дорад.

Умуман дар Авесто оташ аз панҷ қисм иборат аст. Ин қисмҳо дар Ясно 11,17 ва тафсирҳои паҳлавии он оварда шудаанд. Мувофиқи маъхазҳои мазкур оташи аввалро Berezisavagha ё худ оташи Баҳром, ки оташи судманду муқаддас ва маншаи осмонӣ дошт. Оташи фурӯзони оташкада ҷузве аз он оташи осмонӣ дар назди Аҳуромаздо маҳсуб мешуд. Он рамзи ростие дониста мешуд, ки ба одамон қувва мебахшад. Оташи Баҳром аз рӯи анъана 16 намуд дошт, ки он аз оташи хонаводагии табақаҳои гуногуни рӯҳониён, сарбозон, тоҷирон, косибон ва ғайра иборат буд. Оташи 16-уми -Баҳром оташи раъду барқ ба шумор мерафт. Оташи дуюм Vohu-Feiane оташи мавҷуда дар бадани инсон ва ҳайвон мебошад, ки дар колбади онҳо гармӣ мебахшад ва боиси таҳрику ҷараён ёфтани зиндагӣ маҳсуб

мешавад. Оташи сеюм Urvazishta оташест, ки дар наботот ниҳон аст. Оташи чаҳорум Vazista оташи абр аст, ки дар сурати барқ зоҳир мешавад ва девонро аз фарози Осмон дур месозад. Оташи панҷум- Spenishta оташи биҳиштиест, ки дар ҳузури Ҳурмуз месӯзад [213]. Оташи Найрисангха- Nairisangha, ки ҳангоми қурбониву ҳадоё афрӯхта мешуд, аз Эрон ба Ҳинд интиқол ёфтааст.

Дар аҳди қадим дар хонаводаи ҳар зардуштӣ оташгоҳе мавҷуд буд. Ҳокимон дар замони Селевкиён раиси оташкада низ ба шумор мерафтанд ва сиккаҳои худро бо акси оташу оташкада мезаданд. Нав намудани оташ мувофиқи қоидаи умумӣ анҷом мегирифт. Ба оташ фақат муғон, ки либоси махсус доранд, нигоҳубин мекарданд. Онҳо ҳамчун рӯҳониёни оини зардуштӣ ба тақвияту густариши мазҳаби мазкур аҳамияти махсус дода, табақаи муқтадиреро ташкил намуданд. Дар ибтидо онҳо фақат коҳинони мазҳабӣ буданд, вале минбаъд барои манфиатҳои шахсии худ мубориза бурда, қудрати бештар ҷамъ намуданд ва шахсони олиругбаи зардуштия ҳисоб мешуданд. Усулҳои ахлоқӣ ва маросимҳои диниро дар байни халқ паҳн менамуданд. Дар давраи Сосониён муғон синферо ташкил медоданд, ки аз мубади мубадон, ҳирбади ҳирбадон ва дигар рутбаҳо иборат буданд. Ҳар яке аз онҳо шуғли муайян ва вазифаи хосеро анҷом медоданд. Мубади мубадон ба ҳамаи руҳониёни кишвар раёсат дошт ва пас аз шоҳ шахси дуюм ба шумор мерафт. Ҳирбади ҳирбадон мақоми нисбатан олӣ дошт. Ҳуқуқу нуфузи мубадону ҳирбадон то дараҷае буд, ки пас аз марги подшоҳон то онҳо подшоҳи тозаро тасвиб накунад, ӯ шоҳи расмӣ дониста намешуд.

Яке аз муғон ба саволи як нафар исавӣ дар бораи оташпарастӣ ҷавоб дода гуфтааст, ки "мо ба ҳеҷ ваҷҳ оташро худо намедонем, балки ба воситаи оташ худоро меситоем, чуноне ки шумо ба воситаи салиб ӯро ибодат мекунед". Ин суханони як нафар руҳонии зардуштӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки оташ қуввату шиддати махсусе дорад. Мубадон масъули нигоҳдории он дар оташкадаҳо мебошанд ва умуман оташ аз ҳамаи дигар унсурҳо дар зардуштия бартарӣ дорад.

Анъанаҳои фарҳангии пешазисломии аҷдодамон на фақат дар ҳудуди Осиёи Миёнаю Эрони бостон, балки берун аз ҳудуди он низ инкишоф ёфтааст. Ба қатори дигар унсурҳои фарҳангӣ дин низ дар Шарқу Ғарб нуфуз карда буд. Масалан, дар Рими қадим оташи муқаддасро дар Vesta нигоҳ медоштанд. Дар Юнон олиҳаи оташро Hista меномиданд ва ҳиндуён онро Agni мегуфтанд. Мувофиқи маълумоти Ҷеймс Ҷорҷ Фрэзер дар Ғарб аз қадимулайём расме ҳаст, ки дар он деҳқон рӯзҳои муайяни сол оташ гирондa, дар гирди он рақс мекарданд ва ё аз он мепариданд. Гумон меравад, ки ин одат ба ибтидои асрҳои миёна мансуб бошад. Баъзе муҳаққиқон қайд мекунанд, ки ин одат то пайдоиши масеҳият вуҷуд доштааст. Аввалин

маълумотро мо дар ин бора аз иқдоми синодҳои масеҳӣ медонем, ки ин расмро ҳамчун русуми куҳан барҳам доданӣ буданд. Баъзан дар оташ лӯхтакҳои одаммонандро сӯхта, рамзи ба оташ андохтани инсонро ифода мекарданд.

Маъмулан оташ дар баҳор ё нисфи сол, дар баъзе ҷойҳо дар охири тирамоҳ ё зимистон гиронда мешуд. Масалан, оташро дар арафаи иди рӯза (пасха) мегиронданд. Гирондани оташ дар рӯзи якшанбеи рӯзадорӣ дар Бельгия, қисми шимолии Франтсия ва бисёр қисматҳои Германия васеъ интишор ёфта буд. Дар Гданд-Алле ҷавонҳо ҳезумро ҷамъоварӣ намуда, бегоҳии рӯзи якшанбе оташ мегиронданд. Агар дар ҳафт ҷои деҳ гулхан афрӯзанд гӯё деҳашонро аз оташсӯзӣ эмин нигоҳ медоштаанд. Оташро марде мегирондааст, ки дар деҳ охирин хонадор шуда бошад. Дар Франтсия (Фанш- Конте), Германия, Австрия ва Швейтсария низ чунин ҳолатро мушоҳида намудан мумкин буд.

Дар мамлакатҳои Ғарб дар рӯзи таодули офтобӣ (23 июнь) оташ гиронда мешуд. Барои он ки ба ин маросим ранги масеҳӣ диҳанд, онро ба муносибати Иоан номгузорӣ карданд. Ин ид дар замони то милод гузаронида мешуд. Дар ин рӯз Офтоб ба боло қарор гирифта, роҳи нузули он бо хати уфуқӣ шурӯъ мешуд. Ин ид дар Европа аз Исландия сар карда то Руссия дар шарқ ва аз Норвегияю Шветсия сар карда то Испанияю Юнон дар ҷануб қайд карда мешуд. Ин се хусусияти фарқкунанда: гирондани оташ. бо машъал ба кӯчаҳо баромадан ва давр занонидани чарх дар мамлакатҳои зикршуда мавҷуд буд. Оташи таодули зимистонӣ низ тақрибан ҳамин зайл гузаронида мешуд [214].

Сеюмин зинаи доираи комили оини зардуштӣ Хшатра вайриа (Xsatra-vairya) ё худ Шаҳривар аст. Ҷузъи аввали он – «Хшатра» маънои ҳукумату тавоной ва ҷузъи дуюмаш—«вайриа» ба маънои баргузида, интихобшуда омада, ки дар якҷоягӣ «тавоноии баргузида», «салтанати баргузида»-ро ифода мекунад. Дар Авесто ин офаридаи муқаддаси Аҳуромаздо ба маъниҳои гуногун омадааст. Яке аз маъниҳои он «ба кор андохтани ҷамеъи қувваи инсон бидуни гараз», маънии дигари он истифодаи нируи равонии ӯ аст. Истифодаи Хшатра вайриа чун шаҳриёри осмонӣ, кишвари орзушуда (беҳтарин кишвар ба монанди Мадинаи фозила), қудрати илоҳӣ ва шаҳриёрии инсон ба ҳавою ҳавасҳои нафсонии худ, нируи изадӣ, ҳукумати аҳурой аз густардагии маънои истилоҳи мазкур шаҳодат медиҳад. Ташаккус пайдо намудани ин офаридаи муҷарради Аҳуромаздо дар олами моддӣ далолат бар он мекунад, ки дар тамоми қаламрави сарзамине, ки ин дини «беҳӣ» амал мекунад, ба мисли Воҳу Мана (аслҳои ахлоқии андешаи неку гуфтори неку рафтори нек) ва Аша Ваҳишта (Ашоиву ростӣ) бояд шаҳриёри ростӣ фаъолият бикунад ва дар он сарзамин ҳукумати аҳуроиро барқарор созад, бо тамоми фасоди иҷтимоъӣ аз дурӯгу бухлу кина ва ҳавою ҳавасҳои

нафсонӣ сар карда то бадбиниву душманӣ ва дигар аъмоли ношоистаи ахлоқӣ мубориза барад. Ба ибораи дигар, шаҳриёри аҳурой додаи худованд аст. «Хшатра» ҳамон касе хоҳад буд, ки дар зиидагӣ хирадманду накӯкор, росткору созанда, бархурдор аз қудрати маънавии фазоянда аст ва тамоми нируи худро барои густариши некиву ростӣ ва хираду маниши ноби аҳуроию мубориза ба муқобили қувваҳои аҳриманӣ дар олами гетӣ истифода менамояд.

Дар ин бора Зардушт дар Готҳо аввал ба унвони масъалагузорӣ саволе ба миён гузошта, ки «Кай хоҳад буд то фурӯғи осмонии аҳурой бар ин замин саросар бигустаронам?» (Ясно, ҳоти 28/5) ва лузумияти чунин шаҳриёри нирумандро иброз дошта, гуфтааст: «Барои нигаҳбонӣ шаҳриёри ҷанговар боястӣ, оё ӯ хоҳад тавонист, бедодию ситамро чунон як фармонравои нируманд барандозад, бошад, ки ончунон нируманд бошад» (Ясно, ҳоти 29/7). Шаҳриёри аҳурой вақте мумкин мегардад, ки мардум покманишию порсоиро дар ҳафт кишвар ва саросари олами ҳастӣ бигустаронанд. Танҳо дар чунин ҳолат паёмбари зардуштӣ имкони амали созандаро дар олами гетӣ имконпазир мешуморад. Ӯ роҷеъ ба ин масъала дар Готҳо фармуда: «Ман, ки Зардушт ҳастам то андозае, ки қувва дорам, душмани ҳақиқии дурӯғпарасту ҳомии қавӣ барои дӯстдорони ростӣ хоҳам буд, то бад- ин васила шаҳриёрии ҷовидони бекарони Аҳуромаздоро фароҳам созам» (Ясно, ҳоти 43/8). Ин гуфтаи Зардушт аз бисёр ҷиҳат ҳамон наҳваи кишвардории шоҳони асотирии пешдодию каёнӣ ба мисли Ҳушангу Фаридуну Кайхусрав ва шаҳриёри замони зиндагии пайғамбар—шоҳ Виштоспро ба хотир меоварад, ки аз ӯ ба хотири пазируфтану интишор додани оини зардуштӣ паёмбар борҳо ба некӣ ёд кардааст: «Шоҳ Виштосп, он дорандаи гоҳи шаҳриёрӣ дар шумори аъзои анҷуман даромад ва бо некманишӣ ин оини ростиро қабул кард ва инак, комёбамон дар густариши оин зиёд аст» (Ясно, ҳоти 51/8)

Чунин ба назар мерасад, ки Зардушт дар ин ҷо масъалаи сифатҳои шоҳи одилро ба миён гузошта, ки дар ин бора дар китоби Фатҳуллоҳи Муҷтабой «Шаҳри зебои Афлотун ва шоҳии ормонӣ дар Эрони бостон» сухан рафта ва назари Зардушт нисбат ба шаҳриёриро «ҳокими ҳаким» ба қалам додааст, ки дар асрҳои миёна дар афкори иҷтимоию сиёсии мутафаккирон бо номи «Мадинаи фозила» маълуму машҳур гардидааст. Зардушт таъкид намуда, ки агар шаҳриёр ба омӯзаҳои ахлоқии Воҳу Мана, Аша Ваҳишта мусаллат набошад, кишварро ба табоҳӣ мекашонад: «Маро биогоҳон аз сазои он шаҳриёре, ки бар пояи дурӯғпарастӣ ва бадсиришти мардумро фармон ронад. Эй Аҳуро, ин чунин касон ҳеҷ гоҳ фарҷоми хуш наёбанд, чун ба замин бедод мекунанд, корварзони заминро меозоранд ва сутуронро ҷафоҳо раво медоранд» (Ясно, ҳоти 31/15).

Вақте ба матни Готҳои Авесто ва дигар адабиёти зардуштӣ муроҷиат мекунем, ба хубӣ мушоҳида мешавад, ки ба ақидаи Зардушт, касоне метавонанд ҳомиёни мамлакат бошанд, ки пайрави кишу ҳукми Маздо бошанд, барои нобуд сохтани хашму дурӯғ муборизо баранд ва ба раият қонунҳои Ашой омӯзанд. Фармондориву фармонбардорӣ, ки як рукни муҳимми умури салтанати шаҳриёрии оини зардуштӣ мебошад, суннати бою ғанӣ ва собикаи пешдодию каёнӣ дорад ва, аз ин рӯ, Зардушт ба ин масъала таваҷҷӯҳ намуда, шаҳриёри мамлакатро ба додгарӣ худшиносӣ, мардумнавозӣ, нирумандӣ, накӯкорӣ даъват намуда, гавъамон қайд кардааст, ки подшоҳони хуб бо кирдору таълимоти шоиста бояд кишварро идора кунанд ва тавони созмон додани зиндагии ояндаи кишварро аз тариқи муҳаббату дӯстӣ дошта бошанд. Дар он адлу дод, андешаи неку покманиши, зиндагии созандаю боланда барқарор кунанд ва ҳамаи афроди ҷомеъа, аз ҷумла кишоварзону домдорон ва дигар қишрҳои ҷомеъа судрасон бошанд. Ба ин маънӣ бо таваҷҷӯҳ ба анъанаи шоҳони асотирӣ ва таҷрибаи шаҳриёрони давлатҳои муқтадири иломию модии қабл аз Зардушт, паёмбар дар Готҳо таъкид карда, ки «подшоҳони хуб бо таолиму одоби хуб бояд салтанат кунанд, на ин ки шаҳриёрони бад бар мо фармонраво гарданд» (Ясно, ҳоти 47/5). Дар ин робита бояд ба «Фарри каёнӣ», ки шарҳаш дар фаслҳои гузашта ироа шуда буд, ишора кард. Зеро дар Готҳо «фарри каёнӣ» ҳамчун нуре тафсиф шуда, ки барои волоияти мақому манзалати шоҳӣ тавассути офаридгор ба баргузидагонаш илҳо мешудааст.

Аз рӯҳи сурудҳои Готҳо чунин бармеояд, ки «Хшатра вайриа» нисбат ба дигар сифоти Аҳуромаздо бештар бори фалсафаи иҷтимоиро мекашад. Он ҳамчун иқтидори некӣ ва қувваи раҳмонӣ на фақат умури кишвардорию шаҳриёриро ба маъноии маъмули он дар назар дорад, балки тамоми умури зиндагии мардуми хонаводаю деҳ ва шаҳру кишварро дар бар мегирад. Сокинони онҳо аз кишоварзу коргар ва ҳунарманд сар карда то кадхудову шаҳрдору шаҳриёр бояд мунтаҳои кӯшишу фаъолияти худро барои хидмат ба мардум дар партави қонунҳои Ашой сафарбар намоянд, то адлу адолат ва саодату ҳукумати илоҳӣ дар ҷаҳон барқарор шавад. Дар ин бора Зардушт дар Готҳо чунин фармуда: «Эй Маздо Аҳуро, инак, ин манам, ки аз рӯи некандешӣ ва неккирдорӣ дар роҳи онам то хонаю хонавода, рустою кишварро ба сомон расонам, маро роҳ намо то чӣ гуна рафтор кунам ва чи сон васила созам» (Ясно, ҳоти 31/16).

Чуноне, ки аз иқтибоси боло маълум мегардад, Зардушт зиндагии иҷтимоъро бар панҷ поя устувор медонад. Ин панҷ ниҳоди иҷтимой иборатанд аз хонавода, деҳ (вис), шаҳр (зенту), кишвар (даҳу) ва созмони оинӣ дар онҳо. Зиндагии хонаводагиро Зардушт нахустин ягони ҷомеъа медонад, ки пояи саодати инсонӣ аз он шурӯъ мешавад. Форобию Ибни Сино ин масъаларо дар Асрҳои миёна инкишоф дода, ба он номи «Тадбири

манзил» гузоштаанд. Дар оини зардуштӣ хонаву хонавода маҳалли муносибату муошират падару модар ва фарзанд мебошад. Тани инсон, ки аз як мушт гушту пусту устухон баст ёфтааст, аз лиҳози ҷисмонӣ бо ҳам ҳеҷ тафовуте надорад, вале андешаву равон аз ҳам фарқ мекунанд ва сарвари хонавода бо аҳли оила тарзе бояд рафтор намояд, ки ниҳоди хонаводаро пойдор гардонад. Зардушт дар Авесто «хонахудои поку саромади порсой»-ро сутуда, хонаводаро дар колбади ҷомеъа монанди ҳуҷайра дар колбади инсон дониста аст. Марди бузурги хонавода роҳбари хурди ҷомеъа маҳсуб мешавад ва бояд тавонову додгар бошад, оиларо аз ранҷу табоҳӣ эмин нигоҳ дорад. Марду зану фарзанд дар ин ягони нахустини ҷомеъа ҷойгоҳи худро доранд.

Мақоми марду зан дар хонавода, дар оини зардуштӣ ба боварҳои қадимаи ориёии ниёгони мо рафта мерасад, ки дар ниҳодаш унсурҳои фарокайҳонӣ ниҳон аст. Ба ҳамин иллат пайдоиши силсилаи маротиби вуҷуд дар оини зардуштӣ аслҳои музаккар (нарина) ва муаннас (модина) дорад ва бо эҳтимоли қавӣ ин нукта аз суннатҳои дерини саросари ҳавзаи мадании баҳри Миёназамин, ки маҳалли интишори ориёиҳо дар ҳудуди ҳазораҳои дуюм ва якуми пеш аз милод мебошад, сар задааст. Зеро онҳо Заминро ба сурати олиҳа ва Осмонро ба сурати худои ҷонбахш (Замин-Модар, Осмон-Падар) мепарастиданд ва ситоиш мекарданд. Роҷеъ ба ҳамин масъала дар «Бундаҳиш» чунин омада: «Ин чаҳор чиз нар (ва ин) чаҳор мода хонанд: осмон, фелез, бод ва оташ наранд ва ҳаргиз ҷуз ин набошанд; обу замин ва гиёҳу моҳӣ модаанд ва ҳаргиз ҷуз ин набошанд. Дигар офаридагон нару мода бошанд»[125]. Дар ин маврид агар сухан дар бораи мард равад, дар Готҳо ва андарзномаҳои аҳлоқии зардуштия суханҳои ҳикматомези зиёде гуфта шуда. Масалан, Ҳусайни Ваҳидӣ дар «пояҳои ормони порсой» аз назари таълимоти зардуштия ба мард муроҷиат карда чунин нигоштааст: «Бо чеҳраи гирифта парохаму андӯҳнок пой ба хона манеҳ. Ҳангоме ки гом ба хона мениҳӣ ҳамаи ранҷҳову гирифториҳо ва нохурсандиҳоятро берун бигзор ва замоне, ки дар хона ҳастӣ ҷуз хандаву шодмониву оромиш кори дигаре макун. Бикӯш, ки пайваста бо дастҳои пур ба хона биёй. Хонаи ту дилангезтарину беҳтарин ҷоҳост, хуширо дар хонаи худат биҷӯй. Коре кун, ки фарзандонат бо ишқу дилбастагӣ пой ба хона биниҳанд. Хонаатро покиза нигаҳ дор ва онро конуни гарми зиндагиат соз. Дошгани хонуми хуб зояндаи андешаи хуб аст»[216].

Дар ҷои дигар роҷеъ ба муносибати мард бо зан дар хонавода суханони ибратангези тавъам бо волоияти мақоми зан чунин омада: «Дасти занро бӯса зан, то бузургии пойгоҳи ӯро хоста бошӣ. Агар занеро бигирёнӣ саранҷом рӯзгор гирёнат мекунад. Занро хор макун то ба хорӣ маяфтӣ, паймонатро бо зан машикан, то паймонат шикаста нашавад, дили занро машикан, то дилат шикаста нашавад. Ба зан пушт макун, то рӯзгор ба ту

пушт макунад, обрӯи занро марез, то рӯзгор обрӯятро марезонад, ба хостаи зан даст маёз, то хостаат ба бод наравад, занро маёзор то рӯзгор озорат мадиҳад, занро босазо бисито, то сутуда бошӣ. Эй мард, бо зан бо хубию нармӣ рафтор кун, вале фармонбару бардаи зан машав, то сабук нашавӣ. Эй зан, бо мард бор бардор ва бизо, бо мард дар ҳама корҳо анбозӣ бикун»[217].

Аз назари оини зардуштӣ кори аз ҳама арҷманду зебо пайванди заношӯист. Наздикии меҳромез байни зану мард аз шигифттарин, зеботарин ва дилангезтарин ҳодисаи зиндагӣ мебошад. Дар зиндагии заношӯй пояи асосӣ меҳр аст. Марде, ки бо зани худ меҳр меварзад, бо худову зиндагӣ ва зебой меҳр варзидааст. Аз ин рӯ, Зардушт гуфта, ки «заношӯиро бо тапиданҳои дил устувор кунед, фаротар аз ҳавосу тан занро чизест бо номи дилу равону ҷон аст, ки онро арҷманд доред». Чун сухан аз арҷмандӣ рафт, бояд тазаккур дод, ки мақоми модар дар хонавода гиромитарину арҷмандтарин ба шумор меравад ва дар андарзномаҳои зардуштӣ омадааст, ки се кас ҳамеша зиндаву ҷовиданд: он, ки асари некуе аз ӯ ба ёдгор боқӣ монда; оне, ки донише аз ӯ боқӣ монда ва оне, ки фарзанди некӯ аз он боқӣ монда бошад» . Ба мард муроҷиат шуда, ки бо зану фарзандон бо нармиву хушӣ рафтор кун, бо онҳо биғуву биханд ва ба ҳангомаш армуғон бидеҳ, ки он зиндагиро хушоянд хоҳад кард. Дар Готҳо Зардушт ба духтари худаш ҳангоми ба шавҳар додани ӯ чунин муроҷиат намудааст: «Инак, тӯ, эй Пуручисг, эй ҷавонтарин духтарам, ман, ки падарат ҳастам, Ҷомоспро аз рӯи ростӣ ва маниши пок барои ҳамсарии ту баргузидаам. Инак, бирав ва бо хирадат машварат бикун ва дар сурати қабул ба ишқи пок дар анҷоми вазифаи муқаддаси заношӯй рафтор намо» (Ясно, ҳоти 93/1,2).

Муносибатҳои оилавӣ дар оини зардуштиро бисёр олимон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд. Бино ба иттилооти А. Холиқов дар кӯҳнатарин қисмати Авесто 13 нормаҳои бевоситаи ҳуқуқии танзими оила мавҷуданд. Дар «Вандидод» бошад, ҳуқуқи оилавӣ аксари кулли мазмуни онро ташкил медиҳанд ва шомили 37 нормаҳои ҳуқуқӣ мебошад.[218]. Муҳаққиқон ҳамчунин таъкид кардаанд, ки Авесторо сарчашмаи таърихи ҳуқуқ низ ҳисобидан мумкин аст. Зеро дар он ба ҷуз ҳуқуқи оилавӣ нормаҳои ҳуқуқии давлатӣ, ҳуқуқи сиёсӣ ва кайфарӣ мушоҳида мешаванд.

Волоияти зан дар динҳои пеш аз зардуштӣ—меҳрпарастиву ноҳидпарастӣ, ки холӣ аз унсурҳои асотирӣ набуданд, дида мешуд. Аредвисура Анаҳито ҳамчун олиҳаи ишқу муҳаббат буд, ки баъдан ба фаришта (изад) ва муваккили рудхонаҳои Ҷайхуну Сайҳун табдил ёфт. Беолоишиву покдоманӣ аз ҳамин илоҳаи ишқ сар зада, ки баъдтар Типтар ном худои бобулӣ, Афродитаи юнонӣ ва Артемуси румӣ аз он ғизои маънавӣ гирифтанд. Шояд ин масъала баъдан дар сурату сирати назарияи офаринишу маърифати дини масеҳӣ худро дар либоси як зани зебои осмонӣ ҷилвагар сохта, ки он бо номи Марями узро маълуму машҳур гардидааст.

Вале дар масеҳият аслҳо дигар аст. Ҳикмати масеҳӣ ба «писар» ё худ шахси Исои Масеҳ ва муттасилии ӯ бо асли муаннасе, ки аз иффату зебоии маъсумонаи Марями узро ҷудонопазир аст, баъало мушоҳида мешавад. Ин нукта дар китоби сеюми «Фоҷеаи илоҳӣ»-и Данте—Биҳишт дар нақши зане бо номи Биатрис хело хуб ба қалам дода шудааст. Чӣ дар оини масеҳӣ, чӣ дар суннатҳои дигар унсурҳои феълу инфиъол ё худ муаннасу музаккар ҳам дар ишқ ва ҳам дар ҳикмати назарӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд. Ба фикри баъзе муҳаққиқон, ҳатто миёни баъзе ҳакимони мусалмон ҳикмат дар либоси як зани зебои осмонӣ даромада, дар Фотима—духтари пайғамбар таҷассуму ташаххус ёфта, дар бофти мушаххаси суннати исломӣ «Марями сонӣ» ном гирифт.

Тарбияи фарзанд яке аз омилҳои муҳимми хонавода ва ҷомеъа маҳсуб мешуд. Ба ин масъала бештар олимони Ғарби давраи атиқаи юнонӣ ва муосир аҳамияти хосса додаанд. Тибқи иттилои Ҳошими Разӣ, ки порчаҳои асари Ҳерододро дар тадқиқоташ роҷеъ ба мавзӯъи мавриди баҳс овардааст, ин муаррихи юнонӣ дар китоби машҳури «Таърих»-и хеш навиштааст, ки «Фарзандони эшон (яъне порсҳо—Ҳ.М) аз панҷсолагӣ то бистсолагӣ таҳти низоми бисёр дақиқтар тарбият мешаванд. Дар ин тарбият бар се асл беш аз ҳар чиз аҳамият медиҳанд: нахуст аспсаворӣ, дуюм ёдгирии фунуни ҷанг ва паҳлавонӣ, сеюм ростгӯй ва оинҳои қавмӣ. То панҷсолагӣ фарзандон таҳти назорати модар ва бо вай ба сар мебурданд ва ин аз он ҷиҳат аст, ки агар пеш аз панҷсолагӣ бимиранд, падар алоқаю дилбастагӣ ба онҳо пайдо накарда бошад, ки мутаассир набошад ва аз назари инон ин расми оқилона ва хуб аст» [219]. Афлотун дар рисолаи «Алкибиодис» аз қавли Суқрот оварда, ки фарзандони шоҳони эрониро пас аз таваллуд ба тарбияи беҳтарин хоҷагон ва парваришгарон диҳанд то дар парвариши андомҳои ӯ мувозибати шоиста ба ҷой оварданд ва пайкари ӯ бо беҳтарин шакл парварда шавад. Ин парваришгарон ба сабаби маҳорате, ки дар кори худ ёфтаанд, дорои мақоми бузурганд. Фарзандони хонадони шоҳӣ чун ба ҳафтсолагӣ расид, ӯро ба асп менишонанд ва ба назди устодони саворкорӣ мебаранд ва шикорчигӣ меомӯзанд. Дар чаҳордасолагӣ ӯро ба касоне, ки омӯзгорони шоҳӣ хонда мешаванд, месупоранд. Эшон чаҳор марди баргузидаанд, ки дар миёни мардуми порс бо бартарӣ аз дигарон маъруфанд. Яке фарзонатарин, дигаре додварзтарин, сеюмӣ парҳезкортарин ва чаҳорумӣ далертарини он мардумонанд» [220].

Муҳаққиқи муосир Адолф Рупп дар «Мазҳаб ва маросими эрониёни қадим» ном таҳқиқоташ ба ҳамин масъала аҳамият дода навиштааст: «Чизе, ки дар таърихи Осиёи Миёнаву Эрон беш аз ҳар чиз ҷолиби таваҷҷуҳ буд ва рӯҳи маънавии мардумони эронинажод дар зиндагии иҷтимоии онон муҷассам менамояд, тарзи таълиму тарбияи онҳост. Ин таълиму тарбия аз туфулият дар рӯҳи ҷавонон маншаи эҳсосоти некӣ гардида, эшонро дар

ҳар кор ба шоҳроҳи ростӣ ва тараққӣ роҳнамой менамуд, аз ибтидо қувваи равонӣ ва ҷисмонии эшонро муҳайёи кор памуда.ҷомеъаи саҳеҳу солиме тарбият менамуданд»[221].

Дар фавқ ба баррасии нахустин ягони ҷомеъа—хонавона нисбатан муфассалтар таваққуф намудем. Чаҳор пояи дигари зиндагии иҷтимой ба таври мухтасар баён хоҳанд шуд, зеро ба онҳо дар дигар фаслҳои китоби мазкур ба ин ё он восита ишора шуда. Дуюмин пояи иҷтимой деҳ аст, ки дар Авесто он ҷомеъаи бузургтар аз хонавода ва судрасони иҷтимоъ номида шудааст. Судрасонии он ҷиҳати хоҷагидорӣ дар деҳотро ифода мекунад ва бахши бузурге аз мардум дар он зиндагиву ҳаёт ба сар мебаранд. Табиату фаровардаҳои кишоварзии деҳ зиндагии дурусту солиму шоистаро фароҳам хоҳад овард ва кадхудои деҳ бояд бохираду андеша бошад ва тибқи қонуни Ашо рафтор намуда, зиндагии моддиву маънавии деҳотиёнро таъмин намояд. Дар бораи кори кишоварзӣ дар деҳот ба нақл аз Ҳусайни Ваҳидӣ дар Авесто омадааст: «Касе, ки бо дасту бозуи худ заминро кишт мекунад, замин бад-у мегуяд: Эй касе, ки ба руи ман ба кор пардохтӣ, бишавад, ки дар ин деҳ аз фаровонии неъмат бархурдор гардӣ ва пайваста баҳраманд бошӣ. Аз ман хирман бигир ва барои рӯзии худу дигарон ба кор бибар»[222].

Шаҳр ҳамчун маҳалли таҷаммӯъи иҷтимоъ бо умури идории бузургтаре нисбат ба деҳ дар Авесто ҷомеъаи «мардумпарвар» номида шуда. Дар Авестои мутааххир ба суханони Зардушт дучор шудан мумкин аст, ки дар он «шаҳрдори мардумпарвару саромади порсой» сутуда шудааст. Шаҳр ҷои иҷмоъи мардум ва маркази ҳунарманди ба шумор мерафта, кишвар бошад «диловарпарвар» будааст. Он маркази ҳокимияти сиёсӣ ва умури иқтисодию фарҳанг й маҳсуб мешуда ва тамоми империяҳои даврони оғозини таъриҳ (империяҳои хетӣ, бобулӣ, сумерӣ, иломӣ ва ғайра) ҳамчун давлати мутамарказ ё худ кишвар Ватан ё худ Миҳани халқу миллатҳои марбута ба шумор мерафтанд. Дар бораи шаҳру кишвар дар бахшҳои «Таъриҳи сиёсии ориёиҳо» ва «Тамаддуни ориёӣ» маълумоти кофӣ ироа гардида. Дар ин ҷо фақат чунин нуктаро ёдовар мешавем, ки дар ақоиди Афлотун ва ҳокимони Эрони бостон на фақат дар масъалаи «олами мисол», балки дар дигар масоил, аз ҷумла дар масъалаи иҷтимоию сиёсӣ низ шабоҳату монандиҳои зиёде мавҷуданд. Ин монандӣ дар яксонии ақидаи Афлотун роҷеъ ба «ҳакими ҳоким», ки бояд бархурдор аз сифати ахлоқӣ ва маниятн раббонӣ бошад ва ахлоқаш тибқи ҳақиқати олами миной сурат гирад ба сифату аъмоли шаҳриёрони эронӣ ва «сушиёнҳо» ҳамоҳанг мебошад, ки дар ҳар ду ҳам ғаразу ғоя якест ва он пок сохтани ҷаҳон аст аз зулмату дурӯғу маргу табоҳӣ ва расидани он ба камоли адлу ростӣ, некӣ ва барқарор кардани шаҳри зебою ормонӣ аст. Роҷеъ ба дин, ки панҷумин ва шояд муҳимтарини пояи зиндагии ҷомеъа бошад, чунин нуктаро қайд кардан зарур аст, ки ҳар як ҷомеъа дину оини худашро дошта,

ки мардум ба он пойбанд ва мавриди ситоишу ниёиш қарор мегиранд. Чунин дин дар сарзамини ниёгонамон дини мутаоли зардуштӣ буда, ки ҳамаи динҳои табиатгароёнаву худоҳои инсонгунаи осмониро дар худ таҷассум намуда, бар асоси бовару омӯзаҳои ахлоқии ниёгонамон қомат афрохта, дар навбати худ таъсири муассире барои гашаккулу инкишофи дигар динҳои мутаол гузоштааст.

Ҳамин тариқ «Хшатра вайриа» ё Шаҳривар ҳамчун зинаи сеюми доираи комили оини зардуштӣ қудрату фармонравоии аҳурой бар ҷомеъаро ифода мекарда. Фарҳангмеҳр шаҳриёрӣ (Хшатра) ро бо таълимоти ирфонӣ муқоиса намуда, фаъолияти инсон тибқи Воҳу Мана, Ашо ва Армаитиро мақомот ва хшатраро ҳол (аҳвол) дониста, ки аз Аҳуромаздо ба солики тариқат иноят мешудааст [223]. Дар он ҳар фард бояд ба хидмати дигарон бикӯшад ва саодати зиндагиро таъмин намояд. Агар барзгар барои беҳбудии хонаводаи худ, султон барои беҳбудию хушнудии раияту миллати хул, шоҳ барои ҷорӣ намудани адлу адолат ва қонуни Ашой саъйу кӯшиши намояд, зиндагии созанда дар ҷомеъа ба роҳ монда хоҳад шуд.

Намоди Хшатра вайриа ё худ ваҷҳи моддии он дар олами гетӣ фелезот аст. Чун қудрату ниру ва тавоной бидуни маданияти моддӣ ба даст намеояд, дар ҷаҳонбинии ахлоқӣ ва ичгимоии зардуштия ба фелезот аҳамияти махсус дода шудааст. Маълум аст, ки давраҳои таъриҳӣ баъди асри сангӣ ба асрҳои мису биринҷӣ, оҳан ва ғайра тақсимбандӣ шудаанд. Ин аз нақши муҳимми истихроҷи навъҳои гуногуни фелезот ва ба роҳ мондани саноати фелезкорӣ шаҳодат медиҳад. Ин ҳодиса собиқаи қадима дорад ва бино ба маълумоти муаллифони «Таъриҳи тамаддун» аввал дар Шарқи Наздик истифода аз фелезот (мис, биринҷӣ, нуқра, тилло ва ғайра) ва маснуъоту қитъаҳои фелезии ороишӣ ва маишӣ шурӯъ шуд ва дар ҳаёти халқу миллатҳои Шарқи Миёнаву Наздик, Осиёи хурд дар замони бедории тамаддунҳо такони бузурге барои пешрафти тамаддунҳои ҳаволии баҳри Миёназамин гардид. Табиист, ки ба ин масъала Зардушт аҳамият дода ва Шаҳриварро ҳомиву нигаҳдорандаи фелезот эълон доштааст. Барои нишон додани мавқеъияти ин масъала иқтибосе аз асари Рустами Шаҳрзод «Ҷаҳонбинии зардуштӣ» хоҳем овард, то моҳияти масъала то андозае барои хонандагон равшан бошад. Ӯ баъди баррасии «Хшатра вайриа» дар охир порчаеро аз тавбаномаи Зардушт ба шарҳи зер оварда: «Аз ҳар гуна гуноҳе, ки ман аз назари равонӣ нисбат ба Шаҳривари Амшоспандон ва аз назари моддӣ нисбат ба фелез муртакиб шудам, тавба мекунам. Агар зуруфи фелезии манзилро поку шуста нигоҳ надоштам ва ба ҷои намнок ниҳодам то занг занад, агар зуруфи худро дар дастраси некону порсоён қарор надодам, агар зарфе, ки зани ҳоиз дар он хӯрок хӯрда буд, баробари қонуни дин татҳир накардам, агар зару симу мис, рӯйу оҳану арзаз (муфриг) ва биринҷиро дар дастраси базеҳкорон ниҳодам то бо он ба анҷоми базеҳ пардозанд ё аз он

суд баранд ва ман бад-ин васила шарики ҷурми онҳо шудам, ва то онҳое, ки шаҳривари Амшоспандон аз ман ошуфта ва нохушнуд шудааст, аз ҳамаи ин корҳо пушаймон гашта ва тавба мекунам»[224].

Ҷаҳорумин зинаи доираи комил Спента Армаити (Spenca Armaiti) ё худ Сипандормуз мебошад. Маънои ғаҳтуллафзиаш хиради комил аст, вале дар таҳқиқотҳои муҳаққиқон онро фурӯтаниву меҳр, ишқи пок, порсоии муқаддас ва ғайра тарҷима кардаанд. Маънии истилоҳиаш расидан ба хушбахтӣ ва даст ёфтанд ба номи некӣ абадист, чун оромишу меҳри ҷаҳон, ки аз тариқи ҳамкории инсон бо Аҳуромаздо ҳосил хоҳад шуд, ифода менамояд. Дар аксари таҳқиқотҳо Спента Армаитиро меҳр варзидан ба ҳама чизу ҳама кас, ба ҳама некиҳою зебоиҳои зиндагӣ пиндоштаанд, зеро он ҷаҳонорост ва фурӯғаш ҳамаи зарраҳои қалби инсонро тобон месозад, олами ғетиро мисли Хуршед мунаввар мегардонад. «Ҳар он кас, ки бо пирӯзӣ аз Спента Майню рафтор кунад, меҳру фурӯтанӣ бо Спента Армаитиро ҳамвора дар дил дорад ва бо кӯшиши созандаи худ бо офаринандаи доно ҳамкору дамсоз мешавад»[225]. Зардушт нияти волои ҳар пайрави оини худро пас аз хираду андешаи нек ва Ашой ба омӯзиши меҳру фурӯтанӣ ва порсой даъват менамояд ва ба гароиши хидмати содиқона намудан ба дигарон раҳнамун месозад. Фурӯтаниву порсой дар олами ғетӣ роҳ надодан ба худписандӣ, нанг надоштан аз мустамандин, хашм надоштан, додгир будан, такаббурро дур кардан, пайрави некӣ будан, бо бадӣ ситез кардан ва ба монанди замин боруру худдеҳ будани одамиро ифода мекунад. Ба ин маъниӣ агар фурӯтании инсон шоиста ва меҳри содиқона ба дигарон ва ишқи пок ба Аҳуромаздо дошта бошад, ӯ аз тавваҷҷӯҳу ипояти илоҳӣ бархурдор хоҳад буд, зеро худованд аз руи ҳуввияти зотиаш офаридаҳои худро дӯст медорад, бо онҳо ишқу меҳр меварзад ва бахшандаву бахшоишгари меҳрубон аст.

Агар фурӯтаниву порсоиро дар Спента Армаитӣ бо диққат ва амиқ назар кунем, маълум мегардад, ки ҳамон омӯзаҳои пешини дорои хусусиятҳои ирфоние, ки қабл аз оини зардуштӣ вуҷуд доштанд, дар шакли нисбатан инкишофёфтааш дар Сипандормуз ироа шудаанд. Инсон вақте метавонад ростӣ ва Ашоиро пеша кунад, ки маниши пок ва ишқу меҳр ба офаридаҳои Аҳуромаздо дошта бошад. Аз ин рӯ, Спента Армаитиро метавон муҳаррики хубию некӣ ва покӣ дар колбади инсон донист. Ин масъаларо мубад Рустами Шаҳрзод шарҳ дода, вуҷуди ишқ дар худовандро сабаби офариниш пиндоштааст ва пайвастагии холиқу махлуқро дар ягонагию ҳамбастагии офаридгор ва офаридаҳои он медонад ва ин масъаларо то ба «ваҳдати вуҷуд»—дар ҷаҳон як буд мавҷуд аст ва дигар ҳама ҳастиҳо намуду мазҳари он – кашондааст. Аз ҳамин дидгоҳи ирфонӣ ягонагии оламро собит карданӣ шуда, онро ба олами ғетӣ интиқол ва дар мисоли аъмоли инсон ба тариқи зайл нишон додааст. Ӯ менависад: «Ҳамаи ниру̇ҳои таниву

равонии инсонӣ дар хидмати зистан ҳастанд ва ишқ ба зиндагӣ дар ниҳоди ҳар кас ба вадиа ниҳода шуда. Пас инсон бояд байни нируҳои гуногуни ҷавониаш монанди хирад, андеша, отифа, майлу ишқу ҳавас ва шаҳват омочу ҳадафи ягона барои беҳтар зистан барқарор кунад. Он чи беҳзистии моро барқарор кунад «хуб» аст ва ҳар кадом, ки онро ба хатар андозад «бад» аст.

Аз назари илмӣ то чи андоза ба ҳақиқат наздик будани чунин ягонагӣ, ки мубад Рустами Шаҳрзод ба ваҳдати вуҷуд нисбат медиҳад, ҷои тааммул дорад ва дар ин бора дар бахши ирфони зардуштия баъзе мулоҳизаҳо ироа гардида буд, вале назари муҳаққиқи мазкур роҷеъ ба зиндагии беҳтари инсон дар олами гетӣ бо ройзании мустақили худ ҷолиби таваҷҷуҳ аст ба ин маънӣ, ки ниҳодҳои силсилаи маротиби вуҷуд дар «қавси нузул» аз ҷиҳати ахлоқӣ билқуввa дар фаъолияти фикрӣ ва аъмоли иҷтимоъии инсон ҳамчун махлуқи шарифи олами гетӣ ҷой дода шудааст. Шояд аз ҳамин нуқтаи назар ба халлоқияти нисбии аносири табиӣ ва инсон рӯ оварда, фаъолияти дугонаи инсон, ки яке барои ба амал баровардани зиндагии воқеъии созандаи аҳурӣ дар ҷомеъа ба кӯмаки фаришстагони ҳомиву нигаҳбон равона шуда, дигаре ба дарку касби тарбияву тасфияи рӯҳу андешаи одамӣ ҷиҳати маърифати худованди ҷону хирад аз тариқи «қавси суудӣ» (ҳар ду қавс як доираи комили вуҷудро ташкил медиҳанд) ихтисос дода шудааст, мавриди тааммулу баррасӣ қарор додан як амри илзомӣ бошад. Бешубҳа пешниҳоди чунин фикри куллӣ, қабл аз ҳама ҷанбаи масъалагузорӣ дорад ва бисёр унсурҳои он бояд таҷзияву таҳлил гардад.

Ба ҳар ҳол, нек андешидану нек гуфтану аъмоли нек содир кардан сабаби иртиқоъи равони инсонӣ тавассути Хшатра вайриа ва Спента Армаити мегардад. Дар ин бора дар Готҳо Зардушт фармуда: «Раҳсупорӣ дар шоҳроҳи неки Спента Майню, он маниши поки зиндагӣ мавҷиб мешавад, ки бо ёрии Маздо Аҳуро сириштамон ба тавассути Хшатра ва Армаити Спента ба ҷовидонагию камол расад» (Ясно, ҳоти 47/1). Ин иқтибос ишора ба он аст, ки агар инсон дар олами гетӣ пайрави равону хиради афзояндаву офаринандаи Спента Майню гардад, дар пайравӣ аз он дар ӯ андешаи нек ҳосил хоҳад шуд ва роҳи ростиро пеш хоҳад гирифт, забонаш тибқи андешааш тавассути Спента Армаити саршор аз меҳру дӯстӣ ва фурӯтании афзояна хоҳад гашт, рафтораш бо ёрии Хшатра вайриа созанда хоҳад шуд, баробари аъмоли нек дар олами гетӣ, аз назари рӯҳонӣ иртиқоъ пайдо карда, зинаҳои қавсӣ суудиро тай хоҳад кард. Дар ин бора дар «Пажӯҳише дар ормони порсой дар Эрон» бо истинод ба «Ҳафтяшт» чунин омада: «Эй Аҳуромаздо, эй якто, мо хосторем, ки ин каломи илҳомшударо бо беҳтарин ростӣ мунташир созем. Мо мехоҳем гуро бо дилу ҷон биситоем, мо мехоҳем ростӣ (Аша Ваҳишта), маниши пок (Воҳу Мана), қудрати раҳмонӣ (Хшатра) ва оини неку подоши нек ва муҳаббату ишқ (Амаити)-ро

биситоем. Бо хаёли пок, бо ростиву дўстӣ ва покии кирдору оини покӣ мо мехоҳем ба ту наздик шавем»[226]. Диншоҳи Эронӣ роҷеъ ба ишқу муҳаббат дар Сипандурмуз гаваққуф намуда, ишқи ҳақиқиро дар ин зина ба шукуфае, ки аз баҳор хабар медиҳад ва сапедадаме, ки аз тулўъ Хуршед дарак медиҳад, монанд кардааст. Ў таъкид мекунад, ки муҳаббати падар ба фарзанд, муҳаббати фарзанд ба волидайн, ишқи марди ҷавон ба маъшуқааш, ишқи зан ба шавҳараш аз як муҳаббати умумӣ сар мезанад, ки он барои нафъи умум нигаронида шудааст[227].

Фурўтанӣ аз порсоӣ фарқ дорад, вале онҳо бо ҳам робитаи қавӣ доранд. Фурўтанӣ бештар ҷанбаи ахлоқӣ дорад ва порсоӣ агар иртиқоъ ёбад ба мақоми қудсӣ мерасад ва аз ин ҷиҳат бештар ҷанбаи ирфонӣ дорад. Тамоми аъмоли воқеию рўзмарраи пайрави оини зардуштӣ дар олами гетӣ бо риояи қонуни Ашо ва дигар фарузаҳои аҳурой амали як фарди фурўтану порсо маҳсуб мешавад. «Ин аст он роҳи баргузидаи порсоён ва ин порсоёнро, эй Маздо, аз зиндагии роми ба ком саршор соз то ба корварзӣ ва кўшишашон дар ин ҷаҳон баҳраҳо ёбанд ва ин аст ҳамон, ки дар оин паймон шудааст» (Ясно, ҳоти 37/7). Вале агар як пайрави оини зардуштӣ ба халқа (пархун)-и порсоӣ дохил шуда, баробари анҷоми аъмоли неки ахлоқӣ дар ҷомеъа донишу бениши худро тавсиа дода, мароҳили рўҳонии порсоиро тибқи фарузаҳои аҳурой тай намояд, аз тариқи расидан ба поя̆ҳои офаридаҳои муқаддасу муҷарради Аҳуромаздо, ки ҳамон Амшоспандон бошанд, бо офарандаи худ васлат пайдо мекунад. Ин ҳамон солики роҳи тариқат дар тасавуфи исломӣ аст, ки дар Асрҳои миёна вобаста ба шароити нави иҷтимоию фарҳангӣ унсурҳои тозаи такомули рўҳониро ба худ касб намуда, «мақомот» ва «аҳвол»-и тасаввуфро ба вуҷуд овард.

Ҳусайни Ваҳиди ҳафт мартабаи умури иртиқоъи рўҳониро дар асараш «Поя̆ҳои ормони порсоӣ дар Эрон» овардааст, ки мазмуни мухтасари онро пешкаши хонандагон мегардонем. Мартабаи аввал «пуйиш» аст, ки дар он ҷустуҷую шинохти ҷаҳон ва густариши донишу бениш ҷиҳати дарёфти ростӣ, некманишӣ ва парвариши тану равон бо барномаи махсуси оини порсоӣ сурат мегирад. Мартабаи дуюми он «пайрав» номида шуда, ба ҳалқаи порсоён дохил шуданро ифода мекунад. Дар ин марҳила пиростани андешаву хирад аз зиштиҳо, кажиҳо, нодурустиҳо ва ҳавою ҳавасҳои нафсонӣ ба амал меояд, ки худ боз дорои ҳафт шарти дохилии оини порсоиро шомил мебошад. Марҳидаи сеюм «пайк» ном дорад ва марди порсо чунон ба тасфияи қалбу рўҳ мепардозад, ки дар ҳар кўҷое ҳозир шавад, дар он муҳит пайки хираду андешаи ноби порсоиро бо андешаву гуфтору рафтораш ба мардум мерасонад. Дар марҳилаи чаҳорум, ки «падар» ном дорад, солики порсоӣ ба дараҷае аз лиҳози ҷисмониву рўҳонӣ иртиқоъ пайдо мекунад, ки бо мардум мисли меҳри падар ба фарзандаш меҳру муҳаббати воқеъӣ пайдо мекунад, ишқ ба намудҳои офариниш ва амали созандаю

фазоянда барои мардум дар колбаду равонаш фаввора мезанад. Мартабаи панҷуми порсой «посдор» буда, солики оини порсой аз ҳар гуна олоиш ва нопокии ҷисмониву табиӣ ва рӯҳонӣ парҳез мекунад ва бо ҷисму рӯҳи пок ба интишори маниши порсой, ба ободониву беҳсозии зиндагӣ мепардозад ва ситез бо нируҳои аҳриманиро пурзӯр менамояд. Мартабаи шашум «пешво»ном дорад ва аз мазмуни он маълум аст, ки дар ин марҳила марди порсо дар оини порсой ба марзи ростиву покӣ ва донишу бениши ҳақиқӣ мерасад, роҳбарии як гурӯҳ ё ҳалқаи порсоиро ба ӯҳда мегирад ва ба тарбияи онҳо дар рӯҳи порсой машғул мешавад. Пешво бояд сумбул (символ)-и порсой бошад, ростӣ хӯи ӯ, рӯзу шаб мояи ӯ, сипос аз офаридгор пешаи ӯ гардад. Марҳилаи ниҳоии оини порсой «пири порсо» аст, ки ӯро «Суруши замон» низ меноманд. Ин болотарин мартаба ва волотарин мақоми оини порсой мебошад, ки пири порсо дар ин марҳила ба дарки офаридаҳои муқаддасу ҷовидон ноил шуда, худаш тавони офариниши андеша дорад ва барои густариши ормону маниши порсой, навсозӣ ва ҳамосавӣ кардани навбоястҳои замон мекӯшад. Пири порсо ҳамроҳи ҳафт тан пешвоёни гузида корҳои калиди ормониву порсоиро ба ӯҳда дорад [228].

Спента Армаити фаришстаи посдору нигаҳбони замин аст ва ин бесабаб нест. Агар ба таърихи кишоварзӣ назар афканем, маълум мегардад, ки ихтирооти зироат заминаро барои тараққиёти пуршиддати тамаддунҳои ибтидой омода сохтааст. Баъди аҳлӣ намудани ҳайвонот ва ба роҳ мондани чорводорӣ кори шухм задани замин табаддулоти куллӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва ҷамъоварии озуқаро ба вуҷуд овард. Китоби муқаддаси Авесто барзгарӣ ва кишоварзиро сутуда, онро муҳимтарин кори муфиди башар донистааст, ки Аҳуромаздо аз он беш аз дигар корҳо хушнуд мешавад. Аз ин рӯ, дар Авесто омада: «Касе, ки тухми зироат ба замин мепошад, Ашӯй мекорад ва дар тарвиҷи оини Маздо мекӯшад. Подоши чунин касе бо сад дуову ибодати яксону аз ҳазор бор адои маросими мазҳабӣ ва сад ҳазор қурбонӣ накӯтар хоҳад буд».

Рӯҳи сурудҳои Авесто ба он шаҳодат медиҳанд, ки Зардушт баробари тарғиби хирадмандиву Ашой ва умуман ҷаҳоншиносии ахлоқии хеш мардумро ба парвариши зироат, деҳнишинӣ, соҳилнишинӣ, рушди кишоварзӣ ва издиёди галаву рама даъват намуда, бардошти ҳосил аз киштаҳоро бузургтарин саодати инсон ва пайрави ҳақиқии оини порсой дар зардуштия медонад ва дар ин бора дар Готҳо чунин омада: «Эй Маздо, манам он касе, ки... кишоварзонро аз газанду осеби девистон нигаҳбон хоҳам буд... киштзорҳоро аз офоту ноамнии вуҳуш нигаҳдор бошам»; «Ононе, ки эй Маздо, ин заминро хор медоранд, ки бар ту ва он пайравони оин басе гиромӣ аст, аз гурӯҳи зиёнкорон аст...» (Ясно, ҳоти 33/4, 34/6); Эй Аҳуро, нируямонро фузун кун то аз замини муқаддаси нек баҳра тавонем бурд, покманишиву ростӣ ва дурустиро фаророҳамон қарор деҳ, то дар

партави онҳо аз анворат ҳарчи бештар баҳра бардорем (Ясно, ҳоти 33/12). Дар адабиёти паҳлавӣ омада, ки вақте Зардуштро пурсиданд, ки беҳтарин ҷои замин кӯҷост, ӯ посух дода, ки «хуштарин замин ҷоест, ки касе бештарин ғалла ва гиёҳу дарахтони мевадор бикорад, дар замини хушк об падид кунад, бештар парвариш ёфта ва бештар зоду валад намоянд, ҷое, ки сутурон дар он замин бештар бошанд». Дар Готҳо бошад ҳамин мазмун ба Сипандурмуз иртибот дода шудааст: «Ин замин аст, ки саросари турост ва онро супурдаи Спента Армаитӣ кардай. Ба рӯи ин замин кишоварз кӯшост ва ӯст, ки сутуронро мепарварад ва инонад, ки аз пуштибонии Сипандормуз баҳраманд мешаванд» (Ясно, ҳоти 31/19).

Ҳамчунин дар паёмҳои Зардушт омадааст, ки касе кори кишғукору зироат намедонад, заминро шухм зада наметавонад ва аз кишоварзӣ бехабар аст, яқин бояд бидонад, ки рӯзе ба дари бегонагон ба суроғи нон хоҳад рафт ва мӯҳтоҷи бозмондаи хони дигарон хоҳад шуд. Тибқи иттилоъи Рустами Шаҳрзод дар Вандидод, фаргарди 4 ҳамин мазмун чунин омада: «Эй Спитамони Зардушт, касе, ки дар кори кишоварзӣ нест ва заминро шухм намекунад, ба чунин касе замин нафрин карда мегӯяд: Эй касе, ки заминро намекорӣ, бишавад, ки бар дари касоне барои дархости луқмаи ноне боястӣ аз ину аз он гадой кунӣ...»

Зинаи панҷуми доираи комили оини зардуштӣ Ҳоурватот (Hourvatot) мебошад. Онро маъмулан расоии комил тарҷима мекунанд, вале бештар мазмуни саодату беҳрӯзии инсон, нируи камолот, накӯкорӣ ва хайру сурурро медиҳад. Хурдод тамоми ҳубиҳоро дар зоти худ дорад ва ҳуввияти худшиносии инсонро таҷассум менамояд. Инсон барои ноил шудан бо камолоти маънавӣ бо истифода аз маниши хиради худ ростиро пеша намуда, бо меҳру осоиши рӯҳ ба сӯи оини порсой гом хоҳад ниҳод ва ба камолоти аҳурой ноил хоҳад гардид. дар ин нсъмати аҳурой, ки ба забони форсӣ Хурдод меноманд, камолоти ахлоқию маънавӣ ва дар ҳамин замина хушбахтию беҳрӯзӣ сурат хоҳад гирифт, ки зимни он инсон аз фазилатҳои олии ахлоқӣ бархурдор хоҳад шуд. Такомулу порсоии аҳурой афроди ҷомеъаро то ба ҷовидонию бемаргӣ хоҳад расонид ва ба ин маънӣ Хурдоду Умрдод як ҷуфти лоятаҷаззое мебошанд, ки якдигарро пурра менамоянд. Дар Готҳо дар ин бора чунин омада: «Инак, эй мардумон, ба оине, ки фиристодаи худованди ҷону хирад аст, нек бингаред, нек биандешед, фармонҳоро нигоҳ доред... ба жарф андеша кунед, он гоҳ аст, ки ин роҳро бархоҳед гузид, роҳе, ки беҳзистии ҷовидониро ҳамроҳ дорад» (Ясно, ҳоти 30/11); «Эй Маздо, эй офаринандаи ҷондорону обҳои фаровон ва гиёҳони сарсабз, маро ба василаи он хиради волои муқаддас бо ҷовидонагӣ ва камолу фарозгоҳӣ дарёб ва тавоно соз» (Ясно, ҳоти 51/3)

Пайрави оини зардуштӣ хостори он аст, ки баъди нуфузи партави маниши нек ба колбадаш ва пеша намудани ростиву анҷоми аъмоли созанда

роҳи маърифати суудиаш амал ёфта, ба дараҷаи расой расад. Расой мартабаест аз силсилаи мароҳили суудӣ, ки ба он сазовор шудан ба ҳар кас муяссар нахоҳад шуд. Манзур аз раҳнамоии инсон ба сӯи камолот мусаллат шудан ба андешаи неку ростӣ ва зафар ёфтани андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек дар қалби инсон дар ситез бо қувваҳои бади аҳриманист. Вақте адлу инсоф, ростӣ ва Ашуй, фаъолияти созанда ва меҳр ба дигарон дар қалби одамӣ пайдо шуд, порсой доман мегустаронад ва пояҳои асосии такомули инсонро омода месозад. Дили инсон хурраму тани инсон пок мегардад ва ин покии тани инсон Ашуии равони ўст. Хуррамии қалби инсон дар ин маврид гумоштану гароидан ба дини «беҳӣ» ва «ростӣ» аст. Ин ҷиҳати таълимоти ахлоқии зардуштия хушбин будани ин дин ба ҳаёти ояндаи олами гетиро ифода карда, пайравони худро аз тариқи зинаҳои камолоти маънавии инсон ба олами муҷарраду рӯҳонӣ—Амшоспандон наздик месозад ва, чуноне ки дар зинаи баъдӣ хоҳем дод, мўътақидони худро ба остони Аҳуромаздо мерасонад.

Дар ин роҳ бешубҳа, камолоти ҷисмонӣ ҳам нақши муҳим дорад. «Сазовор ва шоистаи суроиши Госоҳо (Готҳо) ва дархури бузургони пок месозем ҳамаи ҳастӣ ва аносири вуҷуди худро аз: тану устухон ва ҷону пайкар ва қудрату тавоной, нируи фаҳму идрок ва равону фраваши» (Ясно, ҳоти 55/1). Аз омилҳои нохуш дур кардани бадан, донаву ҷомаро беолоиш нигоҳ доштан, табиатро аз ҳар гуна олоиш пешгирӣ кардан, аносири ҷаҳоргонаро аз олоиш ҳифз намудан як силсила аъмолу рафтори оқилонаву ахлоқии инсонро тақозо мекунад, ки саҳаргоҳон аз бонги хурўс бедор гаштану тамоми рўз ба кори муфид машғул шуданро тавъам бо фаъолияти маънавию рӯҳонӣ дар бар мегирад. Вобаста ба ҳамин масъала мақулаҳои ахлоқӣ ва панду андарзҳои зиндагии ибратомези зиёде дар адабиёти зардуштӣ ва тадқиқотҳо ба вуҷуд омадаанд, ки бояд онҳо табақабандӣ ва мавқеъияташон дар ин оин мушаххас гарданд.

Таълимоти зардуштӣ бар пояи такомули инсон қарор доштааст, зеро мақсаду маромии офариниш ва таквини олам нишон додани вуҷуди чунин такомул дар табиату инсон буда. Талоши инсон барои хушбахтию саодатмандӣ ва шодиву нишот майли табиии ношӣ аз хилқати ҷаҳон дар инсон аст. Бинобар ин инсони воқеъӣ касест, ки ҳадафи такомулро тавре дунбол намояд, ки худ ва дигарон аз он баҳраи нек гиранд ва ҷаҳонро ба сӯи некӣ пеш баранд, такомулро бар пояи некӣ устувор кунанд, то ҷаҳони нек офаридашуда ба некӣ ороставу пироста гардад ва мардуми ҷаҳон дар хушӣ ба сар баранд»[229].

Омочи (истилоҳи авестоии Амшоспандон) нируи ҳастӣ дар колбади инсон, ки дар раванди офариниш дарёфта буд, зимни ба амал баровардани ормонхои ў, ки хусусияти беҳзистию беҳсозӣ дошта, тавъамон бар пояи хираду андеша бояд инсонро ба такомулу расой расонад. Дар Авесто дар

ин бора омада: «Ту эй Аҳуромаздо, ба ҳангоми бузургтарин рӯзи доварӣ барои ёриву кӯмак ба суи мо ой ва моро аз расой ва ҷовидонагӣ бархурдор намо» (Ясно, ҳоти 58/6). Кушидан барои тавоноиву нирумандии моддиву маънавӣ ба фаро гирифтани донишу бениши аҳурой ва маърифати усулҳои ахлоқию ҷаҳоншиносии оини зардуштӣ муяссар хоҳад шуд. Дар ин бора дар Готҳо омада: «Эй Маздо... андешаву гуфтору кирдори неки анҷомшударо ҳамроҳ бо сурудҳои дилкаш ба пешгоҳат пешкаш мекунем, некиҳоро, ки бар асари онҳо равони мо сайқалу ҷило ёфта, ба боргоҳат мефиристем ва чашм дорем, ки аз он саодати абадӣ ва он ҷаҳони номурдании ҷовидонӣ комёбамон созӣ. (Ясно, ҳоти 34/1).

Дар ёздаҳум боби «Хурдодяшт» мазмунҳои боло ифода шудааанд, вале мо саъй кардем, ки иқтибосҳоро ҳаддалимкон аз худи Готҳо, ки кӯҳнатарин бахши Авесто аст, бигирем. Бо овардани як иқтисбоси дигар аз «Хурдодяшт» ба ин баҳс хотима дода ба муваккилу нигаҳбони об будани Хурдод дар олами гетӣ мепардозем: «Аҳуромаздо ба Зардушт мегӯяд: «Амшоспанди Хурдодро биафаридам то ба воситаи вай ба мардум неъмату баракат бахшида шавад ва ситояндааш чунон бошад, ки Амшоспандонро сутуда бошад, касе, ки ба Амшоспандон ва ба вижа ба Хурдод паноҳ барад ва номашро ёд кунад, бемориҳо ва олудагиҳо аз вай дур шавад...» (Хурдодяшт).

Вақте об гилолуд ба ҷуйбор барои шодоби замин меояд, он заминро ба бустон табдил медиҳад. Аз ин рӯ, бояд онро ҳамеша поку беолоиш нигоҳ дошт. Дар ин олами гетӣ мазҳари об будани Хурдод ба он далолат мекунад, ки камолоти замин ва ҳосил гирифтан аз он ба яке аз чаҳор унсури табиӣ— об вобаста аст. Рочеъ ба изади Ноҳид ё худ Аредвисура Анаҳито, ки собиқан худои ишқ буда, сипас ба олиҳаи осмонӣ ба муваккилу нигаҳбони обҳои равон табдил гардидааст, дар бахши Меҳрпарастӣ маълумоти муфассале ироа гардида ва ниёзе дар ин ҷо барои гакрори он надорем. Бо овардани як иқтибос ба ин баҳс низ хотима хоҳем дод: «Оби поки наёлуда (= Аредвисура Анаҳито)-ро меситоям, ки ба ҳама ҷо равон аст, дармонгар аст ва ситояндаи оини аҳурой ва шоиста аст, ки дар ҷаҳони моддӣ мавриди ниёиш қарор гирад, чи ниёиши вай галаву рамаро биафзояд, хоста ва молро баракат диҳад ва кишварро фарохию оромиш бахшад» (Ясно, ҳоти 65/1).

Зинаи шашуми доираи комили зардуштия Амретот (Amretat) ё Умрдод—бемаргию ҷовидонӣ аст. Дар баъзе адабиёти таҳқиқотӣ «боландагиву расой», «сифатҳои ҷовидонӣ ва пояндагӣ» ва «беоғозиву беанҷомии худованд» низ номида шудааст. Дар таълимоти ахлоқии зардуштия инсон қодир аст, ки дар зиндагии моддӣ пас аз касби маниши поку ростӣ, амали созандагӣ, меҳру осоиш ва камолу худшинос ба марҳилаи ҷовидониву бемаргӣ бирасад. Ба ибораи дигар, Амретот пас аз Хурдод баҳори зиндагиеро мемонад, ки инсон дар он барои ҳамеша по ба кишвари

фурӯғу ҷовидонии Аҳуромаздо мегузорад ва аз ҳамаи ранҷу ғаму андӯҳ ва зулмот раҳой меёбад. Дар ин кишвар фақат мақулаҳои неки ахлоқӣ амал хоҳанд кард. Ин нуктаи таълимоти зардуштия аз низоми офариниш як давра (сикл)-и томи кайҳонӣ, ки баробар бо 12 ҳазор сол аст, сар зада. Дар фаслҳои гузашта ба хулоса шудани муборизаи нирухои мутазоди олами моддӣ ва ғалабаи ногузири некӣ бар бадӣ дар мафҳуми зардуштии таърих ишора намуда будем. Дар онҳо аз ҷумла қайд гардида буд, ки баъд аз гузашти давраи мазкур ва зода шудани охирин сушиёнат замони каронманд ба охир расида, абадият ҳамчун дунболаи абъоди моддии офариниш дар замони бекарон идома пайдо хоҳад кард, вале он оламе хоҳад буд орӣ аз ҳама гуна унсурҳои бадӣ ва нуронию ҷовидонӣ.

Чун қаблан масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар ин ҷо аз шарҳи муҷаддади он худдорӣ намуда, чунин нуктаро қайд кардан зарур аст, ки ҷовидонию бемаргии инсон дар олами гетӣ пирузии афроди баргузида дар раванди пайвастаи пуйиши ӯ барои расидан ба расоию камолоти ниҳой ва худболандагӣ зоҳир мегардад, ки баъзе муҳаққиқон онро баробар ба «Инсони комил» донистаанд. Ин пирузӣ натиҷаи тай намудани роҳи тӯлонии маърифати зардуштӣ ё худ иртиқоъи нафси инсонӣ аз тариқи зинаҳои силсилаи маротиби вуҷуд –Амшоспандон мебошад, ки дарки хиради куллро имконпазир гардонидааст. Дар ин бора дар Готҳо низ ишора шудааст: «То ҷое, ки тавону ниру дорам, бо дурӯғу дурӯғпараст пайкор мекунам, бо ҳамаи нируи саршорам устувор барои ростию ростравонам, то ҷое, ки саранҷом ба он ҷаҳони миновию сармадӣ расам» (Ясно, ҳоти 43/5); «Бингар, эй Зардушт, ба ту фуруд омадам, бингар, ки Маздо ҷуз ростиву покӣ ва фурӯғи ҷовидона чизе нест... » (Ясно, ҳоти 43/6).

Чуноне ки қайд шуд, дар Авесто Хурдоду Мурдод дар аксари маворид якҷо ва паси ҳам омада, моҳиятан якдигарро пура мекунанд ва шахсе, ки ба ин марҳила мерасад аз неъмати ҷовидонӣ баҳраманд мешавад. Албатта, маънои маҷозӣ ва ҷиҳати маърифатӣ (эпистемологӣ)-и масъала дар назар дошта шудааст ва дар ин дараҷаи камолот инсон бо беҳтарин ормон зиндагии худро ба поён мерасонад, ӯ мақсади хилқати худро дарк намуда, ба олами нур васл мешавад. Дар ин зинаи камолот зимни комёбӣ ба сифатҳои хуби ахлоқӣ ва ноил шудан бо покию порсой аз чиҳати маънавӣ (руҳонӣ) ба дараҷае камол меёбад, ки равонаш ба равони эзидон баробар мешавад, бо ҷаҳони Аҳуромаздо робитаи бевосита барқарор менамояд. Дар айни замон дар ҳамин ҳолати камолёфта ӯ сарчашмаи кору пешаи худ дар тарвиҷи ростиву Ашой, анҷоми аъмоли созандаю судманд, меҳр варзадан ба дигарон ва ғайра мебошад.

Барои таҳвияти фикрҳои боло як иқтибос аз дастур Далла бо истинод ба Рустами Шаҳрзод меорем, ки назари болоро таъйид менамояд: «Ашузардушт нахустин касест, ки ба таърихи башар маънои комиле бахшид

ба ин маънӣ, ки гуфт: тарроҳи (и) бузург ва ҳадафи ситаргро худованд ба ӯҳдаи мо одамиён гузорда ва он пешрафт ба сӯи ҷаҳони наву комил аст. Пешрафт як шиору вазифаи ҳар фарди башар аст. Ӯ бояд аз ҳангоми таваллуд то гоҳи марг дар кӯшишу талош бошад ва ба пешрафту сууд пардозад, то ба камоли ниҳоӣ бирасад. Ҳар кас бояд барои расидан ба ин ҳадафи олӣ бо дигарон ҳамкорӣ кунад ва то он ҷо, ки мумкин аст, кӯшиш намояд ва лав ин ки кумаку кӯшиши ӯ ночизу бемиқдор бошад. Ин аст омочи бартарин зиндагии одамӣ, ки боясти соири омочҳоро таҳти шуо қарор бидиҳад»[230].

Чуноне ки аз гуфтаҳои фавқ маълум мешавад, доираи комили оини зардуштӣ ду масъалаи муҳим—хилқати олам ва дарки онро, ки асоси ҷаҳоншиносии ҳар дини мутаол мебошад, дар бар мегирад. Дар он Аҳуромаздо мабдаву манша ва мақсади асосии таквини олам донисга шуда, тамоми мавҷудоти олами гетӣ ва муборизаву ситези қувваҳои мутазод боиси ҳаракат, кавну фасод, феълу инфиъол ва пешрафту такомул мегарданд ва дар ниҳояти кор, нур бар зулмат ва некӣ бар бадӣ ғалаба карда, олами нуронии фарозамонӣ ё худ абадият ҳамчун дунболаи буъди моддии олами гетӣ муҷаддадан барқарор хоҳад шуд. Ба ибораи дигар, дар дини зардуштӣ чизи ҷолиб ва диққатҷалбкунанда он аст, ки қонунҳои ахлоқӣ дар доираи омӯза ва аҳкому усулҳои динӣ амал мекунанд. Дар ин оин ахлоқ воқеан аз дин ҷудо нест, балки ҷузви лоянфаку ҷудонопазири дин маҳсуб мешавад. Тавассути ҳамин қонунҳои ахлоқӣ Зардушт ба пайравони худ ваъда карда, ки барои одами одил саҳнаи охири зиндагӣ хушоянд ва бо саодату хушбахтӣ хотима пайдо хоҳад кард, накукорон дар биҳишт бо Аҳуромаздо пайванд хоҳад шуд.

БОБИ IV

МОНАВИЯ ВА МАЗДАКИЯ

МОНАВИЯ

Монавия яке аз ҷараёнҳои диниест, ки дар ибтидои асри 3 ба вуҷуд омада, дар ҳаёти иҷтимоъиву сиёсии давраи сосонӣ нақши азиме боқӣ гузоштааст. Муассиси монавия Монӣ (216-277) мебошад. Ӯ дар маъхазҳои юнонӣ бо номи Куприкус ва лотинӣ Курбикус ёд шуда. Монӣ қаблан дар адабиёти Аҳди қадим бештар ҳамчун наққош ва мусаввири номӣ шинохта мешуд ва дар ин бобат ривояту достоиҳои бисёре низ тадвин шуда.

Саидҳасани Тақизода, ки роҷеъ ба ҷамъоварии адабиёти монавӣ ва баррасии онҳо заҳмати зиёде кашида, номи 13 нафар муаллифони Аҳди бостон (Титуси Басровӣ, Александра де Ликаполис, Серапион Тимуис, Акта Орхелай, Серили Уршалоимӣ, Епифанус, Теодори Суриёнӣ, Юҳаннои Димашқӣ ва дигарон)-ро номбар намуда, ки онҳо бештар тадқиқотҳои дорои хусусияти мубоҳисавӣ дар радди монавия иншо намудаанд. Вале ӯ аз ҷумлаи китобҳое, ки дар радди монавия навишта шуда, ба таълифоти Августини қадис таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ки худ 10 соли тамом ба дини монавия гароида, баъдан онро тарк ва масеҳиятро пазируфтааст ва 13 китоб дар радди таълимоти Монӣ нигоштааст. Ин кори ӯро баъдан Морис Викториус ва усқуфи масеҳӣ Эводиус де Юзалиум идома додаанд.

Муҳаққиқи фавқ ҳамчунин зимни ироаи иттилоъи мазкур дар бораи муҳаққиқони Ғарб зикр карда, ки онҳо бо истифода аз таълифоти масеҳиёни Аҳди бостон ва Асрҳои миёна, инчунин навиштаҷоти Қосим ибни Иброҳим, Яъқубӣ, Абуисои Варроқ, Шаҳристонӣ, Ибни Надим ва дигар китобҳои паҳлавӣ гаҳқиқотҳои худро роҷеъ ба Монӣ ва дини ӯ анҷом додаанд. Аз байни онҳо ӯ беҳтарин ва шояд пурарзиштарин тадқиқоте, ки дар бӯъди замонии фавқ роҷеъ ба масъалаи мавриди баҳс тадвин шуда, асари Исҳоқ Дубоисобер (Isaak de Beausober) «Таърихи интиқодии Монӣ ва монавия» (солҳои 1734 ва 1739) дар Амстердам ба табъ расида ва таҳқиқоти Боур (Baur) медонад, ки дар Тубингени Олмон нашр шудааст. Саидҳасани Тақизода ҳамвора қайд карда, ки папирусҳои ба забонҳои

портӣ, туркӣ, суғдӣ ва чинӣ аз воҳаи Турфон дар ноҳияи шимолии ҳавзаи Торем дар Туркистони чинӣ ва 7 китоби монавӣ ба забони қабтӣ дар Миср кашфшуда маълумоти моро дар бораи дини Монӣ беш аз ҳадди интишор вусъат додаанд[1].

Тибқи маълумоти осори фавқ Монӣ дар Марзин ном деҳаи қисми ҷанубии шаҳри Бобул таваллуд ёфтааст. Дар мавриди таваллуди Монӣ ҳикояту ривоятҳои зиёде мавҷуданд, ки аз ироаи онҳо дар ин ҷо худдорӣ хоҳад шуд. Роҷеъ ба маҳалли таваллудаш бошад, ихтилофи назари муҳаққиқон дар адабиёти монавия мушоҳида мешавад. Вале Абурайҳони Берунӣ дар Бобул таваллуд шудани Мониро дақиқан собит намуда. Худи Монӣ низ дар як қитъаи шеъраш навишта, ки «ман аз сарзамини Бобул бархостаам».

Падараш Фатак (Ибни Барзом) ё Патек аслан аз аҳли Ҳамадон буда, ӯ ба Бобулистон муҳоҷират намуда, аввал дар шаҳри Тайсафун, сипас дар Масен ном деҳаи он сокин шудааст. Дар он минтақа мазҳаби собеӣ – пайравони Яҳё ибни Закариё тоза фаъолияти худро шуруъ карда буданд. Баъдҳо дигар ақоиди бобуливу эронӣ ва гносӣ (гностикӣ) ба он дохил шуданд ва падари Монӣ собеъияро қабул кард.

Байнаннаҳрайн дар оғози қарни сеюм ба минтақае табдил шуда буд, ки дар он ду империя – яке империяи Эрон ва дигаре империяи Рум нуфуз доштанд ва ду фарҳанг – эронию юнонӣ дар он ҳукмрон буд. Баробари дини зардуштӣ, ки байни эрониёни муқими Байнаннаҳрайн маъмул буд, дини масеҳӣ дар қисмати шимоли он бо марказаш шаҳри Эдесса амал мекард ва дар он буъди замонӣ чандин фирқаҳои мазҳабӣ низ ба вуҷуд омаданд. Оини қадимаи бобулӣ дар ҳоли завол бошад ҳам, ҳануз тарафдорони зиёд дошт, гуруҳи кучнишинҳои яҳудӣ ба тарғиби дини худ пардохта буданд. Меҳрпарастӣ, зарвония ва фирқаҳои мухталифи суриёнӣ, собеъӣ, мандой, дайсония, марқиюн ва ҳатто наҳзатҳои таъмидии ирфонӣ дар қисмати ҷанубии Байнаннаҳрайн фаъолият доштанд. Ҷамъияти собеъиён, ки пас аз муҳоҷират аз Фаластин маркази худро шаҳри Маин интихоб намуда буданд, аз ҷумлаи фирқаи гностикӣ буд, ки аз сабаби бисёр шустушӯ намуданашон арабҳо онҳоро муғтасила номидаанд.

Дар чунин муҳити фарҳангӣ Монӣ ба воя расид. Мегӯянд, ки авлоди модарии ӯ Автохил ва ба қавле Марям аз хонадони «Камсаракон» буда, ки баъдҳо дар таърихи Арманистон нақши муҳиме доштаанд, бо сулолаи Ашкониҳо пайванди таборӣ доштааст. Дар ҷавонӣ Монӣ таҳти муроқибаи падараш ба омӯзиши улуми замона аз қабили тиб, нуҷум, мусиқӣ ва ғайра пардохта, аввал таълимоти собеъиёнро оид ба масъалаи бисёрхудой ва хайру шар пазируфт, вале баъди омӯзишу таҳқиқи маъорифи динии замонаш таълимоти собеъияро тарк ва ба фикри ба вуҷуд овардани

дини тоза афтод. Аввал даъвои нубувват кард ва гурӯҳе аз ҳамдиёрони худро таҳти таъсир қарор дод.

Бино ба маълумоти ривояҳо ҳангоми дар Бобул будаташ дар синни 12-солагӣ аз фариштае бо номи Тавм (султони бузурги нур) ба Монӣ башорат расида, ки худро барои зуҳур ва нашри таълимоти илоҳӣ омода созад. Тибқи иттилоъи Ибни Надим, ки онро Г. Виндегрен дар китобаш иқибос кардааст, ин паёми фариштаи осмонӣ чунин буда: «Ин ҷамоатро фаромӯш кун, ту аз пайравони он нестӣ. Роҳнамоӣ ба усули алоқӣ ва парҳез аз шаҳват вазоифи ту аст, аммо аз он ҷо, ки ҳанӯз навҷавонӣ, вақти он нарасида, ки ошкоро бар он шаҳодат диҳӣ»[2]. Аз ин лаҳза сар карда Монӣ ба омӯхтани мазҳабу риавияҳои гуногуни динии замонаш пардохт ва ба мукаммал намудани тафаккуру эътиқодаш саъй намуд. Баъди 12 сол ҳамон фаришати осмонӣ барояш ваҳӣ овард ва ӯро чунин амр ба зуҳур кард: «Дуруд бар ту эй Монӣ, дуруде аз тарафи ман ва аз ҷониби худованд, ки маро назди ту фиристода ва туро барои рисолати худ интихоб намудааст. Худованд аз ту мехоҳад, ки мардумро ба ҳақиқат даъват кунӣ, паёми ҳақиқатро аз тарафи ӯ ба тамоми мардум бирасонӣ, худро вақфи ин вазифаи бузург кунӣ. Акнун вақти он расида, ки ту ошкоро таълимоти худро ривоҷ диҳӣ»[3]. Монӣ ин ваҳйи нозилшударо ба аҳли оила ва бузургони қавмаш ошкор сохт ва тибқи пайғоми расида дини ҳаққу рисолати худро ба ҷаҳониён эълом дошт.

Зоҳиран Монӣ пас аз мутолиае, ки дар бобати дини зардуштӣ, мазҳаби Исо ва оини Буддо намуда буд, худро «фарқалит» (маъвуди масеҳиён), ки Масеҳ зуҳури ӯро хабар дода буд, муаррафӣ намуд ва эълон дошт, ки «Дар ҳар замон анбиё ҳикмату ҳақиқатро аз ҷониби худо ба мардум арза кардаанд. Гоҳ дар Ҳиндустон ба василаи пайғамбаре мавсум ба Буддо ва гоҳе дар Эрон ба василаи Зардушти пайғамбар ва замоне дар Мағрибзамин ба василаи Исо. Оқибат ман, ки Монӣ ва пайғамбари худои ҳақ ҳастам, маъмури нашри ҳақоиқ дар сарзамини Бобул гаштам»[3]. Ин эълони ӯ, ки баъдтар дар китоби «Шопургон» сабт шуда буд, аз оғози рисолати Монӣ дарак медод. Ҳамчунин ӯ навишта, ки «калисои ман бар тамоми калисоҳо ва ҷавомеъи қаблӣ бартарӣ дорад. Зеро диёнатҳои дерин мухтаси мамолику шаҳрҳои муайян буд, вале оини ман дар ақсои олам ашоъа ва «Инҷил»-и ман ба ҳамаи мамолик хоҳад расид»[4].

Баъди марги Ардашери Сосонӣ соли 242, ки монеъи ривоҷ ёфтани динҳои ғайризардуштӣ дар Эрон буд, Монӣ аз Ҳиндустон, ки маркази муҳимми таблиғаш буд, аввал ба Эрон омад, сипас ба Бобул рафт. Ба воситаи волии Хуросон Фирӯз ва волии Масен Меҳршоҳ (писарони Ардашер) дини худро дар ноҳияҳои Хуросону Қандаҳор ва Масен ҷорӣ намуд. Баъд озими Ошуру Бобул шуд ва аз он ҷо ба сарзамини Портҳо ва Модҳо рафт ва тавассути пайравонаш даъвати худро барои гароидан ба

дини ҷадид пурзӯр намуд. Монӣ мехост, ки дини ҷаҳоншумул арза намояд ва ба ин манзур ба содиқтарин пайравону мубаллиғонаш дастур дод, ки гирди олам бигарданд, мардумро ба ин дини навин таблиғ кунанд ва ба иқтизои замону макон дини тозаро ба ақоиду аҳволи миллатҳои гуногун созгор намоянд.

Соли 243 Монӣ ба Тайсафун омад. Мардуми он шаҳр ба муносибати тоҷгузории писари Ардашер Шопури 1 ҷашни бузурге ороста буд. Монӣ аз фурсат истифода бурда, бо ду нафар саҳобааш бо номҳои Закво ва Шамъун ба дарбор роҳ ёфт ва амри рисолати худро иброз дошта, мардумро ба дини худ даъват намуд. Минбаъд тавассути писарони Ардашер, ки дар вилотҳои гуногуни давлати сосонӣ ҳукмронӣ мекарданд, ба дарбори Шопур ба хизмат даромад, дар ҷангҳои ӯ бо Румшоҳро ҳамроҳӣ карда, китобаш «Шопургон»-ро ба номи ӯ бахшид.

Китоби мазкур аввалин таълифи роҷеъ ба усулу ақоиди Монӣ ва тамоми фаразияи усули офариниш буд. Дар он махсусан ба масоили охиратшиносӣ Монӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир намуда, дар яке аз фаслҳои он бо номи «Омадани расул» ба суратҳои ҷисмонии мухталиф ба замин нозил шудани қосиди осмонӣ сухан рафтааст. Шоҳ баъди мутолиаи китоб ва зимни се мулоқоте,ки бо Монӣ дошт, паёми ӯро пазируфта, ба Монӣ иҷозаи таблиги таълимоташро дод ва ҳамвора ба волиёни қаламрави ҳукуматаш дастури ҳамкорӣ дар таблиғи монавия содир кард.

Овозаи даъвати Монӣ ба ҳама ҷо паҳн шуд ва шахсони зиёде ба дини ӯ гароиданд. Ба монавия гароидани худи Шопур ба зуд интишор ёфтани он мусоидат кард. Мубаллиғони Монӣ – Маромир, Попиш, Ардвон, Панайк ва Шамъун, ки пайравони содиқаш буданд, дар атрофу акнофи сарзаминҳои гуногун ба таблиғи шадид пардохтанд. Худи Монӣ ба шаҳрҳои гуногуни Эрон гашта, мардумро ба дини худ ташвиқ менамуд. Дар ин бобат худи Монӣ дар яке аз рисолаҳояш навиштааст, ки «ман пеши шоҳ Шопур рафтам ва ӯ маро бо эҳтиромӣ тамом пазируфт ва иҷозат дод, ки дар мамлакат мусофират карда, камоли зиндагиро таблиг кунам…»[5].

Пайравони Монӣ дар Бобул, Раҳо, Мишён, Хуросон, Арманистон, шаҳрҳои гуногуни Ҳиндустон ҷамоъаҳои монавия ташкил намуда, дини Мониро бо суръати тамом тарғибу ташвиқ меарданд. Сабаби зуд интишор ёфтани монавия шояд дар он бошад, ки бо тасхири бисёр мамлакатҳо дар қаламрави Сосониён, хусусан дар Сурияву Байнаннаҳрайн ҷараёнҳои ғоявию динӣ нисбатан озод гузошта шуда буд ва дар ин уфуқи озод монавия аз заъфу ноустувории дини расмӣ ва харачу марачи иҷтимоӣ истифода бурда, ба рукнҳои асосии дини зардуштӣ зарба зад. Илова бар ин, Шопури 1 барои пойдории давлати худ мехост, аз як тараф, идеологияе барпо кунад, ки на фақат дар Эрон, балки дар тамоми қаламрави он оммавӣ гардад ва аз тарафи дигар, нуфузи дини зардуштӣ, махсусан мубадони онро суст

намояд. Барои ба амал баровардани ҳамаи мақсадҳои сиёсии худ ӯ дар таблиғи дини монавия дар тамоми қаламрави Сосониён иҷозат дод.

Гуфтан кофист, ки фақат дар Осиёи Миёнаю қисмати шарқии Эрон дувоздаҳ пайравони ашаддии Монӣ дини ӯро ташвиқ менамуданд. Дар Марв ва ҳаволии он ҷамоъаҳои бузурги монавия ба вуҷуд омаданд. Ҳамин хел ташкилотҳои динӣ дар қисмати ғарбии Эрон, Байнаннаҳрайн, Империяи Рим ва қисмати шимолии Африка амал мекарданд.

Шопур дар аввал дини Мониро пазируфта, ба интишори монавия шароити мусоиде ба вуҷуд оварда бошад ҳам, баъди муддате дар натиҷаи фишори зиёди мубадони оини зардуштӣ Мониро аз Эрон ронд. Тибқи баъзе маълумотҳо ду сол қабл аз марги Шопур Монӣ Тайсафунро тарк кард ва дар Бобулу Байнаннаҳрайн ба таблиғоташ идома дод. Писари ӯ Ҳурмуз вақте ба тахт нишаст, Мониро баргардонд, вале баъди якуним соли салтанаташ бародари ӯ Баҳром, ки подшоҳи ишратталабу сустиродае буд, Мониро ба дасти руҳониёии зардуштӣ вогузошт. Ба ибораи дигар, табақоти ҳокими давр – бузургон, сипоҳони олирутба ва дабирон ба ин дини бидъатолуду илҳодомез, ки ба байраҳи ҷунбиши тӯдаи мардум бадал мешуд, душманӣ варзида, ба муқобили он соҳибони оташкада – мубади мубадонро ба муборизa бархезонданд ва онро ба фоидаи дини расмӣ анҷом доданд.

Дар замони салтанати Баҳром Монӣ дар тӯли соҳилҳои Даҷла мусофират карда, аз он ҷо ба Аҳвоз омад ва ба Хуросону Кушон рафт. Ӯро ба шаҳри Шуш эҳзор карданд ва вақте бо шоҳ Баҳром рӯ ба рӯ шуд, музокироте байни онҳо анҷом гардид ва Монӣ ба ҳабс андохта шуд. Аксари муҳаққиқон мӯътақид бар онанд, ки мубад Картир шоҳ Баҳромро водор намуда то Мониро ба зиндон афканад. Зеро ӯ «роҳбари руҳонии миллат» ва «бонии аслии мазҳаби расмии Сосониён» буд. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки вақте Шопур бо мақсади таҷдиди империяи Ҳахоманишиён Осиёи Сағир ва ҳаволии онро таҳти нуфузи худ қарор доданӣ буд, Картир аз ӯ ихтиёроти том гирифт, ки дини зардуштиро бо оташкадаҳояш дар саросари қаламрави Сосониён барпо созад. Бинобар он ӯ муқобили монавия баромад ва Монию Картир, ки ҳар ду аз наздикони шоҳ буданд, ба якдигар бо чашми душманӣ нигаристанд ва дар ниҳоят ин душманӣ бо ғалабаи охирӣ анҷомид. Мониро ба маҳкама кашиданд ва иттиҳомоти ӯро чунин матраҳ намуданд: «Монӣ алайҳи қонуни мо таълим медиҳад». Манзур аз қонун дар ин ҷо ҳамон дини зардуштӣ буд, ки ба ҳукми қонун даромада ва дини расмӣ эълон шуда буд.

Бино ба маълумоти муаррихи аҳди Аббосӣ Яъқубӣ, ҷараёни муҳокимаи Монӣ дар назди издиҳом сурат гирифта. Дар маҳалле маҷлиси мубоҳисаи умум ташкил шуда, ки дар он аз тарафи дини расмии давлати Сосониён руҳонии зардуштиён Картир ҳамчун қозӣ баромад карда, Мониро

ба унвони «хуруҷ аз дин» маҳкум намудааст. Ба қавли Беруни шоҳ Баҳром, ки гуё дар ин муҳокима ширкат дошта, изҳор кардааст, ки «ин шахс (яъне Мони-Ҳ.М.) барои он бархоста, ки оламро хароб кунад, пас беҳтар он ки мо қаблан ва пеш аз он ки вай ба муроди худ бирасад, уро хароб ва нобуд созем»[6].

Дар воқеъ, Картир, тибқи иттилои муҳаққиқон, дар се катибаи бузурге, ки рӯи сахра ва абнияи Форс ҳак шуда, бо ифтихор сухан гуфта, ки масеҳиён, монавиён ва браҳманонро мавриди азияту озор қарор додааст[7]. Аз ин рӯ, ҷараёни муҳокимаи Мониро дар таърих муҳаққиқон ба ҷараёни муҳокимаи Шаҳобуддини Суҳравардӣ дар додгоҳи шаҳри Ҳалаб ва наҳзатҳои динии ҳуруфияву бобия хеле монанд медонанд. Барои тасаввуроти бештар навиштаи ду муҳаққиқи дигарро низ ироа хоҳем кард. Муҳаммади Рашшод роҷеъ ба таъқиби Мони изҳори ақида намуда, қайд кардааст, ки муғон шоҳро ба саркӯбии Мони гаҳрик карданд. Мони дар ин айём дар ҳудуди Бобул ва шомолу шарқии Эрон ба мусофират оғоз намуда буд. Таъқибро шунида хост ба тарафи шаҳри Шуш равад, вале маъмурони давлатӣ уро дар шаҳри Гунди Шопур дастгир намуданд. Январи соли 277 уро ба зиндон партофтанд, баъди 26 рӯз ба дасту пояш занҷир заданд ва рӯз то рӯз занҷирро тангтар карданд. Ҳамин хел Мони бо азобу шиканҷа дар зиндон ҷон дод. Шоҳ Баҳром фармон дод то пӯсташро аз баданаш ҷудо кунанд, гӯшташро майда-майда карда ба зуболадон андозанд[8]. Артур Кристенсен бо истинод ба маълумоти Яъқубӣ навиштааст, ки «баъди салби Мони зинда ба зинда пӯсти уро канданд, баъд сарашро буриданд ва пӯсташро бо коҳ пур карда, ба яке аз дарвозаҳои шаҳри Гунди Шопури Хузистон овехтанд ва аз он пас дарвоза бо номи «Боби Мони» машҳур гашт[9]. Ин рӯзро монавиён иди «Бема» эълон карданд ва онро рӯзи наҷоти маънавии монавиён мешуморанд.

Тибқи иттилоъи муҳаққиқон баъди марги Мони Сисиниус (Sisinnios) халифаи монавия таъин шуд, вале уро низ баъди 10 соли раёсат ба дор заданд. Иноюс баъди ӯ халифагии монавияро ба ӯҳда гирифт. Ӯ писари Баҳромро муолиҷа намуда буд ва аз ин рӯ, ба вай осебе нарасид. Чанд сол монавиён аз таъқиб озод буданд, вале тақрибан баъди 15 соли куштани Мони боз таъқибу қатли монавиён хусасан дар аҳди Ҳурмузи II шурӯъ шуд. Бо вуҷуди ин дар тӯли 50 соли баъди вафоти Мони монавия дар Шарқу Ғарб интишор ёфт.

Дар Рум монавия ба қадре нуфуз дошт, ки чандин бор ба сӯзондани кутуби монавиён рӯҳониёни масеҳӣ ва императорони Рум фатво ва фармон доданд ва ҳатто император Теодор монавиёнро аз ҳаққи шаҳодат додан дар муҳокимаҳои қазоӣ ва ворисият маҳрум кард ва Юстин барои сарварони дини монӣ ҳукми эъдом баровард. Чунин таъқиб баъди заволи давлати бузурги уйғурҳо. ки ба монавия гароида буданд, дар Чин низ аз

асри 8 инҷониб шурӯъ шуд. Дар натиҷаи ихтилоф дар дохили киши монавия ва ба ду фирқа – миқлосия ва меҳрия тақсим шудани он, инчунин ҷудо ва мустақил шудани монавиёни Осиёи Марказӣ аз маркази хилофати монавии Бобул ҳодисаҳое рух доданд, ки боиси ба занодиқа айбдор намудани монавиён гардиданд.

Бино ба маълумоти маъхазҳо Монӣ асарҳои зиёде таълиф намудааст. Муаллифи «Алфеҳрист» Ибни Надим маҷмуаи 76 рисолаи Монӣ ва асҳоби ӯро зикр намудааст. Тахмин меравад, ки аз теъдоди ёдшуда шаш рисола, мактубу хитоба ва даъвату мувъизаҳои зиёде ба пайравону мубаллиғонаш ба қалами худи Монӣ тааллуқ доранд. И.С. Брагинский миқдори осори Мониро аз 7 рисола иборат медонад[10]. Саидҳасани Тақизода теъдоди расоили Мониро 6 адад зикр карда, забони онҳоро оромии шарқӣ ва суриёнӣ гуфтааст. Ӯ муътақид аст, ки рисолаи аз ҳама муҳимми Монӣ «Шопургон» ба забони ҷанубу ғарбии Эрон тадвин шудааст[11]. «Рисолат-ул-ионайн» роҷеъ ба амалиёти ифритону девон ва муборизаи паҳлавонону қаҳрамонони ҳамосавӣ ба муқобили онҳо навишта шудааст. «Инҷили ҷовидонӣ» ё «Инҷили кабир» номи асари дигари Монӣ буда, ба забони суриёнӣ таълиф шудааст. Бино ба маълумоти Г. Винденгрен дар ин китоб муаллиф иддао дошта, ки ӯ ҳамон «форқалитест», ки Исои Масеҳ ба унвони «мӯҳри паёмбарон» пешгӯй карда буд. Ӯ ҳамчунин илова карда, ки шояд Монӣ хоста, ки китобе ба мисли «Инҷил»-и Масеҳ бинависад ва онро таҳти шуо қарор диҳад. Вобаста ба 22 ҳарфи алифбои оромӣ китоб аз 22 фасл иборат буда, дар қисмате аз он роҷеъ ба 10 табақаи осмон, ҳашт табақаи замин, сохти афлок бо доираи фалакӣ ва минтақатулбурҷ, девон (Ашқалун, Намроил), малоика (Микоил, Сероил, Оноил, Додоил, Абраил, Ҷабраил ва ғайра) назари хешро ироа намудааст.

Китоби «Канз-ул-ҳаёт» ё худ «Ганҷинаи ҳаёт» роҷеъ ба масоили фалсафӣ ва ирфонӣ баҳс мекунад. Бахше аз он дар бораи чигунагии сокинони қаламрави нур иттилоъ дода, ки Берунӣ онро дар «Таҳқиқ мо лил Ҳинд» баён карда. Г. Винденгрен бо истинод ба «Natrқa Йoni»-и Августин ва «Ақидае дар радди Монӣ»-и усқуф Еводиус китоби мазкурро тақрибан аз 7 ҷилд иборат медонад, ки бештар масоили инсоншиносӣ ва равоншиносӣ дар он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба Монӣ рисолаеро низ бо номи «Прагматика» («Фроқмотиё») нисбат додаанд, ки дар он аксаран дастурҳои ахлоқи амалӣ таҳлил шудаанд[12].

Ду китоби дигари Монӣ «Сифар-ул –асрор» ва «Сифар-ул-Ҷабобира» мебошад. Аввалиро «Китоб-ул-асрор» низ номидаанд, ки аз он то рӯзгори мо чизе боқӣ намонда. Тибқи иттилооти Ибни Надим он ба шарҳу таълимоти дайсония бахшида шуда «Сифар-ул-Ҷабобира» ба туфайли кашфиёти Турфон нисбатан ба таври мукаммал ҷамъоварӣ шудааст. Онро «Китоб-ул-каввон» низ номидаанд. Дар он Монӣ «як устураи

қадимаи Ховари миёна»-ро баргузида, ки иборат «аз достони ҳубути фариштагон» мебошад. Маҷмӯаи номаҳои ба забони қибтӣ навиштаи ӯ низ мавҷуданд. Китобҳои Монӣ, аз рӯи гуфтаи Абулқосими Исмоилпур, ба забони бунии Монӣ – суриёнии омехта бо лаҳҷаи эдессӣ аз шоҳаҳои оромии шарқӣ нигошта шудаанд. Баъзе навиштаҳои ӯ ба забони форсии миёна ва портӣ мебошанд, ки Мэри Бойс онҳоро дар маҷмӯъае гирд овардааст[13]. Суруду хитоба ва мувъизаҳои зиёде низ ба Монӣ ва пайравони ӯ нисбат додаанд, ки бештарашон хусусияти мазҳабӣ дошта, қиссаву асотири гузаштаи Шарқи Миёнаро ба ёд меоранд.

Дар аксари китобу рисолаҳои Монӣ барои бештар оммафаҳм шудани матлаб номи қаҳрамонҳо ва достонҳои ҳамосавию динии эронӣ ва асотири Шарқи Миёна истифода шудаанд. Саидҳасани Тақизода дар ин маврид чунин нигошта: «Монӣ, ки дини худро дунёӣ ва ба истилоҳи туркҳо «ҷаҳоншумул» медонист ва мехост дини ӯ ҷои ҳамаи адёни оламро бигирад ва худро хотими русул ё хотим-ул-анбиё медонист, саъй дошт ҳамаи матолибу ақоиди худро бо истилоҳоти ҳар миллату уммат тарҷума кунад, ки мафҳуми онҳо бошад…»[14].

Китобҳои дар Миср кашфшуда мавриди таҳқиқи муҳаққиқон қарор гирифт ва аз рӯи онҳо се китоб ба табъ расид. Яке аз онҳо «Кафолоё» - маҷмӯъи хитобаҳои таълимии Мониро дар бар мегирад, ки онро мубаллиғони мисрии Монӣ таълиф намудаанд. Он шомили ақоиду тафсирҳо ва ваҳйи муассиси монавия мебошад, ки бештар хусусияти муколимавӣ доранд ва ба пурсишҳои шогирдон посух дода. Китоби дигар «Мавоъиз» ва сеюмӣ «Забури Монӣ» ном дорад. Тамоми маъхазу манбаъҳои марбут ба монавияро Саидҳасани Тақизода ба чаҳор навъ тақсимбандӣ намудааст: «Нахуст навиштаҷоти аслию ривоёти худи монавиён, дуюм иқтибосот аз навиштаҷоти аслии монавиён аз тарафи ғайримонавиҳо, сеюм радҳо ва муҷодилот бар зидди монавият бо баёну шарҳи он дин ва рад бар он бо иқтибосот аз кутуби монавӣ, чаҳорум муаллафоту мақолоти илмӣ дар боби Монӣ ва дини ӯ»[15].

Ризоқулихони Ҳидоят дар «Равзат-ус-сафо» навиштааст, ки Монӣ суратгари беназир буд. Ҳамчунин ӯ ба мусиқӣ алоқаи хосса дошта, ки ба гуфтаи Августин дар «Одобу русуми монавиён», мусиқиро дорои манбаъи илоҳӣ мепиндошта. «Тасвирҳое, ки навиштаҳои ӯро меоростанд, такмили омӯзиши босаводон буд ва дар айни ҳол дарки паёмҳоро ба дигарон соддатар месохт… Монӣ ва ҳунари ӯро бояд дар муқобили заминаи тамаддуни ашконию суриёнӣ, ки дар қарни сеюми милодӣ дар Байнаннаҳрайн ҳоким буд, ҷустуҷӯ кард. Дар мавриди наққошии минётурҳои суннатӣ, ки ҳаққан Мониро дар он мансуб донист, асари мустақиме дар даст нест, магар ин ки битавон аз роҳҳои истинботӣ ба натиҷа расид. Он чи мусаллам аст, ин аст, ки мактаби ҳунарӣ, ки Монӣ ба

он тааллуқ дошт, ҳамонест, ки дар таҳқиқоти ҷадид ба он «шеваи портӣ» мегӯянд»[16].

Тамоми манбаъҳои Шарқ ва ҳатто ғуфтаҳои худи Монӣ дар «Кафолоё» ба он шаҳодат медиҳанд, ки Монӣ осори худро бо тасвироти худ оро медода. Ба ғуфтаи Г. Виденгрен, яке аз манобеъи шарқӣ, ки матнаш туркист, наққошии деворро ба Монӣ нисбат дода. Абулмаъолӣ ғуфта, ки Монӣ наққоши беҳамто буд . Ӯ қодир буд бо ангушташ доирае ба қутри 5 заръ бикашад ва пас аз баррасии дақиқ камтарин номавзунӣ ё хато дар муҳити доира мушоҳида намешуд[17]. Муҳамади Рашшод таъкид карда, ки ғайр аз рисолаву мактубҳои ёдшуда Монӣ «Тасвири ду асли бузург» ном дафтари мусавваре дошта, ки дар санъати Чин будааст[18]. Муаллифони «Нафаҳот-ул-унс» ва «Ал-милал ва-н-ниҳал» баробари нишон додани рукнҳои асосии таълимоти Монӣ дар наққошӣ бисёр чирадаст будани ӯро низ қайд намудаанд. Ин матлабро В.Г. Луконин низ дар «Культура сасанидского Ирана» зикр кардааст. Аз афташ Низомии Ганҷавӣ ҳамин масъаларо дар назар дошта ин байтро ба ифтихори ӯ навиштааст: «Шунидам, ки Монӣ ба суратгарӣ, Зи Рай суи Чин шуд ба пайғамбарӣ».

Таълимоти фалсафии Монавия бисёр мураккабу зиддиятнок ба назар мерасид. Сабаби хусусияти тазод доштани ин таълимот аз он иборат аст, ки таблиғи ғояҳои асосии ин дин дар ҳар мамлакат бо забонҳои маҳаллии гуногун бурда мешуд ва, аз ин рӯ, луғату истилоҳҳои тамоми забонҳои зиндаи он давр (паҳлавӣ, суғдӣ, чинӣ, румӣ, эронӣ ва ғайра) дар осори Монӣ ва пайравонаш дида мешуданд. Инчунин ӯ вазъи нобасомони давраи ҳеллинӣ ва таълимоту орои мактабу равияҳои гуногуни мазҳабию гносӣ ва ақоиди дорои хусусиятҳои ирфонию родвариро таҳлил ва баррасӣ намуда, онҳоро мавриди писанд қарор надод ва бо тамоми овоз садо дод: «Ман аз маркази олам, хотами расул ва пайғамбари тамоми ҷаҳонам»[19]. Ба ин маънӣ монавия як ҳодисаи шигифтангез ва пурғавғову пурмоҷаро дар таърихи адёни Шарқ ба шумор меравад, ки фаҳму дарки он бағоят мушкил аст ва «метавон гуфт, ки бунёну таркиби ақоиди монавия дар таквини аслии мавҷудот ва сайри таърихии вуҷуд ба қадре печида ва пур аз афсонаву достонҳои мавҳум ва шабеҳ ба хурофот аст, ки шояд назире дар миёни адёни олам»[20] надошта бошад.

Бисёр муҳаққиқон монавияро омехтаи дини масеҳию зардуштӣ меиндоранд[21]. В.В. Соколов онро ҳамчун як ҷараёни мулҳидона қаламдод намудааст[22]. Е.А. Дорошенко ва Саидҳасани Тақизода монавияро дорои хусусияти ислоҳотталабона дониста, зимнан мӯътақиданд, ки он ҳанӯз дар аввали пайдоишаш нисбат ба муғони зардуштӣ ҳисси бадбиниро парварида, дар системаи афкори назарию амалии зардуштия ислоҳоти ҷиддӣ ва қобили мулоҳизаро пешниҳод намуда буд[23]. Аз ин рӯ, муҳаққиқон бо камоли боварӣ таъкид кардаанд, ки Монӣ таълимоти худро аз омезиши

масеҳияти гностикии Сурияву Байнаннаҳрайн, ақоиди қадимаи бобулӣ, фалсафаи ҳеллинӣ ё юнонии ҷадид, ақоиди эронии асотирӣ ва ибдоъи худ созмон дода, дастгоҳи азиму кохи баланди паҳновари бисёр пурпечутобу ташкилоти маънавиеро пай афканд, ки шояд ҳеҷ мазҳабу тариқае ба ин басту ба ин дараҷаи паҳноварӣ вуҷуд надошта бошад[24]. Монавия аз ду фасли ҷудогона - илоҳиёт ва низомот иборат мебошад. Қисмати илоҳиёти он аз рӯи моҳияташ ба илоҳиёти зарвонияву зардуштия тақрибан монанд аст, вале дар ин ҷо мазмунҳо мушаххастар баён шуда, бо хислату рафтори инсон дар ҷараёни муборизаи хайру шар (нуру зулмат) ва се давр барқарор аст. Мабдаи куллу аслии вуҷуд ду худост, ки қабл аз ҷараёни хилқат аз ҳам ҷудо мезистанд. Қаламрави нур ва зулмат, ба мисли оини зарвонӣ ва дини зардуштӣ, бӯъди маконӣ доштанд ва дар олами нур Падараи азамат (ба мисли Зарвон) ва дар олами зулмат Подшоҳ ё худ Шаҳриёри торикӣ (ба мисли Аҳриман) ҳукмронӣ мекарданд. Роҷеъ ба шеваи зиндагии ду мабдаи мустақил ва набарди қувваҳои хайру шар дар адабиёти монавия шарҳу тафсирҳои гуногун бар мабнои осори Монӣ ва пайравонаш, инчунин дар таҳқиқотҳои олимони Шарқу Ғарб, аз ҷумла Абдулазими Ризой, Саидҳасаии Тақизода, Абулқосими Исмоилпур, Г. Винденгрен ва бисёр дигарон мавҷуданд, ки мо хулосаи онҳоро дар зер ироа хоҳем кард ва баъд ба таҳлили афкори фалсафию ирфонии монавия хоҳем пардохт.

Олами нур ҳамчун рамзи хайр аз панҷ бузургӣ ё вуҷуд (ҳуш, фикр, тааммул, ирода ва ионҳои бешумор) ва олами зулмат ҳамчун рамзи шар аз панҷ мавҷуд (дуд, оташи балъанда, боди тахрибовар, хашм ва мурдоб) иборатанд. Мавҷудоти хайрро панҷ навъи фелезот (тилло, нуқра, мис, оҳан ва қалъ) ва мавҷудоти шарро панҷ сарвари зулмот (дев, шер, ақраб, моҳӣ ва мори афъӣ) идора мекунанд. Дар олами зулмат аз рӯи табиати торикӣ бархӯрду низо ва даргирии доимии байни унсурҳо вуҷуд дошт, вале ҳеҷ яке аз аносири зулмат аз олами нур иттилоъ надошта. «Яздони нуронӣ», ки ҳамон «Падари азамат» (Падари бузург) бошад аз вуҷуди олами зулмат тавассути «Рӯҳ-ул-қудс», ки ҳамсари минуӣ ва оинии вай буд, бохабар буд ва аз ин рӯ, худро аз он ҳамеша пинҳон медошт. Вале ин кор то ба охир ба ӯ муяссар нашуд. Мавҷудоти олами зулмонӣ ба туфайли бархӯрду иғтишоши дохилии байни худ то ба марзи олами нуронӣ расиданд ва аз қаламрави нур огоҳӣ ёфтанд. Онҳо мафтуну маҷзуби олами рӯшной гардида, хостанд, ки ба он ҳамла кунанд ва олами нурро тасхир намуда, унсурҳои онро балъида (хӯрда) ҷузъи таркибии вуҷуди зулмонии худ гардонанд.

Давраи аввал, ки дар таълимоти монавия «замони гузашта» ном дорад, давраи пеш аз офариниш аст, ки дар он ду нируи азалии нуру зулмат дар сарзаминҳои неку бад ва хайру шар аз ҳам ҷудо буданд. Давраи дуюм, ки «замони ҳол» номида мешавад, давраи омезиши унсурҳои олами нуру

зулмат мебошад. Дар ин давра Падари азамат, ки барои дифоъ аз ҳамлаи нируҳои аҳриманӣ ҳамчун мавҷуди хайр (аз рӯи табиати худ) ҳеҷ гуна абзору аслиҳаи ҷанғӣ надошт, аз нируи халлоқияти худ истифода карда аз зоти вуҷуди худ «Модари ҳаёт»-ро офарид ва вайро барои муқобилат ба юриши нируҳои зулмонӣ ўҳдадор намуд. «Модари ҳаёт» дар навбати худ «Инсони азалӣ» (Ҳурмузбаг)-ро офарида, ўро ба майдони корзор фиристод. Ҳурмузбаг мусаллаҳ бо панҷ аслиҳаи ҷангии худ (ҳаво, бод, равшаной, об ва оташ), ки ҳамчун аносири неки нуронӣ ё худ фарзандонаш дар зоти худ дошт ба муқобили ҳамлаи қувваҳои аҳриманӣ озими олами зулмонӣ шуд ва бо нируҳои зулмонӣ, ки Шайтони қадим бо аносири панҷгонаи худ (дуд, оташи балъанда, боди тахрибовар, хашм ва мурдоб) дар интизораш буд, ба набарди шадид пардохт. Зимни набард Ҳурмузбаг корнамой нишон дод, чандин девонро ба занҷир кашид, вале девони ваҳшии бадӣ ўро маглуб сохтанд, пораҳои нури фарзандонашро балъиданд ва худи ўро дар таҳи маґоки олами зулмонӣ ба асорат гирифтанд.

Ҳамин тариқ аҷзои панҷгонаи нур, ки дар сиришташон фақат некӣ буд, зимни набард ва маглубияту асорати «Инсони азалӣ» ба аҷзои панҷ онаи зулмат, ки дар сиришташон фақат бадист, бо ҳам даромехтанд. Дар олами зулмониву моддӣ ҳама чиз шомили хусусияти мутазод гардид. Тазоди ду олами аз ҳам ҷудову мустақил бо хусусияти ашёву падида ва ҳодисаҳои олами моддӣ интиқол ёфт. Масалан. аз омезиши нуру зулмат ташкилае ба вуҷуд омад, ки беолоиши, равшанӣ ва сафоиву назофату судоварӣ аз нур ва тираґиву ґалзату зиёновариву моддият аз зулмат буд; аз омезиши ҳавою дуд ташкилае ба вуҷуд омад, ки ҳам хусусияти некӣ ва ҳам хусусияти бадӣ дошт: ҳавои фораму дархури осоиши нафаси инсон хусусияти хуб ва ҳавои ґализу хафақонкунанда ва зиёновар хусусияти бади он ба шумор мерафт. Ҳамин хел тамоми аносир ва мавҷудоти олами моддӣ хусусияти тазодро ба худ касб карданд.

Шикасти «Инсони азалӣ» дар таълимоти монавия, ба мисли таълимоти зарвонияву зардуштия, ҳанӯз маглубияти комили ў набуд, он, дар айни ҳол, начоти олами нурониро низ ифода мекард. Зеро девони олами зулмат бо балъидани зарроти нури фарзандони Ҳурмузбаг машґул шуда, аз ҳамла ба олами нурро фаромӯш карданд. Гузашта аз ин, аввалин иртиботи ду олами мустақилу мутаҷаззо ба вуҷуд омад ва ҷоннисории «Инсони азалӣ» дар набарди мазкур як фидокории ихтиёрие аз тарафи «Падари азамат» буда, ки бо қурбонии ҷузъе аз нур иштиҳои ба олами зулмонӣ (моддӣ)-ро таскин бахшида, онро дар чанг ва таҳти нуфузи худ нигоҳ дошта, ба тадриҷ заминаи маглубияти онро фароҳам месозад. Бо ибораи дигар, пораи нури воридшуда дар колбади ҷисмонии олами зулмонӣ барои олами нуронӣ сайдест, ки агар онро дошта бигирад, боиси маргу муталошӣ шудани олами моддӣ мегардад.

Идомаи фаъолияти озодкунии Ҳурмузбаг тавассути «Падари азамат» ва ба таквини олам пардохтани Меҳризад аз ҷасади девони маглубшуда ҳамон ҷараёни муборизаи нуру зулмат дар оини зарвониро ба ёд меорад ва озод кардани нуре, ки бо зулмот ба куллӣ омехта шуда буд, эҳтиёҷ ба замони тӯлонӣ дошт. «Падари азамат» бо варҷу каломи муқаддаси хеш се изади дигар – изади Нарсай, Исои дурахшон ва дӯшизаи равшаноиро офарид. Нарсай подшоҳи замину Осмон ва Кайҳон буд. Ӯ 12 дӯшиза ба сони изади нирумандӣ, ҳикмат, пирӯзӣ, нируи андеша, покӣ, ростӣ, гароиш, порсоӣ, амонат, эҳсон, некукорӣ ва равшанӣ фаро хонд. Ба сӯи қурси Хуршеду Моҳ омада, фармон дод, ки фариштаҳояш онҳоро ба ҷунбиш оранд. Се гардунаи обу боду оташ бо фармони ӯ қурси Хуршеду Моҳро ба ҳаракат дароварданд ва ҳангоме, ки онҳо ба миёни Кайҳон расиданд ҳаракат ва замон ба вуҷуд омад.

Сипас Нарсай изад худро ба чеҳраи нару мода дароварда, ҳамроҳ бо дӯшизаи рӯшной дар баробари девони дар банд буда ба сурати бараҳна зоҳир шуданд ва онҳоро таҳрик карда, ба шаҳват оварданд, то девон нури балъидаи маҳбус дар колбадашонро тавассути нутфа берун биронанд. Девони музаккар дар авҷи шаҳват манӣ бар замин рехтанд ва аз он гиёҳ ва олами наботот ба вуҷуд омад. Иртиботи байни зарроти нур ва нутфа, ки ёдовари ҳолати инкишофи ҷанинист, ақидае буда, ки байни қавмҳои ҳиндуэронӣ ё ориёӣ аз қадимулайём ҷой дошта. Ин ҳодиса дар устураи Каюмарс ва сушиёнати оини зардуштӣ дар шакли нисбатан инкишофёфта матраҳ шудааст.

Девони муаннаси обистан аз дурахшишу зебоии Нарсай сақти ҷанин дар рӯй Замин карданд. Ҷанинҳо меваи дарахтонро хӯрда, бузург шуданд ва бо деви Оз ба шаҳватронӣ пардохтанд. Деви Оз аз онҳо ду деви нару мода (музаккару муаннас) бо номҳои Ашқалун ва Писус (Намроил) ба вуҷуд овард ва онҳоро чун ҷома пӯшида пинҳон шуд. Аз муҷомиати Ашқалуну Намроил аввалин завҷи инсон бо номҳои Геҳмурад ва Мурдиёна (муодили «Маша ва Машяна»-и зардуштӣ, «Адам ва Ева»-и масеҳӣ ва «Одаму Ҳавво»-и ислом) арзи вуҷуд намуданд, ки тибқи ҳикояту ривоятҳои тӯлонии асотирӣ аз онҳо Қоину Ҳобил ва баъдан авлоди башар ба вуҷуд омада. Аз ин рӯ, одамиён ҳарчанд, ки ба пайкари Нарсай ва дӯшизаи равшанӣ монанданд, табори аҳриманӣ ва девӣ ё худ шайтонӣ дар фитрати худ доранд, ҳар як инсон порае аз ҳамон нури маҳбусро дар колбади худ дорад ва рисолати ӯ аз он иборат аст, ки он пораи нурро раҳой бахшад ва ба мабдаи аслии нурониящ раҳнамун созад.

Инсони тоза бавуҷудомада ҳануз кӯру кару гумроҳ ва бехабар аз отифаи нуронии маҳбус дар колбади худ буд. Барои нақоти ӯ боз як худои нав – nous (=ақли кулл), ки номҳои дигараш Исои дурахшон ё ҳамон Баҳман (Hovr Mana)-и зардуштист, фиристода мешавад. Он бо панҷ сифаги худ –

хирад, зеҳн, ҳуш, андеша ва фаҳм ба ёрии инсон омада, ўро аз хоби гарони дерин бедор мекунад, чашмони ўро боз, гўшҳояшро шунаво ва ба маърифати тамоми ашё ё худ кулли он чи буда, хаст ва хоҳад шуд водор месозад. Инсон ба худ омада, аслҳои дугонаи худ, муваққатӣ ва фонӣ будани колбади ҷисмонӣ ва ҷовидонии рӯҳи маҳбус дар онро эҳсос мекунад. Танҳо муборизаи инсон барои озод кардани ҳамин рӯҳи маҳбус дар колбадаш дари зиндонҳоро боз ва ҳамаи порсоён ва пайравони оини монавияро начот хоҳад дод.

Бо ибораи дигар, дар инсон отифаи нуронӣ ҳамчун муваллиди раҳму имону адолат ва сабру тааккул ҳамвора бо отифаи зулмонӣ ҳамчун муваллиди кину хашму қаҳру шаҳват вуҷуд дорад. Ин ду қувва, ки яке «нируи фаъол» ва дигаре «нируи инфиъол» мебошад ва ишора ба ду ҷавҳари муҷаззо ва мабдаи мустақил мекунад, ҳам дар ҷамодот, ҳам дар наботот ва ҳам дар инсон мавҷуд аст. Вале ин вазъ ҳамин хел давом намекунад. Инсон дар замони оянда аз зиндони зулмонии худ озод шуда, батадриҷ тамоми унсурҳои шарро аз худ дур мекунад ва ба саодати абадӣ ноил мегардад. Ин замон давраи хотимаи хилқату таквин ва руҷуи хайру шар ба ҳолати аввалаву ибтидоист, давраи санҷишу имтиҳонот аст, ки монавиён онро «ҷанги бузург» (муодили «ҷиҳоди акбар»-и сўфиён) хондаанд, ки пирўзиву адлро ба дунбол дорад. Яъне то он замоне, ки баргузидагон аз шаҳвату равобити ҷинсӣ худдорӣ накунанд, як силсила галаботҳои таълимоти монавия дар илоҳиёт ва низомотро ба ҷо наоранд ва тариқаи начоти пешниҳодкардаи Мониро ҳамчун рисолати инсон пеша накунанд, озодии ниҳой ба даст нахоҳад омад ва тибқи таълимоти санавии Монӣ ҷудоии мутлақи нуру зулмат барқарор нахоҳад шуд.

Қабл аз он ки аз хулосаи асотири оини монавӣ, ки шарҳаш дар боло гузашт, таълимоти дорои хусусиятҳои ирофнӣ ва ақоиди фалсафии Мониро мавриди баррасӣ қарор диҳем, назаре ба пешинаи фарҳангӣ ва маънавии муассиси монавия мепардозем. Бояд қайд кард, ки баробари меҳрпарастиву зардуштия, ки бештар дар сарзамини «Иронвейҷ» мавриди парастиш қарор гирифта буданд, дар Осиёи Хурд, хусусан дар ҳаволии Байнаннаҳрайн, ки Монӣ дар муҳити фарҳангии он парвариш ёфта буд, наҳзатҳои динӣ ва ҷараёнҳои ғоявии тозабунёд ҳамвора бо ҷомеъаҳои мандоию гносӣ амал мекарданд, ки ба ташаккулу ҷаҳонбинии Монӣ таъсири худро гузоштаанд.

Аз наҳзатҳои динӣ оини масеҳиро мисол овардан мумкин аст, ки дар он буъди замонӣ даврони ташаккули худро аз сар мегузаронид ва аз дидгоҳи Монӣ Исои Масеҳ дар вақҳҳои гуногун - гоҳ дар сурати Исои нурониии раҳоибахш ва худои осмонӣ, ки маърифатро барои инсони нахустин бар арза дошта ва охирӣ маърифатгари худро шинохтааст, зоҳир мешуд, гоҳ хамчун Исои ранҷбар, ки ҷилваи изадӣ дорад ва пораи нур дар колбади

ӯ маҳбус аст ва гоҳ паёмбарест, ки ҳамчун писари худо дар шакли инсон намудор гашта. Ва беҳуда нест, ки Монӣ худро нахустин ҷонишини Исои масеҳ - «Фарқлит» эълон намуда.

Агар ин нигоҳи Мониро ба таълимоти ӯ мунтабиқ созем, ба хубӣ мушоҳида хоҳем кард, ки Исои нуронӣ ҳамчун раҳоибахш мазмуни асосии се давраи гузаштаву ҳолу ояндаро дар ақоиди Монӣ дар бар мегирад, ки дар давраи аввал – давраи заррини ҷудоии нур аз зулмат - ҷаҳон як порча нур аст ва изадони минуӣ дар биҳишти нур дар камоли оромиш зиндагӣ мекунанд. Давраи дуюм ё худ замони ҳол – даврони омехтагии нуру зулмат – давраи зиндагии инсон аст, ки дар колбадаш нури изадӣ дорад. Пораҳои нур ё худ рӯҳ дар асорати моддаанд ва танҳо дар давраи пасин, ки замони оянда ва растохез аст, пораҳои маҳбус дар колбад наҷот ёфта, ба хостгоҳи аслии худ – Осмон хоҳанд рафт ва зулмат шикает хоҳад хӯрд[25].

Аз нукоти боло маълум мегардад, ки Монӣ дар таълимоти ҷаҳоншиносии худ мутамоил ба оини гносӣ (=маърифатӣ) мебошад ва ин боварҳои гносӣ дар се асри аввали милодӣ аз ақоиди Шамъуни муғ, Марқиюн (Марқуиюн) Базилис дар Энтокия ва Валентин ибтидо гирифта буд. Рӯҳи ҳубуткунанда аз Осмон ва асиршуда дар олами дуни ҳастӣ ва ғурбати ғарибагии ин рӯҳи одамӣ тадриҷан инкишоф ёфт ва дар асри сеюм то ба дараҷаи таълимоти томи Монӣ иртиқоъ пайдо кард. Манзур аз инкишофи тадриҷии оини гносӣ арзи вуҷуд намудани чандин мактабу равияҳои дорои хусусияти ирфонӣ мебошад, ки яке аз онҳо Марқиюн ва дигаре мандоия ва сеюмӣ дайсония мебошад.

Орифе аз Осиёи Хурд бо номи Марқиюн мактаби тозаи ирфониро созмон дод. Дар асараш «Инҷили Марқиюн» роҳи асосии наҷоти инсонро мансуб ба имон дониста, маърифати гносиро ба имон вобаста намуд ва дар хусуси мавҷудияти ду мабдаъ ё худ дугарой шояд бори аввал фикре иброз дошт, ки таълимоти сонавиятро ибтидо гузошт. Тибқи эътиқоди ӯ ду худо вуҷуд дорад, ки яке бузургу ношинохтанӣ ва номаръист ва дар моварои Осмон қарор дорад. Дигаре худои ҷаҳонофарин (=демиург), ки олами дуни ҳастиро офарида, Худои ношинохта ҳамон «Падар»-и Исои масеҳ аст, ки ҳар ки ӯро бишносад, ростгору ҷовидон хоҳад шуд, вале рӯҳи инсон ҳатто баъди озод шуданаш аз олами моддӣ худои ношинохтаро дарк нахоҳад кард. Бино ба таълимоти Марқиюн, «растагорӣ аз тариқи имон тавассути «файзи илоҳӣ» сурат хоҳад гирифт. Орифи садаи дуюми милодӣ Базилиси Искандаронӣ низ мисли Марқиюн ба мавҷудияти худои ношинохта боварӣ дошт, вале бар хилофи Марқиюн, озод шудани рӯҳи инсонро эътироф ва бо роҳи маърифат шинохти онро таъкид карда буд.

Дар Эдесса Ибни Дайсон ба масеҳияти ибтидоӣ унсурҳои таълимоти ирфониро ворид намуд ва ба ин иллат масеҳиёни он сарзаминро дайсония номидаанд. Марқиюн ва Ибни Дайсон дар тамоми Байнаннаҳрайн

ҳамчун ҳакимони илоҳӣ ва орифони машҳур фаъолият доштанд ва аҷобати кор дар он аст, ки ин ду орифи ёдшуда «дар муҳити комилан эронӣ парвариш ёфта буданд. Марқиюн дар бандари Синоп, дар дохили ҳавзаи ҳукумати эронии Пунтус, ки дар Осиёи Сағир қарор дошт, мутаваллид шуда буд ва Ибни Дайсон на танҳо ба дарбори Эдесса, ки ғушае аз фарҳангу тамаддуни ашконӣ маҳсуб мешуд, балки ба Арманистон, Тиюл ва мустамликаи ашконӣ, ки таърихашро низ ӯ навишт, иртиботи наздик дошт. Ин иртиботи онҳо бо Эрон аз ин назар қобили таваҷҷӯҳ аст, ки метавон гароиши эрониеро, ки илҳомдиҳандаи санавият дар низоми фикрии онҳост, тавзеҳ диҳад. Ҳар дуи онҳоро метавон дар аслият ва назариёташон пешқаровулони Монӣ номид»[28].

Таълимоти мандоиён ба маънии истилоҳии номашон мувофиқат мекард, зеро он дар забони оромии шарқӣ маърифатро ифода мекарда. Абдулазими Розӣ муътақид аст, ки мандой номи маҳал (мода, омода ё модӣ дар кирмоншоҳи имруза) ва соббӣ (собеъия) дини онҳо аст, ки ба покизагии тану ҷома ва шустушӯ дар оби рӯдхона аҳамияти махсусе медоданд. Собеъиён баъди даргирӣ бо яҳудиён ватани аслии худ – Канъонро тарк намуда, аз канораҳои руди Урдун ба шимоли Сурия ва Байнаннаҳрайн кӯч баста, дар имгидоди соҳилҳои Даҷлаву Фурот таваққуф намуданд. Баъдтар дар ҳаволии руди Карха дар Хузистон , ки ба ҳавзаи ҳукумати Ашконӣён дохил мешуд, мустақар шуданд. Давлати соҳибистиқлоли дохилии худро низ доштанд, ки зери фармонравоии Мишонщоҳ амал мекард. Собеиён ҳатто дар замони зиндагии муштарак бо қавми сомии Бани Исроил худро аз аҳолии бумии Канъон намедонистанд ва онҳо гӯё ҳангоми ҳиҷрат аз Миср ба Канъон омада буданд. Онҳо ҳоло ҳам дар Ободон, Аҳвоз, Хуррамшаҳр, Сарбанд, Дашти Мишон ва дар қисмати шимоли Ироқ зиндагӣ мекунанд. Мандоиҳо қадимтарин муҳоҷирони ғайриориёӣ (баъди яҳудиён) аз Фаластин ба сарзамини Эрон буданд.

Мандоиён аз чаҳор фирқа иборатанд: асҳоби рӯҳоний, асҳоби ҳаёкил, асҳоби ашхос, хирбония. Аввалӣ муътақиданд, ки олам сонеъе дорад ҳакиму доно, ки расидан ба он фақат бо муҷоҳидаи рӯҳонӣ мумкин аст. Дуюмӣ аслан ситорапарастанд ва байни инсону раб-ул-арбоб мавҷудияти сайёроти ҳафтгонаро эътироф мекунанд. Сеюмӣ ба василаи сувар ва ашхос расидан ба сайёроти ҳафтгона ва аз тарнҳи рӯҳоний наздик шудан ба худои бузургро мутақиданд. Чаҳорумӣ офаридгорро якто ва касир медонад, ки касирии ӯ зоти уро ботил нахоҳад кард. Вале Абулкосими Исмоилпур собеъия, мандоия ва муғтасиларо фирқаҳои алоҳида пиндошта, навиштааст, ки дар хеле аз маворид дар адабиёти мандоия мандоиёнро собеъиён низ хондаанд ва онҳоро ба фирқаи муғтасила пайванд додаанд, дар ҳоле ки ин макотиб наҳлаҳои мустақил буданд, ки асоситарин оинашон ғусли тамъид буд»[26].

Мандоиён дар «Ганҷи азим» ном китобашон дугонагарой ё худ санавиятро асоси таълимоти худ қарор додаанд. Тибқи асотири мандой худои бузурги нуронӣ («Ҳай») дар канори мавҷудоти асирӣ дар биҳишти барин зиндагӣ дорад ва яке аз ин мавҷудоти асирӣ бо номи Патоҳил ҳамчун офаринандаи ҷаҳони моддӣ ва инсон рӯҳи улвиро дар ниҳоди инсон ҷой дода[27]. Дар ҷараёни ҳамин маърифат силсилаи устураҳое мавҷуданд, ки ҷангу ситези нуру зулмат дар ҷаҳони моддиро барои раҳоии рӯҳ аз чанголи зулмат дар маърази намоиш қарор додаанд. Шояд ҳамин шабоҳату монандии оини мандой ва таълимоти монавияро ба назар гирифта, Абдулҳусайни Зарринкӯб навиштааст, ки «оини Монӣ, бидуни шак, дар домони оини мандой ё лоақал дар сурати нахустини он пайдо шуд»[28].

Нуктаи дигареро низ дар ин ҷо бояд хотирнишон намуд, ки фиркаҳои таъмидияи ирфонӣ мавҷуд буданд, ки Ибни Надим аз онҳо бо номи «Собот-ул-батойеҳ« ном бурдааст, бештар ба татҳиру назорати ҷисмонӣ машғул мешуданд ва шустушӯи ҳама чизро ба дараҷаи ифрот мерасониданд. Бо инкишофи маърифати гносӣ дар ин ҷодда низ пешрафт ба назар мерасид. Ғуслу татҳир дар собеия ва хусусан мандоия аз марҳилаи ҷисмонӣ то ба марҳилаи рӯҳонӣ иртиқоъ ёфта. Дар он татҳири рӯҳонӣ ҷои татҳири ҷисмониро гирифт ва татҳир аз роҳи маърифат ҷузъи мароҳили сайру сулуки мандоия гардид.

Ба гуфтаҳои боло мактабҳои Орфеию Ҳурмусиро низ ёдовар шудан мумкин аст,ки дар ҳамин бӯъди замонӣ амал мекарданд ва шарҳашон дар қисмати «Рамзу роз ва ирфони оини зардуштӣ» гузашт.(Пас хостгоҳи фарҳанг ии Монӣ, ки Бобулу Байнаннаҳрайн буд, ба ташаккули ақидаҳои гносӣ замина гузошт, ки шомили масъалаҳои гуногуни фарҳангӣ буда, дар таълимоти монавия нақши муҳимми худро гузоштанд. Албатта, манобеъи мазкур ягона манбаъи ташаккули таълимоти Монӣ набуданд. Ба он ақоиди фалсафию ирфонӣ ва муаммоҳои рамзии фарҳанги эронӣ, ки дар Осиёи Миёнаву Эрони бостон ё худ сарзамини «Эронвейҷ» роиҷ буданд, таъсири муассире расонда. Чунин фикрро на фақат шабеҳии сохтори таълимоти зарвония ва зардуштия бо монавия, балки табиати асотиру боварҳои динӣ ва омӯзаҳои ирфонӣ, ҳатто номгузории изадони Монӣ дар осораш таъйид менамоянд. Агар ба умқи масъала дақиқтар назар афканем, хоҳем дид, ки таъсири ақоиди зардуштӣ дар масоили усулии нуру зулмат ва хайру шар, бахусус нуфузи «ду гавҳари минуй»-и Готҳо ба санавияти Монӣ низ баҳснопазир аст.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дар монавия ду масъалаи усулӣ, яке ақоиди ирфонӣ ё худ гносӣ ва дигаре таълимоти санавият ба авҷи аълои худ расид. Ин масъаларо дигар муҳаққиқон низ қайд намудаанд. Масалан, Абдулҳусайни Зарринкӯб мӯътақид аст, ки «Таълимоти Монӣ навъи оини

гносӣ аст ва дар он санавият байни нуру зулмот мабнои зуҳду риёзати ирфономез аст…»[30]. Роҷеъ ба оини гносӣ матлаби дигареро низ зикр намудан ҷоиз аст, ки дар он мактабҳои Искандарияву Сомаро зуҳур карда, рисолати инсонро ба озод кардани рӯҳи хеш ва дастёбии ӯ ба биҳишти рӯшноӣ марбут сохт. Пайравони он сууди Исои Масеҳ бо тани ҷисмониро рад карда буданд. Барои он ки гуфтаҳои боло дар бораи ақидаҳои гносӣ хубтар тасаввур шавад, дар ин ҷо иқтибосе аз Саидҳасани Тақизода ироа хоҳад шуд, ки шояд як навъ ҷамъбасти назарҳои фавқ бошад. Ӯ навишта, ки мазҳабу тариқаҳои гносӣ «талфиқу таълифе буд аз ақоиди мазҳабию фалсафии машриқии мамолики байни Эрону Юнон, яъне Бобул ва ҳамаи Байнаннаҳрайн, Сурия, Фаластин ва Миср, ки таҳти таъсири ҳеллинизм, яъне фалсафаи юнонии баъд аз Искандар, бештар фалсафаи ишроқӣ, аз як тараф ва илоҳиёти Эрону Бобул, аз тарафи дигар, ба вуҷуд омада, мачзӯъ шуда ва таркиб ёфта, як наҳзату тариқаи ирфонии мунташире дар Осиёи Ғарбӣ шуда буд, ки агарчӣ мабдаъи он ба қуруни охири қабл аз Масеҳ мерасад, вале ташаккули комилу вусъати интишор ва иншиоъу маъруфияти он пас аз музоҷ ба исавият ба амал омад»[31].

Ин иқтибос барои дарку фаҳми комили таълимоти Монӣ аз аҳамият холӣ нест, зеро дар ақоиди ӯ нақши дину мазҳабҳои ёдшуда каму беш (буддоӣ хело кам, зарвонияву зардуштӣ бештар, масеҳият аз онҳо ҳам бештар ва марқиён беш аз ҳама) дида мешавад. Албатта, аз ин ба чунин хулоса омадан, ки дини Монӣ як таълимоти синкретӣ аз маҷмӯъи ин оинҳо бошад, хатост ва ба ҳақиқати таърихӣ мувофиқат намекунад. Зеро поягузори ин дин худи Монист ва рангу бӯи адёни дигар дар он ба сони аразест, ки сифоти гарвҳарро шарҳу эзоҳ медиҳанд ва шояд ҳам барои интишораш дар дигар сарзаминҳо мусоидат карда бошанд.

Инкишофи афкори гносӣ тавассути Монӣ дар он зоҳир мешавад, ки, ба ақидаи ӯ, «Татҳире, ки Исо аз он сухан гуфта, татҳир аз роҳи маърифат аст ва шомили ҷудоии нур аз зулмат…»[32]. Манзури Монӣ дар ин ҷо ҳубути нур нест, балки нурест, ки дар замони гузашта комилан муҷаззо аз зулмат дар қаламрави нур вуҷуд дошта, дар замони ҷангу ситези нуру зулмат аст, ки пораи ин нури изадӣ ба чанги девони балъандаи нур афтодааст. Инсон бояд ҳамчун зодаи даврони омехтагӣ худро аз банди зулмат бираҳонад ва роҳи он маърифатест, ки тавассути он шинохти хеш ва огаҳӣ аз худованди нур муяссар мегардад. Рӯҳи зиндонӣ дар колбади инсонро Монӣ «хирад» номидааст ва , бидуни шак, истилоҳоти ҳикмату хираду хирадмандиро дар осораш ба таври фаровон истифода намуда. Вале «ҳикмат»-и ӯ баробар бо некист ва «хирад»-и ӯ хиради ишроқӣ ва мукошифаист». Устураи асорати рӯҳ ва наҷоти он дар ирфони монавӣ аз тариқи истидлоли мантиқӣ сурат намегирад, чун худи устураи орзуи расидан ба биҳишти нур рамзию ирфонӣ ва мукошифаист. Зеро дини монавӣ дини

ваҳёнист ва орӣ аз ҳар гуна истидлоли мантиқию далелу бурҳони фалсафист. Дини пешниҳодкардаи ӯ, ба қавли Г. Винденгрен, «мутааллиқ ба ин дунё набуда, ки иборат бошад аз таъбири ақлонии ҳар чиз бар мабнои мулоҳизоти мантиқӣ ё ҳақоиқи илмӣ, балки ваҳйе буд, ки аз падари нур аз тариқи нафси ӯ, ки ҳамон гавҳари ҳамзод аст, ба ӯ илқо мешавад ва инро гувоҳ бар машруитяи худ мегирифт. Ихтилофи байни фалсафаи юнонӣ ва мукошифаи начоти шарқиро ошкортар аз ин намешуд дид ва дар ин ҷоеҳ ки пайванди Монӣ бо сунна ҳои динӣ машҳуд аст»[33].

Дар таълимоти Монӣ асорати инсони нахустин намод (символ ё худ тимсоли) зиндонӣ шудани рӯҳи инсон дар тани ӯст. Раҳоии ӯ тавассути миёнчӣ («рӯҳи зинда»), ки ҳамон Меҳризад бо фариштаҳо (фарзандҳо)-яш бошад, намоди озодии рӯҳи маҳбус дар модда ё худ тарки нафси амора тавассути инсон аст. Волоии рӯҳ дар ин сурат мутаносиб бо фосидии тан аст ва охирӣ бояд риёзат кашад ва ин риёзатпешагии ҷисми инсон дар маносик (шариат)-и оини Монӣ барои садиқин (баргузидагон) ва самоъун (пайравони маъмулии монавия) ба таври гуногун сурат хоҳад пазируфт, ки шарҳаш хоҳад омад.

Орзуи инсон дар олами моддӣ раҳоӣ аз банди зулмонӣ ва васлат ба олами нуронист. Дар таълимоти Монӣ раҳоӣ ёфтани рӯҳ ва сууди ӯн барои расидан ба «Яздони нуронӣ» мунтаҳои кӯшиши ҳар як пайрави оини Монист. Ин «Яздони нуронӣ» ё «Падари азамат», ба гуфтаи Абулқосими Исмоилпур, худои бартару ношинохтаи изадони Монӣ мебошад, ки ҳеҷ сунхияте ба модда ва ба ин ҷаҳони моддӣ надорад ва дар «малакути аъло» умр ба сар мебарад. Танҳо дар поёни ҷаҳон аст, ки арвоҳу анвори холису тасфияёфта ва растагоршуда бо ӯ дидор хоҳад кард[34].

Чуноне ки мулоҳиза мешавад, раҳоию растагории инсон, ё беҳтар аст бигӯем, рӯҳи мавҷуд дар колбади инсон тавассути Меҳризад ва фарзандонаш, ки дар зардушгия низ нақши миёнҷиро бозӣ мекард, сурат мегирад ва ӯ мехоҳад дар ҷаҳони аъло якпорча нур шавад. Бешубҳа, шинохти ирфони монавӣ, чуноне ки Абулқосими Исмоилпур комилан дуруст қайд кардааст, ба шинохти устураҳои монавия вобаста аст ва дарку фаҳми онҳо ба иллати мушкилу печида буданаш муҳаққиқонро ба душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ карда. Масалан, дар фасли 141 «Кафолоё» дар боби сууди рӯҳ баъд аз марг чунин гуфта: «ба муҷарради он ки рӯҳ ҷисмро тарк менамояд, мунҷии худро мушоҳида мекунад. Ӯ ба тимсоли сурури худ ва се фариштае, ки бо ӯ ҳастанд, уруҷ мекунад ва ба пешгоҳи қозии ҳақиқат мераваду пирӯзии худро меёбад»[35]. Г. Винденгрен аз ин иқтибос ду назарияро истинбот карда, ки тибқи яке аз он рӯҳ ҳини сууд пирӯзиро тавассути тимсоле ба вуҷуди ҳафтгонаи нур, ки бо се фаришта ҳамроҳ аст, ба даст меоварад, вале дар ҷои дигар гуфта, ки «панҷумин падар тимсоли нур аст, ки худро ба ҳар рӯҳе, ки аз ҷисм ҷудо мешавад, ба сурати

расуле, ки се фариштаи боазамату шукӯҳманд ҳамроҳи ӯст, нишон медиҳад… Ин тимсоли нур мазҳари Nous аст, ки дар пайғамбар намоён шуда ва аз ин тариқ аст, ки мунҷӣ ба сурати инсонии Исо ё Монӣ ё ҳар паёмбари дигар бар пиромуни худ мутаҷаллӣ мешавад»[36].

Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки «Инсони азалӣ» (Ҳурмузбаг) ҳамчун намоди инсони дар банди зулмат қароргирифта наҷот меёбад. Ин наҷоти ӯ, дар таълимоти монавия, баробар бо маслуб шудани Исои Масеҳ аст, ки рӯҳи ӯ баъди ба салиб кашиданаш уруҷи малакутӣ менамояд. Ба ибораи дигар «рӯҳи зинда» ҷузъи лоятаҷаззои Исои маслуб аст ё худ унсури фурӯмояи ҷисмонии Масеҳи рӯҳонӣ, ки дар қаламрави модда ба салиб кашида шуд ва ба дунёи ҷисмонӣ омехта гардид. Дарахтон, ки тибқи таълимоти монавия, зарроти нурро дар бар доранд, салиби Исо шуданд. Ба гуфтаи Фауст : Исо мунҷии ҳаёти башар рӯи тамоми дарахтҳо маслуб шуд. Монӣ дар ин бора мегӯяд: Мо дар ҳама ҷо мебинем, ки Исо ба салиб кашида шудааст ва дар натиҷаи захмҳо заҷру азоби ӯ бар мо ошкор мешавад ва рӯҳи мо заҷр мешавад[37]. Вале наҷоти инсони азалӣ уруҷи комили рӯҳ талаққӣ намешавад, чун зарроти нури балъидаи девон ҳанӯз дар олами зулмонӣ мавҷуданд. Комилан озод шудани онҳо ниёз ба раванди тӯлонӣ дорад, ки то растохез идома пайдо хоҳад кард. Танҳо дар чунин сурат зарроти нури маҳбус тавассути амали изадон (Нарсай ва «дӯшизаи равшаной») холису пок гашта, тавассути сутуни нуронӣ ба Моҳу Хуршед ва биҳишти муваққатӣ хоҳанд рафт ва аз он ҷой дар «замони оянда», ки замони ҷудоии нур аз зулмат мебошад, ба олами нуронии якпорча хоҳад пайваст. Агар боз ҳам соддатар карда гӯем, наҷоти рӯҳ аз ҷисм пирӯзии рӯҳ нисбат ба мавҷуди (тани) собиқи худ дар давраи омехтагии нуру зулмат аст. Бо пайдоиши нахустин марду зан (Геҳмурд ва Мурдиёна) дар олами зулмат, ки ҳамаи инсонҳои хокӣ аз ин ду ибтидо хоҳанд гирифт, тавассути Исои дурахшону раҳоибахш аз асли худ огаҳ мешаванд ва дар ниҳоят инсонро ба ростгорӣ мерасонанд.

Аз матлаби боло маълум мешавад, ки аввалан, ҳиҷрони рӯҳи дурафтода аз асли минуии худ ақидаи хоси тафаккури халқҳои ҳиндуэронист, ки дар мазҳабу мактаб ва наҳзатҳои гуногун ба таври мухталиф ҷилва намудаанд. Сониян, дар таълимоти Монӣ бидуни баҳси маод маърифат ё худ маротиби суудии рӯҳ ба охир намерасад. Дар маодшиносии Монӣ шахси парҳезкор ба сурати илоҳаи нек даромада, нафси олии худро то биҳишт ҳамроҳӣ мекунад, ки ба биҳишти нур қадам гузорад. Ин гуна устураҳои маодшиносии монавия аз мабҳаси охират дар Эрони бостон гизои маънавӣ гирифтааст. «Дӯшизаи равшаной» муодил ба Дианаи маздаясно мебошад, ки мазоҳири Спента Армаити – фариштаи муваккили замин аст. Дар масеҳияти ибтидой низ «София» як мавҷуди илоҳии тақдисшуда, изадбонуи хирад, духтари Яҳво ва ороянда

офаринишу ҷилваи инсонии ҳикмат аст, ки худро дар либоси як зани зебои осмонӣ ҷилвагар месозад. Дар Риг Веда рафтори нек «Ганҷе дар Осмон» номида шуда, ки ба нафси олӣ итлоқ мешавад. Дар «Комедияи илоҳӣ»-и Данте қаҳрамони роҳнамои роҳи биҳишт Биатрис аст, ки он низ ишора ба рӯҳи олӣ дорад. Ба ҳамин иллат теъдоди зиёди баргузидагони монавӣ лақаби «Ганҷбарони воло»-ро доранд.

Масъалаи умдаи фалсафӣ дар таълимоти динии Монӣ санавият ё худ дугарой мебошад. Дар боло зикр шуд, ки санавияти нуру зулмот дар адёни гносӣ боиси ба вуҷуд омадани риёзати ирфонӣ гардид. Ҳамчунин дар қисмати «Тавҳид ё санавият»-и зардуштӣ қайд гардида буд, ки зардуштия тавҳиди илоҳиро қоил буда, гавҳарҳои ҳамзод аз рӯй мақому манзалат ва вазифае, ки дар таълимоти ҷаҳоншиносии зардуштия доранд, ба нисбати инсон ва сояи ӯст, ки охирӣ аз аввалӣ вобаста аст ва, аз ин рӯ, таълимоти зардуштия роҷеъ ба масъалаи мавриди баҳс таълимоти тавҳидист. Ибни Ҷавзӣ дар «Талбиси Иблис» навишта, ки он чи санавиёнро ба ин гуна ақоид кашонда, он аст, ки дар олам шар ва ихтилоф диданд ва гуфтанд: намешавад, ки аз асли воҳид ду ришта чизҳои мухталиф пайдо шуда бошад, ҳамчунон ки аз оташ сард кардану гарм кардан ба ҳам наояд»[38]. Агар ба ин иқтибос нуктасанҷона назар кунем, маълум мегардад, ки монавия масъалаи муборизаи нуру зулматро аз оинҳои гносии фарҳангии хостгоҳаш, хусусан аз оини зарвония ба таълимоташ интиқол дода, аз рӯй қоидаи фалсафии «аз воҳид фақат як воҳид барҳоҳад омад» («Ал-воҳиду ло ясдуру анҳу илло ал-воҳид») амал накарда дар масъалаи офариниш вобаста бо мавҷудияти хайру шар ва нуру зулмат қоил ба ду мабдаъи мустақилу мутаҷаззо шуд.

Дугонагарой то замони Монӣ дар оинҳои гносӣ собиқа дошт. Онҳо худои бузургро ғайри қобили дарк медонистанд, ки дар офариниши ҷаҳон ҳеҷ дахолате надорад. Он чӣ офарида шуда, амали худое буда, ки онро «изади ҷаҳонофарин» (=демиург) меномиданд. Агар дар зарвонияву зардуштия аз ҳамон оғоз ба вуҷуд омадани Аҳриман ба туфайли Ҳурмуз ва ғалаби ниҳоии Ҳурмуз бар Аҳриман афзалияту бартарии Ҳурмузро ифода карда, роҳи гурез аз санавиятро боз карда бошад, дар монавия қаламрави нур офаридаи худо нест, балки худи худованд аст, ки дар арши аъло дар иҳотаи нур, ниру ва хайру некӣ нишастааст. Ин се хусусият ишора ба сифоти вуҷуди худованд мебошад, ки дар маҷмӯъ «Басти вуҷуди худо»-ро дар мафҳуми калимаи худо ифода мекунад. Ин асл бо каме тағъироти ҷузъӣ қариб дар низоми ҳамаи адёни ҳиндуэронӣ мушоҳида мешавад.

Қаламрави нур, ки дар арши аълояш худо бо номи «Падари азамат» дар ҳолати «сукути шоҳона» нишастааст, «биҳишти равшной»-и худро ба ҳар сӯ, ба ҷуз поин, густаронида, вале аз тарафи ҷануб бо торикӣ

маҳдуд буд. Олами зулмат ё ҷаҳони торикӣ аз қисмати поин бо сарварии «Шаҳриёри торикӣ» ё Аҳриман қарор дошт ва зулмати худро ба ҳар сӯ, ба ҷуз ба самти боло густарда ва аз тарафи шимол бо равшной ҳаммарз буд. Вале ба ҷои сукути олами равшноии ҷаҳони нур, дар олами зулмат ҳамчун тазод даргириву кашмакашиҳои дохилӣ ва даромехтагию иғтишош вуҷуд дошт.

Дар ин ҷо он чи ба баҳси санавият марбут аст, тазоди доимии ду аслу бун ва муборизаи оштинопазири нируҳои он мебошад. Ин ду асли азалӣ, ба қавли Абулқосими Исмоилпур «ҳам пеш аз офариниш ва ҳам дар поёни ҷаҳон (яъне дар замони гузашта ва оянда – Ҳ .М.) комилан аз ҳам ҷудоянд ва ба гунаи ду иқлими зиддайн дар баробари ҳам истиқрор ёфтаанд»[39]. Вале ҳодисаҳое, ки дар замони омехтагӣ мепайванданд, ба ғайр аз баъзе ҷузъиёташон бо мазмуну мундариҷаи асотири зарвонию зардуштӣ монандӣ доранд. Хусусиятҳое таззоде, ки махсуси олами нур ва олами зулмат буданд, дар замони омехтагии нуру зулмат (ки ҳамон замони ҳол бошад) бо тамоми қудрати шӯрангезаш интиқоли олами моддӣ гардид ва набарду ситези нируҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеъаи инсонӣ сурат гирифтанд.

Ҳар яке аз ташкилаҳои ҷаҳони равшной ва торикиро Абулқосими Исмоилпур аз 5 унсур иборат медонад. Ӯ дар ин бора зимни таҳлили асотири офариниши оини Монӣ навишта: «Биҳишти рӯшной аз 5 гавҳар ташкил шуда, ки иборатанд аз «фраваҳар (асир), ҳаво (бод), рӯшной, об ва оташ». Шаҳриёри биҳишти рӯшной Падари бузург ё Зарвон аст. Ионҳо мавҷудияти азалии қаламрави нуранд, ки аз Падари бузург таҷаллӣ ёфтаанд. Дар канори Падари бузург Вохш Йуздаҳр (=руҳ-ул-қудс) қарор дорад, ки мӯҳтамилан ҳамсари минуии ӯст. Ҷаҳони торикӣ низ ба 5 қаламрав бахш гардида, ки иборатанд аз: модда, ҳавои тор, торикӣ, заҳр ё шӯроб ва дуд. Панҷ гуна дев дар ин қаламравҳо мезиянд: дупо, чаҳорпо, болдор, шиновар ва хазанда. Аз ҳар гунае нару мода ҳам вуҷуд дорад. Шаҳриёри ҷаҳони тирикӣ Аҳриман аст»[40]. Чуноне ки мулоҳиза мешавад, унсури нур мафҳуми мавҷудоти олиро дорад ва агар хеле содда карда гӯем, як ҷавҳари зеҳнӣ (=олами муҷаррадот)-и орӣ аз модда аст, ки хусусияти таҷалливу партавафшонӣ дорад. Унсури зулмонӣ бошад шомили мафҳуми мавҷудоти пасти моддӣ ва ҷисмонист. Дар оини Монӣ, чуноне ки дар боло қайд шуд, инсон зодаи зулмат аст ва Шаҳриёри торикӣ барои набард бо изадони нур ва абадӣ гардонидани олами зулмонӣ бо роҳи омезиши девон (Ашкалун ва Намроил) табиат ва инсонро ба манзури идомаи даврони омехтагӣ дар чанги худ нигоҳ дошт. Вале дар таълимоти Монӣ ногузир давраи омехтагӣ ё худ замони ҳол ба итмом мерасад. Изадони нур роҳи наҷоти инсон ва рисолати ӯро барояш мефаҳмонанд ва рӯҳи ӯ оқибат дар замони оянда бо

нури зотӣ мепайвандад. Дар поёни ҷаҳон Осмону Замин муталошӣ мешаванд, ҳамаи зарроти Кайҳон ба ҷушу хурӯш меояд ва замони растохез фаро мерасад. Ин поёни замони омехтагии нуру зулмат аст. Дар охирин марҳила ҷараёни муназзаҳ шудан сурат мегирад ва он миқдор аз зарроти нури боқимонда ҷамъ шуда, тавассути сутуни кайҳонии нур ба осмон хоҳад рафт, курраи хокӣ бошад мунҳазим мешавад. Шаётину малъунини дунёи моддӣ ва торикӣ ба сурати як кулӯхи бешакл ба аъмоқи хандақи кайҳонӣ фурӯ хоҳанд рафт. Аҳриман низ ба маҒоки зулмати хеш дар таҳи чоҳ зиндонӣ мегардад ва рӯи он санге ба андозаи дунё гузорда мешавад то дигар фароз наояд[41]. Бори дигар даврони заррини ҷовидонагии нуру зулмат ҳамчун ду асли асосию абадию азалӣ барқарор мегардад, вале ба мисли оини зардуштӣ, зулмат бо ғалабаи нур комилан нобуд намешавад, ду аслу бун комилан таҷдид мегарданд бо ин тафовут, ки олами зулмат дигар қодири ҳамла ба ҷаҳони нур намебошад.

Мавҷудияти ду аслу мабдаъи мустақил қабл аз даврони омезиши нуру зулмат ва таҷдиди онҳо баъди омезиши нуру зулмат аз назари фалсафӣ ва ҷаҳоншиносӣ шакли классикии санавият ё дугарой мебошад, ки дар таълимоти монавия нисбат ба дугароии дигар фирқаву ҷараёнҳои гносии мавҷуд то замони Монӣ дар шакли комил ва нисбатан фасеҳ зоҳир шудааст. Бешубҳа, Монӣ дар ин таълимоти худ гавҳарҳои ҳамзоди зарвония (таваллуди Аҳриману Ҳурмуз аз бовариву шакки Зарвон), нуру зулмати тавассути Аҳуромаздо халқшудаи оини зардуштӣ, ки нур ба манзалаи асли вуҷуд ва зулмат фаръи он (худованд вуҷуд ва сояи ӯ олами моддӣ) мебошад, дар назар надорад, ҳарчанд ки сохтори ҳастишиносии онҳо бо ҳам хеле наздик ва шабеҳи якдигаранд. Монӣ мутақид ба вуҷуди ду сонеъ мебошад, ки онҳоро бо ному истилоҳоти гуногун дар осораш ироа намудааст. Августин дар мубоҳиса бо монавиён ин нуктаро аз қавли Фауст чунин баён намудааст: «Ман чунин таълим медиҳам, ки ду унсури аслӣ вуҷуд дорад – худо ва модда. Ва мо дар модда тамоми чизҳои бадро нисбат медиҳем ва ба худо ҳама нируҳои некро – чунончӣ шоиста аст»[42]. Ба фикри Г. Винденгрен дар ин ҷо Фауст худро як пайрави воқеии Монӣ менамоёнад, зеро асли ду унсури худову модда асоси оини монавист. Ин ду моддаи азалиро, ки ҳаргиз дар марҳилаи халқ шудан қарор нагирифтаанд, метавон нуру зулмат ё ҳақиқату дурӯғ номид ва аз ин тариқ ҳақиқату нур, ки мафоҳими муҷарраданд, метавонистанд ба сурати худо таҷаллӣ ёбанд, дар ҳоле ки дурӯғу зулмот на танҳо номи муҷарради моддаро ёфтанд, балки ҳуввияти «шоҳзодаи торикӣ»-ро ҳам ба худ гирифтанд.

Агар баҳсро аз масъалаи санавият ба масъалаи ҳастишиносӣ интиқол диҳем, маълум мегардад, ки Шаҳриёри олами нуронӣ дорои қувваи халлоқиест, ки аз нируи зотии он сар мезанад. Дар устураҳои

монавия на танҳо «Яздони нуронӣ» ҳамчун шаҳриёри олами нуронӣ ба офариниш даст мезанад, балки офаридаҳои ӯ низ ба мисли Амшоспандони зардуштия, аз қувваи халлоқият бархурдоранд, вале ба назар чунин мерасад, ки офаридаҳои «Яздони нуронӣ» қувваи халлоқии зотӣ надоранд ва онро аз нури таҷаллии зотии аслӣ касб мекунанд. Албатта, чунин халлоқият дар фаъолияти шаҳриёри олами зулмат вуҷуд надорад, зеро «фармонравои ин сарзамин Аҳриман (Шаҳриёри торикӣ) аст, ки зотан азалӣ нест, балки гавҳарҳое, ки дар аносираш ҳаст, азалият доранд»[44]. Ин гавҳарҳо (модда, ҳавои тор, торикӣ, заҳр ё шӯроб ва дуд) дар панҷ қаламрави олами зулмонӣ аз азал вуҷуд доштанд ва тамоми ашёву падидаҳои табиат ва ҳодисаҳои ҷамъият, ки шомили хусусияти манфӣ мебошанд, зодаи ҳамин аносири азалӣ мебошанд. Масалан, тамоми ҳашароти зарарасон тавассути сокинони (девони) қаламрави унсури заҳр ба вуҷуд омадааанд. Вале зода шудан ва ба вуҷуд омадан дар қаламрави олами зулмонӣ аз ҷараёни офариниши олами нуронӣ фарқ мекунад ва бештар ба наҳваи офариниши олами моддӣ шабоҳат дорад.

Масъалаи дигаре, ки аз лиҳози фалсафӣ ҳоизи аҳамият аст, ҳолати аввалаи шаҳриёри олами нуронист. Аз мӯҳтавои устураҳои офариниш чунин бармеояд,ки «Яздони нуронӣ», ки падари ҳамаи изадон низ ба шумор меравад, дар ҳолати «сукути шоҳона» ором ва бо тааммул дар тахти шоҳӣ нишаста. Танҳо замоне ӯ вокуниш нишон дода ва даст ба офариниш зада, ки шаҳриёри торикӣ ба андешаи тозиш ба қаламрави нур афтода. Дар ҳолати орому тааммул қарор доштани «Яздони нуронӣ» ишора ба он мекунад, ки офаридгори монавия аввал дар ҳолати ғайб-ул-ғуюб ва бидуни фаъолият дар иҳотаи нур, ниру ва некӣ (хирад) будааст. Дар олами зулмонӣ шаҳриёри торикӣ низ дар иҳотаи зулмат, ниру ва бадӣ мебошад, вале дар он бар хилофи олами нуронӣ, фаъолияту ҳаракат мавҷуд аст ва аз замони ҳастӣ бахшидани зулмат ба Аҳриман, охирӣ шуруъ ба ҷавлон задану табаҳкорӣ ва иғтишошу беназмӣ карда, ки намоишгари аввалин таззоди ду олами ба ҳам зид мебошад.

Нахустин офариниши «Яздони нуронӣ» - «Модари зиндагӣ» буд. Он аввалин зарраи нури ҷудошуда аз хиради офаридгор аст ва ба ин иллат модари ҳамаи росткорону ростқавлон ва душмани беадолатӣ аст. Ӯ бо табиати неке, ки аз хиради «Яздони нуронӣ» барои муборизa бо нируҳои зулмат касб карда, изади неки дигареро бо номи Ҳурмузбаг меофарад, ки бо фарзандонаш (муодили «Амшоспандон»-и зардуштия) ба набарди Аҳриман меравад ва асири он мегардад. Барои наҷоти Ҳурмузбаг ва фарзандонаш «Яздони нуронӣ» ба марҳилаи дуюми офариниш даст мезанад ва «Дӯсти равшанон» («Рӯҳи зинда»)-ро фаро мехонад ва он дар навбати худ Бомизад ва охирӣ Меҳризадро меофарад, ки бо фарзандонаш

Ҳурмузбаґро озод мекунад ва ҳамроҳи «Модари зиндаґӣ» ба тарҳи ҷаҳон мепардозад. Пайдоиши олами моддӣ (даҳ Осмон, ҳанґ Замин, Хуршеду Моҳу ситорагон ва ґайра) натиҷаи фаъолияти Меҳризад бо фарзандонаш аст,ки дар оини зардуштӣ низ ҳамчун миёнҷии оламҳои нурониву зулмонӣ фаъолият дошт.

Дар ҷараёни офариниши сеюм «Яздони нуронӣ» изади «Нарсай», «Исои дурахшон» ва «Душизаи равшной»-ро ба вуҷуд овард, ки аввалӣ унсури наҷотбахш ва рамзу сабабгори пайкари музаккари инсон гардид, дуюмӣ паёмбару раҳнамои инсон ва сеюмӣ раҳокунандаи нораҳои нури маҳбус дар колбад ва рамзу сабабгори пайкари модинаи инсон буд. Пас аз по ба арсаи вуҷуд ниҳодани аввалин инсони ҷаҳони моддӣ «Баҳмани бузург» бо панҷ сифот – хирад, зеҳн, ҳуш, андеша ва фаҳм» ба наҷоти инсон омада унсурҳои худро ба инсони ноогоҳ мунтақил ва онҳоро аз асли руҳонияташон огоҳ сохта.

[Агар ба умқи ин масъала бо диққат назар кунем, мушоҳида хоҳем кард,ки дар устураҳои офариниши Монӣ ҷараёни офариниши олами моддӣ, махсусан офариниши Кайҳон шомили як силсила масоили улуми табиӣ, ҳайат, физикӣ ва ҷуґрофӣ мебошанд, ки ба ин масъала] Саидҳасани Тақизода таваҷҷуҳ зоҳир намуда, чунин нигоштааст: «Дини Монӣ дар қисмати таквину фалсафа ба қадре мабсут аст,ки метавон онро Доиратул-маъориф номид. Олфориқ аз ақоидии монавиён дар ҳар ришта аз фунун фасле баён карда, монанди ҳайту нуҷум, ҷуґрофию физик, илми ҳайвоноту илми ташреҳ ва илми тибби монавӣ. Албатта, ҳама бо шакли хурофотӣ, ґайриилмӣ ва дар воқеъ кутуби монавӣ ба ҳамаи масоили ґомизаи илм, ки инсон дар ҷустуҷуи он аст, ҷавоб медиҳад ва мазҳари ҳусулу анҷоми ахбори Ҳазрати Исо, ки ґуфта: «Форкалид ҳама чизро таълим хоҳад кард»[45].

Мо аз шарҳу баёни ин масъала худдорӣ намуда фақат чунин нуктаро қайд намуданием, ки дар зимни офариниши дуюм баъди наҷоти Ҳурмузбаґ Меҳризад ба офариниши Кайҳон даст зад ва Олами кабирро ба вуҷуд овард. Дар ҷараёни офариниши сеюм бошад, бо бедор кардани афроди ноогохи олами моддӣ Баҳмани бузург мукошифае дар Олами саґир падид овард ва бесабаб нест, ки Г. Винденгрен зимни таҳлили ин масъала ґуфта,ки: «Фарохонии руҳи зинда, ки «Инсони аввалия»-ро бедор мекунад, бедор шудани одам тавассути писари худо (Ҳурмуз-Исо), нури дурахшон, ҳушдори мунҷӣ ба ҳар руҳи инсоне, ки дар банду асорати модда будааст. Бедории инсони аввалия дар Олами кабир ва бедории фард дар Олами саґир сурат гирифт. Байни ин ду бедорӣ одам қарор дошт,ки дар вуҷуди ӯ тамоми инсонҳои Олами саґир ба ҳам пайваста ва ба сурати як ақли билқувва даромада буданд»[46].

Барои начоти рӯҳи инсони индунёӣ риёзати бадан лозим аст. Он аз маҷмӯи қоидаву қонунҳое иборат мебошад,ки пайравони оини Монӣ бояд онҳоро риоят ва тибқи он рафтор намоянд. Ин қисмати таълимоти Мониро «низомот» номидаанд. Дар «Низомот» пайравони монавия ба панҷ дараҷа тақсим шудаанд. Тибқи назари Саидҳасани Тақизода дараҷаи поинтари ин панҷ табақа «дар арабӣ самоъин (ба форсӣ «нагушок») ва болотар аз он «садиқин» ё муҷтабин ва ё баргузидагон (ба форсӣ «ярдомаз», дар воқеъ воиз) хонда мешавад ва баъд ба маротиби болотар «қасис» (ба форсӣ «маҳестак» ё монсорор 360 нафар) ва «мушаммес» ё усқуф (ба форсӣ «испасак», ки шояд таҳрифи эпископуси лотинӣ аст), ки 72 нафар буданд ва муаллим ё расул (ба форсӣ «ҳамузок» ё «мужак»), ки болотарин дараҷот ва маротиби монавӣ баъд аз имом (ба эронӣ «динсорор», яъне халифаи Монӣ) буданд ва назар ба баъзе ривоёт адади онҳо маҳдуд ба 12 нафар будааст. Як дараҷаи болотаре ҳам дар баъзе маъохиз ба исми суриёнии «кафалполо» зикр шуда,ки фақат 5 нафар аз онҳо дар дунё вуҷуд метавонист дошта бошад»[47].

Вобаста ба ҳамин масъала Абдулазими Ризой аҳкоми оини монавияро мавриди таҳлил қарор дода, асоси онро имон ба чор муқаддасоти динӣ – худо, нур, тавоной ва ҳикмат медонад. Ӯ худованди Мониро фариштаи «ҷаннон-ан-нур» номида, нури ӯро Офтобу Моҳ, нируяшро фариштагони панҷгона (насим, бод, нур, об, оташ) ва ҳикматашро ҳамин дини муқаддас хондааст, ки бар панҷ маъно устувор аст: 1) муаллимон – фарзандони ҳилму бурдборӣ; 2) мустамеъон – фарзандони илм; 3) кашишон – фарзандони ақл; 4) садиқон – фарзандони ғайб; 5) самоъун – фарзандони фатонат. Ӯ ҳамчунин воҷиботи дини монавияро иборат аз 10 нукта медонад: тарки бутпарастӣ, тарки дуруғгӯй, тарки бухлу зифтӣ, тарки одамкушӣ, тарки зинокорӣ, тарки дуздӣ, тарки омӯхтани илал ва асбоби ҷодугарӣ ва пойдорӣ бар ду чиз: надоштани шаку тардид дар оин ва сустиву футур дар кор»[48].

Баъзе муҳаққиқон қисмати низомоти таълимоти монавияро ба таври соддатар баён намуда, пайравони онро фақат ба ду табақа – садиқин (баргузидагон) ва самоъун ҷудо кардаанд ва се табақаи дигари баргузидагонро шомили садиқин намудаанд. Зоҳиран ин табақабандӣ дар таълимтои монавия ба ташкилотҳои калисои масеҳӣ шабоҳати зиёде дорад. Абдулҳусайни Зарринкӯб мӯътақид аст, ки ҷамоъаи монавия аз расулон (=фариштагон)-и дувоздаҳгона ва усқуфҳо (испангон)-и 72-гона ва шуюх (маҳастин)-и 360-гонаи хеш иборат буданд, ки дар табақаи болоии уммати вай роҳбарӣ доштанд ва шояд тарзи тақсимбандии онҳо баъдҳо назди суфия ва фирқаҳои дигар дар бораи теъдоди абдол ва риҷоли ғайб низ таъсир ва нақши худро гузошта бошанд[49].

Ба ҳар ҳол шариати монавия хеле содда ба назар мерасад. Он аз аҳкому воҷибот (ки шарҳашон гузашт) ва фароизи динӣ – намоз, руза, ифтори баргузидагон, бусаи сулҳу салоҳи бародарона ва иҷомаи иди Бема иборат мебошад. Иди Бема дар охирин рузи руза, ки муодили иди Фитр аст, ба ёди рузи шаҳодати Монӣ дар руи гахтгоҳи Бема ҷашн гирифта мешавад. Дар шаби ид баргузидагон дар атрофи тахти Монӣ (суфаи ба дор задаи Монӣ), ки иборат аз панҷ зина буд, шабзиндадорӣ мекарданд ва эътироф ба гуноҳони яксола мешуданд. Ба ақидаи онҳо нимашаб Монӣ нузул карда, руи тахт менишинад ва гуноҳони муъминони эътирофкардаро мебахшад.

Дар «низомот» барои самоъун фарзҳои ҷудогона ва барои садиқину дигар баргузидагон вазифаҳои хосса пешбинӣ шудаанд. Истилоҳи самоъун ношӣ аз амали пайравони маъмулии (авоми) монавия ҳангоми хондани китоби муқаддаси Монӣ – «Инҷил» мебошад, ки бояд рост истода онро бо диққати том гӯш мекарданд. Онҳо ҳамчунин бояд рӯзе чаҳор маротиба намоз бо рӯ ба Офтоб мегузорданд. Дар моҳ ҳафт руз руза мегирифтанд ва додани ҳафт садақаро ба ҷо меоварданд. Самоъун бо ҳар коре, ки мехостанд, метавонистанд машғул бишаванд.

Садиқин ё худ муҷтабин, ки аз табақаи баргузидагонанд, аз байни муқаддастарин муъминони монавия интихоб мешуданд ва вазифаашон риояи бечунучарои аҳкоми шаръии монавия ва воҷиботи он буд. Садиқин аз харидани ҳар чиз худдорӣ мекарданд, моликият доштан, сарват ғун кардан ва ё машғул шудан бо дигар шуғлҳо барои онҳо мамнуъ буд. Дар шабонаруз як бор хурок мехурданд ва соле як даст либос мепушиданд. Хурокро бояд барои онҳо нафаре аз самоъун омода мекард, аглаб шарбати мева ё об менушиданд. Киштану даравидан ва дигар корҳоро барои садиқин самоъун анҷом медоданд. Ҳар рузи якшанбе барои самоъун ва душанбе барои садиқин рузҳои муқаддас маҳсуб мешуд.

Муносибати байни самоъун ва садиқинро ба назар гирифта, муҳаққиқон қисмати илоҳиёти таълимоти монавияро махсуси садиқин ва қисмати низомотро махсуси самоъун медонанд[50]. Чун вазифаи пайравони ҳақиқии Монӣ озод кардани нур аст, онҳо дар давоми сол чандин бор сардори ҷамоъаро зиёрат карда, пири худро мавриди эҳтиром қарор медоданд ва ба ҷуз тарғиби шадиди монавия аз дигар фаъолиятҳо даст мекашиданд. Садақа додан воҷиб буд, вале пайравони монавия аз додани нону об ба бединон худдорӣ мекарданд, зеро ин амал эҳтимолан боиси палид шудани унсурҳои хайр мегардид.

Дар боло таълимоти Монӣ, аз ҷумла илоҳиёт ва низомоти монавия мавриди таҳлил қарор гирифт. Бо таваҷҷуҳ ба нукоте, ки роҷеъ ба пешинаи ғоявии таълимоти Монӣ ва муҳити фарҳангии замони ӯ дар ин бахш матраҳ гардид, ба чунин қазия низ бояд ручуъ кард, ки чи дар таълимоти марбут

ба илоҳиёти монавия ва чи дар низомоти ӯ накшу таъсири ақидаҳои зарвонияю зардуштияро барало мушоҳида намудан мумкин аст. Ин таъсир на фақат дар шабеҳии сохтори таълимоти монавияву зардуштия, балки дар сюжети он, номҳои қаҳрамонони асотирӣ низ дида мешавад. Гузашта аз ин, меҳвари асосии ин ду таълимотро масъалаи нуру зулмат ва хайру шар ташкил медиҳад, ки ахлоқиёти ношӣ аз он ҳам барои дини зардуштӣ ва ҳам барои оини монавӣ ҷиҳатҳои муштарак доранд. Дар ин бахш таълимоти ахлоқии монавия баррасӣ нашуда, вале дар хусусиёту вазоифи олами нур ва муборизаи он бар алайҳи олами зулмат се марҳилаи офариниши изадони нек ва ҳадафи асосии муборизаи ду олами муҷаззои ба ҳам зид дар илоҳиёт ва воҷиботи даҳгонаи монавия, ки шарҳашони гузашт, ба хубӣ маълум мешаванд, ки гузашта аз баъзе ҷузъиёти фарқкунанда, умумияти афкори ахлоқии зардуштияю монавия ба хубӣ эҳсос мегардад.

Барои хубтар тасавур намудани ин матлаб ба тариқи намуна фақат як мисол аз қисмати марбут ба низомот меорем. Г. Винденгрен менависад, ки он чи ба ахлоқиёти монавӣ барои пайравонаш муқаррар шуда, дар се шиор: муҳри даҳон, муҳри даст ва муҳри ботин мебошад, ки онҳо ҳам шомили ҳавоси панҷгона, ҳам рафтору кирдор ва ҳам таҷаллии ҳар навъи шаҳватро дар худ таҷассум менамоянд. Муҳри аввал покии фикру гуфтор, худдорӣ аз ҳар навъ каломи куфромез ва хӯрдани хӯроки таҳриковарро ифода мекард, ки бо даҳон вобаста буд. Масалан, ба ҷуз риояи покии ҷисму руҳ ва гуфтори шоиста хӯрдани гӯшт, ки аз дунёи зулмонӣ ба даст меомад, барои садиқин қатъиян мамнӯъ буд. Ба ҳамин иллат дар воҷиботи даҳгона истеъмоли меваҷот пешниҳод шудааст.

Муҳри дуюм, ки ба дастони инсон вобаста аст, ба манъи ҳар навъ амале марбут мешуд,ки ба набототу ҳайвонот зарару осебе расонда метавонист. Ҳар гуна дигар амалу фаъолияти инсон, ки боиси ҷулӯгирӣ аз галабаи нур мешуд, ба ҳамин шиори ахлоқӣ тааллуқ дошт. Муҳри сеюм манъи равобити ҷинсӣ ҳамчун хости шайтонӣ буд, ки тарки нафси аморраи зардуштия ва таълимоти ирфониро ба ёд меовард. Ба ҳамин сабаб шахси порсои монавӣ фақат барои садиқин ва баргузидагон итлоқ мешуд. Ҳадаф аз ҳамаи ин дараҷот ҷудо шудани рӯҳ аз колбади инсонӣ ва пайвастани он ба олами нур буд[51].

Бешубҳа, адёни дигар низ ба мисли буддоияю мандоия ва масеҳият ба ташаккулу инкишофи монавия нақши худро гузошта буд. Вале онҳо ба дараҷае муассир набуданд, ки низому сохтори дини монавияро дигаргун сохта бошанд. Ба қавли Г. Винденгрен унсурҳои динҳои мазкурро метавон аз таълимоти монавия ба осонӣ ҷудо кард ва ҳеҷ зараре ба низоми дини монавия нахоҳад расид, вале унсури эрониро аз он ҷудо натвон кард, зеро он «дар ҳақиқат аҷзои созандаи онанд, ки бо бардоштани онҳо тақрибан

чизе аз шолудаи ақоиди Монӣ боқӣ нахоҳад монд. Бинобар ин, чуноне ки мулоҳиза мешавад, асоси монавият эронист ва на танҳо эронӣ, балки зарвонӣ аз як зовияи ирфонист. Монӣ Буддо ва Зардушту Масеҳро салафи худ мепиндошт, маазолика, танҳо Зурдушт буд, ки мазҳари эрониятро ҷилвагар месохт ва дар байни соири асфоли Монӣ мақоми хосса дошт»[52].

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон ба чунин хулоса расид, ки дар аҳди Сомониён баробари дини зардуштӣ дини монавӣ низ дар қаламрави империя амал мекард,ки ҳардуи онро дар адабиёти фалсафӣ суннати (анъанаи) зардуштияю монавия номидан мувофиқи мақсад аст. Ба ҳамин иллат, дар осори паҳлавии асри сосонӣ ва ҳатто навиштаҳои марбут ба зардуштия дар аҳди ислом бисёр унсурҳои таълимоти монавия дохил шудаанд. Аз ин рӯ, дар адабиёти авсетошиносӣ фикре шойеъ аст, ки тибқи он дини зардуштии давраи сосонӣ аз дини зардуштии давраи ҳахоманишӣ фарқи зиёде доштааст. Ин фарқият маҳз ба русухи ақоиди монавияву зардуштия ба якдигар дар даврони амали ҳамзамонии онҳо дар қаламрави бузурги империяи сосонӣ буд.

Монавия баъди ташаккулу инкишофаш зуд интишор ёфт. Иллати интишораш хуб ба роҳ мондани шабакаҳои таблиғотӣ бо сарварии мубаллиғони содиқи монавия буд.[Ҳанӯз др замони дар ҳаёт буданаш дини Монӣ то ба Урдун густариш ёфт. Он аз Эрон сар карда аввал дар Шому Фаластин ва минбаъд ба Миср (тавассути Аддо, Попус, Тумо ва дигари мубаллиғон), қисмати шимоли Африка ва аз он ҷо ба Испания ва Франтсияву Италия паҳн шуд. Дар Шарқ он ба Туркия, Муғулистон, Туркистон, Сурияву Алҷазоир ва Хитой роҳ ёфт ва то қарни 14 дар канори мазҳаби ғао ба ғаври пинҳонӣ амал мекард] Ҳамин хел таъсири монавия на фақат дар Шарқи Миёна ва Наздик, балки ҳамчун мазҳаби эрониён, ки душмани доимии Рум буд, ва пеши роҳи интишори монавияро ҳамчун гоуни ногаҳонӣ гирифта буд, ба он сарзамин низ русух кард.

Дар Эрон ва дигар сарзаминҳои ҳамсоя монавия бештар дар байни табақаҳои саводноки аҳолӣ интишор меёфт ва аксаран ба афкори фалсафӣ монанд буд. Ҷамоъаҳои махсуси монавия, ки дар қисмати ғарбии Эрон ташаккул ёфта буданд, бештар ба таълимоти дини яҳудӣ ва масеҳият монанд мешуданд ва, баръакс, ҷамоъаҳои қисмати шарқии Эрон тақрибан ба ҷараёнҳои ғайриортодоксалии зардуштия монандӣ доштанд. Монавият ба мухолифату душмании калисои масеҳӣ рӯ ба рӯ буд. Ихтилофи онҳо борҳо ба бархуду муборизаҳои бузургони ҳар ду дин дучор гардид. Яке аз бузургони масеҳият Августин, ки борҳо бо монавия мубоҳисаву мушоҷира намуда, эътироф карда, ки тавоноии зоҳирии монавия «дар ироаи тафсири комиле аз ҷаҳони ҳастӣ ва талоши он аз ибтидо барои тавзеҳи мантиқии ҳамаи падидаҳо буд»[53].

Монавиҳо аз тариқи шаҳри марзии Ҳира дар ҷануби Байнаннаҳрайн, ки маҳалли бархўрди тамаддунҳои суриёниву сосонӣ ва араб буд, ба Макка расиданд. Аз ин рў, дар Арабистон монавия қабл аз пайдоиши дини ислом роҳ ёфт. Ибни Қутайба навиштааст, ки «дини монавӣ дар Арабистон пайравони зиёде дошт ва дар байни қабилаи қурайшиён роиҷ буд». Ҳамин ақидаро муаррихони араб Муқаддасӣ дар «Китоб-ул-бадъ в-ат-таърих» ва Абдулқодири Бағдодӣ дар «Китоб-ул-мубаҳҳир» тақвият додаанд. Аз ин ҷиҳат арабҳо дини мониро дини ҷаҳонӣ ва нисбат ба дигар динҳои Аҳди бостон комилтар донистаанд. Дар замони халифаи дуюми Аббосӣ Мансури Давонақӣ монавиён рўзгори ниҳоят вазнине доштанд ва ба зиндиқ айбдор шуданд. Дар аҳди халифон Маҳдӣ, Ҳодӣ ва Муқтадир, ки додгоҳе ба муқобили ҳар гуна ақидаи бидъатомез ташкил шуда буд, ба таъқиби шадид гирифтор шуданд. Танҳо дар давраи хилофати Маъмун онҳо каме осоиш ёфтанд ва дар замони ҳукмронии Бувайҳиён, махсусан дар аҳди Муизуддавла дар Ироқ зиндагии нисбатан ороме доштанд. Ибни Надим дар «Ал-феҳрист» шарҳ дода, ки дар аҳди Умавия монавиён сар баланд карданд. Масъудӣ баъзе монавиёни замони худ, аз ҷумла Ибни Зайёд, Мугеъ ибни Асо ва дигар соҳибназаронро номбар кардааст. Абулфараҷи Исфаҳонӣ дар «Китоб-ул-ағонӣ» Ибни Муқаффаъ ва Башор ибни Бурдро низ аз аҳли монавия медонад. Ба назар чунин мерасад,ки бониёни аслии тарҷимаи навиштаҳои Монӣ мусулмонон будаанд. Тибқи иттилои Г. Винденгрен бо истинод ба Масъудӣ Ибни Муқаффаъ теъдоде аз осори Мониро тарҷима карда будааст ва осори адабии бисёре аз давраи Аббосӣ дар ин замина мавҷуд аст.

Дар Осиёи Миёна ғарғиботи монавия асосан дар байн аъёну ашроф бурда мешуд, вале баъдтар оммаи васеъи аҳолиро фаро гирифт. Муҳаққиқон қайд карданд, ки «дар замони сосониён монавия ба рўди Ҷайҳун расида ва ҳатто аз он ҳам фаротар рафта буд. Дар ин сарзаминҳо пойгоҳе буд барои таблиғоти монавӣ дар қаламрави Суғд ва дар барқарории байни Шарқу Ғарб нақши назаррасе дошт... Ҷои пои маҳками монавиҳо дар Суғд дар шаҳрҳое чун Самарқанд ва Тошканд барои басти монавия дар Шарқ бисёр ҳоизи аҳамият буд»[54]. Яке аз воизони монавияи дар Осиёи Миёна Маар Уммо буда. Баъд монавия ба Туркистони шарқӣ ва аз он ҷо баъдтар ба сарзамини Чин интиқол ёфт. Бино ба маълумоти Б. Ғафуров дар Осиёи Миёна ва Туркистони шарқӣ монавия бисёр ҷиҳатҳои дини буддоияро аз худ намуда, баъзе аз ғояҳои он ва қисман истилоҳоти онро қабул кард. Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» зимни тавсифи ҳаёти иҷтимоъиву сиёсии шаҳрҳо қайд карда, ки дар бисёр шаҳрҳои Мовароуннаҳр монавиён пас аз омадани мусулмонон низ маросимҳои динии худро анҷом медоданд.

Мувофики ривояти чинӣ подшоҳи Тахорситон (ҳаволии Балху Бадахшон) ибтидои қарни 8 роҳиби монавияро ҳамроҳи як нафар мунаҷҷим ба пойтахти Чин фиристод. Ин роҳиб ба унвони донишманди соҳаи нуҷум ва дигар улуми ғабӣ вориди Чин шуд. Баъди аз тарафи императори Чин содир шудани фармони озодии мазҳабҳо соли 832 подшоҳи Тахористон иҷозаи сохтани як маъбади монавӣ дар он сарзаминро таҳозо кард. Ин иқдом барои интишори монавия дар он ҷо мусоидат намуд. Тақрибан баъди даҳ соли ин ҳодиса императори Чин мардумро аз эътиқод ба монавия манъ кард, вале он ба таври ғайрирасмӣ идома дошт. Вақте уйғурҳо бо сардории подшоҳашон Бокухон пойтахти шарқии империяи Чин шаҳри Лу Ёнгро ба даст гирифтанд, ба монавия рӯ оварданд ва он аз охирҳои асри 8 сар карда дини расмии давлати уйғурҳо гардид[55].

Уйғурҳо ҳофизони дини монавия буданд ва ҳатто дар соҳили дарёи Ёнг чандин маъбад бино карданд. Мувофиқи маълумоти Ҳусайн Уйғун дар мақолаи «Оини Монӣ дар миёни уйғурҳо» Бокухон ҳануз дар замони ба ин дин гароиданаш маъбаде дар ҳаволии Урхун сохта, дар он катибае сабт намуда, ки он аз қабули дини монавӣ аз тарафи уйғурҳо дарак медиҳад. Дар катиба навишта шудааст, ки уйғурҳои ҳаволии Урхун дини монавия доштанд ва баъди барҳам хӯрдани давлати уйғурҳо қисме аз онҳо ба ҳаволии Турфон омада, дар он ҷо монавияро интишор додаанд. Шояд боқимондаҳои ниҳоят ночизи пайравони монавияро ба назар гирфита, муҳаққиқи англис Вилям Ҷексон дар муқаддимаи китобаш «Таҳқиқ дар оини монавӣ» қайд намудааст, ки монавия то асри 17 дар Туркистон арзи вуҷуд кард. Вақте ки қирғизҳо дар миёнаҳои асри 9 ҳокими уйғурҳоро аз тахт фаровардаанд, императори Чин аввал дастур дод,ки ҳамаи монавиён либоси миллии чинӣ пушанд, бо фармони ӯ ҳамаи маъбадҳо вайрон карда шуданд, китобҳоро сӯзонданд, молу амволи монавиёни пойтахтро мусодира намуданд ва дар он ҷо зиёда аз 700 нафар монавиёнро ба қатл расониданд.

Монавия дар Мағрибзамин таъсири зиёде расондааст. Он аввал дар мамлакатҳои масеҳии Осиёи Хурд чунон густариш ёфт, ки қариб масеҳиятро аз байн мебурд. Нуфузи монавияро дар қаламрави империяи Рим аз он фаҳмидан мумкин аст, ки масеҳиён аввал ба монавия ғароида буданд. Дар асри 11 таълимоти монавия дар байни алгобиҳо дар Франтсия, павликанҳо ва мондракитҳо дар Арманистон, богомолҳо дар Булғория васеъ интишор ёфтанд.

Ин буд сарнавишти оини монавия,ки дар домони дини зарвонияву зардуштия ба вуҷуд омада бо таълимоти масеҳияту мандоиҳо созиш карда, ақидаҳои ирфонии Аҳди бостон, хусусан оини гносиро инкишоф дода, дар аксари мамолики Шарқу Ғарб ҳамчун дини ҷаҳонӣ пайравони худро пайдо намуд ва анъанаи зардуштияю монавияро дар мамолики Шарқ ҷорӣ кард

МАЗДАКИЯ

Ҷунбиши маздакиён дар ибтидои асри 6 шурӯъ шуд ва бар асари умқи нуфузи худ чунон доман густаронид, ки тамоми қаламрави Сосониёнро фаро гирифт ва муддати 30 сол (494 – 524) идома пайдо кард. Зуҳури ҷумбиши мазкур мусалламан дар фазои холӣ набуда, чун сабаби асосии аксари неҳзатҳои мардумӣ дар шароити иқтисодию иҷтимоъии маҳалли муайян вобаста будааст. Ба ин маънӣ агар авзоъи Эрони бостонро дар аҳли Сосониён дар даврони зуҳури Маздак мавриди баррасӣ қарор диҳем, мушоҳида хоҳем кард, ки ҷомеъаи сосонӣ ба қавли Эҳсон Табарӣ «як ҷомеъаи муҳофизакори ашрофии мубтанӣ ба низомот ва муқарроти ҷобирона буд ва вижагии ин ҷомеъа иборат буд аз гузори таърихӣ ва дардноки он аз низоми дудмонию бардагӣ ба низоми феодал».[56] Албатта, ин чунин маъно надорад, ки танҳо дар аҳди сосонӣ чунин вазъ ба вуҷуд омада. Ҳамон тавре ки муаррихон қайд намудаанд, дар таърихи ҷомеъаи аҷдоди мо форматсияҳои ҷамъиятию иқтисодӣ ҳеҷ гоҳ ба сурати «холис» набуда ва зимни ташаккули муносибатҳои феодалӣ низоми сулолавӣ ва надаршоҳӣ ҳамвора бо бақоёи бардагӣ тазодҳои иҷтимоъиро амиқтар менамуданд.

Мақоми салтанатӣ чун анъана меросӣ буд ва баландтар аз тамоми қудратҳои дигар маҳсуб мешуд. Афроди хонадони шоҳӣ ба бузургтарин заминдорон табдил ёфта буданд. Табақаи сарватмандон ва руҳониён низ заминҳои зиёдро дар ихтиёр доштанд. Деҳқонону рустоиён бошанд ба чорводориву зироаткорӣ машғул буданд ва молиёти сангину миёнҳикани аз тарафи ҳокимон таҳмилшударо мепардохтанд, дар заминҳои аз амлоки молик ба онҳо тақсимшуда кор мекарданд. Дастгоҳи давлатӣ ҷиҳати таъмини маишати дарбор ва хароҷоти низомӣ ба истисмори деҳқонон машғул буд, ки дар натиҷа ба таври гуруҳӣ омадани деҳқонон ба шаҳрҳо, зиёд шудани нуфуси аҳолӣ дар онҳо ва арзи вуҷуд намудани хонаводаҳои хурди шаҳрӣ ва бардаҳо дар муқобили заминдорони бузург мушоҳида мегардид.

Сохтори табақотӣ, ки дар ҳазораи дуюму якуми пеш аз милод ба вуҷуд омада буд, то даврони сосонӣ тақрибан бидуни тағъйир боқи монд. Фақат табақаҳо мушаххастар ва аз даврони ташаккул ба давраи инкишоф гузаштанд ва мақоми худро дар ҷомеъа мустаҳкамтар намуданд. Вале ин инкишоф бештар ба манфиати табақаи ҳоким ва дорои ҷамъияти сосонӣ буд, зеро хазинаи мустабидонаи давлати шоҳаншоҳии сосонӣ ва ашрофманишӣ, ташрифоти дарборӣ ва маркази бузурги идорӣ вусъат меёфт. Дар ҳалқаи шоҳ ҳафт ашрофи бузурги хонадони сосонӣ, асил зодагон, мулозимони дарбор, волиёни шаҳру ноҳияҳои қаламрави

Сосониён, ашрофи руҳонӣ дар шахси мубадони мубад ва ҳирбадони ҳирбад, ки на фақат идоракунандагони оташкадаҳо, балки маллокини бузург низ ба шумор мерафтанд, гирд омада буданд. Онҳо дар сари тақсими мансабу қудрат ба дастгоҳи марказии шоҳаншоҳӣ нуфуз доштанд ва барои касби таъсири хубтару талқини бештар ба шоҳ дар паси пардаи дастгоҳи шоҳӣ ба рақобат ва бозиҳои шуми нифоқангез мепардохтанд. Вале авҳоли ҳунармандону косибон пешоварон, деҳқонон ва умуман аҳли саноату фалоҳат наздик ба табоҳӣ буд. Деҳқонон ҳаёти нимғуломӣ доштанд, косибону ҳунармандон ба иллати паст будани соҳаи истеҳсолоти молӣ ва кишоварзӣ, зиндагии тоқатфарсо доштанд ва чуноне ки муаррихон қайд карданд, аз табақае гузаштан ба табақаи дигар ва ҳатто аз як касб ба касби дигар интиқол ёфтан амри муҳол буд. Онҳо ба қишрҳои ғайри қобили нуфузи иҷтимоъӣ тааллуқ доштанд.

Ба ҷуз омилҳои фавқ чанд нуктаи дигаре низ вуҷуд дошт, ки ба авзоъи иҷтимоъию иқтисодии дудмони сосонӣ таъсири амиқ расонида буд. Аввалан, ҷангҳои сершумори Сосониён бо Ҳайтолиён ва Византия, хусусан шикасти сахти Сосониён дар муборизо бо Ҳайтолиён дар қисмати шарқии Эрон соли 483 боиси аз ҷиҳати иқтисодӣ суст шудани Сосониён гардид. Сониян, қаҳтие, ки дар замони Фирӯз (падари Қубод) шурӯъ шуда, то авоили салтанати Қубод ҳафт соли тамом идома ёфт, хазонаи давлати Сосониёнро холӣ карда буд. Кӯшиши бо боҷу хироҷҳои сангин пур кардани хазинаи давлат иқдоми беҳуда ва бебору баре буд, ки тазодҳои давлати мутамаркази Сосониёнро боз ҳам тезу гунд кард. Чунин вазъиятро ба назар гирифта Ҳ. Массе навиштааст, ки «дар давраи Сосониён ҷавомеъи эронӣ ба табақоти мутазод тақсим шуда буд ва миёни нуҷабо ва раоё аз ҳар назар ихтилофи фоҳише вуҷуд дошт»[3].

Омили муҳимми дигар ҷанбаи фарҳангӣ дошт. Арзи вуҷуд намудани равияву фирқаҳои зиёди хурофотпарастона ва бидъатомез дар қаламрави империяи Сосониён боиси ба вуҷуд омадани як силсила ақидаҳои гносӣ, ҷараёнҳои мандоия, дайсония, марқиён ва монавия дар домони дини зардуштӣ гардид. Низоми ситамгарона мубаллиғону пешвоёни динро водор месохт, ки бо ҳар гуна ақоиди дорои хусусиятҳои муғризона мардумро саргарм намоянд ва ба ҳамин сабаб мазҳабу мактабҳои гуногуни динӣ пайдо шуданд ва худи руҳониён соҳиби мулку арозии зиёд дар сатҳи қаламрави империя гардиданд. Бо таваҷҷуҳ ба нукоти фавқ тақрибан ҳамаи муаррихону муҳаққиқон муттафиқулқавланд, ки навмедӣ, харобии вазъи иқтисодӣ, иҷтимоъӣ мавҷиби ҷунбиши Маздак ва ибрози назарияи иштироки моликият аз тарафи вай шуд.

Маздак соли 460 таваллуд шудаст. Ҷои таваллуди ӯро Табарӣ дар Мадране, Масъудӣ дар Истахр, Берунӣ дар Ниссо ва баъзе дигар муҳаққиқон Нишопуру Табрез медонанд. Тахмин мекунанд, ки аслу насабаш аз муғҳои бузурги Нишопур будааст. Исми Маздак муштақ аз

калимаи «Маздо»-и авестой ба маънии худо буда. Номи падараш дар «Занди Ҳувамон-Ясен»-и паҳлавӣ ва тарҷимаи паҳлавии «Вандидод» Бомдод омадааст. Дар нусхаҳои гуногуни манобеъи паҳлавӣ номи падари ӯ Коморд ва Мазроё низ қайд шудааст. Ӯ донандаи оини маздаясно буд ва аз афкори Зардушту Монӣ иттилоъи комиле дошт.

Муҳаққиқон Маздакро нахустин муассиси оини маздакия намешуморанд ва муътақиданд, ки ин оин пеш аз ӯ дар миёни табақоти мардум шорехону воизони худро доштааст. Аз маъхазҳои таърихии то кунун ба дасти мо расида маълум мешавад, ки аввалин шахси баҳси нав дар ақоиди Монӣ оғознамуда ва ба нуру зулмати монавия баҳои тоза дода Бундес будааст. Ӯ гақрибан дар асри 3 зиндагӣ кардааст ва гумон меравад, ки номаш шакли юнонӣ ё румии Бундак (дар забони паҳлавӣ ин ном дар ҳамин шакл ба маънии «комил» омадааст) бошад. Ин шахс вақте дар Византия назариёташро интишор медод, шахсе дигаре бо номи Зардушт кори ӯро дар Шарқи Миёна идома дод, оинашро такмил намуд ва дини зардуштаконро ба вуҷуд овард. Ин масъала дар аксари адабиёти рочеъ ба Маздак таълифшуда, аз ҷумла дар «Таърих –ал-расул ва-л-мулук»-и Табарӣ, «Ятимат-уд-даҳр»-и Саолабӣ, «Муруҷ-уз-заҳаб»-и Масъудӣ қайд гардидаанд ва муҳаққиқон бо истинод ба ин сарчашмаҳо матолиби фавқро матрҳ намудаанд. Эҳсон Табарӣ бо ироаи матолиби фавқ мутазаккир шуда, ки «Маздак, ки марди руҳонии андарзгар ё воиз аз пайравони киши зардуштакон буд, муваффақ шуд дар даврони масоиби азими иҷтимоъӣ ва нохурсандии амиқи мардум бо иттикои сифоти олии инқилобӣ ва талоқату фасоҳати лисону қудрати фикру мантиқи худ таолими хешро дар мағзҳо русух диҳад ва сарманшаи такону ҷунбиши шигифт шавад» .

Муҳаммад Муин ин масъаларо бо каме тағъйирот чунин баён намудааст : «Маздак аз Ниссо ё Истахри Форс буд. Ду қарн пеш аз Маздак марде бо номи Зардушти Бундес (Бунде), писари Хургон аз мардуми Фасо, ки монавӣ буд, кише бо номи "Дрестден" (Drist-den) пайрезӣ кард ва Маздак, ки марди амал буд, ин оинро ривоҷ дод» . Артур Кристенсен тахмин мекунад, ки шояд Бундес ва Зардушт ҳар ду як шахс бошанд. Зардушт, ки номи аслии офарандаи ин дин аст бо муассиси зардуштия ҳамном будааст . Ҳамон тавре ки муҳаққиқон ишора кардаанд, худи Маздак ҳеҷ гоҳ даъвои пайғамбарӣ накарда ва пайрави оини зардуштӣ будааст. Ӯ фақат хостааст, ки дар қисмати амалияи дин ислоҳоте ба вуҷуд оварад. Бинобар он руҳонии машҳури зардуштия Тансар дар «Нома»-и машҳури худ Маздакро ҳамчун марди ислоҳталаб муаррафӣ кардааст.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки маздакия шуъбае аз дини илҳодомези монавия будааст. Аз ин рӯ, дар баъзе сарчашмаҳои таърихӣ муаллифони румию юнонӣ ва суриёнӣ маздакиёнро пайрави дини монавия хондаанд. Чунин нуктаро низ дар ин ҷо бояд қайд намуд, ки Зардушт пайғамбар ва пешвои оини зардуштӣ буд ва таълимоташ

бештар ҷанбаи назарӣ дошта, вале Маздак ҳамчун марди амал дар назди омма ҳамчун халифаи оини зардуштӣ аз як гараф ислоҳе ба монавия дохил кард ва аз тарафи дигар, барои ба амал баровардани адли илоҳӣ ба мардумгарой пардохт ва ҷаҳоншиносии зардуштияро ба масоили ахлоқӣ ва маишати рӯзонаи он давру замон мунтабиқ сохт.

Ба гуфтаи Эҳсон Табарӣ то ҳол дар адабиёти динию фалсафӣ аниқ маълум нашудааст, ки кадом қисмати таълимоти маздакиён ба худи Маздак ва кадом қисматаш ба Бундас (агар ҳар дуи онҳо як шахс набошанд) мансуб аст. Ба ҳар ҳол «ин таълимот дорои сарчашмаҳои фикрии ба куллӣ мухталифест, вале аз ҷиҳати рӯҳи инқилобӣ якпорча ва ҳамоҳанг аст ва ақл чунин ҳукм мекунад, ки шуҳрати азими ин афкор ба номи мубаллиғи барҷаставу фасеҳи диновари он Маздаки Бомдодон вобаста аст»[2] Абдулазими Ризой бо истинод ба «Таърихи сиёсии Сосониён» таълимоти маздакияро омезае аз дини Зардушту Монӣ ва ақоиди Афлотун дар китоби «Ҷумҳурият» медонад ва ҳамвора таъкид мекунад,ки «асоси онро бар ислоҳоти иҷтимоъӣ ниҳода буд»[3].

Таълимоти Маздак бештар ҷанбаи иҷтимоъӣ дорад,вале барои аз лиҳози фалсафӣ асоснок намудани таълимоташ ба масоили ҷаҳоншиносӣ низ даст задааст, ки онҳо ношӣ аз таълимоти зардуштияву монавия мебошанд. Бино ба ақидаи муҳаққиқон дар адабиёти давраи атика ва асрҳои миёна баъзан муаррихон ба эҳсосоту ғараз дода шуда, бештар ба рӯҳи инқилобии масъала таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд ва беҳуда нест, ки Р. Николсон ба ин нукта диққат намуда навиштааст, ки онҳо «дар нигориши вақоеъи замони сосонӣ ақидаву назари Маздакро дарк накарда, ба таассуби беҷо ва дур аз ҳақиқат сухан гуфтаанд».

Агар мо ба адабиёти марбут ба Маздак тадвиншуда дар асрҳои миёна ва таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Эҳсон Табарӣ, Калеман Ҳовер, Муҳаммад Иқболи лоҳурӣ, Абдулазими Ризой ва дигарон муроҷиат карда, назари фалсафии Маздакро аз онҳо берун биёрем, маълум мегардад, ки дар таълимоти маздакия, ба мисли таълимоти салафони ғоявиаш Монӣ нуру зулматро ду омили асосии хилқат медонад, ки аввалӣ холиқи хайр ва дуюмӣ холиқи шар мебошад. Ин ду омил аз рӯи мақому манзалаташон бо ҳам баробаранд. Нур дорои хусусияти иродӣ ва нируи дарк аст, дар ҳоле ки зулмат хусусияти тасодуфӣ дорад ва худ ноогоҳу кӯр аст. Аз ин рӯ, ҳаракати нур аз ихтиёру ирода ба вуқӯъ пайваста, ҳаракати зулмат ғайрииродӣ ва кору амалаш аз рӯи ҷаҳолату нодонист. Бадеҳист, ки омезиши ин ду омил дар олами моддӣ як ҳодиса ё худ амри тасодуфӣ маҳсуб мешавад ва баъди озодии нур аз зулмат ин амри тасодуф аз байн хоҳад рафт ва нуру зулмат боз аз ҳам ҷудо хоҳанд шуд.

Ба ин маънӣ ғалабаи нур дар таълимоти Монӣ илзомию қатъист ва ғалабаи зулмат муваққатию ғайриилзомист. Омезиши нуру зулмат, ки

натиҷаи он олами моддӣ мебошад, аз руи нақшаву ирода ба амал наомада ва ғайри ихтиёр сурат гирифтааст. Назари амиқ ба ин масъала нишон медиҳад, ки ба қавли Берунӣ дар "Осор-ул-боқия" «Маздак мардумро ба санавият хондааст» ва танҳо ҳамин назарияи санавият байни ин ду намояндаи машҳури дин (Монию Маздак) муштарак буда, ҷиҳатҳои дигари таълимоти маздакиён ҳам дар омӯзиши динӣ ва ҳам дар омӯзиши иҷтимоъӣ бо таълимоти монигароён тафовут доштааст) Ин суханони муҳаққиқи дин М.С. Иванов бештар ба омӯзиши иҷтимоъӣ содиқ аст, зеро фаъолиятҳои Подшоҳи рушной ва торикиро тавре шарҳ дода, ки ба таълимоти Монӣ қаробат доранд. Ба ҳар ҳол [Маздак таълим дода, ки аз хосияти бадии аносири моддӣ бадӣ ва аз хусусияти софӣ (покизагӣ)-и аносири мазкур руҳ ё ҷавҳари аслӣ падидор мешаванд.] Чун аз назари фалсафӣ руҳ сунхияти моддӣ надорад, софии аносирро ӯ омиле пиндошта, ки тақрибан монанди раҳму шуҷоат аст ва ҷиҳати ифодаи онҳо ду истилоҳи дигареро истифода намуда, ки намояндаи ду нируст : яке нафси мутмаина ва дигаре нафси амора.[Ба фикри Маздак мудаббири хуб нафси мутмаина аст, ки бо ҷавҳари эҳсосоти нек мутасиф ва мудаббири шар натиҷаи андешаи бад аст, ки дар қолиби ҷисмонии инсон ҷойгузин мебошад. Онро ҳамчун нафси амора бояд аз худ дур кард то мудаббири хубӣ (нафси мутмаина ё руҳи аслии инсон) раҳой ёбад ва ба мабдаи худ бозгашт кунад*.]

Абдулазими Ризой роҷеъ ба санавияти Маздак, ки қадимати таърихӣ дошта, аз мазҳаби муғон то оини монавия сайри тӯлонӣ дорад ва ба дигар макотибу мазоҳиби Осиёи Хурд низ нақши худро гузоштааст, чунин нигошта : «Аз мутолиоти дақиқи ақоиди Маздак чунин бармеояд, ки вай баръакси Монӣ мехоста бо таъвилоте дугонапарастиро ба тавҳиди фалсафӣ табдил кунад. Чунонеки гуфта шуд, низоми илтиқотии Монӣ бар дугонапарастӣ мубтанӣ буд ва огоҳона таҳти таъсири макотиби ирфонии қадим қарор дошт. Аммо таъсирпазирии Маздак аз ин мактаб мубтанӣ бар тафаккури моддӣ ва фалсафии ӯ бар асли санавият устувор буд»*. [Бешубҳа, дар ин фикри ӯ ноҳамоҳангӣ вуҷуд дорад, зеро дар таълимоти Маздак, ҳаргто дар қисмати моддии он (аз аносир бадӣ ва софиии онҳо ҷавҳари аслӣ тароват мекунад) тавҳиди фалсафӣ мушоҳида намешавад.] Дар ин маврид Муҳаммад Иқбол назари худро возеҳ гар баён намудааст. Ӯ навишта, ки Маздак «дар баробари якгароии зарвониёни асри худ вокунише кард ва назари дугарой овард. Монанди Монӣ бар он шуд, ки гуногунии ашё маълули омезиши ду асли мустақили ҷовидон аст. Яке аз ин ду асл "шид" (рушной) ва дигаре "тор" (торикӣ) ном гирифтааст. Маздак бар хилофи пешиниён бовар дошт, ки омезиш ё ҷудоии ниҳоии ин ду ба амду ихтиёр мақрун нест, балки маҳсули тасодуф аст»*.

[Ҳоло, ки нуктаҳои асосии санавият маълум гардид, ба баррасии ақидаҳои ҷаҳоншиносии Маздак мепардозем. Бино ба таълимоти Маздак

худои некӣ ба сонӣ теъдоди ҳуруф дар олами барин ҳукмфармой мекунад ва маҷмӯъи ҳуруфи мазкур исми аъзами онро ба мисли он ки асмои илоҳӣ дар ислом дар калимаи «аллоҳ» маҳфузанд, таҷассум менамоянд. Афроде , ки тасаввури чизҳоро ба ин ҳарфҳо марбут карда тавонанд, барои онҳо банди розҳои олами нур (рушной) боз хоҳад шуд ва шахсе, ки аз он бенасиб гашт, ба дарёи нодонӣ, адами биной, фаромушӣ, бехирадӣ ва андӯҳ гарқ хоҳад шуд. Чунон ки дар бахши моқабл гузашт, Монӣ муътақид ба панҷ унсур - асир, насим, нур, оташ ва об буд. Дар ин масъала ақидаи Маздак аз назари Монӣ фарқ мекунад. Маздак фақат се унсур-об, оташ ва хокро муътақид аст. Мувофиқи таълимоти маздакия аз омезиши ҳамин се унсур тамоми ташкилаҳои хайру шар дар олам ба вуҷуд омада. Аз аҷзои неки онҳо хайр ва аз аҷзои тираи онҳо шар гаровида ва олами рӯҳонӣ низ ба сони ҳамин олами ҷисмонӣ арзи вуҷуд намудааст. Худо бар маснади сарираш, ба мисли Хусрави Анӯшервон, ки дар иҳотаи чаҳор фард- мубади мубадон, ҳирбади ҳирбадон, синаҳбуд ва ромишгар ҳаёт ба сар мебарад, дар иҳотаи чаҳор ниру- тамайюз, ақл, ҳофиза ва сурур (дар баъзе таҳқиқотҳо ин нируҳо бо номҳои дарёфтан, ҳуш, ёд ва шодӣ номбар шуда) қарор дорад. Ин чаҳор ниру тамоми умури ҷаҳонро тавассути ёварони худ бо номҳои солор, пешгоҳ, борбар, парвон (палвон), корвон, дастур ва ходим идора мекунанд. Ин ҳафт ёвари фавқ, ки баъзе муҳаққиқон онро вазир низ номидаанд, дар ботини 12 мавҷуди рӯҳонӣ - хонанда , диҳанда, ситонанда, баранда, хуранда, даванда, хазанда, кашанда, зиндакунанда, оянда ва шуянда фаъолият мекунанд.

Мазмуни болоро Муҳаммад Иқбол бо тағъйироти ҷузъӣ чунин қайд кардааст : «Худо дар низоми фикрии Маздак аз эҳсос бархурдор аст ва дар ҳузури сармадии худ чаҳор ниру аслӣ дорад : тамайюз, ҳофиза, фаҳм ва сурур. Нируҳои чаҳоргона дар ҷаҳор тан мутаҷаллӣ мешаванд ва ин чаҳор тан бо ёрии чаҳор тани дигар ба ҷаҳондорӣ мепардозанд. Хасоиси мавҷудот, ки боиси ҷудоии онҳо аз якдигар мешаванд , зодаи нисбати омезиши нируҳои чаҳоргонаанд». Дар ин иқтибос ибораи «чаҳор тани дигар» ба мисли тарзи идораи чаҳор ниру тавассути ёварони ҳафтгонаи худ, ки Абдулазими Ризой онро ироа карда, чандон мафҳум нест. Вале қадри мусаллам он аст, ки Маздак аз се унсури ёдшуда таълимоти нуру зулмагро офарида, ки ба сони суннати зардуштию монавӣ баст дода, онро ба ҳамон се марҳилаи анъанавӣ ҷудо сохт. Ва вазифаи инсонро дар ҷараёни гузариш аз марҳилаи омезиш ба марҳилаи аввалаи ҷудоии нуру зулмат мушаххас намуд. Ба ибораи дигар, одамӣ бояд нурро аз чанги зулмат раҳонида, ба марҳилаи омезиши тасодуфии он дар олами моддӣ хотима мебахшад ва нурро бар курсии асливу азалии худ бурда менишонад. Барои басти чунин масъала Маздак, бешубҳа, дар таълимоташ аз муҳтавиёти Авесто роҷеъ ба масъалаи мавриди баҳс истифода намуда, масоилеро

матраҳ намудааст, ки Монӣ ба онҳо аҳамияти хосса дода буд. Ҳамин ҷиҳати масъаларо ба назар гирифта муҳаққиқони рус қайд намудаанд, ки «дине, ки Маздак ташвиқ мекард, албатта, зардуштия буд, вале ба он баъзе ғояҳои дини монавия ва равияю ҷараёнҳои ғайриортодоксалии зардуштия ҳамроҳ шуда буд. Бар хилофи монавия пайравони Маздак мардумро барои ғалабаи қатъӣ ба ҳукмронии нур ва мусаллат шудани нур бар зулмат даъват мекарданд»

Фарқияти қобили мулоҳизаи маздакия аз оинҳои зардуштияву монавия дар ин марҳила аз он иборат аст, ки ду дини охирӣ ин давраи ҷудой ва ё сууди рӯҳ, ё худ нурро бо роҳи маърифати ирфонӣ ва кашфию завқӣ имкомпазир медонанд, вале Маздак марҳилаи гузариш ё худ уруҷи нур ба мабдаи асли худро бо роҳи муборизаи ошкоро ва инқилобӣ дар рӯҳи суннатҳои ахлоқӣ пешниҳод намуда. Дар ин бобат Эҳсон Табарӣ чунин нигошта : «нуктаи шигифти инқилобӣ дар оини Маздак ҳамоно ғаблиғи ин масъала аст, ки бояд аз тариқи ҷиҳод ва муборизa нурро аз марҳилаи гумизишен (яъне омезиш - Ҳ.М) ба марҳилаи вигоришен (яъне ҷудо шудани нур аз зулмат - Ҳ.М) расонд, нурро аз ихтилоли зулмонӣ раҳонд, партави рӯшноиро аз овезиши ҳалақоти торик наҷот бахшид. Ин назар бунёди тамоми назариёти баъдии уст».

Барои ба амал баровардани ин ҷиҳати таълимоти худ Маздак ҳамон се унсур (обу оташ ва хок) – ро аз буъди маконии нуру зулмат ба буъди масоили иҷтимоъӣ интиқол дода, таъкид мекунад, ки обу оташу хок ба ҳама тааллуқ дорад. Ҳамаи он неъматҳои моддие, ки аз ин аносир бевосита ё ба восита арзи вуҷуд намуда, бояд азони ҳамагон бошад. Пас, «ҳамағонӣ будани неъматҳои моддӣ ношӣ аз ҳамагонӣ будани аносир аст, ки ҷаҳон аз таркиби онҳо сохта шудааст» . Шарҳу баёни ин масъала дар таҳқиқотҳо ба таври гуногун ироа шуда. Дар сурати таваҷҷуҳи дақиқ ба он маълум мегардад, ки манзури Маздак қабл аз ҳама он буда, ки худованд ҳамаи мардумро баробар ва ба таври мусовот офарид, ба онҳо ризқу рӯзии фаровон дод ва ҳама аз он бояд ба таври мусовӣ истифода кунанд. Нобаробарӣ ва адами мусовот мабдаи асоси кину адоват, беадолатӣ ва ҷангу ситез дар ҷомеъа хоҳад буд, ки зиндагии башарро ба вартаи нобудӣ мекашонад.

Дар ин ҷо бояд зикр кард, ки Маздак донишманд ва файласуф ба мисли Афлотун набуд, ки ақидаи иҷтимоъии худро ба шакли «шаҳри ормонӣ» дарорад ва назарияи хаёлии худро ироа намояд. Чун ӯ марди амал буд, бо истифода аз омӯзишҳои ахлоқии зардуштия ва набарди қувваҳои мутазоди монавия назари иҷтимоъии худро аз лиҳози фалсафӣ асоснок намуда, қонуни «мусовот» - ро дар ҷомеъа ҷорӣ намуданӣ шуд. Ба фикри Маздак адлу инсоф дар иҷтимоъ ба мисли хусусиёти неки худованди нур бояд ҳамеша барқарор бошад. Нобаробарӣ дар сурате ба вуҷуд меояд, ки иддае аз афроди ҷомеъа ба воситаи ҷабру зӯрӣ амволи ба дигарон

ғааллукбударо тасхир намоянд. Чунин амал, ба фикри пайравони Маздак, ба хислати панҷгонаи ахлоқи разилаи инсон – рашк, хашм, кин, ниёз ва тамаъ вобаста аст. Ин ҳамон панҷ деви аҳримании монавия аст, ки «Инсони азалӣ» - ро дар олами зулмонӣ зиндонӣ карда буданд.

Агар ба гуфтаҳои боло як силсила сифатҳои дигари ахлоқи разилаи инсонӣ аз қабили таассуб, душманӣ, бадбинӣ, бераҳмӣ ва ҳарисӣ ба моликиятро ҳамроҳ кунем, шояд таълимоти иҷтимоъии Маздак бо тамоми ҳастиаш пеши назар қомат афрозад. Зеро ӯ мӯъҳтақид аст, ки сифоти мазкур одамиро мунҳариф аз роҳи ростӣ ва адлу дод месозад ва касе, ки аз ин бадию балоҳо раҳой ёбад, ба даргоҳи Аҳуромаздо роҳ хоҳад ёфт. Маздак барои барҳам додани решаҳои нобаробарӣ дар ҷомеъа, ки боиси кину рашк, хашму ҷангу ситез мегарданд, ғояи адолат ва баробариро пешниҳод карда, истифодаи якҷоя аз неъматҳои моддиро пояи асосии адолати иҷтимоъӣ донистааст, ки дар ин ҳолат «кину рашк ва хашму ҷанг ҷои худро ба оштиву меҳр ва дӯстиву дод хоҳад дод. Ҷиҳод дар роҳи пирӯзин нур ҳамон ҷиҳод дар роҳи баробариву додгарӣ ва меҳру оштиву дӯстист. Ҳамаи инҳо набарди аҳурой ва изадӣ алайҳи Аҳриман аст» .

(Масъалаи моликият ва муносибати Маздак ба зан ду рукни асоси маздакияро ташкил медиҳад.Маздак таъкид карда, ки ихтилоф байни мардум ду чиз аст : яке молу хоста ва дигаре зан. Барои барқарории баробариву мусовот ҳамин ду масъалаи доғи иҷтимоъӣ бо гирифтан аз тавонгарону додан ба тиҳидастон ҳал хоҳад шуд) Муаллифони «Таърихи сиёсии Эрон» ҳамин хусусияти таълимоти Маздакро дар назар дошта, навиштаанд, ки неҳзати Маздак як навъ «аксуламали бардагону рустоиён… ҳамчунин туғёни озоди шаҳру ҳавма бар зидди феодализм ва бардадории он медонистанд, ки ба сурати ҷидоли табақотӣ даромада буд» .

(Ба назар чунин мерасад, ки Маздак зери мафҳуми моликият тамоми неъматҳои моддии индунёиро дар назар дорад ва тақсимоти нобаробари он боиси ҳаҳру ҷабр дар ҷомеъа ва реша давондани зулму тааддӣ мегардад.)

Абдулазими Ризой роҷеъ ба ин масъала шарҳи Ибни Батриқро дар хусуси усули мазҳаби Маздак чунин оварда: «худо арзоқро дар руи замин офарид, ки мардум онҳоро миёни худ ба таври баробар тақсим кунанд ва касе аз каси дигар бештар надошта бошад, вале мардум байни худ зулм мекунанд ва ҳар кас нафси худашро ба бародараш тарҷеҳ медиҳад. Мо мехоҳем дар ин кор назорату ворасӣ кунем ва молу сарватро аз давлатмандон гирифта ба тиҳидастон бидиҳем ва аз ҳар касе, ки молу зану хидам ва амтааи зиёд дошта бошад аз вай гирифта, байни ӯ ва гайри ӯ мусовот бикунем, то он ки аҳадеро имтиёз ба дигарон набошад» . Ба масъалаи занон дар зер боз хоҳем баргашт. Дар ин ҷо бояд чунин нуктаро зикр кард, ки ба ақидаи Маздак «мол бахшиданист миёни мардумон, ки ҳама бандагони худои таоло ва фарзандони одаманд, ба чӣ ҳоҷатманд гарданд бояд моли якдигарро харҷ кунанд, то ҳеҷ касро бебаргию дармонӣ

набошад ва мутасовиулҳол бошанд»} Ин иқтибос аз Маздакро, ки аввал Низомулмулк дар «Сиёсатнома» - и худ оварда, қариб аксари муҳаққиқон аз ӯ иқтибос намудаанд ва тибқи дарку фаҳми масоилу заковати шахсӣ гоҳ мусовот дар тақсими сарват байни афроди башар, гоҳ ислоҳоти дорои маслаки иштирокӣ ва гоҳ василаи аз байн бурдани беадолатии иҷтимоъӣ шарҳу таъбир намудаанд. Ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки баъди давраи ҳеллинӣ дар таърихи Эрон аввал давлати ашконӣ, ки нахустин сулолаи эронӣ баъди Искандар буд, арзи вуҷуд намуд ва Сосониён баъди онҳо ба сари қудрат омада хостанд, ки империяи қаблии Ҳахоманишиёнро таҷдид намоянд. Дар натиҷаи тасхири кишварҳои зиёд ва тавсиа додани қаламравӣ худ Сосониён ба мулозимон, ашрофзодагон ва рӯҳониёну низомиён арозии зиёди ба даст омадаро ба тариқи ҳадоё мебахшиданд. Дар натиҷа хонадони шоҳ, афроди дастгоҳи салтанатӣ, сипоҳиён ва рӯҳониён ба маллокини бузург табдил ёфтанд. Ин як намунаи ҳамон ғасбу тасарруф буд, ки дар тамоми қаламрави Сосониён дар замони зиндагии Маздак мушоҳида мешуд.

Хонум Пигулевская ба ин масъала аҳамияти хосса дода, зимни баррасии андешаи мусовоти Маздак ба ҳодисае дар соҳаи кишоварзии вақт карда, ки тибқи он хонахаробшавии деҳқонон дар натиҷаи молиёти сангин ба вуҷуд омада, боиси фурӯпошии хоҷагии деҳқонии суннатӣ гардидааст. Андешаи баробарии моликият аз рӯзгори бостон ба Маздак ба ирс расида буд. Хоҷагиҳои таовуние (дар адабиёти таърихи кишоварзӣ «коммунаҳо» низ номидаанд) вуҷуд дошта, ки дар онҳо «таовун дар муомилот, хариди муштарак, дарёфти даромади муштарак» амал мекарданд. Бо эҳтимоли қавӣ Маздак мехоста, ки аз хонахаробии хоҷагии деҳқонӣ ҷулӯгирӣ намояд ва таҷдиди хоҷагиҳои суннатии озоди деҳқонӣ ва ғарзи коркарди анъанавии замин дар деҳоту русто мусоидат намояд.

(Бо таваҷҷӯҳ ва гуфтаҳои боло метавон ба чунин натиҷа расид, ки моликият дар таълимоти Маздак мавқеъи марказиро ишғол мекардааст ва ба гуфтаи Муҳаммад Иқболи лоҳурӣ ҷавҳари инқилоби Маздак бар мабнои асли иштирокии моликият буда. Ба ин иллат ӯ навиштааст, ки «мумтозтарин ҷанбаи таълимоти Маздак мардумгароии ӯст... ҷаъли мафҳуми моликияти инфиродӣ мардумро ба номардумӣ мекашонад»[74]).

(Рукни дигари таълимоти Маздак дар бораи зан аст. Баъзе муҳаққиқон озодии омезиши марду занро дар оини Маздак озод донистаанд.) Ин масъала на ба конуни хонаводагии оини зардуштӣ, ки дар замони Маздак маъмул буд, мувофиқат дорад ва на ба таълимоти худи Маздак. Аввалан, таълимоти умумияти занҳо ба ин мазмун набуда, ки Маздак унсури хонаводагӣ ва издивоҷро ба ҳам занад, балки ӯ хоста «никоҳро сабаби вусъати ризқу фаровонии неъмат» гардонад, чун бо шарик шудани зану мард онҳо «беҳтар метавонанд заминро зироат , дарахтонро борур ва сарватҳоро фузун созанд» . Сониян, конуни хонаводагӣ ва номуси зан

барои мардуми Шарқ чун анъана яке аз масоили муҳимми муқаддасоти иҷтимоӣ ба шумор мерафт ва Маздак барои барқарории ҳамин муқаддасот ва эҳтиром гузоштан ба оини ҳамсардорӣ ва русуми хонаводагӣ муборизе бурда, ба муқобили ҳарамсароҳои шоҳон, ишратпарастии ашрофон ва риоя накардани қонуни ҳамсардорӣ тавассути нақибзодагон баромадааст. Дар осори таърихӣ омада, ки Хусрави Парвиз дар ҳарамсарои худ 2000 зан дошта ва илова бар он миқдори зиёди канизакҳои сарояндаю навозанда ҷиҳати хушгузаронии вақти шоҳ ва наздикони ӯ хидмат мекардаанд ва табиист, ки фисқу фуҷур дар чунин муҳит ҷой доштааст. Солисан, дар баъзе маҳалҳои дурдасти қаламрави Сосониён, ки Эҳсон Табарӣ баъзе қабоили массагетҳо ва ҳайтолиёнро ба он мансуб медонад, никоҳи гурӯҳӣ ҳануз ҳамоман аз байн нарафта буд ва Маздак, ки худ аз хонаводаи муғони бузург буд, аз он иттилоъ доштааст. Робеъан, мардуми оддӣ, хусусан мардони болиғ бо даромади ночизи худ то дер издивоҷ карда наметавонистанд ва аз ин рӯ Маздак хостааст, ки ҳарамсароҳоро манъ ва озодии интихобу издивоҷро ба роҳ монад. Вале ашрофону рӯҳониён ба муқобили чунин хостаҳои Маздак баромада, дар назди шоҳ Маздакро бо адовате, ки дар дил доштанд, ба умумияти омезиши занҳо гунаҳкор намуданд ва бо эҳтимоли қавӣ муаррихони давр низ ин масъаларо ба дараҷаи иғроқ расонданд. Хомисан, Маздак, ки худ аз ҷумлаи муғони зардуштӣ буд, ба худ наметавонист иҷозат бидиҳад, ки қонуни хонаводагии маъмули зардуштиро риоя накунад. Пуштибонии мардум аз номуси хонаводагие, ки суннати дерини ниёгони ориёӣ буда, нодида бигирад.

Барои он ки ин масъала равшантар гардад, як мисол аз Муҳаммади Рашшод меорем: никоҳи он замон зоҳиран «издивоҷи пешавар ва зореъро бо духтарону занони ашроф шадидан манъ мефармуд ва Маздак чун ин манъро бишкаст, ба издивоҷ бо духтарони ашрофро барои ҳама кас мубоҳ (раво) намуд. Лизо душманонаш чунин вонамуданд, ки вай занонро мубоҳ карда, то ҳар кас ба ҳасовӣ аз онҳо ком гирад ва низ мумкин аст гуфта шавад, ки чун табақаи ашроф занони мутааддид доштанд ва барои эҳтироз аз тааддуди завҷот, ки мухолифи оини Зардушт буд, фақат яке аз онҳоро ба ақди никоҳ дароварда, бақияро ба унвони занони ғайришаръӣ дар ҳарамсароҳо нигоҳ медоштанд. Лизо Маздак ин вазъро таҳрим намуд ва иҷоза дод, ки мардум бо занони ғайриақдии онҳо музовиҷат кунанд ва ин иҷозат ба манзилаи ибоҳаи занон ва иштироки мардум дар истимтоъ аз онҳо ҳалаққӣ гардад» . Ҳамин умумияти зану моликият ва шиори «тақсими мусовии амволи мавҷуд байни ҳамагон»-ро ба назар гирифта, бисёр муҳаққиқон таълимоти Маздакро ҳамчун «коммунизми маздакӣ», «коммунизми эронӣ», «коммунизми ибтидоӣ», «назарияи иштирокӣ» ва ғайра ба қалам дода, онҳоро ба таври гуногун шарҳу тафсир намудаанд.

Ба ҳар ҳол, Маздак умумияти моликият ва занонро эълон карда ва гуфта, ки «ба зану чизу чора ҳар кас ҳамон қадар ҳуқуқ дорад, ки дигарон

ба он доранд»[77]. Бар мабнои ин шиор ва ақоиди баробарии иҷтимоии Маздак ҳадс задан мумкин аст, ки ӯ барномаи ислоҳоти иҷтимоӣ ва хонаводагиро, ки то имрӯз ба мо маълум нест, дошта ва бидуни чунин барномае ҷунбиши ба ин бузургиро ба вуҷуд овардан амри мушкил буд.

Неҳзати Маздак замоне сурат гирифт, ки вазъи табақаи поёнии ҷамъият дар ҳоли табоҳ буд ва қаҳтии азиме, ки дар Эрон рух дод, барои мардуми нодор вазъи маргбореро ба вуҷуд овард. Ҳарчанд, ки шоҳ Фирӯз барои ворид намудани ғалла аз Ҳабашистону Ҳинд ва Юнону Мовароуннаҳр иқдом кард, вале он суде набахшид. Фирӯз дар ҷаш бо Ҳайтолиён кушта шуд ва бародараш Билош ба тахт нишаст ва баъди як силсила бозиҳои сиёсии дарборӣ барои тоҷу тахт писари хурди Фирӯз Қубод ба тахти салтанатӣ нишаст. Ашрофону рӯҳониён аз вазъи нобасомон истифода бурда, аз фурӯши ғалла бо нархи гарон суди зиёде мебурданд. Мардуми ваҳшатзада бошад барои дарёфти қути лоямуте аз рустоҳо ба шаҳрҳо сарозер мешуданд. Дар чунин вазъият Маздак ба таблиғи таълимоти «баробарӣ ва мусовот» шурӯъ кард. Ӯ дар Тайсафун бо шоҳ Қубод борҳо мулоқот намуда, шоҳро ба он розӣ кард, ки «ҳар чорае, ки ба ҳоли қаҳтизадагон биандешад, ба кор бибарад ва ҳар коре, ки бихоҳад, ба ҷо оварад».

Ин ихтиёроте, ки шоҳ Қубод ба Маздак дода буд, тавассути муаррихону муҳаққиқон ба таври гуногун дарк ва баррасӣ шудаанд. Абдулазими Ризой навишта, ки «ҷунбиши Маздак дар рӯзгори қаҳтӣ шурӯъ шуд. Халқе, ки Маздак дар раъси он буд, хостори кушодани анборҳои ғаллаи давлатӣ шуданд ва Қубод ин хостаро пазируфт ва Маздакро ройзаш хеш сохт ва дар Эрон худ ба худ мусодираи ҳамагонии амволи ашрофу тавонгарон анҷом гирифт». Зимнан, ӯ тазаккур дода, ки ақоиду тавзеҳоти гуногуне роҷеъ ба муносибати байни шоҳ Қубоду Маздак дар адабиёти таҳқиқотӣ мавҷуданд. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки Қубод умедвор буда, ки «бо ёрии маздакиён ашрофи сипоҳӣ ва рӯҳониёну коҳинопро нотавон сохта, онҳоро маҳор кунад», баъзеи дигар гумон мекарданд, ки подшоҳ аз ҷунбиши ҳамагонаи маздакиён метарсид ва барои он ки тахту тоҷашро аз даст надиҳад, ҷасорати душманӣ бо ононро надошт. Гуруҳи сеюм бар он ақидаанд, ки Қубод мехост ислоҳоти иҷтимоъие анҷом диҳад, вале чун мубадону бузургон монеъи ин ислоҳот шуданд, Қубод онро аз тариқи Маздак анҷом дод.

Эҳсон Табарӣ ҳамин мазмунро чунин ироа намудааст: «аввалан, Қубод аз мудохилоти рӯҳониёни ашроф ба умури давлатӣ ва рафтори қаблии онҳо нисбат ба падару бародараш дар бозиҳои сиёсӣ дилгир шуда буд. Сониян, шояд аз даврони кӯдакӣ гароиши монавӣ дар афкори Қубод мавҷуд буда ва низ аз мавҷи азими мардуми бенаво ҳаросида бо неҳзати Маздак созиш ва ҳатто аз ӯ пуштибонӣ намудааст».

Ба ҳар ҳол, суханони Маздак дар бораи боз намудани дари анборҳои ғалла ба руи қаҳтизадагон, рафтори боадолатона нисбат ба нодорон, баробарии тақсими амвол ва ғайра ливои шӯришгарон шуданд. Дар баъзе манобеъ зикр шуда, ки иштироккунандагони шӯриш бештар «мардуми авом, тиҳидастон ва ҷамоъати кӯчаву бозор» буда, дар он табақаи поёнии ҷамъият, хусусан деҳқонон нақши муҳим доштанд ва аз ин рӯ, ба он «ҷунбиши мардумӣ» ном ниҳодаанд. Шӯриш беш аз 30 сол дар нукоти мухталифи қаламрави сосониён идома дошта. Мувофиқи маълумоти муаллифони «Таърихи Эрон» «шӯришгарон аксаран ба таври стихиявӣ ба хонаҳои боёну ашрофон зада даромада, молу мулкашонро тороҷ мекардаанд»[81]. Аз амали шӯришгарон рӯҳониёну ашрофон ба ҳарос омада, бо ҳам забон як карданд ва баъди як соли шӯриш табаддулоти дарборӣ намуда, шоҳ Қубодро аз тахти салтанат соли 496 гирифтанд ва дар қалъаи «Дежи фаромӯшӣ» маҳбус карда, бародараш Ҷомоспро ба тахти шоҳӣ нишонданд.

Қубод бо кӯмаки хоҳараш ва Сиёвуш ном бузургзодае аз «Дежи фаромӯшӣ» гурехта, ба назди шоҳи Ҳайтолиён рафт, духтари ӯро ба занӣ гирифт ва бо лашкари зиёде барои ба даст овардани салтанати қаблии худ озими Тайсафун шуд. Бародараш Ҷомосп аз тарс тахти салтанатиро бидуни ҷанг ба Қубод таслим намуд ва ӯ муҷаддадан соли 499 соҳиби тахт гардид. Лекин ин дафъа Қубод равиши эҳтиёткоронаро пеш гирифт ва ба Маздак эътиборе надод. Ӯ ҳатто писари бузурги худро, ки пайрави ашаддии неҳзати Маздак буд, расман аз ҳаққи қонунии валиаҳдиаш маҳрум карда, писари хурдиаш Хусравро валиаҳд таъин намуд. Худи Маздак, ки дар ин вақт ба авҷи қудрат расида буд ва пайравонаш торафт меафзуданд, бидуни эътиное ба шоҳ корашро давом медод. Артур Кристенсен дар «Эрон дар замони сосониён» ном асараш таъкид намудааст, ки «дар замони Қубод ва Ҷомосп маздакия зоҳиран чандон пешрафте надоштааст, вале афкори коммунистии ин фирқа дар омма рафта-рафта русух пайдо кард ва дар оғоз ба оҳистагӣ ва баъди чанде бо суръат интишор ёфт»[82].

Ашрофону рӯҳониён аз густариши нуфузи шӯриши маздакия ба ҳарос омада, аз баъзе зиддиятҳои дохилии таълимоти маздакия истифода бурданӣ шуданд ва онҳоро дар ҳузури рӯҳониёни бузурги зардуштӣ ба мисли Озарбуд, Бахтофарид, Озармеҳр, Додҳурмуз ва ғайра ба муҳокима кашиданд. Ҷараёни муҳокима дар маъхазҳо таврe нақл шуда, ки Маздак гӯё даъвои пайғамбарӣ карда ва гуфта, ки ҷиҳати исботи ин амр метавонад муҷизае нишон бидиҳад ва оташро ба сухан биёварад. Ба таври маҳрамона бо кӯмаки пайравонаш ҳилаеро ба кор бурда, дар назари издиҳом оташи оташкадаро ба сухан даровардааст. Аз ин кори ӯ ҳама ба ҳайрат афтоданд ва ба муъҷизаи ӯ бовар карданд. Натиҷа чунин шуда, ки шоҳ Қубод Маздакро назди худ хонда, амр кардааст, ки барои ӯ тахти мурассаъи заррин бисозанд.

Тибқи иттилои Абдулазими Ризой писари хурди Қубод Хусрав ҳисси бадбиние нисбат ба Маздак доштааст ва аз мунозираи байни Анӯшервону Маздак пайдост, ки аввалӣ Маздакро душмани худ мешуморидааст ва ба Маздак гуфта, ки «оё ту омадаӣ, то подшоҳиро аз хонадони мулки Аҷам бибарӣ?». Неҳзати маздакия минбаъд таҳти фишору таъқиб қарор гирифт. Он дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии даврони сосонӣ нақши муҳим доштааст. Чун аз тарафи шоҳ Қубод низ ба мисли солҳои аввали пайдоиши неҳзат Маздак дастгирӣ намешуд, мубадони зардуштӣ бо дасти Хусрави Анӯшервон ба фикри комилан барҳам задани ин шӯриш шуданд. Агар дар аввал барои интишори шӯриш хашму ғазаби мардуме, ки дар остони он меистоданд, мусоидат намуда бошад, дар охир Маздак ҳамчун як пешвои бонуфузи шӯриш маълуму машҳур гардид. Мутаассифона, дасисаи ноҷавонмардона ва беадолатонае, ки Хусрави Анӯшервон барои куштори ваҳшиёнаи маздакиён якҷоя бо руҳониёну ашрофзодагон истифода бурд, ба куштори ҳамаи маздакиён оварда расонд.

Фасли чорум ва панҷуми «Сиёсатнома»-и Низомулмулк «Андар хуруҷи Маздак, мазҳаби ӯ ва чигунагии кушта шудани вай бо дастони Анӯшервони одил» ном дорад. Дар он Низомулмулк аз қавли Хусрав овардааст: «Маздакро куштан осон аст, лекин пайравонаш бисёранд, чун уро бикушем, маздакиён бигурезанд ва пароканда шаванд, мардумонро даъват кунанд ва ҷойгаҳи маҳкам ба даст оранд ва морову мамлакатро кор диҳанд. Моро тадбире бояд кард, чунон ки якбора кушта шаванд». Ин иқтибосро аксари муҳаққиқон аз «Сиёсатнома» оварда, ҷараёни қатли маздакиёнро аз рӯй тасвири Низомулмулк ба таври гуногун овардаанд, ки хулосаи он тақрибан чунин аст: Хусрави Анӯшервон ҳилае барои куштани Маздак ва пайравонаш пеш гирифт. Ӯ Маздакро бо тамоми пайравонаш ба дарбор ба ҳузурш даъват кард. Маздак, бино ба даъвати ӯ, ба ҳама ҷо нома навишта, 12 ҳазор пайравонашро ҷамъ овард ва ҳамроҳи онҳо ба сӯи тахти Қубод ба меҳмонӣ равон шуд. Хусрави Анӯшервон ба сифати мизбон тамоми корҳои ташкилиро ба уҳда дошт. Шароби бисёре оварданд ва сар кашиданд. Хусрави Анӯшервон маздакиёнро ба гурӯҳҳои бист ва синафара тақсим намуда , барои гирифтани хилъати шоҳона ҳамчун инъом ба сарой даъват менамуд, то баъд ҳама якҷоя ба майдон барои тамомшои ҷавгонбозӣ бираванд. Тибқи дастур маздакиён бо гурӯҳҳои бист ва синафарӣ ба сарой мерафтанд. Дар сарой онҳоро 400 сарбози мусаллаҳ бо фармони Хусрав пешвоз гирифта, аввал онҳоро бараҳна мекарданд ва баъд ба майдон, ки 12 ҳазор чоҳ кофта шуда буд, сарозер то ноф мегӯрониданд. Вақте ҳамаи маздакиён барои хилъатпушӣ ба сарой рафта, сарозер гӯр шуданд, Хусрави Анӯшервон Маздакро, ки бо падараш менишаст, аз тариқи сарой ба майдон даъват намуд. Маздак ба майдон ворид шуда, манзараи аҷиберо дид. Ҳамаи пайравонаш сарозер то ноф гӯр шуда буданд. Хусрави Анӯшервон ба Маздак рӯ оварда, гуфтааст:

«лашкаре, ки пешвои эшон чун ту бошад, хилъати эшон аз ин бештар натвон дод», баъд худи Маздакро дар пеши майдон дар суфає то сина ба чоҳ ғур карданд ва ба гарданаш гаҷ рехтанд[83].

Табақаи ҳоким шуриши маздакиёнро фуру нишонда, худи онҳоро ба таври фоҷиавӣ ба ҳалокат расонда бошад ҳам, руҳи туғёновари он ба муқобили бедодгарию беадолатиҳои замона дар тули асрҳои минбаъда мушоҳида мешуд, ки моҳияти ғалаёни ҷомеъаро ифода мекард. Он гоҳ мисли шафаке дар уфуқи ҳодисаҳои таърихӣ пайдо мешуду гоҳ дар зери чанголи давру замонҳои номусоид нопадид мегардид. Ҳанӯз дар давраи ҳукмронии шоҳ Қубод пайравони Маздак бо сардории Хуррама (Хуррама бинти Фода) зани Маздак аз пойтахти сосониён фирор карда, дар Рай фаъолияти худро идома дода буданд. Баъзеҳо мӯътақиданд, ки номи хуррамдинон (пайравони Маздак) аз номи ҳамин зани Маздак гирифта шудааст. Хуруҷу ошӯби маздакиён пас аз истилои арабҳо низ борҳо дар шаклҳои мухталиф зуҳур карда.

Таърих чанд ҷунбиши маздакиро дар лавҳаҳои заррини худ сабт намудааст, ки шуриши Хоқони турк бо сардории писараш аз қабили онҳост. Ин шуриш сӣ сол идома дошта, шуриши шоҳзодаи Хоразм низ аз пайравони Маздак аст. Муҳаммади Шаҳристонӣ дар «Ал-милал в-ан-ниҳал» феҳрасти зиёди фирқаҳоеро номбар кардааст, ки ба ақидаи ӯ аз таълимоти маздакия ғизои маънавӣ гирифтааст. Дар қатори онҳо кудкашоҳиён дар Хуросону Курдистони Эрон, пайравони Абӯмуслими Хуросонӣ, сафедҷомагон (пайравони Муқаннаъ), хуррамия ё пайравони Бобак дар Озарбойҷон номбар шудаанд, ки дигар муҳаққиқон инҳоро иқтибос намудаанд.

Ин баҳсро бо овардани як иқтибос аз Абдулазими Ризоӣ хотима хоҳем дод: «паёмҳои Маздак сабаб шуд, ки пас аз вай касоне қади алам кунанд ва дар муқобили зуру ситам биистанд, монанди Беҳофарид, Синдбод, Исҳоқ, Истозсис, Ато ё Абӯмуслимия (пайравони Абӯмуслим), мубаййиза (сафедҷомагон), муҳаммира (сурхҷомагон), хуррамия, ҷовидон, Бобаки хуррамдин ва дигарон. Дар натиҷаи корҳо ва ҷунбиши Маздаку пайравони пас аз ӯ миқдори зиёде аз таби сарватандӯзии ағниё коста шуд ва зулму ситам то андозае таъдил гардид...».

ХОТИМА

Дар тадқиқоти мазкур бештар масъалаҳои умдаи ташаккулу инкишоф ва интишори тамаддуни ориёй мавриди омузишу баррасӣ қарор гирифта ва дар бисёр маврид аз баҳсҳои доманадоре, ки бар мабнои хулосаҳои шахсӣ роҷеъ ба масъалаҳои ҷузъии маданияти моддӣ ва маънавии ориёй бидуни масъалагузории усулӣ, ки дар тадқиқотҳои ориёишиносон мушоҳида мешаванд, худдорӣ шудааст. Зеро дар сурати матраҳ намудани ҳамаи нуқтаву назарҳои олимону муҳаққиқон дар бораи масъалаи мавриди назар роҷеъ ба як худи хосгоҳи ориёиҳо метавон чандин ҷилд китоб таълиф кард.

Мутолиаи китоби мазкур ба хонанда дар бораи масъалаҳои марбут ба Ватани аслии ориёиҳо, масири ҳаракату густариш ва ташаккули маданияти моддиву маънавии онҳо, инчунин инкишофи афкори ҷаҳоншиносии ниёгони ориёии мо тасаввуроти нисбатан қонеъкунанда ва матлубе дода метавонад. Вале чунин нуктаро қайд намудан лозим аст, ки бино ба адами иттилооту навиштаҷоти кофӣ дар мавриди таърихи оғозини қавму қабилаҳои ориёй баъзе хулосаҳо хусусияти қатъӣ надоранд ва шояд дар оянда баъди ба даст омадани маълумотҳои қобили этминон доир ба масоили марбут ба ҳазораҳои сеюму дуюми қабл аз милод роҷеъ ба маданияти моддиву маънавии ориёиҳои давраи оғозини таърих равшании бештар ва назарҳои тозаи амиқтар тавассути муҳаққиқон ироа гардад.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар ин ҷо зикр намудани он лозим аст, инкишофи тамаддуни ориёист ба ин маънӣ, ки эрониёни шарқӣ (тоҷикон) ва ғарбӣ (форсҳо) чӣ дар Аҳди қадим ва чи дар Асрҳои миёна дар чаҳорроҳи маданияти Шарқу Ғарб қарор гирифта буданд. Маданияти моддии қавму қабилаҳои ориёй дар раванди таърихи тамаддуни башарӣ якҷоя бо қавму қабоили маскун дар атрофу акнофи сарзамини ориёиҳо – сумериҳою бобулиҳо, аккодиҳою ошуриҳо ва сокинони ҳаволии баҳри Миёназамин таҳаввулоти бузурге ҳам дар соҳаи иқтисодию иҷтимоъӣ (аз сохтори бадавии «шиз» - қабилавию авлодӣ гузаштан ба сохтори табақотӣ ва аз тарзи хоҷагии шикориву кучӣ гузаштан ба хоҷагии соҳилнишини кишоварзӣ) ва ҳам дар соҳаи фаннӣ (гузариш аз абзори кори сангӣ ба фелезӣ ва истифода аз мису биринҷӣ, қалъ ва ихтироъи оҳан, чарху ароба ва дар хамин замина рушди ситемаи обёрӣ ва кишоварзӣ, саноати низомӣ ва коргоҳҳои нассоҷию дастгоҳҳои механикӣ) ба вуҷуд омаданд, ки ба

инкишофи босуръати тамаддуни ориёй мусоидат намуданд. Ба ин маънӣ тамаддуни ориёй таърихи тӯлонии бою ғанӣ дорад, ки мо фақат муште аз хирвори панҷҳазорсолаи онро ба унвони кӯшиши аввалин ба хонандагони муҳтарам ироа намудем.

Агар ба ин масъала аз рӯи қонуни инкишофи фарҳангӣ назар афканем, ба хубӣ дарк хоҳем кард, ки дастовардҳои маданияти моддӣ ва маънавии дар болo баёншуда тибқи завобити мубодилаи фарҳангӣ бо роҳу воситаҳои гуногун вориди тамаддуни Ғарб гардида, такони бузурге барои ташаккулу инкишофи маданияти қавму миллатҳои осиёй ва ғарбӣ бахшиданд. Зимни омезиши тамаддуни ориёй бо тамаддунҳои бумии сарзамини Ғарб ҳомилони фарҳанги ориёй тавонистанд, ки бисёр унсурҳои тамаддунашонро дар арозии дур аз хостгоҳи аслиашон нигоҳ доранд ва онҳоро бо татобуқ ба шароити тозаи таърихиву фарҳангӣ инкишоф диҳанд. Мутаассифона, мо имрӯз ба иллати адами манбаъву маъхазҳои таърихиву фарҳангӣ, ночиз будани дастовардҳои илми бостоншиносӣ ва кофӣ набудани тадқиқотҳои марбут ба таъсири мутақобилаи унсурҳои маданияти моддиву маънавии халқҳои Шарқу Ғарб ба ҷуз умумияти забонӣ ва як силсила масоиле, ки шарҳашон дар ин китоб гузашт, чизи дигаре дар соҳаи иртиботи тамаддунҳо манзури хонандагон карда наметавонем. Умед аст, ки масоили мазкур мавриди баррасиву пажӯҳиши муҳаққиқон қарор мегиранд.

Яке аз масоили умда дар таърихи тамаддуни Шарқ, аз ҷумла тамаддуни ориёй аз он иборат мебошад, ки бо роиҷ шудани сохтори табақотӣ дар соҳаи иқтисодӣ ба мисли мамолики Ғарб шояд ба иллати хусусияти шарқӣ ва консервативӣ доштани сохти давлатдории мустабидона (дар шаклҳои гуногунаш) шаклҳои хоҷагидорӣ дар ин сарзамин тағъир ва инкишоф наёфт. Силсилаи маротиби идории давлатҳои теократии Шарқ монеъи пешрафти иқтисодиёти ин марзу бум ва инкишофи хоҷагидории хусусии роиҷ дар мамолики Ғарб гардид. Давлат фақат бо гирифтани андозу хироҷ машғул буд. Бо эҳтимоли қавӣ сабабҳои дигари адами тағъири хоҷагидории суннатӣ низ вуҷуд доштанд, ки ин масъала ҳанӯз ба таври бояду шояд таҳқиқ нагардида. Қадри мусаллам он аст, ки дар Шарқи куҳансол сулолаҳои шоҳӣ иваз мешуданд, форматсияҳои ҷамъиятиву иқтисодӣ таъғир меёфтанд, вале сохти хоҷагидорӣ тақрибан то ибтидои асри XX бетаъғир боқӣ монд ва он бо номи «Тарзи осиёии истеҳсолот» маълуму машҳур гардид.

Дар соҳаи маданияти маънавии ниёгони ориёии мо вазъи нисбатан беҳтар ба назар мерасид. Аз давраи пайдоиши нахустин динҳои бадавии аҷдодӣ сар карда дар соҳаҳои гуногуни он пешрафтҳои назаррасе дар масоили маорифи динӣ, ақидаҳои ахлоқӣ, таълимотҳои ҷаҳоншиносӣ мушоҳида мешуданд. Маъмулан оинро беҳтарин армуғони башарӣ медонанд. Аз ин нуқтаи назар, адёни гуногуни ориёй, ки муҳаққиқон вуҷуд

доштани дини маздоии куҳан, оини муғон, меҳрпарастӣ, зарвония ва қабл аз инҳо мавҷудияти силсилаи худоёни табиатгароёна ва заминиву осмопиро қайд кардаанд, зимни ташаккулу инкишофашон аз доираи маросиму ташрифоти динӣ тадриҷан таҷовуз карда, дар худ як силсила масоили маърифатию ахлоқии дорои унсурҳои ҷаҳонбиниро таҷассум намудаанд ва, ниҳоят, дар дини ислоҳшудаи зардуштия ба дараҷаи аввалин дини ҷаҳонии мутаол расиданд, ки ҳам дорои аҳкоми динӣ ва ҳам шомили афкору ақидаҳои ахлоқӣ ва ҷаҳоншиносӣ буд. Аз ин рӯ, шояд зардуштияро нуқтаи охирини тараққиёти афкори маънавии ориёиён дар Аҳди қадим шуморидан муфовиқи мақсад бошад.

Дар асрҳои миёна дар шароити тозаи таърихӣ ба вуҷуд омадани дини ислом ва гароидани ниёгони мо ба ин дини яктопарастӣ, бешубҳа, давоми мантиқии инкишофи маданияти маънавии халқҳои Шарқ, аз ҷумла тамаддуни ориёӣ номидан мувофиқи мақсад мебуд.. Зеро дар он ҳокимияти сиёсӣ дар дасти қавму қабилаҳои сомӣ қарор дошта бошад ҳам, дар ташкили давлатдорӣ ва дигар соҳаҳои маданияти маънавӣ инкишофи ҳамон тамаддуни ориёӣ ба хубӣ эҳсос мешуд. Падид омадани дини мубини ислом ҳодисаи тозаи фарҳангие дар таърихи тамаддуни ориёӣ мебошад, ки онро дар шароити нави таърихию фарҳангӣ бо тамаддуни исломӣ такмил дод. Ин масъала низ имрӯз тадқиқу омӯзиши амиқи фарҳангиро дар тамаддуни исломӣ тақозо дорад. Ба ҷузъиёти ин баҳс ворид нашуда, чунин нуктаро дар ин ҷо мутазаккир шудан бамаврид аст, ки аз худи интишори қабилаҳои ориёӣ, ки дар ибтидои ҳазораи дуюми пеш аз милод оғоз ёфта, то даврони Сомониён, ки бори дигар давлатдорӣ ба дасти ниёгони ориёии мо расида буд, агар аз рӯи меъёрҳои класиикии Урупо қазоват кунем, гузаштагони дури мо чандин давраи Эҳёро дар тӯли таърихи тамаддуни худ аз сар гузаронидаанд. Ба вуҷуд омадани фалсафаи хусравонӣ, иртиқои дини маздоии куҳан ба дини мутаоли зардуштӣ, ташаккули афкори ҷаҳонишиносии ахлоқӣ ва назарияи судур, ба вуҷуд омадани достонҳои паҳлавонию қаҳрамонӣ тавъам бо рамзу рози дорои хусусиятҳои ирфонӣ, арзи вуҷуд намудани силсилаи осори ахлоқию андарзномаҳои паҳлавӣ дар аҳди Сосониён ва эҳёи бисёр масъалаҳои динию фалсафӣ ва ҷаҳоншиносиву ахлоқӣ дар Асрҳои миёна, ки бо номи «Эҳёи Аҷам» машҳур шуда, аз ҷумлаи бозтобҳо ва дастовардҳое мебошанд, ки арзёбии ин падидаҳои боландагии фарҳангӣ тадқиқи амиқтару шинохти бештари масоили мазкурро дар чашмандози таърих ниёз доранд.

Масъалаи дигар ва нисбатан умдае, ки дар остони асри 21 мавриди сару садоҳои зиёд дар ҷаҳони тамаддун гурдида, муқобилгузории тамаддунҳои ҷаҳонӣ мебошад. Бо таваҷҷӯҳ ба ҷангу ситезҳои давлату

миллатое, ки дар Аҳди бостон ва Асрҳои миёна ба вуқуъ пайваста буданд, фарҳангшиноси америкой-Раиси муассисаи мутолиоти стратегии донишгоҳи Ҳорвард Самоил Ҳандингтон китобе бо номи «Бархурди тамаддунҳо ва назми навини ҷаҳонӣ» (1996) таълиф намуда, дар он ақидаи вусъати даргириҳои мавҷудаи байни (ҳомилони) тамаддунҳои мухталиф ва бурхурду муноқишоти тамаддунҳои мехварии ҷомеъаи ҷаҳони муосирро ба миён гузошт. Ин масъала як баҳси умдаи назариву амалии фарҳангшиносӣ аст, ки дар ин ҷо маҷоли баҳсу баррасии онро надорем. Вале он чи ба масъалаи мавриди назари мо вобаста мебошад, иборат аз он аст, ки тақсими тамаддунҳои ҷаҳонӣ ба гамаддунҳои меҳварию ҳошияй, унсурҳои фарҳангиро омили таъйинкунандаи муносиботи байналмилалӣ ба қалам додан, бархурдҳои билқувваи ҷаҳони муосирро бархурди тамаддунҳо шуморидан хатои маҳз ва, ҳеҷ набошад, нафаҳмидани шароити кунунии раванди инкишофи тамаддуни умумибашарӣ мебошад. Аз ин рӯ, вокунишҳои гуногун ва аксуламалҳои зиёде ба фикри пешниҳодаи С. Ҳондингтон дар миёни фарҳангшиносону сиёсатмадорони ҷаҳони муосир ба вуҷуд омаданд ва назарияи мазкурро давоми мантиқии ақидаю таълимотҳои собиқи техникию саноатӣ (У. Ростроу), ҷамъияти индустронӣ (Р.Арон), пешрафти технологӣ (Ж.Фурастье), постиндустронӣ (Д. Белл), технотронӣ (Г. Кан ва З. Бзежинский) ва дигар таълимотҳои аксиологию релятивӣ дар шароити нави таърихӣ арзёбӣ намудаанд.

Яке аз чунин вокунишҳо гуфтугӯ ва муколамаи фарҳангии тамаддунҳо мебошад, ки он тавассути сиёсатмадорону фарҳангшиносон ироа ва аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид ба тасвиб расида. Моҳияти асосии гуфтугӯи тамаддунҳо аз он иборат аст, ки халкҳои Осиёи Миёнаву Эрон, Шарқи Миёна, Осиёи Ҷаиубу Шарқӣ, нимҷазираи Ҳинд, тамаддунҳои ҳавзаи баҳри Миёназамин, ки баррасии хусусиятҳои онҳо дар ин асар мавриди муҳокима қарор гирифтаанд, бо тамаддунҳои ғарбию урупой робитаю пайванди мустақим ва ногустании собиқа доранд. Бинобар он дар шароити нави таърихӣ давлатҳои сарзаминҳои мазкур якҷоя бо дигар тамаддунҳои меҳварӣ бо истифода аз дастовардҳои тамаддуни моддиву маънавӣ дар тамоми соҳаҳо, бахусус дар умури муносиботи байналхалқӣ сиёсатеро бояд эҷод намоянд, ки дар фароҳам омадани қоидаҳои мусолиматомези зиндагии дастаҷамъии башарӣ мусоидат кунад ва сармашқи муфиде барои ҳамаи тамаддунҳо бошад, ҷиҳатҳои назариву амалии масъалаи мазкурро то ба сатҳи сиёсати умумиҷаҳонӣ иртиқоъ ва баррасӣ намояд, тамоми иқтидори давлатҳо ва маҷомеъи байналмилалиро барои гуфтугӯи тамаддунҳо сафарбар кунад. Танҳо дар чунин ҳолат дар шароити кунунӣ муколамаи фарҳангиву гуфтугӯи тамаддунҳо амалӣ хоҳад гардид. Чуноне ки Арнолд Тойнби гуфта, «тамаддунҳо дар ҷое меболанд,

ки шароити истиной саҳме барои зиндагии инсон меофарад... дар таквини тамаддун сайри дигаргунсозии замон дар нақши халлоқиятдаҳолати том дорад». Ҳамин масъаларо ба таври хеле содда президенти республикаи Чехия Васлав Ҳовел чунин баён намудааст. «Барои он ки ҷаҳони муосир ба наҳви ноумедкунандае дар кашмакашҳои тарснок фурӯ нағалтад, танҳо як имкон дар муқобили он қарор дорад. Ин ки рӯҳи ҳамзистии чандфарҳанҷӣ ба наҳви тадбиршудае бояд дар тамаддунҳои атрофу акнофи ҷаҳон дамида шавад. Ҳеҷ ниёзе ба интибоқи мардумони мухталифу мазҳабу фарҳангҳо бо якдигар вуҷуд надорад, балки танҳо кофист, ки онҳо якдигарро дар мақоми ҳамтоёни машрӯъ ва баробар ба расмият бишиносанд. Агар онҳо ҳамдигарро мӯҳтарам бидонанд ва барои тафовутҳои мавҷуд байни худ ҳурмату иззат қоил шаванд, ҳатто ниёзе ба дарку тафоҳум бо якдигар нахоҳанд дошт. Ба ҳар ҳол, агар фаҳми мутақобиле маҷоли буруз дошта бошад, ин амр танҳо дар сояи эҳтиромии мутақобил мумкин хоҳад буд». Дар воқеъ, масъалаи «Гуфтугӯи тамаддунҳо»-ро собиқ Раиси ҷумҳури Эрон Муҳаммад Хотамӣ низ ба миён гузошта, дар ин ҷодда пешниҳоду назароти ҷолибе ба ҷомеъаи ҷаҳонӣ ироа намудааст.

Дар фароварди сухан бояд чунин нуктаро низ ёдовар шуд, ки баъзе масъалаҳои муҳимми фарҳанги ориёӣ аз қабили ташаккулу инкишофи улуми дақиқ (тиб, нуҷум, ҳайъат, риёзиёт, кимиё ва ғайра) дар мактабу марказҳои Ҷанди Шопур, Искандария, Энтокия, Насибийин, Раҳо), инчунин ҷашнҳои ормонӣ ва милливу динии ориёиҳо (Навруз, Меҳргон, Сада, сездаҳбадар, Тиргон ва ғайра), инчунин созмонҳои тарбиятӣ дар китоби мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифтаанд. Умед аст, ки масоили мазкур дар шакли китоби алоҳида дастраси хонандагон мегардад.

АДАБИЁТ

ИЕШГУФТОР

1.Насирова Ф. Штрихи к прародине ариев (Горизонты молекулярной генетики человека). Дар кит. Зороастризм и его значения в развитии цивилизации народов Ближнего и Среднего Востока. Д. 2003. с 188-189.
2. Эҳсон Табарӣ. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбениҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоъӣ дар Эрон. 1348 с.
3. Исҳоқ Осимов. Франк Войт. Таърихи тамаддун. Теҳрон, 1378. с 45
4. История Востока. Т.1. Восток в древности. М. 2000. с.578
5. Легенда об истинных арийцах. HTPP//Sa Garome/Narod.ru/lâg/htm

БОБИ I
ХОСТГОҲ, ТАШАККУЛ ВА ИНТИШОРИ ҚАБИЛАҲОИ ОРИЁӢ

1.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. кит. аввал, Машриқзамин: гаҳвораи тамаддун, тарҷимаи Аҳмад Ором, Теҳрон,1340,с.426
2.Ралф Линтон. Сайри тамаддун. Мутарҷим Парвизи Марзбон. Теҳрон, 1378, с.607
3.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. Теҳрон, 1374, с.23
4.Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон, Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна . Д., 1983, с.33
5.Қадир С.А. Тафаккури фалсафӣ дар Ҳинди иеш аз ислом. Дар кит. Таърихи фалсафа дар ислом. Ҷилди 1. Теҳрон,1362, с.19
6.История Востока. Т.1. Восток в древности , М., 200.с.29
7. Зданович Г. Мовароурали ҷанубӣ дар Аҳди миёнаи биринҷӣ. Дар кит. Авесто дар тамаддуни ҷаҳонӣ. Д. 2001, с. 23
8. Кузмина Е.Е. Анъанаҳои авестоӣ дар партави маълумотҳои навтарини археологӣ. Дар кит.фавқ. с. 44
9. Негматов Нумон. Таджикский феномен: теория и история. Д. 1997. с. 21

10.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. Теҳрон, 1372 с. 18
11.Ҳамон ҷо, с.19-20
12.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат с.26.-28
13.Ҳамон ҷо, с.34.
14.Марсел Дунари. Таърихи ҷаҳони Лорус. Тарҷимаи Ҷалолуддини Аъҳам, Теҳрон, 1378. с. 86.
15.Вилл Дурант, Таърихи тамаддун. с. 525
16.Арнолд Тойнби. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун. Тарҷимаи Ҳусейни Ориё, Теҳрон, 1376, с. 664
17.Меҳрубони Худовандӣ. Шинохти Зардушт. Теҳрон, 1371, с.3.
18.Иқтибос аз кит. Ралф Линтон Сайри тамаддун с. 453
19.Ҳамон ҷо, с. 308
20.Ҷалолуддини Оштиёӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с. 26-28
21.Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. с.46
22.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с. 29
23.Марсел Дунарӣ, Таърихи ҷаҳони Лорус, с.64
24.Исҳоқ Осимов, Франк Войт. Таърихи тамаддун. Тарҷимаи Латиф Сидиқиёнӣ. Теҳрон, 1378. с.107
25.Марсел Дунари. Таърихи ҷаҳони Лорус. с.64
26.Эраҷи Афшор. Муқаддима ба кит. Аслу насаб, с. t.
27.Фридҳелм Ҳорди. Адёни Осиё. Тарҷимаи доктор Иброҳим Говоҳо, Теҳрон, 1377, с.52
28.Арнолд Тойнби. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун с.664
29.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с.34-34
30.Ралф Линтон. Сайри тамаддун.
31.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с.18.
32.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат, с.23
33.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с.582
34.Эраҷи Афшор . Муқаддима ба кит. Аслу насаб. с.т.
35.История Востока. Т.1. Восток в древности . с. 275
36.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат с.с 23
37.Иброҳими Пурдовуд. Мақолоти эроншиносӣ. Теҳрон, 1380. с.135
38.Оранский И.М. Иранские языки в историческом сравнении М., 1979. с.7-8
39.Ралф Линтон. Сайри тамаддун. с.336
40.Калеман Ҳовер. Эрон ва тамаддуни эронӣ. Тарҷимаи Ҳасан Ануша. Теҳрон, 1375. с.1
41.Муҳаммади Малоирӣ. Таърихи фарҳанги Эрон, ҷилди дуюм. Дили Эроншаҳр. Теҳрон, 1375. с.52
42.Фаранбаги Додагӣ. Бундаҳиш. Гузоранда Меҳрдоди Баҳор. Теҳрон, 1378. с.125-126
43.История Востока. Т.1. Восток в древности . с.276
44 Манзур аз Эронзамин ҳудуди нисбатан бузургест, ки дар Авесто ба унвони «Ҳабтакаршвар» (Haptakszshvar) машҳур аст. Номи кишварҳои мазкур иборатанад, аз: Арезаҳи (Arezahi), Хванирис (Khvanizath), Савахи (Savahi),

Фарадазафшу (Faradazatshu), Ваирйаршти (Varizyazshti), Видазефши (Vidazatshu) ва Вауруджарешти (Vourudjazeshti). Номҳои мазкурро Абдулазими Ризой дар тадқиқоташ «Аслу насаб» овардааст.
45.Таърихи халқи тоҷик, с.63
46.История Востока, т.1. Восток в древности , с. 276
47.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с.30
48.Абдулазими Ризой, Аслу насаб, с.30
49.Саид Муртазо Рованди. Таърихи иҷтимоии Эрон. Теҳрон с.17
50.Центральная Азия: геоэкономика, геополитика, безопасность. Ташкент. Гл. редакция ИПАК ШАРК. 2002. с.8
51.Саид Муртазо Рованди, Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 133
52.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат с.26
53.Иқтибос аз кит. Саид Муртазо Рованди. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 134
54.Исҳоқ Осимов, Франк Войт. Таърихи тамаддун. с.54
55.Шоҳуморов Абдусаид. Памир - - страна Ариев, Д.,1997. с. 14
56.Килеман Ҳовер, Эрон ва тамаддуни эронӣ, с.28
57.Арнолд Тойнби. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун.с.99
58.Иброҳими Пурдовуд. Мақолоти эроншиносӣ. с.136
59.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с.100-101
60.Иброҳими Пурдовуд. Мақолоти эроншиносӣ, с.136
61. Негмагов Нумон. Таджикский феномен: теория и история. Д. 1997. с. 21
62.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с.20
63.Ҳамон ҷо, с. 18
64.Ральф Линтон. Сайри тамаддун. с.606
65.Легенда об истинных арийцах. HTPP//Sa Gurome/Narod.ru/lag/htm
66.Ральф Линтон. Сарйи тамаддун. с.382
67.Ҳамин ҷо. с. 611
68.История Востока. т.1. Восток в древности. с. 399
69. Ориёварта- ҷузъи нахустини он Агуа номи қавми ҳиндуориёиён ва ҷузъи дуюмаш—Varta дар санскрит ба маънои манзил ё маскану меҳан аст.
70.Иброҳими Пурдовуд. Анаҳито. Мақолоти эроншиносӣ. Теҳрон, с. 1380
71.Ралф Линтон Сайри тамаддун. с. 614
72.Дунари Марсел. Таърихи ҷаҳони Лорус. с. 86
73.Аброҳими Пурдовуд. Мақолоти эроншиносӣ. с. 134
74.Арнолд Тайнби. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун.с.665
75.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с.36
76. Марсел Дунари. Таърихи ҷаҳони Лорус. с. 115
77.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 563
78.Ҳама ҷо, с. 584
79.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм- миститсизм. Мазоҳиби ҳиндӣ. Бахши сеюм: Ведаҳо. Теҳрон, 1375. с. 259
80.Ралф Линтон. Сайри тамаддун.с. 609

81.Степанянтс М.Т. Восточная философия. М., 2001. с.11
82.Саидҳусани Наср. Маърифати қудсӣ. Тарҷумаи Фарзоди Ҳоҷимирзой. Теҳрон, 1380.с.10
83.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон.Гноститсизм-миститсизм. Бахши аввал: шаманизм. Теҳрон,1372.с.195
84.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с.580
85.Қадир С.А. Тафаккури фалсафӣ дар Ҳинди пеш аз ислом. с.29
86.Ҳамон ҷо. с.19
87.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм миститсизм. Бахши-дуюм:мазоҳиби асрорӣ. Теҳрон,1375. с104
88.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм-миститсизм. Бахши сеюм:Веданта. Теҳрон, 1375.с.79
89.Қадир С.А. Тафаккури фалсафӣ дар Ҳинди пеш аз ислом. с.84
90. Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. Ҷ. 1. Теҳрон,2533, с. 13
91. Ҳамон ҷо. с. 20
92.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с.600
93.Қадир С.А. Тафаккури фалсафӣ дар Ҳинди пеш аз ислом. с.43
94.Степенянтс. М.Т. Восточная философия. с.9
95.Ралф Линтон. Сайри тамаддун. с.289
96.Ҳамон ҷо, с.289
97.Марсел Дунари. Таърихи ҷаҳони Лорус, с.69
98.Ралф Линтон. Сайри тамаддун.с.46
99. Маккуин Дж.Г. Хетты и их современники в Малой Азии. М. 1983, с.22
100.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с.31
101.Ралф Линтон. Сайри тамаддун. с.406
102.Иванов В.В. Общеиндоевропейская прославянская и анатомийская языковые системы. М., 1965. с.55
103.Исҳоқ Осимов, Франк Войт. Таърихи тамаддун с. 53
104.Марсел Дунари. Таърихи ҷаҳони Лорус. с .71
105.Исҳоқ Осимов, Франк Войт. Таърихи тамаддун. с.58
106. Марсел Дунари. Таърихи ҷаҳони Лорус . с.78
107.Арнолд Тойнби. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун. с.499
108.Марсел Дунари. Таърихи ҷаҳони Лорус с. 92
109.Блоус Л. Спек Р. Дебочае бар ҷаҳони бостон. Тарҷимаи Муртазо Соқибфар. Теҳрон, 1379 с.70
110.История Востока, Т.1. Восток в древности. с.340-341
111.Ралф Линтон. Сайри тамаддун. с.437
112.Марсел Дунари. Таърихи ҷаҳони Лорус. с.92
113.Ралф Линтон. Сайри тамаддун. с.409
114.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с.472
115.История всемирной литературы. М.1983. Т.1. с.252
116.Ҳамон ҷо, с. 264
117.Ралф Линтон.Сайри тамаддун с. 607

118.Саид Муртазо Равандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. с.135
119.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. Теҳрон, 1382, с.52
120. Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм-миститсизм. Бахши дуюм. Мазоҳиби асрори. с.203
121.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с.39
122. Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 271
123. Ҳамон ҷо. с.74
124.Ҳамон ҷо. с. 52
125.Арнолд Тойнби. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун. с. 40
126.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм-миститсизм. Мазоҳиби Ҳиндӣ. Бахши сеюм: Ведаҳо. с.40
127. Мирҷалолиддини Каззозӣ. Руъё, ҳамоса, устура. Теҳрон,1376. с.50
128. Рустами Шаҳрӯод. Ҷаҳонбинии зардуштӣ. Теҳрон, 1365. с.15
129. Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. Теҳрон,1379. с.433,222
130.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 194
131.Ҳамон ҷо. с. 312
132.Мурод Авранг. Баррасии Ясно. Теҳрон,1344, с. 17
133. Ҳошими Разӣ. Дини қадими эронӣ. Теҳрон, 1343. с. 175
134.Фаранбағи Додагӣ. Бундаҳиш. с. 87
135. Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 194
136. Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат, с. 280
137.Марсел Дунари. Таърихи ҷаҳони Лорус, с. 87
138. Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 79
139. Альфонс де Филиппи. Homo Europens. Сайт «Арийская цивилизация». Жорж Воше де Липуж. Определение арийского
140. Саидҳусайн Наср. Дин ва низоми табиат. Тарҷимаи Муҳаммад Ҳасан Фағфурӣ. Теҳрон, 1384. с. 79
141. Муҳаммади Замирон. Гузор аз ҷаҳони устура ба фалсафа Теҳрон,1379. с.4
142.Ралф Линтон. Сайри тамаддун. с. 325
143. Таърихи халқи тоҷик. с.64
144. Ралф Линтон. Сайри тамаддун. с. 336
145.Ҳамин ҷо. с. 80
146.Абдулазими Ризой. Аслу насаб с.18
147. Ралф Линтон. Сайри тамаддун. с.312
148. Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с. 9
149.Ралф Линтон. Сайри тамаддун. с. 312
150. Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. кит. дуюм. Юнони бостон. тарҷимаи Ориёнпур. Теҳрон, 1340, с.40
151. Ҳамин ҷо, с.186
152.Исҳоқ Осимов, Франк Войт. Таърихи тамаддун, с.83
153.Шохуморов Абусаид. Памир—страна Ариев. с.60
154.Ралф Линтон. Сайри тамаддун. с.331
155. Ҳамон ҷо. с. 308

156. Витяз С.П. Авесто дар қаринаи таърихи Белорус дар кит. Авесто ва тамаддуни ҷаҳонӣ. Д. 2001. с.23
157. Муфассал ниг. Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 56-63
158. Шохуморов Абусаид. Памир—страна Ариев. с.60
159.Арнолд Тойнби. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун. с. 108
160.Саидҳусайни Наср. Маърифати қудсӣ. Тарҷимаи Фарзод Ҳоҷимирзоӣ. Теҳрон, 1380. с.153
161. Вилл Дурант. Таърихи тамаддун, с. 423
162. Арнолд Тойнби. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун. с.108
163.Мери Бойс ва Франс Гренер. Таърихи киши зардуштӣ пас аз Искандари ҳуҷиста. Тарҷимаи Ҳумоюни Санъатизода. Теҳрон, 1375. с.51 – 428
164.Эраҷи Искандарӣ. Дар торикии қарнҳо. Теҳрон, 1372, с.415
165. Арнолд Тойнби. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун. с.49
166. Вилл Дурант. Таърихи тамаддун, с. 167
167.Исҳок Осимов, Франк Войт. Таърихи тамаддун. с. 45
168.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с.176 -177
169.Эраҷи Иҫкандарӣ. Дар торикии қарнҳо. с.445
170.Нақл аз Саид Муртазо Рованди. Таърихи иҷтимоъии Эрон. с.135
171.Эраҷи Искандарӣ. Дар торикии қарнҳо. с.418
172.Ралф Линтон. Сайри тамаддун. с. 198
173.Ҳамон ҷо. с.198
174.Алиасғари Ҳалабӣ. Таърихи тамаддуни ислом. Теҳрон, 1372. с.18
175.Марсел Дунари. Таърихи ҷаҳонии Лорус, с.432
176.Ҳамон ҷо. с. 432
177.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 57
178.Ҳамон ҷо. с. 330
179.Марсел Дунари. Таърихи ҷаҳони Лорус. с.67
180.Исҳок Осимов ва Франк Войт. Таърихи тамаддун. с.58
181.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с.401
182.Мери Бойс, Франс Гренер. Таърихи киши зардуштӣ пас аз Искандари ҳуҷиста. с. 428
183.Саид Муртазо Рованди. Таърихи иҷтимоии Эрон. с.138
184.Ҳамон ҷо. с. 437
185.История Востока. Т.1.Восток в древности. с. 274
186.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с.515
187.Марсел Дунари. Таърихи ҷаҳони Лорус. с. 119
188.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун с. 515
189.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с.290
190.История Востока. Том.1. Восток в древности. с.285
191.Исҳоқ Осимов, Франк Войт. Таърихи тамаддун. с.80
192.Ҳошими Разӣ. Оини муғон,с.58
193.Саид Муртазо Рованди. Таърихи иҷтимоии Эрон.с. 143

194.Марсел Дунари. Таърихи ҷаҳони Лорус. с.119
195.Муфассал ниг. Саид Муртазо Рованди. Таърихи иҷтимоии Эрон.с.113-147
196.Исҳоқ Осимов, Франк Войнт. Таърихи тамаддун с. 69
197.Мери Бойс ва Франс Гренер. Таърихи киши зардушти пас аз Искандари ҳуҷиста. с.111
198.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с.428
199.Саид Муртазо Рованди. Таърихи иҷтимоии Эрон. с.159
200.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 118
201.Ғафуров Б. Тоҷикон, с.94
202.Калеман Ҳовер. Эрон ва тамаддуни эронӣ с. 34.
203.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 518
204.Мери Бойс ва Франс Гренер. Таърихи киши зардушти пас аз Искандари ҳуҷиста. с. 129
205.Калеман Ҳовер. Эрон ва тамаддуни эронӣ. с. 43
206.Ҳамон ҷо. с.46
207.Таърихи халқи тоҷик. с. 77
208.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 518
209.Ҳамон ҷо. с. 552
210.Таърихи халқи тоҷик. с. 81
211.Исҳоқ Осимов, Франк Войт. Таърихи тамаддун. с. 71
212.Калеман Ҳовер. Эрон ва тамаддуни эронӣ. с. 54
213.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 532-533
214.Ба нақл аз Фаридуни Одамият Мирзооқохони Кирмонӣ ба «Фалсафаи таърих»-и Гегел истинод карда. с. 154
215.Саид Муртазои Рованди. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 417
216.Арнолд Тойнби. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун. с. 391
217.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. Кит. дуюм. Юнони бостон. с. 113
218.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун, с. 563
219.Исҳоқ Осимов, Франк Войт. Таърихи тамаддун. с. 71
220.История Востока.Т.1. Восток в древности. с. 507
221.Гафуров Б.Г. Сибукидис Д.И. Александр Македонский и Восток. М. 1980. с. 103
222.Блоус Л., Спек Р. Дебочае бар ҷаҳони бостон. с. 202
223.Таърихи халқи тоҷик, с. 97
224.Калеман Ҳовер, Эрон ва тамаддуни эронӣ. с. 79
225.Таърихи халқи тоҷик. с. 99
226. Гафуров Б.Г. Цибукидис Д.И. Александр Македонский и Восток.с .264
227.История Востока. Т.1.Восток в древности. с. 510
228.Мери Бойс, Франс Гренер. Таърихи киши зардушти пас аз Искандари ҳуҷиста. с. 32
229.Блоус Л., Спек Р. Дебочае бар ҷаҳони бостон. с. 203
230.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с.138
231.Блоус Л., Спек Р. Дебочае бар ҷаҳони бостон, 222
232.Калеман Ҳовер. Эрон ва тамаддуни эронӣ. с. 121

233.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 138
234.Саид Муртазо Рованди. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 564
235.Ҳамон ҷо. с. 567
236.История Вотсока. Т.1. Восток в древности. с.545
237.Калеман Ҳовер. Эрон ва тамаддуни эронӣ, с. 136
238.Саид Муртазо Рованди. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 607
239.Калеман Ҳовер. Эрон ва тамаддуни эронӣ, с. 143
240.Саид Муртазо Рованди. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 608
241. Таърихи халқи тоҷик, с. 187
242.Саид Муртазо Рованди . Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 608
243.Таърихи халқи тоҷик, с. 187
244.Саид Муртазо Рованди. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 615
245.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 231
246.Ҳамон ҷо. с. 11
247.Арнолд Тойнби. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун. с. 55
248.Ралф Линтон. Сайри тамаддун. с. 167
249.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун, с.86.
250.Арнолд Тойнби.Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи барасии таърихи тамаддун. с. 190
251.Муҳаммад Шариф. Таърихи фалсафаи ислом. Ҷилди аввал. Муқаддима. с.2
252.История Востока. Т.1. Восток в древности. с. 578
253.Арнолд Тойнби.Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун. с. 59
254.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с.201
255.Арнолд Тойнби.Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун. с. 385
256.Марсел Дунарӣ. Таърихи ҷаҳони Лорус. с.76
257.Арнолд Тойнби. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун. с.16
258.Саид Муртазо Рованди. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 137
259.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 186-187
260.Исҳоқ Осимов, Франк Войт. Таърихи тамаддун. с.54
261.Марсед Дунари. Таърихи ҷаҳони Лорус, с.72-73
262.Блоус Л.,Спек Р. Дебочае бар ҷаҳони бостон. с. 59
263. Ҳамон ҷо, с. 64 .
264.Ралф Линтон, Сайри тамаддун. с. 454
265.Афсаҳзод А., Қаҳҳоров Х. Хат ва пайдоиши он. Д., 1994. с.13
266.Исҳоқ Осимов, Франк Войт. Таърихи тамаддун. с. 63
267.Афсаҳзод А., Қаҳҳоров Х. Хат ва пайдоиши он. с. 9
268.Исҳоқ Осимов, Франк Войт. Таърихи тамаддун. с.62
269.Саид Муртазо Рованди. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 437
270.Эраҷи Искандарӣ. Дар торикии қарнҳо. с.433
271.Муҳаммади Замирон. Гузор аз ҷаҳони устура ба фалсафа. Теҳрон, 1379. с. 54

272.Саид Муртазо Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон.с. 141
273.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 414
274.Ҳамон ҷо.с. 345
275.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 21
276.Ҳамон ҷо. с. 104
277.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 516
278. Эҳсон Табарӣ. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоӣ дар Эрон. 1378. с.15
279.Саид Муртазо Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 485
280.Блоус Л., Спек Р. Дебочае бар ҷаҳони бостон. с. 101
281.Калеман Ҳовер. Эрон ва тамаддуни эронӣ. с. 86
282.Арнолд Тойнби. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун. с. 363
283.Калеман Ҳовер. Эрон ва тамаддуни эронӣ. с. 60
284.История Вотсока. Т.1. Восток в древности. с. 301
285.Саид Муртазо Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 424
286.Ҳамон ҷо. с. 424
287.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 533
288.Саид Муртазо Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 446
289.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 556
290.Саид Муртазо Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 501
291.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 57-58
292.Саид Муртазо Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 406
293.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 303
294.Саид Муртазо Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 501
295.Нақл аз «Қавонини Афлотун». Маҷаллаи сухан. 1281 истиноди Саид Муртазо Ровандӣ. с. 413
296.Саид Муртазо Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 480
297.Франс Кумондт. Оини пуррамзу рози митроӣ. Теҳрон.1380. с.41
298.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат.с. 298
299.Муминҷонов Ҳ. Древнеарийская и древнеэллинская философия: тождества различия и различии тождеста(до Сократа) дар кит. Зороастризм и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего и Среднего Востока. с. 31.
300.Саид Муртазо Ровандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 336
301.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. Кит. сеюм. Қайсар ва Масеҳ. Тарҷимаи Ҳайдари Иноят. Теҳрон, 1341. с. 175.
302.Ҳамон ҷо. 162
303.Муҳаммади Муҳаммадӣ. Фарҳанги Эрони пеш аз ислом ва осори он дар тамаддуни исломӣ ва адабиёти арабӣ. Теҳрон, 1374. с. 30
304.Блоус Л., Спек Р. Дебочае бар ҷаҳони бостон. с. 214
305.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. Кит. сеюм.Қайсар ва Масеҳ. с. 130-131
306.Мери Бойс, Франс Гренер. Таърихи каши зардуштӣ пас аз Искандари хуҷиста.с. 648
307.Арнолд Тойнби. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун с. 428

308.Блоус Л., Спек Р. Дебочае бар ҷаҳони бостон. с. 218
309. Мери Бойс, Франс Гренер. Таърихи киши зардуштӣ пас аз Искандари хуҷиста. с. 673
310.Блоус Л., Спек Р. Дебочае бар ҷаҳони бостон. с. 218
311.Қадир С.А. Тафаккури искандаронӣ ва суриёнӣ дар кит. Таърихи фалсафа дар ислом. ҷ.1, с. 157
312.Муҳаммади Муҳаммади. Фарҳанги Эрони пеш аз ислом ва осори он дар тамаддуни исломӣ ва адабиёти арабӣ. с. 38.

БОБИ II
ОИНИ ПЕШИНИ ОРИЁИҲО ВА АДАБИЁТИ ЗАРДУШТӢ

1.Дар ин бора сотсиологи франсавӣ Э.Дюргейм, этнографи англис Ҷ. Фрезер ва муаррихи рус Д.Е Хайтун фикру мулоҳизаҳои гуногун доранд. Д.Е. Хайтун ва дигар олимони рус тотемизмро маҷмӯъи қадимтарин расму оине медонанд, ки муносибатҳои авлодии ҷамъияти ибтидоиро ба таври фантастикӣ инъикос менамуданд.
2.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с.99
3.Дар ин бора муфассал ниг. мақолаи D.Shayegan. L'homme ola Lampe magigue дар кит. MeLenges offertse a Henru Corbin. Tehran. 1977. p. 29-33
4.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм-миститсизм. Бахши аввал: шаманизм. с. 192
5.Ҷеймс Джорж Фрезер. Золотая веть. М., 1980. с. 75
6.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун.с. 105
7.Ибни Ҷавзӣ. Талбиси иблис. Теҳрон, 1368. с. 54
8.Ралф Линтон. Сайри тамаддун. с. 392
9.Қадир С.А. Тафаккури фалсафӣ дар Ҳинди пеш аз ислом. с.22
10. Блоус Л., Спек Р. Дебочае бар ҷаҳони бостон. с. 89
11.Ҳамон ҷо. с. 92
12.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. Кит. дуюм. Юнони бостон. с. 306-307
13. Ҳамон ҷо. с. 97.
14.Ҳамон ҷо. с. 151
15. Ҳамон ҷо. с.153
16.Мифы народов мира. М., 1980. Т.1. с. 561
17.Муҳаммади Замирон. Гузор аз ҷаҳони устура ба фалсафа. с.13
18.Ралф Линтон. Сайри тамаддун. с. 317
19.Франкфорт Г., Франкфорт Г.А., Уилсон Д., Якобсон Т. В преддверии философии М., 1984. с. 21
20.Данте. Комедияи илоҳӣ. Барзах. Бо муқаддима ва шарҳи ҳавошӣ аз Шуҷоъуддини Шифо. Теҳрон, 1347, с. 45
21.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с. 32
22.Фаранбаги Додагӣ. Бундаҳиш. с. 171

23. Барои маълумоти бештар ниг. Бобаки Алихонӣ. Баррасиҳои латоифи ирфонӣ дар нусуси атиқаи авестой. Теҳрон, с. 1378
24.Артур Кристенсен.Эрон дар замони Сосониён. Теҳрон, 1332. с. 47
25.Ҳазратқулов М. Эътиқоду анъанаҳои бостонии Аҷам. Д., 1986. с. 28
26.Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. с. 84
27.Фаранбаги Додагӣ. Бундаҳиш. с. 76
28.Рустами Шаҳрзод. Ҷаҳонбинии зардуштӣ. с. 104
29.Блаватская Е.П. Голос безмолвия. Избранные статьи. М., 2001. с. 435
30.Франс Кумондт. Оини пуррамзу рози митрой. с. 24-25.
31.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 85
32. Пури Довуд. Адабиёти Маздаясно. Яштҳо, ҷилди аввал. Теҳрон, 1341. с. 406
33.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 79
34.Ҳамон ҷо. с. 85
35.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм-миститсизм. Бахши сеюм: Ведаҳо с. 289.
36. Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 73-74
37.Франс Кумондт. Оини пуррамзу рози митрой.с. 41
38.Барои иттилои бештар ниг. Франс Кумонтд. Оини пуррамзу рози митрой.с. 137-143
39.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с.78
40.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм-миститсизм. Бахши дуюм: мазоҳиби асрорӣ. с.202-209
41.Бобаки олимхонӣ. Баррасиҳои латоифи ирфонӣ дар нусуси атиқаи авестой. с. 33
42. Эҳсон Табарӣ. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимой дар Эрон. 1378. с.79
43.Мери Бойс, Франс Гренер. Таърихи киши зардуштӣ пас аз Искандари хуҷиста. с. 576
44.Франк Кумондт. Оини пурразму рози митрой. с. 48
45.Ҳамон ҷо. с. 48
46. Атоулло Тадаюун. Сухравардӣ, Шайх Ишроқ, Мадиҳасарои нур. Теҳрон, 1378. с. 167-168
47.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 84
48.Франс Кумондт. Оини пурразму рози миторӣ. с. 199
49.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с.92
50.Франс Кумондт. Оини пурразму рози миторӣ. с. 48
51.Саидҳусайни Наср. Маърифати қудсӣ. с. 21
52.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 551
53.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм-миститсизм. Бахши дуюм: мазоҳиби асрорӣ. с. 234
54.Вилл Дурант.Таърихи тамаддун. Кит. сеюм. Қайсар ва Масеҳ. с. 131
55.Франс Кумондт. Оини пурразму рози миторӣ. с. 57
56. Джамшедов П. Митраизм и его значение в мировой цивилизации. Дар кит. Зороастризм и его значения в развитии цивилизации народов Ближнего и Среднего Востока. С. 280

57.Саид Муртазои Рованди. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 485
58.Фрезер Ҷ. Золотая ветв. с. 34
59.Саид Муртазо Рованди. Таърихи иҷтимоии Эрон. с. 598
60.Душен Гуиллемин. Урмузд ва Аҳриман. Тарҷимаи Аббос Боқирӣ. Теҳрон, 1378. с. 137
61.Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ. Моҷарои фикри фалсафӣ дар ҷаҳони ислом. Ҷ. 1. Теҳрон, 1379. с. 317
62.Ҳушанги Давлатободӣ. Ҷои пои Зарвон. Теҳрон, 1379. с. 47
63.Душен Гуиллемин. Урмузд ва Аҳриман. с. 106
64.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 16
65.Ҳушанги Давлатободӣ. Ҷои пои Зарвон. с. 91
66.Ҳамон ҷо. с. 91
67.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 181
68.Душен Гуиллемин. Урмузд ва Аҳриман. с. 138
69.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. с.291
70.Адёни Осиё. Динҳои таоӣ, маздоӣ (зардуштӣ),ҳиндуӣ, сикх ва ҷайнӣ. Ворастаи Фридҳелм Ҳорди. Тарҷимаи Абдураҳим Гавоҳо. Теҳрон, 1377. с. 71
71.Мусо Диноршоев. Аз таърихи фалсафаи тоҷик. Д. 1988. с.7
72.Ҳушанги Давлатободӣ. Ҷои пои Зарвон. с. 25
73.Гуи Винденгрен. Динҳои эронӣ. Тарҷимаи Манучеҳри Фарҳанг. Теҳрон, 1377. с. 309
74.Адёни Осиё, с. 71-72
75.Ҳушанги Давлатободӣ. Ҷои пои Зарвон. с. 82
76.Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ. Моҷарои фикри фалсафӣ дар ҷаҳони ислом, Ҷ.1. с. 316
77.Душен Гуиллемин. Ормузд ва Аҳриман. с. 4
78.Ҳамон ҷо. с. 4
79.Мери Бойс, Франс Гренер. Таърихи киши зардуштӣ пас аз Искандари хуҷиста. с. 563
80.Ҳушанги Давлатободӣ. Ҷои пои Зарвон. с. 19
81.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 210
82.Ҳамин ҷо. с. 211-212
83.Ҳушанги Давлатободӣ. Ҷои пои Зарвон. с. 21
84.Муҳаммади Муҳаммадӣ. Фарҳанги Эрони пеш аз ислом ва осори он дар тамаддуни исломӣ ва адабиёти арабӣ. с. 216
85.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 205
86.Ҳамон ҷо. с. 219
87.Ҳамон ҷо. с. 219
88.Ҳушанги Давлатободӣ. Ҷои пои Зарвон. с. 26
89.Фаранбаги Додагӣ. Бундаҳиш. с. 48
90.Ҳамон ҷо. с. 36
91.Ҳошими Рази . Оини муғон. с. 213
92.Фаранбаги Додагӣ. Бундаҳиш. с.34
93.Душен Гуиллемин. Урмузд ва Аҳриман. с. 146

94.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 44
95.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 234-237
96.Ҳушанги Давлатободӣ. Ҷои пои Зарвон. с. 41
97.Ҷеймс Рассел. Розварӣ ва дониши ниҳонӣ дар оини Зардушт дар кит. Розварӣ дар оини Зардушт. Мутарҷим Шивои Ковиёнӣ. Теҳрон, 1377. с. 97
98.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 45
99.Фарҳангмеҳр.Фалсафаи Зардушт. Чопи дуюм. Теҳрон, 1375. с. 46-47
100. Фаранбаги Додагӣ. Бундаҳиш. с.36
101.Фарҳангмеҳр, Фалсафаи Зардушт. с. 47
102.Бобаки Алихонӣ. Баррасиҳои латоифи ирфонӣ дар нусуси атиқаи авестой. с. 235
103.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. с. 235
104.Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ. Моҷарои фикри фалсафӣ дар ҷаҳони ислом. Ҷ.1. с. 318
105. Мери Бойс, Франс Гренер. Таърихи киши Зардуштӣ пас аз Искандари хуҷиста. с.501
106.Абдулқодири Багдодӣ. Фарқ байн-ал-фирақ. Теҳрон, 1333. с. 178
107.Муҳаммади Муҳаммадӣ. Фарҳанги Эрони пеш аз ислом ва осори он дар тамаддуни исломӣ ва адабиёти арабӣ. с.217
108.Ҳушанги Давлатободӣ. Ҷои пои Зарвон. с.121
109.Ибни Ҷавзӣ. Талбиси иблис. с. 51
110. Муҳаммади Муҳаммадӣ. Фарҳанги Эрони пеш аз ислом ва осори он дар тамаддуни исломӣ ва адабиёти араб. с. 218
111.Ҳамон ҷо. с. 218
112.Алиасғар Муслеҳ. Масъалаи замон аз назари Мулло Садро ва Қайсарӣ дар кит. Маҷмуъаи мақолоти ҳамоиши ҷаҳонии ҳаким Мулло Садро. Ҷ. 4. Теҳрон, 1381. с. 466
113.Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ. Моҷарои фикри фалсафӣ дар ҷаҳони ислом. Ҷ. 2. Терон, 1377. с.308
114.Ҳамон ҷо. Ҷ. 1. с. 322
115.Ҳамон ҷо. с. 322
116.Барои иттилоъи бештар ниг.Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ. Моҷарои фикри фалсафӣ дар ҷаҳони ислом. Ҷ. 1.с. 311-323
117.Бобаки Алихонӣ. Баррасии латоифи ирфонӣ дар нусуси атиқаи авестой. с. 71
118.Саидҳусайни Наср. Маърифати қудсӣ. с. 194
119.Алиасғар Муслеҳ. Масъалаи замон аз назари Мулло Садро ва Қайсарӣ. с. 473
120.Видо Аҳмадӣ. Аттор ва Садро дар нурпошони вуҷуд дар кит. Маҷмуъаи мақолоти ҳамоиши ҷаҳонии ҳаким Мулло Садро. Ҷ. 3. Теҳрон, 1380. с.279
121.Саидҳусайни Наср. Маърифати қудсӣ. с. 185
122.Саидаҳмад Тависарконӣ. Мирдомод ва назарияи ҳудуси даҳрӣ дар кит. Маҷмуъаи мақолоти ҳамоиши ҷаҳонии ҳаким Мулло Садро. Ҷ. 3. с.344
123.Ҳамон ҷо. с. 334

124.Ҳодии Сабзаворӣ. Шарҳи манзумаи ҳикмат. Теҳрон,1348. с 48
125.Мақсуди Муҳаммадӣ. Ҷойгоҳи ҳудуси даҳрӣ ва ҳаракати ҷавҳарӣ, дар кит. Маҷмуъаи мақолоти ҳамоиши ҷаҳонии ҳаким Мулло Садро. Ҷ. 3. с. 339
126.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. с. 275
127.Ҳенри Карбен. Таърихи фалсафаи ислом. Теҳрон, 1377. с. 478
128.Мақсуди Муҳаммадӣ. Ҷойгоҳи ҳудуси даҳрӣ ва ҳаракати ҷавҳарӣ. с. 340
129.Ҳамон ҷо. с. 340
130.Алиасғар Муслеҳ. Масъалаи замон аз назари Мулло Садро ва Қайсарӣ. с. 468
131.Ризо Акбариён. Табйини вуҷудии «замон» дар низоми фалсафии Садр-ул-мутаолиҳин дар кит. Маҷмуъаи мақомоти ҳамоиши ҷаҳонии ҳаким Мулло Садро.Ҷ.1. Теҳрон, 1379. с. 379
132.Ҳамон ҷо. с. 375
133.Ҳамон ҷо. с. 377
134.Дориюши Шойгон. Ҳенри Корбен. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи эронӣ. Тарҷимаи Боқири Парҳом. Теҳрон, 1373. с. 81
135. Эраҷи Табризӣ. Қадим ва ҳодис дар мактаби Мулло Садро ва орои дигар фалосифа дар кит. Маҷмуъаи мақолоти ҳамоиши ҷаҳонии ҳаким Мулло Садро. Ҷ.3. с. 399.
136.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. с.35
137.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 105
138.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с. 53
139.Рахмонов Э.Ш. Родина Заратуштры и явление пророка. Дар кит. Зороастризим и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего и Среднего Востока. с. 16
140.Муҳаммади Малоирӣ. Таърихи фарҳанги Эрон. с.308
141.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с.57
142.Фаранбаги Додагӣ. Бундаҳиш. с. 36
143.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздасно ва ҳукумат
144. Пури Довуд. Ясно. ҷ.1. Бомбай, 1342. с.
145.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. с. 32
146.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат
147.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. с. 33
148. Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ. Моҷарои фикри фалсафӣ дар ҷаҳони ислом. с. 149
149.Арнолд Тойнби. Хулосаи давраи дувоздаҳҷилдаи баррасии таърихи тамаддун. с. 356
150.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с. 336-337
151.Мери Бойс. Франс Гренер. Таърихи киши зардуштӣ пас аз Искандари хуҷиста. с. 85
152.Ҳамон ҷо. с. 336
153.Рустами Шаҳрзод. Ҷаҳонбинии зардуштӣ. с. 12
154.Муҳаммади Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. Теҳрон, 1359. с. 75
155.Пури Довуд. Ясно.Ҷ.1.с.11

156. Данте. Комедияи илоҳӣ. Барзах. Бо муқаддима ва шарҳи ҳавошӣ аз Шуҷоъуддини Шифо. Теҳрон, 1347, с. 31
157.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат.с.119
158.Авесто-куҳантарин ганҷинаи мактуби Эрони бостон. Тарҷима ва пажуҳиши Ҳошими Разӣ. Теҳрон, 1379. с. 205
159.Ҳамон, ҷо. с. 212-213
160.Ричард Фрай. Наследие Ирана.М., 1972. с. 57
161.Авесто-куҳантарин ганҷинаи мактуби Эрони бостон. с. 208
162.Ҳамон ҷо.с. 223-224
163.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с.122
164.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 118
165.Муҳаммад Ҷавод Мешкут. Гуфтор дар бораи Динкард. Теҳрон, 2538. с.4
166.Таҳмурас ва Диншоҳ. Бундаҳиши эронӣ. Чопи акс. Бомбай, 1908

БОБИ III

ҶАҲОНШИНОСИИ ЗАРДУШТӢ

1.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с. 126
2.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 462
3.Абдуллозода (Абдуллоев) Шерзод. Таъсири динҳои эронӣ ба сомӣ (Баррасии фалсафию диншиносии ақоиди усулӣ). Дар кит. Авесто ва тамаддуни ҷаҳонӣ. Д. 2001 с. 4
4.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 180
5.Душен Гуиллемин. Ормузд ва Аҳриман. с. 24
6.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с. 128
7.Саидҳусайни Наср. Маърифати қудсӣ. с. 13
8.Зардушти Нитше кист? Теҳрон, 1378. с. 24
9.Мери Бойс, Франс Гренер. Таърихи киши зардуштӣ пас аз Искандари хуҷиста. с. 367
10.Дариюш Шойгон. Ҳенри Корбен. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи эронӣ. с. 104
11.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с. 136
12.Рустами Шаҳрзод. Ҷаҳонбинии зардуштӣ. с. 24
13.Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт. с. 13
14.Шаҳобуддини Яҳё Суҳравардӣ. Маҷмуаи дуюми мусаннифоти Шайх Ишроқ Теҳрон, 1331-1353. с. 140
15.Атоулло Тадаюун. Суҳравардӣ Шайх Ишроқ, мадиҳасарои нур. Теҳрон, 1378. с. 171
16.Шаҳобуддини Яҳё Суҳравардӣ. "Яздоншинохт" дар кит. Мачмуъаи осори форсии Шайх Ишроқ. Бо тасҳеҳ ва ташҳия ва муқаддимаи Саидҳусайни Наср. Теҳрон,1348. с. 412
17.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. с. 96

18.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 155
19.Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт. с. 17
20.Дриюши Шойгон. Ҳенри Корбен. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи эронӣ. с. 214
21.Шаҳобуддини Яҳё Суҳравардӣ. Маҷмуаи дуюми мусаннифоти Шайх Ишроқ Теҳрон, 1331-1353. с. 11
22.Шаҳобуддини Яҳё Суҳравардӣ. «Ҳаёкил-ун-нур». Дар кит. Маҷмуъаи осори форсии Шайх Ишроқ. с. 104
23.Мери Бойс ва Франс Гренер. Таърихи киши зардуштӣ пас аз Искандари хуҷиста. с. 285
24.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. с.142
25.Фаранбаги Додагӣ. Бундаҳиш. с. 37
26. Алесандра Бузанӣ. Андешаи эронӣ пеш аз ислом дар кит. Таърихи фалсафа дар Ислом. Теҳрон, 1962. с. 87
27.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 541
28.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат.с. 188
29.Ҳамон ҷо. с. 179.
30.Артур Кристенсен. Меҳрпарастӣ дар Эрони қадим. Баргардон Забиҳулло Сафо. Теҳрон, 1376. с. 43
31.Фаранбаги Додагӣ. Бундаҳиш. с. 37
32.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с.185
33.Муфассал ниг. Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат ст. 176-187
34.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ.с.123
35.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 35
36.Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт. с. 82
37.Ҳамон ҷо. с. 82
38.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с. 184
39.Бобаки Олимхонӣ. Баррасиҳои латоифи ирфонӣ дар нусуси атиқаи авестой. с. 76
40.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с. 190
41.Ҳамон ҷо. с. 190
42.Фаранбаги Додагӣ. Бундаҳиш. с. 38
43.Дар ин бора муфассал ниг. Артур Кристенсен. Эрон дар замони Сосониён ва Брагинский И.С. Иранское литературное наследие. М.,1984.
44.Фаранбаги Додагӣ. Бундаҳиш. с. 38
45.Душен Гуиллемин. Ормузд ва Аҳриман. с. 52
46.Ҷиҳати маълумоти бештар ниг. Душен Гуиллемин. Ормузд ва Аҳриман. с. 164-167
47.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 310
48.Ҳамон ҷо. с. 310
49.Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт. с. 55
50.Душен Гуиллемин. Ормузд ва Аҳриман. с. 168-169
51.Ҷеймс Рассел. Розварӣ ва донишиҳонӣ дар оини Зардушт. с. 67

52.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 134
53.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат
54.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. с. 129
55.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 129
56.Фаранбаги Додагӣ. Бундаҳиш. с. 38
57.Ҳошимӣ Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. с. 180
58.Ибни Ҷавзӣ. Талбиси Иблис. с. 61
59.Ҳамон ҷо. с. 50
60.Ҳамон ҷо. с.35
61.Ҳамон ҷо. с.35
62.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 135
63.Меҳрубони Худовандӣ. Шинохти Зардушт. с. 36-37
64. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Сайри фалсафа дар Эрон. Тарҷимаи А.Х. Ориёнпур. Теҳрон, 1380, с. 23
65.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Зардушт. Маздаясно ва ҳукумат. с. 150-158
66.Рустами Шаҳрзод. Ҷаҳоншиносии Зардушт. с. 23
67.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 542
68.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 148
69.Ҳамон ҷо. с. 84-86
70.Душен Гуиллемин. Ормузд ва Аҳриман. с.2
71.Ҳамон ҷо. с. 27
72.Алесандра Бузанӣ. Андешаи эронӣ пеш аз ислом. с. 93-94
73.Ҳамон ҷо. с. 27
74.Душен Гуиллемин. Ормузд ва Аҳриман. с. 39
75.Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт. с. 27
76.Ҳамон ҷо. с. 57
77.Ҳамон ҷо. с.56
78.Ҳусайни Ваҳидӣ. Пажуҳише дар ормони порсой дар Эрон. Теҳрон, 1353. с. 72-73
79.Душен Гуиллемин. Ормузд ва Аҳриман. с. 82
80. Ҳенри Карбен /Саидҷавод Таботабой. Суҳравардӣ, Шайх Ишроқ. Теҳрон, 1369, с. 91
81.Муҳаммадризои Род. Мабонии андешаи сиёсӣ дар хиради маздой. Теҳрон, 1378. с. 276
82.Ҳенри Корбен /Саидҷавод Таботабой. Суҳравардӣ, Шайх Ишроқ. с. 91
83.Шаҳобуддин Яҳё Суҳравардӣ. Маҷмуаи дуюми мусаннифоти Шайх Ишроқ». с. 157
84.Ҳошими Разӣ. Фалсафаи хусравонӣ. с. 173-174
85.Ҳенри Корбен. /Саидҷавод Таботабой. Суҳравардӣ, Шайх Ишроқ. с. 116
86.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. с. 173-174
87.Абдурраҳмон Бадавӣ. Ибни Мискавейҳ дар кит. Таърихи фалсафа дар ислом. с. 665
88.Ҳошими Разӣ. Фалсафаи хусравонӣ. с. 155
89.Раҳим Човаши Акбарӣ. Ҳафт рамзи намодини фраваҳар. Теҳрон, 1381. с. 86

90.Дориюши Шойгон. Ҳенри Корбен. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи, эронӣ. с. 221
91.Муҳаммадризоии Род. Мабонии андешаи сиёсӣ дар хиради маздой. с. 282
92.Дориюши Шойгон. Ҳенри Корбен. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи эронӣ. с. 223
93.Ҳенри Корбен/Саидҷавод Таботабой. Суҳраварди Шайх Ишроқ. с. 91-92
94.Шаҳобуддин Яҳё Суҳравардӣ. Сафири Семург. Маҷмуъаи осори форсии Шайх Ишроқ. с. 321-322
95.Муҳаммадризоии Род. Мабонии андешаи сиёсӣ дар хиради маздой. с. 275
96.Ибн Сино. Ишорот. Ҷ. 3. Қоҳира. 1968. с.185
97.Насруллоҳи Пурҷаводӣ. Ишроқ ва ирфон. Теҳрон,1380. с. 25
98.Дориюши Шойгон. Ҳенри Корбен. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи эронӣ. с. 227
99.Ҳамон ҷо. с. 165
100.Ҳамон ҷо. с. 47
101.Ҳамон ҷо. с. 52
102.Ҳошими Разӣ. Авесто куҳантарин ганҷинаи мактуби Эрони бостон. с. 398
103.Муминҷонов М.М. Философские проблемы зороастризма. Д., 2000. с. 48
104.Дориюши Шойгон. Ҳенри Корбен. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи эронӣ. с. 208
105.Саидҳусайни Наср. Шаҳобуддин Сӯҳравардии мақтул дар кит. Таърихи фалсафа дар ислом. с.535
106.Дориюши Шойгон. Ҳенри Корбен. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломии эронӣ. с. 222
107.Афлотун. Ҷумҳур. Тарҷимаи Фуоди Руҳонӣ. Теҳрон, 1335. с. 394
108.Заҳро Музаффарӣ. Мусули Афлотун аз назари Садр-ул-мутаолиҳин дар кит. Маҷмуъаи мақолоти ҳамоиши ҷаҳонии ҳаким Мулло Садро. Ҷ. 2. Теҳрон, 1380. с. 4
109.Мусо Акрамӣ. Кайҳоншиносии Афлотун. Теҳрон 1362. с. 102-103
110.Аббоси Шайхшуҷоъ. Муруре ба назарияи мусули афлотунӣ ва дидгоҳи Мулло Садро дар бораи он дар кит. Маҷмуъаи мақолоти ҳамоиши ҷаҳонии ҳаким Мулло Садро.ҷ. 4. с.33
111.Дориюши Шойгон. Ҳенри Корбен. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи эронӣ. с. 195
112.Ҳенри Корбен / Саидҷавод Таботабой. Суҳравардӣ, Шайх Ишроқ. с. 94
113.Саидҳусайни Наср. Маърифати қудсӣ.с. 60
114.Дориюши Шойгон. Ҳенри Корбен. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи эронӣ. с. 40
115.Ҳамон ҷо. с. 40
116.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. с. 245
117. Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ. Шиори андеша ва шуҳуд дар фалсафаи Суҳравардӣ. Теҳрон, 1364, с. 364
118.Саидҳусайни Наср. Маърифати қудсӣ. с.107

119.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм-миститсизм. Бахши аввал: шаманизм. с. 85
120.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм- миститсизм. Бахши севвум: мазоҳиби ҳиндӣ. с. 121
121.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм- миститсизм. Башхи дуюм: мазоҳиби асрорӣ. с. 84
122. Саидҳусайни Наср. Маърифати қудсӣ. с. 44
123.Шивои Ковиёнӣ. Оинаи рози оинҳои розвар ва ирфони ҷаҳону Эрон дар кит. Розварӣ дар оини Зардушт. с. 24
124.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм-миститсизм. Бахши дуюм: мазоҳиби асрорӣ.с. 374
125.Абдулҳусайни Зарринкуб. Дар қаламрави виҷдон. с. 353
126.Саидҳусайни Наср. Маърифи исломӣ дар ҷаҳони муосир. Теҳрон, 1347. с. 59
127.Душен Гуиллемин. Ормузд ва Аҳриман, с. 120
128.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм-миститсизм. Бахши дуюм: мазоҳиби асрорӣ. с. 375
129.Абдулҳусайни Зарринкуб. Дар қаламрави виҷдон. с. 354
130.Душен Гуиллемин. Ормузд ва Аҳриман. с. 121
131.Мери Бойс, Франс Гренер. Таърихи киши зардуштӣ пас аз Искандари хуҷиста. с. 569
132.Ҳамон ҷо. 569
133.Шивои Ковиёнӣ. Оинаи рози оинҳои розвар ва ирфони ҷаҳону Эрон. с. 32
134.Мир Муҳаммад Шариф. Тафаккури юнонӣ. Тарҷимаи Ҷаллолуддин Муҷтабавӣ дар кит. Таърихи фалсафа дар ислом. с. 162
135.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. с. 266
136.Ҳамин ҷо. с. 127
137.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с. 264
138.Ҳамон ҷо. 264
139.Қадир С.А. Тафаккури искандаронӣ ва суриёнӣ дар кит. Шариф М.М. Таърихи фалсафа дар ислом. с. 170
140.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. Кит. дуюм. Қайсар ва Масеҳ с. 268
141.Ҳамон ҷо. с. 240
142. Саидҳусайни Наср.Маърифати қудсӣ. с. 22
143. Саидҳусайни Наср. Дин ва низоми табиат. Тарҷимаи Муҳамад Ҳасан Фағфурӣ. Теҳрон, 1384 с. 37
144.Душен Гуиллемин. Ормузд ва Аҳриман. с. 49-50
145.Ҳамон ҷо. с. 52
146.Саидҳусайни Наср. Маърифати қудсӣ. с. 138
147.Ҳамон ҷо. с. 138
148.Бобаки Олимхонӣ. Баррасиҳои латоифи ирфонӣ дар нусуси атиқаи авестой. с. 29
149.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. с. 418
150.Ҷеймс Рассел. Розварӣ ва дониши ниҳонӣ дар оини Зардушт. с. 67
151. Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ. с. 424

152.Шаҳобуддин Яҳё Суҳравардӣ. Алвоҳ-уд-имодия дар кит. Маҷмӯъаи осори форсии Шайх Ишроқ. с. 186-187
153.Ҳамон ҷо. с. 77
154.Ҳошими Разӣ Ҳикмати хусравонӣ. с. 425
155.Шаҳобуддин Яҳё Суҳравардӣ. Алвоҳ-уд-имодия дар кит. Маҷмӯъаи осори форсии Шайх Ишроқ. с. 187-188
156.Насруллоҳи Пурҷаводӣ. Ишроқ ва ирфон. с. 68-69
157.Ҳамои ҷо. с. 71
158.Шаҳобуддин Яҳё Суҳравардӣ. Луғати мӯрон дар кит. Маҷмуъаи осори форсии Шайх ишроқ. с. 298
159.Ҳамон ҷо. с. 298-299
160.Дориюши Шойгон. Ҳенри Корбен. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи эронӣ. с. 315
161.Ҳамон ҷо. с. 418
162.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ.с. 427
163.Ҷеймс Рассел. Розварӣ ва донишҳои ниҳонӣ дар оини зардуштӣ. с. 86
164.Дориюши Шойгон. Ҳенри Корбен. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи эронӣ. с. 320-321
165.Ҳошими Разӣ. Ҳикмати хусравонӣ.с. 432
166.Ҳамон ҷо. с. 434-435
167.Дориюши Шойгон. Ҳенри Корбен. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи эронӣ. с. 320
168.Ҷеймс Рассел. Розварӣ ва донишҳои ниҳонӣ дар оини зардуштӣ.С. 82-83
169.Саидҳусейни Наср. Дин ва низоми табиат. с. 42
170.Бобаки Олимхонӣ. Баррасиҳои латоифи ирфонӣ дар нусуси атиқаи авестой.с. 53
171.Дориюши Шойгон. Ҳенри Корбен. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи эронӣ. с. 215-216
172. Саидҳусейни Наср. Дин ва низоми табиат. с. 40
173. Дориюши Шойгон. Ҳенри Корбен. Офоқи тафаккури маънавӣ дар исломи эронӣ. с. 215
174. Бобаки Олимхонӣ. Баррасиҳои латоифи ирфонӣ дар нусуси атиқаи авестой.с. 126
175. Ҳамон ҷо. с. 75-76
176.Шивои Ковиёнӣ. Оинаи рози оинҳои розвар ва ирфони ҷаҳону Эрон, с. 41
177.Шоул Шокед. Гароишҳои ниҳонӣ (розварона) дар оини Зардушт дар кит. Розварӣ дар оини Зардушт. с.107
178.Бобаки Олимхонӣ. Баррасиҳои латоифи ирфонӣ дар нусуси атиқаи авестой. с. 24
179.Шаҳобуддин Яҳё Суҳравардӣ. Рузе бо ҷамоати суфиён дар кит. Маҷмуъаи осори форсии Шайх ишроқ. с. 298
180.Роҷер Саворӣ. Эрони асри сафавӣ. Тарҷимаи Камбизи Азизӣ. Теҳрон, 1379. с. 215
181.Ҳусайни Ваҳидӣ. Пажӯҳишҳое дар ормони порсой дар Эрон.с. 14

182.Абдулҳусайни Зарринкуб. Дар қаламрави виҷдон.с. 380
183.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун. с.544
184.Фарҳангмеҳр. Ҷаҳонбинии Зардушт. с. 65
185.Ҳусайни Ваҳидӣ. Пажуҳишҳое дар ормони порсой дар Эрон. с. 71
186.Ардашери Ҷаҳониён. Бисту як навиштор дар бораи пояҳои дини зардуштӣ.с. 25
187.Барои маълумоти бештар ниг. Шоул Шокед. Гароишҳои ниҳонӣ (розварона) дар оини зардуштӣ. с. 137- 142
188.Мери Бойс, Франс Гернер. Таърихи киши зардуштӣ пас аз Искандари хуҷиста. с. 54
189.Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт. с. 18
190.Пиле М.Л. Кохи Дориюши бузург. Тарҷимаи Хонмарик Изадӣ. Теҳрон 1338. с. 1
191.Ардашери Ҷаҳониён. Бисту як навиштор дар бораи пояҳои дини зардуштӣ. с. 21
192.Ҳамон ҷо. с. 43
193.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм-миститсизм. Бахши чаҳорум: Веданта. с. 684-685
194.Ҳевард Дидазбари. Андешаи чинӣ пеш аз ислом дар кит. Таърихи фалсафа дар ислом.с. 71-72
195. Мӯминҷонов Ҳ. Философские проблемы зоростризма.с.111
196.Ҷалолудини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм-миститсизм. Бахши дуюм: оинҳои асрорӣ. с. 351
197.Фарҳагмеҳр. Фалсафаи Зардушт. с. 68
198.Ҳамон ҷо. с. 63
199.Ҷалолуддини Оштиёнӣ. Ирфон. Гноститсизм-миститсизм. Бахши чаҳорум: Веданта. с. 685
200.Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт.с. 107
201.Диншоҳи Эронӣ. Ахлоқи Эрони бостон. Теҳрон, 1334. с. 28.
202.Рустами Шаҳрзод. Ҷаҳонбинии Зардуштӣ.с. 61
203.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 26-27
204.Ҳамон ҷо. с. 15
205.Ҳамон ҷо. с. 61
206.Рустами Шаҳрзод. Ҷаҳонбинии зардуштӣ. с. 61
207.Муҳаммад Муин. Маздоясно ва адаби порсӣ. Теҳрон, 1338. с. 81
208.Дорошенко Е.А. Зороастрийцы в Иране. М., 1982. с.32
209.Ҳошими Разӣ. Дини қадими эронӣ. Теҳрон, 1343. с. 204
210.Вилл Дурант. Таърихи тамаддун.с. 544
211.Деҳхудо. Луғатнома. Ҷ.1.Теҳрон, 1325. с. 41
212.Дар ин бораи муфассал ниг. Беленицкий А.М.Вопросы идеологии и Культов Согда-живопись древнего Пенджекента.М., 1954. с. 56
213.Алии Сомӣ. Тамаддуни сосонӣ. Ҷилди аввал. Теҳрон, 1342. с. 274
214.Ҷеймс Фрэзер. Золотая ветвь. с . 691
215.Франбаги Додагӣ. Бундаҳиш. с. 85

216.Ҳусайни Ваҳидӣ. Пояҳои ормони порсой дар Эрон. с. 105
217.Ҳамон ҷо. с. 111
218. Холиқов А.Г. Семейное право зороастризма. Д. 2003. с. 5
219.Ҳошими Разӣ. Оини муғон. с. 25-26
220.Ҳамон ҷо. с. 91
221.Диншоҳи Эронӣ. Ахлоқи Эрони бостон. с. 47
222.Ҳусайни Ваҳидӣ. Ҷаҳонбинии зардуштӣ ва ирфони муғон. с. 35
223.Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт. с. 242
224.Рустами Шаҳрзод. Ҷаҳонбинии зардуштӣ. с. 76
225.Фарҳангмеҳр. Фалсафаи Зардушт. с. 233
226.Ҳусайни Ваҳидӣ. Пажӯҳише дар ормони порсой дар Эрон. с. 31
227.Диншоҳи Эронӣ. Ахлоқи Эрони бостон. с. 21
228.Ҳусайни Ваҳидӣ. Пояҳои ормони порсой. с. 32-36
229.Ардашери Ҷаҳониён.Бисту як навиштор дар бораи пояҳои дини зардуштӣ. с. 30
230.Рустами Шаҳрзод. Ҷаҳонбинии зардуштӣ. с. 110

БОБИ IV
МОНАВИЯ ВА МАЗДАКИЯ

1.Саидҳасани Тақизода. Монӣ ва дини ӯ. Теҳрон, 1373, с.14-15
2.Винденгрен Гео. Монӣ ва таълимоти ӯ. Тарҷимаи Назҳат Сафои Исфаҳонӣ. Теҳрон, 1376, с.40
3.Саид Муртазо Равандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон, с. 707-708
4.Ҳамон ҷо. с 707
5 Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. с. 119
6.Саидҳасани Тақизода. Монӣ ва дини ӯ. Теҳрон, 1373, с.53
7.Саид Муртазо Равандӣ. Таърихи иҷтимоии Эрон, с. 707
8.Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. с. 123
9.Артур Кристенсен. Эрон дар замони Сосониён. с. 222
10.Брагинский И.С. Иранское литературное наследие. М. 1984.с 105
11.Саидҳасани Тақизода. Монӣ ва дини ӯ. с. 45
12.Винденгрен Гео. Монӣ ва таълимоти ӯ. с. 104
13.Абулқосими Исмоилпур. Устураи офариниш дар оини Монӣ. Теҳрон, 1381.с27
14.Саидҳасани Тақизода. Монӣ ва дини ӯ. с. 46
15.Ҳамон ҷо. с 19-20
16.Винденгрен Гео. Монӣ ва таълимоти ӯ. с. 141-142
17.Ҳамон ҷо. с 146
18.Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. с. 123
19.История древнего мира. М. 1983. т.3.с.191
20.Саидҳасани Тақизода. Монӣ ва дини ӯ . с.57
21.Муҳаммадалии Фурӯғӣ. Сайри ҳикмат дар Урупо. Теҳрон, 1344.с.80
22.Соколов В.В. Средневековая философия. М. 1979.с.31

23.Дорошенко. Е.А. Зороастрийцы в Иране. М. 1982.с.22
24.Саидҳасани Тақизода. Монӣ ва дини ӯ. с. 60
25.Абулқосими Исмоилпур. Устураи офариниш дар оини Монӣ с. 30
26.Ҳамон ҷо. с 20
27.Ҳамон ҷо. с 21
28.Винденгрен Гео. Монӣ ва таълимоти ӯ. с.21
29.Абдулҳусайни Зарринкӯб. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон. Теҳрон, 13, с.14
30.Ҳамон ҷо. с 14
31.Саидҳасани Тақизода. Монӣ ва дини ӯ. с 64
32.Абулқосими Исмоилпур. Устураи офариниш дар оини Монӣ с. 24
33.Винденгрен Гео. Монӣ ва таълимоти ӯ. с.180
34.Абулқосими Исмоилпур. Устураи офариниш дар оини Монӣ с. 25
35.Винденгрен Гео. Монӣ ва таълимоти ӯ. с.86
36.Ҳамон ҷо. с 86
37.Ҳамон ҷо. с 90
38.Ибни Ҷавзӣ. Талбиси Иблис. с.35
39.Абулқосими Исмоилпур. Устураи офариниш дар оини Монӣ с.
40.Ҳамон ҷо. с. 72
41.Ҳамон ҷо. с. 77
42.Рисолаи Августин дар радди Фауст. Фасли II., банди I. Дар кит. Винденгрен Г. Монӣ ва таълимоти ӯ, с. 61
43.Ҳамон ҷо. с. 61
44.Абулқосими Исмоилпур. Устураи офариниш дар оини Монӣ с. 104
45.Саидҳасани Тақизода. Монӣ ва дини ӯ. с. 102
46.Винденгрен Гео. Монӣ ва таълимоти ӯ. с. 83
47.Саидҳасани Тақизода. Монӣ ва дини ӯ. с. 87
48.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 320
49.Абдулҳусайни Зарринкӯб. Дар қаламрави виҷдон. с.83
50.Меҳрини Меҳрдод. Фалсафаи Шарқ. Теҳрон, 1340, с.235
51.Винденгрен Гео. Монӣ ва таълимоти ӯ. с. 128-129
52.Ҳамон ҷо. с. 98
53.Ҳамон ҷо. с. 163
54.Ҳамон ҷо. с. 183-184
55.Брагинский И.С. Иранское литературное наследие.с 107
56.Эҳсон Табарӣ. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоъӣ дар Эрон. с. 104
57.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 372
58.Ҳамон ҷо. с. 379
59.Эҳсон Табарӣ. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоъӣ дар Эрон. с. 116-117
60.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 359
61.Артур Кристенсен. Эрон дар замони Сосониён. с. 363
62.Эҳсон Табарӣ. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоъӣ дар Эрон. с. 118
63.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 303

64.Ҳамон ҷо. с. 397-398
65.Ҳамон ҷо. с. 395
66.Муҳаммад Иқбол. Сайри фалсафа дар Эрон. с.38
67.Ҳамон ҷо. с. 33-34
68.История древнего Ирана. Т. III. М. 1983.с 194
69.Эҳсон Табарӣ. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоъӣ дар Эрон. с 119
70.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 394
71.Эҳсон Табарӣ. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоъӣ дар Эрон. с 120
72.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 364
73.Ҳамон ҷо с. 368
74.Муҳаммад Иқбол. Сайри фалсафа дар Эрон. с.34
75.Муҳамади Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. с 106
76.Ҳамон ҷо с 128-129
77.История Ирана. М. 1977.с 114
78.Муҳамади Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. с 129
79.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. С 366
80.Эҳсон Табарӣ. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоъӣ дар Эрон. с 117
81.История Ирана. с. 114
82.Артур Кристенсен. Эрон дар замони Сосониён. с.281
83.Низомулмулк. Сиёсатнома. Теҳрон, 1311, с.131
84.Абдулазими Ризой. Аслу насаб. с. 401

МУНДАРИҶА

ПЕШГУФТОР 3-6
МУҚАДДИМА 7-20

БОБИ 1
Хостгоҳ, ташаккул ва интишори қабилаҳои ориёӣ

Ориёиҳо 21-35
Ориёиҳо дар Осиёи Миёна ва Эрони бостон 36-45
Ориёиҳо дар Ҳиндустон 45-63
Ориёиҳо дар Осиёи Хурд ва нуфузи онҳо дар Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ 63-74
Қабилаҳои ҳиндуэронӣ ва ҳиндуевропой 75-101
Таърихи сиёсии ориёиҳо 101-157
Тамаддуни ориёӣ 157-210

БОБИ 2
ОИНИ ПЕШИНИ ОРИЁИҲО ВА АДАБИЁТИ ЗАРДУШТӢ

Ташаккули аввалин унсурҳои маданияти маънавӣ 211-228
Меҳрпарастӣ 228-257
Зарвония 257-294
Зардушт ва адабиёти зардуштӣ 294-331

БОБИ 3
ҶАҲОНШИНОСИИ ЗАРДУШТӢ

Аз ҳикмати хусравонӣ то фалсафаи Зардушт 332-373
Тавҳид ё санавият 373-390
Фаришташиносӣ – олами мисол ё фраваш ӣ 390-413
Рамзу роз ва ирфони оини зардуштӣ 413-457
Ақидаҳои ахлоқии зардуштия 457-504

БОБИ 4
МОНАВИЯ ВА МАЗДАКИЯ

Монавия 505-534
Маздакия 535-548

ХУЛОСА 549-553
АДАБИЁТ 554-577

Разрешено к печати 2.02.2006. Сдано в печать 20.02.2006.
Бумага офсетная. Формат 60 x 84 1/16. Печать офсетная.
Заказ 5 Тираж - 1000 экз. Отпечатано в типографии «Дониш»,
ул. Айни, 121, корп. 2